**Н А Ш Р И Ё Т И**

**« А Д И Б »**



**Раҷаб Мардон**

# ҲИКМАТИ УМР

Душанбе,
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-48

Муҳаррир *Одина Мирак*

М-48 **Раҷаб Мардон. Ҳикмати умр** (қисса, ҳикоя, очерк).
– Душанбе, «Адиб», 2012, 520 саҳ.

Ин китоб асарҳои солҳои мухталиф эҷод намудаи нависандаро дар бар мегирад. Қаҳрамонони ҳикояҳо, қиссаҳои рӯҳонӣ ва публитсистикаи ӯ инсонҳои наҷибеанд, ки ҳаёт ва фаъолияти пурфайзашон ҳарчанд охирҳои асри рафта ва оғози асри навин-ро фаро гирад ҳам, бахри мардумони асрҳои минбаъда низ, бешубҳа, намунаи ибрат хоҳанд буд.

ISBN 978-99947-2-153-5

© Раҷаб Мардон, 2012

# ПУБЛИТСИСТИКА

## СУКУНАТИ ТАЪРИХ

***Аз дафтари ёддошти марди наҷиб, қаҳрамони воқеӣ, вале беунвон Абдухолиқ Мӯсоев***

*Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будааст,*
*Гарданда фалак низ ба коре будааст.*
*Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,*
*К-он мардумаки чашми нигоре будааст.*

Ин ҳарф барҳақ аст. Ва ин ҷо таърихи инсонҳо, гашту гузор, офаридаҳои онҳо, ҷамъияту ҳукуматҳоро, обу дарёҳоро дар назар дошта. Ҳар чанд, ки кӯҳҳо ҳам ҷавонӣ, пирӣ, фарсудашавӣ доранд, дарёҳо ҳатто, баҳрҳо тағйир меёбанд, мехушканд, даштҳо аз дасти навозишгари инсонҳо маҳрум гардида ба ботлоқзору биёбон табдил меёбанд, дар ҷанги боди самум гоҳе чун танӯри тасфон метасфанд. Аз сардиҳои зимистон мефарсояд ва хоки мурда мезояд. Чун зани тифли аз батн беҷон ба дунё оварда…

Ин пири гаронпой дар умри пурфайзи худ ботлоқзорҳои Вахшонзаминро дидаву хушконда ва аз шиддати гармсел борҳо нафасгардон шуда. Ҷӯли Ботурободро аз сару бар пои пиёда қадам зада ва сари ҳар гом хоки онро дар каф фишурдаву пош додаст. Хоки мурдае буд ин хок. Ва акаи Ҷӯрабой сари андешаи кашидани ҷӯйҳо ва бахшидани ҷон ба ин хоки беҷон андеша меронд.

Зеҳни тезу ақли комил ва панҷаҳои гирое дошту бодпое буд ин пирӣ гаронпой. Ӯ панҷсола ба Вахшонзамин омад аз деҳаи Аввали хоҷагии Фарғонаи ноҳияи Фарғона бо ҳамроҳи падараш Юнусалии Юсуф ва модараш Шаҳрбонуи Мирзоқодир, ака Ҳайдаралӣ, апаҳо Самарабону ва Саломатхон, хоҳар Тиллобӣ.

Ҷӯрабой дар Маҳалли Мардатсои совхози ба номи «Мардатсой» рушду камол меёфт. Гоҳе ӯ бо ҳамроҳи Юнусалӣ ака гоҳи дигаре бо модар ва хоҳарон ба саҳро мебаромаду ба қадри тавоноӣ бо онҳо кӯмак мекард, ба хусус айёми фаро расидани маъракаи пахтачинӣ.

Баъдтар духтарҳо ба шавҳар баромаданд. Ва шавҳарҳои Самарабонуву Саломатбону ҳамном ва ҳарду Азиз ном доштанд. Пас аз чанд гоҳе замоне духтарони Ҷӯрабой ака Ҳалимаву Майсара бо ҷавонони ҳамном, ки ҳарду Изаттулло ном доранд, яке аз паи дигаре ба шавҳар баромаданд. Ва ин замонест, ки Ҷӯрабой дар Вахшонзамин, ба хусус дар хоҷагии «Мардатсой», ки баъдан борҳо тағири ном кард ва бо шаҳраки «совхози» Киров шӯҳрат ёфт, ба чор тараф реша давонд ва дарахти барӯманде шуд. Аммо он гоҳ, ки ба солҳои 30-юм рост меомад, ниҳолаке буд камшоху барг.

Болотар аз маҳалли онҳо мардуми бисёре дар ҷумбу ҷул буданд. Онҳо канал мекофтанд. Канали ниҳоят калон. Замбару аробаҳо дамгирӣ надоштанд. Мардони зиёде дар пуштҳо сабад мӯрчавор дар рафту ой буданд. Онҳо аз қаъри канал сангу хок мебароварданд. Аксари сабадпуштон маҳбусон буданд. Ва бисёр мардуманд онҳо. Аз дидани ҳолу аҳволи онҳо модари Ҷӯрабой дилхун мешуд. Сурфаи ордро меафшонд ва ҳар чи гарде ба табақ мерехт, баҳри сабадпуштон атолла мепухт. Вале он ба бандиҳои бисёре ки сабадҳо дар пушт мӯрчавор аз қаъри канал дар рафтуо буданд, нарасад ҳам ба се-чор кас дармон ва қуввати баромаду фаромад мешуд. Вале як модари Ҷӯрабой бо гардобе ҳамаи онҳоро аз марг раҳо дода наметавонист. Ва ҳар рӯз чанд нафар аз таъсири гуруснагӣ шаҳодат меёфт.

Канал аз хати шикастаи замини водӣ мегузашт. Аз ин хати шикаста хатҳои нисбатан хурду ҷӯйшакл ба чор тараф тақсим мешаванд, Ҷӯрабой бо ин хатҳои шикаста, ки дар тӯли онҳо хандаку обурдаҳои ҷо-ҷое чун ғорчаҳои жарфной падид меояд, зеҳн мемонаду ба худ андеша меронд: ин хоки қадима чи асрорҳое дар худ ниҳон дорад. Мо дар рӯи ин порчаи замин на аввалинему на охирин. Шояд ин замин ободон буду ҳосилхез. Ва ин ташвише ҳам ки мардуми имрӯза ба сар мебаранд, ниёгон кайҳо аз сар гузаронида ва ин хатҳои шикастаро ба ёдгор гузоштаанд.

Баъдтар бисёр розҳои зери ин хок нуҳуфта пеши чашми акаи Ҷӯрабой ошкор гардид. Гурӯҳе аз муҳаққиқони институти бостоншиносӣ ба номи Аҳмади Дониши Академияи улуми ҷумҳурӣ ба мавзеи Аҷинатеппа, ки аз ҳавлии онҳо андаке масофа аст, омаданд. Онҳо бо шавқ аз санъати аҷиб ба ҳарфиёт пардохтанд. Муҳаққиқон як қабат хоки рӯи теппаи назарногири канори роҳи шаҳраки Кирову қасабаи Вахшро, ки аз се тарафи он наҳри об мерафт, гирифтанд ва Аҷинатеппаро назаргоҳи мардуми олам гардонданд. Деворҳои маъбади будоӣ бо нақшу нигорҳо бештар аз ним ҳазор ёдгориҳо пайдо шуд. Ва пажӯҳишгарон аз таги замин ҳайкали азими будоии хуфтаро, ки андозаи он 12 метр буд, берун оварданд.

Бозёфтҳо аз таърихи қариб се ҳазор солаи сокинони масоҳати замине, ки имрӯз бо номи совхози «Киров» шӯҳрат дорад, ҳикоят мекунанд.

Қабл аз ин бозёфт дар Вахшонзамин панҷ хати ҳаёт ошкор гардида буд. Нишонаҳои хатҳои чор ва панҷ аз ҳаёти одамони давраҳои ибтидоӣ башорат медод. Ва дар хати сеюм, ки аз шаҳри Қурғонтеппа ба самти шарқии водии Вахш тӯл мекашиду аз 18 то 20 километр паҳной дорад, дар асри VII то мелод деҳаҳо ва қасабаҳои ободон мавҷуд буданд. Сокинони онҳо аз соҳили назди

шаҳри Сарбанд аз дарёи Вахш рӯдҳо бароварда боғоту киштзорҳоро обшор мегардонданд, ҳосили фаровони зироат мегирифтанд.

Иқлими хати сеюм субтропики хушк ва шабеҳ аст ба заминҳои обёри Африка, ба хусус Мисру Алҷазоир, минтақаи ҷанубу ғарбии ШМА ва баъзе мавзеъҳои Ҳиндустон.

Замини зархезу ободоне будааст даҳҳо қарнҳо қабл имрӯза масоҳати совхози ба номи Кирови ноҳияи Вахш. Ҷӯрабой Юнусов ба ҳар як бозёфте аз таги корду теша ва белчаҳои бостоншиносон, дар деворҳои ва фаршҳои толору ҳуҷраҳои қасри маъбади будоӣ мебаромад, бо ифтихор менигарист. Байни онҳо ёдгориҳои давраи империяи бузурги Кушониён низ кам набуданд.

Муҳаққиқе, ки дар ҳарфиётҳои маъбадҳои будкадаҳои Фундуқистони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва шаҳрҳои қадимаи Ҳиндустон иштирок карда буд, ба Ҷӯрабой Юнусов гуфт, ки гузаштагони ӯ дар ин сарзамин, танҳо ва ба сари худ набуданд. Аксари ин ёдгориҳо монанд ба бозёфтҳое, ки дар Афғонистону Ҳиндустону Эрон муҳаққиқон пайдо карданд. Аҷдодони шумо дар ин сарзамин на танҳо маданияти баланди зироаткорию боғдорӣ ва чорвопарварӣ доштаанд, балки аз санъату меъмории умумибашарӣ бархӯрдор буданду фарҳангу маданияти Осиёи Миёнагиву Ироӣ меофариданд. Ва дар инкишофи тамаддуни қитъаи Осиёиву Африкоӣ саҳм мебардоштанд.

Дар замини хоҷагӣ як километр он тарафтар аз Аҷинатеппа қарияе ҳаст машҳур ба номи Чоргултеппа. Баробари анҷоми навбати аввали канали Мардатсой, ки ба номи И.В.Сталин оғоз гардида буд, ва заминҳои атрофи Чоргултеппа обёрӣ мешуданд, хаймаву заминканҳо ба вуҷуд меомаданд. Ва мардуми зиёде, ки асосан шуғли чорводорӣ ва деҳқонӣ доштанд, бехабар аз асрори таги хоки ин барзан болои он гашту гузор мекарданд.

Бозёфтҳои Аҷинатеппа на камтар аз тахти Сангини резишгоҳи дарёи Вахш, ки баробари маълумотҳои фаровону пурарзиш аз рӯзгору ҷаҳони маънавии ниёгон, аз ҷумла омезиши санъати меъмории Эроннажодону Юнониён башорат медод, байни таърихдонону тамаддуншиносони олам ғулғула андохт.

Ҳафриёти Чоргултеппа шӯҳрати Аҷинатеппаро дучанд гардонд. Асбобҳои кори бостоншиносон, ки асосан аз белчаву корд иборат буд ба хазинаи рӯпӯшидаи инсонҳои давраи биринҷӣ расид ва онҳо деҳкадаи наве кушоданд. Деҳкада растаҳо, хонаву ҳавлиҳое дошт, ки танҳо муҳаққиқ онро кашф ва тарҳашро кушодаву пеши чашми бинандаи одӣ ошкор мекард. Вале асбобҳои бешумори кулолӣ ва қолабҳои фулузотрезиву дастгоҳҳои оҳангарӣ ба сохту зебоиашон

аз ҳунари волои офарандагони худ башорат медоданд. Олимони бостоншинос ин асбобҳоро ба кадом як маданияте андроноидие, ки асрҳои IV ва III то мелод вуҷуд доштааст, нисбат доданд. Байни ин бозёфҳо ёдгориҳое ҳам буданд мансуб ба замони империяи қушониён. Дар ин давра ҳунарҳои заргарии сокинони вахшонзамин ба авҷи аъло расида ва ҳайкалчаҳои аз тиллову нуқра ва биринҷ сохта, нақшнигорҳои сангии деворҳо ҳар бинандаро ба ваҷд меоварад.

Маъбади будоӣ, ҳайкали азими будо, асбобҳои оҳангарӣ, олотҳои кор, осорҳои заргарӣ ва тасвири нақшу нигорҳои меъморӣ бо забони ҳол аз ҳаёти пурҷӯшу хурӯш, талошу зебоипарастиҳои табақаҳои ҳунармандону санъатварони ниёгони мо дар ин барзан ривоят мекунанд.

Баробари ин санъати нақбканӣ дар Чоргултеппа ривоҷ доштааст. Тавассути устоҳои нақбзан аз Чортеппа то ба маъбади будоии Аҷинатеппа роҳи таги заминӣ сохта ва қубурҳои обгузар хобонданд.

Обе, ки аз ҷӯйҳо ба қубурҳои зеризаминӣ ҷорӣ мегардад, сарду дар ҳавои гармо ташнашикан ва ба ҷигар роҳатбахш.

Аз оғоз то анҷоми наҳре ки агрегатҳои қароргоҳи барқии Шаршара ва марказиро ба ҳаракат меоварду аз об нур мепалонанд, ҷӯйҳои қадима мегузарад ва аз замонҳои ободонии деҳкадаи Чоргултеппа башорат медиҳад.

*Вайронаҳои бенаво,*
*Бе дилбарони дилрабо.*
*Ҳамвору яксон гаштаанд,*
*Мотамсарову ғамфизо.*

Тарҳи наҳри обёрӣ то ҳанӯз ҳам бо номи Кодар боқӣ монда. Об аз соҳили назди шаҳраки Калининободи дарёи Вахш мегирифтанд сокинони деҳкадаи Аҷинатеппаву Чоргултеппа ва дигар барзанҳои ободони тӯли Мартадсой. Тӯли наҳри Кодар сад километр буда дар қисмати шимолу шарқии ноҳияи Панҷ ба охир мерасад. Аз ин наҳр тамоми заминҳои қисмати шарқии водӣ то замони ҳуҷуми муғулҳо обёрӣ мешуд.

*Ҳарҷое ки расид пои қатаған.*
*На зинда нон ёфту на мурда кафан.*

Вагарна то расидани пои муғулони ғоратгар ҳаёт дар Вахшонзамин ҷӯшу хурӯше дошт. Зироаткориву чорводорӣ, заргариву истеҳсоли воситаҳои коркарду рӯёндани ҳосил аз замин, иморату қасру кушксозиҳо дар авҷ буд.

Бостоншиносон ҳангоми ҳафриёт поёнтар аз канали ба номи Сталин шӯҳрат дошта кохеро пайдо карданд баланддевору мустаҳкаму бошукӯҳ. Таҳқиқи бозёфтҳо собит намуданд, ки то охири асри XII ва аввали асри XIII (то ҳуҷуми истилогарони муғул) дар ин ҷо аз тиллову нуқра танга сика мезаданд ва он ба номи «Вахшон» шӯҳрат дошт.

* * *

Сохтан мушкил, вале вайрон кардан осон. Ҳуҷуми аз вуҳуш ҳам бадтари муғулҳо шабеҳи сели малах буд. Шиддати ҳуҷуми малах аз ду рӯзу се рӯз беш нест. Чун сели офатбор аз ҳаво ба замин мерезад. Заҳмати ҳатфмоҳаву ҳафтаҳои тӯлонӣ ба сар бурдаи мардуми деҳқонро барбод медиҳад. Аз киштзорҳои сабзи зироатҳои бо ҳазор умед сабзондаи марди деҳқон замини сурх боқӣ мемонад, баргу гули ниҳолу дарахтони боғот ба коми ин офат фурӯ меравад.

Ва даҳшати фақириву бенавоӣ сокинони деҳу деҳқадаҳоро фаро мегирад. Ин деви наҳс ҳамагонро ба даҳшат меоварад. Ва барои бартараф кардани ин офати як-ду рӯза моҳҳои бардавоми пур аз ранҷу заҳмат зарур. Аз ин рӯ мардум он як-ду рӯзаи даҳшатборро соли малах номидаанд.

Вале офате, ки аз хуношомони муғул ба мардуми Вахшонзамин, аз ҷумла ба сокинони деҳкадаҳои Аҷинатеппаву Чоргултеппа ва деҳу барзанҳои ободони хати тӯлонии Мардатсой расид, дар қиёс аз ҳуҷуми малах ҳам даҳшатангезтар аст. Истилогарон ба деҳу деҳкадаҳо оташ заданд, коху маъбадҳоро хароб намуданд ва аз хуни сокинони онҳо замин лолагун шуд.

Ва агар ҳуҷуми як-ду рӯзаи малахро ба соле баробар гӯянд, аз ин қиёс зиёни ҳуҷуми муғул ба асрҳову ҳазорсолаҳо рост меояд.

Ҷанг оварандаи маргу харобиҳосту ҳаёт зоянда. Охири асри XII ҳаёт дар Вахшонзамин ба маҷро даромад. Инсони офаридагор ба ободонии деҳу деҳкадаҳо шурӯ намуд. Ӯ аз паи тарҳрезӣ ва иморати қасру кушкҳо шуд. Кохи сиказании танга боз қомат рост кард. Устову ҳунармандон ба таъмиру тармими тангаҳои кӯҳнаву вайронгардида пардохта, тангаҳои нав сика мезаданд. Оҳангарон кураҳои оташро тасфонда олотҳои коркарди замин месохтанду мисгарон дег, косаву бакҳо ва чойнику қумғаҳои ҷилодор. Кишоварзон ҷӯйҳои аз гарди замонҳо пуру валангоргаштаро аз нав ба тартиб меоварданд.

Боз наҳри Кодар, ки Аҷинатеппаву Чоргултеппа дар сарҳади он аст, пуроб шуд. Ҷӯйҳои сероб аз се тарафи Аҷинатеппа ҷорӣ шуд. Ва ин ҷӯйҳо ҷорӣ буданд то замоне, ки ба Вахшонзамин чашми бади бадқаҳри табиат расид ва мардуми аз фалокати обхезиҳо, ки аз

тағйир ёфтани маҷрои дарё тарсида, наҷот ёфта, роҳи талу теппаҳои баланд, хушку камобро пеш гирифт.

Дарду ранҷҳои ниёгони дур кашида, ин лаҳза дарду ҳасрати Ҷӯрабой ака буд. Ва умри ҳафтодсола пеши чашмаш чунон тӯлонӣ намуд, ки гуё ба ҳазорсолаҳо мерасид. Мекӯшид ки сиказании «Вахш»-ро пеши назар оварад.

*Салом, эй боргоҳи Вахш, агарчи нақши хок астӣ,*
*Агарчи зери боронҳо фанотар аз мағок астӣ,*
*Замоне пуршукӯҳ бӯдӣ, кунун холи сиёҳ астӣ,*
*Зи дасти боду бӯронҳо ба ин ҳоли табоҳ астӣ.*
*Хазон шуд боғу бӯстонат зи тафбоди балоангез,*
*Барад боди самум аз сӯ ба сӯе мушти хору хас,*
*Чунон ки мекунад бозӣ сабо бо ёли аспи маст.*

Ва пирамарди гаронпой шукри гузаштаву имрӯза кард ва ба худ гуфт: – Имрӯза имрӯз мебинам… Аз тақдири яздонӣ касе огоҳ нест. Ашк ҳам аз ӯсту ханда ҳам ва хотири ҳар мурда ҳам.

## Ҷунбиш

Пирамарди гаронпой аз оби нилуранги канал, ки чу як дарёи калоне дар ҷараён буду дар ниҳод гирдбодҳои бешуморе дошт, чашм намебардошт. Гӯё ин оинаи рӯзҳои ӯ буд. Асирони сабад дар пушт ва чун мӯрча дар рафтуой рӯзҳои гузаштаи дуру наздик ба ёд омаданд. Нахуст рӯзҳои кор дар ширкати ТОЗ (коркарди якҷояи замин). Ба ин хотир ба хоҷаг «Ширкати ТОЗ» ном ниҳоданд. Ва Юнус ако ҳосилот (агроном) шуд. Ва мардум нисбати ӯ мегуфтанд: «ҳосилот омад». «Ҳосилот рафт». Ҳосилот ин кору он корро фармуд.

Зану фарзандони Юнус акои ҳосилот дар ширкат асосан шуғли сабзавоткорӣ доштанд. Ва он замон устотар аз Юнус акову апаи Шаҳрбону дар саноати сабзавоткорӣ дар ширкат касе набуд. Баъдтар ба ин ҷамоати сабзавоткорон «бригада» ном ниҳоданд ва Юнус акои ҳосилот саркори онҳо шуд. Аксари деҳқонони бригада навомад буданд ва аз саховати замини ин ҷо ба аҷаб меомаданд. Боре Юнус ако ба аъзоёни бригада гуфт:

– Замини бисёр дидам, дар Ӯзбекистону дигар ҷойҳои Тоҷикистон ҳам. – Ва ӯ андаке ба андеша рафт ва гуфт:

– Агар замини ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро дар шакли гӯсфанди азиме тасаввур кунем, думбааш дар водии Вахш афтодааст. Ба ростӣ ҳам ҳине ба он бел ё каланд мезанӣ мулоим аст чун думбаи гӯсфанд.

Вахшонзамин бо пурфайзиву ҳосилхезӣ шӯҳрат ёфт. Ҳар рӯз аз деҳаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ ва водиҳои Фарғонаву Сурхандарё даҳҳо оилаҳои деҳқонони камбизоат меомаданд. Миқдори ширкатҳои коркарди коллективии замин дар ноҳияи Вахшу атрофи он меафзуд. Ҳаёт дар Вахшонзамин ҷӯшу хурӯши аҷибе дошт.

Ва ин замоне буд, ки Раҳимбоев раиси Комиссариати халқии (раиси Шӯрои Вазирони) Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва мардум баъди номи И.В.Сталин дуюмин ӯро ба забон меоварданд. Вале шӯҳрати соҳиби номи дуюм ба некӣ зиёд давом накард. Ногоҳ, чун садои барқ дар рӯзи гармои чиллаи тобистон ба бадӣ шӯҳрат гардид. Душман будаст ин Раҳимбоев. Боз чи хел душман? Душмани даҳшатноки халқ. Маҳкуми ҳукми парон шуд. Ва бар хилофи ӯ номи фарзанди барӯманди инқилоб, Киров, ки ба таври фоҷиавӣ ба шаҳодат расид, паҳн гардид. Ба мусибати ин фоҷиаи бузург дар Мардатсой гирдиҳамоӣ оростанд ва хоҷагиро ба номи ӯ гузоштанд.

Ва аз соли 1937 то кунун ин ном тамоми кӯҳу барзани хоҷагиро фаро гирифт: «Совхоз»-и Киров, шаҳраки Киров, «шӯъбаи якум»-и Киров ва шӯъбаҳои дуюму сеюму чоруми … Киров.

* * *

Ҷӯрабой дар синни 11-солагӣ дар мактаби миёнаи нопурраи шаҳраки Киров ба тахсил шӯруъ кард ва аз синфи 7-ум (ин моҳи январи соли 1943 буд) ба ҷабҳаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафт. Дар қисми 44 – ми ҳавзаи ҳарбии Осиёи Миёнагӣ воқеъ дар шаҳраки Петропавловски шимоли Қазоқистон ҳашт моҳ сабақи разм омӯхт. Ва моҳи октябри соли 1943 ба ҷабҳа рафт. Дар муҳорибаҳои хунин баҳри озод кардани шаҳри Вязмаи назди Смоленск ҳамчун ҷанговари тирандоз ширкат варзид ва аз пой ҷароҳат бардошт. Моҳе дар беморхонаи ҳарбии шаҳри Улянов табобат кард. Чун беҳӣ ёфт ва ӯро ба қисми таълимии 26-уми танкӣ фиристоданд. Ӯ дар гурӯҳи қумандони яроқҳои нишонзани танк таълим гирифт. Ва баробари анҷоми таҳсил гурӯҳи ӯро ба заводи танк воқеъ дар Тагили Поён равон карданд Танкгирони зиёде омада буданд ба ин завод, Ҷӯрабой бо гурӯҳи хеш даҳ рӯз навбат поиданду ба ният расиданд. Онҳо савори танки нав роҳи шаҳри Барановичро, ки он ҷо муҳориба ба душман идома дошт, дар пеш гирифтанд. Ҷӯрабой дар ҳайати дивизияи механиконидаи тирандози 180-уми қисми 27-уми мустақили танкии армияи 8-ум, ки сарфармондеҳ Чуйков буд, дар муҳорибаҳо барои аз душман озод кардани Орша, Минску шаҳри Кракови Полша қаҳрамониҳо нишон дод. Корномаҳои ҷангии ӯ бо орденҳои Шараф дараҷаи III, Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаҳои 1 ва 2, Сито-

раи Сурх, инчунин чандин ифтихорномаҳову медалҳо қадр карда шуданд.

Ӯ пайки ғалабаро дар сарзамини Лаҳистон истиқбол кард. Рӯзе чанд пас аз ҷашни пирузӣ ба душман муаллимону аксар мутахассисонро аз хизмат дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ҷавоб доданд. Аммо ба Ҷӯрабой ако зарур омад, ки хизмати ҳарбиро дар қисмҳои ҳарбии воқеъ дар шаҳрҳои Ваймер, Ерфурт Сейт давом диҳад. Ва ӯ хизматро бо таҳсил дар мактаби ҳизбии назди шӯъбаи сиёсии Армияи 8-ум ба поён расонду ба назди падару модар баргашт. Айёми ҷамъоварии ҳосили пахта буд. Се рӯз дам гирифт ва пешдоман гирифту пахтачинӣ баромад. Саркори номдори хоҷагӣ, дорандаи ордени Ленин Ҷамолиддин Каримов аз ин амали ӯ изҳори хушнудӣ кард. Ӯ аз расидани ҳар як ҷони зинда ба майдони ҳарбу зарби пахтачинӣ хушҳол мегардид. Вале ин хушҳолии ӯ дуру дароз давом накард. Моҳе пас дар хоҷагӣ маҷлиси партиявӣ шуд. Дар қатори дигарон Ҷӯрабой Юнусов ҳам ба сухан баромад. Ҳарфҳои пухтаи нишонрас гуфт. Ҳозирони маҷлис ба ақлу заковат, андешаҳои амиқу мушаххаси ӯ нисбатиислоҳи ташкили меҳнату пешбурди хоҷагӣ офарин хонданд.

Пагоҳи дигари он рӯзи маҷлис ӯ пешдомон ба китф ҳаво дод ва бехабар аз он ки пас аз соате чанд ӯро коғазу қалам ва дафтару курсии кор интизор аст. Ҷӯрабой акаро аз байни ҷӯякҳои пахта ба идораи хоҷагӣ оварданд ва вазифаҳои комендативу мудири шӯъбаи кадрҳоро ба ӯҳдаи ӯ монданд. Беш аз панҷ сол кор кард ва дар чашми халқ азиз шуд. Охирҳои соли 1953 маҷлиси иттифоқи касабаи коркунони хоҷагӣ баргузор гардид. Ҳозирон ӯро раиси ташкилоти худ интихоб намуданд. Дар ин вазифа ҳам панҷ сол заҳмат бурд. Ӯ баҳри беҳдошти зиндагии мардуми хоҷагӣ бисёр корҳои неке ба анҷом расонд. Садҳо нафар дардмандон бо роҳхатҳои бо ҳазор заҳмат дастрас кардаи ӯ дар курорту санаторияҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он дам гирифтанд ва вазъи саломатии худро беҳтар карданд.

Ба ҷуз ин даҳҳо нафар оилаҳои нави камбизоат соҳиби хонаву ҳавлиҳои нав шуданд.

Боз сари ин вазифа – котиби ташкилоти иттифоқи касаба панҷ сол сипарӣ шуду тақдир ӯро ба курсии котиби ташкилоти партиявии хоҷагӣ бурд. Дар соли дуюми кори ӯ дар вазифаи нав дар мамлакат ғояи гегомания ба қадр шуд. Бо амри сарварони ҳизби собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ даҳҳо корхонаҳои муҷовиро, ки дар шаҳрҳои гуногуни мамлакат ва ба масофаи садҳову ҳазорҳо километр аз ҳам дур воқеъ гардидаро муттаҳид намуданд ва баъдтар ба онҳо иттиҳодия ном ниҳоданд.

Ва гегоманияи соли 1960 ривоҷ ёфта нисбати хоҷагии кишоварзӣ ҳам бетаъсир намонд.

Дар доираи боз ҳам бузургтар муттаҳид гардонии колхозу совхозҳо шурӯ шуд. Дар ноҳияи Вахш аз чор-панҷ хоҷагӣ як хоҷагӣ сохтанд. Акнун ба сару буни баъзе хоҷагиҳо, аз ҷумла колхози «Коммунизм» сарфаҳм рафтан мушкил гардид. Ва Ҷӯрабой Юнусовро муовини раиси ин хоҷагӣ тайин карданд. Ва ӯ боз панҷ сол дар ин вазифа буду ҳамчун роҳбари закӣ ниҳоят бофаросату меҳрубон ном баровард, азизи ҳамагон шуд. Соли 1965 тақвими ӯ вайрон шуд. Ҷӯрабой Юнусов раиси колхози ба номи Максим Горкий, калонтарин хоҷагии ноҳия интихоб гардид ва шаш сол раисӣ кард. Ӯ на танҳо ҳосилнокии заминҳои зироатҳои хоҷагиро баланд бардошту дастархони халқро пурфайз гардонд, балки дар ободонии деҳу деҳкадаҳои колхоз заҳмати фаровон ба харҷ дод. Дар ҳама маҳаллаҳои хоҷагӣ биноҳои бошукӯҳу зебо қомат рост кард. Аксар биноҳои дармонгоҳҳои хоҷагӣ аз нав иморат шуданд. Ва иморати беморхонаи марказии колхоз бо шукӯҳу шаҳомати хеш аз беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Вахшонзамин камӣ надошт. Мардуми меҳнатии хоҷагӣ дӯст дошт Ҷӯрабой акаро. Ӯро ду даъват ба вакилии худ дар Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб намуданд. Ба гирифтани бисёр унвонҳи ифтихорӣ, аз ҷумла Аълочии маорифи халқу Аълочии тандурустӣ шарафёб гардид.

Баъдан ӯ бо ташаббуси худ ба хоҷагии қафомондаи ноҳия совхози «Сабзавот» ба вазифаи директорӣ гузашт. Ва ин ба назар ҳамин хнл буд. Вале дар асл сабаб дигар. Гурӯҳе аз сарварони тандурустии шаҳри Қурғонтеппа нафсро ғафс монданд. Онҳо бо пешниҳоди сохтмони беморхона ва хариди асбобу анҷом, инчунин таҷҳизоти духтурӣ аз банки давлат маблағи калон гирифтанд. Ва хостанд, ки ба ин бозии ноҷавонмардона раис Ҷӯрабой Юнусовро ҳам шарик гардонанд. Ҷӯрабой акнун имкон дошт, ки аз ҳисоби шартномаву актҳои асбобу анҷом ва таҷҳизоти набуда соҳиби маблағи ниҳоят калон шавад.

– Ин мансаб доимӣ нест, – фаҳмонданд ӯро. – Не, нагӯй, бо тамоми авлодат мехӯриву боз зиёдатӣ ҳам мекунад.

Акаи Ҷӯрабой дар тагӣ косаи пеши ӯ гузошта нимкосаи чиркинро дид. На, гуфт ӯ. Дар авлодаш ҳаромхӯр набуд. Ҳама бо меҳнат ризқу рӯзии ҳалолу беминнат мехӯрданд. Дигар, ки номи нек аз ҳама ганҷҳои рӯи олам беҳтар аст. Решаҳои гурӯҳи бо роҳи фиреб ба ғорати хазинаи давлат даст зада, чуқур буд. Онҳо байни мардум ҳам нуфуз доштанд. Ва Ҷӯрабой ака Юнусов роҳи халосиро дар

табдили вазифа дид. Директори хоҷагии қафомонда шуду барои ободонии он бо тамоми ҳастӣ талош варзид.

Соли аввали роҳбарии ӯ дар ин вазифаи нав парда аз болои кору кирдори он гурӯҳ бардошта шуду ҷазои сазовор гирифтанд. Ва аз ҳама муҳиммаш гарди фасодиву бадномие ба домони Ҷӯрабой ака Юнусов нарасид. Дар тӯли шаш соли директорӣ, совхози «Сабзавот»-ро ба по хезонд, хоҷагии аз ҳама ҷиҳат мукаммалу устуворе ба вуҷуд овард.

Ва ҳар чи қадаре ки ӯ ба синни муборакі шаст наздик мешуд, ҳамон дараҷа дарду ранҷҳои солҳои сахти қаҳтии айёми тифливу ҷанг хуруҷ мекарданд. Ҷӯрабой ака Юнусов андак-андак дар худ сустӣ эҳсос менамуду сир бой намедод. Вале ночор монд. Дарди дилро ба дӯстони наздик ошкор сохт. Ва бо маслиҳат шаш соли дигар вазифаи ҷонишини директори совхози ба номи Кировро ба ҷо оварду бо обрӯи баланд ба нафақа баромад.

Ва муддате чанд раиси собиқадорони ҷанги ноҳия ва совхоз буд.

Хотираи аҷибе дорад Ҷӯрабой ака Юнусов. Аз бисёр таърихи илмҳои табиату ҷамъиятшиносӣ огоҳӣ дораду шеърҳои зиёде медонад. Ба назарам чунин менамояд, ки таърихи қадима, ҳамчунин ҳозираи Вахшонзаминро дар ин гирду атроф аз ӯ беҳтар касе намедонад. Аксари онҳоеро ки дар сохтмону бунёд ва ободонии водӣ корнамоиҳо доштанду саҳми назаррас доранд, бо ному номи падар, инчунин аҳли байт медонад.

Боре ба харобаҳои Аҷинатеппаву Чоргултеппа ишора карда аз ӯ пурсидем: чӣ мегӯӣ нисбати таърихи бостонии ин сарзамин. Ва ӯ лаҳзае сукут варзиду сар бардошта ин мисраҳоро хонд:

*Бар хароба гузар кунӣ, бозист,*
*Ки ба давре сарои хуррам буд.*
*Дар ҷавоби саволи ту гиряд,*
*Мардуме, ки далеру беғам буд,*
*Ёд орад замонаи пешин*
*Ки тараб подшоҳи олам буд.*
*Ҳай, ҳайфо, ки шодӣ ҳам гузарад,*
*Зиндагонӣ ба ҳар рақам гузарад.*

Ва илова кард:

– Ниёгонамон омаданду рафтанд ва мо ҳам омадему меравем. Дунё сарои гузарон аст. Танҳо он касе умри бардавомтаре дорад, ки дар ин рӯи замин нақше аз худ ба ёдгор мегузорад…

Ва замоне Ҷӯрабой ака Юнусов бо Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ

Саидқул Турдиев нишасту хез дошт. Инро аксар сокинони совхоз медонанд. Аз ҳолу аҳволи Саидқул пурсон шудем ва Ҷӯрабой ака ба ёд овард:

– Мо шаш сол, – гуфт ӯ, – бо ҳам омаду рафт доштем. Саидқул дар шӯъбаи 3-юм, ки урти Қирғиз ном дошт, кор мекард. Мироб буд. Ба ҳама соҳаҳои хоҷагӣ, аз ҷумла пахтаву чорво сару кор дошт. Касби худро ба дараҷаи олӣ медонист. Басо серғайрат буд. На танҳо ғами замину обу зироат ва чорворо мехӯрд, балки тарҳи ободии маҳаллаҳои хоҷагиро мекашид ва роҷеъ ба роҳҳои обод кардани он талош дошт.

Ин замоне буд, ки колхозҳо ташкил шуданд. Пас аз се соли таъсиси колхозҳо, соли 1933 қарори ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба шаҳраки Киров баромад. Аз ширкати ТОЗ ба сохти совхозӣ гузашт ва аввалин директор Мардат Минаев буд. Нон камчин шуд. Кам одамоне ҳам набуданд, аз гуруснагӣ ба шаҳодат мерасиданд. Мурдаҳо ба таги хок мерафтанд ва зиндаҳо барои ҳаёт, зиндагии беҳтаре талош меварзиданд. Онҳо ҷӯйҳо мекananд, обравҳо тоза мекарданд, фермаҳои чорво месохтанд. Нахуст тракторро ҳам ба хоҷагӣ Мардат Минаев овард. Тамғаи ЧТЗ буд ва онро марди русе бо номи Андрей Егоров меронд.

Саидқул бо трактори аввалин бо шавқу завқи аҷибе менигарист. Ӯ аз чарх то пайванди плугро даст – даст карда дид. Ба назараш мӯъҷизае менамуд. Пас аз андак мӯҳлате ӯро дар сари фармони трактори ЧТЗ диданд. Дар паҳлӯяш Андрей буду ӯ трактор меронд. Ҷавонмарди серғайрату хушзеҳне буд Саидқул Турдиев.

* * *

Дар замони дуюмин директории хоҷагӣ Карташов заминҳои совхоз хеле васеъ гардид ва ба 350 гектар расид. Акнун Саидқул баробари ташвиши вазифаи миробӣ мустақил трактор меронд.

Ва соли 1937 дар Вахшонзамин, ки аз колхозҳои хурду калон ва совхозҳои муттаҳида иборат буд, аввалин бор маъракаи интихобот мегузашт. Совхозҳои муттаҳидаи гӯсфандории «Якадин»-у «Қабодиён» ва совхози ба номи Киров. Директори генералии совхозҳои муттаҳида Ломоносов ном марди русе буд ва забони мардуми маҳаллиро медонист. Марди пуркору серғайрате буд. Ва дар як гӯшаи шаҳри Қӯрғонтеппа, ки баъдан онро бо номи Ломоносов ниҳоданд, идора дошт. Маркази совхозҳои муттаҳида ҳам дар ҳамин ҷо воқеъ гардида буд.

Ва Саидқул ҳарчанд ки мироб, гидротехник буду аз ӯҳдаи рондани трактори ЧТЗ хеле хуб мебаромад, бо кордониву ӯҳдаборӣ

байни мардум шӯҳрат дошт. Ломоносов зуд-зуд бо Саидқул вомехӯрд, ба дафтари кориаш мехонд ва оиди пешбурду ташкили корҳои хоҷагиҳои совхозҳо маслиҳатҳо мекарду ҳама пешниҳодоти ӯро ба инобат мегирифт.

Аз рӯи ақлу заковати баланд ва эътимоди комиле, ки мардум ба Саидқул дошт, ӯ раиси Ҷамъияти таъминоти коргарии совхозҳои муттаҳида тайин шуд. Ва ӯ пеш аз он ки ба коре даст заданӣ мешуд, қабл аз он аз тағои Ҷӯрабой Ҷамолиддин ака дуои хайр мегирифт. Ва дар ҳама корҳо Саидқул марди пешраву бобароре буд.

Ӯ ҷасорати аҷибе ҳам дошт ва заррае аз тарс ба дили ӯ роҳ намеёфт.

Он солҳо пахта сиёсат буд. Мамлакат барои истиқлолияти пахта мубориза мебурд. Ва овозае ҳам паҳн шуда буд. Гӯё шутуре ниҳоли пахтаеро таги сӯм пахш карда ва талаф додаст. Шутурро доштанд. Ва бо ин ҳайвони безабону бесулуқа надонистанд чи ҷазое диҳанд. Аҳмақ аст шутур. Сиёсат, истиқлоли пахтаро аз кучо медонад. Дар инҷо ҳазор калтак ба вай зани ҳам дар ягон ҷои дигар аз гумон дур нест, ки боз чанд ниҳоли пахтаро талаф диҳад.

Аз ин лиҳоз шутурбонро кофтанд. Ӯро пайдо карданд. Ҷинояткори ҳақиқӣ ҳамин гуфтанду ӯро ба маҳкама кашиданд.

Додгустар ӯро аз озодӣ ба мӯҳлати чанд сол маҳрум кардааст, маълум нест. Ҳамчунин ҷои воқеии ин ҳодиса ҳам мавҳум. Вале ба ҳақиқати беҷазо намондани шутурбон ҳамагон эътимод доштанду ӯро гунаҳкор медонистанд.

Наход ба ҷои як ниҳол зиёд пахта расондан, онро кам кунӣ. Вале Саидқул Турдиев дар солҳои қаҳтии пеш аз ҷангу оғози он аз як хоҷагӣ ба хоҷагии дигар, аз як деҳа ба деҳаи дигар гашту мардумро даъват кард, ки замини пахтаро кам кунанд, ба ҷои он ғалла, бештар гандум коранд.

Замоне Саидқул Турдиев вазифаи ҷонишини вазири Наркомземи (Вазорати кишоварзии) ҷумҳуриро ба ӯҳда дошт, аз мубориза барои аз ҳисоби заминҳои пахта васеъ кардани кишти зироатҳои ғалла, ба хусус гандум даст накашид.

Ва боре ӯ аз Душанбе ба аёдат омад. Меҳмони хонадони падари Ҷӯрабой ака шуд. Дӯсти хело наздикаш Мӯсо Бадаловро, ки раиси иттифоқи касабаи коргарӣ буд, пайдо карду назди Ҷамолиддин тағо рафт. Аз ӯ барои ба ҷабҳаи ҷанг рафтан фотеҳа гирифт. Ҷамолиддин фотеҳа дод ва аз худо хост ба ӯ дар ин талош баҳри ҳаёту мамот обрӯй ато фармояд.

Ва ӯ бо дӯсташ Мӯсо Бадалов ба ҷабҳа рафтанду ҳарду ҳам бар нагаштанд. Аммо дуои Ҷамолиддин дар ҳақи Саидқул Турдиев

мустаҷоб шуд. Ӯ обрӯи бузург ёфт. Ва баъди марг ҳам номаш аз зиндаҳо ҳам зиндатар боқӣ монд.

Симои ӯ пеши чашми Ҷӯрабой ака ҳанӯз ҳам зинда аст, ва дар сӯгвории ӯ ин мисраҳоро хонд.

*Туро нури илоҳӣ раҳнамо бод,*
*Паноҳат ахтарони пурҷило бод,*
*Зи ту хоки лаҳад гардид зинда,*
*Туро кай метавонам дид зинда?*
*Ту мурдиву ман ин ҷо зинда ҷонам,*
*Вале андӯҳи ту сӯзад равонам,*
*Тасаллои дили ғамдидаи ман*
*Бувад акси ту пеши дидаи ман.*

* * *

Чанд қадам дуртар аз ҳотаи Ҷӯрабой ака наҳрест, тобистон айёми нумӯъи ниҳолҳои пухта сероб, тирамоҳу зимистону баҳор камоб ва ё хушк. Аз ду канори ҷӯй дарахтони бед бо танаҳои каҷу килеб ва навдаҳои сабзу рост шукӯҳу шаҳомати аҷибе доранд. Гоҳе ба назари Ҷӯрабой ака дилгир менамояд ин манзара… ва гоҳи дигар бо ифтихор ва дуру дароз ба қаторбедҳо, ки навдаву баргҳои он дар ларзишанд, менигарад. Дастниҳолони падаранд қисме аз ин қаторбедҳо. Ҷӯрабой ака ҳам пеш аз ҷанг чанд навдаи бедро ба замини нам халонд, дарахт шуданд. Ва ҳарсол аз навдаҳои рости калбед дастаи белу каланду табар метарошид. Баъди ҷанг ҳам бо пойҳои сабук, бо ду-се ҳалос болои ин калбедҳои қатор мебаромад. Вале ҳоло не… Ба ин калбедҳо, ба ҷунбиши навдаву баргҳои он зеҳн монда гузаштаи дурр, симои падару модарро ба ёд меовард.

– Медонӣ, бачам, – гуфт боре ба ӯ модараш Шаҳрбону, – ҳазрати Биби Фотима палонҷашро дар таги бед ёфту сиёсат кард. Аз тарси ӯ баргу шохаҳои бед ба ларза даромад. Ва то ҳол ҳар куҷое бед ҳаст, баргу шохаҳои он меларзанд.

Падар мегуфт ин дарахти беор аст. Чӯби нимхушки онро ба замини нам халонӣ реша мегирад,месабзад.

– Ҷӯрабоӣ ака бачаҳои харбузадузди ба даст афтодаро дидааст, ки онҳо ҳам меларзиданд. Ва аз он ларзиш ба дили полезбони қаҳролуд раҳм меомад ва мегуфт.

– Тарсончакҳо, мисли барги бед меларзен. Бо ҳамин дилу ҷигар боз дуздӣ ҳам мекунен.

Аммо замоне бедҳои шинондаи Ҷӯрабоӣ ака сӯи офтоб қад кашида шохаҳои он панҷа мезад, соли пурфайзу фаровоние буд. Ди-

ректори дуюм Карташоврo ба кори дигар гузаронида ва ба ҷои ӯ Муравёв омад. Ва ин соли бисёр ҳам пурҷӯшу хурӯши 1940 буд. Рӯҳияи аҷибе доштанд сокинони ҳанӯз дар қарори хукумат ба ном шаҳраки Киров. Ватан ҳар чи мефармуд, агарчи ба ивази қурбонӣ бошад ҳам, иҷро мешуд. Мардум тарсе аз сахтиву мушкилӣ надоштанд.

Ватан истиқлолияти пахтагӣ тақозо дошт. Мардуми хоҷагӣ барои ба даст овардани ин истиқлолият талош меварзид.

Ва он замон аксарияти заҳматкашони совхози навбунёд русҳову немисҳо ва чанд оилаҳои омада аз водии Факрғона, Балҷувону Ховалингу Ғарм буданду дар капаву заминканҳо ҳаёт ба сар мебурданд. Ба хоҷагӣ аслан русҳо роҳбарӣ мекарданд. Директор Муравёв, агроном Юшенков, сармуҳандис Григорий Капустин ва мудири устохона Колесник ҳама мутахассисони кордону ҷавонмардони пуркору бо ғайрате буданд.

Ду-се тракторе ки буд, дамгирӣ надоштанд. Мардуми коргар, чи ба миқдор нисбат ба имрӯз хеле кам буданд, вале мондашавиро намедонистанд. Ба мисли санги осёб дар гардиш буданд.

Вале баробари эълони ҷанг алайҳи истилогарони фашизми Гирмон рӯзҳои пурфайзу баракат як-як ба коми деви сиёҳи ҷанг фурӯ мерафт ва маводди хӯрока камчин мегардид. Нисбати душман нафрати азиме мардумро фаро мегирифт. Ва ҷавонмардони сарсупор кам набуданд.

Мудири устохона Колесник қасди сохтани сомолёте кард, то бо парвоз ба ҷанг равад. Ва аз устохона то ҳавлии тағои Ҷӯрабой ака Ҷамолиддин чанд қадам меомад. Ӯ медид,ки шабҳои дароз Колесник аз устохона берун намеояд.

Нияти Колесник ба зудӣ рӯи об баромад. Рӯзе аз рӯзҳо ӯ савори аспи қизил деҳкадаро аз парвози самолёт огоҳӣ дод. Ҳама аз ин ҳодисаи гӯшношунид ҳайрон шуданд. Дар лаби наҳри қаторбедҳои назди ҳавлии Ҷӯрабой ака занону мардон ва духтару бачаҳои деҳкада гирд омаданд.

Колесник аз асп фаромад ва лаҷомро ба дасти агроном Юшенков доду сӯи устохона рафт. Замоне нагузашта аз дарвозаи устохона тарактори ЧТЗ-е баромад ва ба думболаш мурғи калони оҳаниеро, ки болҳои чапармонанд дошту болои се чарх меистод,кашола дошт. Дар хонаи кулоҳмонанди «Мурғ» Колесник менишаст.

ЧТЗ аз болои купрӯки наҳр гузашт ва ба тарафи дасти чап тоб хӯрду дар хати парвоз,ки як замини монанди кафи даст ҳамвор ва қад-қади қаторбедҳо тӯл мекашид, истод. Тракторчӣ арғамчини симиро аз самолёти Колесник, ки он аз мурғ дида бештар ба моҳии

аҷибе шабоҳат дошт, гирифту аз майдон баромад. Нигоҳи чашми ҳама ба сӯи Колесник буд. Ва ногоҳ «мурғ»-и оҳанӣ ба фарёд омаду ларзид ба мисли ба табларза гирифтор. Баъд аз ҷой ҷунбону ларзон қаторбедҳоро гузашту аз пас абри чанги хокро ба осмон бардошт ва аз замин канда шуд. Шавқунзанон ба ҳаво баромад ва сӯи осмони Душанбе ва ба як холи сиёҳе табдил ёфту аз нигоҳ ғайб зад. Томошобинон даме моту маҳбут монданд ва пирамардон аз ҳайрат даст ба гиребон бурданд. Чун ба худ омаданд Ҷамолиддин даст ба дуо бардошту гуфт:

– Амри худо будаст. Худо дар паноҳаш нигоҳ дорад Колесника. Дигар ин хел техникадор нест дар ин ноҳияҳои дуру наздик. Тракторӣ шикаставу рехтаро дар нимрӯз дуруст мекард.

Ҳозирон ҳар яке аз паи кори худ шуданд.

Худо дар паноҳаш нигоҳ дошт Колесникро. Баъди чилу ҳафт соли ҷанг Ҷурабой ака дар яке аз шумораҳои рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» сурати Колесник ва самолёти ӯро дид. Шинохт ва донист, ки он дар аэропорти Душанбе беофият фуруд омадааст, вале аз тақдири минбаъдаи Колеснику самолёти ӯ мувофиқи табъи дил огоҳӣ наёфт.

* * *

Директори сеюми хоҷагӣ марди кордоне баромад. Ӯ заминҳои нав кушода ва мардум дар ин заминҳо аз субҳ то шом заҳмат мекашиданд. Муравёв ва агрономи ӯ Юшенков баробари баланд бардоштани ҳосили ҳар гектар ғами мардуми меҳнатӣ ва аҳли оилаи ӯро мехӯрданд. Ба қадри кофӣ ғалла, пиёзу картошка ва маҳсулоти полезӣ гирд овардаву мувофиқи рӯзи меҳнат ба мардум медоданд. Аз рӯи ҷамъбасти нишондиҳандаҳои солҳои вазнини ҷанг директор Муравёву агрономи хоҷагӣ Юшенков ба унвони Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ мушарраф гардиданд. Ва роҳбарони ҳизби вилоят онҳоро ба кори дигар гузарониданду ба курсии директории совхози ба номи Киров Кисилевро оварданд. Аз нахустин рӯзҳои иҷрои вазифа пеши мардум аён шуд, ки директори нав чандон кордон нест ва ғайрату фаросате, ки дар Муравёву агрономи ӯ Юшенков буд, ин надорад. Вале то Киселёв фаҳмид, ки аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифа намебарояд, соле сипарӣ шуд. Ӯро ба кори дигар гузарониданд ва ба ҷояш Карамовро оварданд. Умри директории Карамов ҳам кӯтоҳ будааст. Аз ӯҳдаи сариштаи хоҷагӣ дуруст намебаромад. Ивазаш карданд ва муовини вазири хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ Ёқубҷон Ғоибов директор шуд.

* * *

Ёқубҷон ака шаш сол сари вазифаи директории хоҷагӣ буд. Вале корҳое ки ӯ ба субут расонд, аз ҷиҳати ҳаҷму миқёс ба даҳсолаҳо рост меояд.

Хоҷагӣ ҳам ба монанди оила будааст. Дар оила фарзанде покзамире ба дунё меояд, фаровонрӯзӣ ва аз паи қадами ӯ дар хона файзу баракат меборад, рӯзҳои сахту рӯзгори танг фаромӯш мешавад.

Ӯ дар соли аввали роҳбариаш барои аҳолии хоҷагӣ НБО сохт ва дар мавзеи Ботуробод насос шинонд ва 500 гектарро обёрӣ кард. Акнун натанҳо барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли пахта имконият пайдо шуд, балки марғзорҳои домонфарохи хӯроки серғизои чорво ба вуҷуд омаданд. Ва Ёқубҷон ака барои 350 сар гов ферма сохт (баъдтар домони майдони ферма ба 1,5 ҳазор сар гов расид).

Баробари ин ӯ парки мошину тракториро васеъ кард ва дар водии Вахш яке аз аввалинҳо шуда хоҷагии лимӯпарвариро ба роҳ монд. Ва зинаи дуюми азхудкунии Вахш аз ҳамин хоҷагӣ оғоз шуд.

Хеле болотар аз наҳри ГЭС-ҳои Марказиву Шаршара заминҳои қарнҳо боз ташналаби чӯлистони Оқгаза мехобид. Ва Ёқубҷон ака аз паи ободонии ин чӯл шуд.

Боре ӯ бо ҳамроҳи Ҷӯрабой ака, зери нурҳои сӯзони офтоби тобистон чӯлистони Оқгазаро аз сару бар қадам заданд ва дар бозгашт лаби наҳри ГЭС-ҳо таваққуф намуданд. Ёқубҷон Ғоибов ба тӯли роҳи имрӯз тай карда назар андохт. Нурҳои офтоб болои чӯлистон мавҷак мезад, чун мавҷи оташ болои танӯри тасфон.

– Агар насиб бошад, ки, – гуфт Ёқубҷон Ғоибов ба Ҷӯрабой ака, – номи мо дар ин ҷо монад, дар ҳамин чӯлистон мемонад. Аз ҳама мушкилаш об барорӣ. Худо диҳад, ки ҷӯе аз ин наҳр то таги талҳои болои Оқгаза барорем. Онгоҳ кор осон. Аҳолӣ пайдо мешавад, деҳу деҳкадаҳо, мактабу дармонгоҳҳо бунёд мегарданд.

Ва Ёқубҷон аз паи пайдо кардани насос шуд. Он замонҳо дар мамлакат чунин насосҳое, ки иқтидор дошта бошанд, ҳазор ду ҳазор гектар обёрӣ гардад, ҳанӯз болои қоғази конструкторон буд. Аз ин рӯ ба директор лозим меомад, ки ингуна насосҳои пуриқтидорро берун аз мамлакат ҷустуҷӯ намояд. Ӯ чанд суроғаи насос ёфт имконпазиру ғайриимкон. Ва имконпазири он насосҳои Локомативии финиҳо буд. Ёқубҷон маблағ ёфт ва харид Локомативҳои финландиро.

Дар чӯлистони Оқгаза ки дар масофаҳои аз ҳам дур ҳамагӣ 12 оила сукунат дошт, хатҳои ҷӯйю каналҳо пайдо шуданд. Ва устоҳо Кирил Иванович, Григорий Трафимович Капустин, механикҳо Ли-

сенко, Усков Артуру Иля Еншетин дар соҳили наҳри ГЭС-ҳо қароргоҳи насосҳо сохтанду насосҳоро танзим намуданд.

Насосҳои локомативӣ аловӣ буданду ба воситаи ангишт ё мазут ба ҳаракат медаромаданд ва аз нерӯи буғи ҳосилшуда барқ ҳосил мегардид. Ва насосҳо бо қувваи барқ миқдори зиёди обро ба баландӣ мепартофтанд.

Тавассути ташвишу тараддудҳои Ёқубҷон ака аз соли 1949 то соли 1953 аз 400 то 1,5 ҳазор гектар заминҳои чӯлистони Оқгаза обёрӣ гардид.

Ва ӯ баробари бунёди наҳру ҷӯйҳо ва қароргоҳҳои насосӣ дар хоҷагӣ аввалин ҳаммому дармонгоҳҳо сохту ба мушкилии дигаре рӯ ба рӯ омад. Дар хоҷагӣ нерӯи коргарӣ намерасид. Боз ин чӯли нопайдоканори Оқгаза. Заҳмат кашид ӯ ва ба чӯл об омад. Вале об беодам, бе ворисн замин харобӣ бор меоварду. Аз таъсири ҷӯйҳои об ҳафтае нарафта ғору ғорчаҳо мебиниву Оқгаза аз ин рӯзаш ҳам мемонад.

Ёқубҷон ака сари ин масъала бисёр андеша ронда ва билохир ба 12 нафар сокинони Оқгазаву дигар маҳаллаҳои хоҷагӣ муроҷиат кард. Ҳар касе метавонад аз ҳисоби хешону таборон ёрону дӯстон одам ёбаду бригадаи худро ташкил кунад. Об ҳаст дар чӯли Оқгаза, замини зархез ҳаст ва одамони навомад чанд гектаре мехоҳанд гиранд. Зироати дилхоҳи худро коранду ҳосил бардоранд. Ҳар чи рӯёнданд аз худашон. Мо ба онҳо техника ва ҳар чизе лозимашон ҳаст, кӯмак мекунем.

Андешаҳои директорро писандиданд мардони хешутабор ва ёру дӯсти роҳдурӣ дошта. Акаи Наим аз Данғара даҳ оила овард ва ин ташаббуси ӯро дигарҳо, аз ҷумла Шомаҳмад Ҷӯраев, Бала Файзуллоев, Сарибой Шарифов, Қароқул Зулфиқоров, Отахон Ҷангихонов, Қувват Алиев, Гулмаҳмад Гулов, Хайруллову Муҳибулло Фаттоевҳо, ки ҳар кадоме аз ноҳияҳои гуногуни кӯҳистони ҷумҳурӣ ва берун аз онанд то 12 оила оварданд ба чӯли Оқгаза. Онҳо хонаву ҳавлии аз ин пеш дар маҳаллаҳои ободи хоҷагӣ доштаашонро тарк карда ҳамроҳи навомадагон дар мавзеҳои гуногуни чӯл сарпаноҳ сохтанд.

Деҳқонони навомад ду-се сол ба ҷуз иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ дар хоҷагӣ ба қадри тавоноӣ дар заминҳои дилхоҳашон ғаллаву зироатҳои полезӣ кориданду ҳосил бардоштанд. Ва онҳо бозорҳои ҷумҳуриро аз маводҳои меҳнати ҳалол бой гардониданд. Мардуми ба чӯлистони Оқгаза, ба заминҳои навобёрие ки дасти роҳбарону коргарони совхоз намерасид, омада фаровонрӯзӣ шуданд. Хонаҳои ҳозиразамон сохтанд. Боғу боғчаҳо бунёд намуданд. Дар мавзеҳои

гуногуни чӯлистон деҳаҳои ободон ба вуҷуд омаданд. Миқдори сокинони Оқгаза аз 40-50 нафар ба ҳазору се-чор ҳазор нафар расид. Ва дар ин замина шӯъбаи сеюми совхоз ба вуҷуд омад.

Дар соли сеюм аксарияти онҳое ки барои истифодаи шахсӣ заминҳо доштанд, аввал ғалла ва баъд шолӣ кориданд, то боз ҳам ғанитару фаровонрӯзгортар гарданд. Вале ин ба баъзе чалласаводони курдил нафорид, чашмашон сих зад. Бо имзои мустаор аз болои директор ариза навиштанд. Аз ин кирдор директор ҳайрон монд. Ӯ ба додгустари (прокурори) ноҳияи он вақтаи Октябр Мурод Ярашов, ки барои чену андоза кардани заминҳои дар истифодаи мардуми навомади Оқгаза буд, гуфт:

– Рафиқ прокурор, барои коркарди заминҳои ба истифодаи шахсӣ дода алҳол зӯри мо намерасад. Онҳо бекоранд. Боз чи қадар ҳамин хел заминҳо ҳаст. Мардум як-ду сол шоливу зироати полизӣ мекоранд, заминро ба кишти пахта тайёр мекунанд. Ин ҳам фоидаи одамон мешаваду ҳам аз совхозу давлат.

– Фоидаи одамон, – гуфт Мурод Ярашов, – мумкин нест. Қонуни давлат истифодаи шахсии заминро манъ мекунад. Мо заминҳоро чен мекунем. Соҳибони онҳо ҳосилро то дони охирин ба амбори совхоз месупоранд. Аз болои ҳар кадоми онҳо парвандаи ҷиноятӣ мекушоем.

– Парвандаро, – гуфт Ёқубҷон ака, – аз болои ман кушо. Ман ба онҳо иҷозат додам. Касе аз пеши худ ин кора накардааст, ки ту парвандаи ҷиноятӣ кушоӣ: инро ту нафаҳмӣ ман ба ҳизби ноҳия, вилояту ҷумҳур мефаҳмонам.

Додгустар ба ин суханон эътиное накард ва рафт ба шӯъбаи навбунёди сеюм. Андоза кард заминҳои дар истифодаи шахсӣ будаpo ва акте ҳам тартиб дод.

Дар рафти тафтишу санҷиш ва андозагириҳо маълум шуд, ки сабабгори ҳамаи ин озорҳо ба роҳбарону мардуми навомади Оқгаза раиси иттифоқи касабаи коргарии совхоз Ҳоҷӣ Хоҷаев буда, ки ӯро Ёқубҷон ака Ғоибов ба сари ин вазифа оварда буд. Дили Ёқубҷон ака аз ӯ сард шуд ва ба худ гуфт: коҳишро ҳам ҳаром мекунад.

Ва Ёқубҷон ака Ғоибов ҳангоми бардоштани ҳосили шолии заминҳои дар истифодаи шахсӣ, ки дар рӯйхати прокурор буд, фармуд ними ҳосилро кашида ба амбори совхоз супоранд. Боз ӯ ба мудири амбор супориш дод, ки ин маҳсулотро ба ҷои махсус нигоҳ дорад ва набояд донае аз он ғадр шавад.

Ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои соли хоҷагӣ, ки онҳо нисбати супориш хеле зиёд буданд, директор ба коргарону хизматчиёни совхоз фармони мукофот дод. Ва он қисми маҳсулоти истифодабаран-

дагони заминҳои шахсиро ки ба амбори хоҷагӣ оварданд, ба сифати мукофот ба соҳибонашон баргардонд. Ба раиси иттифоқи касабаи коргарони совхоз Ҳоҷӣ Хоҷаев як хуки мода мукофот фармуд. Аз ин димоғи Ҳоҷӣ сӯхт ва чун мӯи ба оташ афтода дар худ печид. Пеши котиби ҳизби ноҳия Петр Тихонович Сюрдуков шикоят бурд. Котиб аз арзи ӯ ҳайрон шуд ва бо тааҷуб ним русиву ним тоҷикӣ гуфт:

– А, что, разве плохо, нағз мукофот доданд, хурсанд шав.

* * *

Соли 1952 ҳукумати ҷумҳурӣ дар водии Ҳисор совхози калону серсоҳаи таҷрибавие таъсис дод, ки маркази он деҳаи Шарора буд. Ёқубҷон ака Ғоибовро директори ин хоҷагӣ тайин карданд. Ба ҷои ӯ сардори нав Аҳмадҷон Муҳаммадҷонов омад. Соли аввали роҳбарии директори нав масоҳати замини бо заҳмат корам гардида кост. Роҳбарони хоҷагиҳои ҳамсоя аз ноомадии кори Аҳмадҷон Муҳаммадҷонов, ки қабл аз ин раиси комиҷроияи ноҳияи Варзоб буд, истифода карданд. Бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ 800 гектар замини обёрӣ ба колхози «Ленинград» ва 500 гектарро ба колхози ба номи «Карл Маркс» доданд.

Аҳмадҷон Муҳаммадҷонов баробари ташкилу сафарбарии мардум ба кишту кору ҷамъоварии ҳосили зироатҳои деҳқонӣ, ба хусус пахтаву хӯроки чорво роҳҳои мавҷударо аз таъмир баровард. Ӯ ба мақсади зиёд кардани майдони кишти зироату боғот аз насоси якум ба масофаи бештар аз як километр канал кофт ва обро ба даштҳои хеле баланди Оқғаза баровард. Баҳри оилаҳои калони коргарон умутахассисони хоҷагӣ қариб сад хона сохт.

Вале роҳбарии ӯ дер давом накард. Ӯ директори намозхон буд. Ва ҳизби ноҳия барои аз вазифа сабукдӯш намудани ӯ сабаб меҷустанд. Билохир сабаб ёфт шуд. Дар фермаи хук фалокате рӯй дод. Панҷоҳ хук мурд. Ва ҳизби ноҳия дастаки хубе ёфту ба мурдани хукҳо ӯро гунаҳкор карду аз вазифа гирифт. Ба ҷои ӯ Пӯлодҷон Ғозиевро оварданд.

Пӯлодҷон як роҳбари тасодуфӣ буд. Ӯ афсари кумитаи бехатарии давлатӣ буд. Мегуфтанд, ки ҷонишини раиси кумитаи мазкур Севегунро ба ӯҳда доштааст. Ва ба иллати пинҳон доштани як айби муҳим аз хизмат дар кумитаи бехатарӣ ронда шудааст. Замоне амакаш душмани халқ буда ва ба ҷазо расида. Ва тавассути зиёиёни ҳамдеҳааш ин иллат соли 1955 ошкор гардиду Пӯлодҷон ҳамчун гунаҳкор аз сафи хизматчиёни риштаи бехатарӣ рафт.

Мардуми солхӯрдаи хоҷагӣ, ки давраи директории Пулодҷонро

ёд доранд ба хизмати Пӯлодҷон Ғозиев дар риштаи амнияти давлатӣ огоҳ нестанд, вале ӯро ҳамчун диретори ноӯҳдабаро нағз дар хотир доранд. Ӯ барои иморати хонаҳои истиқоматӣ, инчунин тайёр кардани лоиҳаи заводи пахта кӯшиш намуд, вале натиҷае ба даст наовард ва соли сеюм ҳамчун директори ноӯҳдабаро аз вазифа сабукдӯш гардид.

Ноӯҳдабароии Пӯлодҷон Ғозиев ба аксарияти аъзоёни раёсати совхоз таъсир кард. Онҳо беғаму бепарво шуданд. Ҳар ҷое, ки беғамиву бепарвогӣ пайдо мешавад, танбаливу коҳилӣ ҳосил меоварад. Ва соли 1958 ҳайати роҳбарии хоҷагиро дигар карданд. Ба ҷуз Ҷӯрабой ака Юнусов, ки ӯ аз раиси комитети иттифоқи касаба ба вазифаи котиби ташкилоти ҳизбии совхоз гузашт, дигар ҳама узви раёсат иваз шуд. Ба ҷои Пӯлодҷон Ғозиев Қудратулло Қурбонов омад. Ӯ қабл аз ин сардори номдори шӯъбаи сеюми совхози ба номи Қуйбишев ва Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ буд. Сарагроном А.Кабанов ҳам иваз шуд. Ба сари ин вазифа ҷавонмарди бо донишу пуркор Абдусалом Маҷидовро аз хоҷагии ба номи Куйбишев оварданд. Муллоҷон Каримов, ки марди кордону ташкилотчие буд, раиси кумитаи иттифоқи касаба интихоб гардид.

Ҳайати нави роҳбарии совхоз бо як ҷӯшу хурӯше ба кор оғоз намуданд. Барои онҳо лозим меомад ба ҷуз сару сомони вазифаҳои ҳаррӯза корҳои дар се соли директории Пӯлодҷон Ғозиев ниму нимкора мондаро ҳам сару сомон диҳанд.

Қудратулло Қурбонов даҳ сол сари вазифаи директории совхози ба номи Киров буд. Дар замони роҳбарии ӯ аз худкунии зинаи сеюми чӯли Оқгаза ба анҷом расид ва танзими насосҳои нави барқии зинаи чорум, ки обро ёздаҳ метр боло мепартофт, оғоз гардид. Ва ӯ баробари ин аз паи овардани одамон ба мавзеъҳои камодам оғоз намуд. Ва ташвиқгарони ӯ ба чор тараф фиристода шуданд. Баробари ба наҳру ҷӯйҳои тозабунёд ҷорӣ гардидани об аз ноҳияҳои Данғараву Балҷувону Ховалингу Кӯлоб мардуми бисёр омад. Директор навомадагонро мувофиқи нақшаи пешакӣ дар се маҳал ҷои истиқомат дод. Ва ба деҳаҳои оянда номҳои Ҳосилобод, Боҳтурободу Навобод гузошт.

Охири солҳои панҷоҳум ва аввали солҳои шастум дар мавзеъҳои ба ном деҳа оилаҳои навомад дар капаҳову заминканҳо умр ба сар мебурданд. Ва баробари меҳнат дар совхоз хонаҳо месохтанду манзили ояндаи хешро обод мекарданд. Бо ҳамин васила тарҳи маҳаллаҳои зебои истиқоматӣ ба вуҷуд меомад.

Дар навбати чоруми азхудкунии чӯли Оқгаза, ки аз насоси чорум оғоз гардид, сокинони деҳаҳои навбунёд як ҳазор гектарро обёрӣ

карданд. Сардорони қитъаҳо якчанд бригадаҳо доштанд, ва онҳо ба мудири аввалаи шӯъба Бозор Давронов итоат доштанд.

Дар деҳаи мазкур баробари баланд бардоштани ҳосилнокии замини зироатҳо, ба хусус ба пахта дар масоҳати ду гектар лимонзору 150-гектар боғот, ду ҳавзи моҳӣ бунёд гардид. Бригадаи махсуси сохтмонии совхоз барои оилаҳои калони коргарону матахассисон 500 хонаи нави истиқоматӣ сохт.

Дар маҳаллаҳои гуногуни хоҷагӣ 4 мактаби миёна, 3 мактаби маълумоти 8-сола ва 4 мактаби ибтидоӣ дар биноҳои зебои замонавӣ дарҳои худро ба истиқболи фарзандони коргарони хоҷагӣ кушоданд.

Дар шӯъбаҳои як, ду ҳаммомҳои нав сохта шудаанд. Ҳаммоми мавҷудаи шӯъбаи якумро аз нав сохта ва хеле васеъ карданд.

Замони роҳбарии Қудратулло Қурбонов баробари ободонӣ ва беҳдошти хизмати маишӣ ба мардум ҳаҷми истеҳсоли пахта аз 9 то 10 ҳазор тонна ва ҳосилнокии ҳар гектар аз 24 то 35 сентнерӣ бардошта шуд. Саршумори фермаи чорво аз 2 ҳазор гузашта ва ҳаҷми истеҳсоли шир аз ҳар сар модагов (онгоҳ 850 сар модагов буд) аз 2,2 ҳазор литр ба 3,5 ҳазор литр расид.

Ҳамаи ин пешравӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле мустаҳкам гардид. Дараҷаи некӯаҳволии мардум беҳтар шуд. Ҳама сокинони совхоз рӯзгори осоиштаву фаровоне доштанд. Ва ҳамагон дӯст медоштанд Қудратуллоро.

Мардуми совхоз соли 1969 Қудратулло Қурбоноврo бо диле саршори меҳр ба нафақа гуселониданд. Ҳарчанд синну соли ӯ ба ҷое расида бошад ҳам пирамарди серғайрату пурқуввате буд. Вале ҷанги бародаркуш ба ҷигараш корде зад. Писари хурдиашро дар деҳкадаи Уялии ноҳияи Куйбишев паронданд. Ва ӯ ба дарду доғи фарзанд тоб наоварда ва якбора пажмурда шуду аз ҳаёт гузашт.

* * *

Баъди Қудратулло Қурбонов Ҳусайн Ҳомидов директор шуд ва соле чанд роҳбари кард. Аз паи ӯ Тухлӣ Ҳасаналӣ, Подабон Ҳамидов ва Юлдош Раҳмонову Боймаҳмад Додобоев, Суфибекову Темур Додобоев яке аз паи дигаре се солу як сол ба курсии директории хоҷагӣ нишастанду рафтанд. Январи соли 1984 Суфибеков ба курсии роҳбарӣ нишаст. Аз рӯзи аввал ба сохтмони хонаи нав шуруъ намуд ва то тавонист чизе аз хоҷагӣ баҳри кайфу сафо руёнду моҳи октябр аз мансаб рафт. Ва дар ин замонҳои иваз шудани роҳбарони аввали совхоз яке аз паи дигаре камина дар хоҷагии ба номи Ленинград рӯзгору мубориза доштам. Ба ҳар роҳу васила хо-

тири деҳқонону мутахассисонро ба даст меовардам, дили онҳоро ба кор гарм намуда аз паи таъмиру таҳкими техника, сохтмону ободонии хоҷагӣ дар такопӯй будам. Дар рӯдбори Вахш, мавзеи биҳиштосое баҳри мардуми меҳнатӣ ва бинои зебои чойхонае сохтем. Сарвари аввали ҳизби ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов бисёр хуш дошт чойхонаву истироҳатгоҳҳоеро, ки баҳри пахтакорону механизаторон иморат мешуд. Дар яке аз сафарҳояш ба Вахшонзамин, роҳи ӯ аз назди ин чойхонаи тозабунёд гузашт. Аз чор тарафи чойхона майдонҳои пахта то дуриҳои дур тӯл мекашиданд.

Мошинро нигоҳ дошт ва аз чойхона дидан кард. Хушҳол шуд. Лаби кате нишасту маро ба паҳлӯи худ ҷой дод. Аз фарзандон, маошу маишати оила ва ҳафтае чанд бор хӯроки гӯштӣ мехӯрем, пурсид. Ман он чи буд ба ростӣ ҷавоб додам. Қаноатманд шуд ва гуфт:

– Ҷавонон ба пул муҳаббат кунен, пеш, намеравен.

Ва аз рӯзгори бобои Миралӣ Маҳмадалиев мисолҳо оварду гуфт:

– Ҳар рӯз дар охири кор танҳо ба хона намеравад. Ягон фаъоли колхозро бо худ мегирад. То нагӯянд, ки: раис бурду хӯрд.

Дар ин миён болои кат хоне густурда шуд, ки пур аз маводди хӯрданӣ.

– Ба ман, – гуфт ӯ, – ин хел дастурхон лозим не. Як нони гарму чой, ду себ бас.

Ӯ як пиёла шарбат хӯрду хушбошӣ кард. Бори дуюм ҳини пахтачинӣ омад. Мошинҳои навтаъмир пахта мечиданд. Ба тамошои манзараи кор баромад. Нимаи рӯз ва вақти хӯрок хӯрдан буд. Ҷаббор Расуловро котиби якуми ҳизби вилоят Ғоибназар Паллаев ҳамроҳи мекард. Онҳо ба ҷое расиданд, ки пахта ба замин рехта. Паллаев ба қаҳр омад ва нигоҳи ғазаболуд кард. Хашми ӯ аз Ҷаббор Расулов ниҳон намонд. Ва аз дуруштии Паллаев норозӣ шуду чанд ҳарфи ба сиёсат зад.

Барои як пиёла чой ба лаби замин омадем. Болои дастурхони хоксоронаи деҳқонӣ себу мурғи бирён ҳам буд. Ҷаббор Расулов ба мурғбирён ишора карда пурсид:

Инҳо аз формаи бисту чаҳор баромада-мӣ?

«Формаи 24» он замон ибораи маълуме буд. Роҳбарони хочагӣ зери ин андоза мурғу чорвои ба сабабҳои гуногун қурбонишударо аз ҳисоб мебароранд. Аз ин рӯ дарҳол пай бурдам ҳақиқати суханро ва гуфтам:

– Колхози мо фермаи мурғ надорад. Ин ҳам аз хона, аз меҳнати ҳаку ҳалоли худамон.

Ва Ҷаббор Расулов лаҳзае нишасту таом хӯрд.

* * *

Соли чоруми раисӣ дар шаҳраки Вахш,ки колхози «Ленинград» ҳамшафати он аст, ғояе пайдо шуд. Гуфтанд барои варзиш дар деҳоти Вахшонзамин тими чавгон болои майса ташкил мекунем. Заминаи воқеӣ дошт ин ғоя. Аспҳои хуби машқдида ва саворони ҷавонмард буданд. Хароҷот 120 ҳазор сӯми ҳамон вақта мешуд, ки аз 140 ҳазор долари имрӯза афзунтар меомад. Ба ин маблағ зӯри як хоҷагӣ намерасид. Онро тақсим карданд. Ба ӯҳдаи мо 40 ҳазор сӯм монданду тимро (командаро) ҳам супурданд.

Чавгонбозон ба машқу қувваозмоӣ шӯруъ карданд. Дар ҳамаи мусобиқаҳои чавгонбозии вахшонзамин, баъдан мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ғолиб омаданд. Дар мусобиқаи умумииттифоқӣ, дар шаҳри Масков баргузор гардид, чавгонбозони хоҷагии мо ҷойҳои аввалинро гирифтанду бо бисёр мукофотҳои ифтихорӣ боз гаштанд.

Вале баробари афзудани шӯҳрати тими чавгонбозони колхоз душманони он низ меафзуд. Сардори молияи колхозҳо Аслиддини Соҳибназар, аз афташ муқобилону ҷонибордорони тими чавгонбозиро тадқиқ карда ба хулосае омад, ки барои хоҷагӣ бурде надорад ва паи ҳам ду мактуб навишт ва хулосаи ҳарду мактуб ҳам ин буд: Ин кора накунед. Аз паи ин ду мактуб мактубҳои зиёде омаданд аз Кумитаи Марказии ҳизб, аз иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ ва аз Назорати Халқии ҷумҳурӣ.

Ва котиби аввли ҳизби вилоят Ғоибназар Паллаев маро назди худ хонду кӯтоҳакак гуфт.

– Чил ҳазор сӯма меориву аз ҳизб меравӣ. Бо хотири гирифта ва хаёлҳои парешон аз дафтари кории саркотиби ҳизб баромадам. Ва чавгонбозон ба корҳои худ машғул буданду ба озмунҳои оянда ки дар шаҳраки Вахш баргузор мегардид, тайёрӣ медиданд.

Ва котиби аввали ҳизби ноҳия Нуъмон Қурбонов ҳаводору муттакои тими чавгонбозон буд, роҳбарони ҳизбу ташкилотҳои вилоятро ба тамошои ҳунарнамоии навбати тим даъват намуд. Чавгонбозон маҳорати аҷибе нишон доданд. Тими чавгонбозони мо ба ҳама ҳозирон хуш омад.

Вале афсӯс ки дунё ба як рангу одам ба як ақида намемондаст. Боз шӯру қиём хест атрофии тими чавгонбозон дар сатҳи боло. Паллаев болои ӯ ба пажӯҳиш оғоз кард. Ва бархилофи чашмдошти Паллаев Нуъмон гуфт.

– Ин ҷо Мӯсоев гуноҳе надорад. Ҳама айб аз мо.

Паллаев ҳарфе нагуфта гӯшаки телефонии ҳукуматиро бардошт ва гуфт.

– Ҷаббор Расулович, мо беҳуда аз Мӯсоев гумон мебурдем. Ҳама ин гуноҳҳоро Қурбонов карда. – Сипас Паллаев ба котиби дуюми ноҳия Юрий Константинович Наошний занг зад ва ба ӯ ҳақоратҳои қоғазпечи телефонӣ дод.

Бо дили ранҷида аз бинои созмони ҳизби вилоятӣ дур шудам. Чанд сол қабл механизатор будаму рӯзгори осоишта доштам. Худамро медонистаму трактору заминро. Ба ҳама кори хона дастам мерасид. Гунаҳгори аввалини оворагиҳои имрӯзаи ман сарагрономи совхоз Ҳусайн Ҳомидов буд. Айни кишту кори баҳорӣ байни саркори деҳаи Сари насосҳо Қурбон Шарифову деҳқонони бригада моҷаро хест. Сарагроном Ҳусайн Ҳомидов ҳар ду тарафро ба диққат шунид ва айби асосиро дар саркор ёфту ӯро аз вазифа сабукдӯш кард. Ман ба носозгор омадани саркору аъзоёни бригадаи ӯ заррае ҳам муносибат надоштам. Сарагроном дақиқае сокитона ҳозиронро аз назар гузаронду ба оҳанги омирона ба ман гуфт:

– Аз имрӯз бригадири ҳамин қишлоқ мешавӣ.

Аз ин амри ногаҳонӣ хун дар ҷигарам ҷӯшид ва гуфтам:

– Намешавам. Механизаториамро дӯст медорам. Ҳамин бас барои ман.

– Механизаториата дӯст дорӣ нағз, – гуфт бо ҳамон оҳанги аввала Ҳусайн ака Ҳомидов, – ҳам бригадир мешавӣ, хам механизатор.

– Қабул кун, – гуфтанд қариб ҳамаи ҳозирон, – кора мо мекунем, намегузорем туро зӯр ояд.

Ночор хомӯш мондам чун ҳайкал. Сарагроном дастамро фишурду барори кор хосту рафт. Хуни ҷавонӣ ҷӯшиду номусам омад. Ин яке аз бригадаҳои калони совхоз буд ва 120 гектар замини пахта дошт. Ва сокинони маҳаллаи Сари насосҳо мардуми бетамаи меҳнатӣ буданд. Обмонҳо бародарам Абдулҳай, Қодири Қосиму Зайниддини Шариф, Абдухалили Тоҳиру, Ҳалими Карим, Абдуалими Борон дар ҳунари худ мумтоз буданд.

Мебоист аз саркорони номии хоҷагӣ, аз ҷумла Ҷангихонов, ҳамсояамон Обидҷони Тошпӯлод (худо раҳматашон кунад) ва Неъмати Худойқул қафо намемондам. Вагарна эътиқоди мардум мегашт ва беобурӯ мешудам.

Шабу рӯзам дар саҳро мегузашт. Бо обмонҳо шабро ба рӯз меовардам. Дар хирман дору мекӯфтаму тавассути техника қаторҳои заминҳои аз об баромадаро нарм карда доруву нурӣ медодам. Он сол баъди Ҷангихонов дуюмин шуда супоришҳоро ба ҷо овардам. Аз рӯи ҳама нишондодҳои истеҳсолӣ бригадаам дар совхоз ба ҷои аввал баромад. Ва деҳқонони бригада ба ҳар сӯми ҳақ гирифтанд.

Хотирае аз он солҳо дорам, ки ҳеҷ гоҳ зудуда намегардад. Ба

ҳавлӣ арӯс овардам. Шаб, замони вохӯрӣ арӯс якбора аз барам ду метр дур парид. Ошуфта шудам. Пурсидам ки: «чи мегурезӣ аз ман» гуфт: «дастҳот дасти одам не. Мехвори сих мекуна».

Аввалин бор ба дастҳоям нигоҳ кардам. Дурушту шахшӯлу кафидаву ҷуҷалӣ буданд.

* * *

Бо ин ҳама дуруштии дастҳо аз корам хурсанд будам. Ва ба назарам аз ман хушбахттар дар ин дунё нест. Соли 8-уми саркориву механизаториам гурӯҳе аз мансабхоҳон хоҷагиро нотинҷ карданд. Ба чор тараф аз порахӯриву изофанависҳо аризаву шикоятҳо бурданд. Кабк аз овози худ ба дом меафтад. Онҳо чор панҷ нафар роҳбарони зинаҳои мобайни хоҷагӣ буданд. Тафтишҳои паи ҳам карда парда аз рӯи кору кирдори онҳо бардошт ва ҳабс шуданд. Мисбои Норбойро аз сардории қитъаи якум оварданд. Директор Ҳусайн Ҳомидов дар ҳозири котиби ташкилоти ҳизбии совхоз Файзиддин Абилову дигарон бидуни майлу хоҳиш вазифаи қитъаи 7-умро ба гарданам бор карданд. Дар соли дуюми адои ин вазифа қитъаро ба ҷои аввал баровардам ва номдораш гардондам. Баъдан Ҳусайн Ҳомидовро сарвари управленияи хоҷагии кишоварзии ноҳияи Ёвон тайин карданд Сарагроном Тухлӣ Ҳасанов директор шуд. Раиси колхози Коммунизми ноҳия Маҳмадтоҳир Маҳмудовро ба вазифаи сарагрономӣ оварданд. Аз байн ним сол гузашт ва Маҳмадтоҳирро ба вазифаи дигар гузаронданду ҷои ӯ моҳе холӣ монд. Аммо ман аз паи ташвишҳои кору рӯзгори бригадаҳову механизаторони қитъаи 7-ум будам ва хаёле ҳам намекардам, ки ба сари ин вазифа кӣ меояд.

Ин 13-уми ноябри соли 1976-ум, замоне буд, ки дар қитъаи мо ҳосилнокии заминҳои пахта ба 41-сентнерӣ расида, вале совхози «Комунизми» ноҳия аз ӯҳдаи иҷрои план набаромаданд. Маҳмадтоҳир Маҳмудовро ба вазифаи роҳбарии хоҷагӣ хонданд. Ва директори тресті совхозҳои ҷумҳурӣ Анвар Қаландаров аз ин ҳол огоҳ буд. Ана ҳамин марди қавипайкари паҳлавонҷусса ба қитъаи мо омад бо ҳамин роҳ ҳамроҳи котиби аввали ҳизби ноҳия Нуъмон Қурбонов. Ӯ ба ташкили меҳнату тартиби коргузорӣ дар қитъаи 7-ум шинос шуд. Камие надид ва хушҳол шуд.

Пагоҳи он рӯз саркорону мудирони қитъаҳоро ба маҷлис даъват карданд. Рафтем. Нуъмон Қурбонов сӯи ман ишора кард ва ба Анвар Қаландаров гуфт:

– Номзади мо ба вазифаи сарагроном ҳамин кас. Пешкаши шумо мекунем ин номзада.

– Не, – гуфтам ба котиб, – маълумотам намерасад. Дар совхоз маълумотнокҳо ҳастанд.

– Хоҳиш дошта бошӣ, – гуфт Анвар Қаландаров, – ёрдам мекунем. Мехонӣ дар институти хоҷагии қишлоқ.

– Ҳавасам нест, – гуфтам.

Ин баҳс ба назари Анвар Қаландаров беҳуда намуд. Ва гузаштем ба клуб. Он ҷо пур аз одам буд. Ва Анвар Қаландаров бе ҳеҷ гуна истиҳола фармони тресги истеҳсолии совхозҳои ҷумҳуриро хонду илова бар он рӯ бар ман оварду гуфт:

– Хоҳед нахоҳед кора сар кунед.

Ба ҷуз кор илоҷи дигар набуд. Зӯр зада то кураки охирин пахта чиндему иҷрои плани хоҷагиро таъмин намудем. Дар давраи сарагрономӣ шӯъбаи ғоибонаи агрономии донишкадаи кишоварзиро ба итмом расондам.

* * *

Боре вакилони вилоят бо сардории Ғоибназар Паллаев ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияи Вахшро тафтиш карданд. Аз ҳар хоҷагие камбудие ёфтанд. Вале корҳои хоҷагиро дар совхози «Ленинград» тоқатнопазир гуфтанд. Аз рӯи натиҷаҳои тафтиш Паллаев дар хонаи маданияти ноҳияи Вахш баромад кард. Ҳамаро зери тозиёнаи танқид гирифтанд. Миёни суханронии хеш аз сарагрономи совхози ба номи Киров пурсид.

– Ман, – гуфтам аз ҷой хеста. Ӯ аз навъи пахтаи маҳиннахи «Вахш-62-42» савол дод. Қоидаҳои аротехникии онро гуфтам.

– Дар истеҳсолот, – пурсид Паллаев, – ҷорӣ мекуни ё не?

– Чи хели гуфтам, – ҷавоб додам ба ӯ, – мекунем. Ин нахуст гуфтугӯи ман буд бо Ғоибназар Паллаев дар байни ҷамъоати калони одамон. Бегоҳии ҳамон руз директори совхоз хабаре овард. Котиби якуми ҳизби ноҳия танҳо ӯро ба дафтари кориаш хонда ва иттилоъ додаст, ки мувофиқи қарори кумитаи ҳизби вилоят Абдухолиқ Мӯсоев аз пагоҳ раиси садоратӣ колхози «Ленинград» тайин мегардад.

Вале ҳамин хел ҳам шуд. Пагоҳ ҳизби ноҳия дар колхози «Ленинград» расмиятро ба ҷо оварду ман раис интихоб гардидам. Аҳволи хоҷагӣ дар ҳақиқат бад буд. Колхоз қашшоқ. Шабу рӯз дар фикр меомадам. Ҷояш омад гиря ҳам кардам. Як-ду рӯз ба ҷуз оби канал нолае ба даҳон нагирифтам. Вале чи илоҷ оҳиста-оҳиста бо мардум забон ёфтем. Корҳоро ба низом овардем. Баҳор рафту тирамоҳ омад. Дар ноҳия дуюм шуда супориши давлатии пахтаро ба ҷо овардем. Маҳсулотнокии ҳар гектар ба 35 сентнерӣ расид. Соли дуюм даромади хеле зиёдтар шуд. Аз ҳисоби даромади иловагӣ

аввалин гардида дар мактабҳои хоҷагӣ барои хонандагони хурдсол хӯроки бепул ташкил намудем. Баъзе роҳбарон аз ин амали хайр дар шубҳа монданд ва гуфтанд: чаро молу мулки колхоза ба мактабиён медиҳӣ? Кӣ ба ту ин хел ҳаку ҳуқуқ додаст? Шикоят ба ҳукумати ҷумҳурӣ бурданд. Комиссиони босалоҳият омад. Ҳисобу китоб карданд молиёти хоҷагиро ва гуфтанд, ки беҳтарин ташаббус аст. Ва ин ташаббусро паҳн карданд ба тамоми ҷумҳурӣ.

* * *

Ташкили хӯроки бепул ба мактабиён байни мардум бароям обрӯ овард. Вале дар гумон аст, ки аз тими чавгон чунин шарафу номи нек насиб гардад. Таъкидҳо аз ду мактуби Аслиддин Соҳибназаров ба назарам хеле дилсӯзона намуданд. Ғарқи андешаҳои рӯзҳои то он замон паси сар шуда дафтари кории Ғоибназар Паллаев рост ба идораи колхоз омадам. Ба аъзоёни садорати хоҷагӣ машварате оростем ва тими чавгонро барҳам додем.

Ва аз байн замоне нарафта ба колхоз котиби Комитети Марказии ҳизби ҷумҳурӣ оиди хоҷагии кишоварзӣ Мирзо Бобоев омад. Ва ӯ аз тими чагон ёдовар шуду гуфт: – бахтат баландӣ кард.

Пас аз ин бо хотири осуда ба корҳои хоҷагию ободонӣ идома додем. Мардумони меҳнатие буданд сокинони хоҷагии мо. Ба умеди фардои беҳтаре зарур меомад, аз сӯбҳ то шом заҳмат мекашиданд ва мо ҳам талош меварзидем, ки онҳо хушрӯзу фаровонрӯзӣ гарданд. Ғами мактабу таълиму таҳсили фарзандонашонро мехӯрдем: таъмини хӯроки бепул моро хотирҷамъ месохт. Мехостам мактабиён дар шароити хубтаре таом хӯранду сабақу донишу ахлоқ гиранд. Бо ҳамин ният тамоми мактабҳои мавҷударо аз таъмири хушсифат баровардем. Дар маҳаллаи Чапаев бинои нави замонавии мактаб сохтем. Дар шӯъбаи дуюм 64 оила дар хонаҳои нави планӣ, ки барҳаво буданду ҳайётаҳои фарох доштанд, бурёкӯбон карданд. Талош меварзидем, ки мардуми меҳнатӣ аз ҳама ҷиҳат ба хусус аз ҷиҳати манзилу маишат аз райёсату садорати хоҷагӣ хушнуд бошад. Аслан ҳам ҳамин буд барномаи асоси кору амали ҳаррӯзаи ман.

Вале дар совхози ба номи Киров, ин ба сабаби сукунати падару модару бародаронам рафту омад доштам, вазъият чандон нек набуд. Пас аз он ки марди бисёр кордон, одилу бофаросат Ҳусайн Ҳомидовро ба кору вазифаи дигар гузарониданд, хоҷагӣ роҳбари дилсӯз наёфт. Роҳбарон меомаданду паи ҳар роҳу васила ба ҳаваси кату кут аз ҳисоби хазинаи ҷамъият бой шудану бой кардани мутакиёне, ки онҳоро ба ин поя бардоштанд ва мерафтанд яке аз паи дигаре. Гӯё хоҷагӣ дигар ягон пешомаде надошт. Ва он домонҳои худ-

ро дар атрофи заминҳои корам гардида, ба ободониҳои кайҳо обод бо заҳмат шуда ҷамъ мекарду бо дода қаноат мекарду менишаст. Дар ин хел домон ҷамъкуниву қонеъ шудану самар доштан аз ранҷи онҳое, ки шабу рӯз дар талош буданд, маълум хоҷагӣ ба ҷои рушду инкишоф фурӯ мерафт. Ва ин фурӯ равӣ рӯз аз рӯз пеши чашми ҳамагон буд. Ва роҳбарони ноӯҳдабаро хоҷагиро лаби ҷарӣ мерасонданду иқтисодиёти хоҷагиро ба варта мебурданд. Шӯҳрати ба хуни ҷигар пайдо кардаи марди коргар аз байн мерафт.

Бад мебинам инсонеро, ки чун ҳайвон охури пурҷав пайдо мекунанду то донаи охирин онро мелесанд. Ва хуш дорам он касеро, ки ранҷбар асту ҳақиқатталош.

Ранҷбарони совхоз ҳақталошӣ карданд ва дар шароите, ки хоҷагӣ колхозро омӯхтаву ба он хӯ гирифта аз он ризо будаму дигарон аз ман ризо аз паям афтоданд.

Ба сабаби дурии роҳ аз хонаи падару модар баромадам ва хоначае чанд дар колхози «Ленинград» сохта ба худ қарор додам, ки боқимондаи умрро дар ҳамин ҷо мегузаронам. Ман ба қадри мардуми меҳнатӣ мерасидам ва онҳо ҳам эҳтиром доштанд ба ман. Ва ин ба ман дилгармӣ медод. Охир садои қарсак аз ду даст меояд.

* * *

Ҳеҷ гоҳ ин дунёи buқаламун якранг намемондааст. Маълум буд, ки директори чоруми дар солҳои ғайбати ман ба сари ин мансаб омадаро аз вазифа сабукдӯш мекунанд. Буданд одамоне, ки аз хоҷагӣ рост ба пешам меомаданд, талаб мекарданд, ки ман парвардаи замини онҳояму бояд бо онҳо бошам. Ва ҳар бор ҳам ҷавоб медодам, ки ҳамаи инсонҳо аз як хокдонанд. На ман аз касе озоре дорам ва на ягон нафаре аз ман. Ва ба ҷое намеравам. Ман ин ҷо хонаву дар дорам. Кӯчи нестам. Дарахт ҳам дар як ҷой месабзад. Боре яке аз роҳбарони масъули ҳизби ноҳия миёни шӯхие гуфт:

– Чӣ мешуд, ки ба ҷои аввалат ба вазифаи директорӣ равӣ.

– Намехоҳам, – гуфтам. – Агар дилатон сӯзад ёрӣ диҳед ҳамин ҷора обод мекунам.

Совхози «Киров» дигар, – гуфт ӯ, – хоҷагии калон. На ҳар кас аз ӯҳдаи сариштаи он мебарояд. Агар ту хоҳӣ аз ӯҳдаи сариштаи он мебароӣ.

– Не хоҳиши аз ин ҷо рафтан надорам.

– Хайр, андеша кун.

– Чӣ ҷои андеша? – гуфтам дар ҷавоб.

Бо ҳамин ӯ суханро ба дигар тараф бурду чанд латифаи ширин гуфт.

Аз ин гуфтугӯ ду рӯз гузашт. Пагоҳи рӯзи сеюм котиби ҳизби ноҳия Юрий Константинович Наошний наздам омад. Мухтасарак ҳолу аҳвол пурсид ва гуфт:

– Биё ба мошини ман савор шав ҳамроҳ як ҷо меравем.

Гуфтам:

– Бояд донам, кучо меравам.

– Мегӯям дар роҳ. Ҳозир савор шав.

Мошин аз сарҳади ноҳияи Вахш баромад. Ноҳияи Бохтару деҳкадаи Қизилқалъа паси сар шуд. Дар Уялӣ ҳам наистод. Тоқатам тоқ шуд ва пурсидам:

– Юрий Константинович, охир гӯй, маро куҷо мебарӣ?

– Ба ҷои гуфта расем, – гуфт ӯ бо нимтабассум, – албата мегӯям. Ба ҳар ҳол ҷои баду пеши одамони бад намебарам. Роҳи дарози тӯлоние дар қафо монд. Боз дар мошини бегона нишастам. Сабр мекунам, – гуфтам ба худ, – таги ин коса ягон нимкосае ҳаст. Котиб бисёр хуб медонист, ки ман ба вазири он вақта Бобоев эҳтироми баланд дорам. Муомилаи дилпазири ӯ бо тобеъонашон, чун донишашон бароям як мактаби олӣ буд. Ҳамеш аз дидани дидори ӯ шод мегардидам. Ва ин лаҳза ҳам ӯ аз рӯзгору кору бори он рӯзҳои хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо мо сӯҳбати кӯтоҳу ҷолибу ҳадафрасе орост ва дар фуроварди он гуфт:

– Пешниҳоде ҳаст. Бояд не, нагӯӣ Абдулхолиқ. Дар колхози «Ленинград» худат ба ҷоят одам биёб. Чор директор иваз шуд. Шояд ту аз ӯҳдаи кор бароӣ. Ҳар чи аз дастамон биёяд, ёрдам мекунем. Агар хонаи худамона худамон нарӯбему обод нигоҳ надорем, каси дигар намекунад ин кора.

Қисса кӯтоҳ, ночор розӣ шудаму тӯфони норозигиро, ки дар дилам туғён дошт, фурӯ нишондам. Вазир дигар тагпурсӣ накарду моро гуселонд. Боз гаштем ба колхози «Ленинград» ҳамроҳи котиби дуюми ҳизби ноҳия. Ва ин 24-уми октябри соли 1984 буд. Юрий Константинович Наошний аз ман ҷудо намешуд. Маълум буд, ки ӯ супоришеро иҷро мекунад. Бо талабӣ ӯ нимаи дуюми ҳамон рӯз маҷлис даъват шуд. Сардорону мудирони шӯъбаҳо бо мутахассисону аъзоёни содироти хоҷагӣ гирд омаданд. Ва дари маҷлисгоҳ ба рӯи ҳамагон кушода буд.

То оғози ҷамъомад ба ҷуз 4-5 нафар аз ҷумла сардори техникаи хоҷагии деҳоти ноҳия Аҷиқулло Ғафуров, ки шогирдам буду байни мардуми колхози «Ленинград» нуфузу обурӯ дошт ва ӯро ба ин ҷо худам хонда будам, аз мақсади ин анҷуманорои дигарҳо огоҳӣ надоштанд.

Котиби дуюми ҳизби ноҳия Юрий Константинович Наошний

фармонеро, ки маро «ба кори дигар гузаронинданд» хонд. Шурӯ мағале хест дар толори қасри маданият. Мудирони шӯъбаҳои хоҷагӣ Раҳим Давронов, Олиддин Талбекову Ҳасан Мирзоев ва ҳама саркорону механизаторон аз ҷой бархестанд.

– Намегузорем инро! – хитоб мекарданд бо як овоз, – ҳар касеро мехоҳед ба кори дигар гузаронед, на Абдухолиқ Мӯсоевро. Дигар ин ки бе розигии мо аз рӯи қонуни ҳукумат касе ҳақ надорад Мӯсоевро аз ҷой бе ҷо кунад.

Миёни ин суханон аз байну чор гӯшаи толор садоҳои изтироболуди таҳдид ба ҳизбу ҳокимияти ноҳия то рафт баланд садо медод. Рафти маҷлис шикаст ва он ба шӯру моҷаро табдил ёфт.

– Ин хел маҷлис ба мо лозим нест, – гуфт кадоме. Ва чанд нафари дигар ин суханонро бо ҳам бо овози баландтар ба забон оварданду илова карданд.

– Меравем.

– Лозим шавад то дари Сека меравем. Ҳамаи халқ меравад. Инҷо гӯш намекунанд. Он ҷо мешунаванд.

Маҷлис вайрон шуд ва ман аз ҷой хестам.

– Як лаҳза баргардед. Рост истодаҳо нишинед. Ман сухане дорам ин дам ба шумо.

Мардуми пой аз дар берун монда бар гаштанд. Боз аз нав ҳама ҳозирон ба ҷойҳои хеш нишастанд. Бо лафзи одии деҳқонӣ ба онҳо гуфтам:

– Ман ҳам намехоҳам. Вале фаҳмед шумо ҳам маро. Супориш аз ин ҷо не аз болост. Ва ман ноилоҷам. Пешниҳоде мекунам. Имон дорам қабул менамоед. Ба ҷои худам фарзанди ҳамаи шумо Аҷикулло Ғафуровро пешниҳод мекунам.

Ҳама ҳозирони толор дам ба дарун кашиданд. Ва назарам шиддати изтироб андаке пасанда гардид. Ва мудирони шӯъбаҳову саркорон ба андеша рафтанд. Пешниҳоди ман ба онҳо маъқул шуд. Маҷлис боз рафту низом пайдо кард. Ва масъалаҳо мардона ҳал гардиданд. Ҳозирин Аҷикулло Ғафуровро ба раисӣ пазируфтанд. Боз қароре ҳам қабул карданд, ки мувофиқи он ягона мошини нави сабукрави УАЗ-469-и ба ҳамин наздикӣ харид кардаи колхозро ба ман ҳамчун тӯҳфае ба ёдгор доданд.

Аз ин эҳсоси халқи миннатпазир ба ҳаяҷон омадам. Аз ҷой бархостам ва гуфтам.

– Гирифтам ин мошина аз шумо. Ва тӯҳфа кардам ба раиси нав. Бигузор раиси нав дар мошини нав гардад.

Аз ин суханон дар чеҳраи ҳозирони анҷуман ханда барқ зад. Онҳо хушдил гардиданд. Аз байни толорнишинон кам нестанд

шоҳидоне, ки бо чашми сари худ диданд, ки Абдухолиқ Мӯсоев қисмате аз маоши худро сарфи беморони камбизоати дар катҳои беморхонаҳои ноҳияву шаҳри Қӯрғонтеппа мекард. Ӯ баҳри дидану кӯмаки дардмандоне, ки хеле дур аз ин ҷо дар пизишкгоҳҳои шаҳри Душанбе бо умеди шифо мехобиданд, фурсат меёфт.

Ин халқ медонанд Абдухолиқ Мӯсоевро ва азиз медоранд ӯро. Вале супориш будааст аз боло. Шояд ин супориш аз Душанбе бошад. Агар ӯ дасти пурнавозиши мардумро аз домони худ раҳо карда натавонад, таги борони таъну маломат мемонад. Ба хусус агар супориши партия бошад. Мегӯянд: Нотавон будааст Абдухолиқ Мӯсоев бо мардум забон наёфт, нахост ҷои гарми худро хунук кунад.

Бо ҳамин андешаҳо розӣ шуданд. Аксарияти толорнишинони дилогоҳ. Акнун, чи хеле ки Абдухолиқ Мӯсоев бо ду дасти холӣ омада буд, бо ду дасти холӣ меравад аз ин хоҷагии онҳо. Солҳои раисиам бисёр сарварони колхозу совхозҳои ҳамсоя, ки нисбати хоҷагии мо онҳо нишондиҳандаҳои пастари истеҳсолӣ ба даст овар-да буданд, соҳиби ордену нишонҳои ифтихорӣ гардиданд. Вале кори Абдухолиқ Мӯсоев омад намекард. Аз ин боб бори аввал аз рӯи натиҷаҳои соли 1979, колхоз аз ҷиҳати истеҳсоли ҳама намудҳои маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ ва беҳдошти ҳаёти маданиву маишии мардуми меҳнатӣ дар қиёс ба дигар хоҷагиҳои ноҳия намуна буд ва Абдухолиқ Мӯсоев пеш ба ордени Ленин пешниҳод шуд. Вале фалокате рӯй дод. Механизатори вақтрасидаеро ба сабаби беэҳтиётӣ трактор зад ва шаҳодат ёфт ва ман аз ордени Ленин маҳрум шудам. Сарфи назар кардам ва ба кор сахттар часпидам. Ёд надорам ба умеди соҳиб шудан ба орден ба коре даст зада бошам. Мақсад аз оғозу анҷоми ҳама корҳо беҳдошти рӯзгори мардум ва суде бардоштан ба фоидаи давлат буд.

* * *

Ҳар як умри ба сар омадаро сабабе пеш меояд. Ва агар метавонистем пеши роҳи аҷалеро гирам, худро хушбахттарин инсони ҷаҳон мешуморидам. Аз афташ ин имконнопазир аст. Аз ин рӯ озоре ба дил нагирифтаму ба кор сахттар часпидам то бубинам тақдир чи пеш меоварад.

Соли 1980 ҳам соли бо бароре шуд. Аз рӯи натиҷаҳои бардошта таҳсинҳо шунидем. Ва ин дафъа ба ордени Байрақи Сурхи меҳнат пешбарӣ шудам. Тракторчие аз беэҳтиётӣ ва телбагӣ ба об зад. Ва бори дуюм ҳам ҷоиза насиб нашуд. Вале касе дар чеҳраю муомилаи Абдухолиқ Мӯсоев осори афсӯс надид. Чунки он дар ботин набуд. Ва беҳуда нагуфтаанд, ки ҳар чи дар дил аст, дар дидаву забон падида ояд.

* * *

Ҳарчанд ҳоҷат ба шиносондани ман ба мардуми совхози ба номи Киров набуд, вале котиби аввали ҳизби ноҳия Абдулло Худойдодов маро ҳамроҳӣ кард. Аввал зарурате надидам дар ин кори ӯ чун вориди сарҳади совхоз шудем ба котиби аввали ҳизб гуфтам, ки рост ба клуб меравем. Вале дар ин андешаам рахнае пайдо шуд. Маълум: бо супориши сарвари ҳизби ноҳия садорату саркорони бригадаҳо, фаъолону вакилони маҳаллаҳои совхоз дар клуб ҳозир омаданд. Хуб шуд, ки сарвари аввали ҳизби ноҳия ҳамроҳи ман аст. Ва мабодо дар солҳои ғайбатам фикри мардум нисбати Абдухолиқ Мӯсоев тағйир ёфта бошад. Аз ин рӯ зоминатии ин корҳо ба ӯҳдаи ӯ бор аст.

Бар хилофи чашмдошт ҳозирини клуб хуш пазирой карданд. Ва садое ҳам аз байни мардум то ба гӯши садрнишинони маҷлис расид:

– Юсуфи гумгашта, – гуфт бо тағйири калимаи «ояд»-и ҳазрати Ҳофиз, – боз омад ба Канъон ғам махӯр.

Ҳамагон маро ба хушӣ пазируфтанд ва аз ин котиби аввали ҳизб Абдулло Худойдодов ҳам хушҳол шуд.

Ва ба кор шурӯ намудам. Аввалан ҳисоботи сармуҳосиби хоҷагиро шунидам. Хоҷагӣ аз давлат қарздор. Аз натиҷаҳои нишондиҳандаҳои сармуҳосиб чунин бармеояд, ки ҳосилнокии заминҳои кишт коҳида ва маҳсули чорвои бе ин ҳам камдаромад, зиёновартар шуда аст.

Пас аз ин аз ҳолу аҳволи мардум хабар гирифтем, дар дили баъзеҳо нисбати кори ҳаррӯза дилхунукие эҳсос намудам. Аксарияти онҳо мардумоне буданд, ки дар маросимҳои тӯйю мотам аз роҳбарони аввали хоҷагӣ ёриву дилгармие надиданд.

– Хоҷагии калон, – мегуфтанд роҳбарон дар ҷавоби гилаву пичингҳои мардум, – қариб сӣ ҳазор аҳволӣ, ба кадом яке мерасем.

Албата хоҷагӣ калону аҳолияш сернуфуз ба роҳбар ҳақ намедиҳад, ки рӯзи тӯйю сур ва мурдаву мотами сокини он бетараф бошад. Иттифоқи касаба ҳаст, хазина ҳаст. Хазинаи иттифоқи касаба танҳо барои сарфи курорту истироҳати роҳбарон дар бӯстонсаройҳо нест. Ин хел хазина дар колхози ба номи Ленингарад ҳам буд. Вале ба солаш курорту бустонсарой надидем. Барои сахтие ба сари ин ва ё он сокини колхоз омада истифода мебурдем. Оилаҳои мотамзадаву касалмандро аз бемориҳо мераҳондем.

Аз ин лиҳоз супориши аввалинам ба сармусоҳиб, раиси ташкилоти иттифоқи касабаи коргарон, инчунин сармуҳандиси совхоз ин шуд:

– Агар хоҳем бо ҳам бошем, сӯми як ҳиссаи қатъии даромадро

дар ин роҳ сарф мекунем. Ин ба сари ҳама омаданаш мумкин. Аз маргу мурдан халосӣ нест. Ва ба сармуҳандис рӯ оварда гуфтам, ки:

– Ҳама рӯза як автобусу як мошин тайёр мемонӣ. Майлаш пахта дар саҳро монад. Ягон чиз сабаб намешавад на маводди сӯхту қисмҳои эҳтиётӣ.

Ҳар дардро сабабе ҳаст. Кам шудани ҳосили заминҳои зироатро сабаб ҳалол накофтану дуруст тоза накардани заҳбурҳо буд. Дилсардии мардум аз беэътибории роҳбарон. Аз паи ислоҳи ин камбудиҳо шудем ва то дараҷае муваффақ ҳам гардидем.

* * *

Вале андешаҳои ман яке домани дигаре мегирифт. Чорво зиёновар. Бо як пахта ба ҷое намерасем. Шояд расем ҳам, аммо на дар сурати ҳозира агар онро ба нах табдил диҳему аз риштаву матоъ бурди калон хоҳем кард. Аз хирмани пахта то риштаву матоъ орзуе буд, ки то кунун ҳам аз имкон берун. Лекин нах гапи дигар. Хоҷагӣ корхонаи камиқтидори пахтатозакуние дошт, ки на дар ҳисоби вазорати пахта, балки дар ҳисоби вазорати хоҷагии кишоварзӣ буд. Корхонаро ба ҷои нав кӯчонданду аз кор баромад. Ба таъмири он шурӯ намудем. Гуфтанд бисёр қисмҳо намерасад. Сармуҳандис Ашӯровро, ки сардори асосии корхона буд, назди худ хондам. Аз ӯ хоҳиш кардам, ки бе фанду фиреб сухан гӯяд.

– Бе фанду панд, – гуфт ӯ ва қисмҳои зиёди аз кор баромадаю барои он рӯз заруриро ном бурд.

Ба назарам ҳисоби он аз мӯи сар гузашт.

– Медонӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Чиро? – Гуфт.

– Ҷои ҳамин чизҳои гуфтагиатро.

– Танҳо аз Москва ёфтан мумкин.

Ҳуҷҷат тахт карданд ва ӯро фиристоданд ба ҷои гуфтагиаш. Ва ба худ андешидам: модом, ки саргардон мегардем биё, ки дурусттар саргардон шавем. Завод месозем. Захира ҳаст. Аз худамон камӣ кунад, пахтаи хоҷагиҳои ҳамсоя ва ҳамсарҳади совхозро қабул мекунем. Масоҳати заводро ҳам калонтар гирифтан лозим. Дар оянда зарур омаданаш мумкин. Дунё ба як ранг намемонад. Шояд имкониятҳои сохтани корхонаҳои нави алоқаманд ба маҳсулотҳои нави завод, аз ҷумла равғану риштаву баъзе хелҳои матоъҳо пайдо шавад.

Ҳамаи ин баъд. Вале имрӯз заводи ҳақиқии пахта бояд созем, ки аз рӯи захираҳои ба ҳисоб гирифтаам барои коркардӣ 40-45 ҳазор тонна иқтидор дошта бошад.

Мебоист имкониятҳоро аз даст намедодам. Аз котиби аввали ҳизби ноҳия Абдулло Худойдодов то сармуниши ҳизбӣ вилоят Абдукарим Қосимов, вазири хоҷагии кишоварзӣ Аловуддин Бобоев ба ман ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд. Охир, маҳз ба хотири онҳо аз сухани дӯст шикастан гардани шайтон шиканад гуфта ҷои гарми худро иваз кардам «ҳар чи хоҳӣ, – гуфтанд, – ёрдам мекунем то совхозро ба пой хезониву мустаҳкам гардонӣ».

Ана акнун ҷои ёрдами онҳо омад. Ба онҳо муроҷият намудам. Ташаккур ба онҳо. Ноумед накарданд. Дасти ёрӣ доданд. Ба номи директори институти давлатии лоиҳасозии деҳот (Селгипропроект) Тоҷиддин Комилов мактуб навиштем ва лоиҳаи заводи навро талабгор шудем. Қабул фармуд.

Меъморон омаданд ва майдони 6 гектар барои сохтмони завод ҷудо кардаи моро омӯхтанд. Ва дар як мӯҳлати нисбатан кӯтоҳе лоиҳаи меъмории завод тайёр шуд. Директори институти лоиҳасозӣ Тоҷиддин Комилов ва вазири саноати пахта Умрзоқ Қобилов бо ду дасти адаб лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои ҳисобу китоби сохтамонро ба дасти мо доданд.

Аз омади кор дар зинаи аввали сохтамони заводи нав дар дил фараҳ пайдо шуд. Бо ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба дидани сармуншии ҳизби вилоят Абдукарим Қосимов рафтам. Ӯро дар дафтари кориаш ёфтам. Ҳуҷҷатҳоро варақ зада ва гуфт.

– Сохтан даркор. Вале бо чи роҳ. Биё ҳамаи инро гиру пеши вазири сохтмони деҳот Раҳимҷон Ғафуров рав.

Ва аз ман пурсид ки мешиносам ӯро?

Хуб мешинохтам Раҳимҷон Ғафуровро. Дар байни вазирҳо ба назарам нисбати ободонии деҳоти ҷумҳурӣ аз ӯ ғамхортар, дилсӯзу некхоҳтар каси дигаре набуд. Чанд боре бо ӯ вохӯрдам бо ақлу фаросат, донишу ҷаҳонбиниаш ба дил таҳсин гуфтам. Вале ин лаҳза, дар ҳузури сармуншии вилоят Абдукарим Қосимов муғамбирӣ кардам. Мехостам ӯ миёни кор дарояд. Охир ман ба умеди кӯмак ба назди ӯ омадам. Ва дар ҷавоб гуфтам:

– Ба шинохтан ман ӯро мешиносам. Лекин намедонам ӯ маро мешинохта бошад. Не аниқтараш намешиносад.

Абдукарим Қосимов гӯшаки телефонии ҳукуматиро бардошт. Вазири сохтмони деҳот Раҳимҷон Ғафуров дар дафтари кориаш будааст. Сӯҳбати гармуҷӯшони телефонӣ шуд байни вазиру сармуншӣ.

Ва Абдукарим Қосимов пас аз анҷоми гуфтугӯ бо Раҳимҷон Ғафуров гӯшакро монд ва бо хотири болида ба ман гуфт:

– Пагоҳ интизорат мешавад. Наздаш даро. Ҳамроҳ ягон роҳи дурусташро меёбед. Ҳар чи аз дасти мо ояд, дар ин роҳ дареғ намедорем.

Ба ростӣ ҳам пагоҳ роҳи дурусти кор пайдо шуд. Вазири сохтмони деҳот Раҳимҷон Ғафуров лоиҳаро аз назар гузаронд ва ба андеша рафт.

– Ба Госплан, – гуфт ӯ, – пешниҳод мекунем. То ба план мегирад, ки ду сол мегузарад. Биё бо роҳи ҳашар месозем. Ба ин фикр вазири госплан ҳам розӣ.

* * *

Аз дафтари кории Раҳимҷон Ғафуров бо дили хурсанд баромадам. Ӯ бар хилофи баъзе роҳбароне ки ба қавле кисаҳои пур аз «қаланфур» доранд ва ба ибораи худашон ба чунон «ҷои баданат мемоланд», ки чуртак меравӣ, инсони хушдилу некхоҳ ва ҳалиму меҳрубоне буд. Ва дидам роҳбаронеро, ки пас аз вохӯрӣ ба мансабдорони ба сарашон ҳоким аз хона рост ба палатаҳои бемориҳои вазнини шӯъбаҳои кардиологӣ касалиҳои дил) меафтанд…

Бо дили пур ба Вахш баргаштам. Сармуншии ҳизби вилоят Абдукарим Қосимов ва ҳамчунин котиби аввали ҳизби ноҳия Абдулло Худойдодов аз ин қарордод изҳори миннатдорӣ карданд.

Даставвал мутахассисонро, ки дар танзими хатҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти завод маҳорати комил доштанд, гирд овардем. Дар байни онҳо муҳандиси кордон Хурсанд Ҷумъаев буд. Ӯ дар кори бунёди заводҳои пахта мутахассиси баркамоле буд. Яке аз заводҳои беҳтарин ва аз ҳама ҷиҳат мукаммали Вахшонзамин – заводи пахтаи шаҳраки Октябр бо заҳмат ва сарварии ӯ сохта шуда буд.

Дар майдони сохтмони завод бештар аз 500 нафар коргарону муҳандисону танзимгарон ҷамъ омаданд. Мо баҳри онҳо шароити хуби хӯрду хӯроку истироҳат фароҳам овардем. Ҳама корҳо дар се баст давом мекард. Дар рӯзи 120-ум завод аз озмоиши истеҳсолӣ гузашт.

Ва аҳли совхоз аз хурсандӣ дар курта намеғунҷиданд. Ба кор даромадани заводи нав, ки дар он бештар аз 700 нафар сокинони совхоз аз рӯи ихтисосҳои гуногун соҳиби кор мешуданд, иди ҳақиқӣ буд.

* * *

Имкониятҳои бой гардондани хоҷагӣ худ аз худ зуҳур намекунад. Андеша, ҷустуҷӯ ва ақлро ковиш додан зарур аст. Аз натиҷаҳои корҳои соли аввали директорӣ мардуми заҳматкаши хоҷагӣ қонеъ буданд. Аммо қаноатмандии баъзеҳо аз андак натиҷаи ҳосил шуда

маро дилгир мекард. Хайр, ана заводи пахта сохтем. Аз ин бурд кардем. Нахи ба меҳнати худамон истеҳсол кардаро мефурӯшему боз пунбадонаву линт дар фоида мемонад. Пумбадонаи хелҳои беҳтарини пахтаро сара карда ба хоҷагиҳои Вахшонзамин мефурӯшем ва аз ин фоидаи хуб ҳам мегирем.

Дар коркарди пахтаи хоҷагӣ ба ҳар ҳол як қадам пеш рафтем. Вале дар масъалаҳои маҳсулотҳои дигари совхоз чӣ? Ҳар сол чандин тонна сабзавоту мева, аз ҷумла помидору бодиринг, боимҷону сабзӣ, себу ангуру шафтолу талаф меёфт. Аксар вақт сайъи мо барои ба бозор баровардану ба корхонаҳои консерву шарбат фурӯхтани меваву сабзавот ва он ҳам ба нархи ночизе беҳуда мерафт. Боз дар пеш сохтани манзилгоҳҳо, иморати мактабу биноҳҳои маданиву маишӣ ва беморхонаву дармонгоҳҳо, таъмиру сохтмони роҳу купрӯкҳои байни маҳаллаҳои совхоз меистод. Мехостем бригадаҳои сохтмони хоҷагӣ бо асоситарин маводҳои истеҳсоли худамон, аз қабили хишту мум таъмин бошанд.

* * *

Дар соли дуюми директорӣ даву ғеҷи зиёд аз афташ хеле монда шудам. Инро аъзоёни садорати совхоз ҳам ҳис мекарданд. Баъзан бар хилофи табиати хеш аз андак майда чуйдаҳо дилгир мешудам. Хаёлҳое ба сарам меомаданд, ки дар набудани ман ҳоли корҳои хоҷагӣ чи мешаванд.

– Ҳеҷ бало намезанад, – гуфт боре Ҷӯрабой ака Юнусов, аз афташ хастагии маро пай бурда, – райком ҷонишини нават дод. Супор корҳора ба ваю рухсатӣ баро, андак дам гир.

Сухани пирамарди Ҷӯрабой ака Юнусов маъқулам шуд ва ба худ андешидам, хайр ҷонишин кор кунад, ӯ нав аст. Шояд аз ӯҳдаи кор беҳтар барояд.

Бо ҳамин мулоҳизаҳо ба идора омадам. Аъзоёни садорати совхозро ба дафтари кориам хондам, то бубинам, ки онҳо нисбати ин масъала: ба рухсатӣ баромадани ман чи нигоҳе доранд. Ҳама бо дили кушод изҳори ризоятмандӣ карданд ва гуфтанд, ки: ҳоло давраи тинҷии совхоз, дам гирам мешавад. Дар пеш кишт аст. Техника тайёр. маводди сӯхт мерасад ва ягон мушкилие нест.

* * *

Бо хотири ҷамъ ба рухсатӣ баромадам ва ба ҷое нарафтам, то каме ҳам бошад ба тарбияи фарзандон, ба таъмиру тармими манзилгоҳу оғилхона шуғл варзам. Дигар кай бошад, ки ба тарбияи фарзандон даст ёбам. Иҷрои вазифаи директорӣ ба ин фурсат

намедиҳад. Пагоҳ ҳама аҳли хонавода, ба ҷуз завҷаам (ӯ мекушад, ки ман гурусна аз хона набароям) ҳама дар хоб.

Ҳар рӯзи корӣ аз умру нерӯи ақливу ҷисмонӣ ҳақи худро мегирад. Директор бояд ҳар ваҷаби замини бригадаро аз саркор беҳтар донад. Вагарна суханони ӯ на ба саркор таъсир мекунаду на мудирони қитъаҳо ва агроному механизаторон. Эҳ, барои амали роҳбар дар ин миқёс аз субҳ то шом кам аст. Боз то дергоҳи шаб натиҷаи ҳар рӯзаро таҳлил кардану барои фардо вазифаҳои мушаххас гузоштанҳо. Шалпару лакот ба хона меоӣ. Ва аз куҷо мерасӣ ба тарбияи фарзандон. Ин кор ба зиммаи ҳамсарат меафтад. Худо диҳад, хайрияти завҷаамро.

Вале ҳанӯз мӯҳлати рухсатӣ ба итмом нарасида созмони ҳизби ноҳия занг зад.

– Ҳатман зуд, – гуфт бо оҳангӣ нохуш яке аз мудирони созмон, – биё. Одилхон Олимович туро интизор.

– Тинҷӣ ҳаст, – пурсидам аз ӯ.

– Биё, зуд, тинҷиву нотинҷиашро мефаҳмӣ.

Ва ӯ гӯшакро монд. Либосамро пӯшидам ва аз дар баромадам. Аз чунин оҳанги суханронӣ табиатам хира шуд. Охир созмони ҳизб медонад, ки ман рухсатиам. Ба одами рухсатӣ ба дигар хел оҳанг, мулоимтар гап мезананд. Мегӯянд, ки агар вақтат шавад, фалон рӯзу соат аз мо дидан кун. Худо, Одилхон Олимовича инсоф диҳад, ки ман якбора ба ӯ чи лозим шуда мондам.

Дар роҳ ба сӯи идораи созмони ҳизб симои Одилхон Олимович Саъдуллоевро пеши чашм меовардам. Ӯ кадри ҷавони ҳизб аст. Ҳанӯз се чор сол қабл ӯ шунавандаи мактаби олии ҳизби коммунистии шаҳри Тошканд буд.

Боре аз сармуншии кумитаи ҳизби ноҳия ба ман занг зада гуфтанд:

– Се нафар таҷрибаомӯзи мактаби олии партиявии шаҳри Тошканд наздат меоянд. Қабул кун, ҷой деҳ, шароит муҳайё соз.

Ин фармудаи ӯро пазируфтам ва шӯхиомез ҳикматеро ба такрор гуфтам:

– Мард меҳмон оварад, номард нанг.

Меҳмонон ба хонаи мо сафо оварданд. Ҷавонмардони хушхулқу хушодобе буданд. Ду моҳ меҳмондорӣ кардему аз дидори онҳо сер нашудем. Яке аз ҳамон се нафар меҳмонони азизи мо Одилхон Олимович Саъдуллоев буд.

Боз насиби дидор будааст. Котиби аввали ҳизб Абдулло Худойдодов аз сари ин вазифа рафт ва ба ҷояш Одилхон Олимович Саъдуллоев омад.

Вохӯрии аввал ниҳоят самимӣ буд. Вале намедонам чӣ боис шуд, ки баъди аз совхози «Сабзавот» ба вазифаи ҷонишини ман, яъне муовини директори совхози Киров овардани яке аз пайвандонаш Қодир Абдураҳмонов меҳри ӯ косту самимияташро бардошт. Аз мансаб истифода бурда дуруштӣ мекард. Одилхон Олимович якбора аз ҳама он котибҳои аввали ҳизбӣ ноҳия, ки то ӯ буданд, аз бӯқаламун ҳам тезтар ранги худро тағйир дод. Ӯ акнун худро ҳокими ягонаи ноҳия медонист. Аз котиби ҳизб дида ба дег монанд шуд. Одилхон Олимович ба амру таҳдид гузашт. Ахлоқи ҳизбе, ки котибони аввали пештара доштанд, мурд. Нисбати роҳбарони хоҷагиҳои аз рӯи ғараз чап гирифтанаш ба қошу қавоқи гирифта, дам дарун кашидаву тунд нишаста ва ба терма ҳарф мезад. Муносибати ӯ ба ман қариб ба ҳамин дастур буд. Ва ҳар чанд сайъ мекардам, таги дили ӯро намефаҳмидаму ба худ андеша доштам: котиб сахтгир шудааст. Ин сахтгирии ӯ албата ба фоидаи кор аст.

Инак вориди кабинети ӯ шудам. Чуноне гумон доштам бо қошу қавоқи гирифта ва тунд менишаст. Ба ман таклифи нишаст ҳам накард. Аз ҷой наҷунбида сард даст дароз кард. Гӯё ба курсӣ мехкӯбаш карда бошанд. Ин лаҳза, чеҳраи Раҳимҷон Ғафуров, вазири сохтмони деҳот пеши чашмам омад. Ба эҳтироми одам сабук аз ҷояш мехезад аз ноҷаи дар истиқбол мегирад, аввал касе вориди дафтари кориаш шударо мешинонад, агар чи ӯро коҳиш кардани бошад ҳам, баъд худаш мешинад.

Ба қошу қавоқи овезони ӯ нигоҳ накарда дар курсии аз ҳама ба ӯ наздиктар нишастам.

– Корат, кайфу сафо. Метарсӣ аз мушкилӣ. Кор гург аст, аз он набояд бузвори ларзӣ.

Чи мехоҳад ин «дег» намефаҳмидам. Шудгорро дар совхоз тамом карда бо ризояти ӯ ба рухсатӣ баромадам. Кадом «гург» чихел «буз».

– Ноҳияро бадном кардед. Ҳама киштро ба охир расонд. Совхози ту дар як ҷо пой мезанад. Ба чашми мардум хокпошӣ бас.

Акнун фаҳмидам, ки сухан аз боби кишти пахта меравад.

– Одилхон Олимович, – гуфтам ба ӯ, – чаро аз ҷойнишинам талаб намекунед?

Ва ӯ ба ин пурсиши ман заррае ҳам аҳамият надод, гӯё нашунид ҳам.

– Коратон, – гуфт ӯ, – хокпӯш кардани камбудиҳои хоҷагӣ. Ин масъаларо дар бюро мемонем.

– Мон, муовинам ҷавоб медиҳад ба пурсишҳои бюро, ман рухсатӣ. Ҳозир директор ҳамон кас.

Ӯ аз қабили хокпӯшиву хокзанӣ суханҳои зиёд гуфт. Вале барои ёфтани суханони нешдор майна об карданҳои ӯ дилам сӯхт ва гуфтам.

– Фаҳмидам шуморо. Дар се-чор рӯз кишта тамом мекунем.

– Наметавонӣ?

– Баъди се-чор рӯз биё, бин.

Ӯ ҳарф задан нахост.

* * *

Аз дафтари кории Одилхон Олимович Саъдуллоев рост ба идораи совхоз рафтам. Ҳама мутахассисони совхозро гирд овардам ва онҳоро аз моҷарои байни ман ва котиби якуми ҳизб Одилхон Олимович Саъдуллоев гуфтам.

* * *

Рухсатии ман бо ин нешзаниҳо тамом шуд. Дигар онро давом надодам. Ҳарчанд аз нисф зиёди мӯҳлати рухсатӣ боқӣ монда буд. Кишт поён ёфта ва дар қатори корҳои ҳаррӯзаи хоҷагӣ ба интихоботи вакилон ба Шӯрои Олии ҷумҳурӣ тайёрӣ медидем. Ин аввали моҳи марти соли 1988 буд. Котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев бо се нафар намоянда омад ва ба корҳои мо эътиное накард, омирона гуфт:

– Пагоҳ, соати даҳ назди ман даро.

* * *

Корҳои саҳроии фардоиро барвақтар сомон додам ва дар вақти тайин карда ҳозир шудам назди котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев. Бо қошу қавоқи гирифта, гӯё дар дарёи фикр ғарқ шуда буд. Ва ман ба ин ҳолати ӯ эътибор надода бо дили соф пурсидам:

– Хизмат ?

Нигоҳи ҳар ду чашмаш ба рӯи ман давид. Мехоҳад чизе гӯяд. Вале сухан чун луқмаи ҳаром дар гулӯи ӯ дармонда ба нӯги забон намеояд. Гумон бурдам гирифторие дорад. Чизе мехоҳад ва дар тангнои роҳи дилу забон дар мондааст.

– Гап зан, – гуфтам ба ӯ, – чӣ ҷои истиҳола. Ҳар чи мехоҳӣ, бигӯ.

Забони гирифта кушода шуд.

– Ариза навис, аз директорӣ рав, ҷонишини агроном мешавӣ.

– Номард, – гуфтам ба ӯ, – коғаз деҳ. Аз болои мизаш як варақ дод. Ҷои нишастаам навиштам ва пешаш гузоштам баромада рафтам. Дар роҳрав чанд нафар инструкторони кумитаи ҳизб барои ин маро маломат карданд.

Ба саҳни бинои ҳизб баромадам. Одилхон Олимович Саъдуллоев аз дари тиреза қабати дуюм ба фарёд гуфт:

– Ин кори давлат, хафа нашав.

Худо нигаҳ дорад давлату миллатро аз амалҳои зишти ин гуна фарзандони дилсиёҳаш. Кирдорҳои сиёҳи худро ба гардани давлат бор мекунанд. Гӯё ман намешинохта бошам давлатро.

Ва дар ҷавоби ӯ гуфтам бо овози баланд:

– То охири сол ҳастӣ, ё не?

Боз гуфтам:

– Маҷлис кай?

Ва афзудам.

– Пагоҳ ҷаласаи шӯрои деҳот. Биёед, фармонро хонед.

* * *

Пеш аз ман хабар ба гӯши фаъолони совхоз расид. Ва ҳама ба гузаронидани ҷаласаи шӯрои деҳоти хоҷагӣ гирд омаданд. Котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев ҳамроҳи чанд нафар омаданд ва байни онҳо директори совхози «Комсомол»-и ноҳияи Ҷилликӯл Темур Додобоев аз пайвандони дури Одилхон буд.

Ба толори ҷаласагоҳ ворид шудем. Бо супориши котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев раиси шӯрои вакилони халқи шаҳраки Киров Ислом Эшонов аз ҷой бархост ва ба ҳозирон эълон кард:

Ҷаласаи шӯрои деҳот намешавад. Маҷлис мегузаронем. Роҳбар интихоб мекунем. Рафиқ Мӯсоев Абдухолиқ чанд бор ариза навишт, ки мазааш нест. Лоҳазу бемор аст. Хоҳиш дорад аз вазифа озод кунем.

Ва аризаи дар дафтари кори котиби якум ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев навиштаӣ маро хонд. Ҳамагон ҳайрон шуданд. Гӯё ба майнаашон бо путк кӯфта бошӣ. Сипас пичир-пичир сар шуд. Танзимгари гаражи автомобилҳои совхоз Лида Архиповна бетоқат аз ҷой хест ва қариб ба фарёд гуфт:

– Ин чи дасисаву бузбозӣ. Тамоми архивҳои духтурҳоро кобӣ, намеёбӣ коғазе, ки ӯ як рӯз касал шуда бошад. Ин ариза не, бӯҳтон аст дар ҳақи рафиқ Мӯсоев.

Баҳс ривоҷ гирифт. Гуфтанд, ки маҷлиси интихоби роҳбар бошад, майлаш онҳо қабул доранд. Вале бо роҳи алтернатив: Шумо одами худатонро пешниҳод кунед ва мо аз худамонро.

– Котиби якуми ҳизби ноҳия нахост.

Аз ҷой хестам ва ба ҳозирон гуфтам:

– Наметавонам.

Сухан дар даҳонам монд.

– Хап кун бо ғазаб гуфтанд аз толор.

Ва котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев аз ҷой хест ва ба мардум эълон кард.

– Темур Додобоев роҳбаратон. Хоҳед, нахоҳед ҳамин.

Мардум ба шӯр омаданд. Ҳамаи дарҳои хонаи маданиятро бастанд ва ба котиби якуми ҳизби ноҳия гуфтанд:

– Ҳозир дасту поятро мебандему ба кумитаи ҳизби вилоят мебарем.

Аз шармандагӣ тарсид котиби якум Одилхон Олимович Саъдуллоев. Акнун ман бо ду чашми худ дидам, ки котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев аз тарс чихел мисли буз меларзад. Шояд барои чунин корсозӣ, ки баъдтар дар заминаи танги маҳалгароӣ будани онро фаҳмидам, ба роҳбарони ҳизби вилоят хуш намеомад. Аҷаб нест, ки ӯро бо дасту пои баста дида назди халқ, зуд ба ҷои дигар, дуртар аз Вахшонзамин мегузаронданд.

Котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев илтиҷоомез ба ман рӯй овард:

– Тавонӣ мардума ором кун. Тинҷ равем аз ин ҷо.

Ба ҳоле мардуми ба шӯр омадаро хомӯш кардам ва ба онҳо фаҳмондам, ки супориш аст. Ва ба садрнишинон, ба хусус котиби якуми ҳизби ноҳия ишора карда гуфтам, ки инҷо нисбати ман заррае ғараз надорад. Ҳамааш аз рӯи хостаи худам. Ва онҳо одобро риоя кунанд.

Намедонам аз ин муроҷиати ман чи хулосае бароварданд, ки ором гирифтанд. Вақте, ки аз хонаи маданият ба идора омадем, издиҳом ба қасди дасту по бастани Одилхон Олимович Саъдуллоев бо ҳайбат саҳни биноро пур карданд. Баромада ва бо оҳангӣ гила гуфт:

– Ҳамин ҳам одамгарӣ шуд. Халқи ноҳия шунавад чи мегӯяд.

Аз издиҳом хоҳиш кардам, ки пароканда шаваду котиби якуми ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоевро ба мошин шинонда ба зӯр аз чанги онҳо раҳондем.

Пагоҳ, 24-уми марти соли 1988 мӯҳру маснади директориро ба ихтиёри ӯ додам. Пирамардони ба мартабаи хоҷагӣ, намедонам байни худ чи машварат карданд, ки ҳамагон ба созмони ҳизби ноҳия рафтанд. Ва ӯро огоҳ карданд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ Абдухолиқ Мӯсоевро ҷавоб намедиҳанд. Бо талаби онҳо вазифаи ҷонишини якуми директории хоҷагиро қабул кардаму аз паи корҳо шудам. Аз байн се моҳ гузашт ва дар сар иҷрои супоришҳои ҳаррӯза фикре

надоштам. Чанд нафар аз шиносони деринаам, ки ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи вилоят роҳбар буданд, вазифаи директориро дар ину он совхоз пешниҳод намуданд. Нахостам.

Ва дар яке аз рӯзҳои аввали моҳи 4-уми муовиниам, шаб ба хона баргаштам. Чой хӯрдам ва газетаи он рӯзаи «Вахш»-ро аз назар гузарондам. Дар саҳифаи аввал маърӯзаи пеш аз пленумии котибаи ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев дарҷ гардида. Аз миёни сутуни сатрҳо чашмам ба номи худам афтид ва хондам онро: «Мана собиқ директори совхози ба номи Киров А.Мӯсоев аз сабаби аз ӯҳдаи кор набаромаданаш комитети партиявии ноҳия ӯро аз кор пеш карданд».

Хун ба сарам зад. Падарсаг гуфтам аз ғазаб, аз ӯҳдаи кадом кор набаромадам. Аз дасти халқи ба шӯр оварда туро раҳонидам. Мегузоштам, ки дасту поятро баста дар саҳни кумитаи ҳизби вилоят мепартофтанду шармандаи оламат мекарданд, онгоҳ аз ӯҳдаи кор мебаромадам.

Нишаста будам хестам. Ба иззати нафсам расида буд сатрҳои дурӯғини маърӯзаи пеш аз пленумии созмони ҳизби ноҳия. Гӯшаки телефонро бардоштам ва рақамҳои 002-ро тоб додам. Занаш гирифт гӯшакро.

– Ба ман Саъдуллоев лозим, – гуфтам.

– Нест, – гуфту гӯшакро монд.

Боз ва боз занг задам. Акнун ҳар бор ҳам худаш гӯшакро мегирифту мемонд. Оқибат ночор монд ва худро ошкор кард. Аз газет, аз маърӯзаи пеш аз пленумии созмони ҳизби ноҳия пурсидам ӯро. Ҷавоби дуруст наёфт.

– Ана, акнун мебинем, ки ӯҳдабарову ноӯҳдабаро кӣ нопоки худозада.

Котиби якуми созмони ҳизби ноҳия Одилхон Олимовичро ба мубориза ошкоро даъват карда, боварии комил доштам, ки ӯро шикаст медиҳам. Албатта шикаст медиҳам, лекин на ба тӯҳмату номардӣ, балки бо далелҳои шайъӣ. Маҳалгароиро дар ноҳияи Вахш, на масҷиду мулло, балки ҳамин котиби якуми созмони ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев замина гузошт. Ба нишони таъкиби маҳал Кӯлобиҳоро аз сари вазифа ронда ба ҷояшон қаротегинӣ менишонд ва тухми душманӣ мекорид. Ӯ аз паи ман мудири шӯъбаи молияи ноҳия Абдуназар Тағоев, мудири шӯъбаи маориф ва боз чанди дигаронро аз вазифа ронд ва ба сари вазифаҳои онҳо хешу ақрабои худро меоварду ба решаи ҳампайвандии Кӯлобиву Қаротегинӣ теша мезад.

Котиби якуми созмони ҳизби ноҳияи Вахш ба амале даст зад, ки

инсони солимақл онро раво намедид. Сафи аламзадаҳо рӯз аз рӯз меафзуд. Таҳқиршудагонро нангу номус азоб медод.

Ва ин замоне буд, ки котиби якуми созмони Марказии ҳизби коммунистӣ Қаҳҳор Маҳкамов буд. Аризаҳо ва имзову сӯроғаҳо рӯи рост буданд. Аз вазъи нохуши маҳалгароии дар ноҳия ба вуҷуд овардаи Одилхон Олимович Саъдуллоев ва дар заминаи он душман гардонидани ҳамсояро бо ҳамсоя, маҳалларо бо маҳалла навиштем, на як бору ду бор. Ва бори сеюм комиссияе аз кумитаи марказии ҳизби ҷумҳурӣ бо сарварии Султон Мирзошоев ба ноҳияи Вахш омад.

Аъзоёни комиссион бо котиби дуюми кумитаи марказии ҳизби коммунистии Тоҷикистон Лучинский, мудири шӯъбаи нақлиёт ва алоқа Оламова ва инструктор Зуҳуров омаданд. Далелҳоро тадқиқ намуданд, хасу хошок болои об баромад. Комиссион сари ҳар қадам кирдорҳои разилонаи котиби якуми созмони ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоевро ба нишонаи маҳалгароӣ пажӯҳишу ошкор мекарду ӯ ду пой дар як мӯза монда мегуфт:

– Тӯҳмат мекунад Мӯсоев.

Натиҷаи пажӯҳишро дар ҳузури котиби аввали кумитаи ҳизби вилоят Ҳалимов ҷамъбаст карданд. Одилхон Олимович Саъдуллоев узр хост аз одамҳо ва ҷанҷол бардошт. Бюрои кумитаи ҳизби вилоят хулосаи комиссионро дида баромад. Ба Одилхон Олимович Саъдуллоев ҷазои ҳизбӣ дод ва ӯро аз вазифа озод кард. Вале ӯ аз бюро рост ба дафтари кориаш омад, ба курсӣ нишаст ва гуфт:

– Кори бюрои ҳизби вилоят нодуруст.

Темурмалик Додобоев шаш моҳ директорӣ карду рафт. Ба ҷои ӯ ман иҷрокунандаи вазифаи директории совхоз мондам. Ва Одилхон Олимович Саъдуллоев ҳамоно курсии котиби якуми созмони ҳизби ноҳияро тарк намегуфт. Ба кумитаи Марказии ҳизби ҷумҳур муроҷиат кардем. Ӯро даъват карданд ва дигар барнагашт.

Ба ҷои ӯ котиби нав-Абдулло Аҳмадов омад. Ӯ хост дигар касро ба сари вазифаи директори совхози ба номи Киров биоварад. Ва боре бо ҳамин мақсад гуфт:

– Ризо, бошед, як номзад дорем, барем ӯро.

– Баред, ман розӣ, – ҷавоб додам ба ӯ.

– Не, – гуфт.

Ва илова кардам ба ӯ:

– Пешниҳоде дорам.

– Ҳар пешниҳоде ҳаст, бугӯй, иҷро, мекунем. – Дувоздаҳ аъзои комиҷроияи ноҳияро, – гуфтам ба ӯ, – ба ҳар маҳаллаи совхоз фиристонед. Санҷанду фикри халқро фаҳманд.

Муайян кунанд: кӣ тарафдору кӣ муқобили мананд.

Писандид ин пешниҳодро котиби нав ва раиси комиҷроияи ноҳия Файзулло Қувватов, ки роҳбари ҳушёру зирак ва кордоне буд, ин фикрро тақвият доду гуфт:

– Беҳтарин роҳи ошкор кардани ҳақиқат ҳамин аст.

Ва ӯ ба ин комиссион ҷонишини худ Асомуддин Саидовро ҳамроҳ кард.

Комиссион ба кор шурӯ намуд. Бисёр бо диққат корро пеш бурданд онҳо. Пас аз чанде натиҷаи санҷиш ҷамъбаст гардид. Ва маълум карданд, ки 90-фоизи халқ муштоқи Абдухолиқ Мӯсоев мебошанд ва мехоҳанд ӯ сарвари аввали хоҷагиашон бошад.

* * *

Пас аз пажӯҳиши комиссиони бонуфӯзи ноҳия дигар ҳеҷ ҷои баҳсу шубҳа намонд. Абдухолиқ Мӯсоевро ба вазифаи директорӣ тайин карданд. Бале тухмҳои дар замини маҳалгароӣ киштаи собиқ котиби якуми созмони ҳизби ноҳияи Вахш Одилхон Олимович Саъдуллоев, сабзишу ҷунбиш мекарданд. Одамоне буданд, ки то оғози муборизаи Абдухолиқ Мӯсоев котиби якуми созмони ҳизби ноҳия Одилхон Олимович Саъдуллоев, мавҳуми маҳаллу маҳалгароиро намедонистанд. Вале аксарият бо савод буданд ва гармиву сардиҳои рӯзгорро дида. Ва онҳо аз адабиёт муборизаи қувваҳои некиро дида қувваҳои бадӣ хонда.

Дар асарҳои гуногун нависандагон роҳи ҷамъбасти нерӯҳои некиву бадиро дар ботину амали инсонҳо дар эҷоди афсонаву мифология диданд. Мақсад карданд, ки бо ин васила асаре офаранд, ки дар он чун дар оина ботину амали худро бинанд, дар чашмаи зулоли тан шӯянду пок шаванду аз фикру кирдори ғайри башарӣ парҳез кунанд. Бо ҳамин ният қувваҳои бадӣ ҳар чанд тавоно бошанд ҳам ба амри холиқи Зулҷалол шикаст мехӯранду нерӯҳои некӣ ғолиб меоянд.

Муборизаи Абдухолиқ Мӯсоев барои курсиву мансаб не, балки муқобили бадтарин хислати одамӣ: маҳаллгароӣ буд, ки ин дар таърих ҳамеша боиси шикасти давлату пош хӯрдани миллат гардидааст.

Ва ҳар чанд Одилхон Олимович Саъдуллоев ба Вахшонзамин барнагашт ва муттакоёнаш дар вазорати кишоварзӣ барои ӯ вазифаи шоиста ёфтанд. Акнун Одилхон Олимович Саъдуллоев сардори бахши кадрҳои вазорати мазкур буду аз паи ситондани қасос ӯ ба наздиконе, ки ҳангоми котиби якуми созмони ҳизб буданаш аз ноҳияи Вахш ёфт, равобит дошт. Ва ҳеҷ гоҳ ба онҳо ҳақиқатро ошкор намесохт. Аз кӯлобиву қаротегинӣ сухан ба миён меоварад ва

изҳори ақида мекард, ки ба сабаби кам будани қаротегиниҳову зиёд будани кӯлобиҳо ӯ шикаст хӯрд. Муборизаи байни се-чор нафарро ба ду вилоят, ду минтақа нисбат медод. Дар сурате ин муборизаро ба ҷуз 4-5 нафар касе намедонист ва он ҷуз ба ин одамҳои ба майдон баромада на ба кӯлобиҳо лозим буду на ба қаротегиниҳо.

Одилхон Олимович Саъдуллоев намегуфт, ки ӯ ба сабаби ноӯҳдабарой аз вазифа сабукдӯш шуд. Аз ин ҳақиқат шарм медошт. Ӯ бо ҳар роҳ ҳисси маҳалгароиро дар дили ҳамтабақони қаротегинии мо, ки наволае бе ҳамдигар намехӯрдем, бедор карда парвариш медод. Фаъолони дӯстдори дирӯзаи мо Нурмуҳаммад Нуралиев, Давлатшо Мирзоев ва Саидалӣ Сайвалиевро душмани ҷонии мо гардонд. Дар маъракаҳои онҳо ғайбат, ки ҳақиқати исломӣ онро аз зинокорӣ ҳам бадтар ҳукм мекунанд, ривоҷ дошт.

Нурмуҳаммад Нуралиеву Давлатшо Мирзоеву Саидалӣ ба нияти ситондани қасоси бероҳагарашон се бор рост ба Кумитаи Марказӣ ҳизби коммунистии умумииттифоқ аризаҳо навиштанд аз айбҳои набуда аз ҷумла оиди изофанависӣ. Се бор ҳам комиссиони бонуфузи давлатӣ бо иштироки додситонии (прокуратураи) ҷумҳурӣ омад, санҷиданд. Аз замини зироати пахта то заводро аз ғелбор гузарониданд ва ҷурме наётанду рафтанд.

На қайла хӯрдаму на аз бӯяш метарсам, гуфтам ба бародарони аризанависам. Натиҷаи тафтиши комиссионро прокуратураи ҷумҳурӣ дид ва маро даъват кард. Рафтам ва ба дастам коғази маълумотномае дод. Хондам: далелҳо тасдиқ нашуданд.

Ва ба додситони ҷумҳур гуфтам:

– Наход дар се сол ягон камбудӣ наёфтед.

– Наёфтем, – гуфт дар ҷавоб.

* * *

То замони котиби якуми созмони ҳизби ноҳия будани Одилхон Олимович Саъдуллоев, ки ӯ дар ҳақиқат ҳокими ноҳия ҳам ба ҳисоб мерафт, байни кӯлобиҳову қаротегиниҳову фарғонагиҳову қашқадарёиҳо тафовуте вуҷуд надошт. Ин иллатро деҳқони хокпош, мардуми меҳнатӣ эҷод карда наметавонист. Соли 1990-1991 баъди бозгашти ман ба вазифа ба таъсири Одилхон Олимович Саъдуллоев барин инсонҳо муносибати мардуми қаротегинӣ нисбати раёсати хоҷагӣ рӯз аз рӯз дигар мешуд. Мусоҳиби совхоз Карим Хушвақтов ва сардорони бригадаҳои пахтакор Сайҷаъфар Усмонов, Давлатшоҳ Мирзоев, Салим Раҳматуллоев ва собиқадори меҳнат бобои Сайвалӣ аҳолии шӯъбаҳоро бар зидди роҳбарон мешӯронданд, гунагуна тӯҳматҳо мезаданд.

Туғёни мавҷе, ки дар Вахшонзамин ва ба хусус аз ноҳияи Вахш бархезонданд, оқибат боиси харобиву парешонӣ, талафоти хунии ҳам кӯлобиву ҳам қаротегиниҳо ва фарғонагиҳову қашқадарёиҳо гардид.

Ҳине, ки одам ягон чиз хоҳад дар дунё аз ӯ ҳаристарин фарде намеёбӣ. Ҳамаи бадрӯзиҳо ба сари мардуми хоҷагӣ пас аз ташкил додани гирдиҳамоиҳо дар ду майдони пойтахти ҷумҳурӣ омад. Баъди парешон шудани ҳарду майдон таъкиби ҳамсояи қаблан дӯсту аз гулӯи якдигар об мехӯрдагӣ ҳамсояҳо, бародарони ҳамтабақ ривоҷ гирифт.

Рӯзҳои дуюму сеюми марти соли 1992 мусоҳиби хоҷагӣ Карим Хушвақтов ва сардорони бригадаҳои пахта Сафар Усмонову Давлатшоҳ Мирзоеву Салим Раҳматуллоеви мусаллаҳ ба идора омаданд. Онҳо ҷонишинони директор Тиллоеву Хайрулло Абдулҳамидов ва сармуҳосиб Хурсанд Хуррамовро асир гирифтанд. Ва аз миёни онҳо кадоме садо дод:

– Мӯсоевро чи.

– Шарт не, – гуфт Давлатшо Мирзоев, – ба гуфтаҳои мо минбаъд итоат кунад.

– Гӯш намекунам, – гуфтам ба онҳо.

Ва онҳо мӯҳри шӯъбаи кадрҳоро гирифтанду рафтанд. Асиронро сиёсат карданд ва ба ибораи дигаре алови чашм гирифта ҷавоб доданд.

Вале таъкиб ба нишони маҳал рӯз аз рӯз авҷ пайдо мекард. Охири нимаи аввали моҳи март ҳамсояҳои мусаллаҳамон бештар аз се ҳазор нафар кӯлобиҳову батошиҳоро (Батош, ноҳияе дар вилояти Сурхандарё) стадиони хоҷагӣ ҷамъ оварда ва маро ба онҷо даъват карданд.

Рафтам ва силоҳдоронро дидам.

– Иҷозат диҳед, – гуфтанд ба ман, – мошин мегирему ҷанҷолиҳоро ба зодгоҳашон мебарем.

– Ба кадом зодгоҳ?-пурсидам ва мунтазири ҷавоб нашуда гуфтам:

– Инҷо аксарият ҷавононе ҳастанд, ки дар ҳамин савхоз таваллуд ёфтаанд. Зодгоҳашон низ ҳамин ҷост.

– Зодгоҳи авлодиашон, – гуфтанд дар ҷавоб.

– Ин кора наметавонам, – гуфтам. – Қонун нест, иҷозат намедиҳам.

Баҳсу мусоҳибаҳои бардавоме шуд дар он рӯзи тӯлонӣ.

Ба майдон аз марказ раиси комиҷроияи ноҳия Файзулло Қувватов, прокурор Давлатов ва сардори шӯъбаи корҳои дохилиро

овардем. Барои ҳалли даъво аз сесад нафар як нафар вакил интихоб шуд. Ва бо роҳи машварат, сулҳу салоҳ, пасанда кардем шиддати вазъияти ба вуҷуд омадаро. Вале ин ҳам сулҳу салоҳҳои даргузар будааст. Оташи маҳалгароие, ки курсишинону мансабхоҳон, давлатпарастон бо дастгирии душманони шӯрангези берун аз ҷумҳурӣ афрӯхтанд, агар дар як ҷой хомӯш мекардем, дар ҷои дигар аланга мезад. Аз ин даргириҳо чи балову офате ба сари мардуми меҳнатии кӯлобиву қаротегинӣ наомад. Хонаҳои сӯхта, чорво, молу техникаву қисмҳои эҳтиётӣ ба яғмо рафта ва аз ҳама гаронтараш ҳазорону ҳазорон синаҳои пур аз доғи фарзанд, доғи падару бародар. Чунин аст натиҷаи эҷоди дасисаву гурӯҳбандиҳо ва шӯрангизиҳо ба нишони маҳал, ки Одилхон Олимович Саъдуллоев ва ҳаммаслакони ӯ ба оташи афрӯхтаи душманони миллати тоҷик доман мезаданд.

* * *

Зиёни иқтисодие, ки аз ин ҷанги бародаркуш ба хоҷагӣ расид миллионҳо сӯмро ташкил мекунад. Чил трактор, панҷ мошину як автобус ба яғмо рафт. Касофати ин ҷангӣ бародаркуш нисбати ҳосилнокии заминҳои фермаҳои чорво бетаъсир намонд. Фермаҳои калон ва ҳозиразамон ғорат шуданд.

Кори нашудание буд,ки шуд, ин ҷангии бародаркуш. Будааст дар тақдири миллати мо ҳамин хел як офате,аз ҳама офатҳои табиие,аз қабили заминларза ва кӯчидани кӯҳҳо, дигар шудани маҷрои дарёҳову обхезиҳо, ки чархи давор ба сари инсоният меоварад, даҳшатангезтар. Имрӯз мардуме ки акнун фачиву бемаънигии ин ҷангро пай бурдаанд, аз иштироку муборизаи худ даст ба домони надомат мезаданду шармашон меояд. Ин ҷанге буд бе қаҳрамон. Хайр, агар қаҳрамон гӯем, бояд донем киро кушту чи қаҳрамоние кард.

Бояд ҳар хонаи сӯхта, ҳар ҷавонмарди аз захми тири бародар хок хуфта, пирони захмини ба дарё рафта панди зиндагии мо гардад. Агар пас аз ин ҷанги аблаҳона ба ваҳдат ва ягонагӣ наоему боз ҳам кӯлобиву худиву қаротегиниву ҳисориву бадахшонӣ гӯем, арвоҳи падарону бародарони дар ин гирдоби ба вуҷуд овардаи душманон ба шаҳодат расида, инчунин шаҳидони гумном мезананд моро ва насл ба насл таъкиб мекунанду русабиёни ҷаҳон мегардем.

Ва замони ба гардани чанги бародаркуш бор кардани ҳама иллатҳо: танбаливу ноӯҳдабароиҳо, фиребу риё ҳам кайҳо гузашта. Вақти нанг асту номус. Вале на номуси маҳал, балки номуси миллат ва дараҷаи олии он номуси умумибашарист. Мо танҳо дар сурати аз байн бардоштани кинаву адоват, бадбиниву ночиз шумурдани якди-

гар ва гаравидан ба меҳру муҳаббат, ривоҷи донишу маърифат ва меҳнату аз як гиребон сар бардоштан ба ахлоқи умумибашарӣ мерасем. Дар он сурат гурӯҳбозиҳову мафиясозиҳо, ки бо риштаҳои гуногун то садрнишинони аз ҳол, судбардор аз байн меравад.

Чунки дарё, ки соф шуд, асрори таги маҷрои он дигар ниҳон намемонад.

Шайтон ҳам бо роҳи кинаву якдигарбадбинӣ ба ботини инсон медарояд, ба васваса меандозаду ба раҳгумиву хиёнат мебарад. Муҳаббат ба якдигар ин роҳро мебандад. Ранҷу меҳнату маърифат моро ба қуллаи ваҳдати умумибашарӣ мерасонад.

Барои ин мебояд ниқоберо, ки зери номи зиёнҳои ҷанги бародаркуш рӯи танбаливу ноӯҳдабароиро мепӯшонаду замину ободониҳоро ба ҳоли хароб меоварад, пора созем.

Мо баробари барқарор гардидани ҳукумати қонунӣ баҳри аз байн рабудани зиёнҳои ҷанг, муяссар гардидан ба зиндагии беҳтаре шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта ранҷ кашидем, то ки мардуми хоҷагӣ нону дигар маводҳои хурду хӯрок дошта бошаду рӯ ба гадоӣ наоварад.

Ҳодисае ба ёдам меояд, ки бевосита аз сар гузаронидам. 25-уми феврали соли 1994 моро ба маҷлиси фаъолони хоҷагии кишоварзӣ даъват карданд. Баробари ворид шудан ба бинои комиҷроияи вилоят духтараке номҳоро ба қайд мегирифт. Ӯ номи маро нишон монд ва пурсид:

– Шумо Абдухолиқ Мӯсоев?

Гуфтам:

– Ҳа, ман, чи буд?

– Шумо баромад мекунед.

– Хат зан, хоҳарҷон, – гуфтам ба ӯ, – ман баромад намекунам.

Духтарак ночор нишонаи дигаре монду аз пеши ӯ дур шудам. Ҷонишини раиси комиҷроияи вилоят Ғайбулло Афзалов аз паям шуд ва маро ёфт:

– Чаро хат задӣ номатро аз рӯйхати баромадкунандаҳо?

– Бетайёрием, – гуфтам ба ӯ.

– Дар маҷлис, гуфт Ғайбулло Афзалов, – сарвари давлат Эмомали Раҳмон ҳузур мекунад. Бояд ҳатман баромад кунӣ.

– Андаке пештар, – гуфтам ба ӯ, – агар хабар медоштам, чи гуфтанамро фикр мекардам ва ҷои баҳс набуд.

Ғайбулло Афзалов ба назар хеле сертараддуд буд, шитоб дошт аз паи коре ва ба оҳанги қатъӣ гуфт:

– Чи ҷои пештар фикр кардан. Аз кору борат, аз масъалаҳои то ҳозир фикр доштаат бигуй, – ва дигар мунтазири ҷавоби ман наистода аз паи ташвишҳои худ шуд.

Ҷамъомади фаъолони хоҷагии кишоварзиро раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳур Абдуҳамид Самадов кушод. Баромадҳо сар шуду ман ба андеша рафтам. Агар сухан диҳанд, чи гӯям. Оё ин мардуми ин ҷо гирд омада имкон медиҳанд ҳама он чи ки дар дил аст, паси минбар холӣ кунам. Охир дар қатори коркарди замину ҷамъоварии зироатҳои хоҷагии кишоварзӣ аз таъмиру барқароргардонии зиёнҳои аз ҷанги бародаркуш расида сухан ронам. Дар солу моҳҳои баъди ҷангӣ, на танҳо ҳама заминҳои мавҷударо кишту кор мекардему ҳосил ҷамъ меовардем, балки ташвишу тараддудҳои дигаре ҳам доштем. Стадиони хароб гардидаро барои се ҳазор тамошобин аз таъмир баровардем.

Пеш аз ҷанг нисфи маҳсулоти сабзавоту меваҷоти бо араќи ҷабин ҳосил кардаи коргарони хоҷагӣ талаф меёфт. Андеша кардем ва ягона роҳи аз ин зиён баромаданро дар сохтмони заводи консерваву шарбат дидем. Аз паи мутахассисе шудем, ки барои бунёди ин гуна завод маҳорату таҷрибаи баркамол дошта бошад. Ва пайдо кардем ин гуна мутахассисро. Ӯ Абдувалӣ Мӯсоеви хуҷандӣ буд. Аз аввалин дидан дидораш ба ман ним ҷиддӣ ба ӯ гуфтам:

– Шумо ҳам Мӯсоеву ман ҳам. Заводе месозем, ки ҳама қоил шаванд. Боз нагӯянд, ки ука баҳри ако корхонае кард, ки аз буданаш набуданаш беҳтар.

Муҳандис Абдувалӣ Мӯсоев аз шунидани ин сухан ба завқ омад ва гуфт, ки ҳар чи қадар донишу маҳорате ки дорад, дар ин роҳ сарф мекунад.

Лоиҳа супориш додему дар як замон ба сохтмони биноҳои заводу танзими дастгоҳҳо ва хатҳои технологии истеҳсолии панҷ миллион қуттии шартии шарбату консерва шурӯ намудем.

Ҷанг ба ин кор ҳам зарба зад. Дар ҷое, ки ҳукумат суст ва таъқибу куштор ҳукм меронаду мардум ба забони ярок сухан меронад, барои амнияти касе кафолат нест.

Муҳандис, бунёдгари асосии заводи шарбату консерва Абдувалӣ Мӯсоев, ҷон дар кафи даст ба Хуҷанд рафт. Меъморону бинокрону танзимгарон парешон шуданд. Касеро нигоҳ дошта ва пеши роҳашро гирифта намешуд.

Ин ҳолат суханони ҳазрати Восифиро ба ёдам меовард, ки дар «Бадоеъ-улвақоеъ» гуфта:

*Ҷамъ омада будему чу парвин якчанд,*
*Чун донаи марворид ҳаме бо ҳам пайванд.*
*Ногаҳ фалак риштаи ин иқд бурид.*
*Ҳар донае ба гӯшаи ҷаҳоне афканд.*

Баробари пойдор гардидани сулҳу салоҳ дар совхоз аз паи сохтану ба кор даровардани заводи шарбату консерва шудем. Дастгоҳу асбобҳо ва масолеҳи ба яғмо рафтаро аз нав пайдо намудем. Абдувалӣ Мӯсоевро аз Хуҷанд овардем. Танбеҳ ба ҷанги бародаркуш накардему ду даст болои зону намондем. Дар тақдир будааст. Ҳикмате аст: мурдаҳо ба таги хоку зиндаҳо ба сари дастурхон. Дорои ягон чиз будан болои дастурхон, аълон даҳу бист баробар зиёдтар заҳмат кашидан зарур.

Сохтем заводро ва он аз озмоиши истеҳсолӣ ба дараҷаи аъло гузашт.

Ба ҷуз ин сохтмонҳои чаламонда кам набуданд. Чойхонаи зебои шарқиеро ба лоиҳа гирифта ва устоҳои чирадаст ёфта шартнома баста ба иморати он шурӯ карда будем. Ҷанги бародаркуш шикаст миёни корро дар ин ҷо ҳам. Хеле ҳам тороҷ шуд. Чи дилшикаста шуда аз баҳраш мегузаштем. Деворҳо, сақфу шифт дар ҷояш. Корро давом додем ва ба охир расондем.

Тақдири қаҳвахона барои ҷавонон ҳам бо ҳамин дастур буд. Аз паи чойхона ба иморати он пардохтем. На камтар аз бинои чойхона онро гулу гулкорӣ, нақшу меъморӣ кардем.

Имрӯз мӯсафедону ҷавононе, ки аз маҳаллаҳои дури совхоз аз паи кору бори худ ба шаҳраки Киров меоянд, дар кату мизҳои чойхонаву қаҳвахона то саранҷоми кори худ лаҳзаҳаке бошад ҳам дами беғам мезананд.

Дар ин ҷангаки кӯтоҳи бародаркуш ягон корхонаи обод намонд. Симҳои ҷараёни баркро ба сӯи сехҳои асфалту хишт буриданд. Барои кадоме ин симҳо лозим шуданд. То тавонистанд, бурдиданду бурданд.

Замоне зарурати мумфарш намудани майдонҳои калони хоҷагӣ, аз ҷумла майдонҳои гаражҳои мошину тракторҳо, заводи пахта, хирманҳои пумбахушконӣ, инчунин роҳҳои дохилии совхоз, ки масоҳати умумии онҳо даҳҳо километрро ташкил медод, ба миён омад. Мумии гудохта, ки аз дигар ҷойҳо бояд меовардем, хеле гарон меафтод. Ҳисоб кардем: агар чунин як сехи асфалте медоштем, хароҷот ним баробар кам мешуду миллионҳо сӯмина маблағҳо сарфа мегардид. Мутахассисе бо номи Хачатурян пайдо кардем, ки ӯ дар ҷумҳурии мо ҳам заводу сехҳои зиёди асфалт сохтааст. Дар чор моҳ сохтмони сехро ба анҷом расондем. Ва пас аз ҷанг дар тӯли соле онро барқарор намудем.

Сабаби бунёди сехи хиштро камиқтидории заводи хишти шаҳри Калининобод буд. Бинокорони мо бо як-ду сохтмонҳои биноҳои

мактабҳои наву боғчаҳо, беморхонаву дармонгоҳҳо, инчунин клубу манзилгоҳҳо тӯл мекашид.

Боз ҳисобу китоб. Қасди сохтани сехи хиште кардем. Гурӯҳе аз мутахассисони доғистониро пайдо кардем. Шартнома бастем. Бисёр дастгоҳу таҷҳизотҳоро аз ҷумҳуриҳои дигар овардем. Дар як муддати хеле кӯтоҳ сехе ки иқтидори солонааш ду миллион дона хишт аст ва ин миқдор эҳтиёҷи моро пурра таъмин мекард, ба кор даромад. Вале барои барқарор намудани он баъди ҷанги бародаркуш на камтар аз давраи сохтмони он азоб кашидем.

* * *

Ҷаласаи фаъолони хоҷагии кишоварзӣ давом дошт. Паи ҳам чанд нафар баромад мекарданд. Минбар аз одамон холӣ намемонд. Вале ман ба андешаҳои худ дода шуда будаму суханони воизон ба назарам сабуку сода менамуд. Аксарият ноӯҳдабароиҳои худро роҷеъ ба рӯёндани ҳосили зироатҳо ва ободонии мардум бо ҳар гуна баҳонаву камбудиҳо мепӯшонанд. Вале дар хаёли ман ёфтани илоҷҳое буд, ки мебоист сохтмони нотамоми беморхонаи марказии совхозро дар шаҳраки Киров анҷом медодам.

Беморхонаи пештара ҳам нав буд. Лекин танг. Барои 7 кат. Сохтмони онро соли 1989 сар кардаму соли 1990 ба охир расондам. Дар чунин хоҷагии калон ки сӣ ҳазор аҳолӣ дорад, ин хел беморхона ба дарди кадом як дарманд даво мешавад.

Ният доштам хонаҳои иловагӣ созем. Аммо аз ин ният даст кашидем. Сабаб заминҷунбии Шарора шуд. Ба дидани шаҳраки зебову сераҳолие ки таги талҳои хок мехобид, бо ҳамроҳи директори донишкадаи пажӯҳиши зироати ҷумҳур, каси некхоҳи мардуми хоҷагии мо, ки замоне дар пойдор гардондани заводи пахтаи мо саҳм бардошта буд, Ислом Эшонов, рафтем. Он ҷо меъморону устоҳои Чехославакиро дидем, ки аз маснуоти чӯбу тахта чунон беморхонаи зебое сохта истодаанд, ки мислашро то кунун ёд надорам.

Бо сармуҳандиси сохтмон Карл шинос шудам. Гапзанон кардем. Ваъда дод ӯ. Рузе Ислом Эшонов ӯро гирифта ба хоҷагии мо омаданд.

Карл чанд лоиҳаи меъмории беморхона нишон дод. Ва аз байни он бо ҳамроҳии сардухтури беморхона Тоҷиддин нусхаеро интихоб кардем, ки он аз беморҳонаи дар шаҳраки Шарораи фалокатзада сохтаашон ҳам беҳтар.

Шартнома бастему ба рехтани пойдевори биноҳои комплекси беморхона шурӯ намудем. Бародарони чех маснуоти хеле босалиқаи докапечи чӯбу тахтагӣ оварданд аз ватанашон. Ба зудӣ тарҳи дил-

каши беморхонаи оянда пайдо шуд. Кори сохтмон бо суръат мерафт ва мардуми мо аз заҳмати устоҳои чехӣ, ки аз равшании рӯз то фаро расидани торикии шаб пайваста дар ҳаракат буданд ва боз фурсат ёфта маишату истироҳати бо фароғат мекарданд, дар ҳайрат мемонданд.

Таркишҳои аввалини ҷанги бародаркуш ҳамаро бесаранҷом кард. Муҳандисону устоҳои чирадасти чехро ба даҳшат оварданд. Ҳашт нафар усто диданд, ки издиҳоми ваҳшатзадаи шаҳраки Киров сӯи Кӯлоб мегурезанд, пои пиёдаву савори мошину тракторҳо. Онҳо ҳам ба сандуқи мошини калони боркаше часпиданду худро миёни мардуми дар бими ҷон ҳаросон заданд. То ба шаҳри Кӯлоб расиданд ва аз он ҷо бо роҳи ҳавоӣ ба Ленинобод рафтанд. Дар Чехославакия ба зинда мондани худ шукргузорӣ намуданд ва бо барқияе аз зинда будани худ ба мо башорат доданд.

Бо ҳамин кори сохтмон то оғози соли 1994 қатъ гардид. Бисёр ҳам ғорат шуд сохтмон.

Ба устоҳои чехӣ борҳо барқияҳо фиристодем. То ин соате, ки дар толори маҷлис нишастааму суханони воизон ба гӯшам чандон дуруст намедарояд ё аз афташ каммағзанду майна қабул надорад, устоҳои чех наомаданд. Онҳо аз таъсири даҳшатҳои дидаашон ба суханони мо бовар намекунанд, ки мегӯем: дар Вахшонзамин сулҳу салоҳ ва оромиву тинҷӣ аст. Ба кадом роҳ метавониста бошем ба онҳо дилпурӣ диҳем. Ва ҳамин лаҳза ба худ қарор додам, ки агар устоҳои чех биёянду корро анҷом диҳем, рӯзи шодии коргарони хоҷагӣ ба шарафи ба истифода додани ин бинои хушсохти беморхона сардори давлат, Эмомалӣ Раҳмонро даъват мекунем. Ва албата ӯ ба хотири мардуми меҳнатии хоҷагӣ «не» намегӯяд. Дар ҳамин ҷо риштаи фикрам канда шуд. Ғайри чашмдошт, ҳатто ба дараҷае ногаҳонӣ аз забони садри анҷуман номи худамро шунидам. Ӯ маро ба минбар мехонд.

– Сухан, – гуфт ӯ, – ба Мӯсоев Абдухолиқ, директории совхози ба номи Кирови ноҳияи Вахш.

Аз ҷоям, қариб як қад паридам. Чи хел сухан ба Мӯсоев Абдухолиқ. Номамро аз рӯйхати баромадкунандаҳо хат зада будам ку.

Аз ҷой бархостам ва то минбар рафтам. Ба назарам чунин намуд, ки ҳама гапро медонам ва ба гуфтан тайёрам. Вазъи соли гузашта паси сар кардаи совхози худамон, хоҷагиҳои ноҳия ва вилоятро таҳлил карда то миқёси ҷумҳурӣ баромадам. маводди сӯхт нест, равғанҳои молиданӣ нест, қисмҳои эҳтиётӣ нест, ин несту он нест гуфтему ғалла нисфӣ ҳам истеҳсол накардем. Аз ваҷҳи ширу гӯшт ҷои сухан ҳам нест. Он ба нул фаромад.

Баҳона техника, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, равғанҳои молиданӣ. Шарм медорад кас. Тамоми беҳунарӣ, баднафсӣ, ноӯҳдабароии худро ба сари ҷанги бародаркуш бор мекунем. Ман инро медонам.

Агар аз 40 трактор бистои он ва аз панҷоҳ мошин 25 тои онро ба кор омода созему бо тамоми иқтидоре, ки доранд, истифода барем, дар хоҷагиҳо ягон ваҷаб замини бекор намемонад ва ҳама борҳо ҳам ба манзил расонад мешавад. Мо ин корро кардем ва натиҷаи дилхоҳ бардоштем.

Дар паси дар баҳор истодааст. Мо кишти тирамоҳиро дар вақташ ба ҷо овардем. Хотирҷамъ нишастем. Медонем, ки тирамоҳу зимистон, ки рафт баҳор меояд. Ба сад дар худамонро задем, сад илоҷ ҷустем ба роҳи табдили маҳсулот сӯзишворӣ захира намудем, техникаи кишоварзиро ба кор омода сохтем. Тухмӣ ҳам дорем. Аммо тарси ман аз роҳбарони дигар хоҷагиҳо аст. Ҳамин ки соати кишт фаро расид аз дарат сар мехалонанд. Сӯзишворӣ мепурсанду тӯхмӣ. Ранги зарди онҳоро дида ранги ман ҳам зард мешавад.

Мо бояд худамона обод кунем. Мутаассифона замони сахти баъди ҷанги бародаркуш ба сар омада ошкор сохт, ки бисёр роҳбарони тайёрхӯр доштем. Акнун ба сари роҳбарӣ онҳоеро овардан лозим, ки ақлро ковиш додаву эҷод карда, барои баровардани эҳтиёҷи хоҷагӣ ва ободонии корхонаҳо, сехҳои коркарди маҳсулоти хом, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва ғайра сохта метавонад. Дигар чизи тайёр аз ягон дар намеояд. Худ тайёр бояд кард. Ҳамчунин тухмиро ҳам.

Ҳозирони толори маҷлисгоҳу садрнишинон нисбати ҳар ҳарфи ман ниҳоят бодиққат буданд.

Ва сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон гуфт:

– Дидед, бо қувваи хоҷагӣ бисёр корҳоро кардан мумкин будааст. Чи мешуд, ки соҳаи тухмидориро ба зиммаи шумо монем.

Бе ҳеҷ андеша розӣ шудам. Чанд борҳо ин масъала ба миён меомаду роҳи ҳалли худро намеёфт. Аз ин рӯ ба сардори давлат гуфтам:

– Мо хуб мегӯем. Ва ин пешниҳоди нав нест. Чанд сол боз мегӯянду бе натиҷа мемонад. Дар ягон қарори ҳукумат ҳам ба ин ишорае нест.

Пас аз он ки ба ҷои нишастам омадам, аз чапу рост ва пешу пас нишастаҳо маро табрик гуфтанд, барои фикрҳои гуфтаам.

Баромади маро дар ҷаласаи мазкур тавассути телевизиони вилояту ҷумҳурӣ пурра намоиш доданд.

Сардори давлат, пас аз маҷлиси фаъолони хоҷагии кишоварзӣ ба

студияи телевизион рафт. Журналистҳоро даъват кард ва гуфт: ку шумо бинед, кораш ба суханаш рост меояд?

Журналистон ба хоҷагӣ омаданд ва аз натиҷаи корҳои мо қонеъ гардида ва чанд мусоҳиба сабт карда ба воситаи садову симо шунавониданду намоиш доданд.

Ва бародарони Ленинободӣ аз хоҷагии мо дидан карданду гуфтанд байни худ:

– Байни мардуми Хатлон ҳам ин хел одами наҷиб будааст.

* * *

Акнун баъди баромаде, ки ба назари худам амри тасодуф буд, инчунин озмоиши гапу амали ман (хайрият амал аз сухан беҳтар омад), эътимоди комил доштам, ки агар иморати беморхонаро саранҷом диҳем, сардори давлат дар рӯзи кушодашавии дарҳои он ширкат меварзад. Ва паи ҳам ба суроғаи устоҳои чех чанд барқия фиристодем ва барои амнияташон кафолат додем. Хайрият, 1 апрел омаданд. Ҳамроҳ ҳамаи маҳсулоти заруриро гирду ҷамъ овардем. Бо онҳо Москва ва аз он ҷо ба Чехословакия рафтем. Ин дафъа шартномаро дар ватани онҳо баҳри бунёди корхонаи пепсикола ба имзо расондем. Ва боқимонда маснуоту дастгоҳу, асбоб ва таҷҳизоти беморхонаро аз қабили шабакаи гармдиҳӣ, титану ванаҳо, асбобҳои муоинаву муолиҷаи беморон бо худ бардоштему бозгаштем.

Дар қатори ташвишҳои ҳаррӯзаи хоҷагӣ, рангу ороиши бинои беморхона, васлу танзими таҷҳизоти онро давом додем. Дар майдони васеъи назди он ниҳолҳои боровари анору хурмову шафтолуву бодом шинондем.

Ва сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба расми кушодашавӣ ва ба хизмати дардмандон вогузоштани беморхонаи нав, иборат аз се бино: таваллудгоҳ (дорои 25 кат) бино барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадорони меҳнат (дорои 10 кат) ва бинои калон (дорои 100 кат), ки 5-уми июни соли 1994 баргузор мегардид, даъват намудем. Ӯ қабул фармуд ва бо ҳамроҳи ҳокими ноҳия Файзулло Қувватов ба ин ҷо қадам ранҷа карданд.

Ва ҳузури ӯ барои мардуми совхоз тӯйе шуд болои тӯй. Ба дилҳои хаста дармони тозае пайдо шуд. Пирамардону занони солхӯрда сӯҳбатҳо оростанду суханони нек ба забон оварда изҳори хушнудӣ мекарданд.

* * *

Ҳар ҳаводисеро сабабе ҳаст. Аз ҷумлаи лавҳаҳои ёдгориҳои маркази шаҳраки Кировро. Аз директории ман моҳе нарафта буд. Боре

аз субҳи рӯз осоиш наҷуста аз заминҳои бригадаҳо то фермаҳову заводи пахта дидан кардам. Сарам аз қайду шартҳои зиёд ба гарданам гаронӣ меовард. Боз дар пеш шунидани ниёзмандони хоҷагӣ. Барои баровардани ину он ҳоҷате, шунидани натиҷаҳои супоришҳои ба ӯҳдаи аъзоёни садорати совхоз буда…

Ба дафтари кориам даромадам. Болои миз лифофае. Суроғаи онро хондам: аз сокини шаҳри Куйбишеви федератсия Русия, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Биков.

Лифофаро кушодам. Даруни он мактубе. Ва хондам онро. Биков навиштааст ки: директори мӯҳтарам, номатро намедонам. Ман соли 1941 бо бародарам ва боз чанд нафари дигар аз совхози шумо ба Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ рафтем. Дар яке аз муҳорибаҳо бародарам шаҳид шуд.

Баъди ҷанг насиб будааст зиндагӣ ва ман дар шаҳри Куйбишев мондам. Вале бисёриҳо аз ҷанг барнагаштанд. Борҳо ба маъмурияти совхоз, сипас ба газетаҳои «Правда», «Комсомольская правда», «Навиди Вахш» муроҷиат кардам, ки барои поси хотираи шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ санге монанду лавҳае гузоранд.акси садое набаромад аз ин муроҷиати ман. Агар шумо маблағ наёбед, ин корро аз ҳисоби нафақаи ман ва дигар иштирокчиҳои дар ҳаёт будаи Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ, ки дар совхоз ҳастанд, кардан мумкин.

Ба хаёл рафтам. Ба навбатдор гуфтам, ки раиси собиқадорони ҷангу меҳнат Ҷӯрабой ака Юнусовро пайдо кунад.

Замоне нагузашта Ҷӯрабой ака омад, мактубро ба дасташ додам. Хонд ва гуфт:

– Аҷаб, кардан даркор.

– Бо кадом роҳ, – пурсидам аз ӯ.

– Сангтарош ҳаст. Муҳандиси совхоз Петр Алексеевич Судоргин аз ӯҳдаи ин кор мебарояд.

Петр Алексеевич Судоргин инро ба ӯҳда гирифт ва ӯро аз дигар ташвишҳои хоҷагӣ озод намудем. Ҷӯрабой ака Юнусов ва директори мактаби шаҳрак Турсун Исоев аз паи ҷустуҷӯву пайдо кардани ному нишони касоне ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шаҳодат ёфтанд, шуданд. Дере нагузашта ин ду пири кор 120-нафар шаҳидони ҷангро номнавис карданд. Ба ҳамагон маълум гардид, ки Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Саидқули номдор аз ҳамин совхози мо ба ҷабҳаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафтааст. 9-уми маи соли 1991 расми бо тантана кушодани ин лавҳаи ёдгориро ба ҷо овардем.

Мутаассифона соле баъд, ба сабаби ба хоҷагӣ домон задани ҷанги аблаҳонаи бародаркуш ва монанди Абдуназар Тағоев ба

шаҳодат расидани 73-нафар фарзандони арҷманди хоҷагӣ лавҳаи дуюме бунёд кардем, ки аз аввала ҳам талхтару ғамангезтар. Ба хотираи ҳар яке аз ин 73-нафар ҷавонмардони ба марг маҳкум гардида ниҳолҳои арча шинонда шудаанд. Ва дар майдони бинои маъмурии совхоз анбӯҳи арчазор сар ба осмон бардоштааст.

Ва мардуми шаҳраку акнофи он, ки байнашон занону модарон бештаранд, пайваста ба дидани ин зиёратгоҳ меоянд бо дили маҳҷур, андаке таскин меёбанду ба хотири андаке кушода аз паи кору рӯзгори хеш мешаванд. Аз дидани ин ҳолат шеъри шоир ба ёд меояд, ки гуфта:

*Ба ҳамдардон бигӯед сӯзи дерин,*
*Ки бо ӯ ашк резанд аз ғаму дард:*
*«Чунин рӯз аст танҳо қисмати ман*
*Ва ё ҳар духтаре ин ғусса парвард»?*
*Ғами ишқаш чунонам сӯхт, ҳайҳот,*
*Ки аз ҷисмам намонда ҷуз кафи гард.*
*Сари ишқаш саропо хуррамӣ буд*
*Бубин ин оқибат бо ман чиҳо кард.*

* * *

Ҳар оила ба қадри худ ташвише дорад, вале оилаи калонро ташвиш калонтар аст. Бештар аз сӣ ҳазор аҳолӣ дорад совхоз. Аз ин ҳафт ҳазор нафар коргарону хизматчиён. Мавсими ҷамъоварии зироатҳои кишоварзӣ ин рақам тағйир меёбад. Илова бар он панҷ ҳазор нафар ба ҷамъоварии пахтаву ҳосили боғҳо мебароянд. Дар ин гуна ҳолатҳо як ҳазору дусад нафар нафақахӯрон қисми зиёде ба саҳро мебароянд ва каму беш саҳм мебардоранд. Захираи меҳнатие ки ҳозир дорем, барои ҳамин сӣ ҳазор аҳолӣ кофист. Аммо нуфузи аҳолӣ бетағйир намемонад. Он рӯ ба афзоиш аст. Замоне хоҷагӣ се ҳазор аҳолӣ дошт. Ва мегуфтанд, ки ин бисёр аст. Ва имрӯз сӣ ҳазор.

Боз соле як ҳазор тифл ба дунё меояду аз хурд то калон дусад нафар ба ин дунёи равшан падруд мегӯянд. Даҳ сол пас аҳолии хоҷагӣ ба 42-43 ҳазор нафар мерасад. Агар боз даҳ соли дигар илова намоем, онгоҳ аҳолӣ то ба шаст-ҳафтод ҳазор нуфуз мекунад.

Аз имрӯз мо бояд аз хоҷагии аҳолиаш 45-ву 55-ҳазор нафар андеша ронему ҷои кор ёбем. Ҳамчунин аз таълиму тарбияи онҳо мулоҳиза кунем. Дарёбем бо кадом роҳҳо онҳоро одамҳои бо маърифату дорои ахлоқи умумибашарӣ ва маҳорати баланди касбӣ мегардонем.

Набояд танҳо ба корҳои ҳаминрӯза саргарм шуда фардоро аз ёд барорем. Ба ҳамин мақсад, ба мушкилиҳои бӯҳронӣ молиявие ки ҷумҳуриро дар панҷаҳои фӯлодин фишор медиҳад, нигоҳ накарда ба иморати биноҳои мувофиқ ба талаботи фардои таълиму тарбия дар шӯъбаи сеюм барои 400 нафар хонанда ва дар шӯъбаи чорум барои 1190 хонанда, дар шӯъбаи якум барои 400 нафар хонанда шурӯ намудаем. Ба умеде, ки дар оянда аз дари ин мактабҳо ҷавонони дилогоҳ, худшиносу Худошинос бароянд ва муттаҳидиву ягонагии миллати тоҷикро оини худ донанд.

Ва дар роҳи ин иҷрои мақсад, ҷой ва шароити кор фароҳам бояд овард. Ҷанги бародаркуш ба мо сабақҳои бисёр дод. Дар байни яроқбадастон ҷавононе ҳам буданд ба сабаби надоштани ҷои кори муайян ахлоқан вайрон, ҳалолро аз ҳаром, ҳақиқатро аз ботил ва калонро аз хурд фарқ намекарданд. Худашон барин ягон аҳмақи бедониш шиоре мепартофтанд ва онҳо нерӯи андеша ва ақли фаҳмидани шиорро надоштанд ва таҳти он тоҷик хуни тоҷик мерехту тоҷик хонаи тоҷикро оташ мезад, ғорат мекард.

Бояд дар мактабҳои совхоз ҷавононе тарбия ёбанду ба камол расанд, ки баробари дониш ихтисосҳои барои хоҷагӣ зарурро аз бар карда бошанд. Аз инсони коргару меҳнатӣ ахлоқу рафтори баду ношоям намебарояд. Барои он ки ҳама ба кор таъмин бошанд, захираҳои фаровони меҳнатӣ зарур. Чунин захираҳо мо дорем. Соли 1957 канали калони ба номи Сталин, ки аз назди фурудгоҳи ҳавоии шаҳри Қӯрғонтеппа мегузашт ва даҳ метри мукааб об дошт, хеле боло бароварда шуд. Ва ҳаҷми ҷараёни оби он ёздаҳ карат афзуда ба 110-метри мукааб расид. Баробари боло баромадани хати канали мазкур, ки номи наҳри НБО-ҳоро гирифта, майдони замини обӣ ҳам даҳҳо баробар зиёд шуд. Ва хоҷагӣ соҳиби 3650 гектар замини обӣ шуд.

Имрӯз захираи асосии меҳнатии мо, ана ҳамин обёришаванда аст. Мо аввалан бояд маҳсулнокии баланди заминҳои обёриро таъмин кунем. Натиҷаи таҷрибаҳои аввалини ба иҷора додани заминҳои обӣ собит кард, ки дар сурати соҳиби ҳақиқи доштани ҳар ваҷаби он ҳосилнокӣ ҳам меафзояд. Масалан соли 1994 иҷоракор Қурбоналӣ Давлатов бо аҳли оилааш аз ду гектар замини пахта 60 сентр ва Қувват Алиев аз ҳамин миқдор масоҳат 55 сентр ҳосили пахта гирифтанд, ки ин беҳтарин нишондиҳандаи истеҳсолие буд дар нисбати коркарди ҷамоатии бригадаҳо.

Натиҷаҳои дар соли якуму дуюм ба даст овардаи иҷоракорон моро ба ташкили нави меҳнат дилпур кард. Ва мо ин масоҳати замини обиро пурра ба ихтиёри иҷоракорон додем.

Лекин тақсими замин ба садорату раёсати хоҷагӣ ҳақ намедиҳад, ки хотирҷамъ бошад. Бисёр корҳое ҳаст, ки иҷоракор аз ӯҳдаи он намебарояд. Бигирем паст фаровардани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва ба қадри кофӣ доштанӣ нуриҳои маданӣ, доруҳои заҳрноки муқобили ҳашаротҳои зиёноварро. Ғами инҳо, инчунин аз саҳро ба заводи пахта расонидани ҳосили ҷамъовардаи иҷоракорро бояд садорату райёсати хоҷагӣ хӯрад. Мо барои иҷрои вазифаҳои худ дар назди иҷоракор пайваста дар часпу талошем.

Ва дар заминаи баланд бардоштани ҳосилнокии замин, инчунин ривоҷ додани чорводорӣ, коркарди саноатии маҳсулотҳои хоҷагиро ба роҳ монем. Баҳри иҷрои ин мақсад, чуноне ки дар боло ишора шуд, мо замина гузоштаем. Илова ба заводҳои пахтаву шарбат ва сехҳои дигар дар совхоз 5 осёбу 5 ҷувози саноатии равған, корхонаи нонпазӣ мавҷуд аст. Дар маҳаллаҳои гуногуни хоҷагӣ соҳибкорони пуртаҷрибае ба камол расида истодаанд. Онҳо аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ ва қарзи бонкӣ корхонаҳои хурд сохта садҳо сокинони маҳалли истиқоматии худро ба кор таъмин мекунанд.

Аммо ҳамаи ин барои хоҷагии аҳолиаш 55 ва 60 ҳазор нафара кам аст. Аз имрӯз мо дар ҳамаи маҳаллаҳои совхоз бунёд кардани сехҳои дӯзандагиву коркарди меваву сабзавоту ришта ва дигар корхонаҳои хурду калонро ба нақша мегирем, заводи пахта бо ёрии ширкати «Хатлон» мутахассисону соҳибкорони англисро даъват намудем. Ширкати мазкур сохтмони корхонаи ришта ва ба роҳ мондани истеҳсоли онро ба ӯҳда гирифт. Ин имкон медиҳад, ки то 1700 сокини хоҷагӣ соҳиби ҷои кор шавад. Ба ҷуз ин аз ҳисоби пасмондаҳои пахта аз қабили тибит ва пату пучоқ сехҳои карбос, инчунин ғелак барои хӯроки чорво месозем. Ва хати роҳи сербари оҳанро аз масофаи якуним километр ба завод мебарем.

Хуллас дар пеш нияту мақсадҳои бузург дорем. Худованд сулҳу салоҳ тинҷиву осудагиро диҳад. Умед дорем, ки ҳамаи он амалӣ мегарданд.

## Тилло ба дарё меравад, ҳайф

Обҳои шифобахш сарвати ҷомеаву захираи беҳамтои хазинаи давлат аст. Аз оби равони мавзеи Зайрон чашм бардоштан бароям мушкил аст. Ин рӯз байни мардуми дараи Ромит бо номҳои Гармчашма, оби шифои Зайрон ҷӯш зада мебарояд. Ба гармоба овардани ин об чандон мушкил наафтод. Ҳамагӣ сесад метр кубр сарф гардид, на аз ин зиёд оби Зайрон дар қиёс бо обҳои шифобахши дигар кишварҳои олам ин чашма не як рӯди калони равонбахш аст. Замо-

не ин рӯд, ки ҳиссае аз он ванаҳои бинои назарногири гармобаро пур мекунад, маро аз марг ва сӯзиши дард раҳо додаст. Бемории остехандроз аз миён то нохуни по, ки аз қудрати дарди сиву шаш дандон авзалӣ дошт, маро ба чанг оварда буд. Бо асобағал мегаштам. Ва асобағалҳоро аз даст раҳо дода даруни вана медаромадам. Фишори баланди оби аз ҷумакҳо сар дода дар як мижа ба ҳам задан ванаро пуроб мекард: Оби ҷонбахш. Дардро аз миён то нохуни по мисли чанги роҳ мешусту мебурд роҳати ҷон меовард.

Чун аз вана берун меой асобағал зарурат намемонд. Бо миёни росту пойҳои сабук аз ванахона мебаромадам.

Ҳар рӯз ба пизишгоҳи мавзеи Калтут беморони нав меомаданд боасову асобағалу замбар. Қисмате бо такяи ду нафар мутакои хеш. Рӯз дар миён бемори бо қуввати дукас омада бо асобағалу бар таги каши даст омада бо асо ва асодор беасо мегашт. Чеҳраву симоҳои бисёре дар ёд мондааст. Байни онҳо занону кампирон ҳам буданду ҷавонону пирамардон ҳам. Ва сатрҳои зиёде аз «дафтари қайдҳо»-и дармонгоҳи мавзеи дараҷаи зебои Калтут аз лавҳи хотири зудуда намегардад.

Қисмате ин рӯди шифобахшро мӯъҷизаи табиат қаламдод намуданд. Соири дигар кӯҳи дардро дар ҷисми худ муддатҳои шадид ба беморхонаи ҷои сукунат то шаҳрҳои гуногуну курортҳои умумииттифоқ гардонда дар гармобаи оби ҷонсози Зайрон аз дӯш афкананд, ин обро бемислу монанд медонанд ва афсона мехонанд. Чунин афсонаҳо дар ҷумҳурӣ хеле зиёданд. Мувофиқи шартҳои табиӣ ва сохти геологии қишрҳои замин. Дар аксар ноҳияҳои кишвар чашмаҳои обҳои шифоӣ мавҷуданд. Обҳои шифоии Гармчашма, Хоҷа Обигарм, Оби Гарм, Меҳроби Арӯс, Имом Таърифӣ, Мулбоч, Хоҷасангхоҳ Бахмир аз замонҳои дур то имрӯз байни мардум машҳуранд. Корҳои тадқиқотие, ки доир ба таркиби обу таъсири шифоии онҳо анҷом дода шудааст. Агар дар як ҷо ҷамъоварда шавад, як бойгони калони обҳои минералиро ташкил медиҳад. Солҳои охир ин омӯзиш ривоҷи тоза ёфт. Тадқиқотҳои солҳои бардавоми олимони пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии геологияи Академияи улуми Тоҷикистон, муҳаққиқони обҳои минералии кишварро сертараддуд гардонд. Ҳайати эъзомияи (экспедитсия) умумииттифоқ, ки соли 30-юм бо сарварии академик Горбунов ба пажӯҳиши боигариҳои зеризаминии Тоҷикистон пардохт, дар кӯтоҳтарин мӯҳлат чунон корҳои муҳиммеро ба суббот расонд, ки ба чанд даҳсола баробар меояд. Шаҳодати ин муддао китоби бузургҳаҷми «по неисследованному Помиру»-и Николай Павлович Горбунов мебошад. Пажӯҳишгарони ин эъзомия аз саргаҳи дарёҳои Зарафшону

Сурхобу Муксу ва Хингобу Панҷ то поёнобҳои онҳо, ки обҳои сарҳадгузар ҳам мегӯянд, ҳар ваҷабу метру километрро тадқиқ намуда, баробари маъданҳои фаровон захираи бои металҳои камёфти тилло, молибдену лируон ва платияву фторидҳоро кашф кардаанд. Ва ҳамаи он дастраси ҳайати олимону муҳаққиқони илмҳои табиии кишвар гардид. Барномаи ҳама ин тадқиқу пажӯҳишҳои табиатшиносон, бахусус олимони илми геология баҳри ҳисобу китоби захираҳои об, аз ҷумла обҳои шифоӣ заминаву имкониятҳои зиёде фароҳам меоварад. Баъдан доктори илмҳои геологияву минерология, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон Рауф Баротов дар ҷустуҷӯи захираҳои зеризаминӣ инқилобе кард. Бо роҳнамоии ӯ тамоми масоҳати замини кишвар ба қитъаҳо тақсим гардид. Ва аз он пас ҷои минтақаҳои тадқиқотиро таҳқиқи қитъавӣ гирифт. Ин имконият дод, ки на танҳо захираҳои маъдани тилло ва дигар металҳои қиматбаҳо мушаххас муайян гардад, балки манбаҳои нави обҳои шифоӣ ошкор гардид.

Аз пайи муҳаққиқони пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии геология минералшиносон захираҳои обҳои шифоии Тоҷикистонро ноҳия ба ноҳия омӯхтанд ва маълумотҳои пурарзиши илмӣ овmarданд. Аз рӯи натиҷаи пажӯҳишҳо маълум гардид, ки дар кишвар ноҳияе нест, ки дар он захираҳои нотакрори обҳои шифоӣ набошад. Вобаста ба шароитҳои табиии маҳалҳо чашмаҳои шифо аз унсурҳои барои саломатии инсон бойанд.

Ба ҳамагуна обҳои минералӣ, асосан аз рӯи таркиби химиявӣ баҳо медиҳанд. Натиҷаҳои то имрӯз ба даст овардаи муҳаққиқон башорат медиҳад, ки дар таркиби қисмате аз чашмаҳои шифоии кишвар намакҳои минералӣ хеле фаровон аст. Вале дар қиёс ба онҳо хусусияти чашмаҳои шифоие, ки бо гази карбонат омехтаанд, таъсири баландтари табобатӣ доранд. Обҳои Гармчашмаву Хоҷасангхок аз ҳамин қабиланд. Аммо аз қабили Обигарму Хоҷаобигарм кам чашмаҳое нестанд, ки омехтаҳои радону кислотаи силикат доранд.

Ҳисобу китобҳо ва ҷамъбасту қиёсҳо собит мекунанд, ки кишвари мо на аз рӯи миқдори таркиби чашмаҳои шифобахш, натанҳо дар Кавказу осиёи Марказӣ, балки дар байни ҳамаи давлатҳои муштарокулманофеъ, беҳамто аст. Айни ҳол миқдори умумии ин чашмаҳо аз дусад мегузарад. Вале ин рақами охир нест. Баробари кушодани конҳои нав чашмаҳои нав ба нави обҳои шифоӣ ошкор мегардад. Шояд обҳои шифоии кишвар чун захираҳои бои обҳои нӯшокии он мегардад. Аз ин рӯ имрӯз қотеъона гуфтан мумкин нест, ки миқдори чашмаҳои шифо дусад ҳаст ё сесад.

Аксарияти чашмаҳои шифоӣ дар мавзеъҳои аз дашту ҳамвориҳо баланд мавҷуданд. Бештари чашмаҳои минералӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Алмосӣ, Варзобу Кофарниҳон, ки аз доманаҳои ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор, инчунин ҳавзаҳои дарёҳои Панҷ, Хингобу Сурхоб ва Мурғоб, ки аз Помири шарқиву ғарбӣ ибтидо мегиранд, воқеъ гардидаанд. Ва таркибу хусусияти обҳои онҳо, то андозае омӯхта шудааст. Хушбахтона оби ин чашмаҳо на фақат дар таркиб моддаҳои гуногуни химиявӣ доранд, балки бо ҳарорати баланд аз таги замин ҷӯшида мебароянд. Ва ин таъсири шифоӣ онҳоро меафзояд.

Солҳои охир олимон ба тадқиқу омӯзиши обҳои ҷумҳурӣ беш аз пеш аҳамият медиҳанд. Обҳои Хоҷаобигарм, Гармчашма, Обигарму Шоҳамбарӣ ҳарчанд пурра ҳам набошад, то андозае омӯхта шудаанд. Олимон собит намуданд, ки обҳои минералии Тоҷикистон ҳамагуна хусусиятҳои табобатиро доранд.

Аз чашмаҳои фаровони шифоие, ки номгӯи онҳо аз дусад мегузарад, танҳо як қисмати ниҳоят каму маҳдуд, аз ҷумлаи Хоҷаобигарм дар ноҳияи Варзоб, Шоҳамбарӣ дар ноҳияи Шаҳринав, Обигарм дар шаҳраки Роғун, Оқсуқон дар ноҳияи Ашт ва Гармчашма дар вилояти Кӯҳистони Бадахшон мавриди истифодаанд. Аксарияти чашмаву обҳои шифоӣ дар дараҳои кӯҳсорон аз таги замин мебарояд. Тулӯи маҷрои чашмаҳои шифоӣ кӯтоҳ аст. Андак масофае ҷорӣ мешаванд ва ба обҳои дарёву дарёчаҳо мерезанд. Чашмаҳои обҳои минералие, ки қад-қади соҳили чапи дарёи Сурхоб аз ноҳияи Темурмалик тулӯи даҳҳо километр то мавзеи Ангораи Дашти Шӯрои Сари Хосор, аз замин мебароянд, беҳисобанд. Ҳамаи инҳо баъди андак масофае ба оби чашмаҳои Ангораву Пушти Боғ омехта ба дарёи Сурхоб меравaнд.

Манбаи аксарияти кулли ин обҳои шифоӣ даруни дараҳо аз таги кӯҳҳо ва талу теппаҳои яке аз китфи дигаре ба сомон саркашида маҳфузанд. Ва ҳар кадом хусусиятҳои хосси табобатӣ доранд. Бадтарин ва фасодтарин шукуфаи пӯстро аз гили чашмаи минералӣ мавзеи Мулоконии Сарихосор мемолӣ ва пас аз даҳ-дувоздаҳ дақиқа бо оби он ки мардум оби гӯгирд мегӯянд, мешуӣ ва аз шукуфа на пай мемонаду на ҳайдар: Худи мисли афсона. Гарди баде дар бадани ту буд набуд.

Мӯъҷизаҳои обҳои шифоии мамлакат чун миқдори онҳо беҳисобанд. Вале ҳама мӯҷизаҳои онҳо ба ҷуз шумораи хурди сокинони маҳаллаву ду-се нафар сайёҳ баҳри кулли мардуми демографӣ, ки имрӯз шаҳрвандони кишвар ба он рӯ ба рӯянд, тадқиқу омӯзиши манбаҳои обҳои шифоӣ на танҳо аз ҷиҳати таркиби химиявӣ, балки

аз нуқтаи назари иқтисодӣ ниҳоят муҳим аст. Имрӯз аксарияти корхонаҳои бузурге, ки барои ҳазору даҳ ҳазор нафар ҷои кор буд, аз рӯи даҳяку садяки иқтидор фаъолият надоранд. Бекору, бемашғулиятии соире аз мардуми шаҳру деҳот, натанҳо ба буҷаи давлат, балки ба инкифоши пешрафти тамаддуни миллат ва костани ахлоқи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Ва ин ҳалли проблемаҳои демографиро мушкилтар мегардонад.

Ба кӯҳи мазбути Зайрон рӯди аз қаъри он ҷӯшзанону дарёи тезҷараёни Кофарниҳон зеҳн мемонам ва хотираву андешаҳои мухталиф яке дигареро пойгир мекунад. Гоҳҳо аз байни андешаҳо банои боҳашамати дармонгоҳи қасабаи Хостаи шаҳри Сочи ки бо номи «Массеста» (дармонгоҳ) шӯҳрат дорад, пеши назар меояд. Массеста корхонаи асосии шаҳраки Хоста аст. Аз фароғатгоҳи Кудепс ду-се километри шарқтраи он ва гирду атроф истироҳаткунандагони зиёде, ки аслан бошандагони шаҳру кишварҳои дуродур аст, ба гирифтани вана, молишу дигар намудҳои табобати физикӣ меоянд. Мизоҷони Массеста бисёранд ва ҳарду ошёнаи онҳо аз табобатгирону пешхидматон пур аст. Ванаҳо ки дар шаш толори мардонаву занона ҷойгиранд аз панҷсаду шашсад мегузарад. Шумораи кормандони Массеста ҳам кам нестанд. Шумораи онҳо аз сардухтур то фарош ба ҳазор нафар мерасад. Обе ки ба ванаҳои Массестаи шаҳраки Хоста мерезад, аз оби Зайрон ба кулӣ фарқ мекунад. Онро аз чоҳе ки ба чуқурии қариб ҳашт километр парма шудааст ба воситаи насосҳо мекашанд. Ҳаҷми об гоҳ ба сеяки ванаҳо намерасад. Ва ин камиро аз ҳисоби оби баҳри Сиёҳ, ки шаҳраки Хоста дар соҳили он аст, мепӯшонанд.

Массеста ифтихори шаҳриён аст. Арзу тӯли шаҳраки Хоста чандон бузург нест. Аз се тарафи он талу теппаҳо ба баландиҳо сар кашида. Биноҳои меҳмонхонаву фароғатгоҳҳо ва хонаҳои истиқоматии сокинони он дар домани талу теппаҳо бунёд гардидааст. Тамоми масоҳати Массеста ва шаҳраки Хоста аз мавзеи чашмаву обҳои шифоии кишвари мо фарқе надорад. Бартарӣ байни оби Зайрон, ки бадтар ба он дармонгоҳи Явроз ном ниҳоданд ва Массестаи шаҳраки Хоста танҳо дар ободониву серхоҳишмандии он аст. Вале қадру қиммати байни оби Зайрону Хоста, аз замин то осмон фарқ мекунад. Оби Зайрон аз ҷиҳати таркиби химиявӣ ва таъсири шифоӣ ба Массеста муқоиса нашаванда аст. Вақте ин обро ба обҳои шифоии Кавкази Шимолӣ, ки кайҳо боз мояи ифтихори сокинони он ҷойҳо ҳаст, қиёс мекунӣ ва масали ганҷ дар вайрона ба ёд меояд. Аксар обҳои шифоие, ки мамлакати мо ва кишварҳои дуродур пеш аз истифода гармохунук ва ба ҳарорати бадан мувофиқ мегарданд.

Оби гӯгирду водороди Массестаи шаҳраки Хоста бо илова аз оби баҳри Сиёҳ мӯътадил мешавад. Обҳои чашмаҳои гарми мазеъҳои гуногуни оламро бо оби хунуки наҳру дарёҳо меомезанд. Рӯди шифоии Зайрон ба ингуна омезиш эҳтиёҷ надорад. Он аз қаъри кӯҳи Зайрон ширгарм ва мувофиқ ба бардошти тани ҳамагуна беморон мебарояд.

Ва ин беҳикмат нест. Вақте оби шифоиро бо обҳои одии ғайр меомезӣ яқин аст, ки таъсири табобати он паст мешавад. Вале оби рӯди шифоии Зайрон ин хел нест. Он чун тиллои холис аст. Ва дар такяи кӯҳи мазбути Зайрон, дар тан масолеҳи бойю хушсифати сохтмон дорад, аз тахтасанг биноҳои бисту сиошёнаи бошукӯҳ иморат имконпазир аст.

Файзи дараҳои бешумори кишвар аз таҳдаштҳои он камтар нест. Таҳлили қиммати табобатии обҳои шифоӣ дар якҷоягӣ бо тадқиқу натиҷабардории олимони иқтисодшинос имконият медиҳад, ки дар ин дараҳо шаҳракҳои зебои замонавӣ арзи вуҷуд намоянд ва баҳри сокинони деҳаҳои он ки сол аз сол нуфузи сокинонаш рӯ ба афзудан дорад, садҳо ва ҳазорон ҷойҳои кор пайдо шавад. Фароғатгоҳову дармонгоҳҳо ҳам файзи нотакрор доранд. Ба чашми коршиносон арзиши оби рӯди ҷонбахши Зайрон, ки солҳои сол беҳуда дар ҷараён ҳасту ба дарёи Кофарниҳон омехта беному нишон мегардад, на камтар аз тиллои холис аст. Замоне ин бо баҳри беҳдошти сиҳатии одамон ва ободонии мамлакат харҷ шавад, қадру қиммати ҳар қатраи он бартар аз тиллои холис мегардад.

# ТАНГДАСТӢ АЗ Ӯ ДАР ҲАРОС АСТ ВА ТАНГФИКРӢ ҲАМ

*Президенти кишвар ба ҷавонону мактабиён меҳру муҳаббати бузург дорад ва онҳо низ. Дар ҳама сафарҳояш ба минтақаҳои Тоҷикистон аз кору бори онҳо: зиндагияшон пурсон мешавад. Ҷавонон ва мактабиёнро оянда и Тоҷикистон медонад. Ҳамин аст, ки пайваста ба сохтмони мактабу кӯдакистонҳои нав диққати ҷиддӣ медиҳад. Ва ин кори ӯ бисёр роҳбарони сатҳи аввали соҳаи мактабу маориф, ҳукуматдорони ноҳияҳо ва шахсони алоҳидаро дар ақида ба такон меорад. Ва раиси хоҷагии ба номи Аскаралӣ Мирзоеви ноҳияи Турсунзода Абдурашид Ҳомидовро дидаам ки ба сохтмони мактабҳо: маънавияти мардум, дӯстии миллатҳои кишвар диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар ин хоҷагӣ: ноҳия ва шояд тамоми ҷумҳурӣ Ҳоҷӣ Камолиддин Мадумаров шахсест ки аз маблағи шахсӣ бинои мактаб сохтааст. Гуфтори зерин дар ҳамин мавзӯст.*

Миёни сӯҳбат ӯ сар паст гирифт ва абрӯвон боло бардошту гуфт:

– Янгибоғ дорам.

– Вале бо шунидани овози гиря лаб аз гуфтор фурӯ баст. Мард мегирист. Овози гиряи мардро шунид. Боз дар куҷо? Даруни масҷид. Аз байни мардҳо муллои калони ба намоз нишаста.

Камолиддин ба пас нигарист. Овози шинос. Ҳоҷӣ Турдиалӣ мегирист. Ҳамон Турдиалие, ки порсол аз болои кати калони таги беди пушти хона Камолиддинро муборакбод гуфт:



– Ҳамин шаб; – гуфт ӯ, падарат, дар либоси ҳоҷигӣ ба хобам даромад. Камолиддин аз ин мужда ҳайрон шуд? Агар бобои падарии ӯ Зайлонро ба хоб медид, ин гапи дигар буд. Бобои ӯ, падари Мадумар умри дароз дид. То расидани он солҳое, ки хонаҳои бехудоӣ месохтанду философони худоношинос мекофтанд, бобои ӯ пайт ёфта расми ҳаҷ ба ҷо овард. Ҳафтоду ҳашт сол қабл, замоне ӯ аз Олтиариқи водии Фарғона ба маҳаллаи Янгибоғи Регар омад: аллакай ҳоҷӣ буд бо белу каланду дост ва қайчиву теша?

Мардум ҳанӯз маззаи бодиринги тару тозаро, ки таги дандон қурупос мезад, намедонистанд. Ба токдории онҳо ҳоҷӣ хандид. Янгибоғиҳо ниҳоли токро ба танаи дарахтони беду тут наздик шинондаанд. Вақти амал сари ниҳоли ҷавонро ба душохагии дарахт мемонданду дигар кор намегирифтанд. Ток бояд ҳисоби худашро ёбад. Он аз як навда ба навдаи дигар мепечид. Ба нӯги дарахт мебаромад. Шохаҳои беду тутро бо хадраҳо мепӯшонад. Сурфа мезанад рӯи шоху шохчаҳои дарахтони беду тут. Ба танаи арару сафедорҳо ҷомаи сабз шудааст ток.

Хуш наомад ба ҳоҷӣ Зайлон ин хел токдорӣ. Бед ба ин меҳмони нохонда шакарак медиҳад ва нисфи ҳосили он талаф меёбад. Рӯи шоху шохчаҳо ва баргҳои тут дамгир мешавад. Охир ток ҳам ҷон дорад. Зиёдтар аз ин ҳавои тоза мехоҳад. Барги он беҳуда нест. Чиқадаре, ки шуш дар вуҷуди одам қадру қиммат дорад, барг на камтар аз он баҳри ток муҳим аст. Реша ғизо медиҳад ва барг нафас. Ва сабзии тану решаву *Н*авдаҳои ток аз нафасҳои пай дар пайи барги ток аст.

Ба ақидаи академик Саидҷон Носиров барг дар тани ниҳол фабрикаест, ки маҳсулот истеҳсол мекунад. Борҳо ҳамроҳи ӯ тавассути асбобҳои дақиқи лабораторӣ ҳавохӯрии барги токро дидем. Аз рӯ не аз таг нафас мегирад барги ток. Худи мисли одам. Рагчаҳои барг доим дар ҷунбишанд. Нафас аз банди барг ба дарахт меравад ва то реша мерасад. Ҳама табаддулоти ҳосил бар дӯши барг аст. Аз заҳмати барг хӯшаҳои чун пистони зебо ба шохаҳо овезон мешавад.

Ҳоҷӣ Зайлон асбобҳои дақиқи лабораторӣ дар каф надошт. Вале дақиқ ҳис мекард. Ба ҳосили дарахт аз рӯи ранги барг баҳо медод. Дар олам баргпайванд гуфтанӣ гап ҳаст, пайванди барг ҳаёти шохаро дигар мекунад. Ба ақидаи ҳоҷӣ Зайлон одам дар ин ҳунар комил нест. Вагарна аз дарахтҳои азими бемева ҳосил мерӯёнад.

Замоне пиру нотавон шуд, боғдориро ба Мадумар, ки дар ин ҳунар на камтар аз падар буд, супурд.

Баҳори соли 1927 мардуми Янгибоғ дар ҳотаи Мадумар палаке диданд, ки ба палаки харбуза монанд. Вале он нафису бориктар.

– Ин палаки бодиринг – фаҳмонд Мадумар ба мардуми кунҷкоб ва тухмии онро нишон дод. Донаҳои он аз донаҳои харбуза чандон фарқ намекард. Танҳо ҳамин ки хурдтару мулоимтар буданд.

Ӯ хост ин тухмиро ба ҳамсояҳо тақсим кунад. Онҳо ҳам ду-се ҷӯяки бодиринг шинонанд. Дар маҳалла ҳосили бодиринг бисёр гардад. Аз ин неъмати хушгувор дар ҳавои гармо фаровон истеъмол кунанд.

Ҳамсояҳо қабул накарданд. Хостанд аввал ҳосили палакҳои бодирингро бо чашми худ бинанд.

Аз файзи онсолаи ҷӯякҳои бодирингҳои Мадумар ҳама мардуми қишлоқ чашид. Хуш омад бодиринге, ки аз палак меканиву дар ҳавои тасфон таги дандон мебарӣ ва аз шарбати он ҷони тоза меёбӣ.

Ва ӯ муаллими бодирингпарварони Янгибоғ шуд ва шарафи устодӣ пайдо кард.

Устодии Мадумар баъдтар комилтар гардид. Замоне қаламчаҳои токи тирамоҳ ба хоки бо поруи аспу гӯсфанд омехта шинондаи ӯ реша гирифтанду аввали баҳор онҳоро қатор наздик ба ҳавлӣ шинонд ва ҳавоза бардошт. Ҳавозаи баланд ва дарозу паҳн, сояи чӯбу тахтаи болои он ҳавлиро фаро мегирифт. Мардуми деҳа аз ниҳолҳои навакак муғҷа задаву барг кафондаи баробар ба сатҳи замин ва ҳавозаи баробари бом дар ҳайрат афтоданд.

– Чи мешавад ин, – пурсид падари ҳамин Турдиалӣ, ки ҳоло ҳукак зада гиря дорад.

Мардумар фаҳмонд, ки ин ҳавозаи ток ҳаст. Ва ин ниҳолҳо бари ин чойлобро мепӯшонад.

Падари Турдиалӣ ба токҳои шинондаи ӯ чашм давонд ва онҳоро хеле зич ёфт. Ӯ боз ҳайрон шуд. Чи мешуда бошад? Вақте як ниҳоли ток болои дарахти калони тут ин цадар панҷа мезанад. Агар ҳисоб кунӣ дар ҳисоб намеғунҷад. Ба нӯги дарахти арар дав дода мебарояд ва сар ба замин меовезад. Ин мардаки фарғонагӣ дар як ваҷаб як ниҳоли ток шинондааст. Аз ин ҳам зичтар мумкин, гуфт ҳоҷӣ Мадумар. Чунки решаи ток таги замин паҳну парешон намешавад. Агар дида бошӣ мисли решаи янтоғ рост ба замин меравад. Аз оби тагизаминӣ мегузарад. Худи одами маст барин, ки рост мераваду хонаи худро намешиносад.

Ба назарам, падари Турдиалӣ аз ин гуфтори ӯ ба шубҳа афтод ва ба худ гуфт, ки писари ҳоҷӣ ба ин ҳол ангур намехӯрад. Ҳотаи ӯ ҷангали беҳосили ток мешавад.

То тирамоҳ баъзе сари навниҳолони ҳоҷӣ Мадумар болои ҳавоза расид ва қисмеро аз сар ришта баста ба рӯи он баст. Ва барои ду кати таги ҳавоза пояҳо тарошид.

Баҳор падари ҳамин Турдиалӣ боз дар ҳавлии ӯ чизи чашмнодиде мушоҳида кард. Мадумар дар таги ҳавоза як кати калону дигаре хурдтар рост мекард. Ду-се қадам онсӯтар тарҳи суфае рехта буд. Падари Турдиалӣ болои чӯбкории ӯ омад?

– Ин ҷо кат мемонӣ? – пурсид ӯ.

– Бале, – гуфт, – Ду кат мешинонам, яке барои мардҳову дигаре аз занҳо. Кӯдакҳо болои он сурфа мешинанду бозӣ мекунанд.

Ҳайрон шуд падари Турдиалӣ.

– Ин чӯбҳои ҳавоза чи соя доранд, ки катҳову сурфаро пӯшонанд. Лекин, – ба андеша рафт, – агар болои ин чойлоба бо қамиш пӯшонӣ сояи хуб мешавад.

– Бе қамиш ҳам, – гуфт Мадумар, – мешавад.

Ва баробари фаро расидани гармо ниҳолҳои ток болои ҳавозаро пӯшонд. Соли дуюм якто – нимто хӯшаҳои ангур аз ҳавоза овезон шуданд. Аҳли оила аз даруни хонаҳо ба ҳавлӣ баромаданд. Ҳавои тоза ҷои нишаст ва хуфту хези онҳо шуд.

Тирамоҳ Мадумар токҳоро қайчикорӣ кард ва аз токҳои болои ҳавоза чун панҷаи деҳқон панҷаву шохчаҳои кӯтоҳ монд.

Ҳавозаи токи Мадумар дар Янгибоғу деҳоти атрофи он овоза шуд. Баркаши ҳосили соли сеюм ба тонна рост меомад. Бисёр роҳбарони хоҷагиҳои гирду атрофи Янгибоғу ноҳия ба дидани ҳавозаи ӯ омаданд ва аз хӯшаҳои паҳлӯи ҳам овезони он завқ бурданд.

Дар деҳа токҳои ангур аз дарахтони туту бед рӯи ҳавозаҳо баромаданд. Ва падари ҳоҷӣ Турдиалӣ яке аз пайравони аввалини Мадумар дар боғдориву обчакорӣ буд.

* * *

Чаро падар дар либоси ҳоҷигӣ ба хоби фарзандон неву ба хоби Турдиалӣ даромад, пурсид он гоҳ аз худ. Ва ба ёд овард, хӯроки давраи пириро ҳоҷӣ Мадумар бе падари ӯ намехӯрд. Ба ҳамаи маъракаҳо ҳамроҳ мерафтанд. Шогирди аввалини ӯ дар боғдорӣ садоқати беинтиҳо дошт. Ва ҳоҷӣ Мадумар Турдиалиро на камтар аз фарзандони худ азиз медошт. Дар баъзе ҳолатҳо ба Турдиалӣ зиёдтар ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир мекард.

Ва Турдиалӣ замоне Мадумарро ба пероҳани ҳочигӣ ба хоб дид: ки худ дар кӯчаҳои Янгибоғ бо ин либос мегашт?

* * *

Хоб дидани Турдиалӣ ҳашт нафар фарзанди баркамол ва соҳиби оилаҳои калон ва ҳам сиву панҷ набераву наваду шаш абераи шодравон Мадумарро бесаранҷом кард. Бештар аз ҳама писари калонӣ Имомалӣ, ки баҳри падар на танҳо набераву абера балки шаш чабера ҳам ба дунё овард, парешон шуд. Дунёи рӯҳонӣ аз андешаҳои одамони имрӯза, гуфт ӯ ба додарҳояш Камолиддину Зикриё ва хоҳарон Парчахон, Тӯҳфахону Фотимахон, Маҳмудахону Раҳимахон аз рӯҳу арвоҳ дур шудааст. Хуфтану хӯрданашонро медонанду ҷамъ карданашона. Олама ҷамъ кунанд, ба назарашон кам

менамояд. Ин хел зиндагӣ мӯъҷизае надорад. Якранг аст. Мӯъҷизаҳо дар олами рӯҳиянд. Рӯёҳои шаб рӯёҳои рӯҳонианд. Рӯҳи дузд дузд аст. Дуздиву ҷазо хоб мебинад? Сарватдузд азоби гирдоварии молу пулу зар ва чи хел ба ғорат рафтану пеши чашмонаш барқ задани ханҷар ва ба дил равона шудани онро мебинад.

Ба даҳшат чашм мекушояд. Ва то ба рӯз душман меҷӯяду дафтари кину адовати вуҷуди хеш варақ мегардонад. Вале хоби мардуми ростгӯву ростраʙ, некхоҳу неккору дуруст дигар аст. Хоби ӯ пок аст. Ба хоб рӯҳу арвоҳҳои пок мебинад.

Акаи ҳоҷӣ Турдиалӣ марди пок аст. Ҳақашро ба мардум доду ҳақи мардум нахӯрд. Падари онҳоро ба хоб дар либоси поки ҳоҷигӣ дидааст. Вале ӯ аз пуркорӣ фурсати андешаи ҳаҷ надошт. Аз ҳаҷ ифтихори ӯ падараш буд. Дигар ин ки роҳҳои ҳаҷ мисли ҳозира кушода набуд сиёсати бехудоӣ гӯри онеро, ки нияти ҳаҷ мекард, то зону меканд. Замонаи Президент Эмомалӣ Раҳмон дигар хел. Ин марди бузург роҳҳои мардумро ба чор тараф ҳамвор кардааст. Чароғи шаби торики ҳамаи хонадонҳост ин марди бузург. Ба роҳи мақсад ҳар гоҳ мехоҳӣ, мебароӣ. Дар зулмот пеши по намехӯрӣ. Чунки роҳи ту ҳамвор аст.

Биҷунб, ҳаракат кун, роҳ гарду ба мақсад рас.

Замонаи марди аз бадӣ дур ва беайбу росткору худотарс ҳамин хел мешавад?

Чаро падар ба хоби онҳо неву ба хоби ҳоҷӣ Турдиалӣ даромад? Шояд сабаб ҳоҷӣ набудани онҳо бошад. Ба Имомалӣ чи намерасад? Ё гирем, ба Камолиддину Зикриё? Ба хоҳаронашон ҳам? Ягон монеъа нест. Ва хоби падар чи маъно дорад. Имомалӣ сари ин масъала сар кафонд. Бобои Одам бо гуноҳ ҳамчун ҷазо ба ин рӯи замин омад. Ба ранҷ зиндагӣ кард. Фарзандони бисёр ба дунё овард. Ва ин дам ба ҷуз ранҷ роҳате надошт. Набераву аберахои ӯ ба шарқу Ғарб, шимолу ҷануб паҳн шуданд. Ва дар ботини ҳамаи онҳо шарорату гуноҳ буд. Замони чабераи ҳазрати Одам гуноҳ рӯи заминро пӯшонд. Нафрати Холиқ омад аз ин махлуқи халқ кардааш? Кору кочори онҳоро дид ва ғазабаш омад. Сари ғазаб ба замин нигоҳ кард.

Нӯҳ ва фарзандон ва аҳли оилаи ӯро аз бадӣ дур, росткору худотарс ва беайб ёфт. Хост ва фақат Нӯҳ ва аҳли оилаи ӯ ва ҷуфтҳо аз ҳайвоноту ҷонварон нигоҳ дошту дигар ҳамаро нест кард.

Дар варта ба даҳшат ҷонканиҳои одамону ҳайвонот, ҳамчунон парандаҳои осмон, ки дар ҳаво гардиш карда, ҷои оромиш наёфта бо азобу азият ҳалок мешуданд, раҳми Холиқро овард, то бисёр

гуноҳи одамонро бубахшояд. Ва одамон тавассути шариат худро назди ӯ сафед кунанд.

– Мо ҳам, – гуфт Имомалӣ, – агар пеши падар гуноҳе дорем, танҳо ба василаи шариат имкон дорем раҳо ёбем.

– Чи хел? – пурсид Зикриё, ки аз умеди пайдо шудани авфи гуноҳ шод шуд. Чеҳраи Камолиддину хоҳаронаш ҳам кушода шуд.

– Аз фарзандон ягон нафар бояд зиёрат раваду ҳаҷи худашро ба падарам бахшад. Ӯ баъди марг ҳоҷии ҳақиқӣ мешавад. Дигар қуввае пайдо намешавад, ки либосҳои ҳоҷигиро аз танаи ӯ гирад.

Ҳама ба фарзанди сеюм Камолиддин, ки бори вазнини бародарону хоҳаронро зиёдтар ӯ ба дӯш дорад,чашм дӯхтанд.

Камолиддин ба ишораи инкор сар ҷунбонд. Бародари калон, гуфт ӯ мартабаи падарро дорад. Ҳаҷ барои ҳоҷӣ кардани падар ба ӯҳдаи Имомалӣ афтид. Баъдтар Камолиддину Зикриё расми ҳоҷигӣ ба ҷо оварданд ва ҳаҷи хешро ба падар бахшиданд. Мадумар баъди фавт се бор ҳоҷӣ шуд. Аз хешону таборон ва хурдоварону калонсолони Янгибоғ падари онҳоро бо номи ҳоҷӣ ба ёд меоваранд.

* * *

То он гоҳе дар замини Боғобод помидор мерӯяду рӯи хоки намнок бодиринг панҷа мезанаду навниҳолони ток болои ҳавозаҳо мебарояд, ҳоҷӣ Мадумар ба дилҳо маскан дорад ва аз ёдҳо ба хобҳо меояд.

Фарзандҳо ба номи падар ифтихор доранд. Ва хоби ҳоҷӣ Турдиалӣ, ки сабаби адои боз як қарзи фарзандии Имомалӣ, Камолиддину Зикриё пас аз марги падар гардид, муҳаббати онҳоро нисбат ба ӯ зиёд кард. Камолиддин аз байни одамҳо паҳлӯи ҳоҷӣ Турдиалӣ гузашт.

– Мард, – гуфт ӯ, – гиря намекунад. Чи зӯромад дорӣ, гӯй. Шарм дорӣ оҳиста гӯй. Ман шунавам шуд.

– Ба алами падарам, – гуфт ҳоҷӣ Турдиалӣ, – мегирям. Мисли падари шумо ба хобам даромад. Ва аз ман норозӣ. Камолиддин донист, ки Турдиалӣ барои худаш ҳаҷ кардааст. Ӯ аз алами он мегирист, ки дар вақту соаташ нияти бахши ҳаҷи худ ба падар накард. Ва ҳине ҳаҷ ба ҷо меовард онро ба падар набахшид. Турдиалӣ ба худкомагии худ мегирист.

– Дар олам, – гуфт Камолиддин, – акаи Турдиалӣ мурда зинда намешавад. Ба ҷуз ин ҳама мушкилӣ осоние дорад.

Турдиалӣ дар назди арвоҳи падар худро гунаҳгор медонист ва ба айби худ мегирист, ҳарчанд ба ӯ насиҳат доданд, ором нагирифт. Рӯз ба рӯз пеши мардум ӯ заҳиру хазон мешуд. Камолиддин дарёфт,

ки ин ба ҷуз бемории рӯҳӣ дигар дарде нест. Ва бо маслиҳату кӯмаки ӯ ҷои падари марҳумаш ба ҳаҷӣ дубора рафт. Ва аз кадом як бори гарони рӯҳие раҳо ёфт.

* * *

Овози гиряи ҳоҷӣ Турдиалӣ дар гӯш ба сарам пичироси Камолиддин чарх мезанад: «як айб дорам». Чи айб бошад он? Авроҳи падар аз ӯ хурсанд, бародарҳову хоҳарон, набераҳову ҷиянҳо ҳам. Аз язнаҳову янгаҳо бӯи хоҳарону бародарон меояд. Ягон мададхоҳ аз дари хонаи ӯ бенаво нарафтааст. Аз хона ба кӯча бароянд бачаҳо аз бозӣ, давутоз мемонанд. Нигоҳи худро гурезонда бо тавозӯъ рост меистанд. Ба ҳоҷӣ Камолиддин одоби хуби худро нишон медиҳанд. Калонҳо даст болои қафаси сина мемонанд. Занҳои бошарм сар хам мееоранд ва бо салом сар меҷунбонанд. Ронандаҳои шинос суръати ҳаракатро паст мефароранд. Ва аз паси чамбараи рул сар меафшонанд. Агар ишорате аз ӯ бинанд, мошинро нигоҳ медоранд. Ба хотири саломи дастӣ чолок мефароянд.

«Як айб дорам» гуфт миёни гиряи ҳоҷӣ Турдиалӣ ва баҳри дилдории ӯ рафт. Ва мо ҷудо шудем. Сабаб вақти танги бозгашти ман ба Душанбе буд.

Ҳоло ки дар лаби кати сояи бед нишастаем ва як ҷуфт қозҳои сафед, гуё моро ҳамҷинси худ гумон бурда, ба дастурхони мо нӯл дароз мекунанд, Камолиддин мартабаи ҳоҷигӣ дорад, дар кушодани айби худ дудила аст. Ӯ миёни сӯҳбат боз сар паст гирифт, абрӯҳо боло бардошт ва гуфт:

– Гӯям, нагӯям… Бачаҳо маҷбур карданд… Ва ӯ хост сухан ба дигар тараф барад. Гӯши мо ба ӯ буд ва ихтиёр дошт аз ҳар бобе хоҳад, ҳарф занад. Сухане, ки ба маҷбурӣ, кунчкобӣ, таҳқиқу пажӯҳиш аз гӯянда кашида мегирӣ шира надорад. Ин монанди калила, пӯсти каб – кабуди – чормағз аст. Вақте ба чунин пӯст печидааст, мағзи он хом аст, мисли об ва мазза надорад. Ҳине аз калила, пӯст ҷудо мешавад, чормағз расида ва мағзи он роҳати ҷон шудааст.

Сухан аз сӯзи дил шира мегирад, табу тоб меёбад, ба қиммати худ меафзояд, гавҳари тобон мешавад. Садафи он дигар на хок асту на сангу маъдан. Дилу тан, мағзу майнаи инсон аст махзани он. Ва садафи ҷон дар олам иваз надорад. Инсон баҳри ҳифзи ҷон тайёр ҳаст, ки аз баҳри ҳамаи дороии олам гузарад.

Чунки нигаҳдори тани ӯ азиз аст. Ва сухан дар ҳамин гуна садафи беқиёс макон дорад.

Ба ин хотир,: напурсидем, савол надодем. Нагуфтем, бачаҳо ба чӣ, ба кадом кор маҷбур карданд.

– Зани дуюм, гирифтам, – шармида гуфт ҳоҷӣ Камолиддин. — Оишахон муҳиби ҷон буд. Сарвқомат, моҳҷабин. Боз забонашро намегӯй? Аз лабҳои ӯ ба чеҳраи Камолиддин шакар меборид. Ӯ баҳри Камолиддин, Муҳаммадсаид, Абдуҳошим, Акмалиддин, Абдурасул, Дилоромхону Абдуҷабборро ба дунё овард. Ва аз хурди тарбияи хуб дод. Замоне ӯ ба Оишахон рӯ ба рӯ меомад, бо фарзандон сари дастурхон менишастанд, марг фаромӯш мешуд. Мушкилиҳои зиндагӣ аз андешаҳои онҳо ғайб мезад.

Ҳамасола баробари фаро расидани моҳи май рӯзгори онҳо ду ҷараёни якнавохт мегирифт. Дар ин моҳ кишту кори пахтаи хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Регар авҷ мегирифт. Пумбадона неш мезад ва дубаргаву себарга мешуд. Ва аз ҳамин лаҳза то ҷамъоварии ҳосили охир, ки аксар солҳо ба моҳи декабр рост меомад, барои Камолиддин аз авҷаш намефаромад.

Ӯ бомдод дар хона рӯ мешусту ду даст рӯи чамбараки рули трактор мемонд ва аз ҳавлӣ мебаромад. Ва баъди шом боз бо трактор паси дарвоза ҳозир мешуд. Даст аз рӯи чамбараки рул мебардошт ва хоку чанги пахтазорро меафшонд.

Бозгашти ӯ аз саҳро авҷи ташвиши Оишаро, дар паи рӯбучин пухту паз, шустушӯ, тарбияи шаш фарзанди думболи ҳам ба дунё омада, боз хишоваву ягонаи дубаргаҷону себаргаҷон, чобуқу чеканкаву чиниш боло мебардошт. Вале аз ин ҳама даву тозҳову гирумонҳо шикоят надошт. Бо чеҳраи хандону сухани дилнавоз ба истиқболи Камолиддин мебаромад.Сатили оби гарму хӯроки гарм ҳозир меовард ва рӯз дар миён ба ӯ тоза мепӯшонд. Аз чунин як муомилаи хуш кӯфти рӯзи дароз ба тани Камолиддин расида мебаромад ва Оиша, ки на аз ӯ камтар заҳмат дида буд, аз миннатпазирии шӯ ҳама ранҷҳоро аз ёд фаромӯш мекард.

Хушнудии бузурге, ки пас аз соатҳои арусӣ аз хотири Оиша зудуда нашуд, ин лаҳзае буд, ки сурати шавҳарро дар рӯзномаи «Ленин йӯли» дид. Дасту пои шӯи ӯ аз педалу рули трактор канданӣ надошт. Тирамоҳу зимистон шудгор мекард. Ними умри ӯ паси чамбараки трактори ХВС-у ХТ гузашт.

Камолиддин пумбадона мекорид. Чун аз таги хок неш мезад аз субҳи содиқ то ғуруби офтоб кори ӯ нарм кардану ғизо додан. Пеши назари ӯ аз сахтии механизаторӣ лаб туруш намекард, дили зан ба ҳоли мард месӯхт… Мехост аз ӯ мададе ба кори саҳрои Камолиддин расад. Ва ӯ ин ёриро дар расондани хӯроки гарм ва тобистону рӯзҳои тасфон ҳамроҳи таом ду-се коса дӯғоб дид.

Он рӯзе, ки хурсандии дуюм насиби Оиша шуд, ҳавои тасфони тобистон буд. Нурҳои офтоб болои майдони ҷӯякҳои нав аз об ба-

ромадаи ниҳолҳои пахта мавҷ мезад. Худи мавҷи лахчаҳои чӯби зардолу дар танӯри Оиша ҳангоми пухтани нони чапотӣ ворӣ. Байни мавҷҳо, ки ба нури чашми ғолиб омада, нигоҳи ӯро мебурд, трактори сечархаи Камолиддинро дид, ки аз поёни ҷӯякҳои ниҳолҳои нав аз гул фаромадаву шонабаста меомад. Оиша сояи калтути лаби борае, ки ҷӯи калони обро аз замини пахта ҷудо мекард, монд.

Дили Камолиддин ба занаш сӯхт ва ӯро сарзаниш кард:

– Кӣ гуфт, ки дар ҳамин хел ҳаво барои ман хӯрок биёрӣ. Дар чапкандӣ таом мепазанд. Нони гарм мепазанд. Хӯроки чапкандӣ ҳеҷ камӣ надорад, ки боз ту саргардон шавӣ? Ё ягон кас маҷбур мекунад.

– Худо нигаҳ дорад, – гуфт Оиша. – Боз дар ин хел ҳавои гарм.

Ва ӯ дастурхонро кушоду пастобаи селитраи дӯғобро аз халта гирифт, ба ҳар ҳол, – гуфт Оиша ба косаи чинӣ дӯғоб рехта истода, – мо дар соя. Ин офтоби гарма бин. Офтоб хурӣ, касал мешавӣ. Марги заҳри офтоб ду-се коса дӯғоб.

Ӯ косаи пур аз дӯғобро ба ӯ дароз кард. Гуё лабҳои Камолиддин ба лабҳои коса часпид. Ба як дам онро холӣ кард. Сари косаи дуюм хушҳолона нафаси дароз баровард. Худи оҳи сард ворӣ. Ҳар чанд Оиша пай бурд, ки дӯғ нафасҳои дар меъда гиреҳзадаи шавҳарашро кӯшоду ӯ дам ҳот шуд, вале ҳазле кард:

– Чи, оҳи сард аз дили пурдард кашидӣ ?

– Ин дил, – гуфт Камолиддин даст ба қафаси сина ниҳода, – бедард аст. Ва нафас аз ҷигари тасфида баровард.

Ва Камолиддин ба радиатори трактор ишора карда фаҳмонд: чихеле оби ин радиатор моторро хунук мекунад, аз бо ҳам часпидану таркидан нигоҳ медорад, дӯғ ҳам барои ҷигар дар ин офтоби сӯзон ҳамин вазифаро иҷро кард.

* * *

Ҳине Оиша косаву пастобаҳоро як-як дар оби ҷӯйбори сояи калтут шуст ва дастурхон меғундошт, велосапедсаворе аз роҳи пурхоки байни пахта ғубори чанг ба ҳаво бардошт. Камолиддин аз сумкаи чармии аз халтаи дамоварда ӯро шинохт.

– Эргаши пӯшидачӣ, – гуфт Камолиддин сӯи ӯ ишора карда ба завҷааш. Эргаши пӯшидачӣ аз чорроҳаи байни замини пахта сӯи трактори Камолиддин гашт. Ба куҷо мерафта бошад Эргаш. Ӯ одатан чорроҳаро бурида рост ба шипанг мерафту ҳама рӯзномаву мактубҳоро он ҷо монда бори велосапедашро сабук мекард. Шояд ӯ бо роҳи шипанги бригадаи ҳамсоя равад.

Ва ӯ чун рости калтуту трактори Камолиддин истод Оиша аз

ҷамъ доштани дастурхон худдорӣ кард. Боз Эргаши пӯшидачӣ нагӯяд: Оишаи зани Камолиддин ӯро дида дастурхон ғун дошт. Эргаш велосапедро ба танаи тут такя дод ва аз сумка ду газети «Ленин йӯли» баровард.

– Табрик, – гуфт ба Камолиддин ва Оишаро ҳам табрик карда ба дасти онҳо як рӯзномаӣ доду лаби дастурхон нишаст. Як нола нон хӯрду дуо гуфт ва по ба педали велосапед монд.

Камолиддин дар саҳифаи сеюми он сурати калони худу тракторашро дид. Мақолаи калон саҳифаро пур карда буд. Оиша суратро диду сарлавҳа ва чанд сатре аз он хонд. Ҳолати аҷоибе ӯро фаро гирифт. Сурату суханҳо барои ӯ нав набуд. Ин суратро дар хона, байни албому китобҳои фарзандон бисёр борҳо дидааст Оиша. Байни қолини калони девори ҳуҷра сурати калони давраи арӯсии ӯ бо Камолиддин овезон аст. Чашмони ӯ ин суратҳоро бисёр дидааст. Ва гӯшҳои ӯ суханҳои раисону саркоронро дар ситоиши заҳмати баҳодуронаи шавҳар ёд дорад.

Соли рафта, ҳамин шабу рӯз дар ҳамин замин ва ҳамин хел ҳавои тасфон, пеши чашми Оиша сарвари ҷумҳур Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов аз мошин баромад. Аз ҷӯйбори таги ҳамин калтут гузашт. Байни ҷӯякҳои пахта Камолиддин Мадумаров ӯро истиқбол гирифт. Котиб аз ӯ ҳолу аҳвол пурсид. Суханони гарму нарм ва саршори офарин гуфт.

Аз ин вохурӣ ду моҳ гузашт. Камолиддин чихеле дар коркарди замину парвариши ниҳолҳои пахта шӯҳрат ёфт, ҳамон хел дар чиниши пахта ҳам ном баровард. Аз кори ӯ ҳаваси сарвари ҳизби коммунистии ноҳия Ӯктам Яхшибоев омад. Ӯ илми парвариши пахтаро медонист. Олимҳои соҳа пеши ӯ лаб намекушоданд. Лекин нотиқ набуд. Дар ёфтану гуфтани сухани офарин мушкилӣ мекашид. Мехост илоҷе ёфта Камолиддинро хушнуд гардонад. Вале бо кадом роҳ.

– Аз ман, – гуфт ӯ ба Камолиддин, – ягон чӣ бихоҳ.

– Чи бихоҳам? – дар ҳайрат пурсид ӯ.

– Хона, мошини сабукрав, ҳар чи дилат хоҳад.

Камолиддин ба андеша рафт. Хона дорад. Порсол раиси хочагӣ, қаҳрамони меҳнат Аскаралӣ Мирзоев мошини нави ГАЗ – 24-и хизматии худро ба Камолиддин Мадумаров мукофот дод. Ба ӯ ҳозир ягон трактори кораш сермаҳсултар зарур. Ин трактори ХВС файзе надорад. Бардору фарораш бисёр. Бо ин қадар такондану ларзондан ва шалпару лакот гардонданҳош, кошки самараи баланд медод. Трактори ХТ сад бор аз ин беҳтар. Аммо камёб. Дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои калоне, ки аз ин трактор дошта бошанд, ками дар каманд.

Оё ба пайдо кардани он зӯри Уктам Яхшибоев мерасида бошад. Шояд расад. Ва Камолиддин ба чашмони сарвари ноҳия назар дӯхт ва аз ӯ трактори ХТ хост.

Уктам Яхшибоев хоҳиши ӯро пазируфт. Камолиддин зуд ба муроди дил расид.

Бо кӯмаки Яхшибоев соҳиби трактори нави ХТ шуд. Трактори нав мисли трактори пештараи ӯ не ки бо андаке зӯр задан равған партояд.

Ҷони Камолиддин аз машақатҳои равғантозакунӣ халос шуд. Ӯ бо трактори нав баробари ду-се механизатор маҳсулот дод ва аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсоли пахтаву самаранокии кор дар ноҳия ҷои аввалро гирифт.

Дар маҷлисҳо чи қадар бардор бардор карданд ӯро. Вале ҳама он суханоне, ки аз сари минбар нисбати Камолиддин Мадумаров гуфтанду ӯ шунид, пеши ҳарфҳои навиштаи рӯзнома ночиз намуд. Ва Оиша ҳаяҷони дилро ба рехтани чой аз қарабоӣ ба пиёла ва хӯрондани шӯй паст нишонд. Камолиддин инро равшан эҳсос кард.

* * *

Ӯ аз инсонҳо бераҳмӣ надид. Ва мушкилиеро ҳам ба ёд надорад. Марде, ки вазифаи ҳаррӯзаи худро саришта мекунад. Кори ин соатро ба соати дигар намемонад. Коҳилӣ ҷасорати расидан ба гарди домони ӯ надорад, чи мушкилие метавонад ба ӯ рӯ ба рӯ ояд. Ва чи сахтие дили ӯро мешиканад. Танҳо ҳуққабозиҳои аз назар ниҳони аҷал ӯро маҳзун гардонд. Аҷал ба домони Оиша чанг заду ӯро аз паҳлӯи Камолиддин Мадумаров бурд. Сархаму маҳзун шуд Камолиддин пеши аҷал. Фавти Оиша ӯро парешон кард. Бисёр ҳавасҳои ӯро кушт. Вале ғайрати ӯ ба заҳмат коҳиш наёфт. Чун ӯ ба паси чамбараки рули трактори ХТ менишасту аз ҳавлӣ мебаромад, боз ҳамон Камолиддин буд. Танҳо дар хона дилгир мешуд. Ҳар он чи чашм медид Оишаро ба ёд меовард. Баъзе овозҳо дар гӯши ӯ ба оҳанги овози Оиша табдил меёфтанд. Ӯ қасд кард, то умре дорад, дигар зан нагирад. Вале бачаҳо намонданд. Бо ҳазор забон бо ӯ сухан гуфтанду бо ҳазор роҳ аз дарҳои дили ӯ даромаданд. Ночор розигӣ дод. Камолиддин, бо Лобархон хонадор шуд. Лобархони чарбзабону фурӯтан дили ӯро ёфт. Пайванди дили шикастаи ӯ гардид. Ва ба тақдир тан дод. Шукри фарзандон гуфт.

* * *

Лобархон баҳри Камолиддин Абдурашиду Нодирахонро ба дунё овард. Замоне Абдурашид ба дунё омад Муҳаммадамон шонздаҳ,

Абдуҳошим чордаҳ, Акмалиддин дувоздаҳ, Абдурасул даҳ, Диломхон ҳашт ва Абдуҷаббор шаш солагиро пур карданд. Баробари раҳгардон шудани Нодирахон Камолиддину Лобархон ба ташкили оилаи фарзандон оғоз намуданд. Сол дар миён тӯй гузаронданд. Ва ин то рӯзи ба шавҳар додани Нодирахон тайёриҳову гузарондани маросимҳои ҷашнҳои шаҳу арусӣ дар хонадони ҳоҷӣ Камолиддину Лобархон бист сол сурат гирифт.

Фарзандон барои ҳоҷӣ Камолиддину Лобархон сӣ набера оварданд.

Рӯзи таваллуди фарзанди нахустини Дилбархон омодагӣ гирифтан ба тӯйи Абдуҷаббор Камолиддин шоҳиди ҳодисаи аҷибе шуд. Сагҳо аз кӯчаҳо сӯи хонаҳо давиданд. Аз дарҳои кушода зада даромаданд болои гилему кӯрпачаҳову дастурхон. Сагҳо баданҳои худро ба одамон зич оварда мисли бед меларзиданд.

Аз берун садоҳои пай дар ҳами автомату пулемёт ва таркиши норинҷаку оташандоз меомад. Ин садоҳои бадҳайбат аз наздик меомад. – Ибод командир дам ба дам аз сарҳади Ӯзбекистон ба Тоҷикистон лашкар мекашид, маҳаллаҳои ободи сарҳади Тоҷикистонро хароб мекард. Бо БМ-ҳо метарконд. Ӯ насли марди ин ҷойҳоро чашми дидан надошт. Аз тифли гаҳвора то бачаи ҳафтсолаву марди дар ҳафтод ба чашмаш бад меафтод. Ҳаёти инҳоро марги худ медонист.

Бечора сагҳо, аз дил гузаронд ҳоҷӣ Камолиддин аз ваҳшоният ба даҳшат афтодаанд. Баданҳои онҳо аз одамони тирхӯрда зиёдтар меларзанд. Аз афташ захмҳои ҳалокатбори ба ин мардум расидаро дар бадани худ ҳис мекунанд.

Дар Янгибоғ овози ягон саг ба гӯши ҳоҷӣ Камолиддин намеомад. Сагҳо овози худро, ки ба ҳимояи ҳавливу аҳли хонавода баланд мекарданд, ҳайф медонистанд. Боз ҳоҷӣ Камолиддин пушти девори дарози боғ се гову аспи самандро дид. Говҳо дар ҷавоби таркишҳои сахт як – ду бор сар бардоштанд ва бепарво лаб ба чаро заданд. Вале аспи саманд бетоқатӣ мекард. Гӯшҳо сӯи фалак рост ва чашм он сӯйе дошт, ки овозҳои даҳшатнок баланд мешуд. Асп қоматро чун най рост медошт ва дар пушти худ ҷанговари гаронборе метохт, ки қаторвазна ба миён баста ва аз китфҳо то сари зону шаддаи тиру норинҷакҳои овезон дорад.

Асп аз овози автомату пулемёт наметарсад. Ва аз таркиши БМ-ҳову норинҷаку оташандозу минамётҳо ҳам. Аз бархӯрди шаддаҳои тири то зону овезону ба ҳам бархӯрдани норинҷакҳои ба камар овезону ҷаранг ҷурунги онҳо парвое надорад.

Он фарзандони нохалафи диёри ӯ, ки бо Ибод пайвастанд, дар

ҷавоби ҳама бедодиҳову хуношомиҳо мардумро мисли ин аспи саманд ҳушёру ҷасур гардонд. Мардум ба даҳшатҳо хӯ гирифтанд. Автомат ба чашмҳои мардҳо аз аловшураки занҳо беқадртар гардид. Аввал аз садои автомату пулемёт, БМ-ҳову оташандозҳо ва норинҷаку минамётҳо ба дилҳо бим меомад. Бим гурехт. Тарс беқадр шуд. Аз бехи гӯши онҳо тир паррониву мина андозӣ сари як мӯяшон хам намехӯрад.

Ибод ноҳияро тасарруф карду ҳоким шуд. Ҳама корхонаву ташкилоту хоҷагиҳоро зери нигини худ даровард ва то ҷое дасташ мерасид, ба ғорат пардохт. Ва дар Тошкант қасри бошӯкӯҳе тарҳрезӣ кард. Пайравони наздикаш, ки берун аз ноҳия аз ӯ пуштбонӣ доштанд, дар қатлу ғорат аз Ибод пас намемонданд. Нақши пои онҳо ҳама маҳаллаҳои ноҳияҳоро пахш карда, ба ҳавлии Камолиддин расид. Хостанд ӯ ва се бародарашро, ки фарзандони баҳодур доранд шарики ғоратгариҳои худ гардонанд. Вале даст наёфтанд. Ноумед аз ӯ даст бардоштанд. Дар авлоди мо фаҳмонд, ба автоматбадастону гумоштаҳои Ибод, ки таҳдиди марг мекарданд, ҷанговару сипоҳӣ нест. Авлод ба авлод деҳқонем. Аз қавми ҳоҷӣ Зайлон касе автомат ба даст гирад арвоҳи ниёгонамон ӯро мезанад, шармсори мардум мегардонад. Вале белу каланд бардорад, арвоҳҳо мададгор мешаванд, ба кори ӯ баракат медиҳанд, як донашонро сад дон мегардонад.

Камолиддин аз мили автомат натарсид ва ҳамчунон аз туфангчае, ки дар дасти қумондони автоматбадастон бозӣ мекард…

* * *

Камолиддин қозҳоро аз назди кат ронд. Қози калони сафед, ки дам гирифтан намехост, аз бораи баланд даруни ҷӯйбори об даромад. Ва Камолиддин лаби кат сархам нишаст. Чашм аз замин намебардошт. Ӯ дигар на мурғобиҳоро медиду на нишастагони болои катро. Гуё ба замин роз мегуфт.

– Гӯям, нагӯям, – садо баровард ӯ.

– Аз нагуфтан, гуфтан беҳтар, – изҳори ақида кард нафаре аз нишастагони рӯи кат.

– Мегӯянд ки, – бо овози ба зӯр шунаво пичирос зад акаи Камолиддин, – ҳар кӣ аз гуруснагӣ мурад, ҳаром мемирад.

Ба назари ӯ ин ақида ғалат намуд. Дар сурате ки қаҳтии ҷанг нола аз даҳони кӯдакон, пирону кампирон мезанад, тифлу модар аз беғизоӣ мирад, ин чигуна маргест?

Ин маргест аз гуруснагӣ, ки аз куштаи ҷанг бадтар. Чунки ун як лаҳзаҳаке аз зарбати тир ба хуни худ печида ҷон медиҳад ва дигаре аз гуруснагӣ азияти тӯлонӣ мекашад ва ба сахтӣ шаҳодат меёбад.

Ва дунё занҳои боғайратеро медонад ки гӯшти фарзанди аз каҳтӣ фавтидаи худро порча-порча бурида, мепазад ва ба кӯдаки аз гуруснагӣ дар сарҳади марг истода медиҳад, ба умеде намираду зинда монад.

– Гӯям, нагӯям. Дар ҳама ҷангҳои олам тиру таркиш, найзаву ханҷар аз берун меомад. Ва қаҳтиву вабо аз дарун. Ин беҳтар буд. Чунки душмани беруна дарунро намедонист. Қаҳтиву вабо дертар меомад. Ба сустиву оҳистагӣ паҳн мешуд.

Офати аз берун омада ду офати дарунро, ки пайгирони ҷанганд, дертар тавлид мекард. Аз офати дур умеди наҷот зиёдтар аст.

Вале ин ҷанг аз дарун буду душман аз байни мардум. Ва се балои азим: ҷангу қаҳтиву бemориҳои аз вабо ҳам даҳшатангез аз дарун хурӯҷ кард. Душман дарунро аз берун беҳтар медонист. Ин се офат бо ҳам даст дода ва бо тарзи худ ба сари мардум талафоту харобӣ меовард.

Ва боз мушкили дигар. Замоне душмани беруна шикаст мехӯрад, ӯро ба берун меронӣ? Аммо душмани дарун, ки шикаст хӯрдааст, ӯро ба куҷо меронӣ? Ӯ туфанг ба замин занад ҳам хомӯш намемонад. Даъвои ватан, зану фарзанд, хонаву ҷо ва кору вазифа мекунад. Ана мушкилии ин ҷанг баъди ҷанг аз қаҳтиву вабо ҳам сангинтар меафтад. Ҷанги берун қавми яҳудро парешон кард ба чор бурҷи дунё. Вале миллат барқарор монд. ҷанги Миср, ки аз дохили Миср бархост, мисриёнро бенишон гардонд.

Ба сайёраи Марс аз дигар сайёраҳо душман наомад. Ҷанг аз дохили ин сайёра хест. Марсиён бо ҳам ҷангиданд ва оқибат чӣ шуд? Марсиён бо ҳамдигар хашм гирифта чунон ҷангиданд, ки ҳаётро аз рӯи сайёра рӯфтанд.

Ва ҷанги дохила аз ботини одамон бар мехезад. Ботинҳои пур аз макру кина, ҳаваси мансабу мол, курсиву сарват нанговаранд. Аз ҳирс меҷӯшанду ғалаён мекунанд. Бо овозаву дарвозаҳои дурӯғин, найрангу дасисаҳо ақлҳоро тира месозанд ва мардумро ба варта мебаранд. Ба мардуми пеши дарҳои калон кушодаи варта истода сарвар шудан осон нест. Ва аз нестӣ ба ҳастӣ баргардондани бемори дами мавт ҳам. Бори вазнин аст ин. Ва парвардигор на ба ҳар роҳбар, ба худи Президент қудрати бардоштани ин борро медиҳад.

Президенти як мамлакате ки ҳарчанд кӯчакаш мегӯянд, аз садҳо давлатҳои рӯи сайёраи замин масоҳату нуфузи калонтар дорад. Агар кӯҳҳоро дар шумор оварем. Кадом мамлакати бузурги олам ин микдор кӯҳҳо дорад. Боми дунёст Тоҷикистон. Рӯдҳои онро дар шумор оварем, дар олам, агар ҷои якум набошад, дуюмин аст.

Ба ақидаи ҳоҷӣ Камол ҷаҳон дар як ҳолат қарор надорад. Аз

ҳазор ҳолат як ҳолати онро пай намебарем. Вале Президент ҳамаи ҳолатҳои дунёро медонад. Хубу гандаи дунё, ба ақидаи ҳоҷӣ Камолиддин мисли шабу рӯз поён надорад ҳардуро одамон меоранд. Мо макони рӯшноиву торикӣ, тӯфону гирдбодро намедонем. Вале макони хайру шар возеҳ аст. Он аз дилу ниятҳои поку нопоки одамон ибтидо мегирад. Ҳар чанд некӣ ба роҳи худу бадӣ ҳам ба роҳи худ мегӯянд. Ин чандон фикри сареҳ нест. Ҳар ду дар роҳи тӯлонии ҳаёт бо ҳам бархӯрд доранд. Бархӯрдҳои зудгузару дерпой.

Раванди бозсозии Горбачёвӣ ҳамаро сиёсатбозу гурӯҳбоз кард. Боғбон таги дарахт менишасту деҳқон лаби замин, бозорнишинон сари мол ва мизнишинон сари мизу хонанишинон рӯи кӯрпача ва аз сиёсат чунон ба баҳс меомаданд, ки даҳонҳо кафк мекард.

Ва ин вазъ замоне буд, ки Камолиддин наздик ба хона панҷ гектар иҷора гирифт.

Ӯ ҳақиқати сиёсатбозиҳоро дарк намуд. Ин, гуфт ӯ ба бародарон ва фарзандону ҷиянҳо шуғли коҳилон аст. Ва замини иҷораро байни онҳо аз бист то чил сотихӣ тақсим кард. Ба худаш сӣ сотих монд. Ва ӯ дар дафтари ҳисобу китоб ҳабдаҳ хоҷагӣ ба ҳисоб даровард.

Хоҷагиҳои ӯ се гектар ниҳоли ангур ва ду гектар хурмо шинонд. Се баҳору тобистону тирамоҳ аз субҳи содиқ то шом ба ниҳолҳо обу ғизо доданду заҳмат ба сар бурданд. Сеюм сол боғ ба ҳосил омад. Вале ҳосил чандон назаррас набуд. Тирамоҳи соли наваду дуюм ниҳолҳои хурмо чунон бор оварда буданд, ки мислашро кас ёд надорад. Навдаҳои хурмо хам заданд. Шохаҳо қудрати бардоштани бори худ надоштанд. Хурмозор пур аз появу такягоҳ шуд.

Хӯшаҳои ангурро намегӯӣ. Ҳар хӯшае на камтар аз як кило вазн дорад. Оғози ҷамъоварии ҳосил ба рӯзи сарвари давлат интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон рост омад. Ва ӯ ин файзро аз паи қадами ӯ донист.

Ва ин файз аз сари ӯ дур нарафт. Ҳамасола ба замини боғу роҳи бозору хонадони хоҷагиҳои фермерии Камолиддин борид. Бародарону фарзандон ва ҷиянҳои ӯ, ки ҳама соҳиби оилаанд, аз ҳақи андоз ягон кило маҳсулот пинҳон намедоранд. Дафтари ҳисобу китоб зери назорати Камолиддин аст.

– Ба ростӣ, – таъкид ба таъкид башорат медиҳад ӯ ба ҳабдаҳ хоҷагии фермерии худ, – ба шумо мегӯям. Ҳақи хазинаи давлат ҳалол нест. Ҳеҷ гоҳ ба ин ҳақ хиёнат накун. ба сарат касофатӣ меоварад. Баракат аз замин мепарад. Ва чунон, ки ту ӯро намеёбӣ. Ин шӯхӣ нест.

Камолиддин на танҳо аз ҳосили боғ, балки аз ҳар он чи ки байни току хурмозор мекард, андоз месупорад. Дар замини фермерии ӯ

ягон ваҷаб холигӣ нест. Тарбузу бодиринг мекорад ва пиёзу сабзӣ. Ҳар кадоми он дар ҳисоб аст. Ва ӯ соле то ҳафтоду ҳашт ҳазор сомонӣ андоз месупорад. Баъд баракати замини ӯро афзоиш медиҳад. Аз ин ҳисоб падари марҳуми ӯ ҳоҷӣ шуд. Ин аввалин ҳоҷӣ буд дар оила. Баъд Имомалӣ ба номи худ ҳаҷ кард. Камолиддину Зикриё ҳам ба ин мартабаи шариф расиданд. Фарзандони ӯ Муҳаммадамону Абдуҳошим ва Акмалиддин суннати ҳаҷро ба ҷо оварданд.

Ба ҷуз ин дараҷаи зиндагии хоҷагиҳои фермерии Камолиддин нисбат ба даҳ-понздаҳ соли пешин баланд гардид. Дастҳои онҳо кушодатар шуд.

– Ба рости ба шумо мегӯям, – изҳори ақида мекунад ҳоҷӣ Камолиддин, – осудагиву осоиштагие, ки ҳамин Президент Эмомалӣ Раҳмон овард, якбора оилаҳои иҷоракорҳои моро фаровонризқу рӯзӣ гардонд. Ҳар кадоме аз ҳар он чи мехоҳад, зиёдтар мeёбад. Камолиддину бародарон ва ҳамчунин фарзандҳои онҳо аз ангур мавиз карданд ва фурӯхтанду ҳақи андози буҷаи давлатро нигоҳ доштанд.

Мураббои ангурӣ пухтанд ва хироҷ доданд. Хурморо ба бозор бароварданд ва аз фурӯши он музди буҷаи давлатро як сӯ гузоштанд. Чуноне, ки андоз аз замин хокро пурфайзтар карданд. Хироҷ аз истеҳсоли маҳсулот бар ҳаҷми он афзоиш дод. Замин бештар ангуру хурмо, пиёзу помидору бодиринг бор овард.

Хоҷагиҳои фермерии ҳоҷӣ Камол байни ҳамдеҳагон бо дасти кушодтару ризқу рӯзии фаровонтар рӯзгор ба сар мебурданд. Ва байни мардум эътибори зиёдтар ҳам дорад.

* * *

Бо мурури гузаштани солҳо фирмаҳои ҳоҷӣ Камол аз фурӯши маҳсулот маблағе ҳам андӯхт. Маблағ кироӣ буд. Бародари калони Имомалӣ заҳмати ҳаррӯзаи худро медонисту ба дастурхони оила нигоҳ мекард. Дастурхон камбудӣ надорад. Аз гуна – гуна охирин қарзи фарзандиро ба ҷо овард. Баъди мамоти падар аз сидқи дил ба номи ӯ ҳаҷ кард. Вале қарзи деҳқонии Имомалӣ тамомӣ надорад. То он гоҳе обу замин ҳасту хоки ҳосилхез ӯ байни ҷӯякҳои аз хок нарм ва дарахтони боровар ҷумбуҷӯл мекунад. Аз каланд, ки хокро нарму мулоим мегардонад, кайфияте мегирад. Чандин дастаҳои белу каланд, досту теша дар панҷаи ӯ аз соишу молиши бисёр чунон суфта шуданд, ки рӯзи ҳавои боронӣ мисли моҳӣ аз даст мелағжиданд.

Ва аз ин лағишҳо ӯ завқ мебурд. Озмуни қадимиеро аз ҳикояҳои падар ба ёд меовард. Озмунро шаҳаншоҳи Эрон гузаронд. Беҳтарин

ороишгарону меъморони турку чинро хонд. Ва ба онҳо ба як хел андоза ҳуҷраҳои фаршу шифт ва деворҳо аз санг дод. Меъморони чин рангу бор ба кор бурданд. Вале устоҳои турк рангу борро сари як мӯй написандиданд. Онҳо ҳусни сангро дар санг ҷустанд ва ба сайқал пардохтанд.

Аз заҳмати суфтагарии онҳо сангҳо дурахш ёфт. Фаршу шифту деворҳо бо чандин ранг ҷило пайдо кард. Рангу бори чинӣ пеши ин ҷило хира шуд. Озмунгарон ангушти ҳайрат газиданд.

Дастаи сайқалхӯрдаи каланди Имомалиро ба каф мегирам. Чи қадар мулоим аст. Ангуштҳо роҳат меёбад.

Ба ақидаи ҳоҷӣ Камол ранҷи бомаром ҳам сайқали одам аст.

Ин сайқалро дар чеҳраи ӯ мебинӣ. Ва аз ҳама бештар дар эътибораш эҳсос мешавад. Меҳнат аз сидқи дил на танҳо обрӯ медиҳад, балки мартабаи касро баланд мебардорад. Ӯ назди парвардигор қоматашро рост мегирад. Ба чашми одамҳо рост нигоҳ мекунад, хобу рӯзгори осуда дорад. Ба дили ӯ ибо роҳ намеёбад. Варта аз ӯ ҳазар мекунад. Ва ҳар куҷое дил кашад, бетарс қадам мемонад.

Имомалӣ назди арвоҳи падар қарзи фарзандиро иҷро кард, вале қарзи деҳқонӣ ҷӣ. То замоне, ки Имомалӣ ҳасту обу замин ӯ аз ин қарз халосӣ надорад. Ҳар чи хоҳад ин замину об ба ӯ медиҳад. Ва ҳатто умри ҷовид.

Додари ӯ Зикриёро хоку об, дарахтону тухмиҳои нави сабзавот чунон сертараддуд кардааст, ки сари маблағи фоидаи тули панҷ сол аз замини боғ гирд омад, фурсати андеша надорад. Вале бародари ӯ ҳоҷӣ Камол тарҳи ба куҷо ва чи хел харҷ кардани фоидаи софи ба каф овардаи фермерҳои хоҷагиро дошт. Танҳо лаб намекушод. Фермерҳои ҷавон, ки ҳама фарзандону додарзодагони Камоланд, мумкин ба он чи ӯ мехоҳад, майл наоваранд. Аксар ҷавонони имрӯз, агар маблағе ёбанд, дабдабае мехоҳанд. Пайдои худро то дирами охир ба сари мошинҳои бологузару болонишини хориҷӣ мезананд. Ҳатто қарздор мешаванд. Аз ризқу рӯзии оила мекананд то гиребон аз дасти вомхоҳи хеш халос кунанд. Ва кам нестанд байни онҳо шахсоне, ки оила, падару модару ёру бародарро ғафлат дода хонаи маскунии худро ба гарав мемонанд ва бой медиҳанд.

Ҳоҷӣ Камол байни шиносони худ дар деҳкадаҳои калону маркази ноҳия кам надидааст ин хел ҷавононро. Ишқи ҷавонон аз хондану дониш гирифтан ба пулу мол, телефончаҳои мисли оиначаҳои кисагӣ зиёд шудааст.

Замони ҷавонии ӯ ҳам кам набуданд ҷавонҳои ба ҳавову ҳавас рақсанда.

Бурут мемонданд. Ва дар кӯчаву магазин, курсиву харакҳои боғҳои истироҳати шаҳру шаҳракҳо менишастанд. Бо боди бурут, оинача аз киса мебароварданд. Ба бурут шона мезаданду қалам мекашиданд. Қаламашон сарқаламӣ дошт. Ва нисфи шона ғилофи мисли нукра сафед, ё мисли тилло зарди оҳанӣ дошт. Ва ҳама инро барои духтарон мебароварданд. То духтарҳо савлати ӯро бинанд. Аз ин савлат дили онҳо об шавад. Донанд ки бо чи ҷавоне рӯ ба рӯ аст. Ва ҳине аз пеши ӯ мегузарад аз ғурури худ пушаймон шавад.

Ва соати банди даст ҳам мояи ифтихор буд. Дар кӯча ягон паризоде аз пеш ояд, остин бар мезад соатро намоён мекард. Як чашм ба таннозу чашми дигар ба ақрабаки соат дошт. Ва мақсади ӯ донистани вақт не, балки об кардани дили духтар буд. Ва он ҷавони савлатпараст сари дастурхони меҳмонӣ менишаст, духтари қадраси соҳибхона ҷой меовард. Ӯ даст сари зону мегирифт, то остин боло раваду соати дасташро бинанд.

Чунин савлатро ҷавонони ҳозира намеписанданд. Ҳавобаландии онҳо шиму куртаи ҷинс, мошинҳои хориҷӣ шудааст. Ҳоҷӣ Камолиддин гардишгоҳои назди вокзали автобусҳои мусофирбар ҷавонеро дид, савори мошини хориҷӣ. Ӯ сар аз дари мошин баровард ва ба ронандаи мошини тамғаи Москвич, ки капоти ба ҳаво хестаи бордонро мепӯшонд, фарёд зад.

– Эй: инсон! Гир лақакатро, ки гузарем!

Ронандаи Москвич ҳам ки ҷавон буд, аз ҳашамати мошини хориҷӣ рашкаш омад ва аз алам ҷавоб гардонда натавонист. Ва ӯ сари роҳи бозор ҷавонеро дид, ки телефончаи кисагӣ ба гӯш ва бо овози баланд ба ҳаво гап мезаду суханони носазо мегуфт. Ва мардум мешунид, лаънату ҳақорат ва носазогӯиҳои ӯро бо рӯи сӯйи осмон нигошта.

* * *

Ҳоҷӣ Камолиддин ҳам замоне ҷавон буд. Вале ҳеҷ гоҳ фурсати ба киса бардошта гаштани оинача надошту вақти хизмат ба бурут ҳам. Мӯи сарро паст метарошиду дар ҳавлӣ даруни ҷӯякҳои помидору картошка ва дар саҳро байни қаторҳои пахта медаромад. Каланд мезаду замин нарм мекард. Ва сари аз гармии бадан тасфида аз оби панҷаҳои ӯ, ки аз ҷӯйбор ба тораки он мерехт чунон роҳате меёфт, ки ягон сари инсони олам ин лаззатро аз шона намедид.

Ҳине паси чамбараи рули трактор нишаст ин роҳат боз гуворотар шуд. Чиллаи тобистон гармии офтоб аз сию ҳафту сию ҳашт ва чил болотару гармии мотор аз ин андаке камтар. Бар иловаи ҳарду сиву шаш – сиву ҳафт дараҷаи гармии бадан. Ҳарорат аз як саду шонздаҳ мегузашт. Ва ин ба роҳати сар меафзуд.

Ҷавонони ҳар замона аз дил гузаронд ҳоҷӣ Камол, шавқу ҳаваси хосси худро доранд, фаҳмидан зарур. Боз кори нодониста хуб нест. Ба хусус ҳамин шабу рӯз, ки ҷавонон андаке озор ба дил нишинад, дарҳол ниятҳо дигар мешавад ва роҳи Русияро дар пеш мегиранд.

Ва ӯ анҷумани кӯчаке орост. Ҳоҷӣ Камолиддин ягон тин пинҳон надошт. Ҳамаи маблағу аз кадом сарчашмаҳое рӯидани онро фаҳмонд.

– Ин маблағ, – гуфт ҳоҷӣ Камолиддин дар ихтиёри шумо. Ки чи камомад дорад гӯяд. Ва агар хоҳед онро баробар тақсим ҳам мекунем. Фоида беҳтар аз ҳама ба кори хайре сарф гардад.

Фарзандону ҷиянҳои ӯ, гӯё об ба даҳон гирифтаанд. Ҳеҷ кас орои сухан накард.

Ва бародари хурдӣ, ҳоҷӣ Зикриё гуфт:

– Ака, ҳар чи шумо гӯед, мо розӣ.

– Инро, медонам, – гуфт Камолиддин. – Вале аз забони фарзандҳо шунавем. Унҳо чи мехоҳанд.

Ва писарчаи калонии ҳоҷӣ Имомалӣ дар ҷои худ ҷунбише карду гуфт:

– Амакҷон, фикри моро донистан хоҳед, мегӯем.

– Марҳамат, ҷони амак, – гуфт ҳоҷӣ Камолиддин, – гӯй.

– Ҳар он чӣ, – гуфт ӯ, – шумо хоҳед ҳамон.

Аҳли анҷуман сар ҷунбонд. Ба ибрози ақида ҷои шаку шубҳа намонд. Ҳоҷӣ Камолиддин он чи дар дил дошт, ошкор кард.

– Аз падари мову бобои шумо номи нек ба мерос монд. Ӯ бо ҳунари боғдориву сабзавотпарварии худ мардумро таълим дод. Ва Янгибоғиҳо аз таълими ӯ файз ёфтанд. Ман мехоҳам ин ном ҳамчунин номи фарзандону наберахои ӯро абадӣ гардонам. Агар шумо розӣ – мактаб месозем. Мактаби ҳоҷӣ Мадумар ва фарзандону набераҳои ӯ.

Бор кардани ин қадар номи бисёр ба як мактаб, ба ҳоҷӣ Зикриё хуш наомад. Ва ӯ дар рӯзгор мактаберо, ки ба номи ин қадар одам бошад намедонад.

– Мактаби ҳоҷӣ Камолиддин ҳоҷӣ Мадумар шавад бас, – гуфт Зикриё. Бо ин ду ном ҳамаи мо қӯш.

* * *

Ҳоҷӣ Камолиддин эътибори худро назди бародарон ва хоҳарону ҷиянҳо медонист. Ва ин ҷо сухани ӯ ба ёдам меояд:

– Як камбудӣ дорам.

Ва ман саросема мешавам. Бисёр мехостам камбудие аз ӯ ёбам. Вале ба чашму гӯш намехӯрд. Шояд худаш гӯяд.

– Чи камбудӣ? – мепурсам бо умед.

– Ина медонистам. Аммо аз маслиҳат зиён намебинӣ эътиборат намекоҳад. Балки зиёдтар мешавад. Дилпур будам ва дилпуртар шудам.

Ҳай камбудӣ овардӣ, ҳоҷӣ Камолиддин, гуфтам ба худ.

Камолиддин аз паи иморати мактаби нави бо ҳукми қарори анҷумани фермерӣ ба номи Камолиддин Мадумаров шуд. Чунки ӯ одами обрӯманди зоти Мадумаровҳо буд. Аз ҳама авлод ордену медалҳо, ифтихорномаҳои зиёдтар дорад. Боз ҳама сарварони ҷумҳуру ноҳия ба ӯ эҳтиром доранд. Хурду калони авлод, чи марду чи зан байни хешу таборҳо, ёру дӯстон ва ҳама аҳли деҳа ба дил аз Камолиддин ифтихор мекунанд.

Ва аз вохӯрии ӯ бо Ҷаббор Расулову Уктам Яхшибоев ба назари авлод чунин менамуд, ки сарвари мамлакату ноҳия маҳз ба дидани ӯ меоянд.

* * *

Ӯ намуду сохти мактаби навро пеши назар овард. Биноҳои яккабатаи шаҳриву деҳотӣ намуде надоранд. Бигирем ҳамон мактабҳои ба номҳои Лоҳутӣ ва Горкийро, ки дар яке ҳоҷӣ Камол то синфи ҳашт хонд ва дигареро бо маълумоти миёна хатм кард. Долонҳои дароз мисли тунел ва аз ду тараф дарҳои синфхонаҳо. Агар ду муаллим муқобили ҳам дар кушоянд, шахси сеюм гузашта наметавонад. Рӯзи равшан чароғҳои роҳрав бимуранд, талабаҳои аз дари синфхонаҳо баромада бо ҳам кала ба кала мезананд. Боз бинои мактаби механизаториро дар деҳкадаи Пахтакор аз лавҳи хотир гузаронд. Бинои дуошёнаи таълимӣ, ки роҳравҳои он аз як тараф синфхонаҳо доштанду аз самти кӯча тирезаҳои калон ба чашмаш хуш намуд. Вале маблағи ӯ ба иморати он хел бинои калони дуқабата намерасад. Баъд дар Янгибоғ ин қадар хонандае, ки ҳамаи синфхонаҳои онро пур кунад, нест.

Бинои мактаби ӯ бояд зебо ва ба қадри хонандагону муаллимони деҳаи Янгибоғ бошад. Ва дару тирезаҳову ҷиҳози мактаб ҳам фарқ кунад. Дару тирезаи бе нақшу нигор чи намуд дорад? Аз дару тирезаҳои хушсохт, на танҳо баҳри хушнамудии бино ҳаст, балки бояд ҳаваси хонандаро оварад, завқи ӯро ба донишомӯзӣ афзояд.

Хаёле гиреҳи андешаҳои ӯро кушод: замин агроном дораду техника муҳандис. Ӯ пагоҳ маркази ноҳия меравад. Муҳандиси сохтмон аст. Номаш меъмор.

Ҳоҷӣ Камолиддин меъморро пайдо карду аз банди ҳама фикрҳо озод шуд. Бинои мактабро дар майдони кушод, ки аз бари он замини иҷораи ӯ мегузашт, тарҳрезӣ карданд. Сохтмон оғоз шуд. Баро-

бари ҳамаи онҳое, ки ба ин иқдоми неки ҳоҷӣ Камолиддин таҳсин мекарданд, дигархела одамҳо ҳам пайдо шуданд. Гуфтанд, фарзанду набераву ҷиянҳои бисёр дорӣ, мебоист маскунгоҳи ояндаи онхоро месохтӣ. Аз ин мактаб ба онҳо чи фоида?

– Як камбудӣ дорам, – ба андеша меравад ҳоҷӣ Камолиддин, – гӯям ё нагӯям. Ният, ки кардам пеши роҳам равшан мешавад. Худо маро медиҳад. Каҷкорон пайдо шуданд. Ва онҳо роҳҳои каҷи худро мепиндоранд, хостанд моро ба он роҳҳои худ ворид кунанд. Бинои мактаб ба ту чи медиҳад? Пулатро мехӯраду болои чор девор боми худро дошта меистад. Агар ин маблағро ба кори дигар, хариду фурӯши мошин, тиҷорати мол харҷ намоӣ, гапи дигар. Як сомониат даҳу сад сомонӣ мезояд.

Хайр миллиону миллиард сомонӣ зояд чӣ? Мақсади ҳоҷӣ Камолиддин, бародарону фарзандону чиянҳо ҷамъ овардани маблағ нест. Балки меҳнат карда ёфтану ба кори хайр харҷ кардани он аст. Ба ақидаи ҳоҷӣ Камолиддин умри абад дар бунёди мактабу нашри китоб аст. Мактабро, ки ёфт, китоб ӯро меёбад. Ва номи ҳоҷӣ Камолиддин, ҳоҷӣ Мадумар ва фарзандону хоҳарону бародарону ҷиянҳои ӯ абадӣ мешаванд.

* * *

Иморати мактаби ҳоҷӣ Камолиддин ба оғози баҳор, чашнгирии Наврӯзи оламафрӯз рост омад. Ин саҳарии ҳамон бегоҳие буд, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз телевизион мардумро шодбош гуфт. Ҳоҷӣ Камолиддин пеши телевизори хонаро иҷора гирифт. Ӯ дӯст медорад суханронии Эмомалӣ Раҳмонро. Ҳарчанд то он саҳаргоҳӣ ҳоҷӣ Камолиддин Президентро аз наздик надида буд, вале эътимоди комил дошт, ки сарвари давлат ӯро мешиносад.

Президент аз тахти дили ҳоҷӣ Камолиддин ҳарф мезанад. Овози форам, суханҳои чида – чида дорад. Дури ноб аст суханони ӯ. Ва ин ҳарфҳоро он касе гуфта метавонад, ки ҳазрати ҳақ бо нури маърифаташ ҷону ботини ӯро мунаввар гардондааст. Ғояи сохтмони мактаб ҳам дар андешаи ҳоҷӣ Камолиддин аз як суханронии соли наваду шашуми Президент (Ӯ барои он ки моҳу рӯз дақиқа ба ёд намондааст, худро сарзаниш кард) пайдо шуд. Онгоҳ сарвари давлат мардум, ба хусус соҳибмаблағонро ба сохтмони мактабу рушди маориф даъват мекард, он замоне буд, ки сӯмдорон фақат масҷид месохтанд. Дар маҳаллаҳои гуногуни мамлакат даҳҳову садҳо масҷидҳо бунёд мегардиду мактаб он тараф сохтани синфхона ба ёди касе намеомад.

Ҳоҷӣ Камолиддин ин камбуди сармоядоронро ислоҳ кард. Ӯ дар

бунёд ва тарҳи меъмории мактаб маблағро дареғ надошт. Ва ҳамчунин ҷиҳозондани он бо асбобу анҷомҳои дархӯри хониш ҳам.

Замоне иморати бинои мактаб ба поён мерасид, дар майдонҳои чор тарафи он ниҳолҳои току себу хурмо, анору анҷиру бодом қад сӯи осмон кашида боровар мешуданд.

Мактаби ҳоҷӣ Камолиддин бо рангу бору ороиши дохиливу зоҳир диққатрабо аст. Саҳни васеъву боғҳои доманадори он баҳри дилро мекушояд? Дар ҳақиқат он мактаби дилкушо аст?

Рӯзи ба истифода додани он, на танҳо барои аҳли оилаву қавми ҳоҷӣ Камолиддин, балки тамоми деҳа иди ҳақиқӣ буд. Ҳама аҳли деҳа ба шунидани занги аввалу дидани сафҳои хонандагон, ки аз саҳни калон вориди синфхонаҳо мешуданд, баромаданд. Шодии устодону шогирдон интиҳо надошт. Ва дар сари ҳоҷӣ Камолиддин андешаҳои аҷибе чарх мезад.

– Як камбудӣ дорам. Бигӯям, ё нагӯям, – ба ёд овард он рӯзро ҳоҷӣ Камолиддин, – ба назарам чунин менамуд, ки он манзараро Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳам тамошо дорад. Ва нигоҳи гарми ӯро эҳсос мекардам.

Ба ақидаи ҳоҷӣ Камолиддин дар олам ҳеҷ кас мисли ӯ орзуву омоли Президентро дарк намекунад. Танҳо ӯ медонад, ки Эмомалӣ Раҳмон аз мардуме, ки хиради пайдо кардани сарват доранд, чи мехоҳад. Ва ӯ бо бунёди бинои мактабу бо ҳамагуна таҷҳизоти дархӯри хонандаву омӯзгор муҷаҳҳаз гардондани он бори маорифи маҳалларо аз дӯши худ соқит накард.

– Ба ҷуз хурду хӯроки аҳли хонадон, хароҷоти замину боғ, – гуфт ӯ ба омӯзгорон, – инчунин пардохти андоз ҳар чи қадар фоидае, ки хоҷагии деҳқонӣ ба каф орад, ҳақи шумо мешавад. Ҳақи муаллиме, ки дилаш ба хониши бача месӯзад, дониши баланд дораду пешқадам аст. Зарур ояд, нолаи даҳонамро ба ингуна омӯзгор медиҳам.

Президенти мамлакат осудагиву ободӣ, ёриву бародарии моро мехоҳад. Муҳиммаш ҳамин. Он хоҳишҳое, ки дар дили сарвари мамлакат аст, ҳоҷӣ Камолиддин дар вуҷуди худ эҳсос мекард. Ҳар чанд баъзе аз наздикон аз ҳарфҳои ӯ ба ҳаяҷон меомаданд. Дар ҳаяҷони онҳо ҳайрату шубҳа ҳам буд ва эътимоду боварӣ ҳам.

Бигирем ҳамон рӯзи гармои болои кати таги сояи бед ва мурғобиҳои сафед, ки ба нигоҳам нишастагонро ҳамҷинси худ пиндошта, баробари дасти мо гардан ёзонда сӯи неъматҳои дастурхон нӯл дароз мекарданд ҳоҷӣ Камолиддин аз Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ёд овард ва гуфт:

– Агар ягон кас дар Душанбе заводи калони шир созаду ҷӯи шир

равон кунад ҳам дар дили Президент мисли ман ҷо нахоҳад ёфт.

Аз ин ҳарфи ӯ ба андеша меравам. Ҷӯи шир ва мактаб, макони маърифат. Аз завод шир мебарояд ва аз ин ҷо инсони фардо. Ва чигунагии одами фардо аз таълиму тарбияи ин макон вобаста. Агар аз паси партаҳои он одамони ба донишу фаросат, фарҳангдӯсту фарҳангпарвар ба роҳи ҳаёт барояд ва таълими касб гираду мутахассиси комилихтисос гардад, мамлакат гул мекунад. Чунки ихтисосманди варзида пешқадамтарин технологияи заминдориву чорвопарварӣ ва истеҳсоли ҳамагуна намудҳои маҳсулотро ба ватани худ меоварад.

Мактаби ҳоҷӣ Камолиддин аз заводи шир ба қадртар аст. Ва боварии ӯ ба меҳри Президенти кишвар ҳам асос дорад. Заводи ширу ҷӯйҳои ҷории шир баҳри соҳиби он маблағҳои калон дар пай дорад. Вале мактаб чӣ? Баъди се моҳи таҳсил нисфи омӯзгорон дари ҳоҷӣ Камолро кӯфтанд. Гуфтанд: ки аз он рӯзе дарҳои мактаби ӯ ба рӯи хонандагону муаллимон кушода шудааст як дирам ҳам маош нагирифтанд. Он сол вазъи молиявӣ дар ноҳия хароб буд. Мардум кор мекарду дараки музди заҳмат набуд. Қарзи хоҷагиҳо аз заҳмат ва қарзи давлат аз нафақахӯрону муаллимон моҳ аз моҳ зиёд мешуд.

Буд ҳамин хел замону ҳамин хел тангӣ дар рӯзгори мардуми хидматӣ. Ва боз буданд раисону корчалонҳое, ки заҳмати омӯзгорро намешинохтанд, аз паҳлӯи одаме, ки бо заҳмати ӯ тойҳои пахта тайёру барои сафари дур қатор шуда, то дар шакли доллар ба анбони ифлоси бизнесмену раис баргардад, мегузаштанд. Назар доштанду ҳоли вазнини ранҷбари саҳроро намедиданд, шикоятҳои талхи онҳоро мешуниданду намефаҳмиданд. Ҳоҷӣ Камолиддин, гиребони надомат гирифт, тавба, одамҳои навбою навкиса якбора беинсоф шудаанд…

Қози сафед боз ба дастурхон нӯл дароз кард. Гардани ӯ аз пояи аз замин бардоштаи кат ҳам дарозтар. Ҳоҷӣ Камол аз ба ёд овардани он замонаи бераҳм андаке ошуфта шуд. Ӯ ба ин беодобии қоз, ки нимтилимаи харбузаро бардошт, ранҷид. Сабук аз ҷой ҷаст ва қози пешсафро, ки ду ҳамроҳи он ҳам ба саф мебаромаданд, то ҳақи харбузаи худро аз дастурхон гиранд, ронд. Қозҳо ба лаби ҷӯйбори таги кат фаромаданд. Ва ҳоҷӣ Камол аз дастафшонӣ монд. Ӯ ду даст рӯи қафаси дил монд. Шукр он давра ҳам гузашт. Онро боз ҳамин Президент Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама равшанфикрон, ходимони мақомотҳои ҳуқуқӣ диду гузарон кард. Чи хел? Суханаш ба назарам аҷиб намуд: гузарон кард.

– Як сир дорам, – гуфт ӯ, – сари дор баранд ҳам ба ростӣ, ҳақи гапа мегӯям. Ӯ ҳалокати миллатро гузарон кард ва бемавтӣ овард.

Ҷои ҳалокат ҳастӣ овард. Ба чи табассум мекунӣ?

– Дуруст, – гуфт ҳамроҳам, ки рӯи кат аз ҳама боло менишаст. – Ин ҳақ аст. Вале сухани ҳақа на ҳар кас мегӯяд. Гӯё сухани ҳақ хор дорад. Ва хорҳои он ба даҳони хушомадгӯён мехалад. Ё теғ дорад сухани ҳақ ва сари забони ононеро, ки дилу вуҷуди пур аз тамаъ доранд, қурт мебурад.

Аз забони деҳқон шунидани суханҳои саршори тандиҳӣ ба сарвари давлат, на танҳо ба ман, ба ҳамроҳам низ хуш меомад. Ва ибораe ҳам машҳур шуд, ки мегуфтанд: бигир кипу бидеҳ чип. Дар кӯчаҳо чипҳо бисёр шуданд. Ва қатори гадоҳо ҳам. Ҳамааш дуруст. Танҳо ҳамин «гузаронд» назарам печутобдор.

– Куҷо печутобдор. Ба ростӣ мегӯям, на печ дораду на тоб. Гузарон насиби на ҳар сарвар аст, агар худо надиҳад. Худодода дигар аст. Сарвареро, ки худаш ба сари тахт меоварaду кулоҳи сарвари медиҳад, ин ҳарфи дигар. Ва тоҷу кулоҳ рамз аст. Тоҷу кулоҳи рамзиро хоҳ ба сар монад хоҳ не. Аз ин фари сарварие, ки Худованд ба ӯ додаст, хира намешавад. Балки пурҷилотар мегардад. Ту инро дурусттар мебинӣ. Чунки кулоҳи бо зару гавҳарҳои қиматбаҳо зиннат ёфта, ё кулоҳи лапарҳо шикаста нигоҳи туро фиреб намедиҳад.

Ҳозирон аз тоҷ якбора ба кулоҳи лабшикаста гузаштани ҳоҷӣ Камолиддин дар ҳайрат монданд.

– Чихел, кулоҳи лабшикаста?

– Буд ҳамин хел одам…

Лабҳои ҳоҷӣ Камолиддин рӯи дандонҳои биринҷ ва чун садаф сафеди ӯ фишурда шуданд. Ва чун лаб кушод гуфт:

– Як камбудӣ дорам. Дурӯғ гуфта наметавонам. Буд ҳамин хел одам. Лабҳои кулоҳаш сӯи гардан, болои гӯши чапу пешона хам зада зуд – зуд дар телевизиор пайдо мешуд. Шумо ҳам дидаед, медонед ӯро Абдуллоҷонов, исми худаш чи буд?

Ва ҳоҷӣ Камол ба умеди мо нашуда худаш ба ёд овард.

– Абдуллоҷонов Ҳамид. Роҳҳои ӯ мисли ҳамон кулоҳи сараш каҷ мерафт. Аз мардум ҳеҷ кас роҳи каҷа ҳамвор карда наметавонад. Чунки намефаҳмад печу тоби роҳҳои ӯро. Боз дар торикӣ. Чунки ӯ роҳҳои каҷи худро ба торикиҳо печу тоб медод. Роҳҳои торику пурсоя. Роҳи варта, мардумро сӯи варта тела дода баҳри худ хазина меандӯхт.

Ҳарчанд роҳҳои ӯро равшан намедидем, вале аз дил мегузашт, ки роҳҳои ӯ роҳи наҷот нестанд, орд аз Қазоқистон меоварду бо мӯҳри давлатӣ қонунӣ мегардонд, ки аз Канада овардааст ва қиммати онро се – чор баробар зиёд бардошта ба бозор медаровард. Гандум мегуфт баҳри халқ ва ҷои он бори вагонҳои роҳи оҳан мошинҳои

гаронбаҳои хориҷӣ мешуд, баҳри навбойҳои кисабури давлату ҷамъият. Ва ҳар рӯз аз дастурхони мардум як нон кам мешуд, аз подаи қишлоқ як гов. Ӯ ин ҳолро ба дараҷае ривоҷ дод, ки дар дастурхони мардум нон намонду дар қишлоқҳо подаҳои чорво.

Мардум... Мардум... Мардум... Гӯён ҳоҷӣ Камолиддин баҳри ифодаи фикр ибораи рехта ё масалу ҳикмате ҷуст.

– Очуқи гап, – гуфт ӯ, – мардума ҷанг андохт он кулоҳи шикасталапар бар сар.

Ин варта набуд чӣ буд? Ҳар гоҳ Худованд аз қавм як чи гирад дар ивазаш як чи медиҳад. Худо ба мо Эмомалӣ Раҳмон доду ақлу ҷасоратро ҳам ба ӯ арзонӣ дошт. Ва ӯ мардума аз варта гузаро кард?

Вале лабханди ҷавонмарди сиёҳҷурдаи дастурхон ба назари ҳоҷӣ Камолиддин беҷо намуд.

– Ба ростӣ, – гуфт ҳоҷӣ Камолиддин кунҷи чашм ба ӯ нигоҳе афканда, – як камбудӣ дорам. Дурӯғ гуфта наметавонам. Ҳайрон мешавам ба онҳое, ки як рӯз дурӯғ мегӯянду, баъд ду – се рӯз он дурӯғро метарошанд, то рост кунанд.

– Не Бобои ҳоҷӣ, – гуфт ҷавонмарди сиёҳҷурда, – ҳақиқати суханҳот бе баҳсанд. Вале ҳамин: гузаро ба назарам аҷиб намуд.

– Ҳеҷ аҷоибот нагуфтам, – эътироз намуд ҳоҷӣ Камолиддин. – Дар чеҳраи Эмомалӣ Раҳмон рӯҳе ба чашмам намуд. Он ба рӯҳи сарватманд монандӣ надорад. Рӯҳи сарватманд дигар хел аст. Дар рӯҳи сарватманд кибру ғурур аст, дар рӯҳи ӯ аз муҳаббат нишона намебинӣ. Бигирем ҳамон кулоҳи лапаршикаста ба сарро, ҳамаи мо ин рӯи кат нишастагон ӯро аз дур дидаем ва аз наздик ҳам. Рӯҳи пулу молдори пурғурур буд дар ӯ, ки мисли худаш риёкоронро ҳамтабақи ӯ гардондааст. Вале молу пули ӯ аз мардум гирд омадааст. Дер ё зуд ба соҳибони молу пул бармегардад. Ва чеҳраи ӯ сайргоҳи рӯҳи палид мешавад.

Дар рӯҳи Эмомалӣ Раҳмон таҷассуми муҳаббат аст. Ва муҳаббат аз Яздони мутаол аст. Худованд меҳру ҷасоратро ба ӯ бе дареғ фаровон додаст. Ӯ талқин мекунад, ки мо ба ҳамдигар меҳр бандем, то ба ваҳдати комил расем.

Вақте Худо дар дили сардори давлат меандозаду ӯ ба иҷрои он мепардозад, масхарабозон дигар наметавонанд бар тибқи ҳавасҳои худ амал кунанд.

# ЁДЕ АЗ ПИРИ ХИРАД

– Дар ҷамъият инсонҳое умр ба сар мебаранд, ки бо кору амалӣ созандаашон кохи баландеро барои ҷовидонии номашон бино месозанд. Миралӣ Махмадалиев як тан аз асосгузорони сохти колхозӣ, Устоди пахтаи ҷумҳурӣ, Қаҳрамони меҳнат ва инсони асил аз зумраи шахсиятҳои бузурги кишвар ба ҳисоб меравaнд. Ман шукри қисмат мекунам, ки бо чунин родмарди Ватан солҳо ҳамрозу ҳамнишин будам. – нақл мекунад яке аз шогирдони ӯ Неъматулло Ҳикматуллоев.

Зиёда аз 34 сол бо ҳамроҳии Миралӣ Маҳмадалиев кор ва фаъолият кардам. Тақдир маро ба шахсе рӯ ба рӯ кард, ки барои ман мактаби ҳаёт шуд. Чунки ин шахс аз тамоми паҳлӯҳои ҳаёт бохабар буданд. Ба ин шахс Офаридгор ақлу хираду одаму одамгарӣ, меҳрубонӣ, серталабиро бисёр фаровон бахшида буд.

Аввалин бор бо Миралӣ Маҳмадалиев моҳи сентябри соли 1972 вохӯрдам. Ҳамон сол бо тавсияи Мирзо Бобоев, ки ба ҳайси котиби якуми комитети партиявии ноҳияи Восеъ адои вазифа мекарданд, сардори ташкилоти байниколхозӣ тайин шуда будам. Дар бораи обрӯю эътибори бобои Миралӣ, сифатҳои одамияту ҷасорати роҳбарии ӯ бисёр шунида будам ва дар хаёли ман бобои Миралӣ монанди як кӯҳи баланд метофт. Вақте ки маро сардори ташкилоти сохтмони байниколхозӣ тайин карданд, сардори «Тоҷикколхозстрой» Собир Умурбоев дар вақти сӯҳбат насиҳат карда гуфт, ки дар вақти кор бо бобои Миралӣ вомехӯрӣ, чунки дар хоҷагии ӯ ташкилоти сохтмони колхозӣ (КСО) фаъолият мекунад ва ба МСО-и Восеъ итоат дорад. Дар вақти сӯҳбат ва вохӯриҳо эҳтиёт бикун, ки ягон гапи беҳурматӣ мабодо нисбати бобои Миралӣ аз ту ноҳақие содир нашавад. Кадом масъалае, ки бобои Миралӣ пешниҳод кард, хуб гуфта ба ман занг зан, – гуён аснои хайрухуш маро таъкид кард Умурбоев. Ман дар фикр мондам ва ҳаяҷони ман зиёд шуд, ки бобои Миралӣ чигуна одаме бошад?

Субҳи барвақт идора омадам. Соатҳои ҳафти саҳар буд. Азбаски ба ман Мирзо Бобоев ва В. М. Дроздов насиҳат карда буданд, ки сардор бояд саҳар як соат барвақт ба кор ояд ва бегоҳ як соат дер аз кор равад. Ман ҳар саҳар як соат барвақт меомадам ва бегоҳ ду – се соат аз кор дер мерафтам. Ба утоқи корӣ даромадан замон телефон занг зад. Ман гӯшакро бардоштам, овоз баромад. Гуфт, ки «Ман Маҳмадалиев». Аз ҷоям рост хеста, «Ассалому алейкум раис!» гуфтам. Миралӣ бобо гуфтанд, ки шумо мутахассиси ҷавоне, ки нав ба вазифаи сардори ташкилоти сохтмони байниколхозӣ тайин карданд,



ҳамонед? Ман ҷавоб додам, ки ҳамон кас. Раис гуфтанд, ки ба ташкилоти мо барои чӣ ёрии амалии худро намерасонед?

...Ман ҳамроҳи муҳандис Раҳмон Мирзоев ҳамаи сохтмонҳои колхози ба номи Ленинро дида баромадем. Дар колхоз сохтмон хеле бисёр буд. Ҳар сол ба 1,2-1,5 миллион сӯми ҳамон давра корҳои сохтмонӣ иҷро мешуданд. Мо вақте ҳолату рафти сохтмонро дар ҷояш дида баромадем, корҳо на он қадар босифат ва мувофиқи лоиҳа сохта мешуданд. Сардори участкаи сохтмонро гуфтам, ки вазъи сохтмон мувофиқи матлаб нест, сифати сохтмонатон паст. Дар бисёр ҷойҳо аз лоиҳа баромадаед. Ба эродҳои ман сардори участкаи сохтмон, ки Нуруллоев буданд гуфтанд, ки ман ба шумо итоат намекунам, сардори ман раиси Миралӣ мебошад, гуфту баромада аз идораи ман рафт. Рӯзи дигар Нуруллоев ба ман занг зада илтимос карданд, ки агар худатон наоед, сармуҳандисро равон кунед, таҳкурсии фермаи – чорводориро дар Шӯрқишлоқ ба лоиҳа дароварда, сохтмонро сар кардан даркор. Ҷавоб додам, ки ту ба мо итоат намекунӣ, худат лоиҳа кашидаю кор кардан гир. Нуруллоев рафта ба бобои раис арз мекунад, ки сардори нав гапи маро гӯш намекунад. Ана баъд бобои Миралӣ ба ман занг зада гуфт, ки агар ҳамон мутахассиси ҷавон бошӣ, як ба пеши ман биё, ту чанд қаду қомат дорӣ, ки гапи моро гӯш намекунӣ, ба мо кӯмак карданро намехоҳӣ. Ман ҳамон замон назди бобои Миралӣ рафтам. Дар қабулгоҳ одами бисёре интизори қабул буданд. Ба котиба гуфтам, ки аз ноҳия омадам ва мехоҳам назди раис дароям, маро раис худаш ҷеғ задагӣ. Дарро кушода даромадам. Ҳамон Нуруллоев бо ҳамроҳии раис танҳо нишаста сӯҳбат карда истодаанд. Вақте ки ман даромадам, Нуруллоев ё саросема шуд, ё худашро гум кард, ки нагуфт «ҳамин шахс сардори ташкилоти сохтмони байниколхозӣ». Ман дастамро барои салом дароз кардам. Бобои Миралӣ салом карду гуфт, ки ту аз куҷо омади сағера, чӣ мегӯӣ. «Ман ҳамон мутахассиси ҷавон ва сардори ташкилоти сохтмонии байниколхозӣ», гуфтам. Раис синчакорона ба ман нигариста гуфтанд, «Ҳа, қадут як ваҷабу боз гапа

намегирӣ ку». «Ман ҳолӣ калон мешавам, қадум ҳамин хел наместа, оянда мебинем», гуфта ҳозирҷавобӣ кардам. Баъд ҳақиқати ҳолро ба раис фаҳмондам. Дар вақти сухан гуфтани ман бобои раис ягон гап нагуфтанд. Вақте гапамро буд кардам, раис ба Нуруллоев рӯй оварда гуфтанд, ки гапаш ростай Нуруллоев ҷавоб доданд,

– Раис ҳақиқатан камбудиҳо ҳастанд, мо ислоҳ мекунем.

Раис гуфтанд, ки чаро ҳақиқати ҳола нагуфтию ба ма нотуғрӣ фаҳмондӣ ва Нуруллоевро бисёр сарзаниш карданд. Баъд аз ҳамин Нуруллоев дар тамоми масъалаҳои сохтмон аз ман маслиҳат мепурсид ва муносибатҳои мо бисёр наздик шуданд.

Бобои Миралӣ бисёр одами ростқавл. Гапа дар рӯи одам мегуфтанд. Давоми солҳои дароз ягон бор надидам, ки аз қафои одам гапе гуфта бошад. Ҳама гапа рӯи рост мегуфтанд. Раис худаш бисёр одами ба ваъдааш бовафо буданду аз дигарон ҳам ҳаминро талаб мекарданд. Ҳеч вақт ба ягон ҷамъомад, маҷлис, тӯю маъракаҳо дер намерафтанд. Ман мепурсидам, ки барои чӣ доим раис се соат пеш меравем, мегуфтанд, ки агар дер равем, мабодо ҷой намерасад, соҳиби хона хиҷолат мешавад.

Ӯ боре ба ман занг зада гуфт, ки ба назди ман биё. Сари гӯсфандҳо меравем. Ман соати 11-у 45 ба пеши раис даромадам. Раис гуфт, ки бишин олӣ аз туда лумбҳо меоянд. Ман пурсидам, ки агар махфӣ набошад, киҳоянд? Раис гуфт, ки котиби якуми обком, раиси облисполком ва боз дигарҳо. Ман гуфтам, ки бо ин хел одамони калон чӣ хел мешинум. Раис фаҳмонд, ки ту ҳамроҳи манӣ ва ҳақи худата мехӯрӣ, онҳо ҳақи худашона.

Соат дувоздаҳ шуд ва раис аз ҷояш хеста гуфт, ки рафтем. «Меҳмонҳо чӣ мешаванд?»-пурсидам. «Ман соати дувоздаҳ гуфта будам, аз қафо омадан гиранд» ва як касро дар пеши идора монду мо ба роҳ баромадем. Меҳмонҳо бист дақиқа дер расида омаданд. Ба раис гилаомез арз карданд, ки чаро моро интизор нашудӣ. Раис ҷиддӣ ҷавоб доданд,

– Шумо, ки дар вақти гуфтагиятон расида наомадед, чӣ хел як вилояти калона роҳбарӣ мекунед?

Аз сабаби оне, ки кори колхоз нағз ба роҳ монда шуда буд, дар ягон соҳа камбудӣ набуд, бобои раис нотарсона, касе ки набошад, гапашро рӯйрост мегуфт. Дар як пленуми СК баромад карда гуфт, ки не СК кор мекунаду не Совети Вазирон. Дар танаффус Маҳмадулло Холов, ки раиси Президиуми Шӯрои Олӣ буданд, ба раис гуфт, ки наметарсӣ, ки ҷазот медиҳанд? Раис ҷавоб дод, ки аз чӣ метарсам, зӯр кунанд, маро нафақа равон мекунанд.

Боре хабар доданд, ки Ҷаббор Расулов, Раҳмон Набиев ва

Маҳмадулло Холов аз ноҳияи Панҷ ба воситаи Фархор ба Восеъ меоянд. Бобои раис онҳоро дар сесӯи Гулистон бояд пешвоз гиранд. Чун одати ҳарвақта бобои раис се соат пеш меравад. Замини поёни деҳаи Гулистон тахминан 45-50 гектар карчовка кардагию пахтаҳо шукуфта ба қади ғӯзапояҳо овезон ночиндаанд. Бо супориши раис тез мардуми Гулистонро ҷамъ карда, пахтаҳоро тоза чиданд ва даҳ – бист дақиқа пас Ҷаббор Расулов бо ҳамроҳонаш омаданд ва аз мошин фаромадан замон гуфт, ки Миралӣ дар пленум моро танқид кардӣ, ана ҳамакаса омадем. Дар ҷавоб бобои Миралӣ гуфт, ки «Ман навбатама гузаронидам, акнун навбати Шумо». Ҷаббор Расулов замини аз пахта тозакардагиро дид ва ба ҳамроҳонаш муроҷиат карда гуфт, ки ана ин усули Миралиро дидед, инро ҳатман ташвиқ кунед.

Бояд қайд кунем, ки ҳамон солҳо роҳбарони шинохтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов, Раҳмон Набиев, Акбар Махсумов, Муҳиддин Зоиров, Абдукарим Қосимов, Ким Иван Ефремов, Раҳимҷон Ғафуров, Изатулло Ҳаёев, Худоёр Раҷабов ва дигарон бобои Миралиро бисёр ҳурмат мекарданд. Ҷаббор Расулов одат доштанд, ки ҳар семоҳа ба воситаи ноҳияи Панҷ омада Фархор, Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) ва Кӯлобро дида, баъд ба колхози Киров омада, ҳамаи колхозҳои ноҳияи Восеъро дида, шаб дар боғи бобои Миралӣ хоб рафта, рӯзи дигар дар Кӯлоб машварати минтақавӣ мегузарониданд. Ман дар чандин машваратҳо иштирок карда ба гӯшам шунидам, ки Ҷаббор Расулов роҳбарони ноҳия ва раисони хоҷагиҳоро хезонда сарзаниш мекарданд ва мегуфтанд, ки барои чӣ таҷрибаи бобои Миралиро истифода намебаред? «Ба шумо дур рафтан даркор нест, рафта омӯзед, ки чӣ хел колхози Ленин аз як сар чорвои калони шохдор 450-500 кг гӯшт, аз як сар модагов то 5000 кг шир, аз ҳар гектар 42 сентнер пахта, то 63-70 сентнерӣ гандум, 86 сентнер ҷувории дон истеҳсол мекунад. Мо Кӯлоб барои аз бобои Миралӣ омӯхтанӣ меоем, на ягон чиз ёд додан».

Бобои раис ба ҳама кор диққат медоданд, аз он ҷумла ба хоҷагии об, тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо, таъмири стансияҳои насосӣ, таъмири дамбаҳо, умуман канал, кору бори соҳил ва дигар амалҳои мелиоративӣ дар назди бобои раис дар сатҳи аввал буданд. Агар дар ягон чой канал вайрон мешуд, дамба мезад ё ягон қубури обгузаронӣ стансияи насосе вайрон мешуд, то моён мерафтем, ки техникаҳои колхоз пеш аз ҳама рафта корро сар кардаанд ва ба мо мегуфт, ки сардори ПМК ва водхоз корро ташкил карда, баъд ба пеши ман биёянд.

Соли 1979, айёми камии об буд. Бобои раис гуфт. ки барои соли

оянда ду насоси дигар сохта, аз тарафи ноҳияи Москва оба зиёд кардан даркор. Бобои раис ба Абдукарим Қосимов – вазири ҳамонвақтаи хоҷагии об муроҷиат кард, вазир гуфт, ки як моҳ пас ман ҷавоби гапатонро мегӯям ва аз байн як моҳ гузашту вазир ягон гап нагуфт.

Бобои раис дигар ба вазир занг назада рост ба Ҷаббор Расулов арз кард, ки имсол як бало кардем, аммо соли дигар ҳосили дилхоҳ дода наметавонем, чунки Вазорати хоҷагии об кам ёрдам мекунад. Ҷаббор Расулов дарҳол ёрдамчияшро ҷеғ зада пурсид, ки вазири хоҷагии об дар Москва буд, ҳоло омадааст ё не? Ёрдамчӣ гуфт, ки вазири хоҷагии об ҳамин соатҳо аз тайёра мефароянд. Котиби якум ба ёрдамчияш супориш дод, ки Абдукарим Қосимов дар фурудгоҳи Душанбе фаромадан замон ба ман занг занад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Абдукарим Қосимов, вақте ки аз самолёт фаромад аз кабинети сардори фурудгоҳи ҳавоӣ занг зад аз ҳолу аҳволи Ҷаббор Расулов пурсон шуд, Ҷаббор Расулову баъд мегӯяд, ки ҳоло ба Ҷаббор Расулов фармуд, ки ба самолёти Кӯлоб билет гиреду рафта корҳои Миралӣ Маҳмадалиевро ҳал кунед ва аз пеши бобои раис ба ман занг заданро фаромӯш накунед. Ҳамон ҷо Одинаро (раиси хоҷагии «Коммунизм» Одина Астанаевро дар назар дошт) ҳам як бинед. Вақте ки занг задед, дар бораи Одина ҳам мегӯед, ки чи хел масъалаҳоро ҳал кардед.

Одина Астанаев раиси колхози «Коммунизм» буданд, ки зиёда аз 18 сол ба колхоз роҳбарӣ карданд ва хоҷагӣ дар давраи роҳбарии Одина Астанаев то 10 ҳазор тонна пахта истеҳсол мекард. Ба мо занг заданд, ки Абдукарим Қосимовро дар аэропорти Кӯлоб пешвоз гиред. Мо бо сардории А.М. Мирзоев ба аэропорт рафтем. Ҳамон вақтҳо Акбар Мирзоев сардори тресті «Кулобводстрой» буданд. Ногуфта намонад, ки рафиқ Мирзоев бисёр одами ҳалолкор, серталаб ва дар навбати худ ҳалиму меҳрубон буданд ва бисёр кадрҳои хоҷагии оби ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии вай ба воя расидаанду кору фаъолият карда истодаанд. Ҳамин буд, ки худ то вазифаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон сабзидаанд. Вақте мо ба фурудгоҳ омадем, Абдукарим Қосимов аз самолёт фаромада, ба моён нигоҳ карда, каме норозигӣ баён кард, ки кори ҳалол намекунед, аз Москва омадан замон маро рост бо супориши Ҷаббор Расулов ба Кӯлоб барои вохӯрӣ ба Миралӣ Маҳмадалиев ва Одина Астанаев равон карданд. Мо дар посух гуфтем, ки мӯҳтарам вазир, ин ҷо масъалаҳое ҳастанд, ки ба мо вобастагӣ надоранд, биёед меравем, худатон мефаҳмед. Шуморо Миралӣ Маҳмадалиев барои ҳалли масъалаҳои соли оянда таклиф карданд. Бояд қайд кунем.

Мо аз фурудгоҳ ҷониби ноҳияи Восеъ, колхози ба номи Ленин раҳсипор шудем. Дар роҳ Қосимов ба Мирзоев муроҷиат карда гуфтанд, ки бояд бо супориши Ҷаббор Расулович як ба колхози «Коммунизм» даромада масъалаҳои рафиқ Астанаевро ҳам ҳал кунем. Мо ба мавзеи Даштидилӣ колхози «Коммунизм» омадем, раиси колхоз Астанаев он ҷо Қосимовро интизор буданд. Ва гуфтанд, ки оби Кафтархонаро бо насос бароварда, ба деҳаи Кадучӣ бурдан даркор, Барои ин стансияи насосӣ, хати нова сохтан даркор. Қосимов ба ман рӯ оварда гуфтанд, ки то лоиҳа тайёр мешавад, вақт мегузарад, чӣ бояд кард? Ман гуфтам, ки агар Шумо иҷозат диҳед, барои тезонидани кор ман аз болои роҳ хати навро мегузаронам ва ҳамон хел лоиҳа кашед. Қосимов розигиашонро доданд. Баъд мо дар муддати 36 рӯз стансияи насосиро сохта, зиёда аз 2,5 километр қубур ва 4,5 км хати новаро сохтем ва ба истифода додем.

Аз Даштидилӣ мо бо раиси Астанаев хайрухуш карда ба колхози ба номи Ленин раҳсипор шудем. Бобои раис дар пеши идора истода рафиқ Қосимовро интизор буданд. Қосимов баъд аз вохӯрӣ ва ҳолпурсӣ гуфтанд, ки акаи раис, барои чӣ ба истиқболи мо баромадаед, дар идора интизор мешудед, намешуд?

Дар ҷавоб бобои раис гуфтанд, ки аз Москва омада истодаӣ, барои ҳалли масъалаҳои мо, агар масъалаҳоро ҳал накунӣ, ба дасташ ба сӯи ҳайкали Ленин ишора карда гуфт, ки ба Ленин месупорамат. Қосимов дар ҷавоб гуфтанд, ки ман шуморо аз тахти дил ҳурмат ва иззат мекунам, ҳоҷати ба ягон кас супоридан нест, биёед ба идораи шумо даромада, ҳамаи корҳоро ҳал мекунем. Ба идора даромада масъалаҳоро ним соат муҳокима карданд. Ҳамон рӯз Қосимов барои дар колхози ба номи Ленин сохтани насоси акведук дар Қурбоншаҳид, дарозияш 240 метр аз болои дарёи Сурхоб, барои гузаронидани оби Панҷ ва бетонпӯш кардани 3,6 км каналҳо иҷозат доданд. Баъд омада аз идораи бобои раис ба Ҷаббор Расулов занг заданд. Ҷаббор Расулов гуфтанд, ки агар масъалаҳоро ҳал карда бошӣ, ба Душанбе биё, агар не, то ҳалли онҳо ҳамроҳи Маҳмадалиев истед, агар он кас иҷозат диҳад пас ба Душанбе биёед ва гӯшаки телефонро монданд.

Барои бобои Миралӣ кори майда-чӯйда вуҷуд надошт. Вақте ки барои корҳои ночиз бригадирон ва дигар аъзои колхозро сарзаниш мекард, ман гоҳе мегуфтам, ки барои кори майда – чӯйда шояд сарзаниши одамон даркор набошад? Раис мефаҳмонданд, ки ҳамаи кори калон аз майда-чӯйда иборат ҳаст, агар як звено кори ҳалол накунад, ба кори дигар звеноҳо халал мерасонанд ва оқибаташ зиён ба моли хоҷагӣ мерасад.

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Ман аз он кас дар вақтҳои сафарҳояшон, нақлу кору бораш ҳамеша пурсон мешудам ва доим ҷавоби қаноатбахш мегирифтам. Ба пиндори ман чун раиси Миралӣ шахси кордоне, ҷасорату ташкилотчигияш бузург шояд дар садсолаҳои дигар таваллуд нашавад. Боре ба ман занг зада гуфтанд, ки ба райком оям, ҳамроҳ куҷое меравем. Пас аз вохӯрӣ дар идораи райком ба ман гуфт, ки пеши котиби якум медарояму баъд меравем. Он вақт Ҳабибулло Табаров котиби якуми райкоми ноҳияи Восеъ буданд. Баъди ним соат бобои раис бо табъи болида омада ба мошин нишаст. Ман пурсидам, ки чӣ бисёр вақтат хуш аст? Дар ҷавоб гуфтанд, ки ҳамин Табаров бачаи хубай, одами кордонай, қати ҳамин хел роҳбар кор кардан осонай, барои чи ки масъалаи мондагиро барои нафъи ҷамъият бо тезӣ ҳал мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар вақти роҳбарии Ҳабибулло Табаров дар ноҳияи Восеъ бисёр иморатҳо сохта шуданд, ки то ҳол халқ аз он истифода мебаранд. Аз бозори колхозӣ сар карда то сохтани тамоми обпартовҳо бисёр мактабу хонаҳои истиқоматӣ ва дигарҳо. Мо ба колхози ба номи Ленин раҳсипор шудем. Борон меборид, бобои раис дар мошини хизматияшон дуто ратсия доштанд, дохили ва ноҳиявӣ. Вақте ки ба Қурбоншаҳид расидем, бобои раис ратсияи дохили колхозиро гирифта аз Сафар Давлатов, ки бригадир буданд (он вақтҳо ҳамаи бригадаҳои колхоз ратсия доштанд) пурсон шуд, ки гандума об додед? Дар ҷавоб бригадир не гуфтанд. Бобои раис гуфтанд, ки тез гандума об диҳед. Ман пурсидам, ки ҳоло борон борида истодааст, об додани гандум чӣ ҳоҷат. Раис гуфтанд, ки рафиқ, инженер, гандуми обӣ аз оби борон об намехӯрад, борон заминро сахт мекунад ва давида меравад, гандуми обиро ҳатман бо ҷӯяк об додан даркор. Чанд вақт гузашт, вақти гандумдарав боз ҳамроҳи раис ба ин замини гандумзор омадем. Раис вазъи гандумро ба ман нишон дода, ишора кард, ки фоидаи об додани гандуми обиро мебинем. Ба комбайнёрҳо фотиҳа дода гуфт, ки даравро сар кунанд. Хулоса, аз ҳамон замин аз ҳар гектар 63 сентнерӣ гандум ҳосил гирифтанд. Баъд ҷувории дон кориданд, вақте ки дон расид, боз ҷеғ зада бобои раис гуфтанд, ки ана бин фоидаи обдиҳиро. Аз ҳар гектар 86 сентнерӣ ҷувории дон ҳосил гирифтанд ва ҳамон заминро ҷуфт карданд. Ман гуфтам, замина рӯз намедиҳӣ, боз чӣ мекорӣ? Дар ҷавоб бобои раис гуфтанд, ки перко мекорам.

Моҳи декабр буд, бобои раис ба ман занг зада гуфт, ки сари

гӯсфандҳо меравем. Аз заминҳои бригадаи Сафар Давлат гузашта гуфтанд ки ана дидӣ, мо аз як замин се ҳосил, дар як сол гирифтем. Дар роҳ дар вақти рафтани мо дар замини шудгоршудагӣ ду – се говро дида бригадирро сарзаниш карданд ва гуфтанд, ки тез говҳоро аз замин бароред. Пурсидам, ки бобои раис, дар замини шудгор ҳеҷ чиз нест, гов ки гаштан гирад, ягон зарар намеоварад. Раис гуфтанд, ки аввало сумби гов замини шудгорро сахт мекунад, дуюмаш агар гова дар шудгор дидӣ, ҳеҷ чиз нагуфта рафтӣ, дар вақти пахта гова дар пахта медароранд, фаҳмидӣ. – Ана ҳамин тавр бобои раис ба ҳамаи кор диққати ҷиддӣ медоданд, аз ҷумла ба соҳаи мелиоратсия ва хоҷагии об. Ӯ дар баробари хоҷагидорӣ аз тамоми паҳлуҳои дигари ҳаёт бохабар буданд. Ба шоиру нависандаҳо, аҳли санъат алоқаи зич доштанд.

Ба Сайдалӣ Вализода, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ашӯр Сафар, Ислом Холов, Қутбӣ Кибром ва дигарон эҳтироми самимӣ доштанд. Раис аз ин фарзандони миллат қиссаҳои зиёд мекарданд.

Аз рӯзгор ва бузургиҳои зиндагиномаи бобои Миралӣ хотираҳо зиёд дорам. Ва ин чанд пораеро рӯи қоғаз овардам. Ҳар гоҳе хотираҳоямро аз ҳаёти бобои Миралӣ варақ мезанам, пеши рӯям корнамоиҳои беназири Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо бунёди шоҳроҳи аср, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ҷудо кардани 75 ҳазор га замин ба аҳолӣ ва даҳҳо амалҳои бунёдкоронааш аён мешавад, ки ин башоратест аз идомаи амалҳои некбинонаи фарзандони содиқи Ватан барои ояндаи ҷумҳурии азизамон.

## Сарчархак

Марди аҷибе буд бобои Миралӣ Маҳмадалиев. Ба ҳар гуна пурсиш ҷавоб дорад. Аз одаму олам, замину осмон, илму адабиёт, иқтисодшиносиву ҷамъиятшиносӣ ва қонуну сиёсат ҳам. Ту суол куну бипурсу ҷавоб шунав. Аз олим ба забони бобои Миралӣ Маҳмадалиев пурсӣ лол мемонад.

Боре роҷеъ ба масъалаи тезу тунди рӯз, мушкилоти чорвову чорводорон ӯ машварати ҳизбу ҳукумати ҷумҳур мерафт. Иштирокдорон: олимони соҳа буданд. Бемориҳои гузарандаи чорвои калону майда аз ҳадди эътидол мегузашт. Муҳаққиқон мебоист аз натиҷаҳои тадқиқоти худ, дастовардҳо, мавтҳои ногаҳонӣ ба роҳбарону аъзоёни ҳизбу ҳукумат ҳисобот медоданд. Ва бобои Миралӣ Маҳмадалӣ аъзои ҳизбу ҳукумати ҷумҳур буд.

Раёсатдори машварат Ҷаббор Расулов: чун такя ба илм гирифту бо ифодаву ибораҳои илмӣ ҳарф зад забони олимон дароз шуд. Ка-

дом як фикре ба сари Ҷаббор Расулов зад. Аз афташ хост ба забони онҳо қайчӣ занаду бори масъулияташонро афзун гардонад. Ба назари ӯ устои беҳамтои қайчизанӣ бобои Миралӣ Маҳмадалиев намуд. Ва ба ӯ сухан дод.

Бобои Миралӣ нигоҳе ба зал партофт. Зали калони ҳукумат ҷои холӣ надошт. Рост истодаҳои қабати болои толор аз нишастаҳо кам набуд.

– Хиёлам, – гуфт бобои Миралӣ, – се-чор олим дорем. Ин қадар олими бисёр дар мамлакату мо бехабар. Ба назарам шиштагиҳо доктору профессору академик, ношистаҳо номзаду аспирантанд,

Дар толор хушҳолӣ омехта ба ҳайрату тааҷҷуб ба вуҷуд омад. Ва ӯ ба суханаш давом дод:

Ба хоҷагиҳои мо намеравен: ки чорвои касала ба шумо нишон диҳем. Акнун маҷбурем аз сари ин баландӣ пурсем. Сарчархак дорад чорвои мо. Ина шумо мефаҳмен. Инам чи хел дарде ҳаст, ки сари гӯсфандҳо чарх мезананд. Меафтанду мемиранд.

Шумо олимену давои ин дарда ба ман гуен, ки то охири сол як гӯсфанд намемона. Ҳамаш аз сарчархак мемура.

Аз ҳозирон бештар аз ҳама Ҷаббор Расулов хушҳол шуд ва аз олимону муҳаққиқон талаб кард: ки ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳанд. Забони олимон кӯтоҳ шуд. Ҳарчанд кӯшиданд: дар хаёл рисолаҳои илмӣ варақ заданд, хулосаҳои лабораторӣ ба ёд оварданд: вале ҷавоби дурусте нарӯид. Онҳо аз бозёфтҳои худ, ки то ин лаҳза шодӣ мекарданд: дилгир гардиданд. Ва натиҷаҳои ба даст овардаи илми чорводорӣ ҳеҷу пуч намуд.

## Балогардон

Байни ҳайати раёсати маҷлиси ҳукумати ноҳия, ки саҳни толор қарор доштанд, нишасти бобои Миралӣ нисбати ҳама босалобату бошукӯҳ буд. Чорпаҳлӯву қоматбаланд буд бобои Миралӣ. Сари калону гардани баланд дошт. Шиштаи ӯ аз рост истодаи бисёр роҳбарони ҳукумати боҳашаматтар буд. Маҷлис як масъала дошт ва бобои Миралӣ як сар. Ва ӯ сар ба гиребони фикрат кашида ба ҳарфи раиси ҳукумат, ки мегуфт: – Дар марказӣ шаҳраки Восеъ хонае ҳаст ва ҳама онро дидааст. Сеқабата, мисли як бинои мактаб. Ба долонҳои атрофии он нигоҳ кун, ҳушат мекана. Ту ин рангу бор, нақшу нигора бин, назарбаландтарин меъмор ангушти ҳайрат мегазад…

Аз ин тасвир, соҳиби хона, ҳофизи хизматнишондодаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон Қурбоналӣ Раҳмонов, ки паҳлӯи ман менишаст, шод буд. Бо чеҳраи чун гул шукуфон ба ман гуфт:

– Ҳунар даркор.

Ва ширингуфторӣ кард:

– Марде, ки дар мусиқиву ҳофизӣ ҳунар дорад, аз санъати меъмори ҳам бебаҳра нест.

Раиси ҳукумат аз тасвири меъморӣ ба ҳалли тақдири хона гузашт ва гуфт:

– Ноҳия ба бинои мактаби мусиқиву боғчаи бачаҳо эҳтиёҷ дорад. Бинои шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ кадом рӯз фурӯ меафтад. Як чашми сардорону роҳбарони шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ба шифту чашми дигар болои коғази ҳисобу китоб аст. Рӯзҳои барфбоди зимистон дарҳои кабинетҳо воз. Метарсанд, ки замоне шифт ба саломи фарш ояд, то ҳамдигарро ба оғӯш гиранд, дарҳои пӯшида халал надиҳанд. Одина Ҳошим мега ку:

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст. Фурсати умр ҳамин миқдор аст. Ӯ бом фурсат надорад, ки туро бинаду истад, то ту дара кушоиву аз марг гурезӣ. Аз ин рӯ, яхбандӣ бошад ҳам дарҳои кушодаи кабинетҳо беҳтар.

Бобои Миралӣ миёни суханҳои онҳо қоматашро як пасу пеш ҷунбонд, вале сар аз гиребони тафаккур набардошт. Дили Қурбоналӣ намедонам ба ҳоли коркунони шӯъбаи молияи ноҳия сӯхт чи ки зиқ шуд. Вақте ӯ сар паст гирифт, пичирос зад:

– Худо нигаҳ дорад.

Ман хурсанд шудам, ки дар тахминам хато накардам.

– Ҳамин хонаро, – гуфт раиси ноҳия, – ба кадоме аз ин се талабгор: боғча, мактаби мусиқӣ, ё шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ диҳем. Гӯед ба овоз мемонем.

Раиси ноҳия агар аз соҳиби хона, ки онро бе як сӯм мусодира дорад, мепурсид, ман аминам, ки онро ба шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ медод. Чунки аз ба ёд овардани гуфти Одина Ҳошим сари ангушт ҳалқаи ҳар ду чашмашро, ки чоҳи об гашта буд, пок кард.

Вале чи илоҷ. Аз афташ дидори сардори шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳозирон хуш набуд. Дили касе ҳам ба гардани каҷи сардор, ки дар қатори аввал менишаст, насӯхт.

– Ба боғча дода шавад, – нидоҳо баланд шуд аз ин ҷову он ҷои толори маҷлис.

– Шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ чӣ?

Қурбоналӣ Раҳмонов аз ҷои нишаст нимхез шуд. Аммо раиси ноҳия ӯро рост шудан намонд.

– Дар охир гап мезанӣ, ту. Ин ҷо не дигар ҷо ҳисобот медиҳӣ.

Оҳанги ин суханони раис, ки ба Қурбоналӣ Раҳмон, ҳамчу ба одами гунаҳгор сухан гуфт, бобои Миралиро ҷунбонд. Ӯ ба чапу рост хам хӯрду нахест.

Қурбоналӣ озод ба ҷояш қарор гирифт ва гӯё худ ба худ бошад, гуфт:

Инсофи ин мардума саг хӯрда бошад. Охир, Худо нигоҳ дорад агар рӯзи корӣ боми шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ба сари хизмачиҳош афтад, ҷонҳо талаф мешавад, обу рӯи ноҳия мерезад.

Ин мардум ё инсоф надоранд, ё намефаҳманд, ки инсоф чист.

– Хайр, – гуфт раиси маҷлис, – боғча бошад боғча. Қарор мекунем, ба овоз мемонем. Бобои Миралӣ сар аз ҷайби тафаккур кашид ва аз ҷой хест.

– Ҳоло қарор накун, – гуфт ба овози раъдосо, – ба овоз ҳам намон.

Бобои Миралӣ курсиро қафо доду бо қадамҳои устувор рост сӯи минбар рафт ва бари раис қарор гирифта ба раис гуфт.

– Хеле гап задӣ. Шин бо мо гап занем.

Ва ӯ ба толорнишинону ҳайати раёсати болонишин рӯ овард:

– Хонаи мардака кашида мегириву намепурсӣ одами куҷоӣ? Пул аз куҷо ёфтӣ куҷо дидӣ, ҳофизу нависанда дасти қалб дошта бошад. Агар бидуздад ҳофиз ё нависанда чиро медуздад? Агар ғорат кунад, киро ғорат мекунад? Колхоза? Завода? Ноҳия? Ҷамъияти матлубот? Ягон база? Бонка? Хазинаи амонатӣ? Инҳо дар дасти ҳофизанд? Ба инҳо ҳофиз сардорай? Ягонташ пеши ҳофиз мутаҳами дорад? Директори автобаза нест ҳофиз, суду прокурор нест, ва ягон мансаби боло ҳам надорад, ки ба ӯ ришва диҳанд пурсидед бо кадом пул ӯ хона сохт. Боз чунин хонаи зебо! Адолати ин мардум куҷост, о, ин маҷлиси ғорати хонаи ҳалоли Ҳофизи Халқи Қурбоналӣ Раҳмонов нест.

Хайр, агар ӯ дузд бошад. Бояд дони чихел дузд аст. Мумкин ӯ оҳанга дуздад аз мусиқӣ ё суруд? Ин дуздиро шумо намедонед. Ба фаҳми ин хел дуздӣ намеравед. Ина оҳангсозҳо, ҳофизҳо, санъатшиносон мефаҳманд. Аз шумо дур аст ин хел дуздӣ ҷои ташаккур, ҷои хурдсандӣ, ки дар марказ як хонаи зебо иморат шудааст, онро аз соҳибаш меситонед. Гунаҳгор мекунед. Парвандаи ҷиноӣ мекушоед. Ба хона қиммати баланд мемонед. Баъд он қимата ба маоши он тарҳу тақсим мекунен. Маош ба сад яке харҷ баробар намеояд. Ана асос. Кашида гир хонаро ва соҳиби онро ҷазо деҳ. Шинон ба мӯҳлати 5-8 сол дар зиндон. Пули хонаи ҳофиз аз тӯйҳои роҳҳои дур ҷамъ шудааст. Талабгорони бисёр дорад Қурбоналӣ. Аз Ҳисору

Вахшу Бадахшону Суғдистон ба талаби ӯ меоянд, то тӯйҳошона ободтар кунанд. Вақте ҳақи ӯро медиҳанд… Меҳанти ҳалоли ҳофиз ҳамин аст. Чуноне, ки деҳқон аз замин ҳақи заҳмат мегирад.

Оҳиста-оҳиста ба ғазаб меомад бобои Миралӣ. Раиси ноҳия аз боло то поён сари ғазаби ӯ андеша мекард. Метарсид аз ғазаби бобои Миралӣ Маҳмадалӣ.

– Инҷо шумо қарор мекунен. Чиро қарор мекунен. Ба кадом мардӣ, инсонӣ даст мебардорен, овоз медиҳен? Ӯ дастҳо чихел дастанд? Ӯ овозҳо чи хел овозанд? Дасти мард? Овози одам? Шармам меояд аз он дастони бешарм ва овози ноҳақ.

Қисмате толорнишинон хостанд қарсак зананд. Аммо бобои Миралӣ фурсати қарсак занӣ ба онҳо надод:

– Қарор парор нест гуфт бо овози радъосо ва дар толор ҷунбиш ба вуҷуд омад. – Овозмониву повозонӣ нест.

Нисфи толорнишинон ба беҳудагнии ин маҷлис пай бурданд ва аз ҷой хестанд.

– Хона хонаи ҳофизи халқи Қурбоналӣ Раҳмонов, – гуфт бооиМиралӣ бо суханрониҳои худ оҳанги махсус дода. – Бигузор заҳмати ҳалоли ӯ ба худаш насиб кунад.

Ва бобои Миралӣ Маҳмадалиев ба ҷои нишасти худ барнагашт.

Бо қадамҳои калон аз зинаҳои саҳни раёсат фаромад. Пушти дари даромад ба толор нигарист нишастае набуд. Қурбоналӣ бо дили шод аз бинои ҳукумати ноҳия дур шуд. Бобои Миралӣ балогардон шуд. Дигар хавфу хатаре дар паи таҳдиди хонаи нави ӯ нест.

## Либосу парпечи об

Ҳавои номусоид дошт он сол. Баъзан қасд кардагӣ барин, шаб як ҳаво кушода мешуду пеш аз субҳдам мегирифт. Сармуҳаррири «Тоҷикистони Советӣ» (феълан «Ҷумҳурият») Нурмуҳаммад Табаров аз Бюрои Созмони Марказии ҳизб омаду маро наздаш хонд.

– Вазъияти пахта бад, – гуфт ӯ. – Боло нотинҷ. Роҳбарони ҳукумат шабу рӯз хоб надоранд. Мо хоба мезанем. Зуд рав, рухсатиатро гиру пагоҳ Восеъ. Аз бобо интервю бигир. Ҳамин хел хоҷагии машҳур ҳам дар кишти пумбадона қафо мондааст.

Рафтан як балову пайдо кардани бобои Миралӣ Маҳмадалӣ сад бало. Хоҷагии калон. Кай аз хона мебарояду ба куҷо меравад, кам касон медонистанд. Дар идора ба интизории ӯ нишастан ҳам беҳуда.

Вале ман боварӣ доштам, ки ӯро зуд меёбам. Дар ҳавои борон

субҳи саҳар худашро дар гараж мегирад то аҳволи техникаву сӯзишвориро барои фардову пас фардо донад. Баъд аз паси чорво мешаваду заминро ҳам ба ёд намеоварад.

Субҳдам дари гаражро гирифтам. Посбони гараж чой монд. Пиёлаи чой нанӯшида бобо омад ва маро диду ҳайрон шуд.

– Зоғ қар нагуфта инҷо чи мекунӣ? Пурсид ӯ. Роҳи шуморо поидам.

– Хизмат.

– Чорсӯ гуфт аз шумо интервю гирам.

Ба ӯ бисёр хуш меомад, ки Нурмуҳаммад Табаровро бо унвони драммаи «Дар чорсӯ»-яш ки онгоҳ шӯҳрати калон дошт ном гиранд.

– Чорсӯ чихел? – Пурсид ӯ.

– Нағз аст, вақте аз хона ояд.

– Ҷои ростон ҳамин хелай.

Баробари пайдо шудани ӯ аз чор тараф масъулини техникаву сӯзишворӣ ҳозир шуд. Бобо аз ҳар боб пурсиду ҷавоб шуниду супориш дод баъд ба ман рӯ овард:

– Савор шав, – гуфт.

Хомӯш, вале бо дили хурсанд сӯи мошини ӯ рафтам. Ба гумони он ки рост идора меравем. Масъалаҳо мегузораду боду ҳаворо гунаҳгор меоварад. Бобо ба курсии пеш нишасту ба ронанда гуфт:

– Раҷаби тутакалук.

Мошин муқобили роҳи идора рафт. Қурбоншаҳиду Гулистон ва се роҳаи Фархору Чубек паси пушт монд. Ба ёлаҳои Олимтой баромадем. Дар қади Шӯр мошин аз роҳи калон баромад. Бобо ҳикояте аз одамони роҳи дур мегуфту хомӯш меистод. Ҳарфи киштӯ пахта, ҳавову борон аз даҳонаш намебаромад.

Чанд бор кӯшиш кардам, ки сӯҳбатро сари боду ҳаво ва кишти пумбадона гардонам. Нашуд. Ӯ ба чуткаи оинаи мошин, ки худро ба чапу рост зада оби борон мепартофт, як чашм давонда ҷилави суханро сӯи дигар мебурд. Ҳавои гирифта, ба абрҳои сиёҳу ҳамвори осмон заррае эҳтибор намедод. Гӯё, на ғами осмон дошту на аз замин. Ба паси теппае фаромадем. Фермаи калони рамаи гӯсфандонро дидем. Чӯпоне ба истиқбол баромад, ки аз гиёҳи тутакалук қимоб буд.

– Ҳамин кас, – гуфт бобо, – Раҷаби тутакалук.

– Раисбобо, – эътироз кард мард, – пеши меҳмон ин хел намегӯянд.

Он рӯз ӯ аз сари як қуш ба қуши дигар гузашт ва аз ҳолу аҳволи рамаву рамабонҳо хабар гирифт. Ҳамроҳи онҳо нон шикасту чой

хӯрду аз таги дили онҳо огоҳӣ ёфт. Ва чун ба маркази ноҳия расидем, интервюро ба фардо монд. Фардо гуфт:

– Чи гӯем, боду ҳаворо гунаҳгор кунем. Ба ин мо ҳақ надорем, чунки дар ихтиёри мо нест. Ба бозӯи қавӣ итоат дорад, ки ӯ моро гӯш намекунад.

Мисли латтаи дар об зада шудам. Инро ӯ метавонист гуфтам ба худ, дирӯз мегуфт. Ҳарчанд ӯ мардона ҳақ гуфт. На мисли он роҳбароне, ки аз аввал то охири сол аз обу ҳаво нохун мезананду гунаҳгор медонанд обу ҳавора. Вале бесаранҷом шудам. Чун худро ҷамъ кардам, хостам баҳри худам фоидае ситонам. Атрофи обу ҳаво саволҳои беҷавоб ҷустам.

– Дар олам, – гуфтам, – ҳама чиз либос дорад ва пӯсти гӯсфандҳои Раҷаби тутакалик ки пашм болои онро мепӯшонад, либос аст.

Пӯсту барги дарахтон парпечу либоси онҳост ва ин деворҳо ҳам аз ороишҳо либос дорад. Ва парпечу либоси мошин тунукаву ранги ба ӯ молида аст. Либоси об кадом аст?

– Сағера, – гуфт ӯ орому ботамкин ва ғарқи мулоҳизаву ба зоҳир бепарво, – саволи зӯр додӣ. Падару бобот, муаллимот ба ин ҷавоб надоранд. Ба Хурушов ин хел савол медодӣ аз Кремл туро меронд. Ба муншии аввали ҳизб ин хел дархост мекардӣ туро аз ҳизб хориҷ мекард, вале ман ҷавоб мегӯям.

Бобо ба абрҳои осмон, ки орому ҳамвор хобида ашки онҳо ба замин мерехт ва тумани сари теппаҳои Хоҷасартезу подомони кӯҳи Хоҷамӯъмин, ки бо абру туман печида буд, зеҳн монд ва гуфт:

– Либоси обро дидӣ?

– Кадом? – Худро ба нодонӣ зада пурсидам.

– Парвардигор, ҳине ба дарахтону наботот аз пусту барг, ба олами ҳайвонҳову парандаҳо пӯсту пашму пар дод, обро ҳам бенасиб намонд. Абрро либоси обу туманро парпечи он кард.

Баъди ин ҷавоб то охири умри пурфайзаш аз саволкардан ба ӯ истиҳола мекардам.

Ва имрӯз сири дигаре аз ботини ӯ пеши чашмам равшан мешавад, бузургии меҳру муҳаббат, одамгарии одами бузург ва қудрату тавоноии азими қадршиносии ӯ. Бобо ҳам субҳдами рӯзи аввали вохӯрӣ нияти додани интервю надошт. Вале сабру тоқати пайғамбарона зоҳир кард. Аз пушти дар гардондани мухбирро таън донист. Ду рӯз болои обу иззат ва ҳикояҳои дилнавоз гардонд. Ва аз саволи бебурд наранҷид. Балки хурсанд шуд. Аз фикри ман сад хел савол рӯиду ба он ҷомаву парпеч пӯшонд.

## Ку, замин чӣ мегӯяд

Боре ба дидани бобои Миралӣ рафтам. Ба воҳаи Кӯлоб омада аз ӯ дуо нагирифта ва боз гаштанро ба худ раво надонистам.

– Хуб кардӣ сағира, омадӣ. Баъди маҷлиси сека Чорсӯро дидам. Пурсидам. Гуфт нағз аст. Каллаш калон гаштаст.

Донистам Нурмуҳаммад Табаровро дида аз ҳолу аҳволи ман пурсидааст.

– Ташаккур, ёд мекунӣ, бобои раис, мақсад дидор буду дидам. Андак шитоб дорам, Чорсӯ дар қафо меҳрубон аст. Лекин дар кор одами дигар. Мегӯи, ки аз ранги рут безорай, махсусан тоқати одаме надорад, ки аз кор дер мемонад.

Хоҳ, ман хубум. Қаври аз кор дермона прогулчиро меканум. Калонҳо ҳамаш ҳамин хел. Фиреби меҳрубонии калонҳоро нахур. Кората нағз кун,

– Дуо бобо, – гуфтам ва ду даст пеш овардам, ки телефон занг зад. Ӯ гӯшакро гирифт ва гӯш карду гуфт.

– Хайр, гурезӣ нестем. Ҳамин ҷоем, – гуфта гӯшакро монд ва ба ман рӯ овард.

– Ҳозир, Палла меояд. Одами калон, маро тоқа намон.

Дастҳо болои зонуям афтод. Котиби созмони ҳизби вилоятӣ феълан Қӯрғонтеппа Ғоибназар Паллаев меояд.

Ҳамроҳ ба саҳни қасри колхоз баромадем, замоне нагузашта Паллаев омад. Вохӯрӣ кардем.

– Идора намедароям, – гуфт Ғоибназар Паллаев, – гапҳоро ҳамин ҷо мегӯем. Шинем аз вақти гуфтаи Ҷаббор Расулович дер мемонам.

– Ман гап надорам, – гуфт бобои Миралӣ Маҳмадалиев, – агар ту гап дорӣ бигӯ. Шунавем чӣ мегӯӣ.

Вохӯрӣ вақти гулу шонабандии пахта буд. Ва Ғоибназар Паллаев пурсид:

– Ба Ҷаббор Расулов чи гӯям.

– Ихтиёрат, – гуфт бобои Миралӣ Маҳмадалиев, – даҳон дар ихтиёри худат. Ҳар чи мегуӣ бигӯ.

– Сивушаш сентнерӣ аз гектар мешавад? – пурсид Ғоибназар Паллаев.

– Ку ба замин, – гуфт бобои Миралӣ, – маслиҳат кунам, замин чи мегӯяд?

– Худат гӯй.

– Пахтаро дар пушти ман не, дар замин коридаанд. Пурсам ҳар чи гӯяд ба шумо хабар медиҳам.

Ғоибназар Паллаев бо дили нохоҳам, вале холӣ аз ранҷиш бо ӯ хайру хуш кард ва бо таъкид гуфт:

То охири ҳафта хабар расад.

– Инам, – гуфт бобои Миралӣ, – бо замин маслиҳат кардан лозим. Ку замин чӣ мегӯяд?

**Агар Президент мебудӣ**

Агарро бо магар тазвиҷ карданд, аз эшон бачае шуд кошкӣ ном. Хайр, кошкӣ мебудӣ ба душманонат чихел муносибат мекардӣ. Ҳама як душман дораду Президент ду душман. Чи хел ду душман. Душмани дохилӣ дар худи мамлакат ва берунӣ хориҷ аз кишвар. Душмани хориҷ дар дур аст, ӯ то ба душмани дохилӣ забони дӯстӣ наёбад, коре аз дасташ намеояд. Аз ин рӯ душмани асосӣ дар дохил аст.

Ба ҳамин душмани дохилӣ чӣ мекардӣ. Фарзанди агару магар, ки ҳастам чи кор карданамро медонам.

Душманҳоро ба мансабҳои баланд мебардоштам. Онеро ки пеши ёри дигар худашро ба қадр медонисту хеле баланд ба ӯ дигар хел муносибат мекардам.

Чи хел.

Ӯро ба итоати ҳамон ёре медаровардам, ки назди вай худро баландқадр медонист.

Ин чи мешавад.

Ёри баландқадр ба қадри худ месӯзад ва душманӣ меҷӯяд. Ҳар ду дар ранҷ мемонанд. Соле як-ду онҳоро бо иззату икром нигоҳ медорам, баъд аз мансаб меронам, бо душмани навашон байни мардум.

– Душмани навашон аз куҷо.

– Аз вуҷуди худашон мерӯяд.

Биё бо бандҳои фикр маро буғӣ накун. Дурусттар фаҳмон.

– Оҳ, ту чунон мепурсӣ, ки гӯё тоҷик набошӣ. Байни мардум ҳар хел муносибатҳо ҳаст. Кораш меафтад ба ину он кас, вале иҷро намешавад. Мансаби боло ба ёдаш меояд, ки сухан аз даҳонаш мебаромаду иҷро мешуд. Ҳине ӯ ба нишастгоҳ меравад ба умеди ҷои хубу шоистаи назараш, касе пешаш намехезад. Он ҷои шоистае, ки ӯ бо кару фар сӯяш мерафт, пайт ёфта пинҳон мешуданд, аз ӯ калонҳо рост меистоданд. то замоне, ки ҷои худ менишаст. Акнун калонсолон пеши ӯ аз ҷой намехезанд: Ҷавонон механданд. Соҳибвазифаҳо назди ӯ бо овози баланд ҳарф мезананд, раисони

шаҳру ноҳияҳо рӯ ба тарафи дигар мегардонанд ва ӯро нодида мегиранд. Ҳар яке аз ин муносибатҳо наштаре мешавад ба ҷигари онҳо.

Ман бошам ҳамчун Президент умеди дуюмбора ба сари мансаб омадани онҳоро барбод медиҳам. Аз ноумедӣ ба пасу пеш ва чапу рости онҳо ханҷар мебандаму сӯян мегузорам, то дами кундомадаро сӯян зананду ҳалокати худашонро тезонанд. Ва бо ҳазор дарду ҳасрат аз дунё раванд. Баъд аз мавт онҳоро суруди таҳқиромези мардумӣ мегардонам.

* * *

Бехирад аз ҳикмат нафрат мекунад. Хушо касе, ки ҳикмат пайдо кардааст. Зеро қиммати он аз ҳама ганҷҳои шоҳонаи олам афзунтар аст.

Худованд заминро бо ҳикмат бунёд кард. Осмонро бо хирад барқарор намуд. Бо ҳикмати ӯ абрҳо борон меборанд.

* * *

Дар ҳақи ёри худ андешаи бад накун.

* * *

Аз некӣ кардан даст накаш, вақте кардани он аз дастат ояд. Ва он чи дорӣ дареғ надор. Нагӯй бирав, фардо биё.

* * *

Аз мунокиша бар ҳазар бош.

* * *

Ба он кас, ки бо роҳҳои макру риё ва зулм сарватманд аст, ҳасад набар.

* * *

Ибтидои ҳама хушиҳо ҳикмат аст.

## Назари поён ба боло

Се нафар сари баландие, ки аз онҷо аз Тосқалъа, то Ҳулбук, тамоми деҳкадаҳои хоҷагии бобои Миралӣ Маҳмадалиев зери по буд ва атроф майсапӯш, ба асари шароб андак-андак аз тамошои хушиҳои табиат чашм бардошта ба карсони гӯшти ба тозагӣ заҳб шудаи гӯсфанд, пиёлаву шиша ва чеҳраи ҳамдигар чашм ниҳоданд. Паҳнои дарёи Сурхоб, ки аз обаш дида майдони соҳилҳои санги-

стонаш фарроху боҳашамат буд, дигар нигоҳи онҳоро машғул намедошт. Сӯҳбати аз ин баландӣ ва то он деҳу деҳкадаҳо, талу теппаҳо, майдонҳои пахтаву кӯҳҳои Хоҷамуъмину Эмоммаскара, ки аз рӯ ба рӯ мисли сутунҳои азими боми фалак буданд, дур мерафт.

Бобои Миралӣ Маҳмадалиев бепарво ҳарфҳои онҳоро мешуниду ба пиёлаҳо шароб мерехт. Нигоҳи ӯ як бор сӯи гӯянда бардошта мешуду ба ботини худ фурӯ мерафт. Аз афташ ӯ аз лабҳои онҳо умеди ҳарфи хотирмон надошт, ки гуфт.

– Ҳине сари мансаби боло буден поёна намедиден, акнун аз поён ба боло нигоҳ дорен.

Сӯҳбати онҳо сари муншии созмони ҳизби Коммунистии мамлакат Раҳмон Набиев ба чормағзшиканӣ даромад. Ва аз маҳаллгароии ӯву сари мансаб овардани ҳамшаҳриҳо далел меоваранд. Эҳсос мекардам, ки ин сӯҳбати оростаи банди галстук кушода ба бобои Миралӣ на танҳо писанд намеомад, балки хотири ӯро озор медод. Ва дам ба дам банди камони абрӯҳои ӯ бардоштаву фароварда мешуд. Оқибат нигоҳи тези чун тир сӯи нотиқ партофту лабҳои фишурдаи ӯ сухан мегуфтанд.

– Пиёларо холӣ кун, – гуфт ба ӯ, – мушти баъд аз ҷангро ба сари худ мезананд. Ҳине сари мансаби боло будӣ, аз боло чашм мепӯшондиву поёнро диданӣ мешудӣ. Ҳоло, ки дар поёнӣ аз поён чашм мепӯшиву болоро мебинӣ. Онгоҳ ҳама айбҳои ба нигоҳи ту дар поён боло баромаданд.

– Инсон беҷурм намешавад ва Раҳмон Набиев ҳам одами хокӣ ҳаст. Вале як чизро аз рӯи инсоф ба зеҳн гирен, ки адолати Раҳмон Набиев ҳамеша аз гуноҳояш бузургтар аст. Ӯ бо сари хам, хомӯшу ботамкин гуноҳи марказро ба дӯш дорад на гуноҳи худро. Шумо дарди сарро дар косахонаи сар ва дандонро дар устохони он мебинед. Қудрати бозҷӯии дард надорен. Доруи сардарду дандондард мехӯрен. Ҳоло он ки иллати дарди дандон дар он марказест, ки дандон истодааст ва дарди сар аз меъда асту он ба иллати пурхӯрии ту хурӯҷ кардааст.

Соқӣ дарҳои ғайбатро баст, аҳли сӯҳбат боз ба табиати дилпазир рӯ овард. Сӯҳбат ба гулу булбул боз гашт.

Наршер ҳарчанд қавипанҷа аст, чун сайде наёбад табоҳ мегардад.

Марги аблаҳ хашми аблаҳ асту ҳасад аҷали содалав.

Тамоми мавҷудоти рӯи олам аз хок мерӯянд, ба ҷуз ҷафо ва ҳам азоб, ки аз хок намерӯяд. Бешавкативу бемарҳаматии инсонҳо ба ҳамдигар ҳардуро мерӯёнад. То одам ба он ҳақиқате расад ва ба он

эътимол кунад, ки баҳри азоб ба дунё омадааст. Ва дар роҳати худ вақте шикам аз анвоҳои дилаш пур мешавад, азобро бинад, ва замоне асалро аз ҳади эҳтидор зиёд истеъмол мекунад, шаҳди ҷафои асалро чашад, то ҳақиқати ба ин дунё омаданаша донад.

Дар бозор ҳама чиз баркаш дорад ба ҷӯз ғуссаи харидору фурӯшанда. Ва чунин тарозӯе ҳам нест, ки ихтидори баркаши онро дошта бошад. Чунки вазни он аз вазни кӯҳҳои Бадахшон ҳам гаронтар асту аз вазни замин мегузарад.

## Осоиштагӣ фарёд надорад

Боре аз бобои Миралӣ Маҳмадалӣ, ки ба синни муборакн навад даромад ва умри то онрӯзаи ӯ сарфи дашту кӯҳу дара ва миёни мардумон буд, пурсидам: гӯрхар, яъне хари ваҳшӣ ва наврас дар кадом ҳолат фарёд намезанад ва ӯ дарҳав гуфт: гӯрхар дар марғзор ҳанг намезанад. Буқа дар сари охур. Осоиштагӣ фарёд надорад.

* * *

Давои одами дилшикаста лутф асту меҳрубонӣ аз ёрони наздик.

* * *

Сухан на ҳамеша баҳри исботи беҷурмӣ кофист.
Гуфтори рӯҳафтода назди дилшоди мағрур бод аст.

## Муздурӣ

Ҳикмат дар пирон аст. Ва хирад дар умри дароз.

* * *

Болои теппаи баланди барзани Сурхдара бобои Миралӣ ба рӯям бо диққат нигоҳ кард ва бо ифтихори пирона аз навадсоли умри худ гуфт:

– Сағира, ин шӯхӣ нест. Ку ту ин умра бин. Осон нест. Ғайрат зарур.

Аз бачагӣ орзуи умри тӯлонӣ надоштам. Ва бепарво пурсидам:

– Ҳамин умр худаш чист?

– Нафаҳмидӣ? Ба Худо, – гуфт бобои Миралӣ ва хандаи ширине ба лаб оварда, – ин муздурист. Ҳар рӯзат андак-андак ба муздурӣ мегузарад, мекорӣ ва мунтазир мешавӣ, ки замин ба ту чи музде медиҳад. Дар баҳор пашми гӯсфандона метарошӣ ва интизори тирамоҳӣ, ки чи қадар пашм мегирӣ. Як сар чорворо ду сар мекунӣ

ва аз ҷуфти онҳо музд мехоҳӣ. Вақте онро мегирӣ, зудтар ба тараддуд меафтӣ, то чоруму панҷум, даҳуму садум музди ту шавад.

Ниҳоле мешинонӣ ва чашмат ба обу хоку ҳаво аст, ки бошад баҳор ояду музди худро рӯёнӣ.

Ба касе сухане мегӯи, хоҳиш медорӣ, амру фармоне медиҳӣ ва рӯзу моҳо мунтазир меистӣ сари андешаи он, ки музди ту аз гуфти ту чи мешавад. Ва ин аз хурдӣ меояд аз гаҳвора то гӯр пайгир аст. Кӯдак ба хӯи худ бозӣ мекунад: медавад то бардошти ҳарду зону. Санги бисёр мепартояд. Кӯрпаву кӯрпачаҳои болои ҳам чидаро чапагардон мекунад ва парвое надорад. Вале вақте, ки ба ӯ гӯӣ чанд сангу сангчаро аз роҳ барканор кун ё бидав ба он сари роҳ баро, бин кӣ меояд. Бача ба даҳони ту нигоҳ мекунад. Мехоҳад донад аз он муздурӣ чи музде мерӯяд. Ва ҳама рӯзҳову моҳҳову солҳо чуноне, ки муздур умедвори музди худ аст, сипарӣ мегардад. Сағера ана ба навад даро боз муздурии дигара мефаҳмӣ.

– Навадсола чи муздурӣ дорад раисбобо.

– Муздурии аз шабу рӯз.

– Умеди муздурии пир бисёр мешавад: андӯҳ ва умед. Вале рӯзҳои ӯ чун моку тезрав аст.

– Инаш чихел муздурӣ?

– Аз шаб муздури рӯз мешавӣ. Чун рӯз расид, мегӯӣ ба шаб мерасида бошам ва ин муздурӣ дар умеди марг аст.

## Мисли соя

Замоне мо таги сояи чормағз, болои алафи тозаву пурҷилои аҷрикӯ себарга гилем партофтаву дастурхоне густурда, ки рӯи он гуна-гуна ғизоҳо буд, нишастем, бобои Миралӣ гуфт:

– Сағира, аз сояи ин чормағз ҳикмат бигир. Пагоҳӣ борику дароз, ба назар серғайрату беҳудуд. Бо рафти гардиши чархи замин тағйир мехӯрад. Оҳиста-оҳиста аз рӯи ҷариву об, қаъри дараву хамиҳо худро ҷамъ мекунад. Аз чап хирман мезанад, аз кундаву решаҳои худ дур. Баъд хурд мешавад баҳри ҳифзи кундаву решаҳо аз сӯзиши он нурҳои офтоб, ки ба қаъри замин фурӯ мераванд, то маъдани тилло ҳосил шавад. Чун сӯи дасти чап, самти офтобро майл мекунад, ғайрати пирӣ меёбад. То қуллаи Сурхкӯҳ мебарояд. Баъд дар сояи шаб ғарқ гардида нест мешавад.

– Рӯзҳои умри мо дар рӯи замин мисли ҳамин соя ҳаст. Пагоҳӣ месабзем, қад мекашем ва чун шаби мавт фаро расад, бесоя мешавем.

## Инкори ҷой

– Ҳикмати соя, бобои раис, рамзи бисёр кӯтоҳ.

– Рамзи дарозат форид, сағира.

Умри навад он тараф, бобои Раис ба чилу панҷоҳ сол умр тангӣ мекунад ин рамз.

– Хайр рамзи дарозаш, сағира ҳамин дарахти чормағз. Панҷяки соли ман умр дорад. Замоне онро шинондам реша давонд, то ба об расид.

Аз байни сангу харсангҳо, регу шағалҳо гузашт решаҳои он ва қад ёзонду ба баҳр омад. Дер ё зуд аз ҷояш канда мешавад. Аз баргу шохаҳо ба решаҳои он нафас намеравад. Қатъи нафас мавт ҳасту пусиш. Решаҳои пусида ғизои замин мешавад. Чун ба ҷои он ниҳоли нав шинонӣ хок, оби таги замину ҳаво ва нурҳои офтоб онро месабзонад, агар кундаи ин чормағз бо шоху навдаҳо инҷо боз ояд, ҷояш онро рад мекунад ва мегӯяд: туро надидам. Умри ҷо тӯлонитар аст. Бозорҳову ҷамъиятҳо раисони зиёдро медонанд, чун беҷо шуданд, ҷо ӯро фаромӯш мекунад. Худи буд набуд.

## Шикасти душман шодӣ надорад

– Душмана бад мебинӣ ё не, бобои раис.

– Сазовори дӯстдорӣ намедонам.

– Нисбати ӯ чиро раво мебинӣ?

Сағира, ӯ ҳам одам аст, бачаву кача дора. Худо умри дарозаш диҳад, зиндагӣ кунад.

– Чиро ба душман раво надидӣ.

– Ба шикасти душман ҳеҷ гоҳ шодӣ накардам.

## Забон ҳеҷ гоҳ ром намешавад

Боре бобои Миралӣ аз забон сухан ба миён овард ва гуфт:

– Хислатҳои забона медонӣ.

– Чихел хислатҳо. Не намедонам.

– Касе, ки – гуфт ӯ, – дар сухан пешпо намехӯрад, одами комил аст. Ва ӯ метавонад ҷилави тамоми ҷисморо идора кунад. Киштиҳо дар баҳрҳои пурталотум ба воситаи суккони хурде идора карда мешаванд. Ҳамчунин забоне узви хурд аст. Бисёр лоф мезанад. Чун оташи хурдест, ки ҷангалро месӯзонад.

Забон низ оташ аст, шорораест байни узвҳои мо, ҷисмро палид мекунад, доираи ҳаётро оташ медиҳад. Дар сурате худаш аз

ҷаҳаннам оташ мегирад. Ҳамаи дарандатарин ҳайвонҳо ба воситаи забон ба одам ром мешаванд. Ва то кунун одаме дар олам пайдо нашудааст, ки забонро ром кунад. Он шарораест бебоздошт ва пур аз заҳри марговар.

Бо он падару модарро муборак мегӯем. Ва бо он мо ба одамон, ки ба қудрати Худо офарида шудаанд, лаънат мегӯем.

Аз як даҳон мубораку лаънат меборад. Ҳеҷгоҳ аз як пилки чашма ҳам оби шӯру ҳам ширин намерезад.

* * *

«Худо ба мағрурон муқобилият мекунад, вале ба фурӯтанон файз мебахшад».

* * *

Зиндагии бе муҳаббат буғест, ки муддати кӯтоҳе зоҳир гардида, зуд нопайдо мегардад.

* * *

Миқдори гуноҳ ба миқдори савоб баробар аст.

* * *

На ҳар кас соҳиби файзу баракат мегардад. Соҳиби файзу баракат он касе мешавад, ки дар ивази бадӣ бадӣ намекунад, ба бадали нафрат лаънат намегӯяд. Баракс ба ивази ин ҳама баракат медиҳад. Сабру тоқат пеш меовараду андешаи нек.

* * *

Дар шодии дил худат тани танҳо иштирок мекунӣ. Ва ҳамчунин замоне ӯ андӯҳгин аст.

* * *

Бенаво пеши назари бародарони сарватмандаш хору залил аст. Ва бегонаи пурсарват азиз. Одамро ба одам молу пул азиз гардондааст, на ақлу фаросат ва имону номус.

* * *

Сарвати зиёд аз гуноҳҳо орӣ нест.

* * *

– Чашмаи ҳаёт дар куҷост.
– Дар осмон ва замин.
– Чи хел чашмаест он.
– Чашмаи тарс.

– Чи хел тарс.

– Тарсу парҳез аз ҳамаи он корҳои баде, ки одам дар ҳақи одам мекунад. Чунки чашмаро пайдо карда, аз марг дур мешавӣ ва умри ҷовид насибат мегардад.

* * *

Муҳаббат дилро тавоно ва ҳасад фасод мегардонад.

* * *

Ғурур фиреб аст. Кибру калонӣ аз пастигарӣ мерӯяд. Ва ҳосили ҳавобаландӣ сароб. Ва такаббур файзе надорад, чунки заминае надорад ва ботил ҳасту ҳеҷу пуч.

* * *

Аз оғоз то имрӯз буданду ҳастанд одамони дар ҳолатҳои сангин аз зиндагӣ безор ва даст ба қасди аз вуҷуд дур кардани ҷони худ мезананду мезананд. Ин ҷумла сиёҳбахтонанд, ки маргро чун ганҷ мекобанд, ҳамин ки ёфтанд хурсанд мешаванд.

Онҳо аз рӯшноӣ безоранд, чуноне ки талхкомон аз зиндагӣ. Вале ба онҳо рӯшноӣ дода мешаваду зиндагӣ. То безории онҳо ба сафедбахтону зиндадилони олам ибрат гардад.

## ЗАМОНА БО СОҲИБНОМУСОН МАРД АСТ

*Замоне ӯ ба яке мақсадҳои асосии худ, ки ҳаҷи Маккаи Мукаррама буд расид, аз ӯ дидан кардам. Сӯҳбат бо ҳоҷӣ Нарзулло атрофи рости шавқангезу ибратбахш ва тӯлонӣ буд.*

*Ба ақидаи ӯ ростӣ безавол аст. Чунки писандидатарин хислат назди Худованд ростӣ буда. Вақте роҳҳои рости ту ба ҳазрати Ҳақ хушоянд бошад, ӯ ба ту ҳикмат медиҳад, донишу ақлу фаросат мебахшад. Онгоҳ ӯ баҳри росткорон зеҳнро маҳфуз медорад. Ва ин имкон медиҳад, ки инсони росткор адолатро посдорӣ кунад. Дар чунин сурат ростпеша адолату инсофро мешиносад, ҳақиқати ҳамаи роҳҳои некро мефаҳмад. Чунки дили ӯ бо нури ҳикмат мунаввар гаштааст, донишу фаҳмиш ба ҷони ӯ хуш омадааст. Акнун фаросат туро аз ҳама бадиҳо наҷот медиҳад, муҳофизат ва нигаҳбонӣ мекунад.*

*– Ва ин, – гуфт ҳоҷӣ Нарзулло – ин ҳикматро пайдо кард, ки тарс аз Худоро ба дили худ ҷой дод ва аз бадӣ дур шуду ба ҷони худ ва завҷаи меҳрубонаш Адолатпочо ва фарзандонаш Бибиоиша, Абубакр, Шамсулло, Фирӯза, Усмону Ҳайдар ва Умару Алимад, Мадинаву Муҳаммадҷон ва Мустафову Шукрона офият ёфт. Ва ӯстухонҳои худу пайвандонашро аз мағз пур кард. Ҳамчунин покзани дилсӯзу фарзандони худро фаровонрӯзиву саховатпеша гардонд.*

*Ва боз калимае чанд аз забони шевои ҳоҷӣ Нарзулло:*

*«Худованд заминро бо ҳикмат бунёд кард ва осмонро бо хирад. Бо ҳикмати ӯ вартаҳо шикофта шуд ва осмон ба замин файз дод то ризқу рӯзии инсонро дар вақташ расонад».*

* * *

Шиноснома: Нарзулло Алимадов. Таваллуд 1947. Ҷои таваллуд деҳаи Сарчашма, ноҳияи Шӯробод. Дастпарвари мактаби миёнаи ба номи Лоҳутӣ. Баъди синфи 7 донишҷӯи техникуми политехникӣ, шӯъбаи механиконии хоҷагии қишлоқ шуд ва 4 солу 6 моҳ хонд. Ва онро 1968 бо дипломи аъло тамом кард.

* * *

Вале барои дохил шудан ба донишкадаи олӣ дипломи сурх аз 5 кас ба як нафар имтиёз медод. Ин кам. Боз таҷрибаи корӣ зарур. Аз ин рӯ баъди хатми техникум дар совхози Чубеки ноҳияи Москва, феълан ноҳияи ҳазрати Амирсаид Алии Ҳамадонӣ 6 моҳ мудири устохона кор кард. Баъд баҳри афзоиши дониш ва мукаммалтар кардани ихтисос 5 сол дар шӯъбаи электрофикасияи институти

хоҷагии халқи шаҳри Волгоград хонд. Аз техникум то мактаби олӣ ҳама баҳо панҷ. Ва дар пеш ҳимояи кори дипломӣ ва ҷамъбасти 5 соли таҳсил дар шӯъбаи электрофикасияи донишгоҳи хоҷагии халқи ш.Волгоград. Панҷ сол аз баҳои аъло поён нафаромад. Ва дар пеш ҳимояи кори дипломӣ дар мавзӯи «электроискра ва чиканка хлопчатника». Яъне бо нерӯи барқ чеканкаи пахта. Ба назари Нарзулло тавассути трактори чорқатора, ҳангоми оғози таҳқиқи мавзӯъ ва гирдовардани далелҳо ва таҳлилу натиҷабардорӣ ҳама баҳоҳои аълои то ин лаҳзаҳо гирифта кам намуд. Дар имтиҳонҳои муқарарӣ баҳоро ду ба ду мегирӣ: Ту ҷавоб мегӯиву муаллим баҳо мемонад. Ҳимояи мавзӯи дипломӣ ҳам имтиҳон аст. Вале имтиҳонкунанда як нафар не. Баҳоро ҳам як нафар намегузорад. Ҳама олимони номбардори донишкада гирд меоянд. Дафтарчаи ду соли имтиҳону санҷишҳо пеши чашми онҳо нест. Бошад ҳам баробари пари коҳ назарашон намегирад. Вақте рӯ ба рӯи онҳо мисли сарбоз дар назди байрақи ҷангӣ рост меистӣ аз ҳарфи дуюмат мефаҳманд, ки ту киву кӣ мешавӣ. Ному диплови онҳоро ба замин мезанӣ ё ба осмон мебардорӣ. Овозаи неки онҳоро мебарӣ ё бо бедонишӣ ва татуиву ноӯҳдабароият аз беилмиву камхирадии мардуми ин донишкада, ки туро таълим доданд, нишона мешавӣ.

Мавзӯъ барои ӯ ҳарчанд нав буд, вале аз асрори электру трактори чорқатора тасаввуроти хуб дошт. Роҳҳои ҳалли мавзӯъро равшан медид. Ва роҳбари кори дипломиаш профессор В.М.Вадиняпин дар соҳаи электроконӣ олими забардаст буд. Ӯ роҷеъ ба истифодаи парки мошинҳо асари пурарзише навишт ва ба он олимону муҳандисони соҳаи нақлиёт баҳои баланд доданд. Ҳафтае қабл аз тасдиқи мавзӯи рисолаи дипломии Нарзулло мошине ихтиро кард, ки боиси ифтихори олимону донишҷӯёни донишкадаи кишоварзии Волгоград шуд. Ихтирои ӯ аз озмоиши истеҳсолӣ гузашт. Профессор В.М.Вадиняпин бо қувваи электр ба сари сабзи рафидамонанди офтобпараст таъсири баланди гармӣ мегузаронд. Ва ҳосили он 15 рӯз пеш аз мӯҳлат мерасид. Дар шароити Русия барои ним моҳ кӯтоҳ кардани ҷамъоварии ҳосили офтобпараст, ки масоҳати киштзорҳои он ба даҳҳо ҳазор гектар мерасид, комёбии андаки техникӣ набуд. Ихтирои роҳбари кори дипломии Нарзулло, на танҳо барои бо сифати хуб ҷамъ овардани ҳосили офтобпараст, балки ба баланд бардоштани самаранокии замин таъсири пурарзиш дошт.

Нарзулло бо маслиҳату нишондодҳои ин марди наҷиб ба кор оғоз намуд ва дар як муддати начандон тӯлонӣ натиҷаи таҳқиқи технологии худро ҷамъбаст намуд. Ӯ асбобе сохт мувофиқ ба

тракторҳои чорқатора. Ингуна тракторҳо дар парки донишкада ёфт мешуд. Танҳо ҷӯякҳои пахта набуд. Таҳқиқи технологӣ ин аз заргари ҳам нафису нозуктар ва аз ҷиҳати дигар вақтхӯру мураккаб аст. Донишу фаҳмиши бештар мехоҳад. Ва бояд на танҳо он чи аз ҷузъу кули мошину дастгоҳҳои ҳаракаткунандаи ҷаҳон мебинӣ, қонеъ шавӣ, балки механикаи табиатро донӣ. Аз сиру асрори он огоҳӣ дошта бошӣ. Шавқу ҳаваси бузург ақлро такон диҳад ва тарки сарро аз таҳаюлот пур кунад. Шукронаи Яздони пок ки ин неъматҳоро ба Нарзулло Ӯ додааст. Ва ҳамчунин нерӯҳои устувори ботинӣ ва рӯҳонӣ, инчунин номуси ҷавонмардона.

Ва ӯ аз гуфтору роҳнамоиҳои роҳбар, профессор В.М.Вадиняпин дарк кард, ки ҳангоми ҳимояи рисолаи дипломӣ, танҳо бо исботҳои абстрактии назарияи техникӣ раҳоӣ намеёбад. Далелҳои амалӣ зарур. Далелҳое, ки аз таҷриба мерӯянд. Ва ин замоне буд, ки дилу вуҷуди Нарзулло мисли полудаи ба қиём омадаи даруни деги болои оташи сӯзон аз ғайрат меҷӯшид. Ӯ ба хотири гузарондани таҷрибаи истеҳсолӣ ва дар амалия санҷидани бозёфти техникиву технологии худ ба ноҳияи Данғара омад. Айни фарорасии чеканкаи пахта буд. Замине гирифт ва ба озмоиш шурӯъ намуд. Замоне ӯ бо нерӯи барқ ва зери таъсири 36 ҳазор шиддатнокӣ (ват) ба чеканка шурӯъ намуд, хушнудии деҳқонони хоҷагии ба номи Ленинро ҳаду канор намонд. Нарзулло бо трактори чорқатора, қариб баробари як бригада одам майдонҳои пахтаро аз чеканка баровард. Овозаи ҳунари ӯ дар гирдуатроф паҳн шуд. Деҳқонон ӯро ҳамчун беҳтарин механизатору муҳандис шинохтанд. Вале роҳбарону мутахассисони ташкилоту муассисаҳои тунелсозӣ, ки аз деҳаи Себистон то назди шаҳраки Данғараро фаро мегирифт, ба Нарзулло ҳамчун электрика чирадаст баҳо доданд. Ва ин замоне буд, ки кор дар ҳашт қитъаи зери заминии тунел бо суръат ривоҷ дошт. Ва ҳар метр тунеле ки сохта мешуд, аз идораи сохтмони тунел то Кумитаи Марказии ҳизб дар ҳисоб буд. Ва мушкилотҳо ҳам ҳисоб надоштанд. Яке аз муҳимтарини он нарасидани мутахассиси соҳаи электр буд. Маҳз аз ин рӯ бетоншӯрону паркетчиён аз тунелкушоён фарсаххос қафо мемонданд. Ҳамин, ки қолабҳои механикӣ, ки дар асл мошинҳои азими бетонпӯшгардонии деворҳои тунел буданд, аз кор бозмемонданд, бетонрезону паркетчиён даступо мехӯрданд. Кор лакнат меёфт. Ва кори мураттаби ин дастгоҳҳо ба электр, донишу маҳорати ӯ вобаста буд.

Ӯ аз талабу дархостҳои роҳбарони сохтмони ин иншооти обӣ рӯ гардонда натавонист. Сактаҳо дар пешравии сохтмони тунел Нарзуллоро сертараддуд гардонд. Ӯ баробари фарорасии сапедадам ба

чеканкаи майдонҳои пахта ва мураттаб сохтани рисолаи дипломӣ мепардохту чун бегоҳ мешуду рӯшани ба торикии шом падруд мегуфт, сӯи он қитъаҳои сохтмони тунел, ки аз иллати электр коҳиш дидаанд, мешитофт.

* * *

Давраи таҳқиқу амалигардонии бозёфтҳои техникиву технологии Нарзулло дар майдонҳои пахтаи Данғара рӯзу соатҳои осоиши ӯ ба чанги бод рафт. Нарзулло ба дидори ёрону бародарон, қариб, ки намерасид.

Боре бародари ӯ, полковники милиса Мунаввар Алимадов, ҳангоми хайрухуш гуфт:

– Кош камҳунартару камғайратар мебудӣ. Онгоҳ шояд, аз дидори ту андак сер мешудем. Акнун чӣ? Омаданатро дидему рафтанатро.

Натиҷаи таҳлилҳои илмиву лабораторӣ собит кард, ки фарқ байни чеканкаи дастгоҳи Нарзулло аз он чи пахтакорон бо даст анҷом медиҳанд аз замин то осмон аст. Кишоварзони пахтакор сари пахтаро, ки он ҷо ҳашаротҳои ҳалокатовари ҳосил тухм партофтанд, мекананду ҳаво медиҳанд, ё ба пешдоманҳо андохта ба канори замини пахта мерезанд. Дар ҳарду ҳолат ҳам тухми ҳашарот зинда мемонад ва чун ҷон мегиранду ба ҳаракат меоянд, зиёни худро мерасонанд. Вале чеканкаи Нарзулло аз ин зиён орӣ аст. Дастгоҳи дар трактори чорқатора васл намудаи ӯ дар як сатҳи аниқ тавассути ирод, на танҳо ниҳоли пахтаро чеканка мекунад, балки ҳашароти онро месӯзонад. Ва замини пахта аз ширинчаву дигар ҳашаротҳои зиёновар тоза мегардад.

Чун замони ҳимояи рисолаи дипломӣ фаро расид, Нарзулло ҳама бозёфтҳои техникиву технологии худро манзури ҳайати комиссиони имтиҳонҳои давлатӣ гардонд. Ҳозирин аз донишу фаҳмиши ӯ хушнудӣ карданд. Баҳои аъло боз насиби Нарзулло шуд. Ва боз дипломи сурх. Ва андешае ба сари ректори донишгоҳ омад. Ӯ дар симои Нарзулло Алимадов сиоми роҳбари ӯ профессор В.М.Вадиняпинро дид. Балки аз ӯ ҳам бузургтарро. Аз ин ҷавон, гуфт ба наздикони донишкадаи худ: бо ин фаҳмишу дониш ва шеваи гуфтор, бо ин суханронӣ муҳаққиқи бузурги техникаву технологияи механизасияи кишоварзӣ, ихтирокори бузург мебарояд. Шояд аз профессор Владимир Вадиняпин ҳам бештар ба Донишкадаи Кишоварзии Волгоград шӯҳрат оварад.

Замоне Нарзулло аз гуфтор ва таҳлилу исботи далелҳои мавзӯи тадқиқоти рисолаи дипломӣ хомӯш монд, ғайри чашмдошти ҳозирин ректори донишкада гуфт:

– Чи мешавад, ки ин ҷавонро назди худ нигоҳ дорем. Дар донишкада монад.

Аз ин пешниҳод чеҳраи роҳбари Нарзулло, профессор Вадиняпин мисли гул шукуфт:

– Донишкада бой намедиҳад, – гуфт ӯ, – бурд мекунад.

Ва аксар аъзоёни комиссиони имтиҳонҳои давлатӣ ба имои тасдиқ сарҷунбонданд ва сӯи ректор нигоҳи ризомандӣ дӯхтанд. Аммо ректор дар чеҳраи Нарзулло Алимадов шодӣ надид, балки як ҳолати музтариболудае мушоҳида кард.

– Ба ин пешниҳод, – рӯ овард ректор ба ӯ, – чӣ мегӯӣ?

Чи гӯяд Нарзулло. Агар не, гӯяду рад кунад, беҳурматӣ мешавад. Дар чашми ин мардум, ки олимону профессорони забардастанд, бад менамояд. Аз ин берӯии ӯ роҳбараш, профессор Владимир Вадиняпин андӯҳгин мешавад. Беҳтараш ҷавобе намегӯяд. Ва Нарзулло шакарханде дар лабҳо хомӯширо интихоб кард.

Ректор ҳам бо чеҳраи кушод ва ду лаби пурханда гуфт.

– Хайр ба ӯ вақт медиҳем. То рӯзи дипломдиҳӣ фикр кунад.

Гӯё бори вазнине, ки ин лаҳза бар дӯши Нарзулло афтода буд, сабук шуд. Вале фикри то рӯзи дипломгирӣ чӣ гӯяд, ӯро азоб медод. Ва ӯ ба худ саволҳо медоду ҷавобҳо меҷуст. Ҳарчанд Волгоград шаҳри аҷиб аст, Нарзулло Тоҷикистонро бо ӯ иваз карда наметавонад. Ба назараш чунин намуд, ки Тоҷикистон, на дар китобҳову сурудҳову суханрониҳо, балки дар дили ӯст. Ва дили ӯ мисли баҳр, не беҳтараш, мисли киштиест дар баҳр, ки хиради Нарзулло сукундорӣ мекунад. Ва ин сукундор пеши назари худ дар хобу бедорӣ бандарро мебинад. Лекин бандрр дур асту мумкин киштӣ роҳгум занад, ғарқ шавад. Аммо ӯ ба мавҷудияти бандари бузурги худ боварии комил дорад. Тоҷикистон кишвари пур аз сарватҳост ва ҳамчунин пур аз имону дониш. Ва дар рӯи замин ин хел мулку мамлакат нест.

Не ба ҳеҷ ваҷҳ. Сарфи назар аз аҷоиботҳои ин шаҳр ва духтарони зебояш, Нарзулло дар Волгоград истода наметавонад. Агар Худованд истеъдоди ӯро комил гардонад дар Данғараву Душанбе ҳам метавонад, корҳову ихтроҳо намояд. Барои ни муҳаббат зарур. Муҳаббат ба Ватани аҷдодӣ. Агар муҳаббат дар вуҷуди ӯ асосҳои мустаҳкам пайдо кунад, онгоҳ орзуҳои дил ба дараҷае содаву хушманд мегардад, ки хирад пеши онҳо сари таъзим фуруд меоварад. Ва баракс. Агар дар асосҳои муҳаббат рахнае пайдо шавад, хирад ба иҷрои орзуҳои дил мадад расонда наметавонад.

Ва Нарзулло дар вуҷуду тамоми ҳастии худ асосҳои мустаҳками муҳаббатро нисбат ба Тоҷикистони азизаш дид. Ҳангоми фарорасии соатҳои ваъдагӣ ӯ аз ректору роҳбари худ бисёр маъзарат хост ва

гаштаву баргашта онҳоро ба меҳмонӣ даъват кард. То ин мардуми нек Ватану мардуми ӯро бо тамоми зебоиҳову меҳмонпарастиҳо бинанду арҷ гузоранд.

* * *

Дар роҳи тӯлонии аз Волгоград ба Душанбе тамошои биёбону вагони тасфон ва садои якмароми чархҳои болои роҳи оҳан гелон ӯро дилгир накард. Нарзулло ҳамин хел мизоҷ дорад. Дар олам ҳанӯз ба чизе дучор наомадааст, ки аз он дилгир шавад. Баъзеҳо аз дуру дароз дидани чӯли бе обу гиёҳ, ё дарёи якранг ошуфтахотир мегарданд. Вале Нарзулло не. Ӯ ба ҷои ин ба хаёлоти аҷибу ширин ғӯта мезанад. Китобҳои хонда ва ҳикоятҳои шунидаашро варақгардон мекунад. Ва андешаву таҳаюлоти ӯ дар атрофи ин биёбоне, ки аввалу охираш нопадид аст, ба гардиш даромад:

Замини урён, хушк ва мурдаву аз офтоб сӯхта, сангистон, чангу рег, сароб дар уфуқ, пардаи тунуки бухор, оромӣ ва сокитӣ… Осмони кабуди бемеғ ва дар он офтоби сӯзону бераҳм.

Ҳамин хел намуд ба чашми Нарзулло Алимадов баёбоне, ки қатораи сафарии ӯро аз чор тараф иҳота кардааст. Ӯ нисбати ин чӯлистон тасаввуроти бойю суханҳои ногуфтании бисёр дорад. Чихел аҷоиб ва бисёрчеҳра аст биёбон. Ва ба ақидаи Нарзулло пеш аз ҳама бар хилофи чунин фикри сатҳӣ ба ҳукми одат даромада, ки биёбонро лучу урён мегӯянд, албатта он холӣ нест. Ин фикри бераҳмона ҳам (чун биёбони холӣ) ба он намечаспад.

Табиати чӯлистон ниҳоят рангоранг аст. Ҳаминро гуфтан кофист, ки: биёбон аз рӯи миқдори олами ҳайвонот дар якҷоягӣ аз дашту ҷангалистон бойтар аст. Худи ҳамин ишоратест ба фазилатҳои фаровони биёбон.

Пеш аз ҳама биёбон хел андар хел аст: сангистону регистон ва шӯразору бешазор. Ҳар яке ин гуна биёбонҳо чеҳраи тамоман махсуси мавҷудот: ҷуку ҷондори хосси худро дорад.

Боз биёбонҳое ҳастанд, ки дарёву кӯлҳо доранд ва аз бешазори туғай дар атрофи худ шерозаи сабз нақш кардаанд. Чунин мавзеъҳо молики олами махсуси худанд.

Лавҳи биёбон пур аз мухолифатҳост. Зимистони сард, яхбандиву тӯфони тундбодҳо ҳам кам нест. Баҳор дар лавҳи биёбон айёмест тилоӣ, борони фаровон меборад ва замин серӣ нам мегирад. Ҳине дар хок намӣ ҳаст, он гоҳ зиндагии ғайриодие ҳукм меронад, ҳаёт меҷӯшад ва суръати он сершитоб ҳасту зудгузар. Ҳамагон таъҷил мекунанд, ки то фарорасидани ҳавои хушку тасфон ба ҳангом корҳои зиндагиро саранҷом намоянд. Баҳорон биёбон бо ороиш ва зебу зиннати ба дараҷаи олӣ бойю аҷоибаш ғайриодӣ аст.

Вале баробари фаро расидани тобистон хушкӣ, гармои харобиовар меояд ва дар осмон офтоби сӯзон ҳукм меронад. Гиёҳҳо мехушканд, ба ҷои гулу гулистон тухмиҳо дар кусакҳо шилдирос мезананд ва ё хорҳои тез боқӣ мемонанд. Бисёр ҷуку ҷондорҳо, мурғу ҳашарот пинҳону сокит мегарданд, ё аз он ҷо мераванд.

Гармо зуҳуроти пурдаҳшатест барои биёбон. Ҳикмати халқ мегӯяд: «биёбонест, ки агар паранда пар занад, пару болаш ва чаранда чар занад, ҳалқу пояш месӯзад». Боз мегӯянд: «вақте паранда дар биёбон ба парвоз ояд, қанотҳо ва одамӣ аз он гузарад пойҳояшро талаф медиҳад».

Аммо тавассути гармии хушк биёбон нисбат ба минтақаҳои хораву даштҳои тропикӣ тоқатовартар аст. Араќи бадан мебарояду бадан роҳат меёбад. Вале ин роҳат бемукофот нест. Замони кӯтоҳе нарафта, беоб мемонад. Одами таги офтоби биёбон монда дар якчанд соат панҷ литр оби баданашро талаф медиҳад. Талафи ин об ба одам ташнагии пуразияте меоварад. Ягона роҳи мубориза барои талафи оби бадан доимо хӯрдани об ва беҳтараш оби гарм аст. Чунки деворҳои рӯда оби гармро зудтар меҷабад ва оби талаф гардидаро ба бадан боз мегардонад. Дар гармо аз гаронбори даст кашидан лозим. Ба ақидаи Нарзулло қадами зиёдатӣ – қулти зиёдати об аст.

Ба замми ин шамол ҳокими биёбон. Шамолҳо зарраҳои хурди чангро ба осмон мебароранд. Ғубори ба ҳаво печида гарморо меафзояд. Заррахои чанг дар шӯъоҳои офтоб метасфанд ва ин тасфро ба ҳаво медиҳад.

Тобистон ба оҳистагӣ ва дуру дароз тӯл мекашад. Аз омад-омади баҳор саҳаргоҳони хунук башорат медиҳад. Тирамоҳ баъзан борон меборад, ки ин ками андар кам тасодуф мешавад. Бо фаровасии тирамоҳ давраи дуюми лавҳи ҳаёти биёбон дар тӯли сол тавлид меёбад. Вале аксар вақт кӯрпаи барфӣ болои замини хушк мехобад ва зимистон сар мешавад.

Биёбон дар асл хасми инсон аст. Солномаҳои қадима ривоят мекунанд, ки Темурмалики хуношом ҳангоме бо лашкараш ба сарҳади Мирзочӯл расид, аз фазои хушку бенишони зиндагии он тарсид ва пас гашт.

Танҳо ба ҳамин наздикӣ маълум шуд, ки 525 сол пеш то милод форсҳо пас аз ҷангҳои хунини бардавом фотеҳи Мисри қадим гардиданд ва лашкари панҷоҳҳазорнафараи шоҳ Камбасро ба ҷануб ронданд. Чунон, ки маълум гардид ин лашкар бенишон, то одами охирин дар регистони тасфони Ливан нобуд шуд.

Дар биёбон, солҳои пурсаодат ҳам мешаванд, ба шарте агар бо-

рони бисёр борад. Онгоҳ шукӯҳи биёбонро бин. Биёбон ба саҳрои пуркаруфар ва мӯҳташам табдил меёбад.

Гиёҳои он ҳашамати ғайриодӣ пайдо мекунанд ва сокинонаш ҳушёру серкор мегарданд.

Биёбон бо ҳама мавҷудоти худ зебо ҳаст. Ва ҳар он касе, ки дар биёбон ҳаёт ба сар бурдааст, то умре ҳаст, ба он дил мебандад: «Оҳ, биёбон ҳама замин пеши ту бечора ҳаст!» гуфт бо хитоб шоир Сенди, ки дар асри ҳаждаҳ ҳаёт ба сар бурд.

Аммо гоҳо биёбонро хушкии тӯлонӣ фаро мегирад. Чанд сол паи ҳам хушкӣ меояд ва дар он ҳама нишонаҳои ҳаёт маҳв мегардад. Танҳо бедору ҳушёр онҳое мемонанд, ки асрҳои аср ба ин шароит мутобиқ шудаанд, ё дар ягон гӯшаи аз хушки камтар зиён расида сарпаноҳе ёфтаанд.

Биёбон ҳам бенаво ва ҳам ғанӣ ва ҳам сангину бадқаҳр ва ҳам ба файзу баракат аст. Он бисёр мавҷудоти зинда, аз ҷумла ҳайвоноти хонагиро мехӯронад. Биёбон бисёрчеҳра ва дар айни замон басо решу ранҷур аст. Ба ҳар эҳтимол он нисбати табиати ҳама гуна ноҳияҳои дигари кураи замин рештару ранҷуртар. Ва Нарзулло домани биёбонро тарк карда истода ҳамаи ин аҷоиботҳои онро дар хотир нигоҳ медорад ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.

Ҳар чанд рӯз бо шаб ва рӯшнои ба торикӣ падруд гуфта ва биёбон бо пардаи тирафом печида паси тирезаи қатораҳо ғайб зад, вале риштаи хаёлоти Нарзулло аз тору пуди он канда нашуд. Бо андешаи биёбон ба хоб рафт. Чун аз болин сар бардошт, дарк кард, ки ҳоло ҳам таҳаюлоти ӯ ғайри ихтиёр побасти марғзорҳои биёбон аст. Ба ақидаи он лаҳзаинаи ӯ агар инсон қудрат медошт, ки аз ҳама файзи биёбон баҳрабардорӣ мекард, оламро чорвову маҳсулоти чорво мегирифт.

* * *

Ва ин андешаронии ӯ ба замони муборизаҳо рост меояд: мубориза барои баланд бардоштани самаранокии замини зироатҳои гуногун: мубориза барои баланд бардоштани самаранокии техникаву технологияи нав, мубориза барои баланд бардоштани фондҳои истеҳсолӣ, мубориза барои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво. Нарзулло ҳамаи ин муборизаҳоро мешинохт. Дастгоҳи барои чеканкаи пахта ихтиро кардаи ӯ, ки аз озмоиши истеҳсолӣ гузашта ба ду мубориза таалуқ дошт: мубориза барои баланд бардоштани маҳсулнокии замин ва мубориза барои тезондани прогресси техникиву технологӣ. Вале нисбати ин ду мубориза дар донишгоҳ байни донишҷӯёну профессорон мубориза барои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво шиддати тоза дошт. Ва ин шиддатнокиро Пле-

нуми навбатии КМ КТСС роҷеъ ба инкишофи соҳаи чорво ва баланд бардоштани маҳсулнокии он ба вуҷуд овард. Нарзулло бо дипломи сурхи Донишкадаи кишоварзии шаҳри Волгоград ба Тоҷикистони азизи худ бозгашту вале намедонад, ки ӯ ба кадом ҷабҳаи мубориза меафтад. Ӯ боварӣ дорад, ки дар ин: се ҷабҳа инкишофи чорводорӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии он ҳам бошад. Инсоне, ки нисбати биёбон ин қадар таҳаюлоти бой ва андешаронихҳои олимона дорад, аз ӯҳдаи мураккабтарин корҳо ба осонӣ мебарояд. Ҳоло ҳам замоне ин сатрҳо аз нӯги қалам мерезанд, савти марғуладори суханронии Нарзулло Алимадов, ки гоҳо хандаи баланди хушҳолонаи ӯ чун мавҷи баҳр ба ҷило медорояд, аз хотираи гӯш пеши назар меояд. Ва ба андеша меравам. Ҳарчанд рӯзгори ӯ бо ҳамсари хушманду фарзандони дилҷӯяш дар саргаҳи шимолии Данғара, деҳаи хушманзари Себистон сипарӣ мегардад, вале тамоми ин сарзамин бо талу теппаҳо, хамиҳову дараҳо ва чӯлу порабиёбонҳо чун оина дар кафи даст пеши назараш ҷилва мезанад. Ва аз порабиёбонҳои Олимтой, Шурқулу Қаратоғ Нарзулло ҳикмати биёбонҳои оламро аз бар кардааст.

Таҳсили чорунимсол дар техникуми политехникии Тоҷикистон ва боз панҷ сол дар донишкадаи кишоварзии Федератсияи Русия барои ӯ осон набуд. Вазнинии таҳсил аз сангинии интихоби ӯ, яъне бо баҳои аъло хондан аз ҳама боб байни донишҷӯён пешсаф будан ва бо ковишу дониш бартариҳо доштан бармеомад.

* * *

Худованд одамони бешумор офаридааст. Лекин на барои ҳама як хел роҳ гузоштааст. Инсонҳо ҳар чи қадар зиёд бошанд, роҳҳои гузоштаи Холиқи Парвардигор ҳам беҳисоб аст. Ва ҳамаи ин роҳҳои тақдиранд. Ва на роҳҳои заминӣ, балки осмонианд. Ва ин роҳи осмонӣ дар рӯи замин ӯро ба иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷикселхозтехника» овард. Иттиҳодияи овозадор буд «Тоҷикселхозтехника». Он садҳо муассисаву ташкилотҳо ва техникаи пуриқтидор дошт. Ниҳоят серсоҳа буд. Беҳтарин мутахассисону коршиносон дар ташкилоту корхонаҳои иттиҳодияи мазкур гирд омада буданд. Ва онхо аз ҳисоби талу теппаҳо, сойю обурдаҳо замини зироатҳои обӣ, бахусус пахта месохтанд. Ва он рӯзҳое, ки Нарзулло Алимадов ба ин иттиҳодия роҳхат гирифт, ба соли 1973 рост омад. Ин замоне буд, ки сохтмони фермаҳои механикондаи моливу ширӣ бо суръат ривоҷ дошт. Ва Давлати Шӯравӣ ба ин мақсад маблағҳои зиёд ҷудо карда буд. Баробари ин заминаи калони истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ҳам мавҷуд буд.

Ҳарчанд мамлакати шӯроҳо, чоряки масоҳати рӯи заминро ташкил мекард, вале аз истеҳсоли гӯшту шир ва маҳсулоти гӯштиву ширӣ миллиардҳо сӯм зиён медид. Чорводорон аз ӯҳдаи таъмини аҳолӣ бо гӯшту шир намебаромаданд. Аз ин рӯ ҳукумати Шӯрой як қисм гӯштро аз хориҷа, ба хусус аз Ҳоландияву Муғулистон бо нархи гарон меовард ва ба қиммати паст ба талабгорон мефурӯхт.

Арзишии аслии гӯшту шири худӣ ҳам нисбати нархи фурӯш сечор баробар гарон меафтод. Ва чорводорӣ дар тамоми мамлакат соҳаи қафомонда маҳсуб мешуд. Муҳаққиқону коршиносон ягона роҳи баромадан аз ин мушкилот ва фоидаовар гардондани соҳаи чорводорӣ дар кишварро дар бунёду ташкили фермаҳои моливу ширӣ ва беҳтар кардани зоти он дидаанд.

* * *

Замони аз дари идораи сардори иттиҳодияи «Селхозтехника»-и вилояти Кӯлоб ворид шудани Нарзулло Алимадов давраи пурҷӯшу хурӯше буд. Аз диди аввал ӯ ба чашми сардор хуш омад. Аз чеҳраи кушоду нуронӣ, табассумҳои малеҳи Нарзулло ғайрат, нерӯҳои тавонои ботиниву рӯҳӣ эҳсос мешуд. Ва маъмурияти иттиҳодия баъди маслиҳати кӯтоҳ объектҳои сохтмони фермаҳои механиконидаро, ки рафти суръати бунёди онҳо чандон мувофиқи таъб набуд, ба ихтиёри Нарзулло Алимадов доданд. Ана масъулияту мана масъулият.

Атрофи суръату сифати сохтмони фермаҳои механиконидаи чорво аз пажӯҳишгоҳҳои давлатии лоиҳакашӣ то бюроҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ баҳсу мубоҳисаҳои шиддатнок вусъат дошт. Ва Нарзулло дар хондану шинохтани лоиҳаҳои ин фермаҳо қобилияти фавқулода зоҳир кард. Ӯ баробари ташкилу роҳбарӣ ба сохтмони фермаҳои механиконида бо меъморону лоиҳакашон баҳсҳои доманадор оғоз намуд. Ва дар ҳама ин баҳсҳо ӯ дастболо мешуд. Меъморону лоиҳакашон ночор ба далелҳои ӯ нисбати шабакаи обрасонӣ, осёбҳои хӯроки чорво ва тамоили фарши говхонаҳо розӣ мешуданду дар лоиҳаҳо тағйиротҳо ворид месохтанд.

Майдони сохтмони фермаҳои механиконида дар вилоят моҳ аз моҳ зиёд мешуд. Нарзулло сохтмонро дар мавзеи Уртабузи ноҳияи Фархор ҳануз ба анҷом нарасонда, дар деҳаи Шехмезуни ноҳияи Ховалинг ба бунёди фермаи механиконида шурӯъ мекард. Ҳамчунин сохтмони фермаҳои механиконида дар ноҳияҳои Восеъву Муъминобод идома меёфт.

Хона ва зану фарзандон дар шаҳраки Себистон ва ҷои кор дар тамоми ноҳияҳои вилоят. Ба ибораи Нарзулло: ӯ дигар ба сархорӣ вақт надошт. Ва ӯ мазмуни ҳақиқии ҳаётро ҳам дар ҳамин медид.

Нарзулло тӯли ду-се соли кору роҳбарӣ дар минтақаи имрӯзаи Кӯлоби вилояти Хатлон фермаҳои бисёри ҳозиразамонро бо сифати баланд ба ихтиёри истифодабарандагон дод.

* * *

Дар ҷабҳаи сохтмони фермаҳои механиконида мардум ӯро ҳамчун мубориз, ташкилотчии боистеъдоди бинокорӣ шинохтанд.

Кори сохтмони фермаҳои механиконида ба Нарзулло Алимадов хуш омад. Ӯ дар ҳар ваҷаб сохтмон кори савоб ва хизмати шоиста ба миллату кишвари худро медид. Аз ин ҷиҳат сарфи назар аз дурии хона ва мӯҳлатҳои тӯлонии ҷудоӣ аз ҳамсари меҳрубон бо ҷӯшу хурӯш ба кор мечаспид ва сохтмони фермаҳои механиконидаро бо тамоми ҷузъёт пеш аз мӯҳлат анҷом медод. Вале қисмат бо роҳи худ меравад. Ва роҳи такдир осмонист.

Сарнавишт Нарзулло Алимадовро дар тамоми ноҳияҳои вилояти он вақтаи Кӯлоб гирд гардонд ва ғайри чашмдошти ӯ ба деҳаи Себистон, маркази маъмурии сохтмони тунели Данғара, он ҷое ки ҳангоми таҷрибаи истеҳсолӣ, озмоиши дастгоҳи чеканкаи пахта ихтиро кардааш, дасти мадади ӯ ба бунёдгарони ин иншооти азим ҳам мерасид, овард.

Гап сари он аст, ки баробари кушодани шахтаҳои якуму дуюм ва сеюм, ки шумораи қитъаҳои сохтмони тунел аз ду ба ҳашт расид. Акнун ба ҷои он ду бригадаи роҳкушоён, бетонрезону паркетчиён, ки дар даромадгоҳу баромадгоҳ кор мекарданд, якбора ҳашт бригада ба истиқболи ҳамдигар заҳмат мекашиданд. Ва моҳе ба ҷои 60-65 метр аз 240 то 300 метри тӯлонӣ тунел сохта мешуд. Вале баробари вусъати сохтмон ба сабаби дараҷаи пасти донишу маҳорати касбии техникӣ дар рафти сохтмон ҳодисаҳои нохуш ба вуқӯъ мепайваст. Аксар вақт ин ҳодисаҳо сабаби ҳалокати коргарон мегардид. Сарэнергетик, ки бехавфу хатари сохтмон, пеш аз ҳама марбут ба ӯ буд, аз ин ихтисос чандон огоҳӣ надошт. Ва Нарзулло баъди як моҳи иҷрои вазифаи муҳандиси таҷҳизоти техникии сохтмон – сарэнергетик тайин шуд.

Вазифаи нав баҳри Назрулло кори нав набуд. Чунки онро бо тамоми нозукиҳо медонист. Ва дар назараш нисбати таку давҳои сохтмони фермаҳои механиконидаи яке аз дигаре то масофаи саду саду сӣ километр дур саҳл намуд. Чунки масоҳати майдони нави фаъолият нисбатан хурд буд. Ҳамин ки аз хона баромад, байни дусе соат пиёдаву савора ҳамаи ҷову нуқтаҳои энергетикиро аз назари санҷиш мегузаронд. Иллатҳоро бартараф мекарду осуда нафас мегирифт. Шояд ин осоиши ӯ ба соҳибони тунели сохташудаистода хуш наомад. Чунки ҳаҷми корҳое, ки ба ӯҳдаи сарэнергетик Нар-

зулло Алимадов буд, ба чашми онҳо хурд ва нисбати қувваи пурфаъолияти ӯ ночиз намуд. Маҳз ба ин хотир вазифаи сардори вазнинтарин қитъаи сохтмон: колонаи механиконидаи сайёри рақами 38-умро, ки ба он маҷмааи тунел: компросерҳо, подстансияҳо, стансияҳои насосӣ, заводи бетон, бунёди кӯчаву иморатҳои шаҳраки Себистон марбут буд, ба ӯҳдаи ӯ гузоштанд. Аммо соле нарафта Нарзулло Алимадов сармуҳандиси колонаи мазкур тайин шуд. Аз байн ду сол сипарӣ гардид. Сардори колона Саттор Ризоев мудири шӯъбаи Шӯрои Вазирони ҷумҳур тайин шуд ва Нарзулло Алимадовро ба ҷои ӯ гузаронданд. Ва ин соли 1980, давраи басо пурҷӯшу хурӯши рушду ободонии ноҳияи Данғара буд. Болотар аз идораи сохтмони тунел, ҷои деҳаи ба назар начандон намоёни Себистон аз файзи сарварии Нарзулло Алимадов ва заҳмати бинокорони колонаи механиконидаи сайёри рақами 38 шаҳраки ҳозиразамоне бо растаҳои фарох, биноҳои типии бисёрқабата ва боғчаву мактаби боҳашамат қомат рост кард.

Он гоҳ колонаи Нарзулло Алимадов 1200 нафар бинокору коргари техникӣ ва автобазаи калон дошт. Ба ҷуз ду трайлери 60 тонагӣ миқдори мошинҳо аз якуним ҳазор мегузашт. Аз ҷамъомадҳо бо номи ҷамъбасти ҳафтаи рафта ва нақшаи ҳафтаи нав на ҳама иштирокдорон хушнуд мебаромаданд.

Баъдан ташкилотҳои марбут ба сохтмону мелиоратсияи Данғараро бо унвони трест муттаҳид намуданд. Трест, ки сарварии онро Нурулло Ашӯров, ба ӯҳда дошту сармуҳандис Нарзулло Алимадов буд, тамоми сохтмонҳову иншоотҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла комплекси чорводории Ховалинг, сохтмону иншоотҳои обёрии Ёвон, Бешкент-1 ав Бешкент-2 ва Данғараро зери назорат дошт аз соли 1985 то соли 1990 Нурулло Ашӯров аввал ба вазифаи ҷонишини якум баъдан вазир ба Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об рафту трестро ба ноҳияи Вахш кӯчонданд. Нарзулло иқдоми аз Себистон ба ҷое рафтан накард ва сармуҳандиси трест монд. Вале аз дӯстону наздикони худ, ки ҳоло ҳам симои онҳоро ба некӣ пеши назар меоварад: сармуҳандиси колонаи механиконидаи сайёри рақами 38 Камол Нуралиев, мудири шӯъбаи ба нақшагирӣ Ҷунайдулло Холназаров, мудири шӯъбаи истеҳсоливу техникӣ Любов Ивановна Копейкин, сардорони қитъаҳои сохтмон Маҳмараҳим Каримов, Абдусамад Саймуродов, мувақатан дур шуд.

* * *

Замоне бозичаҳои сиёсӣ оғоз ёфт. Вилояти Кӯлоб аз вилояти Қӯрғонтеппа ҷудо шуд. Ва Нарзулло ба ибораи Хоҷаҳофизи Шерозӣ санги қаноат ба пои хеш баст:

*Дунё диҳандам наҷунбам зи ҷои хеш,*
*Ман бастаам санги қаноат ба пои хеш.*

Ва Нарзулло даъвати раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб Акбар Мирзоев, ки ӯро ҷонишини худ мехост, напазируфт. Соле пас Акбар Мирзоев раиси совети Вазирони Тоҷикистон шуд. Сари чунин як вазифаи калон ҳам Нарзулло Алимадов аз ёди Акбар Мирзоев нарафт. Ӯ нақшаи заводи асбобҳои рӯшноидиҳандаро, ки байни худу Нарзулло Алимадов тарҳрезӣ карда буданд, пеши назар овард. Ва Нарзуллоро назди худ хонд ва ба ишорате гуфт:

– Идеали туро медонам. Мехоҳӣ байни мардум нақше аз худ дошта бошӣ. Биё, бинои идораи маҷмааи техникии Данғараро аз ҳисоби Вазорати хоҷагии об барорему ба ихтиёрат диҳем. Ҳамон ҷо заводи асбобҳои рӯшноидиҳанда бисоз. Аз ӯҳдааш мебароӣ.

Нарзулло Алимадов то ин лаҳзаи вохӯрӣ ва изҳори мақсади сарвазир гумони дигар дошт. Фикр мекард, ки ӯро боз ба ягон вазифаи мансаби боло мехоҳад. Аз ин рӯ хотири гирифта дошт. Вале акси чашмдошт шуд. Ва Нарзулло бо хотири болида пешниҳоди ӯро қабул карда бо хандаи ширин гуфт:

– Ин гапи дигар. Чи қадар одами бемашғулият соҳиби кор мешавад. Савобаш ба шумо ҳам мерасад**.**

* * *

Ватан, он ки аз падару модар муқаддамтараш медонем, ба суханпардозиҳо рӯҳи онро менавозем, аслан аз файзи савобҷӯён обод аст. Нарзулло пешниҳоди сарвари Ҳукуматро ба хушнудӣ пазируфт. Ин осон. Вале ӯ метавониста бошад, ки хотири Сарвазир Акбар Мирзоевро ҳам шод гардонад. Ва ин лаҳзае буд, ки Нарзулло Алимадов аз ғайрат меҷӯшид, вале донишу ҳунар ва покии нерӯҳои ботинӣ ӯро аз ҳама гуна ҳавобаландиву овардани ҳарфи беҷое ба забон нигоҳ медошт. Ӯ бо тамкин сухан мегуфту андеша меронд.

Замоне ӯ бо сарвазир аз боби ташкили заводи асбобҳои рӯшноидиҳанда ҳарф мезад, идораи маҷмааи техникӣ, ки замоне пур аз чӯбу тахтаи бинокорӣ буд ва навад нафар дуредгарону чӯбкорон аз пагоҳ то бегоҳ аз серкорӣ ба сархорӣ фурсат намеёфтанд, бесоҳиб монд. Вале амбору устохонаҳо ва идораи маъмурии он ки аз оҳану бетон бунёд ёфта буданд, дар шукӯҳу шаҳомат аз сеху дигар қитъаҳои истеҳсолӣ ва ҳамчунин бинои маъмурии корхонаҳои калони саноатии мамлакат камӣ надошт. Аслан гирем, гуфт Нарзулло Алимадов ба Сарвазир Акбар Мирзоев бинои завод тайёр. Ягон иллат надорад. Ягон ҷои ба таъмиру аз навсозӣ мӯҳтоҷ надорад. Ва ӯ бо хандаи ҷарангосии сезинадор илова кард:

– Танҳо майдони истеҳсолӣ зарур. Ана чӣ нест. Ана чӣ мушкил?

– Сар кардан, – гуфт Сарвазир, – мушкил.

– Аз чӣ?

– Худат медонӣ?

Нарзулло медонист. Ӯ чанде қабл аз ин гуфтугӯ, ҳине Акбар Мирзоев раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб буд, ҳамроҳ заводи асбобҳои рӯшноидиҳандаро дар шаҳраки Данғара тарҳрезӣ карда буданд. Сармуншии он вақтаи кумитаи ҳизби Данғара Адолат Раҳмонова ба ташкили чунин як завод рағбати калон зоҳир кард. Лекин ба ҷои Адолат Раҳмонова Рамазон Мирзоев ба сари вазифа омаду кор ранги дигар гирифт. Кас дигар аз ташкили заводи асбобҳои рӯшноидиҳанда дар ноҳияи Данғара сухан ба миён намеовард. Вақте сармуншӣ аз хусуси ташкили чунин як корхонаи саноатӣ хомӯш меистод, дигарон об ба даҳон гирифтанд. Ташкили завод кори осон не. Як ташвиши роҳбари нохияро ҳазор ташвиш мекунад. Нарзулло ҳам хомӯш монд. Акбар Мирзоев, ки аз сардори трести дар шаҳри Кӯлоб будаи Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ ба вазифаи раиси Комиҷроияи вилоят гузашт, аз ин орзӯи дар дил дошта ҳарфе ба миён наовард. Бахри ӯ ба вазифаи ҷонишини худ овардани Нарзулло нисбат ба қазияи сохтмони заводи асбобҳои рӯшноидиҳанда дар шаҳраки Данғара осонтар намуд. Нарзулло бошад инро нахост ва ба ном сардори иттиҳодия сохтмону обёрии Данғара монд. Ҳарчанд ҳама дороии иттиҳодия ба яғмо рафта буд. Дар идораи маҷмааи техникӣ ва чӯбу тахта на устоҳо мондаву муҳандисону техникҳо ва дар иттиҳодия кору машғулияте. Ва ин нимаҳои чоруми соли 1992 буд.

Акбар Мирзоев замоне Сарвазир тайин шуд, эҳсос кард, ки аз ӯҳдаи созмон додани заводи асбобҳои рӯшноидиҳанда дар қасабаи Данғара мебарояд. Ва ӯ аз Нарзулло Алимадов беҳтар созмондиҳандаеро, ки тамоми вуҷуди ӯ аз фаъолият пур бошад, тасаввур накард.

Он рӯзе, ки Нарзуллову Сарвазир роҷеъ ба расмият даровардани корхонаи нави саноатӣ дар ноҳияи Данғара сари мизи машварат нишастанд, ҳанӯз умри иттиҳодияҳои истеҳсолӣ ба охир нарасида ва риштаҳои алоқаҳои сиёсиву иқтисодӣ бо Москва устувор буд. Ҳар ду роҳи осонтари ин корро дар такя ба заводи асбобҳои рӯшноидиҳандаи шаҳри Исфара ва ташкили иттиҳодияи асбобҳои рӯшноидиҳанда дар Тоҷикистон дидаанд. Ва ин роҳи воқеъӣ буд. Ҳеҷ ҷои шубҳа набуд, ки иттиҳодияи умумиттифоқии асбобҳои рӯшноидиҳандаи шаҳри Москва аз ин пешниҳод хушнуд мегардаду масъалаи ба расмияти давлатӣ даровардани заводи асбобҳои рушноидиҳадаи Данғара зуд ҳал мегардад.

Фардои он рӯз аз рӯи натиҷаи машварат бо сарвазир Акбар Мирзоев озими шаҳри Исфара шуд. Нарзулло тӯли ду-се рӯзи омӯзиш тамоми дастгоҳову хатҳои истеҳсолӣ ва технологияи тайёр кардани маҳсулотро, на танҳо омӯхт, балки баъзе нуқсонҳоро дар ташкили кору беҳтаргардонии тахассуси кормандон дарк намуд ва бо роҳбарону мутахассисони корхона ба баҳс пардохт.

– Ин кас, – гуфт сарвари корхона бо сармуҳандис ба Нарзулло ишора карда, – мубоҳисаро бисёр ҳам дӯст медоштанд. Ҳар чи мехоҳад, кораша тез буд кунед. Аз паи кораш шавад.

Ҳарчанд ин сухан дар ғайби ӯ гуфта шуд. Вале Нарзулло Алимадов, ки хислати худашро хуб медонист, аз тағйирҳо дар муомилаи сарвару сармуҳосиб дарк кард, ки баҳсҳои ӯ атрофи афзунгардонии самараи меҳнат ва бештар рӯёндани фоида аз иқтидорҳои техникии корхона ба онҳо хӯшоянд нест. Ва ӯ муносибати худро бо роҳбарони корхона андаке дигар намуд, ширинтару меҳрубонтар шуд.

* * *

Худованд аз ҷавонӣ ба Нарзулло нерӯҳои мустаҳками ботинӣ додааст. Чунон мустаҳкам, ки ӯ худро шиносад, то Худовандро беҳтар шиносад. Худои худро, ки бо тамоми қудрат ва ҷалол шинохт, шинохтани дигарон баҳри ӯ осон шуд. Ва ӯ пояи ҳамагуна пешравиро дар муҳаббати инсон ба инсон дарёфт. Ва мувофиқ ба ҳамон дилу нияти худ боре ривояте ба ман ҳикоят кард.

– Ту медонӣ бо чӣ заҳмате хоки заминро ба осмон, назди қонунгари оламҳо бурданд?

– Не, намедонам, – гуфта сар ҷунбондам.

– Не, медонӣ. Шояд як чизро надонӣ. Вақте Азроил разианлоҳ хокро болои каф бардошта ба малакут, назди Офаридгор мерафт, дар нимароҳи осмон муҳаббат ба хок омехт. Ана, ту бин. Ҷон аз пеши худ мисли муҳаббат ба қолаби инсон надаромад. Сури Исроил ӯро сармаст карду дар ҳолати бехуди амри Ҳақро ба ҷо овард. Аз ин рӯ баҳри одами ҳақиқӣ муҳаббат аз ҷон ҳам азизтар аст.

– Акаи Нарзулло, ту ин ривоята ба сарварони корхонаи асбобҳои рӯшноидиҳанда гуфтӣ?

Ва ӯ пас аз хандаи зинадори тундаросо гуфт:

– Фурсати ривоят гуфтану гӯши шунавои ҷустан куҷо?

Ба ин фикр ғайр аз бо ризоият сарҷунбонӣ чорае намонд. Чунки он лаҳза дар дасти Нарзулло як папкаи калони хосси профессорҳо, ки аз ҳуҷҷатҳо барои таъсиси заводи асбобҳои рӯшноидиҳанда дар нохияи Данғара пур буду ӯ ба сафари Москва омодагӣ мегирифт.

* * *

Дар идораи Иттиҳодияи умумиттифоқии асбобҳои рӯшноидиҳандаи Москва ӯро хеле хуш пазируфтанд. Маъмурияти иттиҳодия ҳама пешниҳодҳои директори заводи ояндаро на танҳо пазируфтанд, балки ҳар чи имконият доштанд, ба ӯ дасти мадад расонданд.

Нарзулло Алимадов бо хотири болида ба Данғара бозгашт. Ин замоне буд, ки муқовимати шаҳрвандӣ байни гурӯҳҳои маҳалгаро барои соҳиб шудан ба мансабҳои боло қувват мегирифт. Дар ҷараёни ин муқовимат гурӯҳҳои мусаллаҳ арзи вуҷуд мекарданд. Душманони берунаву дарунаи ҷумҳур барои созмон додани ҷангӣ бародаркуш омодагӣ мегирифтанд.

Ва Нарзулло рӯҳи замонро ки дар пай ҷанги бародаркуш дошт, эҳсос мекард. Ҳамчунин ҳамон замон барои ҷанги бародаркушро пешгирӣ кардан, орому осуда гардондани авзои замон аз дасти ӯ чи ҳам меомад. Ва ин лаҳза байте аз девони Ҳофизи Шероз ба забонаш печид:

*Биншинаму сабр пеш гирам,*
*Думболаи кори хеш гирам.*

Вале Нарзулло аз ин шикаст парешон нашуд. Балки даст ба дуо бардошт ва гуфт:

Ҳама он бадиву касофатиҳое, ки дар ин олам ҳаст, даъф гардад ва дар тақдири мо ҳар он чи некист ба амал ояд.

Аз ин дуо дили ӯ кушода шуд. Хайр, агар истеҳсоли асбобҳои рӯвшноидиҳанда ба сабаби аз байн бардошта шудани маҷмааи иқтисодиву қатъ кардани молрасони ба ӯ муяссар нагардида бошад, печҳои металгудозӣ ва ҳама дастгоҳову таҷҳизоти хатҳои технологӣ дар ҷояш ку. Ӯ бо онҳо метавонад зарфҳои алюминӣ барорад, ки бозор дошта бошаду харидорҳо.

Нарзулло соли 1997 корхонаи худро барои истеҳсоли зарфҳои алюминӣ мувофиқ гардонд. Аз иқдоми ӯ раиси Кумитаи давлатии саноати ҷумҳурӣ Раҷабалӣ Қодиров хушнуд гардид. Ба зудӣ Ҳукумати Тоҷикистон баҳри иҷрои ин мақсад панҷоҳ миллион рубли тоҷикӣ дод. Нарзулло истеҳсоли ёздаҳ хели зарфҳои алюминро ба нақша гирифт ва мувофиқи он хатҳои технологии истеҳсоли маҳсулотро эҷод кард. Маблағи мазкур баробари азнавсозӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли хелҳои тозаи зарфҳои алюминӣ тамом шуд. Дигар дар суратҳисоби корхона барои пешбурди истеҳсолот пайсае намонд. Ва талошҳои Нарзуллову дастгирии раиси Кумитаи саноати Тоҷикистон Раҷабалӣ Қодиров натиҷае надод.

Нарзулло аз чунин ранг гирифтани вазъияти корхона маъюсу дилгир нашуд. Ӯ дар паи ҷустуҷӯи маблағгузор шуд. Бо соҳибони яке аз корхонаҳои калони Эронӣ забон ёфт. Вале истеҳсоли зарфҳои алюминӣ ба маблағгузор хуш наомад. Нарзулло хатҳои истеҳсоли маҳсулоти корхонаро тағйир дод ва ба сохтани радиаторҳои хушсалиқа ва ҷавобгӯи стандартҳои байналхалқӣ шурӯ намуд. Ва ҳукумати ҷумҳур барои баровардани ин навъи маҳсулот чил тонна алюминӣ дод. Вале ин ҳанӯз маҳсулоти хом буд: ва чорсаду бист ҳазор долларе, ки маблағгузарони эронӣ ба ихтиёри Нарзулло доданд, дар кори ба роҳ мондани истеҳсоли радиаторҳои гармидиҳанда сар ба нӯг шуд.

Радиаторҳои гармидиҳандаи корхонаи муштараки Тоҷикистону Эрон бо номи «Тоҷирон» шинохта шуд. Радиаторҳои гармдиҳандаи Нарзулло бо сарфи андаки нерӯи барқ: на бештар аз ҳаҷми як лампочка калонтарин хонаро гарм мекард. Ва мардум ба маҳсулоти нави корхона таваҷҷӯҳи калон зоҳир намуданд. Радиаторҳои Нарзулло на танҳо хонахои мардумро гарм мекард, балки мисли телевизору компутер назарабо буд. Лекин ин комёбӣ ба осонӣ ба даст наомад.

Нарзулло байни Данғараву Душанбе ва Эрон чи қадар даву тозҳое накард. Ба ибораи ӯ «роҳи Душанбеву Эронро хӯрда кард». Агар масоҳати дар ин роҳ тай кардаи ӯро ба ҳисоб дарорем аз ҳазору даҳҳо ҳазор километр мегузарад. Ва ҳамаи ин заҳмати андак набуд. Вале баробари тавлиди маҳсулоти нави саноатӣ дар шаҳраки Данғара дар тамоми вуҷуди худ рохате эҳсос кард. Роҳате пур аз фараҳ. Аксар мардум чунин роҳату хушнудиро лаҳзаҳои ба дунё омадани фарзанди нав эҳсос мекунанд.

Ва ин соатҳои хушҳолӣ ба рӯзҳое рост меомад, ки мебоист ӯ маблағҳои аз эрониҳо сарф кардаро бо ҳақи устоҳое, ки на танҳо истеҳсолотро ба роҳ монданд, балки аз ҳисоби ҷавонмардони Данғарагӣ тӯли ҳафт моҳ шаст нафар мутахассисон тайёр карданд, ҷуброн кунад. Аз рӯи барномаи истеҳсолии заводи «Тоҷирон» зиёда аз дусад ҷои корӣ дар назар дошта шудааст. Аммо дар сурати пайдо кардани бозори фурӯши маҳсулот корхона метавонад аз ин ҳам бештар коргаронро фаро гирад.

Рӯзҳои аҷиб буд он рӯзҳо. Нарзулло сари ҳар қадам аз камии маблағ рӯҳан азоб дошт. Ба хусус ҳафтаҳое ин устоҳои эронӣ ҳама хизмату ӯҳдадориҳои худро ба ҷо оварда чашмдори рӯёндани музди заҳмати хеш буданд, Нарзулло дар ҳолати аҷибе монд. Ӯ ҳама дорои корхонаро гаштаву баргашта шумурд. Маблағи нақдина танҳо ба пардози ҳақи устоҳои эронӣ мерасид. Дар сурати пардохт, истеҳсоли маҳсулот қатъ мегардид. Истеҳсолотро ҷудо кард. Акнун

корхонаи муштарак мустаъқил шуд. Захирадошти ӯ баҳри пешбурди истеҳсолот аз чил тонна алюмини кам набуд.

Нарзулло ҳисобу китоб кард. Дар сурати 220 бор ба маблағи чорсаду бист ҳазор доллари америкоӣ такрор ба такрор баровардани маҳсулот, ӯ метавонад миёни истеҳсолотро нашикаста ҳақи заҳмати устоҳои Эрониро пардозад. Ба ин андешаи ӯ меҳмонҳо розӣ шуданд.

* * *

Нарзулло хислати аҷибе дорад. Ҳеҷ гоҳ аз мушкилӣ ба ҳарос намеафтод. Хунсардона сариштаи баромадан аз душвориро меҷӯяд ва ғайри чашмдошти атрофиёнаш пайдо мекунад. Бо заҳмати устоҳову коргарони таҳҷоӣ, ки дирӯз омӯзгорони фанҳои физикаву химияву механизаторони хоҷагиҳо ва имрӯз муҳандисону рехтагарони корхонаи тағйири номи «Тоҷирон» карда буданд, нахуст радиоторҳо арзи вуҷуд намуданд. Ва нияти неки ӯ файзу баракат овард. Маблағи мавҷуда аз рӯи назардошти ӯ гардиш мехӯрд. Вале Нарзулло бар замъи сабру таҳамули ба ӯ хос шитоб ҳам дошт. Ҳар чиқадаре моҳи ноябр наздик меомад, тараддудҳои ӯ аз боби тезондани гардиши маблағ дучанд мегардид. Ва ин сабаб дошт. Нарзулло аз таҷрибаи солҳои пешин медонист, ки аз моҳи ноябр то май дам ба дам нерӯи барқ қатъ мегардад. Ва миёни кор мешиканад.

Вале то он рӯз фурсат ҳаст. Нарзулло ба он қуллаи мақсаде, ки дошт расид. Чорсаду бист ҳазор доллар маблағе дошт, дусаду бист бор гардиш хӯрд. Нарзулло аз бори вазнини қарзи устоҳои Эрони халос шуд. Ва ҳамчунин нақшаи андозро иҷро кард. Ӯҳдадории худро аз рӯи шонздаҳ намуди андоз ба ҷо овард.

Вале баробари фарорасии фасли сармо ва паст фаромандани сатҳи оби дарёҳо бемавқеъ қатъгардии ҷараёни барқ оғоз ёфт. Ва Нарзулло дам ба дам сари андешаи барқ фурӯ мерафт. Ӯ ба худ саволҳо медоду ҷавоб меҷуст.

Аз моҳи ноябр то моҳи май об ҳамон обест, ки пеш аз ин вуҷуд дошт. Ва дар мамлакат бештар аз дусаду чил корхонаҳои хурду миёнаву бузург ва осёбҳои зиёди бетони сохтмонӣ кор мекард. Вале нерӯи барқ мерасид. Кам ҳаводис мешуд, ки ҷараёни электрик хомӯш гардад. Имрӯз чи ҳол дорем? Агар ба ҳисоби шабонарӯз гирем аз панҷу шаш соат беш дидори барқа намебинем.

Сехи рехтагарӣ дилу ҷони корхона аст. Дар печҳои он, аслан алюмини мегудозанд. Ва ин чандон метали устувор нест. Ҳамин ки ҷараёни барқ қатъ гардид, даҳ дақиқа кифоя аст, ки лаъл бандаду мисли ях гардад. Онгоҳ тамоми хатҳои технологии истеҳсолоти корхонаи радиаторҳои гармидиҳанда аз фаъолият боз мемонад. Як

нуқсон дар паи худ нуқсони дигар доштааст. Нарзулло то фаро расидани фасли сармо ҳеҷ гумон надошт, ки нафаре аз ҷамоати радиотороні гармидиҳандасоз тарки корхона гӯяд. Охир панҷоҳ-шаст нафаре ки устоҳои эронӣ таълим доданд, то ба ин корхона омадан шуғле надоштанд. Аз механик Холназар Ҳайдаров сар карда то рехтагари одӣ аз завод дилмонда шуданд. Металгудозону рехтагарон бо хотири озурда аз дари корхона медаромаданд. Маҳсулоте, ки тӯли чор-панҷ соати мавҷудияти нерӯи барқ ҳосил мешуд, кам ва назарногир буд. Маълум, ки камии маҳсулоти тайёр боиси коҳиш ва дар ҳолатҳои аз ин бадтар сабаби қатъ гардидани маош мешуд. Бӯи ин бадбахтӣ ба димоғи бисёр кормандони завод зад. Онҳо яке паи дигаре худро ба бозор заданд ва баъдан тарки корхонаи радиаторҳои гармидиҳанда карданд. Чун онҳо диданд, ки он панҷу шаш суме, ки ҳар рӯз аз даруни бозор меёбанд, нисбати маоши моҳонае заводи радиаторҳои гармидиҳанда медиҳад, зиёдтар аст. Бар замми ин либосҳои бозорнишинӣ аз пероҳану каллапӯши якранг сиёҳи заводи радиаторҳои гармидиҳанда ҳазор бор беҳтар. Дар заводи радиаторҳои гармидиҳанда шарм медорӣ худро дар оина бинӣ. Кимчихел аҷоиб. Худи аз таги хокаи ангишт баромадагӣ ворӣ.

– Кори мо дидӣ, – гуфт Нарзулло ба фаршу шифту деворҳои сехи рехтагарӣ ишора карда, – сиёҳ. Дегҳо сиёҳ. Дар поҳошон аз чанги дастгоҳҳои металгудозӣ пойафзолҳо сиёҳ. Ҳамин хел либосҳои сару тан сиёҳ.

Ва сухани ӯро хандаи баланди домангири қаҳ-қаҳа бурид ва ҳарду даст то оринҷ афшонда гуфт:

– Чаро гаҳвараки чашм сиёҳ? Бигӯй, бигӯй. Ана, дидӣ қадру қиммати сиёҳра. Бе ин гавҳараки сиёҳ, – Нарзулло ба чашми худ ишора кард, – кӯр аст одам. Чиро мебинад?

Ба саволи ӯ бо пурсиш ҷавоб додам:

– Ту гавҳараки сиёҳи чашмата мебинӣ?

– Ана, – гӯён ӯ ангушти ишорат сӯи ман бардошт ва бо ҳарорате, ки хосси Нарзулост гуфт, – бадӣ ҳам дар ҳамин. Агар гавҳаракҳои сиёҳи чашм якдигара медиданд, кори сафеду сиёҳ, рӯи сафеду сиёҳ, бахти сафеду сиёҳ намегуфтанд. Он гоҳ дунё якрангу дилбазан мешуд.

– Не, – инкор кардам ӯро, – медид гавҳараки сиёҳи чашм яке дигареро. Ба шарте банди бинӣ халал намедод.

– Онгоҳ – гуфт Нарзулло, – ҳама кӯр мешуд.

– Чаро? – пурсидам аз ӯ.

– Ҳамин банди бинӣ намебуд, як чашм чашми дигара мехӯрду одам аз ин рӯзаш ҳам мемонд.

Гавҳараки сиёҳи чашм ҳақиқатбин аст. Он ҳақиқатро мебинад ва чуноне ки ҳаст ба дил мерасонад. Вале дилҳои кач онро таҳриф мекунанд. Беҳуда одамон вақти хусуфи (гирифтани) офтоб ба шишапораҳо сиёҳӣ молида бо он нигоҳ намекунанд. Сиёҳӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки рангҳои ҳақиқии кусуфи офтоби ба асорат афтодаро бинанд. Ва яке аз чор унсури бадани инсон: сафро, балғам, хун ва савдо, ки асоси зиндагиро ташкил мекунанд, ба ранги сиёҳанд. Байт:

*На зи сафрост гунаи зардам,*
*На зи савдост шуълаи дардам.*

* * *

Ҳарчанд сиёҳӣ асоси зиндагӣ бошад ҳам аз охирҳои моҳи ноябр коргарону устоҳо, тарки деворҳои сиёҳу печҳои сиёҳи металгудозии Нарзулло Алимадов мекунанд. Аз рафтани онҳо сарвари корхона, ки то ба тавлиди радиаторҳои гармидиҳанда овардани он ҳазорҳо қатра аз хуни ҷигар кам кардааст, малӯлу хотирпарешон мешавад. Ва барои қатъи нерӯи барқ сабаб меҷӯяд. Вале сабабе ки дили ӯро таскин диҳад, намеёбад.

Ва ба назараш қатъкунандагони нерӯи барқ аз хоин ҳам бадтар менамояд. Соатҳои дароз ба ҳисобу китоб машғул мешавад. Фоидаву зиёни ба мардум, ба хазинаи давлат расондаро мешуморад. Ба ҷои бистучор, ё ақалан даҳ соат додани нерӯи барқ, панҷ соат медиҳанд. Дар ин панҷ соат аз дасти саноати металгудозӣ чи меояд. То ба ҳади истеҳсоли маҳсулот овардани хатҳои технологӣ фурсат заруру ҷараёни тӯлонии барқ. Фурсат танг. Айни ҷӯши кор ҷараёни барқ қатъ мегардад. Устоҳову технологҳое, ки бо заҳмат ва харҷи калони маблағ таълими касб гирифтанд, даступохурда мешаванд. Ба ҷои саду дусад радиатори гармидиҳанда панҷу шашто тайёр мекунанд. Ин миқдори маҳсулоти тайёр кадом як харҷро мепӯшонад? Корхона чандҳо ҳазор сомонӣ зарар мебинад. Аммо ин зарар хоби пурмакри масъулини риштаи барқро намепаронад.

Ҳама аз корхона ба бозори озод мераванд. Танҳо Нарзулло Алимадов ҳақи ба ҷое рафтан надорад. Вазири саноати Тоҷикистон ҷаноби Зайл Саидов аз ӯ натиҷаи кор мепурсад. Ходимони боҷу хироҷ дари дафтари кории ӯро мекӯбанд. Ва бозори озод бо нархи озод аз Нарзулло радиаторҳои гармидиҳанда мехоҳад.

* * *

Аз пурсишҳо ӯ парешон намешавад. Ба ҳар пурсиш бо сабру таҳамул ва дар сухани худ чун кӯҳ устувор ҷавоб мегӯяд. Ва Нар-

зулло ин хислатро аз падар ва бобои савобҷӯяш ба мерос гирифтааст. Бобои ӯ Сафар тӯқсабо ба нияти донистани роҳату азоби мусофирони роҳҳои байни деҳоту шаҳрҳои мирнишин ҳама роҳҳои байни Кӯлобу Ховалингу Балҷувон, Муминободу Шурободро тай зад. Чили тобистон дар роҳҳои аз ҷӯйю чашмаҳо дур сафаракиҳое дид, ки аз гармо забони бирён дар даҳон доранд. Мардуми деҳотро ба роҳи савоб даъват кард. Ва дар масофаҳои вазнини роҳҳои мусофирон миробҳо шинонд бо кӯзаҳои пур аз оби сарди чашма.

Пас аз сари ӯ савобгирҳо то замони муҳоҷирати мардуми кӯҳистон побарҷой монданд. Ва муаллифи ин сатрҳо аз файзи кӯзаҳои наву оби сарди савобҷӯйҳои мулло Сафар тӯқсабо баҳраҳо бардоштааст.

Нарзулло мисли савобҷӯёни ниёи хеш, ки гармо, таги сояи дарахти сари роҳ кӯзаи оби сард ба пеш ниҳода ва сари он косаи басо тозаи чӯбин паруву мунтазири ташнагони роҳанд, мунтазири ҷараёни барқ ва хушнуд кардани мардуми ташнаи машғулият аст.

Дафтари авлоди Нарзуллоро варақ мезанам аз фикрҳои парешон сари ину он ба хулосаи аҷибе меоям. Ва ақидае мисли нур мағзамро равшан мекунад: дар олам некиву бадӣ ҳам аҷдодӣ аст. Мулло Сафар тӯқсабо сари қади дарози Сарчашма чашма бароварду оби онро ба масофаи даҳҳо километр то дарёи Панҷ ҷорӣ кард ва поягузори деҳкадаи бузурге шуд. Фарзанди ӯ Алимад мадрасаи шаҳри Чайёб хонд. Нӯҳ моҳи умрро дар лагери тройка гузаронд. Баъдан тӯли шаш моҳ ба ҷуз хати арабӣ лотиниву кирилиро аз бар намуд. Дар боғи падарӣ, воқеъ дар Сарчашма мактаб бунёд кард. Ба таълиму тадрис пардохт. Аз байни мардум мисли Мирзо Бегматову Карим Қосимов садҳо нафар ҷавононеро ба камол расонд, ки ҳамагон номбардори як насли томи давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва рушди замони пурфайзи сотсиалистӣ гардиданд.

Ва Нарзулло Алимадов муассиси нахуст заводи радиаторҳои гармидиҳанда дар тамоми ҷумҳурӣ шуд. Радиаторҳои корхонаи ӯ дар фасли сармо на танҳо ба мардум гармӣ медиҳад, балки мисли телевизиону магнитофони хушсохт зебо ва маърази назарҳост.

## УМРИ ОБ БИНӢ –
### *дуо мекарданд дармондагону корафтодагон*

*Чу Бӯалӣ майи ноб хӯрӣ ҳакимона*
*Ба ҳаққи ҳақ, ки вуҷудат ба ҳақ шавад мулҳақ.*

Ҳаштод сол қабл марде ба дунё омад. Орӣ аз такаббур, вале росткору ростгӯй, ҳақдусту ҳақпараст. Ӯ дар ботин ҳамарӯза ҳазору як инқилоб дошт. Дилу забонро яке медошту ба мардуми ҳазору як макр дар сина ва каҷгӯй, каҷбору каҷкор намепайваст. Ҳамчунин ҳақиқатро поймоли шахсиятҳо намехост. Дар одаму оламшиносӣ ҳамақидаи худро дошт: мардуми меҳнатӣ, коршиносу ростгӯй гила намедонанд. Шикваву шикоят кори мардуми худхоҳ аст. Ва алови чашмгирону тамаъгарон ҳеҷ гоҳ ӯро чуноне ки мехостанд, пайдо карда наметавонистан. Ӯ яктан буд, мисли абармардони миллат, Бобоҷон Ғафурову Турсун Ӯлҷабоеву Абдулаҳад Қаҳҳорову Ҷаббор Расулов. Танҳо амалаш дар доираи маҳдудтар, вале болову воло.

Ӯ сарсахту сахтгиру бегузашт буд. Вале нигаҳбони мардуми тангдаст, дақиқу дуруст.

Ҳикмати умр ба ӯ равшан буд ва инро аз дигарон мехост: собир бошед, пурсаброна аз ҳикмати умр андеша кунед, то он миёни чашми шумо равшан шавад. Ба поккорону пуркорон подош медоду ба ҳиласозон танбеҳ. Ҳардуи подошро ба сазоворони он бешитоб дар ҷояш ва дар вақташ медод. Дороии берун аз қонун бе заҳмат ба даст овардаро аз чанголҳо берун мерабуд. Беваҷҳ ӯ коргареро нисбат ба коргари дигар бартарӣ намедод. Онон ки росткору заҳматӣ буданд, подош мегирифтанд. Ин подош хонаи наву мошини сабукраву молу мавод буд.

Ӯ ҳамеша аз мардум буду миёни мардум буд. Ӯ ислоҳоти иҷтимоиро аз худ шурӯъ мекард. Мехост қатрае обе ба ройгон наравад ва порчазамине бе кор нахобад. Заррае аз нерӯи барқ ба беҳуда сарф нагардад ва дар роҳи талоши ҳар яке аз онҳо зарбҳо диду ҷонсаракҳо ҳам шуд. Анвар ҷавонмарди имон ва ҳақҷӯй буд. Сарфи назар бо хӯи ҷангӣ буд. Агар зарур меомад, муқобили ҷараёни об шино мекард. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз майдон пушт намегардонд. Бо фиребгарон созиш накард. Ҳаяҷонзада ва аз шодӣ маст намешуд. Ин ҳарду ба вуҷуди ӯ таъсир надошт, ҳеҷ гоҳ таноби ҳавас бар пои дил намебаст. Вале ҳаёт ба ҳар дастуре, ки ӯро хандаю шодӣ медод, бо ҳамон тарз мегирёнд. Офарандаи рӯз субҳи содиқро наҳру каналу ҷӯю ҷӯйчаҳо пешвоз мегирифт. Ӯ аз кӯдакӣ пайваста талоши модар дошт, ба ростию дурустӣ наздиктар буд. Ҳасратро ҳам бад медид ва

ҳеҷ гоҳ ашк дар чашмони Анвар Қаландаров ҳалқа назадааст. Маргаш ҳам мардона буд. Нигоҳе ба ҳамсараш Анастасия дӯхт, ба фарзандонаш Сироҷ Алишеру Рустаму Тамара низ ва дам дар гулӯ печиду чашмонаш пӯшида шуд…

Аз паймонаи худ чашм намебардошт. Чунин ҷомро бори нахуст медид. Бисёр тоза, софу шаффоф. Аз нур буд паймонаи ӯ ва ҷилояш чашм мебурд. Қатра-қатра оби соф ба қадаҳ мечакид. Аз куҷо меомад ин об. Аз осмон, аз вараќи абрҳо ё аз таркиби ҳаво. Чакраҳо бо ҳам монанд ва зулолу рангин буданд. Пирамарде паҳлӯи ӯ нишаст ва гуфт: ин паймонаи туст. Ва ин қатраҳои об аз нафасҳои пай дар пай ҳосил мешаванду ба ин зарф мечакад. Аз нафси поку ҳалол чакраҳои оби тоза мерӯяд ва ба ин паймона фурӯ мерезад. Ва аз нафси бад чакраҳои дудолуд. Паймона нисфи об буд. Оби зулолу соф. Шукр кард, ки то ҳафтод солагӣ нафсашро пок нигоҳ доштааст. Ногоҳ ба қатраҳои калон-калон ба паймона чакид. Пеши чашми ӯ паймона қариб пур шуд. Чакраҳои ба паймона фурӯ чакида аз шаффофӣ ҷило медоданд. Фалокати ба сари падари қаҳрамонаш Қаландаршоҳ рехта ва суханони модари бузургвори ӯ Давлатхонум ба ёд омад. Қаландаршоҳ алайҳи зулму итибдод дар воҳаи Рашт шӯриш бардошт, чун Восеи қаҳрамон. Шӯришгарон ба ҷуз он, ки чашми мирони Қаротегину Ҳисорро андаке тарсонданд, ба ягонхел гузашт аз андозу ғорати мардони мардикор дар роҳи бозгашт аз Қӯқанду Фарғона ба Ватан, ба чизе муваффақ нагаштанд. Шӯришгарон дар муқобили лашкари мирон шикаст хӯрданд. Ҳар кас ба ҳар кӯӣ гурезро пеш гирифтанд. Ғурури Қаландаршоҳ пои гурези ӯро дар банд кард. То бастани дасту пой ҷангид. Ӯро пеш пеши асп, бо роҳҳои барфин ба қалъаи Ҳисор оварданд ва шабҳангон даруни чалаки калони об андохтанд. То ях бандад ва бо азият чашм аз дунёи равшан пӯшад. Вале Қаландаршоҳ ба тани яхбаста роҳи гурез ёфт ва рост назди амири Бухоро рафт. Аз ҳикояти ӯ, ки шикоят аз ҷабру зулми мири Қаротегин буд, амир ба ғазаб омад. Ва бо амри ӯ мири Ҳисор мири Қаротегину мири Қаротегин мири Ҳисор шуд.

Ва Анвар дил лабрези ифтихор аз ин корномаи падар пурсид.

– Чи хел бо сару либос ва тани яхбаста зинда монд.

– Паймонаам бачам, пур нашуда буд.

Анвар аз паймонаи худ, ки бо як қатра оби дигар лабрез мешуд, чашм бардошт ва ба хотири ошуфта ба пирамарди аз сар то кафи по нуррез, ки атрофи паймонаҳои беҳисоб мегашту гӯё посбони олами паймонаҳо буд, пурсид:

– Аз умри ман чанд мӯҳлат монд.

– Кам, – гуфт пирамард, – соату дақиқаву сонияҳои ба ҳисоб. Гулӯи Анвар аз ташнагӣ хушкид. Ва муомилаи хуши пирамард ба ӯ ҷасорат дод, ки сабаби ба ин зудӣ ва ба тарзи хеле ногаҳонӣ пургашта истодани паймонаи худро пурсад. Ва пирамард гуфт:

– Замоне ки муҳаббати инсонҳо ба ҳамдигар мекоҳад, имонҳо суст мегардад, ишқ фано меёбад, мақсадҳои нек рӯ ба завол мениҳаду кина рӯи кор меояд. Аз бемеҳрӣ паймонаҳо ҳамин хел зуду ногаҳонӣ лабрез мешавад.

– Ҳақ аст, пирамард, – аз дил гузаронд ӯ. Баҳсу набардҳои гурӯҳгароёну маҳалпарастони нӯҳ сол қабл дар парлумон, ки тавассути телевизиону радио пахш мешуд, бозори кинаро дар хонадонҳои кишвар метезонд. Гурӯҳҳо барои расидан ба мақсади ниҳоӣ аз риё рӯй наметофтанд. Аз ҳамаи ин бӯи фасод ба димоғи Анвар зад. Ҷанги пои хабарнигорони дохиливу хориҷи мусаллаҳ бо навтарин воситаҳои сабтии садову симо осмони кишварро тира магардонд.Ин замони тохтутозҳои сиёси ва беқадргардонии қонуну қарорҳо буд. Ва ситораи сарвари ҷумҳурӣ, аз курсии котиби аввали муншии ҳизби коммунистӣ ва курсии президентӣ бо роҳи парлумонӣ интихоб шуда, байни ин ду курсӣ дасту по мезад, хира монда буд, ҳар лаҳза зӯр мезад, инони идораи ҷумҳуриро дар даст нигоҳ медорад. Вале аспи бодмасти дар шаҳру деҳот ба тохту тоз даромада лаҷомгусаста буд. Ва ин асп турбаи калону ғусаи фаровон дошт. Турбааш аз пардаи дуди кина буду ғизо лофу газоф. Дурӯғҳо ростӣ буданду ростиҳо дурӯғ. Бозиҳои бе ҳисобу хурду бузург шиддат меёфту қонуну қарорҳое, ки ҷамъиятро ба ифоқа меоварду ҳама ҷабҳаҳои ҳаётро танзим мекард, беҷону нотавон мегашт. Дар ҳамин гуна як вазъу шароити тунд, дар дили Анвар Қаландаров зарадошти мубориза баҳри барқарор доштани адлу адолат тавлид шуд, қуввату нерӯ гирифт. Ин майл аз феъли ҷангии ӯ бархост. Ӯ яке аз қаҳрамонони шуҷои муҳорибаи Сталинград буду аз силсилаи корномаҳои ҷангӣ дар ҳар кӯчаву пасткӯча, ҳар девору ҳар хишти ин шаҳр нишона дошт. Бо андешаи вакили халқ шудан худро ба гирдоби сиёсат зад ва аз қаъри ин гирдоб берун овардани гавҳара ҳақиқат сару дили ӯро фаро мегирифт. Ин ҳолат бобои Исфандиёр, шоҳаншоҳи кишваркушо Луҳоспро ба ёд меоварад. Аз рӯзе,ки ӯ тоҷи давлатро ба фарзандаш Ковус доду сокини оташкада шуд, замонҳои зиёде паси сар гардид. Соли ӯ аз садҳам гузашт. Вале чун донист, ки чиниёну тӯрониён ба ғасби кишвари ӯ омаданд, ба майдони ҷанг баромад. Дар пиронсолӣ корнамоӣ кард. Ва пайкари бо шарафи ӯро аз майдони муқаддаси набард ёфтанд.

Вақте халқе, миллатеро мешуронанд. Замину осмон мешӯрад. Ва

Анвар Қаландаров ба мақсади пойдор кардани адолати иҷтимоӣ шӯрид. Дар кулли ноҳияҳои ҷумҳурӣ дӯстдорони бисёре дошт Анвар. Охирин шаҳраки сохтаи ӯ Шарора буд. Вале Шарора мотам дошт, ба касофати кинатӯзиҳо дар кишвар. Замин аз як хоку обдонаки худ ҷомаи сиёҳи ғафс кафан кард ба Шарора.

Ба сари андешаҳои акаи Анвар чанд тан аз қасабаи Ғаравутӣ ба хонаи ӯ омаданд. Онҳо аз номи худи мардуми онҷо суханҳо ронданд, таманои намзадии ӯро карданд. Ва ӯ тани танҳо озими Ғаравутӣ шуд. Ба гардишгоҳи воҳаи Ғаравутӣ, ки аз деҳу деҳкардаҳо, боғоту киштзорҳо хеле баланд буд, мошинро нигоҳ дошт. Аз самти чапи ӯ қаторкӯҳҳои Ғозималик ё ибтидо мегирифт, ё ба интиҳо мерасид. Болои теппачае баромад, ки каналу қубурҳо ва боғу роғҳои Ғаравутӣ ба тамоми рангу шукӯҳ чун оина дар кафи даст менамуд. Хотираҳои солҳои рафта ҳама вуҷуди ӯро фаро гирифт. Рӯи қубури азиме, ки ҳар сония аз он сездаҳуним метри мукааб оби дарёи Вахш ба оби канал мерехту воҳаро ҳалқасон фаро мегирифт, хотираҳои худро афшонд. Як наҳри калон. Наҳр рӯ ба боло ҷавлон дорад. Насосҳои дуюму сеюму чорум онро зина ба зина ба баландии сад метр мебароранд. Наҳр ба ҳавзи калон мерезад ва аз ин ҷо ба каналҳо тақсим мешавад, ки вусъати онҳо аз ҳафтод метр беш аст. Каналҳо ба василаи қубрҳои таҳизаминӣ ба чор тараф парешон мегардад. Наҳри калон чун кокулони зебосанам ба чор тараф панҷа мепартояд. Он ба масоҳати дусад километр паҳн мегардад ва тамоми водиро фаро мегирад: деҳаҳо, киштзорҳо аз ин ҷӯйҳо нумӯъ доранд.Ин ҷӯйҳо, боғот, заминҳои зархез, комплексҳои чорводорӣ, биноҳои хушсохти манзилӣ, мактабу касрҳои маданиятро ба вуҷуд оварданд. Ниҳолҳои ду самти роҳи мумфарш, ҳавлиҳои муҳоҷирони аз дуру наздик омада, боғҳои оядаи ҷамоатӣ, ки замоне ҳар яки он дар шумури ӯ буд ва аз бодҳои афғонӣ ларзида рост хӯрда, ба замин реша медавонданд ва қаду бар меёзонданд. Акнун онҳо дарахт ва садди гирбодҳои самум шуданд. Боди афғониро дар ин ҷавлонгаҳи ҳазорсолаи худ ба танг оварданд. Ӯ ҳар ваҷаб ҷӯю канал ва ҳар ваҷаб замин, роҳу хонаро дар ҳисоб дошт. Ба ақидаи ҳамсараш Анастасия, дар саранҷоми ободонии чӯлистони Ғаравутӣ Анвар чандин сатил регро фурӯ бурдааст.

– Қубури калон оби наҳри сои Обиқудуқро бо шаст фурӯ мебурд. Дар дами он хатҳои нимҳалқаи гирдоб пайваста гардиш доранд. Ҳалқаҳои ғубори шӯридагиҳои Анварро паст мешинонд, ба коми худ мекашид, дилаш андак-андак сабук мешуд. Андаке поёнтар аз қубур се сими баландшиддати электр аз болои он тор кашидааст. Торҳо аз гушвораҳои манораҳои оҳанин гузашта мотори насосҳои

пуриқтидорро ба гардиш медароранд ва чун ин наҳр ба шоху шохчаҳо ҷудо шуда, ба хонаҳои мардум, ба ҷойҳои навобод ҷараёни барқ мебарад. Дар ҳар куҷо, ки ин ҳарду пайдо шавад, ҳаёт, табиат ранги дигар мегардад, гуворову дилпазир мегардад.

Шодиву фараҳ инҷо пайдо шуда аз дидани бе тартибӣ, ифлосиҳои шаҳраки Ғаравутӣ якбора ғайб зад. Аз ақлу фаросати роҳбарон дар ҳайрат монд. Ҳайрон монд, ки нони хоида ба даҳонашон мондаро фурӯ бурда наметавонад. Анвар дар шаҳраки тозабунёд тартибот ҷорӣ дошт. Мардум аз кӯчаи маркази он қадам зада, хонаҳо, боғу роғҳо, мактабу беморхонаҳо, боғчаҳои бачагонаро, ки ҳар кадом монанди қасранд чун оина тоза медид. Бо иборае обҳои равони ҷӯйҳои ду тараф хиёбонҳои он ҳасрат мекарданд, ки биҳиштро гузаштанд. Субҳи сокинони он бо рӯбучин оғоз мешуд. Мардум гарду чанг резу равро рӯфтаву шуста ба сандуқи трактори Беларусӣ ахлотбар мерехтанд. Тартиботи ҷиддӣ буд. Мардум одат кард. Мошинҳои вазнинбор ҳақи аз ин кӯча гузаштан надоштанд. Ҳозир чи? Дар ҷӯйҳо сиёҳлой хобида, пеши хонаҳо сатил – сатил ахлот. Рангҳои девори бинои дуқабатаи идораи ҷамоат парида ва ҷо-ҷо андоваҳо рехта. Раиси хоҷагӣ чунон вонамуд мекунад, ки ҳамаи ин табиист ва бояд ҳамин хел мебуд. Наҳр равону дарёи нури барқ дар ҷараён ва паёмонаҳо қатрачакон аст. Каналҳо ва торҳои ҷараёни барқи кашидаи ӯ, ки ба ҷӯли Ғаравутӣ ҳаёт ва ба сокинони он хушнудӣ мебахшид, бехаф набуданд. Ҳанӯз замини таги каналҳо обдузд буданд. Устоҳои электрик ҳам намерасид. Наҳри калон аз болои заминҳои корам ва хонаҳои сокинони навомада мегузашт. Ӯ иборат аз сӣ нафар гурӯҳи наҷотдеҳ ташкил кард. Дигар илоҷ надошт. Проблемаҳои хоҷагии Навобод бисёр ва ба сохтани роҳҳои селгузар аз болои каналҳо фурсат намерасид. Соли дуюм яке боронҳои сели моҳи май шабона сарбанди наҳри калонро шуст. Ду ҳазор гектар замини ба ҳазор ҳавас пахта киштаи ӯ ва шаҳраки Ғаравутӣ зери хавф монд. Гурӯҳи наҷотдеҳ дар шаҳрак бонги хатар заданд. Аз ҳама пеш ба сари сарбанд расид. Аз паи ӯ марду зан ва пиру ҷавон саворову пиёда расиданд, ки аксар мувофиқи огаҳии пешакӣ белу халтаву замбаре дошт. Халтаҳои пур аз регу сангу хок ба маҷрои сарбанд борид. Гаронтарин халтаҳоеро, ки зӯри ду мард намерасид, Анвар Қаландаров озод мебардошту ба сари сел мезад. Ӯ сари ғазаб буд ва гӯё ба сел не, балки ба истилогарони Ленинград меҷангид. Ва мардум зӯри паҳлавонии раисро дар ин шаби тӯфонӣ бори аввал медиданд. Дар ин лаҳзаҳо Анвар тӯфоне буд, ки дар муқобили тӯфон истода. Пеши сел баста шуд. Шаҳраку заминҳои киштро аз ҷанги офат раҳонданд.

Анвар аз халқ буд ва ба сӯи халқ буд. Мардуми хоҷагиаш ба ӯ эътиқод доштанд. Ва ӯ истеъдоди сафарбар кардани мардуми хоҷагиашро ба ҳама гуна корнамоиҳое, ки натиҷаи ободониву шодӣ аст, дошт. Ӯ тӯли шаш соли ҳарбу зарб баҳри ободонии чӯли Ғаравутӣ корҳоеро анҷом дод, ки дигарон дар севу-чор панҷсола ба суббот намерасонданд. Майдони пахтаро аз 70 гектар ба ҳазору 500 гектар ва ҳаҷми истеҳсоли онро аз 170-200 тонна ба 12 ҳазор тонна расонд. Аз ҳисоби киштгардони заминҳо комплекси калони чорво ва базаи бои сабзавоту маҳсулоти полезӣ бунёд кард.

Аз ҳар гӯшаи хаҷагие, ки дидан кард, хотираш озурда шуд. Танҳо салому оғӯшҳои гарм, вохӯриву сӯҳбатҳои самимии мардуми меҳнатӣ чангу ғубори ба қаъри гӯшаҳои дил рехтаро мешуст. Ҳама сокинони Ғаравутӣ ӯро аз таҳти дил дӯст медоштанду эътимоди комил ҳам доштанд. Вале аз боло то поён пеши роҳи номзадии ӯ ҳилагаронро ба майдон оварданд. Ҳилагарон ҳилла сохтанд ва ӯро канор заданд. Ин шикаст паймонаи ӯро саршор кард. Шабе пеш аз паймона чакидани чакраи охирини умр Абдулаҳад Қаҳҳорову Ҷаббор Расулов ва Турсун Ӯлҷабоев савори волгаҳои сафед пеши ӯ омаданд ва гуфтанд: зуд биё бо мо бош.

Ва ӯ аз умр ҳамон қадар фурсате ёфт, ин даъватро гӯшзади Анастасия Қаландароваи азизаш гардонд.

Ҳаётро бо рӯз, солу моҳ ё пулу мол не, балки бо корҳои нек дар рӯи замин қиёс мекунанд. Кору нақши неки ӯ дар рӯи замину қаъри дилҳо асрҳо насутурданист.

# КӮҲИ ҒАМ СУДА МЕГАРДАД

*Ман ба санги худ ҳамеша ҷоми худ бишкастаам,*
*Ман ба ҷанги худ ҳамеша пардаам бидридаам.*
*Ман ба нохунҳои худ ҳам асли худ баркандаам,*
*Ман зи абри чашми худ бар кишти ҷон боридаам.*
*Эй сияҳдил, лола бар киштан чаро хандидаӣ?*
*Навбаҳорат во намояд: он чӣ ман коридаам.*

***Ҷалолиддини Румӣ***

Ба чашму рӯи ӯ зеҳн мемонам ва аз нигоҳу тағйири ранги чеҳра мехоҳам қаъри дилашро бинам. Мижгонҳои дарози ӯ бардошта мешаваду абрӯвонаш андаке боло меравад ва аз гирдоби андеша раҳоӣ меҷӯяд.

– Вахшонзамин, – гуфтам ба ӯ, – барои ҳама давру замонҳо қаҳрамони хоссаи худро дошт... Кӯҳи ғами ба сари мардумони ин диёр омада, афтид. Акнун дар ин ҳавои сӯзон ва ин танӯри тасфон барои худам қаҳрамон ҷӯёнам.

Ният маро ба ин ҷо, ба Заргар овард. Ва ҳоло рӯ ба рӯи раиси ин хоҷагӣ: акаи Сангаки Бекназар қарор дорам.

– Танӯри тасфон, – гуфт ӯ, – файз ҳасту танӯри хунук бефайзӣ. Бисёр ниҳолҳое мардум баҳор мешинонанд, тобистон ҳосил мебандад. Бародар, кӯҳи ғама касе донад, ки онро беҳарос бардошта бошад. Кӯҳи ғам намеафтад. Он ба монанди дардест, ки мисли кӯҳ меояду мисли мӯй мебарояд, яъне намеафтад ба якборагӣ, балки фарсуда мегардад, суда, пора – пора шуда аз ҳам рехта чошупош мехӯрад, аз он хобу хаёле мемонад.

Ва хобу хаёлҳои ғамолуд.

Кӯҳи ғам ва кӯҳи дард. Ҳанӯз кӯҳ ҳам чун вулқон баногаҳ зуҳур мекунад, то касро аз пой афтонад. Ҳарду ҳам безамина нестанд. Ин ҳамаро сабаб чист? Ӯ дар ҷояш ҷунбид ва абрӯвонаш боло бардошта шуду гуфт, ки кӯҳи дарда не, балки одамони ба он гирифтора дидааст. Ва замина бехабарӣ аз мизоҷи худ аст. Вале кӯҳи ғам ба дӯшаш бор шуд, хобу хӯр рабуду миёнхаму сарпаст нагардонд. Он аз ноогоҳии одамон аз нерӯҳои аҳриманӣ, палидии палидон, дурӯии роҳбарону таги коса нимкоса надидани равшанфикрон ва сархорӣ аз ҳақиқати воқеӣ хурӯҷ кард.

Назарфиребӣ ҳам боис шуд. Аз ривоҷ ёфтани иморати масҷидҳо гумони дигар буд. Андеша доштем, ки маърифати тӯли бештар аз ҳазорсола гирдовардаи аҳли ислом тавассути ибодатгоҳҳои ба тозагӣ бунёд гардида барои покизатар шудани ахлоқ, худшиносӣ ва

якдигаршиносӣ дар ҷомеа, инчунин расидан ба қадри миллату халқиятҳои маскуни ҷумҳурӣ хизмат мекунанд. Ҳалол аз ҳаром нозуктар эҳсос мегардад. Пояи фанду фиреб ба пуррагӣ мешиканад. Самараи меҳнати ҳалол меафзояд. Ва дар хоҷагӣ панҷоҳу ду масҷид бунёд шуд, ҳар яке ба номи маҳал, масҷиди норакиҳо, масҷиди обигармиҳо, масҷиди данғарагиҳо, масҷиди кангуртиҳо, масҷиди ҳоитиҳо, масҷиди вахёгиҳо, масҷиди даҳанакиикиҳо... Одамони ин ё он маҳал ду-се масҷид убур карда ба намозгоҳи ҳамшаҳриҳои худ мераф-



танд. Акнун тарафи ҳамсояҳои дар ба девори норакиву ҳоитӣ қибла, хайру худоӣ ҳам суроғаи маҳалгароӣ гирифт.

Ҳама ин заминае шуд ки аз он тухми маҳалгароӣ меруст. Ва таърих гувоҳ аст, ки сабаби шикасти ҳарби озодихоҳии Спартак ҳам маҳал буд.

Масҷидҳо дар 44 қишлоқи колхоз ин равияро пеш гирифтанд. Акнун деҳқони номдору саркори шинохта, акаи Абдурашид Ҳиматови комсомолободӣ ҷойнамоз дар миён аз поёни маҳаллаи Фрунзе, масҷиди камаровиҳоро гузашта ба масҷиди ҳамшаҳриҳош мерафт, бобои Афандуллои данғарагӣ, ки байни комсомолободиҳо сукунат дошт, аз ин масҷид гузашта масҷиди данғарагиҳо мерафт. Мулло Маъруфхоҷа масҷиди ҳамсояҳои кангуртиашро паси сар карда дар масҷиди ғармиҳо намоз мегузошт.

Ҳамаи ин гурӯҳбандиҳо ба кӣ зарур буд, оқибаташро касе дуруст пай намебурд.

Иқдоми маҳалгароӣ хеле пештар оғоз ёфта буд. Сӣ сол қабл аз ягон кӯча бӯи маҳал намеомад. Он замонҳо одамон аз рӯи ақлу заковат, қуввату қобилият ба сари роҳбарӣ меомаданд. Даврон Нуриддинов, ки ҳоло колхоз номи ӯро дорад аз директории мактаби миёна ба вазифаи раиси хоҷагӣ интихоб шуд. Даҳ сол раисӣ кард ва колхози собиқ ба номи Максим Горкийро аз қафомонӣ ба қатори хоҷагиҳои пешсафи Қӯрғонтеппа ва ҷумҳурӣ баровард, шӯҳратманду овоздор гардонд. Мардум басо дӯсташ медошт. Вале ба асари бемории изофанависие, ки ҷумҳурӣ ва тамоми иттифоқро фаро гирифта буд, ҳашт сол ҳабс шуд. Ба ҷои ӯ сарварии хоҷагиро Ҷӯрабой Юнусови фарғонагӣ ба ӯҳда гирифт. Ва соли панҷуми раи-

сии ӯ тарафкашӣ сар шуд. Ба асари он Давлаталӣ Алихонови даҳанакиикӣ ба курсии мансаб нишаст. Ҳавас дигару қобилият дигар. Давлаталӣ дид ки зӯраш ба бардоштани бори раисӣ намерасад ариза доду аз вазифа рафт. Се соли дигар Раҷабалӣ Воҳидов раисӣ кард. Ва мардум бо чашми худ дид, аз раисоне, ки аз ҷанги маҳалгароӣ сарвар мешаванд, хоҷагӣ бурд надорад. Ва раиси шоистатаре ҷустанд. Ва ба ҷӯти ҳама сокинони колхоз Сангак Бекназари данғарагӣ рост омад. Мардум дар интихоби худ саҳв накардаанд. Чилу чор сол қабл, замоне ӯ аз деҳаи Анҷири ноҳияи Данғара ҳамроҳи падару модар ва бародарон Ғоибу Абдулло, Зардаку Намоз, апааш Садбарг ба ин Заргар омад, навниҳоле буд. Аз ӯ хурдиҳо, Гулбарг ва Саъдуллову Талбак зодагони Заргаранд.

Сангак, ки сараш аз санг буд, дар Заргар реша давонд. Ва шоху навда ёзонду ҳама маҳаллаҳои колхозро фаро гирифт ва дарахти азиме шуд. Ба сабаби арӯсбарориву арӯсоварӣ ба бисту ду маҳаллаи Шӯрои деҳоти Заргар бо кӯлобиву фарғонагӣ, қаротегениву ҳисорӣ хешу табор шуд. Падари ӯ Музаффари Бекназар ҳамроҳи модараш Хӯҷабӣ ва панҷ писару як духтар ба ин гӯшаи хоки Вахшонзамин омаданд. Аз ҳафт бачаву духтари бобои Бекназар ҳафтоду ҳафт набера ба дунё омад. Пирамард, танҳо аз фарзандони калонӣ Ғоибу Абдулло ҳафтод набера дорад. Ва имрӯз шумораи абераҳои ӯ наздик ба дусад мерасад. Фарқ ҳаст байни дарахте, ки ду – се реша ва панҷ-шаш навда дорад аз дарахти бобои Бекназар, ки решаҳои беҳисоб, беш аз сесад навда дорад.

Боз падари ӯ ба сабаби арӯсдиҳиву арӯсгирӣ чӣ қадар хешу табор, рагу пайвандҳо дар ҷисми худ пайдо кард. Тақдири авлоддории мардумони дигари ба Вахшонзамин омада ҳам ба ҳамин дастур ҷараён дошт. Ва ҳоло раисбобо дар банди фикре дармонда, чӣ қувва, чӣ нерӯе, чӣ асрори ниҳоние буд дар ин масҷидҳо, ки тавонист ҷавонони хуни нофашон чоряк аср пеш дар Вахшонзамин чакида ва аз обу ҳавои ин марз ба камолот расидаро ба панҷоҳ – шаст сол қафо бурда, ба қаротегинӣ, кӯлобӣ, бадахшониву фарғонагӣ ҳисса намояд? Чӣ ҷисме буд, ки аз чашму хирад ниҳон ҷон гирифт, нерӯ пайдо кард ва таркид? Мардумро бесаранҷом гардонд, хонаҳо, деҳаҳоро валангор, падарро аз писар, духтарро аз модар ва занро аз шавҳар ҷудо ва овораву сарсон намуд? Чӣ даҳшате буд?

Боре раиси ҷамоати Заргар Маҳмадалӣ Сайдалӣ дари дафтари кори раисро ба шаст тела дода даромад. Ваҷоҳати аҷибе дошт Маҳмадалӣ.

– Раис, вазъият бад, – гуфт ӯ, – автоматчиҳои «Наҷоти Ватан» ба деҳаи Орҷоникидзе даромаданд.

Мижаи Сангаки Бекназар аз ин зада даромадану боз баромадани мардумони автоматбадаст таҳ нахӯрд.

– Инҳо, – гуфт ӯ, – ҳама ҷо посбонҳо доранд, ба ҳар ҷое ки хоҳанд медароянд, то ин ки моҳиҳо аз гӯшти одам серу фарбеҳ шаванд.

– Автомат, – гуфт Маҳмадалӣ, – дарди бахайр. Мина хобондаанд.

Ҳанги раис парид,

– Чӣ хел мина? Ба куҷо хобонданд?

– Минаи электрикӣ. Дар ҳама роҳҳои қишлоқ. Агар тарканд як хона ҳам намемонад. Валангор мешавад, ҳама ҷо.

– Худо занад ин «наҷота!» – хитоб кард раис. – Аз кӣ ва аз чӣ наҷот медиҳад мора?

Ба ёди Маҳмадалӣ қароргоҳи марказии трансформаторҳое расид, ки аз он ҷо ҷараёни барқ ба деҳаи Орҷоникидзе мерафт.

Гурӯҳи Маҳмадалӣ ҷараёни барқро қатъ кард. Вале ба асари ҳарбу зарб деҳа харобазор шуд. Ин аввалин ва охирин зарбаи сангине буд ба хоҷагии Сангаки Бекназар. Хуни дил шуд раис, чи қадар ҷон канд, то ин деҳа обод монад. Аз баҳри ҳаёти худ гузашта, ба майдон даромад. Бигузор дар гуфтугӯ бо мухолифин қурбон шаваду деҳаи бо ҳазор заҳмат обод кардаи мардум беосеб монад. Вале рӯзи ӯ нарасида будааст, зинда монд Сангаки Бекназар. Ва аз дидани деҳаи пеши назараш валангор гардида аз абри чашм борони ҳасрат рехт. Ва санги вазнине болои қафаси синаи ӯ нишаст.

Баъдтар сесад гектар замини деҳаи Орҷоникидзеро ба се қисм порча карда, ба деҳқонони маҳаллаҳои Хушвахт, Ҳосилоту Халифаариқ доданд.

Ва раис – бобо як раҳ ва сад раҳ аз болои харобаҳои деҳаи Орҷоникидзе гом зада, ғарқи хаёл мегардад. Ба алови таги деги маҳалгароиву тафриқаандозии ин манзил нерӯҳои аз чашми халқ ниҳон доман мезананд. Вале ӯ ин ангезаро намедид. Кору ташвиши ҳаррӯзаи хоҷагӣ аз мӯи сар беш буд ва дидани ин одамони фасод имкон намедод. Ва ҳамаи он деҳқонону мутахассисоне, ки ин бори сангинро ба дӯш доштанд, ин домони фасодро намедиданд. Яктаги сафед ниқобе будааст, ки дилҳои сиёҳро аз назари мардуми меҳнатӣ ниҳон дорад.

Баъдтар ин мардум аз дари дутабақаи дафтари кори раис борони тир борonданд. Тирҳо аз ҳарду қабат парида, ба фарши дафтари кори ӯ бар хӯрданд.

Шаб буд ва чароғи дафтари кории Сангаки Бекназар фурӯзон. Мухолифин гумон доштанд, ки ӯ дар ҷои кор аст. Чунки хона ва

ҳавлии ҳама хешу таборҳои раис зери назорат ва баҳри ӯ хатарангез буд. Ва берун аз марзи хоҷагӣ аз он ҳам хавфноктар. Мухолифин ба гурӯҳҳои автоматбадаст супурда буд, ки агар Сангаки Бекназара берун аз марзи колхоз бинанд, кӯшиши гурехтанашро эҳсос кунанд, парронанд ӯро ва бо тир баданаша ғилбор намоянд.

– Беҳуда, – гуфт Сангаки Бекназар, – роҳбаре, ки дар чунин рӯзи сахт халқашро таги борони бало дида, роҳи гурез меҷӯяд, мисли лашкардори буздилест, ки аз тарс ба Ватан хиёнат карда. Беҳтараш агар рӯз ба поён расида бошад дар ҳамин Заргар хок шавам.

Акнун, мухолифин диданд, ки раис аз ин тап – тап наметарсад, хостанд, ки хуни ӯро дар дафтари кориаш резонанд. Ҳоло тирҳои автомати онҳо аз ду қабати дар ҷаста поёнтар аз мизи кори ӯ ба фарш бармехӯрданд. Вай курсиашро қафотар ба ҷевони пушти девор кашида ва нафас набароварда овози автомат ва садои ба фарш задани тирро гӯш медод. Курсӣ ҳам, гӯё вазъи ӯро таниста, бе садо қафо рафт. Сангаки Бекназар андак ҷунбид ва он ба таъсири қувваи илоҳӣ ба ҷевон часпид. Акнун тирҳо ба ҷои лаҳзаҳаки пештар нишастаи ӯ бармехӯрданд.

Ин қадар тир бисёр. Ҳисоб дорад ин тирҳо ё не. Тирпаронӣ қатъ шуд ва Сангаки Бекназар чашм ба дар нигарон монд.Гумон бурд, ҳозир ба лом ё табар дарро мекӯбанд, то қулфро шикананду сайди худро бинанд.Ба хилофи чашмдошти ӯ аз пушти дар садое набаромад. Яроқбадастони ба қасди ҷони ӯ омада, аз қабулгоҳ баромаданд.Инро аз садои пои онҳо пай бурд. Ин чӣ балое? Аз ин нағмаи ногаҳонии тирпаронӣ гӯё ба майнаи ӯ мушти фаровbooманд. Сангаки Бекназар монанди тахтасанге низору ҳайрон меистод ва танҳо ба худ мегуфт, ин чӣ балое? Безор шудам аз ин зиндагӣ. Се рӯз пеш аз ин ӯро автоматчие дар сари кӯча нигоҳ дошт ва бо оҳанги қатъӣ огоҳӣ дод,

– Раис, аз ҳамин соат шумо ба се шабонарӯза ҳабси хонагӣ маҳкум шудед. Ҳақ надорӣ, ҳатто аз ҳавлӣ бароӣ.

– Фармони кӣ, – пурсид раис, – донистан мумкинай?

– Мумкин нест, донистан.

Сангак аз роҳ бозгашт ва рост ба хона даромад. Маълум, фармони кӣ. Ин генерал қорӣ Мамадҷон боз чӣ мехоҳад? Мақсад аз ҳабси хонагии ӯ чист? Ҳар рӯзу ҳар ҳафта, як таҳдиди тоза. Пеш аз ҳабси хонагӣ мулло Додарбек Каримов пистолет дар ҷайб ҳамроҳаш се автоматбадаст ба дафтари кории раис даромаданд. Ва мулло Додарбек Каримов амр кард,

– Коғаз дорӣ, раис?

– Чӣ хелаш?

– Коғази одӣ, як вароқи тозаи дафтар ҳам мешавад.

Сангаки Бекназар аз ғалладони миз як варақ баровард.

– Як варақ кам, – гуфт мулло Додарбек Каримов, – сето гир.

Раис се варақ баровард аз ғалладони миз.

– Қалам гир, – гуфт мулло Додарбек Каримов ва милҳои се автомат болои сари Сангаки Бекназар рост шуданд. Ва аз дар махсуми Асрор Маҳмудов даромад. Ду автоматбадасти дигар пушту паси дар истодаанд.

Ва Сангаки Бекназар қалам ба даст мунтазири шунидани фармудаи ҳазрат ва аз дил гузаронд,

– Боз чӣ амре... аз кадом ҳазрат? Тӯли ин моҳ ҳазратҳо бисёр шуданд. Ҳазрати генерал қорӣ Мамадҷон, ҳазрати генерали халқ Қиёмиддин, агар ҳозир ин ду нафар ҳам худро ҳазрат гӯянд, ҷои тоб додан нест.

Махсуми Асрор Маҳмудов бепарчу пош даст ба мулло Додарбек Каримов дод ва пурсид,

– Масъалаҳо ҳал?

– Нав ба гап сар кардем.

– Ман лозим?

– Як супориши таъҷилӣ дорам. Ман меравам. Кора тамом кардӣ ба хонаи ҳазрати генерал биё.

Ва ӯ пеш аз он, ки аз дар барояд бо таҳдид рӯ ба раис овард,

– Ҳамин қадамҳои ҳар як коммунист, – гуфт ӯ, – дар назоратанд, аз ҷумла, аз шумо ҳам. Агар ба манфиати коммунист кор кунӣ, ҷон ба саломат намебарӣ. Ба ҳаво парӣ, аз поят ба зер меоварем, ба замин дароӣ, аз сарат мегирем.

Аҷоиб, се мили автомат болои сар ва намояндаи ҳазрат рӯ ба рӯяш ба андеша рафт раис, чӣ ҷасорати номардонае. Замоне коммунистҳо сари давлат буданд, КМ КПСС-у КМ ПК Тоҷикистон, ПК-ҳои шаҳриву ноҳиявӣ доштанд, ин шернафасон куҷо буданд? Замоне коммунистон барои сохтори давлати демократибунёд оташ ба сӯи худ хонда ва худро пароканда карданд, худи дар киноҳои тасвирӣ барин пеши назари ом гурбаҳои ошолуд шери жаён гардиданд.

Ҳине, ки коммунистҳо сари қудрат буданд, агар рӯ ба рӯ меомаданд, ин шернафасон дарҳол пушт мегардонданд. Имрӯз, ки онҳо худашона маъзул донистанду парешон сохтанд, инҳо силоҳ бардошта чор сӯй даву тозу таҳдид доранд.

Мулло Додарбек Каримов бо нигоҳ махсуми Асрор Маҳмудовро гуселонд ва дар дасти раис қаламро дида, ба сухани лаҳзаҳаке шикаста давом дод,

– Аз ҳазрат фармон рафта, ки се ариза новиса. Дар аризаи аввал худатро аз мансаби раисӣ маъзул мекунӣ. Дуюмаш аз коммунист ва сеюм аз депутатӣ.

– Агар, раво бошад, пурсидан, – гуфт раис, – ин фармон аз кадом ҳазрат.

– Ба инаш, – гуфт мулло Додарбек Каримов, – кори ту набошад. – Ҳазрат ҳазратаю русабӣ русабӣ.

Сангаки Бекназар медонист, ки аз ҳазрат фармони дигаре ҳам ҳаст, раиса даруни колхоз напарронанд ва ин хабарро шахсан ба ӯ расонданд. Аз ин рӯ, ҳарчанд аз баҳри чунин ҷони чун кабоби болои лахчаи сӯзон дар тоб кайҳо гузашта бошад ҳам, худро даст гирифт ва гуфт,

– Ба ҳазрат расон, ки ин се шарт ба се шарти қабул мешавад.

– Ин ҷо мо, – гуфт мулло Додарбек Каримов, – ба иҷрои фармон омадем, на шартномаву шартгузориву шартбозӣ. Ё ҳамин се гуфтара иҷро мекунӣ ё аз ҷон ҳозир даст мешӯӣ.

– Хубтараш, – гуфт Сангаки Бекназар, – аз ҷон даст мешӯям. Ина ман, – ва ӯ чилик ба қафаси сина бурда, – ин ҷон, – гуфт.

Аз афти кор мулло Додарбек Каримов аз раис зоҳир гардидани чунин ҷасоратро чашмдор набуд, ки мулзам монд ва гапашро гум кард ва аз шаст фаромад.

– Ҷони ту ба кӣ зарур. Шартҳота гӯй. Мерасонам ба ҳазрат.

Ҳарчӣ фармояд бебаҳс ҳамон мешавад.

– Халқ маро ба ин вазифаи раисӣ овардааст ва бо розигии ӯ меравам. Боз шарте, ки ин мардума ба кӯлобиву фарғонагӣ, ғармиву ғозималикӣ, нораkиву файзободӣ ҷудо накунеду кор нагиред. Дар колхоз ягон қатра хун нарезад. Дуюмаш шарти депутатӣ. Халқ овоз дод ба ман ва вакили худ интихоб кард дар парлумон. Ба мардум гӯед. Агар аз се як ҳисса норозӣ бошад, ин шарт ҳам иҷро. Коммунистӣ ба ихтиёри худам. Он ба ҳеҷ кас халал намедиҳад, ба шумо ҳам.

– Хаттӣ навис ин гуфтаҳота, – амр кард мулло Додарбек, – ҳазрат мебинад, ҳарчӣ фармояд, ҳамон мешавад.

Аз ин оҳанги рафтори мулло Додарбек раис-бобо пай бурд, ки ҳоло ба паррондани ӯ фармон нест. Ва ҳозир дар сари қавли худанд, «Дар колхоз не, берун аз он парронед, раисро». Ва мухолифин бисёр мехоҳанд, ки лаҳзае аз сарҳади колхоз пой берун ниҳад.

Боре қариб буд ба ин нияти нопок расанд. Моҳи сентябр пас аз анҷоми сессияи Шӯрои Олӣ аз Душанбе меомад бо дили пурбим. Аз қароргоҳҳои сари роҳ, ки аз паспорт ҷои таваллудро медиданд, хавф дошт. Аз ин рӯ, ба мошини директори совхози «Уялӣ» Аскар

Раҳимов, ки марди қаротегинӣ буд нишаст ва хоҳиш кард, ки то Заргар ӯро расонад. Аскар медонист, ки раис бемошин аст. Мухолифин мошини УАЗ-и хизматии ӯро гирифтаанд. Ва Сангаки Бекназар пои пиёда монда. Дилаш ба ҳоли ӯ сӯхт. Боз бими посбонгоҳҳо. Дар рӯйхат ҳаст номаш. Автоматбадастони қароргоҳҳо ба зоҳир нашиносанд ҳам, аз номаш медонанд, амр рафтааст, ки «берун аз сарҳади колхози ба номи Даврон Нуриддини ноҳияи Бохтар ҳаёти Сангаки Бекназарро қатъ гардонед». Аз ин ваҷҳ дӯсти ӯ Аскар Раҳимов ҳам ба ташвиш афтод. Ва ӯ ният кард, ки то Заргар ҳамроҳи ӯ равад.

Автоматбадастони посбонгоҳи поёни қасабаи Уялӣ баробари аз назар гузаронидани ҳуҷҷатҳо ба Сангаки Бекназар гуфтанд, ки аз мошин фарояд, гап доранд ба ӯ. Ва Аскари Раҳим ба мобайн даромаду ӯро аз чанги аҷал раҳонд. Вале дар посбонгоҳи сари пули Қизилқалъа кор ранги хеле ҷиддӣ гирифт. Мили автоматро бехи гӯши Сангаки Бекназар монданд. Ва «мо бояд бечуну чаро фармона иҷро кунем», гуфтанд.

– Фармона-ку, – гуфт Аскар Раҳим, – бечуну чаро ба ҷо меоваред. Вале боз фикр мекунед, ки дар хоҷагии ӯ понздаҳ ҳазор ҳамшаҳриҳои шумо ҳаст. Андеша кунед, тақдири унора. Ин мард ба ҳамаи онҳо нону намак дода, пӯшондаву хӯрондааст. Амали беҷо нисбати як нафар ҳазорҳоро гирифтори бало мегардонад.

– Супориш ҳаст, – гуфт сардори посбонҳо.

– Ҳозир аз баҳри ин супориш гузарен, – гуфт Аскари Раҳим ва аз оринҷи Сангаки Бекназар гирифта, ӯро ба мошинаш шинонду то маркази колхоз бурд ва лаҳзаи хушбошӣ таъкид кард,

– Агар ҳамин хел супориш бошад, аз колхоз дигар набаро. Чашми ин мардум хун гирифтааст. Ҳар кору ҳар чӣ аз дасташон меояд...

* * *

Сангаки Бекназар эҳтиёт кард. Қарор дод, ки дигар аз сарҳади колхоз набарояд. Ва ҳоло ба ҷевон такя дода, чашм аз ҷойҳои тир расидаи фарш набардошта, аз мардиву номардӣ, озодиву асорат андеша меронд. Ба ақидаи ӯ некӯкорӣ дараҷаи олии мардонагист. То ҳоло маълум нест, ки сӯи генерал қорӣ Маҳмадҷон кӣ тир андохт ва ӯ чигуна одаме буд. Ногоҳ дар ҳар кӯчаи бисту ду маҳаллаи колхоз посбонгоҳҳои беҳисоби автоматбадастон пайдо шуданд. БТР-ҳо ба гардиш даромаданд. Овози бадхашмонаи яроқҳои автомати тиру гулӯлаандоз гӯши мардумро ба иқомат овард. Худоё ин қадар яроқи фаровон аз куҷо омад? Аз масҷид? Онҳо масҷидро хонаи худо мегӯянд. Он ҷой муқаддас аст. Бандаи мусулмон бо тану либоси

тоҳир меравад ба он макон то ба худо роз гӯяд, ибодат намояд ва худро аз олуданиҳои рӯзгор пок гардонад. Ва ба масҷид бояд танҳо китоб роҳ ёбад, на аслиҳа, яроқҳои хуни мусулмончакон.

Бунёдгароён ин муқаддасотро барои ҳадафҳои ғаразнок сӯистеъмол намуданд, мегуфт бо дили аз даҳшати ин лаҳзаи номардона карахт гардида. Акнун ӯ пай бурд, аз асрори на аз рӯи дин, балки маҳал қисмат кардани масҷидҳо. Шояд мақсад аз ин тарҳрезии нақшаҳои гирд овардани яроқ ва то замони афрӯхтани оташи ҷанг пинҳон мондани ин асрор буд. Хайр, бигузор мақсад аз ин маҳалбозиҳо ҳамин. Ва мо ба корҳои хурду калони хоҷагӣ, майдачӯйдаҳои рӯзгордории худ аз пагоҳ то бегоҳ шуғл доштем. Вале коргарони бешумори салоҳиятдори умури дохилӣ, бехатарии давлатӣ, додситонӣ, ки вазифаи назорат аз болои ҳамаи инҳоро ба ӯҳда дорад, куҷо буданд. Шуғли милисаҳои маҳалҳо чӣ буд? Куҷо буданд, олимону муҳаққиқони пажӯҳишгоҳҳои ҷамъиятшиносии Академияи улуми Тоҷикистон? Чаро онҳо нисбати воқеаҳо бетараф истоданд, ҳамчун тамошобин. Аз феврали хунин то даргириҳои ҷанги бародаркуш беш аз соле рафт ва олимони ҷамъиятшиноси мо об дар даҳон ҳамчунон хомӯшанд.

Сангаки Бекназар китф ба ҷевон такя дода ва ба захмҳои фарши атрофи мизи кор зеҳн монда, ба ҳамаи ин хомӯшиҳо, бетарафиву дурӯягиҳо нафрат мехонд. Ва гуноҳи одамони ба амнияти халқу давлат, ба иборахое ҳифзгарони манфиатҳои оммаи меҳнаткашонро аз ин автоматбадастони навакак аз пушти дар қиёмат хезонда камтар намедонист. Заҳр гардад нони халқ ба бадани чунин ҳимоятгарони манфиати мардуми меҳнатӣ. Гӯё ба хонаи мӯрча об рехта бошӣ, шитоб, таку дав, дар куҷо паноҳ бурданашонро намедонанд. Мардуми меҳнатӣ падару бобоҳои якасра он сӯ истад, бачаву духтарон, домоду арӯс ва тифлакони кӯчакро намедонанд ба куҷо пинҳон кунанд, то аз тиру туфанги яроқбадастон, тасмаи чархи БТР-шинону танкронон эмин монанд. Бигузор нону намаки мардум онҳоеро, ки амнияти халқро ба ӯҳда доштанд, пес кунад.

Ӯ бо дили монанди санги сард дар қафаси сина овезон ва хаёлҳои сангин, зонуҳои аз бори вазнине ларзон калидро тоб дод, аз дафтари корӣ роҳи хона дар пеш гирифт. Бепарво қадам мебардошт ва аз марг биме дар ҷисм надошт. То хона ва боз фардо чӣ ӯро интизор аст. Сару дили карахт чизеро ба ӯ равшан намесохт. Аз хоби гарон ба худ омад. Дар қабулгоҳ мулло Додарбек Каримов, Эшони Ҷалол Абдулҳусейнов ва Асрор Маҳмудов чашм ба роҳи ӯ доштанд...

– Супориш ҳаст, – гуфт мулло Додарбек Каримов, – ҳайати раёсата тағйир медиҳӣ.

Раис ҳарфе нагуфт. Ва напурсид, ки супориш аз кисту мақсад аз дигар кардани ҳайати раёсат дар чист? Ва ӯ дари захминро кушод. Вориди дафтари корӣ шуд. Ва ба сӯрохиҳои фарши атрофи миз нигариста, аз дил гузаронд, ҳоҷати пурсидан нест. Инҳо ҳарчӣ хоҳанд, ҳамона мекунанд.

Мулло Додарбек Каримов мунтазири даъвати раис нашуда, ба ҳамроҳонаш ишорае кард ва назди ӯ даромаданд. Аз абрӯву мижгонҳои дарози болои чашм дарҳам кашидаи Сангаки Бекназар пай бурданд, ки дидори ҳар се ҳам ба раис хуш наомад. Вале онҳо ба ин эътимоде накарданд.

Ва Додарбек Каримов ба ӯ фаҳмонд, ки ҳоҷат ба шиносондан нест. Раис медонад, ки ӯ намояндаи ҳукумати мухолифин.

Ҷалол Абдулҳусейнов раиси ҳизби наҳзати исломии колхоз ва Асрор Маҳмудов намояндаи ҳизби демократианд. Ва бояд аз ҳамин рӯз нафарони мазкур дар ҳайати раёсати колхоз бошанд.

– Назорати кори раис бас, – гуфт Асрор Маҳмудов аз берун. Замони амали мо расид.

Ҳарчанд Сангаки Бекназар пай бурд, ки ӯ акнун ба ном раис мемонад ва роҳбарии хоҷагӣ ба ин се нафар мегузарад, ҳамон рӯз супориш иҷро шуд.

Баъди эълони ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ва ба водии Вахш сафарбар кардани гурӯҳҳои нав ба нави мусаллаҳи «ситоди Ватан» таъкибу даргириҳо ба нишони маҳал дар деҳаҳои Заргар, Кирову Фрунзе, Хушвахт, Ҳосилоту Халифаарик суръат гирифт. Дар деҳаи Чапаев шонздаҳ нафарро парронданд. Пас аз ин, фикри пахтаву чорво ва ҷамъоварии зироатҳои пухтаву расида аз сар рафт. Тамоми андешаҳо ба тақдири мардуми меҳнатӣ, ҳифзи ҳаёти онҳо банд шуд. Раис аз баҳри хуну пӯсти худ гузашт. Ӯ дар байни гурӯҳҳои яроқбадаст ба давуғеҷ даромад. Ҳар рӯз сад бор орзӯи марг мекард. Ва афсӯс мехӯрд, ки дар қароргоҳи посбонии мухолифин воқеъ дар Қизилқалъа он рӯз саломат монд. Чӣ рӯзи сияҳе. Тоҷик ба таъкибу рехтани хуни тоҷик бархоста. Ба гӯр раванд, ин дӯзахиҳои байни бародарон шӯр ангехта.

Ҷонканиҳои Сангаки Бекназар аксар барабас мерафт. Гурӯҳҳои яроқбадаст ба ҳарфи ӯ гӯш намедоданд. Лаънати худо бод ба ҷудоиандозоне, ки ба сари давлат омада буданд.

Яроқбадасте, ки ду ваҷаб қаду қомат ва ба қадри пушти нохун мағз дошт, ба ӯ чунон нописандона нигоҳ кард, ки фил ба мӯрчагони таги пояш бингарад. Аз ин пӯсти баданаш виҷирос зад. Демократ будааст, ин ҷанговар.

– Агар як вачаб, – гуфт ӯ, – аз сарҳади колхоз берун мебудӣ ҳамаи тирҳои ду магазина зиёфатат медодам.

Сангаки Бекназар ин ҳарфҳоро ношунида ангошт ва накше ба сараш омад, яроқбадастон на танҳо ба ҳарфи ӯ гӯш намедиҳанд, балки ба қатори душманони ҳукумати мухолифин медонанд. Дар вазъи имрӯза барои ҳимояи мардуми меҳнатӣ чаро аз намояндагони ҳукумати мухолифин дар раёсати колхоз истифода набарад, ҳарчанд ӯ ба ном раис ҳасту дар асл роҳбар ва се нафар аъзои нав.

Ва ӯ дар сари сӯҳбат ба намояндаи ҳукумати мухолифин мулло Додарбек Каримов раиси наҳзати исломӣ Асрор Маҳмудов гуфт,

– Ба хуни ноҳақе, ки мерезад, ҷабри ноҳақе, ки мардум гирифтор меояд, шумо ҳам бегуноҳ намемонед. Биёед, шумо ҳам фикр кунед.

Ҳарсе нафарро ба андеша водор кард. Ва дар ҳар гӯшаи колхоз, ки хавфи даргирӣ ё муноқишае сар мезад, Сангаки Бекназар ба тахмин муайян мекард, ки яроқбадастон ба ҳарфи кадоме аз аъзоёни нави раёсат гӯш медиҳанд. Ба ин васила Сангаки Бекназар пуле шуд, дар байни яроқбадастон ва мардуми меҳнатӣ ва бисёр даргириҳову хуни ноҳақрезиҳоро пешгирӣ мекард.

Мутаассифона, на ҳама роҳбарони хоҷагӣ замони даргириҳо мавқеи худро шинохтанд. Баъзеҳо ба воҳима афтода ва роҳи гурезро пеш гирифтанд. Тарс бардошт онҳоро, ҷон ширинӣ кард. Аз сояи худ ба ҳарос афтода, зану фарзандонро ба ҳоли хеш гузошта, аз байни ҷӯйбору ҷӯякҳои пахта ва ҷуворизорҳо нафасгир сарҳади хоҷагӣ, ноҳияву водӣ ва ҳатто ҷумҳуриро тарк гуфтанд. Кам набуданд мардумони дурӯя. Дурӯягон дурӯягӣ карданд. Ва хиёнати ин гурӯҳ аз автоматбадастони чашмашон хун печида камӣ надошт. Буданд одамоне, ки дар байни ҳама ин даргириҳо ҷои бароҳат ёфтанд ва маишат ронданд.

Хеле аҷоиб будааст ҷамъияти инсонҳо. Ҳангоми осоиш гӯё ҳама якранганд. Вале замони нотинҷӣ дигар аст. Мебинӣ аз байни онҳо дуздаконро. Ва ҳамчунин ҳамсояҳоеро, ки аз ғорати молу амволи ҳамсоя рӯй наметобанду роҳбар аз пулу моли ҷамъият.

Ҷонишини раис оид ба сохтмону ободонӣ Раҳмиддин Саъдиев ногаҳон ғайб зад. Ҳарчанд пурсу суроғ кард суроғаи ӯро наёфт. Баъдтар хабари ӯ аз майдони Шаҳидон расид. Раҳмиддин Саъдиев бо роҳи пинҳонӣ ва хеле устокорона панҷ миллион сӯми хоҷагиро аз бонки давлатии ҷумҳурӣ гирифт ва бепарво аз дарду алами мардум даври худро ронд.

Замоне бӯи ин пули ба бероҳагӣ рафта баромад, қариб буд Сангаки Бекназар дар бало монад. Вале таҳқиқ карданд ва ҳақиқат рӯи об баромад.

Чӣ тавр бемаънӣ ва даргириҳои бемаъние буд ин ҷанг. Сангаки Бекназар барои мухолифин кӯлобӣ шуд. Ва аз байн бардоштанӣ буданд ӯро. Насибаш набудааст, вагарна чӣ мушкил буд аз миён бардоштани ӯ барои душманонаш.

Ӯ аз таъкибу таҳдид, аз марг натарсид. Ба мисли баъзе роҳбарони аввали хоҷагиҳо ба ҷое нагурехт. Балки собиту пойбарҷо истод ва купрӯке шуд, байни бисту ду деҳаву сиву шаш ҳазор сокинони он.

Сарфи назар аз ҳама ин ҷонканиҳо колхоз аз ҷиҳати техникӣ зиён дид. Се трактору ду мошини навро ба Афғонистон бурданд. 15 ҳазор гуреза, 74 тракторро бо присепаш ва 22 мошини боркашро бурданд. Панҷ ҳазор тонна пахта, панҷ тонна лимӯ. Ва аз нисф зиёди заминҳои шолӣ талаф шуд. Аз 3, 2 ҳазор гову гӯсола 2 ҳазораша ба мардум доданд. Хоҷагӣ ба нигоҳубини танҳо ҳазору дусад сар чорво қудрат дошт. Аз касофати ҷанги бемаънӣ 670 хона хароб гардид. Талафи фақат аз сохтмон ва чорво расида ба қиммати пули соли рафта аз панҷсад миллион беш аст.

Вале, хотири раисро ҳама ин зарарҳои иқтисод парешон намесозад. Аз понздаҳ ҳазор гуреза сенздаҳ ҳазор нафар бо ҳаждаҳ мошину шаст трактор боз омад. Се ҳазор гектар пахта, шашсад гектар ғалла, сад гектар шолӣ, сад гектар юнучқа, сад гектар лаблабуву ҷуворимакка кишт шуд. Дар хоҷагӣ замини холӣ намонд. Охири сол зиёни иқтисод пӯшонда шуд. Лекин пӯшондани зарари рӯҳӣ саҳл нест.

Ва дар ин нуқта Сангаки Бекназар ба сукут рафт ва сар аз гирдоби андеша бардошту гуфт,

– Натиҷаи асосии соли рафта бояд ин бошад, кадом хоҷагӣ дар ҷанги бародаркуш кам одам талаф дод. Ва роҳбари он тавонист, пуле гардад миёни ину он миллат ва фарзандони ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ. Бисёр мехостам ин натиҷа ба қалами сурх ишора шавад.

Будааст, дар тақдири халқи мо ин хел саҳифаи сиёҳ. Мард бояд тан диҳад ба ин. Ва мардуми бафаросати Заргару деҳоти атрофи он соле қабл ба навбат гурезаҳои Душанбеву Кӯлобу Ленинободу Фарғона ва ноҳияҳои Қаротегин буданду имрӯз боз мисли пештар шарики ғаму шодии ҳамдигаранд. Каму бешии худро бо ҳам мебинанд. Сари дастурхони тӯйю маъракаҳо ба сабабгарону дардиҳандагони ҷанги бародаркуш нафрат мехонанд. Ва афсӯс мехӯранд, ки агар ҳама силоҳ медоштанд, он даҳ – бист нафар гунаҳгоронро сари вақт аз байн мебардоштанду ба чунин рӯзи нохуши ҷанги бародаркуш намерасиданд.

# ОҲАНЕ ДАР МАҒЗИ САР

Ӯ домани борониро барзад. Аз кӯҳ дигар санг намеомад. Борон ҳам аз шиддат мемонд. Вале анбӯҳи абрҳои сиёҳ аз тарафи офтобшин, аз болои кӯҳи Марғоб сӯи дарёи Кофарниҳон парвоз доштанд. Сангҳои замоне сел овардаро аз поёни камари кӯҳҳои Явроз, аз ҷӯи васеи боғи истироҳати ГЭС-и Роғун мегирифт. Сангҳо вазнину дурушт буданд, пӯсти дастро мехарошиданд. Ӯ зӯр зада тахтасангҳоро як-як аз тангнои ҷӯй болои боғ баровард. Бероҳатар монд. Як борони сел инҳоро аз кӯҳ овард. Сели дуюм ҳатман як курасангу тобасангҳоро аз байни боғу гулгаштҳои истироҳатгоҳ ғелонда, то дарёи Кофарниҳон мебаранд. Ниҳолҳо, дарахтҳо захмдор ва гулбуттаҳо фарши замин мешаванд. Таҳнишини сел онҳоро мепӯшонад. Истироҳатгоҳ манзараи ҳузнангез мегирад, бенур мешавад, аз дил гузаронд вай.

Шамоли сахт ба камари кӯҳ зада, ҳуштак кашид. Дар чунин ҳавои салқин ҳам аз сару рӯяш арақ мерехт. Ӯ зӯр зада курсанги охиринро, хеле вазнин буд, аз ҷой ҷунбонд. Оҳанрезаи мағзи сараш ҳам ба ҷунбиш омад. Ногоҳ монанди сӯзан сахт халид. Рагу пайванди баданаш ларзид. Ин бори аввал нест. Ҳар гоҳ сахт зӯр занад, аҳвол ҳамин – оҳанреза меҷунбад. Тамоми баданаш раг мекашад. Дар бузкашиҳо ин ҳолат ба ӯ бештар рӯй медиҳад. Мағзи сараш аз сихзанӣ монд. Чакраҳои калони борон ба пешониаш заданд. Сари ду зону хам шуд. Бо ду даст, пеши сина ва зонуҳо чунон зӯр кард, ки кулӯла шуд. Осебе, ки ба истироҳатгоҳ таҳдид мекард, бартараф гардид.

Ба идораи Комиҷроияи деҳшӯрои Ромит се нафар омад. Аз оинаи мошини онҳо тоскулоҳҳои сурхи шахтёрӣ метофт. Марде, ки ним қадам аз ҳамроҳонаш пеш меистод, табассум карду номи ӯро пурсид ва худро шиносонд: сардори сохтмони ГЭС-и Роғун Савченков Николай Григоревич.

– Марди бафайз метобӣ, акаи Назрулло, – гуфт ва арзи мақсад кард. Маълум шуд, ки аз ҳамааш Николай Григоревич бохабар аст. Медонад, ки ҳазорҳо дастниҳоли акаи Назрулло ниҳолҳои ӯ дар дараи Ромит, деҳаи Сорбоғ, мавзеи Чилдухтарон боғ шуданд. Ҳар сол аз ҳосили онҳо анборҳо пур мегарданд.

Он лаҳза Назрулло ба худ андешид: кори хайрест агар боз як порча домани кӯҳи Яврозро обод кунад. Нурполоён одамони боинтизоманд. Ба ӯ ёрӣ медиҳанд. Чунон боғу гулзоре месозад, ки

то замоне дараи Ромит ҳаст, аз ӯ ному нишон монад. Бо ҳамин хаёлҳо даъвати меҳмононро пазируфт.

Корро аввали баҳор сар кард. Ҷӯй канд, об овард, гул корид. Марғзори сабзу хуррам бунёд кард. Дар гармои тобистон, ки алафу гиёҳҳои хамиҳои кӯҳ, талу теппаҳо хушкида, ранги каҳрабоӣ мегиранд, замини сабзи истироҳатгоҳ дилрабоӣ менамуд. Дар марғзор об ба рӯи себарга ва себарга ба рӯи об бозӣ мекард. Мавзеъ бо номи нав – Боғи НБО-и Роғун – дар дараи Ромит шӯҳрат ёфт.

Соли панҷум аст, ки рӯзҳои ӯ дар ин ҷо шаб мешаванд. Баҳор, тобистону тирамоҳ ба ҷое намеравад. Боре, айёми чиллаи тобистон ба боғи НБО-и Роғун полковники ба истеъфо баромадаи милиция, нафақахӯр Мардон Ҷалилов омад.

Ӯ аз кор муомилаю муносибат, эътибори баланди Назрулло дар байни нурполоён ба ваҷд омад. Қаламу коғаз гирифт то эҳсосоти худро ифода кунад. Одаме, ки ҳеҷ гоҳ шоир набуд, дар васфи Назрулло ва боғи бошукӯҳи ӯ ба таври худ як шеъри калон иншо кард…

Борон сар шуд. Ҷӯй ҷон гирифт. Оби лойолуд то буҷулакҳои по хест. Агар писарони калонаш Аҳмадҷон, Содирхону Афзалхон ин ҷо мебуданд, ин қадар ҷонсарак намешуд. Бачаҳо парронҷак шуданд. Дар маҷроҳҳои зиндагӣ роҳҳои худро меҷӯянд. Аҳмадҷон Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм мекунад. Содирхону Афзалхон паси ҳамдигар ба хизмати ҳарбӣ рафтанд. Аз номи командирони ҳар ду ҳам ташаккурнома гирифт.

Аз посбони истироҳатгоҳ ҳам хабаре нест. Аз мӯрча мадад гуфтаанд, пир ҳам бошад, ин ҷо мебуд, қуввати дил мешуд. Оби лойолуди ҷӯй аз буҷулаки пой боло баромад. Пеши синаи ӯ ба курасанг зичтар шуд. Ӯ наъра кашид: барои Ватан! Зӯри ӯ як бар даҳ афзуд. Курасанг аз ҷӯйбор берун шуда сари ӯ сӯзиш кард. Торикие аз пеши чашмаш гузашт. Бо пойҳои бемадор аз ҷӯй дур гашт. Пеши чашмаш ҷӯйчаҳои борон ба боло ҷорӣ шуданд. Дарахтҳои боғ сар бар замин давр заданд. Дарди ҷонкоҳ ӯро ба майдони ҷанг бурд. Хатҳои оташи тӯпу миномётҳои чун барқ аз пеши назараш гузаштанд. Акнун ӯ «Барои Ватан!» – гӯён граната мепартофт, аз чапу рост гӯё борони тир меборид. Вале ба ӯ намерасид. Хати ҳарбу зарби душман аз ҷанговарони полки гвардиягии миномётии Ордени Байрақи Сурхдори ба номи Александр Невский ба масофаи тири автомат наздик омад. Дар қафо шаҳри

Копчитии Украина, дирӯз онро аз истилогарон тоза карданд. Мақсади душман мавқеи аз даст рафтаро боз гирифтан буд. Мубориза барои ҳаёт ба муддати даҳ соат давом дошт. Ҳар кас вазифаи худро медонист ва онро бо нархи ҷон иҷро мекард. Полк бо ҷанговарони пиёдаи душман сару кор дошт. Минаҳо аз қатортанкҳои душман гузашта метаркиданд. Аз чап ҷанговарони бригадаи чоруми танкии армияи 4-ум бо сардории генерал – майор Чурилов дар муқобили танкҳои истилогарон садди боэътимоде ба вуҷуд овардааст. Фашистон шаш бор ҳуҷум оварданд, вале аз хати оташи бригада ягон танки душман роҳи гузар наёфт. Дар паҳлӯи Назрулло командири полк, полковники гвардия Халил Шокирович Набиев меистод. Се самти ҳуҷуми душман пеши чашми ӯ аён аст. Шонздаҳ соат боз дурбинро аз даст намегузорад. Гӯё ду даст ба дурбин ба чашмҳои ӯ часпидаанд.

Душман ба сахтӣ ақиб менишаст. Вале ҳар ваҷаб замине, ки аз дасти ӯ раҳонида мешуд, қиммати дунё дошт.

Полковники гвардия Набиев аз пункти дидбонӣ аз тарафи чап, он ҷое, ки дивизиони дуюми капитан Курдуков мавқеъ дошт, чун ҷарроҳ иллати душманро дид. Аз рост бригадаи армияи чоруми генерал-майор Чурилов ҳалқаи иҳотаи истилогарро танг мекард. Борони тиру гулӯла дар мавқеи ҷанговарони дивизиони якуми Желаев зиёдтар меборид. Командири полк барои тағйир додани вазъият фармон дод: «Капитан Курдуков, сад метр ба пеш!» Акнун ҳалқаро аз тарафи чап ҳам фишурда, дуд аз димоғи душман баровардан лозим буд. Вале фармони командири полк ба дивизионҳо намерасид. Борони тир хати алоқаро барканда буд. Садои тиру таркишҳои ҳавлхез бисту дуюми ноябри соли чоруми ҷанг дар Копчити беист давом дошт. Мили садкилоии миномиётҳо сурх шуда буданд. Ба автоматҳо ҳам даст расонда намешуд. Як пои Назрулло дар ҷои дидбонии командири полк, пои дигараш дар хати алоқа, дар торикии мубҳами шаб симро аз даст раҳо накарду то зону дар барф фурӯ рафта, ба мавқеи дивизионҳо рафтуомад мекард. Ӯ дар давоми 24 соат барои дуруст кардани хати алоқа бисту шаш бор фармон гирифт. Шабонарӯзи тӯлоние буд он шаб. Тамоми рӯз ва шаб дар байни пункти дидбонии полковники гвардия Набиев ва хандақи ҷанговарони дивизион гӯё тор танид. Аз пасу пеш ва болои сари ӯ тирҳо вижжос зада мегузаштанд. Вале тамоми фикру зикраш ба ёфтани ҷои кандаи сими алоқа ва пайваст кардани он буд. Зеро

дар ин лаҳзаҳо аз қатъ шудани алоқаи байни командири полку ҷанговарон даҳшатноктар коре нест. Назрулло дар ин масофаи начандон тӯлонӣ пасу пеш бештар аз 156 километр роҳ гашт.

Дар ин масофаи секилометра ӯ се ҳамкасби ҷангии худро аз даст дод. Бегоҳӣ сержанти калон, алоқачии дивизиони якум Шутов аз тири душман ҳалок шуд. Соати дувоздаҳи шаб ҷасади аскари қатории гвардия Шилинро ёфт. Ду нӯги сими кандаи алоқа дар панҷаи ӯ буд. Шилин дар нафаси охирин ҳам супориши ҷангиро муқаддас донистааст. Ду сари симро аз байни ангуштон гузаронда ҷон додааст. Дар ин ҷо ҷараён аз бадани ӯ гузашта фармони командири полкро ба дивизионҳо мебурд. Назрулло ним метр сими эҳтиётӣ дошт. Симҳои гусастаро пайваст. Пагоҳӣ ӯ пайкари алоқачии сеюм Клопоновро дид. Аз сари синаи ӯ хун дамида, дар болои барф ва домони шинел шах шудааст.

Бегоҳ, ҳангоме ки Назрулло асбобу анҷоми худро ба тартиб оварда омодаи сафар мешуд, ба пункти дидбонии полк командири армияи чорум, ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ генерал Лелюшенко омад. Дар ҳузури ҷанговарони полк Назрулло Саъдуллоевро бо ордени Ситораи Сурх табрик гуфт. Ба чеҳраи коҳидаи Назрулло сурхӣ дамид.

Полки гвардиягии миномётии дорандаи орденҳои Байрақи Сурхи Ҷангӣ, Кутузов ва Александр Невский армияи чорум ба хоки Германияи фашистӣ даромад. Ҷанговарони полк барои озод кардани шаҳри Броденбург супориш гирифтанд. Канали калоне Броденбургро ба ду қисм ҷудо кардааст. Аз соҳили рости он ҷанговарони полки миномётӣ ва аз чап душмани дар лонаи худ ба хашм омада ҷой гирифта буданд. Аз тарафи рост, аз роҳе, ки ҷанговарони полк бо даври кӯтоҳ ба соҳили чап мегузаштанд, фашистҳо аз автомату пулемёт ба сари онҳо тир мерехтанд. Полковник Набиев ба болохона ишора кард ва фармон дод:

– Сержанти калони гвардия Саъдуллоев, автоматчиҳои душманро аз болохона нест кун!

Болохона аз ҷои дидбонии командири полк 800 метр меомад. Назрулло базудӣ ба дигар соҳили канал гузашт. Ба паси бино омад. Аз дари болохона як гранат партофту худро қафо гирифт. Аз кучҷое тиру тӯпи душман ба девори болохона заду таркид. Таппончаи волтери немисӣ, ки ҳангоми шикасти фашистон ба даст оварда буд, аз дасташ ба замин афтид. Ҳарчанд кӯшиш кард онро аз нав гирад, натавонист. Дастонаш қувват надоштанд…

Пас аз даҳ рӯз, 9-уми май, дар беморхонаи шаҳри Дрезден болои мизи ҷарроҳӣ ба ҳуш омад. Ҷарроҳон оҳанпораи калонро аз сараш гирифтаанд. Барои аз нафас зарар надидани майна даҳону бинии ӯро докапеч кардаанд. Баъд ӯро ба шаҳри Кельцеи Польша оварданд. Вале порчаи хурди тири тӯпи фашистиро касе ҷасорати гирифтан надошт. Он дар чуқурии панҷ сантиметр дар мағзи сари Назрулло меистод. Ва духтурҳо ба ақидае буданд, ки гирифтани он ғайриимкон аст. Бо ҳамин оҳанпора дар мағзи сар ба Ромит омад. Зан гирифт даҳ фарзанд ёфт. Ҳеҷ гоҳ аз кори вазнин шикоят накард. Вале ҳар гоҳе ин порчаи хурд мағзи ӯро ба ҷунбиш оварад, симои полковники гвардия Халил Шокирович Набиев аз пеши чашмаш мегузарад. Ӯ баъдҳо ба чор тараф мактуб навишту дӯсти ҳамяроқашро ҷустуҷӯ кард. Чанде пеш адреси ӯро ёфт. Дар кафедраи ҳарбии Институти хоҷагии қишлоқи шаҳри Самарқанд бо ӯ рӯ ба рӯ шуд. Ба худ ҳолати низомӣ гирифт. Даст ба чакка бурд ва гуфт:

– Рафиқ командир, фармон иҷро шуд. Автоматчиҳои болохонаро нест кардам…

Ӯ дар долони бинои дуошёна меистод. Борони бо жола омехта ҳамвора мерехт. Акнун хотири Назрулло Саъдуллоев ҷамъ буд. Зеро селро кушода аст.

## БИҲИШТИ ГУМШУДА

Обу хоку боду офтоб офарандаву афзояндаи тамоми мавҷудоти олам.

Гумон мерафт, ки чор тарафи сар метаркид. Чӣ даҳшате.

– Хайр, ҳайрон нашав, – гуфт Талбаки Орзу, – ба ҳаяҷон ҳам наой.

Сабукборӣ, сабукандешагӣ моро то ба ин ҷо овард.

Чӣ хел асабҳои ором дорад ин Талбак. Аз афташ хунсардӣ хосси олимон аст. Дар ин ҳолат мағз дуруст кор мекунад. Хубу бадро беҳтар мешиносӣ. Ақл меафзояд. Аз сиру асрори одаму олам, дақиқтар пай мебарӣ. Эҳсосат намеҷӯшаду тан оташ намегирад. Хунсардӣ боақлист ва аз хунсардӣ ободонӣ меафзояд. Талбаки Орзу ин гавҳари гаронбаҳоро дорад. Вагарна он қадар фоҷиаҳое аз зиддияти байни одаму табиат тӯли сӣ – сиюпанҷ сол тавлидёфтае, ки ӯ медонад, дигареро фаҳмаш расад, хиҷил мегардад. Боз монанди ӯ дарк кунад, ки «тифли навтавлид» зина ба зина инкишоф меёбад ва инсонро ба кадом дараҷаи фалокат рӯ ба рӯ меоварад, ба даҳшат меафтад. Вале Талбаки Орзу табассуме, ки аз ғурур орӣ нест, ба лаб меоварад ва аз қадру қимат, мӯъҷизаҳои об, ҳосили зиддияти одаму об ҳикоят мекунад.

Муносибати бехирадонаи одам нисбати оби дарёҳои Сиру Омӯ баҳри Аралро ба вартаи ҳалокат овард. Наҳру ҷӯйборҳое ба Қайроққуму Мирзочӯл ва дигар заминҳои навкорами Осиёи Марказӣ кашида мешуданд, ҳаҷми истеҳсоли «тиллои сафед» меафзуду баҳри Арал соле то 20 километри мукааб аз об маҳрум мешуд. Ба иловаи ин заминсозӣ дар аксар навоҳии минтақа авҷ мегирифт. Заминҳои навкорамро ба шакли палҳои азим меоварданд ва аз се то панҷ сол ҳазорҳо метри мукааб оби дарёҳо сарф мегардид.

Масоҳати баҳри Арал, ки шаст ҳазор километри мураббаъро фаро мегирифту ҳазор километри мукааб об дошт, ибтидои соли 1964 андак-андак аз баҳре, ки ба он мерехтанд, маҳрум мегардид. Соле ба ҳисоби миёна оби баҳр наздики як километри мукааб мекоҳид. Ба ин ҳолат оварданд сабукандешон, талошгарони ҳосили аз ҳадди эътидоли Осиёи Марказӣ беруну дар ивази он соҳиб шудан ба ордену ситораҳои Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ва баромадан ба пояҳои баланди шӯҳрат. Бадбахтии аввал хурд буд ва бо мурури гузаштани солҳо ва бештар тороҷ намудани захираҳои оби баҳр бузург мегардид. Вале зимомдорони замон ҳар гуна табиб, ҳатто олимеро, ки дар донишу фаҳмиш зӯри фил дошт, бо як имои бурут ба ҷояш мешинонданд. Чӣ монад пеши онҳо Талбаки Орзу, ки дипло-

ми факултаи мелиоратсияву гидромелиоратории Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон дошту аспиранти Институти тадқиқоти илмии умумииттифоқии гидротехника ва мелиоратсияи ба номи А.Н.Костякови шаҳри Москва буд. Хост оид ба вазъи хоку об ва экологияи Осиёи Марказӣ маърӯзаи илмие эҷод кунад. Ва шурӯ кард ба таҳқиқу омӯзиши баҳри Аралу манбаъҳои он.

Ва ба суди обу табиати кишвар зангӯлаи ақл гӯшнавоз набуд. Ғизо гӯшнавоз буду нафсу шикам ва пурии ҷайб. Ҳақшиносии замон ба мусовоти шикам асос дошт. Ва шикампарасти имрӯза фаровониро мебинаду аз бадии фардо дар ғафлат аст.

Талбаки Орзу ҳанӯз айёми донишҷӯй будан, ғояи илмии худро дошт. Диққати ӯро аз ҳама бештар механикаи табиат: гардишу ҷунбиши замин, ҳаракати обу боду хок машғул медошт. Шояд ин ҷо таъсири касби падар ҳам буд. Чунки Орзуи Салим умре, ки насибаш буд, дар замин, даруни обу хок ва зери нурҳои офтобу гардиши бод сипарӣ кард. Ва ҳама он сӯҳбатҳои кӯтоҳи ӯ аз нозукиҳои санъати заминдориву заминсозӣ, обу мавсими бодҳо буд. Вале лаҳзаҳое ҳам кам набуданд, ки ба ғояи илмии ӯ рахна мезаданд. Махсус ба ин ҳолат замоне гирифтор меомад, ки тобистон ба дидани дидори падару модар аз Душанбе ба деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ мерафт. Вақте аз сарҳади ноҳияи Данғара мебаромаду дар роҳи Олимтой рӯ ба таҳдашт мефаромад, бӯи вазнине ба димоғаш медаромад. То Кадучӣ ҳаво вазнинтару бӯй афзунтар мегардид. Аз таъсири ҳавои заҳрогин пӯст виҷиррос мезад. Баъдан карахтӣ эҳсос мекарду дигар, на бӯи бад буду на ҳавои самум. Ба даҳшат меафтид Талбак аз ин балои ба сари мардум омада.

Самолётҳои заҳрпош ҳарчи қадар болои пахтазор паст ва баробари ходаҳои симҳои телефон, ки қаторак аз маркази ноҳия сӯи Кадучӣ саф ороста буданд, парвоз мекард, агрономҳову энтемологҳо ва раисону сарварони ноҳия хушнуд мешуданд. Боре сарагрономи хоҷагӣ шодравон Саидов, ки савори ҳамингуна самолёт буд аз хушнудӣ арғуштравон дари самолётро кушод, то манзараи поёнро дурусттар бинад ва пой дар ҳаво рафту даруни канали калон, ки ду самти соҳили он лойю хирвич буд, афтид. Ва то ба хона нарасида либосҳояш аз ҳавои гармо хушкид ва сиёҳлои наҳр дар шиму пиҷаки сафед ва мӯзаҳои латагӣ мисли ширеш часпида, сафол шуд.

* * *

Боре Талбаки Орзу ин манзараро дар хобгоҳи донишҷӯӣ ба ҳамсабақи мастчоҳиаш ҳикоят кард. Ва ӯ беэътиёнона гуфт:

– Дар Бӯстони мо самолётҳо чунон паст парвоз мекунанд, ки воллоҳ болои дастурхон дору мепошанд.

Ва ба димоғи Талбаки Орзу бӯи вазнину заҳрогин зад. Вале ба ин бӯ гӯё мардум одат мекард. Валӣ боқак (буқа) ба сатил аз ҳавз дору мегирифт ва ба аппарат мерехт. Аппарат дастгоҳи дорузанӣ буд. Валӣ насоси онро ҳаракат медод. Ҳавои даруни аппарат воридшуда дам мехӯрд ва фишӯрда мегардид. Ӯ дору ва ҳавои фишурдаро мебардошт ба пушту даруни ҷӯякҳои пахта медаромад. Ҳаво метасфид. Бухори аз нами байни ҷӯякҳо бархоста зери нурҳои сӯзони офтоб болои ниҳолҳои пахта мавҷак мезад. Валӣ боқак шланги аппарат ба кор даровардa бехи ниҳолҳо дору мепошиду байни мавҷҳои танӯри тасфон аз чашм дур мешуд. Ҳама кори ӯ хеле озодона буд. Гӯё сатили дору дасти Валӣ боқак вазн надошт, ҳаво ҳам бе ҳеҷ гуна маҷбурӣ ба шиками аппарат мерафт ва ӯ дастгоҳи чил-чилупанҷ килогиро чун пари мурғ аз замин бардошту рафт. Ва гармсел ҳам ба ӯ таъсире надошт. Танҳо ин ки сол аз сол дағалтар мешуду нигоҳаш асабонӣ.

* * *

Ба зӯрии ӯ ҳаваси Талбак омад.

Дуртар аз ӯ аз чапкандии барҳаво ва қолинфарш навои дутори апаи Қумрӣ меомад. Қумрӣ мехонд ва марди чорпаҳлӯи сабзинаранг пойҳояшро даруни тағораи об гирифта гоҳ-гоҳ амр медод, ки ба зонуҳои бараҳнаи ӯ оби сард резанд ва ба апаи Қумрӣ мегуфт:

– Ягон суруди зӯр гир, бева. Баландтар хон.

– Хӯш, акаи раис, – гуфт ӯ ва ба навои дигар гузашт, ки аз аввала шӯху фалакитар буд.

Байрақбардор, ки ба зонуи раис об мерехт, пурсид:

– Акаи раис, аз ҳама рӯзҳои гузашта имрӯз гарм. Ягон даҳ дақиқа пештар як байрақа бардорам?

– На, набардор мардум нозук шудаанд, паъатҳо. Суст мондан мумкин не, мефаҳмӣ. Ришат сафед шудаасту ақл надорӣ. Байрақро бардорам. Танбалҳо! Аз саҳар то ҳол се одами барзангӣ ҳамон сечор тонна доруpa накуфтен. Шуд, дигар об нарез. Аз паи корат шав.

Мӯйсафеди Гурези Раҳмоналӣ сар то по рагу пай аз зинаи чапкандӣ фаромад. Гӯё аз таъсири дорукӯбиву дорубезӣ ва шиддати гармо хун ҷӯшида ва гӯштҳои бадани ӯро хушкондааст. Гурези Раҳмоналӣ ба гӯшаи тасфони хирман, он ҷое, ки ду нафар аз пешонаву нӯги биниҳо арақ мешориду бо ғалбери калони замбармонанд дору мебехтанд, рафт.

Ӯ хам шуда аввал почакҳо, баъд аз пушти панҷа то оринҷ аз таги дил хориду калтаки дорукӯбира гирифт ва дар ҷавоби дорубезон: «Раис чӣ гуфт»? ҷавоб дод:

– Розӣ нашуд.

– О, беинсофе, – гуфтанд дорубезон. – Пусти баданҳо алов гирифтанд.

Ва онҳо замбари дорубезиро болои дору монда сӯи наҳри об равон шуданд. Раис ин нағмаи онҳоро дид ва аз ҷой бархост ва овоз дод:

– Куҷо? Паъатҳо?

– Баданмон алов гирифт, акаи раис, – гуфт яке аз онҳо, ки Қаландар ном дошт.

– Гард. Аз ин хел алов ҳеҷ кас намурдааст, ки шумо мурен.

– Дору, – ба ҳайбати ӯ эътибор надода гуфт Қаландар – баданро сӯзонд.

– Лаънатиҳо, – гуфт раис, – шиками серу тани пӯшидаи шумову зану фарзандонатон ҳамин дору аст.

Қаландару ҳамроҳи ӯ Шариф аз пои пеш пас гаштанд ва ба қаҳру ғазаб ва ғайрати дучанд замбарғерболро аз доруи кӯфтаи Гурези Раҳмноалӣ пур карданд. Аз файзи нерӯи дасту бозувони сиёҳгашта чошти доруи кӯфтаву бехта баланд мегардид. Ин хел дору дар об зуд ҳал мешуд, ниҳолҳои пахта бештар нашъунамо мекарданд.

* * *

Талбак бо роҳи пас гаштаи Қаландару Шариф сӯи наҳр рафт. Ҳоло хурд буду раис ӯро намедид.

Наҳри дарозе, ки аз байни қишлоқи дароз мерафт, пури бачаву духтаракон буд. Баъзеҳо дар даст як пораи нон доштанд ва даруни об бо ҳавсала луқма мебардоштанд. Талбак таги куртаву шим худро ба об зад.

* * *

Он замон Талбак ба ҳавои заҳрогин хӯ гирифта буд ва бӯйю таф димоғашро намехарошид. Падараш ба чунин микроиқлим, ки дар водии Кӯлоб ба иқлими калони гармселҳои самум табдил меёфт, ҳама ва ҳатто онҳое ҳам, ки аз поёни оби пахта шикамсерӣ ташнагӣ мешикастанду дар ботини худ микробҳои сил парвариш медоданд, хӯ гирифта буданд. Чанд нафар аз занону мардони ҳамсояҳои падари Талбак ҳамин ки чиллаи тобистон шуд, бо мусиқии сулфа худро салқин мекарданду дигарон аз таъсири фишори зоб ҳавои атрофро сарфа менамуданд.

Ин замоне буд, ки Талбак нуқтаи назари худро нисбати табиат ва одамон мечуст, то дар ҷамъият мавқеи шоиста пайдо кунад. Ва масъалаи мавқеъ осон набуд. Ба обу замин, осмону ситораҳо зеҳн мемонд. Аз шабу рӯз андеша меронду китоб мехонд ва бо саволу масъалаҳое, ки ба сараш меомад, ҷавоб мечуст. Чаро дарёҳои кишвари ӯ такя ба соҳили рост мезананд? Механизми ин чист? Сабаб чист, ки дарёи Сурхоб соҳилҳои рости худро шуста аз деҳаи Кадучӣ дур мешавад ва ба Тосқалъаву Зардолудашт хавф таҳдид мекунад. Феъли дарёи Ёхсу ҳам ҳамин об ба заминҳои нав ҳаёт меоварад ва ҳам вайронӣ?

Ҳамаи ин пеши назар аст ва Талбаки Орзу медид онҳоро. Ва аз дунболагирии шабу рӯз гардиши заминро эҳсос мекард. Вале миллионҳо ҳаракатҳое аз қаъри замин то арши само аз чашм ниҳонанд чӣ? Шояд аз миллион механизми табиат, аз қабили суръати ҳаракати обу бод ва рушноӣ инсон якеро кашф карда бошад, аммо суръати ҳаракати фикр чӣ? Дар як сония аз як қитъа то қитъаи дигару аз як сайёра то сайёраи дигарро фаро мегирад.

Талбак дарк кард, ки масъалаи мавқеъ мушкил аст. Ин нуқтаи назар аст ба ашёҳо ва механикаи зоҳиру ниҳони табиат. Гап сари он аст, ки нуқтаи назарро ҳар хел кардан мумкин. Танҳо эҳсос намудан шарт аст, ки нуқтаи назар ба табиат зебанда ва ба вазифаи дар пеш гузоштаат мувофиқ аст ё не. Дар акси ҳол ба мавқеъ дучор меоӣ, ки бечунучаро фисқу фуҷураш меноманд. Ва вазифаи бошарафи худро ба ҷо оварда наметавонӣ. Ин ҷо ба дараҷаи маълум хислатҳои сустат зоҳир мегардад.

Замоне Талбаки Орзу аз ҳавои дефалатсияи пахта нафас мегирифту самолётҳо аз болои деҳаи Кадучӣ дар парвози паст ба замин борони дору мерехтанд ва пӯсти ба ҳавои Душанбе одаткарда виҷиррос мезаду аз ҳавои бадбӯй нафас мегирифт, ба худ ҳамин хел мулоҳиза меронд. Ин дору ҳам, мегуфт ба худ, аз нуқтаи назари одам пайдо шудааст, технологияи ба муқобили ширинчаҳои пахта истифода бурданро одами дигаре ёфтааст. Дар натиҷа ҳавзҳои дору ва самолётҳои дорупош арзи вуҷуд кардаанд. Ин ҳам нуқтаи назар. Дар оғоз фаровонҳосилӣ дар назар буд. Лекин оқибат чӣ? Оқибат, самумпошӣ ба замин, заҳролудгардонии ҳаво ва наҳру дарёҳо фасод шуд.

Шояд аз оғозу ибтидои кор ва бозҷӯиву бозёбиҳо дорусозон вазифаи бошарафе ба пеш гузошта буданд. Вале нияту вазифа мувофиқ наомад ва баръакс шуд. Мувозинати табиат халал ёфт. Талбак ба замми барномаи ихтисоси гидромелиаторӣ оид ба мавҷудоти табиат китобу рисолаҳои зиёди тадқиқотӣ мехонд. Ӯ ба

фаросат дарёфта буд, ки он ҷое ҳашароти зиёновар бошад, судмандаш ҳам ҳаст. Ва ҳарду дар муборизаанд. Агар мақсад ҳосили фаровону нест кардани ҳашароти зиёновар аст, нуқтаи назар бояд ин ҷо мебуд. Аҷаб набуд, ки дар замони муборизаи шадид ба муқобили кӯҳнапарастӣ (консерватизм) таъмини фаровонҳосилии заминҳои пахта бо роҳи дигар ҷараён мегирифт. Акнун ҳавзу ҳавзчаҳои дору, хирману хирманчаҳо аз таъсири нурҳои сӯзони офтоб ба атроф бӯи вазнин пахш мекунанду борони зарди самолётҳо пайваста замину осмонро фаро мегирад.

Дар табиати таҳдашт тағйироти воқеӣ ба вуҷуд омад. Ва ин ҳама дар замони прогрессии илмиву техникӣ дар шумори навигарӣ буд. Талбаки Орзу ва дигар рӯшанфикрони деҳа ҳад надоштанд, ки гӯянд, хирманҳои доруро аз байни қишлоқу хирмани бошишгоҳҳои саҳроӣ дуртар баред. Дар поёнобаҳои ҷӯйҳои пахта тани тасфидаатонро ғӯта надиҳед ва аз он об ҳам нанӯшед. Ба кӯҳнапарастӣ (консерватор) гунаҳгор мегардиданд ва дамашон ба дарун зада мешуд.

Талбаки Орзу ҳамаи инро дар оинаи дил андеша кард ва мувофиқи ҳасби ҳол дубайтие ба ёдаш омад:

*Маро дардест андар дил, агар гӯям забон сӯзад,*
*Агар дам даркашам тарсам, ки мағзу устухон сӯзад.*
*Мунаҷҷим, кавкаби бахти маро аз бурҷ берун кун.*
*Ки ман бетолеам, тарсам зи оҳам осмон сӯзад.*

Ва ӯ ба андеша мерафт: дар табиат мувозинате барқарор аст ва инсон ҳақи вайрон кардани онро надорад. Он ҷое, ки кирмҳои зиёновар ҳаст, бояд ҳашароти фоидарасон ҳам бошаду ба қасди кам кардани ҳамдигар мубориза баранд. Дар ин лаҳза ӯ мақсаде ба пеш гузошт: ҳатман бо ягон олими забардасти зоолог вомехӯрад. Ин хел олим ҳаст, гуфтанд дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (феълан «Ҷумҳурият») ба Талбаки Орзу қаламкашони ҳамдеҳааш Ғоиб Сафарзода ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ. Номашон Маҳмадқул Нарзиқулов, доктор академики Академияи илмҳои ҷумҳурӣ. Ӯро аз институти илмиву тадқиқотии зоология ва паразитология пайдо мекунӣ. Сарвари ин пажӯҳишгоҳ аст. Кори хубе мекунӣ, агар ҳамнабарди ӯ шавӣ.

Аввал, гуфт Талбаки Орзу, меомӯзам, то бинам, ки муборизаам натиҷа медиҳад, ё не. Чунки дар шабакаи мелиоратсия ҳам проблемаҳо аз мӯи сар зиёд. Заминсозиҳое, ки имрӯз дар кишвар ҷараён дорад, ба заминвайронкунӣ мебарад. Дигар замин саҷдаи моро қабул намекунад.

* * *

Ва Талбак вохӯрд бо донишманди забардасти асрори олами табиатшиносӣ. Пажӯҳишгоҳи ӯ аз шаҳр берун буд. Ва Талбак болои мизи кории ӯ лифофаҳои ҳархеларо дид. Аз хурдаш калонаш бисёр. Бори аввал ӯ дар умри худ лифофаҳоеро бо чунин бузургӣ медид. Аксари онҳо баробари китобе, маҷаллаи калон буданд ва суроғаҳояшон бо забони англисӣ. Он гоҳ Талбак монанди имрӯз ба ин лафз ба монанди забони модарӣ озодона ҳарф намезад, балки чандсад калима медонист. Ва ҳини ба забони англисӣ сарукор гирифтан бештар ба луғат муроҷиат мекард. Аммо академик Мамадқул Нарзиқулов бо англисӣ ва ҳамчунин немисӣ озод менавишт, озод мехонду сухан мегуфт. Танҳо ҳангоме, ки ба забони франсузӣ кордор мешуд, аз луғат истифода мебурд. Ба ҷуз ин забонҳои русиву туркиро на камтар аз забони тоҷикии модарӣ медонист.

Мактубҳо аз одамони одиву қаторӣ набуданд. Аксарияти муаллифони мактубҳо унвони профессорӣ доштанду дар мамлакати худ ҳамчун олимони табиатшинос машҳур буданд. Онҳо навиштаҳои худро, ки аз мушоҳидаву пажӯҳишҳои олами микробҳо: ҳашароту рустаниҳо, замину обу ҳаво чун дарахт бор овардаанд, дар шакли рисолаву монография болои коғаз оварда ва нусхае ба академик Мамадқул Нарзиқулов ирсол кардаанд, то нуқтаи назари ӯро бидонанду дуо гиранд. Академик аз мактубҳо сар набардошта: ҳозир, шуморо зиёд мунтазир намекунам писарам, мегуфту лифофаҳову бастаҳоро аз назар мегузаронд. Ӯ то понздаҳ лифофаву бастаҳоро дид, ки котибаи академик як бағал мактубу лӯндакоғазҳо овард ва ба як гӯшаи холии мизи ӯ монд. Академик хандаи каронае кард ва гуфт: фарзанд дар Тоҷикистон тавлид меёбаду гаҳвораашро дар Финландия меҷунбонанд.

Аз ин сухан, ҳарчанд Талбак чизе нафаҳмид, вале ба худ хулоса кард, ки ягон бозёфти илмии ин олими бузургвор аст, ки ин ҷо тавлид шуда ва дастгир наёфта ва муҳаққиқони табиатшиноси Финляндия қиммати онро дониста аз паи тадбиқи онанд: «гаҳвораашро финландиҳо меҷунбонанд».

Ва Мамадқул Нарзиқулов даст сӯи лифофаву бастаҳои гӯшаи миз бурду нигоҳаш дурусттар ба ҷавони орому сокит нишаста афтоду аз гирифтани суроғаҳои навомад худдорӣ кард. Ба худ андешид: хатмкунандаест аз факултаи биологияи ягон донишгоҳи олӣ ва нияти кор дар пажӯҳишгоҳи ӯро дорад.

– Хизмат, писар? – пурсид ӯ.

– Арз дорам, – гуфт Талбак.

Аз ин сухан Мамадқул Нарзиқулов ҳайрон шуд.

Солҳост, ки сарвари ин пажӯҳишгоҳи тадқиқоти илмист. Ба арз пеши ӯ танҳо кормандони пажӯҳишгоҳ меоянд. Дигар ҳама одамони берун аз даргоҳ арзи худро ба идораҳои ҳизбиву давлатӣ мебаранд. Шояд ин ҷавон саҳв карда бошад. Ва ӯ гуфт, ки ин муассисаи илмӣ аст. Арзхоҳон ба дигар ҷойҳо мераванд, ҳеҷ не аз дари идораи рӯзномаҳо медароянд, на аз дари мо.

Талбак бачаи боғайрат буд, ба асрори механикаи табиат сарукор дошту аъло мехонд ва худро бой надод, хандае ба лаб оварду гуфт:

– Муаллим, номи институти шумо биология ва паразитология, яъне тадқиқи ҳашаротҳои зиёновар. Ҳамин ном, ҳамчунин шӯҳрати олимии шумо маро ба ин ҷо овард.

– Мо ҳашаротҳои судоварро ҳам, – гуфт Мамадқул Нарзиқулов, – меомӯзем.

– Муаллим, аз шумо, аз институт шикоят надорем. Шикваи мо аз ин ҷо хеле дур. Алами дил дорем. Падарам насиҳатам медод, ки алами дил танҳо ба олиму донишманд бигӯй, бори дил сабук мешавад. Ба нодон нагӯй, дилат сахттар ба дард меояд.

Чун сарвари пажӯҳишгоҳ рухсат дод, Талбак бори дил назди ӯ холӣ кард. Гумон дошт аз ҳикояти ӯ академик ба ваҷд меояд. Ин хел нашуд. Танҳо лаҳзаи аз хурсандӣ ба ракс омадану даруни канал афтодани агроном табассуми ширине карду боз ба андеша фурӯ рафт.

Дар поёни ҳикояти Талбак гуфт, ки ба чунин ҳоли ноҷӯр ҳама ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ гирифторанд. Муншиҳои аввали ҳизби вилояту ноҳияҳои пахтакор пахтаи пеши табар шудаанд. Дигар фикру хулосаи олим таъсир надорад. Ҳатто нишондоди Шӯрои Вазирони Иттифоқро ба ҷо намеоранд. Онро аз мардум пинҳон медоранд.

Ва ӯ аз ғалладон як даста варақҳои чопи стенографиро баровард. Мамадқул Нарзиқулов яке аз он олимоне буд, ки ҳамагуна матну ҳуҷҷатҳоеро ба русиву дигар забонҳо мехонду фақат ба тоҷикӣ фикр мекард ва инро маданияти қавму миллатдорӣ медонист. Ӯ дастури расмии ҳукумати Марказро ба чунон забони равону шевои тоҷикӣ шарҳ дод, ки Талбак аз тарзи баёни ӯ ба шавқ омад ва аз ба ёд овардани чеҳраи бисёр омӯзгорони Донишгоҳи давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, ки ба иборaҳои тайёри русӣ лексияву семинарҳо мегузаронданд, санҷишу имтиҳонҳо мегирифтанд, хира шуд. Ӯ аз ин омадану аз наздик дидани табиатшиноси маъруф бурд кард. Донист, ки академик Мамадқул Нарзиқуловро, на танҳо Академияи ҷумҳурии мо балки олимони биологи дунё мешиносанд. Натиҷаи тадқиқоти илмии ӯ оиди ширинчаи дарахтон, ки сабаби

камҳосилии боғоту умркӯтоҳии нахлҳои боровар мегардид, нисбат ба Тоҷикистон дар дигар ҷойҳо, аз ҷумла Финландия, зудтар амалӣ мегардад. Талбак, акнун сабаби хандаи каронаи ӯро пай бурд. Ҳамчунин калағаю шафтолуро, ки ҳафт хели ширинча доштаанду ба тамоми дигар хелҳои дарахтони боровар, аз ҷумла пахта ҳам сироят мекунанд, донист. Биологҳои дунё бар ин ақидаанд, ки тухми қалағай аз ҷаҳон бардошта шавад. Алалхусус дар он кишварҳое, ки боғдориву пумбакорӣ ривоҷ дорад.

Ва ӯ аз пинҳондории муншиёни ҳизбҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳуҷҷати расмии Марказро роҷеъ ба дефолясияю бо ҳавопаймо пошидани доруҳои заҳрнок алайҳи ширинчаву тортанакканаҳо дар аҷаб монд. Дар дастур таъкид мешуд, ки танҳо дар он майдонҳое бо самолёт пошидани доруҳои заҳрнок рухсат аст, ки аз маҳалҳои аҳолинишин то сӣ километр дур ва боз бедолу дарахту симчӯб бошад. Яъне як даште ба монанди кафи даст тахту ҳамворе, ки танҳо пахта рӯидаву қад ёзондааст ва ҳавопаймо аз панҷ метр пасттар давр зада сад фисад доруҳои заҳрнокро нисори қаду қомати «тиллои сафед» гардонад. Ҳама суду зиёни ин амал дар дастури Марказ дар ҳисоб буд. Вале дар маҳалҳои мавриди амалиёт онро ба эътибор намегирифтанд. Самолётҳо аз баландии дар назар дошта даҳу бист баробар боло борони доруи заҳрогин мепошиданд. Дунё бесоҳиб нест, ин ҷо аз дил гузаронд Талбак. Олим ин амалро ҳам мавриди тадқиқ қарор дода будааст. Аз сад ҳаштод фисади заҳмати ҳавопаймо дар заминҳои таҳдашт ба чанги бод рафта насиби шушу дили мардум ва заҳролуд шудани ҳавову нашъунамои зобу сил дар ҷисми навзодону солхӯрдагон мегаштааст.

* * *

Талбак равшан донист, ки академик Мамадқул Нарзиқулов роҳи наҷоти ҳавову обу хоку одамонро аз ин варта ба риштаи тадқиқ кашида ва натиҷаҳои мағруб ҳам дорад. Ҳине олим аз он дастбурди худ ба Талбак ҳикоят оғоз карданӣ буд аз дил гузаронд, ки ба кадом забон ба ин донишҷӯи ҷавон сухан гӯяд: бо забони илм? Ин ҷавон мелиоратор, гидротехник. Оё забони илмии биологии ӯро сарфаҳм меравад?

– Ба Шумо чӣ хел гӯям, ки фикри маро фаҳмед. Табиати аз чашми мо ниҳон ҳам мондани онест, ки ба чашм мебинем. Ана, бигирем одамро. Мардуме, ки ба роҳиduздӣ, ғорату авбошӣ рафтаанд, нисбати инсонҳои батартиб, ба хусус онҳое ба илму тадқиқи он дода шудаанд, сахтҷонтаранд. Байни ҷонзоти аз дида ноаёни табиат ҳам

ҳамин ҳолат аст. Вале чуноне қонунҳои ҷамъият, тартиботро танзим мекунад, илм ҳам бояд ин вазифаро ба ҷо оварад. Паразитҳо мегӯему имтифакҳо. Паразитҳо зиёноваранду имтифакҳо судбахш. Лекин, агар аз доруҳои заҳрогин даҳ паразит бимурад, ҳазор имтифак нест мегардад. Мувозинат байни ҳашаротҳои фоидаовару зараррасон халалдор мешавад. Имтифакҳо дар сурате забардаст мегарданд, ки даҳ-сад баробар аз паразитҳо беш бошанд. Роҳи зиёд кардани онҳоро дорем.

Талбак бори нахуст лабораторияи биологиро дид ва технологияи зиёд кардани ҳашаротҳои судмандро шинохту ба нерӯи тавонои илм бештар бовар кард. Асрори табиат беохир аст. Аз пӯшидагиҳое, ки Холиқи Зулҷалол ба олам дорад, шояд ба инсон танҳо қудрати аз ҳазор ошкор сохтани якеро додаст. Вале ҳар олим, агар баробари ин пирамарди ҳаким дар соҳаи худ, хоҳ он илмҳои ҷамъиятӣ, хоҳ илмҳои табиатшиносӣ ҷони сахткӯш медошт, фарҳанги миллат ба кайҳон мерасиду пой ба шонаи хуршед мегузошт.

* * *

Замоне ба бунёди баҳри Норак шурӯ шуд, академик Мамадқул Нарзиқулов ҳамроҳи шогирдонаш суду зиёни онро таҳқиқ кард. Аз ёздаҳ миллиард метри мукааб обе, ки ин ҷо ҷамъ мешуд, чанд деҳ масоҳати муайяни заминҳои кишт, чакалакзору чарогоҳ аз даст мерафт. Аз ин дар ивази фоидаҳои бебаркаш ба маблағи сесад ҳазор сӯми солҳои 70-ум хоҷагии халқи мамлакат зиён медид. Ва аз ҳама бадаш сади роҳи ҳаракати гулмоҳиҳо аз дарёи Панҷ ба саргаҳи обҳои зулоли Ғарм ба хусус Сардобаву Камаров мешуд.

Аз чӣ бошад, ки аз дидани аввали дидори Талбак ба академик Мамадқул Нарзиқулов хуш омад. Ва аз ӯ хоҳиш кард, ки сари ҳар моҳ аз ӯ дидан кунад. Вагарна худаш Талбакро меёбад. Онгоҳ шарм доштани Талбак яқин аст. Ва боре ҳангоми дидор аз бурду бохтҳои (аз рӯи таъкиди ҳамонзамонаи Мамадқул Нарзиқулов: бурдҳо бузургу бохтҳо ночизанд) обанбори қароргоҳи барқии Норак сухан ба миён овард. Олим ба дилпурӣ гуфт, ки роҳҳои ду-се баробар зиёд пӯшондани зиён ҳаст. Баҳри наҷоти гулмоҳиҳо пеши даромадгоҳи ҳама тунелҳои обгузар симтурҳо кашанд. Ва дар обанбор афзоиш меёбад кадом хели моҳӣ худи ӯ аниқ мекунад. Ҳар он чи аз ӯ вобаста буд, бо як донoиву тавоноие ба ҷо овард. Баробари ба кор даромадани агрегати охирин Мамадқул Нарзиқулов ба баҳри Норак тухми моҳии сом пошид. Баъдан ба тӯри моҳигирон моҳиҳое афтод, ки беш аз понздаҳу бист кило вазн доштанд.

Баъдан ӯ ҳамаи кӯлу толобҳои кишварро омӯхту мувофиқи шароит хелҳои гуногуни моҳиҳоеро тавсия дод, ки ба зӯди афзоиш меёбанд.

Ба ақидаи Талбаки Орзу агар дастуру нишондодҳои илмии академик Мамадқул Нарзиқуловро ба пуррагӣ амалӣ гардонанд, дар ҷумҳурӣ чунон саноати моҳигирие ба вуҷуд меояд, ки ҳашт миллион аҳолии кишвар бо ин навъи маҳсулот ба пуррагӣ таъмин мегардад. Он гоҳ бо воридоти қуттиҳои консерв аз дигар ҷойҳо эҳтиёҷ намемонад. Тоҷирон метавонанд маҳсули моҳигии обҳои поку зулоли кӯлу обанборҳои моро ба дигар кишварҳо интиқол диҳанд.

Талбак қариб аз худ бехабар мешуд. Ӯ ҳар чӣ қадаре ба натиҷаи корҳои тадқиқоти илмии Мамадқул Нарзиқулов шиносоӣ пайдо мекарду ҳамсӯҳбат мешуд, ҳамон дараҷа зери таъсираш мемонд. Мехост баҳри покизагии хоку обу ҳаво инқилобе кунад. Вале заҳматҳои беҳосили устоди табиатшинос пеши рӯяш меомаду дами шамшери ӯ ба санг мезад. Академик бисёр нақша дошт. Мутаассифона онҳое, ки ӯ баҳрашон хизмат мекард, дар банди обу гил буданд. Ӯро бошад завқи коре баҳри миллату кишвар хун дар ҷигар мекард.

* * *

Технологияи афзоиш додани имтифакҳои ӯ алайҳи ҳашаротҳои зиёновар, дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ маълум шуду зимомдорони замони кишвар ба он таваҷҷӯҳе надоштанд. Вале ҳамсояҳо ба қиммати ин бозёфти олим дақиқ пай бурданд. Ба он мубориза интеграсионии Осиёи Миёнагии зидди ҳашароти зараррасони хоҷагии қишлоқ, гӯён номи дарозе мондаанду чанд олиму роҳбари асосии ҳизб шарафи ҷоизаи байналхалқии Ленинӣ ёфт.

Нокомиҳои академик Мамадқул Нарзиқулов пеши роҳи тағйири ихтисос кардани ӯро гирифт. Беҳтараш ба роҳу нияте меравад, ки баъди хатми мактаби миёна дар пеш гирифта ва боз чор соли умри худро сарфи таълиму тадриси он кард. Дар олами гидротехникиву гидромелиоратсия ҳам сиру асрорҳои нокушода ва дарбастиву печидаи ба суди обу замину одамон беохир аст. Чаро дарёҳо сел меоянд ва дар маҷро намеғунҷанд? Чаро заминҳо фурӯ мераванд? Аз куҷо омаданд ғорҳову сойҳову оби дараҳо? Чаро ин қадар зиёданд? Аз кӯшишу талаботи об аст ин ҳама. Агар қисме аз дараву обурдаҳо дар ҳисоби дашту ҳамвориҳо мемонд, дар якҷоягӣ водиҳои калон мешуд. Аз дараҳо дараҳои хурд ва аз дараҳои хурд ғору ғорчаҳо пайдо мешаванд. Дарёчаҳои доимии дараҳо қаъртар мераванду ба чуқурии дараҳо меафзоянд. Барфу боронҳои тирамоҳу зимистону баҳор ба роғҳои сатҳи болои дараҳо фурӯ мераванд ва ба паҳнои

дараву дарачаҳо, ғору ғорчаҳо меафзоянд. Аз ҳисоби заминҳои зироат дараҳову ғорҳои мубҳам ба вуҷуд меоянд. Миллиардҳо метри мукааб хокҳои зархезу файзбор лойю лойиқа мешаванду тарки макон мекунанд. Дар чунин ҳол, мепурсид аз худ, оё инсон коре карда метавонад? Роҳи пешгирӣ кадом аст?

Ба ақидаи Талбак, инсони некхоҳу некбин илоҷи ҳама корро ба некӣ меёбад, агар замину обу табиати атрофашро дӯст дорад. Мисолҳо бисёранд. Бигирем, деҳаи Дошмандии ноҳияи Балҷувонро. Одамон пеш аз он ки таги теппаи баланд, ки такя ба кӯҳи Шайдон задаст, хонаҳо созанду деҳае бо ҳамин ном обод гардонанд, боғ бунёд кардаанд. Дар танаи тал ҷои холӣ намонд, ки замини теппа намекӯчад ба домони он хонаву ҳавлиҳо сохтанд.

Замоне, ки нависанда ва олими маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода аз пайроҳаҳои Восеъ гузашта, барои эҷоди романи қаҳрамонӣ мавод гирд меоварад, аз ҳунари мардуми Дошмандӣ ба ваҷд омад. Умри боғот сад сол кам набуд. Ба навдаҳои тутҳои пир токҳо печид ва хушаҳои аз тозагӣ пурҷилои лаълӣ чун парчами дурахшон ба чашм мерасид. Вале боиси ҳайрати устод Сотим Улуғзодаи бузургвор дарахтони кӯҳнаи туту токҳои ҳанӯз ҳам ҷавон набуд. Дар фарозии теппае, ки тамоми тобистон аз бенамӣ ба мисли сари кал сурхӣ мекунад, чунин боғҳои шаҳдрез бунёд гардида. Баъдан аз пирони дараи Сари Хосор технологияи парвариши боғ дар доманакӯҳоро донист. Мардум пеш аз он ки ниҳол шинонанд, нам ҷамъ мекарданд. Тавора интихоб намуда аз чор тараф хандақ мебуриданд. Зимистон хандақу тавораро пур аз барф карда сумб мезаданд, то ки дертар об шавад. Бо ҳамин васила мардуми табиатдӯст боғҳо сохтаанд.

Талбак Салимов чунин дараҳои хушнам, тӯлониву хушпаҳноро аз ноҳияҳои Кофарниҳон то Ҷиргатолу Нораку Ховалингу Тавилдара ва Мӯъминободу Шӯрободу Ҳисор бешумор дидааст. Ҷариҳое, ки ба хӯи худ буттаҳои зарангу ҳурғай, пиставу татуму бодом расондаанд, агар дасти инсон расад, арару сафедору беҳтарин хелҳои дарахтони боби сохтмон ҳам месабзонанд. Талбаки Орзу дареғ мехӯрад, ки назари масъулони нохияҳои зикрашон рафта нисбати амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба ниҳолшинонӣ ва боғу ҷангалпарварӣ маҳдуд аст. Онҳо дар иҷрои амр аз хона то кӯча дуртарро намебинанд. Вагарна ҳар соле ба замини ин дараҳо халондани садҳазору дусад ҳазор қаламчаи арару сафедору санавбар ва навъҳои беҳтарини ақоқие (акатсия) ҳеҷ мушкилӣ надорад.

Ба назарам дарҳои кишвар, агар саросар ҷангалзори чунин дарахтон мешуданд, онгоҳ ниёз аз роҳҳои дур ворид кардани масолеҳи бинокорӣ намемонд. Боз чӣ қадар ҷойҳои кор баҳри

онҳое, ки даҳ ё дувоздаҳ сол баъд соҳиби шиноснома мегарданд, пайдо мешуд. Вагарна девори дараҳо ду тараф аз ҳисоби дашту даштакҳо фурӯ мераванд ба қаъри дараҳо. Оини замоне, ки ба ҳоли худ ҳасту беҷангал, ҳамин аст. Ҷангал ҳам баҳри нумӯъ ва умр муборизае дорад. Дарахтон ба чуқурӣ ва чор тараф реша медавонанд. Решаҳои ба ҳам гиреҳзадаи нахлҳои ҷангалистон хокро аз хавфи кӯчидан нигоҳ медоранд ва нами захира мекунанд, то ҳавои атрофро серу муаттар созанд. Вақте девори дараҳо аз чунин пуштибон маҳрум аст, сарозер ба поён мекӯчад. Ва андак-андак хок аз кафи даштакҳо ба коми дараҳо фурӯ мераванд. Бо мурури замон домони дараҳо васеъ мегарданду ҷои даштакҳо холиву теппаҳо ба вуҷуд меоянд. Оини механикаи замин ҳамин аст. Обу дарёҳои таги заминӣ чистанд ва аз куҷо манша гирифтаанд? Аз дараҳо ва хоки даштакҳо. Бори гарони хоки даштакҳо оби дарёчаҳоро пахш мекунад, фурӯ менишонад, аз буғшавӣ маҳрум мегардонад. Оби дарёчаҳо аз бори вазнини қабатҳои хок нафасгир ба қаъри маҷрои худ фурӯ мераванд ва пинҳон аз чашми офтобу рушноӣ маҷро мешикофанд, то Худованд онҳоро ба кадом баҳру дарёҳо барад. Ва чунин обҳое, ки аз чуқуриҳои баҳру уқёнусҳо сар бароварда ва бо обҳои шӯр меомезанд, беҳисобанд.

* * *

Замин заҳмати азим бар дӯш дорад. Ва он дар раванди ҳаракату такомулот зимни механикаи устувору қавӣ бурдбор аст. Инсон аз ҳама ин феълу хӯи механикаи табиат танҳо бурдбории заминро бӯй бурдааст. Сабри одамӣ ба замин ташбеҳ мешавад: ӯ мисли замин собиру пурбардошт аст. Инсонҳои комил пой бар замин кӯфтанро гуноҳи азим донистаанд. Замин муқаддас аст. Ва Хайёми бузургвор аз рубоӣ асое баҳри кӯр сохт: «Зинҳор, қадам ба хок оҳиста ниҳӣ, к-он мардумаки чашми нигоре будааст».

* * *

Талбак ба обу замин, тағйиру такомули хок, мардумону ҷонварон, гиёҳҳо, осмону офтоб, моҳу ситораҳо менигарист, мехост онҳоро бишиносад. Аз роҳи тадқиқ ва ҷустуҷӯ сару сомон, назму тартиби механикаи табиатро, ки аз миллион асрори он якеро хиради инсон кашф кардааст, бишносад ва аз Офаридгор пай барад. Аз курсии донишкадаи олии кишоварзӣ то аспирантураи Институти умумииттифоқии тадқиқоти илмии гидротехника ва мелиоратсияи дар мамлакатҳои мутараққӣ, аз ҷумла Ҳоландияву Индонезия то сад гектар замини таҷрибавӣ дар ноҳияи Данғара роҳи тӯлоние пушти

сар шуд. Ба назари Талбак технологияи заминсозӣ ва обёрии киштзорҳои нави кунунӣ хеле сода ва ҳатто ба дараҷае дағал намуд. Гидротехникҳову мелиораторҳо ҷое ба шакли пали шолӣ замин месохтанд ва бо об мебастанду ҷои дигар бо техникаи вазнин хоки талу теппаҳоро ба хамиҳо ва ҷойҳои фурӯ рафта тела медоданд. Заминҳои ба шакли палҳо оварда беш аз се сол пур аз об меистод. Ва ин ҷо дар ҳаҷми хеле бузург талафи об ба чашм мерасид. Ва ҷои дигар бо нерӯи техника замини ҳамвор ба вуҷуд омада ду замине, ки аз ҷиҳати устувории қабатҳои хок аз ҳамдигар бениҳоят фарқ мекарданд. Он як ҷо талафоти об бошад, ин ҷо вайроншавии замин ва бар ҳадар рафтани заҳмати одамону исрофи маблағ аст. Хоке, ки аз танаи талу теппаҳо ба чуқириву ҷойҳои хамзада меғелонданд, таги тасмачарххҳои булдозеру гредерҳои гаронвазн шиба мехӯрад ва нисбати мавзеъҳои тарошхӯрда чандин баробар сахттару мазбуттар мегардид. Замоне пумба мекоранду об мемонанд, он даштакҳои нави ба ҷои талу гумбазчаҳо пайдо шуда фурӯ мераванду ғору ғорчаҳо, дараву дарачаҳо оббурдаву оббурдакҳо ба вуҷуд меояду хоки шибахӯрда оббардор мемонад, ду карат ду ё ду ҷамъи ду мешавад. Боз хок ёбу фурӯрафтаҳои замини навро пур кун. Соли дигар ғорчаҳои аз хок пурдудаву шибахӯрда обро мебардоранд ва ду қадам он тарафтар ҷое, ки булдозеру гредерҳои гаронвазн хок овардаанд, фурӯ меравад. Бо ҳамин тарз замини навро ҳар сол аз нав месозӣ. Агар тадқиқотгари нав дунболаи ин заминсозӣ равад, корҳои хомро хомтар мекунад ва на хок аз илми ӯ баҳра мебардораду на деҳқон. Дар ин замини кӯҳна кам нестанд, кашфиётҳое, ки дар илми табиатшиносӣ ва тафаккури инсонӣ инқилобҳои азим овардаанд. Талбак, аллакай аз аксарияти ин кашфиётҳое, ки дар илми табиатшиносӣ ва тафаккури инсонӣ инқилобҳои азим овардаанд, огоҳӣ дорад. Вале рӯ ба замин овардааст, ки бо релефи мураккабу таркиби хок дар олам бемонанд аст. Таркиби хок ҷое сахт ва ҷои дигаре ковок аст. Ва масъалаи ҳам тоҷикии холисе аст: заминро об вайрон мекунаду одамро одам. Дар ин мулк сохтани заминҳои обӣ саҳл нест.

Талбак аз ҳар ваҷаб замини таҷрибавӣ хок мегирифт, таҳлили лабораторӣ мекарду тӯлонӣ назди компютер менишаст. Ӯ тамоми натиҷаҳои то имрӯза дар илми гидротехника ва мелиоратсия ҳосил гардидаро пеши назар овард ва натиҷаҳои тадқиқотҳои ду-се соли охир ба дастовардаашро таҳлил кард. Ва боварӣ ҳосил кард, ки аллакай ба комёбӣ даст ёфтааст. Ӯ мувофиқ ба бозёфти илмии худ дар замини таҷрибавӣ, алайҳи заминсозони қаблӣ аз техникаи сабук истифода бурд. Ба ҷои трактору гредерҳои гаронвазн, ки таги

чархҳояшон замин меларзид, трактору гредерҳои одии болои чор чарх гардишкунандаро ба кор бурд. Гумбазу гумбазчаҳо, талу теппаҳои сад гектар заминро ба чуқурии наздики якунимметр шудгор кард. Зироати пахта ҳам корид ва мунтазири оқибати кор шуд. Аз оби аввале, ки деҳқонон ба замини таҷрибавии ӯ ронданд, ба натиҷаи бозёфти илмиаш дилпур шуд. Замини навкорами ӯ саросар оббардор баромад. Дар тамоми замини таҷрибавӣ хок баробар паст мешуд ва на роғе пайдо мешуду на чуқурӣ ва ғору горчае. Бозёфти тозаи технологияи Талбаки Орзу бархилофи технологияи қаблӣ, ки замини навро ба шакли палҳо сохта се сол об мегирифтанд ва дар натиҷа ба як гектар 30-40 ҳазор метри мукааб об сарф мешуд, имконияте фароҳам овард, ки вақт ва маблағҳои калон сарфа гардад.

Мувофиқи бозёфти ӯ майдони аз дасти заминсоз баромадаро дарҳол шудгору кишт мекунанд ва се сол миллионҳо метри мукааб оби қиматбаҳо сарфа мешавад.

Вале дар рӯзи ҳимояи рисолаи илмии Талбаки Орзу дар Институти умумииттифоқии тадқиқоти илмии гидротехника ва мелиоратсияи ба номи А.Н.Костяковаи шаҳри Москва, ҳарчанд натиҷаҳои ба даст овардаи ӯро бо хушнудии бузург бозёфти комилан тозаи илми механикаи табиат эътироф карданд, баъзе олимон бо он характери маҳаллӣ медоданд. Аз ҷумла узви вобастаи Академияи умумиитифоқии тадқиқоти илмии хоҷагии қишлоқ Н.Н.Дружинин сари ҳамин ақида аз Талбаки Орзу чунин пурсиш кард:

– Тамоман намефаҳмам, аз кадом ҳисоб шумо тарзи заминсозиву обгирии пештараро рад мекунед? Аз куҷо шумо ин хел натиҷа гирифтед? Чаро шумо дар рисолаи худ чунин маҳдудият мондед:

Оё дар дигар минтақаҳои СССР истифода бурдани технологияи нави заминсозии шумо имконият дорад?

Ин пурсиш ба роҳбари илмии Талбаки Салим доктори илмҳои техникӣ, профессор, Ходими хизматнишондодаи илм ва техникаи Федератсияи Русия Евгений Дмитриевич Томин хуш наомад. Маҳдудкунӣ, – гуфт ӯ, – аз маҳдудфаҳмӣ мебарояд. Аммо Талбак орому соқит буд ва бо оҳанги матин ҷавоб дод:

– Мумкин таркиби зархоки дигар минтақаҳои СССР аз зархоки Тоҷикистон фарқ кунад. Барои тадбиқи ин технология дар дигар минтақаҳо тадқиқоти иловагӣ зарур аст.

Баробари ин ҷавоб кӯтоҳандешон хомӯш шуданд. Ва Талбаки Орзу нахустин олими ҷавони соҳаи механикаи табиат буд, ки бо дипломи номзади илми техникӣ ва шаҳодатномаи ихтироъкорӣ ба Ватан баргашт. Лекин ба сабаби бениҳоят камгапӣ ва надоштани ҳунари худнамоишдиҳӣ дар гурӯҳи тадқиқотии механизатсияи

корҳои мелиоратсияи Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ходими хурду калон боло нарафт.

Замоне Шӯъбаи Тоҷикистонии институти тадқиқоти илмии умумииттифоқии ҳифзи об (марказ ш.Харков) ба Маркази илмии тадқиқоти захираҳои оби Тоҷикистон табдил ёфт, роҳбарону масъулини Вазорати ҳифзи табиати кишвар аз Талбак Орзуевич Салимов дида номзади шоистае надиданд. Ва Талбак директори маркази мазкур тайин шуд. Баъди сарварии яке аз барномаҳои муҳимми бунёди байналхалқии наҷоти баҳри Аралро ба ӯҳдаи ӯ гузоштанд. Ва ин замоне буд, ки беэътиноии одамон нисбати ин офаридаи муқаддаси Офаридгор ба ҳадди ифрот расида буд. Проблемаҳои глобалии ҳифзи захираи оби кишвар, ки шасту панҷ фоизи дарёҳои Осиёи Марказӣ аз ин ҷо сарчашма мегиранд, инчунин иҷрои барномаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал Талбакро серташвиш гардонд. Ва ӯ роҳи ягонаи иҷрои вазифаҳои муқаддаси хешро дар пешгирӣ кардани сарфи бебоконаи об ва муқаддас донистани ин неъмати бабадали Офаридгор дид. Ба ин ният хобу фароғатро аз вуҷуди худ ронда ба мактабиёну ҷамоатҳои меҳнатӣ, мактабиёну донишҷӯён ва аҳли илму фарҳанг сари мизи сӯҳбату маслиҳат менишинад, мақолаву рисолаҳо таълиф мекунад, китобҳои калонҳаҷм ба нашр мерасонад. Ба ҳар роҳу васила баҳри муқаддас доштани об афкори ҷамоатӣ ба вуҷуд меоварад.

Оре, сарфи оқилонаи об вазифаи муқаддаси ҳар як инсони пиру ҷавон ва кӯдаку наврас аст.

# ҲИКМАТИ УМР

*«Ҷомеаи воқеан ҳуқуқбунёд танҳо ҳамон вақт ташаккул меёбад, ки эҳтиром нисбат ба қонун ва риояи ҳатмии он дар дилу шуури ҳар як шаҳрванд ҷой гирифта бошад. Танҳо дар ҳамон сурат волоияти қонун дар мамлакат ба таври пурра таъмин мегардад».*

Эмомалӣ Раҳмон



Ӯ ба буттаи гули садбарг чунон қайчӣ мезад, ки гӯё ба ҷуз ҳамин гулбутта, қайчӣ ва ӯ дар олам дигар мавҷудоте нест. Гулбуттаҳо бисёранд. Онҳо саҳну атрофи биноиҳушсохти дуқабатаро зиннат медиҳанд. Пешгоҳи бино аз сатҳи замин наздик то тирезаи ошёнаи якум баланд бардошта ва тубакҳои гулу майса гузошта шудааст. Ва боз девору панҷараҳои хушсохту зебо ба ҳусни бино ҳусну таровати тоза медиҳад. Чанд сол пеш буд ҳамин бинову ин замин ҳам. Вале на ба чунин ҳусну назокат. Аз ин майдону бино сардорону тобеони шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ёвон рафту омад ва даро баро доштанд. Ва аз зебоиву базебӣ ҳар чӣ буд, ба хӯи онҳо мусоид меомад. Балки одат карда буданд. Ӯ ба ҷои сардори пешина омад. Вале барои Камолиддин Ҳасанов на Ёвон ҷои нав буду на сардории шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия. То ин ҷо аллакай ӯ сардор буд. Сарварии шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ховалингро ба ӯҳда дошт. Биноиякошёнае, ки Камолиддин Ҳасанов дар он ифои вазифа мекард, бо мурури замон аз чор тарафи он дарахтони гелосу себ ба осмон қад кашида ва аз вазиши насими доимии дашти Мокако шоху баргҳои онҳо тару тоза буд ва зери шӯъоҳои офтоб ҷило медоданд.

Дар пешгоҳи бино ҳавзи баланди сементӣ бардоштанд ва боз дигар иловаҳо карда, ба ҳусни бино афзудаанд ва он бо тозагии рангу намуд зеботарин биноимаркази ноҳия шуд.Баъдан чун ба биноинави дуошёнаи назди ҳукумат кӯчиданд, сардори шӯъба Камолиддин Ҳасанов хеле сертараддуд шуд. Аз он чи ки бинокорон инҷо саранҷом карданд ӯ қонеъ набуд. Баробари иҷрои бечуну чарои ва-

зифаи ҳаррӯза аз паи афзудани ҳусни меъмории бино мешуд. Ва дар намуди дохиливу берунии бино тағйиротҳо ворид мекард ва аз худ нақши ҷовидоние дар қасабаи Ховалинг мегузошт. Ҳамин шавқи зебопарастӣ ӯро дар шаҳри Ёвон ҳам хотирҷамъ намонд.

Боре дар ҷамъомади ҳукумати ноҳия сухан аз ҳусну таровати шаҳр рафт. Баҳри беҳдошти ҳусни меъмории шаҳр далелу бурҳонҳои фаровон оварданду маблағҳои калон зикр шуд. Камолиддин ба тақозои табиат ба худ дуру дароз андеша меронд ва чандон майли сухангӯӣ надошт. Боз дар чунин ҷамъомадҳое, ки бисёри ҳозирон агар навбати сухан наёбанд, то камоли фазилат,ҷаҳондониву ҷаҳоншиносии худро намоиш диҳанд, аз ҷои нишаст луқмаҳои серобу тарканда мепартоянд. Барои Камолиддин ин шаҳр ва ин ноҳия нав нест. Чанд сол қабл аз ин дар Ёвон кору зиндагӣ дошт ва ёру рафиқони азиз ҳам. Мардуми ин ҷо тавассути табиати шӯхашон сахтиву мушкилиҳои ҳаётро бурдборона паси сар карда, роҳу равиши зиндагиашонро меёбанд. Ва аксар зебопараст ҳам ҳастанд. Танҳо роҳбари кордон, софдилу некандеш метавонад бо нерӯи худодод симои шаҳру деҳкадаҳоро тағйир диҳад. Ва Камолиддин Ҳасанов бо ним табассуми хеле малеҳ, ки холӣ аз ғурур ҳам набуд, ба ҳампаҳлӯяш гуфт,

– Чӣ даркор, инқадар ҳисобу китобу маблағҳои калон. Агар ҳар кас хонаи истиқоматӣ ё дафтари кору саҳну кӯчаҳои наздашро орову торо диҳад, гулу буттаҳо парвариш кунад, Ёвон зеби дунё мегардад.

– Барои ҳамин, фикрҳота,-гуфт ҳампаҳлӯяш, – бо овози баланд гӯй.

– Гуфтан чӣ лозим, кардан зарур.

Ва ӯ аз паи корбасти ин қарори хеш шуд. Дере нагузашта андешаи неки ӯ бор овард. Ба нерӯи худӣ такя кард, масолеҳ ёфт ва коргарону ҳунармандон ҳам. Имрӯз бинои шӯъбаи умури дохила ва атрофи он зеботарин мавзеи шаҳри Ёвон аст.

Аз бисёр касбу кори Камолиддин Ҳасанов огоҳӣ доштем. Феълу хислаташро ҳам медонистем. Ҷавонмарди хоксор ва ҷасур аст. Ингуна одамон хеле каманд. Марди имон ва ҳақшинос аст. Ӯ ислоҳоти ҳуқуқиву ахлоқиро азхуд сар мекунад. Чун дар ин роҳ худро матину устувор ёфт, дар дигарон инро меҷӯяд. Ӯ худро аз мардум медонад ва талош меварзад, ки бо мардум бошад ва манфиатҳои ҳуқуқии мардумро ҳифз намояд. Ӯ пайваста барои муқаддас доштани қонун мекӯшад ва комёб ҳам мегардад. Дар ин роҳ мехоҳад ҳамхизматонаш ҳамақидааш ҳам бошанд.

Ӯ аз айёми мактабхонӣ дарёфт, ки ҳаёти ҳақиқӣ дар талош аст, талоши касбу ҳунар, талоши донишу омӯзиш. Дар ин роҳ аз шитобу телбагӣ ба мақсад намерасӣ. Заҳмат, сабру таҳаммул қутбнамои ин роҳ аст.

Солҳое Камолиддин паси партаи синфи якуми мактаби ҳаштсолаи деҳаи Самсоликдашти ноҳияи Балҷувон нишаст, мардум аллакай аз нони кунҷора, курмаку так-так баромада ба ғизои гандумӣ гузаштанд. Ва ҳарчанд аз ҷанги хонумонсӯз алайҳи Германияи фашистӣ ҳафт-ҳашт сол сипарӣ гардида бошад ҳам дастурхонҳо на ҳамеша пури нон буданд. Ва илтифоти давлат ҳам нисбати деҳқони ғаллакори ноҳияҳои кӯҳистон чандон зиёд набуд. Аз ғаллае, ки мекориданд, танҳо барои тухмии соли оянда мемонд ва дигар ҳама ба анборҳои ноҳиявӣ мерафт. Ризқи мардум аз хӯшачиниву таги хирман ба даст меомад. Замоне Камолиддин ба зинаи синфи сеюм қадам монд, Самсоликдаштро ба колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Фархор муҳоҷир карданд. Тағои Ҳасани Шариф бо зану чор писараш муқими деҳаи Бобосафоли Поёни хоҷагӣ шуданд. Ҳарчанд ҷои нав бо ҳавои оташину гармсели нафасгир ҳолро ба танг меовард, вале самсоликдаштиҳову муҳоҷирони дигарҷоӣ аз пурии дастурхон хушҳолӣ ҳам мекарданд. Камолиддин дар Бобосафоли Поён соҳиби се додари дигар, Сайфиддину Асомуддину Шомуддин шуд. Вале бори гарони оила ба ӯҳдаи падару модар ва бародари калонӣ Ҳамиддин буд.

Фарзандҳо яке аз паси дигар қад меёзонданд. Вале падар, ки дасту бозуи зӯри корӣ дошт, масъулияти оиларо ба гардани ягон нафари онҳо бор намекард. Мехост писаронаш хонанд, ҳамчун шахсиятҳои комил ба камол расанд. Боре ҳам ба онҳо таъна намезад, ки ин корро накардиву бо айби ту он кор монд. Агар ҳикмате дархӯри фарзандон меёфт, ба гӯши онҳо бо чунон оҳанги муассир мегуфт, ки ҳалқаи гӯш мешуданд.

– Рӯзи мову рӯзгори мо,-гуфт ӯ сари дастурхон, – дар гузар аст монанди шабу рӯз соату дақиқаву сония. Ва сонияҳо нафаси моанд. Ба мисли ростиву дурӯғ, некиву бадӣ,сахииву бахилӣ ин нафасҳо дар шуморанд. Хубиҳову бадиҳоро чун гуҳару санги бадгаҳвар туғёни дарёи зиндагӣ ба соҳил мебарорад. Донишманду ҳунарманди забардаст ҳукми гуҳара дорад. Онҳо мардумро ба роҳи ростиву дурустӣ мебаранд. Дармондагону бечорагон ба сӯҳбати онҳо расидан мехоҳанд, то баҳрае бардоранду тӯшаи роҳи зиндагӣ кунанд.

Камолиддин аз ин муҳити созгори оила баҳра бардошт. Баробари хатми синфи ҳашт хонандаи омӯзишгоҳи ҳунарии шаҳраки Москва шуду дар як вақт таҳсилро дар мактаби шабонаи коргарҷавонон да-

вом дод ва соҳиби номаи камолу дипломи сурхи омӯзишгоҳ аз рӯи ихтисоси васеи механизаторӣ гардид. Ва ӯ бетағйир роҳи шӯъбаи механизатсияи хоҷагии кишоварзиву устои таълими истеҳсолии техникуми индустриалии шаҳри Душанберо пеш гирифт. Камолиддин дар Душанбе соҳиби дуюмин дипломи сурх шуд. Ва ҳамчун омӯзгори пешомаддор ба омӯзишгоҳи ҳунарҳои техникии рақами 19-и ноҳияи Колхозобод роҳхат гирифт. Шаш моҳ муаллимӣ карду ҳушаш ба хизмати ҳарбӣ кашол шуд. Ба худ қарор дод, ки бояд ҳатман аз ин мактаби мардонагӣ гузарад. Вале муаллимони мактабҳои деҳотро ба аскарӣ намегирифтанд. Ӯ илоҷ ҷуст ва ба комиссариати ҳарбӣ ариза навишт. Бисёр пофишорӣ ҳам кард. На ба хотири он ки касби омӯзгорӣ ба ӯ хуш наомад. Не, аз рӯзҳои аввал шогирдон ба ӯ ҳамчун муаллими меҳрубону серталаб дил бастанд. Ба сабаби камгапиву серкорӣ, фаросати баланду зеҳни тезу муомилаи хуш байни омӯзгорону роҳбарони омӯзишгоҳ, аллакай эътибори хосса дошт. Аммо Камолиддин Ҳасанов ташнаи мактаби мардона буд. Муқобили ҷараён дар шино. Оқибат бо ин нияти худ даст ёфт. Ба ҳайати ҷанговароне афтод, ки ба тоҷикписарон ками дар кам муяссар мегардад. Ӯ дар қатори қисмҳои ҳарбии инжинериву техникӣ аз қумондони даста то қумандони взвод хизмат кард. Ҳамчун командири взводи артилерӣ дар машқу машғулиятҳои доимӣ, ки дар Уралу Саратов сурат мегирифтанд, ҳазорҳо тиру таҷҳизоти ярокҳои вазнинро аз ҷойҳои пурхавфе, ки техникаи ҳарбӣ иқтидори гузаштан надошт, мебурд. Соле бо ин минвол сипарӣ шуд. Аз корномаҳои ҷанговарони взводи ӯ дар саҳифаҳои рӯзномаҳои дивизиони ҳарбӣ мақолаҳо ба табъ расиданд. Ӯро чун ҷанговар ва ташкилотчии соҳибистеъдод ба вазифаи қумондони взводи таъмири тамоми намудҳои техникӣ гузаронданд. Акнун рӯзу ҳафтаҳои ӯ дар сафарҳои хизматӣ мегузашт. Дар ҷойҳои мушкилгузари вилоятҳои Уралу Саратов садҳо купрӯкҳои пантони сахт ва дар машқҳои якҷояи қисмҳои ҷанговарон аз як мавқеъ ба мавзеи дигар гузаштани техникаи ҳарбиро таъмин кард. Ӯ дар гузарондани техникаи ҷангӣ аз дарёи Урал соҳиби мукофоти Нишони шарафи меҳнатӣ шуд. Ҳамчун қумондони боистеъдод ба хонаи афсарони шаҳри Саратов, ки дар он ҷо натиҷаи машқи ҷангии ҷузъу томҳои бригадаҳои округ доир мегардид, даъват шуд. Сарфармондеҳи округ номи тоҷикбача Камолиддин Ҳасановро махсус зикр намуд бо аҳсану офарин.

Ӯ замоне бо рӯи сурху ҷоизаҳои хизматӣ ва муҳимтар аз ин бо таҷрибаи бойи мактаби мардонагӣ, чун пӯлод обутоби тоза хӯрда баргашт, ки мардум аз тахдашт рӯ ба кӯҳистон, зодгоҳи мулкҳои бобоӣ оварданд. Аллакай нуфузи аҳолии Самсолиқдашту деҳаҳои

атрофи он аз пештара бештар буд. Ва мардум совхози навташкили худро ба номи шоири дӯстдоштаашон Вализода ниҳоданд. Камолиддин ба ин хоҷагии тозабунёд омад. Аввал механик, баъдан вазифаи сармуҳандисиро ба зимааш гузоштанд. Ӯ хеле ба зудӣ гаражи мошину тракторҳоро сохт ва баҳри беҳдошти таъмири техникаи хоҷагӣ, инчунин истифодаи пурсамари механикаи кишоварзӣ чорабиниҳои муҳиммеро ба амал баровард. Камолиддин роҳҳои беҳтарини ташкили меҳнати ронандагону механизаторонро меёфт. Дар ҳар қадам донишу малакаҳои аз таълиму омӯзишгоҳу техникум гирифта ва аз таҷрибаи мактаби ҷангварони инжинериву техникӣ андӯхтааш ба ӯ мададгор буд. Ба кордон, кор осон. Дар соли дуюми фаъолияти муҳандисии ӯ бахши хизмати техникии совхози ба номи Вализода дар байни ҳафт совхозу хоҷагии ҷангали Ховалинг ангӯштнамо шуд. Акнун сафари роҳбарони ҳизбу ҳукуматҳои ноҳияву вилояти Кӯлоб ба Ховалинг аз совхози ба номи Вализода ва дидани базаи техникаи ин хоҷагӣ сар мешуд. Дар ҷамъомадҳои ноҳиявию вилоятии кишоварзӣ ӯро ҳозир меоварданду намунаи ибрат нишон медоданд. Вале ба ҳукми тақдир Камолиддин ба касбу кори аввала баргашт. Муаллими омӯзишгоҳи ҳунарҳои техникии шаҳраки Ёвон шуд. Ин нахустин ҷаҳиши Камолиддин аз Ховалинг ба Ёвон буд. Онгоҳ ба механизаторониояндаи хоҷагии кишоварзии ноҳия аз ҳамагуна хелҳои трактору нақлиёти автомобилӣ таълим медод. Бисёр механизаторони як вақтҳо номдори совхозҳои Ёвон шогирдони ӯ буданд. Ҳамон вақт мардуми ин ноҳия ба ӯ хуш омаданд ва мехост ҳамеша бо онҳо бошад. Вале чархи тақдир бо роҳи худ меравад. Ба ақидаи падари ӯ, Ҳасани Шариф рӯзгор гузарон аст, на ба касе мепояду на ба касе мероамад. Имрӯз дар ин ҷой ва фардо дар куҷо буданатро намедонӣ.

Ин андешаи падарро, ки солҳо боз ба гӯш дошт, дар ҳавлии ӯ дарк кард. Бачаҳо ҳама парончак шуда ва аз паи кору хондан ба чор тараф рахт бастаанд. Ҳомиддин факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кард. Шомиддин донишҷӯи Донишкадаи технологии Қазону Сайфиддин студенти Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, Асомиддин дар хизмати аскарӣ. Дигарон хурду мактабхон. Гарчанде соли падар аз ҳафтод гузашта сарбаланду пурғурур. Ӯ ба Камолиддин на аз дасттанҳоии худаш шиква карду на аз кампираш. Баръакс гуфт, ки мо ба дунё омадем ва чӣ хубу чӣ бад зиндагии худро дидем. Шумо аз паи рӯзгори худ бошед. Инҳошон аз паи шумо ба камол мерасанд ва роҳу равиши насибкардаи тақдирро дар пеш мегиранд.

Вале ин суханҳои падар боиси таскини дили Камолиддин нашу-

данд. Ҳунар бошад дар ҳамин Фархор ёфт мешавад. Дар ТММ-и ноҳияи Фархор ба вазифаи муаллими курсҳои шофирӣ ба кор даромад. Дар тӯли се сол барои ташкили беҳтарин мактаби ронандагони нақлиёти автомобилӣ замина ба вуҷуд овард. Акнун довталабони ин касб аз ноҳияи Фархор ба шаҳрҳои Кӯлобу Душанбе намерафтанд. Боре сардори бозрасии давлатии автомобилии ҷумҳурӣ Олег Алексеевич Левченко баҳри санҷиш ба қасабаи Фархор омад, аз ташкили синфхонаҳо, майдонҳои машқу дарсу имтиҳонҳои муаллим Камолиддин Ҳасанов ба шавқ омад ва гуфт,

– Донистем, ки беҳтарин кадрҳои мо дар куҷоанд.

Ва Камолиддинро ба вазифаи қумондони взводи Бозрасии давлатии автомобилии вилояти Кӯлоб пешниҳод кард. Ӯ бо рутбаи лейтенанти хурд ба кори нав шурӯ намуд. Ӯ тӯли ду сол заҳмату нозукиҳои ин касбро аз кормандони таълимдидаву корозмуда зиёдтар аз худ намуд ва сардори Бозрасии давлатии автомобилии ноҳияи Ховалинг тайин шуд.

Дар ҷои нав ба сабаби бунёди объектҳои Иттиҳодияи чорводории Ховалинг миқдори автомобилҳои гуногунтамғаву дигар нақлиётҳои техникӣ аз бисёр шаҳру ноҳияҳои саноатӣ камтар набуд. Проблемаҳо бисёр буданд. Фалокатҳои автомобилӣ бештар ба сабаби фориғболии ташкилотҳои таъмириву сохтмони роҳҳо воқеъ мегардид, аксаран фоҷиаҳо бор меовард. Камолиддин Ҳасанов, пеш аз ҳама ҳайати тавонои шахсии БДА-и худро ба вуҷуд овард. Тобеъони ӯ, акнун ҷавонмардоне буданд, ки ҳушёру ҷасур ва аз мактаби хизмати ҳарбӣ гузашта, эътиқоди волои касбу қонун доштанд. Аз ҳама муҳиммаш ҳамин буд. Онҳо роҳи ҳалли ҳама проблемаҳо, аз ҷумла иҷрои қонуну қоидаҳоро меёбанд. Қадру қиммати қонун дар иҷрои он аст, вагарна монанди шунидан корбаста нашудаест, ки ба як дона ҷав намеарзад. Аз ин ваҷҳ талош ба амали қонун барои мардуми некбин саҷда ба муқаддасот аст. Ва ҳайати шахсии капитан Камолиддин Ҳасанов ҷавонмардони некбин буданд. Онҳо доираи алоқаҳои худро ба дигар бахшҳои шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия, аз ҷумла мубориизони зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ҷустуҷӯӣ мустаҳкам намуданд. Онҳо вайронкорони қонунро на танҳо дар роҳҳои автомобилгард, балки тамоми мавзеъҳои ноҳия таъқиб мекарданд. Худи сардори БДА-и ноҳия Камолиддин Ҳасанов дар мавзеъи Рӯи об мошинеро боздошт кард, ки гурӯҳи шашнафараи шикорчиёни ғайриқонунии аз Душанбе омада буданд. Бори онҳо ду хуку як хирс буд. Сайду яроқҳои ҷинояткорон мусодира шуд ва ҷаримаи калон ҳам доданд. Ин ҳодисаи яккаву ягона нест. Дар дигар кӯҳу барзани ноҳия бисёр шикорчиёни ғайриқонуниро дастгир

намуданду ба фоидаи давлат ҷаримаҳо ситонданд. Тобеъони ӯ Қосим Почоҷонову Ёрмаҳмад Раҳматуллоев чандин ҷиноятҳоро ошкор намуданд. Онҳо ҷинояткореро, ки дар кони тиллои Шугнов бо роҳи авбошӣ чашми заршӯеро зада кафонд, аз шаҳри Нижний Тагил дастгир карда ба ихтиёри кормандони ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Ховалинг додаанд. Заҳмату диловарӣ, донишу биниш ва сабру суббот пуштибону такягоҳи ҳамешагии ӯст. Танҳо ҳамин такягоҳ аз лейтенанти хурд ва қумандони взводи БДА ба рутбаи майорӣ ва вазифаи ҷонишини сардори шӯъбаи умури дохилаи ноҳияи Ховалинг бардошт. Дар ин зинаҳо на якбору дубор ба аҷал рӯ ба рӯ омад ва садои хандаи маргро шунид. Дар солҳои беқонунӣ ҷинояткориҳо, ба хусус ғорату дуздии молу маводди шахсиву ҷамъиятӣ бо шиддат ривоҷ гирифт. Ғоратгарон на танҳо бо яроқ мусаллаҳ буданд, балки дар ихтиёри худ мошинҳо ҳам доштанд. Ба қавле дуздҳо худӣ буданд. Онҳо борҳои дуздиро ба ноҳияҳои Вахшу Колхозобод ва то Ҷилликӯл бурда мефурӯхтанд. Баъзе дуздон аз ин ҳисоб дар ноҳияи Вахш хонаҳо ҳам мехариданд. Бо сарварии Камолиддин Ҳасанов гурӯҳи ҷустуҷӯи ҷиноятӣ бисёр дуздҳоро дастгир карда ва чорвои ба ғорат рафтаро ба соҳибонашон баргардонданд. Вале дуздии калоне Камолиддинро сахт ба изтироб овард. Гурӯҳи масаллаҳе якбора аз хоҷагиҳо 88 гову аз шахсони алоҳида 17 аспро ба ғорат burданд. Камолиддин далелҳои оҷилӣ гирд овард, ҳар якеро таҳлил намуда ба хулосае омад, ки дуздҳо худианд. Мубориზони фаъоли зиддӣ ҷинояткориҳои мусаллаҳона Ёрмаҳмад Раҳматуллоеву Қосим Почоҷоновро ба ноҳияҳои водии Вахш фиристонд. Далелҳо шаҳодат медоданд, дуздон аҳли як оилаанд. Аниқтараш ба ин хел тартиби дуздии калон танҳо бародарон Сафару Наҳтулло ва Маҳмадуллову Саъдулло Каримовҳо ҷасорат мекунанд. Саъдуллову Наҳтулло қабл аз ин доғи судӣ доштанд. Аз рӯи нақшаи Камолиддин гурӯҳи ҷустуҷӯи ҷиноӣ ба амалиёт шурӯ намуд. Дар Хонақои Боймушт хонаи дуздонро ба иҳота гирифта, Сафару Маҳмадуллову Наҳтуллоро дастгир карданд. Вале сардори дуздон, бародари калонӣ Саъдулло Каримов гурехт. Дар кӯҳу дараҳои Сари Хосор ӯро таъкиб карданд. Саъдулло дар мавзеи Муллоконӣ пайт ёфт ва старшинаи ҷавони милиса Бобоҷон Шарифовро аз тири автомат ба шаҳодат расонду ғайб зад. Ба куҷо рафт ин дузди рӯ ба гурез оварда? Кам одамоне ҳастанд, ки талу теппаҳо, дашту кӯҳҳо ва ғору дараҳои Ховалингу Сарихосору Балҷувонро аз Камолиддин Ҳасанов беҳтар донанд. Дар ин ҳавои сард кӯю барзан, дашту саҳро ҷои Саъдулло нест. Одами зинда беш аз ду се рӯз тоқат оварда наметавонад. Саъдулло дузд буд, қотил шуд. Як оилаи калонро беса-

робон кард. Куштори ӯ беш аз ғоратгариаш байни мардум овоза шуд. акнун ҷасорати наздик шудан ба ягон хонаву маҳалли обод надорад. Ин навъи ҷинояткорон, ба худ хулоса кард Камолиддин Ҳасанов, ба ҷуз наздик шудан ба маҳалли зист ва зану оила дигар чорае надоранд. Ба ҳар ҷое паноҳ барад, бояд ғизорасоне дошта бошад. Ҷустуҷӯ дар ғору дараҳои атрофи деҳаи Хонақоҳ ҳам бимнок аст. Саъдулло автомат ва ба дараҷаи кифоя тир ҳам дорад. Аз паси ягон бутта боз ягон нафар милисаи дигар, ё худи Камолиддинро ба шаҳодат расонданаш ҳам аз ҳақиқат дур нест. Қабл аз он ки Саъдуллоро дастгир кунанд бояд ӯро аниқ донист.

Аз ин хотир ӯ дар роҳу бераҳаҳои баромадгоҳи деҳи Хонақоҳ дидбонҳо гузошт. Дидбонҳо, аллакай зану аҳли оила ва наздикони Саъдуллоро медонистанд. Худи Камолиддин ҳам дар ҷои шамолраву сарде, ки ба гумонаш одами ба дузди қотил алоқа дошта ҳатман аз ин ҷо гузар мекунад, ба дидбонӣ нишаст. Замин намноку ҳаво сард буд. Дар шаби сеюм ӯ сӯзише дар банди дилу қафаси сина эҳсос кард. Сулфаи пай дар пай дар гулӯяш печид. Сулфаро дар ҷисми худ фурӯ мебурд, то дузд, қотил ё касе ба ӯ дар иртибот буда, садои ӯро нашунавад ва дар ҳар хурӯҷи сулфа сар то по дар худ меларзид. Сапедадам суроберо дид, ки аз назди дидбонгоҳи ӯ мегузашт. Камолиддин ноаён дар таги буттаи анбӯҳи хӯч ниҳон шуд. Чун сӯроб наздик омад, дид ки он зан аст ва дар бағал дастурхону термоси чой дорад. Зан ба бузроҳае аз домони кӯҳи Хунукчашма боло баромад ва ба сӯи ғорчае, ки шояд замоне хонаи гург буд, тоб хӯрд. Камолиддин бо бероҳае ӯро пайгир шуд. Аниқ зан ба ҳамон хоканаки болои Сардчашма рафт. Замоне ғайб зад ва аз ҳамон ҷо баромад, то роҳи хонаро кӯтоҳ кунад.

Умри одамӣ байни ҳаёту марг гузарон аст. Камолиддин аз марг наметарсад. Хост бо дигар роҳ ба хоканаки болои чашма равад. Ӯ яқин дошт, ки дузд ва қотили мусаллаҳ ҳамон ҷост. Вале худдорӣ кард ва он ҷоро ба мушоҳида гирифт. Чун офтоб баромаду соя аз кӯҳи Хунукчашма домон чид, Камолиддин дидбононро гирд овард ва нақшаи бе қурбонӣ дастгир кардани қотилро кашид.

Дидбонҳо шурӯ намуданд ба иҷрои нақша. Ёрмаҳмаду Қосим хеле сипоҳона ба паноҳгоҳи қотил расиданд. Баръакси чашмдошт, на садои тире сукунати кӯҳро халалдор карду на доду вое. Дидбонон ӯро бе ҳолу бе ҳуш ёфтанд. Дузди қотил дар шабонарӯзи сеюм аз таъсири афюну нашъа раҳо шуду ба худ омад.

Камолиддин ба машқи гӯштину карате ва вазнбардорӣ пардохту хунукии ба мағзи ҷонаш нишастаи мавзеи Хунукчашмаро берун овард.

Ва аз ин ҳодиса замоне нагузашта сардори шӯъбаи умури дохилаи ноҳияи Ховалинг тайин гардид. Ва то он ҷое ки қудрату тавоноӣ дошт, волоияти қонунро таъмин кард. Вале даму нафаси осуда насиби Камолиддин Ҳасанов набудааст. Ӯро сардори шӯъбаи умури дохилаи ноҳияи Ёвон тайин намуданд. Ёвон он Ёвони даври омӯзгории Камолиддин дар омӯзишгоҳи ҳунарҳои техникӣ набуд. Қатлу ғорату гаравгонгириҳо ривоҷ доштанд.

Дар нахустин рӯзи ифои вазифаи ӯ дар ҷои нав гурӯҳи мусаллаҳе бачаи панҷунимсолаи директори заводи химияро ба гаравгон бурданд. Аз паи ӯ раиси суди ноҳияро гаравгон гирифтанд. Бо сарварии сардор, ҷонишинаш Ҳабибулло Мирзоев ба ҷустуҷӯи кӯдак пардохт ва ӯро аз Ромит пайдо кард. Дар маҳаллаи Ҷалабулоқи ноҳияи Ленин ронандаи раиси суди ноҳияро аз дасти гурӯҳи мусаллаҳи ҷиноятпеша раҳо доданд.

Мақсади гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷиноятпеша бо роҳи ғорату гаравгонгирӣ ҷамъ овардани молу сарват буд. Нияти гурӯҳи калони гаравгонгироне, ки аз самти шимолу шарқии ноҳия ҳуҷум оварда байни мардум ваҳму воҳима меангехтанд аз ин беш набуд. Камолиддин шаклу услуби ҷинояткориҳои гурӯҳро дар мисоли далелҳои аниқ таҳлил кард. Ва зимни нақшаи ӯ гурӯҳи ҷустуҷӯ бо сардории ҷонишини аввалаш, подполковник Нарзулло Бегназаров амалиёти хеле мураккаб гузаронданд. Дар натиҷа гурӯҳи ҷинояткорони мусаллаҳ шикаст хӯрданд.

Полковники милиса Камолиддин Ҳасанов баҳри пешгирии ҷинояткориҳо, дар тартибу ташкили сохтори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия як қатор дигаргуниҳо ворид кард. Дар совхозҳои сераҳолӣ филиалҳои милисаро созмон дод. Ноҳияро аз рӯи зичии аҳолӣ ба қитъаҳои мушаххас тақсим намуд ва нозирони минтақавӣ тайин кард.

# АСРҲО ЯКРАНГ НЕСТАНД

Асрҳо якранг нестанд. Онҳо аз ҷиҳати кашфиётҳо, пешрафт, таназзул ё худ инкишофу ободонӣ фарқ доранд. Инқилобҳо, давлатҳо, ҷангу ҷидол, сулҳу салоҳ ҳамқадами зиндагист. Ба ақидаи Назарбек Шарифов таърихи асрҳо саршор аз ёдоварӣ аз кашфиётҳои бузург, ҷангҳои дунёгир, одамони бузург аст. Вале коре ки президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба иҷро расонид, метавон гуфт кашфиёти навест дар сиёсатшиносиву давлатдорӣ. Шояд дар таърихи сиёсату давлатдории дунё, то ҷое ки ӯ огоҳ ҳаст, дар ҳеҷ нуқтаи сайёра ҷанги шаҳрвандӣ мисли Тоҷикистон базудӣ поён наёфтааст. Роҳбари давлат онгуна сиёсатмадорест, ки баъд аз ҷанг намояндагони ҳарду ҷонибро ба роҳбарияти ҷумҳурӣ сарҷамъ сохт. Нуқтае ҳаст нотакрор ва таърих амсолашро намедонад: Оё аз намояндагони ду нерӯи даргир ҳукумат созмон додан кашфиёти тоза дар сиёсат нест? Ба ақидаи ӯ ин як навъ кашфиётест дар сиёсати давлатдорӣ. Гузашта аз ин барои чунин кори хайри миқёсан бузург касе ҷуръат мекунад, ки соҳиби дили бузург, дониши аз гузаштаи зиндагӣ саршор аст...

Ба гуфтаҳои ҳамсӯҳбатам гӯш мекунаму рости гап пурра ҳамфикраш мегардам. Як чизе дар фикрам илова мегардад. Яъне пешрафт, эътидоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии Тоҷикистон аз хизмати онҳое ҳам вобаста буд, ки фаъолияти сиёсии роҳбари аввали мамлакатро дар мағз андар мағзи ҷон ҷой доданд. Ҳамин қадар хулоса намудам, ки Назарбек Шарифов худ низ як нафар роҳбарест баҳри ободӣ, осоиш ва созандагӣ камари ҳиммат баста, гарму сардиҳои зиндагиро чашида, ҳама мушкилро ба хотири ояндаи беҳин таҳаммул намуда.

Ӯ зодаи ноҳияи Данғара аст. 20 ноябри соли 1960 ба дунё омадааст. Хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии шаҳри Душанбе аст. Ҳамчунин аъзои Ҷамъияти «Дониш»-и собиқ вилояти Қӯрғонтеппа. Агар гап сари ихтисос равад ӯ омӯзгори таърих ва ҷамъиятшиносӣ, мутахассиси ҳисобгирии хоҷагии қишлоқ ва агроном аст. Агар гап сари виҷдону имон, ободгариву ватандорӣ бошад номбурда фарзанди ба нангу номуси диёр, созанда ва ободгари диёр аст.

Дар кадом вазифае буд софдилона иҷрояш кард. Солҳои 1989-98, яъне муддати нӯҳ сол дар «Идораи бoлообии Амӯдарё» воқеъ дар шаҳри Қӯрғонтеппа фаъолияти меҳнатӣ дошт. Аз муҳандиси дараҷаи аввал то роҳбарии раёсати худмаблағгузории таъмиру сохтмонҳои идораи номбурда сабзид. Солҳои 1990-93 бошад дар



вазифаи вазнини роҳбари шӯъбаи таъминоти техникии ҳамин идора кор кард.

Ҳарчанд идораи Назарбек дар болооби дарёи Омӯ буд, ӯ масоҳати бузурги соҳилҳои онро, ки то ба баҳри Арал даҳҳо ҳазор гектар аз бешавқатии муносибати инсон ба табиат биёбон гардида ва олами ҳайвоноти он рӯ ба нестӣ ниҳода, дар ҳисоб дошт. Ва ҳамчунин ҳавзаи баҳри Аралро, ки қариб тамоми манбаҳои оби Осиёи марказиро фаро мегирад дар ҳисоб дошт.

Аз рӯи ҳисобу китоби Назарбек Бозорович на камтар аз шаст фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон маҳфуз аст. Ва аз сарҳади Тоҷикистон бештар аз панҷоҳупанҷ миллиард метри мукааб об ба кишварҳои поёноби Ому: ӯзбекистону Туркманистон ва давлати ҳамсояи Афғонистон меравад.

Назарбек бо хотири ошуфта болои ин рақамҳо андеша меронд. Аз ин миқдори бузург насиби мардуми кишвари ӯ танҳо шаш километри мукааб об аст.

Тӯли дарёи Панҷ нисбати дарозии маҷрои Вахш беқиёс аст. Ва файзи дарёи Вахш ҳам нисбати дарёи Панҷ беқиёс. Вале баробари фаро расидани сармо, ки он аз моҳи январ то апрел давом дорад, маҷрои оби Вахш поён мефарояд. Сари ин масъала андеша ронд. Ва андешаи ӯ тӯлонӣ буду аз резишгоҳи Омӯ то сарчашмаҳои Хингобро фаро мегирифт. Ғунҷоиши маҷроҳои Вахшу Хингобро пеши назар меовард. Билохир Назарбек ба натиҷаи аниқу дақиқ омад. Ӯ имконияти аз дарёи Панҷ гирифтани ҳамон миқдор оберо, ки фасли

сармо маҷрои Вахшро нигаҳ медораду дар ин давра Тоҷикистон дастнигари барқ аз кишварҳои ҳамсояву Осиёи Марказӣ намешавад, ба ҳисоб даровард.

Ҳисоб воқеӣ буд. Ва ин ҳамон замоне буд, ки Назарбек Бозорович ба Идораи болооби Омӯ ҷалол дод. Аз рӯи ҳаҷми корҳое ки ӯ роҷеъ ба наҷоти заминҳои ҳосилхези болооби дарёи Омӯ ба анҷом расонд, идораи ӯ байни ташкилотҳои байналхалқиву маҳаллии ҳифзу истифодаи об шӯҳрат ёфт. Ва бузургтарин масъалаҳои мушкилоти ҳифзу истифодаи оби дарёҳои болооби Ому, ки ҳаёти миллионҳо нафар сокинони Туркманистону Ӯзбекистон, Тоҷикистону Афғонистон марбути он буд, дар қароргоҳи идора муҳокима мешуд. Ва бонуфузтарин Конфронси байналхалқӣ, ки ду сол қабл дар қароргоҳи Идораи болооби Омӯ баргузор шуду дар он олимону донишмандону муҳандисони варзидаи Тоҷикистону кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин аз дигар мамлакатҳо ширкат доштанд, шаҳодати возеҳи ин муддаост. Конфронс на танҳо барои амали минбаъдаву ояндаи истифодаи дақиқназаронаи захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маводди фаровони ақливу технологӣ дод, балки байни оммаи мардум афкори судманд ба вуҷуд овард. Ва муҳимтарин ғояҳои он ба Барномаи давлатии «Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид шуд. Ва Барнома барои солҳои тӯлонӣ дар кишвар. Дар ин Барнома баробари баланд бардоштани маҷрои Вахш аз ҳисоби шохоби Панҷ, интиқоли оби дарёи Зарафшон ба ноҳияи Ғончӣ ва обёрии заминҳои лалмӣ дар назар дошта шудааст.

* * *

Соле қабл Назарбек ба обу дарё сару кор дошт. Вале имрӯз ӯ ба одамон, кишоварзу кишоварзиён рӯ ба рӯ аст. Ва мардуми шӯҳрату маҳорати кордонии ӯро дар Идораи болооби Омударё дида орзуи сарвари калонтарин хоҷагии ноҳияи Бохтар, ба номи Даврон Нуриддинов шудани ӯро карданд. Аз байни номзадҳои бисёре ба вазифаи раиси ин хоҷагӣ Назарбек Шарифов гузашт. Моҳе омӯхт хоҷагиро ва мушкилоти зиёде дарёфту ба такопӯ, даву тоз даромад. Миёни тараддудҳои ӯ бахри ба по хезондани хоҷагӣ ва ободу дилшод гардондани заҳматкашони он ба одамоне низ рӯ ба рӯ омад, ки аз заҳмат дур буданд. Онҳо танҳо ободии худро мехостанд. Чашмони саршори тамаъи онҳо нигарони сарвати калон буд. Ба дилҳои торики онҳо танҳо сояи хешу таборони онҳо роҳ меёфт. Чун медиданд, аз Назарбек суде рӯёндан мушкил аст ба ӯ муқовимат пеш меоварданд. Ва Назарбек сари дарёи обу дарёи ҳаёт ба андеша мерафт.

Нуқтаҳои назаре ки ҳангоми сарукордори ба дарёи обу захираву истифодаи он нисбати ин хоҷагӣ ва мардум дошт, дигаргуна дид. Он чиро, ки пеш пай намебурд, акнун баралоина медид. Ҳаёти одамиро, фикр кард ӯ, ба дарё шабоҳат медиҳанд. Шояд ин дуруст бошад. Дарё аз таъсири қонунҳои номаълум якбора ба тарафе мегардад, ба ҷое меравад, ки ҳеҷ гоҳ ҷорӣ набуд. Ва дар ҷои нав ба худ маҷро меҷӯяд. Ва дарёи ҳаёт чӣ? Нопойдории маҷрои он аз чист? Ба ақидаи Назарбеки Бозор нопойдории дарёи ҳаёт аз натиҷаҳои аз ақл беруни он аст. Дарёи ҳаёт на наҳри канда аст. Мушкил аст зӯрӣ овардан ба он, ки ба тарафи дилхоҳи ту ҷараён гирад. Ин судхоҳон, кӯрнамакони мардум ҳам шохобаке, ҷӯе тираву талхоб аз дарёи ҳаётанд. Чунон шохобаку ҷӯи лойолуде, ки поккории он ғайри имкон аст.

Шохобаки талху лойолуд то рафт қувват мегирифт ва ба дарёи ҳаёти ӯ майли рехтан мекард. Аз ин майл нафрати Назарбеки Бозор омад ва қасди тарки мансаб кард. Чунки нахост иродаи ӯро ба даст гиранду мардуми қашшоқро қашшоқтар гардонанд. Ва аз вазифа рафт.

Бекор намонд, сарагрономи иттиҳодияи тухмипарварии вилоят шуд. Ва ба зудӣ маҳбубият пайдо кард. Вале мардуми некбину заҳматии хоҷагии ба номи Даврон Нуриддинов аз ӯ даст набардоштанд.

* * *

Боре ҳини сафари хизматӣ шоҳиди гуфтугӯи мардони миёнаумр шудем. Бегоҳӣ буд. Дар бозорчаи деҳкадаи Заргар назди дӯконе як дона сигор гирифтем. Дӯкондор гӯгирд надошт. Баҳри дарёфтани оташ ба чапу рост нигаристем. Ғайри чашмдошт мошине наздам истод. Аз паси рул Назарбеки Бозор баромад. Ӯ мисли ҳамеша чеҳраи кушода ва гулханде бар лаб дошт. Вохӯрӣ кардем. Ва он се мард сӯҳбати худро қатъ карда сӯи мо қадам бардоштанд. Ҳар се ба салом даст доданд. Ҳолу аҳволпурсӣ миёни онҳо ва Назарбеки Бозор сода ва одӣ буд.

– Хайр, – гуфт ҷавонмарде ки ба қаду қомат аз ҳамроҳони худ сари ду-се ангушт баландтар буд, – то ба кай аз мо мегурезӣ. Аз раисӣ бе хайру хуш рафтӣ. Мард аввал хонаи худро обод мекунад. Ту бошӣ ҳар пагоҳ паи ободии ҷойҳои дигар меравӣ ва бегоҳ ба маҳалли мардумони нимобод бар мегардӣ. Аз рафтани ту як сол боз мардум рӯи маоша дуруст надидааст. Агар аз ин ҳоли мо хурсанд бошӣ, хайр ихтиёрат.

Баъдан маҷрои зиндагӣ ӯро дигар соҳил бурд. Соҳили фарохтар, вале пурпечутобтар. Канори соҳил пеши чашми ӯ пайдо набуд.

Масъулияти рӯзгори на камтар аз сӣ ҳазор сокинони деҳкадаи Заргар ва атрофу акнофи он ба ӯҳдаи ӯ афтода доираи амали ӯ нисбат ба ҷову вазифаи аввал сад карат фарохтару гаронтар шуд. Ин боре буд, ки се – чор даҳсола қаҳрамони меҳнат Даврон Нуриддинов, раисони номӣ, баъдан Сангак Бекназаров бар дӯш доштанд.

Ва онгоҳ Назарбек наврас буд. Ва наврас чи доноиву дунёбиние дорад. Он замон ӯ мушкилии кору муносибати роҳбар дар ташкили кишоварзӣ ва тақсимоти маҳсули меҳнати ҷамоатиро кам дарк мекард. Танҳо шӯҳрату обрӯи баланди Даврони Нуриддину Сангаки Бекназарро медид.

Даврони Нуриддин кори деҳқониро чунон пеш мебурд, ки хоҷагӣ аз барномаи илму техникаи соҳаи кишоварзӣ тамоми кишварҳои оламро фаро гирифта, қафо намемонд. Ӯ заминаи техникии корҳои деҳқониро чунон инкишоф доду қавӣ гардонд, ки дар кишту парвариш ва гирдоварии маҳсулоти замину чорво мушкилие намонд.

Чун Сангак Бекназар ба ҷои ӯ омад ин ҷиҳатҳои корҳои хоҷагиро боз ҳам мустаҳкамтар гардонд. Ӯ дар ташкили илмии меҳнати хоҷагӣ ба зинаҳои баландтар баромад. Назарбек инро замоне эҳсос кард, ки роҳбарии раёсати калонро ба ӯҳдаи ӯ доданд. Акнун ӯ дар ҷои Сангак Бекназари бузургвор қарор дорад.

Вале барои ба ин маҷро ворид шудани Назарбек танҳо майлу хоҳиши ӯ сабаб набуд. Мардум бо чашмони худ санъату маҳорати роҳбарии ӯро дар идораи бонуфузи байналхалқии болооби баҳри Арал медид. Бо талоши ӯ ҳазорҳо гектар заминҳои зархез, ки аз касофати ҷанги бародаркуш ботлоқзор шуданд, наҷот меёфтанд. Назарбек боис шуд, ки садҳо гектари дар гирду атроф ба чанги биёбон афтода раҳо дода шавад...

Ӯ тез-тез ба як хулосаи наҷибе меояд: Бо вуҷуди душвор буданаш накӯном зистан хуб аст. Ҳарчанд деҳаи Хами Бурси Данғара зодгоҳаш аст, ҳамин ҷой ба воя расид, мактаби миёнаро ҳамин ҷо хонд. Охир хурду калони хоҷагии Даврон Нуриддин хуб мешиносанд. Шояд ҳамон боре ки ба иззати нафсаш расиданд бе бозгашт аз роҳбарии ин хоҷагии калон рафтан зарур буд. Вале чун боз дархост намуданд дили худаш ҳам ба корҳои неки дар хоҷагӣ оғозкардааш сӯхт. Акнун сахт кор бояд. Аз гумонаш мегузарад, ки ин хоҷагии сераҳолӣ танҳо бо меҳнати якҷояи муташаккили халқ ба ҷараёни собиқааш равона мешавад. Ҳо, пас аз як сол падараш мӯйсафеди Бозор навадсола мешавад. Ва пешравии хоҷагӣ дар ҳама самтҳо тӯҳфаи маънавии писараш Назарбек ба ҷашни муборaки падар ҳам ҳаст...

Боварӣ ба оянда дар ботини раиси хоҷагӣ бағоят сахт аст. Ӯ аз қабили роҳбаронест, ки дар ҳама ҳолат рӯҳафтодагиро ба ҳастияшон роҳ намедиҳанд. Падараш мӯйсафеди Бозор ҳам як умр коргар ва деҳқон буд, аз ҳеҷ кори дунё рӯҳияаш намекост. Бобои Бозор дар яксолагиаш ятим монд. Падараш ва апаи падараш Оламбӣ дар деҳаи Гирдоб хок шудаанд.

Раиси Назарбек Шарифов соҳиби як писар ва ду духтар аст. Аз волидайн бошад ҳашт нафаранд: Майдагул, Сабзагул, Саидбек, Назарбек, Сафарбек, Салоҳиддин, Вайсиддин, Озармоҳ. Ҳама вақт чун аз ободии диёр меандешад солҳои дар хизмати Ватан буданаш ба ёд меояд. Он вақт ӯ ҷавоне буд пойбанди дунёи ҳавасҳо. Дар мамлакати Олмон хизмат намуд. Тараққиёт ва тамаддун дар ин мамлакат ӯро мутаҳайир сохт. Ҳамон солҳо дар дилаш мегузашт, ки чигуна ин мардум то дараҷаи баланди тараққиёти соҳоти гуногун ноил шудаанд. Баъд аз он ки ин қадар солҳои зиёд гузаштанд аз асрори одаму олам хуб огоҳ шуд. Фаҳмид ки чаро Шарқ кам пеш рафтаву Ғарб сахт инкишоф хӯрдааст. Вале ҳанӯз дар дилаш орзуи ба мамолики пешрафтаи дунё баробар гаштани Тоҷикистон лона дорад. Баъдҳо дар Аморати араб, Руминия, Полша, Булғория ҳам сафарҳо дошт. Акнун мақсади олияш обод сохтан, пешрафта дидани ватани азиз аст. Ӯ паи ҳамин хоҳиши дил аз субҳ то шом миёни халқ аст, хоҷагиҳои бузург, аз қабили хоҷагии ба номи Даврон Нуриддинови ноҳияи Бохтар дар ҷумҳурӣ ангуштшуморанд. Ин хоҷагиро шӯхиомез «Ними ноҳия» меноманд одамон. Ба хусус вақти мавсими парвариш ва ҷамъоварии пахта ҳаҷми корҳои роҳбар зиёд мешавад. Раис аз субҳи барвақт аз бошишгоҳе то бошишгоҳи дигар мешитобад. Бо чандин мудирони шӯъбаҳо, мутахассисон, сардорони бригадаҳо ҳанӯз офтоб аз лонааш набаромада вомехӯрад. Дар ҳар бошишгоҳ аниқ медонанд, ки ё субҳи барвақт, ё бегоҳӣ раис ба наздашон меояд.

Бобати шахсияти Назарбек Шарифов ва хулоса аз волоияти инсонҳо чанд сол пештар навиштан мехостам. Вале муддати ин солҳо як андеша ҳар гоҳ аз ин иқдом боз медошт. Оё ман дари хонаеро намекӯбам ки ҳеҷ касам нест, ё худ бо об оҳан накӯбам. Ахиран ҷуръати ӯ дар корҳо такон ба навиштанам дод. Чун дар зиндагӣ гурӯҳе ба рафти об шино мекунаду ашхосе бандар ҳам месозад. Бобати дуввумиҳо навиштан корест накӯ. Одамизод аз азал сӯи адам мегузарад. Дар ин гузаштанҳо аз кам касон номи некӯ боқӣ мемонад. Аз онҳое ки гузашта ва ояндаро пайванд месозанд.

Ӯ дар як муҳите ба воя расид, ки парҳез аз ҳақи мардум, ҳалолу покиза зистан бағоят сахт буд. Тавре ки ҳар лаҳза, ҳама вақт таъкид

мекарданд аз ноҳақӣ, ноадолатӣ фарсахҳо дур бошад. Меомӯхтанд ва таълим медоданд, ки одам бояд дар зиндагӣ дарди сари дигарон набошад, ба қавле бояд ҳар кас аробаи худро бикашад. Ва гузашта аз ин бояд ҳеҷ кас ба сари худии худ зиндагӣ накунад, яъне одам бояд ғами дигаронро низ хӯрда бошад. Вагарна одамизод чун гурги гурусна танҳо бо худии худ зиндагӣ мекунад.

– Гургҳоро дидаӣ, – мегуфтанд шӯхиомез мӯйсафедон. – Онҳо парвои ҳеҷ чиз надоранд. Медонӣ барои чӣ, барои он ки онҳо гург ҳастанд. Инҳо ҳам тавлид мешаванд, тавлид мекунанд ва зиндагӣ кардаву мемиранд. Ва онҳо на аз карда пушаймон ва на аз нокарда шодон намешаванд. Шодиву ғам барои онҳо фарқе надорад. Шодӣ ва ғам, некӣ ва бадӣ танҳо барои одамизод фарқ дорад...

Ӯ ин ҳамаро дар хурдиаш мешунид, на танҳо мешунид, балки аз ин гуфтаҳо тарбия меёфт, таълим мегирифт. Ҳамин тавр ӯ ҳам оҳиста – оҳиста ба воя расид, чун ҳама амвоҷи одамӣ бо ҳаводиси рӯзгор бархӯрдҳоро аз сар гузаронд. Гармборон, сардбарф ва раъду барқҳои зиндагӣ дар ташаккули ақлу идрок таъсири хешро гузоштанд. Ин ҷо лозим ба ёдоварист ки дар зоҳиру ботини ҳама кас зиндагӣ, гузашти айём таъсир мегузорад. Бубинед дар пешонӣ бо гузашти айём чинҳо пайдо мешаванд, мӯй сафедӣ мегирад, қомат ҳам хамзада мегардад. Вале ҷои афсӯс он аст ки баъзеҳо бо гузашти умр ҳеҷ ибрату таҷриба намегиранд. Назарбек Шарифов бошад аз ҳама гузаштаи хеш панде гирифтааст, ки дар зиндагӣ такягоҳи ӯст. Шояд панд гирфтану аз умри гузашта беҳтарин ғизои ақли одамист. Ҳақиқат он аст ки номи нек гузоштан душвору бадном зист кардан осон аст. Ва он чизе дер мепояд ҳақиқат аст. Инак ман ӯро фарде дарёфтам истеъдоди фитрии роҳбарӣ дошт. Ӯ ба дили халқ наздик марде будааст, аз шахсоне ки донишашон дар баланд бардоштани соҳаи кишоварзӣ ҳиссаи бузург дошт. Хоҷагиҳои баъди ҷанги наҳси соли маймун сахт харобшударо ана ҳамин хел шахсони кордон аз ботлоқи нобудӣ рӯй ҷониби ободӣ кашиданд. Шояд имрӯз ин ҳамаро аз паси панҷа менигарем. Вале як чиз мусаллам аст ки таърих гувоҳи хуни дил хӯрдани Назарбекҳои бисёр аст. Довари ҳақ дар зиндагӣ яке халқ ва дигаре таърих аст. Аз чашми халқ ҳеҷ чиз пинҳон нест, таърихро ҳеҷ кас натвонад фиреб бидиҳад. Соле ки ман ин сатрҳоро навишта намудам халқ аллакай ба Назарбек Шарифов баҳо дода буд ва таърих бе навишти мо ҳам номашро ба дафтари ҷовидон навишта буд.

Охири садаи бистум ва ибтидои садаи бисту як на танҳо дар Тоҷикистон, балки даҳҳо мамолики Шарқу Ғарби дунё як муаммо пешорӯи инсоният қарор гирифт. Ё оқилон терроризму маводи му-

хаддирро нест месозанд, ё зиндагонӣ хароб мешавад. Ин ҷо, яъне дар қаламрави Тоҷикистон бошад кору зиндагӣ гарон буд. Ҳамзамон вазифаи мо иборат аз он аст ки баъди даҳ солу панҷоҳ сол, ё худ сад соли баъди зиндагии мо пасовандон бояд бидонанд, ки ҳамон оқилон кадом шахсиятҳо будаанд. Илова мекунем ки гурӯҳе аз ин мардон дар сиёсат эътидол ба вуҷуд оварданд, яъне гурду саркашонро, ки зиндагии хешро сарбории халқ карда буданд, бо тадбир аз миён бардоштанд. Гурӯҳи дигар бобати баланд бурдани зиндагии халқ, сатҳи иқтисодии мамлакат ҷон коҳонданд. Ва Назарбек Шарифов ба гурӯҳи дуввум мансуб аст.

Чун ороиши ҳар ҷой воридгоҳу дарвоза маҳсуб мешавад, раис онро ҳам сохт, аниқтараш дар сохтмони он сару бар шуд. Шояд хонандаи закӣ дарвозаи хоҷагиро баъди гузашти айём меҷӯяд:

Аз Душанбе чун ба Қӯрғонтеппа расидед роҳ ду шоха дорад, ки яке ба шаҳр мебарад ва дигаре ба ҷониби рост майл хӯрда аз назди ҳамин воридгоҳ гузашта меравад. Шояд баъди солҳои дароз ин дарвозаро мардум бо меҳру фахр «Дарвозаи Назарбек» ном мебаранд. Вале ин муҳим нест. Оғози асри нав, ҳазораи сеюм ҷаноби Назарбек аз маънии ҳаёти хеш нақше дар ин сайёра мегузошт, ӯ барои халқ ва Ватан мезист.

Ӯ боре гуфта буд: Фарҳанг, дарки миллӣ ва ормон нақше аз зиндагии хеш гузоштан ороиши дунёи ботини инсонҳост. Агар инҳо набошанд одам чун дарахти бесамар аст. Аз кулли мақсадҳоям дар зиндагӣ ҳамеша як мақсад болотар аст, ки он ҳам обод кардани диёр мебошад. Чун таваллуд як аст, марг ҳам як аст. Ва чун умри одам оби дарёст дар зиндагӣ бо шитоб, бо ғурур ва нангу номус коре бояд кунем. Дар тӯли умрам аз онҳое ки сахт ободгаранд ибрати хосса гирифтам...

Мошин аз Қӯрғонтеппа сӯи Душанбе мешитобаду як хаёл пайваста такрорам мешавад.. Нӯҳ ҳазор тонна пахта! Аз ин миқдор пахта чандин ҳазорон либоса, хӯрока ва ҳоказо тавлид мешавад. Охир ташвиши як нафар, ки мардуми як хоҷагиро дар корҳо роҳбар аст, ҳазоронро мехӯронад ва мепӯшонад. Магар волоият, саховат ва ҷуръат ҳамин чиз нест...

## ҲУСНИ ЗАМИН

*Хурдтарин воҳиди иҷтимо фард не, балки оила аст. Ва бунёди оила бо заношӯӣ гузошта мешаваду бо фарзандон густариш меёбад. Ва айёме фаро мерасад, ки фарзандон бунёдгузори оилаҳои худ мегарданд. Хона месозанду ба ободонӣ мепардозанд. Фарзандон фарзандони худро ба камол мерасонанд, деҳу шаҳрҳо ва ноҳияву вилоятҳову кишварҳо барпо мегарданд. Ва ҷаҳони имрӯзаи мо ба вуҷуд меояд. Домони киштзорҳо ва боғу бӯстонҳо фарох мегардад. Чорво афзун мешавад, корхонаҳои бешумор ҳам. Тӯли наҳру ҷӯйҳои обёрӣ дар шумор намеғунҷад. Замин зебу зинати тоза, дилкашу дилрабо мегардад.*

Дӯстмурод рӯи сурфаи таги чормағзи калон саргарми ин андеша ба фарзанди миёна Маҳмадулло ва ду кӯдаки ӯ, ки паси дарвоза «Бобо» гӯён аз мошин фаромаданд, зеҳн монд, иҷтимо бо ҳамин ранг аст, аз дил гузаронд Дӯстмурод ва наберагонро ба бағал гирифт. Замоне ки падари Дӯстмурод аз деҳаи Қунғуркурти шӯрои Кангурти ноҳияи Темурмалик ба хоҷагии ба номи Ленини Данғара кӯчиданд акаи Дӯстмурод хурд буд. Ҳамаи кӯчи хонаро падар озод мебардошт. Асбобу анҷоми хона ҳамин қадар буд. Аз паҳлӯи ӯ бачаи калонии хона Тағоймурод мерафт. Ва модар аз думболи онҳо. Роҳпаймоҳо ба манзили нав бисёр набуданд. ҳашт нафар. Падару модар ва шаш фарзанди онҳо, Эшмуроду Хосамоҳ ва Қурбонгулу Мирзо таноби роҳро ба сӯи хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Данғара кӯтоҳ мекарданд. Ва хурдовари онҳо Дӯстмурод буд. Ба кӯчидани онҳо хеши наздики падари Дӯстмурод Раҳмон Шарифов сабаб шуд.

Солҳои панҷоҳум мардуми ноҳияҳои ғаллакор ба хоҷагиҳои пахтакор рӯ оварданд. Ҳарчанд ки панҷумин соли ғалаба бар фашизми Германия ҷашн гирифта шуд, рӯзгори мардуми хоҷагиҳои ғаллакор файзе надошт. Ҳамин ки ҳосили гандуми ҷуфтгарону тухмпошон, даравгарону чигинакашҳо ва хирманкӯбон аз бод мебаромад, роҳбарони хоҷагиҳо баҳри кишту кори соли оянда миқдори тухмии тирамоҳиву баҳорӣ ҳисоб мекарданд ва боқимонда ба анборҳои давлат мерафт. Мардум ризқу рӯзии худро аз хӯшаҳои ба замину канори роҳҳо рехта меёфт. Ва на ҳама мардум шиками сер дошт. Нони дастурхон байни хурду калони хонадон тақсим мешуд. Хурдсолон ба падару бародарони ҷуфтрону чигинакаш ва хирманкӯби худ, ки як нон-ҳақи ҳалоли худро бардошта ба рӯймоли миён мепечонданд, ҳасад мебурданд.



Дӯстмурод, ҳар чанде ҳасад ба ӯ бегона буд, ин лаҳза ба калонҳо ҳавасаш меомад. Мехост ҳарчи зудтар калон шаваду аз заҳмати хӯшачинӣ раҳоӣ ёбад. Ба назараш чунин менамуд ки ҷуфтрониву дараву хирманкӯбӣ аз хӯшачинӣ сабуктар аст.

Солҳои Сталинӣ ҳарчанд сахту сангин мегузашт, вале дар оила муфтхӯр набуд. Кӯдаки ҳафтсола ҳам ғами хона мехӯрд. Ӯ хасу чӯбча ва саргини кӯча ҷамъ мекард ва дар нӯҳсолагӣ аллакай мард мешуд. Об меовард ва турба бардошта аз сафораҳои гандум хӯша мечинд. Ва рӯзгори айёми тифлии Дӯстмурод ба ҳамин минвол буд.

Айёме аҳли оила муқими хоҷагии пахтакор шуданд, Дӯстмуроди даҳсола худро марди бутун эҳсос мекард. Аз белу каланд ҳарос надошт ва аз чобуқу чиканкаву пахтачинӣ ҳам. Ва ба мактаб, дарсу муаллим дилбастагӣ дошт. Хубу аъло мехонд, ба хусус ба фанҳои дақиқ математикаву физика рағбати ӯ бештар буд.

Вале ҳамаи ин баъд. Ҳозир ки ӯ сари дастурхони болои сурфаи калони таги дарахти азими чормағз, ки аз чор тараф деворҳои бетонӣ бардошта ва бо усули бобоӣ хок пур кардаву гилфарш намудааст, нишаста ва набера дар бағал дорад, бармегардем. Ин лаҳза ӯ падар ва кампири модарро пеши рӯ овард. Ва аввал худро дар дил маломат кард, Фарзандону набераҳо, гуфт ба худ, моро аз ёди падару модар канор задаанд. Дар рӯҳи поки онҳо ҷонам. Чаро имрӯзҳо аз онҳо кам ёд мекунем. Ҳақиқат ҳамин будааст. Падар ду бор кӯч баст. Кӯчи якум, ки бо таблиғи хеши гӯшту нохуни падари ӯ Раҳмон Шарифов буд, дар хотири Дӯстмурод чандон равшан намондааст. Он гоҳ хеле хурд буд. Аммо дар шумори бори кӯч намедаромад. Чунки бо пои худ баробари калонсолон, чолокона роҳ мерафту шалпариро намедонист. Шояд кӯчи кироӣ надоштанд. Агар буд, танҳо бистари хоби падару модар ва духтарҳову писарҳо буд. Боз шояд як чойнаку се пиёлаву се – чор косаву табақ буд. Ва ин ҳама буду шудро Гулмуроду Раҳмон байни худ ҳис карда сари китф бардоштанду пои пиёда ҳамроҳи модар ва апаву бародарони Дӯстмурод ба хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Данғара оварданд.

Дар Данғара ҳоли оила беҳтар нашуд. Мавзее ки замини обӣ он

тараф истад, баҳри хӯрдани инсону чорво оби кифоя надорад, рӯзгор чи беҳӣ пайдо мекунад. Қунғуркурт аз ин ҷо беҳтар буд. Падари Дӯстмурод чармгарӣ мекард, устои осёб ҳам буд. Кангурт осёбҳо дошту устоҳои кафшу мӯзаву мӯкидӯз. Осиёбонҳову мӯзадӯзҳо ба ҳарду ҳунари ӯ эҳтиёҷ доштанд ва ин пешаҳо ҳам дар ивази заҳмати усто Гулмурод музд медоданд. Дар Данғара на осёб ҳасту на устоҳои кафшу мӯзаву мӯзадӯз. Ин ҷо ҳар ду ҳунари падар бозоре надорад. Вале бачаҳо калону духтарҳо қадрас шуда истодаанд. Бо ин даромаде ки ӯ аз чигина ва хирманкӯбӣ дорад, ба нони оила намерасад. Худо ба фарзандҳо баракат диҳад. Онҳо хӯша мечинанд, аловӣ гирд меоваранду чигинаи рӯзгор мекашанд. Бо ин ҳол усто Гулмурод фардо бо чи гуна дастур бача зан медиҳаду духтар ба шавҳар мебарорад.

Усто Гулмурод медонист ки ёру ошноҳои ӯ дар хоҷагиҳои пахтакори водии Вахш, бахусус хоҷагии ба номи «Коммунизм» рӯзгори беҳтар доранд. Раиси он хоҷагӣ Ниёзмуҳаммад Бегов марди росткору ростгӯй, дурандешу некбину одил аст. Аз ҳама зиёд ғами мардуми камбағалро мехӯрад. Ба хусус ғами навомадагонро. Ва боре ӯ ба хеши гӯшту нохунаш Раҳмони Шариф ҷои пурсиши дуо гуфт: «Аз зодгоҳ дур шудем. Бо дили кушод рухсат деҳ. Кирои беҷо шудан дуртар равем».

– Ба куҷо? – пурсид Раҳмони Шариф.

– Колхозобод, хоҷагии Нурмуҳаммад Бегов, – гуфт усто Гулмурод.

– Хайр, – гуфт Раҳмони Шариф, – назди ёру ошноҳоямон рафтанийӣ. Одамони хубанд, ба қадрат мерасанд. Хор намешавӣ.

Усто Гулмурод аз ин ҳарфҳои ӯ хушнуд гардид. Бархилофи чашмдошти ӯ Раҳмони Шариф нагуфт, ки аз дидори мо сер шудӣ, роҳи дуро пеш мегирӣ. Балки суханони гарму нарм зад. Ва боз пурсид.

– Аз ман дуо мехоҳӣ?

– Хостама гуфтӣ, – ҷавоб дод усто Гулмурод. – Фотеҳа аз ин беҳтар намешавад.

Раҳмони Шариф хандае зад аз дили софу кушод ва афзуд: «Он ҷое ту меравӣ хоҷагии бой ҳасту раиси ғамхори мардум. Ту бо ин зану фарзандҳои кордӯстат зуд худатро мегирӣ. Он ҷо чор фасли сол кор бисёр. Шояд ба омадану дидорбинӣ фурсат наёбӣ. Ин камбудиро худам ислоҳ мекунам. Вақти мо зиёд. Аз кишт то дараву хирманкӯбӣ ва аз хирманкӯбӣ то кишт озодем. Худам ба дидани туву зану фарзандонат меравам».

Ва пагоҳ усто Гулмурод баробари аз хоб чашм кушодан Раҳмони Шарифро рӯи ҳавлӣ дид. Ва болои сари ӯ осмони кушод. Парвин

миёни осмон буд. Тарозуро дид, поёнтар аз он Парвин ва анбӯҳи ситораҳои осмон як – як ғайб мезад. Ва моҳтоби шомхӯрда аз уфуқ боло мебаромад. Зери партави он ситораҳои қисмати шарқии осмон аз чашм ғайб мезад.

Онҳо бо оғӯши кушода салом карданд. Ва усто Гулмурод сӯи осмон сар бардошт, ӯ ситораи рӯзро ҷуст.

– Ҳоло, – гуфт Раҳмони Шариф, – фурсат ҳаст. То чизу чора ғун меорӣ, ки ситораи рӯз ҳам мебарояд.

Баробари дар осмони шарқ пайдо шудани ситораи рӯз хешбачаҳо барои хайру хуш якдигарро ба оғӯш гирифтанд. Ҳамин лаҳза назари амаки Раҳмони Шариф ба Дӯстмурод афтод, нисбати он рӯзе ки онҳоро аз қишлоқи Қунғуркурти Кангурт мекӯчонд, калонтару хушрӯйтар намуд, дар чашмони ӯ барқе дид. Ва ин барқ ба бача ҷозибае медод, ки дар чеҳраи дигар фарзандони усто онро надид. Тағо хам шуд, сари ду зону ва Дӯстмуродро бағал гирифту гуфт:

– Домоди зӯр мешавӣ бача. Хушбахт мешава духтаре арӯси ту гардад.

Дӯстмурод ҳарчанд чизе нафаҳмид, ин суханҳоро ҳамчун таъриф қабул кард. Ва аҳли оила ба роҳ даромаданд. Амаки Раҳмони Шариф то роҳи калон, ки аз канори маркази хоҷагии ба номи Ленин мегузашт, тағобача ва аҳли оилаи ӯро ки бори казоӣ надоштанд, гуселонд. Ҳангоми хайру хуш лабханде ба лаб овард ва сӯи Дӯстмурод ишора карда ба усто гуфт,

– Гулмурод, домоди маро боз азоб надиҳӣ. Бинам аз ту меранҷам. Усто Гулмурод дар ҷавоб шодона хандиду гуфт:

– Ака, гарди ҳам мешавад.

– Хайр, паноҳи шумо ба Худо, – гуфт Раҳмони Шариф дар ҷояш истода.

– Хайр, паноҳи шумо ҳам, – гуфт усто Гулмурод, – ба Худо.

* * *

Аз афташ малоикаҳои роҳгузар ки бе ҳарф дили амаки Раҳмонро диданду хонданду мақсади ӯро донистанд, омин гуфтанд. Омини малойкаҳои роҳгузар ба гӯши Ҳазрати Ҳақ расиду мустаҷоб шуд. Дӯстмурод, баъди ҳафт сол, баъди хатми мактаби ҳаштсола касби муҳосибиро дар шаҳри Душанбе аз бар намуд масъалаи зандор шудани ӯ ба миён омад, Гулмурод нияти он лаҳзаинаи амаки Раҳмонро ҳангоми озими сафар аз Данғара ба ноҳияи Колхозобод фаҳм кард. Амаки некбин ҳамон лаҳзаи субҳидам ба роҳ баромадани аҳли оила ба дил нияти домодии Дӯстмуродро гузаронда буд. Нияти холис ба Худо писанд меафтад. Бо ризоияти волидон Дӯстмурод бо духтари

калонии Раҳмони Шариф – Меҳмонгул хонадор шуд. Ва кӯчактарин воҳиди иҷтимо, хонаи обод ба вуҷуд овард. Чуноне ин паймонро усто Гулмуроду Раҳмони Шариф ба ҷо оварда буданд. Дӯстмуроду Меҳмонгул чор писару чор духтар ба дунё оварданд, зандору шавҳардор карданду соҳиби набераҳо шуданд.

Бунёди хонаи усто Гулмуроду ҳамсараш бо паймони заношӯӣ гузошта шуд ва бо фарзандон, ки ба ҳангоми хеш бунёдгузори хонаҳое барои худ шуданд, густариш ёфт. Имрӯз, агар фарзандону набераҳо ва абераҳои усто Гулмуроду Санамбиро як ҷо гирд оварӣ, як деҳ, як маҳалли калони шаҳрнишин мешавад. Баъдан тухми онҳо афзун мегардад ва ҳамин ки бунёдгузорони худро аз ёд бароварданд, бо ҳам бегона мегарданд. Чуноне ки инсони имрӯзаи рӯи олам бунёди худро намедонад. Кайҳо фаромӯш кардааст, ки замоне тӯфони Нӯҳ пасанда шуд, чор мард аз киштӣ фаромад. Бобои Нӯҳи набӣ ва се писару келинҳои ӯ. Офаридгор тухми онҳоро фаровон гардонд ва ба чор гӯшаи олам паҳн кард. Ва аз насл ба насл бунёдгузорони худро фаромӯш карданд, бо ҳам бегона шуданд. Агар ҳамин фаромӯшӣ намебуд дар олам байни инсонҳо ҷангу ҷӯш, кину адоват, дуздиву ғорат ҳам намешуд.

«Ноогоҳӣ, аз дил гузаронд Дӯстмурод, душмани қавму миллат ва тамоми инсонияти рӯи олам аст.» набераашро бари худ болои кӯрпача шинонд. Пешаш як пиёла чой монд ва шириниҳои рӯи дастурхонро наздик монд.

– Бихӯр, набераи бобо, – гуфт ӯ, – то калон шавӣ. Ва аз ӯ бобову момоҳояшро пурсиду амаку амма ва тағову холаҳоро. Бача ҷавоб дод. Вале замоне аз аммаву амакҳо, холаву тағоҳои падару модари ӯ пурсид, набера дар ҷавоб дар монд.

– Ана, – гуфт ба дил Дӯстмурод, – бегонашавии қавм аз куҷо сар мешавад. Он аз беэътиноии мо нисбати қавм ибтидо мегирад. Мо китоби авлод надорем. Худи ман ҳам аз падару модар боло намедонам. Падару модар, бобову бобокалонҳоро кам ёд мекарданд. Аз пагоҳ то бегоҳ аз паи пайдо кардани ризқу рӯзии оила буданд. Ташвишу тараддудҳои бисёри ҳамарӯза онҳоро пайгир буд. Танҳо худро медиданду фарзандони ба дунё овардаи худро. Ва заҳмати фардоро. Заҳмати фардо осон набуд. Модар ба сархорӣ вақт надошт. Шаб хамир мекард ситораи рӯз набаромада нон мепухт. Гард сурх мекард дар деги тасфону табақи гардсӯзро пеши Дӯстмурод ва ду апаву бародаронаш мемонд. Ва гоҳо роҳи фермаву гоҳи дигар роҳи даравро пеш мегирифт. Кай таом мехӯрду кай дам мегирифт? Инро Дӯстмурод намедид. Айёми тифлии ӯ падар дар Кангурт осёбдориву санги осёбтарошӣ мекард. Дар Данғара, замоне Дӯстмурод са-

федро аз сиёҳ фарқ мекарду ба бисёр кору кочори дунё сарфаҳм мерафт, падарро серташвиштар медид. Тирамоҳу баҳор бо ду барзагови хоҷагӣ ҷуфт меронд, тухм мепошиду мола мекард. Ва боз киштаи худро медаравид, бо чигина мекашонд, шола мезаду хирман мекард. Чапар мегардонду галагов. Ва дарзаҳои кӯфтаи гандуму ҷав, наску нахудро бод медод. Гандуму ҷав, наску нахудро аз бод мебаровард. Чошти суп-сурхи гандум, чошти сап-сафеди ҷав, чоштҳои ҷигарранги наску нахуд, ки усто Дӯстмурод аз бод баровардааст, соҳиб дорад. Ҳар чанд ки чоштҳо ҳосили ранҷи ӯ ва ҳамдеҳагони ӯст, вале ӯ ба тақсими чоштҳои гандуми сурху ҷави сафеду наску нахуди ҷигарӣ ҳақ надорад. Бо даъвати раис улавкашҳо меоянд ва ҳамаи инро бо табақи як пуда усто Гулмуроду Раҳмони Шариф ба ҷуволҳо мерезанд. Муштбанд мебанданд, ба галаи харҳои улавбарон бор мекунанд. Улавбарҳо роҳи пунктҳои қабули давлатии ғалларо пеш мегиранд. Нақшаи ғалласупорӣ, ки иҷро шуд, барои тухмии соли оянда хирман мебардоранд.

Ва дар ҳама ин муддат падар мондаву беҳол ба хона меомад. Завқи таърихи авлод дар фикру ботини ӯ коҳиш хӯрда буд. Фурсати ба ёд овардани гузаштаи худро надошт. Хайр, гузашта чи лозим? Бачаҳо хонанд, калон шаванд. Арӯсу домод гарданд. Аз ҳама муҳим ба чашми падар ҳамин буд.

* * *

Ба таълиму омӯзондани фарзандон фурсат надошт. Замона ҳамин хел буд, аз дил гузаронд Дӯстмурод. Дар мактаб ҳам таълими таърихи мулку миллатҳои дур буд. Қисмати зиёди ин таълим гузаштаи дури Русияро дар бар мегирифт. Шояд таълими таърихи қавму миллату мулки худ ба фоидаи сиёсати вақт набуд. Барои сиёсати бурунмарзӣ таърих, ки хатари ваҳдату иттиҳод омадани мардуми тоҷик дошт, шояд зиён меовард. Мардум ҳар чиқадар аз гузаштаи қавму авлоди худ дур бошад, ҳамон дараҷа аз ҳамдигар дур мешавад. Ва давлати миллати дигар ӯро осонтар ба итоати худ медорораду мувофиқи хости дили худ идора мекунад. Фарзандони имрӯза фардо бо ҳам бегона мегарданд. Ва бегонагӣ тухмаи маҳалгарӣ аст ва маҳалгароӣ мезояд. Ин зоиш чун қуввату қудрат пайдо кард, марги миллат мегардад. Сари ин андеша ҳодисае ба ёди Дӯстмурод омад, он гоҳ ӯ дар мактаби муҳосибии шаҳри Душанбе мехонд. Дӯстмурод пешгӯиро хуш надошт. Вале чи шуду пешгӯӣ кард. Ҷавоне ба назараш аз мардуми Бохтар намуд. Рӯй ва тарзи суханронии ӯ ба шиносоне ки аз ин ноҳия дошт, бисёр монанд. Дар дил яқин кард ки агар пурсад хато намекунад.

– Ошно, – гуфт Дӯстмурод, – шумо аз ноҳияи Бохтар?

Ҷавон ранҷид. Ва бо димоғи сӯхта гуфт:

– Ба худо шукр мегӯям, ки аз Бохтар нестам.

Мазоҳи Дӯстмурод омад ва пурсид.

– Агар аз ноҳияи Бохтар мебудӣ чи?

– Хайрият, – гуфт ҷавон, – ман дар ноҳияи Бохтар таваллуд нашудаам.

– Таваллуд мешудӣ дар ноҳияи Бохтар пурсид бо дили поку беғашу ғубор Дӯстмурод, – чӣ мешуд?

– Чӣ мешуд? – савол дод дар навбати худ ҷавон.

– Калон мешудӣ, – гуфт Дӯстмурод, – Бохтара дӯст медоштӣ.

Ғаши ҷавон омад ва гуфт,

– Агар дар Бохтар таваллуд мешудам худамро меовехтам.

Ҳарчанд ин гуфтугӯй, ки аз пешгӯии Дӯстмурод бархост ва ғаши ҳамсуханро овард, дуди ғаши ӯро нашинохт. Наметавонист ҳарфҳои ӯро нафрати ӯ қабул кунад. Ва наметавонист ҳазлу шӯхӣ пиндорад. Танҳо имрӯз, ки соҳиби набера ҳаст, ба таҳти маънии безории он ҷавон аз таваллуд дар маҳаллаи дигар расид. Ва ғофилии ӯро аз таърихи қавму миллат дарк кард. Аз таъсири андешаҳои Дӯстмурод мушоҳидае аз сафари хизматӣ ба кишвари Гурҷистон ёдам омад. Ва ба акаи Дӯстмурод онро ҳикоя кардам. Гурҷиҳо таърихи мухтасари Гурҷистонро, ки танҳо ҳаёти мардуми онро дар давраҳои ҳассоси тақдирсоз хеле содаву равон инъикос менамояд бо теъдоди зиёд нашр намуданд, то дар ҳама хонадонҳои мамлакат, инчунин идораву мактаб ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла тамоми утоқҳои меҳмонхонаҳо бошад. Асари мазкур китоби хонагӣ ва рӯимизии кулли мардуми Гурҷистон аст. Аз хурд то калон, аз посбон то вазир онро хондаанд. Ба назарам чунин намуд ки яке аз мояҳои асосии ваҳдати гурҷӣ ҳамин китоб аст. Ба ҳамин монанд китоби президенти кишвари мо бо унвони «Тоҷикон дар оинаи таърих» нашр гардид. Вале бо теъдоди маҳдуд. Чунон маҳдуд ки онро хонадонҳо он тарафу мактабу меҳмонхонаҳо ҳам, ҳатто аҳли қалам дастрас карда натавонистанд.

* * *

Дӯстмурод солҳои хунини 90-ӯмро ба ёд овард. Ҷазои ин камфаҳмиро як бор дидем. Мазаи заҳри маҳалгароиро дурустакак чашидем. Метарсам, аз ин варта сабақ нагирифтем. Ҳоло ҳам маҳалгароҳо кам нестанд. Онҳо мардуми шариранд. Ба нафъи маҳалли хеш тайёранд мардуми маҳалли дигарро ба варта андозанд. Аммо умри шарирон кӯтоҳ аст. Онҳо чун алаф гул накарда пажмурда мешаванд, мехушканд. Бод чун пари коҳ онҳоро аз як манзил ба дигар манзил мебарад. Мардуми овораанд шарирон. Умри онҳо

файзе надорад. Номи онҳо нафратангез аст, мардум ба номи онҳо лаънат мехонад. Лаънати чандин насли миллати тоҷик насиби онҳост. Ба ақидаи Дӯстмурод шарирон аз осмон намеоянд. Онҳо дар зодгоҳу ватани мо таваллуд мешаванд, байни мо месабзанд, қад меёзонанду умр мебинанд. Мардуми ноогоҳанд шарирон, онҳо аз кадом шоха будани худро намедонанд. Худои онҳо нафси онҳост. Агар таърихи қавму авлоди худро медонистанд, шояд ба зиндагӣ ба чашми дигархелтар назар меандохтанд.

Инсон аз оғоз хатокор омад. Агар бобои дуюми мо Нӯҳи набӣ, ки баъди Одам алайҳиссалом омад, таърихи авлоди худро рӯи қоғаз меоварду ба фарзандон мерос мегузошт ва фарзандон ба фарзандони худ. Ва то ин рӯзҳои мо ин мероси наслҳо идома меёфт, Ҷорҷ Буш арабро мардуми бегона намегуфт. Ва димоғи бағдодиёнро ба хок намемолид. Замоне Дӯстмурод аз сари ин муҳокимаронӣ, ки дилу майнаашро ба ҷӯш овард, фаромад ва қарор дод, то ҷое таърихи қавму авлодро медонад, қаламдод гардонаду ба фарзандон мерос монад ва ба ҳамаи онҳо огоҳӣ диҳад, ки ин меросро давом диҳанд, се дона чормағз аз дарахти азим болои аз бару пеши ӯ болои дастурхон ва сари китфи набера афтид.

Ин дарахти азими чормағзи ба чор тараф шоха давонда ва сояи баргу навдаҳои он аз рӯи нонпазхонаву оғилҳо гузашта чоряк ҳиссаи ҳавлиро фаро гирифта аз фарзанди калонии ӯ Робия чор сол, аз Муҳаббат як сол хурду аз Сироҷиддин се сол калон аст. Замоне Зулайхо ба дунё омад ин дарахт навниҳол буд. Баробари ба дунё омадани Маҳмадулло, ки ҳоло раиси хоҷагии деҳқонии «Парвизҷон» аст, аз худ нишонаи ҳосил зоҳир намуд. Бозоргулу Сайфиддину Идимоҳ чун чашм ба олам кушоданд ин дарахтро сершоху панҷа ва пурбор диданд. Танҳо падар ҳосили онро надид. Саросемагӣ кард падар, ёд овард Дӯстмурод. Ду солаки дигар сабр мекард, ҳосили ниҳоли чормағзи маро медид. Падар орзуи Дӯстмуродро барбод дод, бисёр мехост ҳосили аввали ин дарахтро падар чашад.

Падар ниҳолҳои зиёд шинонд пушту пеши хона. Ниҳолҳои ӯ себу зардолуву шафтолуву анору анҷиру ток буд. Аз ҳар навъ ниҳоле ки ӯ шинонд, ба зудӣ баъди ду – се сол боровар шуданд. Усто Гулмурод танҳо чормағз нашинонд. Ҳарчанд ӯ байни мардуми Кангурту Данғара нисбати оқибатҳои шинондани ниҳоли чормағз шубҳа дошт, вале аз чормағзпарварӣ худдорӣ мекард. Мардум мегуфтанд ки одами чормағшинон ба мақсад намерасад. То ниҳоли чормағз мард мешаваду то ба ҳосил меояд, ки шинондаи он аз дунё мегузарад. Шояд ин ақида асоси дигар дошт. Сабаби пайдо шудани ин андеша дер ба ҳосил омадани он буд.

Рӯзе ки падар аз ҳаёт чашм пӯшид навниҳоли фарзанди ӯ қад ёзонда аз девору боми баланди коҳдон болотар баромада шоху панҷаи бисёр паҳн карда буд. Аллакай сояи он рӯи суфаи калонро мепӯшонд. Падар аз ҳама ниҳолҳои шинондаи худ ва писари дигараш Эшмурод сояи ин ниҳоли чормағзро дӯст медошт. Дар офтоби тамузи тобистон, мегуфт падар, аз сояи чормағз беҳтар сояе нест. Салқину бе паша аст, чою таомро таги ҳамин соя мехӯрд. Вале танҳо не. Пеш аз он ки келини дӯстдори ӯ Меҳмонгул, ё кампираш дастурхон оваранд, усто Гулмурод мегуфт,

– Пиру кампир куҷо?

Ва ба келин амр медод,

– Рав фарзандам. Пиру кампира биёр.

Пиру кампир Саиди Абдураҳим ва ҳамсари ӯ Заррагул ҳамсояҳои наздики усто Гулмурод буданд. Синну соли онҳо ба ҷое расида ва дастёре надоштанд. Аҷаб пиру кампири шӯху зиндадиле буданд. Дӯст медошт усто Гулмурод шӯхиҳои ҳардуро. Ҳине Дӯстмурод ҳаммом сохт, ҳазлу ханда рӯи суфаи таги чормағз зиёдтар шуд.

– Ҳаммомат, – мегуфт кампири Заррагул ба Дӯстмурод, – бобота бачаи бисту панҷ – сӣ сола кард. Бе ман ҳаммом намедарояд. Ана, ҳамроҳаш медарояму дар бало мемонам. Бобот ганда шудай.

– Момам чӣ? – мепурсид ин лаҳзаҳо Дӯстмурод.

– Хонада мурғи лапӣ, – мегуфт бобои Саид. – А... дар ҳаммом аждаҳор.

– Тоза мешавӣ, мӯйсафед.

* * *

Саркорӣ барои Дӯстмурод вазифаи нав буд. Баъзан дар ташкили кору муносибат ба мардум сари калобаашро гум мекард. Вале сир бой намедод. Аз ҳама аҳли биригада барвақт мехесту аз ҳама охир ба хона меомад. Ба соире аз одамон гузашт мекарду нисбати қисмати дигаре сахтгир буд. Вале дар ҳама сахтгириҳои худ одил буд. Андешаи байни қариб 28 нафар саркорони хоҷагии ба номи Ниёзмуҳаммад Бегов пешравӣ дошт. Вай дар феълу рафтор шишту хез ба муносибати Ниёзмуҳаммад Бегов нисбати деҳқонони серғайрату пухтакор, коркуштагону камғайратон, содиқони вазифаву фиребдиҳандагон, билохир танбалону коргурезон, инчунин саркорони ӯҳдабарову ноӯҳдабаро пайравӣ мекард. Дӯстмурод раиси Ниёзмуҳаммадро ҳамчун шахси барангезандаи андеша дар деҳқони одӣ то роҳбарони зинаҳои охири хоҷагӣ медонист. Ва ҳамчун такондиҳандаи мағз мешинохт. Ба назараш чунин менамуд ки барангехтани андеша ба раис ба осонӣ даст медиҳаду баҳри ӯ хеле ба мушкилӣ муяссар мегардад.

Раис нисбати фиребкорону хушомадгӯён созиш надошт, дар баробари зӯроварону дағалбозон устувор истода онҳоро мағлуб мекард. Мекӯшид ки ҳеҷ роҳбари хоҷагӣ ҳақи онро надошта бошад, ки ҳосили ранҷи дигареро бо фиребу зӯрӣ биситонад ва инсони заҳматиро зери по гузорад.

Дӯстмурод дар кори пешбурди аҳли бригада ба Ниёзмуҳаммад Бегов пайравӣ мекард. Ва аз Худои мутаол зӯри бозу, тавоноии пой, шунавоии гӯш ва биноии чашм мехост. Ва партави худододаи ботини ӯ ба ӯ тавоноӣ мебахшид. Шояд ҳамин партави худододи ботини Дӯстмуродро раиси Ниёзмуҳаммад аз рӯзи аввал, ҳине ки ӯ бо дипломи муҳосибӣ ба дафтари кории раис ворид шуд, эҳсос кард. Дӯстмурод то ин лаҳза огоҳӣ дошт, ки идораи хоҷагӣ эҳтиёҷ ба муҳосиб надорад ва ҷои холӣ ҳам нест. Вале ӯ аз бари падару модар дур рафтан намехост. Охир синну соли онҳо ба ҷое расида буд. Падар ба раис ҳар кору вазифае диҳад, Дӯстмурод розӣ мешавад. Дар акси ҳол зинда бод каланд. Шукр, қувваи ҷисмониаш мерасад, бо досу каланду бел калон шуд.

Бар хилофи чашмдошти ӯ раис ба Дӯстмурод нигоҳе кард пур аз ангезаи меҳру муҳаббат ва гуфт:

– Шояд донӣ ки аз муҳосиб камӣ надорем?

Ва Дӯстмурод дар ҷавоб бо ишораи тасдиқ ва бо чеҳраи кушод сар ҷунбонд.

– Ҳама ҷоҳои холӣ банд, – илова кард раис ва дар симои Дӯстмурод гарде аз ранҷиш ва ноумедӣ надид. Балки ӯ бо рӯи кушодаву чашмони барқпош ва лабҳо моил ба табассум меистоду аз худ ҳаракати беҷое зоҳир намекард. Нигоҳу чеҳраи нӯронӣ ва одоби ҳуҷастаи Дӯстмурод ба раис хуш омад. Раис Ниёзмуҳаммад Бегов вазифаву корхоҳони бисёреро ёд дорад, ки дар сурати ҳосил накардани нияти худ чеҳраҳошон кашида мешуд. Нигоҳи чашмон аз ғазаби дил башорат медод, ё маъюсу бечораҳол мегардиданд. Дӯстмурод баракси ҳамаи онҳо бо лабҳои моил ба хандаву дили беғаш ва миёни росту сарбаланд ва нигоҳи меҳрубонона гоҳ – гоҳ чашм бардошта ба раис назаре меафканд. Ва Ниёзмуҳаммад Бегов дар нигоҳи ӯ ҷавонмарди бо шарму ҳаё ва соҳиби дилу гурдаи баҳодуронаро дид, ба андеша рафту ба худ гуфт. «Аз дасти ин хел ҷавонмард бадӣ намеояд. Аз ӯ ҷавонмарди устувору кордон мебарояд, аз худ ва хоҷагӣ дур кардани ин писар нек нест. Мардони хуб ба хоҷагӣ файзу баракат меоваранд.

Ин лаҳза Дӯстмурод метавонист бечоранолӣ кунад. Аз модари солаш ба ҷое расида ва падари таги ҳафтод, ки қариб панҷоҳум соли умри худро сарфи хоҷагии дастҷамъии деҳқонӣ кардааст, сухан ба

миён оварад ва аз раис шафқат талабад. Гӯяд ки ба ҳоли падару модари ӯ раҳм кунад, вале Дӯстмурод аз ин боб лаб накушод. Чеҳраи кушод ва хомӯшии боадабона, ки кӣ будани Дӯстмуродро пеши назари хеле оқилонии раис нишон медод, ба ӯ хуш омад ва ба дипломи муҳосибии ӯ дубора чашм давонда ному номи падари Дӯстмуродро хонд ва пурсид:

Бачаи усто Гулмурод мешавӣ?

– Писари ҳамон кас, – гуфт Дӯстмурод.

«Аз ин хел падар, – гуфт зери лаб, ки садои он ба гӯши Дӯстмурод нарасид, бачаи бадфеъл намерӯяд. Аз заҳмати усто Гулмурод ҳама осёбҳои хоҷагӣ гардону ҷувозҳо кор мекунанд. Марди ҳунар аст падари ин ҷавон. Бо вуҷуди фоидаи кам мӯйсафеди дасткушод ба болои оилаи калони худ нигаҳбони пиру кампири бенигаҳбону ҳамсояаш бобои Саиду момаи Заррагул. Ба шуниди раис усто Гулмурод як пиёла чойро бе онҳо намехӯрад. Ва дар ҷавоби хомӯшиву чеҳраи беғашу ғубори Дӯстмурод гуфт:

– Барои ту ҷо меёбем. Аз ҳамин рӯз аризаатро навис.

Раис котиби худро садо кард. Чун ӯ ҳозир шуд, сӯи Дӯстмурод ишора кард ва гуфт:

– Аризаи ин йигита гир. Сармуҳосибро гӯй пеши мон дарояд.

Дӯстмурод ҳамроҳи котиб бо дили шод аз кабинети раис баромад. Ва дар қабулгоҳ котиб аз ӯ пурсид:

– Раис чи вазифат дод?

– Ба ростӣ надонистам.

– Ҳоло ариза нанавис, – гуфт котиб ба дасти Дӯстмурод қоғазу ручка дода. – Охир навишта чи мегӯӣ. Аз раис ҳам напурсидӣ.

– Рӯм нашуд, – гуфт Дӯстмурод.

– Ҳеҷ гап не, – гуфт котиб. – Ҳозир сармуҳосиб барояд ҳамаш маълум мешава.

Сармуҳосиб ки ҳини даромадан саломро ба котибу Дӯстмурод аз саросемагӣ амонат дониста буд, аз кабинети раис баромад. Салом доду вохӯрӣ кард ва гуфт:

– Муҳосиб қабул шудӣ. Аризата ба дасти котиб деҳу назди ман биё.

* * *

Муҳосибон пеш аз шомгоҳӣ кори рӯзонаи худро ба охир расонданд. Дӯстмурод ки соҳиби мизу курсӣ ва қаламу дафтарҳои муҳосибӣ гардида буд, бо димоғи баланд ва дили шод аз дари ҳавлӣ даромад. Болои суфа таги шохаҳои пурбарг падар ҳамроҳи мӯйсафеди Саид ва кампири Заррагул дар лабҳо ханда ва бо чеҳраи

шодон менишастанд. Дӯстмурод ду даст пеши бар ба онҳо салом доду наздашон омаду пурсид,

– Чӣ хизмат кунам?

– Аср ба шом шуд, бачам, – гуфт падар. – Ҳоло шом шиканад, баъд хизмат мекунӣ. – Ва ӯ илова кард,

– Дер омадӣ, ку гапу хабарата гӯй.

– Раис маро вазифа дод. Кор кардам, падар.

Чун падар донист ки ӯро муҳосиб тайин кардаанд, хушнуд гардид ва гӯё сараш ба осмон расид, вале ба андеша рафт.

– Ин хел раисҳо, – гуфт усто Гулмурод, – бисёр нест. Агар дар дунё дуто бошад, яктош ҳамин Ниёзмуҳаммад Бегов. Якто бошад, худи худаш. Раиси худотарс ҳақи мардумхӯр не, сахт парҳез мекунад. Аз ӯ ёд гир бачам. Ба бойҳо, ба ҳамсояҳо таассуб накун. Ҳақи ҳалоли худро шинос, аз дигаронам шинос. Қалам мӯҷиза ҳаст, эҳтироми қалама дон. Як рақами ҳаром соҳибқалама дӯзахи ҳақиқӣ мебарад. Эҳтиёт бош, агар ту гуноҳ кунӣ, гуноҳи туро ба раис наменависанд. Худат ҷавоб медиҳӣ. Эҳтиёт бош, ҳамин хел ҳисобу китоб бар, ки ҳар заҳматкаш бекамукост соҳиби ҳақи худ гардад. Аз ҳисобу китоби чатоқ худата дур гир.

Суханҳои падар ба гӯши Дӯстмурод даромада ба мағзу устухонаш нишаст ва панди якумрӣ гардид. Аз ҳикмати падар бурд кард. Ҳалолу пухтакории ӯ писанди мардум омад. Аз ҳисобу китоби ӯ бӯе аз ғадру ноинсофӣ ба димоғи ҳамкасбон намерасид. Ҳамкасбон ба як дараҷа аз устувории Дӯстмурод дар роҳи адолати ҳисобдорӣ ибо мекарданд. Ва ӯро покниҳод донистанд. Ниҳоди аз ҳама гуна фоидаситонӣ беолоиш, ҷавонмардиву назари баланди ӯ ба раис Ниёзмуҳаммад Бегов хуш омад, ният кард, ки Дӯстмуродро дар вазифаҳои роҳбарӣ озмояд. Ба назари ӯ Дӯстмурод нисбати ҳама ҳамсолонаш кордонтар намуд. ӯро назди худ хонд ва пурсид,

– Кабинетшинӣ ба дилат назадааст?

Дӯстмурод чи ҷавоб гуфтанашро надонист. Вале ҳис кард ки ӯро ба ягон кори дигар мегузаронанд. Бо нимтабассум гуфт,

– Чи коре шумо лоиқ бинед, ҳеҷ гоҳ ба дили ман намезанад.

– Ин корат, – гуфт раис, – кори одамҳои аз ту калонсолтар. Дар ин синну сол аз пагоҳ то бегоҳ як ҷо нишаста, чут задаву навиштан шарт не. Биё, аз пагоҳ ҳисобчии ферма. Ҳамроҳи акаи Саидҷон Салимов кор мекунӣ.

Акаи Саидҷон Салимов падари шахси кайҳо боз овозадори ноҳияи Колхозобод Сафар Саидов аст.

Дӯстмурод ӯро хуб медонист. Дар идора ҳисобу китоби чорвои хоҷагиро ӯ мебурд. Дониши марди хирадро на танҳо дар соҳаи

чорводорӣ, балки адабиёту фарҳанг, одобу услуб, анъанаҳои мардумӣ нағз мешинохт. Марди оқил буд акаи Саидҷон. Дар оиладориву тарбияи фарзандон шӯҳрат дошт. Ӯро падари ҷабҳаи чорводории хоҷагии ба номи Ниёзмуҳаммад Бегов мегуфтанд. Марди номдору дастурхондор буд. Набуд меҳмоне ки ба ин хоҷагии номдор ояду лаби дастурхони ӯ нон нашикаста ва намак начашида бошад. Раис меҳмонҳои иззатманди худро бо дили пур аз шодӣ аз дари ҳавлии акаи Саидҷон медаровард. Аз файзи ӯ чорвои хоҷагӣ як бар даҳ афзуда буд. Хоҷагӣ якуним ҳазор гов ва сенздаҳ ҳазор гӯсфанд дошт. Дӯстмурод бо чунин як марди некном кор карданро доди Худо, ҳиммати баланди раис ва шарафи бузург донист. Ва дар ҷавоби пурсиш бо хотири болида гуфт,

– Ба дилу ҷон.

Акаи Саидҷон ӯро чун фарзанд истиқбол кард. Пирамард шаҷараномаи авлоди хешу пайвандон ва қавм дошт. Нома баробари як китоби калон серварақ буд. Он аз бобову бобокалонҳои ӯ оғоз меёфт. Таърихи кӯҳистон буд номаи аъмоли акаи Саидҷон Салимов. Аксар номҳои номаи аъмол ба гӯши ҳуши Дӯстмурод бегона намуд, вале акаи Саидҷон мешинохт онҳоро. Охири нома номи ниёи Дӯстмурод Холмурод баромад. Ва пирамард гуфт:

– Дидӣ аз як кунда будаем мову шумо.

Он лаҳза Дӯстмурод ба дил афсӯс хурд, ки чунин навиштае дар хонаи онҳо нест. Агар мебуд, номаи аъмоли акаи Саидҷонро пурратар мегардонд. Ва ин ҷо дар дили Дӯстмурод ин сатрҳо оташи афсӯс аланга зад. Ва бо алам ба андеша рафт. Агар дар ҳама хонадони тоҷик чунин нома, ки пеш аз Инқилоби Октябр расм буд, боқӣ мемонд, шояд тоҷик тоҷика намефурӯхт ва ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ кас наметавонист ин миллатро ба ҳам барангезаду ба ҷанги бародаркуш андозад.

Ва ин ҷо боз ақидаи пирони солҳои ҷанг ба ёд омад. Аз гуфтори онҳо ошкор мегардид, ки аксарияти оилаҳо номаи аъмол доштанд. Ва дар саҳифаҳои онҳо одамони донишманд ва бойҳои бадавлат буд. Диданд, ки аз рӯи сиёсати вақт, ки гадопарвар буду авлод ба авлоди гадоҳоро бузургу бомартаба медонист, ба дасти мақомоти ҳуқуқ афтад, аз сад ҷон як ҷонаш намераҳад. Хаташ аз Сибир меояд, ё беному нишон мегардад бо тамоми аҳли оила ва хешону пайвандон.

Номаи аъмол парвандаи тайёри ҷиноятӣ шуд, ба сари мардум як аҷали тайёр. Вақте аҷал дасти худро сӯят дароз мекунад то ҷонатро чанг занад ба хотири ҷон аз баҳри молу амвол, хешиву пайвандӣ мегузарӣ. Мардум ин дасти аҷалро солҳои бистуми асри бистум ҳис карданд. Ва солҳои сиюм онро бо чашми худ диданд. Баъзе соҳибони номаи аъмол ба кафи бод афтоданд. Бод онҳоро саргардон

медошт. Қисмате ҷони худро раҳонид ва гурезаи мулкҳои бегона шуд, соири дигаре ба гирдоб афтид, ғарқ шуд, беному нишон гашт.

Одами пешрав барои онҳое ки аз пас меоянд пул аст. Купрӯки варта аст одами пешрав. Аз сарозер шудани пешравҳо пасравҳо тарсиданд. Ва барои худу зану фарзандон ларзиданд. Номаҳои аъмолро аз сандуқу сандуқчаҳо берун оварданд. Шаби зулмот номаҳои аъмолро дур аз ҷойҳое ки пои агент намерасид таги хок карданд. То дар осмон моҳу ситора набошаду чашми даъвогаре наафтад. Илоҳо касе пайхас набарад. Вагарна аз таги хок мебардорад ва ҷони ширин бар бод меравад. Ин тарси онҳо хуб буд ё ганда, Дӯстмурод ҳукме набаровард. Шояд хуб буд, ки ҳама мардум маҳкум ба маргу гурезаи ватан нашуд. Боқӣ монд, то дар сарзамини авлодӣ насл паҳн кунад. Олиму золим, донову нодон, одилу ришвахур, ранҷбару фиребгар ба дунё оварад. Донишмандону адибони номӣ ба оламиён диҳад. Ҳеҷ гоҳ суханони пирони солҳои панҷоҳум аз хотири Дӯстмурод зудуда намегардад. Онҳо мушоҳидони дақиқ буданд. Ба муносибати нави замони нави баъзе падарону фарзандон, хоҳарону бародарон, хешону таборони наздик зеҳн мемонданд. Медиданд, ки чи ранг авлод як пушт нарафта ҷиянҳову тағоҳову амакҳову аммаҳову холаҳо бегона мешаванд. Бародарон байни ҳавлӣ девори баланд мебардоранд, то рӯяшон ба рӯи зану фарзандони ҳамдигар нарасад. Писарон тарки хона мекунанд. Аз ғаму ташвиши падару модар нисбати онҳо безоранд. Ба роҳҳои дур мераванд. То панду насиҳати падар ба гӯшашон нарасад. Суроғаҳои худро пинҳон медоранд, ки мабод бо мактубе ӯро озор диҳанд, ё ба ҷанозаи падар даъват намоянд. Ба ақидаи акаи Саидҷон Салимов мардуми аз тиррешаву патакрешаҳои қавму авлоду миллат бехабарро душмани ҷону молу амволи ҳамдигар гардондан саҳл аст. Чунки ин қавм ҳамбастагиву пайвастагиро намедонад. Раҳгум аст дар чорроҳаи зиндагӣ.

* * *

Дӯстмурод аз ин пири хирад илми ҷавонмардиро омӯхт. Аввали кор хуб буд, вале охираш ба хайр наомад. Зимистони солҳои 1963 – 64 ғайри чашмдошт омад. Онгоҳ Дӯстмурод ин чормағзеро ки таги он усто Гулмуроду бобои Саиди Абдураҳиму кампири ӯ Заррагул нишастаанду хушгӯӣ доранд, нашинонда буд, Чунки зимистони қаҳратун фармонфармоӣ дошту баҳор дар пеш буд. Ҳамон соле буд ки нахустфарзанди Дӯстмуроду Меҳмонгул – Робия се сола шуд ва нав забон мебароварду ҳавлидавак буд. Ва дасту пои Меҳмонгул вазнин буд, ӯ бисёр мехост баҳри Дӯстмурод писар ба дунё оварад. Ҳарчанд медонист ки барои шавҳар духтар на камтар аз бача азиз

аст. Баъдан Муҳаббат ба дунё омад. Писари нав димоғи аз ферма сӯхтаи падарро шод кард.

Ва ин ҷо аз димоғи сӯхта зимистони қаҳратуни солҳои дар боло зикргардида дар назар аст. Тобистон вақте офтоб заминҳои ноҳияи Колхозободро нисбати ноҳияҳои Вахшу Бохтару Хоҷамастону Хуросон бештар метасфонад, ҳеҷ гоҳ гумон намебарӣ, ки ин мулк зимистоне ҳам дорад сарду бераҳм ва метавонад гӯсоларо дар батни модагов ях бандонаду дилу ҷигари гӯсфандро сард кунад. Дар ферма мурши чорво сар шуд. Дӯстмурод ба ҷои ҳисобу китоби вазнафзункунии чорво ва ҳаҷми шири модаговҳо актҳои дароз менавишту сабабҳои муришро шарҳ медод.

Аз вазъияти дар ферма ба вуҷуд омада дилгир шуд Дӯстмурод. Акаи Саидҷон Салимон, ки марди пурдидаву корозмуда буду дар ҳама қоғазҳои акти Дӯстмурод бо дили кушод имзо мегузошт гуфт:

– Дӯстмурод, бачаҷон парешон нашав. Ин айби ману ту не, Худованд зимистонро ҳамин хел овардааст, ки чорвои мо талаф гардад. Ҳама сол як сол нест. Ғамгин нашав, соли оянда ҳамаш ба ҷояш меояд, шумораи чорворо барқарор мекунем. Агар худо диҳад микдори говҳоро ба ду ҳазору гӯсфандонро ба понздаҳу шонздаҳ мерасонем. Раиси мо Ниёзмуҳаммад Бегов марди хирадманд, вазъияти моро беҳтар аз мо медонад. Ва сабаби талафи чорворо ҳам.

Дӯстмурод ҷавонмарди ҳамакора буд, на танҳо бо ҳисобу китоб, балки бо техника ҳам сару кор дошт, трактор меронду хӯроки чорво захира мекард. Ва он рӯз аз суханони Саидҷон Салимов замоне хотири Дӯстмурод таскин меёфт ва замони дигар зимистони нобарорро аз ёд мебароварду номусаш меомад. Худро гунаҳгор медонист ва сазои гунаҳгор чист?

Дӯстмурод ба зудӣ дучарха ёфт. Барои ҳаракат бадтарин роҳҳоеро ки ба сӯи ферма мебурд интихоб кард. Вале мардуми аз мақсади Дӯстмурод ноогоҳ аз дучархаронии ӯ ба ҳайрат меомаданд. Боре Ниёзмуҳаммад Бегов аз роҳи пурхаму печ ва пур аз пастиву баландиҳои роҳи ғайриасосии ферма рӯ ба нишеб чун тири фалахмон рафтани Дӯстмуродро дид. Нобориҳои фермаи чорво дар соли аввали ҳисобдории Дӯстмурод пеши назараш омад ва аз номуси ӯ пай бурд. Ин ҷавон бо ин дучархаронӣ гуфт ӯ ба ронанда, мехоҳад сари худашро хӯрад.

– Қафо гард, – фармуд раис, аз паи дучарха ҳай кун. Ҳине ронанда мошинро аз роҳи шаҳраки Исоев ба сӯи хоҷагӣ гардонд дучархаву савораи он аллакай аз назар ғайб зада буд. Ин лаҳза ба дили раис ҳаросе афтод ки ҳеҷ гоҳ дар банди андешаи он набуд. Ҳазору як гумону шубҳа аз дили ӯ гузашт. Дар роҳ ду купрӯк ва боз як купрӯк аз

болои наҳри калон. Агар дучархаи Дӯстмурод ба чӯбҳои беҷони девори купрӯк бархӯрда ва сарозер ба дарё рафта бошад, аз куҷо ту ӯро мебинӣ.

Вақте мошини раис аз болои ҳар се купрӯк гузашт, ӯ нақше аз фалокат надид. Ва назди идораи хоҷагӣ дучархаро диду нафаси осуда гирифт. Аз мошин фуромад. Бо амри ӯ Дӯстмуродро аз дафтари кории сарҳосиб берун оварданд. Раис бо ӯ вохӯрӣ карду ба дучарха ишора карда пурсид:

– Аз ин дучарха чӣ мехоҳӣ?

Дӯстмурод ҷавоб надод ва нагуфт, ки марг мехоҳам. Раис ҳам мунтазири ҷавоби ӯ нашуд. Ва ба ронандаи худ фармуд, ки дучархаи Дӯстмуродро бубарад, занҷир ва қулфу калид кунад. Дучархаро чунон занҷирбанд кард, ки бе калиди кисаи раис кушодани он амри муҳол шуд. Ниёзмуҳаммад Бегов чун ба ҳабси дучархаи Дӯстмурод дилпур гардид ба ӯ гуфт:

– Дар ихтиёри ту мошини ГАЗ-51, ронанда Ҳаким дар хизматат.

Ҳабси дучарха чил рӯз давом кард. Ва муриши чорво давом дошт. Аз хотири парешон ва чеҳраи бадарди Дӯстмурод раис ғами беҷои ӯро пай мебурд. Дӯстмурод аз паи коҳу сабӯсу кунҷора медавид. Ҳар рӯз ба ҷуз духтури ҳайвоноти хоҷагӣ байторҳои коршиноси идораи хоҷагии қишлоқи дигар хоҷагиҳоро меовард. Роҳҳои пешгирӣ кардани талафоти чорвои хоҷагиро меҷуст, аз муриши гову гӯсфандон номусаш меомад. Роҳи халосӣ аз азоби номусро дар фалокати автомобилӣ медид. Вале ҳеҷ неки фалокат рӯй диҳад. Охир дар паси рул ӯ не, ронандаи хеле ботаҷрибаву дилпури раис нишастааст. Марди орому ба тамкин аст ронанда. Оҳанги роҳу феъли мошинро бо тамоми нозукиҳо эҳсос мекунад. Тӯли чил рӯз нашудааст, ки чарххои он ба чуқуриву пасту баландиҳои роҳҳои ноҳамвор задаву дак хӯрда бошад.

Вале раис Ниёзмуҳаммад Бегов ба ин наздикиҳо дучархаи Дӯстмуродро аз маҳбас баровардани набуд. Ҳарчанд ки мошини боркаши ГАЗ-51 дар ҷойҳои дигари хоҷагӣ, аз ҷумла барои кашондани доруву нурӣ ба сари заминҳои бригадаҳои пахтакори хоҷагӣ аз ферма ҳам зарууртар буд, лекин раис аз дучархасаворӣи Дӯстмурод ба дил бим дошт. Доруву пору майлаш. Як рӯз бавақт, як рӯз бевақт доруву пору ба сари заминҳо мерасад. Бо вуҷуди он ки раис нисбати амалу номуси Дӯстмурод сари андеша буд, аз ин феъли ӯ, ки мағз андар мағзи масъулият ба кору садоқат ба вазифаи супурдаи раис буд, хушаш меомад. Ва ташвишҳои аз андоза беруни Дӯстмуродро пеши назар меовард. Бачаи аҷиб. Чорво ки шуд мемурад, як сол кам

шуд соли дигар зиёд мешавад, боз ҷояшро мегирад, ҳатто аз ҷояш мегузарад, ҳама сол як сол нест.

Ба сари раис андешаи дигар омад. Дӯстмуродро дар ҳисобдорӣ санҷид, ӯ аз ин имтиҳон гузашт. Фаъолияти ӯ дар ферма ба таъби пири кор акаи Саидҷон Салимов ки тӯли даҳ соли мудирӣ дар байни тамоми хоҷагиҳои водии Вахш хоҷагиро ба ҷои аввал баровард, хуш омад. Номус ва ташвишу тараддудҳои Дӯстмурод ҳам беҳуда нарафт, то дараҷаи назаррас мурриши чорворо пешгирӣ карда бошад ҳам, аз худ сахт норозӣ. Ҳамин аз худ норозигии Дӯстмурод раисро ба он медошт, ки Дӯстмуродро ба кори дигар гузаронад.

Дар хоҷагӣ ду-се ҳафта пас мавсими кишти чигит оғоз меёбад. Ва синну соли саркор Мирзомурод Холов ба ҷое расидаст. Мирзомурод ғайрати ду-се соли пешинаро надорад. Ба ӯ мададгори ба нангу номус лозим. Агар Дӯстмуродро дар паҳлӯи ӯ монад, шояд кори Мирзомурод пеш равад. Раис Дӯстмуродро ҳисобдори бригадаи ӯ тайин мекунад. Ҳисобдор ин бригадири дуюм аст. Аввал ин ки Дӯстмурод таҷрибаи коргузориву роҳбарии Мирзомуродро меомӯзад. Ин як. Дуюм аз ӯ раис умеди калон дорад. Шояд аз ӯ саркори оқил барояд. Бо ҳамин андешаҳо дучархаро аз ҳабс озод карду ӯро назди худ хонд ва гуфт:

– Зимистони қаҳратуни имсола туро азоб дод. Заҳмати бисёр ҳам кашидӣ. Аз пагоҳ ҳисобдори бригадаи Мирзомурод Холов мешавӣ, боварӣ дорам обрӯи бригадаро мебардорӣ. Маъқул.

Дӯстмурод ба нишони қабул сар ҷунбонд ва раис бо лаби пурханда илова кард.

– Ба ин муносибат дучархаат аз ҳабс озод. Падару модари пир, зану фарзанд дорӣ. Аз ҷон безорӣ накун. Ин ҷон агар барои ту зиёдатӣ бошад, баҳри онҳо эҳтиёт кун. Гадои зинда беҳ аз авлиёи мурда. Ин пандро ба гӯшат гир.

Раис аз ҷой хест. Даст ба китфи Дӯстмурод монду ба ӯ барори кор хост. Ҳамон лаҳза аз дӯши Дӯстмурод бори вазнин афтод. Орзуи фалокати техникӣ аз сар парид. Ба дучарха нишаста ороему бо эҳтиёт роҳи бригадаи Мирзомурод Холовро пеш гирифт.

Соле ҳисобдорӣ карду рамузи ташкилу сафарбарии кори бригадаро омӯхт. Соли дуюм лаҷоми идораи деҳқонони бригадаро ба даст гирифт. Аллакай медонист кӣ дар куҷо беҳтар самар медиҳад. Рӯзҳои кори бригадаи пахтакор одӣ аст, чобуқ, обмонӣ, чеканка ва ғизодиҳиву коркарди техникӣ. Лекин ҳама ин ҷузҳои ба чашм одӣ хеле нозуку мураккаб аст. Дӯстмурод ин ҳамаро дар якҷоягӣ технологияи коркарди замин номид. Ва ҳар яке аз ин ҷузҳо оғозу анҷоми саривақтӣ дошт. Аз байни деҳқонони бригада обчиҳои яккачин ин-

тихоб кард. Онҳоеро интихоб намуд, ки ба обмонӣ на танҳо ҳавас, балки маҳорату таҷрибаи кофӣ доштанд.

Зеҳни баланд ҳам ба Дӯстмурод мададгор буд, ба илми агрономӣ сару кор гирифт ва дар андак муддат дониши хуб андӯхт. Аммо донишҳои агрономӣ ӯро қонеъ нагардонд. Ба омузиши илми агротехника ва технологияи коркарди пахта сару кор гирифт. Китобу рисолаҳо мутолиа намуд ва аз таҷрибаи пешқадами технологии коркарди замин ба дараҷаи зарурӣ огоҳӣ пайдо кард. Акнун ӯ бо агроному энтимолог озодона сӯҳбат меорост. Мубоҳиса ҳам дошт. Ва аксар вақт андешаи тозаи ӯ ба агроном писанд меомад.

Дӯстмурод ба омӯзиши ҳама ҷиҳатҳои донишҳои кишоварзӣ ва ҳамчунин техникаи коркарди замин рағбати беандоза дошт. Ва аз ӯҳдаи идораи техникаи хоҷагии кишоварзӣ ба хубӣ мебаромад. Инро на танҳо сармуҳандиси хоҷагӣ Ибод Сафаров, балки раиси Ниёзмуҳаммад ҳам медонистанд.

Дӯстмурод ҳеҷ гоҳ аз беҳавсалагии механизатори бригада ба хашм намеомад. Аз бетобиву бемории ӯ ба таҳлука намеафтод. Озод паси рули трактор менишаст ва замони нарм намудани ниҳолҳои ҷӯякҳои пахта, инчунин озуқадиҳиро аз даст намедод.

Раис Ниёзмуҳаммад Бегов ин хислатҳои Дӯстмуродро мисли панҷ панҷа медонист. Ҳине ки ӯ Дӯстмуродро аз ҳисобдории ферма, ки ҳамзамон механизатор ҳам буд, ба дигар кор гузарониданӣ шуд, метавонист ӯро ба ҷои саркор Мирзомурод Холов тайин кунад. Вале замона пухта буд. Саркор бояд аз зинаи якум ки ҳисобдории бригада аст мегузашту таҷриба меандӯхт. Чун худро ҳамчун марди деҳқони ӯҳдабаро нишон медод, ӯро ба зинаи дуюм мегузаронданд. Ва Дӯстмурод аз ин имтиҳони раис бо сарбаландӣ гузашт.

* * *

Ҷавонмарде ки аз ӯҳдаи ҳисобдории бригада ба осонӣ баромад, баҳри ӯ саркорӣ мушкил нест. Мушкилоти Дӯстмурод на ин балки дигар буд. Падар бистарӣ шуду рӯз аз рӯз ранҷуртар мегардид. Ғайрати таҳорат, намозхониаш мекост. Вале сояи чормағзи навниҳоли Дӯстмуродро, ки акнун ҳаштсола мешуд тарк намекард. Кампири Заррагул аз поёни пову бобои Саид аз болои сари ӯ дур намешуданд.

Дар синни 78 бистарӣ шудан хуб нест. Оқубати нек надорад, бо биму ҳарос аз дил мегузаронд ҳамсари усто Гулмурод холаи Санамбӣ. Хешону таборон, ҳамсояҳову аҳли калонсоли маҳалла ба аёдати ӯ меомаданд.

Дарди падар вазнин буд. Вале ором, ба сабру тамкин. Чуноне ки

тӯли умри ҳафтоду ҳашт сола боре ҳам аз зиндагӣ ҳарфи шикоят ба забон намеовард, аз дард ҳам шиква надошт ва ба мардуми сиҳату тандуруст, махсусан мӯйсафедони бардам ҳасад намебурд. Чуноне ки айни сиҳативу бардамӣ нисбати ягон инсони зӯровару давлатманд ҳасад надошт. Рӯи бистари марг ҳам вазнину бо тамкин буд, чеҳраи кушод дошт, бо онҳое ки ба аёдат меомаданд гап мезад. Ба пурсишҳои онҳо самимона посух медод. Ва ҳамсӯҳбат аз таъсири оромиву вазниние, ки пирамарди усто Гулмурод дошт, дардеро дар вуҷуди ӯ пай намебурд. Ва ҳамоно аз шӯхӣ ва ҳикоятҳои намакини бобои Саиду кампири Заррагул роҳате дошт. Хирахандии ширин мекард. Ҳар кӣ усто Гулмуродро дар ин ҳолат медид гумон мебурд ин соат ё соати дигар тарки бистари беморӣ мекунад. Вале пирамард медонист, ки ин амри муҳол аст ва ин бистар бистари хоби кӯтоҳ нест, бистари хоби дароз, хоби марг аст.

* * *

Замоне Дӯстмурод аз саҳрои пахта омад падарро чашми пӯшида дид ва аз ду дидаи ӯ ашк шорид. Мӯйсафеди Саид аз ин ҳолати ӯ ба аҷаб омад. Кампири Заррагул гуфт:

– Чӣ сели ашк мерезӣ? Падарат зинда. Ҳозир ғанаб кард.

Бо овози момаи Заррагул усто Гулмурод чашм кушод, Дӯстмуродро дид, ки бо лаби домон аз ду бари бинӣ нами аз чашмон таровида пок дорад. Пирамард ба ҳоли ӯ табассум кард ва ба шохаҳои чормағзу рӯи Дӯстмурод назаре афканда гуфт,

– То аз мағзи ин чормағз, бачам, нахӯрам намемурам.

Кампири Заррагул гуфт:

– Чиҳо мегӯӣ, усто. Чи, ҳамроҳи ин ҷавонмарди ба ришу зебо, – ба мӯйсафедаш ишора кард момои Заррагул, – аз сад гул як гулаш нашукуфта беҳуда нишастаем. Ҳозир ҳар гуфтание ки дорӣ ба ин набераам бигӯй.

Пирамард аз ҳикмат бе баҳра набуд. Ба кампири Заррагул нигоҳе кард ва гуфт.

– Ба Дӯстмурод чи гӯям: апа. Ҳама насиҳате, ки доштам ба ӯ додам.

Ва пирамард лаҳзае сукут кард. Шояд дафтари панду ҳикматҳои худро ки порае аз онҳо дар мавриди мувофиқ ёдовар мешавем, варақ мегардонд. Ва ӯ андаке мад кашида ба сухан оғоз кард,

– Боз нагуфта чи монда бошад. Ба фикрам намондай. Ҳар чи ҳозир гӯям такрорай.

– Хайр, – гуфт кампири Заррагул, – мон ки такрор бошад.

Ва падар бе ҳеҷ гуна муқаддима гуфт:

– Ин ҳам такрор аст. Вале ба Дӯстмурод мегӯям, ҳеҷ гоҳ ба ҳамсоя бахилӣ ба дил роҳ надеҳ. Ба ҳамсоя пайравӣ кун. Агар гов дошта бошад, даромади ҳалол дошта бошад, ту ҳам аз ӯ ранг бигир. Ҳамеша вазнин бошу дилкушоду дасткушод. Дар бадтарин ҳолат ба ғазаб наё. Мисли Нӯҳ вазнин, мисли борони баҳор сахӣ бош. Одами ҷоҳил зиндонии якумраҳай.

Аз оҳанги сухани ӯ Дӯстмурод бемадории падарро эҳсос накард, бо хотири ҷамъ таоме хӯрду аз паи кор шуд. Ҳанӯз ба сари замин нарасида огаҳӣ ёфт, ки механизатори бригада бетобӣ дорад. Ва дар сояи трактор интизори Дӯстмурод аст. Механизатор таби баланд дошт. Дӯстмурод табу бетобии ӯро дид ва гуфт:

Чи мунтазири ман шудӣ, ҳолат ки хуб нест, хона ё беморхона мерафтӣ. Дар ин ҷо истода якбора вазнин шудӣ.

– Мегузарад гуфтам, – ҷавоб дод механизатор, – нагузашт, то рафт вазнин шудам. Сабил вақти вазнинии кор. Қасд кардагӣ ворӣ.

– Ту сиҳат шав. Ин тарафаша худам мекунам. Бисёр не. Бист гектари дигар монд. Озуқа ҳаст, ин осон. Мушкил ту ҳастӣ, рафта метавонӣ?

Механизатор аз сояи трактор хест. Қадаме монду калавид. Ва худро дар худ кашид. Бо вуҷуди ин худашро мард гирифт ва гуфт:

– Дидӣ? Метавонам.

– Дидам, – гуфт саркор Дӯстмурод ва аз китфу бозувони ӯ гирифта даруни кабини трактор даровард ва гуфт,

– Шин. Ман ҳозир.

Дӯстмурод дастгоҳи нармкунии ҷӯякҳои пахтаву ғизодиҳиро аз трактор раҳо карду паси рул нишаст.

– Ба куҷо барам? – пурсид аз ӯ Дӯстмурод. – Ба хона ё ба духтур?

– Ба хона, – гуфт механизатор. – Ин таби одатӣ, тез мегузарад. То бегоҳира иншоолоҳ сари кор меоям.

– Худат бин, додар. Ман ҳам дар хона падари бемор дорам. То ҷое фурсат ёбам кори туро осон мекунам.

Дӯстмурод зуд ба сари кор баргашт. Озуқа ва об, об ва озуқа. Пахта нозук, агар як рӯз аз озуқадиҳӣ дер монӣ, чанд сентнер ҳосил талаф меёбад. Боз як рӯзи дигар аз об дер монӣ... Худо нигоҳ дорад. Мумкин ними ҳосил аз даст равад.

Ва ӯ бо ин фикру хаёлҳо.. обу озуқа... дермонӣ ва талафи ҳосил. Дастгоҳи нармкуниву озуқадиҳиро ба трактор пайвасту байни ҷӯякҳо даромад. Дар қисмати дигари замин чобуқ давом дошт, аксарият занону духтарон буданд. Мардҳои обмон шимҳо то миён лифа зада аз сари як куш куши дигар мерафтанд. Дӯстмурод назди

ҳамаи онҳо иззат дорад. Эҳтиром ба саркор онҳоро ба бардоштани бори вазнини заҳмат водор кардааст. Иззату икром ба саркор ҳаст, ки дар тамоми замини бригада ҳама корҳо ба маром идома дорад.

Агар то бегоҳ Дӯстмурод бист гектарро аз ғизодиҳӣ барорад, обчиҳо ба ин ҷо мегузаранд. Вале кори ӯ то бегоҳ давом накард. Талвоса ба дили ӯ афтод. Гӯё кадом як рӯҳе пеши чашми ӯ пайдо шуд ва ишора кард, хона рав, ки дер мемонӣ.

Аз чи дер мемонад Дӯстмурод. Аз дидори зиндаи падар. Тракторро дар ҷояш нигоҳ дошт. Ба кушодани дастгоҳи нуридиҳиву нармгарӣ андармон нашуд. Вақт аз даст меравад. Роҳи саҳрову хонаро миёнбур кард. Падарро дар ҳолати бад ёфт, Дӯстмуродро ба қатори ҳама фарзандон дид ва осуда шуд. Дуои нек дод ба фарзандон. Ва ба кампираш гуфт:

– Ду сол мӯҳлат медиҳам. Як сол хайру худоии маро медиҳӣ, соли дуюм дам мегирӣ. Тамом.

Ва ба Дӯстмурод рӯ овард.

– Мурдаи маро фасон накун, – гуфт ба ӯ. – Мурдаи фасон ба чашми ҳамсояҳо бад менамояд...

Пирамард сухани беҳуда надошт. Аз супорише ки ӯ ба кампири худ дод ҳама ҳайрон шуданд. Хешону таборони азиз, ҳамсояҳои наздик ва ҳаммаҳаллагон ба маъракаҳои ҳафту чилу соли усто Гулмурод меомаданд. Ва кампири Санамбиро медиданд. Кампир чусту чолок буд, ба духтаронаш Хосамоҳу келинҳо, ба хусус келини дӯстдораш Меҳмонгул нагуфта сари дег медавид. Табақу коса мешуст. Меҳмонро истиқбол мекарду мегуселонд. Бо тамоми ҳушу гӯш кӯшиш мекард, ки арвоҳи мӯйсафедаш нисбати ҳама аз ӯ хурсандтар шавад.

Ва мардум инро медиданду супориши худораҳматии усто Гулмуродро ба ёд меоварданд. Баробари ба ёд овардан хандаашон меомад. Баъд аз он супориш тааҷҷуб мекарданд. Ва ба хулосае меомаданд ки худораҳматӣ олоӣ гуфт.

Вале баъди ду солу сиву шаш рӯз донистанд, ки олоӣ не, супориш аст. Ва холаи Санамбӣ супориши мӯйсафедашро иҷро кард. Рахти сафар ба сӯи усто Гулмуроди Холмурод баст. Дар он дунё ҳам танҳоӣ ба дил мезанад. Бе ҳамсар дилгир аст он олам. Хоҳ биҳишт бошад, хоҳ дӯзах. Вале фарзандҳо, ҳамсояҳо аҳли хоҷагии ба номи Ниёзмуҳаммад Бегов эътимод карданд, усто ва зани ӯ Санамбӣ биҳишти адн рафтанд.Аввал усто Гулмуроди Холмурод рафт ва ду солу сиву шаш рӯз танҳо дилгир шуд. Дид кампир иҷрои супоришро ба ҳисоби рӯзҳо тӯл медиҳад. Кампир андак дили нохоҳам дорад. Худаш омад дар хоби кампир. Чи хеле ки панҷоҳу

се сол қабл, замони духтарии Санамбӣ ба хонаи падару модари ӯ омад ва Санамбиро ба хонаи худ бурд.

* * *

Дӯстмурод супориши падарро шӯхиҳои пирамард ба кампираш қабул карда буд. Ва ҳар гоҳ аз он ҳарфҳо ба ёд меовард, бе ихтиёр хандааш меомад. Акнун ҳис кард, ки пиру кампир чи хел дар гапи ҳамдигар буда ва ба қадри ҳамдигар мерасидаанд. Ва рӯҳашон ҳам пайваст. Ва рӯҳи падари ӯ аз ҷисм ҷудо шуда дар он дунё нима ва нокомил буд. Акнун пурра шуду комил гардид. Замоне ӯ модарро ба хок супурду мулло қироати ояти Қуръони Маҷидро ба итмом расонд ва аз ҷои худ хест дар зонуҳо сустӣ эҳсос кард. Таноби дилаш ларзид. Ҳине ба ҳавлӣ даромад ҳавлӣ ба чашмаш камнуру хона нимахолӣ намуд. Ин ҳолат ҳангоми ба манзили охират гуселонидани падар бо чунин дараҷа рух надод. Чунки аз паси пайкари зиндаи модар сояву сурати падарро медид.

* * *

– Сағира шудӣ, Дӯстмурод, – гуфт раис ҳине фотеҳахонӣ омад. – Фарқ надорад, – илова кард ӯ, – кадом синну соле падару модара аз даст диҳӣ сағира мешавӣ. Ҳар чи қадар соли падару модар зиёдтар шавад ҳамон дараҷа азизтар мегарданд. Ин бори вазнин аст. Як ҷо шиниву ба фикр равӣ парешонтар мешавӣ. Беҳтараш худата ба кор зан. Аз пештара бештар андармон шав. Ҳамагуна бори ғам гарон ҳасту гузаранда. Вале бо тамоми ҳастӣ ба кор часпӣ сабуктар мегузарад.

Ин суханон таскини дили Дӯстмурод шуд. Ба маъракаҳои модар тайёрӣ медиду аз паи кор медавид, пеш аз маросими соли модар тухми пумба корид дар заминҳои обии бригада. Худованд сари вақт борон надод, ҷӯю заҳбурҳо ба ҳоли худ буданд. Аз каналҳо об намеомад, онҳоро хушконданд, то барои мавсими нави обёрӣ тоза кунанд. Обчиҳо дар бригада ангуштшумор буд. Дӯстмурод аҳли бригадаро ба тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо ва каналҳои обёрӣ сафарбар кард, чун ин корро ба анҷом расонд имконияти обмонии тамоми замини бригада пайдо шуд. Аммо обмон намерасид.

Илоҷи мушкилии рӯ ба рӯ гардидаро ҷуст. Дар ин лаҳзаи танг кӣ ба ӯ кӯмак дода метавонад. Ба ёдаш обмонҳои кӯҳансол расид. Онҳо мӯйсафедоне буданд синну солашон ба ҷое расида ва касе ҷасорати ба кор, боз обмонӣ даъват кардани онҳо надошт. Онҳо дар масҷид намоз мегузоштанду ба қадри хоҳиши худ ба корҳои хоҷагии оилаи худу фарзандон ҷунбуҷӯл менамуданд.

Саркор роҳи ба обмонӣ ҷалб кардани онҳоро ҷуст. Чи илоҷ ёбад, ба кор фармудани мӯйсафедон рӯяш намешуд. Агар ба раис мурочиат

кунад ҷои мадад сарзаниш мешунавад. Чунки раис равои озори дили онҳоро надошт. Ҳамеша мекӯшид коре аз дасташ ояд, ки дуои мӯйсафедону мардуми дармондаро гирад. Ин ҷо фикре ба сараш омад. Ҳини кор фармудани мӯйсафедони масҷидшин танҳо бобои Эшони Кароматулло ёрӣ карда метавонад. Ва Эшони Кароматулло қадрдони падару аҳли хонадони Дӯстмурод буд. Пеши ӯ омад ва гуфт:

– Аз рӯи ноилоҷӣ назди шумо омадам. Бошад ки бо ризогии Худованди Таоллову мадади шумо илоҷе ёбам.

Мурочиати ӯ ба бобои Эшони Кароматулло хуш омад ва мушкилии ӯро пурсид. Ва донист, ки тухмии пумбаи киштааш дар майдони ҳафтод гектар аз бенамӣ хоб аст. Ва имрӯзу пагоҳ пӯсиданаш мумкин. Бобои эшон даъвати ӯро пазируфт ва гуфт, ки пагоҳ пас аз намози бомдод ӯ ва мӯйсафедонро дар сари замин мунтазир шавад. Мӯйсафедҳои намозхони масҷид аз гапи бобои Эшони Кароматулло берун намебаромаданд. Онҳо саҳари барвақт ҳафтод гектарро байни худ ба қитъаҳо тақсим карда ба обмонӣ шурӯ намуданд. Ба зудӣ замин аз об баромад ва тухмӣ неш зад. Ин амал ба гӯши раис расид. Ва хабар доданд ки Дӯстмурод мӯйсафедонро кор фармуд. Раис аз ин рафтори ӯ ҳайрон шуд. Чун гуфтанд, ки бобои Эшони Кароматулло ҳам кор кардааст ғазаби ӯ андаке ҷӯшид. Вақте асли ҳодисаро аз Дӯстмурод донист ором шуд.

Ин ҳама соли 1975 буд. Дӯстмурод аз файзи дастони мӯйсафедон ва нафаси поки бобои Эшони Кароматулло ҳосили рекордӣ гирифт. Ҳосилнокии ҳар гектар чилу ду сентнерӣ шуд. Ному нишони Дӯстмурод Гулмуродов байни хоҷагиҳои ноҳияи Колхозобод шӯҳрат ёфт. Чунин ҳосили баландро, ки бе ҳеҷ гуна ҳилаву найранг, балки бо меҳнати ҳалол ва истифодаи технологияи коркарди замин аз рӯи донишу биниши саркор ба даст омад, роҳбарону мутахассисони хоҷагӣ дар ёд надоранд.

Дар ҷамъбасти натиҷаҳои сол раис Ниёзмуҳаммад Бегов сари заҳмати саркор Дӯстмурод Гулмуродов ба андеша рафт. Ин соли чоруму панҷуми саркории Дӯстмурод буд. Ва раис ҳар як соли кору ҳосили заҳмати ӯро пеши назар овард. Солҳо пеши назари ӯ қатор шуданд. Дӯстмурод самараи замини пахтаро аз сиву ду ба сиву чору сиву шашу сиву ҳашт баровард. Ва якбора аз хонаи чил гузашт. Дар амали ҳарсолаи ӯ танҳо пешравӣ ҳаст. Ва ҳар корнома мукофот дорад. Беҳтарин мукофот ба корномаи меҳнатӣ мошини «Жигули» буд. Ва ин ҳам чигуна ҷоизае. Хоҷагӣ ё ташкилоту муассиса бо нархи давлатӣ мошини сабукрав мегирифт ва бо ҳамон қимат ба мукофотгиранда медоданд. Ин эҳтироми бузург буд ба соҳиби корномаи меҳнатӣ. Чунки дар бозор нархи сабукрав ба маротиб баланд буд.

Боре раис саркорро назди худ хонд ва натиҷаи қарори раёсати хоҷагиро нисбати корномаи меҳнатии ӯ фаҳмонд ва гуфт:

– Мошинат дар магазини савдои маркази ноҳия. Раву гирифта биё. Дӯстмурод аввал хурсанд шуд. Ва вазъи молиявии худро ба ёд оварда маъюс гардид ва гуфт:

– Ҳазорҳо бор раҳмат, ба ҳиммату қадрдониатон раисбобо. Лекин пул надорам. Ҳар чи захира дар хона буд то тини охир сарфи маъракаҳои падару модар кардам. Беҳтараш ин мошинро ба ягон каси дигар мукофот диҳед.

Аз ҳарфҳои узрхоҳона ва ҳиммати баланди саркор раис дар аҷаб монд. Бар хилофи чашм дошт ба ҳолати нобоб афтод. Агар ин «Жигули»-ро ба ягон каси дигар диҳад қарори раёсати хоҷагӣ чи мешавад. Боз овозаашро намегӯӣ. Мардуми дониставу надониста мегӯянд ин раис худсар шудааст. Мукофоти ҳалоли саркорро ҳаром кард, ба каси дигар дод. Ба ҳама чи хел мефаҳмонӣ, ки саркор Дӯстмурод Гулмуродов маблағ надошт. Зӯраш ба пули мошин нарасид. Ин як, дуюм фармони сармуншии ҳизби ноҳия Сироҷиддин Исоев чӣ? Фармони ӯ супориш ба раис буд. Он бояд иҷро шавад. Кори роҳбари якум ба пулдориву бепулии саркор нест. хоҷагӣ пул дорад-ку.

Сухан аз боби он аст, ки раёсати хоҷагӣ мошинро ба саркор барои натиҷаи баланди ҳосили пахтаи сол дод. Сармуншии ҳизб аз корномаи меҳнатии ҳамасолаи Дӯстмурод ва ҳосили рекордии имсолаи ӯ огоҳӣ дошт. Ва ин замоне буд, ки кумитаи ҳизби ноҳия барои бунёди маҷмааи ҳайкалҳои қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷумҳурӣ ва ноҳияи Колхозобод омодагӣ мегирифт. Он замон ҳар тин дар ҳисоб буд. Маблағе ки ба ин мақсад ҷудо шуд, камӣ кард. Маблағи иловагӣ зарур шуд. Ва сармуншии кумитаи ҳизби ноҳия дид, ки ба каф овардани ин маблағ бо роҳи расмии давлатӣ даводаву мӯҳлати тӯлонӣ мехоҳад. Вале то рӯзи анҷоми бунёди ин меъморӣ фурсати кам монда буд. роҳи дигар ҷуст. Фаъолони ҳизбии ноҳияро аз раис то саркор ба рӯйхат даровард. Дид, ки барои ҷамъ кардани маблағи иловагӣ ба ҳар кадоме ҳафт сӯмӣ рост меояд. Аз ин боб бо фаъолон анҷумани кӯчаке орост. Ҳама тарафдори ин тадбир шуданд. Қарор доданд, ки аз раиси хоҷагӣ оғоз намуда то саркор ҳафтсумӣ гирд оваранд.

Ҳама рӯйхатбудагон бо майли тамом ҳафтсумӣ доданд. Вале саркор Дӯстмурод Гулмуродов баҳри хотираи қаҳрамонони ҷанг ҳафт сӯмро ночиз шумурд. Ба хотири бунёди меъморӣ як маоши худро бахшид.

Баъдан ӯ донист, ки яке аз раисони номдори ноҳия Қориёғдиев ҳам бо дили кушод як маош хайр кардааст. Сармуншии ҳизб

Сироҷиддин Исоев аз ҳиммати Дӯстмурод Гулмуродов бештар хушнуд гардид. Ба ӯ арзи сипос кард ва ба раис Ниёзмуҳаммад Бегов, ки он ҷо ҳозир буд супориш дод ҳатман ба Дӯстмурод мошини сабукрав мукофот диҳад.

* * *

Байни қарори раёсати хоҷагиву супориши сармуншии ҳизби ноҳия ва бемаблағии саркор Дӯстмурод гиреҳ афтод. Ва раис роҳи раҳои аз вазъиятро ёфт, хазинадори хоҷагиро назди худ хонд ва фармуд, ки пули сабукрави Дӯстмуродро ба ҳисоби магазин гузаронад. Ҳамзамон бобои Эшони Кароматулло аз ин қазия хабардор шуд, аз саркор дидан кард ва ба ӯ нисфи маблағи мошинро дод. Кори Дӯстмурод осон шуд. Нисфи дигар қарз ёфт, пеш аз он ки хазинадор маблағгузорӣ кунад мукофотро аз магазин ба хона овард.

Дӯстмурод аз мошини мукофоти заҳмати покиза фоида дид. Шонздаҳ сол сабукрави ӯ ба аҳли оила хизмат кард. Баъдан солҳои бозсозиву азнавсозӣ онро бо трактори ДТ-40 ва присеп иваз намуд.

– Мошини баракатӣ буд, – ба ёд меоварад Дӯстмурод, – аз дасти раис Ниёзмуҳаммад Бегов ва сармуншии созмони ҳизби ноҳия Сироҷиддин Исоев. Файзи бисёр дидам аз ин мошин. Баъдан хазинадору коргузор шуд дар хоҷагӣ Дӯстмурод Гулмуродов. Хазинадори шӯъбаи бонки миллӣ буд.

Бозсозиву азнавсозии Горбачёвӣ колхозҳоро аз байн бурду совхозҳоро талаву тороҷ кард. Аз касофати ӯ ва бозсозии ӯ замин аз файз монд. Гаражҳои калони хоҷагиҳои калон, ки садҳо мошину тракторҳо доштанд, ғорат шуд. Раис рафт ва аз паи ӯ муҳандису агроному саркор. Хирманҳои калон дигар аз тиллои сафед пур нашуд. Чорво доллар шуда чорводор бо ҷайби холӣ дар кӯча монд. Қадри байтор гум зад. Муҳаббат байни мардум коста шуд, даври бекориву оворагардӣ оғоз ёфт. Дӯстмурод дар хоҷагии камбағалшуда ҳафт сол хазинадорӣ кард. Баъд аз хона дур шуд. Озими шаҳри Қӯрғонтеппа шуд ва ба вазифаи хазинадори бонки миллӣ тӯли солҳои 1995 ва 1998 хизмат кард.

Ин замон дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷунбишҳо ба вуҷуд омад. Ҷои колхозу совхозҳои тороҷ гардида ва аз заминаи техникӣ маҳрум иҷоракорону фермерҳои қашшоқ ва ассотсиятсияҳои деҳқонӣ пайдо шуданд. Ва чунин ассотсиятсияҳои деҳқонӣ дар ноҳияи Колхозобод ҳам ба вуҷуд омаданд, ки раиси яке аз онҳо Қудрат Қулаев шуд. Шарафи хазинадориву мудирии анбори он ба Дӯстмурод муяссар гардид.

Баробари тағйир ёфтани сохтори иқтисодии кишоварзӣ муносибатҳои истеҳсолӣ ҳам дигар шуд. Деҳқонӣ дар заминаи ха-

роби техникӣ рангубори нав гирифт. Ин ҳам дар замоне ки иқтидорҳои корхонаҳои саноатӣ ба хусус корхонаҳои мошину тракторбарорӣ ва маъданҳои минералӣ коҳид. Низоми устувори молу маводрасонӣ, аз ҷумла қисмҳои зарури техникӣ, равғану маводди сӯхт ноустувор гардид. Он молгузориву фаровоние панҷ шаш соли қаблӣ буд аз байн рафт. Бозсозӣ, ки аз паи худ ба кишвари мо ҷанги шаҳрвандиро овард, хоҷагии кишоварзӣ ва корхонаҳои саноатии марбут ба онро талаву тороҷ кард. Деҳқон аз як варта раҳо ёфта ба вартаи дигар рӯ ба рӯ омад. Дар бисёр хоҷагиҳо ҷои роҳбари дилсӯзу бо инсофро баднафсу ғоратгар гирифт. Андак захирае ки барои беҳдошти зиндагии кишоварзон аз ғоратгарон бегонаву худии ҷанг боқӣ монд, раисони нав рӯфтанд. Базаи техникии хоҷагии кишоварзӣ қариб ки аз байн рафт.

Дар хоҷагии ба номи Ниёзмуҳаммад Бегов замин монду обу каналу заҳбурҳои аз кор баромада ва кушкҳои навсохти болои бом антеннаҳои гаронбаҳои раисон. Дар ҳавлии Дӯстмурод Гулмуродов трактори МТ-40-и бо мошини мукофотӣ ивазшуда.

* * *

Шикасту рехт ва пароканда гардидани ҷамъдастиҳои деҳқониву коллективҳои меҳнатӣ ба рӯҳияи мардум бе таъсир намонд. Дирӯз аз иштирокдорони ин гурӯҳҳои хурду калони деҳқонӣ фақат кору заҳмат талаб карда мешуд. Дигар аз тамоми ҷиҳат маводди кориву рӯҳӣ таъмин буд. Вале имрӯз як заҳмати замин кам аст. Деҳқон бояд сари техникаи шудгору кишти тухмӣ ва ғизову технологияи коркарди зироат ба андеша равад. Аз ин ҳам муҳимтар баҳри иҷрои ҳама ин корҳо маблағе дошта бошад. Ва на ҳама хоҷагиҳои хурду навташкили деҳқонии охири қарни гузаштаи ноҳияи Колхозобод ин имкониятро доштанд. Аз ин рӯ пешравии кори худро дар симои инсоне медиданд ки ҳам техника ёбаду маводди сӯхт ва ҳам ғизои замину маблағ. Хушбахтона ин хел одам аз вазифаи хазинадории бонки миллӣ паҳлӯи онҳо омад.

Ҳоло Дӯстмурод Гулмуродов раиси Ассотсиятсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ – фермерии ноҳияи Колхозобод мебошад, ки 198 хоҷагии хурду калонро муттаҳид сохтааст. Хизмати ӯ дар пешрафти ин хоҷагиҳо калон аст. Бо кордонии ӯ заминаи техникии хоҷагиҳо мустаҳкам шуд, мошину тракторҳои нообод умри дубора диданд.

## БАРҚЕ ДАР ОСМОНИ ИНҚИЛОБ

Шитоб доштам. Дар гармои офтоби чиллаи тобистони маҳаллаи Роҳи Оҳан даҳону гулӯ бирён мешуд. Дар гардишгоҳи кӯчаи Яҳё Афзалӣ рӯ ба рӯям дӯкони «нӯшокиҳои хунук»-ро дидам. Таги дарахти норвани саҳни дӯкон се ҷавон болои харак, ки мизи пласмасие ҳам буд, нишаста тасфи даруни хешро бо яхмос фурӯ менишонданд. Онҳо байни худ аз кадом бобе сӯҳбат доштанд. Ба як гӯшаи миз косачаи яхмосро мондам ва узр хоста паҳлӯи онҳо ҷо гирифтам. Ҷавонҳо баробари фурӯ нишастанам лаб аз сухан боз доштанд. Бачаи дар мобайн нишаста ба чашмони ҳар ду ҳампаҳлӯяш назаре андохт. Ва имое ҳам кард. Аз имои ӯ дилам хавотир шуд. Ба худ андешидам, ки: афташ кори баде кардам. Шояд онҳо байни худ сӯҳбати хоссае доштанд. Ман ба онҳо халал додам. Сабил монад, ҳамин яхмос. Сояи дарахт калон буд. Метавонистам, ки яхмосро дар ҷое рост истода хӯрам. Акнун дер шуд. Нохӯрда аз ҷоям хезам, ба дили онҳо бадтар мерасад. Аз афташ онҳо бо имо ҳамдигарро фаҳмонданд, ки ҷавони мобайн лаб ба сухан боз кард:

– Мо, амак, – гуфт ӯ, – ҳозир дар сари кӯчаи Яҳё Афзалӣ нишастаем. Вале на мо, на сокинони кӯча, ҳамчунин ҳазорҳо одамоне, ки аз ин ҷо мегузаранд, намедонанд, ки Яҳё Афзалӣ кисту чикора буд?

Паёми Президенти мамлакат дар вохӯрӣ ба ҷавонон ёдам омад. Вале пеш аз ибрози он пурсидам:

– Шумо ҷавонҳои ҳамин кӯчаед?

– Мо донишҷӯем, – гуфт дар ҷавоб боз ҳамон ҷавони мобайнӣ, ки нисбати ҳамроҳонаш чеҳраи пурандеша дошт. Лекин соли дуюм аст, ки дар кӯчаи Яҳё Афзалӣ иҷоранишинем ва намедонем ин мард чи инсоне буд, ки як кӯчаи калон ба номи ӯст Яҳё Афзалӣ, гуфтам ба онҳо як марди шуҷоъ ва ҷоннисори Ватанаш Тоҷикистон буд. Агар ба суханрониҳои Президенти мамлакат оид ба таърихи инқилобии давлати тоҷикон аз телевизион шунида ё аз рӯзномаҳо хонда бошед, ӯ номи Яҳё Афзалиро ба қатори қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шотемуров, ҳамчунин Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов ва Абдураҳим Ҳоҷибоев мегузорад. Инҳо як идда бузургмандоне буданд, роҳи ба худ хоссу қаҳрамононаро дар давраҳои сангини тақдирсози миллату давлати тоҷик тай карданд. Ҳар яке дар алоҳидагӣ шамъе, чароғе буданд, ки аз худ дар шабҳои тори ба сари Ватану миллати тоҷик омада дар якҷоягӣ қандили бузурге буданд, ки роҳи имрӯзи моро дар таърих мунаввар намуданд. Устоди беҳамтто, машъали давраи нави адабиёти тоҷик Садриддин Айнӣ

дар роҳи мушкили ҳаёт бо ин бузургмардон бунёди давлати садсолаҳо боз аз даст рафтаро тарҳрезӣ мекарданд ва баҳри бунёди он аз душманони хунхоҳу хунталаб, балки аз ҷони ширини худ бар дил сари мӯе ҳарос надоштанд. Ободии Ватан ва ваҳдати миллати тоҷикро талабгор буданд ва заҳмати қаҳрамонона мекашиданд. Ағбаи Фахробод пеши назар омаду аз гуфтор мондам. Барои қаламӣ кардани манзараҳои он шаб духтари зебои Даҳанакиик ҳамаи ҳунари худро сарф намояд ҳам меарзад. Яҳё Афзалӣ савори аспи бур буд. Ӯ ҳамчун котиби масъули кумитаи ҳизби вилояти Ҳисор се рӯзро бо беқарорӣ ва шабҳоро ба бехобӣ гузаронд. Бегоҳии рӯзи чорум аз кардаи худ хурсанд шуд. Бо сарварии ӯ мушкилоти тақсими замин дар ноҳияҳои Даҳанакикку Ғозималик, инчунин масъалаҳои печидаи маориф, аз ҷумла мактабу муаллим ва хонанда, таъсиси курсҳои барҳам задании бесаводӣ роҳи ҳалли худро ёфт. Ба назари Яҳё Афзалӣ чунин намуд, ки барномаи сафари хизматӣ нисбати он чи ки дар нақша дошт, беҳтар ба ҷо омад. Акнун ҳини бозгашт аст. Ӯ ба чор тарафи осмон ва бури дар якамехи ҳавлии ҳукумати ноҳияи Даҳанакиик баста чашм дӯхт. Ҳаво абрӣ буд. Абрҳои сиёҳ қабат ба қабат баста осмонро тирагун мегардонд. Туман аз қаторкӯҳҳои Ғозималик ба водӣ мефаромад. Дараи Аждарчашмаву ағбаи Фахрободро печонда гирифт. Ба иборае қошу қавоқи ҳаво то рафт овезонтар шуд. Яҳё Афзалӣ ба роҳбарони ҳукумати ноҳия ва ҷамоатчиёни фаъол даст дода сӯи яккамехи бур қадам бардошт. Аилу пуштанги зинро сахт кард. Вақте ӯ по ба эзангу монданӣ шуд, духтури маҳалла ба ваҷоҳати ӯ тааҷҷуб кард. Чеҳраи Яҳё Афзалӣ аз тасфе, ки тамоми бадани ӯро фаро гирифта буду худ аҳамияте намедод, то рафт мисли гули ҷавғосу сурх мегардид. Охирин касе, ки Яҳё Афзалӣ сӯи ӯ даст дароз кард, ҳамин духтури маҳалла буд. Духтур:

– Дастам сӯхт, – гуфт духтур ба Яҳё Афзалӣ, – ба ин ҳол Сталинобод рафтани шумо раво нест. Боз ин ҳаворо бин.

Духтур лаҳзаҳаке зӯр зад, ки Яҳё Афзалиро аз сафар боз дорад. Ӯро ягон ҷо хобонаду табобат намояд. Вале Яҳё Афзалӣ дар худ нерӯҳои бақуввати рӯҳиву ботинӣ эҳсос мекард. Ба қувва ва зиракии бур ҳам эътимоди комил дошт. Аз ин рӯ барои ба гапи духтур даромадану ин ҷо мондан сабабе намедид. Таб чи ҳам мекунад. Ба гумони яқини ӯ, шояд то ағбаи Фахробод нарасида таб поён мефарояд. Таб пеши тану тӯши варзида, ғайрати дар ҷӯшу иродаи матинаш ночиз менамуд. Бояд ӯ матонати худро боз як бори дигар озмояд. Охир фардо дар вилоят корҳои аз ин таб ҳам бузургтар Яҳё Афзалиро интизор аст. Пагоҳи барвақт сари қадам Шириншоҳ Шоте-

муровро мебинад ва аз вазъи имрӯзаи хоҷагии халқи се ноҳия: Ёвону Ғозималик ва Даҳанакиик гузориш медиҳад. Мушкилоти маориф, кишоварзӣ дар ҳар се ноҳия якранг аст. Ҳалли онҳо ғамхории Ҳукумати Ҷумҳуриро мехоҳад.

Духтури маҳаллӣ чиро мефаҳмад. Таб пеши корҳои бузурге, ки ӯ дар пойтахти ҷумҳуру водии Ҳисор сару сомон медиҳад, кирое надорад. Ин дард агар ӯро ҳалок карданӣ буд дар шаҳри Самарқанд ҳалок мекард. Дуруст аст, ки се бор таб ӯро аз пой афтондааст. Агар куштан мехост, ҳар се бор ҳам ба мақсад нарасид. Бори аввал ба айёме рост меояд, ки падар ӯро аз ҳикмати ватандориву садоқат ба қавму миллат ва сарзамини авлодӣ сабақ медоду дар андешаи касбу ҳунари ояндаи ӯ буд. Чи ҷои фикр. Амаки Афзал касби бофандагиро аз падару бобоҳо ба мерос гирифта буд. Бешубҳа ӯ ин меросро ба Яҳё медиҳад. Ба ин хотир ӯ Яҳёро ба чоҳи бофандагӣ даровард. Он айём Яҳё тану тӯши наҳифе дошт. Байни ду-се рӯз моку партоиву шоназаниро ёд гирифт. Шоназаниву мокудавонии ӯ хеле чолокона буд. Падар аз зеҳну чусту чолокии Яҳё хушнуд гардид.

– Ҳеҷ қисса не, – гуфт падар, – кори асосии бофанда ҳамин аст. Рангу бори ришта ва тору пудкашӣ мушкилие надорад.

Чоҳи бофандагии падар намнок буд. Аз таъсири он Яҳё бори нахуст ба бемории таб гирифтор шуд. Шифо ёфт ва аз баҳри касби авлодӣ гузашт. Дар Самарқанд роҳсозӣ аз тарафи ҳукумати Русия ривоҷ дошт. Роҳҳои сангфарш беҳтарин роҳҳои замонавӣ ҳисоб меёфт. Яҳё ба сохтмони роҳ рафт. Ӯ бо ин азми хеш се тир ба як нишон заданӣ буд: ҳунари сангкориро ёд мегираду соҳиби маош мешавад. Боз забони русиро меомӯзад. Аксари устоҳои бунёдгузори роҳҳои нав русҳо буданд. Ҳар се тири ӯ ба нишон расид. Дар сохтмони роҳ аксарият ба забони русӣ ҳарф мезаданд. Яҳё ба замми ёд гирифтани забон соҳиби касби устои гилкориву сохтмонӣ шуд. Дар муомила бо мардуми касбу кори гуногун ӯ чизҳоеро тафаккур мекард, ки пештар гирди хаёлаш ҳам намегашт. Бунёди роҳҳо ба шуури ӯ бетаъсир намонд. Дар ботини Яҳё талаботи аҷибе нисбати дониш зуҳур намуд. Ӯ ба мактаби русӣ-туземии шаҳри Самарқанд дохил шуд. Вале онро хатм накард. Чунки мактабро барҳам доданд.

Дар синни бисту чор солагии Яҳё замонаи инқилоб фаро расид. Яҳё баҳри таъмини ҳаёту рӯзгори мардуми бенаво, ки аксарияти халқҳоро ташкил мекард, инқилобчӣ шуд. Ӯ соли 1917 маҳфили инқилобии шаҳри Самарқандро созмон дод. Баъдан ба он номи «Иттифоқ» доданд. Иштирокдорони созмони «Иттифоқ» аслан косибону ҳунармандон ва тамоми мардуми камбизоат буд. Барномаи кору амали созмон, аслан ба забони тоҷикӣ буд. Дар маҷлисҳои

созмон ҳам сухан ба забони модарии Яҳё Афзалов мерафт. Дар раванди машғулиятҳо тамоми вуҷуди ӯро ифтихор аз миллати тоҷик ва сарзамини муқаддасу таърихи бой ва дар ҷаҳон беҳамтои он фаро гирифт. Яҳё бо дониш ва истеъдоди баланди ташкилотчигӣ байни роҳбарону фаъолони кумитаҳои инқилобии Осиёи Марказӣ маъруфият пайдо кард.

Замоне фаро расид, ки таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Осиёи Марказӣ эълон шуд. Яҳё аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид. Ин мужда ки онгоҳе расид, ки ӯ корманди масъули ҳизбӣ буд. Аз байн соле ҳам сипарӣ нагардида ӯ худро ба Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон гирифт, то бошад, ки дар ободонӣ, пойдор гардондани сулҳу салоҳ ва шукуфоии Ватани азизаш, ки умедгоҳи тамоми тоҷикони ҷаҳон аст саҳм бардорад. Ӯ ба ҳайси мудири шӯъбаи тарғибу ташвиқии Бюрои ташкилии кумитаи ҳизби болшевикии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба фаъолият шурӯ намуд. Муддате ӯ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гардиш кард ва мардумро ба забони тоҷикӣ ба тарафдориву дастгирии ҳукумати комилан мардуми заҳматкаш ташвиқ намуд. Ӯ ба масъалаҳои деҳқонӣ мушкилоти гузарондани табаддулоти замину об дар вилоятҳо даст зад ва адолатро ба амал овард. Мардум роҳбари нави тадбиқи табаддулотро бо ахлоқи ҳамида ва адолатхоҳонааш писандиданд.

Таҷрибаи сиёсӣ ва қобилияти баланди ташкилотчигии ӯро дар тамоми зинаҳои давлативу ҷамъиятӣ эътироф намуданд. Яҳё Афзалӣ ба вазифаи котиби масъули кумитаи ҳизби вилояти Ҳисор пешбарӣ шуд. Дар ҳамаи сафарҳои Яҳё Афзалӣ бур, ки онро аз аспхонаи ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри худ, интихоб кард, ҳамроҳ буд.

Яҳё Афзалӣ аз омаданаш соле нарафта барои фурӯ нишондани ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҳанӯз ҳам дар Қаротегин аланга мезад, савори ҳамин бур бо якчанд ҳамсафар ба роҳ баромад. Ӯ дар Водии Рашт савори бур аз роҳҳои пурпечу тоб, доманаҳои талу теппаҳо, кӯҳу барзанҳо, соҳили дарёи Сурхоб, мавзеъҳои Сурхкӯҳу Қалъаи лаби об, кӯли Барзангиву дараҳои Аспкалон, Камарову Сиёҳлой ва Дуоба дар тоз бо душманони инқилоби иҷтимоии рус дар Тоҷикистон ҳуҷум меовард. Ӯ дар даст шамшери бараҳна ва дар камар тирдону таппонча дошт. Тасмаи камони панҷтираи дар қоши зин ва мили он аз таги ронҳои варзида ва мисли сандон мустаҳками ӯ сӯи замин буд. Ӯ дар ҳар гардиши роҳҳо ва мавзеъҳои мубҳам шамшерро гирди сар мегардонд. Аз паи ӯ мерганҳои баргузидааш аз дастаҳои гурӯҳҳои ҷанговарони ихтиёрӣ ва қисмҳои низомӣ шамшерро боло

мебардоштанд. Соире ба Яҳё Афзалӣ пайравӣ намуда, шамшерҳоро гирди сар мегардонданд.

* * *

Аз ҳаво умеди некӣ набуд. Яҳё лаҷоми бурро сар дода буд. Ба бур намефармуд, ки ин пайроҳаро мону ба пайроҳаи дигар гузар. Бур роҳро дақиқ эҳсос мекард. Асп ба деҳаи Оби Киик расид. Тумани ғавс деҳаро печонда буд. Асп сӯи дасти рост тоб хӯрд. Ин ҳамон роҳест, ки се рӯз пеш аз пойтахти Ҷумҳурӣ, шаҳри Сталинобод омада буд. Акнун роҳи бур қад-қади дарёчаи дараи Морон мерафт. Бур охири ин обу дараро ҳам медонад. Он дар доманаи шарқии ағбаи Фахробод ба охир мерасад. Туман дараро пур карда буд. Пардаи торикӣ осмону заминро якранг гардонд. Дигар на роғе дар абрҳои осмон ба чашм мехӯрду на дараи Морон бо хамиҳо ва талу теппаҳои бешумораш. Дар ин хел ҳавои зулмот, танҳо одаме роҳгум намезанад, ки дар ин ҷойҳо ба дунё омада калон шудааст. Ва боз бур. Шаби зулмоте шуд он шаб. Бур ду гӯшро хобонда ва роҳро бӯй карда чунон роҳ мепаймуд, Яҳё Афзалӣ дар хонаи зин худро дар гаҳвора ҳис мекард. Бур ҷунбишҳо мекард. Ва ҷунбишҳои ӯ мисли ҷунбиши гаҳвора буд. Хайрият Яҳё Афзалӣ савори чунин як аспи ба қаду қомат, ёлу гардан ва фуки зебо, хушзеҳну бо фаросат савор аст. Бур соҳибашро эҳсос мекард. Таби Яҳё Афзалӣ то рафт баланд мешуд. Ӯ дар таб месӯхту хазён намегуфт. Фикрҳояш равшан буд. Роҳи дар ҳаёт тай кардаашро ҳеҷ гоҳ мисли ҳозира чун дар оина равшан намедид.

Бур монанди модаре, буд, ки дар лаҳзаи рӯ ба рӯ омадани вартаи маргзо тифлашро чунон сари сина пахш мекунад, ки агар худ ҳалок гардад ҳам бачааш зинда мемонад. Хайрият дар зулмоти шом бур пеши по намехӯрд ва ду гӯшеро, ки ҳамеша сих меистод, ба пеш хобондааст. Гӯшҳои ӯ садои заминро мешунавад. Куҷои роҳи рафта истодааш сахту куҷояш мулоим мефаҳмад. Аз чуқуриҳои хоковард тоб зада худро канор мегирад. Бур аз ҷони худ мегузараду соҳибашро эҳтиёт мекунад.

Ва ин ҷо модаре ба ёд меояд, ки аз қофилаи ҳамсафарони худ, ки дар ҳавои бади охири фасли зимистону аввали баҳор аз деҳаи Бузкушаки Сари Хосор ба қишлоқи Кадучии ноҳияи Арал (феълан Восеъ) кӯч бастанд. Ба умеде, ки ҳаво ба некӣ тағйир меёбад. Вале дар роҳи хавфноки Сурхсақова ҳаво рӯ ба бадӣ ниҳод. Модари оила, ки тифле сари сина дошт аз қофила қафо монд. Баъд раҳгум зад. Борон ва шамоли сахт шиддат мекард. Ногоҳ модар таги по ба ҷои замин ҳаворо ҳис кард. Аниқ пай бурд, ки ба ғоре фурӯ меравад. Ӯ тиф-

лашро сари сина пахш кард ва ҷисмашро чунон идора намуд, ки на ба сар, на ба шикам, балки ба пушт поёни ғор рахти замин шуд, ҷони ширин модарро падруд гуфт. Чун ҳаво кушода шуд, ҳамсафарон диданд, ки модари оила нест. Ба ҷустуҷӯ даромаданд ва ӯро аз таги ғори кафтарҳо ёфтанд. Бача зиндаву беосеб буд ва дасту лабҳои ӯ дар қафаси дили модар сина меҷуст.

Бур ҳам аз худ парво надошт. Ҷони соҳибашро нигаҳдорӣ мекард.

* * *

Бур ҳеҷ гоҳ култ нахӯрдааст. Ӯ савори зину ин асп роҳҳои пур аз нишебу фарозро дар кӯҳҳои Ғозималику доманаҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор тай задаст. Дар ҳама он ҷойҳо душманонро, ки бо номи босмачӣ маъруф буданд, шикаст додаву таъкиб кардааст. Ҳама сафарҳои Яҳё Афзалӣ, чӣ дар водии Ҳисору чи водии Қартотегин бо барор мегузаштанд. Музаффарият бар душман ҳамеша бо ӯ ҳамроҳ буд.

Роҳҳои пурхавфу ваҳшатангез бисёр буданд. Аз роҳ ба сӯи Камарови водии Рашт босмачиҳои дар муҳорибаҳо бар зидди ҳаёти нав дар Фарғона шикаст хӯрда бо дигар ҳаммаслакони хеш дар Мастчоҳ пайваста сӯи Рашт асп меронданд. Дигар роҳе, ки манбаи ҷанг буд, аз сӯи дараҳои Қалъаи лаби об, ки печу тобҳои он аз Вахё мегузашту то сарҳади давлати Афғонистон мерасид. Бо ин роҳ душманони дохилии аз соҳилҳои Фархору Чубек, Даштиҷуму водии Вахш дарёи Панҷро убур карда ба Рашт ҳуҷум меоварданд, то ҳокимияти худро дар водии Қаротегин барқарор намоянд. Онгоҳ бо кӯмаки душманони инқилоб ҳукумати худро дар доираи фарогир созмон диҳанд.

Дар дунё фикру талошҳои ботил ҳисоб надоштааст. Бури ӯ дар замини соҳилҳои дарёҳои Алмосиву Қаратоғу Кофарниҳон, баъдан соли 1926 дар соҳилҳои Сурхобу Хингоб пой мекӯфт ва аз қуввати худ ба ваҷд меомад. Дар задухӯрдҳо бо душман дар домонакӯҳҳо аз дами шамшер ҳазар надошт.

Аз садои даҳшатноку бадҳайбадти яроқу аслиҳа пас намегашт. Сипару тирдони Яҳё Афзалов болои зин садо медод. Шавқуни силоҳ дараҳоро ба шӯр меовард. Аз ин ҳама хашми бур меомад. Ба сӯи шавқун метохт. Бо ғазаб талу теппаҳоро тай мезад. Ва аз садоҳои даҳшатноки силоҳ бетоқат шуда пой мекӯфт.

* * *

Замоне Яҳё Афзалӣ дар шитоб нақшаи торумор сохтани дастаҳои мусаллаҳи кӯри Ортиқу Фузайл Махсумро тарҳрезӣ ме-

карду ба кумандонҳои гурӯҳҳои ҷанговарон фармон медод, бур аз дур ҷангро ҳис мекард ва шиҳа мекашид. Бур пешаки ҷангро ҳис мекард. Яҳё Афзалӣ ҳарчанд бовар дошт, ки кулли ҷанговарони дар води Рашт зери фармон доштааш ба қадри Ватану давлати тозатаъсиси тоҷикон мерасанд, вале эҳтиёт ними ҳаёт. Боре ҳангоми ҳуҷуми навбатӣ ки нисбати ҳама задухӯрдҳо ҷанги шадиде буд. Дастаҳои Фузайл Махсум, ки байни онҳо ҷанговарони кӯри Ортиқ, ва ҳатто Иброҳимбек ҳам буданд. Ва онҳо дар муҳорибаҳо дар водии Фарғонаву Ҳисор ва Кӯлобу Вахш таҷрибаи ҷангӣ доштанд. Ба зудӣ Ҳоиту Қалъаи лаби обро бо итоати худ даровnapда аз Сурхкӯҳ гузашта ба Навдиву Кочун ва Бедак наздик мешуданд. Фузайл ба маҳорати ҷангии йигитҳои худ эътимод дошт. Аммо чашми эътибори Фузайл хато мекард. Таълими ҷанговарони лашкари сурх аз рӯи нақша ва барномаи Яҳё Афзалӣ сурат мегирифт, дақиқу ғалабаовар буд. Ӯ се рӯз пеш аз ҳуҷум ва муҳориба дар Бедаку Ғарми боло барои фатҳи маркази маъмурии водии Рашт бо аъзоёни штаб сӯҳбат орост. Бо ҷанговарон вохӯрд. Дар рӯзи сеюм ба мақсади ба даст овардани ғалаба дар задухӯрдҳои дар пеш истода байни кули ҷанговарони водии Қаротегин суханронӣ кард.

Ӯ аз макру ҳилла ва курдилии душман, ҳарф зад.

Мо, гуфт ӯ барои сарвату мансаб намеҷангем. Мақсади мо таъмини озодӣ, зиндагии осудаҳолонаи мардуми заҳматкаш аст. На он чунон, ки душманони ҳамватану ҳамдину ҳамзабони мо ҳастанд. Онҳо ва падарони онҳо дар тамалуқ зистанд. Тамоми талошу ҷонканиҳояшон бо ҳар тариқ, роҳу васила ба даст овардани мансаб, баъд аз ҳисоби кишоварзону косибон андӯхтани сарват аст. Хонаҳои худро аз пулу моли бо зулму фиреб аз ранҷи мардум гирд оварда, пур кардан. Аз ёд мебароранд, ки ҳини мурданашон чизе бо худ намебаранд.

Инҳо одамонеанд, ки соҳиби молу сарват буданд, вале таҳамул надоштанд. Ва ҳоло мисли ҳайвонҳоеанд, ки ба ҳалокат мерасанд. Бо лабҳои пурмакр ва дилҳои пуркина аз боби Ватану сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи дину оин ба хотири бозгардондану соҳиб шудан ба чоҳу ҷалоли аз даст рафта, ки ин ҳам аз онҳо набуд, ҳарф мезананд. Молу сарвати онҳо аз кадом ҳисоб буд? Аз ҳисоби мову шумо буд. Аз ҳисоби шумовори ватанпарастони шуҷову одил, адолатхоҳе буд, ки нони хушкро ба об тар карда шукри хок обу ҳавои Ватан мегузоштанд. Шукр мекарданд, ки аз ҳавои Ватан нафас мегиранд. Моҳтоби Ватан ба сарашон партав меафшонаду ситораҳои осмони он ба рӯяшон чашмак мезананд. Офтобаш бо нурҳои ҷонбахш онҳоро навозиш мекунад.

Инҳо одамонеанд, ки баҳри резондани хуни одилон сангар гирифтаанд. Худо мегӯянд, аммо тарс аз Худо надоранд. Ба худашон дар назари худ тамалуқ мекунанд. Ва барои худ ҳар рӯз гуноҳе пайдо мекунанд, то ки қафаси синаҳои худро аз адоват пур намоянд.

Суханони онҳо макр аст. Аз рафтори оқилона ва накӯқорона даст кашидаанд. Шабҳо шоҳиди таблисбофиҳои онҳост. Роҳи нодуруст пеш гирифтаанд ва аз бадӣ нафрат надоранд.

Ҷосусони Фузайл бо ҳилаву найранги самакона байни онҳо ҳарфчинӣ мекарданд. Ин суханони роҳбари нерӯҳои инқилобӣ дар водии Қаротегин ҳарфе наафтонда ба сарвари қувваҳои зидди инқилобӣ расонданд. Фузайл Махсум пас аз ба кулли шикаст хӯрданаш, ва рӯ ба гурез ниҳодан дар ноҳияи Тавилдара ба шиносони худ гуфт:

– Ҳамин ҳукумати нав ҳақиқат ҳукумати халқ аст. Вале мо нафаҳмидем, акнун дер шуд.

## ВАТАН ВА ФАРЗАНДОН

Ватан ҳама чизро зери пои фарзанди ҷоннисори худ мегузорад: ҳамаи чорпоён, мурғони осмону моҳиёни дарёҳоро ва ҳар чи ки бо роҳи баҳру хушкӣ гузар мекунад.

Яҳё Афзалӣ бойёну мумсиконеро дид, ки ҳар яке ба ёри худ суханони пуртамалуқ мегӯяд. Лабҳои пуртамалуқи онҳо аз дили мунофиқ сухан меронд;

Ба ақидаи падари ӯ: рӯз ба рӯз сухан мегӯяд ва шаб ба шаб. Рӯзе, ки нав меояд суханҳои рӯзи рафтаро ба ёд мегирад, то ба рӯзи аз паи ӯ омада расонад.

Ва шаб ба шаб фикр изҳор мекунад. Фикрҳои шаб, нисбати рӯз пурасрор аст. Ва байни онҳо на гуфтор ҳасту на сухан. Садо доранд. Ва садои онҳо ба тамоми замин мераваду каломашон ба ақсои олам. Онҳо дар каломи худ инсонҳоеро, ки Ватани худро мисли падару модар муқаддас медонанду аз хатарҳо эмин медоранд, зикр мекунанд. Ба онҳо аз Худованд файзу баракат ва ҳастии ҷовид мехоҳанд. Чунки дар рӯзҳои онҳо корнамоиҳо карданд. Дар шабҳои онҳо ба покӣ гароиданд ва зикри хайр карданд. Баҳри инсонҳои нек бахту саодат хостанд. Одамони хайрхоҳ чуноне, ки офтоб аз хаймаи худ берун меояд, мисли домод аз хона мебароянд. Онҳо аз тай кардани роҳашон шод мешаванд. Чуноне баромадани офтоб аз як канори осмон ва гардиши он то дигар канори кайҳон аст ва аз нурҳояш ҳеҷ чиз пинҳон намемонад. Ҳаёти мардҳои шуҷоъи ватанпараст мисли он аст.

Мо дар зери чархи офтобу паҳнои анвори моҳтоб рӯи замин муддате умр ба сар мебарему ба хонаи абадии худ боз мегардем ва бо сайёраи замини нозанин падруд мегӯем. Ба макони муқаддаси абадият касе сокин мешавад, ки покдилу ватанпараст аст. Ва бе Ватан ҳаёти худро беқадр медонад.

* * *

Бур аз фарозии ағбаи Фахробод рӯ ба нишеб овард. Ҳарчанд барон шиддат меёфту саворааи он дар таб месӯхт, вале даштҳо ва талу теппаҳои Лоҳурро, ки зери пои аспи ӯст пеши назар равшан медид. Дар ин ҷойҳо галаҳои хурду калони аспҳо чаро мекарданд. Ҳоло ин ҷо, ва дар шаҳри Сталинобод ва атрофии он ҳаёт осоиштааст.

Душамнон, ки мехостанд хуни одилонро резонанд аз Душанбе дур ронда шудаанд. Дар Вахшу Кӯлоб ҳам ба худ ҷой пайдо накар-

данд. Ба он тарафи дарёи Панҷ ронда шудаанд. Акнун мисли кӯрон дар кӯчаҳои шаҳракҳову деҳкадаҳои мулки бегона мегарданд. Давр мезананд мисли раҳгумон. Мехоҳанд пас гарданд. Вале ба он роҳе, ки ронда шудаанд, бо он пас гашта наметавонанд. Дар ҳолате ки ба хун олудаанд ва хуни ноҳақ онҳоро ба кӯчаҳои сарбаста тела дода ва роҳгум кардааст. Мардум ба онҳо назари нек надоранд. Дигар онҳоро рӯи хотир намекунанд. Душман дар Тоҷикистони азиз дигар сокин нахоҳад шуд. Хашми мардум хашми Худованд аст. Ғазаби Худованд онҳоро пароканда кард. Онҳо Тоҷикистон мегуфтанд. Дуруғ мегуфтанд. Аз ҳарфҳои онҳо бӯи бад ба димоғи Яҳё Афзалӣ мезад. Бӯи нафратовар. Дар кадом амали онҳо бӯи Ватандорӣ буд. Иброҳимбеку ҷигитҳои ӯ як саду панҷоҳ ҳазор аспро аз водиҳои Ҳисору Вахш, Ёвону Ғозималик ба он сӯи дарёи Панҷ ронданд. Ҳар як аспе буд, ки камтаринҳояш ба хуни Иброҳимбеку ҷигитҳои ӯ меарзид. Дар он тарафи дарё харидорони аспҳои хушзоти тоҷикӣ меистоданд. Онҳо афсарону тоҷирон ва ҷосусони англис буданд. Бо яроқу аслиҳаи солҳои сол боз дар амборҳояшон хоб. Ва ҳама молҷалоб. Ба хоҳиши дили худ савдо мекарданд. Ба қиммати як маузер ва тиру магазин он ду-се аспро ба савдо мемонанд. Моли луздӣ беқадр мешавад. Чунки дузд барои он меҳнат накардааст. Ва ройгон медиҳад.

Байни галаҳои аспон аспҳои бузӣ ва пайка, ки ҳар яке ифтихори як маҳал буд. Тоҷири англис аспҳои бузиро хуш надошт. Дар ватани онҳо бузу бузкашӣ нест. Ба чашми онҳо бузбозиву бузкашӣ як машғулияти беҳуда менамуд. Ба ин хотир онҳо ба аспҳои пайка бештар таваҷҷӯҳ мекарданд.

Аспҳои ба ғорат рафтаи Ватани азиятдидаи Яҳё Афзалӣ барои силоҳҷалобони англис марҳамати Худо буд. Ба онҳо роҳати ҷон меовард. Аспҳои юрға, аспҳои чорхез кам набуданд. Силоҳҷалобони англис дар дили худ нисбати ин ду намуди аспи тоҷикӣ арҷ мегузоштанд. Аспҳои чорхез бо як хез бо суръати тезтар аз ҳама мошинҳои аввали асри XX англис масофаҳои даҳу бист километрро тай мезаданд. Аспҳои юрға хушлатофат буданд. Онҳо баробари қаду қомати зебо, гардани латиф аз роҳҳои ноҳамвор мисли тахти равон ва ё киштии дар об роҳ ба макон мепаймуданд. Болои зини аспи юрғаи тоҷикӣ шиками пур аз обу ғизои силоҳҷалоби англис,ки ӯ супориши империяро ҳам иҷро мекард, намеҷунбид.

Ва ин ҳама фоида бахри миллати англис. Босмачиҳои Иброҳимбек ҳам дасти холӣ намемонданд. Онҳо ба ивази ин неъма-

ти аҷоиб силоҳҳо мегирифтанд: маузеру камонҳои ҳархела, тиру тирдон. То хуни мардуми мубориза адолатпеша, халқудӯсту ватанпарварро резанд. Одилонро нест кунанд. Бошад, ки то дами марг равғани камари худро ғавстар намоянд. Мансабаке ба даст оваранду сарвати худро афзун гардонанд. Вале хоки муқаддаси Тоҷикистони соҳиби давлати нав, рӯҳи тавонои бузургмардону фарзандони фарзонаи ҳама давру замонҳои миллати тоҷик ба ҷалодони бародари хеш нафрат кард. Хоки муқаддаси Ватани аҷдодии Яҳё Афзалов аз онҳо нафрат кард. Аксари онҳо рӯ ба гурез ниҳоданд. Ва дар хоки бегона, дар хориву ғарибӣ ва залолат ҷон доданд. Чунки хоки Ватан онҳоро қабул надошт. Онҳо ба қишлоқҳо зада медаромаданд. Ва нисбати захираи ғаллае ки дар хоки зархези тоҷик мерӯид ва чорвое, ки дар марғзорҳои он парвариш меёфт бераҳм буданд. Соҳибхоназанро, ки модари чор фарзанд буд ва дар ду кули захираи ғалла дошт, барои муқобилият нишондоданаш ба китфаш корд заданд.

Киштаҳои шамшер назар ба киштаҳои гуруснагӣ хушбахттар будаанд.

* * *

Ҳарчанд таб шиддат мекарду борон авҷ мегирифт, роҳпаймоии бур ҳамвортару зудтар мешуд, хотираҳои рӯзҳои рафтаи умри сиву панҷсоли Яҳё Афзалӣ равшантар мегардид. Ватани ӯ аз шаҳри Самарқанд, ки соли 1893 ба дунё омад, сар шуд. Яҳё Афзалӣ Самарқандро дӯст дошт. Ба хоку об ва регу сангу хору хаси он, бозору кӯчаҳояш арҷ мегузошт. Баробари аз зинаҳои камолот гом бардоштан ватани ӯ бузург гардид.

– Тоҷикистон Ватани азизу муқаддаси ман, – мегуфту ифтихор мекард. Дар сафарҳои хизматӣ ки ба Москва ва дигар шаҳрҳои мамлакатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ тасодуф меафтид, ба ёди Тоҷикистон дилаш гум мезад. Пазмони обҳои ҷонбахшу насими ҷоннавоз ва гуфтугӯи забони ширини тоҷикӣ мешуд. Эҳсос мекард, ки берун аз Ватан Тоҷикистон аз ҷон азизтар мегардад.

Бур аз дарёи Кофарниҳон убур кард. Савораи худро ба дари ҳавлӣ расонд ва шиҳа кашид. Яҳё Афзалӣ дар ҳавлӣ аранге аз эзангу пой гирфт. Дар бистар дароз кашиду аз ҳуш рафт. Пизишкҳо ҳар чанд кӯшишҳо ба харҷ доданд, ӯ дигар ба худ наомад.

Дар очерки «Сафарбаршудаи инқилоб», ки дар маҷаллаи «Помир» ба табъ расид, оварда мешавад: «Аввалҳои моҳи марти соли

1928 ҳангоми сафари хизматӣ дар яке аз қишлоқҳои дурдасти Даҳаникиик Афзалӣ ба бемории сахти варақаи хора гирифтор шуд. Пизишки маҳаллӣ ба ӯ дору дод хост ӯро бистарӣ гардонад. Вале ӯ напазируфт. Савори аспи худ ба Душанбе роҳ дар пеш гирифт. Тамоми роҳро ӯ таги борони сел тай зад ва аз ёд беёд ба беморхона расид. Рӯзи дигар рӯзномаҳои Тоҷикистону Узбекистон бо ахбори мотам баромаданд».

Ба ин мусбат дар яке аз майдонҳои шаҳри Душанбе митинги серодам баргузор гардид. Селаи калони ҷанозагарон пайкари ӯро дар мазори шаҳри Душанбе ба хок супурданд.

Ҳар чанд имрӯз Яҳё Афзалиро касе надонад ҳам ному корномаи ӯ барои пойдор гардондани Ҷумҳурии Тоҷикистони азизаш, ки давлати соҳибистиқлоли имрӯзаи тоҷикон идомаи он аст, зиндааст. Ва ӯ дар қатори симоҳои бузурги таърихи гузаштаву имрӯз аз ёди наслҳо зудуда нахоҳад гардид.

# МАРДИ БАРӮМАНД

*Ман аз ҳар се дона, ки доно фишонд,*
*Дарахте барӯманд хоҳам нишонд.*

Ӯ сокит буд ба зоҳир. Тухмишиносон, инчунин кишоварзоне, ки ба бозёфтҳои онҳо ҳавас доштанд, аз паҳлӯ ва пешу паси ӯ дар курсиҳои мулоими қасри колхози «Шаҳристон» нишастаанд. Афкори илмӣ дар атрофи тритикал – хели нави ғалла, ки дар мамлакат аз гулпайванди гандуми ҷавдор зуҳур кард, ривоҷ дошт. Ходими институти зироат Баҳодур аз ихтирои худ – тритикали баҳодурӣ ва ноҳиябандии он дар мавзеҳои хоҷагиҳои шимоли ҷумҳурӣ ҳарф мезад. Олимону муҳаққиқон ва мутахассисон чашм ба сӯи минбар доштанд. Ба гумоне онҳо ба ҷуз ҷунбиши лабҳои Баҳодур чизи дигаре намебинанд ва ба ғайр аз оҳанги сухани ӯ оҳанге намешунаванд. Гули бахти Баҳодур шукуфт. Ӯ аз худ нишонае дар рӯи замин боқӣ мемонад. Гандуми Баҳодурӣ, коҳи гандуми Баҳодурӣ дар ду-се соли охир ба иқтисодиёти колхози «Шаҳристон»-и райони Ӯротеппа таъсири мусбат расонд. Деҳқонони хоҷагӣ тухмӣ киштанд ва бо чашмони худ мӯъҷизаи баҳодуриро диданд. Вақте тухмӣ майса зад, ба сӯи офтоб қад кашид, буғузак шуд ва саракҳои аз ҷомаи сабз берун омаданд, ана хӯшаву мана хӯша. Хӯшаҳо ба андозаи як ваҷаб. Аз гандумҳои мулоими сукдор, мулоими бе сук, гандуми сахт, сафедак ва сурхак, ки кайҳо боз маъмуланд, фарқ дошт: хушаҳои дароз ва вазнин. Акнун гандуми баҳодурӣ ҷои гандуми сафедакро, ки соири баргузидае аз ҳаштоду се хели он асрҳо дар дашту доманкӯҳҳо хуша мебаст ва Тоҷикистон аз рӯи истеҳсоли он дар ҷаҳон пас аз Эрон дар ҷои дуюм меистод, танг мекунад. Гандуми баҳодурӣ аз ҳар гектар шаш ман ҳосил медиҳад. Ин аз гандуми сафедак се баробар зиёд.

Баҳодур варақҳоро аз болои минбар гирифт ва аз пешгоҳи толор фаромада дар қатори дуюм ба ҷои худ нишаст. Ваҳҳоб аз қадамгузорӣ ва ваҷоҳати Баҳодур дарёфт, ки аз худ қаноатманд аст. Намояндаи комитети вилоятии партия ба зал хушҳолона як кунҷи назар андохт. Ваҳҳоб аз ин нигоҳ чунин рамуз гирифт: шумо аз нисф бештари ҳозирони толори ин қаср ҳама олимони набототшиносед. Аз роҳҳои дур: Белоруссия, Маскову Ленинград, Қазоқистону Қирғизистон, Гурҷистону Ӯзбекистони ҳамсоя омадаед. Аз Тоҷикистон ҳам кам нестед. Агар ҳар кадоме ҳамин хел як ихтироъ ба зироаткорон медодед, олам гулистон мешуд. Ғаллаи фаровон на танҳо нон, балки тухму гӯшти бройлер: 1,95 кило гандум, як кило

гӯшти мурғ, 2,56 кило гандум ва як тухм 0,12 кило гандум сарф мешавад. Аз он тухмие, ки то имрӯз ҳаст ва аз нӯҳ то понздаҳу шонздаҳ сентнер ҳосил медиҳад, куҷо хӯрдони мурғҳо ва шиками чорво сер мегардад. Ана, ин хел зироат, гандуми Баҳодурӣ зарур. Ғайри Баҳодур боз кӣ ин хел тухмӣ дорад. Академик, директории институти биофизикаи растаниҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон Юсуфҷон Саидович Носиров, академики Академияи умумииттифоқии ба номи В.И.Ленин Николай Васильевич Турбин, ходими калони Институти ситология ва генетикаи шӯъбаи Сибирии Академияи фанҳои СССР Клавдия Кузминчина Сидорова мехостанд бо даҳони пур гӯянд, ки муҳаққиқе, ки тухмии аз ин ҳам беҳтар дошта бошад ҳаст: гандуми ваҳҳобӣ. Вале ҳар се нафар ҳам аз ибрози ин худро нигоҳ доштанд. Мудири лабораторияи навташкили асосҳои физиологию генетикии институти биофизикаи Академияи фанҳои Тоҷикистон Ваҳҳоб Бобоҷонов аз хели нави гандуми худ донҳои ба шумор дошт. Донҳои сара як тоқӣ ҳам намешуд. Ин иқдоми нави Ваҳҳоб аст. Аз он ҳине, ки ӯ ба ин кор даст зад, аз байн як соли мукаммал рафт. Як сол ба тухмишинос аз ин зиёд чӣ ҳам медод? Ин мӯҳлати ниҳоят кӯтоҳест. Тухмиро ҳар рӯзу ҳар ҳафта намекорӣ.

Ваҳҳоб суханони ҳангоми вохӯрӣ бо Николай Васильевич Турбин иброз доштаи Юсуфҷон Носиров, баъд худи ӯ ва Клавдия Кузминчина Сидороваро ба ёд овард. Ваҳҳобу Юсуфҷон Носиров меҳмононро аз фурудгоҳи Ленинобод пешвоз гирифтанд ва дар як мошин ба Шаҳристон омаданд. Юсуфҷон Носиров аз иқдоми нави Ваҳҳоб Бобоҷонов ба меҳмонон огоҳӣ дод. Клавдия Кузминчина соле қабл шарафи роҳбарии рисолаи номзади илмии Ваҳҳобро ба ӯҳда дошт, аз ин огоҳӣ хушнуд шуд. Ӯ ба истеъдод, собитӣ ва матонати шогирди худ эътимоди комил дорад. Ваҳҳоб хосиятҳои экологию генетикӣ мутанти (тағироти сунъии хусусияти ирсӣ, ки дар натиҷаи вайроншавии хромосомҳо ва генҳо ба вуҷуд меояд) нахудро дар Душанбе ва замину лабораторияи мутасияи растаниҳои институти ситология ва генетикаи шӯъбаи Сибирии Академияи фанҳои СССР тадқиқ дошт, Клавдия Кузминчина намедонист, ки ӯ кай мехобаду кай дам мегирад.

Боре Клавдия Кузминчина ҳангоми озмуни натиҷаҳои кори ҳафтаинаи Ваҳҳоб дар лаборатория ӯро бо қаҳваи сиёҳ зиёфат дод ва ба чашмони калон, бинии қаламӣ, рӯи гирд, вале андаке дароз, мӯйлабҳои сиёҳи ӯ зеҳн монд ва андешаи он лаҳзаинаи худро ниҳон дошта, бо ҳазл гуфт:

– Ранги рӯи ту ба нахуд монанд не. Нахуд гирду сапсафед. Ту ба гандум монанд. Бурутҳо сиёҳ. Ба гандуми сиёҳсук шабеҳӣ.

Бо ин сухан ӯ чӣ мехоҳад? Клавдия Кузминчина фикрашро дуздонд. Табиат ба ҳар кас рангу рӯй медиҳад: гандумгун, гандумранг. Рӯи гандумгун намуду ҷони ман як ҷав фурӯхт. Боз ишора ба макру ҳиял карда. Ҳама гандумнамои ҷавфурӯшанд, гаҳе дар оҳу гоҳе дар хурӯшанд. Ҳофизи Шерозӣ холи ҷононаро ба гандум ташбеҳ дода рӯҳи фалсафӣ бахшид: холи мушкин, бад – он оrazи гандугун аст. Сири он дона, ки шуд роҳзани одам бо ӯст.

Ӯ аз варақҳои парешон, дастаи нахуд, ки ғилофакҳои он чун гӯшвораҳои дилбарон овезон аст, чашм набардошта ва пиёлаи қаҳваи сиёҳи хушбӯйро ба лаб бурд ва чунин андешае ба сараш омад: аз афташ дастовардҳои ӯро Клавдия Кузминчина намеписандад. Шояд, ба ақидаи ӯ ба ҷои нахуд аз хелҳои сершумори гандум якеро мавриди таҳқиқ қарор медод, авлотар буд. Сукунати гароне ба миён омад. Клавдия аз рӯи варақаҳо, нақшаҳо, рақамҳо, ҷадвалу феҳристҳо қаноатмандона сар бардошт ва дар ҳалқаи абрӯи Ваҳҳоб гиреҳе нақш дид.

– Чӣ лаб туруш карда истодаӣ. Дар як ҳафта кори ду моҳ. Чӣ ин қадар шитоб дорӣ. Арӯсатро пазмон шудӣ?

Нахуду гандум, аз дил гузаронд ӯ, ба ҳосили кори ӯ дахле надорад. Клавдия Кузминчина ҳамин хел, монанди ҳамешагӣ хушгӯӣ кардааст.

– Агар бешитоб бошем, чи ҳосил? Хоҳ шитоб дошта бошем, хоҳ худро ба хобу бехабарӣ андозем ҳам рӯзгор меравад. Ҳар рӯзе ки мегузарад, ноайён моро ба пирӣ мебарад, ба оғӯши хок наздик мекунад. Ба ақидаам, Клавдия Кузминчина, ҷон коҳонем, шитобем беҳтар.

– Ақидаи хуб. Вале ҳар ҳад ба андозааш.

*Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст,*
*Ҳам лоиқи душман асту ҳам лоиқи дӯст.*

Ҳама кор бо тани сиҳат. Шитобед, ки оқибати хастагӣ, дилгирӣ, зиқиву шалпарӣ бошад, ба зиёни кор аст. Маҳсули ранҷи ҳафтавори Ваҳҳоб Клавдия Кузминчинаро ба хаёле овард, ки ӯ аз қисмати вақти барои хобу фароғат зарур, ки пагоҳ ба кас хушҳолӣ, нерӯи тоза медиҳад, бераҳмона мезанад.

Бар хилофи чашмдошти роҳбар, ҳақиқати ҳол бо дигар хел ранг ҷараён дошт. Ваҳҳоб ба қадри саломатии худ мерасид. Хобу фароғат ҳам андозаи Ваҳҳобӣ дошт: кӯтоҳ ва сахт чун кунда. Ин аз хурдӣ аз айёми мактабхонӣ ягона меросест, ки то курси аспирантура аз даст нарафтааст. Чор-панҷ соат мехобад ва чашм намолида аз бистар мехезад. Аз ваҷоҳати ӯ чунон бармеояд, ки хоби

якҳафтаинаро гирифтааст. Вақте ӯ бо Мавҷуда, донишҷӯи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, хонадор шуд, модари Ваҳҳоб Бибиоиша баъди тӯй аз деҳаи Ворӯи Панҷакент ба Душанбе омад. Маросими ақди никоҳи онҳо дар хонаи меросии кампири Бибиоиша гузашт. Бибиоиша пас аз се моҳи гусели писару келин хост, ҳолу аҳволи онҳоро бинад. Дар хобгоҳи аспирантии Ваҳҳоб аз ду шаб беш тоқат накард. Рӯзи рафтан ба Мавҷуда гуфт:

– Хонатон, бачам, ранги бозор. Аз чизу чораат эҳтиёт шав. Ваҳҳоб кундахоб, бачем.

Хоби гарону кӯтоҳи ӯ матросҳои уқёнуси оромро ҳам ба ҳайрат овард. Аз тӯйи шаҳӣ шаш моҳ пур нашуда ӯро ба хизмати ҳарбӣ хонданд. Дар халиҷи Чангаки Тилло, ки наздик ба маркази Владивосток буд, рӯ ба рӯи худ дарёи кушодарӯи олами обро дид. Дар дуриҳои ба чашм на чандон дур олами обу осмон якдигарро ба коми худ кашида, як дунёи кабуди якранг боқӣ мемонд. Қисми онҳо дар ҳамин халиҷ қарор дошт. Он гоҳ соире аз ғояи илмии ӯ роҷеъ ба хели навъ, серсафедаи нахуд болои коғаз баромада ва ҳамроҳи арӯсаш дар хобгоҳи аспирантӣ буду ӯ дар ҳалқаи малоҳони нав аз шаҳрҳои гуногуни мамлакат омада, рӯ ба рӯи олами беҳудуди об меистод. Табиати инҷо аз Тоҷикистон ба куллӣ фарқ дошт. Аз халиҷи Чангаки Тилло ба атроф нигоҳ мекард ва аз рангорангии сарзамини кӯҳсори худ, ки аз водӣ ба водӣ, инчунин доманакӯҳҳои Ҳисору Зарафшон ва Кӯлоб гардиш карда донаҳои хелҳои гуногуни нахуд мекишт, кам нишон медид. Якрангии табиати ин ҷо дилгир мекунад. Ин ҳама дар назари аввал ҳафтае мегузараду ӯ ба ин хӯ мегирад ва як чизи муқаррарӣ шуда мемонад, чашм одат мекунад ва дил ба ҳавои ин ҷо метапад.

Ба малоҳҳои навомад фармони хоб доданд. Фармон иҷро шуд. Вале дар чашмҳо хоб меҳмон набуд. Он лаҳзае, ки Ваҳҳоб сар ба бистар монд, дар Душанбе субҳ медамид. Ӯ марди сӯбҳхез буд. Вале сарфи назар аз ин фарқияти калони вақт ӯ чашм пӯшид ва ба хоби сахт рафт. Он пагоҳ ва пагоҳи дигар ҳамхизматони ӯ бо ҳамдигар аз бехобӣ менолиданд. Вале Ваҳҳоб аз ин ваҷҳ шиква надошт.

Дар киштии зери обӣ ҳам ҳамхизматонаш ба хоби ороми ӯ ҳасад бурданд. Ӯ ду бор ба ӯқёнуси кушод баромад ва мӯҳлати хизмат ҳам ба охир расид. Сафарҳои тӯлоние буданд ин сафарҳо. Ба ёди замин дилҳо гум мезад. Дар як сол ду бор соҳилро дид. Ва ҳар бор ҳам ӯ ва ҳамаи киштинишинон бо оғӯши кушода худро ба замин партофтанд. Аз рухсораи поки замин бӯсиданд.

Танҳо як бор рабти хоби ӯ вайрон шуд. Ин моҳи апрели соли 1972 буд. Боре пас аз ҳамин гуна заминбусӣ ба халиҷи Чангаки

Тилло омад. Навбатдор бо хушнудӣ оғӯш кушода ӯро истиқбол кард ва ба дасташ барқнома дод. Ваҳҳоб хонд: «Бо нахуст фарзанд – Гулчаҳон табрик» – Мавҷудаи ту.

– Орзӯи деринаи модарам, – гуфт ӯ ба навбатдор, – ҷомаи амал пӯшид. Аз куҷо ҳаваси ҳамин ном ба сараш омад, намедонам. Аз рӯзи аввали хонадорӣ ба ҳардуи мо ману Мавҷуда гуфт, ки агар фарзанди аввал духтар шавад, номаш Гулчаҳон.

– Бача шавад, чӣ? – пурсид Ваҳҳоб.

– Номаш ба худатон. Ҳар номе хуш бинед, монед.

– Ина бинед. Нияти поки модарро бинед. – Тааҷҷуби худро пинҳон дошта натавониста фаҳмонд ба навбатдор ва шаб то ба рӯз ба ёди мӯву рӯи Гулчаҳон, модару Мавҷуда мижа таҳ накард.

Заҳмати маллоҳӣ ӯро ба мушкилиҳо тобовар кард. Ба институт баргашт ва кори муҳаққиқӣ ба чашми ӯ назар ба давраи то хизмати дарёнавардӣ хеле сабуктар шуд. Амбори нахудҳои хоҷагиҳои гуногуни ҷумҳуриро дид. Рӯзҳо ва соатҳои дароз дар болои нахудтӯдаҳо чорзону нишаст, ба шикам ва паҳлӯ истода, донаҳои серу пур ва вазндортарро ҷудо кард. Аз ҳар амборе як каф нахуди интихобӣ. Нахуди хуҷандӣ, зарафшонӣ, ҳисорӣ ва кӯлобӣ. Дар таъбу лаззати нахуди кӯлобӣ бартарӣ ёфт. Академик Юсуфҷон Носиров дар вагончаи байни боғи институт, ки бисёр дарахтони имрӯзаи он дастниҳолони Ваҳҳоб буд, халтачаҳоро як-як ба болои миз рехт ва сифати донҳои ёфтаи ӯро дид. Баъд ҳамаи онро ба Ваҳҳоб гардонд. Ваҳҳоб ба институти ситология ва генетикаи Сибир омад. Дар байни халтачаҳои коғазӣ лифофае буд, ки он пур аз нахуди Ваҳҳобӣ буд. Ваҳҳоб аллакай пас соле аз хизмати дарёнавардӣ аз гулпайванди нахуди рӯсӣ ва кӯлобӣ нахуди худро пайдо кард. Натиҷаҳои таҳлили лабораторӣ, ки ӯ бо роҳбарии Клавдия Кузминчина гузаронд, ин аст: нахуди Ваҳҳобӣ серҳосил ва нисбат ба ҳамаи хелҳои нахудҳое, ки то кунун дар мамлакат аст, аз сафеда ғанитар.

Вохӯрӣ бо донишманди табиат Клавдия Кузминчина Сидорова ва олимони институти ситология ва генетика Ваҳҳобро хушдил ва ба таҳқиқу тағйири табиати олами растаниҳо боз далер кард. Ваҳҳоб ба Юсуфҷон Саидович, ки ӯро ба ин доираи илмӣ ворид кард, чихел изҳори ташаккур карданашро намедонист. Ӯ баҳру ӯқёнусро ба ёд овард. Аз баҳр ба ёди замин дилаш гум мезад. Ва ногоҳ рӯ ба рӯи худ як порчаи замини сабз монанд аст. Ё дар ҷӯлистоне, ки аз шиддати гармо забон аз ҳалқ мебарояд ва аз ташнагӣ умеди наҷот нест, ногоҳ аз пешаш чашмае мебарояд. Юсуфҷон Саидович ҳамин хел як чашмаест, ки дар гардишҳои душвори рӯзгор аз пеши кас мебарояд ва аз он баҳра мебарӣ.

– Фикрам, нағзаш ҳамин, – гуфт Клавдия Кузминчина.

– Юсуфҷон Саидович ҳам – гуфт Ваҳҳоб, ҳаминашро беҳтар донист.

Клавдия Кузминчина хели онро пурсид ва Ваҳҳоб гуфт, ки гулпайванди худаш аз нахуди русӣ ба кӯлобӣ. Клавдия Кузминчина хушҳол шуд. Юсуфҷон Саидович, аз дил гузаронд ӯ, ҳар хел одамро назди ӯ равон намекунад. Ин йигит гавҳаре дорад. Ва ваҷоҳати ӯ дигаргун шуд. Суханони ӯ хеле самимона садо медод.

– Ҳамин хел изҳори хушнудӣ кард Клавдия Кузминчина, – гуфтан, мумкин ки шумо, аллакай хели нахуди худро доред; нахуди Ваҳҳобӣ, нахуди пуру калон ва нисбат ба ҳамаи нахудҳои мамлакат серғизо.

Ваҳҳоб ба ҳарфҳои ӯ зеҳн монд. Ва ин лаҳза мулоҳизае ба сараш омад. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили лабораторӣ ҳамин хел: Беҳтарин навъи нахуд. Вале ҳар як хели нахуд монанди одамон тақдири худро дорад. Кӣ медонад, ки дар соли панҷуму шашуми кишт, тақдири ин навъ чӣ мешавад. Агар ҷинсҳои падар, ки онро аз нахуди кӯлобӣ гирифтааст бар ҷинсҳои модарии нахуди русӣ ғолиб ояд, ҳарду ҷинс бо ҳам созиш накунад, онгоҳ тақдири ин гулпайванд маълум. Дар як майдон духел нахуд – нахуди кӯлобӣ ва русӣ медараванд. Барои нахуди ҳақиқии Ваҳҳобӣ шудани он ҳоло хеле ҷон бояд коҳонд. Ҳосили аз гулпайванд рӯйида ҳанӯз ин ибтидои кор аст. Онро аз хислатҳои ҷинсии падариву модарӣ маҳрум сохта ва боз дидан лозим, ки чи гуна хислатҳои нав пайдо кардааст, оё ҷинсҳои нави он аз пештара авлотар аст ё не. Агар нек ояд, донҳои аз ҳама хубро ҷудо карда коранд. Боз ва боз ин корро такрор ба такрор давом диҳанд. Оҳ, барои ин Ваҳҳоб сад сол умр дошта бошад ҳам камӣ мекунад.

Фардо Ваҳҳоб аз рӯи пешниҳоди Клавдия Кузминчина ба кори шиддатноке сар кард, ӯ ба сифати махраҷ, маълумоти ибтидоӣ ё чуноне, ки набототшиносон гӯянд, муросидоти содира нахуди русиро интихоб кард. Пас аз он ҳосили гулпайванди худро ба чанд гурӯҳ ҷудо кард: донҳои аъло, хуб, миёна ва ғайра. Дастгоҳҳои шуозаниро ба кор омода сохт. Ҳар гурӯҳро аз рӯи вояи муайян бо шуоҳои гамма нур хӯронд. Ба гурӯҳҳо вояҳои гуногун: аз ҳазор то понздаҳ ҳазор рентген дод.

Акнун на ӯ ва на Клавдия Кузминчина намедонистанд, ки генҳои тухмиҳои нави онҳо чигунаанд. Кадом донҳо ва кадоми гурӯҳҳо аз таъсири шуоҳои гамаквантҳо тағйир ёфтаанд. Ва ҳамчунин намедонистанд, ки ин мутанти (навъи сунъӣ) онҳо чигуна мутантест ва чи медиҳад.

* * *

Дар дасти ӯ аз ҳосили гулпайванди худ понздаҳ гурӯҳ меистод. Ба гурӯҳи якум ӯ ҳазор рентген нури гама-квант хӯронд. Ва ин воя дар гурӯҳҳои минбаъда ду баробар зиёд кард ва ба гурӯҳи охирин понздаҳ ҳазор рентген шуо дод. Ин генҳои нурфишон барои насли ояндаи нахуд чӣ медиҳад? Аз гумон дур набуд, ки дар ҳамаи ин гурӯҳҳои нурафшон аз насли нав доне ҳам наёбӣ, ки ҷанини он рӯ ба хубӣ дорад.

Барои донистани натиҷаи бо гама-квантҳо нурборон кардани тухмӣ чиро ба нишон бояд гирифт? Роҳ як то: ҳамаи ин донҳоро коридан, расондан ва ғундоштани ҳосил. Сипас соатҳои дароз чорзону зада донҳои беҳтаринро ҷудо кардан ва коридан. Боз ҳосил, як чинӣ ва кишт. Ин шуғл такрор ба такрор то замоне идома меёбад, ки дар байни буттаҳои сабзи нахуди яке аз дигаре фарқ дошта, устувору ноустувор миқдори ҳосил сифати дон муайян гардад ва ба навъи беҳтарин будани он умед диҳад. Ҳосили ин умеду ноумедиҳо чист? Оянда нишон медиҳад. Ӯ нахудҳои боронӣ нурӣ гамаквантҳо хӯрдаро ба понздаҳ халтача ҷо кард. Ва дар халтачаи шонздаҳум нахуди ба сифати махраҷ интихоб кардаи худро гирифт. Клавдия Кузминчина аз тезкории Ваҳҳоб хушҳол шуд ва ба бозгашти ӯ ба Душанбе рухсат дод.

Майдончаи таҷрибавии институти биофизикаро ба шонздаҳ қитъа ҷудо кард ва бо ҳазор умед нахуд корид. Баҳорон ҳамаи қитъаҳо аз майсаҳои нахуд ҷомаи сабз пӯшиданд. Рӯзҳои кору истироҳати Ваҳҳоб дар ҳамин ҷо ба шом мерасид. Ӯ ҳисобу китоб мекард. То гулу шамшерак банди чанд сантиметр қад ёзонд, чи қадар навдачаю барг пайдо шуд. Миқдори баргу шамшеракҳо дар понздаҳ гурӯҳ ва инчунин хели муқаррарии ба сифати махраҷ гирифтаи ӯ нумӯъи буттачаҳои аз нахуди аз панҷ ҳазор рентген зиёд хӯронда шуда аз хелҳои зотии худ фарқ мекард. Маълум, ки ҷинсияти онҳо ба некӣ тағйир ёфтааст. Ҳаҷми шамшеракҳо калону миқдори он бештар буд. Кори наозмуда, мегӯянд, ки шоху дум дорад. Шоху дум оқибати номуайяни он аст. Донҳо шира гирифтанд. Сахт шуданд. Донҳои вазндор. Вале вақтҳои охир ҳар чанд истеҳсоли ҷаҳонии ғалладона ривоҷ гирифта ва аз рӯи ҳаҷми он даҳсолаи нав аз ду-се даҳсолаи гузашта бартарӣ дошта бошад ҳам, миқдори сафеда дар донҳои ғалла коҳидааст. Ваҳҳоб дар рафти тадқиқ ва бозёфти хели нави нахуд на танҳо ба серҳосилии он, балки ба ҳалли ин проблемаи байналхалқӣ умед дошт. Ӯ аз тухми ҳосили нав дар водиҳои Вахшу Ҳисор ва доманакӯҳҳои ноҳияи Зиддӣ нахуд корид. Дар шонздаҳум палчаҳои қитъаи замини

таҷрибавии институт ҳам донаҳои сараи нахуди ӯ неш заданд Ваҳҳоб монанди санги осиёб ба гардиш омад. Мушоҳида ва ҳисобу китоби нишонаҳои нахуди нав, кишт дар қитъаи таҷрибавӣ, ноҳияҳои гуногуни Вахшу Ҳисор ва Зиддӣ, нигоҳубини дастниҳолҳои себу зардолу, гелосу анҷир, олуву шафтолу, ноку мурут дар боғи институт.

* * *

Варақҳои пур аз рақам дар болои миз, гилему қолинҳо, болишту кӯрпачаҳои ду хонаи дарун ба дарун шабу рӯз парешон мешуд. Ӯ кори ҳаррӯзаи худро андоза ва аз рӯи рақамҳо таҳлил мекард. Курсинишинӣ ба дил мезад. Болои кӯрпача дароз мекашид. Худро ҷазо медод. Болои гилеми дурушт ба шикам мезад. Ба диван такя мекард. Менавишт. Афкори илмии аз таҳлили рақамҳо ҳосил гардидаро болои коғаз мебаровард. Фаслҳои рисолаи илмии ӯ мукаммал мегардид.

Ба варақҳои парешон ғайр аз Ваҳҳоб дигар касе даст намерасонад. Ҳатто Гулчаҳони хурдакак ҳам аз назди онҳо бо эҳтиёт мегузарад. Ӯро модараш ба ин хел муносибат одат кунонд. Ин ба Мавҷуда ҳам фоида дошт. Ӯ ҳам пас аз хатми университет аспиранти кафедраи биологияи умумии институти тиббии ба номи Абӯалӣ Ибни Сино шуд. Роҳбари кори дипломӣ Ирина Ҷаъфаровна Мансурова ӯро ба тадқиқи таъсири спирт, аминазин ва чор хлористӣ карбон дар ҷигари ҳайвонот роҳнамоӣ кард. Бо вуҷуди дигару дигар будани предмети тадқиқи зану шавҳар мавзӯъҳо умумияте доштанд. Ин умумияти аз робитаи табиати мавҷудоти зиндаи олам сар мезанад. Таъсири чизҳои зарарнок ба одамону ҳайвонот ва растаниҳо хеле наздик аст. Он чизе, ки растаниро аз расидан боз медорад ва ба хазон мерасонад, ҷигари инсону ҳайвонро ҳам беосеб намемонад.

Зану мард ба сар ғояи муайяни илмӣ доштанд. Ҳар ду табиати бекаронро дар дилу майна ҷой дода дар лабораторияву ҷойҳои таҷриба гузаронӣ тадқиқот мебаранд ва бо сайъи комил парда аз рӯи асрори он мебардоштанд. Вале аз рӯи натиҷаҳое, ки аз ин озмунҳо ба даст меомад, Ваҳҳоб аз завҷааш хеле пеш гузашт. Мавҷуда майли мусобиқа ҳам надошт. Ваҳҳоб ба таҳқиқи илмии нахуд аз ӯ барвақттар шурӯ намуд. Агар хизмати дусолаи маллоҳӣ ба ӯ рост намеомад, кайҳо корашро ба охир мерасонд, соҳиби дипломи номзадии илм мешуд. Он гоҳ ёрии ӯ ба Мавҷуда бештар мерасид. Ташвиши рӯзгор, нигоҳубини бачаҳоро ба ӯҳда мегирифт. Худи ҳамин ёрии калон буд. Ҳозир чӣ? Ваҳҳоб мехоҳад, ки қарздор намонад. Дар хона баробари ӯ ҷумбуҷӯл мекунад. Гулчаҳон ва ҷашнҳо, Баҳодуру Сурайёро ба мактаб мебарад. Баҳодур рӯзи

ҷашнгирии 50-умин солгарди РСС Тоҷикистон ва Сурайё дар иди кайҳоннавардон ба дунё омаданд.

Чархи гардун ба муроди Мавҷуда гашт. Ваҳҳоб рақамҳо, дастовардҳои худро аз майдончаҳои парешон гирд овард. Ҳосили кишти нахуди ӯ дар водии Вахш, доманакӯҳҳои Мӯъминободу Зиддӣ ва Ҳисор аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Нахуди вахшӣ серрез, ҳисориву мӯъминободӣ аз он камтар ва зиддигӣ дар ҷои сеюм меистод. Акнун майдони тадқиқот барои ӯ танг шуд. Аз пагоҳ то бегоҳ дар лабораторияи институт ҷумбуҷӯл мекард. Аз халтачаҳо, ки бо ҳарфҳои «В», «М», «Ҳ», «З» ишора гардида буд, донаҳои нахудро як-як тадқиқ мекард. Гоҳҳо дар як кунҷи лаборатория нишаста ба ҳаракатҳои ӯ зеҳн мемонам. Дилгир мешавам. Ба назарам чунин менамояд, ки ӯ ҳам дилтанг аст. Вале ин андешаи беҷо буд. Дар рӯи Ваҳҳоб нишонае аз дилтангӣ зоҳир нест. Ӯ ба монанди саррофи гавҳаршиносе ба донаҳои нахуд зеҳн мемонд, онҳоро ба садҳо гурӯҳ ҷудо дорад. Дар ин лаҳзаҳо олам бо тамоми рангбезиҳояш дар лабораторияи ӯ ғунҷида ва танҳо ӯ аз дидани он дил шод дошт.

Мавҷуда ҳам дар лабороторияи Ирина Ҷаъфаровна Мансурова чунин рӯзгор ба сар мебурд. Ҳар он чи ки Ирина Ҷаъфаровна мефармуд, ҳамонро мекард. Дар ҳолате, ки Ваҳҳоб, пеш аз он ки ба коре даст занад, натиҷаи онро медид, барои Мавҷуда то анҷоми таҷриба ҳама чиз мавҳум буд. Ваҳҳоб вобаста ба иқлими ҷумҳурӣ панҷ хели нави нахудро ноҳиябандӣ кард. Навъҳои ба шароити водиҳои Ҳисор, Вахш, Ленинободу Кӯлоб ва доманакӯҳҳо мувофиқ. Ӯ бо хели нахуди дар доманаҳои талу теппаҳои Зиддӣ ноҳиябандӣ кардаи худ дар роҳи ҳалли проблемаи байналхалқии афзун гардондани сафедаи ғалла, нисбат ба тухмишиносоне, ки дар лабораторияҳои зироати мамлакат ва ҷаҳон, ба тадқиқи он машғуланд, пеш гузашт. Дар шӯроҳои илмии институтҳои тадқиқотии физиология ва биофизикаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ва институти ситология ва генетикаи шӯъбаи сибирии Академияи фарҳанги СССР ба натиҷаҳои илмии ӯ баҳои баланд доданд. Навбат ба ҳимоя. Навбати дуру дарозе шуд. Якуним сол тӯл кашид. Билохир дар институти илмиву тадқиқотии ботаникаи хокшиносӣ, микробиология ва вирусологияи Академияи фарҳангии Қазоқистон рисолаи номзадии илмӣ ҳимоя кард. Бозёфти нодир гуфтанд олимони номдори олами растаниҳо. Ваҳҳоб Душанбе омад. Ӯ баҳои комиссияи олии аттестатсионии мамлакатро интизор буд. Бисёр олимонеро медонад, ки пас аз ҳимояи рисолаи илмӣ солу моҳҳо чашм ба омадани ҷавоби ин комиссияи олимартаба доранд. Бархилофи чашмдошти Ваҳҳоб бозёфти ӯ комиссияи олимартабаро ҳам ба ваҷд овард ва дар давоми нуздаҳ рӯз дипломи номзадии илм

ба дасти ӯ расид. Вазифа ҳам дигар шуд. Ӯро ходими калони илмӣ тайин карданд.

* * *

Дар институт ҳам дигаргунӣ ба вуҷуд омад. Ғояи илмие, ки айёми таҳсил дар факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар дилу шуури ӯ пайдо гардида, тавассути ҷустуҷӯйҳои бардавом ҷомаи амал пӯшид ва боиси дар ин муассисаи баландмартабаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ташкил гардидани лабораторияи нави асосҳои физиологиву генетика гардид. Роҳбари илмии ӯ Юсуфҷон Носиров ҳам дар вақташ ба илми биофизикаи тоҷик шӯҳрати калон овард. Бо бозёфтҳои тозаи худ дар мамлакат шӯҳрат ёфт. Ӯ ҳамчунин мутахассиси соҳибтадбири фотосинтез эътироф гардид. На як солу ду сол дар донишкадаҳои чилуҳашт штати Америка аз фотосинтез олами растаниҳо таълим дод. Унвони муҳаққиқи фотосинтези растаниҳоро ба Юсуфҷон Носиров кӣ дод? Ваҳҳоб Species Бобоҷонов инро намедонад. Охир ӯ одами калон. Дар синну сол ва дар мартабаи илм ҳам. Ӯ танҳо худашро медонад. Шояд тадқиқи ин соҳаи физиология ва биофизикаи растаниҳоро ба роҳбари кори дипломиаш, мудири кафедраи ботаника, дотсенти донишгоҳи миллӣ Филип Григориевич Тверитнов дар замоне дод, ки генетикаи фегенсоник дар заминаи таълимоти Мичурин пойдор буда, аз миён мерафт. Ҷои онро генетикаи асосҳои классикӣ: таълимоти Менделеев, Морган, Вавилов гирифт. Бо он роҳе, ки мебоист, тухмишиносони мамлакат аз соли 1948 мерафтанд, қариб бист сол қафо монданд. Зарурати аз байн бардоштани ин қафомонӣ ба миён омад. Академики Академияи илмҳои хоҷагии қишлоқи Русия, Николай Иванович Вавилов барои бардоштани сади фегенсонӣ қадамҳои нахустин гузошт. Ин сад аз миён бардошта шуд. Ба ҷои он кохи нави илми генетика бунёд мегардид. Бобоҷонов ҳам бо хелҳои нави нахуди Ваҳҳобӣ ба девори ин кох хиште гузошт. Нахуди Ваҳҳобӣ ҳамчун бозёфти тоза аз олами растаниҳо ба маърӯзаҳо ва сӯҳбатҳои расмӣ ва ҳисоботи солонаи академия даромад. Ба Госплани республика ҳам аз эҳёи нахуди Ваҳҳобӣ хабар доданд. Он ба қатори кашфиётҳои нодири илмии солҳои охир даромад. Перомуни нахуди Ваҳҳобӣ танҳо сухан буд. Идроқ, ақлу заковати ӯро танҳо таҳсин мекарданд. Бо вуҷуди он, ки нахуди Ваҳҳобиро касе харидор нашуд ва Госплан кишти онро ба плани хоҷагиҳо надаровард. Бобоҷонов метавонист, бо ифтихор даст ба сина занад ва гӯяд: чунину чунон кашфиёте кард! Мехоҳад, нахуди ӯ дар киштзорҳои республика сабзад, панҷа занад. Буттаҳои аз нахудҳои то кунун баланду серкусаки он майдонҳои калонро фаро гирад. Ва касодии бо-

зори кишти нахудро, ки онро мақомотҳои давлатии ба плангирӣ сабабанд, дида ба нумӯи нахуди худ дар майдончаи таҷрибавии лаборатория қонеъ гардад. Ба ғайр аз ин кор дар лаборатория ҳам кам нест. Одамони навро ба кор гирифтанд. Ба ғайр аз Аҳмадов аксарият ҷавонанд. Назар Камолов, Мақсуда Қурбонова, Евгения Козлова, Муқбил Нӯъмонов дирӯз аз курсиҳои донишкадаҳои олӣ омаданд. Ҳар кадоме ғояи илмие дар сар доранд. Ғояи имрӯзаи онҳо ба барномаи тадқиқи илми лаборатория: омӯхтани асосҳои генетикаву физиологии ба даст овардани зироатҳои серҳосил мувофиқ. Ӯ ҳамчун мудири лаборатория бояд ба услубҳои тадқиқотҳои онҳо назорат кунад. Аз онҳо ҳисобот гирад. Дар асоси ҳисоботҳои онҳо ҳисоботи моҳона, семоҳаву солонаи лабораторияро нависад. Ва пас аз тадқиқотҳо, ташвишу тараддудҳо, ки ҳосили он нахуди Ваҳҳобӣ шуд, дар ин сарои сипнҷ дами беғам занад. Аҳмадов дар заминҳои зироати хӯроки чорвои хоҷагии ба номи Телмани ноҳияи Ваҳдат лаҳзаеро ёфт, ки барои захира намудани коҳу бедаи фаровону серғизо имконият медиҳад. Аз рӯи тавсияи ӯ хоҷагӣ аз охирҳои апрел то нимаи моҳи май ҷуворимаккаро ҷамъ овард. Аз ҳар гектар аз панҷсад то шашсад сентнер баргу пояи сабз гирифт. Ин ҳосили рекордӣ буд. Серғизоии онро намегӯӣ? Чорводорон бурдаи калон карданд. Маҳсули кори онҳо беҳтар гардид. Вазнгирии чорво нисбати солҳои гузашта назаррас шуд. Онҳо эътимоди комил пайдо карданд, ки дараву захираи ҷуворимакка, агар аз нимаи аввали моҳи май гузарад, ҳар рӯзаш талаф аст.

Ба ҳамин монанд Муҳиб Қурбонов барои пайдо кардани лаҳзаи хуб таркиби биохимиявии растаниро тадқиқ дорад. Мақсуд Қурбонову Муқбил Нӯъмонов ба ҳалли проблемаҳои фотосинтез, хосиятҳои биохимиявии зироатҳои ғалладонаву лубиёгӣ даст задаанд. Муқбил, аллакай дар тадқиқи хосиятҳои биохимиявии растаниҳо хулосаи илмии худро дорад. Ӯ тағйирёбии сафедаро дар ҷой ва шароитҳои гуногун санҷид. Собит кард, ки дар ҷойҳои хушк кам-кам миқдори сафеда мекоҳад. Барои афзун намудани он иқлими намнок зарур.

Проблемаҳои илмии лабораторияи навташкил аз мӯи сар ҳам зиёд. Барои тадқиқи фотосинтез сад сол умр кам мекунад. Агар дар табиат он намебуд, нафаси аҳли олам мегирифт. Дарахту растаниҳо тавассути барг нафас мегиранд. Обу гази карбон дар барг аз таъсири нурҳои офтоб ба қанду нон, моддаҳои органикӣ, гарбогидратҳо мубаддал мешавад ва ба ҳосил мегузарад. Агар имконияти иваз кардани баргҳои чинор бо баргҳои себ пайдо гардад, онгоҳ чинори азим себи азим мешавад.

Растиниҳо шаб оксиген нафас мегиранд ва рӯз хориҷ мекунанд. Боз проблема. Чӣ бояд кард, ки чормағз карбонро камтар хориҷ кунад? Барои ин чунон ҷараёни фотосинтез ёфтан лозим, ки дараҷаи синтези моддаҳои органикӣ зиёд ва нафасгирӣ кам бошад. Барои ин Ваҳҳоб ҳангоми тадқиқу бозёфти нахуди худ услуби гардолудро пеш гирифт. Ходимони ӯ Сафаралӣ Наимов, Евгения Козлова, Назар Камолов аз паи Ваҳҳоб рафта бо мақсади пайдо кардани имкониятҳои ҳосили фаровони растаниҳо услубҳои тозаи илмӣ меҷӯянд.

* * *

Илми генетика ва тухмишиносӣ, ки дар ин роҳ Ваҳҳоб қадами пурфайзе гузошт, пешомадҳои калон дорад. Генҳо сохту таркиби наслии растаниҳо ва ҳайвоноти рӯи заминро ба шакли муайян медарорад. Вале инсон ҳанӯз қобилияти генро ва ҳадди биологии онро намедонад. Аз ин рӯ қобилияти генро то охир пурра ба зуҳур оварда наметавонад. Гуфтугӯи Ваҳҳоб бо директори институти биология ва генетикаи маркази илмии сибирии Академияи фарҳангии СССР, президенти федератсияи байналхалқии генетика Димитрий Константинович Беляев ба ёд меояд. Сӯҳбати онҳо перомуни маълумотҳои демографӣ қӯр гирифт. Димитрий Константинович баъди шиносоӣ бо дастовардҳои Ваҳҳоб оид ба генетика чунин изҳори ақида кард:

– Аз он рӯзе, ки ҳазрати Одам нахустин донаи тухми гандумро дар нахустин замини шудгор партофт, садҳо ҳазор сол гузашт. Чи қадар дон гирифта, чи қадар нон пухта ва чи қадар хӯрок тайёр шуд? Ин таърихи дуру дарозест. Аз рӯи баъзе маълумотҳои охири ҳазорсолаи нав барои бо хӯрокворӣ таъмин кардани аҳолии рӯи замин бояд ҳамин қадар хӯрокворие тайёр карда шавад, ки дар тамоми таърихи инкишофи хоҷагии халқи сайёраи Замин истеҳсол гардида буд. Дар чунин шароит зоҳир намудани қобилияти генҳои зироатҳо, инчунин ҳадди биологии онҳо аз ҳар чи муҳим аст. Ҳадди биологиро табиат дар параму шикани дони гандум, лӯндаҳои картошкаю помидор ва буттаи нахуд ниҳодааст. Ва мо онро намедонем.

Ҳадди охирини ҳамон дони гандум чӣ гуна аст? Аз ҳар гектаре на каму на зиёд 150 сентнер. Картошка, ҷаву ҷуворимакка ва лаблабуи қанд чӣ? Аз гектари ҳар кишти картошка 940 сентнер, ҷав 115 сентнер, ҷуворимакка 200 сентнер, лаблабуи қанд 1300 сентнерӣ назардошт шудааст. Вале имрӯз ҳамаи ин аз ҳадди биологӣ чи қадар дуранд?

Президенти федератсияи байналхалқии генетика Димитрий Константинович Беляев Ваҳҳобро ба саҳро даъват кард. Онҳо аз байни ғаллазорони гандум мегузаштанд. Ваҳҳоб баробари дидани хӯшаҳои

гандум навъу хелҳои онро бе хато ба дил пешгӯӣ мекард. Ӯ соле қабл аз ин дар Ленинград маҳзани миллии боигарии набототро дид. Ин гуна ёдгории нодир дар олам кам андар кам аст: лабораторияи миллии нигоҳ доштани тухмӣ дар ШМА, анбори колексияи азими биринҷ дар Япония, манзили растаниҳои гум шуда истодаи Туркия. Ин маҳзанҳо он маркази генҳои судмандест, ки бо гузашти таҳаввули асрҳо зери назорати инсон дар ҳуҷайраҳои зироатҳо ғунд шудаанд. Ва имрӯз дар бонки генҳои Ленинград бештар аз 300 000 хелҳои тухмӣ, аз ҷумла бист ҳазор намудҳои гандум маҳфуз аст.

Ваҳҳоб бонки генҳои Ленинградро хеле бо шавқ тамошо кард. Аз таърихи аҷиби он ба ҳаяҷон омад. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шогирдони нахуст президенти академияи илмҳои хоҷагии қишлоқ, нахуст директории институти генетикаи Академияи фарҳанги СССР Николай Иванович Вавилов аз гуруснагӣ мурдаистода тухмиҳои гандум, ҷаву ҷавдор, шоливу лубиё, картошка ва дигар растаниҳои саховат кардаи сайёраро, ки асоси мувозии моро ташкил мекунанд, маҳфуз доштанд. Ба нишони эҳтироми фидоиёни ҷасур ин ёдгории дар ҷаҳон нодир бунёд шуд. Ваҳҳоб аз дафинаи хелҳои бешумори генҳо нигоҳи худро набардошта суханони шасту нӯҳ сол пеш аз ин гуфтаи Николай Ивановичро ба ёд меовард.

«Пештар дар мадди аввали нигоҳубин, фарбеҳ кардани заминро мегузоштанд: нурӣ, коркард, шудгори дубораву себора. Хулоса, маҳз заминдорӣ. Вале мақсади асосии мо дигар, растанидорӣ, растанипарварӣ аст». Шогирдони ӯ ҳам тухмидорӣ, ҳифзи генҳоро аз ҳаёти худ муқаддастар донистанд. Аз гуруснагӣ ба шаҳодат расиданд, вале сӯи тухмиҳо даст дароз накарданд. Онҳо ғами ҷони худро не, ғами ҳифзи тухмиҳоро хӯрданд.

Аммо дар маҳзани миллии коллексияи ҷаҳони набобтот ӯ генҳои тайёрро намедид. Ӯ ҳамчун тухмишиносе, ки мақсадаш ба вуҷуд овардани хелҳои нави зироат аст, як имконият дошт. Дар феҳристҳои бонки генҳо тухмиҳо барои дурага нишон дода шудааст. Ваҳҳоб танҳо наметавонад онҳоро интихоб намояд, корад, дурага кунад, тухми дурагаро гирад, боз корад. Донҳои беҳтаринро яккачин кунад, боз корад, аз нав дурага намояд. Бо ин дастур силсила аз паи силсила, сол аз паи сол (агар умр расад) то он гоҳе, ки ҳамаи навъҳои гулпайвандакро санҷӣ ва дилхоҳатро пайдо кунӣ.

Онҳо аз дашти калони гандумзоре гузаштанд. Ваҳҳоб хӯшаҳои калонро, ки сар сӯи замин доштанд, даст-даст кард. Ин хӯшаҳо ҳам дар оғоз ин хел бузургу вазнин набуданд. Аксари онҳо дар пояи худ рост меистоданд. Тухмишинос, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Василий Николаевич Ремсесло барои ба ин дараҷа расондани онҳо

заҳмати андак надид. Ӯ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Дон то Элба дар халтаи аскарӣ якчанд каф гандумро мегардонд. Орзу дошт, ки аз ин донҳо навъи нави гандум гирад. Пас аз ҷанг ӯ донаҳоро гаштаву баргашта корид. Гаштаву баргашта сараву дурага кард ва муаллифи хели нави дар олам машҳури гандуми тирамоҳии «Миронов-808» шуд. Ғаллаи сабзи «Миронов-808» то дуриҳо доман паҳн кардааст. Дмитрий Константинович ба дашт ва ҷангалҳои атроф, талу теппаҳо ишора намуд ва ба Ваҳҳоб рӯ овард:

– Мо ҳадди биологӣ гуфтем. Гапи осмонкаф гуфтем. Акнун ба замин фаромадем. Бигузор ин ҷо, заминҳои Тоҷикистон бошад.

Ваҳҳоб пеши назар доманакӯҳҳои Ворӯ ва водии Зарафшонро овард ва хомӯш буд.

– Ин ҷо, – гуфт Дмитрий Константинович, – ин замин бо нақши мукарнас, барҷастагии худ, манфиву мусбатҳо, хоку об, шамол, чакалакзорҳои атроф нафас мегирад. Аз ҳама муҳиммаш Ваҳҳоб Бобоҷонович, инҳо нафасгирии барқарори худро доранд. Муносибати ин гандум, инчунин ба ин марғзорҳо, чарогоҳҳо ҳам барқарор аст. Ана, дар ҳамин хел шароити конкретӣ ҳосили растаниҳо нишон медиҳад, ки аз иқтидори генҳо мо ба чи дараҷа истифода бурда тавонистаем.

Гуфтугӯи физиологу биофизикшиносон нисбати олами набатот аз сӯҳбати одамони дигар ихтисосҳо ба куллӣ фарқ дорад. Дар гуфтугӯи онҳо растаниҳо табиатан воҳиди зиндаанд. Баргҳо, даҳонҳо доранд. Ин даҳонҳо аз боло хурд аз таг калон. Растанӣ, дарахтон аз ин баргҳо нафас мегиранд. Нафасгирии кӯтоҳ-кӯтоҳ ва тӯлонӣ. Тӯлониаш беҳтар. Ҳарчи қадар дер-дер нафас гирад, ҳамон дараҷа ҳосили бисёр медиҳад. Атроф аз гази карбон тозатар мешавад.

Ба ғайр аз ин онҳо аз хешиву таборӣи растаниҳо ҳарф мезананд. Ин хели зироат ва дигаре чӣ хешӣ дорад? Зоти падарӣ аз куҷо ва модарӣ чигуна? Ваҳҳоб дар хелҳои бешумори гандум хешу таборашро зиёдтар медид. Ӯ дар ғаллазорҳои поёноби Иртиш аз хешии хели гандуми «Саратов-29» ва «Ранг»-и Шведӣ бо ваҷд омад.

Мусоҳиби онрӯзаи ӯ мудири лабораторияи асосҳои генетикии тухмишиносии растаниҳо доктори илм Виктор Александрович Дравсов буд. Виктор Александрович аз бозёфтҳои илмии Ваҳҳоб роҷеъ ба нахуди нави тоҷикӣ огоҳӣ дошт. Мехост донад, ки Ваҳҳоб ба кори ӯ чи баҳое медиҳад. Равияи тадқиқотҳои генетикии Ваҳҳоб Бобоҷонову Виктор Дравсов бо ҳам қаробат дошт. Фарқ танҳо дар ин буд, ки Ваҳҳоб хелҳои барои иқлими Тоҷикистон серҳосилу серғизои зироатҳо ва Виктор низ ҳамин хел навъҳои ба хунукиҳои Сибир тобоварро меҷуст. Виктор эътимоди комил дошт, ки ба ин мақсади худ

расидааст. Гандуми ёфтаи ӯ дар даштҳои дуродури Сибир хӯша мегирад. Аммо тақдири нахуди Ваҳҳоб ноаён. Ҳарчанд дар бозорҳои Осиёи Марказӣ як кило нахуд қиммати қариб даҳ кило гандумро гирифтааст, вале Госплани республика ба ин комилан аҳамият намедиҳад. Аз як гектар нахуди хели Ваҳҳобӣ то 13 сентнер гирифтан мумкин. Ин аз хелҳои то кунун мавҷуд ду баробар зиёд. Агар инро ба қиммати бозор гардонем, сад сентнер гандум мешавад. Як тонна коҳи он ҳам ғизои ду-се тонна коҳи гандумро дорад. Агар дар магазинҳои давлатӣ ба як килои он як сӯм қиммат диҳанд, як донааш дар анбор намемонад. Дар ин сурат ҳам даромад аз ҳар гектар то якуним ҳазор сӯм мешавад, ки ин ҳам аз даромади як гектар замини гандум ду-се баробар беш аст. Ӯ аз ваҷҳи дар дашту доманакӯҳҳо бутта задании хели нахуди худ аз Госплани республика биме дошт. Ин андешаи ӯ беҷо ҳам набуд. Госплан талабҳои аҳолиро чандон ба ҳисоб намегирад. Дар назари он донаҳои нахуд бисёр хурду ночиз менамояд. Госплан аз паи ҳаҷм шитоб дорад. Ба монанди шитобҳои корхонаҳои масолеҳи бинокорӣ. Ба сохтмони бино деворҳо, болорҳои вазнину гарону калонҳаҷмро медиҳаду барои тайёр кардани қисму деталҳои хурд фурсат намеёбад. Баъд натиҷа чӣ мешавад? Сохтмон ба анҷом намерсад. Аз мӯҳлати муайян намудаи меъморон дер мемонад. Ба ҷои ду сол шаш ҳафт сол кашол меёбад. Ба ин касеро гунаҳгор намекунанд ва зарари аз ин дермонӣ расидаро аз ҳеҷ кас намеситонанд. Госплан ба дарди тарсончакие гирифтор аст. Аз зарари солҳои дароз бекормонии заминҳои доманакӯҳҳо ба халқ ва хазинаи давлат мерасад, аз бағали одамони масъули Госплан меситонданд, онгоҳ кор ранги дигар мегирифт.

Ваҳҳоб дар андешаи паҳнгардии навъи нахуди худ ба майдони калони гандуми тадқиқкардаи Виктор нигоҳ дошт. «Ранг»-и Шведӣ ба хунуки тобовар аст. «Саратов-29» гармидӯст. Аз хешутабории онҳо чӣ суде мегирӣ? Инро пешгӯӣ кардан мушкил буд. Бахт аз таввакал ҳардуро омезиш дода диданӣ буданд, ки аз онҳо чигуна фарзанде ба дунё меояд. Гардҳои модинаи «Саратов-29»-ро бо гардҳои наринаи «Ранг» омезиш доданд. Зоти модарӣ «Саратов-29» ва падарӣ «Ранг» шуд. Фарзанди ҳардуро кориданд. Барои қиёс ба синаи гарми хок пошиданд. Моҳи июл гандумҳо майса баровар-данд, ба замин панҷа зада сӯи офтоб сар кашиданд. «Фарзанд» нисбат ба «падар»-у «модар» бағайраттар менамуд. Вале чун давраи дар хӯша донбандӣ фаро расид, ба замин ягон қатра борон наборид. Вақти баргаштан зоти модариро маҷбур кард, ки генҳои захирадошти ба хушкӣ тобовари худро ба кор дарорад. Генҳои «Ранг» тоби ин хел сахтӣ надошт ва ҷунбише ба зуҳур наовард. Бо вуҷуди ин, та-

вассути генҳои «Саратов-29» дар хӯшаҳо дони фаровоне расид. Хӯшаҳои замини «Ранг»-и асил сарпӯч будану аз «Саратов-29» сердон. Тирамоҳ ҳангоми фаро расидани ширабандӣ ҳаво хунук шуд. Хӯшаҳои «Саратов-29» маҷоли ширагирӣ наёфт. Чунки барои ин гуна хунукӣ ягон хел захираи генҳо надошт. Рӯзгори фарзанди он ба рангу бӯи дигар буд. Генҳои ба хунуки тобовари аз «Ранг» ба мерос гирифтаи он амал кард. Донҳои хӯша вазн гирифтанд. Хӯшаҳои он нисбати хӯшаҳои «падар»-у «модар» калону вазнин буд.

Гандуми бозёфтаи Дравсов дар ноҳияҳои гуногуни Сибир паҳн мешавад. Нахуди Бобоҷонов чи? Хелҳои сердону аз сафеда бойи ба вуҷуд овардаи ӯ дар халтаю халтачаҳо. Чандин хел дар анбори коргоҳи ӯ истодаанд ва касе онҳоро харидор нест.

* * *

Баъзан лозим меояд, ки аз роҳи пешгирифтаи худ бероҳа равӣ, вориди ҷангалзор шавӣ, роҳгум занӣ. Дар роҳгумӣ бисёр чизҳои аҷоибу ғароибро мебинӣ. Андешаҳои мубҳам хотири ӯро парешон медошт. Ҳисоботҳои илмии ходимони лабораторияҳоро хонд ва ҷамъбаст кард. Ба ҳар кадоме дастурҳои тоза дод. Акнун ӯ имконият дошт, ки рӯзи осуда барад. Дастурҳо бисёр. Онҳоро омӯзанд ва ба муҳаққиқони ҷавон маслиҳатҳо диҳад. Вале оқибати ин ба чи меанҷомад. Ваҳҳоб носеҳ мешавад. Дилу дидаи ҷӯяндаи ӯ инро нахост.

Барфи майдончаи таҷрибавии ӯ панҷа мезад, об мешуд. Ҳама ходимони лаборатория мавзӯи тадқиқотӣ доштанд ва зинаҳоеро мепаймуданд, ки Ваҳҳоб ҳамаи онҳоро тай кардааст. Мавҷуда ҳам хулосаҳои илмии худро ҷамъбаст кард. Ба шакли рисола даровард. Автореферат навишт. Хона ва бачаҳоро ба Ваҳҳоб супурду бо ҳамроҳии роҳбараш Ирина Ҷаъфаровна Мансурова ба Тошкант рафт. Фардо Мавҷуда дар институти биохимияи академии Ӯзбекистон ҳамоя дорад. Ваҳҳоб аз вазъи кори илмии завҷааш ҳам дилпур буд. То охири сол дипломи номзадии ӯ ҳам аз Москва меояд. Ваҳҳоб бошад, шояд дар ин майдонча нахуд корад. Дар ин боб ӯ бисёр хулосаҳои тайёри илмӣ дорад. Онҳо агар худнамоӣ кардан хоҳанд, то охири умр мерасад. Акнун завҷааш ҳам олим. Маоши оила ҳам калон мешавад. Барои падару модари олим хӯрондану пӯшондан ва тарбияи се фарзанд чи мушкилӣ дорад? Майдончаро холӣ мемонад. Ба даҳ порча ҷудо карда, нахуд мекорад. Охир, нахуди ӯ дар маърӯзаи ҳисоботии академияи фарҳанги Республика дохил шуд. Президент Муҳаммад Осимӣ онро ҳамчун бозёфти тозаи олимони институти биофизика барои паҳн кардан ба совети вазирони Тоҷикистон пешниҳод кард. Пешомади онро аз Юсуф Саидович Носиров пурсид.

– Ин пешниҳод, ба назарам, – гуфт ӯ, – барои дар хоҷагиҳо паҳн шудани нахуди ту ҳеҷ чиз намедиҳад. Намедонам, Госплани республика дар нахуд чи айб ёфтааст, ки ба зиёд шудани донаҳои он рағбат надорад. Лекин боварӣ дорам, ки кормандону роҳбарони Госплан нахудшӯракро нағз мебинанд, оши палави сернахудро дӯсттар медоранд.

Юсуф Саидович лаҳзае хомӯш монд. Гӯё ба тахти дили Ваҳҳоб нигоҳ дошт. Аз он гавҳари тозае меҷуст. Ва онро ёфт. Дар чеҳрааш табассум гул кард ва ба ӯ гуфт:

– Он чи дар майдонҳои таҷрибаи тухмшиносони сибирӣ дидӣ, аҷибанд. Бин, доктор Дравсов ба нияти пайдо кардани тухми гандуми ба иқлими онҷо тобовар, чи ҷасорате аз худ ба зуҳур овардааст. Гандум зироати аҷиб аст. Ҳозир дар мамлакат гулпайвандони гандум бо марғ, ҷаву ҷавдор, зак ривоҷ дорад. Ҳосили ин гулпайвандҳо аз гандуми имрӯза даҳҳо баробар зиёд аст вале ҳосиле, ки аз гандуму марғ мегиранд, нон боб нест. Он гандуми бисёрсола мешавад ва хӯроки серғизои чорво аст. Муҳаққиқон боз таъми гандумеро, ки бояд аз хешӣ бо генҳои баландсафедаи сой дурагаи ҳуҷайраҳои обсабза ва нахуд рӯяд чашиданианд. Аммо имконниятҳои ин хешӣ пайдо нест. Агар ёфт шавад, дунё гулистон, ба худат маълум, ки ин растаниҳо аз ҳаво азот мегиранд. Аз ин рӯ бе заҳмати нуриву порупошӣ, ду бораву себора замингардонӣ ҳосили фаровон ба даст меояд. Ин ганҷ аст, ганҷи сарпӯшида. Шояд калиди ин ганҷхонаро ту ёбӣ:

Дар сӯҳбати онҳо қадру қиммати гандум боло гирифт. Гандуми Украина миронавӣ ва ғайра. Гандуми украина шаст сол қабл аз як хӯша гандуми маҷории Ғунчадаҳон, ки дар иқлими сахт нохушу ногувори водии Карпат медид, ба вуҷуд омад. Ходимони стансияи таҷрибавии хелшиносии Миронов натиҷаи кори даҳсолаи худро ҷамъбаст намуданд. Аз донҳои даҳсол баргаштаю баргашта сара кардаву коридаи онҳо навъи тирамоҳии гандуми Украина пайдо шуд ва он даштҳои беканори ғаллазорҳои Украинаро фаро гирифт. Он камтар аз сӣ соли дар мазраҳои Закавказия, Поволже, Ӯзбекистон, Кубан ва Туркманистону Тоҷикистон хӯшаҳои сердон мебаст. Аз донҳои бобаракати он на як насли ҳамватанони мо ба камол расидаанд, мулоҳиза кард Ваҳҳоб, устухонҳои ӯ ҳам аз ин донҳо сахт гардидаанд. Дар доманакӯҳҳои деҳаи Ворӯи Панҷакент ҳам ин донҳо месабзид. Дар заминҳо бо каланд ва омоч кишт шуда, панҷа мезад, баргу пояи сабзи он баланд мешуд, бо вазидани бод мурғак мерафт ва дил аз тамошои он дар сина гум мезад. Дар гармои тобистон ба дарав меомад. Ваҳҳоб дар овардани дарза, ғанакҳои аз таги дасти даравгарон

баромада, инчунин хирманкӯбии он ба падари аз баталони коргарӣ бо дасту пои худ омада ёрӣ медод, қуввати дил мешуд. Амаки Бобоҷон марди нотарсе буд. Ба бармолҳо, бағали теппаҳо, чигинаро мебурд, ғанакҳои дарзаи гандумро дар такияи чорпояи он шола мезад, як тали калон мешуд. Аз байни он арғамчини дарозро мепартофт сахтакак кашида мебаст. Ваҳҳоб аз банди кашаки чигина дошта барзаговро ба низом нигоҳ медошт. Баъд кашакро ба чигина мегирифт. Барзаговҳои таги юғро аз нишеб ба ҳамвории камари теппа мебурд. Амаки Акбар Бобоҷонов ду пояшро ба рӯи ду сари қафои қушқораки чигина мемонд ва аз арғамчин сахт дошта як-ду зӯр медод. Чигина аз ҷояш меҷунбид. Сарнишеб мешуд. Амаки Акбар вазнашро гоҳ ба пои чап ва гоҳ ба пои рост гирифта чигинаи чун бод аз бари теппа ба поён рафта истодаро идора мекард. Чун он меистад, Ваҳҳоб ҳалқаҳои кашакро ба пешчӯби чигина мегузорад. Ва ҳамроҳи падар ба хирман мерафт. Падар пас аз ранҷурии бардавом, ба худ омад ва хеле хушҳол буд. Шукр мекард, ки акнун дар даҳон мазаи таомро мефаҳмад. Охир ӯ аз баталони коргарии Челябин – Чивоев бо гулӯи шикоф омада буд. Ҳама хелҳои ёфтшудаи таомро, маҳлул карда, аз ҳамон шикофи гулӯ ба ӯ медоданд. Як сол ба дараву хирманкӯбӣ набаромад. Вале наметавонист, ки бекор истад. Аз паси пода мерафт. Дар хона омоч метарошид. Хонаҳои навсохти Ворӯиёнро чӯбкорӣ мекард. Ришу мӯи сар мегирифту гаҳвора, сандалӣ, гупӣ, чархаву зин месохт. Кафш, мӯзаву маҳсӣ медӯхт. Марди покдиле буд.

Боре Ваҳҳоб аз замини юнучқчаи колхози «Зарафшон» чор дарза алаф овард. Раҷабалии қуруғмол аз ин кори ӯ ба падар огоҳӣ дод. Амаки Акбар ба ғазаб омад.

– Дар авлоди мо ҳаромхӯр нест, – гуфт ӯ. – Ин дар хуни ту аз куҷо пайдо шуд? Юнучқаи колхоз, ин ҳақи як-ду нафар нест, ки бахшиш пурсӣ. Ин ҳақи ҷамоат агар як кас бахшад, ҷонат барояд ҳам, сад каси дигар намебахшад!

Ба рӯи Ваҳҳоб ду шаппотӣ зад. Ва фармуд, ки дарзаҳои алафи кап-кабудро ба ҳамон ҷое барад, ки аз онҷо даравидааст. Бандҳои онро кушода, тунук карда монад. Ин сабақи интизом шуд.

Падар ба обутоб омада буд. Гандум мекорид, медаравид ва мекуфт. Ваҳҳоб чапар мегардонд. Амаки Акбар бо нӯги шохин ба зарб ба бандинаҳои дарзаҳои гандум мезад. Онҳоро пора карда ба болои хур ҳаво медод. Ваҳҳоб чапарро ба болои поя ва хӯшаҳои гандум мебаровард. Оҳиста-оҳиста донҳо аз хӯшаҳо мерехтанд, пояҳо шикаста ва майда-майда гардида коҳ мешуд. Падар онро рӯгардон мекард. Ваҳҳоб то зону ғӯтида чапар мегардонд.

* * *

Баробари расидани моҳи май Ворӯ камодам мешуд Сокинони он чорвои ҷамъиятӣ ва гову бузи худро ба ҷойлоб мебурданд. Заминҳои ҳосилхези ворӯиён ҳам дар ҳамин ҷойҳо буд. Мардон то ба дарав омадана гандуму нахуди даштҳои Арчамайдон, Ғайросанг, Лалмо ва Диҳи Миёна ғами зимистони чорворо мехӯрданд. Алаф медаравиданд. Коҳу коҳдарза ғарам мекарданд. Чоҳҳои коҳғалла ба хирман наздик буд. Шабҳои чапаргардонӣ Ваҳҳоб ба мобайни коҳи наву гандум медаромад, то гардани худро таги коҳ карда, гармакак хобашро мегирифт.

Ба ҳамсоядеҳаи онҳо – Сармад, ки дар мағзи чор кӯҳ аст, геологҳо омаданд. Онҳо дар ин ҷо маъдани нодир пайдо карданд. Дар поёни дарав, ташвишҳои тирамоҳ, падар ба Сармад кӯчид. Оилаи онҳо шарики ташвишҳои геологҳо шуданд. Падару модар барои хонадор кардани духтару бачаҳои калонӣ – Тоҳир, Исматулло тайёрӣ медиданд. Муфазалла ҳам қадрас шуда ва Неъматулло хати риш давонда буд. Боре ҳодисае шуд, ки монанди лентаи кино, ҳеҷ гоҳ аз пеши назари хурду калони оила дур намеравад. Ин дар Сармад буд. Бегоҳӣ бузҳо ба ҳавлӣ наомаданд. Модари хонадон Бибиоиша бузкобӣ баромад. Аз сафораи гандуми пояи кӯҳ гузашт. Сари ҳар қадам хӯшаи ба замин хобидаро дид, чинд ва як дастаи калон шуд. Ба пайроҳа баромад. Садои ҷар шудани сангро шунид. Ин кори гургҳо! Аз афташ бузҳоро таъкиб доранд. Ё бузҳои шайтон ба поён мефароянд. Садои сангҳои ҷаршуда аз ҳамин наздикӣ омад. Санг ба банди дасти чапи Бибиоиша зад. Лаҳзае пеши чашмашро сиёҳӣ гирифт. Дунёи рангҳои сурху сабз мавҷ зад. Боз зуд ба худ омад. Бастаи гандум дар қабзаи дасти росташ меистод. Дасти чап ба қад ҳамоил. Бибиоиша дастаи гандумро бо эҳтиёт болои сангпораи кӯҳ монд. Ду лаби рӯймоли сарашро аз гардан гузаронда баст. Дасти шикастаро ба ҳалқаи рӯймол гузаронд ва ба гардан овезон кард. Дастаи гандумро гирифт ва бо роҳи омада пас гашт. Аз сӯзи дард баданаш меларзид. Дастаи хӯша ҳам дар дасти рости ӯ меларзид, – аммо ягонтои он ба замин намеафтид. Вақте ӯ бо ҳамин аҳвол, ба шиддати дард кашида, чашмони аз косахона баромада вориди хона шуд, ҳама аз ҷой бархостанд. Ӯ хӯшадастаро ба табақи холӣ чӯбӣ монд. Оби чашмонаш аз ду бари рӯ мерафт. Аммо нолиш надошт. Аз Ворӯ шикастабанд оварданд. Файзулло бародари Бибиоиша ва ҷиянаш Шамсӣ устухонҳои шикастаи дасти ӯро ҷо ба ҷо ва бо ҳам пайвастанд. Дар аввал дили Файзулло аз ҳоли хоҳараш ба сӯз омада, дасташ меларзид. Баъд худашро ба даст гирифт. Корро ба охир расонд. Зардии тухму пӯсти кӯфтаи зирк молид. Аз ду тарафи банди даст ду чӯбча монд ва онро баст. Бибиоиша нафаси осуда

гирифт. Даст сиҳат шуд. Ба монанди пештар ба қувват, вале каҷ буд. Боз ҳазорҳо дарза гандум даравиду баст, чанд тонна ордро нон кард. Ҳоло ҳам, ки ҳафтоду ҳашт соли умр ба сар омадааст, бе ду сатил лаби чашма намеравад.

* * *

Ваҳҳоб ба сабаби паҳн нашудани тухмиҳои нахуде, ки кӯҳдоманҳо ва водиҳои республика ноҳиябандӣ карда буд, худро ба роҳгумӣ зада ба ҳарфи академик Юсуф Саидович Носиров гӯш медод ва манзараҳои Ворӯву Сармад кӯҳи сафеди деҳаро ҳисор гирифта, ки танҳо аз як тараф дарвоза дошту мардум аз нишонҳои офтобу сояи ба қуллаву домони он расида, соатро муайян мекарданд. Инчунин рӯзгори бо падару модар гузаштаро пеши чашм меовард. Шояд ҳамон хӯшадаста аз тухми гандуми украинӣ буд. Гандуми сершира ва хушноне буд. Амаки Акбар нони гарми ин гандумро, ки Бибиоиша аз дегдон канда, бо нӯги ангуштон болои дастурхон мемонд, мешикаст ва пораи аввалро бо муҳаббат ба Ваҳҳоб медод.

Ворӯ ба дунёи кушод як роҳ ва ба осмон сад роҳ дошт. Маънои аслии ин ном ҳам, рӯкушода аст. Роҳи ба дунёи кушоди он аз ду тараф фаромада ба рӯи об мерафт. Мошин ҳам то ба ҳамин ҷо меомад. Мардуми деҳаҳо ҳам бо номи ду қабила машҳур буданд: аз масҷид боло хосимиҳо ва аз он поён оҳаликиҳо. Бибиоиша аз қабилаи он охаликиҳо ва Акбар Бобоҷонов аз қавми хосимиҳо буд. Ҳангоми дар курси охири донишгоҳ таҳсил доштани Ваҳҳоб мардуми деҳа ба ҳашари роҳкушоӣ баромаданд. Роҳи мошингард. Бо ҳамин роҳ ворӯиҳо ба Шӯрча шудан ба амаки Акбар насиб накард. Дар назди ҳавлии духтару домодаш Муфазалла ва Аброр Афсаҳов таҳҷоӣ хона гирифт. Пойдевор рехт. Зифт об кард. Дастонаш зифтолуд шуд. «Ин нишонаи марг аст», – гуфт ба Аброр ва писари калонӣ Исматулло. Ва талаб кард, ки ӯро зуд ба Ворӯ баранд. Аз маргаш ба хешу таборҳои наздику роҳдур хабар диҳанд. Ваҳҳоб барқия гирифту падарро ба забон наёфт.

* * *

Падар марди бурдбор ва деҳқони ҷӯянда буд. Ваҳҳоб хислатҳои ӯро баёдгор гирифт. Дар илми набототшиносӣ қуллаеро фатҳ кард ва дид, ки аз паси он қуллаи баландтаре ҳаст. Ин қулла аз сӯҳбати одии ӯ бо Юсуф Саидович роҷеъ ба фазилатҳои гандуми украинӣ пеши назари ӯ пайдо шуд. Ба ёди ӯ гандумҳои пайвандӣ омад. Гандуму ҷавдор, гандуму марғ. Дар заминҳои Ворӯ ва Сармад тамоми гиёҳҳои олам мерӯянд. Ҷавдор ва марғ ҳам ҳаст. Пояи гандум нозук. Ҳангоми шира гирифтани донҳо ва вазнин шудани хӯшаҳо пояҳои он ба шамолҳои андак сахт тоб надорад ва ба рӯи замин мехобад. Дар

ҷойҳои ғулазор хӯшаҳо аз нарасидани ҳаво зарду пуч мешаванд. Ба комбайн он тараф, бо дост ҳам даравидани ин пояҳои хобидаи гандум мушкил аст. Ҷавдор ҳам тоқати шамолҳои сахт надорад. Ба ёди ӯ хардума омад. Он бо баргу хӯша ба гандум монанд аст. Пояҳои он баланду бақувват. Шамолҳои сахт ҳам онро намехобонад. Ба тавсифи Юсуф Саидович роҷеъ бо хелҳои бешумори гандум гӯш дода истода, ғояи ба ҳам хеш гардондани гандуму хардума ба сараш омад. Хост инро ба устод гӯяд. Аммо андеша кард. Олимон аз кори ноозмуда даҳон намекушоянд. Тадқиқ мекунанд. Натиҷаро мебинанд. Онгоҳ ҳарф мезананд. Ӯ сухани охири Юсуф Саидовичро интизор шуд.

Дар мамлакат таҷриба ва омӯзиши ғаллаи нав – тритикал, ки аз гулпайванди гандуму ҷавдор ба вуҷуд омад, шурӯ гардид. Академик Юсуф Носиров барои дар Тоҷикистон пайдо кардану инкишоф додани тритикал кайҳо боз дар банди нақше буд. Ӯ ғаввосе меҷуст, ки қобилияти болои об баровардани ин нақшро дошта бошад. Ба назари ӯ аз Ваҳҳоб беҳтар ёфтани ҷӯяндае, ки ба ҳалли ин масъалаи муҳим қобил бошад, амри имкон намуд. Ӯ бозҷӯии тритикалиро ба Ваҳҳоб месупорад ва мебинад, ки аз он чигуна натиҷае ба каф меояд. Бо ҳамин роҳ доираҳои равобити илмии набототшиносони тоҷикро бо ҷамоатҳои тадқиқотчиёни соҳаи тухмишиносӣ ва генетикҳо бузургтар мегардонанд.

– Хоҷагии қишлоқ, – гуфт академик Юсуф Носиров, – бародар, ба ғояҳои нав эҳтиёҷ дорад? Чунон ғояҳое, ки ин соҳаро дигаргун созад. Мо бояд аз табиат, олами ҳайвонот, биохимия, генетика, биология ба он дониш диҳем.

Бозҷӯйҳои муҳаққиқони гандум ба мамлакат чӣ дод? Тақдири гандуми украинӣ чӣ шуд? Миёнаи солҳои панҷоҳум аз лабораторияи тухмишиносии Миронова як зумра гандуми нав баромад. Ин тухмӣ ба зудӣ зиёд шуд. Дар мазраъҳои ғаллазор ҷои гандуми хонуми украиниро то рафт танг кард. Он берун аз сарҳади Ватани мо шуд. Солҳои шастум, танҳо дар мамлакат 95,4 миллион гектарро фаро гирифт. Ғаллакорон аз гандуми Миронова, нисбат ба дигр тухмиҳое, ки то кунун дар ихтиёри худ доштанд, 300 миллион сентнер гандум ё ба маблағи ду миллиард сумм зиёд гандум гирифтанд.

Гандуми Миронова ба заминҳои мамлакатҳои сотсиалистӣ гузашт ва ба масоҳати як миллион гектар паҳн шуд. Он захирадошти ғаллаи ин мамлакатҳо аз ҷумла Чехословакияро мустаҳкам кард. Акнун, чеҳҳо, ки солҳо боз чашм ба воридоти гандуми дигар ҷойҳо доштанд, ба ҳузур мамлакати худро бо нонҳои бомаза, макарон ва хӯроки чорво таъмин мекунанд.

Юсуф Носиров дӯсти деринаи худ, академики Академияи

умумииттифоқии илми хоҷагии қишлоқ, ба номи Николай Василевич Турбинро ғоибона ба Ваҳҳоб шиносонд.

– Умре, ки Николай Василевич дорад, – гуфт ӯ, – ба тадқиқи тритикал машғул аст. Ба ӯ аз номи институт мактуб менависам. Муддате бо ӯ ҳамкорӣ мекунӣ. Баъд он тарафашро худат мебинӣ. Аҷаб нест, роҳу равиши худро дар ин ҷараёни нави илми тухмишиносӣ ёбӣ.

Дили Ваҳҳоб кушода шуд. Хотири ӯ баъд аз бозёфти тухмии нави нахуд, ки ғайр аз илм соҳаи зироати республика, ба хусус Госплан онро қадр накард, ошуфта буд, андаке ба сомон омад.

– Хуб, муаллим. Ман розӣ. Ӯ қабул мекарда бошад?

– Не, намегӯяд. Марди меҳрубон аст. Ба монанди Сидорова Клавдия Кузминчина дилсӯз.

Ҳамон соат номае ба номи Николай Василевич Турбин ирсол гардид. Агар кор омад кунад, тавассути ҳамкории илмии Ваҳҳоб Турбин институт бо тадқиқотчиёни нерӯманди Москва, Минску Киев алоқаи доимӣ пайдо мекунад. Ваҳҳоб ба ҷавоби нома интизор нашуда ба омӯхтани тритикал машғул шуд. Сайри ҷаҳонии тритикалро донист.

Чи зарурате олимони тухмишиносро маҷбур кардааст, ки хеши гандум – ин ҳамсафари сернозу нузи инсонро, ки хелҳои он аз даҳҳазор беш аст, бо ҷавдор ва дигар растаниҳо ҷӯяд? Ин ҷустуҷӯйҳо чӣ натиҷае додаанд? Бори гарони андеша ӯро тазъиқ медод. Майдончаи таҷрибавии ӯ ба хоби гарон рафтааст. Ҳамроҳ аз назди ин майдонча мегузарем. Ваҳҳоб ба он бо умед нигоҳ мекунад. Ӯ дар ҳамин як каф замин роҳҳои ҳалли масъалаи ҷаҳонии ғалларо меҷӯяд. Дар оғӯши талу теппаҳое, ки бинои институт ва лабораторияи дар як кунҷи он воқеъ гардидаи ӯ хеле ба чашм менамояд, андеша, орзӯи саҳмгузории дар истеҳсоли дунёии гандумро дорад Ваҳҳоб. Ӯ оиди афзоиши нуфузи аҳолии сайёраи Замини нозанин рақамҳо меоварад. Дар ҳавои тоза ҳар як ҳарфу рақами иброздоштаи ӯ, ҳанӯз ҳам нуқта ба нуқта дар ёд мондааст. Аҳолии замин ҳар рӯзе 200 ҳазор, ҳафтае 1,4 миллион ва соле 73 миллион нафар зиёд мешавад. Барои қиёс соли 1850 аҳолии замин 1,3 миллиард буд. Баъди панҷоҳ сол 400 миллион зиёд шуд. Соли 1930 ба 2,1 милллард расид. Аз соли 1950 то соли 1980 аҳолӣ ҳар даҳсолае аз 500 то 900 миллион афзоиш кард. Аз охири солҳои 70-ум афзоиши аҳолӣ андаке паст шуд. Дар баъзе мамлакату қитъаҳо тасбити он ба чашм мерасад. Бо вуҷуди ин эътибор бояд гирифт, ки ба ақидаи демографҳо соли 2000-ум аҳолии сайёра, тақрибан аз шаш миллиард ва соли 2120-ум аз 12,3 миллиард мегузарад. Ин ҳалли проблемаҳои ҷаҳонии ғалларо ба миён мегузорад.

Ҳарчанд истеҳсоли ғалла бетамоил зиёд шавад ҳам, талаботи ҳатто ҳозираи одамонро қонеъ намегардонад. Имрӯзҳо зиёда аз ним миллиард сокини сайёра азоби гуруснагӣ мекашад.

Аз рӯи Лоиҳаи созмони хӯрокворӣ ва кишоварзии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида сабаби камчинии маҳсулоти хӯрокӣ дар арсаи ҷаҳонӣ воридоти номутаносиби ғалла дар мамлакатҳои тараққикарда истода, ҳамчунин инкишофи сусти истеҳсоли ғалла дар ин мамлакатҳост.

Бадии кор боз дар он аст, ки дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла дар Шарқи Наздик, Шарқи Миёна ва Америкаи Лотинӣ истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ сол аз сол зиёд не, кам мешавад.

Мамлакатҳои рӯ ба тараққии Осиё ва Африқо воридоти ғалларо танҳо соли 1950 шурӯ намуданд. ШМА, Канада ва Австралия заминҳои фаровони ҳосилхез доранд. Истеҳсоли солонаи ғалла дар ин мамлакатҳо ба ҳар сари аҳолӣ ба як тонна мерасад. Онҳо ғалларо ба дигар мамлакатҳо дар байни истеҳсолу истеъмол, бӯҳронҳои норасоии сӯзишворӣ ва дигар масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ боиси соли 1972 баланд шудани нархи ғалла дар бозори байналхалқӣ гардид. Афзоиши қиммати ғалла имрӯз ҳам идома дорад. Солҳои охир гандум 277 фоиз, биринҷ 267 фоиз ва кунҷора 213 фоиз қиммат шуд.

Вазъияти дар бозори ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада ба сиёсати иқтисодии мамлакати мо ҳам бетаъсир намонд. Зарурати зиёд кардани истеҳсоли ғалла қисмати муҳимми сиёсати иқтисодии мамлакат гардид.

Тасвире аз боби шашуми асари безаволи Виктор Гюго «Мардудон» ба ёд меояд. Жан Волшан аз дӯкони Мобер нон дуздид. Барои кулчае, ки он ҳам дар даст набуд, панҷ сол бардаға шуд. Ӯ дуюмин бор бо дуздии нон ҳамчун нуқта, махраҷи шикасти тақдир дучор омад. Клод Ге нон дуздид. Жан Волжан нон дуздид. Статистикаи Англия муқаррар кард, ки дар Лондон аз ҳар як панҷ дуздӣ чор дуздиро сабаб бевосита гуруснагист».

Соли охири ҷанг бо Германияи фашистӣ дар пояи Сафедкӯҳи қисмати деҳаи Сармад дасти модари Ваҳҳоб Бибиоиша аз зарби санги ҷаршуда шикаст. Ӯ хушадастаи гандумро аз даст раҳо накард.

* * *

Аз академик Николай Василевич Турбин ҷавоб омад. Ӯ пешниҳоди биофизикҳои тоҷикро писандид. Изҳор дошт, ки шиносони нав меёбад ва миқдори дӯстонаш боз зиёд мешавад. Юсуф Носиров ин хушхабарро ба Ваҳҳоб расонд ва ӯро аз байни майдонҳои таҷрибавӣ, қитъаи лимӯзор (соле қабл аз ҳамин ҷо услуби нави ил-

мии лимӯдорӣ дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ва республикаҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардид ва қиммати баланди он дар бозор хеле поин фаромад), гузаронд, ба вагони байни боғ, ки ин ҷо аслан, кабинети кори тобистонии ӯ буд, овард. Академик Носиров, одатан, зимистон аз ҳангоме замин аз барф сафед аст ва аз само зарраҳои барф мерезанд, ба курсии мизи хурде менишинад. Аз тирезаҳои ду тарафи девори вагон ба шохаҳои пероҳани сафед ба бар кардаи дарахтон, ба турбофии табиат, ки аз барф тору аз ҳаво пуд дорад, нигоҳ карда, оромона рамзи олами набототи ба сукунат рафтаро мехонд. Вақте ки зимистон ҷои худро ба баҳор медиҳад ва ба осмон аз борон ва шамол тору пуд мегирад, ӯ соатҳои дарозро дар ин вагон мегузаронад. Аз нақоразаниҳои борони сахт дар боми вагон рамзи табиат рӯ ба бедорӣ оварданро мехонд. Вале имрӯз на барф мебориду на борон. Ҳавои офтобӣ буд. Болои поймонак баромад. Дарро кушод мактуби академик Турбинро болои миз монд. Ваҳҳоб онро оромона хонд. Ба ростӣ, ӯ аз услуби илмии Николай Василович оид ба тадқиқи тухмии зироатҳо, аз ҷумла тритикал маълумоти жарф надошт. Ӯ ва ҳамчунин, акдемик Носиров медонистанд, ки олимони тухмишиноси Ғарб, ба хусус Америка, ба ин кор барвақттар шурӯ намуданд. Дар СССР академик Турбин дар соҳаи илми тритикалшиносӣ мактаби худро ба вуҷуд овардааст. Ваҳҳоб қаламкаши ин мактаб мешавад. Ва ӯ ба ҷустуҷӯи аз нахуд ҳам доманадортаре оғоз менамояд.

Академик Носиров, нони гармеро, ки ронанда аз паси онҳо бо як коса ҷурғот овард, пора кард.

– Инсон, – гуфт академик Носироф, – дар таърихи мавҷудияти худ кашфиётҳои кам накардааст, вале аз ҳама муҳим, аҷоиб ва беҳтарин он пухтани нони танӯрӣ буд. Дар табиат ба ин шакл нони тайёр нест. Аммо нон дар рӯзгори ҳаррӯзаи мо чунон одӣ шудааст, ки онро ба даст гирифта, қариб пешниҳоди саховатмандонаи табиат ҳисоб мекунем. Он корҳое, ки ниёгонамон барои зиёдтар вазн гирифтани хӯшаи гандум кардаанд, дар қиёси мо намеғунҷад. Хӯшаи гандум, аз қадим ҳамсафари сернозунузи одам буд. Хӯшаи гандуме, ки аз пояи иморате дар Швецария ёфтаанд, ба асри сангин таалуқ дорад. Бостоншиносон дар пешгоҳи шаҳри Ҷармои Ироқ донаҳои гандуме ёфтанд, ки ҳафтҳазор сол пеш расида буд. Дар Юнони қадим ва Миср, ҳанӯз хеле пеш аз иморати аҳромҳо таъми нони гандумро медонистанд. Дар Панҷакенти бостонӣ, шаҳрҳои Кепчу Киев хӯшаҳои гандумро пайдо кардаанд, ки ҳанӯз асрҳои чоруму сеюми пеш аз милод даравида шудаанд. Гандуме, ки имрӯз аз хелҳои қадимаи худ фарқ дорад, дар киштзорҳои тамоми кураи Замин хӯша мебандад, аз зироатҳои асоситарини инсон аст. Дар айни замон нисфи хӯрокии аҳолии мамлакати

мо гандумаст. Барои пурра қонеъ гардондани талаботи мардум агар ба ҳар сари аҳолӣ як тонна хелҳои гуногуни ғалла зарур ояд, онгоҳ якуним тонна гандум лозим аст.

Дар ин вагонча ва дар лабораторияи Ваҳҳоб раҳҳои ба даст овардани гандуми фаровон андешида мешавад. Вале ин роҳҳо чигунаанд? Пештар вояи шудгори хуб, обёрӣ, вояи баландӣ, нурӣ, ёфтани мӯҳлати муносиби гузарондани корҳои агротехникии саҳроӣ ва дигар ҷузъиёти судбахши деҳқонӣ омили асосии ҳосили фаровони гандум буд. Мушоҳидаҳои илмии Ваҳҳоб тарафи дигари ин масъаларо ошкор кард. Ҳамаи ин ташвишҳо дар сурати истифодаи хелҳои кӯҳнаи тухмии гандум натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

– Хелҳои навро, – гуфт Ваҳҳоб ба Академик Юсуф Носиров, – аз куҷо мегирем?

Ӯ ин саволро дод ва ҷавоби онро ҳам медонист. Аммо хост бинад, ки устод чӣ мегӯяд.

– Аз табиат, – гуфт Юсуф Саидович, – хелҳои кӯҳнаро ҳам Бобои Одам аз ҳамин замин ёфт. Асрҳо боз он нав монд. Мо аз гандуми кӯҳна ғизо гирифтем. Акнун вазифа офаридани гандуми нав аст. Онро одами ҷӯянда пайдо мекунад.

Соли 1935 олимони немис аз гулпайванди гандуму ҷавдор тухмии нав гирифтанд ва ба он номи лотинии тритикал доданд. Чунки аз хешии ҷавдор (тиритикум) ва гандум (тиритикал) донаҳои вазндори тритикал рӯид.

Роҳбари шӯъбаи илми маҳсулоти озуқавории Шотландия, профессор Ҷ.Хоуторн изҳори ақида кард: онгоҳ тритикал ба ҳар доираи хурди олимон маълум буд. Ҳоло ин калима дар гуфтугӯи байни олимону технологҳо бештар ба гӯш мерасад. Танҳо тритикал ниёзи ҳозира ва ояндаи одамиро ба нон ва дигар анвои хӯрок қонеъ мегардонад. Профессорони америкоӣ аз штати Колорадо Ҷенпинс ва Сухия тритикалро нони ояндаи инсон мегӯянд. Ба андешаи Сухия тритикал нисбат ба гандум қудрати зиёди серҳосилӣ дорад. Ин зироат метавонад гуруснагиро дар ҷаҳон маҳв созад. Олимони тухмишиноси шимоли Фаргон Америка С.Р.Аҳмад ва Г.М.Доналд афзуданд, ки тритикал сифатҳои хуби ҷавдору гандумро ба худ гирифтааст. Ҳосили он аз гандуму ҷавдор се баробар зиёд аст.

Профессор Ф,Зименский хабар медод, ки дар Калифорнияи шимолӣ аз ҳар гектар 110,2 сентнерӣ тритикал гирифтанд.

Юсуф Саидович, ки чанд сол паи ҳам дар аксарияти Университетҳои ШМА аз фотосинтез лексия мехонд, эътибори тритикалро дар ин мамлакат медонист. Ӯ пораҳои нонро аз болои миз ба газет печонда, бо табассум ба Ваҳҳоб гуфт:

– Дар ин вагончаи танг хуб хоки тритикалро ғербол кардем. Аз дидаю шунида чӣ фоида? Амал лозим, ҳоло ба ту роҳи сафед мехоҳам.

* * *

Ҳарду бо сари пурандеша аз вагон баромаданд. Рӯзи дигар дар ҳамин соат Ваҳҳоб аз роҳрави бинои академияи донишҳои хоҷагии қишлоқ қадам мезад. Ӯ дар ҳамин ҷо бо академик Николай Василевич Турбин вохӯрд. Бар хилофи тахминҳои пешакии ӯ Николай Василевич марди хандонрӯй ва хушгуфтор баромад. Пагоҳ ҳарду дар Минск ва аз онҷо ба майдони таҷрибавии академик Турбин рафтанд. Ваҳҳоб пай бурд, ки академик Турбин тамоми ҳаёти худ, хоҳ як сол бошаду хоҳ сад сол сарфи тадқиқу омӯзиши тритикал карданист.

– Ба ин дард, – гуфт ӯ ба Ваҳҳоб, – на танҳо ману ту, балки олимони бисёр гирифторанд.

Тритикал диққати тадқиқотчиёни панҷ қитъаи оламро ба худ машғул медорад. Соле қабл аз ин дар миқёси байналхалқӣ, кунгураи омӯзиш ва озмоиши тритикал гузашт. Дар он тритикалшиносони 75 мамлакати рӯи дунё ширкат доштанд. Николаев хушнуд гардид, ки ба ин масъалаи муҳимми охири асри бист, қатори як чанд муассисаи Академияи донишҳои хоҷагии қишлоқ ва Академияи илмии СССР институти физиология ва биофизикаи растаниҳои Тоҷикистон низ ҳамроҳ мешавад.

Ваҳҳоб дар муддати хеле кӯтоҳ шабакаи таҳқиқи илмии Николай Василевичро омӯхт. Тухмии ёфтаи ӯ мутобиқи шароити Белоруссия буд. Он дар вилояти Минск ҳосилнокии ҳар гектарро ба 82,2 сентнер расондааст. Ӯ танҳо аз бозёфти шиноси наздики академик, профессор Шулинд ба ваҷд омад. Профессор Шулинд растание пайдо кардааст, ки 1976 дона ва вазни ин донаҳо 92 грамм аст. Ба қавли Николай Василевич ин мӯъҷиза буд. Ҳосилнокии тухмии профессор Шулинд нисбат ба тритикале, ки дар айни замон дунё медонаду ҳудуди бузургтаре дорад.

Ҳамаи қобилияти донҳои хӯшаи пайдо кардаи профессор Шулинд дар оянда маълум мешавад. Ҳоло он ҳамин хел мӯъҷиза ҳаст. Вале ҳамаи мӯъҷизаҳо аз доираи як хӯшаи гандум, як лӯндаи картошка берун мебароянд. Себе, ки сокини деҳаи Кочун аз боғи дар Сафедкӯҳ бунёд кардаи собиқ директори совхози «50 – солагии СССР»-и районы Ғарм Заровуддин Бақоев ёфт, ҳашсадупанҷоҳ грамм вазн дошт. Боғбон ин себро ба ҳашт сӯм фурӯхт. Заровуддин аз ғазаб бо ин боғбони сабукандеш чи муносибат карданашро намедонист. Ӯ аз тухми ин себи аз даст рафта умедҳо дошт. Боғ ва мах-

сусан ҳамон дарахтро, ки чунин себ дода буд, таги чашм гирифт. Вале он себ на дар ин дарахти Стар Крепсон ва дар дигар ниҳолон пайдо нашуд.

* * *

Ваҳҳоб ба Душанбе баргашт. Майдончаи таҷрибавии лабораторияро ба қисмҳо ҷудо кард ва бист хели гандум ва ҷавдору хардумка корид. Баҳорон гандумҳои ӯ майса заданд. Сояи баргҳои нозуки сабзи онҳо болои замин хобидааст. Аз майсаи панҷазадаи тухмӣ пояҳои сабз падид омаданд. Пояҳои хардумкаву ҷавдор нисбат ба гандуми «қирғизӣ», ки кайҳо боз дар киштзорҳои Осиёи Марказӣ хӯша мебандад. Баробари баланду буғӯзак шудани гандуми «қирғизӣ-100», ҷавдору хардумка ташвиши Ваҳҳоб ҳам зиёд мегардид. Ӯ халтачаҳои коғазин месохт, банкаҳо ҷамъ мекард ва ба кори муҳимме тайёрӣ медид. Карлик ҳам аз замин як ваҷаб хест, буғузак шуд. Пояҳои он аз хардумка ва ҷавдор панҷ-шаш баробар паст. Вале хӯшае, ки дар даруни баргҳои сабз ниҳон дошт, дар андоза аз сараки ҳамсояҳояш ду-се баробар калонтар. Ваҳҳоб ба ин андозаҳо нигоҳ карда ва ба худ гуфт, ки замон дигар мешавад ва муносибати одамҳо ҳам ба ин ва он хели растанӣ тағйир меёбад. Пештар одамон хоҳиши коридани ин гандуми кӯтоҳпояро, ки хӯшаи дар ҷомаи баргҳои сабз печидаи он ба қадаш баробар аст, надоштанд. Ҳарчанд карлик имконияти аз ҳар гектар руёндани ҳосили сад сентнериро комилан ба вуҷуд оварда бошад ҳам, «аҳамияташ кам» гӯён ба он баҳои манфӣ медоданд. Акнун чӣ? Дар хоҷагиҳои баъзе ноҳияҳои мамлакат, талабот ба коҳ нисбат ба оне, ки пештар буд, кам шуд ва қадру қиммати карлик боло гирифт. Пояи паст, ба зичии пояҳо дар киштзор ва нигоҳ доштани хӯшаҳои калону вазнин, беҳтар истифода шудани нурӣ имкон медиҳад. Ғизое, ки аз замин мегирад, на ба тана ва барг, балки ба хӯша меравад. Миқдори барг чӣ? Охир ин ҳам ба монанди реша муҳим аст. Аз барг ширааи бонҳо, сафеда ва моводди барои хӯроки одамон зарур ҳосил мешавад. Ваҳҳоб баргҳои бист хели гандуми қитъаи худро ҳисоб кард. Ба ин кор се рӯз сарф шуд. Зонуҳояш ба дард омад. Карлик аз гандумҳои баландпоя ягон барг ҳам кам надошт. Ана, аз чи сабаб, андеша кард Ваҳҳоб дар ин хӯшаи қадима ҳосил бисёр аст. Карлик ба рӯи одамон имконияти кушодани дарҳои ҳосили фаровонро боз кард. Аммо аз сабаби он ки дар республика на танҳо ба гандуми фаровон, балки ба коҳи он ҳам эҳтиёҷ ҳаст, Карликро намеписандиданд. Аз ин рӯ ниҳоли гандуме лозим, ки ба монанди хардумка қади баланд ва мисли он Карлик хӯшаи калон дошта бошад. Ваҳҳоб аз ин замини

баробари кафи даст гандуме мехоҳад, ки сад сентнер дону панҷ-шаш баробар аз ин зиёд коҳ диҳад.

Нӯги сӯгҳои гандумҳо ва ҷавдору хардумка аз ҷомаи сабз баромад. Ӯ чанд хӯшаро гулпайванд мекунад? Ҳазор ё ду ҳазор? Барои ҳар хӯшаяк халтачаи коғазӣ ва пастоба лозим. Дар майдонча хелҳои гандум,ҷавдору хардумка бисёранд. Ваҳҳоб дар мӯҳлати хеле маҳдуди гулбандӣ аз ӯҳдаи гулпайванди ҳама ин навъҳо намебарояд. Ба болои ин чӣ қадар халтача ва пастобаҳо лозим мешавад, ҳисоб надорад. Пайванди карлик ва ҷавдорро бинад? Не, ин хеле шубҳанок аст. Вақт аз даст рафт, нақд аз даст рафт. Боз аз гумон дур нест, ки пас аз чанд насли ин дупайванд, боз ҳамон гандуми пастпоя рӯяд. Беҳуда деҳқон нагуфтааст, ки рундак сӯи бех кашад, тактак сӯи тор. Тактак ҳар чи қадар авҷ кунад, ҳамон қадар зиёд сӯи офтоб баланд мешавад. Рундак бошад, бештар ба замин мечаспад. Ӯ гандуми «Қирғизӣ-100»-ро, ки ҳарчанд ба дараҷаи карлик калонхӯша ва сердон набошад ҳам, солҳо боз дар киштзорҳои республика хӯша мебандад, барои дурага бо ҷавдору хардумка интихоб кард. Даҳ, сад ва ҳазор дона. Хӯшаҳои сабз аз ҷомаи баргҳои сабз ворастанд. Акнун замони «ахтаи» онҳо фаро мерасид. Ӯ халтаҳо ва пастобаҳоро ба майдонча овард. Айёми гардгирӣ фаро расид. Ӯ аз пагоҳ то бегоҳ комак дар даст сиришти наринаро аз гардонҳои як хушаи гандум гирифт. Ба сари он халта кашид. Хӯшаи хардумкаро аз сиришти модина тоза кард. Аз буғум бурид. Ба даруни пастоба монд ва ба таги лифофаи гандум гузошт. Хӯшаҳои аз нарина тоза кардаи гандумро таги халтачаҳои коғазии хардумка гузошт. Дар ибтидо ҳарчанд мушкил бошад ҳам, ӯ аз рӯи чанд хат ба кор шурӯ кард. Ҳозир ки ӯ гулдонҳоро аз сиришти мардона тоза дорад, аниқ гуфта наметавонад, чигуна пайванде ба вуҷуд меояд. Хӯша, танаи он чи ранге мегирад? Танаи он ба монанди ин ҷавдору хардумка баланду бақувват мешавад ё мисли гандуми «қирғизӣ-100» нозуку хобрав. Баҳорон ӯ ба коре сар кард, ки аз ҳунари заргарӣ ҳам нозуктар. Ҳамчун одами гирифтори афсун комак дар даст соатҳо ноҷунбон назди буттаи гандум меистад. Дар ҳамин дунёи калон, на нурҳои сӯзони офтобро ҳис мекунад, ки сару баданашро арақашор гардонадааст ва на осмони беҳудудро. Ӯ бо хурдтарин чизи олам, зарраҳои гард сарукор гирифтааст. Аз байни ҳазорҳо ва даҳҳо ҳазори он сиришти наринаро меҷӯяд. Дар гулдон на бояд аз он хардумка ҷой монад. Ваҳҳоб ба кори пуршиддат оғоз намуд. Ӯ як ҳафта аз хӯроки нисфирӯзӣ, гаштугузор дар табиати кушод худро маҳрум мекунад. Бо чеҳраи хаста ва миёну пойҳои ба дард омада ба хона меравад. Ӯро эҳтиёҷе ба ин меҳнати вазнин нигоҳ дошта ва банду баст кардааст. То имрӯз

заҳмати андак накашид. Дар илми табиатшиносӣ бозёфти пурарзиш кард. Дар мутасияи наботот олами наве кушод. Акнун ӯ бо роҳи комилан дигар ва аз аввала ҳам сахттар – гулпайванд даст задаст. Ба чашмони ба гарди гулнигарон ва бадани сар то по соатҳо ноҷунбони ӯ нигоҳ мекунам. Суханони серхитоби Сергей Есенин ба ёд меояд. Ӯ чанде пеш аз марг дар яке аз сӯҳбатҳои хоссаи ҷавонон гуфт: Ватанро ҷӯй! Меёбӣ оғо? Агар наёбӣ, ҳамааш ба думи саг меравад! Бeватан шоир нест.

Агар ин даъватро ба нигоҳи сатҳӣ бинӣ, новоҷиб ва аҷиб менамояд. «Ватанро ҷӯед»! Чӣ маъние дорад ин. Возеҳ аст, ки ба ҳар ҷое чашм мерасад, дар пешу пас ва ду паҳлӯи худ замину об, осмону ҳаворо мебинӣ. Дунёи мо ҳамин аст. Вале дар суханони шоир фикри озмуне, пурэҳтиросе ҳаст. Тақдири инсони ҳақиқӣ ва ҷӯянда бояд ватандонӣ ва корнамоӣ бошад. Қадамҳои ваташиносӣ ҳамин хел бо заҳмат гузошта мешаванд. Бо ҳамин нишони бозёфте, ки одам дар соати саодате барои худ мекунад, дар тақдири Ватан нақше мебозад. Аз хешӣ бо замину осмон, кӯҳу ҷангалу дарё, хешӣ бо замона ва наслҳо роҳи умумиинсонӣ пайдо мешавад. Вале наздикони худро дӯст надорӣ, дар дил ватани хӯрдакаке, ки он ҷо таҷриба, ишқ тавлид мегардад, надошта бошӣ, пайдо кардани роҳи ваҳдати умумиинсонӣ мушкил аст.

Пеш аз ба ин замин афтидани донҳои гандум, ҷавдору хардумка ҳам соати бекории Ваҳҳобро надидам. Ӯ як халта гандуми «қирғизӣ-100» ва халтачаҳои тухмии ҷавдору хардумкаро ҷо-ҷо парешон карда рӯзҳои дароз ба ҳар дон ангушт мезанад. Онҳоро чошту тақсим мекард. Кори ӯ аз хок хоначасозии бачаҳоро мемонд.

Барои гирифтани як тоқӣ тухмӣ онҳоро саду дусад қисмат мекард. Донҳои сара меҷуст. Майдачуйдабозии дилбазане. Бо хотири озурда ба ӯ зеҳн мемондам, дилтангии маро дид:

– Бе ҳамин хел тадқиқот, – гуфт Ваҳҳоб, – ҷигархункуниҳо ҳам зиндагӣ кардан мумкин. Гандум ниҳоят инҷиқ. Медонам, ки ба ин кор сар кардам умр расад ҳам,аз саргардонӣ раҳоӣ надорам. Ба осонӣ натиҷа гирифтан мушкил, бародар. Коре, ки имсол ман ба он даст задам ва ту мебинӣ, сароҳанги дароз дорад. Баъзеҳо инро ҳам намехоҳанд, хуш ҳам надоранд. Мехоҳанд, зуд парда аз рӯи асрори табиат бардоранд. Дар соҳаи генетика, тухмишиносон бозёфти бузургтарин олим андакест. Чунки ӯ ҳазор далели шайъӣ медонад. Аз кушодани асрори он чи ки ба ӯ пӯшида аст, як хона китоб навиштан осонтар. Ӯ аз ҳар гули гандум чандин гарди сиришти мардонаро гирифт. Ба иборае, хӯшаҳои гандумро ахта кард. Барои эҳтиёт аз гардҳои дигар зироатҳо, ба болои ниҳолҳои ахта

халтачаҳо кашид. Майдончаи таҷрибавии ӯ пур аз халтачаҳо шуд. Рӯзу соатҳои ҷиддӣ фаро расид. Ваҳҳоб растаниҳоро ба ҳоли худ гузошт. Бо вазидани бод халтачаҳо ба ҷунбиш меомад. Гулдонҳо ранги заъфаронӣ гирифтанд. Маълум, ки гулдон ба қабули гард тайёр шудааст. Ваҳҳоб ҷавдору хардумкаҳоро аз буғмҳо бурид ва ду-сетоӣ ба таги халтачаҳо монд. Буғмҳо дар пастоба ва хушаҳоро баландтар аз хӯшаи гандум монд, то сиришти мардона ба гулдон резад. Аз байн чор рӯз рафт. Кори Ваҳҳоб боз дар майдони таҷриба сар шуд. Ӯ майдонро панҷ бор давр зад ва ба мақсади ба гулдон дурустар афтидани сиришти мардона, халтачаҳоро афшонд. Гардҳо ба гулдон рехтанд. Дар хӯшаҳо донҳо расиданд. Ваҳҳоб ба чи дараҷа сер ва ё пуч будани ин донҳоро дар таги халтачаҳо намедонист. Ӯ то давраи шурӯи ҷамъоварии ҳосил халтачаҳоро нигоҳ дошт, ки мабодо аз боду борон ва парандагон ба дурага осебе расад.

Охири моҳи май дурага ба дарав омад. Хӯшаҳо ва пояи он аз гандуми «қирғизӣ-100» андаке фарқ дошт. Хӯшаҳо нисбатан калону пояҳо ғафсу баланд. Ин ба Ваҳҳоб аз бозёфти гандуми нав умеде бахшид. Акнун барои ӯ хати ягонаи тадқиқот сар шуд. Гандумҳоро даравид, кӯфт. Коҳу дони «ахта» аз гандуми «Қирғизӣ-100» зиёдтар баромад. Ваҳҳоб гандуми пайвандии худро ба даҳ қисмат ҷудо кард. Аз ҳар хӯшае бештар аз даҳ дона дурага ёфт. Аз байни онҳо донҳои беҳтаринро гирифт ва ба умеди ҳосили дуюм корид. Се сол бо ҳамин дастур ранҷ бурд. Ва хели гандуми худро ёфт, ки аз ҳар гектар ба сад сентнер дону саду панҷоҳ сентнер коҳ умед медод. Вале донҳои сараи ӯ, аз ҳамон як каф қитъаи замини таҷриба ва озмунҳои ӯ аз ҳисоби дигар хелҳои зироат масоҳати кишти гандуми навро анча васеъ кард. Ҳеҷ набошад, ним халта тухми сара мегирад. Баъдчӣ? Тухмиро аз қитъаи таҷриба дуртар бурдан лозим меояд. Пеши роҳбарони ягон колхоз бо гардани каҷ замин пурсидан зарур мешавад. Раиси бофаросат бошад «не» намегӯяд. Аммо аксарият аз тухми нав мехаранд. Чунки натиҷаи онро ҳанӯз намедонанд. Гандуми «баҳодурӣ» бошад, аллакай ба деҳқонони бисёр хоҷагиҳо маълум. Аз коридани тухмии он касе рӯ намегардонад.

* * *

Ҳамин ҳампаҳлӯи ӯ, сарагрономи колхози ба номи Ленини ноҳияи Ҷаббор Расулов собиқ Пролетар Ҷӯрабой Шукуров, ки ҳоло ба тавсифи гандуми «баҳодурӣ» бо абрӯи пурчин гӯш дорад ва об ба даҳон гирифта чун моҳӣ хомӯш аст,соле пеш гуфт, ки оқибат роҳи аз замин рӯёндани ғаллаи фаровон пайдо шуд. Ба минбар на-

мояндаи институти физиология ва биофизикаи растаниҳои республика аз ҳамин ду-се тоқӣ гандуми «Ваҳҳобӣ» хабар дод.

– Дар шароити замини таҷриба, – гуфт ӯ, – аз сад то саду панҷоҳ сентри ҳосил медиҳад.

Ҷӯрабой Шукурови карахт нишаста ҷунбид ва аз ҷой бархест. Ба Ваҳҳоб нигоҳ кард. Боварӣ доштам, ки дунё – гуфт Ҷӯрабой – Хамин хел, ба як ранг намемонад. Ҳоло ин мардум намедонад, ки дар соли сеюми кишт, гандуми «Баҳодурӣ» ба чӣ ранг аст. Пас аз ин ҷамъомад ин мардумро ба сари замини гандуми «Баҳодурӣ» мебарам. Бинанд ва маслиҳат диҳанд.

Ваҳҳоб аз оҳанги суханони сарагроном эҳсос кард, ки ӯ дар дил ташвише дорад. Дар поёни анҷуман ҳамааш маълум шуд. Ҷӯрабой ҳозиронро ба сари замини гандуми сабз «Баҳодурӣ» бурд. На ҳамаи хӯшаҳои аз ҷомаи сабзи баргҳо берун омада гандум буд. Гӯё ба замин донҳои гандуму ҷавдорро бо ҳаммомехта пошидаанд.

Дили Ваҳҳоб ба меҳнати Баҳодур сӯхт. Акнун шӯҳрати гандуми ӯ дар ҳамин замин ба охир мерасад. Ҳосили шитоб ҳамин аст. Баҳодур аз оғоз тадқиқотро аз рӯи хати ягона бурда ва ҳангоми сараи донҳо аҷала кардааст. Баробари афзудани донҳои сараи ҳосили пайванд, донҳое, ки дар мағзи онҳо сиришти ҷавдор бештар ниҳон ва муҳаққиқ инро пай набурдааст, зиёд шудааст, билохир вайронии таносуби сиришти авлодии гандуму ҷавдор ба ҷудо шудани пайванд овард. Охир ӯ барои офаридани гандуми Ваҳҳоб чандин мансубаро ба кор бурд. Аз ҳар даҳ мансубӣ як дони ба назараш ҳақиқатан ҳам гулпайванди сара гирифт. Ин донҳоро аз ҳам ҷудо корид. Боз сара кард. Дар кишти даҳум, мансуба ки аз дусаду сесад гузашт, ба гулпайванди худ дилпур шуд. Ҳамон ду-се тоқӣ тухмии ӯ аз мансубаи панҷсадум аст. То он гоҳе ӯ бар ҷой аст, ин корро давом медиҳад. Ҳеҷ гоҳ гандуми Ваҳҳобӣ ба чунин ҳолат гирифтор намеояд. Он бояд ба қатори навъҳои гандуме, ки инсоният дар тӯли мавҷудияти худ ба вуҷуд овардааст, дохил гардад. Аз қаъри асрҳо ба одами имрӯза даҳ ҳазор хели гандум мавҷуд аст. Гандуми «Ваҳҳобӣ» даҳ ҳазору якум мешавад.

Академики ВАСХНИЛ Николай Василий Турбин, академики Академияи фарҳангии Тоҷикистон Юсуфҷон Саидович Носиров, ходими илмии Институти ситология ва генетикаи шӯъбаи сибирии Академияи илмҳои СССР Клавдия Кузминична Сидорова, муаллифи гандуми нави оянда Ваҳҳоб Бобоҷонов бо таассуроти мағшуше аз Шаҳристон баргаштанд. Ҳаваси дидани донҳои аз гулпайванди гандуму хардумка гирифтаи Ваҳҳоб нақшаи сафари Николай Василевич ва Клавдия Кузминичнаро тағйир дод. Онҳо мебоист аз

фурудгоҳи Ленинобод ба Москва ва Новосибирск мерафтанд. Акнун кор ранги дигар гирифт. Хостанд, ду рӯзи худро қурбони Душанбе кунанд. Донҳои гандуми навро даст-даст карда санҷанд. Қаду қомат, баргу хӯшаҳои сабзи буттаҳои онро дар қитъачаи замини навъозмоии Ваҳҳоб бо чашми худ бинанд. Онҳо дар институти физиология ва биофизикаи растаниҳо, ки он нӯҳ километр дуртар аз маркази пойтахт, дар домани талу теппаҳо, дар бағали табиат воқеъ гардидааст ва ин ҷо гиёҳу районҳин нисбат ба тамоми гӯшаҳои шаҳр фаровонтар мерӯяд, аз дигар шудани нақшаи сафари худ хушҳол гардиданд:буттаҳои ғайримуқаррарӣ, баланду бақувват, саракҳои он нисбати гандуми «қирғизӣ»-ду баробар калон.

– Маълум, – гуфт Николай Василевич – зӯри ҳар хел шамол ба хобондани гандуми ту намерасад. Дигар ҷиҳатҳояшро ҳам дидӣ?

Ваҳҳоб аниқ пай бурд, ки академик Турбин чиро дар назар дорад. Сол аз сол дар рӯи замин коҳидани сафедаи донҳои гандум ӯро ташвиш медод.

– Санҷидем, – гуфт ва ба Юсуфҷон Носиров имо кард, – ҳамроҳ санҷидем. Ҳиссаи сафеда дар гандуми «қирғизӣ-100» дувоздаҳ фоиз ва дар ин бисту яку аз даҳ ду фоиз.

Ҳамон рӯз Николай Василевич бо президенти Академияи илмҳои республика Муҳаммад Сайфиддинович Осимӣ вохӯрд. Ҳарчанд ӯ медонист, ки президент аз ин бозёфти муҳаққиқи ҷавон огоҳӣ дорад, аз боби гандуми «Ваҳҳобӣ» сухан кушод ва бартариҳо ва қиммати иқтисодии онро пешгӯӣ кард. Президент абрӯ кашид ва гуфт:

– Николай Василевич, тоҷикон дар сифати дасти одам ҳикмати фаровон доранд. Мегӯянд, ки ӯ хоки сиёҳро ба даст гирад зар мегардад. Ваҳҳоб ҳамин хел инсон аст. Ба нахуд даст зад, зар шуд. Вале заре, ки танҳо дар кафи ӯ ва маърӯзаи солонаи академия монд. Ба гандуми «қирғизӣ-100» даст бурд ва аз гулпайванди он мӯъҷиза офарид. Ман аз ин бозёфт ба собиқ Раиси Совети Вазирони республика Қаҳҳор Маҳкамович, ки ин вазифаро ба ӯҳда дошт, огоҳӣ додам. Ӯ хурсанд шуд. Аз ҷониби худ қавл дод, ки барои зудтар паҳн шудани гандуми нав, ҳарчи аз даст ояд, кӯмак мекунад.

Клавдия Кузминична Сидорова, Юсуфҷон Саидович Носиров аз гуфтугӯи академик Турбин ва президент ба пешомадҳои бозёфти муҳаққиқи ҷавон Ваҳҳоб Акбарович Бобоҷонов дилпуртар гардиданд. – Агар ҳар як олим, – гуфт Сидорова, – ба хоҷагии халқ ҳамин хел як бозёфте диҳад, рӯзгори инсон ҳусну таровати аз ҳозира хеле тозатар мегирад.

Ваҳҳобу Юсуфҷон фардо меҳмононро гусел карданд. Академик Турбин ҳамеша ба ёрии Ваҳҳоб омода будани худро изҳор намуд ва

гуфт, ки барқияе кифоя аст, ки фардои он рӯз дар Тоҷикистон ҳозир бошад.

Пичиррос садои баланд дорад. Дар ин соате, ки Ваҳҳоб дост дар даст ба даравидани ҳосили нави тухмӣ худ шурӯ намуд, ба институт ва аз он ҷо ба қитъаи таҷрибавӣ марди ношиносе омад. Мард дар китф дастгоҳи суратгирӣ дошт. Ӯ аз дидани гандуми нав ба шавқ омад.

– Овозаашро, – гуфт ба Ваҳҳоб, – шунида будем, акнун худашро дидем.

Марди ношинос мухбири маҷаллаи бонуфузи «Техникаи молодёжи» буд. Ӯ хӯшаҳо, танаҳои баланди хӯшадор, дастаи гандуми дар бағал доштаи Ваҳҳобро бо чандин рангу ҳолат аксбардорӣ кард. Далелҳои илмиро оид ба гандуми нав ба дафтарча навишт. Аз байн чанд муддат гузашт. Дар журнал акси Ваҳҳоб Бобоҷонов ва хӯшаҳои гандуми ӯ пайдо шуд. Баъди ин ба сари Ваҳҳоб борони мактубу хоҳишномаҳо борид. Муште аз хирвори ин мактубҳо: Г.С.Гухаев, директори совхози «Романовский», райони Калинини вилояти Калинин:

Аз тухмие, ки мо имрӯз дар даст дорем, ҳазор ҷон коҳонем ҳам, аз гектаре 14 сентнер беш ҳосил намегирем. Илтиҷо дорем, якчанд кило аз гандуми худ барои озмоиш ва барои ноҳиябандӣ дар шароити мо фиристонед. Агар лутф мекардед, сарамон ба осмон мерасид.

С.С.Данилов, раиси комиҷроияи райони Шелолучинский, вилояти Чита:

Аз ин комёбии Шумо ниҳоят хушнудем. Комиҷроия аз Шумо хоҳиш дорад, ки аз гандуми ба вуҷуд овардаи худ 5-10 кило равон кунед.

Я.Т.Шулях, колхози ба номи Калинин, вилояти Чита:

Гандуми Шуморо агар ба ҳосиле, ки мо мегирем, қиёс кунем, фарқ аз замин то осмон. Маъзур доред, ба ин мӯъҷизаи офаридаи Шумо махсусан дар шароити колхози ба номи Калинин, ки аз ҳар гектаре 5-6 сентнер ҳосил мегирем ва 10-11 сентнерӣ ӯҳдадорӣ дорем, бовар кардан мушкил аст. Гандуми Шумо аз ҳар гектаре аз40 то 90 сентнер ҳосил медиҳад. Ҳодисаи гушношунид. Агар ба мо аз гандум 20-30 кило тухмӣ равон мекардед, то дами марг аз Шумо хушнуд мебудем.

В.С.Пояров, муовини директори заводи таҷрибавии механикии шаҳри Вологда:

– Мо аз серҳосилӣ ва тобоварии гандуми Шумо ба ваҷд омадем. Завод хоҷагии ёрирасон дорад. Ба хоҷагии мо илоҷе карда ёрӣ расонед. Гандуми шуморо дар ҳамин ҷо месанҷем.

А.А.Лусенко, раиси колхози «Украина», райони Боғчасарои вилояти Қрим:

– Хоҷагии мо дар ҷои хушки қисмати кӯҳии Қрим воқеъ гардидааст. Таманно дорем, ки ба мо кӯмак диҳед. Аз тухмии гандуми худ ба мо як миқдор ирсол намоед. Колхоз барои баргардондани сарфи шумо кафолат медиҳад.

Н.И.Балабанов, Магадан, кӯчаи Садовая 51:

– Аз гулпайванди Шумо ба ваҷд омадам. Хоҳиш дорам, баҳор якчанд дона тухмӣ фиристед. Эътимод дорам, ки гандуми шумо дар иқлими шимолу Шарқ фоидаи калон медиҳад. Мо гандум, ҷавдор, наску нахуд кишт мекунем. Нағз месабзад. Хоҳи фаровон мегирем. Танҳо дони табъи дил гирифтан орзуи доимии мост.

А.Б.Пол, Агрономи хизматнишондодаи РСФСР, шаҳри Скопин, вилояти Рязан:

Ба Шумо шарафи ихтирои зироати нав насиб шуд. Хосиятҳои гандуми Шуморо донистам ва диққати маро ниҳоят ба худ ҷалб кардааст. Хоҳиш дорам, ки ҳеҷ набошад, дар як майдончаи хурд аз ин зироати пешомаддор кишт кунам. Намедонам, ба шароити иқлими мо чихел тоб меоварад. Хоҳиш дорам, ба воситаи почта ба ман 10 кило равон мекардед. Хароҷот чи қадаре бошад, ба зиммаи ман. Чанд ва чӣ қадар маблағ ва ба куҷо фиристонам?

Ҳоло ман нафақахӯр. Дар хоҷагии деҳа 47 сол агрономӣ кардам. Боз ва боз ҳам аз Шумо, рафиқ Species Бобоҷонов илтиҷо дорам, ки хоҳиши маро рад накунед. Бесаброна интизори ҷавоби шумоем.

Н.С.Шевчук, ходими калони илмии Институти тадқиқи замини Академияи Фарҳанги Украина, номзади илм:

– Рисолаи «Генетика, фотосинтез ва тухмидорӣ» – атонро хондам. Бо хоҳиш ба Шумо муроҷиат мекунам. Аз ҳамон гандум якчанд дона ба ман равон кунед ва тавсияи генетикиву биологӣ ва хоҷагии онро нависед.

Маъмурият, ташкилоти партиявӣ, комитети комсомолии омӯзишгоҳи техникии рақами 6, шаҳри Бредини РСФСР – аз шумо хоҳиш доранд, ки барои гирифтани тухмӣ ва гузарондани таҷриба дар хоҷагии таълимӣ ба мо ёрӣ расонед. Ба хароҷот кафолат медиҳем.

А.М.Петров, директори заводи мошинсозии шаҳри Комсомоли назди Амур:

Кормандони завод ба мақсади гузоштани саҳме дар иҷрои Программаи озуқаворпии мамлакат хоҷагии ёрирасон ташкил намуданд. Иқлими сахт дар роҳи ба вуҷуд овардани базаи хурокӣ ба сари мо

мушкилиҳо овардааст. Дар шароити мо гандум месабзад, шира мегирад, вале пухта намерасад. Аз ин рӯ ба гандуми Шумо, ки дар мӯҳлати кӯтоҳе мерасад, мароқи калон пайдо кардем. Илтиҷо дорем, ки барои озмун дар шароити мо аз гандуми худ 10 кило тухмӣ фиристонед. Барои ҳақ кафолат медиҳем.

Миннатдории пешакии моро қабул фармоед.

А.С.Гусалюк, сарагрономи совхози «Ислин» стансияи роҳи оҳани Забайкал, райони Краснокамени вилояти Чита:

Маъзур доред, ки Шуморо тешвиш медиҳем. Вале нанавишта ҳам наметавонем. Оё имконияте надоред, ки аз ин «мӯъҷиза»-и худ чанд донае ба мо фиристонед? Охир борҳо онро санҷидаед ва аз ин рӯ иҷрои хоҳиши агроном ба Шумо мушкилие надорад…

* * *

Миқдори ин гуна номаҳо бисёранд. Агар аз рӯи нишони номаҳо харитае тартиб диҳем, ин харита ноҳия ва минтақаҳои зиёди мамлакатро фаро мегирад. Одамони касбу кори гуногун аз Ваҳҳоб як каф, чанд дона, панҷ-даҳ кило тухмии гандуми офаридаи ӯро талаб доранд. Бо ҳамроҳии Ваҳҳоб унвони номаҳои се ҷузъгири калонро мехонем. Ва унвони ягон деҳқон, агрономи роҳбари хоҷагӣ ва муассисаи республикаро, ки дар ин ҷо гандуми нав тавлид шуд, пайдо намекунем. Агрономҳои Магадан, Чита, Қрим, Киев ва Новосибирск медонанд, ки олими ҷавони тоҷик, гандуми пайвандӣ эҷод кардааст, ки дар қиёс ба тамоми хелҳои то имрӯз дар мамлакат мавҷуд буда беҳамтост. Аз қитъаи заминӣ таҷрибавии Ваҳҳоб, ки ба он академик Юсуфҷон Носиров номи рамзии «майдони парвози тухмиҳои Ваҳҳоб» ниҳодааст, то водиҳои республика нисбати Магадану Чита як қадам роҳу зироатчиёни мо бехабаранд!

Он гоҳ гандумҳои сараи ӯ, ки ба ду гурӯҳ ҷудо карда буд, яке аз якуним халта ва дигаре аз чорто ҳам кам меомад. Агар ба унвони муаллифони мактубҳо як кафи дон равон кунад, мушти гандуме боқӣ намемонад. Ба ин мардуми ба ӯ бо умед рӯ оварда чи гӯяд? Директори институт Юсуфҷон Носиров гуфт, ки барои пареш додани тухмӣ шитоб лозим нест. Президент Муҳаммад Осимӣ ҳамаашро медонад. Ба аксарияти суроғаи мактубҳо аз ҳосили баҳорӣ равон кунӣ ҳам мешавад. Сари вақт мерасад. Кишти баҳории аксарияти онҳо ба моҳи июн рост меояд. То он гоҳ аз ҳосили ин донҳо хирман мебардоранд. Ин хирмани калон дар куҷо бунёд мегардад? Бепарвоӣ, хотирҷамъии роҳбарону мутахассисони ҷабҳаи зироати республика Ваҳҳоб Бобоҷонову устоди ӯ Юсуфҷон Носировро ба андеша мегузошт. Онҳо гаштаву баргашта ба худ ва ба ҳамдигар ин

саволро медоданд:дар замини кадом ноҳия аз ин донҳо хирмани калон мебардоранд?

Баҳор ва айёми кишти нав фаро расид. Аз тухмиҳои дар қитъаи замини таҷрибавӣ коридаи Ваҳҳоб майса дамид. Тобистон, ҳангоми ҷамъоварии ҳосили нав ба институт академик Муҳаммад Осимӣ ва котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов омаданд. Онҳо тухмии Ваҳҳобро диданд.

– Восеъ, – гуфт Қаҳҳор Маҳкамович, – калонтарин ноҳияи ғалла мешавад. Шояд гандуми нав дар ин район ноҳиябандӣ шавад.

* * *

Ҷои хирмани калон тахмин маълум шуд. Рӯзи дуюми ноябр Ваҳҳоб занги телефонии Муҳаммад Осимиро шунид. Тухмии ӯ бесоҳиб намемонад. Котиби КМ ва президент гандуми ӯро аз ёд набаровардаанд. Аз ҳосили баҳорӣ гандумҳои сараи ӯ зиёдтар шуд. Гурӯҳи якум ба 180 кило ва дуюм ба8 кило расид. Аз даҳ ва понздаҳ гурӯҳ донҳо ӯ ҳамин қадар ҷудо кард. Танҳо донҳои якумдараҷа ва олиро гирифт. Ваҳҳоб эътимоди комил дошт, ки заҳмати заргарии ӯ ба ҳадар намеравад. Рӯзе мерасад, ки барои донҳои ӯ замин медиҳанд ва онҳоро дар майдони калон месанҷад. Ба ибораи академик Юсуфҷон Носиров, рӯзи «парвози» донҳои ӯ аз қитъаи замин таҷриба фаро расид. Донҳои ӯ ба райони Восеъ «парвоз» мекунанд. Ваҳҳоб Бобоҷонов бо ду нафар ходимони лаборатория Сафаралӣ Наимов ва Муқбил Нӯъмонов халтаҳоро аз анбори тухмии институт ба бордони мошини «Уазик» монданд. Онҳо аз ағбаи Чормағзаку Шаршар гузашта нисфирӯзӣ ба маркази ноҳияи Восеъ расиданд. Дар кумитаи партиявӣ аз котибон касе набуд. Ба шӯъбаи ноҳиявии агропром даромаданд. Сардори шӯъба Қувваталӣ Саидов аз шиносоӣ бо Ваҳҳоб дар андеша монд.

– Олимон чизи нав, – гуфт ӯ, – бозёфти худро пешниҳод мекунанд. Чизе, ки ба ояндаи хуби он танҳо олим боварӣ дорад. Вале деҳқон аз таваккал ибо мекунад. Ӯ он чиро хуш дорад, ки дар таҷриба медонад, натиҷаашро бо чашми худ дидааст. Фикр дорам, ки ба кадом хоҷагӣ муроҷиат кунем. Роҳбарони кадом хоҷагӣ шуморо бо дили кушод қабул мекарда бошанд? Биёед, ба колхози «Москва» меравем.

Раиси колхоз Абдӣ Авазов бо абрӯи гирифта меҳмононро қабул кард. Дилаш ба замине, ки ин тухмиҳо кишта мешаванд, сӯхт. Ӯ ба сарагрономи хоҷагӣ Бобохон Умаров, ишорае кард ва фармуд, ки ин тухмиҳоро дар замини бригадаи Борон Файзуллоев коранд. Дар дили Ваҳҳоб аз оҳанги суханони раис шубҳа пайдо шуд.

– Аз шумо, акаи раис, – гуфт ӯ, – ягон замини нағз мехоҳем.

– Колхоз замини ганда, – ҷавоб дод Абдӣ Авазов бо ҳамон абрӯи гирифта, – надорад. Ҳамааш як хел замин.

Сарагроном роҳбалад шуд, онҳо ба бригадаи Борон омаданд. Бобохон Умаров замини санглохеро нишон дод.

– Бисёр замини хуб, – гуфт ӯ. –дар ҳамин ҷо мекорен.

– Аз ин хубашро, – аз дил гузаронд Ваҳҳоб, – намедиҳанд, ё надоранд.

Сафаралӣ Наимову Муқбил Нӯъмонов ба тухмипошак нишастанд. Ваҳҳоб даҳани халтаи якум ва дуюмро кушод. Халтаеро, ҳашт кило тухмӣ дошт худи Ваҳҳоб корид. Онҳо корро то бегоҳӣ ба анҷом расонданд. Ваҳҳобу ҳамсафаронаш ба тухмии аввал корида «гандуми Восеъ-1» ва ба оне, ки камтар буду Ваҳҳоб пошид, «Восеъ-2» ном ниҳоданд. На чандон дуртар аз «Восеъ-1» ва «Восеъ-2» калхоз замини хеле беҳтаре гандуми « Қирғизӣ-100» кишта буд.

Моҳи декабр Сафаралӣ аз кишт хабар гирифт ва бо хотири ошуфта бозгашт. Майсаи гандуми «Қирғизӣ-100» заминро пӯшонда ва гандуми Ваҳҳобӣ тоқа-тоқа руста буд. Аз ин ҳол димоғи Абдӣ Авазов сӯхт. Ӯ бо камитети партиявии район, аз ваҷҳи тухмии нави олимон шикоят кард. Аз шӯъбаи агропром, ки барои ба колхози онҳо овардани ин тухмӣ боис шуда буд, талаб кард, ки замини гандуми Восеъро аз ҳисоби хоҷагӣ бардоранд. Тақдир гандуми «Ваҳҳобиро» ба вазъияти ноҳинҷоре гирифтор кард. Майсаҳои тоқа-тоқа хотири раис ва намояндаи Институти физиология ва биофизикаро ошуфта гардондааст. Ваҳҳоб аз рӯи қавле, ки ба академик Николай Василевич Турбин дода буд, ба ӯ занг зад ва аз вазъият огоҳӣ дод.

– Ҷои ташвиш нест, – гуфт академик, – Раис беҳуда тарсидааст. Намунаи донҳои киштаат ба ман расидаанд. Донҳои калон, серу пур. Аз ин ҳосили хуб мерӯяд.

Зимистон гузашт. Баҳорон Николай Турбин ва Ваҳҳоб Бобоҷонов озими колхози «Москва»-и ноҳияи Восеъ шуданд. Гандуми «Ваҳҳобӣ» панҷа зада, киштзорро сабзпӯш карда буд. Гандуми «Қирғизӣ-100» нисбати появу хӯшаҳои калони аз ҷомаи сабзи баргҳо баромадаи «Восеъ-1» ва «Восеъ-2» назарногир менамуд.

Раиси колхоз, котиби муншии аввали ҳизби ноҳия, деҳқони номдор амаки Миралӣ Маҳмадалиев ба сари замин омаданд. Муносибати Абдӣ Авазов ба Бобоҷонов дигар хел, самимӣ буд. Ӯ аз шитоб, мағали ду моҳ қабл аз ин бардоштааш кам-кам шарм медошт.

Дар болои дарахтони канори киштзор гунҷишкони бисёре бозор доштанд. Онҳо мағзи ҳанӯз сахт нашудаи гандуми «қирғизӣ-100»-ро мемакиданд, хӯшаҳои аз дон сабукшуда сар ба осмон рост карда-

анд. Аммо аз гандуми «Ваҳҳобӣ» ягон хӯшаи сабукбор набуд. Зӯри нӯли гунҷишк ба фишурдани мағзи пулакчаҳои он намерасид. Аз таъсири борону гардиши шамол гандуми «қирғизӣ-100» ҷо-ҷо хобида ва тамоми пояҳои гандуми «Ваҳҳобӣ» росту барҷой. Бағайр аз ин гандуми нав нисбати хеши модарӣ чил сантиметр баландтар буд. Николай Ваислевич ба ин поя ва хӯшаҳои он, ки донҳояш аз гандуми «қирғизӣ-100» се баробар зиёд меомад, хеле зеҳн монд ва гуфт:

– Шаст сентнерӣ ҳосил медиҳад.

Абдӣ Авазов аз беқадр доштан ва ба воҳима афтодани худ, ки ду моҳ қабл аз ин воқеъ гардида буд, шармид ва гуфтани мадори сухане надошт. Ӯ ба тахмини академик Турбин бовар кард.

– Ин мардум, – гуфт ӯ ба сарагроном Бобохон Умаров, – як чира медонанд. Беҳуда олим нашудан. – Ва ӯ ба Ваҳҳоб Furthermore Бобоҷонов рӯ овард:

– Имсол замини нағз медиҳем. Ин замини ганда қариб аз дил берун буд.

Ваҳҳоб ин муғамбирии раису сарагрономро ҳанӯз ҳангоми ба хоке ки ба назараш аз он бӯи шӯра меомад, пай бурда буд. Вале олимон аз куҷо ҳиллаҳои деҳқонро медонанд. Вақте аз об бардоштани ғелбор фаро расид, гуфтаи академик Турбин баромад. Ҳосили гектар шаст сентнерӣ шуд. Гандуми Ваҳҳобӣ дар ҳамаи хоҷагиҳои вилояти Кӯлоб овоза гардид. Талабгорон аз омаду рафт идораи колхози «Москва»-ро охурча карданд. Абдӣ Авазов ба ҷуз раиси колхози ба номи Ленин Миралӣ Маҳмадалиев, ки барои чунин хели тухмии аҷибро дар шӯразамин кориданаш коҳиш карда буд, аз рӯи ӯ гузаштан натавонист ва чашм пӯшида 500 кило тухмӣ фурӯхт, ба дигарҳо як каф ҳам надод. Раис дар қавли худ монд. Барои кишти дуюми гандуми нав замини киштгардони пахта ҷудо кард. Ҳуҷҷатеро, ки пас аз ҷамъоварии ҳосили кишти дуюм бо имзои Абдӣ Авазов ва сарагроном Бобохон Умаров тартиб ёфт, аз назар мегузаронем:

«Дар таҷриба «Восеъ-1» ва «Восеъ-2»-ро санҷидем. Кишт 21 ноябр гузашт. Ду хел кишт: муқаррарӣ ва қаторӣ. Масоҳати қаторҳо аз 15 то 45 сантиметр ба ҳар гектари кишти муқаррарӣ 60 килоӣ ва васеъ қаторӣ аз ин ҳам камтар тухмӣ коридем.

Пеш аз кишт нурӣ ва ғизо надодем. Пас аз он 120 килоӣ нурии азотӣ пошидем. «Восеъ-2» дар васеъқатора 90 сентнерӣ ва аз муқаррарӣ 61,4 сентнерӣ ҳосил дод. Аз «Восеъ-1» таносубан 81 ва 48,5 сентнерӣ, «Қирғизӣ-100» (паҳншудатарин гандум дар киштзорҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон) 19-19,8 сентнерӣ гирифтем».

Пеш аз шиносой бо ин ҳуҷҷат аз номи раису сарагрономи ин хоҷагӣ мактубе дар даст доштем, ки ин аз дигар ҷиҳатҳои самараи иқтисодии гандуми «Ваҳҳобӣ» ривоят мекард: навиштаи онҳоро ба ёд меоварем; соли дуюм аст, ки мо, – навиштаанд онҳо, – аз ҳар гектар гандуми «Ваҳҳобӣ» 140-150 сентнерӣ ҳосил мегирем. Чунин ҳосили баландро, ки то кунун деҳқон надида ва нашунида буд чи хел фаҳмонем, гап дар сари он аст, ки мо бо олимони лабораторияи асосҳои физиологию генетикаи растаниҳои физиология ва биофизикаи академияи илмҳои республика, махсусан мудири он Ваҳҳоб Бобоҷонов робитаи наздики ҳамкорӣ дорем: Тирамоҳ хелҳои гандуми ба вуҷуд овардаи ӯро дар заминҳои обӣ ва доманакӯҳ киштем, дону коҳи фаровон гирифтем. Пас аз дарави он аз заминҳои обӣ ҷуворимакка коштем ва хирмани 80-90 сентнерии дон бардоштем. Ҳамин тариқ, ҳосили ғалладонаи ҳар гектар замини хоҷагӣ ба 140-150 сентнерӣ расид.

Хелҳои гандуми «Ваҳҳобӣ» баробари ҳосили баланд аз ғизои хӯроки чорво бой аст. Нимаи моҳи апрел аз ҳар гектари он 600-700 сентнерӣ баргу пояи сабз гирифтем. Ҳисобу китобҳои иқтисодшиносон собит кард, ки гандуми Ваҳҳобӣ аз ҳар гектар 4000 сӯм фоидаи иқтисодӣ медиҳад. Шӯъбаи агропроми вилоят таҷрибаи паҳншавии гандуми Ваҳҳобиро дар хоҷагии мо омӯхт. Ва қарор дод, ки замини кишти онро ба ҳазор гектар расонад. Кишт дар ҳамаи хоҷагиҳои вилоят аз рӯи услуби нави пешниҳод кардаи олимони тухмишинос мегузарад. Ва он имконият медиҳад, ки аз ҳар гектар 95 сентнерӣ ҳосил ба даст ояд.

Пас аз ҷамъоварии ҳосили сеюм колхози «Москва» ба амбори тухми хелҳои гандуми Ваҳҳобӣ табдил ёфт. Он баъди пахта манбаи даромади бои колхоз шуд. Мардуми хоҷагӣ ба дигар колхозу совхозҳо ҳазорҳо сентнер гандуми навро аз 46 тин то як сӯм (ин аз арзиши тухми муқаррарӣ панҷ-шаш бор зиёд аст) фурӯхта, хазинаи ҷамъиятии худро ғанитар гардонд.

Дар он рӯзҳое, ки намояндагони кафедраи физиологияи растаниҳои университети давлатии Гурҷистон, вилоятҳои Тошканди Ӯзбекистон, Чимкенти Қазоқистон ва Исиққӯли Қирғизистон аз амборҳои колхози «Москва» тухмӣ мебурданд, хелҳои боз ҳам навтари он, ки дар қитъаи замини таҷрибавии Ваҳҳоб Бобоҷонов офарида мешуд ва миқдори умумии он ба 200 мерасид, дар намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи СССР, намоишгоҳҳои Ҳиндустону Афғонистон ба намоиш гузоштанд. Хелҳои тозаи он дар панҷоҳ маҳалли стансияҳои тухмисанҷии мамлакат аз имтиҳон баҳои баланд мегирифт. «Восеъ-1» дар озмуни давлатии тухмӣ дар райони Куйби-

шеви вилояти Қӯрғонтеппа байни 12 хелҳои беҳтарини гандуми ба вуҷуд овардаи олимони тухмишиноси мамлакат ба ҷои якум баромад.

Коргарони хоҷагии ба номи Телмани райони Орҷоникидзеобод замини гандуми Ваҳҳобиро васеъ карда, дар соли дуюм аз сад тонна тухмии ба вилоятҳои Ӯзбекистон фурӯхтаашон 100 ҳазор сӯм даромади иқтисодӣ гирифтаанд.

Ҳолатҳое ҳам рӯй доданд, ки наздик буд, тухмии навтарини Ваҳҳобу гурӯҳи муҳаққиқони ӯро барбод диҳанд. Даҳ нафар ҳамгурӯҳони Ваҳҳоб як моҳ аз анбори тухмӣ донаҳои Восеи навро сара карданд. Роҳбарони стансияи таҷрибавии мошинасанҷии ноҳияи Рӯдакӣ (қаблан Ленин), ки хоҷагиҳои «Ҳосилот»-у «Москва»-ро муттаҳид мекунад, ба ҳар килои он як сӯмӣ дода гирифтанд. Мувофиқи ҳисобу китоби пешакӣ ин тухмӣ ба як ҳазор гектар мерасад ва бештар аз ду миллион сӯм даромад медод.

Хелҳои нав ба нави гандуми офаридаи Ваҳҳоб сазовори эътирофи олимону муҳаққиқони соҳаи тухмишиносии мамлакат гардид ва ӯро хеле сертараддуд кард. Ба аксарияти конференсияву семинарҳои умумииттифоқӣ даъват мешуд. Ҳар яке аз ҷамъомадҳо тайёрии махсусро мехост. Пешакӣ маълум буд, ки ба ӯ сухан медиҳанд. Ӯ дар як муддати хеле кӯтоҳ дар Приживалский, шаҳри Дербени республикаи автономии Доғистон, Новосибирск ва Восеъ бо маърӯзаҳои илмӣ баромад кард.

Аз конференсияи умумииттифоқии Новосибирск бисёр чизҳо ба ёд мондаанд. Аз ҳама аҷоибаш муколамаи академик Турбин бо Ваҳҳоб Бобоҷонов буд. Николай Василевич дар меҳмонхона аз суханони баландпарвози баъзе нотиқон ва қарорҳои бо дабдабаи ин ҷамъомадҳо изҳори норозигӣ кард.

– Мо муҳокима кардем, – ба Ваҳҳоб рӯ овард ӯ. – Ҳамаи хислатҳои генетика ва имкониятҳои инкишофи онро гуфтем.

– Маъқул – гуфт Ваҳҳоб бидуни андешае. – Ин навиштаҷот вазифаҳои дар назди мутахассисони генетика истодаро нишон медиҳад.

Николай Василевич оташ гирифт:

– Фақат нишон медиҳад, – гуфт ӯ. – Дигар коре надорад. Охир нишон додан кам ба монанди ту, бояд тадқиқотчӣ барномаи мақсаднок дошта бошад. Дар рафти иҷрои он натиҷаҳои ниҳоие мегирад, то дар хоҷагии халқ монанди ин гандуми ёфтаи ту азхуд нишона ба ёдгор гузошта бошад. Мо бо як маром пеш меравем. Ин хел пешравӣ ҳам маҳсули худро дорад. Вале лаҳзаҳое ҳаст, ки бояд ҳама қувваро ҷамъ кунӣ ва ҷаҳише, инқилоби хурде аз худ ба зуҳур оварӣ. Имрӯз ба ақидаи ман ҳамин гуна замоне фаро расидааст.

«Суханони он рӯзаи академик Турбин – мегӯяд Ваҳҳоб, – ҷон доштанд. Роҷеъ ба генетика назарияи кофӣ гирд омадааст. Вале дар амалия кам ҳис мешавад. Айни замон аз онҳое, ки ба генетика қудрату эътимоди комил доранд, ҷаҳиши калон зарур. Генетика бояд ба амалияи тухмшиносӣ пайвандад. Тавассути ин барои ҳар як минтақа хелҳои баланди ҳосили гандум ба вуҷуд овардан мумкин.

– Чаро маҳз гандум? – Мепурсанд аз Ваҳҳоб.

– Гандум, – мефаҳмонд ӯ, – қобилияти баланди худгардолудшавӣ дорад. Барои гузарондани таҳлилҳои генетикӣ аз он беҳтар зироате ёфтан амри маҳол аст. Масалан, пайванди гандуму ҷавдор, гандуму гандумак кори басо мураккаб аст. Ба ин кор сад сол умр бошад ҳам, камӣ мекунад. Сад хелро мегирӣ. Аз рӯи намунаҳои ҷудо кардаат даҳ ҳазор пайванд мегузаронӣ. Аз ин даҳ ҳазор насли якуми дурагаро мегирӣ. Барои ҳосил кардани насли садуму дусадум қариб як миллион пайванд зарур. Шояд ҳосили насли чорсадуму панҷсадуми «Восеъ-1» имкониятҳои биологии гандумро, ки аз гектар 160-170 сентнер дон медиҳад, ошкор намояд.

Ваҳҳоб дар ин рӯзҳои фаровони нон ғами ояндаро мехӯрад. Таърих гувоҳ аст, ки мамлакатҳои аз ғалла бойи сармояӣ онро ҳамчун тимсоли фишори сиёсӣ корбаст мекунад. Дар шароитҳои фавқулода, масалан хушксолӣ, захираи ғалла ба монанди яроқ аҳамияти сиёсӣ пайдо мекунад.

Гандуми гулпайванди Ваҳҳоб ба ҷуз номи асосии худ – «Восеъ» номи дигаре ҳам дорад. Онро ду баҳра ҳам мегӯянд. Ваҳҳоб аз ҳосили кишти тирамоҳии он дар шароити райони Восеъ донҳо гирифт ва онро дар совхози Лоҳутии райони Ховалинг корид. Ҳосили кишти тирамоҳӣ аз ҳар гектар 70 сентнер ва баҳорӣ 38 сентнерӣ шуд.

Далели аҷоиб: як дон гандум дар шароити муқаррарӣ 8-10 хӯша ва дар қитъаи таҷриба 35-40 хӯша медиҳад.

Ваҳҳоб Бобоҷонов дар ҳамкорӣ бо тухмишиносони Белоруссия, аз ҷумла академик Турбин ва устоди худ, академик Юсуфҷон Носиров барои офаридани хелҳои яке аз дигаре беҳтари гандуми нав заҳмати фаровонеро аз сар гузаронд. Услубҳои кишти онро: муқаррарӣ, қатор васеъ, ду қатораи наворшакл кор кард. Тухмии он дар мамлакат паҳну парешон шуд. Акнун як кунҷи назар бинем, ки муносибат дар ҷумҳурӣ ба ин дурага чи ранг дорад? Ин гандум ба ҳисоби омори ҷумҳурӣ надаромадааст. Бинобар ин донистани ҳамаи нишондиҳандаҳо аз хоҷагиҳое, ки ин навъро мекоранд, амри маҳол аст. Ҳисобу китобро, танҳо Ваҳҳоб Бобоҷонову гурӯҳи ӯ мебаранд.

Ҳар чанд ки гандуми нав бо навъҳои давлатӣ як вақта, мувозӣ дар шароити истеҳсолӣ санҷида шуд ду-се баробар бартарии он

зоҳир гардид, вале майдони кишти он ҳанӯз ҳам танг аст. Он чи ба васеъ гардидани майдони кишти гандуми нав дахл дорад, ду маврид халал мерасонад. Якум, ин дурагаро дар республика на ҳама медонанд. Онро олимони институти физиология ва биофизика бо роҳи гузарондани семинарҳо шарҳ медиҳанд ва тарғиб менамоянд. Таҳқиқу озмун ва боз меҳнати тарғиб. Мавриди дуюм Ваҳҳобу гурӯҳи муҳаққиқони ӯ на ҳамаи хоҳишмандонро бо тухмӣ таъмин карда метавонанд. Худи институт замин надорад. Ба муаллифу ҳамкорони ӯ лозим меояд, ки халтаҳои тухмиро аз як хоҷагӣ ба хоҷагии дигар баранд. Роҳбарони ташкилотҳои хоҷагӣ, на ҳамеша ба ташаббускорон ёрӣ мерасонанд. Мавқеи комитети давлатии агропром нисбати ингуна ташаббускорон мавҳум аст. Таассуроте пайдо мешавад, ки агропром тарафдори инхели пурфайзу пешомаддори гандум нест. Ҳол он ки вазифадор аст, на танҳо роҳбарону мутахассисони колхозу совхозҳоро ба ин навъи гандум шиносонанд, балки ба онҳо дар кишт сабзонданд, парваришу рӯёндани ҳосил ёрии амалӣ расонад, нақши штаби асосиро бозад. Аксар вақт агропром аз зуҳури чизҳои хубу бад дар замин ва дар атроф бехабар аст. Агропром чорабиние намегузаронад ва аз ин рӯ ташаббуси олими ҷавон ва муассисаи тадқиқоти илмиеро, ки ӯ дар ин ҷо пурбаракаттарин донҳои гандумро кашф намуд, сари вақт дастгирӣ накард. Ва ба бори вазнини тадқиқотии ӯ сарбориҳо илова кард. Кор ба ҷое расид, ки намояндагони агропром ба даъватҳои расмии кошифон эътибор ҳам надоданд. Роҳбарони институти тадиқиқоти илмии замин ҳам аз мавқеи тобеони худ берун наомаданд. Аз ҳамин хел муносибати нохуб нисбат ба бозёфтҳо проблемаҳо пайдо мешаванд, бисёр хоҷагиҳо агротехникаи парвариши гандуми навро намедонанд.

Боз масъалаи дигаре ҳаст, ки ҳалли он танҳо ба ӯҳдаи агропром аст. Хелҳои гандуми Восеъ дар заминҳои обӣ, чуноне дар боло зикр шуд, хӯшаҳои калон ва пояҳои баланд доранд. Комбайнҳое, ки имрӯз дорем, ба ҷамъоварии он мувофиқ нестанд. Дар ҷамъоварии ҳосили ин гандум Ваҳҳоб Furthermore Бобоҷонов чор хели комбайнҳои ватанӣ ва хориҷиро санҷид. Натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад. Ӯ маълум кард, ки аз чунин тарзи кӯфтани гандум 30-40 фоизи ҳосил талаф мегардад. Илоҷи ягона кадом аст? Яке пешниҳод мекунад, ки комбайн аз нав сохта шавад. Дигаре ақида дорад, ки аввал хӯша ва сипас пояро даравидан лозим. Сеюминҳо таҳияи даравро тавсия медиҳанд: яъне аввал онро даравconfigure ва ба хирман оварда кӯбанд. Ин усули қадима дар даштҳои ҳамвори ғаллазори Белоруссия ва Украина ҳангоми бо комбайнҳои ҳозира ҷамъоварии гандум то 20

фоиз талаф гардидани ҳосилро ба ҳисоб гирифтанд. Баъзе ноҳияҳои калони ғаллакори ин ҷумҳуриҳо ба услуби бобоӣ гузаштанд. Техника онро медаравад, ба хирман мекашонад ба комбайнҳо дар як ҷо истода онро мекӯбанд. Бо ҳамин васила талафи донҳои гандум пешгирӣ шуд. Агар дар даштҳои чун кафи даст ҳамвори белорусҳову украинҳо талафи ғалла ба ин дараҷа (аз 100 сентнер 20-тои он) ба ройгон равад, дар кӯҳдоманҳои пур аз пастӣ ва баландиҳо, ки комбайн сари ҳар қадам ларзида меравад, зиён чи дараҷа бошад? Инро касе ҳисоб накардааст. Вале таҷрибаи бародарони ғаллакори белорусу украин водор мекунад, ки аз ин боб ҳам андеша намоем. Дар пешниҳоди гурӯҳи сеюм суди зиёд аст.

Асри танҳоии тухмишинос гузашт. Имрӯз барои ба вуҷуд овардани хелҳои навини растаниҳо исрори якҷояи олимону мутахассисони ҷабҳаҳои гуногунро тақозо дорад, ин муштаракӣ бояд чунон ҷараён дошта бошад, ки барои ҳар чи зудтар болои об баромадани баромадани тухмишиносон ва дигар бозёфтҳои муҳаққиқон мусоидат кунад.

Дастаҳои гандуми «Ваҳҳобӣ» болои ҷевони китобҳои хона, лаборатория, қитъаи замини таҷрибавӣ пеши назар меоянд. Хӯшаҳои калон. Пояҳои боқуввати ин хӯшаҳо ва пояҳо нисбати гандумҳои аз байни кӯҳнаколаҳои қасрҳои қадима ёфт шуда хеле бошукӯҳанд. Эътимод комил аст, ки донҳои ин гандум ҳазорҳо ва миллионҳо гектари пурраи арзро фаро мегиранд. Танҳо кас ҳайрон мешавад, ки ин ҳамсафари нави инсон ин қадар деру ба оҳистагӣ ҳуқуқи нави давлатӣ мегирад ва соҳибҳуҷҷат мегардад.

*Сирати ӯ тухми киштаву неъмати ӯ об,*
*Хотири маддоҳи замини барӯманд.*

Абдулҳамид Ваҳҳобӣ мисли дарахти пурсамар дар айни камолот аст. Агар масъулини соҳаи зироат ба дастовардҳои илмии ӯ ки ҳосили ниҳоии ҳар дона гандум аст, таваҷҷӯҳ намоянд, кишоварзони мамлакат бурди бузурге ба каф хоҳанд овард.

# ҲИКОЯҲО

## ШОДӢ АЗ БОЗЁФТ

Ҷаббори даҳмарда баробари ғуруби офтоб рамаи тамоми рӯз байни дараи калону дарачаҳои Оличадара парешхӯрдаро ҳисобӣ кард. Аз сесаду чилу ҳафт гӯсфанд як гӯсфанд набуд. Дилаш хиҷил шуд. Сесаду чилу ҳафт гӯсфанд, бе он гӯсфанди гумшуда пеши назараш ҳеҷ намуд. Рамаро ба ҳоли худ гузошту аз пайи дарёфти гумзада шуд. Дар торикиҳои ғору ғорчаҳо, бағали харсангҳои сари вартаҳо, гиёҳу хорбуттаҳо як гӯсфанд сад гӯсфанд менамуд. Ҷаббори даҳмарда аз як ғор ба дигар ғор, аз сояи як харсанг ба сояи дигар харсанг чиқадар давид. Чӣ қадар масофаро тай зад, ҳисоб гум. Дар роҳи ғорчаҳо то ғори калон аз харсангҳои саргаҳу домани вартаҳо то харсангҳои болову поёнии вартаҳо чӣ қадар буттаҳои ба тахмин гӯсфандро дид. Қудрати чашм ба ҳисоби онҳо нарасид.

Дилкандаву маъюс дар партави моҳи шомхӯрда ва осмони аз ситора парчинкӯби Оличадара кӯтоҳтарин роҳро ба сӯи қуш, ки атрофи он гӯсфандон мехобиданду се саги ӯ аз чор тараф посбонӣ доштанд, интихоб намуд.

Дар нимароҳи кутал нафаси ӯ дарун зад. Аз дарди зонуҳо эҳсос кард, ки аз маҷол боз мемонад. Ночор сари гумбазчае нишаст. Ба пасу пеш ва ҳарду паҳлӯ чашм давонд. Аз сӯи паҳлӯи рост, таги сояи хуч сиёҳие ҷунбид. Зонуҳо аз сӯзиш монд. Пойҳо маҷол ёфтанд. Сабук аз ҷой бархост. Дар осмони болои хуч, сари қуллаи хоҷақурайши кӯҳи Зағар ситораи рӯзро дид, ки сӯи баландиҳои осмон шитоб дорад. Пеши назари ӯ соя боз ҷунбид. Ҷаббори даҳмарда аз дили пур аз ҳазор умеду ноумедиҳо чашм аз торикии таги хуч наканда, равона шуд. Чун он ҷо расид, гӯсфанди пуркори серташвишро дид, ки ба наздик шудани ҳазрати инсон аҳамият надода, баррачаи навзоидаи худро мебӯиду мелесид. Мелесиду мебӯид. Ва боварӣ ҳосил карданӣ мешуд, ки он обу шулми печида аз вуҷудаш баромада пок шуд ё не.

Оҳ, ин лаҳза Ҷаббори даҳмарда ба дил чунон фараҳе ёфт, ки ҳеҷ гоҳ наёфта буд. Ин хушнудӣ пеши он хушнудие, ки раис дар ҳузури як маҳшар мардум бо ифтихори бузург рӯи ҷелаки болои синаи ӯ «Ордени Шараф» часпонд, аз замин то осмон тафовут дошт. Он лаҳза аз кучое, ки шарму ҳаё вуҷуди Ҷаббори даҳмардаро фаро гирифту ӯро пахш кард, ки худаш ба хаёли худаш кӯчак намуд. Хиҷилнамо аз назаргоҳи мардум ба кунҷи нишасти хеш рафт.

Хурсандии ҳақиқӣ тӯли умри кӯтоҳи ӯ ин дам пеши назараш, вале дур аз мардум, дар нимароҳи фарози дараи мубҳам, таги осмоне,

ки ситораҳои бешумори он зери пардаи партави маҳтоби шомхӯрда нопадиданд. Ӯ бо шавқу муҳаббат даст сӯи барраҳак дароз кард. Ва чунон онро аз замин ба эҳтиёт бардошт, ки одатан ҳарисони сарват ба чизи пурҷилову нафисе аз ёқути сабз даст мебаранд.

Ҷаббори даҳмарда барраро пеши бар гирифт. Чи бӯи хуше ба димоғи даҳмарда зад. Гӯё аз ҷаннат омад ин бӯй.

*Гар сабо орад шамими пераҳан сӯи чаман,*
*Ғунчаро дил дар даруни сина чун гул бишкуфад.*

Ҷаббор бо димоғи чун гул шукуфта ва дили пурфараҳ барра дар бағал аз таги хуч роҳи қуш дар пеш гирифт:

*Биё, соқӣ эй дилхуширо фиреҳ,*
*Ки шуд ашки ғам дар гӯлуям гиреҳ.*

Чун ба сари қуш расиду сесаду чилу ҳафт гӯсфандро бар ҷой дид, на он қадар шодие ёфт, ки аз пайдо кардани гӯсфанди гумгашта дид.

Шодии ӯ аз гӯсфанди гумшуда ва барраи навзоди он, ки аз сари қафаси сина фароварда, пеши модараш гузошт, афзунтар буд аз он рамае, ки дар гирдогирди қутан меистод.

## БОБОИ СУФӢ

Ӯ китобҳояшро ба хонаи мо овард, нисфи шабӣ аз ҳамсоя қишлоқе, ки поёни он дараи калон ва болои сару бари чап балантарин қуллаи кӯҳи Зағар буд.

Модарам бо садои тақ-тақ ва овози пасти нолишмонанд ғӯлачӯбро аз пушти дар гирифт. Ҳар чанд садо паст буд, модарам овози бобои Суфиро шинохт. Ӯ чароғро гирён кард.

– Рушаниро эҳтиёт кун, апаҷон берун набарояд, – бо нидои мулоим ва саршори меҳр гуфт бобои Суфӣ.

Модарам рушноиро пинҳон кард. Сояи пушти кули нури чароғро пӯшонд. Он дигар аз роғҳои дар ба берун намезад. Ва ӯ оҳ кашида гуфт. Тинҷи аст, додар. Дар ин хел шаб гург аз хонааш намебарояд.

Бобои Суфӣ халтаи вазнине аз сари китф фаровард. Халта пур аз китоб буд. Ӯ ба ҷавоби пурсиши модарам шитоб накард. Аз халта китобҳои муқаддасро бо муқоваҳои рангхӯрдаи чармин берун овард ва гуфт:

– Худат медонӣ, ки давлату савлатам ҳамин китобҳо. Маро таъкиб доранд. Зудтар ин китобҳоро ба ягон ҷои пинҳон мон.

Модарам китобҳоро як-як бо латтапораҳо печонда ба паси се кулии хона монд.

Бобои Суфӣ андаке осуда шуд ва ба модарам гуфт:

– Сол нотинҷ, апаҷон. Бобои Сафаралиро доштанд. Дар ҳамин барф духтарчаашон пои луч хонаи мо омад.

Отама се марди сиёҳпӯш, бари миёншон таппонча гирифтанду дастҳоша паси пушт бастанд. Баъд аз очам хонаи шуморо пурсиданд. Очам гуфт:

– Аз инҳо дур аст. Қад-қади роҳи анҷироб поёни қишлоқ мефароен. Пушти маҷит тоб хӯрда лаб-лаби дарачаи тутбоғ боло мееравен. Дар баландии боғ хонаи бобои Суфӣ.

– Модарам роҳи дура нишон доду маро сиёсат кард, ки чи пеши онҳо истодам: Рав ба ҷогат даро, гуфт. Миёни суханаш ба ман чашмакӣ зад. Фаҳмидам чашмакии очама. Бо баҳонаи ҷои хоб аз дари паси хона баромадам. Намедонам даричаро чихел гузаштам.

– Худо ба ту, – гуфтам ба ӯ, – файзи худашро арзонӣ дорад. Ба умрат баракат диҳад.

Он лаҳза Бобои Суфӣ сахт ба андеша рафт. Илоҷи раҳоӣ меҷуст. Шаб торик. Туман дашту дараҳо, ёлаву куталҳоро ҳамвор кардааст. Даҳ-понздаҳ метр дур хонаро намебинӣ.

Дар лаҳзаҳои парешонии рӯзгор, ақли зан зирактар аст. Хоҳараш Ҷоноро ӯро ба худ овард:

– Чи ҳайрон истодаӣ, ака, – гуфт ӯ, – Ҳарчи мегирӣ зуд бигир. Хонаи апаи Бибифайзам рав. Дар ин деҳаҳои гирду атроф аз ӯ дилпуртар инсоне нест.

– Китобҳора мегирам – гуфт бобои Суфӣ ва холаи Ҷоноро ин халтаеро, ки модарам аз он китобҳо берун овардаву ба дидаҳо молида ба торикиҳои хона мемонд, дод.

* * *

Халта холӣ шуду бори ғами Бобои Суфӣ сабук. Ӯ сабук аз ҷой хест. Сӯи дар чашм давонд. Аз роғҳои дар зулмоти шаб ба пойгаҳи хона медаромад.

– Китобҳо, апаҷон, – гуфт ӯ бо хандае нуррез, аз чеҳраи пурнур, – як бало, лекин худам сад бало. Маро ба куҷо пинҳон мекунӣ?

– Ганҷурхона, – ишора кард модарам ба даричаи пушти кулии калон, – ганҷе надорад. Он ҷо хас ҳасту коҳ, тапаку бисоти кӯҳна. Таги хасу тапак, бетарсу бим дамгир, додарҷон.

Равшании чароғ ба даричаи ганҷурхона мезад. Модарам кӯрпаву

кӯрпачаҳои меҳмонӣ гирифт ва паси тали тапакҳову хастӯдаҳо рахти хоб густурд.

Бобои Суфӣ хушҳол шуд. Ба равшании чароғ ганҷурхона даромад. Байни хасу хошоку тали тапакҳо кӯрпаву кӯрпачаҳои меҳмонии паҳн кардаи модарам мисли тахти хоби шоҳӣ менамуд.

Модарам чойю дастурхон ва як лаълии маскаву косаи шир поёни тахти хоби шоҳӣ монд. Бобои Суфӣ ба дустурхон назаре андухту гуфт:

– Шукри ин неъматҳо. Лекин, апа, аз гулӯям ҳеҷ чиз намегузарад.

– Бигир, – гуфт модарам, – Як-ду пиёла чои гарм гир. Баданат гарм мешавад. Нону маска бихӯр, додар. Бача нестӣ, худата маҷбур кун. Дар ин хел шаби хунук боз бо шиками холӣ ба даҳ қабат кӯрпа печӣ ҳам, хунукӣ зиёнашро мерасонад. Шиками сер балогардон аст.

Бобои Суфӣ андак-андак аз ин он тановул кард ва ояте хонду даст ба рӯ молид. Чун дастҳои модарам ҳам ба чашму абрӯ расид, ман ҳам омин кардам. Бобои Суфӣ сӯи ман назаре андохт:

– Бачаи ба ақлай, – гуфт ӯ – дунёра мефаҳма.

– Шукр, – гуфт модарам, – ҳама кори хонара аз пеши худаш мекуна. То ҳол ягон бор нагуфтам, ки аз чашма об биёр, бачам. Оғил бируб, бачам. Гов каҳ бидеҳ, бачам. Ҳезум биёр бачам. То ба ёдам меояд, ки мебинам ҳама корҳо будай.

Шукр лақӣ ҳам нест. Ин ҷо будани тағоиша ба куртаи танааш ҳам намегӯяд.

Ман фаҳмидам. Сухани модарам аз таҳкид орӣ набуд.

– Дуруст мекунад, – гуфт Бобои Суфӣ – худо чигинаи каса чапа накуна. Вагарна курта ҳам сири марда фош месозад, апа. Хуб мекунад Толиб ки аз ин ҷо будани ман ба куртаи танаш намегӯяд.

– Беандуҳ бош, додар. Дар берун, байни одамон, калаи ин бечораро гирӣ ҳам, намегӯяд, Шумо ин ҷоен.

Бо тамоми ҳастӣ дарк кардам, ки дар ганҷурхона, байни хасу хошок ва тӯдаи тапакҳо хобидани Бобои Суфӣ шухӣ нест. Дар тамоми умрам бори аввал тарсидам. Ва он ҳам аз куртаи танам. Вақте ба ҷогаи хоб даромадам, дуои Бобои Суфӣ ёдам омад.

– Худо, – гуфт ӯ ба модарам, – ба ҳеҷ кас куртаи тан душман нашавад.

Лабҳоямро пӯшида, куртаамро кашидам ва бо лабҳои фишурда онро аз болои сар дур мондам. Пагоҳ мӯҳр ба лаб то зери ноф рӯи таксарӣ қад ёзонда онро гирифтам. Ва то баромадани чиллаи хурди зимистон аз мардум худро канор гирифтам. На барои он ки аз мардум безор будам, балки метарсидам. Ба хусус аз одамони бегона

ҳарос доштам. Ҳамин, ки ба чашмам меафтиданд, ноаён ғайб мезадам. Чунон аз пешашон бо ҳилла бероҳа мешудам, ки бӯям ба димоғашон намерасид.

* * *

Се нафар қосидон дар қишлоқҳои гирду атроф мегаштанд бо қисаҳои пур аз конфет ва аз Бобои Суфӣ нишона мечустанд. Онҳо дар роҳи кофтукоби худ, аслан ба кӯдакҳо умед мебастанд. Аз кӯча ду-се бача ёфтанд. Ба ҳар кадоме ду конфет доданд ва гуфтанд:

– Ҳама бачаҳои қишлоқа ин ҷо биёрен. Ба онҳо ду конфетӣ, ба шумо чор конфетӣ медиҳем.

Бачаҳо ба чор тараф давиданд. Дар як зум бачаҳои қишлоқ ба хотири конфет атрофи қосидон тӯда шуданд. Қосидон ба пурсуҷӯ оғоз намуданд. Нишонҳои он одамеро мекофтанд, ки ӯро ҷустуҷӯ доранд. Ҳар касе аз сифатҳои онҳо дарак диҳад чор, ҳатто то даҳ конфет мукофот мегирад. Хайрият, на чор, на даҳ конфет, насиби ягон бачаи деҳаи Ҳалқаёри мо нашуд. Қосидон бегоҳ, ноумед аз қишлоқи мо рафтанд.

* * *

Ду нафар қосидон бори дуюм ба қишлоқи мо омаданд. Онҳо қосидони аввала набуданд. Ҳар ду дар қаду қомат як хел. Вале яке ғафстару фарбеҳтар ва дигаре газгӯшт ва ба назар мисли дуздҳо чолок буд. Онҳо усули қосидони бисту як рӯз пеш аз ҳар ду омадаро ба кор бурданд. Бачаҳои қишлоқа гирд оварданду як конфетӣ доданд. Баъд сипоҳиёна нишони Бобои Суфиро ҷустанд. Чун баракате надиданд, он ғафс пурсид:

– Ҳама бачаҳои қишлоқ, ҳамин шумоен. Ин қадар камен.

Кам гуфтани ӯ ба номуси бачаҳо расид. Ва ду-се нафар, қариб баробар овоз бароварданд.

– Мо кам нестем. Бисёрем.

– Боз кӣ нест, – пурсид ҳамон ғафс.

– Толиб, – гуфт бачаи ҳамсояи наздики мо Ҳомид.

– Боз кӣ?

– Танҳо Толиб, – ҷавоб дод Шамсиддини Ҳомид. Дигар ҳама ҳамин ҷо.

– Толиба биёрен. Гӯен, ки ду нафар амаки меҳмон туро мепурсанд.

Бачаҳо ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Яъне кӣ ба овардани Толиб меравад. Қосиди ғафс, зуд даст ба киса бурд ва чор конфет бароварду ба ду бачае ки ба чашми ӯ зирактар намуданд, тақсим кард. Яке аз онҳо ҳамон Шамсиддини Ҳамид буд.

Оғилро рӯфта тараддуди овардани об аз чашма доштам, ки Шамсиддину ҳамроҳи ӯ ба ҳавлӣ даромаданд. Модарам аз қосидҳо хавотир буд. Ӯ болои бобои Суфиро бо кӯрпаи нави тоза пӯшонда ва боз шолча андохта аз рӯи он тапак чида буд. Ва бо вуҷуди ин дар дил ҳарос дошт.

Ҳомид сӯи таги тути бобои Камол, ки ҷои ҷамъоиву бозиҳои мо буд, ишора карда гуфт:

– Он ҷо ду мардак, туро мепурсанд.

Сӯи модарам, ки пушти дар меистод, нигоҳ кардам.

Рав, бачам куртата фаромӯш накун, – гуфт модарам.

Аз куртаам ба дараҷае тарсидам, ки шармам омад. Қосидҳо ширин забон буданд. Онҳо маро мисли ҷӯраи ҷониам истиқбол карданд ва ду дона конфет ба дастам дода гуфтанд:

– Толиб ин тӯи?

Ба маънои тасдиқ сарҷунбондам.

– Мехонӣ? – пурсид марди газгӯшт.

– Ҳа, – гуфтам ва аз пурсиши дуюми онҳо пай бурда гуфтам, – синфи дуюм.

– Нағз, нағз – гуфт қосиди ғафс. Ва ӯ нишонаҳои бобои Суфиро гуфту мукофот даҳ конфет эълон кард.

Ба куртаи танам нигаристам. Бо ҳамон ранги карбоси бо гиёҳи рӯян оҳар дода шуда ба сари ҳар ду китфам овезон буду ман ба тарзи инкор сар ҷунбондаам.

– Ҳар чӣ пурсем, – гуфт газгӯшт, – ба имову ишора не, ба забон ҷавоб гӯй, хайр.

– Не, намедонам, – гуфтам.

– Донӣ, бигӯй, – гуфт ғафс. Ва бо ангушт сӯи газгӯшт ишора кард, – хеш, амакии ҳамин мардакай. Чилрӯз боз ин бечора амакӣ мекобад. То набинад, хотираш ҷамъ намешавад. Бечора, бо зораву нола маро аз паси кунаш қишлоқ ба қишлоқ мегардонаву амакӣ суроғ мекунад. Дида бошӣ бигӯй. Кори хайр мекунӣ. Савоб мегирӣ. Боз даҳ конфет ба очаат мебарӣ.

Ҳарчанд аз шумораҳои конфетҳо дилам гумовард, вале аз куртаи танам, ки аз ду китфам овезон буд, тарсидам.

– Намедонам, – гуфтам.

– Дурӯғ, нагӯ, – гуфт боз ҳамон ғафс, – медониву намегӯи.

– Чиро медонам? – қасдан пурсидам аз ӯ.

– Бобои Суфира, ҳамаи нишонаҳоша гуфтам. Қадаш баробари қади мо. Рӯи гирд дорад. Биниаш, на хурд, на калон. Худи, ана ҳамин ҷиянашворӣ.

Ба бинии ҷиянаш нигоҳ кардам. Дурӯғ мегуфт қосиди ғафс.

димоғи ҷиянаш мисли кулоҳи сараш пеш борику охираш ғафс буд. Аз патҳои биниаш фил мегузашт. Аммо дар банди бинии хамзадаи ӯ паша дар мемонд.

– Боз чӣ гӯям ба ту. Абрӯҳои бобои Суфӣ пайванданд. Чашмони калон дорад. Хушрӯй ҳаст, амаки ҳамроҳи ман. Аз чеҳрааш нур мебарад.

Ин суханаш дуруст буд. Аз нур рӯи бобои Суфӣ ҷилои дилрабое дошт. Вақте модарам аз ду бари шолчаи болои ӯ ва аз болои сару поёни ӯ тапакҳоро болои ҳам чид, аз дилам рафт, ки ситораеро бо тапакҳои бадбӯи саргини гов пӯшонданд. Ин лаҳза боз куртаам ба ёдам омад ва аз пурсишҳои онҳо безор шудам. Аз ман ягон бӯи шубҳаомез ба димоғашон зад чӣ. Ҳар чанд онҳо ба назарам то рафт нохушу тарсовар мешуданд, лекин ширинии чор конфетӣ кафи дастам ба комам метаровид.

– Фикр кардӣ? – пурсид ғафс, – ба ёд овардӣ? Ҳамраҳи ман амакаша ёбад, чи қадар хурсанд мешавад. Мукофотҳои калон медиҳад, ба ту.

– Велосафедаш мехарам, – гуфт қосиди газгӯшт, – Толибҷон мешиносад амаки маро.

Ваъдаи калон дилро мулоим мекунад, вале ҷозибаи курта диламро сахт кард ва гуфтам:

– Амаки худама намешиносам, ҳайфини амаки шумо.

Ҳамин лаҳза аз сари кӯчаи хокистари болои ҳавлӣ овози модарам омад, ки гуфт:

– Толибҷон, дар хона, чакраи об нест. Биё, бачам зуд, аз чашма як кӯзача об биёру баъд давида пеши ҷӯраҳот рав.

– Ҳозир оча, – ва ба ҳарду марди қосид нигаристам.

– Рав, – гуфт қосиди газгӯшт, – хизмати очата кун. Вақте аз онҳо дур шудам овози газгӯшт ба гӯшам расид.

– Кундзеҳн барин ин Толибат. Балора намедонад.

– Оҳо, – гуфт қосиди ғафс, – шинохтӣ кундзеҳната. Ҷавобаша дидӣ: «амаки худама намешиносам». Ҳамин ҷавоби бачаҳай. Ҷавоби одами калонай. Амакаша хуб мешиноса. Гурехт амакаш. Ба Афғонистон рафт. Амакаш эшони Яъкуб муллои босавод буд. Ин бача монанди модараш зираку доно ҳаст. Шояд бобои Суфиро надонад, аммо кундзеҳни ту гуфтагӣ нест.

Модарам кӯзачаро аз хона баровард ва ба дасти ман доду таҳкид кард:

– Куртаи танат надонад.

Ва ӯ хоҳиш кард, ки бо роҳи поёни ҷувози Камол лаби чашма равам. То қосидон, бинанд, ки ӯ дурӯғ нагуфтааст ва дар хона як қатра

об нест. Ва боз бо ҳамон роҳат биё. Нияти модарамро фаҳмидам. Бо роҳи ӯ гуфта рафтаму боз омадам. Модарам кӯзаро аз сари китфам кирифт. Ба хона даровarду гуфт:

– Тӯпата гиру рав. Ягон соат бо ҷӯраҳот бозӣ кун. Қосидҳо то фарёд накунанд пешашон нарав.

Замоне аз паси тӯп давида то ҳавории таги тут омадам, ки қосидон банди нухтаҳои аспҳояшонро аз якамехи ҳавлии бобои Камол ва навдаи тут кушоданд. Лаҷомҳоро ба даҳони аспҳо даровarда, роҳи деҳаи Канабро дар пеш гирифтанд. Шояд дар он ҷо ба тарзи дигар бобои Суфиро кофту коб кунанд.

* * *

Аспҳои ҳарду чусту чолок буд, ва зуд болои теппаи пушти Ҳалқаёр баромада аз чашм нопайдо шуданд. Ва пагоҳаш хабари мурдаи қосиди ғафс ба қишлоқ омад.

Бегоҳӣ дар роҳ ба фарози Лулобдара аспи ӯ аз сиёҳие турида чунон бо шаст чап паридааст, ки қосиди ғафс рост аз болои зин парида бо тамоми вазн ба сар зада, гарданаш шикастааст.

Бо шунидани ин хабар бобои Суфӣ аз таги тали тапакҳо баромад.

– Шукри, парвардигор, – гуфт ӯ, – маро фаромӯш накардааст.

Се ҳафта баъд овозаи марги қосиди ғафс аз маҳалли Паранак расид. Вале сабаби мавти ӯро дуруст надонистем. Баъзеҳо гуфтанд, ки ҳангоми иҷрои супориш дар роҳ ба сӯи Нишериюн, ки аз ағбаи Алоқосим мегузарад, бо аспаш таги тарма мондааст. Аз ин бобои Суфӣ огоҳӣ ёфт ва баъди ҳафтоду се шабонарӯзи тӯлонӣ аз дари ганҷурхонаи тангу торик баромад.

– Ҳазорону ҳазорон бор, – гуфт ӯ, – шукургузорам ба даргоҳат. Хайрият, файзатро аз ман нагирифтаӣ. Ва аз назарат ҳам дур наандохтай.

* * *

Бобои Суфӣ бетаре буд.

Модарам аз ин ҳоли рӯҳии ӯ хушнуд шуд.

– Худо бетарсита комил гардонад, – гуфт модарам.

Бобои Суфӣ таббасуми ширине бар лаб овард ва гуфт:

– Апа, дар ин рӯи замин бетарсии комил нест. Чуноне, ки ақлу фаросати комил нест. Танҳо ба дилам нуре даромад, ҷуръат дод, таъбам хуш шуд. Ҳозир, дар ин хонаи кушоду равшан нишастаам ва гумонам меояд, ки дар он ганҷурхонаи танг, байни тапаку хасу хошок соате беш набудам.

Аз шодии бобом хушҳол шудаам. Чеҳраи аз шодӣ шукуфони ман аз модарам пинҳон намонд.

– Имрӯз чи карданиӣ, бачаҷон.

– Ба ҳезум меравам.

– Майлаш, ман ҳам, кайҳо Бибиҷонатро надидаам. Рафта як хабар мегирам. Агар пеш аз ман биёи калида аз таги тапаки долон меёбӣ. Дар ин хонаи калон removedобоҷонат дам гирад. Андак дилаш кушода шавад. Аз куртаи танат эҳтиёт шав бачам.

Чи эҳтиёт дорад ин куртаи тана. Вале дар олам чизи безиён нест. Замоне гапат мегурезад. Аз аблаҳиҳои Довуд ғазаб дар ҷигарат меҷӯшад. Дигар худатро дошта наметавонӣ. Даст ба гиребон мешавӣ. Курта ба душман хизмат мекунад. Довуд чанг зада аз гиребони курта мегираду нафаси ту дар гулӯ дар мемонад. Ва ӯ худро аз зарби мушту лағат наҷот медиҳад.

Куртаи Довуд гиребон надорад. Гиребонаш дар сари китф бастагӣ. Чанг мезанӣ, ба чангат намеояд.

Довудро овоз додам. Ӯ ҳам банду теша гирифт. Ҷангали Оличадара рафтем. Мазаи конфети қосидҳое, ки паи ҳам ба қишлоқ меомаданд, ба решаи дандонҳои Довуд нишастааст. Ӯ бо афсӯс мегуфт, ки ин бисту панҷ рӯз рафту аз онҳо дарак нест.

– Чи ту, – гуфтам ба ӯ, – бехабарӣ. Ҳамон ду қосиди охир омада аз ин дунё рафтанд.

– Хайр боз дигарҳош ҳаст, – гуфт Довуд. Ҳамаи қосидон ба бачаҳо конфет медиҳанд.

Ва Довуд ба мулоҳиза рафту гуфт:

– Аз афташ, removedобои Суфира ёфтанд. Дигар ин тарафҳо намеоянд.

Ба ин тахмини ӯ ҷавоб надодам. Чаро дурӯғ гӯям. Ҳама ростӣ дар хомӯшист.

Шаб дар бағали бобои Суфӣ хоб рафтаму пагоҳӣ ӯро надидам. Дари ганҷурхонаро кушодам. Он ҷо ҳам набуд. Ҳавлӣ баромадам. Гармии замин рӯ зада ва ҷо-ҷои ҳавлӣ аз сабзаи навруста кабудӣ дошт. Модарам хурмаи шир дар даст аз таги шиками модгов зонуҳояшро рост карда хесту банди гардани гусоларо аз мех сар дод.

– Бобом ку, – пурсидам аз ӯ. Модарам ҷои ҷавоб ду ангушт ба лаб бурд: хомӯш. Ва сӯи хона ишора кард. Аз паси ӯ ба хона даромадам.

– Бобот рафт бачам. Аз омадану будану рафтани бобот ба куртаи танат сир бой надеҳ.

Ба куҷо рафт бобои Суфӣ. Агар Қарағоч ба хонаи худаш ва хоҳари Ҷонорош мерафт, модарам маро ба куртаи танам наметарсонд. Ду моҳ бештаре, ки ӯ дар ганҷурхонаи мо, байни хасу хошоку таги тапакҳо буд, гӯё ман пару бол доштам. На аз кор монда мешу-

даму на аз хондан. Сарам чунон тоза буд, ки ба як хондан, ё шунидан достонҳои калон, матнҳои ду-се саҳифагии китобҳои дарсӣ ба зеҳнам менишаст ва ҳар гоҳ мехостам як вергул начаконда аз ёд мегуфтам. Вақте муаллими Зароб аз фанни «Конститутсия» мавзӯи дарси навро то охир маънидод кард аз ман пурсид:

– Толиб, ку бигӯ, мавзӯи дарси нав чӣ буд?

Ҳарчи ки муаллим гуфтаву мо шунидем як калима каму зиёд накарда гуфтам. Муаллими Зароб ҳайрон шуд. Ӯ чи мукофот доданашро фикр кард. Баъд журнали синфро кушоду гуфт:

– Ба ҷоят Толиб ду то панҷ.

Гоҳ-ногоҳ дар набудани модарам, аз дари ганҷурхона медаромадам. Ба паҳлӯи бобои Суфӣ, рӯи хасу хошок дастурхони аз пашм бофтаи модарам меистод. Косаи оби тозаи нав аз чашма овардаамро лаби дастурхон мемондам. Ба назарам чунин менамуд, ки аз чеҳраи бобои Суфӣ ба дару деворҳо ва тори шифт нур меборад ва тамоми ганҷурхонаро равшан медорад.

Ӯ оби чашмаро ба як дам наменӯшид. Андак-андак лаззат бурда мехӯрд. Ва дар чеҳраи ӯ заррае ғубор аз парешонӣ ва дилгирӣ аз ганҷурхонаи танг набуд. Ӯ ба ман танҳо як сухан дошт.

– Бихон бачаҷон. Дониш бигир. Бо дониш ҳама дунё, ҳама асрори паси пардагии замину осмона мефаҳмӣ. Ҳарҷо равӣ, дониш беҳтарин ҳамроҳи хирадманди ту мешавад. Имрӯз, ку имрӯз, фардоятро мефаҳмӣ, медони ба сари ту чӣ меояд. Бихон, бачаҷон бихон.

Ва ин лаҳза сухани бомдоди ӯ ёдам омад, ки ба модарам гуфт:

– Апа, барф хест. Роҳҳо ҳӯй шуданд. Худо омӯрзгор, апа. Ҷелаку саларо мемонам. Таги ҷома ба мулки Мазори Сурх меравам. Он ҷо ҳама чорводор. Ягон рама мегирам. Беҳтарин савоб чӯпонӣ, апа. Номамро ҳам дигар мекунам. Абдуллои чӯпон мешавам. Баъд, мебинем, ки аз Худои оламҳо чи меояд. Худо тинҷӣ диҳад, боз ба тан ҷелак мекунему ба сар дастор мебандем.

Чун ин садои бомдоди ӯ ба хотир расид, ба модарам гуфтам:

– Оча, бобом, мулки Мазори Сурх, даҳмардагӣ рафт?

– Ту аз куҷо медонӣ? – бо ҳайрат пурсид модарам.

– Шунидам оча.

Модарам ба тақдири додараш метарсид. Ман доим ҷои тағо ӯро бобо мегуфтам (ва ин ба модарам хуш меомад). Вале аз ин ҳарфи ман чун мӯи дар оташ афтода печутоб хӯрд, ранг бурду ранг овард.

– Аз ки шунидӣ? Росташа бигӯй, бачам.

– Ҳеҷ кас?

– Чи хел ҳеҷ кас?

– Аз лабҳои худашон шунидам.

– Гуфт ба ту?

– Не. Шунидам.

– Бедор будӣ?

– Ҳо оча. Вақте болои ҷойнамоз, ба шумо ин суханҳоро гуфт, таги кӯрпа бедор шудам.

Модарам аз ҳаяҷон ба ҳолати осудагӣ баргашта ва гуфт:

– Инам ба куртаи танат нагӯй. Ту дидай, ки сухане ин ҷо мегӯӣ дар берун аз даҳони мардум мешунавӣ. Дару девор, шифту боми хона аз ҷое ба ҷое намеравад. Курта бошад, дар танаи ту. Чи хел ҳаракате кунӣ ва ба ҳар ҷое равӣ ҳамроҳат. Бе он як қадам намемонӣ:

Аз куртаи танат эҳтиёт шав. Ин гап ба даҳони мардум наравад. Худат бехабар, мебинӣ, ки ҳамаҷо овозаву дарвоза шудай.

– Оча, – бухси дил кафондам, – бобома бисёр ёд мекунам,

– Дил надеҳ бачам. Кӯдакҳо дил медиҳанд. Ту мардаки калон. Кори кӯдак накун.

– Ин ба гуфтан осон, оча. Як ҳафта боз назарам меояд, ки кадом як чӣ гум кардаам. Худамро гум кардам оча.

– Ҳушата ба сар гир бачам. Кӯдак нестӣ. Худата гум накун, ба даст гир, бобот, ки ҷову макон гирифт, меравем пешаш. Ҳамроҳ меравем.

– Кай меравем, оча?

– Гуфтам, ку. Ҷову макон бигира меравем. Замонаҳо тинҷи шава, худаш меоя. Аз яхдон дастору ҷелакша мегира. Байни дӯсту душман сарбаланд мегардад.

Ба шавқи дидори бобои Суфӣ таги кӯрпа даромадам. Ба назарам шабам ҳамроҳи ӯ ба рӯз омад. Бобои Суфӣ дар кадом як мулки бегона, талу теппаҳо, даштҳову заминҳои хамзадаи бегона савори аспи сафед, сӯи кӯҳи Зағара дар тоз мерафт. Аз паси ӯ рамаи сершумори гӯсфандон, маосу варасзанон медавид. Асп сафед, риши бобои Суфӣ сафед ва ҳама гӯсфандон сафед буданд. Ва ман дар ҷилави ӯ мерафтам. Ӯ ба ман сухан мегуфт:

– Ҳамаи инҳо, ки бо мо монанд, дониш аст. Бо ин аспи сафеду гӯсфандҳои ром, ҳеҷ гоҳ хиҷлил нестам. Дилгир ҳам намешавам. Танҳо апаму ту, боз холаи Ҷонорота ёд мекунам.

Хобамро ба модарам ҳикоят кардам.

– Ин паёми дидорай, бачам, – гуфт ӯ, – Худо хоҳад пеши бобот меравем. Бобота мебинӣ. Ба ту айрону панири шири гӯсфанд медиҳад.

Фардои он рӯз холаи Ҷоноро омад. Хабари хуш овард ӯ.

– Апа, – гуфт ӯ ба модарам, ки аз шодии дидори ӯ аз се дари хона дарову баро дошт то дастурхонро аз мағзу чағз, талқони себу тутмавиз пур кунад. Лаҳзае, ки садои холаи Ҷонoро шунид, деги ӯ болои алов буду тухм мешикаст ва рӯ ҷониби меҳмон гардонд, – ҳайдама бидеҳ. Дараки акама ёфтам.

Модарам аз ҳайдаи ӯ тарсид.

– Чи хел ёфтӣ? – пурсид ӯ бо ҳарос.

– Як одам. Аз хешҳои бобои Сафаралӣ, акаи Абдуғаффор. Мешиносӣ, апа:

– Ҳамон шогирди додарам.

– Ҳова, худи худаш.

Модарам осуда шуд.

– Абдуғаффор, бошад, – гуфт ӯ, – майлаш. Одами дилпур. Ба назарам сараш меравaду сираш не.

– Рост, апа. Акам ба ӯ ҳақи устодӣ дорад.

Модарам хандид ва гуфт:

– Ҳама ба ҳамдигар ҳақе дорад. Ман ҳақи апагӣ, падармон ҳақи падарӣ модарамон ҳақи модарӣ, ҳамчунин фарзандону ҳамсояҳову ҳаммиллатҳо. Вале ҳақшинос кам аст. Агар ҳама инсонҳо ҳақшинос мебуданд, додарам чи гуноҳ дошт, аз хона ба хона, овораи кӯҳк пушта шавад. Қосидҳо меояндy меравaнд, меравaнду меоянд. Бобои Суфӣ мекобанд. Ба чи гуноҳ ӯро таъкиб мекунан: дуздӣ, одамкушӣ, зино, хиёнат. Ту медонӣ ба чи айбе ӯ овораи кӯҳу пушта, дараву варта?

Ба нишони саводаш. Душман донишу китобҳои ӯ. Торикиҳои паси кулиҳои ин хона қабри китобҳои ӯ шудааст. Ва мушҳо хонандаҳои ин китобҳои муқаддас.

Хайр, чи гуфт Абдуғаффор? Дар куҷо будаст ӯ? Чиҳол доштааст? Илоҷ дора рафта бинем?.

– Илоҷ дора, апа. Абдуғаффор, пас аз он, ки бобои Сафаралира бурданд, бе ному нишон карданд, аз дасти зану кудакош гирифту Дараи Сов кӯчид. Ҳозир ҳам мардуми Қарағоч ба куҷо рафтани Абдуғаффора намедона.

– Қозӣ Абдуғаффор, – пурсид модарам, – дар Қарағоч?

– Куҷо? Шаб омад савори аспи сафеду шаб рафт.

Баъди ин паём модарам то дергоҳи шаб нахуфт. Кулчаву қалама пухт. Пагоҳи барвақт маро бедор кард:

– Руҳота бишӯ, – гуфт ӯ, – Дараи Сов, хонаи Абдуғаффор меравем. Бобота мебинӣ.

Шод шудам. Модарам калиди хонаро ба холаам дод ва гуфт, ки аз молу гов бохабар бошад. Ва мо ба роҳ баромадем.

Рӯзи сеюм ба манзил расидем. Айвони хонаи Абдуғаффор рӯ ба офтобшин буд. Дар роҳ аз ҳамиву баргаҳо теппаҳо, дараву деҳаҳои бисёр гузаштем. Манзараҳои дилфиреб бисёр дидем. Вале аз ҳама дидаҳоям Дараи Сов фарқ дошт.

Рӯ ба рӯи айвони Абдуғаффор ёлаи қатор теппаҳо аз соҳили дарёи Оқсус ибтидо гирифта ва ба масофаи сад километр яке ба дигаре такя задаву сӯи осмон баландтар сар бардошта мегузашт ва ба қаторкӯҳое, ки мисли девори азими Ҳисор қад-қади соҳилҳои дарёҳои Вахшу Хингоб аз Норак меомад мепайваст.

Ёлаҳо яке аз паи дигар аз китфи ҳам сар бардошта ба ағбаҳои бузург пайваста дар домонаи кӯҳҳои баланд нопайдо шуда, ёлагии худро гум мекард. Аз гулу ва камари ағбаҳо чашмаҳо ба чапу рост ҷорӣ мешуд. Сар то по марғзор буд ёлаи теппаҳои рӯ ба рӯи айвони Абдуғаффор.

Ҳаловате, ки аз тамошои манзараҳои дилошӯби Дараи Сов ба дил менишаст, дарди зонуҳоям суст мешуд ва то замони ба он шурпахта бастани завҷаи Абдуғаффор, қариб аз ёд рафта буд.

– Бисёр роҳ гаштӣ, – тасалӣ дода гуфт зани Абдуғаффор, – Роҳ вазнинӣ кардай ба ту. Поҳот об фаровардай. То пагоҳ дуруст мешавӣ. Шурпахта заҳри поҳота мегира.

То пагоҳ, ба назарам аз рӯзи қиёмат ҳам дароз намуд. Чунки мехостам аз хонаи дар баландӣ будаи Абдуғаффор таг-таги дарахтони калони чормағз, ки майдони таги навдаву шохаҳои онҳо аз ҳаргуна хирманҷой калонтар буд, ба қаъри дара фароям. Ва аз байни боғҳои сафедору арар, боз нахлҳои азимҷусаи чормағзу туту себ ва чинорҳои навдаҳо сӯи осмон бардошта бо пайроҳаҳои печ дар печи фарози ёла, ки аз поёни ҳар печи он чашма буд, печида боло бароям. То бинам, ки пушти ин ёла чи бошад: дашти фарох ё кӯҳ.

– Янга, аз паси ин ёла, – пурсидам аз завҷаи Абдуғаффор, ки косаи ҷурғотро лаби дастурхон монду сӯи модарам, ки болои кӯрпача ба ғанаб рафта буд, нигоҳ дошт, – чӣ бошад?

– Чи мешуд, бачаҷон. Ёла ба дара мефарояду ва боз аз он тарафи дара қатортеппаҳо, ҳамиву даштҳо, ҷӯйю чашмасор.

– Дарахт чӣ?

– Бисёр ҳаст дарахт. Ҷангалҳои зарангу бодом, шулашу ҳирғаю маҳлаб дар ҳар кадом. Бобот дар он ҷойҳо гӯсфанди хоҷагиро мечаронад. Пешин ба аср аз ин ҷо ӯро мебинӣ. Гӯсфандора ҳам мебинӣ. Саги чӯпониша мебинӣ. Бошишгоҳи гӯсфандҳош дар болои қишлоқ, таги ҳо, ана хона он кӯҳе ки саргаҳи Дараи Сов аст.

* * *

Пешинӣ, вақте, ки офтоб аз фарози осмон ба роҳи ғуруб фаромад, дар ёла рангинкамонҳо пайдо шуду маро ба ҳайрат гузошт. Дар чиллаи тобистон рангинкамон. Бори аввал медидам ин аҷоиботро.

Пагоҳ, замоне болои ёла баромадам, фаҳмидам, ки аҷиботе дидам, ҳеҷ аҷоиботе надоштааст. Ёла марғзорҳои фарох ва сар то по сабзаву себарга, ва чашмасорон. Ҳар чашма ҳудуди худро дошт ва обҳои онҳо ба ҳам дигар намерехт. Масоҳати онҳо мисли гулҳои домани куртаҳои гулдӯзии дӯшизагон буд. Обҳои чашмаҳо ба оббуридаҳои поёни дара мефароянд ва дар қаъри онҳо бо ҳам меомезанд.

Осори чашмаҳо танҳо болои ёла ҳайратангез аст. Обҳои онҳо бо сабзаву себаргаҳо бозӣ мекунанд. Гоҳ об болои сабзаву себаргаҳо ва гоҳе сабзаву себарга болои обанд. Ва нурҳои офтоби ба ғуруб рафта ҳам болои ин марғзор ба бозӣ медарояд. Ва нур ҳашамату зебоии худро ба мардуми Дараи Сов намоиш медиҳад.

Аз миёни рангинкамон ва марғзори бепоён марде бо яктаҳи сурхранги матои алоча дар тан ва салаи калони сурхранг пайдо шуд. Аз паси ӯ рамаи калони гӯсфандон мерафт. Замоне ӯ аз роҳи хами ёла, ки марғзори кап-кабуд буд, ба дашти домани кӯҳи Валвалак мечаспид, пайдо шуд, ҳама занону мардони хурду калон ва духтарону писарон болои бомҳову рӯи айвонҳо ба тамошо баромаданд.

Абдуллои чӯпон пешопешу ҳамаи гӯсфандон аз паси ӯ мерафтанд. Ҳине ӯ сари чӯбдасти худ ба замин монда рӯ ба рама меистод. Ҳама гӯсфандон дар ҷои худ қарор гирифта, танҳо аз чапу рост чаро мекарданд. Чун ӯ сари асо аз замин мегирифту дам аз роҳ мекашид, гӯсфандон аз паси ӯ ба ҷунбиш меомаданд.

– Мардуми Дараи Сов, – гуфт ба шодӣ зани Абдуғаффор, – рамаву даҳмардаҳои зиёде медонанд. Онҳо аз паси рама мерафтанд бо дуову шавқун. Вале онҳо чӯпонеро ба ин дастур надидаанд. Боре ҳам ёд надоранд, ки ӯ аз паси рама равад, ё чӯбдаст бардораду фарёд занад. Доду фарёди ӯро на гӯсфандон медонанду на мардуми ин ҷо.

Ва аз боде ки аз сӯи ёла меомад, бӯи бобоамро ба димоғи модарам мерасонд.

– Чихел бӯи хуш, – гуфт ӯ ба завҷаи Абдуғаффор, – аз ёла, аз сӯи гӯсфандон омад.

– Ин бӯй, аз афташ ба димоғи завҷаи Абдуғаффор, холаи Гулшанбӣ намерасид, ки аз модарам пурсид.

– Чи хел бӯй, апа.

– Бӯи одам – гуфт модарам.

Ва холаи Гулшанбӣ хандид:

– Додар ширин аст, апаҷон. Аз якрӯза роҳ бӯяша медонӣ.

– Ин ҷо меоя? – ба чӯпон ишора карда пурсид модарам.

– Не, ягон бор наомад. Шабу нимашаб шавҳарам пеши ӯ меравад. Гоҳо хуфтан мераваду торик-торики рӯз меоя. Ӯ бо ин рамаи калон тани танҳо аст.

Дар ин дараву кӯҳу пушта чи бисёр гург. Аммо гургҳо аз ӯ ҳазар мекунанд. Ба рамаи ӯ наздик ҳам намеоянд аз паси модарам сӯи он кӯҳе, ки саргаҳи дараи Сов аст равон шудем. Ба марғзори домани кӯҳ расидем. Ба бошишгоҳ нарасида болои баландии теппаи сари роҳ ҳайкали бобоямро дидем. Ӯ ба истиқболи мо поён мефаромад. Қадаммонии модарам тез шуд. Чун бо ҳам расидем модарам бо меҳри пуршӯр аз сари ҳарду китфи бобом бӯсид. Ва бобом сари модарамро ба канор гирифту бӯид.

Дар бошишгоҳи бобом, назди гулхан то ба субҳидам нишастем. Дар андешаҳои апаву додар хоб ғайб зада буд. Аз чи рӯ бошад, ки хоб ба ёди ман ҳам намеомад. Аз сӯҳбати бобом бо модарам, бӯе аз ошуфтагӣ намеомад. Ӯ чунон хушнуду осудае буд, ки гумон мерафт дар тутбоғи худаш, дар деҳаи Қарағоч болои сурфа нишастааст.

Ва ганҷурхона ба ёдам омад. Замоне модарам тапакҳои рӯи ӯро дигар тараф мечид, чеҳраи ӯ мисли ҳозира орому шукуфон буд. Ӯ дегчаи шири гӯсфандро болои лахчаи аз оташ мавҷдор ҷӯшонд то панир шуд ва назди ман монду гуфт:

– Бихӯр, бачаҷон. Ин панири дар сафар ваъда додаи очаат.

Аз ин сухан модарам лабханд кард ва гуфт:

– Дидӣ, Толиб, аз се рӯза роҳ, он чи ба ту гуфтам бобот ин ҷо шунид. Акнун зуд панират бихӯр. Мехезем, бачам. Аз занҳои ҳамсояи амаки Абдуғаффорат, боз ягон кас маро напурсад, бачам. Биё холаи Гулшанбита дурӯғгӯ накунем, бачам.

Ҳине ба роҳи омада пас мегаштем, модарам лаби рӯймоли дока ашки ба чашмонаш омадаро пок, кард. Ин аз назари бобом пинҳон намонд.

– Апа, дилта зиқ нагир. Андак сабр, замонаҳои тинҷ меояд. Ҳама ин парешониҳо фаромӯш мешавад.

Модарам аз роҳгардӣ боз истод. Пас гашт ва ду каф ба ду китфи бобом бурду ба чашмонаш молид ва ҳарфе бар лаб наовард. Бобом даст ба сари ман ниҳоду баракат дод.

* * *

Бегоҳи дигар аз сари баландии паси хонаи Абдуғаффор ҳамроҳи модарам манзараи аз чаро ба бошишгоҳ шаб баргаштани рамаи бо-

боямро тамошо карда ба хонаи Абдуғаффор баргаштем. Дар тавилаи якамехи байни ҳавлӣ аспи самандеро дидем бо зину афзол. Модарам ба хонаи зану кӯдакҳои Абдуғаффор гузашт ва ман ба ҳуҷраи мардакҳо рафтам.

– Мардак шудаи ту, – гуфт Абдуғаффор, – ҳамроҳи мо бинишин.

Болои ду қабат кӯрпача ва аз ҳама боло ҷавонмарде менишаст, ки дар сар шабкаи сиёҳ, дар тан шиму пинжаки сиёҳ дошту ба назарам, хеле бадҳайбат намуд. Чор марди дигарро имрӯз дида будам. Яке аз онҳо бачаи амаки Абдуғаффор буд. Абдуғаффор, маҳз ба хотири ӯ, ки саркори хоҷагии Дараи Сов буд, аз Қарағоч кӯчбаста ба ин ҷои дур омад.

Се нафари дигарро ҳамин рӯз дидам. Онҳо ҳамсояҳои қадрдони Абдуғаффор буданд. Аз сӯҳбати онҳо равшан айён буд, ки дӯстони хеле наздиканд.

– Ин ҷо, – гуфт саркор, ки акаи Санг ном дошт, – байни мо одами бегона нест…ҳа, чи гуфтани будам. Қири муллоҳои ин қишлоқи мо баромад. Ягон каси китобхон намонд. Ҳамаш бе ному нишон шуд.

– Ман бисёр мегардам, – гуфт марди сиёҳпӯш. Дар ноҳия қишлоқе нест, ки як-ду шаб хоб нарафта бошам. Кори агенти молия ба гаштан буд мешавад. Муллоҳора, фақат дар қишлоқи шумо не, аз ҳамаи қишлоқҳои ноҳия беному нишон карданд.

– Гуноҳшон чи бошад, акаи Музаффар, – пурсид аз агенти молия марде, ки дар сари дастурхон бо навбат ба ҳозирон пиёлаи чой медод.

– Душмани халқ, – кӯтоҳ ҷавоб дод, – агенти молия.

– Чи душманӣ карданд ин муллоҳо? – Ба пурсиш давом дод марди чойкаш.

– Ина намегӯян.

– Акаи Музаффар, ноҳияро беҳтар аз шумо ҳеҷ касе намедона. Худат чи фикр мекунӣ?

– Ин ҷанги ақидаҳо. Чи гӯям ба шумо, ҷанги донишҳост. Дониши ин муллоҳо аз замин канда ба осмон меравад, ба олами рӯҳ мепайвандад.

Ва сӯҳбатҳои бобом бо модарам, пеши чашм омад. Ӯ сабаби таъқиб шуданашро дар ҳамин номувофиқии донишҳо медид. Илми наве ки рӯи замин паҳн мешуд, аслан ба мусовоти шикам асос дошт. Муборизаи шикам ва рӯҳ. Лашкари шикам пурзӯр меомад. Нафсҳои дарёдаркаш хизматгорони онанд.

Нафс заминӣ аст. Он ба имон, покиву некӣ, ростиву адолат, мухолиф ва ҳамеша дар заду хурд аст. Имон сабрро ба вуҷуд меоварад. Вале сабр амали комил намеёфт. Сабр аз дасисаҳои замини

нафс: макру ҳила, моҷаро, кинаву адоват мешикаст. Нафс ба ақл ғолиб меомад. Ана баъд даҳшат ва варта, варта ва даҳшат тавлид меёфт. Фарқ байни ҳарому ҳалол меравад.

Нобиғаҳои шарқ инро пай бурданд. Мавлоно Иқбол илми навро зуд шинохт ва нисбати Карл Маркс гуфт:

*Илми ин пайғамбари ҳақношинос,*
*Бар мусовоти шикам дорад асос.*

Он замон ҳама суханони бобои Суфӣ ба зеҳнам менишаст, вале ба маънои аслии онҳо чандон сарфарм намерафтам. Ҳарфҳои пухтаи ин марди сиёҳпӯш сӯҳбатҳои рӯҳонии бобоамро дар зеҳнам тагурӯ карданд.

– Мардуми Дараи Сов, – гуфт ҳамсояи Абдуғаффор ин хел чӯпонро, акнун мебинанд. Рӯзҳои аввали ба ин ҷо омадан, най менавохт. Бо нағмаи найи ӯ паси бомҳо таги дарахтон, ҳама морҳои хурду калони дара баромаданд. Рақс карданд морҳо. Мардум бори аввал орғушти морро диданд. Баъд ӯ рӯи роҳи чиганагарди ёла бо нӯги чӯбдасташ хати тӯлонӣ кашид. Аксари морҳо аз хати якум пас гаштанду Дараи Сова тарк карданд. Он морҳое хати якумро гузаштанд, дар хати дуюм сар монданд. Дам оварда мурданд. Пустҳои ҳамашон кафидагӣ буд.

– Байни мардуми қишлоқ, – гуфт саркор, – ҳар рӯз гапи ғул буд. Бисёриҳо диданд ғула. Аз нақли дидаҳо нодидаҳо зиёдтар метарсиданд. Аз омадани ин чӯпон ғулҳо ҳам ғайб заданд ва гапи онҳо ҳам аз байн рафт. Мардум аз тарсу бими ғул наҷот ёфт.

Сӯҳбати онҳо аз боби чӯпонии бобоям, ки ба дузди ҳамроҳи модарам дидор дидем, метасфид. Ба сӯҳбати онҳо танҳо Абдуғаффор ҳамроҳ намешуд. Ӯ чой меовард ва чормағз мешикасту пеши меҳмонҳо мемонд ва зуд-зуд берун мебаромад. Ҳаргоҳ ӯ дарро мекушод, аз берун бӯи гӯштбирён меомад. Бегоҳӣ Абдуғаффор ба шарофати меҳмонҳои аз роҳдурӣ гӯсфанд кушт ва гӯшти он дар дег сурх мешуд. Ва сари дегдон модарам меистод. Ӯ кафгир мезаду ба обу руғани дег аз халта пудинаву ҷамбилаки хушк ва зира мепошид.

Вақте Абдуғаффор ду лагани калони пур аз гӯштбирён пеши меҳмонҳо монд, бӯи хуш тамоми хонаро фаро гирифт. Саркор аз сари дастурхон нимтоб хӯрд ва аз таги гилем се шишаи арақ баровард. Ҳозирон пеш аз таом як пиёлаи арақ нӯшиданду бо шавқ лаган холӣ карданд. Бо ҳар пиёла холи кардан шавқи хӯрдани онҳо дучанду сечанд зиёд шуд. Саркор боз ду шиша арақро аз таги кӯрпача гирифт.

Арақ аз гӯштбирён кам наомад. Онҳо хеле сархуш шуданд. Танҳо Абдуғаффор дар ҳолати аввала буд. Ӯ арақнӯширо рад кард ва гуфт, ки вазифаи худованди хона хизмат.

– Бо омадани ин чӯпон, қишлоқ аз мору ғул покиза шуд, – гуфт саркор, – Бими мору ғул аз дили мардум канд.

– Бо ҳамин хислатҳое, ки шумо, – гуфт агенти молия, – сифат карден дар деҳаи Қарағоч як мулло буд. Бобои Суфӣ ном дошт. Ин чӯпон чи ном дора.

– Абдулло чӯпон, – гуфт саркор.

– Мегум ин боз ҳамон бобои Суфӣ набошад.

– Не ин рама аз хоҷагии дигар ноҳия. Аз ноҳияи Мазори Сурх. Мазори Сурх куҷову Қарағоч куҷо. Баъд бесавод ҳаст ин Абдулло. Чанд хату китоб пешаш бурданд хонда натавонист.

– Ин хел бошад, – гуфт агенти молия, – арақ бирез.

* * *

Ва шишаи панҷум ҳам холӣ шуд. Арақ онҳоро пургап кард. Ва ин лаҳза суханони аз таги тапак баромада ба модарам гуфтаи бобоам ба хотир зад.

Рӯзгоре, гуфт ӯ, ба сари мардум меояд пур аз ҳавасҳову мастигарӣ. Хӯрдану нӯшидан ба дараҷаи ифрот мерасад. Умеду тамаъ ривоҷ мегирад. Фарзандони фардо ҳаёти ботиле аз падарон мерос мегиранд. Қувваи калом суст мешавад. Рӯзгори аксарияти мардум мисли алафе мегардад, ки гул мекунад. Ва гул пажмурда мешаваду алаф мехушкаду аз андак вазидани бод бенишон мешавад.

Гул бастану хушкидани алафро дида будам, вале чихел пажмурда шудани онро намедонистам. Агар шарми бачагӣ нӯги забонамро намебастам, инро аз ин мардони сархуш, ки арақ онҳоро хеле сода карда буду ба ман чун марди калон муроҷиат мекарданд, мепурсидам.

Сӯҳбати онҳо, ки асосан таърифи якдигар аз аспбозиву асптозӣ то шикори хирс буд, то ду паси шаб давом кард. Баъд пароканда шуданд. Агенти молия аспашро ба Абдуғаффор супурду ҳамроҳи саркор рафт.

Ва пагоҳӣ ба овози най аз ҷои хоб хестам. Наво аз саргаҳи дара аз таги кӯҳ меомад. Болои бом баромадам. Дар равшании шафақи рӯз бобоамро дидам, ки поёнтар аз рама рост истода най менавохт. Чун пушт гардонду сӯи ёла қадам бардошт барраву мешҳо садои варас бароварданд. Ҳама гӯсфандон аз хоб хеста аз паи чӯпон равон шуданд. Чун рама ба рости қишлоқ расид, мардум барои тамошои он баромаданд. Ва модарам чун мори афсун шуда аз чӯпону рама чашм намебардошт.

Ин лаҳза агенти молия, лаҷом дар даст, турбаи чавкоҳро аз сари саманд гирифт ва ба тамошои чӯпону рама рост истод. Замоне рама ба хами ёла фаромаду аз чашм ниҳон шуд, агент рӯ ба холаи Гулшанбӣ карду ва пурсид:

– Янга Абдуғаффор ку?

– Дар оғил.

Ва ӯ ҳозир, гуён сӯи оғил рафт.

Абдуғаффор гарди коҳ аз домон афшонду аз лаби сурфа зинро бардошт. Вақте онҳо хайру хуш карданд агент гуфт:

– Сифатҳои ин чӯпон ба бобои Суфии қарағочӣ мечаспад.

– Гумон надорам, – гуфт Абдуғаффор ва овозаш ларзид. Агент сар ҷунбонду рафт.

Фардои он рӯз аз болои дара овози чӯпон омад. Овоз шамолхӯрда ва дағал буд. Ӯ пеш аз баромадани офтоб рамаро ба чаро мебаровард. Чӯпон баробари қомати худ чӯбдасте дошт ва аз паси рама мерафт бо шавқуну фарёд.

– Ай! Сабил монӣ! Ҳаром мурӣ! Дандонҳои гург пӯстатро шикоф кунад. Ҳо, аз сари соҳибат сабил монӣ, – мегуфт чӯпон.

Чун рама бо роҳи банди ёла рости деҳа омад мардум чӯпонеро аз пушти гӯсфандон ва бо овози баланд дида ҳайрон шуданд. Манзара назокату нафосати дирӯзро дошт. Мардум аз чӯпон рӯ гардонданду аз паи корҳои худ шуданд. Тамошое, ки лаззат надорад, чи лозим вақти азизро беҳуда сарф кунӣ.

Баробари тобон шудани рӯи замин аз нурҳои офтоб ҳақиқати ҳол ба Абдуғаффор равшан шуд. Ӯ аз айвон бо чашмони намолуд моро ба хона даровард. Хонаи агенти молия Музаффар бисӯзад. Хабар бурдаст ба ноҳия. Ду нафар намояндаи НКВЯД нисфи шаб хонаи саркор, писараммаи Абдуғаффор Санг омаданд. Ҳарду мақсади худро рӯпуш карданд. Гуфтанд, ки аз боло омаданду бисёр монда шуданд. Андаке дам мегиранд ва пагоҳӣ мераванд.

– Марди чӯпонсурат, – гуфт акаи Абдуғаффор, – ҳамроҳи онҳо буд. Онҳо субҳдам устодро гирифтанд, рамаро ба чӯпонсурат супурданд.

Мисли мотамзада шуд. Оҳу воҳ кард. Абдуғаффор, ки худро аз фарёду нола ба зӯр нигоҳ медошт ашки чашмонаш ду қатор рехт. Модарам ин ҳолро дида худашро даст гирифт.

– Ба одами зинда намегирянд, – гуфт модарам. Ба назарам бо ин сухан худашро аз гиря нигоҳ дошт. Вале зонуҳояш хам оварданд. Бе мадор лаби кӯрпача нишаст.

– Ба ҳаминаш ҳам, – гуфт ӯ, – шукр. Ва ба Абдуғаффор рӯ овард: Додар моро ҷавоб медиҳӣ.

Ҳарчанд Абдуғаффору завҷааш дили ҷавоб додани мо надоштанд, модарам буғҷаашро тайёр кард. Соҳибхонаҳо ночор ҷавоб доданду мо ба роҳ баромадем. Дар маркази ноҳия модарам пеши хеши дураш даромад. Ӯ хост, бобои Суфиро пайдо кунад ва аз ҳолу авҳолаш огоҳӣ ёбад. Вале хешованд, ки коргари кадом як муассисаи маркази ноҳия буд, розӣ нашуд.

– Фикри худату бачата бин, – гуфт ӯ, – бобои Суфӣ дар бало зад. Ҷустан ку бефоида, боз шумо гирифтори бало нагардед. Беҳтараш, хола, даҳони пӯшида сад тилло.

Модарам ба тақдир тан дод. Хайр фоида набошад чи илоҷ. Таваккали додарам ба худо.

– Мо ҳама, – гуфт хешованд, – такя ба худо дорем, хола. Имрӯз бобои Суфӣ асири махфӣ ҳаст. Бинем фардо насиб чи бошад. Мумкин фардо хонаи ӯро дар Қарағоч, хонаи худата, ҳама хешону наздикони бобои Суфиро кофту коб кунанд. Як китоб, як варақ коғази хати форсӣ ёбанд, худо зад. Ба Сибир намерасӣ.

Аз афташ китобҳои паси кулиҳо пеши чашми модарам омад. Ва мо ба роҳ даромадем. Шаби моҳтобиро ба рӯз овардему ба ноҷаи дари худамон расидем. Модарам китобҳоро аз паси кулиҳо баровард ва ба ду халта андохт, ки яке хурду дигаре калон буд. Халтаи хурдро ба китфи ман монду калонро тори сар гирифт. Ӯ пешу ман аз қафояш сӯи ғори болои қишлоқ баромадем. Ҷои баландии ғор, ки аз дуриҳо намоён буд, тарқише буд ва обҳои барфу боронҳо он ҷо намерехт. Модарам ҳарду халтаро болои ҳам ба он ҷо монд. Болои халтаҳои ба тарзе сафедхок рехт, ки бинанда, онҳоро аз девори ғор фарқ намекард.

Чун ба хона бозгаштем, модарам ҷои хоб густурд ва ба ман гуфт:

– Толиб, бачам таги кӯрпа даро. Хобатро гир.

Бо садои ду-се марди бегона аз ҷой хестам. Сеюми онҳо котиби ҷамоат Абдувалӣ буд.

– Чӣ, офтоб ба миёни осмон омадасту – гуфт ӯ, – ту хоб. Ту ҳамин хел тамбалӣ?

Айба намедонӣ.

Модарам назди тали кӯрпаву кӯрпачаҳо меистод. Ӯ таксариҳоро гирифт ва ду-се кӯрпаву кӯрпача афшонд ва гуфт:

– Бинен, додарҳо. Таксариҳо дар пешатон. Курпаву кӯрпачаҳоро метакам. Бинен додарҳо. Ҷои нодида намона.

Ва ӯ дари ганҷурхонаро кушод.

– Ин ҷо, хасу чӯбу чахсу тапак.

Модарам чароғро гирён карда ва дари ганҷурхона монд.

– Ина чароғ, додарҳо. Ба дасти худатон тагу рӯ карда бинед. Даруни кулиҳоро фаромӯш накунен.

– Ҳамаша, – гуфт марди сиёҳпӯше, ки аз гиребон то домони пиджак ду қатор тугмаҳои пурҷило дошт, – мебинем. Элчаҳои муши хонаро мекобем. Деворҳоро месанҷем. Дар ҳавлиҳам як ваҷаб замин насанҷида намемонад. Пасҳои бомам мебинем.

Хандаамро дошта натавонистам.

– Чи, ба ту, – гуфт марди сухангӯй, – латифаҳои Афандӣ ё Мушфиқӣ мегуям, ки механдӣ.

– Бахшиш акаҷон, – гуфтам аз хандаи беҷо шарм дошта, – ҳама ҷо майлаш. Вале пушти бом намешава, ифлос. Пушти боми ҳамсояҳои дутарафи хонаи мо кӯчаи калон. Ҳама бачаҳошон, пушти боми мо мешинанд. Чиба ки бечораҳо ҳаловатҷо надоранд.

* * *

Модарам пагоҳии барвақт рубӯчини хонаву ҳавлиро аз пушти бом сар мекард бо белу ҷорӯб. Аммо ин чанд рӯзе, ки ӯ дар хона набуд, ба пушти бом ҳам таъсир дошт. Ва чун навбат ба пушти бом расид, кофтукобкунандагони китобҳои бобои Суфиҷони ман дароз давом накард. Ва он марде, ки аз гиребон то домони пиджак ду қатор тугмаҳои ялақосӣ дошт, бо димоғи сӯхта паси девор ишора кард ва аз модарам пурсид:

– Ин чӣ?

Аз ин пурсиш модарам ҳайрон шуд ва бо ҳайрат гуфт:

– Ай додар, мардҳои хондагӣ, наход ҳамина надонен.

Таъкибгари китоб аз пурсиши базарбаи худ, изо кашид. Ва онҳо ба пои пас қафо гаштанд. Дар ҳавлӣ сӯи хона, оғилу коҳдон як бори дигар зеҳн монданд.

– Ҷои нодида, – гуфт котиби ҷамоат Абдувалӣ, – намонд. Агар дар рӯйхат ягон хонаи дигар бошад. Биёед он ҷо меравем.

– Нест, – гуфт тугмаялақосӣ, – мазорҳо монд. Аз мазори шумо сар мекунем. Баъд Мазори Қарағочро мебинем. Аҷаб не, аз гӯрҳои кӯҳнаи хешу таборҳои мулло Суфӣ ёбем.

Ва онҳо аз ҳавлӣ баромада сӯи мазори ҳазрати Зайниддини валӣ рафтанд.

Дигар чи шуду чи монд намедонам. Аз ҷустуҷӯи аҷоиби тугмаялақосӣ ва ҳамроҳи ӯ дар Мазори Зайниддини валӣ миёни мардум ҳикоят пайдо шуд. Ва ин ҳикоятҳоро котиби ҷамоат Абдувалӣ паҳн мекард. Абдувалӣ ҳамроҳи тугмаялақосиро гурги дулта мегуфт.

– Сарашро, – мегуфт Абдувалӣ, – бо лаби гӯр медарораду дар як

зумъ мебинӣ даруни гӯр аст. Аз байни устухонҳо китобу вараҳи китоб меҷӯяд.

Дар мазори Қарағоч, вақте ҳамроҳи тугмаялақосӣ ба гӯри кӯҳнае медаромад, мори афиро тарсонд. Мор аз банди рони ӯ газид, ки аз лаби гӯр як метр боло парид. Абдуваливу тугмаялақосӣ тасмаи миёни ӯро кушода аз захми дандони мор боло бастанд, то заҳри он тамоми баданро фаро нагирад.

Аз таъсири ин фалокат мазору гӯрҳои кӯҳна фаромӯш шуд. Тугмаялақосӣ моргазидаро пушти зини худаш шинонд. Ва аз миёни ӯ бо банди нухтаи асп аз ду паҳлӯи худ ба қоши зин баст.

– То беморхонаи маркази ноҳия, – гуфт ӯ ба Абдувалӣ бо ман ҳамроҳӣ мекунӣ.

Ҷои узр пеш овардан набуд. Абдувалӣ ба аспи моргазида савор шуд. Роҳ то беморхонаи маркази ноҳия чандон наздик набуд. Дар миён дараҳо ва куталу нишебиҳои зиёд дошт. Ва нолиши пур аз сузи моргазида то рафт пурсӯзиштар мегардид.

– Пома бурен, – гуфт моргазида бо чунон талаби пурсӯзише, ки таъсири он аз наъраи фармон пурзӯртар буд.

– Пома бурен, – талаб мекард дам ба дам моргазида.

Вале дар дасти ҳамраҳони ӯ на табар буду на теша ва на корди вазнине, ки бо як зарб аз захми мор боло пои ӯро ҷудо кунад.

– Сабр, – гуфт тугмаялақосӣ, ҳине онҳо дараи Сиёҳҷангал медаромаданд, – то ба ягон ободӣ бирасем.

Дар пеш ду дараи дигар: Туғдона буду Бедак ва байни дараи сеюм деҳаи Шаҳтут. Чун онҳо ба Шаҳтут расиданд, тугмаялақосӣ табар пурсиду қассоб. Табар оварданд. Тугмаялақосӣ ба дами он даст бурд.

– Кунд, – гуфт ӯ, – ин намешавад.

Аз хонаи раиси хоҷагӣ табари тез ва кундае ҳам оварданду қассоб наёфтанд. Захми моргазида тугмаялақосиро далер кард.

– Аз худам беҳтар, – гуфт ӯ ба худ, – одамро, кӣ қассобӣ карда метавонад.

Ӯ пои моргазидаро рӯи кунда монду табарро ба ҳаво бардошт. Дами табар аз захми мор хеле боло омад. Ва зарб сахт буд. Бо як зарба зону аз рон ҷудо шуд. Бо ним табақ орд хунро нигоҳ доштанд ва ба аспҳо нишаста дам аз роҳ кашиданд.

Моргазида дигар нолиш намекард. Орому сокит буд ӯ. Ва дар беморхона тани сарди ӯро ба соҳибаш доданд. Ин ҳодиса бе таъсир намонд. Тугмаялақосӣ бемории рӯҳӣ шуду ба нафақа баромад. Баъдан ҷасади беҷони ӯро аз гӯри кӯҳнаи мазори Хоҷасабзпуш ёфтанд.

Замоне модарам аз анҷоми ҳаёти тугмаялақосӣ дарак ёфт, оҳи сард аз дили пурдард кашид ва гуфт:

– Хушбахт будан хешу таборҳош. Кошки ба мо, ақалан дидани тани беҷони додарам насиб мекард.

Насиб набудаст аз бобои Суфӣ хату хабаре ва пайю ҳайдаре. Наёфтем касе, ки манзили охирати ӯро донад. Ягона нишона аз ӯ ёди мардум аст. Ҳамсолони ӯ пир шуданд ва шогирдонаш ҳам. Ва ҳамсолони шогирдони солхӯрдаву умрдидаи ӯ ҳар гоҳ зери бори гарони пирӣ зӯр зада хестанӣ шаванд:

– Ё, бобои Суфӣ мадад намо, – мегӯянду сабук аз ҷой мехезанд. Ба ҳар хонае, ки пайи қадами ӯ расид, хор нашуд. Аҳли оилаҳои онҳо дар қаҳтитарин солҳои ҷанг ва ҷанги охирин бенон намонд. Ва ҳафтае набуду нест, ки деги шӯрбо, оши палаву мантуи онҳо наҷӯшад.

* * *

Аз мададҷӯии пирамардону кампирони имондори деҳа, аз арвоҳи бобои Суфӣ аламам меояд. Алами сахт. Аз он дилам месӯзаду дар чашмонам сӯзиш пайдо мешавад. Агар ҷанозаи ӯ насиби мо мегардид, дар қишлоқ як зиёратгоҳ зиёд мешуд. Назди марқади ӯ аҳли деҳа ва мардуми роҳ як муҳаббате талаб мекарданд, ки аз марг пурзуртар аст. Ба худ ва қавму пайвандон адолат, имон дили нек, сабру фурутанӣ мехостанд. Ва ба ин гӯё дар чашмаи муҳаббат ҳам қудрату надоматро аз ботини худ мешустанд. Дар дилу дидаи онҳо сарватпарастӣ реша намедавонд.

Ва ҳикмати аз ӯ айёми навраси шунидаам ҳанӯз ҳам дар гӯшҳоям садо дорад: одамизод ғуломи ҳалқабаргӯшӣ манфиатҳои заминӣ ва хурсандиҳои зудгузар аст. Мехоҳанд соҳиби сарвати аз ҳад зиёд бошанд. Аз ин рӯ гирифтори озмоишҳо, домҳо, ҳавасҳои бисёр ва беақлонаву зиёнманд мегарданд, мардума ба хонавайронӣ ва ҳалокат мерасонанд. Ва шумо дониста бошед, ки зару мансабпарастӣ решаи ҳама гуна бадиҳост. Пеши роҳи ин майлу рағбати марговаро муҳаббат, ибо, адолату имон мегирад.

Аз ба ёд овардани ин қабил ҳикматҳои ӯ номусам аланга гирифт. Роҳи таскин ҷустам. Ба пирону шогирдони умрдидаи бобои Суфӣ ва ба ҳамаи онҳое, ки ба ӯ эҳтиром доштанд, аз ғор ва халтаҳои китобҳо ҳикоят кардам. Ҳама хушҳол шуданд. Гӯё хазинаи ганҷи заминро ба онҳо гуфтам.

Бел гирифтему каланд ва як тӯда сӯи ғори болои қишлоқ баромадем. Халтаҳоро баровардем аз ҷои беҳаво. Дар ҳамвории поёни ғор даҳони халтаҳоро кушоданд. Ба ҳар чи даст мерасид, пора-пора

мешуд. Умеди саҳифа ва пораи солиме аз варақ намонд. Китобҳоро ҳаво хӯрд.

Ҳайфи китобҳо. Ҳайфи бобом. Ва андешае ба сарам омад: Ин китобҳо ба назарам мисли тани беҷони бобои Суфӣ намуд. Чи мешуд, агар марқаде созем ва ба пештоқи он нависем: марқади китобҳои бобои Суфӣ.

Ин фикр ба ҳозирон хуш омад ва то пагоҳ ба ҳама аҳли деҳа писанд. Ва баландии деҳа, он ҷое мазори беноме буд марқад бунёд шуд дорои пештоқи бошукӯҳе.

Тӯли ҳафт-ҳашт даҳсола аз деҳаи мо муншиҳои аввали ҳизби ноҳияву вилоят, вазирону қонундонони зиёд баромад дар вазифаву мартаба аз мирони ҳашт даҳсола афзалтар. Ва ҳама то рӯзи мавт аз паи нафсу шӯҳрат давиданд. Чун ботини онҳо асири ҳавову ҳавасҳои заминӣ ва тиҳӣ аз умедҳои афлокӣ буд, на марқад ёфтанду на зиёратгоҳ шуданд.

Марқаде ки имрӯз иморат шуд, баъди танафуси асрина нахустин аст бо номи: Марқади китобҳои бобои Суфӣ.

Ва мардуми дилогоҳ лаҳзае назди он меистад. Савора аз асп мефарояд. Рônанда мошинро нигоҳ медораду аз дар мебарояд, то пой дар замин монаду баҳри худу фарзандон каломи покӣ хоҳад.

## БОЗӢ АЗ ДИЛГИРӢ

– Ашӯр, гап дорам.

– Бигӯй.

– Чихел гӯям?

Ашӯр ҳайрон шуд. Чи гап дорӣ, ту дорӣ. Чихел мегӯӣ. Ин интихоби ман не.

Як шабонарӯзи хомӯшӣ ба дили ӯ зад. Худи пой дар ишкел. Мизи шакли дароз ва мизи кӯтоҳ. Мизи дароз. Аз таги тиреза то пушти дар. Аз ду тараф қатори курсиҳо.

Ва Рамазон, курсии таги тирезаи болои ҳарфи Т менишаст. Ҳар чанд, ӯ сардори постдорон буд. Вале дар пой ҳалқаи занҷир медид.

Мизу курсиҳои ҷевону деворҳои якранг ҳеҷ аҷоиботе надошт. Суханҳо ҳам кӯҳна шуд. Дигар ба гӯшҳо намефорид. Ба чашми Рамазон ҳама дилгир менамуд. Вале ин назари ӯ хато буд. Чунки намояндаи милисаи шаҳр парво надошт. Нисфи умри ӯ дар хоначаҳои танги посдорӣ гузаштааст. Ва ин хонаи калон, ки ду шабонарӯз пеш аз омадани вакили халқ ба завод, постгоҳ шуд, ба чашми ӯ қасри калон менамуд. Постдори дигар, ки рӯ ба рӯи Рамазон менишаст, на

парвои шаб дошту на рӯз. Ҳамин, ки сараш хам хӯрд, хоҳ болои даст, хоҳ болои миз мерасид ғарқи хоб мерафт. Нишони сари синаи ӯ, ки бо ҳарфҳои пурҷило: аълочии сӯхторхомӯшкунии Тоҷикистон дошт, таги китфи чап мемонд.

Вале бепарвоии намояндаи милису хоболудии вакили сӯхторнишонӣ ба назарӣ Рамазон, ки чашму гӯши ӯ ба овозҳову ҷумбу ҷӯли устоҳои сехи рехтагарӣ хӯ гирифта буд, дилгир менамуд.

Ашӯр, шогирди хеле ҷавони Рамазон, паси дари постдорон меистад. Ба чашми усто Рамазон ӯ ҳам дилтанг намуд.

– Ашӯр, – гуфт Рамазон, – соат аз дуи шаб гузашт. Пиёлаҳоро ҷамъ накун. Наздик бишин. Гап дорам.

Ашӯр пиёлаҳоро ба гӯшаи миз монд ва гуфт:

– Бигӯй.

– Чихел гӯям?

Рамазон фикр дошт. Ӯ ба милисаи идораи посбонгоҳи шаҳрдориву идораи сӯхторнишонӣ зеҳн мемонад. Синни ҳар ду аз панҷох беш нест. Вале яке ба хобу дигар ба бепарво нишастан хӯ гирифтааст. Мешинад, парвои дунё надорад. Мехобад ва ғами бедорӣ нест.

Рамазон аз умри ҳарду андеша меронду дилтанг мешуд. Дилтанг мешуду андеша меронд. Сари ӯ пур аз андеша буд. Андешаҳои мушағаш. Ба шакли сухан намепечид андешаҳои Рамазон. Ва гуфтание дошту гуфта наметавонист. Вале андешаҳои печида ӯро раҳоӣ намедоданд.

– Ашӯр, гап дорам.

– Гӯй.

– Чихел гӯям?

– Ҳар хел, ки хоҳӣ.

Раҳми Рамазон ба ин ду марди яке орому бепарво нишаста ва дигаре ба хоб рафта меомад. Милисаи посбонгоҳӣ рӯзона гоҳ-ногоҳ аз паси шишаҳои тиреза бепарвоёна ба берун нигоҳ мекард. Аз афташ мехост донад, ки шаб ҳаст ё рӯз. Намояндаи идораи сӯхторнишонӣ ин ғайратро надошт. Ба назари Рамазон чунин намуд, ки ба ин мард шабу рӯз аз ҳам фарқе надорад. Шаб ба хӯи худ меояду ба хӯи худ меравад. Рӯз низ ҳамчунин. Ин ҳарду зери итоати сарҳанги онҳо нест. Шаб ба роҳи худ меояд? Биёяду биравад. Рӯз ба роҳи худ меояд? Биёяду биравад. Марди оташнишон на дар итоати шаб ҳасту на аз рӯз. Мисли сӯхтор.

Рамазон мехост ҳар ду ҷумбуҷӯле дошта бошанд мисли устоҳои сехи рехтагорӣ.

– Ашӯр, – гуфт ӯ, – гап дорам.
– Гӯй.
– Банка дорӣ?
– Меёбам.
– Биёб.
Ашӯр зуд банка пайдо кард ва онро ба усто нишон дод.
– Рав, пури саларка биёр, банкара.
Ашӯр банкаи пури саларкаро ба Рамазон нишон дод.
– Ана шуд, – гуфт мад кашида Рамазон ва ба банка ишора кард. – ҳоли ина дорӣ. Як дузд биёб.
Ашӯр моту аҳбут шуд.
– Дузд чи лозим, ака?
– Лозим додар. Агар наёби худат дузд мешавӣ.
– Чи медуздам?
Рамазон ба андеша рафт. Дузд бояд чӣ дуздад? Сару либосҳои хонаравии рехтагаронро? Шиму костюми сардори сех кирои дуздӣ дорад. Палтои сиёҳи дарозу туфлиҳояш ҳам. Курткаи чармии усто Ғаффор ҳам нави оҳарӣ. Дузд зарар намебинад.
Ва Рамазон молҳои дуздиданиро ба шогирд фаҳмонд.
Шогирд мешуниду намефаҳмид. Боз ин банкаи пурсаларка.
– Ин банкара, – пурсид шогирд, – куҷо монам?
– Ҳеҷ куҷо намон. Гуфтагиҳояма, ки дуздӣ, саларкаи банкара ба он хоначаи паҳлӯи сех бипошу алов сар деҳ.
Шогирди тааҷубзада бо ҳайрат пурсид:
– Ҳамаи ин, акаи усто, барои чӣ?
– Мехоҳам, – гуфт бо шавқ усто Рамазон, – ҷунбуҷӯли милисаҳои посбону оташнишонро бинам.
Ва ӯ ҳеҷ бовар надошт, ки милисаи посбон ба ҷустуҷӯи дузду оташнишон барои хомӯш кардани сӯхтор аз дар берун мераванд.

## ОФТОБИ САНГРЕЗӢ

Наҳр аз байни деҳа мерафт. Аз он рӯзе, ки ӯ ба дунё омад, нақшҳои нахустини зеҳнии ӯ очаву ота ва ҳамин наҳр аст. Бо пойҳои хурду почаҳои наҳиф лаб-лаби марзи наҳр медавид ва дар дили модар алов мерехт. Мабодо ин почакҳо бо ҳам печад, ё пешпое хӯраду каловад, адл байни наҳр афтад, аз хотир мегузаронд модар ва дар дил заминларза аз пасаш медавид. Эркаи оча, дарҳол талвосаи модарро пай мебурд ва ба суръати роҳравиаш меафзуд. Балки сахттар медавид. То қадру қиммати худро пеши чашми модар биаф-

зояд. Охир чи гуноҳ дошт, ки ҳамин зан ӯро ба дунё овард ва бо феъли одамӣ. Медавид. Сахт медавид. Агар бол медошт ба ҳаво мепарид. Бегумон аз он ки агар бол мебароварду ба ҳаво мерафт модар дарҳол болҳои тавонотаре мебароварду дар ҳаво ӯро медошт. Ва ба замин, ба хона болои кӯрпача меоварду обу донаи анор медод, то иштиҳояш хуб шавад, рағбаташ ба нону қаймоқу тухму гӯшт бештар гардад.

Ӯ лаб-лаби наҳр медавид ба гумони он ки ҳеҷ кас ба ӯ намерасад. Вале модар ба ӯ мерасид, монанди гулулаи барқе, ки дар муддати камтар аз як мижа ба ҳам задан аз осмони баланд ба замин меояд, ба ӯ мерасид ва канор кашидаву ба хотири болида хона меовард. Болои кунда ё лаби кат менишаст ва то сер шудани панҷаҳо ва кафи даст сарашро молиш медод. Баъдтар ин навозиш ва ҳарисии меҳри панҷаҳову кафи даст кори худро кард. Пеш аз вақт тоссар шуд. Танҳо мӯйҳои паси сар, ки оташи меҳри панҷаҳо ва кафи дастони оча камтар расида ва решаҳо сабз монданд. Лангар партофтаву дароз шуданд. Шукри ҳамин мӯйҳо, ки дар ҷойҳои тосӣ ҳалқа зада калиро мепӯшонанд. Маъзарат хонандаи азиз, ки ба сару мӯи сар часпида корҳо, ихтирои бузурги ин мардро ба навбати охир напартоем. Охир инсон як бор панҷоҳсола, як бор шастсола, як бор ҳафтодсола мешавад. Ҳаштоду садсолагӣ як бор бошад ҳам, мисли хурдсоли назарногир аст.

Маъзарати дигар он аст, ки хаёлҳои мо бояд чун мӯйҳои паси сар азият дидаву печутобхӯрда (на ба ихтиёри худ, балки аз ҷабри шона) мебуд. Яъне ором. Чунки онҳо таги кулоҳ мехобанд ва ҳеҷ гоҳ парешониро намедонанд. Ин ҷо лаҷом мезанем хаёлҳоро. Бигузор Ҳайбулло лаб – лаби наҳр давад, оча аз паси ӯ ва андешаҳои мо дунболагири ин бача. Ӯ лаб-лаби наҳр медавид ва нигоҳи модар аз паси ӯ ва чунон давиду давид, ки мисли кӯдакҳои ҳиндӣ дар киноҳои ҳиндӣ. Лекин мӯи сар на беҳуда рехт. Дар андешаи ҳамин наҳр рехт, мӯйҳои аз нисф зиёди пеши сари ӯ. Наҳр аз боло меомаду поён мерафт. Дар деҳаи Хонаобод ҳам ин наҳр аз боло ба поён меравад ва осёеро мегардонад. Мардуми деҳи ӯ бо хару мошин даҳпонздаҳ чақрим роҳро тай зада, гандуми худро ба он осёб мебаранд. Орд мекунанд ва боз мегарданд. Чаро дар деҳаи ӯ Сангрезӣ ин наҳр санги осёеро нагардонад. Ба андеша рафт Ҳайбулло. Аъзоҳои бадан ҳар яке ҳар гуна душман дорад. Вале ӯ намедонист, ки андешаи аз ҳад беш душмани кадом узви ӯст. Ӯ осёи Хонаободро пеши чашм овард. Ба назараш аз одӣ ҳам одитар намуд, як нова, парчовгоҳ, чарх, сангҳои тагу тор, дулу кавчок ва шаҳпул. Чарх болои шаҳпул ва санги тагу севак устувор мегардад. Таги санги болоӣ харак

мемонӣ, ки он мос ба севак аст. Об аз нова фишор ёфта бо шаст ба пораҳои чарх мезанад. Чарх девонавор мечархад ва севак ҳам ва харак ҳам ва гирдасанги болоӣ ҳам. Аз дул ба кавчоки ларзон ба ҳалқи санг дона мерезад ва осё гардон мешавад. Ана орд бину... Ва ҳамааш як чизи одӣ.

Ӯ сафедори сари кӯчаро бурид. Чун аҳли деҳ донистанд, ки он баҳри осёи оянда аст, кори савоб гуфтанд ва ду-се нафар ҷавонмард арраро аз дасти ӯ гирифта сафедорро афтонданд. Сангу чарху нова тарошиданд. Маҷрои наҳрро тағйир доданд. Акнун он аз болои теппачаи беруни деҳ ба нова сарозер шуда чарху санги даруни хоначаи осёро ба гардиш меовард. Ҳарчанд дар бунёди ин осё ҳама мардони деҳаи Сангрезӣ фаъол буданд, вале онро ба номи Ҳайбулло овардем мегуфтанд онҳо. Ва Ҳайбулло аз ҳар бор ҳақи худро мерӯёнд. Осиё ӯро соҳиби хонаи калон ва рӯзгори фаровон кард. Вале ҳар чи қадаре хонаҳо калону рӯзгор фаровон мешуд, иззатхоҳии ӯ ҳам камол меёфт. Аз он чи ба мардум дод ҳазорону ҳазорон бор бештар талаб мекард. Боре сари ғазаб тарки деҳа кард. Занону мардон, хурдсолону калонсолони деҳа чӣ хеле бо ҳам ва ба дигарон расми саломи алейкум ба ҷо меоварданд ба ӯ ҳам дар кӯчаву маъракаҳо чунон мекарданд. Чанд бор ба худ ғурид: ҳамин ҳам қадрдонӣ шуд. Гӯё ман ҳам ҳамон Карими галабон, Шарифи арақхӯр ё Соҳиби муаллим бошам. Қиратон бароянд, аблаҳон. Ба гӯр равен. Андак худатро хам кунӣ миёнат мешиканад. Ё дастатро сари сина мони... Пеши ман саҷда барен, кам аст. Танҳо ман тавонистаам ин бетамизиҳоро соҳиби осё кунам. Аз кӯчаву маъракаҳо бо дили озурда ва қавоқи гирифта аз дари хона медаромад. Ба назараш зану фарзандон бадаш меомад. Занаш мефаҳмид ӯро. Ва боре талхиҳои аз Ҳайбулло ба дилаш рехта ва буғз овардаро ба зани ҳамсоя кафонд.

– Ин мардаки ман, ба хизматаш месӯзад. Аз ҳамин дард мӯи сараш рехт. Кал шуд бечора. О, ҳамин мардуми Сангрезӣ, кам мешаванд ба номи ӯ «ҷон» банданд: Ҳайбуллоҷон гӯянд. Ё устоҷон, ширин усто, ё ҳеҷ набошад, Офтоби Сангрезӣ, Моҳтоби Сангрезӣ гӯянд. Аз ин кам намешаванд ягон касаш. Давлаташ ҳам намекоҳад.

Аз ин танҳо шӯи ман андак қувват мегирад, аз осёи сохтааш хушнуд мешавад.

– Мурад ҳамон шӯт, – бо шакарханд гуфт занаки ҳамсоя. – Шӯт ҳамин қадар кард, ки пеш даромад. Дигар ҳама кора Абдураҳмони ман кард. Тағоии осёбсозша овард. Аз ин тағоиш рӯбаҳа меовард, сабуктар меафтид. Як мурғхона аз мурғ холӣ шуд. Рӯбоҳ худаш мекушт, пар меканду мехӯрд. Барои тағои Абдураҳмон мекушӣ, пар меканӣ, бирён мекунӣ. Дар набудани ӯ ягон калтакро байни пой ги-

рифта худам, маки мурғa мезадам. Ана баъд тозаву бирён куну пеши таго мону коса бишу. Ба Худо рӯбоҳ меовард Абдураҳмон хубтар буд. Бачаҳом сиёгӯш шуданд. Ҳар чи аз мурғбирёни тағоии шӯм пас мемонд, ба онҳо медодам. Ту бошӣ, мегӯӣ, ки шум осё сохт. Пеши пош биафтен. Хоки поша бибусен. Ҷону пону шакару асал, офтобу моҳтобаш гӯен. Ба фикрам ин хел кунем ҷону пон мегуреза, шакару пакар шӯр мешава, офтобу моҳтоб намебароя. Мардум дар торикӣ мемонанд. Биё, шӯта агар хафа нашавӣ, шаб мегӯем то торикӣ гурезад, сел гӯем, то Сангрезира ҳар сол сел назана. Ё заминҷунбӣ гӯем, то дигар замин наларза. Ё тӯфонаш гӯем, то аз шамол бомҳои хонаҳо ба дара напараду дарахтҳо чапагардон нашава.

Зани осёбдор, ки худро сухандон мепиндошт, пеши дугонаи ҳамсоя лол монд. Ва осёдор, ки қасди хоби шабу рӯз гирифта паси девор ба гуфтугӯи онҳо ва ин суханҳо гӯш медод, ранг мебурду ранг меовард. Пагоҳ ӯ даҳ халта ордро аз музди осё фурӯхт ва ба занаш дар ноҷаи дар гуфт:

– Ба шаҳр меравам, хонаи Ҳалим.

– Кадом Ҳалим? – пурсид занаш.

– Ҳамоне, ки аз пасгардӣ осиёи ман калон шуд. Ҳозир осё дорад. Ана, ин пули панҷ халта орд аз туву кӯдакҳо. Ин мардум чи мардуме. Дигар инҷо будан намехоҳам. Ба қадри худам месӯзам.

Ӯ аз дар баромаду занаш бо зонуҳои хамзада, балки шикаста, домонҳои ҷомаи говҷӯшиашро ҷамъ карду нишасту ба андеша рафт: ба куҷо меравад, ин мардак, музди оси чӣ мешавад? Чун ба худ омаду ба худ гуфт:

– Калонгирҳову калонгапҳо ҳама дар шаҳранд. Моҳе мераваду боз гашта меояд. Тасфаш мешиканад.

* * *

Ҳайбулло хонаи Ҳалимро диду дуд аз димоғаш баромад. Чанд дам ба дилу майнаи худ фишор овард, ки аз холигиву рӯфтагии хона чизе напурсад. Аммо тоқат накард. Лабҳоро гирд оварду кафонд. Як хандае ҳосил шуд, ки ҳар чи номаш хоҳӣ бинеҳ: мушханда, шакарханда, заҳрханда, табассум, нимтабассум ё ришханд. Ҳалим номи ин хандаро наёфт ва сукут варзида гӯш дод, то осёбони зодгоҳ чи мегӯяд. Вале осёбон боз лабҳоро ҷамъ оварду бурма кард ва кафонд. Боз як хандаи беном ҳосил шуд. Лекин ин бор аз пушти хандаи беном овоз баромад.

– Мегӯм, тинҷӣ? Ин чӣ хел хона. На гилему қолину на кӯрпачаву таксарӣ. Ҳамин як телевизори қоқи «электрон». Боз ин магнитофонаки дастӣ. Ба Худо аҷоиб.

– Занак, – гуфт Ҳалим, – барои ҳавои хона тоза шавад то мехҳои хонара канда бурд. Ана, ҳо, он ду ҷои мехҳои девори болои дарро нишон дод ӯ, – мехро худам канда бағали хушдоманам мондам. То аз нақши панҷаҳои духтараш дар ин хона нишон намонад.

Ҳайбулло боз хандаи беном карду гуфт:

– Ба Худо, аҷиб.

Ва ба андеша рафт. Ба Худо, аҷиб. Номаш Ҳалим. Ҳалими осёдор. Лекин дағал. Ҳамон дағалии қишлоқиаш. Носуфтаву нотарошида мондааст.

Фардо Ҳалим бисоти хона харид: ду кӯрпачаву як кӯрпа ба одамҳои омад ва диванаке баҳри хоби худ. Боз дегу дегча, косаву косача, чойнику пиёла овард. Бегоҳ дер омад ва сархуш. Дид осёбон болои дивану кадом як меҳмони дунболи ӯ омада болои ду кӯрпача ва ба кӯрпа печида хуфта. Ҳалим яке аз гирҳои сиюдукилогиро, ки дар айвон дошт, овард ва китоби ҳандасаро рӯи он таги сар монду болои фарш дароз кашид. Дарҳол хобаш бурд. Ҳеҷ гоҳ шаҳр ин хел серғалла набуд. Ҳар рӯз сӣ-чил кас бор меовард. Ҳалим пуркор шуд. Саҳар баробари дамидани субҳ аз хона мебаромаду нисфи шаб бармегашт. Осиёбони қишлоқиро болои диван медиду ёри ӯро болои ду кӯрпача ва ба кӯрпа печида.

Боре Ҳайбулло аз дари осёи Ҳалим даромад. Ба дул ва девори аз санг бардошта зеҳн монд.

– Тартиби осёҳои шаҳр дигар. Беоб.

– Барқианд, – дили нохоҳам гуфт Ҳалим, – осёҳои шаҳр.

– Баъзе шабҳоро, – пурсид Ҳайбулло, – ҳамин ҷо мегузаронӣ-чӣ?

– Ҳамин хел кунам, – гуфт Ҳалим, – мешаваду аз шиносҳо ибо дорам, ки нагӯянд, бехонаам. Вақте ба хона меравам шумо хобен. Гира таги сар мемонаму саҳар барвақт мехезам.

Ҳайбулло хандаи беном карду гуфт:

– Ба Худо аҷоиб. Сарат сахт мешавад.

– Чӣ хел? Якбора мулоиму дардманд шудааст.

– Аввал ҳамин хел. Баъд мисли санг сахт мегардад.

– Биё, як шаб худат санҷ.

Ғазаби Ҳайбулло омад. Қадри одама чи медонад ин носуфта, – гуфт ӯ ба дил ва афзуд:

– Ба Худо аҷоиб мегӯӣ. Болои гир ҳамин се-чор мӯи паси кала, ту мегӯи биреза.

Хори Ҳалим омад. Ин чӣ гап? Дар хонаи худат паси дар монӣ. Ва ӯ бо димоғи гирифта пурсид:

– Ин марди ҳамроҳат кист? Аз куҷо ёфтӣ уна?

– Осиёдор аст, – гуфт Ҳайбулло. Дар чойхонаи бозори

Шоҳмансур шинос шудем. Занаш аз хона таги як курта пешаш кардаст. Ҷои хуфту хоб надорад.

Ҳалим сухани гуфтание наёфт. Ё тавба. Ин шаҳр калон. Бехона ҳам кам нест. Болои ин, ҳар рӯз мумкин даҳ-понздаҳ мардро ба сабаби шаробӣ будан ё хиёнат ба оила аз хона ронанд. Ва ҳамаи онҳоро Ҳайбулло аз кучаву бозор ёфта ба хонаи ман биёрад. Майлаш биёрад. Се хонаи калон, боз долони оинакорӣ. Ҳамаи инро ман болои сар гирифта намегардам. Биёрад. Лекин рахти хобе дошта бошанд. Ҳеҷ набошад, кӯрпаву кӯрпача ва болиште. Чун ҷову макон пайдо кунанд, бисоти хобашонро печонанду бандanду бо худ бибаранд. Лозим нест як сари риштаашон.

– Осиё дора, – мегӯӣ. – Аз он ба ту ягон фоида мераса?

– Марди дасткушодай. Бегоҳ маро ҳатман ягон тарабхона мебарад. Боз мегӯяд, ки хонаи ободаш аз даст рафт. Осиёро ба ту медиҳаму қишлоқ, пеши падарам меравам.

– Аз худат чӣ?

– Чӣ аз худам?

– Осиё. Осиёи Сангрезӣ.

– Мон ҳамон Сангрезиву мардумша. Ба қадри одам намерасан.

– Ин ҷо мерасан ба қадрат?

– Намешиносанд. Шиносан мерасанд. Ина ҳамин одам. Як соат набина, оғӯш мегира, нул ба нул мешава. Мегӯяд, роҳе меёбаду ҳама осёҳои шаҳра муттаҳид мекунад. Як иттиҳоди осёҳо месозад. Маро саркардаи осёбонҳо мемонад. Ба зиндагиам ҳайкалма даруни чанд осё месозад. Ба ман дар олам аз ин зиёд чӣ зарур? Дигар ҳеҷ чиз! Ҳайкал, ки монданд, ягон қаср ҳам месозанд. Дар ин шаҳр духтарҳои хушрӯй чунон бисёр, ки дар даҳонат об намемона. Як зани дигар мегирам. Аз як зан ду зан нағз.

Ҳалим боз ба андеша рафт. Чи хаёл дорад ин мард. Охир, монанди ин аз хонаи падар, хонаву ҳавлии калон ва зан ба мерос медоштам, поям шаҳра намедид. Кучо дидӣ, ки дарахти береша дар як ҷой истад. Ҳар кас хоҳад аз як ҷой ба ҷои дигар кашида мебарад. Ба чанги сел занад, беҳтарин бозичаи сел мешавад. Вале барои дарахти береша, ки ҷабри табару арраи аҷал ба ӯ расидааст, дар кучо будану набудан чи фарқ. Рӯз гузараду умри худодод.

– Ту бошӣ, Ҳалим, – ба худ овард ӯро Ҳайбулло аз осёи ман кам баҳра набурдай. Ин шаҳра ҳам нағз медонӣ. Ягон устои хуби ҳайкалтарош меёбӣ. Беҳтарин ҳайкалсоз бошад. Ин дар таърих мемонад. Охир имрӯз ё пагоҳ панҷоҳсола мешавам. Осиёҳои кишвар аз ҳазору даҳ ҳазор зиёданд. Бояд ҳеҷ набудагида аз ду осё як осё ҳайкал монад. Вале бояд ҳамаи осёбонҳо бо навбат як моҳӣ-думоҳӣ

тайёрӣ бинанд. Тантанаи ҷашни ман на камтар аз се сол давом мекунад. Бояд ҷашнгириҳо бо шукӯҳ гузаранд. Дар онҳо намояндагони вазоратҳои обу экологиву барқ, хӯроквориву сабзавоткорӣ, махсусан фарҳанг, бахшҳои саноату хоҷагии кишоварзии ҳукумату дастгоҳи президент, аз ҳар ноҳия чанд намояндаи дигар иштирок кунанд. Ҳимматашона ҳам мебинем. Ин ҳам ба гардани ту Ҳалим. Одамонеро, ки пагоҳ як тин фоида намеоранд ё обурӯи маро намебардоранд, гум кун. Набуданашон беҳ. Лекин вазирҳо иштирок кунанд. Ба ҳар ҳол вазир бародар, Шарифқулу Мардонқул не. Раисҳои вилояту ноҳияҳо худашон ба ҷашн меоянд. Охир хондагистанд онҳо. Хайр, нахонда бошанд, аз телевизор дидагистанд, ё аз радио шунидагистанд.

Ҳалим аз ин ҳарфҳо дар шигифт монд. Чӣ мехоҳад ин инсон? Ҳазору даҳ ҳазор осё. Ҳазору даҳ ҳазор осёбон. Ва ин одам панҷоҳсола мешудааст. Ду моҳ тайёриву ду-се рӯз ҷашнгирӣ. Панҷоҳсолагии инро то шастсолагӣ ҷашн мегиранд. Шастсолагиашро чӣ? Бегуфтугӯ то ҳафтоду панҷсолагӣ мерасад. Агар Худо умраш диҳад, ки ба сад дарояд панҷоҳ соли он ба ҷашнгирӣ мегузарад.

Ин мард аз ӯҳдаи бисёр корҳо мебарояд. Вале осёдорҳои бечора ин қадар намоянда ва ҳама пулдорону мансабдорони пояҳои баланди давлатиро, чӣ хел ба саҳни осё гирд меоварад. Боз минбару саҳна сохтан, мизу курсиҳо ёфтан, ҳофизону ширинкорони номиро хондан.

– Ҳофизону ширинкорон, – гуфт Ҳайбулло, – ҳам хондагистанд ё дидагистанд, ё шунидагистанд.

Аз ин сухан Ҳалим дар аҷаб монд. Ё, Худовандо, ин мард ботинбин аст. Аз дили ман чи гузаштанашро медонад. Не ин тасодуф аст. Агар ҳақиқат мебуд, дар ин се моҳ, ақалан бахри худаш ё ун ёри азизаш бистари хобе мехарид. Ақалан ба шонаҳои болои тахтаҳои фарши хонаи шикофшудаи ман раҳмаш меомад. Не ботинбин нест. Ин фикр ба дили ӯ омаду ҷавобаш нохост аз забони Ҳайбулло баромад. Ва инҷо Ҳалим хост пурсад, ки чиро хондагистанду чиро шунидагистанд. Лекин ҳоҷат ба пурсиш нашуд. Ҳамааш барқвор ба хотири Ҳалим омад. Бист сол қабл ба шарафи болои донаҳои гандуми мардум чарх задани санги осиёи ӯ ва ба тамба пош додани орди сапсафед, аввал рӯзномаҳои вилоятиву ноҳиявӣ, баъди се рӯз рӯзномаи ҷумҳуриявӣ бо се забон хабару мақолаҳо, очерку лавҳаҳо чоп карданд. Аввал ё миёнаҷои навиштаи нашрияҳоро сурати осёдор бо нимтабассум ё ним ханда, ё ним ришханд ё хандаи беном зиннат медод. Баъд аз рӯи нақшаи Ҳайбулло ташаббусро радиошунавиҳои шаҳру ноҳияҳо ва ҷумҳурӣ ба даст гирифтанд. Бо номҳои (Ташаббу-

скори бузург» ва «Ташаббуси бузург», «Биниши бузургворе», «Захираи оби кишвар аз нигоҳи осёдор» такрор ба такрор шунавонданд. Коргузорону коргардонҳои радио аз оғоз то анҷом ҷо-ҷо аз мусиқиҳои тақлидии садои об, гумбур-гумбури осё, фурӯ рафтани пораҳои кӯҳ, шикастани шохаҳои дарахтон чунон моҳирона истифода карданд, ки дили ҳамаи мо шунавандаҳо ларзид.

Моҳе пас аз рӯи нақшаи осёдор навбат ба телевизиони вилоятиву ҷумҳурӣ расид. Аммо дар намоишҳои телевизионӣ, сарфи назар аз он, ки мусиқӣ дилнишин буд ва ҷо-ҷо ҳофизони номӣ ба шарафи осёдор сурудҳо мехонданду мутрибон сар меафшонданду раққосон пойкӯбон мечархиданд, ба назари Ҳайбулло камбудие, нуқсони нобахшидание буд. Лекин чӣ камбудӣ? Чӣ нуқсон? Се ҳафта бедимоғ гашту оқибат ёфт ва дарҳол мушт ба пешонӣ зад:

– Калла! Кунд шудаӣ ту. Бояд ҳамон лаҳзаҳое, ки наворбардори телевизион болои ораму ғулаву сангҳо ба шикам зада чархидани сангу аз дул ба гулуи он рехтани дона, парт-парт ба тамба паридани орд, дар обхона ба пораҳои чарх шона зада чанг хезондани оби бо шаст аз нов омадаро мегирифт, кор мекардӣ. Ҳамон вақт дилам гуфт, чизе мондааст. Намоиш гузашту фикр кардам, чизе намерасад. Ана, акнун ёфтам. Парчовгаҳ намерасад. Сабил сару либос, сикаву сурати худама фикр карда парчовгаҳа аз ёд баровардаам. Наворбардор ҳам аҳмақ. Ба коргардони телевизион чи бало зад. Ягон кадри ҳалол нест. Охир ман ҳақ доштам, ки сару либос, сикаву суратма фикр кунам, ба тартиб биёрам. Охир, қаҳрамони намоиш ман, на санги осиё! Ҷони наворбардора Худо маст кунад, ки надид парчобгаҳро. Лекин ақли коргардон гирифтанаш лозим буд. О, ин осёи обӣ мошин не, ки тормуз дошта бошад. Барқ ҳам не, ки рубилника хобонӣ. Осиёи обӣ аст ин. Тормозу рубилникаш ҳамин парчовгаҳ. Ягон ҳодиса шавад, сӯи парчовгаҳ медавӣ. Санги осё болои дона гуфтаанд. Бедона ҳам чарх мезанад. Санги таҳ санги тора ва санги тор санги таҳа чунон мехӯраду мисли оина ҳамвор мекунад, ки монанди пеши сари ман агар паша шинад, ба кун мезанад. Ҳам санги тор аз даст мераваду ҳам санги таҳ. Боз гардани каҷ пеши Абдураҳмону тағои Абдураҳмон меравам. Мегӯям, ислоҳ мекунанд ин камбудии намоишро. Лекин, сабил монад, вақт танг. Агар вақт медоштам, як зани дигар мегирифтам. Лекин аз ин қишлоқ берун. Очаи бачаҳо нафаҳмад, ки ҷанҷол мекунад. Ба ҳар ҳол вақт ёфта ба студияи вилоятӣ, ҳам марказӣ рафтан зарур. Мегӯям, мефаҳмонам. Ягон фикр мегӯянд. Ба худо аҷиб.

Ва ба зудӣ ӯ вақт ёфту рафту муҳарриру коргардону наворбардорро ёфта фаҳмонду гуфт:

– Ба Худо аҷиб. Ҳамон замон ҳеҷ ақлам нагирифт.

Дилпур ба Сангрезӣ баргашт. Як солу нӯҳ моҳ пас саҳви дар намоиши аввал рафта ислоҳ шуд. Вале ӯ мехост ҳеҷ набошад рӯзномаҳову телевизион, радиову маҷаллаҳои адабӣ аз ӯ ва осёи ӯ ба мардуми кишвар огоҳӣ диҳанд. Ба ин ният тирамоҳу баҳор аз болову поёни осё лаб-лаби наҳр қаламчаҳои бед шинонд. Сабзиданд қаламчаҳо. Ва ӯ ба сафи ниҳолҳои беду теппаву хамӣ ва дараву дарачаҳои берабти болои сари Сангрезӣ нигаристу ба худ гуфт:

– Ба Худо аҷоиб. Дар бағали ҳамин хел табиати носуфта, ҳамин хел қаторниҳолони батартиб. Гӯё ба якдигар нигоҳ карда баробар қад мекашанд.

Қаторниҳолони бед ҳам, ки аз рӯи нақша буд, барор овард. Дили рӯзноманигорону муҳаррирони телевизиону радиоро ёфт. Моҳе дар миён сураташро дар ин ё он саҳифаи рӯзнома медид. Ному корномаҳояшро аз радио мешунид. Ва дар экрани телевизор медид, ки чи хел нимханда ё ним табассум, ё ним ришханд, ё ним зарханд ё хандаи беном дар ҳалқаи лабҳо аз байни қаторниҳолони парчовгаҳ сӯи осё рафта истодааст. Ва ба худ мегуфт: бигузор мардум бинанд, ки ӯ чӣ тур осёдоре ҳасту ифтихор кунанд.

Охир иззатхоҳии ӯ аз мардуми деҳа беҷо нест. Бефаҳманд мардуми деҳа. Чӣ хеле ба дигарон салом медиҳанду ҳарф мезананд ба ӯ ҳам ҳамон хел рафтор мекунанд. Гӯё оммақатор бошад ӯ.

– Хайр, – гуфт Ҳайбулло ба Ҳалим, – мебинам серкорӣ. Вақтатро намегирам. Маъракаҳои ҷашнии нимасраи маро дар шаҳр аз осёи худат сар мекунем. Дар дигар осёҳо ҳам саркори идҳои ҷашнӣ худат мешавӣ. Баъд ҷащни чорякасраи осёи маро мегузаронем. Ба вазири фарҳанг ҳам маслиҳат мекунам. Ку бинем ӯ чӣ мегӯяд. Аҷаб нест, бо кӯмаки ӯ албому тақвими осёро барорем.

Вале ин лаҳза бо ёди Ҳалим азоби хоби шаб расиду суханҳои Ҳайбулло ба гӯшаш надаромад. Ҳалим дарди худашро нолид.

– Диди ҳоламро, – гуфт Ҳалим. – Имшаб ҳам дер меравам. Ҳамон диванака барои хоби ман монен.

Ҳарду хайрухуш карданд ва Ҳайбулло роҳравон дар дилаш коҳиш кард Ҳалимро: Мур ту, соҳиби хонаӣ. Ҷои хобатро ёб. Корам чи ки қабрғаҳот рӯи фарш сӯрох шуданд, ё гир ба сарат сахтӣ кардааст.

Ҳалим боз дер омад. Дид кӯрпачаҳо ба дарозӣ партофта ва се мард, чуқур-чуқур нафас гирифта масти хобу Ҳайбулло болои диванак. Гирро диду пӯсти сараш виҷиррос зад. Болои фарш ғанабаш набурд. Нисфи шаб аз алам вуҷудаш инқилоб кард. Аз ҷой хесту сӯи диванак қадам бардошт. Ҳайбуллоро аз миён поён тела доду

хезонд ва худро болои диванак ҳаво дод ва ба чунон хоби хуше рафт, ки панҷ моҳ боз орзу мекард.

Шаби дигар Ҳайбулло ҳамроҳи дӯсташ дер омад. Балки баробари Ҳалим аз дар даромаданд. Андак ширакайф буд ҳарду. Ва Ҳайбулло дӯсташро нишон дод ба Ҳалим, ки болои диванак дароз кашида ва бедор буд, гуфт:

– Шаб намеомадам. Ҳамин дӯстам намонд, омадам. Ҳалим ҳарфе назад. Ҳине ӯ чашмашро мепӯшид се нафар ҷавоне, ки Ҳалим намедонист ёрони кадоме аз ин ду ширакайфанд, аз дар даромад. Ҳалим дигар чашмашро накушод. Чун пагоҳ хест Ҳайбуллоро танҳо дид. Магнитофони болои телевизор ҳам ғайб зада буд. Ҳайбулло ҳам кӯлоҳашро наёфт ва бо асабоният гуфт:

– Инҳо Русия рафтанӣ буданд. Рафтанд.

Ва ӯ кисаҳояшро даст-даст карду рангаш зиёдтар парид.

– Ба Худо аҷоиб, – гуфт ӯ. – Бекӯлоҳ бо ин сар чӣ хел ба кӯча мебароям.

Ӯ лаҳзае ҳайратзада монд ва шона гирифту мӯйҳои паси сарро ба пеш кашиду чапу рост хобонда бо ним заҳрханду ним ришханд худ ба худ гап зад:

– Ба Худо, ин шаҳраш ҳам аҷоиб, одамҳошам аҷоиб.

Баъд ришхандаро ҳайф донисту сӯи дар рафт, бехайру хуш. Аз байн ду солу ҳафт моҳ рафт. Ҳалим моҳ дар миён тантанаи ҷашни нимасраи ӯро то имрӯз ё аз рӯзномаҳо мехонад, ё аз радио мешунавад, ё аз телевизор ин ё он осё мебинаду хушҳолона зери лаб мегӯяд: аз афташ Ҳайбулло марову осёбамро аз нақшааш баровардааст.

## МУСАВВАРАИ ФАРОМАЗ

Дарро ба дарун тела додаму аз ғазаб дар худ печидам. Чи хел бетамизӣ? Варақҳои бетартибу парешон, қаламҳои ҳархелаи ранга чошу пош. Аз ноҷаи дари даромад, то оинаи барқади охири роҳрав ҷойӣ помонӣ нест.

– Ин хона, – ғуридам ба худ, – мурад ҳам ба тартиб намеояд.

Ва андаке аз худ рафта бо овози баланд гуфтам.

– Ҳаст ягон одами зинда дар ин хона?

Садои ба зарб бархӯрдани дари ошхона ба паҳлударӣ баромад.

– Кӯрай ин занак, – ҷӯшидам дар худ, – ҳеҷ чизеро намебинад. Нишастаст ба ҳузур дар ошхона. Худо ҷоната маст кунад, соҳибхоназан. Аз гардиши ошхона бар ҳилофи чашмдоштам Фаро-

маз баромад. Ӯ бепарво мисли ҳамеша сӯям даст дароз кард. Кӯдак чи гуноҳе дорад? Ба ӯ даст дода ва бо қоғазу қаламҳои чошу пош ишора карда пурсидам: – Ин чи гап? Ягон калонтар аст дар ин хона. Очат ку?

Фаромаз бе парво гуфт.

– Очам хонаи Хуршедашонда.

– Тинҷӣ аст? Барои чи рафт.

– Хуршедаро саг тарсонд. Духтур бурданд.

– Ҳамин Хуршедаи духтари ҳамсоя, – гӯён ба ӯ дари рӯ ба рӯро нишон додам.

– Ҳо – гуфт Фаромаз.

Аз ин хабар бе саришта гаштам. Қоғазу қаламҳои роҳрав фаромӯш шуд.

– Хуш Худо ба ту, – гуфтам ба Фаромаз, – баракат диҳад. Мегуй, ки Хуршедаро дар куҷо саг тарсонд. Фаромаз сӯи тиреза рафт ва роҳеро нишон дод, ки аз таги дарахт мегузашт.

– Ҳо, ана онҷо. Таги ҳамон шоххҳои пасту баланди тути дар лаби ҷӯйбора мебинӣ, сояи болои роҳ.

– Сахт тарсонд?

– Доду войяша баровард.

– Газид саг?

– Хайр Хуршеда ба пои худаш рафт ё бардошта бурданд.

– Бо пои худаш аз дасташ гирифта бурданд.

Хостам ба дармонгоҳ раваму Хуршедаро бо ду чашми сар бинам, вале боз худдорӣ кардам.

Модари Фаромаз рафтааст – ку. Меистам камтар. То бинам завҷаам чи хабаре меовард. Ва ба Фаромаз, ки байни тӯдаи қоғазу қоғазпораҳо истода бепарво аз ангуштони ман, ки банди кӯргиреҳ-задаи ботинкаамро мекушод, чашм намебардошт, рӯ овардам:

– Хуб, меҳнат кардаӣ, ҳа, Фаромаз. Ин бетартибиро бин…а… чӣ қадар заҳмат кашидаӣ.

Фаромаз сухани аввалаи маро такрор кард.

– Хонаи бекалон, ҳамин хел мешава?

– Чӣ хел мешава?

– Бетартиб.

Ва Фаромаз аз пеши оинаву назди дар қаламҳоро чинд.

– Худатро, – гуфтам ба ӯ, – азоб надеҳ бачам. Хуб меҳнат кардаӣ, монда шудаӣ. Акнун, ту дам бигир. Ман кор мекунам. Пораҳои қоғазро аз болои пойандози роҳрав гирифта пушту рӯи ҳар якеро ба диққат аз назар гузаронидам. Аксараш қалам хӯрда. Болои онҳо Фа-

ромаз хате кашида ва хушаш наомада ғичуму пора кардааст. Фаромаз ба ҳаракатҳои ман зеҳн монда ва ду – се қалам дар даст рост меистод. Ҳине ними қоғазпораҳои роҳрав тоза шуд, вай бо шитоб қоғазеро аз пеши оина гирифт. Ба ин амали ӯ аҳмият надода, пушту рӯи ҳар як қоғази ба дастам омадаро аз назар мегузарондам. Дар баъзеи он поя ё шохаи дарахт, сурате ба сагу духтарак монанд буд. Ин суратҳо то рафт ба асли хеш наздиктар мешуданд. Аз пояҳо шохаҳои дарахт мерӯиданд. Нуктае дар шоха овезону ҳоле дар поёни он. Нуктаи шоха сурати духтарчаеро монд.

Дилам нашуд қоғазпораҳои Фаромазро ба сатили ахлот партоям, балки бардоштаму болои як гӯшаи мизи ошхона гузоштам. Сипас аз ӯ хоҳиш кардам:

– Ку қоғази дастатро нишон деҳ. Фаромаз болои фарш нишаст. Ман ҳам рӯ ба рӯяш нишастам. Ӯ варақро сӯи ман дароз кард. Тасвири дарахт ва нуқтае ба дарахт монанд. Духтарак ду даст аз шохаи дарахт овезон ва дар поён саге болои дупой нишаста ва чашму ду гӯш ба духтарак нигарон. Саг ба монанди шикорчие, ки сабру таҳамулро пеш гирифтааст дар назар бепарвою фориғбол менамуд.

Бо ангушт дарахтро нишон дода пурсидам аз Фаромаз:

– Ин чӣ дарахт?

– Дарахти тут.

– Тути куҷо?

Фаромаз ба ин нодонии ман ҳайрон шуд ва ба дарахти тути таги тиреза ишора кард:

– Ана, ҳамон, дар таги тиреза. Ин ҳамон навдаи болои роҳ.

– Чӣ зӯр омад, ин духтарака, ки аз ин навда овезон бошад.

– Сагро намебини?

– Мебинам, хайр чӣ?

– Хайр чӣ? Агар ба ин навда парида овезон намешуд, саг мегазид, ӯро. Намебинӣ саг ҳоло поида истодааст?

– Мебинам. Агар дастҳои духтарак қувват накунад чӣ?

Фаромаз аз ин савол ҳайрон монд. Ва ба ӯ маслиҳат додам:

– Зина мон, саг ба зина баромада наметавонад. Ҳам духтарак пойҳоша монда ба ҳузур мешинад.

– О, то зина меёбанду мемонанд, – инкор кард ин пешниҳоди маро Фаромаз, – саг мехӯрад ӯра.

– Ном дорад ин духтарак?

– Ҳо, чӣ... дорад ном. Номаш Хуршеда.

– Ҳа, агар Хуршеда ба ин шохи дарахт овезон мешуд, ӯро саг намегазид.

– Ҳа, лекин аз тарс калаи Хуршеда кор накард. Агар калаш кор мекард, бо дасту пойҳо овезон: «Оча, Оча» гуфта дод мезад. Зуд тоб хӯрда болои навда мебаромад. Сага аҳмақ мекард.

Айнакамро аз байни қоғазу газетаҳои чорқаду – ҳаштқади чайб палмосида ёфтам ва болои бини мондам, то ба мусавварaи Фаромаз дурустар зеҳн монам. Хуршеда ду даст аз шохи дарахт дошта ва пойҳояшро дар он ҳалқа сохта аз сатҳи замин хеле боло меистод. Саг ҳам аз зоти сагҳои майда буд. Ҳазор халос занад, дандонаш ба лаби домани Хуршеда намерасад.

– Ҳанӯз чашм аз мусаввара набардошта будам, ки садои туқ-туқ ба палаҳои қирии зинаҳои даромадгоҳ бархӯрдани пошнаи нав-наъли кафши занам баромад. Модари Хуршеда ҳам кафшҳои ба тозагӣ наълзада дошт. Ҳине ин ҳарду аз палаҳои бетонии ошёнаи сеюм мефуромад, симфонияи машҳури қазоқиро ба ёд меовард. Ба ин симфония гӯш дода даштҳои фароху бе охири қазоқ ва галаи дартози аспҳои чорнаъл пеши назар омад. Савти – наълҳои кашфҳои онҳо дар растаи таги тирезаҳо ба ҳам чӯр шуда ба дару тирезаҳои ҳуҷраҳои қабатҳои чоруму панҷуми бинои монанди рӯдаи гов дароз то аз назар ғайб заданашон танин меандозад. Ҳоло бошад, туқ-туқи пошнаи кафши завҷаамро мешунавам. Гӯё танҳо меояд. Вале чун дарро тела доду вориди хона шуд, дар пойҳояш калӯш буд.

– Туқ-туқи кафшҳои пойи зани ман… чаро бо калӯшӣ?

Ва гӯё ҳарфи маро нашунида гуфт:

– Муранд ин кампирҳои сагбоз. Одамҳо нони хӯрдан намеёбанду дар ҳар хона ду сагу се саг.

– Ҳавасат, – гуфт ӯ, – ба туқ – туқи кафши пойи зани дигар рафт.

Ҳарфе нагуфта мусаввараро пеши чашмонаш бурда фаҳмондам, ки ин ҳунари Фаромазро бинад. Ба ханда кунҷи лабаш ҷунбид, баъд:

– О, балочае, гӯён қоҳ-қоҳ зад.

– Ҳақиқат аст, – пурсидам аз ӯ.

– Ба худо дурӯғ нест. Ба ҳафтод пушти тутшинон раҳмат. Агар Хуршеда ба ҳамин навда мечаспид, саг нагазидаш.

– Газиданаш як бало. Боз чил сӯзандору задана намегӯӣ. Ҳамааш аз чиликаш. Ҳозир бо як сӯзандоруи тарс ранги духтарак ба ҷояш омад, ҳарос аз вуҷудаш рафт.

Аз ин ҳодиса моҳе сипарӣ шуд. Баромади зимистону даромади баҳор ҳамсояамон Кенҷа, маъракае дошт. Ӯ ба маслиҳати ду-се ҳамсояи дӯсташ дарахти тутро аз кунда арра карда ва афтонда ҳезуми таги дегу самовор кард. Аз ин амали кӯри Кенҷа димоғи

ҳамагон ва ба хусус хонаводаи Хуршедашон сахт сӯхт. Ва падари Хуршеда занашро таскин дода гуфт:

– Падари мафия ҳазору як лаънат. Ин кӯри Кенҷа бо мафияаш ҳар коре хоҳад, мекунад.

– Маъракааш аз сараш монад. Андаке аз моли зиёди аз пули мардум ҷамъ овардаша қурбонӣ мекардааст. Худо қабул накунад, хайраша.

Ва пагоҳ пеши оинаи барқади роҳрави хона ду мусаввара дидем. Болои қоғази сафед ва қаламҳои ҳарранга ва расми дарахти туте чаппагардон мехобид, ба мисли одаме, ки дасту пойҳои беҷонро ба чор тараф ёзонда. Саги калони чӯпонӣ мардеро паси кундаи решаи тут пахш кардааст ва ҳоли зоре дорад. Дуртар аз ӯ табару арраи шикаставу бедаста.

Марди саг пахш карда ба кӯри Кенҷа шабоҳат дошт. Аз дидани ин мусаввара ба дилам ваҳм омад аз бедимоғии дирӯзаву имрӯзаи Фаромаз.

Қоғази дигари бари он истода ҳам тасвире дошт. Дар ин мусаввара низ одаму саг акс ёфта буд. Вале баракси мусаввараи аввал ин ҷо саги хурду одами хурд нақш гардида. Сагча аз остини дасти духтараке медошт. Ва духтарак ба Хуршеда монанд буд. Фаромаз маро саргарми тамошои мусаввара дид ва муғамбирона дар гӯшае аз дасти ростам истода аз оина ба ваҷоҳати он лаҳзаинаи ман зеҳн мемонд.

– Шинохтам, ин духтарака, – гуфтам ба ӯ, – Хуршеда аст.

– Хайр, чӣ, – бепарвоёна гуфт Фаромаз.

– Аз кучои ин духтарак, – пурсидам аз ӯ, – саг газидааст.

– Намебинӣ аз дасташ.

Барои чӣ аз пой не?

– О, намедонӣ? Одамони калона саг аз пояшон мегазад. Одами калон нест ку, майдача аст. Майдачара саг аз даст мегирад.

– Хайр, илоҷе наёфт ин духтарак, ки аз саг халос ёбад.

– Дарахта буриданд. Дигар чӣ кор кунад? Нест ягон шохи дарахте, ки парида гирад.

Фаромаз ҳар ду мусаввараpо гирифту хонаи хобаш даромад. Ва ман ба андеша рафтам. Аз кирдори кӯри Кенҷа дилам ба дард омад. Ва ба худ гуфтам:

Дарахтон пушту паноҳи одамонанд.

## ПУЛДОР ШАВЕМ

Ӯ бори бисту сеюм аст, ки сухани якрангашро паи ҳам такрор мекунад.

Бо як оҳанге гап сар мекунаду маҳзунона хомӯш мемонад, ки дили ҳар як шунаванда ба ҳоли ӯ месӯзад.

Ҳаким ҳамроҳи бародараш аз завод омад. Пиёлаи чойро нав ба даст гирифт, ки зани хӯҷаини хона даромад.

Зан ҷои он, ки иҷорапулӣ талаб кунад, гуфт:

– Хӯҷаинатон бедармон. Бечора дирӯз бо як худовупир самбӯсаҳои пӯхтаашро пул карда тавонистааст. Ман аз ҷиҳати он касон дар ташвишам. Агар як рӯз аз кор монад, чи хел зиндагӣ мекарда бошем, намедонам. Камбағал, рӯз то шаб ташвиш мекашад. Эй, кош мо ҳам монанди фалони метавонистем, ки хонае аз рӯи лоиҳа месохтем.

Ҳаким дар воқеъ ба ҳоли ин бечораи камбағал дилаш сӯхт. Қариб буд ҳамаи маоши як моҳаи худ ва бародарашро қурбони хӯҷаинзани хона кунад. Вале ба димоғи додараш, Шамс аз ин зан кадом як бӯе расид. Нигоҳи Ҳакимро таъкиб кард ва ба ишораи чашм гуфт: Сабр. Боз фиреб нахӯрӣ.

Бародар ба ӯ эътимод накард ва пурсид.

– Холаҷон, хоҳед, ду моҳи иҷораро пешакӣ медиҳам. Чанд мешавад? Соҳибхона ҷавоб надод. Мехост ҳисоби пулро аз иҷоранишин донад. Агар кам гӯяд, ислоҳ мекунад. Рафту зиёд гӯяд, ислоҳ чӣ лозим. Розӣ мешаваду мемонад.

– Ба назарам сад ё саду панҷоҳ сӯм.

Рақами охир ба зан хуш омад. Вале дудила шуд: раваду аз ин зиёд: саду панҷоҳу як яксаду панҷоҳу ду шавад. Боз дар хона моҷаро. Мардак пӯсташро меканад. Сари беҷанҷол хуб. Сари ин андеша гуфт:

– Ина, аз хӯҷаин пурсидан лозим.

– Хайр саду ҳаштодӣ.

Ду моҳ, аз дил гузаронид соҳибхоназан сесаду шаст. Раваду сесаду шасту ду ё аз ин беш шавад.

– Сабр мекунем, бачам. Хӯҷаин биёянд.

– Хайр, ду сади. Марҳамат. Боз тавонем ёрӣ мерасонем, – Ҳаким даст ба ҷайб бурд. Вале зан боз дудила шуд: раваду аз ин зиёд ду моҳ, 400 нею 402 шавад. Зан сар ба китфи чапу рост ҳамоил кард ва рост дошту гуфт:

– Шояд, бачем, вале сабр мекунам. Ҳамин замон хӯҷаини хона Қаюмакотон меояд. Ба ӯ диҳед.

Ҳаким ҳайрон шуд, ки байни зану шӯй ҳам аз ману ҳам аз ту гуфтани чиз будааст.

– Майлаш, майлаш холаҷон. Бигзор ба вай диҳам.

Шамс чой дам кард ва пиёла ба дасти бародар доду гуфт:

– Ако, ба назарам зани хуб не.

– Аз куҷо донистӣ? Шамс ҳеҷ гоҳ сухани надониста нагӯй.

– Дониста мегӯям. Оё надидӣ, ки дар хона чанд то яхдон болои ҳам қатор чида доранд.

– Не надидаам.

Аз баромадани зан ду соат рафт. Соҳибхона бо қомати чун сарв боло ва мӯйи сари дуранг: сафеду сиёҳ ва чеҳраи саршор аз табассум, ки дам ба дам аз андоми мутафакиронаи ӯ намоён мегардид, дар паси дар ҳозир шуд.

– Салом писарон, – гӯён ба хона даромад.

Писарон ӯро ба рӯи кӯрпача шинонда хоҳиш карданд, ки як чанд пиёла чой ва чи қадар ноне хоҳад, аз хони онҳо бихӯрад. Аз қиёфаи ҷавонон устувориву бебокии ҷавонмардона ҳувайдо буд.

Мард гапро ба мақсад наздик овардани шуд ва гуфт:

– Соли гузашта ин хона фарш надошт, боз як оинаи тирезаашро аҷинабодак шикаста буд. Ҳа, баъд печ ҳам надошт. Аммо се донишҷӯй менишастанд. Ҳар моҳ ду саду ҳаштод сӯм медоданд. Аҷаб бачаҳои хубе буданд. Худо баракат ёбанд. Йигитҳои меҳнатӣ буданд. Замини ин ҳавлиро се – чор бор побел карда чизҳои бисёре шинонданду коштаанд. Имсол писарам. Ба ин хона меҳнати зиёде рафт. Сафед кардем, фарш сохтем, дару тирезаашро ранг молидем, печ шинондем. Зиндагӣ намешавад. Бояд то зиндаӣ биҷунбӣ. Ин хонаҳо ҳар сол шикасту рехт доранду харҷу хароҷот.

Писарам заводи равғанкашии шумо хеле корхонаи бой. Додарат ҳам ҳамонҷо кор мекунад?

– Ҳа, ҳамроҳ.

Вазифааш чи?

Ҳаким аз саволи ин марди пурандеша, ки доим ғарқи фикр аст, ҳайрон шуд. Инсонӣ бузург. На ҳама чи дар ёди ӯ меистад. Бин чандин бор ӯ инро пурсида ҷавоб гирифта буд. Вале дар хотираш намемонад, бечора. Ҳаким баъди каме андеша ҷавоб дод:

– Ҳа, тағо, ман дар завод коргари одӣ, равғанкашам. Лекин маошам кам нест. Панҷсад. Додарам ҳам дар ҳамонҷо кор мекунад. Ӯ як чанд касб дорад. Монтиёр, харрот, челонгару танзимгар, муовини раиси иттифоқи касаба.

Қаюмако донист, ки ҷавонон нафаҳмида аз мақсад дур рафта ис-

тодаанд, худро дошта натавониста лабонашро газида, чиликҳояшро як-як қату рост кард ва ба девор нигаристу дилсӯзона гуфт:

– Ҳо, ана он ҷояшро вақти бемории ман янгаатон сафед карда буд. Он қадар дуруст не, лозим меояд аз сар сафед кунем. Лекин барои ҳамаи ин пул лозим, писаронам.

Лаҳзае ӯ ба сари такрори калимаи пул меомад, содаву бечораҳол мегардид. Аз ин ҳоли ӯ дили Шамс сӯхт ва ҷомаи собириро ҷар зада гуфт.

– Ако мо бояд ба шумо чанд сӯм диҳем?

Қаюмако каме таҳамул кард, каме андешид, риши тарошидаашро се-чор бор молиш доду бо эътибори тамом гуфт.

– Писарон, ба ман ҳақи касе лозим не. Хона, чуноне мебинед тоза ва озода. Разеткаи дарзмол, разедкаи радио. Об наздик… Ҳамин сесад сӯм диҳед. Як сӯм кам не. Инро ман барои ҷавонмардони хеле боадаб буданатон аз ин зиёд намехоҳам.

Ҳаким, ки аз хона кофтан безор шуда буд, талаби хӯҷаинро қабул кард. Шамс бошад ба ин тан додан нахоста бо каме таъғири қиёфа аз ҷояш хест. Вале Ҳаким ӯро ба як ишораи чашм ба замин шинонд. Ба Қаюмако қавл дод, ки ба ҳамин маблағ комилан ризо аст. Қаюмако ғарқи тафакур аз ҷой хест. Аз чехра ва нигоҳи ӯ нур меборид. Аз симои ӯ Ҳаким пай набурд, ки аз ин маблағ хушнуд аст, ё малӯл. Ва Қаюмако бо андешаҳои номаълум аз дар баромад. Аз тирезаи кушодаи ошхонаи он сӯи хонаи иҷоранишинон ҳамсари ӯ як чашму гӯш ба зирбаки оши палови дегаки рӯи газ ва чашму гӯши дигар ба шавҳар дошт. Чун шуй аз дар даромад, пурсид:

– Чанд?

Қаюмако беэътиёна гуфт.

– Моҳе сесад.

Аз ошхона мағал бархосту Шамс радиоро хомӯш кард.

– Ҳама гапа ба даҳони ту додему ана, натиҷа.

– Чӣ кам? Чанд мехостӣ?

– Зиёд, – гуфт зан, – ҳеҷ каса накуштааст. Ман ҳеҷ «чанд» намехостам. Худашон ба чорсад сӯм розӣ буданд. Ту гуфтиву сад кам кардӣ.

– Аз куҷо ту чорсад донистӣ?

– Як соат пеш. Аз ин бару он бар ба онҳо гап кушодам. Ба чорсад сӯм иҷора маро розӣ карданӣ шуданд. Мани гӯлу гаранг роҳи туро поидам, ки мабодо маъқул надонӣ. Кам гӯй. Чор саду ду ё чорсаду даҳ гӯй.

Аз таассуф Қаюмако қариб дод гӯяд:

– Чаро маро нагуфтӣ. Аз куҷо донам ман. Айби худат.

– Айби ман чӣ? Аз дари ҳавлӣ даромадиву рост пеши онҳо рафтӣ. Аввал ин ҷо меомадӣ. Ман ҳамин ҷо будам. Як даҳон мепурсидӣ. Баъд медидӣ ман чи мегӯям.

– Хайр, – гуфт ноумедона Қаюмако, – сел гузашт. Дигар фоида надорад.

Ин ноумедии Қаюмако ба зан бетаъсир намонд. Ба хусус ба ашки чашмони шӯй, ки ноаён пушти даст, пок кард, раҳмаш омад.

– Хайр, – гуфт зан, – либосҳоятонро кашед. Ош ҳозир тайёр мешавад.

– Ошата, акнун худат хӯр, – гуфт Қаюмако. – Аз гулӯи ман ош намегузарад. О, ту… гаранг. Наметавонистӣ аз пасам дароӣ, ин хатои мани ношуда ислоҳ кунӣ.

Баъдан то густурдани дастурхон ва кашидани ош таскини дил пайдо кард. Иҷоранишинон, охир аз барқу об истифода мекунанд. Ҳар чанд он сад сӯми аз ғафлати ӯ аз даст рафтаро пурра набошад ҳам қисман рӯёндан мумкин. Умеди ӯ ба барқ зиёдтар шуд. Ин одамон дарзмол мекунанд, плитка мемонанд, то чойю хӯроки гарме хӯранд. Аз ҳамин истифода мебаранд. Ҳамаи ин пул аст. Аз сад гузаштанаш мумкин. Ба ёд овард, ки ин пулро ба онҳо нагуфт. Ҳақ доранд ин маблаға ба ҳисоби пули иҷора дароранд.

Сари ин андеша боз иштиҳои ӯ мурд. Замоне завҷаи ӯ лагани оши паловро сари дастурхон монд, Қаюм ако ба шитоб аз ҷой хест. Ба хонаи иҷора надаромад. Пушти дар Ҳакимро хонд ва гуфт:

– Уко, як чиза ба ёд гиред. Пули барқу об ҳарчанд ночиз аст, ба ҳисоби сесад сӯм намедарояд.

– Хайр майлаш, – гуфт Ҳакиму иштиҳои Қаюм ако қозгир шуд. Ӯ бо шитоб сӯи дастурхони хона шитофт.

Ба бечораҳолии Қаюм акову завҷаи ӯ дили Ҳаким сӯхт. Ин Шамси додари ӯ аз ҳад мегузаронад. Плитаи худсохти аз бозор овардаи ӯро аввал хӯҷаинзан дид. Як плитаи калону спирали зичи ғавс. Об рӯи он аз алоби газ пештар мепухт. Зани соҳибхона пеш аз он, ки нам ба чашм оварад, рӯймолча гирифту дида тоза кард. Шамс ҳайрон монд. Ӯ аз маоши худу бародар қонеъ буд. Ба ҳама харочотҳои бародарон мерасад. Зиёдатӣ ҳам мекард. Ташвиши ин зану шӯ чи қадар бисёр. Ду-се баробари онҳо даву тоз доранд. Бо хотири озурда ба Ҳакиму Шамс аз истифодаи барқу об ҳарф мезананд. Шаб ҳангом, танҳо ҳамон гаҳе ба хоби осуда мераванд, ки бинанд чароғи хонаҳои иҷора хомӯш аст. Дилтангиҳои соҳибони хона ба Ҳакиму Шамс бетаъсир намемонд. Хонаи мардум ба дил зад. Гӯё, дигар ғайрати ҷустани хонаи иҷора ҳам ба дил зад. Панҷ соли умр дар панҷ гӯшаи шаҳри Душанбе ба иҷоранишинӣ рафт. Хӯҷаин

дар сехонаи дигараш одам шинонд. Ба ҳамаи онҳо мӯҳтоҷиашро пешкаш карда, ба маблағи калоне розӣ намуд.

Қаюм ако понздаҳ рӯз бо димоғи чоқ бо лабҳои пур аз табасум дам ба дам аз ким чи хел ғалабаҳояш завқ карда механдид. Дар рӯзи шонздаҳум ӯ тамоман тағйир ёфт. Аз ду мижгон хун мечакид. Ҳатто ба сагчаи зебояш ҳам нигоҳ накард. Ҳол он, ки дурӯз пеш аз ин ба пеши ӯ рафта.

– Даст деҳ, даст деҳ! – мегуфт.

Имрӯз ӯ ба он ҷонвари безабон ҳам кина дошт. Баробари ба қадаш давида рост шудани саг сангро бардошта ба сараш зад. Ҳайвон як чанд бор пайи ҳам улос зада аз пой афтод. Ҳеҷ кас ин таъғири ҳоли хӯҷаинро нафаҳмид. Авзои ӯро танҳо занаш медонист. Чунки ӯ бадтар аз шавҳар дар хиҷолат буд.

Воқеае, ки зану шавҳаро ба ғазаб овард, ба рости хеле ва хеле ҳам аҷоиб аст. Чор рӯз пеш ҷавони шиносашон ба дидорбинӣ омад. Ӯ донишҷӯи соли сеюми донишгоҳи миллӣ буд. Аз Қаюм ако паноҳгоҳ хосту ҷавоби рад шунид. Шаби чорум аз хона дилшикаста баромадани он донишҷӯ аҳволи Қаюм ако вазнин шуд. Ба ҳоле ӯ худро аз сари миз ба рӯи диван кашид.

Донаҳои калони арақ аз пешона ва гарданаш ғел заданд.

Бори сеюм аст, ки Қаюм ако ба чунин ҳолат гирифтор меояд. Аз ин зиёдашро Нозукбӣ намедонад. Бори аввал Нозукбӣ дасту по хӯрда шуд. Филиқ – филиқ гирист. Воҳ, хонаи ободам, гуфт. Аз Худо илтиҷо кард, ки шавҳари ӯ намирад. Бо ишораи ӯ 03 занг зад. Мошини ёрии таъҷилӣ омад. Паи ҳам се маротиба дору гузаронд. Қаюм ако зуд ба худ омад. Аз ҷой хест.

– Ташаккур, дуруст шудам, – гуфт.

Духтур ба қаъри чашмони ӯ назар афканд ва гуфт.

– Камтар даҳшат кашидед.

Аз куҷо донист, духтур даҳшати ӯро. Чи хел даҳшат накашад Қаюм ако. Нозирони стандарти давлатӣ чанд самбӯсаи ӯро пора карда, гӯшту пиёзу хамирро ба тарозу заданд. Вазн қариб бар ҷой. Вале ҷои гӯштро пиёзу хамир гирифта. – Акт, – гуфт яке.

Нозири дуюм даҳони сумка кушод. Қоғазу қалам баровард. Ду варақ навишт ва чор самбӯса гирифт.

– Дар лаборатория месанҷам, – гуфт ба Қаюм ако. – Акт пурратар мешавад. Пагоҳ имзо мекунӣ. Акт оҳиста – оҳиста ба ӯ таъсир карду дар хона ба даҳшат расид. Бори дуюм ба ҷанги мухбир зад.

– Гушташ, куҷо? – пурсид мухбир аз ӯ.

– Об шудаст, – гуфт устои самбӯса Қаюм ако.

– Чаро пиёз об нашуд? – пурсид мухбир. Қаюм ако ҷавоб наёфт. Мухбир дар ҳол сурати ӯро гирифт.

– Чақи ва тамом, – гуфт ноумедона устои самбӯсапаз.

– Ҳа, тамом, – гуфт ноумедона устои самбӯсапаз.

– Ҳа, тамом, – тасдиқ кард мухбир. – Акнун исми шарифатон.

Абдуқаюм ако, гуфту пушаймон шуд. Аллакай ӯ сурати худу ташти самбӯсаҳоро дар рӯзнома медид. Калонҳо инро бинанд, чи мегӯянд. Комиссияборон мешавад. Ба дили ӯ бим рахна кард. Худи чакак барин: Бобом ба ҷои шиштагӣ чоҳ меканад. Чун аз кор фориғ шуду асбобу анҷомро ғундошт, чоҳкании бобом шиддат гирифт. Аз дидани завҷааш бими ӯ сабук нашуд. Рӯзнома ба дасти инҳо ҳам меафтад. Ҳатман ягон ҳамсоя ба инҳо газетаро, ки дар он ӯ, ташти самбӯса, дегдону деворҳои дӯкон ҳаст савғо медиҳад. Ин ҳам дарди бахайр. Инҳо мебинанд, афсӯс мехӯранду мемонанд. Вале директори генералии иттиҳодияи дӯконҳои самбӯса Шокир Холмуродович афсӯсро намедонад.

– Хондӣ, ина, қаҳрамони давронӣ мо? – мегӯяд.

Қаҳрамон? Чихел қаҳрамон? Ба тааҷуб меояд Қаюм ако.

– Ягон ҷабҳаи зиндагӣ бе қаҳрамон намешавад, мефаҳмонад ба Шокир Холмуродович. Ду гурӯҳ, ду мамлакате, ки муқобили ҳам меҷанганд., сарфи назар аз ҳадафу мақсадҳои ҳарб, ҳар ду ҳам қаҳрамонон доранд.

Дунёи адл ва дунёи макр. Ҳар ду ин дунё ҳам қаҳрамонон доранд. Ва ту, мӯҳтарам Қаюм, устои машҳури самбӯса қаҳрамони дунёи макр шудӣ. Паи ин гуна қаҳрамон канда бод аз иттиҳодияи мо. Дӯконро супору сабук, даъф шав. Баъд ба куҷо.

Ӯ сари роҳ ба дӯкони чиниворӣ даромад. Чойнакҳои зебо... Дардаш андак сабук шуд.

* * *

– Занак ҳай чойнакҳои фасон омадааст-да. Пагоҳ рафта ягонта мегирифтӣ. Ба Худо аз самбӯса дида онҳо пули хуб мешуданд.

Нозукбӣ бо диққат ба ӯ нигоҳ кард ва бо оҳангӣ маҳзунона пичирос зад:

– Мардак, сад сӯмаш ҳеҷ чиз намешудааст. Коҳи бебаракат. Сабил бист рӯз ҳам набурд. Шокир ба ҷонам намонд атлас мехарам, гӯён даҳ сӯмашро гирифт.

– Чи… даҳ сӯмашро? Ҳоло ӯ куҷост?

– Дар каташ хоб.

– Ҳа, лаънатӣ! Синфи нӯҳум мехонам, гуфта қирони пулро баровард. Ку бигӯй, ки мо ба ин аҳвол чихел хонае аз рӯи лоиҳа месо-

зем. Бас аст, дигар ӯро ба мактаб рафтанӣ намемонам. Як ҳамроҳам ба Тошкант рафтааст. Шокир мурда-мурда ба ҷои ӯ кор мекунад.

– Хайр, даҳ сӯмаш сари Шокира хӯрад. Дигараш куҷо шуд?

– Дигараш сарфи хона шуд.

Бас! Бас, шуд! Ҳамааш фаҳмо!!.

Вай дасташро ба пешона заду ғарқи фикр гашт ва ғамгинонаву озурдаҳолона гуфт:

– Нозукбӣ, дигар ба кори ман дахолат накун. Пагоҳӣ ҳама чизҳои хонаи хоба гир. Ду студента ёфта меоварам.

Рӯзи ҳафтум чеҳраи Қаюм ако каме кушода буд. Аз омадани донишҷӯи шинос ва ҳамроҳи ӯ хушҳол шуду дар дил гул-гул шукуфт.

Баъди якуним моҳ дили ҳама иҷоранишинон ба ҳоли донишҷӯи шинос, беҳтараш ба хеши Қаюм ако сӯхт. Вай бо рафиқаш ба чандин хурсандӣ ба ин манзил омаданд. Хона ба ҳарду хуш омад. Ва ба он хонаи умед ном ниҳоданд.

Афсӯс, ки хонаи умед онҳоро ноумед кард. Нозукбӣ чандин бор донишҷӯи шиносро пеши худ хонд ва як ба як сухан гуфт. Таҳкид кард, ки бисёр мӯҳтоҷ аст. Аз камбизоати девонашуданаш мумкин.

– Шумо, – гуфт Нозукбӣ, – қувваи электрик… Ва як гала чизҳои дигар сарф мешавад. Барои ҳамаи инҳо пул лозим. Майлаш баробари бачаҳои соли гузашта диҳен, шуд.

Ӯ медонист, ки соли гузаштагиҳо ду кас буданду як саду панҷоҳ сӯмӣ медоданд. Донишҷӯй ба ҷуз ризоӣ илоҷи дигаре надид. Нахост хотири ботири хешаш аз ӯ озурда гардад.

Донишҷӯи шинос дар болои ду сара монд. Ӯ маҷбур шуд то охири таҳсил зӯи дусара гӯяд. Аз як тараф пули иҷора ва аз дигар ҷиҳат роҳи дур то донишгоҳ. Харҷи роҳпулии ду тараф моҳе аз сӣ-чил сӯм мегузашт.

Ӯ акнун донист, ки лутфи хеши корсозаш ӯро аз китобхона аз хобгоҳи тозаву озодаи донишгоҳ дур кардааст…

Қаюм ако ҳамроҳи писараш Шокир як ҳафта бемалол кор кард. Ногоҳ ҳамсинфи бачаи ӯ аз куҷое дар коргоҳ пайдо шуду фардои он рӯз муаллимонаш омаданд. Ако роҳе ёфт чун марде, ки ба осиё медарояду доманаш гардолуд намегардад. Ӯ гӯши Шокирро бо як волесипеди моторӣ тоб дод то айби аз таҳсил ӯро бар канормониро ба гардани худ гирад.

* * *

Таҳсили донишҷӯён поён меёфту айёми таътил фаро мерасид. Қаюм ако як хонаи боҳашамате сохт. Қаср ҳам гӯӣ мешавад. Ҳавлӣ, хонаву дари ӯ метавонад, ки ба бо шукӯҳтарин хонаҳое, ки аз рӯи лоиҳа сохта шудааст, рақобат карда ғолиб барояд.

Ба Қаюм акои бечора лозим омад, ки боз бештар ғам бихӯрад. Дар ин дунёи равшан ба ҷуз устои самбӯса дигар ҳунаре надорад. Ҳар чи ёфт аз самбӯса ёфт. Агар аз гӯшт намезад ба пиёз намеафзуд, аз куҷо хона месохту маъракаи тӯйи зангирӣ меорост. Шукри Худо хонаи нав ҳам тайёр. Таъмираш ҳам дараҷаи олӣ. Зеби доллар дорад, хонаи нави ӯ. Чи ками дорад хонаи нави ӯ аз хонаҳои Раҳими сасискаву Карими қурутоб. Ҳарду хонаҳоро бо доллар ба иҷора доданд. Аз кадом ожансиҳои хориҷӣ доллари калон мегиранд. Шояд аз ҳазор кам набошад. Шуки ҳарду гирифта. Ҳеҷ гоҳ намегӯянд, ки иҷоранишинҳо чи микдор доллар ба онҳо медиҳанд.

* * *

Оқибати ду ҳодисаи аввал ба некӣ анҷом ёфт. Пул дастгир шуд. Хайрият аз киссаи худаш не. Нозукбӣ аз нолишҳои шӯй аз бепулӣ дилаш об шуд. Аз падару модар ва бародар маблағе рӯёнду ба ӯ гуфт ин сӯма гиру ҷонатро аз бадномӣ раҳон.

Аз дидани дастаи пул ва андешаи он, ки ба каси дигар меравад Қаюм ако дар худ фурӯ рафт. Худро кашиду хурд шуд.

– Бигузор, – гуфт ба Нозукбӣ, – ҳар ҷазое ба ман диҳанд, розӣ. Ин пул бегона нашавад.

Зан моту маҳбут монд. Аз хонавайронӣ тарсид. Байни нозирону шавҳар даромад. Зар болои санг монду санг мулоим шуд. Нозирон ба ӯ гуфтанд. Шутури сафеда надидем. Яъне мо қабудие аз устои самбӯса Қаюм ако наёфтему шумо ҳам нашунидед. Баъд чанд рӯзи ин мухбир як дона рӯзнома ба ӯ дод. Қаюм ако газети чортахро, таги лагани самбӯса монд. Агар онро мекушод, медид, ки сурат ба Абдуқаюм ако чандон монанд нест. Танқид ҳам мисли хола-хола бетаъсир. Баъд рӯзнома ғайб зад. Шояд Шокир онро сарфи самбӯсапечонӣ кард.

Вале гарде, ки аз камхонагӣ дар ин ҳавлии кӯҳна ба дили ӯ нишастааст, миёнарав худхурӣ аст. Ин қадар иҷорашини бисёр аз даст меравад. Дар чунин як ҳолати нобоб чашмаш ба ҳезумхонаву анҷомхона расид. Ҳама чӯбу чахс, асбобу анҷомро ба як гӯшаи ҳавлӣ баровард, таги пояи анҷир тал зад. То нимашаб нахуфт на ӯ ва на Нозукбӣ. Рӯбу чин карданд. Пагоҳ ба деворҳои даруну беруни ҷойгаҳҳои нав як сатил оҳак зад. Ва иҷорашини сиёҳи дарозро ба тамошои ҷои нав даъват кард.

– Ҷо чихел? – пурсид Қаюм ако, аз сиёҳи дароз.

– Оличаноб ако.

Ва ӯ ба собиқ анҷомхона ишора карда гуфт, ки инҷо бемалол ҷои ду кас. Дар собиқ ҳезумхона чор иҷоранишин ба ҳузур ҷо мегиранд.

– Шаш нафар, – гуфт Қаюм ако ба хотир гирифта ба андешаи чуқур ва бо ҳамон ваҷоҳат илова кард:

– Ин шаш нафара худат меёбӣ ё ман аз пасаш шавам.

– Шумо, – гуфт сиёҳи дароз, беташвиш бошед. Бегоҳ иҷоранишинони нав бо ду пои худ аз дар медароянд.

– Шарту шароита, – гуфт Қаюм ако, – худат мефаҳмонӣ.

– Чан сӯми гӯям?

– Ҳамон маблағе, ки, – фаҳмонд ба ӯ Қаюм ако, – худатон медиҳед.

– Меарзад, – гуфт сиёҳи дароз.

Ва бегоҳ сиёҳи дароз ӯро ба иҷорашинони нав шинос кард. Чор нафар дохилшаванда ва ду каси дигар ғоибхони донишкадаҳои олӣ. Бар хилофи чашмдошти сиёҳи дароз чеҳраи Қаюм ако нашукуфт. Баръакс зиёдтар ба андеша рафт. Хост аз рӯзгори вазнин шикоят гӯяд. Вале лозим надонист.

Сари дастурхони шомӣ дар лаби Нозукбиву Шокир табассум диду наздик буд, буридаи угро ба гулӯ печаду дар монад. Аз чи ин қадар очаву бача хушнуд, – гуфт ба худу напурсид. Нозукбӣ хост, сабаби хурсандии худу Шокирро ба шӯй гӯяд. Вале онро ба баъд монд. Чун Қаюм ако рӯи ҷойгоҳи хоб дароз кашид, Нозукбӣ гуфт:

– Мардак, ҳамин сиёҳи дароз байни иҷоранишинон одами нағз. Хизмат кард. Шаш нафар иҷорашин овард. Акнун, мардак ҳаждаҳ нафар иҷорашин дорӣ. Ман ҳисоб кардам пули иҷора аз ҳазор сӯм мегузарад.

– Гузарад чӣ, – гуфт, норозӣ Қаюм ако, – ба куҷо меравад? Ба чи мерасад? Ба мошин, ба соату ангуштари тиллоӣ, мошини хориҷӣ? Ба чӣ?

– Ба ҳар ҳол, – гуфт Нозукбӣ, – пулдор мешавем, мардак.

– Ба ин ҳол балоя пулдор мешавӣ.

Ва ногаҳон ӯ ба Нозукбӣ амр дод:

– Пагоҳ ҳамроҳи Шокир чизу чораи зарурира ба хонаи нав бар. Бо сиёҳи дароз маслиҳат кун. Иҷоранишинон ёри медиҳанд.

Фардо аз нимаи рӯз ду хонаи нав ба қабули иҷорашинон тайёр мешавад. Ва нархи иҷораи ин хонаҳо, аз дигар хонаҳо фарқ дорад. Ин ҷои баҳс надошт. Баҳс андаке байни зану шавҳар нисбати ғунҷоиши хона рафт. Нозукбӣ дар ҳар ду хона чор ҷойгаҳӣ шумурд. Абдуқаюм ако аз шаш ҷойгаҳи кам розӣ нашуд. Даъвои зану мардро Карим соф кард. Дарози сияҳ гуфт, ки на ину на он, ба ҳузураш панҷ ҷойгаҳӣ. Талабгор ҳаст. Фардо даҳ нафар иҷорашинро аз сиёҳи дароз гиранд.

Аз ин ваъдаи Карим зан шодӣ кард. Бо ҳавас даст ба китфи сиёҳи дароз бурд ва гуфт:

– Ин қадар шумо одами нағз Каримҷон. Аз куҷо Худо шуморо овард. Ҳама мушкилиҳои моро осон кардед. Агар шумо намебудед ба Худо чор рӯз ману Шокирҷон ба хонаи нав чизу чора мекашидем. Шумо мобайн даромадену кори чор рӯза дар нимрӯз буд шуд.

Аз шодӣ даҳони Нозукбӣ, чунон кушода буд, ки сиву ду дандони ӯ, ки нисф зиёдаш аз тилло буд, ҷилло дод. Аммо Қаюм ако ҳолати дигар дошт. Ӯ бо лабҳои фишурда чунон дар гирдоби тафаккур ғарқ буд, ки даст бардоштани Нозукбиву навозиш кардани китфи рости сиёҳи дарозро надид.

– Худо диҳад дадаш, – гуфт дар хонаи нав Нозукбӣ, – аз пагоҳ соҳиби бисту ҳашт иҷорашин мешавӣ. Ҳисоб кардам, моҳе на камтар аз ду ҳазор сӯм мешавад.

– Ту, ҳисобата медонӣ. Намешавд, ки рӯзе ду бор нею як бор хӯрок пазӣ. Нашунидаӣ, ки гуфтанд: сарфаи сари дастурхон, савдогари Ҳиндустон.

– Равған, тамом шуд, – чун тарошаи аз бом афтода гуфт Нозукбӣ. Чойю шакар ба саҳар мерасад.

– Ту маро, – гуфт ба дард Қаюм ако, – куштан мехоҳӣ. Ин чи бало, се ҳафта нашудааст. Куҷо шуд якуним килло равған, ду қутти чой, як килло шакар. Мисли об меравад дар ин хона равғану чойю шакар.

– Ду бор меҳмон омад, мардак.

– Меҳмон хона дорад, занак. Дар хонааш хӯрда сер шуда биёяд. Баъд, ин пои меҳмон, фақат хонаи маро меёбад. Моҳу соли бемеҳмон нест. Акнун, меҳмон бисёр мешавад. Сабаб ҳаст: «Ба табрики хонаи нав омадем». Сарата хӯрад табрикат. Ҷое, ки як чи ним чи биёранд, даъвои бурёкубон мекунанд. Кошки зиёфат арзон бошад. Зиёфат! Меоянд, мешинанду мехӯранду дар тирезаҳо мемоланду мераванд.

– Ваъдаи зиёфат додӣ, мардак?

– Худо накунад, ман девона нашудам. Агар ту девона нашуда бошӣ.

– Ба ду-се нафар худӣ гуфтам.

– Зиёфат дошта бошӣ, ҳама худӣ. Агар ту ваъда дода бошӣ, ман ба қатори зиёфатхӯрҳо.

Зан моту маҳбут монд.

– Ба биринҷу равғанаш, – гуфт Нозукбӣ, – пул диҳӣ шуд. Маводҳои дигарро модарам медиҳад.

– Ба кафани худам, – гуфт Қаюм ако, – пул надорам. Гӯй, ки

ҳамин равғану биринҷашам диҳанд. Шутур ҳама чизро, ки бардошт, элакам бардорад.

– Дарди нодорӣ вазнин аст. Агар, андешид ба худ Нозукбӣ, ҳама зиёфати бурёкӯбони ҳавлии навро ба дӯши модараш бор кунад, миёншикан мешавад.

Сари ин андешаи ин бори гарон гуфт:

– Мардак, биё, бурёкӯбон баъдтар.

– Мумкин. Чаро не. Мо аз мардум ягон зиёфат қарздор-мӣ?

– Рост, рост, – тақвият дод сухани ӯро Нозукбӣ.

Пагоҳ баробари ба ҳавли омадани як мошини мушкранги хориҷа номи зиёфат гум шуд. Эълону чор тараф даву тозҳои Қаюм ако натиҷа дод. Ҳосилаш, ана пеши чашми Нозукбӣ. Афсӯс Қаюм ако нест, ки ин мошинро, ки дарун аз асбобҳои аҷоибу ғароиб ҷило медиҳад, бинад. Дар дунё ин хел чиз ҳам будааст. Ҷиллои шиму пинҷакҳои ду марди аз мошин фаромада чашмҳоро ҳам бурд.

– Хонаи Қаюм ако, – пурсид яке аз онҳо, ки қуттичаи хурдакаки телефонро дам ба дам аз пешкиса бароварда бо садои паст ҳарф мезад. Нозукбӣ пай бурд, ки бо шавҳари ӯ сухан мегӯяд.

– Ҳа-гуфт Нозукбӣ, – хонаи он кас.

– Дидан мумкин, – пурсид он марди қуттича ба гӯш.

– Марҳамат, – гуфт Нозукбӣ. – Ҳама дарҳо кушода.

Хона хуш омад ба бинандагон.

– Камбудӣ нест, – гуфт ҳамон марде, ки қуттича ё тахтачаи телефонро дам ба дам рӯи гӯш мебурд. – Танҳо мо бо хости худ дар ҳавлӣ баъзе таъғирот мекунем. Хона боз хушрӯйтар мешавад.

– Шартнома ҳам, – гуфт ҳамроҳи ӯ, – таҳия мекунем. Қаюм ако ба мӯҳлати даҳ сол, аз ин ҳам беш розӣ.

– Мо ҳам, – гуфт Нозукбӣ. – аз хати кашидаи ӯ намебароем.

Замони хайрухӯш хориҷиҳо ду рӯз мӯҳлат хостанд. Ва Нозукбӣ ба хаёл печид. Бечора Қаюм ако, аз пагоҳӣ ҳанӯз чароғи рӯз рӯшан нашуда, сари дегдони тасфон самбӯса мепазад. Аз гӯшт мезанад, аз равған мезанад, сари ҳар дирам ҷон меканад. Сохтану доштани ин хел хона осон буд. Ин хориҷиҳо чанд доллар медода бошанд? Чаро напурсид? Шавҳараш медонад. Дар ин кор ӯ пухта. Танҳо як чиз маълум. Агар хориҷиҳо биёянд, инҳо аз инҷо мераванд. Ба куҷо? Ба ҳавлии кӯҳна? Иҷоранишинони он хона шартнома доранд то ду сол. Ҳамаашон як пой дар донишкадаву пои дигар дар бозор мегарданд.

Ба хонаҳо рафта чи кор мекунед, гуфт боре сиёҳи дароз. Дар ноҳия кор нест. Ин ҷо беҳтар. Дар бозор аз яке мол мегирӣ ва фоидаи худро мемониву ба дигаре мефурӯши. Муштарии сеюму чорум ҳам фоидаи худро мемонаду аз пагоҳ то бегоҳ дар бозор мешинад.

Аз як килло себ чор кас фоида мебинад. Ва аз ин фоида худу оила мепояд. Ҳама иҷоранишинони ҳавлии кӯҳна ба ном донишҷӯ: рӯзхону ғоибхон. Вале дар асл бозорнишинанд ҳама. Шояд ин ҳавлии нав байни хонадорону иҷоранишинон тақсим шавад. Шояд.

Роздону розкушо шаб аст. Ҳамин, ки Қаюм ако омад ҳама торикиҳо равшан мегардад.

Бар хилофи чашмдошт, сари ғарқи тафаккури Қаюм ако дертар аз дари ҳавлӣ даромад. Ӯ аз омадани хориҷиён мушханд зад. Ба хотири мушханди ӯ чеҳраи Нозукбӣ шукуфту пурсид:

– Дадош, ҳамаи хонаҳоро мегиранд?

– Чи буд? Агар ҳамаша гиранд?

– Ҳеҷ, не. Пули кироӣ, ҳеҷ набошад, се ҳазор доллар моҳе медиҳанд?

– Аз ин кам не, – гуфт Қаюм ако.

– Нағз, мардак, акнун пулдор мешавем.

– Шояд, – гуфт Қаюм ако.

– Дадош, мо ҳамин ҷо мемонем, ё ҳавлии кӯҳна мекучем?

– На мемонему на ҳавлии кӯҳна мекӯчем?

– Чи хел: на мемонему на мекучем?

– Паси дӯкони ман хонача ҳаст. Аз бегона не. Ҷои орду пиёз. Ҳамона ба тартиб меорем. Ба ҳузур меғунҷем. Имсолу соли дигар тоқат мекунем.

Замоне, андаке чизу чора, лашу луш бардошта ба хоначаи пушти дӯкони самбӯсапазӣ омаданд, боди тирамоҳӣ дар гардиш буд, боми хоначаи чӯбин бо чанд қабат баргҳои зарди чинор пӯшида. Баъд аз болои баргҳо барф рехт. Заҳри хунукиро камини барқӣ, ки аз торикии шаб то равшании рӯз ба фаршу деворҳои тахтагӣ ва шифти оҳанинии хонача партав меафканд, мешикаст.

Хонаи хурд, назари Қаюм ако аҷоиботи калон доштааст. Ҳамин, ки дарро кушодӣ гармӣ то аз таги кӯрпа бо якборагӣ зада берун мебарояд. Ҳама ҷо ях. Ин хел зимистони хунука чашми ӯ надидааст. Нозукбӣ ҳам ёд надорад. Боре ӯ ба модараш аз чунин зимистони сарду тӯлонӣ сухан ба миёни овард.

– Зимистони муқаррарӣ, – гуфт модар, – лекин аз порсола камбарфу гармтар.

Нозукбӣ ҳар чанд фикр кард, барфу хуникии соли рафта ба ёдаш наомад.

Охири зимистон Қаюм ако аз гурда ва фишори хун шикоят мекарду мегуфт:

– Мегузарад, пулдор шудан осон не, занак. Боз як барфи дигар тоқат мекунем.

Худо, ки диҳад, намегӯяд ту бачаи кӣ? Савдои самбӯса ҳам ривоҷ меёфт: Зану писар дар бараш. Мазаи хамири дасти зан дигар будааст. Қаюм ако самбӯса мепухт, аз танӯр меканду ба дасти самбӯсахӯр медоду пули иҷораву ҳавли ҳисоб мекард. Як зимистони дигар тоқат кунад, пули ҳавлии нав аз сад чил ҳазор доллар мегузарад. Ҳавли кӯҳна дар қиёс ба ин кам. Агар баргардон кунӣ ба ҳазор доллар ҳам намерасад. Ва ҳар гоҳ ӯ ҳама маблағи иҷораи дусоларо дар хаёл зарбу ҷамъ мезад, оҳи сард аз дили пурдард мебароварду мегуфт:

– Оҳ, агар як ҳавлии дигар медоштам, зӯр мешуд.

Чиллаи калону хурди зимистони дуюм ҳам гузашт. Сол рӯ ба гармӣ мераваду Қаюм ако дар ҷисми худ зиёдтар вазнинӣ медид. Мегузарад ин вазнинӣ мегуфту шасти савдои самбӯсаро нафароварда вазнинтар мешуд. Замоне офтоб дар атрофи бурҷи дувоздаҳуми фалак ба гардиш даромаду замин ба чанги ҳут зад, миҷози ҳаво нозук шуд. Ҳавои як рӯз сад тағйирот ёфту Қаюм ако аз по афтод. Бо чашми пӯшида, беморхонаи Қараболоро надид. Ҷарроҳ аз бемори нав дилгир нашуд. Бемор ҳар чи қадар вазнин бошад, ҳамон дараҷа қиммати ҳунари ҷарроҳ боло меравад. Вале ташхисҳо ҷарроҳро ноумед кард.

– Ҷарроҳӣ беҳуда, – гуфт духтури табобатӣ, – ҳар ду гурда аз соҳибаш дуо гирифтагӣ.

Ва дар охир духтури табобатӣ сар ҷунбонду бо ҳайрати аҷибе ба Нозукбӣ гуфт:

– Намедонам ба чи хотир ин усто ба ҷисми худ ин қадар бераҳмӣ кардааст: Душмани сахтгир ин зулма раво намедид. Табобати мо суде намедиҳад.

Нозукбӣ, ҳар чанд таҳти суханони духтурро фаҳмид, вале аз ҷони набаромада чашми орзу намебардошт. Умед дошт Қаюм ако ба по мехезад.

Устои самбӯса боз гирди танӯр ҷумбу ҷӯл мекунад. Охири тирамоҳ ба ҳавлии нав боз мегарданд. Ё шавҳараш ҳавлии аз он ҳам беҳтар месозад. Агар ба гапи Нозукбӣ дарояд, бехтараш аз ошёнаҳои дуюм ё сеюми биноҳои серқабата хонаи сексия гирад. Роҳати сексия дигар. Рубӯ чинаш камтар. Ҷони зан медамад.

Аз дари палата тахти равон даровbooarданд. Болои он холӣ буд. Тахти равонро пеши кати Қаюм ако нигоҳ доштанд.

– Ба ҷои дигаре мебаранд, аз дил гузаронд Нозукбӣ. Ягон палата ё бинои дигар.

Духтури табобати ба мотиву махбутии Нозукбӣ пай бурд.

– Янга, – гуфт ӯ, – худата мард гир. Шавҳарат тамом кард. Ин

рӯз ба сари ҳама. Хубаш хона рав.Ҳар гоҳ хона тайёр шуд ӯро аз дахм гирифта мебаред.

Нозукбӣ ҳайрон шуд. Ин мурданаш ҳам ҳеҷ будааст. Беҳтар меравад.

Хонаро тайёр мекунад. Аммо кадом хонаро. Хонаи нав? Кӯҳна? Кадомашро?

Нозукбӣ танҳоӣ ҳис кард. Ҳама хешони дуру наздики Қаюм ако дар Русия. Аз хешони Нозукбӣ ҳам оне, ки дасту пое мезад ба чор тарафи Русия дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ. Аз дӯстону наздикони шавҳар ҳар чанд ҷӯён шуд, чеҳрае пеши чашмаш наомад. Ақли Шокир ба маргу мурда намерасад.

Нозукбӣ худро тани танҳо дид. Тани танҳо ба ҳавлии нав рафт. Дарбон ба ӯ гуфт, ки аз пагоҳ то бегоҳ машварати панҷ рӯзаи байналхалқӣ меравад. Масъалаи обу ҳавои Душанберо мебинанд. Аз ҳама хубаш худораҳматиро ба хонаи дигар баред.

Нозукбӣ бо пои пас аз дари дарвозаи хонаи нав, ки шукӯҳу шаҳомати хосса дошт, қафо гашт. Ним соат аз дари ҳавлии кӯҳна тугмаи занг пахш карду тақ-тақ зад. Аз роғи дар Карим, ҳамон сиёҳи дарозро дид, дасту пой андак мадор гирифт.

Сиёҳи дароз пушти даст чашм молида дарро кушод.

– Қаюм акот гузашт, – аз ду бари рӯӣ сели ашк ронда гуфт Нозукбӣ.

– Худо раҳмат кунад.

– Овардан даркор, – гуфт Нозукбӣ.

– Ба куҷо?

– Ба ҳамин ҷо.

– Янга, – гуфт сиёҳи дароз, – ҳамаи дарҳо қулф. Иҷорашинҳо аз субҳи рӯз то нисфи шаб дар бозор. Баъзан ба шабу рӯзаш намеоянд. Дар ҳавлӣ ҷои мурдамонӣ нест. Хонаи ман танг. Тобут қад намедиҳад.

Аз тааҷҷуб ашк дар чашмони Нозукбӣ хушкид. Ранг аз рӯяш канд.

## КАДОМАШ БОШАМ?

Ғаюр рӯ ба рӯи аъзоёни комиссияи қабул ба узвияти иттифоқи нависандагон меистод ва андаке дар ҳаяҷон буд. Расмият ба ҷо омад ва ҳаяҷон афзуд. Ва яке аз аъзоёни комиссия ба ӯ панде дод ва гуфт:

– Бояд бисёр бихонӣ. Адабиёти шарқу ғарба чун оина дар кафи даст бидонӣ.

Ғаюр ҳайрон шуду барошуфту гуфт:

– Эҳ, чӣ мегӯен? Маро ҳамчун хонанда қабул кардед ё нависанда? Кадомаш бошам?

## ТУ ҲАМОН ХЕЛ НАМЕМОНДӢ

Абир сархаму мустар менишаст ва ба сазои модар гӯш медод.

– Ҳоло зану бачаҳот куҷо?

– Дар Душанбе.

– Нони хӯрдан доранд?

– Занак пирожкӣ мефуруша. Шарифу Кабир ёриаш медиҳанд. Нони ҳаррӯзашона меёбан.

– Хона дорӣ?

– Доштам. Се ҷо хона доштам. Гурезаҳо баргаштанд, хонаҳошона гирифтанд.

– Нахаридӣ ягон хона?

– Мумкин буд харидан. Акнун дер шуд. Як нимшабӣ се автоматбадаст ба хона даромаданд. Намондан лом гӯем. Маро дар ҳаловатҷо, зану кӯдакҳоро дар ташноб маҳкам кардану ҳама чизро бор карда бурданд. На телевизор монду на радио. Барои се кӯдак ҳамон се кӯрпачаву як гилем бас гуфтану то меххои хонаро канданд. Аз ҳама бадаш автомати маро аз таги кат гирифта бурданд. Қаҳри командир омад. Ҷавоб, гуфт, ту рав автомата ёб. Баъд гап мезанем. Автомат ҷони ширин буд. Молҳои аз даст рафтаро боз аз дигарҷо пайдо мекардам. Афсӯс, наёфтам автомата.

– Бояд ҳамин хел мешуд, – гуфт модар. – Моли ҳаром ба ҳаром меравад. Ягон кӯрпата мондаанд.

– Ҳа, ду кӯрпа, боз як адиёл. Ҳамонҳое, ки худат дода будӣ.

– Кӯрпачаҳо чӣ?

– Ба дасти худат додагиҳо.

– Ягон риштаи ҳарром надоранд, он кӯрпаву кӯрпачаҳои нав. Аз меҳнати ҳалоли худаму падарат.

– Палос малос дорӣ?

– Буд. Нест. Ҳамон ду палоси отам харида мондааст. Дигараша бурданд.

– Отат барои ту ҳама кора кард. Аз ту напурсид: як тин дорӣ. Занат дод, арӯс овард, тӯю сур гузаронд. Нагуфт як сари тахта биёр, хонат сохт. Ту мемонӣ дар гӯр бо роҳат хоб рава. Корҳои неку бади тура ба номаи аъмоли мани зиндаву падари ун дунё рафтаат, менависанд.

Намедонам чи бало зад туро. Якбора юрға баровардӣ. Ҷойнамоза партофтӣ. Тағйири либос кардӣ. Сару фукат дигар шуд. Ҳамиди

дузд ба майдон баромад. Шарифи ними умраш дар зиндон рафта, ҳокиму қумандон шуд, ҷои азроила гирифт.

Хайр, унҳо бегона, ду – се кӯча болотар. О, тура шинохта намешуд. Аз кучо либосҳои алобуло ёфтиву пӯшидӣ. Талхаи мурғу гунчишкҳои ҳавлира кафондӣ.

Якбора бучулут хар хест. Додара додару апара апа ва язнара язна намедонистӣ. Ман аз оча якбора «Мамашка», «кампири капиталист» шудам. Ва мегуфтӣ:

«Чи чизат биёрам, кампири капиталист». Метарсидам аз чизат. Худо мегуфтам зинда биёию ягон чиз наёрӣ. Охир маоше, ки аз рӯи гуфтат ту мегирифтӣ, ба ду халта орд намерасид. Боз катагӣ мекардӣ: чӣ чизат биёрам, кампири капиталист. Намедонам, чашми ту нигоҳи кача̄ро ба моли мардум аз куча̄о омӯхт. Умра ба муаллимагӣ гузарондам. Аз муаллима «кампири капиталист» шудам. Ба шогирдону фарзандон таълим медодам, кӣ ин ҳама заҳматҳои маро пеши чашми ту пуч гардонд. Молҳои ба ғорат овардаи Ҳамиду Шарифи зиндонӣ имону инсофи туро чапагардон кард. КАМАЗ ёфтӣ, автомат ёфтӣ, либосат алобуло шуд. Пеши чашми мардуми қишлоқ обу рӯ надорӣ. Ба кадом рӯ меоӣ ба қишлоқ, фикр мекунӣ ё не?

– Оча, гапи бисёр, чи бало намефорам. Пуржинҳои сарам занг задагӣ.

– Оҳ, чи бало пуржин буд. Аз ҳамин ҷо то маркази ноҳия чи қадар роҳ?

Даҳ-дувоздаҳ километр рафтию пуржинҳо занг бастанд. Падарат то ун лаби дунё рафт, панҷ сол азоби ҷанг кашид, пуржинҳош занг назад. Як пора оҳанро байни охураку гардан ба хок бурду риштаи касеро ғадр накард. Ба заҳмат нони ҳалол хӯрду оиларо хӯронд. Ин оғулҳо пури молу гов, каҳдонҳо пури каҳ буд. Файзу баракат дошт падарат. Пагоҳу бегоҳ ҳавлӣ, пушти хона аз гову гӯсола, бузу гӯсфанд роҳи гузар намемонд. Ӯ рафт. Аз пасаш бурд бозори чорворо. Панҷ акаву додар як гову буз, як гӯсфанда ӯҳда накарден. Решаша канден. Боми оғилҳо намонд. Яке шиферу дигаре чӯбу тахташа бурден. Ҳуҷраву долонҳои дароз сохтен. Куни косаҳои занотон сафедира намебина. Бачаҳотон дуғу ҷурғота намебинан. Бипурсӣ, ки дуғ хурдӣ, ҷурғот хурдӣ, ҳайрон мемонанд. Гӯё бо онҳо немисӣ гап мезанӣ, ё кадом як чизеро аз таърихи қадими авлод мепурсӣ:

– Замона дигар оча. Шумо бе гову мол наметавонистен. Занҳои мо бо гову мол наметавонанд.

– Културни шудан. Ин кори занҳотон не. Аҷаб замоне… сухани калон қадр надора.

– Кадом гапта нагирифтем, оча?

– Бисёр гапҳома. Аз ҳама гапи асосима нагирифтӣ.

– Кадом буд он гапи асосиат?

– Қолинҳоро куҷо кардӣ?

– Чихел қолинҳо?

– Ҳамонҳое, ки пеши дарвозаро гирифтам. Аз мошин фаровардан намондам. Маро модар гӯй, ба соҳибаш бар супор, гуфтам, чандто буд?

– Оча чашмам сахт дард дорад. Мегӯен чанд то буд. Бисёр буд. Аз хонаи бекас бор кардем. Соҳиб надошт.

– Мебинам чашмат безеб. Куҷо буд соҳибаш.

– Ҷонша гирифта гурехт.

– Ҷон ширин. Аз ин ҳаромтараш нест. Аз дари бозу бесоҳиб дузди баинсоф ҳеҷ чиз намегира. Ту гирифтӣ. Ҳама чизи ҳамон мошин аз як хона буд?

– Аз се-чор хона.

– Ҳама бесоҳиб?

– Не, соҳиб ҳам буд.

– Аз гиребонатон нагирифт?

– Ёрӣ дод.

Чӣ хел? Чизу чораи худашро?

– Боз аз киро? Аз худаш.

– Бечора… Ҷон ширин.

– Куҷои одам дард кунад мегӯй ҷон ҳамон ҷост.

– Чашмота мегӯӣ, Абир.

Ҳа, чашмома намебинӣ, варам дора. Дард мекуна.

– Духтур чи мегӯяд. Ҳамон рагчаҳо хунук гирифтааст, мегӯяд.

– Гапи маро мегирифтӣ ба ин ҳол намеафтидӣ. Ба моли мардум нигоҳ намекардӣ… гапама мегирифтӣ, чизу чораи мардума ба соҳибаш бурда медодӣ.

– Акнун дер шуд. Пойҳоям мадори роҳрави надора. Дард мекунан. Варамашона бин.

– Мебинам. То буҷулаки пот дард овардааст. Ба нияти бад ба хонаи мардум намедаромадӣ, ба ин рӯз намеафтодӣ. Духтур рафтӣ?

– Будам.

– Чият гуфт?

– Варами пот аз ҷигар мегӯяд.

– Оҳи кадом ҷигарсӯхта расида бошад. Дастҳот созан?

– Дастҳо як навъ. Китфҳо вазнин.

– Иллати дастҳо аз китф сар мешавад. Намедонам чи бало расида ба ту яку якбора юрға баровардӣ. На ғами боғ доштӣ, на ғами роғ.

Саланг-саланг дар кӯчаҳо мегаштиву аз нодорӣ шикоят мекардӣ. Ҷудоят ҳам кардем, нашуд. Ҳама чиза аз хона мебурдӣ. Намедонам чи шуру шаре хесту ба осмони ҳафтум баромадӣ. Якбора бой шудан хостӣ. Хайр аз молу қолинҳо бошад, ба соҳибонаш баргардон, пиҳилӣ пурс. Пиҳил кунанд, шояд сабук шавӣ.

– Куҷо, ҳама будагиша аз хона бурданд. Шаш қолин ба мачит дода будам.

Ҳамонҳо мондаст. Вале чихел мегирам. Мурам рӯям намешавад.

– Чихел рӯят шуд, ки моли ҳарома ба мачит додӣ? Боз чихел мачит қабул кард?

– Махсумҳо нағз қабул кардан, хурсанд шудан.

– Ё тавба! Рӯи он қолинҳо поймонӣ, таҳорат мешиканад. Хобҳом беҳуда набудаст. Ҳар шаб падарат аз таги девору аз пушти дар сагу харҳои мурда мепартофту ба ман гап намезад.

– Оча дигар напурс. Дастҳом ҳам дард оварданд. Нишаста наметавонам.

– Ҳозир андак худатро нигоҳ дор. Ана, сарта ба таксарӣ мон. Дам гир. Эҳ, аз азоби дард зуд хобат бурд. Ту бояд ин хел намемондӣ. Сӯзи дард ҷонкоҳон аст, Абир.

## БӮҲРОНИ ИҚТИСОДӢ

– Ту, Сафар, мегӯӣ, заната ба кор гирам? Ба сарам аризаша ҳам бардошта овардаӣ. Даъво дорӣ, ки поягузори ин корхонаӣ? Замона қимматӣ шудааст? Маошат ба рӯзгорат намерасад?

Бе ту ҳам ина медонам. Лекин аз инсофат пурс: куҷо ҷои кор?

Навиштаӣ: фаррошӣ, дарбонӣ бошад ҳам мешавад. Худат ба ҷои ӯ мерӯбӣ, мешӯй, посбони мекунӣ. Фарроширо худатон барҳам додед, на ман. Ана ҳамин ҷо нишастед. Гуфтем: агар фаррошҳоро ҷавоб диҳем, пулашон дар ихтиёри худамон мемонад. Ба маоши шумо илова мекунем, на камтар аз панҷсӯму чилусетини мерасад. Ҳама табли шодӣ задед. Даст ба сина зада, паймон бастен, ки худатон аз ӯҳдаи фаррошӣ беҳтар мебароен. Пеш аз ҳама худат ба сабаби ин иқдом шахсан ба ман таҳсин хондӣ. Хайр, гуфтам ман не, ба замона таҳсин гӯй. Се дарвозаи корхона дар се баст се посбон ва се сардору ҷонишину ёвар: ҷамъ бисту чор посбон дошт. Ҳисобу китоб кардем. Аз ин ҷо маблағ ёфтем. Ҳамин ҷо ҳозир омадед. Ба маоши ҳар кадомат, шаш сӯму си тин илова мешуд. Демократия, ака. Ба овоз мондем. Ғайри посбонҳо ҳама даст бардоштанд. Аз пешниҳоди аввал ин масъала ҳал шуд. Ҳамин тариқ ба маошат ёздаҳ сӯму ҳафтоду се тин

илова кардем. Боз мегӯӣ, ки оилаат калон, қимматӣ, маошат ба рӯзгорат намерасад. Инсофат чӣ мегӯяд, пурс аз ин ҳам.

– Ҳисобчӣ гираш.

– Чихел ҳисобчӣ? Чиро ҳисоб мекунад? Ҳамон дарахтҳои ҳавлии завода?

– Не. Шайба, винту деталҳоро.

– Кадом шайба, винту, детал?

– Дар заминӣ ё осмон, Сафар? Сафар, одам ин қадар худобехабар намешавад. Моҳи рафта кадом рӯз буд? Ҳа, рӯзи ҷумъа дар ҳаминҷои ҳозираат менишастӣ. Гуфтем: ин ҳам захираи маош. Нишастем барои ҳисобу китоб. Дарҳои имконоти тоза ба рӯи шумо воз шуд. Гуфтед: худамон то сад миллион ҳисоба медонем. Суннатҳои демократияро ба ҷо овардем. Ба ҳар кадомат шаш сӯму чилу як тини расид. Боз чӣ мехоҳӣ? Як аз инсофат мепурсидӣ, аризаи занатро бардошта ба сари ман намемондӣ.

– Басти аввали сехи механикӣ, Сунатулло Қодирович ёвари усто надорад.

– Ин сехро мебандем. Ҳаҷми кораша ба сехи автоматҳо медиҳем.

– Дар сехи автоматҳо ҷои ду ёвари усто холӣ.

Директор мушт ба ҳаво бардошт ва ба суръати суст болои миз монд. Аз шишаи болои миз тарсид. Ин шишаи нав. Ҳафтае пеш аз шодии захираи нави маош, ки ҳисобчии калон аз сабукдӯш кардани ёварони усто ёфт, директор аз шодӣ чунон муште болои миз фаровард, ки аз зарби он шиша пора шуд ва аз ангушташ хун рехт.Ҳоло бо мушти сабук фароварда шишаро соиш медод, гӯё мустаҳкамии онро месанҷид.

– Сафар, ҳамин худат набудӣ, ки гуфтӣ: харротон ба ёварони устоҳо эҳтиёҷ надоранд. Дигарҳо ҳам сари овози туро гирифтанд. Акнун мегӯӣ, ки ҷойҳои холиро бо одамони нав пур кунем. Ин масъаларо ҳозир мебинем. Директор тугмаро пахш кард. Зани фатиламӯе дарро кушод.

– Мардума гӯй, – фармуд директор, – зуд ин ҷо ҳозир шаванд.

Зан хӯш гуфта дарро пӯшонд ва Сафар ба худ гуфт: агар дили директор кашад, як ҷои кор чӣ мушкилӣ дорад. Котибаро ҷавоб медиҳаду мегӯяд: биёр заната, ана ба ҷои ҳамин қабулаш мекунем. Охир, ин зан на шӯй дораду на кӯдак. Не, директор ба ман некӣ намехоҳад.

– Ҳозир, – гуфт директор, – ин масъаларо мебинем ба тарзи демократӣ.

Мардум аз мақсад бехабар вориди кабинети директор шуданд. Ва директор аз ҳисобчии калон пурсид:

– Аз ихтисори ёварони усто ба ин ҷамоа чи мерасад?

– Ҳафт сӯму сиву ҳашт тинӣ.

– Фикри шумо чӣ, рафиқони ин ҷо ҳозир буда? Ёварони устоҳоро нигоҳ медорем ё не?

– Не, – гуфт Раҳими Ҳамид.

– Ва не гуфт боз чанд каси дигаре.

– Замон, замони демократия, – гуфт директор. – Ба овоз мемонам.

Ба ҷуз Сафар, ки ҳушаш ба ҷо набуд, ҳама даст бардоштанд. Вале директор ба ӯ аҳмият надода эълон кард:

– Ҳама тарафдор. Аз овози аввал масъала ҳал. Сафар истад, дигарҳо ҷавоб.

Ҳама рафтанд ва директору Сафар танҳо монданд.

– Хайр, Сафар, ту гӯй, ки панҷ сӯму чилу се тин, шаш сӯму си тин, шаш сӯму чилу як тин, ҳафт сӯму сиву ҳашт тин чанд сӯму чанд тин мешавад?

Сафар ҳарчанд зӯр зада ба ҷуз хизматаш дар корхона, ки онро хизмат ба директор медонист, ягон рақам дар сараш тоб намехӯрд ва чун ҳайкали нимҷон садое набаровард.

– Ёфтӣ, чанд сӯму чанд тин мешавад?

Аз девори бетонӣ садо буду аз Сафар не.

– Бисту панҷ сӯму панҷоҳу ду тин мешавад дар як моҳ. Сесаду шаш сӯму бисту чор тин дар як сол. То нафақа бaромаданат аз се ҳазор мегузарад. Боз даъвои қимматӣ дорӣ, мегӯй маошат ба рӯзгорат намерасад. Ариза бардошта ба сари ман омадаӣ, ки заната ба кор гирем.

Нисфи зиёди коргарони заводи равғани шаҳри Душанбе ихтисор шуд. Дар корхонаи маргарин ба ҷои сад нафар сӣ кас монд. Боз ту, Сафар, мегӯй қимматӣ, маошат ба рӯзгорат намерасад, ариза бардошта ба сари ман омадаӣ, ки заната ба кор гирем. Як аз инсофат пурс ки чӣ мегӯяд.

Аз се ду ҳиссаи корхонаҳои хизмати маишӣ аз кор сабукдӯш шудаанд. Зани маро аз вазифаи сарҳисобчии қароргоҳи роҳи оҳан ба ҳамон маош то ҳисобчии калона ҷавоб доданд. Дар идораи роҳи оҳан аз панҷ хизматчӣ се кас монд.

Боз ту мегӯи қимматӣ, маошат ба рӯзгорат намерасад, ариза бардошта ба сари ман омадаӣ, ки заната ба кор гирем.

Ту медонӣ, Ӯзбекистон чӣ ҳол дорад? Ду миллион одам бекоранд. Не, Сафар, ту намедонӣ. Агар медонистӣ, намегуфтӣ: қимматӣ, маошат ба рӯзгорат намерасад, ариза бардошда ба сари ман намеомадӣ, ки заната ба кор гирем.

Дар Русия чӣ? Миқдори бекорон аз сӣ миллион мегузарад. Ва он рӯз дур нест, ки аз ин ҳам боло равад. Ту танҳо ғами худата мехӯрӣ. Мегӯй, қимматӣ, маошат намерасад. Ариза бардошта ба сари ман омадаӣ, ки заната ба кор гирем. Аз инсофат пурс Сафар, ку чӣ мегӯяд.

Дар ҳамин Душанбе ҳам бекорон кам нестанд. Аз сад ҳазор бештаранд бекорон. Вале ҳукумати шаҳр аз таъсири солҳои карахтӣ рақамҳоро пинҳон медорад. Метарсанд, ки шаҳрвандон ба беҳунарӣ, бедонишиву ноӯҳдаборой муттаҳам насозанд. Ин сад ҳазор ҳам аксар зану фарзанд доранд, очаи пир доранд. Ту ғами онҳоро намехӯрӣ. Худхоҳӣ, Сафар. Қимматӣ, маошат, ба рӯзгорат намерасад. Ба сари ман ариза бардошта омадаӣ, ки заната қабул кунем…

Ранги рӯи Сафар паридан гирифт. Аз ҷой майли ҷунбидан кард. Дар пойҳои дарозаш мадори казоие набуд. Дастҳои борику нисбати пойҳои қоқу кӯтоҳаш бедармон.

Директор ба чӣ ҳолате омадани Сафарро пай намебурд. Намедид, ки сари ба тарбузча монанди ӯ болои гардани борики дарози поягузори корхона сӯи китфи рост бор мегирифт.

– Поягузори корхонаам мегӯӣ. Мо ина медонем. Мебинӣ замона дигар шуда истода. Ҳисоби нархи оҳану арматура, ки завод мегирифт ва аз он ризқу рӯзи меёфтӣ, ба тонна буд. Ҳозир ба килло ва қимматаш баробари тилло. Донетскҳо як тонна оҳани моро надоданд. Ба ивази он сӯм не, се ҳазор тонна меваи хушк хостанд. Ва мегӯянд, – ки пула ба сарамон мезанем, ба мо ҳам вазни арзиши оҳанамон маводди ғизоии дархӯри эҳтиёҷамон диҳед. Шаҳри Чехови назди Москва ба ивази маводди хом ҳазор тонна пиёз талаб дорад. Дар вазъе, ки ҳар кило пиёзи ҷумҳурӣ дар ҳисоб аст. Акнун, ту гӯй, ки аз куҷо ин миқдор пиёза ёбем. Як вагон чӯяне, ки аз Донбасс фиристоданд, дар роҳ гум шудааст. Поезд аз ҳазор шаҳру қароргоҳҳо мегузарад. Сафар, гӯй, ки дар куҷо кобем он вагони гум задаро. Ту фикри ина надорӣ. Мегӯй, ки қимматӣ, маошат ба рӯзгорат намерасад. Ариза бардошта ба сари ман омадӣ, ки заната ба кор гирем.

Сехи механикии якума барҳам додем. Асбобҳоеро, ки сехи дуюми механики месохт, коргарони қитъаи нимавтоматҳо ба ӯҳда мегиранд.

Сафар асбобсозӣ ҳамин сехи дуюм буд. Гӯё ба майнаи ӯ путке зада бошанд, ки қутти рӯяш парид. Замину замон пеши чашмаш аввал ба ранги сабз ва баъд ба ранги оташи сурх ба гардиш омад. Ва монанди халтаи арзан аз болои курсӣ овезон шуд.

– Ҳоламон хуб не, Сафар. Бе масолеҳ чӣ месозем? Бояд ғами корхонаамонро худамон хӯрем. Ҳозир завод ба монанди чойлобест, ки болои ду поя албонҷ мехӯрад. Бо вазидани андак боде чапагардон мешавад. Ту инро намебинӣ. Қимматӣ, маошам ба рӯзгорам намерасад, мегӯй. Боз ба сари ман ариза бардошта омадай, ки заната ба кор гирем.

Сафар сар намебардошт. Ӯ на чойлоби вайронаро медиду на директорро. Бо чашмони пӯшида ва нафаси дар қафаси сина гиреҳхӯрда ба пояи курси чунон овезон буд, ки сараш ба фарши кабинети директор мерасид. Худ дар ҳамин ҳолу аҳвол бошад ҳам, ба гӯшаш овози директор ҳамоно ҷарангос мезад:

«Ту, Сафар, мегӯй, ки заната ба кор гирем. Ба сарам аризаша бардошта омадӣ. Қимматӣ, маошам ба рӯзгорам намерасад, мегӯй, ҳа, мегӯй, мегӯй»…

## МУБОРИЗА

Дари ӯ чор табақ дошт. Ҳар табақ аз чӯби булут. Ду табақ ба беруну дуи дигар ба дарун кушодаву пӯшида мешуд. Ӯ як табақи дарунро воз монд то садои ба фарши паркети булути бархӯрдани пошнаи кафши духтурро бишнавад. Садо баланд шуд ва ӯ саросема аз ҷой бархост. Ҳанӯз ба пойбардорӣ фурсат наёфта, табақи дуюм кушода шуд ва коргузорро дид.

– Шокир Маҳмудович, салом. Муҳаррир гуфт ҳуҷҷатҳои махфиро шумо гиред ва нигоҳ доред, то мӯҳлати мӯайян.

– Ташаккур, Робияҷон. Худо ӯро нигоҳ дорад. Ин хел марди бохирада дар бинои умрамон надидем. Духтур ҳоло ҳам онҷост?

– Бояд… Агар барояд, маро надида намеравад. Дугонаи азизи давраи духтариам.

– Ӯро дидан зарур. Хоҳиш дорам, кӯмак кун, ғофил намонам. Ҳама воҳима доранд, ки баъди садамаи автомобилӣ майнаи Рашид Ҷабборович сахт ҷунбидаву ба ақлаш зиён расида. Дина як анъанаро шикаст. Сармақоларо ба ҷои сатрҳои дарози расмшуда хурд нишон додаст.

Шокир як гӯш ба роҳрав рӯзномаро кӯшод ва ба коргузор фаҳмонд:

– Ана андозаи сатри расмӣ чи қадар дароз. Вай бошад, нисфи инро гирифтааст. Муаллими бузурги мо «Правда»…

– Дидӣ? Ним аср сармақола бо ҳамин дастур мебарояд. Хайрият болои мизи ёвари котиби масъул чашмам ба он часпид. Ин котиби масъуламон Шоҳназар Ниёзович одами тинҷ не. Бахил. Ин ҷо бод

сар диҳанд, бӯяш набаромада, ба боло мерасонад… Ҳамааш аз садамаи автомобил сар шуд, Робияҷон. Муҳаррир Рашид Ҷабборович бо як меҳмони озорӣ ба Варзоб рафт. Дар ҳавои гарм ҳар як гӯшаи ин дара биҳишти шаҳриён. Боз гашт дар гардишгоҳи Чорбед сарпӯши болои мотор то нисф ба таги КАМАЗ даромад. Хайрият ҳар ду ронанда баробар тормоз доданд. Вагарна «Волга» аз паси КАМАЗ мебаромад. Даҳшате буд ин лаҳза. Ҳарчанд ба касе осебе нарасид, вале ҳама маргро бо чашми худ дид.

Аз сари ҳамин ҳодиса Рашид Ҷабборович камгап шуд. Дигар ба мардум насиҳат намедод. Мардум бо як садои тугмаи занг дар дафтари ӯ гирд меомад. Баъд ӯ ба ҳозирон нигоҳи бо виқоре андохта мегуфт:

– Суханоне, ки ин лаҳза гуфта мешаванд, ниҳоят суханони муҳимманд. Бонги набард мезанем бо радио. Бигзор кормандони ҳама рӯзномаҳои ноҳияҳо овози моро шунаванд, ба ҳарфи мо гӯш диҳанд, дурҳое, ки ҳозир суфта мешаванд, ба гӯш ҳалқа зананд.

Ва ӯ ба пахш кардани бонги набарди радиоӣ фармон медод.

– Рафиқон, – мегуфт Рашид Ҷабборович ва номи аксар мутассадиёни рӯзномаҳои ноҳияҳоро мехонд, ҳозирҷавобӣ мекард ва ба сухан давом медод, – мазмуни зиндагии имрӯзи мо чист?

Ду-се нафар дафтарнишинони ӯ бо як овоз гуфтанд, ки «Талош!» вале пешпуртакии ҳар се ғазаби Рашид Ҷабборовичро овард.

– Бас маҳмадоноӣ! Гап ман доштам ва гуфтам. Шумо инҷо биёед. Шумо гап медоштед, маро наздатон мехондед. Акнун монед ман гапама гӯям.

– Мазмуни зиндагии имрӯза муборизa рафиқон. Мубориза барои план, ӯҳдадорӣ, сари вакт ҷамъоварии мошинии пахта. Ба даст чидан ҳам мумкин. Лекин сурати чихел чинакчии пешқадаме набошад ҳам, ба чопаш рухсат нест. Фармон ҳамин хел. Шоҳназар Ниёзович, ҳушёр шавед. Сурати як даҳмардаи дегсалаи ришаш то футаи миёна дорӣ, ҷавобашро ман гуфтам. Расми чинакчӣ чоп кунӣ, худат ҷавоб медиҳӣ. Ин ҳам мубориза.

Дар Ӯротеппа мардум барои фарбеҳу сершир шудани чорво аз хок ҳалво мепазанд. Қамишу ғузапояро орд карда ба гандуми ярма, кунҷола ва дигар ғизоҳо омехта медиҳанд. Мубориза мебаранд барои ҳосили баланди чорво. Дар Бадахшон говҳо қисир монданд. Ин чиро мефаҳмонад? Мубориза нест.

Кӯлобиҳо қасрҳои чорво сохтанд дорои клубу китобхона. Қасрҳо аз гову гусола холӣ. Ин чи гуфтани гап? Қасрҳо бе мубориза аз осмон намеоянд. Аз ин ҷиҳат кӯлобиҳо мубориза карданд, вале барои афзоиши чорво не. Ин чӣ? Хона ҳасту одам нест? Идора ҳасту бе-

сардор? Сардоре, ки ба мубориза намехезонад одамҳора, ин чи сардоре? Осмонбика! Маро мешунавӣ?

– Ҳа, мешунавам.

– Дар ноҳия чи хел вазъият?

– Вазнин, муаллим.

– Чӣ вазнин?

– Хонаҳо холӣ мешаванд.

– Саҳро рафтанд? Ҳозир замони мубориза. Ҷои мубориза саҳро.

– Ба саҳрои нестӣ, зери хок, ба хоби абадӣ.

– Чӣ хел фаҳмем инро? Сабаб чӣ?

– Дарди сил реша давонда ба хонаҳо.

– Сил, бемории зардпарвин, ана боз шикамдард, сири пинҳонӣ. Дар газета аз ин номҳо эҳтиёт. Ҷавобгарӣ дорад, шогирд.

– Худам шикамдард, зану ду кӯдакам зардпарвин.

– Мубориза кунед шогирд. Пахта то кӯраки охирин дар саҳро намонад. Мабориза! Маҳсули баланди чорво ҳам мукофот ҳасту ҳам ҷазо.

Бо ҳамин бонгӣ радиои тамом.

– Ба шумо ин намезебад.

Ва ӯ дастгоҳи овозро хомӯш карда ба дафтарнишинон гуфт, ки шӯъба ба шӯъба ва дар дохили шӯъба ходимон бо мудиру мудирон бо ходимон, котиби масъул ва ҷонишинон бо ҷонишинон мубориза кунанд.

Аз ҳамон соат мубориза сахт ривоҷ ёфт ва ниқоб аз рӯи бисёр пӯшидагиҳо афтод. Ҳама донистанд, ки Саиди хапак ва Мавлони уболак (бо сабаби он, ки вақти роҳрави аз пойҳояш садо намебаромад, ӯро уболак мегуфтанд) чандон хапаку уболак нестанд. Бегоҳ Саиду Мавлон, махсусан рӯзҳои маош ҳамдигарро аз таги замин бошад ҳам, пайдо карда, дугоникхҳоворӣ аз идора мебароянд. Саду сесад шароб хӯрда хона ба хона мешаванд. Саид баробари аз дар даромадан бо нӯги по кафшу патинкаҳои пеши дари роҳравро тела дода, ба сари занак фарёд мезанад, ки дар хона тартиб нест. Азбаски роҳравии Мавлон садо надорад ва инро худаш ҳам медонад, беибо пойпушҳоро накашида, пашшакушакро меёбад ва дар роҳраву долон шикори нонхӯрак мекунад. Аз ин шикор касе ӯро дошта наметавонад. То нисфи шаб мезанад ва тарсуёна ғурида – ғурида ба занаш мегӯяд, ки дар хона инқадар нонхӯрак бисёр.

Дидӣ Робиаҷон аҳмияти муборизаро? Мубориза чиҳоеро ошкор намесозад? Мардум айби якдигарро ошкор мегӯянд. Мавлон иллати Саидро фош кард. Саид ҳам суст наомада ниқоб аз рӯи айбҳои Мавлон бардошт. Ба ин сабаб шӯъбае, ки мудиронаш ҳар сухани маро

печонда ба рӯям мезананд, ғолиби озмун намеоянд. Ба гумонам гурӯҳҳои Маҳмад ҳам меафтаду Мӯсо ҳам. Бекалла Мӯсо ба Маҳмади асабӣ фармудааст, ки дили наҳор асали тозаи кӯҳӣ хӯрад. Ду пагоҳӣ Маҳмад асал хӯрда ва саҳари сеюм эроди занашро, ки бечора гуфтааст: «Дар хона орд, гӯшту картошка несту ту асал мехӯрӣ» хеҷ дониста ва ба ҷоғаш як шапотӣ ҳам задаст.

Акнун Маҳмад чашми дидани Мӯсо надорад ва аз асал қимоб.

– Бе мубориза, Робиахон, – гуфт бо оҳанги таҳкид Шокир Маҳмудович ҳақиқат пардапеч мемонад. Бузургии Рашид Ҷабборович ҳам дар ҳамин. Вале дар идора табару кундаи зиёд гирд омада мегӯянд, ки ба онҳо ин хел мубориза зарурате надорад. Онҳо бояд озод бошанд. Ин умри кӯтоҳ нафаси озод мехоҳад. Мубориза асорат, сӯяни умр. Ту худат биандеш, ки агар мубориза намебуд, аз куҷо медонистем, ки Мавлони уболак ҳаст ва ҳамин уболак шабҳо ҷои фикри кор нонхӯрак мекушад? Ё Саиди хапак. Пӯшти пой кафшҳои занашро аз пеши дар тела медиҳад. Шоҳназар Ниёзович мефаҳмад инро? Ӯ нисфи зиёди мардумро ба тарафи худ кашида ва дар боло ҳам каллаи роҳбарони соҳибмартабаро гирд гардонда мегӯяд, ки сардорамон дар садамаи автомобилӣ қобилияти фикрии худро гум кардааст. Акнун духтурхонаву духтурдавонӣ дорад. Мехоҳанд духтурон аз харобии қобилияти кори Рашид Ҷабборович ҳукм баророанд. Чӣ мегирифта бошад аз ин амалаш ман намедонам.

Шокир Маҳмудович бастаҳои рӯзномаро ба рафи ҷевон монд ва варақаҳои овардаи Робиаро ба ҷои нишаст наздик овард. Аз ёд овардани гуфтугӯи радиоӣ Рашид Ҷабборович ва касофати садамаи автомобилӣ об дар чашмонаш ҳалқа зад.

– Аз садамаи касофат, – гуфт Шокир Маҳмудович, – ронанда тарки касб кард. Дигар ронанда буда наметавонам гуфт ӯ, бари ронандае шинам мошини рӯ ба рӯояндаеро бинам, ҷон аз дасту пом мебарояд. Бечора тарки ронандагӣ кард.

– Ҳоло ӯ куҷо рафт? – пурсид Робиа.

– Коргари кумитаи бехатарӣ шуд.

– Чаро барои ронандагӣ мубориза набурд?

– Акнун ба маркази мубориза рафт, дар шакли дигар. Гурӯҳи Шоҳназар Ниёзович мехоҳад, ки паи Рашид Ҷабборовичро ҳам аз ин ҷо кананд.

Аз лавҳи хотири Шокир Маҳмудович гузашт, ки он гоҳ мумкин аст котиби масъул муҳаррир шаваду ӯ як умр ҷонишин монад. Аз паси гардани Робия шиореро хонд, ки бо фармони вай рассоми идора хаттогӣ карда:

«Аскаре, ки барои генерал шудан мубориза намебарад. Аскар

нест». Шокир Маҳмудович то ба ин мартаба расидан муборизаи андак набурд. Барои чандин вазир маърӯза навишт. Боре муовини аввали садри ҷумҳурӣ аз рӯи навиштаи ӯ нутқ кард.

Баъд аз кадом гӯр ин Шоҳназар омаду қариб вай, агар ҳамин Назар Ҷабборзода намебуд, паси дар мемонд. Ҳоло дар боло санги ҳарду баробарвазн.

Аз роҳрав садои пошнаи кафш омад. Шокир Маҳмудович сӯи дар шитофт. Оҳ, ӯ дер монд. Духтур ба дафтари котиби масъул даромад. Шоҳназар бо чеҳраи шодон ба истиқболи духтур хест ва зорӣ кард, ки ба курсии вай нишинад. Духтур напазируфт.

– Хайр, ихтиёр доред, – гуфт котиби масъул бо ханда. – Хӯш, Дилбарҷон, ҳоли сарпарасти мо читур? Қобилияти фикрашро гум кардааст?

– Бетағйир…

– Аз рӯзи садама то ҳозир?

Духтур лаб ба ҷавоб начунбонда аз дар Шокир Маҳмудович даромад.

– Бале, – гуфт духтур ва ба мақсади он ки Шокир Маҳмудович ҳам мавзӯи гуфтугӯи онҳоро донад, илова кард, – аз рӯзи садама то ҳозир.

– Шумо ва мӯҳтарам профессор Назарӣ дар бораи барҳам хӯрдани қобилияти фикрии Рашид Ҷабборович аз таъсири садама хулосае ба боло пешниҳод карда метавонед?

– Дар варақаҳои феҳристии бемории Рашид Ҷабборович аз хусуси он, ки ягон вақт қобилиятӣ фикри дошт, ишорате нест.

Ва Дилбар ҳар дуро танҳо монда аз ҷой хест. Ва ҳарду ба андеша рафтанд аз ваҷҳи баробарвазнии санги худ дар боло. Агар Шокир Маҳмудовичро интихоб кунанд, ҷой ба Шоҳназар Ниёзович танг мегардад. Ва баръакси он Шокир Маҳмудович аз вазифа меравад.

– Аз афти кор, – гуфт Шокир Маҳмудович, – духтурҳо ҷони худро азоб доданӣ нестанд.

– Ин ҳам, – гуфт Шоҳназар Ниёзович сар аз таги бори гарони андеша бароварда, – ҳеҷ бадӣ надорад. Аслан бигирем. Ӯ аз роҳбарии ҳизбӣ омада. Касбаш агроном. Аз кӯчаи касбу кори мо нагузашта, ба ном муҳаррир.

– Биёед, – гуфт Шокир Маҳмудович, – аз паи қобилияти фикри гум кардану накардани Рашид Ҷабборович намегардем. Бечора Рашид Ҷабборович касбаша гум кардааст. Даҳони ҳардуи моро нигоҳ мекунад. Чизе гӯем, ҳамон мешавад. Боз чӣ лозим?

Ҷонишину котиби масъул яктан гардиданд. Рашид Ҷабборович роҳбари беҳамто буду беҳамтотар шуд.

# СУРУДИ ДАШТ

Даравгарҳо дар зери партави ширмоҳтоб ду давра ороста хӯроки шом мехӯрданд. Давраи занҳо нисбатан серғалоғулатар буд. Аз давраи мардҳо ҷавоне аз ҷой бархост ва аз сари кӯза косаи чӯбинро гирифт. Об хӯрд, аз ин лаб ба он лаби сурфа қадам зад. Дастҳояш паси пушт ғазали ба ман ноошноеро зам – зама кард. Лабҳояш аз ҷӯшидан боз монд. Ӯ дар меёнҷои сурфа истод. Гӯё дар сурудаш қувваи ноаёне ниҳон буд ва ӯро аз як гӯша ба дигар гӯшаи сурфа тел медод. Ӯ ба ман нигоҳ кард.

– Салом, – гуфт ӯ, – бирав, ба ту аз хона барои хоб либос наоварданд. – Андаке андешид ва афзуд. – Хай, имшаб дер шуд. Пагоҳ туро барвақтар ҷавоб медиҳам.

Ба ман шаби дашти дараи Олучадара хуш омада буд.

– Акаи бригадир, ба очам тайин кунед, ки ба ман кӯрпаю кӯрпача фиристонад.

– Не, мумкин нест. Дар ин дашт чи бисёр мору ғундал. Ягон ҳодиса шавад сағера, мо дар бало мемонем.

– Ҳеҷ хел ҳодиса намешавад., акаи бригадир.

– Сағера гапа бисёр накун, – ба тундӣ гуфт бобои Камол аз почаҳои эзораш рундак канда истода, – калонтар, ки як сухана гуфт, хуб гӯй, умрат кӯтоҳ намешавад. Сағера, шабҳо дар бағали гарми очат хоб равӣ, зарар мебинӣ?

– Оча дорӣ мағзи поча дорӣ, – пичинг зад Маҳмад, ки ҳамеша ба очадорҳо ҳасад мебурд.

Даравгарҳо дастурхонҳоро бардоштанд ва ба душохагиҳо дарахти дӯлонаи назди сурфаи хоби занҳо монданд. Бригадир ба хирмани болои теппаҳои дӯлонаҳои бобои Амир ишора карда гуфт:

– Овози Ҳотам намеояд.

– Ӯ ҳамаи сурудҳоша, – гуфт бобои Камол, – барои Марям хонда тамом кард.

– То ҳине, ки ман ҳастам, – гуфт Марям лаби рӯймолашро паси пушт партофта, – суруди ӯ тамомӣ надорад.

Мардҳо болои кӯрпачаҳо дароз кашиданд. Аз сурфаи занҳо савти мавзуни чангқовус баланд шуд. Чанд мард нидо баровард:

– Рӯзигул, олам бе ту хароб аст.

– Ҷигарҳоро кабоб кардӣ.

– Дилам об шуд.

Рӯзигул ба авҷи баланди оҳанг расид ва се зани дигар гирди домони ӯ нишастанд.

– Дугона, оҳанггардон кун.

Рӯзигул оҳанги «шабҳои фироқ»-ро навохт. Аз занҳо як нафар ин ду байтро хонд:

*Ин дашти дароз об надорад, чӣ кунам,*
*Ду чашми сарам хоб надорад, чӣ кунам.*
*Ду чашми сарам роҳи туро менигарад,*
*То ту меоӣ ҷабр аз сарам мегузарад.*

Ду нафар зани дигар сари овози ӯро гирифтанд. Овозҳо ба ҳам ҷӯр шуда, гӯё аз нои як най мебаромаданд.

– Шиками ин занҳои даравгара сер кун, – гуфт бобои Камол, – аз магнитафон ҳам зӯр мехонанд.

Аз самти кӯҳҳои Зағара шаббодаи форам вазида, савти хуши чангқовуси Рӯзигул ва хониши ҷонбахши дугонаҳои ӯро сар то сари дашт парешон мекард. Гӯё шабода олами аз чашм ноаёни ситораго-ни фазои нилгунро ба тамошои ситораҳои дашт даъват мекард. Дар ҷо-ҷои осмони дашт ситораҳо ду-се бор милтирос зада фурӯзон ме-гаштанд.

Аз сӯи теппаҳои дӯлонаҳои бобои Амир овози сурудхонии хирманкӯбҳо баланд шуд. Дар партави ширмоҳтоб чун резаҳои ал-мос ба фазо пош хӯрдани коҳ эҳсос мешуд.

Ана, Ҳотам ҳам сар кард, – гуфт бригадир.

– Садир, – гуфт бобои Камол ба бригадир рӯ оварда, – булбул ба ёди гул то субҳдам чаҳ – чаҳ мезанад. Баъд аз худ бе худ мешавад. Чашм мекушояд, мебинад, ки гул кайҳо шукуфтааст. Аз алами он, ки шукуфтани гулро надид, боз ҳам талхтар менолад. Ҳотам аз бул-бул сабақ омӯхтааст. Субҳдам ҳам ғанаб намеравад, мехонад. Вале Марямро танҳо рӯзҳои ҳафтаи саршӯиаш мебинад.

– Ҳеҷ гап не, – гуфт Садир, – ғалларо аз таги по, ки ҷамъ кардем, Ҳотам дар шабҳои дарози зимистон шукуфтани ҳазору як гули мақсудашро мебинад.

Мардҳо рахти хоб барбастанд. Занҳо кӯрпаҳоро то болои сина кашиданд. Рӯзигул чангқовусро ба рӯймолчаи сурхе печонда таги болишт монд. Садир ҷомаи даравгариашро сӯи ман дароз кард:

– Бигир, сағера, – гуфт ӯ, – боз хунук хӯрда табгир нашавӣ.

Ҷомаро аз дасти Садир гирифта дар байни бобои Камолу Маҳмад дароз кашидам.

– Сағера, ҳушёр хоб рав, – таъкид кард бобои Камол, – наҷунбӣ. Агар маро бедор кунӣ аз лингат гирифта ба Олучадара мепартоям.

– Намеҷунбам.

– Бобои Камол чашмҳояшро пӯшида паҳлӯ гашт. Тоқии ӯ аз бо-

лои болишт ғелида ба таги сурфа зад. Ман аз ҷоям хестам. Ба сари бобои Камол нигоҳ карда аз сари сурфа паридам. Сари ӯ ба монанди ёлаи дӯлонаҳои бобои Амир пур аз чукричаҳо буд. Тоқиро ба дасти ӯ дода боз ба сараш нигоҳ кардам. Суханони модарам ба ёд омад. Модарам мегуфт, ки бобои Камол марди бо тамкини деҳа буд. Ҳеҷ гоҳ гапи дурушт намезад. Пас аз он ки аз ҷанг баргашт, бобои Камоли пешина набуд. Махсусан, вақте баданаш аз кор гарм шавад, суханҳои беҷою дағал мегӯяд.

Имрӯз ҳам ҳангоме ки офтоб дар болои сари даравгарҳо рост шуд, ӯ досташро ба болои дарзаи гандум партофт як гала гапҳои беҷо зад ва ба ду даст аз чаккаҳои сараш гирифта ба Садир гуфт:

– Мағзи сарам меҷӯшад.

Занаш ба сари ӯ оби хунук рехт. Аз шохчаҳои каб-кабуди буттаҳои бияҳ гирди сари ӯ чамбарак бофт. Камол дар сояи ғарами дарзаҳои гандум гаҳ ба худу гаҳ бе худ паҳлӯ зад. Занаш чун барги бед дар худ ларзида гуфт:

– Бачаи ҷанг бимирад.

– Худата бой надеҳ,Мавҷигул, – гуфт Салима ба зани Камол, – ту хушбахтӣ,дугона. Ба гирду пешат нигоҳ кун, чи қадар занҳои бевамондаро мебинӣ. Сутуни хонаи ту дар пешат. Ханаҳои онҳо ҳозир бесутунанд.

Посе аз шаб гӯзошт. Даравгарҳо ғарқи хоб буданд. Патҳои бинии Маҳмуд дам ба дам мешукуфт. Бобо Камол оҳиста хӯрок мекашид. Аз сӯи теппаи дӯлонаҳои бобои Амир овози мандоғхонии Ҳотам меомад. Ӯ аз ҷону ҷигар дар васфаи гандум, барзагови баладкуҳон,моҳтобу ёр, ситораю қуллаҳои кӯҳ месуруд. Дар поёни ҳар як ду байте ин рубоиро ба оҳанг мехонад:

*Алло, аз сари кӯҳи баланд оҳу парид,*
*Ин куртаи ёр мисли гули лола дарид.*
*Мардум меган куртаи ёр чиба дарид,*
*Ӯ кашиду мо кашидему он курта дарид.*
*«Чапар моламе мандағам, ёр ё дӯст».*

Ҳушу гӯшам ба мандоғхонии Ҳотам буд. Ман ба суруди ӯ гӯш дода ба атроф нигоҳ мекардам. Дар болои сар осмони зангори пур аз ситора. Дар гирду атроф чир-чиракҳо ҳама хомӯш буданд. Гуё, онҳо ҳам ба овози Ҳотам гӯш медоданд. Ҳушу ёди маро сурфаи занҳо парешон кард. Як нафар зан аз ҷой хеста пеши пояи дӯлона рафт. Об хӯрд ва ба ҷои хобаш баргашт. Ман ӯро шинохтам. Ӯ Рӯзигул буд. Қади раъно, рӯи сафед, мижгону абрӯҳои чун пари зоғ

сиёҳи ӯ маро мафтун мекардаанд. Борҳо ба худ мегуфтам: «Калон шавам, албатта зане мегирам, ки монанди Рӯзигул бошад».

Боре ӯ бо ман ҳазле кард:

– Салом, – гуфт ва пурсид, – ман хушрӯям? Гуфтам, ки аз ӯ хушрӯтар дар олам зане нест. Баъд худро бой додам. Гуфтам, ки калон шавам ӯро ба занӣ мегирам. Рӯзигул қаҳ-қаҳ хандид. Ҳоло ӯ пуштнокӣ дароз кашидаст. Гӯё ӯ дар осмони нилуфар ситораи худро меҷуст. Бисёр афсӯс мехӯрдам, ки чаро ман калон нестам ва чаро Рӯзигул зани ман нест. Чанд бор ният кардам, ки бархезам дар хоби маст аз рухсораҳои ӯ бибӯсам. Рӯзигул шояд нахуфта буд.Аҷаб не,ки ба осмони нилуфар нигоҳ мекард.

Моҳтоб дар қисман ғарбии осмони дашт то рафт паст мешуд. Парвин аз сари кӯҳҳои Зағара ба Оличадара назар меандохт. Фикр мекардам, ки агар дар болои ин куллаҳо дарахти чинор мебуд, кас ба нӯги он баромада ситора мечид. Роҳи моҳтоб ҳам аз болои ин қуллаҳост. Ҳа, агар дар балантарини қуллаи он, – куллаи Хуҷақреш чинор мебуд он гоҳ хоҳари зебои офтобро ҳам зиёрат мекардем. Ман дар болои бом ҳомроҳи модарам хобида, ҳеҷ гоҳ зебоии шабро инхел надида будам. Дар болои дарзаҳои гандум чир-чиракҳо чирос мезананд. Аз он тарафи Олучадара овози хирманкӯбҳои деҳаи Туғдона ба камари куҳҳои Зағар танинандозӣ мекард. Маҷбур чашмонамро пӯшидам. Аммо худро ба зӯру бе зӯр ба дасти хоб супурда наметавонистам.Ҳамеша дар ҷои нав то дергоҳи шаб хоб аз ман мегурезад.

Шабе меҳмони холаам будам. Халаам ҳамаро ба хоб гуселонд ва бо рӯи ман нигоҳ карда гуфт:

– Дар чашмонат зарраи хоб наст. Кас бовар намекунад, ки аз Ҳалқаёр то Дараи Мирӣ пиёда омадаӣ.

Он шаб ҳамроҳи холаам то мурғфарёд писта шадда кашидем. Шаби дигар холаам ба ман панд дод ва гуфт, ки ба як нуқта нигоҳ кунӣ, зуд хобат мебарад.

Паҳлӯ гашта нуқтаи беҳаракат ҷустам. Тоқии бобои Камол кайҳои аз сараш ғелида рафта буд. Ба сари бобои Камол чашм дӯхтам. Ҳамин сари аҷиб се – чор рӯз пеш аз ин ба деҳа омад. Кӯдакҳою кампирон ба пешвози ӯ баромаданд. Мӯйсафедон дар хирманкӯбӣ буданд. Шабонгаҳ Садир ба муносибати омадани бобои Камол даравгарҳоро ҷавоб дод. Ҳамин каллаи аҷиб аз даҳшатҳои ҷанг ҳикояҳои нахустин кард.

Ман аз сари бобои Камол чашм кандам. Ба худ гуфтам: «Ин нуқтаи беҳаракат нест. Дар ин нуқта ҳикоятҳои даҳшатангез ниҳон аст». Беҳтараш, ба нӯги тоқии Садир нигоҳ мекунем. Садир хобу

хоболуд даст ба тоқи бурд. Ӯ нимхез шуд. Ба сурфаи занҳо як нигоҳ кард. Ба хӯроккашии Камол гӯш дод. Ман чашмонамро нимпӯш кардам. Ӯ аз ҷояш хест. Пои чапашро каме варзиш дод. Ҷомаро аз болои ман гирифта ба китфонаш партофт. Болои маро ба кӯрпа пӯшонид. Боз як бори дигар ба сурфаи занҳо нигоҳ кард. Аз пеши дарахти дӯлона лангида-лангида гузошт. Ба сӯи маҳтобшин рост рафт. Дар паси ғарамҳои дарзаҳои гандум аз чашм пинҳон шуд.

Аз сурфаи ҳамсоя Рӯзигул бархост. Ӯ хамёзаи ширин кашид. Сӯи кӯзаҳои об чанд қадам партофт. Аз кӯза об рехту нахӯрд. Косаро ба даҳони кӯза монду аз паи Садир рафт. Дар тани ӯ куртаи сатини сафед буд. Аз болои пояҳои навдарави гандум, гӯё ӯ роҳ намерафт,чун кабк мехиромид,сабук парвоз мекард. Гӯё, ӯ дар зери партави ширмоҳтоб лағжида аз чашм пинҳон шуд.

Кӯрпаи ду-се зан ҷунбид.

– Оҳ, – хонат бисӯзад, ҷанг, – гӯён нолиш кард зане. Шояд ин овози Мавҷигул буд. Ман дуруст фарқат накардам.

Посе аз шаб рафт. Галаи хукҳои ёбой аз ёлаҳои теппаҳои дӯлонаҳои бобои Амир фаромада Олучадара равон шуданд. Ҳар шаб онҳо ба сари ин теппаҳо баромада, решаи аҷриқ мекананд. Баъзан онҳо дарзаҳо, ғарамҳои гандумро чошу пош дод, саракҳои гандум мехӯранд.

Галаи хукҳо ба дара фаромаданд. Моҳтоб дар паси теппаҳои Қайқайқӣ баробари як лаби фатир монда буд. Аз паси ғарамҳои гандум Рӯзигул намоён шуд. Ӯ пеши кӯза омад. Онро аз замин бардошт. Дасташро ба гардани кӯза ҳалқа карда паси ғарамҳои гандум рафт.

Рӯзигил кӯзаро оварду ба замин монд. Косаи обро дар пеши кӯза рехту сӯи ҷойгаҳи хобаш рафт. Ман ба атроф нигоҳ кардам. Аз дур, аз сӯи теппаи дӯлонаҳои бобои Амир овози мандоғхонии Ҳотам меомад. Чур-чуракҳо, ҳатто, хирманкӯбҳои деҳаи Туғдона шояд масти хоб буданд. Аз сӯи дараи олучаҳо сиёҳие намоён шуд. Чун наздик шуд,ӯро шинохтам.Ӯ Садир буд. Аз лаби чашма меомад.

Садир ба ҷомааш маҳкам печида дар ҷои хобаш дароз кашид. Ман лаби кӯрпаро болояш партофтам.

Ӯ ба кӯрпа сахтар печиду хобаш бурд. Он шаб ман ҳис кардм, ки калон шудаам. Сурфаи даравгарҳо, кӯрпаи модарам дигар ба ман кӯтоҳӣ мекунад.

Пас аз се соли тамом шудани ҷанг роҳи омӯзишгоҳи бофандагиро пеш гирифтам.Аз байн солҳои зиёде гузаштанд.

Ҳанӯз ҳам дар фазои пур аз мавҷи садоҳои бо зарби дастгоҳҳои бофандагӣ суруди он шабаи даравгарҳо ба гӯш меояд. Оҳ ман чӣ

қадар мехостам, ки боз як шебе ҳамроҳи даравгарҳо бихобам. Ба галаи хукҳои ёбоӣ нигоҳ кунам. Дамидани субҳро бинам. Ба хониши пагоҳии кабкҳо гӯш диҳам. Бубинам, ки чи хел дашт сапедадам ҷон мегирифт. Чи гӯна парандагон бо минқор ба парҳояшон шона зада таронаи рӯзи навро мехонанд.

Кандани ситораҳо, дар зери партави ширмоҳтоб ру-рӯи пояҳои навдарави гандум чун кабк хиромон рафтани Рӯзигул,таи кӯрпаҳо беқарор шудани даравгарзанҳоро бинам. Овози Салима,ки ҳоло ҳам чун фиғони зани аз шавҳар зиндаҷудо ба ёдам мондааст, ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳад:

«Оҳ,хонаат бисӯзад ҷанг!?

## ҲИКМАТИ ОДАМӢ

Азизи хона будам ва гуфтам.

– Ҳикмати одамӣ бузург аст, апа.

– Сағира, одамӣ чӣ ҳикмат дорад.

Чун апаам аз сар гузашт ва дардманду бенаво шудам, дидам меҳрубононам номеҳрубонанд. Ошноҳоям аз ман мегурезанд: Бародаронам роҳи бегонагӣ дар пеш гирифтаанд. Пайвандон тарки ман гуфтаанд. Ман мондаму «дӯсти содиқам» дарди ҷонсузӣ остахандроз ҳамроҳам. Ҳар меҳмоне аз дар медаромад, ба ман чашми бегона дошт. Ва аз нигоҳи ӯ мефаҳмам, агар мури лаби дунё кaҷ намешавад, осмон ба замин намерасад,обҳо намехушканду кӯҳҳо намекӯчанд. То ту мисли ту бисёриҳо мурданд. Боз офтоб баромада рӯз рафту шаб омад. Абрҳо осмонро пӯшонданду борон бориду барф. Сармо рафту гармо расид. Боз сабзаҳо рӯид, дарахтони боғ муғҷаву гул оварданд, мева бастанду мо хӯрдем. Овозам ба гӯши занам намефорад. Ҳар садои ман хоре мегардад ба гӯшҳои ӯ ва ба мағзи сараш мехалад. Ва овози апаам дар гӯшам ҷарангос медиҳад: «Сағира одамӣ чи ҳикмат дорад». Ва ҷавоб мекобам. Меёбам. Ҳикмати одам дар кушодадастӣ ҳаст. Муҳаббати инсон дастҳои кушодро мебинад. Дастҳои кушод меҳрро ба ҷӯш меовард, метасфонад. Ҳикмати дасти кӯтоҳу танги санг беҳикмат аст. Таваҷҷӯҳе надорад ҳиммат ба афсурдаи дардманд.

## РИШВАХӮР ТАНҲО НЕСТ

– Ришвахӯр танҳо нест, – гуфт он пири нуронӣ.

– Гунаҳгорон, – гуфтам ба ӯ, – одатан танҳо мегарданд.

– На ҳама гунаҳгорон, – гуфт ӯ, – ин хислата доранд. Аксар пеш аз он ки гуноҳ кунанд,чанд нафара ба гуноҳи худ шарик мегардонанд. Ин гуна гунаҳгори ашадӣ аз қотил ҳам бадтар, мисли ришвахор аст. Ришвахӯрӣ мансаби зинаи поён аз боло аз худ пурзӯртар меҷӯяд. Дарахти заҳрогин реша медавонад. Замоне ришвахорон такияи ҳамдигар гарданд, қонунҳо фасод мешаванд,дигар онҳо қудрати ҳимояи мардум надоранд. Қонунҳо моликияти шахсии ришвахӯрон, ки шуд, ҷамъияти хароб мегардад. Ва ин харобӣ то даме идома меёбад, ки борони сел ба замин чун бурон фуруд меояд ва ришвахӯрон мисли наҷосаташон нест мешаванд.

* * *

Хонаеро, ки ришвахӯр аз меҳнати дигарон бунёд кардааст, ба сараш фӯру меафтад. Гӯристони охирашаш мешавад. Ғизои аз ришва чаридаро қай мекунад. Аз даҳшати гуруснагӣ заҳри морҳои таги заминро мемакад. Устохонҳояш, ки ба таги хок хобидааст, ба ҷисми ӯ нафрат мекунанд.

* * *

Мусибатро Худованд ба бадкирдорон медиҳад. Ва азобашро бегуноҳону бечорагону некхоҳон мекашанд.

## ҶАЗОИ ИНСОФ

Ҳалокатро Худованд ба сари бе инсофҳо меорад ва чун борони сел меборад, чун гирдбод хокро ба ҳаво мебардорад, дарахтҳоро решагардон мекунад, бомпӯшҳоро аз баландиҳо ба қаъри дарҳо мепартояд, заминро меларзонад, мечағонад, кӯҳҳо мекӯчанд, пора мешаванд ва бо сангҳо дарёҳоро мебандад, сокинони дар ғафлати шаҳру маҳаллаҳоро бо дару деворҳояшон ғафлатгир мекунад, чунон, ки дигар дунёи рӯшанро намебинанд.

Ҳалокати ба сари чанд беинсоф оварда ҳазорҳо соҳибдили боинсофро таги хок мебарад.

Ва ин ҳам ҷазои одилонаи Парвардигор ҳаст ба бинишу дониш, хираду фаҳмиш, амалу аъмоли росткорону боинсофон. Чунки ун беинсофу фосиду бадахлоқ байни онҳо мегашт. Ва бадиву беинсофӣ ба онҳо мекард. Тарс нагузошт, ки онҳо сари беинсофро аз тан ҷудо кунанд ва чандеро ба инсоф оваранду инсофро қоим гардонанд. Қурбонии даҳу сад беинсоф пеши деҳ ҳазору сад ҳазор ба инсоф ҳеҷ аст. Ва ин аст адолат ва ҳимоят аз фалокат.

* * *

Ва як шахси бадкирдор ҳазорону ҳазорон неккирдоронро дучори мусибат мегардонад.

* * *

Ӯ тамасхури маро мисли об мехӯрад ва ман азислоҳи хислатҳои баде, ки аз ӯ зуҳур мекунад, ба андеша меравам. Мушкил аст таълими одами ҳақношиносу худписанд.

* * *

Гаштанд миёни мардум онҳое ҳам, ки «баҳри ҳабосат шудгор» карданд ва тухми ноинсофӣ кориданд, имрӯз ҳосили онро медараванд ва қиммативу қашшоқӣ байни мардуми заҳматӣ боло меравад. Ва то даме, ки миллат ҳикмат пайдо накунад, ин ҳол идома меёбад.

* * *

Ҳарчанд ин ришвахӯрон, ки фаросати онҳо аз замин нарӯидааст ва аз хоку об насабзидааст. Ин шарорат аз ҳосили онҳо рӯидаву сабзида ва азоби абадии ҷони онҳо гаштааст. Тамаъ оташи дили онҳост ва тамаъ ғизои сӯзони чашмони онҳост.

* * *

Шодӣ сабук аст. Чун шуъла ба ҳаво мебарад туро. Ва чун насими мушкбез рӯи мавҷи кӯҳу дарёҳо мегардонад туро. Вале ғусса вазнин аст. Аз кӯҳ ҳам вазнинтар. Вазни заминро дорад. Ва ягон тарозу баҳри баркаши он санг намеёбад.

* * *

Ба ришвахӯр умед набанд. Чунки оқубати умеди ту хиҷилӣ меоварад.

* * *

Умр чист? Муздурӣ ҳаст, умр. То ҷое дароз ҳасту мерасад, чашм ба музду маош дорад.

* * *

Хушдиле гуфт, ришвахӯрон мисли абранд. Чун титу пош хӯрад, нопадид мегардад.

* * *

Андӯҳи маро бистарам мебардорад, рӯҳи маро хобам навозиш мекунад.

* * *

Дар ин дунё бори гарони мо ба ҷуз мо дигар боре нест.

* * *

Чуноне, ки забон таъми хӯрокро медонад, гӯш таъму суханро месанҷад.

* * *

Мегӯянд, ки ҳикмат дар пирону хирад дар умри дароз аст. Агар ин роиҷ аст, чаро онҳоро аз сари кор ронем бо баҳонаи нафақа ва кишанҳои пешрафти иҷтимо донему аз машварат ба онҳо барҳазар бошему аз ҷамъият берун ронем. Ва ронандаҳоро дер ё зуд ба рӯзи онҳо расонем.

## ТАФОВУТИ СӮЗ АЗ СӮЗ

Дар дилам чашмони ӯ мисли офтоб вуҷудамро мегудозад. Замоне панҷараи мижгонҳои ӯ бо ҳам мерасид, дил андаке осудагӣ меёбад. Гӯё ба дил чун сояи абр дар қиёми рӯзи тамуз ба замин роҳате меоварад.

Аз куҷо омад ин муаллимаи нави физика? Абрӯҳои қаламӣ ва ду рухсори ду бари бинии чун динори ӯ мисли ду ситора дилрабоӣ мекунад.

Ҳамин, ки занги танаффус садо дод, ҳама омӯзгорон сӯи муаллимхона мешитобанд, то аз пурсиши мудири таълимии мактаб дер намонанд. Аз дур паси дари муаллимхона сурати зебои ӯро мебинаму зонуҳо хам мезананд. Ба назарам меояд, ки пойҳоям бо ҳам мепечад. Шонаҳоям аз пасам хандаи тамасхуромез эҳсос мекунанд. Соидҳои то сари китфи чун барф сафеди ӯ ба чашм мехӯранд ва дастҳо журнали синфу дафтарҳои конспектро фаромӯш мекунад. Дар муаллимхона ҳам ҳоли нек надорам. Ҳамин, ки ӯ аз дар дарояд, ё нишаста бошаду хезад ва сӯи рафи ҷевони журналҳо қадам гузорад, гумон мебарам, ки аз соқҳои то зону бараҳнаи ӯ ба фарши муаллимхона нур мерезад. Журналу конспект аз ёд меравад, синфи навбатӣ ва мавзӯҳои наву кӯҳнаи дарс ҳам.

Оҳ азоби он рӯзаи ман саҳмгин буд. Вале хайрият, ки сари муаллимон пурфикр ҳасту аз талабаҳо пуршитоб. Талабаҳо дар интизори ҳар чи зудтар ба поён расидани дарсҳо аз ҳолу аҳволи устод бехабар мемонанд. Ва муаллимон банди андешаи каму бешии соатҳои таълим, миқдори маошу рӯзи маошанд.

Рӯзи серазобе шуд он рӯзи аввали соли хониши нав. Аз диди аввали он маҳлиқо дар вуҷудам инқилоб афтод. Ва дар ғайби ӯ ҳам тани гудохтае доштам. Ба ҳоле худро ҷамъ мекардаму боз парешон мешудам. Ва бадҳол ба хона омадам.

Дар ҳавлӣ ба чашми апаам мисли арвоҳи бегона намудам. Маро диду шохҷорӯби ҳавлирубӣ аз дасташ раҳо хӯрд.

– Рангат, бечо сағера, – гуфт ӯ, – қариб нашинохтам.

– Дар фикрам, апа оташ даргирифтааст.

– Ғами пулу мола камтар бихӯр, сағера. Ҳар рӯз Русия равӣ. Хаёл кардӣ абре, ки дар осмони рус аст, аз он пул мебораду бе ту гузашт, дер мондӣ.

– Апа, фикрам аз ин намесӯзад. Дарунам, дилам аланга дорад.

Апаам ширин – ширин хандид.

– Сӯзиши фикр, – гуфт ӯ, – ба ҳасади пулу мол аст. Аланга дар кучоят зиёдтар аст.

– Дар дилам, апа.

Ин бор апаам боз ширинтар хандид.

– Ҳавасат рафт?

– Чихел ҳавас?

Бо тарси сахту шарми аз тавоноиам гарон пурсидам.

– Дил аз ҳавас аланга мегирад?

Ба назарам аланга ба рӯям зад.

– Сурх шудӣ, сағера.

– Алангаи дил аст, апа.

– Ҳавасат рафт?

– Ба чӣ?

– Ба чи не, ба кӣ.

Сире, ки он лаҳза ба дил доштам, мисли донаи таги хок гардида буд.

– Ҳеҷ кас, апа.

– Дуруғ нагӯй, сағера. То имрӯз аз зан безор будӣ: Дигарҳо зан гирифта чи шуданд, ки ман гирам, мегуфтӣ. Акнун аланга ба дил дорӣ.

Ҳар чанд ӯ сурхии ногаҳонии чеҳраи маро дида бошад ҳам пай набурд, ки аланга аз макони худ ба рӯ баромаду ҳоли дил сабук шуд.

– Алакай аз дил ба рӯ баромад, апа.

– Ин хел бошад, мегузарад, сабук мешавӣ, сағера.

Ба ҳар ҳол аз ин гуфтугӯ ба дилам андаке роҳат омад. Ва ба худ гуфтам: чаро назди апаам ҳаваси дила ба фикр бор кардам ва ба он тӯҳмат задам. Ва аз апам пурсидам:

– Апа, сӯзиши дил хуб ё аз фикр?

– Агар дил баҳри адолату ободии маҳал, аз ғаму ғусса, бекориву қашшоқи раҳо додани мардум сӯзаду фикр аланга гирад, хуб аст. Ин рост туро ба пайдо кардани ҳаёти абадӣ мебарад.

Ба чеҳраам сардии хушгуворе давид. Сири аз дил берун шуда ё худ рӯяки дил буда мисли донаест, ки болои хок ҳасту сабзиш надорад.

Ва дар дил майли сӯзишу дар фикр алангаи дигар пайдо шуд. Сӯзишу алангае на баҳри нестӣ, балки сӯи ҳаёти ҷовидона.

## РАИСИ БИСТАРӢ

Ӯ дар паҳлӯям менишаст ва ранги рӯяш канда буд. Канда-канда ҳарф мезад. Сулфа гӯлугираш мешуд. Вақте месулфид, чашмони камнури ӯ пӯшида мешуд. Чун ором мегирифт, мижгонҳои дарозу сиёҳашро боло мебардошт. Нигоҳаш аз болорҳои шипанг, мизи сурх, самовори аз ҷумак поён сиях ба рӯи ман меафтод. Нигоҳи ӯ чунон сард буд, ки дар ҷоям ҷунбида мондам. Гӯё чашмони ӯ шишагӣ буд, ва ягон маъние ифода намекард. Ӯ бо ду даст аз гиребони ҷомааш гирифт ва бо садои паст шукр гуфту дар худ ларзид. Аз афташ ӯ хеле равшан эҳсос кард, ки зиндааст.

Аз ҳама аҷибаш пеши чашми ман шукргузории ӯ буд, на нолишу ранги гаштаи чеҳрааш. Ва ҳамчунин шикваи ӯ аз ранҷӯрӣ.

– Дардамро намедонам, додар, – гуфт ӯ, – на духтур монду на табибу фолбин. Дардама наёфтанд. Як ҷо дард мекунад, ки табиб мефаҳмад. Ҳама баданам месӯзад. Азобам дар хона зиёдтар мешавад. Посбонии ҳамин шипанга гирифтам. Шукр, ин ҷо чизи мардум медуздидагӣ ҳам нест.

Шукронаат.

Сулфаи ӯ шиддат кард. Ба чи шукр гуфт. Ба сулфа, ба сӯзиши баланд, ба ранги зард. Ба ҳамаи ин шукр гузоштан мумкин. Чунки сулфаи хушк хун ҳам дораду зарди зартару сӯзиши баланд баландтар. Ҳеҷ гумон надорам, ки шукри Ҳамид ба ҳамин оҳанг бошад.

Сулфа пасанда шуд ва ӯ аз ду бари гиребон гирифту.

– Шукри Карахуҷа, – гуфт.

О, ана, ӯ ба шукр мегузарад. Ба соле, ки Қарахуҷа раис буд.

– Одами нағз, Карахуҷа, додар… Номат чи буд, додар. Аз ёдам баромадааст.

– Абдурасул, акаи раис.

– Боз шукри Карахуҷа, додар Аврасул. Ҳамин, вазифаи қаравулира дод. Аз коҳу дон ҳам бенасиб намемона. Шукраш. Қаравулӣ ҳам вазифа, додар Аврасул. Ба ҳар кас намераса.

Ҳамид, ҳеҷ гоҳ бе вазифа набуд. Соле раисӣ кард. Саркор ҳам буд. Замоне ман парончак шудаму аз деҳа баромадам, Ҳамид

ҳисобчии бригада буд. Ҳеҷ гоҳ сари лаҷомро аз даст раҳо намекард. Аз нӯги қамчини ӯ хун меборид. бераҳм буд Ҳамид. Бисёр гап намезад. Ман аз ҳамаи илм безор мегуфт.. илми ҳар кас барои худаш.

Соли раисӣ илми ӯ хеле баланд рафт. Рӯзи саршӯии зани Ҳаким ҳавлии ӯ даромад ва ба қаҳр пурсид.

– Ҳаким ку?

Зан саросема аз сар то ба пой ба ҷилпӯши сафеди кӯрпа печиду гуфт:

Рӯз нашуда ба сари хирмани пахта рафт.

Ҳамид мағзи бошитоб дошт. Аз ғазаб ларзид. Чуноне, ки ҳозир аз зарби сулфа меларзад.

– О, падарлаънат, – гуфт ӯ, – ту сар мешӯӣ, чобуқа кӣ мекуна.

Бо шаст по аз эзангу гирифт ва кашидаву кушода байни ду шонаи тари зан қамчин зад. Зан сар болои ду зону гирифту ду даст аз ду паҳлӯ сипари шикам кард ва пуштро ба ихтиёри қамчин дод.

Шаб Ҳаким аз ҳоли занаш ошуфта шуд. Пагоҳ ба ӯ маслиҳат доданд, ки ба занаш қиёми зелол диҳад, кӯфтаи пӯсти зиркро бо зардии тухм омезаду ба ҷойҳои зарбдида молад, овораи арзу шикоят нашавад. Чунки пахта сиёсат ҳасту қадраш аз зани ӯ баланд.

Ҳаким ба тақдир тан дод. Ҳарчанд, зани ӯ баъди латукӯби Ҳамид кӯдак партофт ва то кӯдаки сеюм паи қамчин аз бадани ӯ нарафт.

Зулми раис ба ҷое расид, ки мардум гуреза шуд. Оилаҳо шабу ними шаб андаке чизу чора бардошта аз раис роҳи водии Вахш дар пеш гирифтанд. Ҷо-ҷои деҳа хонаҳо холӣ монд. Замоне ҳафт оила аз ҳамсоягии апаи ман, дар як шаби моҳтобӣ ногаҳон ғайб заданд, овоза то райкому райисполком расид. Ба даҳшат омад райкому райисполком. Ҳамид раиси пешқадам: агар кор ба ин ранг давом кунад, пешқадамиаш дар гӯр.

Ҳамид аз вазифа барканор шуд. Ӯ як солу ёздаҳ рӯз раисӣ кард. Ба шодии аз вазифа рафтани ӯ қисме аз гурезаҳо ба хонаҳошон баргаштанд.

Раиси собиқ саркор тайин шуд. Вале хуш дошт, ки ӯро раис гӯянд. Аз шунидани он мисли гул мешукуфт. Мардума дар пӯчоқи писта ҷо кард: ва замоне ҳисобчии бригада шуд, мардуми маҳаллаи мо аз пӯчоқи писта набаромаданд. Чиллаи тобистон, ки айни чобуқу чиканка буду Ҳамид нисфирӯзи чун ходаи сари гӯр болои мардум рост меистод. Ҳамаро таҳти назорат мегирифт. Аз заминҳои дирӯз об гирифта мавҷ мехест. Худи мавҷи оташи дегдонворӣ. Мавҷ болои баргу кӯрак, сару гардан, каландҳои ба ҳаво бардошта бозӣ мекард. Аз сӯи туғайзорҳо гармсел меомад. Ва онро боди самум, яъне боди заҳрбез ҳам мегуфтанд. Нафасҳои аз лабу димоғ берун омада

бо гармсел омехта ва ба дарун мезад. Вақте аз мардуми бригада зану марде нафасгир аз пой меафтид, Ҳамид болои сари ӯ рост мешуд, бо ҳақорату сиёсат. Баҳри Ҳамид ин хел ҳавои тасфон вуҷуд надошту боди самум таъсире намегузошт.

Хурду калони деҳ аз аҷал андаке зиёдтар аз ӯ метарсид. Агар ӯ лаби наҳри калону дарози байни деҳ пайдо мегардид, ҳама хурду калон дар об ғайб мезад. Сояи ӯ ба роҳ меафтид, мардуми аз пасу пеш оянда бо пои қафо мегурехт.

Диламон ба зану бачаҳои Ҳамид месӯхт. Чаро онҳо аз дидори ӯ ба дигар деҳа намегурезанд.

Дард кӯҳро аз по меафтонад. Ҳамиде, ки аз ғазаби ӯ паланг каланд бардошта чобук мерафту халта ба миён баста даруни ҷӯякҳо медаромад. Ва то аз пой задан чобук мекарду пахта мечид. Пахта мечиду чобук мекард. Ҳамиде, ки Худоро Худобердӣ медонист, имрӯз бо ҳоли низор сулфа мезанаду шукри раиси хоҷагӣ мегузорад.

Гузаштаҳо гузашта.

Дилам ба ҳоли ӯ сӯхт. Ба пешдомани пур аз пахта такя карда зӯр мезадам бо ягон чиз ӯро таскин диҳам.

Дар олам каси аз бемор серумедтар инсоне нест. Боз, агар мисли Ҳамид, мағзи пуршитоб дошта бошад. Ӯ барои раҳоӣ аз беморӣ ба рост ҳам бовар мекунаду ба дурӯғ ҳам. Эътимоди ӯ ба ҳама чиз сабукмағзона буд. Тавба мегуфту меларзид, шукр мегузошту метапид. Наход, танҳо ба некии Карахуҷа шукрона гӯяд? Чаро тавба мегӯяду ба эътироз меафтад?

Бисёр мехоҳам ба ӯ боварие диҳам. Аммо кадом боварӣ? Бигузор танҳо ҳосили бофтаи ман бошад. Вале кадом бофта.

Хайрият худи ӯ кӯмак дод.

– Ҳама кора кардему додар, номат… боз фаромӯш шуд.

– Абдурасул.

– Аврасул, додар, – қиёмата фаромӯш кардем.

– Роҳи қиёмат, – акаи раис, – осон.

Ӯ дар пириву беморӣ ва ин ҳоли низор, акнун сахт дар фикри қиёмат задаст. Ба андешаи ман агар дарк кунад, ки замоне аз дасташ кори нек меомаду бад кард. Меҳрубонӣ меомад, бераҳм буд. Ва ҳамаи бадиҳояшро шуморад ба ёди қиммат, девона мешавад.

– Акаи раис, аз як китоб матни арабие медонам. Агар онро хони аз дилшикастагӣ мебарой, ғаму ғусса аз танат дур мешавад. Шодону хандон умр мебинӣ. Ғами қиёмат ҳам намехӯрӣ.

Аз раис гуфтанҳои ман чеҳраи зарди ӯ шукуфт. Вале ба мӯи сар ва қутии сигарети пешкиссаам чашм дӯхт. Бо оҳанге, ки аз он каме

нобоварию тамасхур ҳувайдо буд, хоҳиш кард, он сураро бигӯям. Бе ҳеҷ истиҳола бист калимаеро, ки дирӯз аз муаллими забони арабии донишгоҳ ёд гирифта будам паи ҳам қатор кардам:

Сабиун, марадатан кана ясидун ва назаратан акрабун…

Калимаҳои арабӣ, ки тоҷикии онҳо чунин аст: Бача ба шикори малах рафт ва каждумро дид ба назар асрорангез намуд. Зеҳни раис хеле кунд будааст. Ҳар як калимаро гаштаю баргашта ба ӯ такрор мекардам, Ҳар бор ӯ калимаҳои «пурасрорро» ҳарисона фурӯ мебурд, вале наметавонист дар ёд нигоҳ дорад. Ӯ месулфид аз сустӣ ва аз сустии хотирааш гиребонгир буд. Билохир аз рӯи хоҳиши ӯ бо ҳарфҳои калон-калони кирилӣ калимаҳои арабиро ба се вараќи дафтарчаи хотираам навишта ба дасташ додам. Ӯ ҳарфҳоро бо ҳам ҷанг андохта мехонд ва ман гӯш мекардам.

Аммо, афсӯс, ки роҳбари пахтачиниамон омад ва то охир хондани ӯро имтиҳон накарда, пешдомани пур аз пахтаро ба гардан андохта аз поёни он зонузанон ба мобайни ҷӯякҳои пахтазор даромадам.

Аз миён чанд рӯз гузашт. Ҳар гоҳ каме монда мешудам, чашми роҳбарамонро duздида ба шипанг, назди раис мерафтам. Роҳи ӯро мепоидам. Вале аз ӯ дарак набуд. Боре аз як марди рӯ ба рӯ омада аҳволи раисро пурсидам. Ҷавоб дод, ки раиси Ҳамид сахт бемор аст. Сар аз бистар намебардорад. Аз студентони пахтачин касеро хоҳиши дидан дорад. Шояд он кас шумо бошед.

– Оре, ман, тағоҷон.

Мард маро то сари болини раис роҳнамоӣ кард. Ӯ бо эҳтиром рӯяшро ба сӯи ман гардонд.

_ Шу…мо…а…рабӣ ме…хо…нед, – гуфт ва талвосаи ҷонканӣ ӯро беёд кард. Чун ба худ омад, гуфт, ки он чи ман гуфтаму навиштам ба мулло Карим бархондааст. Дар ин шаку шубҳае нест, гуфтааст мулло Абдукарим. Донандаи он дар пештоқи ҷаннат макон хоҳад гирифт. Аз ин гуфтор ҳайрон шудам. Ба андеша рафтам ва дарёфтам: Мулло Абдукарим инсонии баланд зоҳир кардааст. Ҳоли низори ӯро дида нахостааст, ки раиси Ҳамид аз ин дунёи рангин ба қиёмат ноумед равад.

… Ба касратии борони ду шабонарӯзи аз пахтачини фориғ мондем. Рӯзи чорум овозаи ба ҳақ ҷон таслим кардани раиси бистарӣ тамоми деҳаро фаро гирифт. Пешин тобути ӯро ба гӯристони миёнаҷои теппаи болои деҳа бароварданд. Ҳаво соф буд. Нурҳои равонбахши офтоб оламро навозиш мекард. Мулло Абдукарим ба мардум мегуфт, ки: худораҳматӣ пеш аз марг ба гуфторе боварӣ дошт. Офтобу ҳаво шоҳид аст, ки ҷои ӯ ҷаннат шуд.

Вале ҳафт зани аз дасти ӯ бева монда ва мардуми зиёди заҳри неши ӯро чашида ба ин фикр розӣ набуданд. Ҳамсояҳо, ки аз кӯдак то пишаки хона озори дасти ӯро аз ёд намебароварданд, акси суханони муллоро мулоҳиза карда мегуфтанд: ҷаннати мо дили ҳамдеҳагонамон, на таги хоки хунук. Дар ин ҷаннат ба раиси Ҳамид ҷой нест. Аз афташ арвоҳи ӯ ломакон ва дар ҷустуҷӯи макон то рӯзи растохез бо азоб сарсону саргардон мегардад.

## МАКТУБИ АҶОИБ

Ду мард бо ҳам во мехӯранд.

Марди якум: Аҳволҳо.

Марди дуюм: Нағз. Аз шумо пурсем.

Марди якум: Бад не.

Марди дуюм: Навигарӣ?

Марди якум: Намедонам, агар киссаам набошад.

Марди дуюм: Чи фарқ дорад, ки навигарӣ дар куҷо: хона, ҷои кор, ё кисса. Ба ҳар ҳол навигарӣ – навигарӣ аст. Кани бинем.

Марди якум аз кисса мактубе баровард.

Марди дуюм: О, ин мактуб-ку.

Марди якум: шиноси роҳдурие дорам. Гоҳ-гоҳ аз ӯ мактуб мегирам. Мактубҳои аҷоиб менависад.

Марди дуюм: Шунавем чӣ.

Марди якум: Марҳамат.

Ӯ лифофаро кушод ва ба хондани мактуб оғоз кард:

Абдуллои азиз, мактубатро гирифтам ва дарҳол фаҳмидам, ки аз ту аст. Аввал фикр кардам, ки мумкин аз ту набошад. Вале кушодан баробар донистам, ки аз ту аст. Набошад, фикр карданам мумкин буд, ки аз ту нест. Ман бисёр хурсандам, ки ту, аллакай зан гирифтаӣ. Охир вақте, одам ба каси дилхоҳаш хонадор шуд, маълум ба ҳамаи он мақсадҳое, ки дошт, расидааст. Ана, аз ин рӯ, ман бисёр хурсанд, ки зандор шудаӣ. Чунки вақте, ки одам ба каси дилхоҳаш хонадор шуд, ин чунин маънӣ дорад, ки ҳар чизеро ӯ мехост, ба даст овардааст. Имрӯз мактуби туро гирифтам ва зуд донистам, ки ин мактуби ту аст. Аммо боз фикр кардам, ки аз афташ аз ту нест. Кушодам, дидам, ки аниқ аз ту. Бисёр нағз кардаӣ, ки ба ман мактуб навиштаӣ. Ҳар чанд, то як вақте наменавиштӣ ҳам менавиштӣ. Ман ҳамин мактуби туро гирифтам, зуд қарор додам, ки аз ту ҳаст. Баъд ман бисёр хурсанд, ки оқибат ба он касе, мехостӣ хонадор шудаӣ. Боз бисёр нағз кардаӣ, ки ба ман мактуб навиштаӣ. Ман мактуби

туро дида беҳад шод шудам. Ва дар ҳол донистам, он аз ту ҳаст. Рост, вақте мекушодам, аз сарам фикре чун барқ гузашт, ки он аз ту нест, аммо ҳар чи бодо бод гуфта, қарор додам, ки аз ту аст. Раҳмат ба ту ки навиштаӣ. Барои ин ба ту ташаккур мегӯям. Аз ту беҳад хурсандам. Мумкин аст, ту пай набарӣ, чаро ман аз ту ин қадар хурсандам, вале ман ба ту зуд мегӯям, ман аз ту барои он хурсандам, ки зан гирифтаӣ, махсусан ба касе хонадор шудаӣ, ки мехостӣ ба ӯ хонадор шавӣ. Баъд ина мефаҳмӣ, ки бениҳоят нағз аст ба он касе дилат мехоҳад, хонадор шавӣ. Ана барои ҳамин ман бениҳоят шодам. Ҳамчунон хурсандам, ки ба ман мактуб навиштаӣ. Ман, аллакай даст нарасонда донистам, ки он аз ту аст. Вақте ба дастам гирифтам аз сарам фикре гузашт. Раваду аз ту набошад? Вале дарҳол аз дилам гузашт: не, албатта аз ту ҳаст ё аз ту нест? Аз ту ё аз ту не? Оҳ, кушодан баробар, бинам, ки аз ту. Ниҳоят хурсанд шудам ва қарор додам, ки ба ту ҳам мактуб нависам. Чизҳои бисёре гуфтан зарур. Вале тамоман вақт нест. Ҳар он чизе, ки вақт ёфта барои ту дар ин мактуб навиштам, боқимондаашро баъд менависам, чунки тамоман вақт надорам. Нағз, ки ба ҳар эҳтимол ту ба ман мактуб навиштаӣ. Акнун ман медонам, ки ту кайҳо хонадор шудаӣ. Ман аз мактубҳои пештара ҳам медонистам, ки ту хонадор шудаӣ. Ҳозир боз пурратар бовар мекунам, дар ҳақиқат ту хонадор шудаӣ. Ман беҳад хурсанд, ки ту хонадор шудаӣ ва ба ман мактуб навиштаӣ. Ман мактуби туро дидан баробар, зуд фаҳмидам, ки ту боз зандор шудаӣ. Хайр чӣ, фикр мекунам, нағз, ки ту хонадор шудаӣ ва дар ин бора ба ман мактуб навиштаӣ. Акнун ба ман навис, ки зани нави ту кист ва чи хел хонадор шудаӣ. Ба зани нават салом гӯй.

Марди дуюм: Зани нав?

Марди якум: Аз куҷо?

Марди дуюм: Ана дар ин мактуб.

Марди якум: маълум! Вақташ чунон танг будааст, ки ҳатто як сатри мактуби маро нахондааст.

## ЯК ШАБИ МОҲТОБӢ

Аз паси кӯҳҳои Наврас моҳтоби шомхӯрда баромад. Нурҳои он аз теғаҳои кӯҳҳои Чилдухтарон полида ба баландиҳои ағбаи Ништерион мерехт. Дар поён дарёи Оқсӯ шуввос мезад. Ӯ чашм кушод. Дастонашро аз паси сар гирифт. Сабзаю райоҳини навруста, ки аз лаби кӯрпачаи дар кабини экскватори Белорус ҷо-ҷо доғҳои равғани салярка дошт, то дуриҳои дур нигоҳ кард. Ӯ тамоми рӯз аз пагоҳи

барвақт, то он лаҳза, ки мотори Белорусро ба ҳаракат дароварду аҳли оиларо аз хоб бедор кард, ин хел рангомезиро надид. Ҳушу гӯши ӯ ба роҳ, кашиши мотор банд буд. Дар роҳи фарозии деҳаи Хангуртак, роҳ васеъ кашиши матор суст шуд, ӯ ба хамиҳои паҳлӯи ҳам хобида ва осмони зангор як нигоҳи ошиқона карду наздик буд, ки чархи тарафи рости Белорус… аз тақдири номуайяни худ буд. Аз он ҳаросид, ки мошинҳои самосвал меоянду шофёрҳо ӯро наёфта бебор мемонанд.

Курси моҳ баланд мешуд. Сутунҳои ба сӯи осмон рост шудаи кӯҳҳои Чилдухтарон аҳромҳои бузургро мемонданд. Дар роҳи Чилдухтарон то шаҳрчаи тиллокорони Сиёҳфарк ингуна аҳромҳои азим беҳисобанд. Вақте рӯзона офтоб мебарояду шабҳо ширмоҳтоб ва сояҳои онҳоро ба самти ғарб мепартояд, дар пояҳои онҳо шабро мебинӣ ба монанди гесӯи сиёҳи дӯшизагон. Ҳангоми ғуруби офтоб ин аҳромҳо ҳашамати дигаре доранд. Дар ин лаҳза ҳашамат, ҳусну рагомезии кӯҳсорро мебинӣ.

Боре ӯ ҳамроҳи рафиқаш, ки аз Чита омада буд, ҳамроҳ аз фурудгоҳи ҳавоии Кӯлоб бо самолёт нишастанд. Аз болои кӯҳҳои Зағара парвоз карда истода, назари дӯсташ ба ин аҳромҳои бузург афтод. Ба ҳаяҷон омад.

– Аловуддин, ин чӣ мӯъҷизае, – ҳамчунин чашм аз аҳромҳо наканда, чунон саросема пурсид, ки гӯё аҳромҳо ҳозир мегурезанд ва ғайб мезананд.

Инро Чилдухтарон, мегӯянд ба Володя фаҳмонд Аловуддин. Дар ҳақи ин кӯҳ қиссаҳои бисёр аст. Аз наздик онҳо аҷибтаранд. Чилдухтарон ду кӯҳ аст. Даряёчае, ки аз чашмаҳои доманаи кӯҳҳои Шоҳимардону Наврас ибтидо мегирад, долони калоне ба вуҷуд оварда., Чилдухтаронро ба ду ҳиссаи калон ҷудо кардааст.

Лаҳзае, ки самолёт дар дашти Мокако, назди шамшодзор фуруд омад, Володя аҳду паймонеро, ки пас аз анҷоми хизмати ҳарбӣ дар вокзали роҳи оҳани Чита ба Аловуддин дода буд, аз ёд набурд. Ӯ аввалин моҳи меҳнатии дамгириро ба дидорбинии Аловуддин ва тамошои манзараҳои моҳи маи зодгоҳи ӯ бахшид. Ховалинг ғарқи гулу райҳон буд. Боди атрбез бӯи хуши гиёҳҳоро ба машом меовард. Володя худро дар дунёи афсона медид.

– Ин қадар зебост, – гуфт Володя, – ин лолазорҳоро бин, оташи фурӯзони дӯстӣ. Он хамиҳо, талу теппаҳоро бин. Шукӯҳу шаҳоматро бин. Як олами ҳусну зебоӣ доранд. Вақте ту ёди диёр, тавсифи манзараҳои он мекардӣ ман аввал бовар мекардам. Баъд гумон мебурдам, ки дар неку бадгӯии табиат истеъдоди модарзодӣ дорӣ. Охир ҳамаи тавсифҳои ту дар майна таку рӯй мешуд. Баракси

он, ба хулосае меомадам, ки ту дурӯғгӯӣ гузаройӣ. Ҳозир мебинам, ки дар таъриф бисёр хасис будаӣ.

– Ин ҳамин хел аст, Валодия. Вақте аз ин ҷо ҳар чи қадаре дур шавам, ба назарам ҳусну зебоии он зиёд мешавад. Ҳине боз меоям, ду-се рӯз мегузарад, пеши чашмам ҳама як чизи муқаррарӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он монанд аст, ки аз бари модар ҳарчанд дур равӣ, ба чашмат зеботар мешавад, овози ӯ, суханони ӯ дар гӯшат ширинтар садо медиҳад. Гапи одии ӯро панди олӣ мегӯӣ. Чун ба назди ӯ меоӣ, сери дидор мебинӣ, сухани олие ба гӯш наояд.

Фардо Володя орзуи дидани Чилдухтарон кард. Саидҷалол онҳоро ба лаби дарёи Оқсӯ овард. Дарё бардамида ва оби он лойолуд буд. Ин мошин аз инхел об гузашта наметавонад, гуфт Саидҷалол, вагарна аз шофёр хоҳиш мекардам, ки шуморо Чилдухтарон барад. Аловуддину Володя аз ин зиёд ташвиш додани бародарро нахостанд. Володя аз паи ӯ сар – сари резишгоҳҳои нави дарё шино карданд. Саидҷалол чашм аз онҳо наканда рост меистод. Онҳо ба соҳил баромаданд. Дар пояи туте, ки об қисме аз решаҳои онро кофта берун бароварда буд, ба сӯи Саидҷалол даст афшонданд. Саидҷалол бо хотири ҷамъ қафо гашт. Мусофирон рӯ ба ағбаи Ғӯзаҷо рост баромаданд.

Ҷангалзори беканори доманаи ағба ғарқи гул буд. Володя ба шаддагулҳои буттаҳои каин, ки мардумони маҳал аз пӯсти навдаҳои он банд мебофанд, ба шавқ даст мебурд ва бӯй мекард. Ӯ гулеро бо ин гуна ранги баланди зард бори нахуст медид.

Володя аз таъми чашмае, ки дар баландии ағба аз он нӯши ҷон карданд, зиёдтар таъҷуб кард. Аз оби он лаззати ҳазор хел гиёҳҳои кӯҳи эҳсос мешуд. Баланду бузург буданд, сафедорҳои пир. Ҳатто шохчаҳои хушк нишонаи баҳори моҳи май аз худ падид овардаанд. Дунёи талу теппаҳо, кӯҳу баландӣ, зебоии тасвирношудани дошт. Дар васфи онҳо Володя ду-се сухани баланд гуфт. Вале забон аз ифодаи он чи чашм медид, оҷизӣ кард. Ӯ дастонашро афшонда бо тамоми овоз:

– Аловуддин, – гуфт, – агар биҳишт ин қадар зебо мебуд, одамҳо талоши умри дароз намекарданд. Боз чи гӯям?

Шояд Володя ягон фикри баландтаре мегуфт.аммо садои хониши мурғони паси теппа ӯро ба хомӯшӣ маҷбур кард. Мурғобиҳои ҳавзи Ғузаҷо, ки гӯшти аз кабк ҳам ширинтар доранд, ба наво даромаданд. Онҳо бе садо қадам монда ба ҳавз наздик мешуданд, то гӯшҳо аз ин наво зиёдтар баҳра бардорад. Бар хилофи чашмдошт пой бар сари теппа монданду ба як дам мурғобиҳо хомӯш шуданд. Гӯё тӯъмаи хомӯшӣ дар сари ҳамин теппа буд. Ба дидани онҳо аз чор тарафи

ҳавз села-села мурғобиҳо ба ҳаво парвоз карданд. Болҳои ба монанди нуқраи хоми онҳо дар зери гардҳои офтоб боз ҳам сафедтар ҷило медод. Мурғобиҳои калонсолтар, ки ин гуна сайёҳорро зиёдтар дидаанд, як-як аз таги буттаҳои лух баромада, дар ҳавзи кушод шино мекарданд.

Аловуддину ҳамроҳаш дар болои теппаи гумбазшакли чорраҳа, ки аз онҷо Чилдухтарон хеле аҷиб менамуд, ба ҳавзи Ғузаҷо нигоҳ карданд.

– Дар бинои умрам, – гуфт бо тааҷҷуб Володя, – ин хел мӯъҷизакориҳои табиатро дар ягон кишвар надидаам. Агар дар бағали ин кӯҳҳо, теппаву дараҳо аз қабили хонаҳои истироҳат ободие буд ба ҷони ҷавон савганд, ки то давре ҳастам, истироҳати меҳнатиамро танҳо дар ҳамин ҷойҳо мегузарондам.

– Ҳамаи он шиносҳоям, ки, – сухани ӯро қувват дод Аловуддин, – ба Криму Кавказ рафта меоянд, ҳамин сухани туро мегӯянд.

Аз чорроҳа дуртар кори онҳо омад кард. Мошини хоҷагии ҷангали ноҳияи Мӯъминобод онҳоро ба Чилдухтарон расонд. Асп ҳам пайдо шуд. Володя пой ба эзангӯи тоҷикӣ монд. Ӯ аз шодӣ ба монанди гулҳои хушранги ағбаи Ғузаҷо шукуфт.

– Зини тоҷикӣ бисёр, аҷиб, – гуфт ӯ ва дар гӯши Аловуддин илова кард, – бори аввал дар умрам асп савор шудам.

Дар назди Чилдухтарон ӯ гуфт:

– Падарам, мегуфт, ки дар байни гӯшҳои асп шароб рехтагӣ, савор шавӣ дунё дар назарат ба монанди пулушки сӯзан метобад. Назарат на тарсро мегираду на роҳи дурро.

Онҳо лаб-лаби дарёчаи Чилдухтарон роҳ пеш гирифтанд. Аз ду тарафи онҳо аҳромҳои Чилдухтарон офтобро аз чашм пинҳон мекард. Володяву Аловуддин чизҳое диданд, ки аз болои самолёт дидани онҳо амри маҳол буд. Дарахтҳои хушбӯи маҳлабу арча аз соҳили дарёча то камари кӯҳҳо саф кашидаанд. Қуллаҳо дар шакли соғарҳои хурду калон, дар суроби духтарҳои хушқаду қомат… гӯё аҳромҳоро аз девор то баландиҳои он кунгура буридаанд. Ҳарду аз ин меъмориҳои аҷиби табиат лаҳзае беёд гаштанд. Ин чи қадар тӯл кашид ҳарду ҳам намедонанд. Он лаҳза онҳо ҳама чизе, ҳатто мавҷудияти худро фаромӯш карданд. Чун ба худ омаданд, эҳсос карданд, ки чор тарки майна дам гирифту кушода шуд. Ин лаҳза Володя, гӯё, аз модар нав таваллуд шудааст. Ту гӯй майнаам барои сад сол дам гирифт. Аз сафар якҷоя бо Володя ба қадру қиммати ин кӯҳу дараҳо бештар мерасидагӣ шуд.

Аз рӯи ваъдаҳо бояд Володя ин баҳор аз Чита ояд. Шояд ин бегоҳ омада бошад. Агар мотор носозӣ намекард ин лаҳза дар хона

мебудем. Ӯ зану духтарчаи дусолааш Гулҷаҳонро ба ёд овард. Гулҷаҳон, албатта хоб аст. Саидҷамолу модар хавотир. Трактори с-100 бисёр тамбал. Агар Белорус соз мебуд Аловуддин дар ин ғояти шаб танҳо намемонд. Ҳамааш чунон шуд, ки гӯё тамоми қисмҳои экскватор ба муқобили ӯ забон як кардаанд. Мошини охиронро аз реги соҳили Оқсӯ, ки рангу борчиёни хонаҳои нав онро ба тилло баробар медонанд, пур кард. Моторро дам дод. Худаш кӯҳи соҳили дарё баромад. Барои Гулҷаҳон ва аҳли хонадон каме рошаку чукури чинд. Бо дили пур паси рул нишаст. Вале ҳарчанд зӯр зад овози мотор набаромад. Чор тарафи онро дид. Ҷурме наёфт. Карбураторро кушод. Тоза карду суде надид. Дар дасту бозуяш сустӣ ҳис кард. Кӯрпачаро аз кабин гирифт ба болои сабзаҳо партофту ду даст паси сар дароз кашид. Чашмонаш беихтиёр пӯшиданд. Бедор шуд осмони софу равшанро дид. Партови моҳи шом хӯрда болои кӯҳсутунҳои Чилдухтарон мерехт. Дилаш ба нону таом кашол буд.

Ӯ на аз таъсири боди салқине, ки аз сӯи дараи шимоли кӯҳи Наврас меомад, дастурхони модарро дар хоб дид ва аз таъсири иштиҳо бедор шуд. Ҳеҷ гоҳ фиреби экскваторро ин хел нахӯрда буд. Вагарна нону таоме ба худ мегирифт. Ба сӯи рошакҳо даст дароз кард. Як рошак, ду рошак, сеюмро пӯст карда хӯрд. Дар худ қуввату мадори тозаи ҷисмонӣ эҳсос кард.

Каме мунтазир мешавам, аз дил гузаронд, моҳтоб ба миёни осмон рост шавад боз як бори дигар моторро месанҷам. Ин бор мотор ӯро фиреб надод. Аловуддин ба экскватори Белорус ҷабр кард. Аз пагоҳи то бегоҳ обу нон нагуфта ба мошинҳои самосвал рег бор кард. Ҳар кадоме даҳ бори рег бурданд. Иқтидори боркунии ин «ҷонвар» ҳар як шабонарӯз 200 метри мукааб хоку рег аст. Аммо Аловуддин рӯзи сеюм аст, ки бо он 400 метри мукааб рег бор мекунад. Худаш танҳо ҳисобу китобҳои пешакии конструкторону муҳандисони заводи Белорусро тагу рӯ кард. Онро аз иқтидори лоиҳави ду баробар зиёд кард. Бо вуҷуди ин ҳама қисмҳои асосии он беасар буданд. Агар Саидҷалол мебуд, зуд иллати онро меёфт. Аҷаб нест сиру асрори моторро Аловуддин аз бародараш кам надонад. Аммо ҳамеша беморӣ дорад, ки Саидҷалол аз ӯ зиёдтар медонад. Эътиқод замина дорад. Аловуддин дар ҳаёт аз паи бародараш рафт. Аз паи ӯ ба дунё омад. Дар болои дӯкони модар по баровард. Кӯчадавак шуд. Зебоиҳои табиатро ҳам аз нақши пойҳои ӯ дид. Дуюмин бачаи оила шуд. Саидҷалол омӯзишгоҳи механизаторӣ районии Данғараро тамом кард. Соле дар дашту хамиҳои совхози «Ховалинг» бо трактори с-100 шудгор карду ба армияи бинокорон даъват шуд. Аловуддин аз ӯ дуртар дар омӯзишгоҳи касбию техники шаҳри Қӯрғонтеппа касби трак-

тору экскваторчигиро омӯхт ва ба Ховалинг омад. Трактори бародарашро ба ӯ доданд. Доди шудгорро дод. Ибрати ҷавонону ҳамсолон шуд. Аз байн соле рафту ӯ ҳам ба армияи бинокорон ба Қазоқистон, он ҷое бародараш хизмат дошт нею дуртар Чита рафт. Дар либоси сержанти калон ва грамотаю таърифномаҳои бисёр ба Ховалинг боз гашт. Директори совхоз Туғак Дӯстов аз дидани ӯ хушнуд шуд.

– Ту, – гуфт ӯ, – бачам, лоиқи трактори нав дорӣ. – Имрӯз ба гаражи хоҷагӣ овардем.

Аловиддин инро мукофоти калон қабул кард. Фардо трактор Т-28-ро аз гараж баровард. Хешу таборҳои роҳдурие, ки ба дидорбинии ӯ омаданд, маҷбур шуданд, то бегоҳ сабр кунанд. Ҳафтае нагузашта сарварии 52 аъзои созмони ҷавононро ҳам ба зиммаи ӯ монданд. Муносибат ба кор ва тарбияи ҷавонон номи Аловуддин Аламшоевро дар ноҳия машҳур кард. Ӯ иқтидори трактори Т-28-ро нишон дод. Чархҳои он доимо дар гардиш буд ва касе аз Аловуддин калимаи «шалпар»-ро намешунид.

Боре аз кору бор, ташвишу тараддудҳои беохири сардори идораи сохтмони ноҳия Ёқуб Ҳикматов, ки бунёди манзилгоҳҳо ва объектҳои асосӣ ба ӯҳдаи ӯст, ба шавқ омадам ва ният кардам, ки лавҳае нависам. Ӯ аз ин ниятам пай бурд.

– Ҳоло ту, – гуфт ӯ, – экскваторчӣ Аловуддин Аламшоевро намедонӣ. Корро аз ӯ бин. Ҷавонмарди рӯинтан. Шалпариро намедонад.

Ана ин нону таомро аз барои ӯ гирифтаам. Шаб наомад. Метарсам ягон ҳодисае нашуда бошад.

Ёқуб дар нимароҳ мошинҳои регбори самосволро дид ва хушҳол шуд ва бо як хушҳолие гуфт:

– Ҷонта садқа Аловиддин.

Дар лаби дарёи Оқсӯ Аловиддин дули экскватори Белорусро пур аз рег карда ба самосвалҳо мерехт. Ӯ чунон ба шавқ кор мекард, ки кас гумон намебурд, соате қабл аз ҷои муқарарии хоб хестааст. Ва Гулҷаҳон дар болои теппаҳои сабзпӯш ҷасту хез дорад.

Аловуддин ба саломи Ёқуб бо имо сар ҷунбонд. Пас аз он ки аз кор фориғ шуд моторро хомӯш кард.

Камтар дам гирад, – гӯён дар сари дастурхони аз рӯзнома густурдаи Ёқуб нишаст. Аз саволҳои Ёқуб, ки дар он ҷо зиёд истодани набуд, ҳамааш равшан шуд.

Кайҳо боз, – гуфт ӯ, – осмони моҳи майи дараро бо ин гуна зебои надида будам. Шаби аҷибе буд. Як умр дар ёд мемонад. Саҳар ҳангоми хайрухуш Ёқуб лифофаро ба Аловиддин дод. Ӯ номи Володяро хонд. Ошиқи табиати кӯҳистон меояд, гуфт ӯ.

## ИНСОНИ ХУБ

Бо аблаҳ бо забони ба худаш наздик бояд ҳарф зад. Ва занги телефон баланд шуд. Аз он овози занеро шунид, ки ба сабаби сӯҳбатҳои беақлона гапҳои бисёри бемағзаш худро канор мекашид, ба дараҷае агар ба ӯ дучор ояд роҳи гурез меҷуст. Ӯ дар ҷавобу пурсиши зан зиёд андеша накард. Ва дар ҳол гуфт:

– Раҷаб Мардона мепурсӣ?

– Бале, – гуфт зан.

– Раҷаб Мардон мурд, – гуфт ӯ дар ҷавоб.

– О, дина зинда буд-ку?

– Оре, дина зинда буд. Ин пагоҳ, – қарибии рӯз мурд.

– Чи хел мурд?

– Чи хел мемуранд? – Ва Раҷаб Мардон ба саволи зан савол доду мунтазири сухани ӯ нашуда гуфт: – Чи хеле, ки дигарҳо мемуранд, ҳамон хел мурд.

– Ҳайфи одам, – гуфт зан. – Инсони хуб буд Раҷаб Мардон.

## ПАШШАҲОИ ПАРШИКАСТА

– Ин чи гап, чи бало дар хонаи мо, – фарёд зад мисли моргазида хоними хона.

Китобро пӯшидам ва аз ҷой хестам. Хоними хона адл дар миёни хонаи калон истода гоҳ ба чор девор, гоҳи дигар ба фаршу шифти хона рӯ меовард. Аз ҳайрат чашмонаш дар косахонаи сар бозӣ мекард ва чун нигоҳаш сӯи дар рост меомад чашмонаш аз бозӣ мемонд. Лабҳои чун пӯсти пиёзи кореягӣ тунукаш мисли пулаки моҳӣ дам меоварду фишурда мешуд. Таркиши он ҳавои ҳамаи хонаро меларзонд:

– Ин чи бало, ин чи офат! Ягон одами зинда ҳаст дар ин хона.

Дар хона одами зинда бисёр буд ва ҷасур кам. Ҳама гӯш ба карӣ зада: косашӯ коса мешуст, дегшӯ лифти тар меҷафид. Хушбахт оне буд, пешкалиди дари ҳаловатҷойро тоб дода, ба ҳузур бе тарсу бим менишаст.

Ва хонуми хона фарёд мезад:

– Дар ин хона ҳама мурдааст. Ин чи бало, ин чи офат!

Ӯ дар ноҷаи дар маро дид ва гуфт:

– Майдаҳак ин ҳамаш кори ту.

Пашшаҳои қанотшикастаро дидам, ки аз таги лабҳои гилему палосҳо, паси ҷевону ҷомадонҳо ба девор часпида рост ба шифт ба-

ромада ва аз девори муқобил ба фарш мефаромаданд, ва боз ба девор часпида мисли сарчархак роҳ мерафтанд.

– Нигоҳ кун, – бо таъкид гуфт хонуми хона, – майдаҳак. Ба кори кардаат кайф кун.

Дар ҳақиқат ин амали ман буд. Анбӯҳи пашшаҳоро рӯи тақсимчаи шакар, дастурхони кушодаи нону мураббо ва лабҳои пиёлаҳои широлуд дида ба ғазаб омадам. Ва як соат ҳарбу зарб карда пашша куштам. Ду пашшаи охири болои пӯчоқи харбузаро аз парвоз маҳрум карда ба хонаи хобам гузаштам. Вале ин лаҳза бо тааҷуб ба девору шифти хона, ки аз пашшаҳои бо як тараф: девор, шифт, девори рӯ ба рӯ дар сафар зеҳн мемондам.

– Ҳайрон шудӣ, ҳа. То ин лаҳза ҳама аз кори ту ҳайрон мешуд. Акнун худат аз кори худат ҳайронӣ.

Ғазабам ҷӯшид.

– Чи дод мезанӣ, – гуфтам ба ӯ, – ба ҳафтод сӯм нафақаи давлату як вақт картошкапиёбаи ту ҳамин қадар қувват мекунӣ. Ту зӯрӣ? Ҳамаш лоши тайёр. Ҷорӯбро гиру нест кун. Ман аз шапошапи бисёр монда шудам. Дар ҳаваси шӯрбо дилам гум зада истодааст.

Хонуми хона аз калимаи шӯрбо сахт тарсид. Ва ҳар тарсанда ҳалим мешавад.

– Шуд, – гуфт ӯ. – Ту кората кардӣ. Ин тарафаш аз ман.

Ба хонаи хобам даромадам. Сар ба болин мондам. Ба хобам селаи пашшаҳо ва косаҳои рангоранги пур аз шӯрбо ва сағалҳои гӯшт меомад.

* * *

Умре шароб нӯшид, то талхиҳои зиндагиро фаромӯш кунад ва бо даҳони талх аз олам рафт.

* * *

Ришвахӯрон дили фасод доранд.

* * *

Дар сӯҳбати лақӣ дер наист, пой бардору зуд бирав. Ва ба рафтан аз пеши фозил шитоб накун. Чунки як сӯҳбати оқил беҳ аз ҳама ганҷинаҳои олам аст.

* * *

Бале, мамлакат гул-гул мешукуфад. Он дар ин кӯҳанзамину кӯҳанзамон борҳо шукуфои ва борҳо пажмурдагиҳоро ёд дорад. Ва доим майли ӯ ба шукуфоӣ буд.

Ва мешукуфад боз замоне, ки бо дили поку беғараз, амру фармонҳо, талабу паёмҳои сарвари кишвар бе чуну чаро риоя шавад. Ва мардум он амру фармонҳо, талабу паёмҳоро муқаддас до-

нанд. Онҳоеро, ки ба ин амру фармонҳо, талабу паёмҳо сар намефароранд ҷазо диҳанд. Дар акси ҳол ришвахорон садрнишин мешаванд, ба фоидаи мақсадҳои разили хеш амру фармонҳо, талабу паёмҳоро ситоиш мекунанду аз амал дур меандозанд. Ва ҳар амре иҷро нашуд, ҳар талабе ба ҷо наомад бе қадр мешавад. Ва умеди шукуфои пажмурда мегардад. Мулке, ки зимомаш ба дасти ришвахорон устувор аст, файзе надорад.

## ДАФТАРИ ҲАЁТ

Мӯъҷизаи осмонӣ Дафтари ҳаёт ба дастам бо рисолате ҳар, ки дар ин дафтар сабт шавад, муқаддас хоҳад монд.

Зане ба тахмин сисола ва дар айни камолоти ҳусн роҳи ҳаловатҷои пушти бозорчаи Якачинор рубӯчин мекард. Ба ҳар ҷорӯб задан аз рӯи ӯ нур меборид. Лаҳзае қоматашро рост намебардошт. Бо куртаи чити сафеди сабзгулҳо рехта ва рӯймоли заргаронӣ навниҳолеро мемонд, ки ҳозирак малоикаҳо бахри намоиши зебоӣ аз биҳишт оварданд. Кафшони нимдошт пойҳои хушрӯйи ӯро заррае коҳиш намедод.

Атрофии хонаҳои роҳатҷой ороставу пероста буд.

Ва дар тамоми бозорчаи серодаму пурмағал серкору зеботар аз ӯ надидам. Болои тахтаи озода кулуху коғазҳо ва офтобаҳои об меистод. Ҳоҷатмандон мувофиқи дархости дил кулух мегирифтанд ва ё коғаз мебардоштанд. Баъдан даст шуставу маблағе ба қуттии саркушоди коғазӣ гузошта ба хонуми ҷорӯббадаст арзи сипос гузошта ва бо димоғи хуш аз паи ташвиши рӯзгору корҳои нобуди худ мерафтанд.

Зан ба рафту омади мардум эътиборе ҳам намедод. Ҷорӯбро аз даст раҳо дода ба офтобаҳо об мерехт, дар ин майдончаҳаки хурд баҳри худ ҳазору як кор меёфт. Ба неву нестони мӯйсафедони солхӯрдаву маъюбон эътимод накарда ба дастҳошон об мерехт, рӯймолчаи дастпокунӣ дароз мекард.

Ва гадоҳо ҳам аз пеш мегузаштанд. Ва ӯ ҷои аз онҳо музд ситондан панҷ дирам ба дасташон медод…

Ӯ дар хона се фарзанд дорад ва шавҳараш мардикори Русия. Вале ӯ ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надорад. Фарзандон сер, пӯшидаву печида, хона пур аз файзу баракат. Қошаш ҳеҷ гоҳ хам намехӯрад ва аз андӯҳ гиреҳ намезанад. Ҳамеша дили равшану чеҳраи кушода дорад. Ва хашмро намешиносад. Хашм аз ӯ дуру бегона аст.

Ин зан ҳамсари ман аст ва номаш Гулбону. Ва хонуми шӯху зиндадил, ки ҳамсояи дасти чап дар маъракаҳои руфтӯрӯби

майдончаҳову ҷӯйборҳои атрофии бинои дарозу панҷқабатаи мо фаъол ба ӯ ишора карда ба аҳли занҳо мегӯяд:

– Ҳамаи мо гулем ва ин бонуи мост.

Аз феъли неки Гулбону дарёфтам, ки зани ростдилу острафтори пок баҳри пайдо кардани ризқи ҳалоли хонадон сари санг ҳам роҳи кор меёбад.

Вале чихел роҳ? Ва аз роҳҳои шомгоҳӣ назди биноҳои боҳашамат, гулгашту хиёбонҳои атрофии қаҳваву тарабхонаҳо мегузарем.

Ва шаб хислати аҷиб дорад. Бисёр садоҳо, шурӯ мағалҳои рӯзро бар чоҳи торики худ фурӯ мебарад. Вале он бегоҳ аз оромии шомгоҳи оромише наёфтам. Хонумҳои таноз рӯ ба рӯи тирезаҳои тарабхонаҳои хушсохт, ки на ҳар кас ҷасорати аз дари онҳо даромадану таоми лазиз хӯрдан мекунад, бо сару либоси пурчило, ҷилвазанон худро намоиш медиҳанд. Онҳо бо абрӯҳои кашида ва пайваставу пурчину чун камон хамида, мижаҳои хобондаву бо шона чун теғ бардошта, сонҳои аз зону боло бараҳна, ҳамчунин хонумҳои андаке шармгини пероҳану эзорпочаҳои мавҷдор дар бадану туфлиҳои ялақосӣ бар пой роҳгузарони хушлибоси мардону соҳибони каруфареро, ки сӯи дари тарабхона мераванд, бо нигоҳи барқосо мегуселонанд.

Ва байни онҳо бартари ёфтан дар сару либоси ҷолиб ба якдигар эҳсос мешавад.

Ба ҷавлону ҷавлонгоҳи ин хонумҳо, ки аз усма, сурхиву сафеда нури рӯй пайдо кардаанд, зеҳн мемонам. Ва ҳамчунин ба пероҳану нимдоманаҳову туфлиҳои ялақосӣ. Боз хонумеро мебинам, ки ба тарзи ҳиндӣ бо порчаи пурҷило худро оро дода, дасторе ба миён дорад ва нӯги он байни суринҳои ӯ алвонҷ мезанад. Ва аз байни ин ҷилоҳо дар ҷавлонгоҳи саҳни қаҳваву тарабхонаҳо роҳи пушти бозорчаи маҳаллаи Якачинор боҳашаматар аст. Ва нигоҳи шармгини Гулбону, замони ба дастону кӯҳансол ва маюбон об мерезаду рӯймоли дастпокунӣ дароз мекунад, аз қутии саркушоди коғази панҷ дирам ба дасти гадо медиҳад, чихел ҷонбахш аст. Аз ҷорӯбзанӣ, резиши об ба офтобаҳо сар мебардораду аз ҳаё хиҷолат мекашад. Ва ба чашми ман чунин менамояд, ки агар барқи нигоҳи ӯ ба рӯи ин хонумҳои худро ба намоиш баровларда, афтад, усмаҳо, сурхиву сафедаҳои тапидаи онҳо хокистар мешавад. Мижгонҳояшон ба дуд мубаддал мегардад.

Дар рӯи Гулбону тухми ҳаё рехта ва борони нур боридааст. Ҳине аз рӯфтан боз мемонад ва ҷорӯб ба даст қоматашро мебардорад,куртаи чити гулҳои сабздор ба баданаш механдад. Ва гумон

мебарӣ ӯ ниҳоли ҳусн аст, ки фариштае баҳри намоиш аз биҳишт овардааст. Соате, ки ӯ кори рӯзонаи худро ба анҷом мерасонаду кафшҳои нимдошти рангпарида дар пой сӯи хона гом мебардорад, замин нафаси озод мегирад: Он аз ҳар як пойгузориву пойбардории Гулбону навозиш эҳсос мекунад. Аз нигоҳи поки чашмони ӯ ки бо шарму ҳаё зиннат ёфтааст, замин лаззат мебарад ва дар қаъри дил гармӣ эҳсос мекунад.

Ва нахустин инсоне, ки номаш сабти ин дафтар шуд, Гулбону аст.

* * *

Чун дарк кардӣ, ки одами бадӣ ва ба бадӣ ном баровардаӣ ба ришвахор ришва бидеҳ ва ӯ туро ба одилӣ машҳур мегардонад.

* * *

Ҳама ришвахорон соҳибмансабанд. Мансаб ҳар чи қадар баланд бошад, қиммати ришва ҳамон дараҷа бузург мегардад. Ва миқдори ришвае, ки ба раиси калон медиҳанд, нисбат ба нозиру вакил аз замин то осмон аст.

Ба нигоҳи ҳукумати ришвахорон қонун бозича, адолат ба ҳукми кӯр, оқил ба ҳукми аблаҳ аст. Ва чунон ҳукумат рахти сафар ба зулмоту чоҳи гумномӣ мебандад. Баробари фурӯ рафтани он адлу адолат меояд ва оламро равшан мекунад. Хирадмандон қадру қиммати баланд меёбанд. Чунки ба ҷои онон инсонҳое меоянд, ки торикиро торикӣ ва рушноиро рушноӣ, шириниро ширинӣ талхро талх мегуянд ва дурӯғ, макру риёро ба забон намеоранд.

* * *

Табар ҳар чанде мебураду мешиканаду дарахтҳои азимеро, ки дастаи ӯ аз ҳазору даҳ ҳазор як ҳиссаи он нест, чапагардон мекунад, бар замин мезанад, резаву пора мекунад. Вале аз ин зӯрии худ ғурур намекунад.

Зеро зӯрӣ ва истеъдоди модарзодиву суннатӣ беғурур аст. Мисли қонун, ки дар дасти ҳар касе бошад, ғурур намекунад. Ва истифодакунандаи ӯ ғурур дорад.

## АЙ, ХАТО КАРДӢ

Ду нафар аз сари дастурхони ҳуҷраи меҳмон узр аз роҳи дур оварданду аз ҷой бархостанд. Аҳли сари дастурхон ба пой рост шуданд. Танҳо яке аз онҳо нимхез шуду ба ҷои худ нишаст. Соҳибхона

аз паси онҳо баромад. Ва ҳозирини атрофи дастурхон боз ниша-станд, то андаке чой хӯранд, сӯҳбатро давом диҳанд.

Ва қне, ки нимхез шуду нишаст забон ба мазамат кушоду гуфт:

– Ҳамон, Қурбоналӣ кирое дошт, ки ба пой рост шавен?

– Меҳмон буданд, – гуфт марде чор ҷой аз ӯ дур нишаста ва пурсид:

– Чаро ту рост нашудӣ?

– Ба эҳтироми Нурмуҳаммад, – гуфт ӯ, – нимхез шудам. Агар рост мешудам, он ними дигар ба иззати Қурбоналӣ мешуд. Нахос-там. Ба эҳтироми ӯ мебуд аз ҷоям намеҷунбидам.

Ба ҳарфи ӯ ҳамаи ҳозирон розӣ шуданд.

– Ҳақаш ҳамин буд, акаи Сайфулло, – гуфт марди аз ҳама поён нишаста, ки зуд-зуд аз ҷой мехесту камбудиҳои дастурхонро ислоҳ мекард, – ҳама нимхез мешуданд. То Нурмуҳаммад мефаҳмид, ки танҳо ба ӯ эҳтиром дорем, на ба Қурбоналии баднафс.

* * *

Одами бешуғл ба ҳама чизи дунё, – гуфт ҳамон марде, ки нимхез шуду нишаст, – зеҳн мемонад. Ҳатто бо хурдтарин майда – чуйдаҳо аҳамият медиҳад. Беаҳмияттарин чизу ҳодисае ба назараш бузург менамояд. Ва ӯ аз солҳои донишҷӯӣ ба ёд овард:

– Вақти хондани донишгоҳи техникии Душанбе, сайру сайёҳати шаҳру кӯчагардӣ ҳам мекардем. Ҳамаи ин аз бемашғулиятӣ буд. Ба духтарҳо зиёдтар зеҳн мемондем. Аксар ду духтареро медидем, ки яке бисёр хушрӯю дигаре безеб буд. Чихел безеб буд? Ё қади паст дошту хароби лоғар буду пӯсти рӯяш ба болои устухон, ё ғафсаки чорпаҳлӯ худи чоркунҷаи баробаркунҷа. Ё қоматбаланди аз кӯтоҳии гардан сараш болои ду китф фаромадаву тикаҳои дил дамида ва сонҳо чун саночи пурбоди оҳангарӣ.

Дугонаи хушқаду қомати ӯ рӯи сафед дораду бинии зебо. Абрӯвони ӯро, гӯё бо қалам кашидаанд. Мижгонҳои дароз посбони наҷиби чашмони шаҳлои ӯянд. Ӯ кӯшиш мекунад, ки ғурур аз соҳибҷамолии худро чуқур дар қаъри дил нигоҳ дораду пеши мар-дум хоксору одӣ бошад. Вагарна бо ин хушрӯии ошкор ғурур ҳамнишин шавад то охири умр беҷуфт мемонад.

Дугонаи қоматбаланду ҷуфти ӯ кам гап мезанаду аз худ ғурур дорад. Дугонаи майдаву қаду бараш баробар ҳавобаланд аст. Дуго-наи қоматпасту наҳфи ӯ бисёрсухану калонгап ҳаст.

Ва он яке бо ғурур, дигаре бо ҳавобаландӣ ва сеюмин бо пургӯиву баландсухани айбҳои худро мепӯшонанд. Дугонаи хушрӯву мавзунқомати онҳо ба матои хоксори мепечад, то ин ки боз ҳам дилработар гарданд.

Ва одамони баднафс мисли ҳамон занҳои зафти пурғурур баландсухананд. Дар деҳаҳои Майдону Туғудона ва қишлоқҳои дигари атроф маъракае нест, ки аз ягон кори нек, одаму одамгарии Нурмуҳаммад сӯҳбат натасфад. Вале номи Қурбоналӣ, ки ҳазор нафсу ҳазор ғурури Нурмуҳаммадро дораду рӯ ба рӯяш нишастааст, ба забони касе намегардад.

## КАЛАИ ШИКАСТА

Ва Қурбоналӣ даст заду домони Нурмуҳаммад гирифт. Ба умеди он ки тавассути Нурмуҳаммад номи ӯ ба зеҳни мардум шинаду номаш меҳмони лабҳои онҳо гардад. Ҳар гоҳ мешунид, ки: акаи Нурмуҳаммад ҳамроҳи Қурбоналӣ ба идораи хоҷагӣ, ё фалон маъракa омаданду рафтанд, ӯ хушҳол мешуд.

* * *

Ва ин бегоҳ ҳам баъди гусели онҳо, ҷавонмардони деҳаи ҳамсоя, ки сари дастурхони маъракаи рӯзакушоӣ дар хонаи Салим ба ҳар ҳол дар қатори акаи Нурмуҳаммад номи ӯро ҳам гирифтаанд. Даст ба домони Нурмуҳаммад доштани ӯ беҳуда намеравад. Боз соҳибхона онҳоро то роҳи сари теппаи борики теппа, ки аз ду тарафи он дараҳои Майдон тоб хурда ба Лулобдара мепайваст, гуселонд ва ҳини хайрухуш гуфт:

– Хайр, шод бошед, акаи Нурмуҳаммад, амаки Курбоналӣ, паноҳ ба Худо.

Ин вакт моҳтоб дар болои қуллаҳои кӯҳи Зағара буд ва ситораҳо нурпошӣ мекарданд.

То роҳи сари теғаи теппа, то он ҷое, ки роҳ ба тарафи чап тоб хӯрда ба ҳамвориҳои деҳаи Майдон мефаромад, Нурмуҳаммад пешопешу Сайфулло аз қафо ва Қурбоналӣ дар мобайн мерафт. Қурбоналӣ сари андешаи он буд, ки баробари ба ҳавлӣ расидан, шофири шахсии худ Шералиро ба Нива мешинонаду ба қасри шаҳри Кӯлобиаш, ки соле қабл, айёми раисӣ аз ҳисоби чорвои фермаи говҳои парвоии Туғдонаву Майдон иморат карда буд, меравад. Ва шабро дар оғуши Адолат мегузаронад. Сари каммӯй ва наздик ба кали расидаи ӯ танҳо байни синаҳои чун барф сап-сафеди Адолат роҳат меёбад. Баъд ба ҳавлии Душанбегиаш меравад, маъракаҳои долу зарб дар қишлоқ баҳри ӯ ба охир расид. Ягон ду моҳ дар шаҳр мемонад. Меҳрангез бе гуфтугуй ӯро сахт пазмон шудааст.

Вале чун Сайфулло сӯи хона гашту паси пушти ӯро холӣ монд,

ба дилаш аз пайраҳаи гардиши теғаи теппа, ки бештар аз сесад метр дарозӣ дошт, ба ваҳм афтод. Партави моҳтоб то рафт пеши чашмаш хира мешуд. Пардаи аз шираву шарбати ба ҳаромӣ хӯрда чашмонашро хира мекард. Шояд хуни ба риё аз марди заҳматӣ макидаву сарватҳои андӯхтаи ӯ ба чашм омада дар ҳалқаи мардумаки он лаъл мебаст. Дигар ситораҳои осмон пеши қадамҳои ӯ нур намепошид. Моҳтоб ҳам партави худро аз ӯ таги абрҳо пинҳон мекард.

– Нурмуҳаммад, – гуфт ӯ, – чашмонам хира шуда истодааст. Қариб роҳа намебинам.

– Маро мебинӣ ? – пурсид Нурмуҳаммад.

– Мебинам.

– Бинӣ рост ба пушти сари ман нигоҳ карда, биё.

– Кӯшиш мекунам.

Пеши роҳи Нурмуҳаммад чун рӯз равшан буд ва ӯ ба кӯрии Қурбоналӣ чандон аҳамият надод. Ва гумон дошт ин равшанӣ пеши пову чашми Қурбоналӣ ҳам аст.

Замоне Нурмуҳаммад аз гардишгоҳи пайраҳаи сари ҷарии теғаи теппа ба дасти чап тоб хӯрд, овози Қурбоналиро шунид, ки мисли одами дар таҳлукаи ҷон гуфт:

– Ай, хато кардӣ.

Ва ҳине ба пас нигоҳ кард, касеро надид.

– Оҳ, – гуфт Нурмуҳаммад, – ин мардак ғалат фаҳмид. Гумон бурд ман лаби ҷарӣ расидам ва рост рафт. Чун пайҳои ӯро дид, ба дил ҳисоб кард: ягон се қадам хато рафт.

Ин ҳамон ҷои роҳе буд, ки ду сол пеш ҷавонаи зотиро фиреб дод ва он ба таги дара париду устухонҳо даруни пӯст майда-майда шуданд. Тавба, мегӯӣ гов неву моҳии калон аст.

Ҷавона ду сол пеш моли Нурмуҳаммад буд. Қурбоналӣ раис ба ивази он ду тонна гандум ваъда доду ҷавонаро моли худ кард. Он сол гандумро ба соли дигар монд. Вале соли дигар ҳам надод. Нурмуҳаммад аз баҳри ҷавона гузашту ҷазои Қурбоналиро ба Худо ҳавола кард. Ва ҷавона на ба ӯ насиб карду на ба Қурбоналӣ.

Ва ин лаҳза Нурмуҳаммад аз он нияти худ пушаймон буд. Ӯ аз сари ҷарӣ, ки рост ба таги дара мерафт, бо тамоми овоз фарёд зад:

– Қурбоналӣ, ҳо, Қурбоналӣ ! Зинда бошӣ овоз барор!

Ӯ ба ҷуз акси садои худ овозе нашунид ва пакару парешон деҳа рафт. Шери шофири шахсии Қурбоналиро ёфт ва як гурӯҳ мардони деҳаи Майдон дар поёни дара Қурбоналӣ кофтанд. Ҷасади ӯро аз паси харсанге ёфтанд бо калаи шикаста.

# АСПРО ОЗОР НАДЕҲ

Аз лаби ғор овози пурхашм омад. Марде тозиёна бардошта ба сару гардани асп мезад. Садои тозиёна бо зарб ҳаворо бурида дар бадани асп шалфа медод. Дар фосилаи байни бардоштану фаровардани тозиёна дашномҳои қароҳатангез аз забони ӯ меборид, ва шамолаки навозишгар овози ӯро ба гӯши мо меовард. Ҳамагуна ҳарфҳои қабеҳи ӯ бо нидои «ҳаром мур, лаънатӣ» ва зарби тозиёна ба поён мерасиду боз аз нав шурӯ мешуд.

Асп, гӯё хорасанги лаби ҷар афтодае буд. Фарёду дашномҳои ӯро намешунид. Гуё зарбаи тозиёна ба сару гардан, пушту сағирии асп не, балки бар замин бармехӯрданд. Мӯе аз асп намеҷунбид. Ва ӯ тоқати худу бетоқатии соҳиби ҷобирашро имтиҳон мекард.

* * *

Мо ба хотири фароғат ба Шибдара омадем. То ин дам аз тамошои табиат, ки ҳануз поймоли тамоддун нагардида ва ба ҳар кую барзане пой ниҳӣ чашму дил фараҳ меёбад, хотири болидае доштем. Ширмоҳиҳои гирдобакҳои ба қадри зӯру тавоноии худ дар бехи шохаҳои анбӯҳи зелол, ҳурғайю ҷузҳорҳо кофтаи ҷӯйчаи обаш баробари банди дасти кӯдак, ки аз камари кӯҳ метаровид, хотири моро машғул намедошт. Ду чашми мо сӯи он мард ва аспи саманди лаби ғор хобида буд.

Ва овозашро мешунидем: «ҳаром мур, лаънатӣ» ва садои тозиёна. Дина шоҳиди аспобдиҳии ин мард будем. Ба назар хеле ҳавобаланд намуд. Ӯ ростои мо истод. Баъд ногоҳ чизе ба ёдаш зад. Ҷунбид, гуё бо риши дарозу тунукаш пеши барашро рӯфт. Баъд лаби ҳавзаке, ки аз ҷомаҳои ғук кабудӣ дошт, асп ронд. Поёни ҳавз сиёҳчал буд. Ва лойи сиёҳ то болои он пошхӯрдаву хушкида. Ин кори подаи хукҳои ёбоист. Ҳамин ки офтоб фурӯ рафту подаи хукҳо бошитоб, сумбҳои сангчамонандашонро ба замин мезананд, чунон ки пояи гиёҳҳо чарс-чарс мешиканад ва гумон мебарӣ, ки аз осмон болои боми шифирӣ ё тунука жола меборад. Ҳамин, ки сарсела дар лаби ҳафз якбора истода, тамоми пода мехкӯб мешавад. Худи жолаи ногаҳон болои шифер рехтаву ногаҳон боз истода.

Аз оби кӯлмакчаҳо бӯи нохуш меомад. Мард лаҷомро сар дод. Асп сар хам карду сар бардошт ва ду пои пешашро аз лаби ҳавз гирифта ба поҳои пас тоб хӯрда аз об дур шуд. Мард бо ғазаб сари лаҷомро аз болои ёлҳои сӯи рости гардан хобидаи он гирифт, кашид, як-ду тозиёна ба гардани он зад ва боз лаби ҳафз бурд.

Лаҷомро суст монд. Вале асп сар поён нагирифт ва нигоҳ ҳам ба об накард. Мард бо асабоният об хӯр! Об хӯр! гуфт.

– Ин кас, – гуфтам ба ҳамроҳонам Саймаҳмуд паҳлавону омӯзгори мактаби ҳамагони Назар Раҳмонов, – аспдон нест. Шояд ба ҷои ин ҷонвар гов мебуд, аз оби ҳавз рӯ намегардонд.

– Ҳой амак, – гуфт Назар аз сари рӯймоли нон хеста, – ана, ин ҷо саргаҳи ҳамон об.

Ману Саймаҳмуд паҳлавон белчаҳои сафариро гирифтем ва саргаҳи чашма, ки он дар паси талчае ғайб зада дар толоби назди савор ҷамъ мешуд, рафтем. Ҳавзчае кофтем. Дар ҳоле сӯзанаки обсофкунаки самолётсурате, ки ҷунбиши болҳои сабзи бадани чун гаҳворача дарозашон ба чашми одӣ ноайён аст, пайдо шудаанд.

Назар савораро ба сари ҳавзча овард. Асп лаб байни ҳавзак монд. Ва дам нагиррифта на камтар аз як сатил об хӯрд.

Бисёр мехостем, ки ба савора гӯем, ки аз асп фуру ой то саманд аз оби хуши ин чашмаи камёб, ки аз он бӯи куруш меояд, роҳат ёбад. Вале гиреҳи абрӯ ва чини ҷабинаш моро сари андеша водошт. Худдорӣ кардем. Асп лаб аз об гирифт, сар афшонд ва ҳалқаҳои бари даҳонаш ба оҳани лаҷом расида садо доданд. Мард ҷои хайрухуш сари аспро гардонд ва худ ба худ ғурид: сабил, ту ин қадар нозук! Ва пошна ба бадани он зад.

Имрӯз ӯро надидем. Вале ду-се соат пеш саманд болои ғор дар тавила мечарид. Аз афташ банди тавила ба пои ӯ печида ва ба сурати аҷибе афтидааст. Он пушт ба ғору чор пой ба фароз мехобид.

Диламон ба ҳоли асп сӯхт. Сангобчаи Сурхобро гузаштем. Аз пайраҳаи байни дарахтони ангат боло рӯ ба кутали тез ва бо шитоб роҳ рафта ба сари ғор расидем.

Мард аз дидани дидори мо сахтар ба ғазаб омад. Бо сару гардани саманд ба зарбтар тозиёна зад. Ин бор худорӣ карда натавонистаму хитоб кардам.

– Бест, бераҳм!

Ӯ қоматашрпо рост гирифт. Дасти қамчиндорашро сӯям гардонд. Ӯ тайёр буд ба сари ман ҳуҷум оварад. Аммо дар пасам китфони чун болодари базарбаи Саймаҳмуд ва чеҳраи хашмгирифтаи Назарро дида досташро фаровард.

Аз лаби ғор ба поён нигаристем. Он чунон чуқуру тӯлонӣ буд, ки дили инсон мерамид. Ду паҳлӯи ғор ҷангали ангатзоре буд ва ҷо-ҷо марғзорҳои сабз дошт. Аз фаросати мард ҳайрон шудам: чаро он ҷойҳои хушгиёҳ монда аспро бар деволи болои ғор тавела кардааст.

Саманд дар ҳолати нобоб чунон хобидааст, ки гӯё равон ба бадан надорад. Ва он ба ин ноҷунбонӣ собит мекард, ки чанд сару гардан

аз соҳибаш бофаросаттар аст. Андак майли ба пойҳо хестан бас буд, ки Саманд ғел хӯрда ба қаъри ғор равад.

Асп инро медонисту соҳиб не. Мо аз гардани асп гирифта оҳиста ва бо эҳтиёт сӯи боло, ба шакли нимдавра чанд бор зӯр зада кашидем. Саманд беҳаракат меистод. Ҳангоме пушти ӯ ба боло ва пойҳояш сӯи лаби ҷар омад, озод аз ҷой хест. Нисфи баданаш хоку хасолуд.

Саймаҳмуд буттаи гандаҷоруб шикаст ва бадани самандро рӯфт. Ман ёлу думашро тоза кардам. Соҳиб аз шиддати асабу ҷонканиҳои беҳосил сурху сафеду арақшор сари зону нишаст. Асп ӯро намедид.

Оқубат мард аз ҷой бархост ва сӯи саманд рафт. Асп ба қасди газидану пойкуб кардани ӯ худро афшонд, ҳолати қаҳру ғазаб гирифт.

Соҳиб аз ваҷоҳати саманд ба даҳшат шуд ва аз тавила дур рафт. Асп бо ду даст рост шуд ва бо ду сумби наълбанди ба банди нухта чунон бо зарб зад, ки он гусаст. Ба фикрам panҷаҳои қавибозӯе бо қайчии азим ва бо якбор бандро бо чунин осонӣ намебурид. Мард дар ҳавли ҷон аз пайроҳаи бари ғор нишеб ҷаст. Мо пеши роҳи аспро гирифтем. Саманди чун шерри ғурон дар хурӯш аз дидани мо ором шуд ва пеши мо истод.

Аз сари нухтаи буридаи он ман гирифтам ва Саймаҳмуд паҳлавон ба гирифтани банди тавила рафт. Назар гиреҳи ёлҳои бо ҳам тобхӯрдаю печидаи онро навозишгарона мекушод. Ман пешона ва сару гарданашро молидам. Банди тавилаи овардаи Саймаҳмуд паҳлавонро ба нухта бастам. Ва самандро дар марғзори кушоди бо дарахтони ангат иҳота гардида тавила кардаму роҳи дараи Чангунро пеш гирифтем. Нияти тамошои шаршараи Пушти Боғ доштем.

Аз гардишгоҳи кӯҳи Мулоконӣ гузаштему паҳнои манзараҳои ҳайратангез пеши чашм падид омад. Аз лаби сангоби Чангун ҷангали ангат, зелолу заранг, туту чормағз ва арча то куллаҳои кӯҳҳои самти шарқ домон густурдааст. Мавҷҳои сабзи талу теппаҳо, шебу фарозҳои кӯҳҳои бар ду ҷониби дара то қулллаҳои барфпӯши кӯҳҳои Ҳазрати шоҳ мерасанд.

Аз дидани ҳусни меъмории табиат: қӯллаҳо, арчаҳои сабзу чакалакзорҳои тӯсҳои сафедтана, сафедшоҳу сафедбарги олоӣ, ки болову поёни камарҳои кӯҳҳо қомат афрохта, симоҳои аз таъсири офтоб ва боду борону барф дар сангу камарҳои кӯҳҳо тавлид ёфта дил дар сина гум мезад.

Аз байни боғҳои ангат, дарахтони азими чормағз теппаҳои баланди яке аз китфи дигаре сар бардошта шаршараи Пушти Боғ намоён шуд. Дарёи Пушти Боғ, ки аз қасабаи Балҷувони поён номи Сурхоб мегирад, шувосу гулдурос зада аз синаи кӯҳ берун меояд.

Дар ин ҷо он ба деги шире монанд аст, ки аз зӯри алов дамида ва кафкҳояш бо шаст аз болои сангҳо равонанд.

Боре Назар таги шалвор болои санге баромад, ки кафкҳои ширмонанди саргаҳи дарё ба буҷулакҳоя пояш бар мехӯрд. Боғҳои ангат ду тарафи қади дарёи хурӯшон густурда.

Дастгоҳи суратгириро ба аксбардорӣ омода сохтам. Тугмаи сабти аксро пахш намудаму кафкҳои хунуку бо зарб Назарро аз буҷулаки пой афтонд. Ӯ пой ба харсангҳо монда ва ба ҳоле аз дарё баромад. Хайрият худаш баромад. Ман ба обдонӣ ва шиноварии ӯ эътимод доштам. Аз ин рӯ ин лаҳзаи муносибро аз даст надода, пай дар пай тугмаи сабти аксро пахш мекардам.

Дар масофаи сад-ду сад метр дарё аз байни ду арчаи азиме, ки на камтар аз ҳазор соли қадёзони танаҳои азиме гирифтаанд, мегузарад ва сари камари кӯҳи поёни тусзор тунук мешаваду монанди кокулҳои чилбофти дӯшизаҳои таноз ба ҳазорҳо торҳои ғавсу борик ҳиса гардида, аз баландии 300 метр ба поён мерезанд. Дар поён кокулҳои дарё бо ҳам бархӯрда тӯфони ҷанги об ба ҳаво мехезад.

Ҳозир мо аз шаршараи Пушти Боғ, на камтар аз як километр дур бошем ҳам шамоли навозишгари обро ҳис мекунем. Он шохаҳои чун дарахтони санҷид баланду сафедтоби ангатро пайваста шона мезанад. Сабзаҳои ду тарафи наҳри хушоби аз чунин баландӣ пош хӯрда ва аз нав дар поён ҷамъомада ва бешитоб дар ҷараён, баргҳои дарахтони ангат аз тозагӣ ҷило медиҳанд. Аз наҳр ҷаҳида ба шаршара наздиктар шудем.

Худоё ба мардуми мо ин қадар мӯъҷизаҳоро арзону фаровон додиву фаросати истифода кардани онҳоро не. Тӯфони чанги об чун нуқрарезаҳо дар ҳаво ҷило медиҳад. Шамоли мушкбези кокулҳои об чун аз камари кӯҳе, ки он ба боми бинои садошёна монанд аст, аз болои пероҳан тамоми баданро навозишгарона мемолад, ба чашм нуру ба дил нерӯ мебахшад. Вале то ин макони мӯъҷиза на роҳ асту на ободие.

Дар самти шимолии шаршара, дар бағали кӯҳу талҳо замини бокираи ҳамворе аст. Ҷо-ҷо сутунҳои арчаи панҷоҳ сол боз беосеб рост истода хонаҳои бому деворҳояш рехта ва ба хок яксон, аз деҳаи ободи Пушти Боғ башорат медиҳад. Аз рӯи ин сутунҳо кӯчаҳои деҳ, ҳавливу сурфаҳое, ки пагоҳ гуларӯсакони куртасурхак ба истиқболи рӯзи навин обу ҷорӯб мезаданд, зоҳиранд. Замоне ободии Пушти Боғро ба ёд меовардӣ дил дар сандуқи сина таҳ мезанад. Аҷаб мавзеи зебост.

Поёнтар аз сутунҳои бедевор урён таги тути пир якамехест аз арча баробари ним қади одам ва сари он хангуртак бурида. Ин

ҳунари марди аспбоз аст. Чор ангушт поён аз нӯги он гардана тарошидааст ба монанди гардани одам. Замоне, ки деҳа ободу хонаи барҷой дошт, сари нухтаи аспҳо ба гарданаи ин якамех гардиш мекард.

Якамех ба ёди мо самандро овард. Тавилаи асп аз об каме дур буд. Хотирҳо парешон шуд ва мо ба ташвиш афтодем. Нимаи аввали рӯзи тобистон ба охир расида, сояи дарахтони ангат сӯи офтобаро майл дошт.

Агар кинаи соҳиб аз сару дили саманд нарафта бошад, ҳолаш аз дасти ин се дӯсти навпайдо бо чи меанҷомад. Охир ягон нафари мо имкони харидории он надорем. Агар соҳиб фаросат кунаду ягон касро ба тавилагоҳи асп барад, дарди бахайр мешавад. Охир он танҳо аз соҳиб нафрат дошт ва дигаронро бад намедид.

– Ба ин, – гуфтам ба Саймаҳмуд, – бовар надорам.

– Ба чӣ?

– Ба фаросати соҳиби саманд. Ӯ бисёр марди такабур. Айнан ба монанди мансабдорони камхиради ин мавзеъҳои ободро хароб карда. Марди бераҳме. Агар ӯ маснадшине мебуду барои кӯчондани Пушти Боғ супориш мегирифт, ин камари кӯҳро метарконд, шаршараро маҳв месохт, ангатзорро ба хок яксон мекард.

Биёед ба роҳи омада пас мегардем.

Ва мо борхалтаҳоро ба дӯш гирифта ба равиши дарё равон шудем. Дарё парвои ташвиши мо надорад. Он печутоб хӯрда, сангистони васеъи ба вуҷуд оварда ба истиқболи дарёҳои Оқсӯву Панҷ меравад.

Боре шабангаҳ се нафар аспсавор қад-қади сангоби ин дара аз деҳаи ба хок яксони Барманак то маркази собиқ ноҳияи Сарихосор – Шайдон ва аз он ҷо Ховалинг роҳ пеш гирифтем. Асп чунон ба ман хӯ гирифт, ки дар Барманак ки ду шаб монда будем. Банди тавила зарур намешуд. Дар шаби торик онро намедидам, вале асп маро медид ва аз худ огоҳӣ дода шиҳа мекашид.

Роҳи сангоб пурпечутоб ва пурбора буд. Дар торикии мубҳам думболи ҳам мерафтем ва байни сангу гиёҳ фарқ намедидем. Ман лаҷоми аспро ба ихтиёри худаш дода гоҳ аз охир ва гоҳе дар байн будам ва гӯшҳои асп рост буду бепарво роҳ мепаймуд. Вале ҳине, ки пеш даромадам, заҳмати аспи пешравро дидам. Ду гӯшашро ба рафти пайроҳаи фаронжарфу бораҳою борачаҳо хам кард. Аспи дар байну охир бепарво серташвиш гардид. Он пастарин садоҳоро мешунид ва ҳавои роҳ гирифта фиреби онро намехӯрд. Дар чунин ҳол марди хирад лаҷомро ба ихтиёри асп медиҳад. Вагарна ҳам аспу ҳам савор ба гирдоби ранҷ меафтад. Чунки одам нисбати асп беш-

тар хатокор аст. Гоҳо ӯ рӯзи равшан дар роҳи ҳамвор култ хӯрда ба даҳон мезанад.

Азоби аспи сарҳайл маро ба он дошт, ки бади чанде роҳравӣ ба навбат пеш дароем.

Ҳозир мо ба хотири аспи рамида роҳи сафарро тағир кардем. Ба ҷои аз саргаҳи дарё тоб хӯрда сӯи деҳаи харобаи Вюон ва аз он ҷо ба соҳили Хингоб, назди дӯстони гиёхшиносамон рафтан, пасгаштем, то аспро об диҳему, бинем, ки бо соҳибаш чи гуна муносибате дорад. Баъд ҳисоби роҳро меёбам.

Аз бораи баланд баромадем ва вориди даштаки Муллоконӣ шудем. Саманд аз дур намоён буд. Он сар ба сукут қарор меистод. Он гоҳу ногоҳ сағирҳову таги шикам думбафшонда, гӯё аз ҳаку ноҳақиҳои худу соҳибаш андеша меронд.

Ба тавилагоҳи саманд расидем. Он нимтоб хӯрд ва сарашро тарафи мо гардонду ёл афшонд. Баъд то охири банди тавила пешамон омад. Маро бӯй кард. Даст болои бинии он бурдам ва аз пешонаи танговари сафедаш бӯсидам. Ва ман пешпешу он аз қафо ба гулмех расидем. Онро аз замин кашидаму самандро лаби дарё бурдам. Ба рости ҳам изтироби мо бе ҷо набудааст. Саманд бо навои ҳуштаки ман се бор об хӯрд ва сер шуд.

Соҳиби самандро аз болои сурфаи таги тути рахши Ёқуб ёфтем. Пеши ӯ лагани нимхӯрдаи тути Ёқубтура ки мегуфт: ҳа бигӯ, ки гуфтам. Овози ҷавонона дошт. Ин пири навадсола. Ва дар байни сӯҳбат овози ӯ барқосо садо медод.

– Самандро, – гуфт бо оҳанги таъкид Саймаҳмуди паҳлавон, – мо об додем.

– Қулуғ, додарон, – гуфт мард бо он чунон миннатдорие ки мо ҳаргиз чашмдораш набудем. Аз афташ мард ҳама кирдорҳои худро дуруст мулоҳиза кардааст.

– Ду бор, – гуфт ӯ, – ба тавилагоҳаш рафтам. Эътибор надод. Имрӯз не, – ку шояд фардо маро бахшад. Шумо хотирҷамъ бошед, як бало карда дилашро меёбам.

– Имрӯз бисёр ташна монд, – гуфтам ба хотири он донам, ки соҳиб дар андешаи оби саманд буд, ё не.

– Ду бор ба тавила рафтам, вале аз ғазабаш тарсидам. Дидӣ, дина ба сарам чи хел тилт кард.

Шарм доштам ба бобои Ёқубтураи пир гӯям аспро об диҳад. Шарм медорам мӯйсафед бо миёни чангзада аспи маро об диҳад. Неъматро интизор будам. Ҳамин замон бояд аз шикор ояд.

Оҳанги сухангӯии мард хотири ошуфтаи моро аз ваҷҳи саманд таскин дод. Чанд каф тут хӯрдем ва борхалтаҳоро аз замин бардош-

та аз тавилагоҳи саманд гузаштем ва қад-қади дарёчаи Ангора роҳи соҳили Хингобро пеш гирифтем. Нигоҳи оромонаи Саманд моро мегуселонд.

## ШАРМГИН

Марде мӯзаҳои хиром дар пой, аз кӯчаи танги пурлойи деҳаи Разон гӯгирд гирёнда бо эҳтиёти тамом қадамҳояшро аз як ҷой канда ба ҷои дигар мемонд. Ҳамин тариқ ӯ ба ҳар пои аз замин кандааш сари як дона гӯгирдро мехӯрд.

Шамоли нав ба гардиш даромада ба ӯ имконият дод, ки тамоми салтанаташро ба кор бурда дар як қадам се ва ё чор дона даргиронад. Вай баъзан донаи сӯхта истодаро ба таги ҷома гирифта ҷои пояшро муайян мекард. Бо вуҷуди ин ҳама эҳтиёти зиёд якбора ба кӯлмаки лойобе то зону ғӯтид. Аз кӯлмак баромаду роҳи хона дар пеш гирифт. Баробари вориди хона шудан ба димоғ бӯи лата зад. Ҳис кард, ки аз зону то миён тасфида истодааст.

Кампире танҳо дар хона буд. Мардро ба чунин аҳвол дид, пичирос зад.

– Аминҷонӣ?

– Ҳа, Аминҷонам!

– Сад бор гуфтам, ки писар, дар ин шабҳои баҳор танҳогардиатро бас кун. – Кампир даме хомӯш монд ва маҳзунона илова кард. – Охир намедонӣ, писарам, ки ҳамаи заҳмату зиён дар шаби баҳор ба одам мерасад.

Аминҷон хомӯш буд. Охир вай синфи даҳум тамом кард. Чӣ шуд? Ҳеҷ мардум қадри ӯро надонист. Звено тайинаш карданд. Хайр вай ҳам як моҳ звеногӣ кард-ку. Ақалан пас аз ин як моҳ ӯро ҷойнишини раис мекарданд, онгоҳ боғҳои қишлоқи кӯҳии Сурхоб мевағундорӣ намерафт. Чихел ҳам ӯ шарм накунад? Пас аз мактаби миёна звено. Боз бояд баробари дигарҳо кор кунӣ. Пахтачинӣ. Ҳай, ҳай Худо накунад. Шармандагӣ! Ба ҳар ҳол ин барои ӯ хуб нашуд, ки ҳангоми пахтачинӣ ба Сурхоб рафт. Ҳаштсад кило қоқ ба хоҷагӣ ва ду ҳазор барои худаш гирд овард. Ҳозир айёми паяғузағундорӣ. Агар пардаи шарма аз рӯяш бардошта тавонад, ягон банча ғузапоя баҳри модараш, ки ӯ кампир шудааст, ҳозир мекунад. Вай худро баробари одамоне тасаввур намуд, ки бандҳои ғузапоя дар пушт сӯи хона равонанд. Зуд шармаш ғолиб шуд ва ба кампир таҳдид кард.

– Ту маро занҷирбанди ин қишлоқ кардаӣ! Агар тезтар мемурдӣ ба хубӣ ҷои ба худам муносибро меёфтам.

Модари бечора, дилаш ба Амин сӯхт. Ҷону ҷигараш ба сӯзиш даромад. Маҳзунона худ ба худ гуфт:

– Рост… Аминҷон дуруст меғӯӣ. Бачаякам се моҳи мукаммал дар кӯҳистон мева чинд. Ба мани кампир чи чизҳое нагирифт. Ду либос сон, ду гул гардӣ. Аммо инро аз хотир дур мекунад, ки бояд хонадор шавад. Қуввати ман бошад барои зандиҳиаш намерасад. Пули имсол гирдовардагиаш кам аст.

Модари Аминҷон Заҳро ҳар чи қадар андешид, ки писарашро дилбардорӣ кунад, нашуд, ба хулосае омада натавонист ва беихтиёр гуфт:

– Чӣ илоҷ кунам? Аминҷон. Худро овезам.

Аминҷон хавотир буд, ки модар ягон сухани боло поёне мегӯяд.

Вале хайрият, ки хуб гуфт «худро овезам». Ин гапро аз даҳони занон шунидан амри маҳол аст. Ӯ бошад ба гӯши худаш аз модар шунид.

Заҳро боз хомӯшии хонаро вайрон карда гуфт:

– Худоё тавба! Ҷавон бо чунин дараҷа шармгин ҳам мешудааст. Ӯ ҳеҷ корро ор намедонист. Ҳар сол се моҳ дар ҷойҳои сердарахту серсоя кор мекунад. Лекин, фақат, аз кори хоҷагӣ шарм медорад.

Гӯё тамоми бурҷҳои хона сухани Заҳроро мешуниданд. Тасдиқ мекарданд. Поресаҳои хона поси хотири Заҳро намуда садо мебароварданд.

– Заҳро ту ҳақ. Писарат аз ҳад беш шармгин аст.

Заҳро, гӯё суханҳои онҳоро мешунавид ва дар ҷавоб:

– Албатта, ман рост мегӯям.

Модар шабро бо фикрҳои мухолифи ҳамдигар, фикрҳое, ки фақат сари ӯро ба дард дароварданд, саҳар кард.

Аминҷон замоне аз хоб хест, ки кампир чой карда интизорӣ ӯст. Вай бо иштиҳои хуб таҳтул кард. Сипас чизҳои даркориро ба анбони сафарӣ андохту ба модар гуфт:

– Ман ба шаҳр меравам. Шумо ғами маро нахӯрен. Андак нагузашта боз меоям. Ҳа, инро ҳам гуфта монам, ки аз хусуси ман, дар ҳеҷ ҷо гап назанен. Агар ягон кас аз ман пурсад «намедонам» – гӯед, хайр.

– Хайр, хайр, писарам, тез рафта биё. Хайрияти сафарат.

Модар аз нияти Аминҷон ҳеҷ чиз намефаҳмид. Аз мақсади сафари ӯ ҳам, хабар надошт. Фақат хиҷолат мекашид, ки фарзанди ягонаи ӯ оворагард, сумсабил аст. Ногоҳ чизи хубе ба хотираш зад ва он оҳиста-оҳиста ногуворихои ба дил нишастаро тела дода берун кард.

– Ҳа, дар воқеъ… агар Аминҷонро хонадор кунем, аз ин

беҷогардиҳо ба зудӣ даст мекашад. – Ин андешаҳо ҳангоми хайрухуш бо фарзандаш таскини дили ӯ гардиданд. Аминҷон мошине ёфту савор шуд, аз чашм нопадид гашт. Кампир ҳам ба кулбаи худ боз омад.

Аминҷон худро дар кабин хеле сабук ва озод ҳис кард. Ӯ пас аз кашидани бист дона папиросу ним каду нос ба шаҳри Душанбе расид. Ҳар як бино, дӯкон, раста, театр ва тамоми кандакориҳои ин шаҳри бошукӯҳ ӯро дар ҳайрат мемонд. Ба худ мегуфт:

– Дар ин ҷо зиндагонӣ маънӣ дорад.

Аммо ҳайрон буд. Тааҷҷуб менамуд, ки одамон шарм надошта, то ошёнаи сеюм ва чорум хишт чида чунин биноҳои боҳашамат сохтаанд. Бештар ӯро оби баробарӣ баландии бинои чорошёна фаворазананда ба аҷаб овард.

Аминҷон ду ҳафта дар шаҳр сайру сайёҳат, дилхӯшӣ дошт. Ба куҷо, чи хел хароҷот шудани пулро сарфаҳм намерафт. Танҳо ҳар рӯз ҳафт сӯм барои ҷои хоб супурданро дар хотир дошту халос. Дар рӯзи дуюми ҳафтаи сеюм дар ҷайби ӯ як фулус намонд. Холӣ будани онро ба хубӣ ҳис мекард. Вай зуд аз паи ёфтани коре шуд. Ҷамъияти таъминоти иҷтимоӣ ӯро ба гурӯҳи сеюми сохтмон ба кор гирифт.

Бинокорон дар ҳаёти худ чунин писари шармгинро надида буданд. Баъзеҳо аз хӯи ӯ ҳасад мебурданд, қисми дигар бо танафур ба вай назар мекарданд. Ӯ ба дараҷае хапак гашт, ки ба пурсупоси ҳамкасбон бо ишораи сару даст ҷавоб мегардонд. Бо ҳоли гароне хиштро аз замин мебардошт. Аз замбарбардорӣ тамоман шарм мекард.

Аз ҳини ба кор даромадани Аминҷон чор рӯз гузашт. Дастонаш сӯзок, миёнаш дард, гӯшҳояш ғуввос, калааш давр мезад. Гоҳе дар пинҳонӣ ба болои тахтае дароз кашида ду нарангушти дастонашро гирди ноф давр занонда худ ба худ мегуфт:

– Афсӯс, нофам фурӯ рафтааст.

Ҳамаи узвҳои Аминҷон ба сӯзиш даромад. Ӯ дар ҳолати ногуворе монда буд. Ба болои ин аз паи маҳбуба афтоданаш лозим омад. Ҳар кадоме аз ҳамкасбони ӯ маҳбубае доштанд ва дар зери обу арақ бо шавқу завқ дар бораи онҳо гап мезаданд. Шабҳои истироҳат ба ким куҷоҳо мерафтанд.

Аминҷон ҳам дар фикру зикри маҳбубае афтод. Бигузор он кампир, зани солхӯрда ҳам бошад, майлаш.

Шармгинии ӯ ба зани чилу се сола, посбони тахтаҳое, ки ба онҳо қитъаи сеюми сохтмон сару кор дошт, асар кард. Ӯ рӯзу соат поида ба Аминҷон гуфт:

– Ман доимо соати дувоздаҳ дар хона мешавам. Худат хуб медонӣ-ку, азизам, ки вақти кори ман ҳамин соат аст.

Аминҷон аз суханони зани солхӯрда шарм кард. Лекин хонаи ӯ чун оина пеши назараш ҷилвагар буд.

Ҳамин тариқ Аминҷон соҳиби маҳбуба шуд. Дидори ӯро дар торики хеле гуворо медонист.

Дар яке аз рӯзҳои истироҳат Аминҷон аз хона ба кӯча баромад. Истгоҳе пиёда паймуда буд, ки саҳван бо духтаре вохӯрд, ин кас духтури деҳаи Разон буд. Онҳо дергоҳ ҳамдигарро медонистанд. Хислатҳои шармгинии Аминҷон ҳангоми дар деҳа будан ба ин духтари зардинамӯй сахт асар кард. Ва онҳо қадри якдигарро медонистанд. Духтар ба рӯи Аминҷон беҳаёна чашм дӯхта, лаҳзаҳои ҳаловатбахши бо ӯ гузарондаашро ёд меовард. Аминҷон ҳам бо чунин фикрҳо банд. Ӯ аз ин ваҷҳ андешиданро дӯст медошт, аммо шармаш меомад, ки аз ҳолу аҳволи модар ва ҳамсоягони худ ҷӯё шавад. Духтар хомӯширо пеши по зада гуфт:

– Модарат аз ваҷҳи ту хавотир.

Ногоҳ андоми Аминҷонро пардаи шарм фаро гирифту дар дил ба духтар дашноме дод, ки чаро аз модари ӯ хабар овард, оё ӯ боз ба он кулба баргардад? Не ҳаргиз. Ман ин ҷо зан дорам. Ӯ ба чилу се даромад, ҷавон аст. Шояд имрӯзу пагоҳ марг ба остонаи ӯ ҳозир мешавад. Онгоҳ Аминҷон метавонад дами беғам зада, аз дарди миён халосӣ ёбад. Соҳиби хона шавад. Онгоҳ аҷаб нест ҷои дигаре ягон кори сабук пайдо кунад. Хаёлҳои ширин Аминҷонро дам ба дам осуда мекард.

Духтар хост, ки ҳамроҳи Аминҷон ба дорухона рафта, доруҳои даркориро то рӯзи бозгашт, гирд оварад. Аминҷон шарм дошт. Рад кард. Худ ба худ мегуфт ҳозир шаб не-ку.

Вай ба духтар гуфт:

– Ҳозир, бояд ҷои корам биравам. Ду соат посбонӣ карданам лозим. Духтар пай бурд, ки кори Аминҷон ҷиддӣ аст бо ӯ ба дорухона рафта наметавонад, ё бечора шарм медорад, одати қишлоқиашро ҳоло ҳам тарк накардааст. Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Духтар абрӯ паронда гуфт.

– Имрӯз корам бисёр, пагоҳ то бегоҳ озодам. Ту метавонӣ, ки баробари фурӯ рафтани офтоб ҳамин ҷо ҳозир шавӣ. Онгоҳ мо ба ҷойҳои дилхоҳамон меравем.

Бегоҳӣ ҳамаи ҳамкасбони ӯ баъди кор сӯи хонаи худ рафтанд. Саркори сохтмон бо суръат аз посбонхона баромад. Аввалин касе, ки ӯ вохӯрд, Аминҷон буд.

– Аминҷон, – гуфт ӯ, – посбонзан аз ман хоҳиш кард, ки ба ту паёмашро расонам.

Аминҷон аз шарм суп-сурх гашт, хати кабуде дар тарҳи рӯяш пайдо шуд.

– Хуб чӣ гуфт, он зан?

– Гуфт, ки то соати дувоздаҳ Аминҷон ба ҷои ман посбонӣ кунад. – Лабони саркор ба табассум моил гашт, пилкҳои чашмони шаҳлояшро панҷ бор бо ҳам зада хитоб кард.

– Посбонзан ба назарам аз ту дилпур аст. Дӯст медорад.

Аминҷон зери гарони шарм ба сахти нафас гирифта, на ҳа гуфту на не. Саркор аз дарвоза баромад ва ба худ гуфт:

– Худоё тавба, як ҷавонмарди зебо ба як кампири бенамуд хушдор. Ин чи гуфтанӣ… Боз вай шармгин. Аз ҳад зиёд шармгин. Худовандо одамони шармгинро дар паноҳи худат маҳкам нигоҳ дор. Мегӯянд, ки дар қишлоқ модари пир дорад. Ба ӯ на хате мекунаду на хабаре мегирад. Шояд ӯ ба ҳамин кирдор аз мардум шарм мекунад.

Аминҷон соати якуним ба хонаи посбонзан рафт. Дид, ки ҳамроҳи ӯ духтаре нишастааст. Дунё дар назараш бо дигар ранг, зиндагӣ дигар, хона дигар намуд. Аз шарм зуд-зуд чашмонашро бо ангуштони худ молиш дод.

Посбонзан ба пешвози ӯ аз ҷой хест ва бо хушҳолӣ гуфт:

– Ин духтари ман, шинос шав. Дар деҳаи Разон духтуранд.

Аминҷон ҳеҷ чизро ҳис накард. Дар ҷои исташ се маротиба гирд гашта ба миз дакка хӯрд, чиниҳои рӯи миз ва зертахтаи тиреза болои ҳам чида аз ҷунбиши берабти дасту тани ӯ ба рӯи фарш пош хӯрд. Тамоми хонаро садои ҷаранг пурунг пур кард. Аминҷон бо шаст дарро зада берун баромад. Қутии холии папиросро дар даст ғиҷим намуд, аз носкаду ду бор нос кашиду онро бо қаҳр ба замин зад, каловида-каловида аз тангкӯчаҳои пур бӯйю ғализ ба кӯчаи дигар ва хушбоду ҳавое ворид гашт. Ӯ дар ҳар поймонӣ пешонаашро молиш дода худ ба худ мегуфт:

– Дигар роҳ нест. Ба хона пеши модарам меравам. Дар хонаи ӯ зистан бо ҳар коре набошад машғул шудан, барои ман хушбахтии аст.

Аминҷон ба қавли худ қатъӣ буд. Пас аз се рӯз ба мошине нишасту сӯи деҳаи худ роҳсипор шуд.

## ТӮҲМАТ

– Ту аз пагоҳ сар карда ба кор нарав!... Вагарна бо ту зиндагӣ кардан туғрӣ намеояд, – абрӯвонашро чинҷ карда, – гуфт Фирӯз.

– Ба ту чӣ шуд, Фирӯз? Охир чаро ба кор наравам будаст? – каме хомӯш истода, баъд чун одати ҳаррӯза бо табассум ба рӯи шавҳараш чашм дӯхта, гуфт Рӯзигул.

– Боз шарм надошта «барои чӣ» гуфта мепурсад-а! гуфтам-ку: дигар кор намекунӣ, вассалом!...

Чунин муносибати шавҳарашро бори аввал медид. Ба вай хеле аламовар буд. Ӯ соате хомӯш истода ҳаёти чандинсолаи худро бо Фирӯз чун лентаи кино аз назар гузаронид. Ва ҳаёти мактабӣ ва солҳои ҳаёташ: имтиҳони охирини мактаби миёна. Шаби хатми мактаб. Бӯсаи нахустин. Тӯи арӯсӣ ва ниҳоят фарзанди аввалин!

Рӯзигул дафтари ҳаёти гузаштаашро бо Фирӯз варақ мезад. Варақ мезаду доғе меҷуст. Вале намеёфт. Аламаш мекард. Гулӯяшро ҳаяҷон фишор медод. Нафрат вуҷуди ӯро фаро мегирифт. Лекин ким-кадом як қуввае Рӯзигулро нигоҳ медошт. Ӯро бо мӯъҷизакорӣ даъват мекард.

Ниҳоят, Рӯзигул худро ба даст гирифта ба шавҳараш наздиктар шуд ва оромона пурсид:

– Фирузҷон, магар ҳазл карда истодаӣ? Ё ин ки…

– Дафъ шав, аз наздам бевафо!...

– Чӣ-чӣ, гуфтӣ? Ман, ман…

Вале Фирӯз дари хонаро тараққос ба рӯи завҷааш пӯшиду ба кӯча баромад.

Аз канори қишлоқ канали калоне ҷорист, ки пахтазори Фирӯз ва майдонҳои хоҷагии «Гулистон» аз вай обшор мегарданд.

Дар шафати, ана ҳамин канал хонаи рӯдаричадоре, ки Фирӯз ва Рӯзигул дар он умр ба сар мебаранд, ҷой гирифта аст. Дар рӯ ба рӯи ҳавлии Фирӯзино Гулбибӣ ном кампир ва писару духтарони ӯ зиндагӣ мекунанд.

Оилаи Гулбибӣ кампир ба наздики аз деҳаи кӯҳсор кӯчида ба водӣ омада буданд.

Кампир аз ҳама пеш ба Рӯзигул шиносоӣ пайдо карду омаду рафт дошт. Фирӯз ӯро модархонд гирифт. Ҳар боре, ки Гулбибӣ кампир ба хонаи онҳо меҳмон мешуд, зану шавҳар аз хурсандӣ ҷои нишасти ӯро намеёфтанд.

Охир онҳо аз куҷо медонистанд, ки рӯзе маҳз ҳамин модархондашон сабаби низои онҳо мегардад?

Бегоҳирӯзӣ. Офтоб ғуруб карда буд. Пардаи торикӣ оҳиста-оҳиста деҳаро ба оғӯш мегирифт. Иҷоракорон кайҳо ба хонаи худ баргашта буданд. Фирӯз ҳануз дар саҳро бо обронҳо дар ким-кадом мавзӯъ сӯҳбат мекард. Сонӣ, ӯ аз як қитъа ба қитъаи дигар гузашта

вазъияти пахтазорро аз назар мегузаронид. Вай тамоми майдонҳои пахтазорро давр зада, роҳи деҳаро пеш гирифт.

Гулбибӣ-кампир, ки аз пагоҳи бозомадани Фирӯзро бесаброна интизорӣ мекашид, ҳоли дар пеши дарвоза рост истода тез-тез нафас мекашид.

– Ассалому аллайкум, модарҷон, – гуфтани Фирӯз кампирро як қад парронда монд…

– Ҳа, ин ту, Фирӯзҷон?... Воалейкум. фарзанд шуда як сари қадам маро хабар ҳам намегирӣ-а?...

– Мебахшед, модарҷон… Вақти ҳосилбандии пахта, корҳо чунон ҳам бисёр, ки ба сархорӣ даст намерасад. Корҳои оилагиро намегӯед…

Кампири Гулбибӣ ӯро ба чойнӯшӣ даъват кард.

Фирӯз ҳар чанд узр хост, кампир напазируфт. Ба ҳолаш намонд.

– Ҳозир, – гуфт ӯ, – як пиёла чои маро нагирӣ то қиёмат аз ту малол.

Фирӯз ночор розӣ шуд.

Гулбибӣ як коса шафтолу, дастурхон ва лаъличаи қанд оварда, пеши писархондаш монду ба ошхона гузашт.

Фирӯз ҷунбуҷӯли ӯро дид: «ташвиш накашед, модарҷон, ҳаминаш ҳам кифоя», – гуфта монд.

– Ҳоло вақти кори-ку не, ин қадар ба куҷо мешитобӣ, – норозигӣ баён кард Гулбибӣ кампир.

– Дишаб дар саҳро ҳамроҳи обронҳо хуфта будам. Набератон нотоб. Келинатон интизори ман будагист, – ба соаташ чашм давонда, гуфт Фирӯз.

– Хайр, як чой ҷӯшонем, – алавро дар гиронда истода гуфт соҳибхона.

Фирӯз ҳарчанд тезтар ба хонааш, ба назди писарчааш рафтан мехост, вале тавони дили озори модархондаш надошт. Ва дар сари дастурхон сӯҳбат тасфида гуфт:…

– Писаратон имрӯз, – гуфт Фирӯз, – дар кор набуд, ягон ҷо рафта бошад?

– Ҳа, ба назди кампири Дунёбегим табиб. Саҳарӣ, «чашмам дард мекунад» гуфт. Равам табиб бинад ку чӣ мегӯяд, гуфт.

– Ба духтур чӣ?

– Росташа гӯям, писарам, ҳамин духтурҳо ҳеҷ чиза намедонанд…

– Хайр.., духтурҳо намедониста, Дунёбегимкампир медониста-аст, – писханд кард Фирӯз. Ва агар…

– Хуб, биё ин гапҳоро монем, – гӯён кампири Гулбибӣ сухани Фирӯзро бурида, ҷилваи сӯҳбатро ба тарафи дигар гардонд:

– Фирӯзҷон ман кайҳо боз мехостам аз як хусус бо ту гапзанон кунам, вале ҳеҷ вақти муносиб намеёфтам…

– Марҳамат, модарҷон, гӯшам ба шумо, – дар ҷояш ҷунбида монд Фирӯз.

– Писари азизам! Ту, пеш аз ҳама, ба ман гӯй, ки Рӯзигула дӯст дошта гирифтӣ, ё ин ки ягон кас туро…

– Шумо чиҳо гуфта истодаед? Худаш чӣ гап? – бо ҳаяҷон пурсид Фирӯз.

Гулбибӣ кампир аз беҷо шудани авзои Фирӯз пай бурда, табассуми макоронае карду гуфт:

– Фирӯзҷон, дар ин ҳеҷ ҷои ҳайронӣ нест, ту аввал ба саволи ман ҷавоб деҳ, баъд ҳамаашро мефаҳмӣ.

– Майлаш, гуфтаи шумо шавад, модарҷон, – гӯён Фирӯз аз хонадор шуданаш муфассал ҳикоят карда, дар охир: «Ана ҳамин тавр, мо бо меҳру муҳаббат хонадор шудем», – гуфт.

– Ӯҳ-ҳӯ… Афсӯс, сад афсӯс, ки муҳаббати вай рӯякӣ будааст, – нафаси чуқур гирифта, гуфт кампир.

– Чӣ, чӣ!... Рӯякӣ будааст, гуфтед!...

– Ҳа, писарам. Ман ҳам ба нопокдомании Рӯзигул ҳеҷ боварӣ надоштам. Аммо…

– Наход, ки Рӯзигул?...

– Ором шав писарам, ман исбот мекунам, – гӯён ба сухан даромад Гулбибӣ.

– Дина бегоҳӣ, соат нӯҳ ё даҳ мешуд. Ва ман ҳанӯз нахуфта будам. Ба гӯшам ҳар замон хандаи касе мерасид. Аввало чандон аҳамият надодам. Аммо садои ханда то рафт баланд шуда, ба гӯшам овози шиносеро мерасонид. Гуфтам бинам ку, ки бошад? Аз ҷойгаҳ хеста таги дарвоза рафтам, то ки аз кадом тараф ва кӣ будани соҳиби ин овоза фаҳмам. Ногоҳ беихтиёр чашмам тарафи хонаи шумо афтод. Бинам, ки келин бо ҳисобчии хоҷагӣ, номаш чӣ буд Ҳафиз… Забони кас намегардад, ҳамоғӯш!...

Фирӯз аз шарму ғазаб дигар чизе нагуфта, зуд аз ҷо бархосту роҳи хонаашро пеш гирифт. Аз дасти Ҳафиз, мулоҳиза ронд ба худ Фирӯз ҳар кор меояд. Акнун зани худаш ками кард. Ба Рӯзигули китобдор часпид… Ин лаҳза, агар Ҳафиз аз пеши ӯ мебаромад порапора мешуд.

Ана, сабаб ин буд, ки моҷарои дар боло зикр ёфта дар байни Фирӯз ва Рӯзигул бархост…

Шаб Рӯзигул хобҳои парешон дид. Ва саҳар ба андеша рафт. Дев ҳамроҳ шуд ба ин Фирӯз. Ё кадом душмане ҷоду хонд. Вале ҳар чанд фикр кард душмане пеши назар наомад. Ӯ аз вайрониву вазни-

ни оилаву оиладорӣ ва бори гарони заношӯи бисёрҳо шунида буд. Вале вазнинии ҳама он гуноҳҳоро ҳозир эҳсос кард. Кӣ медонад, кӣ кафолат медиҳад, ки аз паи ин амр: хонашинӣ амри дигаре нест. Аҷаб нест, ки амри дигар тарки ҳамдигар: никоҳ вайрониву хонавайронӣ бошад.

Аз ин андеша Рӯзигул ба даҳшат омад ва панде аз ҳазрати Шайх Саъдӣ ба ёд овард:

*Сари сарчашма шояд гирифтан ба бел,*
*Чу пур шуд нашояд гузаштан ба пил.*

Рӯзигул ҳарчанд аз нишасту хез, рафтору кирдор дар хонаву кор мулоҳиза ронд, дар худ ҷурме наёфт, ки муҷиби ин қадар қаҳру ғазаби Фирӯз гардад. Ва ӯ хост сари ин казия ба хусуру хушдоман, ки на камтар аз падару модари худаш ба ӯ меҳрубонанд, сӯҳбат орояд. Шояд сababи ин ғазаби Фирӯзро онҳо донанд ва маслиҳат диҳанд.

Аз ин огоҳӣ хусуру ҳам хушдоман дар ҳайрат шуданд.

– Духтарам, – гуфт ба ӯ хусур, – мо аз ту беҳтар келин орзу надорем. Фирӯз ҳам аз ту хубтар зан намеёбад. Ҳама кор ба маслиҳати якдигар кунен.

Ба хушдоман суханҳои хусур писанд омад ва бо таасуф гуфт:

– Фирӯз шаб ҳамроҳи мо буд. Пагоҳ барвақт рафт. Аз дар надаромад.

– Не, бибиҷон. Мумкин аз аспи ғазаб нафаромада бошад.

– Бепарво бош духтарам. Аз паи кору борат шав. Бо Фирӯз худам гапзанон мекунам:

– Таѓо, – гуфт келин ба хусур, – боз хафа нашавад. Байни мо таѓоҷон, гуфтам, ку ягон малолӣ нест. Одам мешавад, ку, таѓоҷон, аз ягон чӣ димоғаш месӯзад. Баъд чӣ карданаша намефаҳмад:

– Ҳамаш нағз мешавад, бачам. Хотира ҷамъ бигир.

Фирӯз шаби дуюмро дар саҳро дар шипанг ҳамроҳи обронҳо гузаронид. Ӯ тамоми шаб миҷа таҳ накард. Фикрҳои бе сару нӯг майнаи ӯро гиҷ карда буданд. Вай ҳар қадар зӯр мезад, ки фикрҳои ногуворро аз сараш дур кунад, наметавонист. Онҳо беҳуда азобаш медоданд. Охир чаро вай хотирпарешон аст?... инро худаш ҳам намедонист.

Нисфирӯзӣ хаткашони колхоз Олим амак ба Фирӯз хабар дод, ки баъди кор аз падарат хабар гир. Кори зарур дорад. Аз шунидани ин паём дили Фирӯз боз ҳам бетоқаттар шуд.

… Гулбибӣ кампир аз ким куҷое ба хонааш омад. Ӯ хост ҳар чи

зудтар фаҳмад, ки дар байни Фирӯз ва занаш нохушие бархостааст, ё не. Ба кӯча баромада роҳи хонаи Фирӯзиноро пеш гирифт.

– Ассалому аллайкум, келинҷон, – дарвозаро кушода, овоз баровард Гулбибӣ.

– Марҳамат, биёед-биёед, мома, – бо чеҳраи кушод воҳӯрӣ карда, гуфт Рӯзигул ва ӯро ба хона хонд.

Гулбибӣ ба пешгоҳи хона гузашта, болои кӯрпача нишасту дарҳол: «Ба арвоҳи гузаштагон, ободии макон, қадам расид, бало нарасад» гӯён даст ба рӯяш кашид.

Фирӯз дар хона набуд. Ӯ зери бори таъсири панду андарзҳои падар ва нигоҳҳои беҳарфи модар монда буд…

– Ҳамсояи наздик, духтархонд шуда ягон бор ба кулбаи мо намеравӣ-а хушк шавад ҳамин камбағалӣ! – ба гилагузорӣ даромад кампири Гулбибӣ.

– Не, не… – ин тавр фикр накунед, мома, – эътироз намуд Гулбибӣ. Гап дар ин не. Ташвиши зиндагӣ, вақт намерасад…

– Хайр, ту фурсат надорӣ, Фирӯзҷон чӣ?

– Вай ҳам субҳидам ба кор рафта, бегоҳӣ бар мегардад. Ташвиши он кас бисёртар, – табассумкунон гуфт Рӯзигул.

Кампир дар симои ӯ нохушиеро пайхас накарда, маъюсона аз ҷой бархоста:

– Чароғ тоза кунам гуфта, лампочкаро шикаста мондам. Агар бошад, то пагоҳ қарз медодӣ…

– Марҳамат, лекин қарз не. – Рӯзигул як лампочкаи нав бароварда ба дасти кампир дод.

– Раҳмат келинҷон, илоҳим барака ёбӣ, – аз дарвоза берун баромада истода гуфт кампир. Вале ҳамин, ки дар хамгашти кӯча қомати Фирӯз намоён гардид, дар сари роҳ ӯро мунтазир шуд.

– Ассалому аллайкум, Фирӯзҷон. Аз кор омада истодаӣ?

Ҳа, – кӯтоҳ ҷавоб дод Фирӯз.

– Ҳа, дишаб як кор карда будам, ҳатто худам ҳам пушаймон, – ҳасрат намуд Фирӯз.

– Чӣ кор? – хурсандона пурсид кампир.

– Дар бораи аз кор бас кардани келин…

– Ҳа-ҳа-а-а.., аз ҳамин ҳам пушаймон шудӣ? Эҳ, асло пушаймон нашав. Бисёр кори хуб, ҳатто оличаноб кардӣ, писарам! Эҳ, вай сабукпой садқаи як тори мӯи ту шавад, – ба гап даромад Гулбибӣ. Ин не, яки дигараш. Ба Худо як рӯз бандагӣ накарда бошам, агар хоҳӣ худи пагоҳ духтарамро бе як пули пучак тӯйи дабдабанок гузаронда…

– А-аа!... Ана гап дар куҷо будааст!... Акнун мақсади туро фаҳмидам, модарҷон. Не, дигар сафсатаҳои ту маро фиреб дода наметавонанд! Ва якбора ғазабаш омад.

Хост ба зерманаҳи кампир торсакии обдоре занад.

«Сабр кун, Фирӯзҷон, ист!»,… – гуфтани касе ӯро боздошт.

Фирӯз рӯяшро ба ақиб гардонида, дар паҳлӯяш Рӯзигулро дида, беихтиёр:

– Ана, ман ба доми сафсатаҳои ҳамин кас афтода будам! Маро, маро, бубахш…

– Ҳеҷ гап не, Фирӯзҷон. Ҳамааш мегузарад.

* * *

Таҳи хокистари сӯзони имрӯзи мо оташи шаҳидони дирӯзи мо ниҳон аст. Меояд замоне шӯълаҳои ин оташ фурӯзон мегардад ва ҷаҳонро бо нури маърифати миллати тоҷик партавафшон мекунад.

* * *

Дарахти сершох аз соя ва нахли боровар аз мевааш шинохта мешаваду одам аз суханаш.

* * *

Меваи ширин аз пайванди хуб мерӯяд ва сухани нек аз дили пок. Дили бенур забони бадгӯй дорад.

* * *

Роҳи одами хуб ба ганҷинаи хуб аст. Чун вориди ганҷгоҳ гардад ганҷи нек берун меоварад. Роҳи одами бад ба дорулахлот аст. Ва ӯ аз дорулахлот ба ҷуз бадбӯӣ чизе намеоварад.

* * *

Шапкачармӣ суханони ботил бисёр мегӯяд ва забонаш ӯро ботил мекунад. Чунки инсон бо сухани нек рӯсафеду бо сухани бад рӯсияҳ мегардад.

## ШАПКАЧАРМӢ ҒУЛОМИ ДЕВҲО

Девҳо аз ботини шапкачармӣ баромаданд ва марзи кишвар гардиш карданд то фароғате пайдо кунанд. Ва ҳар чанд гаштанд, фароғате наёфтанд ва боз баргаштанд ба ботини шапкачармӣ. Ва гуфтанд:

– Берун бадаст. Хонаи худӣ аз ҳама ҷо авлотар.

Ва аз шодӣ аз роҳои дур меҳмон хостанду базм оростанд.

Ва шапкачармӣ аз бад ҳам бадтар шуд.

* * *

Агар роҳбаладИ кӯрҳо ҳам кӯр бошад ҳама вартаро пеши пои худ набинад ва ба чоҳи бетаг фурӯ раванд.

* * *

– Апа, аз инсофи раиси охир чӣ мегӯӣ?

– Кадом, раиси охир? Раиси имрӯза ҳам раиси охир аст. То ин хоку об ҳаст офтоб мебарояду фурӯ меравад, шаб медарояду рӯз меравад, ва ин мардум рӯи замин ҷунбуҷӯл мекунанд, бисёр раисон ҳозиру охир мешаванд. Ту кадом охирша мегӯӣ?

– Ҳамоне, ки раиси ҷамоат буд, раиси ноҳия шуд, депутат ҳам буд. Баъд раиси мо шуд.

– Ту Қодируфа мегӯӣ?

– Ҳа, апа, Қодиров Амир.

– Қодиров Амир, раисе буд, дар ин хоҷагии калони мардуми мо, ки аз об пашшаро меполонду шутуро дармекашид. Шутурдаркаш буд Қодиров.

– Наваш чӣ, апа?

– Наваш ҳам нав не. Кӯҳна аст ин нав. Чор сол шуд. Ягон сол даруни замин надаромад. Аз лаби замин, нигоҳ мекунад ба одамону ниҳолҳои пахта. Ё сари замин мошина нигоҳ медора. Лекин аз мошин намефароя. Дурбин дора. Дари мошина мекушоя. Аз даруни мошин бо чашмаш хуб тамошо мекунаву пояш байни ҷӯякҳои пахтаро намебина.

– Шаласт?

– Куҷо? Ду пои бутун. Дар саҳни идора бо салобат роҳ мегарда. Роҳгардиаш аз дигарон фарқ дорад.

– Роҳ гашта, ки тавонад, чаро даруни ҷӯякҳои пахта намедароя?

– Аз шакараки пахта метарса.

– Чихел? Бо фармони ӯ ҳар рӯз роҳҳои атрофи майдонҳои пахтаро ҷорӯб мезананд. Чанд бор худашро ҷорӯб ба даст дидам.

– Эй ин одат аст.

– Хонаашро, бинӣ, апа аз даруну берун аз тозагӣ ҷило медиҳад.

– Худаш чӣ? Аз ӯ олуфта раис, ин мардуми мо надидаст. Лекин…

– Чи лекин, апа?

– Тозагии зоҳири ӯ аз ҳайбати нафси ботин аст. Атрофи дастурхони занаш ҳама чиз тоза. Дар косаву лаълиҳои тоза мантуву гӯштбирён мехӯрад. Вале занаш аз куҷо медонад, ки гӯштбирёни даруни лаълии зебо мантуи даруни коса, нонҳои рӯи дастурхон тоза аст. Кадоме аз он хӯрданиҳо бо заҳмати ҳалол рӯи косаву рӯи дастурхон омадааст. Хуб мебуд аввал ӯ таоми худро тоза мекард, баъд атрофи онро.

* * *

– Ҳазорҳо бору ҳазорҳо ҷо шунидам, апа, ки мегӯянд одам аз хок аст. Хайр аз хок бошад, чӣ монандие ба хок дорад?

– Монандии бисёр аст.

– Чихел?

– Худат биёб.

Ба андеша рафтам. Дар хок ҳама чиро мекоранду ҳосил мебардоранд. Ва одам аз самари замин истифода мебарад. Аз гала то чорвову мурғу моҳиро мехӯрад. Дарахтони мева мешинонанд ва ҳосили онро сарфи меъда мекунанд. Аз сангу хоку дарахтҳо хонаҳо месозанд, маҳалли зист бунёд мекунанд. Дар одам чизе намекоранд.

Ва ин андеша ба ӯ гуфтам.

– Нодон, – гуфт апаам, – дар одам зиёдтар аз замин мекоранд.

– Чихел? Чи мекоранд?

– Сухан мекоранд.

– Ин чи хел?

– Мисли замин. Одам ҳам мисли замин аст. Ва ҳосили самари сухан дар ҳама одам якранг нест. Замини ҳосилхез ҳасту камҳосилу беҳосил. Дон дар хоки ҳосилхез самари баланд дар замини камҳосил самари кам ва дар хоки беҳосил самаре намедиҳад. Сухан ҳам дар одами хуб самари хуб, дар одами миёна самари миёна медиҳад ва дар одами беақл ҳеҷ самаре намеорад.

* * *

Мурдан дар тагхона беҳ аз зистан бо зани гапгардону пурхусумат дар қушқу катежҳо.

* * *

Ҷазоҳо ба аблаҳон панд аст ба дили хирадмандон.

* * *

Аз фиғони ҷабр расида гӯш ба карӣ занӣ, фарёди туро касе нахоҳад шунид. Бефарёдрас хоҳӣ монд.

* * *

Агар хоҳи, ки бадкирдорро ҷазои сахт диҳӣ, инсофро риоя намо.

* * *

Одами аз ақлу адолат дур дар ҳукми мурда аст.

* * *

Ҳилла фиребандаи ақл аст.

## НИЯТИ БАДИ Ӯ БА Ӯ БАРГАШТ

Ҳамсояе доштем, хайрият, се ҳавлӣ аз хонаи мо он тараф. Гоҳо ҷӯй меканд, сӯи роҳатхонаи ҳамсояи дасти чап ва об мемонд ба коҳдони ҳамсояи дасти рост. Чун роҳатхона фурӯ мерафту деворҳояш мерехт, дилаш пурханда мешуд. Ва аз оби коҳдон умед ба хандаи фардо мебаст. Вақте ҳамсояи дасти чап дар баландии ҳота аз битону хишти пухта роҳатҷой сохту ҳамсояи дасти рост коҳдонро аз тарафи ҳавлии ӯ ҷои дигар бурд, ӯ ба хашм омад. Аз хашм чорвое дар роҳи Худо қурбонӣ кард ва аз Худо хост, ки кудаки ҳамсояи чап ба роҳатҷой афтоду бимирад ва оғилӣ ҳамсояи дасти рост фурӯ афтода ҳама чорвоҳояш ҳаром шавад. Ҳанӯз гӯшти чорвои қурбонии ӯ тамом нашуда набераи хурдсоли ӯ, ки ҳамроҳи духтараш ба меҳмонӣ омад, ба роҳатҷои ӯ фурӯ афтод ва ҷанозаашро бурданд. Ва фардои онрӯза аспаш аз нохуна ҳаром мурду подабони навбатдори деҳа говашро овард бо пои шикаста. Ӯ зиёдтар дар хашм омад ва гови пойшикастаро қурбонӣ кард дар роҳи Худо ва ба Худо илтиҷо кард, ки хонаи ҳамсояш нисфи шаб ба рӯяшон фурӯ афтад. Баъди ҳафтае бист дақиқа борон борид. Балки борон наборид. Аз осмон болои талу теппаҳои дарҳаки туғҳо, ки аз қушлоқ хеле баланд аст,аз миллиардҳо сатил об рехт. Сел ба қишлоқ сар зад. То пойдевори ҳавлиҳои ҳамсояҳои дасти росту чапи ӯ гил хобид ва аз айвон роҳ ба хонаҳо баста шуд. Вале хонаи ӯ деворҳои ӯ сар сӯи ҳавлии ҳамсояҳо гирифт, фурӯ рафт.

Қурбониҳои зиштандешон хашми Худоро меоварад ва нияти бади онҳо ба онҳо бармегардад.

## КАФАНИ ХУДОӢ

Ҳар, ки аз ҳосили заҳмати камбағал сарват андузад, бенаво аз ин дунё меравад.

Ва сари ин андеша апаам гуфт:

– Ту « сағира, бои қишлоқи Шоҳбачара ёд надорӣ. Ман ҳам намедонам.Очаам ӯро дидааст. Солҳои инқилобу гурезу гурезро Худованд ҳамчу ҷазо ба сари сарватмандоне, ки аз заҳмати камбағалон сарват ҷамъ овардаанд, расонд. Холиқбой шаҳбачагӣ дар ҳамин роҳ қарор дошт. Ва аз дигар роҳ гурӯҳе омад савори аспҳои ҷангӣ ва тамоми боигарии ӯро рӯфтанду чорвояшро сӯи Афғонистон ронданд.

Холиқбой тани танҳо монд. Бенону таом ва бемолу пул. Ва дар ғами чорвову дороии аз даст рафта ҳалок шуд. Кампири Одинагул

кафани барои худ тайёр кардаро ройгон ба ӯ дод. Холиқбой бо кафани худӣ аз олам рафт.

Ва ин ибратест, ки онро чашми ақли ҳалолхӯр мебинад. Чашми ақли ҳаромхӯр кӯр аст.

* * *

Тамоми ганҷҳои замин арзиши меҳрубонии як бори модарро надорад.

## МУМСИКРО ДИЛ ДИГАРУ ЗАБОН ДИГАР

Дили ӯ ба ман набуд. Вале инро сари дастурхон пай набурдаам. Ҳар замон, бигир, бихӯр, бинӯш мегуфт ва ман гапи мардумро, ки ӯро ба мумсики нисбат медод, дурӯғ дониста, бехабар аз

он ки забон ба дилаш як набуд. Ба забон мегуфт, ки бигир, бинӯш, ба баданат нӯши ҷон гардад ва акси садои забонро ба дили ӯ ки хилоф мегуфт нашунидам, бо вуҷуди ин аз ҳар даҳ муроотu ӯ яктояшро қабул мекардам ва даст ба лагани мантуву пиёлаи шароб мебурдам.

Садои дили ӯро ки аз ҳақиқати вуҷуди ӯ буд, дар маърака шунидам. Ӯ дар тамоми маҳалла овоза паҳн карда ва шиносони худро бовар кунондааст, ки Ҳайдар пурхӯртарини одами дунё аст.

Таом ба он касе бояд хӯрд, ки дилаш ба ту ҳаст, на забонаш.

## ШАРИРОН ВОЖГУНАНД

Ба чашмони худ дидем, ки замоне дар мамлакат исён бархост шарирон дар ҳар қадам сар бардоштанд ва аз мӯи сар зиёд шуданд. Ва ин барои шарирон ид шуд. Баробари зиёд шудани онҳо ҷиноят чунон афзоиш кард, ки шаҳрҳо ба хуруҷ омаданд. Ва марди одиле мардумро ба ростӣ ҳидоят кард ва шарирон ба ҷазои худ расиданд. Ӯ исёнро пасанда карду шарирон бенишон шуданд ва ба лонаи худ, ки он чоҳи тору торикаст хазиданд.

## ХОЛӢ НАМЕМОНАД

Одам пурии мавҷҳои дарёҳо, баҳру укёнусҳо, лабрезии ҳавзу толабҳо, аз коҳ пур шудани коҳдонҳо, кафидани амборҳо аз пурии ғалла, берун афкандаи хурдаҳо аз медаи пур ва боз пуриҳои фаровонеро дидааст. Ҳама чизи олам пуриву костагӣ дорад, ба ҷуз чаш-

му гӯш. Чашм оламҳо ва тамоми мавҷудоти онро то хурдтарин зарраҳо мебинад, вале пур намешавад. Гӯш ҳама овозҳои оламро мешунавад, вале аз овоз пур намешавад. Чашм мебинаду мебинад. Гӯш мешунаваду мешунавад. Ва ҳарду ҳам чун ҷайби чоку инсофи дарида пурӣ надоранд.

– Гӯша намедонам, сағера, – гуфт апаам, – вале чашм аз чоҳи замин руидааст. Агар онро аз косахона берун оварӣ мисли даҳони чоҳ аст. Шакл ба мазмун ишора мекунад. Аз ин рӯ майли нигоҳи чашм ба баландӣ ҳаст. Ҳар чи аз пастӣ рӯяд ҳавас ба баландӣ дорад. Чашм аз пояи кӯҳи сар ба абрҳо бароварда нигоҳ мекунад ва чун ба сари қулла расаду аз онҷо ба фалак нигарад, шавқи болоравияш меҷӯшад. Вале чун нигоҳи ӯ ба поён духта шавад, шавқ мефарсояд, ях мебандад,ба ҳарос меафтад. Чунки чоҳ ба ӯ шинос аст. Даҳони чоҳ аз ғарфнои он ҳамеша дар бим аст.

Он аз нур аст, бо нур пур мешавад. Чоҳи об аз об. Чоҳҳои ҳаво аз ҳаво. Ва чашм аз хок.

Вале гӯш афлокӣ аст. Он як ҳалқаи осмонист, ки ба зиннати сару рӯи гардан омадааст. Ва як роҳи дaромаду баромад дорад. Агар роҳаш маҳкам шавад, ба шунидан боз ҳам ҳаристар мегардад. Вале дар олам чизи носераму зарфи бетаг нест. Гӯш аз бонги аҷал, ки бонги осмонӣ ҳаст, пур мешавад.

## ҲАРДУ МЕМУРЕМ

Баъзан дар сухани аблаҳ ҳақиқате ниҳон аст, ки ҳеҷ гоҳ ба сари хирадманд намеояд.

Ба аблаҳе гуфтам кай ақл мегириву аз нодонӣ раҳо меёбӣ. Ва ҷавобе дод аҷоиб:

– Аблаҳӣ ҳам, – гуфт ӯ, – кайфе дорад мисли кайфияти хирадмандӣ. Мо ҳар ду кайфияти якдигарро намебахшем. То ман хирадманд мешаваму ба ту мерасам на ман мемонаму на ту. Ҳар ду баробар мемурем. Нақше на аз ту мемонаду на аз ман.

Марг бераҳм аст. Ва беинсофиҳои ҳаёт ӯро метезонад. То ҳар чи зудтар як наслро бараду насли дигар оварад. Ба насли хубтару бадтар ҳам кораш нест.

## ЛУЧ ОМАДУ ЛУЧ РАФТ

Ришва касофатиҳои бешумор дорад ба ахлоқ, ки аз бемашғулиятӣ, ба ҷои кор афзоиш мекунад. Аз поракандагии қавмҳо иттиҳоду ваҳдат ҳеҷ мешавад. Мулк рӯ ба харобӣ меоварад,

қонунҳо бесоҳиб мегарданд.

Аз касофативу ришва, ки нолаи ту аз гӯшти хару саги ҳароммурда ҳаромтар аст. Дар бахши рушду харобии кишвар, тангии мардум зӯрам танҳо ба хоб мерасад ва ҳамчун ҷазо ба мурдорхӯриҳои ту онро ҳаром мекунам. Мехоҳам зиёдтар ба ту нафрат гӯям.

Ва ин лаҳза як далел маро таскини дил мешавад ва онро ба гӯши хуш бигир: Ту ҳам мисли он мискин луч аз раҳми модар омадӣ. Доя туро гирифт, шусту сонпеч кард Ҷовид намемонӣ. Луч мешавӣ чунон, ки аз раҳми модар омадӣ. Мурдашӯй туро мешӯяд, чи хеле доя мешуст ва ба сон мепечонаду бо ду дасти холиат дар гаҳвораи лаҳад мемонад, то тӯшаи кирмҳои ҳаромхуртарин гардӣ.

## ИШҚ ДАР НИГОҲ

Дуди сигарети ҷавони дар курсии мобайни автобус нишаста печутоб зада, ба болои чашмонаш овезон монд. Дар курсии пеши ҷавон муйсафеди нуронӣ ва паҳлӯи вай духтари чашму абрусиёҳ менишаст. Духтар тирезаи автобусро поён фаровард. Ҳалқаҳои дуд монанди танобидонрезон аз шиддати шамол ба ҷунбиш омад ва болои салаи муйсафед тоб зада, аз тиреза берун мешуд. Ногоҳ ду чашми шаҳлои бо шуълаи ишқи навҷавонӣ барқпош сӯи писар дӯхта шуд. Ин лаҳза ҷавон хост, сухане гӯяд. Вале мунтазири сарзаниши ӯ шуда ҳарфе нагуфта, хомӯшона сигарет бар лаб бурд. Тоқати духтар тоқ шуд. Бӯи ғализи тамоку ӯро на он қадар озор дод, чихеле, ки нигоҳи бебоконаи писар. Духтар дуюмбор рӯи ӯ теғи нигоҳ кашид ва гуфт:

– Сигарет кашидан мумкин нест!

– Хайр, ба фикри шумо папирос кашем! – гуфт ҷавон бе ҳеҷ гуна мулоҳиза.

– На инашу на онаш, – гуфт духтар бо оҳангӣ ҷиддӣ.

– Хуб, набошад, ба фикри шумо нос кашем, хонуми зебо?

– Духтар муддате хомӯш монд. Ӯ ба худ мегуфт:

– Аз шумо хоҳиш мекардам, ки накашед.

– Мефаҳмам.

Дар истгоҳи охир духтар аз курсӣ бархост. Писар аз ҷояш ҷунбид. Замоне ба дари баромад наздик шуд, ба пас нигоҳе кард. Абрӯвони думи мор ва мижгонҳои дарози боло бардошта, ҳаловате дошт, рӯҳнавоз. Аз барқи нигоҳи ӯ бача чун тир аз ҷой рост шуд ва бошитоб сӯи дар шитофту ба духтар расид.

Замоне онҳо паи ҳам қадам мебардоштанд, нури табассумҳои ширини духтар ба чеҳраи ҷавон мерехт. Ин лаҳза, гӯё рӯи замин ҳар ду танҳо пой мебардоштанд.

Пирамард бари ман меистод. Ӯ ба сӯҳбату роҳпаймоиҳо ҳар ду зеҳн монду то гардиши роҳ, ки сӯи боғ мерафт аз онҳо чашм набардошта гуфт:

– Тавба, ҳазрати Ҳақ. Ишқи ин ҷавонҳо дар дилу ботини не дар чашму зоҳир. Бо як нигоҳ мафтуни якдигар.

## ТАШВИШИ САЛОМ

Ситорамоҳ дегу косаашро шуст. Шавҳараш аз паси пода рафт.

Ҳавои форами саҳар ҳаловате дошт.

Ситорамоҳ, матои алвони гулу гулдӯзӣ дар остинаш андохта, дасти писарчаашро гирифта ба ҳота даромада. Чун ба таги ток расиданд Ситорамоҳ як хуша ангур канду ба дасти Салом дод ва худ рӯи катчаи лаби ҷӯйбор нишаста ба гулдӯзӣ пардохт.

Чашми Салом ба пораи замини канори ҷӯйбор афтод, – гиёҳои он зард ва хушкида буд. Ӯ якбора серкор шуд. Хушаи ангурро лаби кат монду корди чӯбин аз ғилоф баровард. Ӯ сари зону аз лаби ҷӯй сӯи баландӣ хати ҷӯйбор кашид. Ҷӯйбор ҷуқур ва об паст буд. Вале баровардани ин об ба он заминаки хушкидагиёҳ пеши чашми Салом мушкилие надошт. Аз нӯги кордчаи ӯ хок ду тараф пош мехӯрд.

Вале мушкилӣ ногаҳон меояд. Нугӣ корд ба решаи аҷриқ дар монд. Ва Салом зӯр зад. Нугӣ корд шикаст.Ана, тамом, ҷӯйбор кану бин. Салом лаҳзае моту маҳбут шуд. Ӯ ҳеҷ, гоҳ, инхел ноомади корро чашмдор набуд. Ба оби ҷӯйбору он заминаки хушкидагӣ ва корди шикаста нигоҳ кард. Аз алам қавоқ андохт. Ногоҳ белчаву каландчаи аз магазин овардаи падар ёдаш омаду чеҳраи ӯ андаке кушода шуд.

Куҷо бошанд он белчаву каландча. Хайрият ба ёди модар будааст.

– Дар сандуқи мехчаҳо, белу каланди ту, – гуфт Ситорамоҳ. – сандуқ таги ҷевони либосҳо.

– Медонам, – гуфт Салом ва сӯи ҷевони сандуқи мехчаҳо давид. Кор омад кард. Салом ба белча ҷӯйбор канду бо каландча кашид. Арақ аз ҷусае, ки бӯи гул меомад, дамида куртачаи нафиси сонашро тар кард. Чакраҳои арақ аз пешона ба белчаву каландча ва хоки ҷӯйбор чакид. Шамол чангу хокро то гулдӯзии сари зонуи модар

овард. Вале ин чангу хоки хезондаи Салом ба димоғи Ситорамоҳ бӯи мушк дошт.

Боз кор омад накард. Айби худаш. Белчаи ба зарба задаи ӯ ба решаи шулха бархӯрд. Чуртиду ба пои ӯ зад. Харошид пӯсти аз буҷулак боло пои ӯро. Ба ғазаб белчаро партофт. Аз ҷои зарбхӯрдаи банди пой дошт ва ба модар гуфт:

– Мешиканам ин белчара.

– Нашикан бачаҷон. Ҳозир дард мегузарад. Дуруст мешавад, поят.

– Не, дуруст намешавад. Мешиканам белчаро. Даркор не, ин хел белча.

– Зӯрат омад бачаҷон. Ҷуйканиву об барорӣ осон не. Шаб дар телевизор дидӣ, ҷӯи Ваҳдата чихел ба зӯрӣ канданд. Чихел калон буд. Уна ҷӯю ҷӯбор не, баҳр мегӯянд. Ана ҳамон калона заҳмат кашида, зӯр зада канданд. Об ҷорӣ карданду гуфтанд:

– Ба ин наҳр номи Ваҳдат мемонем.

– Барои чи ин хел ном?

– Аз ҷӯю дарёчаҳои бисёр меояд, – гуфт модар, – наҳр канда ҳамаша як ҷо карданд. Дидӣ як дарё шуд. Калони боҳашамат шуд. Барои ҳамин баҳри Ваҳдат ном доданд.

Аз афташ дарди по пасанда шуд. Шидати зарб гузашт. Ӯ даст аз банди пой бардошт. Балки онро фаромӯш кард.

Салом ба кор сахтар часпид. Ва хате кашид аз лаби ҷӯйбор то замини гиёҳҳои хушкида.

– Печу тоби наҳр бисёр, Саломҷон. Чаро ин хел пурпеч? Ранги хати мор.

– Наҳр, агар ҳамин хел тоб нахӯрад, об ба он баландӣ намебарояд, – гуфт Салом. – Боз омада ба ҳамин ҷӯйбор мерезад. Ин гиёҳҳои зард, сабз намешавад.

Ситорамоҳ чор гул рӯи матои алвон гулдӯзӣ карду сохтмони наҳр ба охир расид.

– Тамом, – гуфт Салом ва белчаву каландчаро лаби кат монд.

– Чӣ, шалпар шудӣ, бачаҷон?

– Не, баҳр тамом. Ҳоли отам биёя, оба сар медиҳа. То ана он баландӣ мебароя об. Намебинӣ.

Ситорамоҳ ба ҳамон ҷониби Салом нишон дода чашм дӯхту Салом пурсид:

– Чӣ, намебароя об?

– Мебароя бачаҷон, озод мебароя. Баҳри калон кандаӣ. Ба номи ки мемонӣ ин наҳрро.

– Ваҳдат, очаҷон. Ваҳдат.

– Номи зӯр, бачаҷон.

Ва Ситорамоҳ гулдӯзиро, ки дар он нақши ваҳдати Офтобу Замину Моҳ буд даруни остин карду ба Салом гуфт:

– Биё, рафтем бачаҷон. Хамир ҳам расид.

## ДИГАР НАОМАД

Се моҳ мешавад, ки Самад маош намегирад, ҳисоби сару кораш гум. Ҷои кор ҳам намеёбад. Қаҳт зад ҷои корро. Сарчашмаи зиндагӣ маош. Ҷои кор сарчашмаи маош. Сарчашмаи асосӣ хушкида. Ва Самад аз пагоҳ то бегоҳу аз бегоҳ то пагоҳ дар гирдоби азобҳои рӯҳиву ҷисмонӣ.

Даромади моҳи чорум шуд. Аммо Самад ҳоло ҳам бекор. Дар кӯчаҳо беихтиёр сайру гашт мекунад. Боз китобхонаҳо рафта эълонҳои қабули корро мехонад. Вале ӯ коре намеёбад.

Пагоҳӣ рӯзномаи навбаромадаро аз коркуни китобхона гирифту нигоҳ кард. Ногоҳ дасту пояш ларзид. Тахтаи дар пешаш бударо даст гирифта. Як лаҳза истоду ба берун баромад. Пойҳояш ба зӯр ҷисми ӯро бардошт ва ларзон-ларзон ба назди идораи Вазорати таъминоти иҷтимоӣ бурд. Ҳай ҳот ба куҷо равад. Аз пеши дари ҳафтуми роҳрав гузашт ва болои он лавҳе хонд:

Шӯъбаи коргузорӣ. Бо тамоми қувва дарро кашиду вориди он шуд.

Марди ҷавоне ба либосҳои озодона оринҷ рӯи миз ва мисоли гурги шикорӣ ба Самад чашм дӯхт. Шояд ӯро дар чунин ҳолати рӯҳӣ дида девона пиндошт. Ӯ аз ҷой хест. Истакани пур аз об сӯяш дароз кард ва ба забони русӣ гуфт.

– Марҳамат, об нӯшед, ҳаво гарм. Обҳои берун ях.

Самад аз ин суханони ӯ чизе нафаҳмид. Ва рӯи курсие нишасту сар байни ду панҷа гирифт.

Афсӯс-афсӯс, ки ходими шӯъбаи коргузорӣ ӯро милисионер гуфту сарашро молиш дод. Баъд аз дасташ гирифту берун тела дод. Дарро пӯшида қаҳ-қаҳ хандид ва гуфт:

– Ба худо, ки духтур ҳам ҳастам.

Самад ба дили пурғам аз саҳни бинои Вазорат дур шуд. Ӯ чанд соат маҳзуну бе мадор дар кӯчаҳо гом мезад. Сархам ба вокзал омад.

Аммо дар куҷо будани худашро намедонист. Садои поезди аз дур омада ӯро огоҳ кард, ки дар вокзал, назди перон истодаӣ. Ҳушёр ва хушёр бошад. Ин поезди Москва-Душанбе буд. Мусофирон аз вагонҳо баромада ба мошин менишастанд. Қисме тоқ баромада ҷуфт шуда мерафтанд.

Самад, на ҷуфт мешуд ва интизории мошине мекашид. Ӯ чи карданашро намедонист. Ногоҳ ҳамаро аз назди худ дур дид. Тааҷҷубе ҳам накард. Канортар аз ӯ зане бо бору ҷамадони калон меистод. Шояд касеро интизорӣ дошт. Ӯ нигҳи ҷавонро дид. Самадро назди худ хонд. Ҳақата медиҳам, гуфт зан. Хоҳиш кард ҷамадонҳояшро то ба истгоҳи автобус барад. Самад хурсанд шуд. Ҷомадонҳоро бардошт, ҳафт қадам заду сахт каловид. Зан миёни борику ҷуссаи хурд дошт. Гумон бурд, ки писар маст. Дилаш ба ҳоли ҷавон сӯхт. Вале Самад худро ба даст гирифту қадам бардошт. Ногоҳ садои духтаре рӯ ба рӯ омада ӯро ба хиҷолат монд. Духтар ба рӯи Самад чашмак зада хандиду модарҷон гӯён худро ба оғӯши зани миёнборики хурдҷусса ҳаво дод.

Самад ҳайрон шуд, ҳеҷ боварияш наомад, ки ин кас модари Санавбар. Ӯ гуфта буд: Самадҷон тез-тез биё, модарам ба Москва рафтанд.

Санавбар чизҳои бисёр аз модараш пурсид. Ӯ ҳам вақтро фикр накарда ба ҳар пурсиши ӯ бо таҳамул ҷавоб медод.

Самад чашм аз замин канда ба духтару модари ӯ нигоҳ кард. Дилаш ба наргисони нав аз рӯи модар хатто хӯрдаи Санавбар афтод. Бори хиҷолат зонуҳояшро ба ларза овард. Самад сӯи дӯкончаи гардиши роҳ номуайян ишорае карду тез аз чашм нопадид гашт. Ӯ дигар ба вокзал наомад.

## САРДОР МЕОЯД

Омадани ӯро аввал Хайриддин дид. Ҳамкори ӯ Давлатмурод халтаи калони пур аз хазонрезаҳои дарахтонро паси пушт гирифта меомад.

– Халтаро парто, – гуфт Хайриддин, – директор Самад Саидов меояд.

– Хайр, чӣ? – эътироз кард Давлатмурод.

– Мебинад.

– Бинад, бинад. Чи ҷои тарс. Директор ҳам молу гов дорад. Аз мо зиёдтар.

– Парто.

– Парто мегӯӣ? Чаро партоям. Ин дуздӣ нест, ки тарсам.

– Хайр, натарс. Ана, ҳозир мебинем.

Директор аз баландии болои роҳи калон фаромад. Ӯ тез роҳ мегашт. Аз хона димоғаш сӯхтагӣ барин. Директор ба дарвозаи хонаи истироҳатии нурполоён наздик мешуд.

Давлатмурод ҳам аз растаи байни боғ ба сӯи дарвоза рафт. Ҳар сол ӯ хазонрезаҳои боғро ҷамъ оварда бо ҳамроҳии хоҳарону бародаронаш ба ҳавлӣ мебурд. Ҳам боғ тоза мешуду ҳам ягона модагову ду-се моли майдаи онҳо шикам сер мекард. Аз ду тараф бурд. Вале имсол Самад Саидов он директори порсола набуд. Духтари ӯ Хайринисо мактаби миёнаро хатм кард. Ба ҳаждаҳ қадам монд. Дониш надошт, ки дар ягон донишгоҳ хонад. Шавқи хондан ҳам надорад. То ягон зангир пайдо шудан куҷо равад? Чи нони муфт хӯрад, либоси муфт пӯшаду по болои по монда шинад. Дар ҳамин боғ номашро нависад, ҳаштод навад сӯм мегирад. Охир сару либосаш мешавад. Киримплин, майрамплин, атласи симдор, хаф хафи дарё, оташи бепул, дуди беоташ боз кимчиҳои дигар мехарад-ку. Духтарҳо ба як хел матоҳое ҳавас доранд, ки нишонашро дар магазин намебинӣ. Онҳоро ҷалобҳо меёбанд. Оҳ, боз бо чунон нархи баланд, маоши Самад Саидов ба як либоси балопиринаш сар ба нӯг мешавад. Ӯро дар ҳамин хонаи истироҳат ба кор мегирад. Номаш гузарад шуд. Як бор ним бор худашро нишон медиҳад. Худи нафақахӯр барин. Ҳар моҳ ҳаштод-навад сӯм гирифтан мегирад. Номи шавҳари духтари калони Убайдулло Салимов кайҳо дар рӯйхат. Чи зарар дид? шукриХудо ҷои кор дорад: шофиёри як вазорати калон. Ба солаш ин ҷо хас болои хас намонда ҳазору ду ҳазор сӯми муфт мегирад. Ин ҷо ман хӯҷаин. Корфармо ҳам худам. Ҳамаш дар дасти худам. Давлатмуроди писари Ғозӣ бояд кор кунад. Аз ӯ ва падари чангзадаи ӯ чӣ фоида. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ будааст. Хайр ҷангидааст, барои худаш ҷангидааст. Орденҳо ҳам барои худаш гирифтааст. Хайриддин Аминов гапи дигар. Падари ӯ Шариф Аминов дӯсти наздики вазир. Хайрияти вазира диҳад. Агар хизмати ӯ намебуд, аз куҷо Самад Саидов ба ин мартаба мерасид. Директории осоишгоҳ мешуд ин қадар маблағ дар ихтиёр медошт. Дар олам метал бисёр. Вале назари одамон ба тилло аст. Ана барои чи тилло ба дараҷаи имон азиз аст. Назари неки сарварон касро соҳиб эҳтиром мегардонад, боло мебардораду назари нохуши онҳо пастат мекунад. Самад Саидов ҳодисаи порсоларо бо Давлатмурод ба ёд овард. Ба ёд овард, ки барои як халта хазонбарг чихел ӯро кӯфт. Аслан ӯ нияти муштзанӣ надошт. Вале худашро нигоҳ дошта натавонист. Ҷаҳл боло гирифт. Дигар ёд надорад ӯро чи қадар кӯфт.

Назари неки вазир Самад Саидовро шери жаён гардонд.

Давлатмурод чор тараф даву тоз кард. Тӯфон хезонд. Милиса оварду муфаттиш ҳам омад. Зиндагӣ дорад. Ба чил сӯм рӯзаш намегузарад. Самад сад доллар ба сӯхтори дардодаи Давлатмурод сарф карду оби сард рехт, тӯфони хезондаи ӯро бенишон кард.

Самад Саидов паси дарвоза Давлатмуродро дид халта сари гардан. Ибрат нашудааст. Бо ғазаб ӯро нигоҳ дошт. Хост лату кӯб кунад. Вале дилаш ба сад доллар сӯхт.

– Киро намекунад, рав аз кор, – гуфт ба ӯ. – Аз ҳамин рӯз озод.

– Ту хӯҷаин, – гуфт Давлатмурод, – гуфти ки рав, меравам. Шояд ту ҳам равӣ.

– Ту аввал гӯй, – ба халта ишора карда гуфт Самад Саидов, – куҷо мебарӣ.

– Ҳавлӣ.

– Ҳама ҳавлӣ дорад, – шӯрид Самад Саидов, – ханнот ту ҳамин ҷо резу алов зан.

Давлатмурод хазонбаргҳоро нарехту гуфт:

– Аввал ба саволи ман ҷавоб деҳ. Кӣ кор намекунад?

Давлатмурод халтаи хазонбаргҳо сари китф аз панҷараи дарвоза берун баромад. Дастони Самад хорид. Вале худорӣ кард.

– Сад доллар, – гуфт Самад Саидов.

– Чихел сад доллар? – пурсид Давлатмурод.

– Туро занаму бо сад доллар пӯшонам. Ҳамин заданам туро кирои сад доллар намекунад.

Давлатмурод халтаи баргҳои хазонро аз паси пушт сар доду бо ғазаб гуфт:

– Ту кирои сад доллар мекунӣ. – Ва ӯ аз нафрат дар худ нерӯи паҳлавонӣ эҳсос кард. Ӯ зарбае зад ба сари дили хӯҷаин ва сабук бардошту аз баландии паси дарвоза ба ҳавзи оббозии истироҳатгоҳ партофт.

Пайкари хӯҷаин адл байни об афтод. Давлатмурод ба дасту пойзании ӯ нигоҳе ҳам накард. Халтаи хазонбаргҳоро бардошту аз дарвоза баромад.

Хӯҷаин оби бисёр хӯрду ғарқ шуд.

Хӯҷаинро ним зиндаву ним мурда аз об бароварданд. Чун беҳӣ ёфт ва Давлатмуродро ба суд дод. Судя ба қаду қомати чун химча борику дарози Давлатмурод ва хӯҷаини чорпаҳлӯ, ки ба тахмини ӯ на кам аз сад кило вазн дошт, зеҳн монд. Ба назараш даъвои хӯҷаин дурӯғи маҳз намуд. Судя фармуд, ки гири сикилоҳа биёранд.

– Чун гир ҳозир оварда шуд, судя гуфт:

– Чи нигоҳ дорӣ, паҳлавон. Бардор-ку чанд бор мебардорӣ?

Ва ӯ боварӣ дошт, ки Давлатмурод як бор ҳам намебардорад. Гумони додгустар беҳуда набуд. Давлатмурод бо ду даст аз дастаи гир гирифту зӯр зад. Ба ҳоле то зеҳи ноф бардошт. Тамоми баданаш мисли барги бед ларзид. Зӯри беҳуда миён мешиканад. Гир то фарш нарасида аз панҷаҳои ӯ халос хӯрд.

Давлатмурод ангуштони карахтгардидаро хаму рост кард. Ва ягон ҳаракати ӯ аз чашми додгустар пинҳон намонд.

– Ту шаҳрванд Давлатмурод Мунавваров росташа гӯй. Қасам ҳамин ҳоли хӯрдаро пос дор. Вақте хӯҷаин Самад Саидовро ба ҳавз партофтӣ, пешат кӣ буд?

– Танҳо будам.

– Хайриддин дар куҷо меистод?

– Аз нишебии болои роҳ фаромадани Самад Саидовро аввал Хайриддин дид. Аз рӯ ба рӯ омадан ба хӯҷаин тарсид, чи ки ғайб зад.

Додгустар ҳар чанд сайъ кард бовариаш намеомад, ки директор Самад Саидовро маҳз ҳамин ҷавон, тани танҳо аз баланди адл ба миёнаи ҳавзи осоишгоҳи Нурполоён ҳаво додаст. Ин лаҳза хост вазни Самад Саидовро донад ва мурофиаро ба пагоҳ монд. Аз сарчашмаҳо мӯътаманд, ба хусус тарозудори осоишгоҳи аниқ карданд, ки вазни хӯҷаин аз наваду ҳашт килову сесаду чилу нӯҳ грамм кам нест. Додгустар аз тахмини худ хушнуд шуд. Чунки фарқият ночиз омад. Вале ӯ дар тамоми умри додгустарӣ ба ин хел мушкилӣ акнун рӯ ба рӯ мешуд.

– Шаҳрванд Давлатмурод Мунавваров, – гуфт додгустар дар мурофиаи пагоҳӣ, – ҳине директорро аз замин мебардоштӣ ки ба ту ёрӣ дод?

– Ҳеҷ кас ҷаноби судя. Худам бо ҳамин дастон бардоштаму ба ҳавз партофтам.

– Худат? О, худат си кило то ноф бардоштиву чихел одамеро, ки аз наваду ҳафт кило кам нест, сари даст карда аз баландӣ ба ҳавз андохтӣ? Чаро гапи дурӯғ мезанӣ? Чаро ҳамроҳата намегӯӣ?

– Пеши шумо, – гуфт Давлатмурод, – ба ростгӯӣ қасам хӯрдам. Маҷбур кунен ҳам дурғӯғ намегӯм.

– Ба чи исбот мекунӣ, – гуфт додгустар, – ки дурӯғ намегӯӣ?

– Биёр ҳамон Самад Саидова паси ҳамон дарвозаю маро бар. Аз байни ҳавз ҳам дуртараш мепартом.

Судя хост, ин корро созмон диҳад, то собит гардад, ки Давлатмурод Самад Саидовро тани танҳо ба ҳавз афкандааст. Вале аз райъаш гашт. Кори намешудагӣ. Агар мардум фаҳмад осоишгоҳ пур аз тамошобини хурду калон зану духтар мегардад. Як рӯзи қиёмат мехезад. Не ин кори намешуданӣ. Беҳтар боварӣ. Боварӣ ба гуфтори Давлатмурод.

– Хайр, партофтанда, – пурсид додгустар, – партофтӣ натарсидӣ, ки мурдани Самад Саидова мумкин буд?

– Не, натарсидам, балки мехостам, ки бимирад. Вале гумон дош-

там, ки аз дарвоза дур намеравам. Хӯҷаин аз об мебарояду ба ман мерасад. Расида баробар халтаи баргҳои хазона аз кифтам мегирад. Ба замин мерезаду оташ мезанад. Чорвои хона бе хӯрока мемонад.

– Медонистӣ хӯҷаин чашми об надорад, оббозӣ наметонад?

– Гумонам дигар буд, – гуфт Давлатмурод. – Фикр доштам дар оббозӣ ҳамто надорад. Мегуфт, ки аз рагкашӣ метарсад, вагарна, то шаб аз даруни ҳавз намебарояд. Мисли мурғобӣ ба чор тарафи ҳавз шино мекунад.

– Ин суханҳо, танҳо ба ту мегуфт? – пурсид додгустар.

– Не. Ба ҳама мегуфт.

Чашми додгустар ба Хайриддин, ки дар қатори дуюм менишаст, афтод ва аз ӯ пурсид:

– Ба ту ҳам мегуфт?

– Ҳа, – сабук аз ҷой хеста тасдиқ кард Хайриддин.

– Ба Шарифи тарозудор, Карими мантёр. Ба бисёриҳо мегуфт.

– Бисёриҳо медонистанд, ки Самад Саидов оббоз нест?

– Баракс, ҷаноби додгустар, – гуфт Хайриддин. – Фикр доштем, ки дар оббозӣ ҳамто надорад.

– Ягон бор дида будӣ оббозиашро?

– Дар дарёчаи канории осоишгоҳ, – гуфт Хайриддин, – бисёрҳо дидаам.

– Дар ҳавз чӣ? – пурсид додгустар.

– Мо гумон мебарем, – гуфт Хайриддин, – назари хӯҷаин оби ҳавза намегирад.

– Ту, – ишора ба Давлатмурод пурсид додгустар.

– Ман ҳам ҳамин хел фикр доштам.

Маълум гуфт додгустар дар хонаи машваратӣ, ки Давлатмурод қасди марги директории осоишгоҳи Нурполоён надошт. Дар ҷавоби ситамҳои аз ӯ расида хост алобичашм гирад. Вале ҳавоҳои даҳони худи ӯ сабаби азияти худи ӯ гардидааст.

Ҳавоҳои даҳон, лофу дурӯғҳои ҷабрдида, гуноҳи Давлатмуродро хеле сабуку сафед кард.

Агар машварат як рӯзи дигар кашад, аҷаб нест, ки Давлатмурод бо сад доллар ҷарима аз толори додгустарӣ барояд.

## ВАЛИНЕЪМАТУ…

Аз валинеъматии ҳамсояи навомад ҳамагон хушнуд будем. Соли нав гӯсфанде сарзад ва ҳамсояҳо шӯрбои гӯшти гӯсфандӣ хурдем. Ҳаштуми март тайлоқаке кушт ва ҳамсояҳоро ба оши сергӯшт

даъват кард. Рӯзи наврӯз ҳам нияти сар гирифтани чорвое дошт. Вале акаи Юсуф, ки ба караму кабудӣ ва нонҳои равғани майли беандоза дорад, ӯро аз райъаш гардонд. Ҳамсояи навомад моро бо самбӯсаҳои пур аз гӯшт, суманаку тамоми анвои меваҷот, кашу хочбирёну хочпиёба чунон зиёфат дод, ки ин хел дастурхони бошукӯҳро дар умри сарам намурда, дидам. Дар пеш иди қурбон буду якуми май. Хайрият ҳарду ид паи ҳам омад. Идҳои расмӣ аз идҳои динӣ бо ҳамин фарқ мекард, ки рӯи дастурхонро нӯшокиҳои ҳаррангаи спиртӣ оро медод. Ғайриспиртиаш, хайрият кам буд. Ҷои онҳоро газакҳои бомаза мегирифт.

Таътили дурмадарози тобистонии дастурхони ҳамсоя ҳамаро маҳзун кард. То рӯзи иди Истиқлоли миллат дархӯрди анвои хӯрокаву пӯшокаву маошу ҷои кор вақт аз ҳад зиёд буд. Баъзеҳо бо дилтангӣ аз ҳукумат нисбати кам будани идҳои умумӣ изҳори норозигӣ карданд.

Хайрият Иди Истиқлол ҳам омад. Ҳамсоя чунон дастурхоне орост, ки кирои ин қадар интизории тӯлонӣ шуд. Шашлик таги ҳамаи тақсимчаҳо монд.

Ва он рӯз паҳлӯи ман марде менишаст, ки ӯ меҳмони кӣ буд, намедонистам. Сӯҳбати сари дастурхон роҷеъ ба олиҳиматӣ то рафт метафсид. Ба ҳар сихи шашлик чанд ҳикмат рост меомад. Ба чашм чунин мерасид, ки зодрӯзи Ҳотами Той аст. Вале ҳампаҳлӯи ман ба лаб ҳарфе намеовард ва чунон вонамуд мекард, ки кар асту гунг. Ва ба назари ман аз ин ҳам бадтар. Чунки карону гунгон дар чунин зиёфат ба чашмону лабҳои гӯяндагон нигоҳ мекунанд. Аммо ӯ инро ҳам намедид.

Ҳама чизи олам оғозу анҷом дорад. Дастурхони бой гуфта як умр намешинӣ.

Чун вақти хестан шуд, ҳампаҳлӯи ман ба по рост шуд ва ҳамроҳ саҳни бино баромадем. Ба мақсади озомоиш, ки дар ҳақиқат кару гунг нест, гуфтам.

– Дар ҳамин бинои садхонагӣ солҳои зиёд зиндагӣ дорем, лекин ин хел марди олиҳимат бори аввал мебинам.

– Ин мард, – гуфт ӯ, – ягон иллате дорад. Соле бо валинеъматӣ айби худро мепӯшонад. Чун айбаш ошкор шуд, ду сол ин ҷо мемонад. Вақте пай бурд, ки ба назари ҳамаи ҳамсояҳо бад аст, хона иваз мекунад.

– Ӯро мешиносӣ? – пурсидам.

– Даҳ сол пеш ҳамсоя будем.

– Иллаташ чӣ?

– Хайр ба ту мегӯям. Хоҳиш, овоза накунӣ

Қавл додам ба ӯ, ки ҳатто ба куртаи танаам намегӯям.

– Забони зишт дорад. Зиштзабонон ба ҳазору як ниқоб дароянд ҳам нокасиашон ошкор мешавад.

Суханони он меҳмони хомӯшро ба дил гирифтаму соле гардондам. Боре, назди даромадгоҳи сеюми бино ҳамсояи валинеъмат аз мошин фаромад. Ба ман даст доду бо овози баланд гуфт:

– Ҳамсояи рӯ ба рӯи дари моро медонӣ?

– Шодиро медонам.

– Ман намедонам, – гуфт ҳамсояи валинеъмат, – ӯ Шодӣ ҳаст, подӣ ҳаст. Аммо медонам, ки зинокор аст.

– Не, инхел не, – гуфтам ба ӯ.

– Ҳамин хел Шодӣ подит нисфи як шаб аз зинаҳои даромадгоҳ тап-тап боло мебарояду нисфи шаби дигар бо садои ба зарбатари тап-тап поён мефарояд. Аз паси дараш доим овози мусиқӣ. Аз афташ зану духтарҳош арғушт мерафтанд.

Зани Шодӣ аз қабати сеюм чунон бо зарба тирезаҳои болои сари моро пӯшонд, ки шарақоси он овози ҳамсӯҳбати маро мисли таркиши барқ ларзонд.

– Ана, одоби занаш, – гуфт ӯ сӯи тирезаи пӯшида ишора кард, – поҳош дар гардани ту.

Порсол валинеъматеро ба дараҷаи ӯ надида будам ва имсол ҳавобаланди баддаҳонеро мисли ӯ. Ва саромема ба ӯ ҷавоб додам.

– Инхел нагӯй, бародарҷон. Зани Шодӣ маро ба ҷои хоҳар аст. Шумо Шодиро намедонед. Бисёр инсони хуб ӯ.

– Аз афташ, – гуфт ӯ, – ту ҳам биникуз монанди ӯ як аҳмақи дигар ҳастӣ.

Ва ҳамсояи порсол валинеъмати мо бо ҳамин сухан паси пушт даст афшонду бо шитоб даруни даромадгоҳ рафт.

Соли сеюм ба ҳама эълон кард, ки дар ин бино бадтарин мардону занону духтарону ҷавонони олам сокинанд. Ва кӯдакҳояшон ҳам баданд. Ва ӯ пеш аз иди якуми май хона иваз карду кӯчид.

## ҲАМНИШИНИ АЛОВ

– Апа, одам метавонад дар қуллаи кӯҳ зиндагӣ кунад.

– Мумкин, ба шарте дар қуллаи кӯҳ таваллуд шуда бошад.

– Дар дарё чӣ?

– Инам мисли ҳамон.

– Дар миёни алов чӣ?

– Сағира сарма ба дард овардӣ. Кӯдак саволҳои кӯдакӣ медод. Ту аз муаллимҳо гузарондӣ.

– Ҳамина бигӯ, апа, дигар савол намедиҳам. Хап меистам.

– Ту хап шуда наметавонӣ. Мегӯям ба шарте интернат пеши очам равӣ.

– Бигӯй ба Худо меравам, апа.

– Одам байни алов зиндагӣ мекунад. Танҳо одаме, ки дар роҳи сидқу сафо, меҳру вафо ҳаст, сухани рост гӯяд, ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯяду нагуфта бошад, ҳақи мардум нахӯраду ба ҳақи мардумхӯрон нафрат гӯяд, ришва нагираду дастҳоша мурдор нагардонад, вақте сухани бад гӯянд, гӯшҳоша маҳкам кунаду нашнавад, ба ягон чизи бад рӯ ба рӯ омад, чашмоша пӯшонад, набинад.

Ана ҳамин додар. Агар зӯр бошиву аз ҳамаи ин бадиҳо сахт парҳез намоӣ, додар алов туро намесӯзонад. Мисли, ана ҳамин кӯрпача дар болош мешинӣ.

Метавонӣ додар?

– Метавонам, апаҷон.

Аз купрӯки болои наҳри байни хонаи мову интернат гузашта истода, суханҳои охири апаамро ба ёд оварда истода боварӣ доштам, ки баҳри болои алов чун рӯи кӯрпача нишастан ҳамаи шартҳои гуфтаи ӯро бечуну чаро ба ҷо меоварам.

## ХИЁНАТИ БА ОХИР РАСИДА

– Аҷаб соле омад, – гуфтам ба апаи Давлатбиам. Гови ба гӯсолаи мора аз оғил бурданд. Дар як шаб аспу навраси Абдуллои инжинеру гӯсфандони шали Ғафур, боз ду модагови Ҷӯрахона дуздиданд. Вале як сари мол аз Азизулло кам намешавад.

– Чаро? Сабабша медонӣ?

– Ҳама қишлоқ медона, апа.

– Чиро медона?

– Азизулло бо дуздҳо ҳамдаст асту ба мардуми қишлоқ хиёнат мекунад. Ана динашаб мардҳои ниқобпӯш ба хонаи Сайдалӣ даромаданд. Яке мили автомат ба пешонаи Сайдалӣ монд, дигаре зану фарзандони ӯро ба ҳаммом даровварданд, таги либосҳои ҷогапӯшӣ. Се нафари дигар ҳама бисоти хонаи Сайдалиро рӯфта ба КАМАЗ бор карданд.

Ҳамон дузди мусаллаҳ, ки мили автоматро дар пешонии Сайдалӣ нигоҳ медошт, ду калима гуфтаст:

– Ҷунбӣ мепаронам.

Овозаш, ба тахмини Сайдалӣ худи овози Азизулловорӣ.

– Чаро, апа Азизулло ин дараҷа бероҳагӣ мекунаду ҳама об ба даҳон мегирад.

– Ҳоли сабр кун, сағира. Хиёнаташ, ки тамом шуд хиёнат мебинад.

Ба деҳа як гурӯҳи мусаллаҳи давлатӣ омад. Онҳо қишлоқи мо ва ҳамаи деҳоти атрофро таҳти назорат гирифтанд. Ҳама ҷо орому осуда шуд.

Осоиштагии деҳа Азизуллоро бесаришта кард. Дар як шаби боронӣ ҳама чорвои оғили Азизулло ғайб зад. Вақте, ки дуд аз димоғи зани ӯ мебаромад, апаам бо тантана ба ман гуфт.

– Хиёнати Азизулло тамом шуд, сағира. Ана акнун хиёнат ба ӯ сар шуд.

Ҳафтае нагузашта дар он шабе, ки ҳаво соф буду ситораҳо медурахшид ва моҳи шаби ҳабдаҳ оламро равшан мекард, сутунҳои дуд аз хонаи Азизулло ба осмон хест. Ҳама мардуми қишлоқ ба по рост шуд. Зану фарзандони ӯро наҷот доданд. Ва роҳи аловро сӯи ҳуҷраи болохонаи рӯи дарвоза бастанд.

Пагоҳ апаам ба дидани зану бачаҳои Азизулло рафт. Чун аз аёдат баргашт бо оҳанги паст: ҳайфи одам, – сарҷунбонда гуфт:

– Сағира, ба ту бигӯм, ки хиёнат ба Азизулло тамом нашудааст. Сӯхтани хонаи ӯ касофати дигареро дар ҷавоби касофатиҳои Азизулло карда дар пай дорад.

Аҷаб не ин бӯй аз лабҳои Сайдалӣ дар байни мардуми қишлоқ паҳн шудааст. Сайдалӣ эътимоди комил дорад, ки ҳамон ғоратгаре ба милли автомат ба пешонаи ӯ монд, ба ҷуз Азизулло каси дигаре нест. Боз овоза шуд, ки се нафар ғоратгар дар деҳаи Фермаҳо дастгир шуданд ва чорумаш раҳо ёфтаст. Фардои он овоза Азизуллоро пешо пеши се нафар низомиёни мусаллаҳ дидем.

– Акнун, – гуфт апаам, – хиёнат ба хиёнатгар баргашта ҳам анҷом ёфт.

## ТАКАББУРИ ДИЛ

– Такаббури дилат туро фирефта кардааст, ту ки дар шикофҳои сахра сокин ва масканат дар макони ҳастӣ баланд аст, дар дили худ мегӯӣ: «Кист ки маро ба замин фуруд оварад. Агарчи ту худро баланд мекунӣ ва лонаи худро дар миёни ситорагон месозӣ. Ман туро аз он фуруд хоҳам овард, мегӯяд Худованд…

Аз барои гуноҳе, ки ту дар ҳақи бародарат кардаӣ, хиҷолат туро хоҳад пӯшонид, ва ту ба сурати абадӣ маҳв хоҳӣ шуд… Рӯзи бародари худро, рӯзи шикасти ӯро тамошо накун…

Рӯзи ҳалокати ӯ шодӣ нанмо, ва дар рӯзи мусибат даҳон ба лоф накушо.

*Бадбахтиро тамошо накун,*
*Ба дороии онҳо даст назан.*

* * *

Чуноне ту амал кардӣ ҳамон амалро хоҳи дид. Ва заҳре додаи ҳамон заҳрро хоҳӣ чашид. Ва мукофоти додаат ба ту хоҳад бозгашт.

## ДАР ИН ДУНЁ МЕМОНАД

Барои қитъаи замини ман кӯмаки бародари хориҷи кишварам расид. Маблағи калон. Мерасид ба кофтану тоза кардану аз хатари беҳосилӣ нигоҳ доштани хоки замини қитъаи ман.

Қитъаи замини ман калон аст. Дунёро хӯронданаш мумкин. Ва маблағи калон расида аст ба дасти ман. Ба техникаи коркарди замини ман мерасад. Тухмиву нурӣ ҳам имрӯзу фардо мерасад. Ҳамаи ин маблағро сарф намоям онҳое, ки дар қитъаи замини ман заҳмат мекашанд, соҳиби ризқу рӯзии фаровон мегарданд, хушбахт мешаванд.

Маблағи калони аз бародари хориҷӣ ба ман расида саволу ҷавоб ва бозгашт ба мӯҳлати дер аст.

Андаки онро ба андак замини худам сарф кунам бою ба давлат мешавам. Техника дорам аз ҳисоби мардум. Аммо мардум инро аз куҷо медонанд. Техникаи Абдураҳими Акбар мегӯянд. Ин техника аз ҳисоби заҳмати ҳазорҳо рӯидааст. Кадом ҳазорҳо. Агар ҳазорҳо ба даъво бархезанд, ба ҳар кадоме, як винтӣ, як шайбай, як сари чилики оҳан намерасад ҳақи ҳазори ҳалолҳо ҳақи ҳароми як нафар шудааст. Агар ба фоидаи ҳазорхо хизмат кунад ин техника ҳақи ҳалоли ҳазорҳо мешавад.

Вале ман ҳазору ҳазорҳо ва ҳақу ноҳақ, ҳалолу ҳаром гуфта сарамро гич намекунам.

Ҳозир ҳазорҳову ҳазорҳо доллар дар ихтиёри ман аст.

Ва кори боақлонае кардам ман. Қасрҳо сохтам. Яке дар манзараҳои табиат лаби дарёи кӯҳӣ. Ва сеи дигар дар шаҳр.

Қасрҳо истодааст ноҷунбон, кӯмаки бародари хориҷиам ҳам, ки номи дигари он қарз ҳасту хизмат истодааст. Танҳо мардум наистода истодаанд. Ба хориҷи кишвар мераванд. Ва онҳоешон, ки пои рав надоранд, аз ҳақу ноҳак, розиву норозигӣ, нони хӯрдану кафании печидан чап мехобанд, чап мебофанд, ва ба қасди бебаргу реша кардани ман камин мегиранд.

Ҳар чанд онҳо ину он мегӯянд коре ба ман гирифтан мехоҳанд,

лекин ман ба онҳо коре надораму бо дили соф интизори кӯмаки бародари дигари хориҷиам. Охир қарзи дарозмӯҳлат ҳам кӯмак аст. Ҳамин ки расид, қасрҳоямро орову торои нав медиҳам.

Дар ин дунё қарз мемонаду қаср.

## ГАНҶИ БАҲОРӢ

Файз дуздида сӯи буттаи пуш менигарист. Нигоҳҳои дуздонаи ӯро пай бурдам ман. Ӯ гиёҳҳои хушки атрофи пушро даравид, дарза баст. Акнун як дарза хаси дигар гирад, бораш тайёр. Абдурасулу Қурбон, аллакай борҳояшонро бастанд. Онҳо то анҷоми кори мо достбозӣ мекунанд. Аввал Абдурасул дост мепартояд ва аз паси ӯ Қурбон. Достҳо дар ҳаво ба масофаи бисту панҷ-сӣ метр чарх зада ба замин бармехӯранд. Нӯги дости Абдурасул ба замин даромаду наафтид, худо дод ба ӯ. То ҷои дост ба пушти Қурбон савор рафт.

Абдурасул механдиду хушҳолӣ дошт. Қурбон ҷиддӣ ва умедвор: ин дафъа нӯги дости ӯ ҳам бар замин бармехӯраду мехезад ва навбати савории ӯ мешавад.

Файз аз буттаи пуш дур намешуд. Абдурасулу Қурбон дост партофтанд. Нӯги дости ҳарду ба замин заду хест. Ҳаққу ҳуқуқи инҳо баробар шуд. Ҳеҷ кадоме ҳақи саворӣ надорад.

Ба Файз чӣ бало зад? Ӯ ба тилисм ё афсона афтид? Дар ин ҷо тилисм нест. Вале охирҳои баҳору рӯзҳои гармои тобистон чандин нафар ба дами морҳои афсунгар афтиданд. Боре худи ҳамин Абдурасул ба ин ҳол дучор омад. Файз бо ҳамроҳии мо буд. Танҳо мисли ҳозира ӯ болои ҳамвории теппа ва ману Абдурасул дар хамгаҳи он ва аз ҳам ба масофаи панҷоҳ-шаст метр дур алаф медаравидем.

Абдурасул аз даравгоҳ канор рафт. Таҳорат шикасту аз ҷой хест ва тасмаи шим дар даст рост истод. Чӣ шуд ба ӯ? Чанд дақиқа гузашт, вале ӯ ҳамоно беҳаракат.

– Абдурасул, – нидо кардам ба ӯ, – Чӣ хода шудӣ?

Овози маро нашунид. Боз дод задам:

– Кар шудӣ, Абдурасул?

Ҷунбише накард Абдурасул. Худи ходаворӣ.

Дост дар даст сӯи ӯ рафтам. Морбачае аз нарангушт ғафстар нӯги дум гарданашро аз замин бардошта, ду чашм ба чашмони Абдурасул дӯхта буд. Ман аз паси морбача гузаштам, аз афташ, чашмони Абдуррасул ҷодуе доштааст. Морбача ҳам беҳуш ва атрофро эҳсос намекард. Ман ба тарзи истодани он зеҳн давондам. Гӯё рустаниест, ки номаш мор аз замин рӯида. Абдурасул ҳам маро наме-

дид. Ғармаши хушкеро гирифтам ва ба гардани морбача задам. Он сахт тарсид, ба замин ғалтиду аз байни алафҳо лағжид. Абдурасул ҳам ба пушт афтод. Ӯро ба худ овардем. Аз ҷой хест ва ҳеҷ чиз дар ёд надошт.

Вале вазъи Файз дигаргунтар. Ӯ ба буттаи пуш менигарист. Пеши он мерафт, хам мешуд…

Файз таги он бутта чизе дида бошад? Мор? Сангпушт? Ҳозир замони болои замин баромадани онҳо нест. Табиат дар ҳукми хунукӣ аст. Барф танҳо аз ҷойҳои офтобрӯя хеста ва дар талу теппаҳо сафедӣ дорад. Ҳама заминҳои Ҳалқаёр чакалакзор: сафеду сиёҳ ба ҳам омехта.

Достбозҳо аз достпартоиву савории якдигар сер шуданд. Ман ҳам бораморо бастам. Танҳо Файз нотайёр.

– Файз, – фарёд зад Абдурасул, – шаб ин ҷо монданиӣ?

Файз аз буттаи пуш чашм намеканд.

– Аз сармои шаб намурӣ, гургат мехӯрад.

– Ганҷ ёфтам. Маро бо ин ганҷам гург ҳам бина, раҳм мекунад.

Файз ба шавқ ба буттаи пуш ишора намуд.

– Рафтем, мебинем, – гуфт Абдурасул. – Ку, чӣ ганҷе ёфтааст?

Гули сиёҳгуш будааст ганҷи таги бутта дидаи Файз. Соли гузашта айнан ҳамин моҳ, вале ҳафтае пештар, ин бозёфт насиби Абдурасул буд. Вале хушҳолие, ки он бегоҳӣ доштем, ба андӯҳ табдил ёфт. Ҷӯраҳои калонсоли Абдурасул ҳама кабкбозанд. Чор фасли сол хонаи онҳо бекабк нест. Кабкҳои ром, мағруру бебок. Ҳамин, ки аз пой ҷӯробҳоятро кашидӣ, кабки Абдурасул ҳуҷум меоварад, минқор мезанад. Ана, ҳамон кабки минқорзану беқафаси Абдурасул моро малул кард.

Абдурасул ошиқии кабкро ба сиёҳгӯш медонист. Ӯ ба гули худ эҳтиёт карда онро даруни пастобае болои ток монд. Кабк баробари фаро расидани равшании рӯз чашм кушода, сиёҳгӯшро дид ва ба талоши гирифтани он даромад. Ба ду-се бор нишонгирӣ ва ҷаҳиш гулро гирифта ба тамом хӯрдааст. Ҳине, ки Абдурасул аз хоб бархост ва аз ҳодиса огоҳ шуд, аз ғазабаш қариб буд, ки каллаи кабк бо танаш хайру хуш гӯяд, хайрият, модар авзои беҷои ӯро дида ба Абдурасул фаҳмонд, ки аз озори кабк ҷуз пушаймонӣ ва доғ болои доғ ниҳодан суде нест.

Бозёфти Файз ганҷи ройгоне буд. Бо сад эҳтиёт сиёҳгӯшро аз зиҳи реша гирифтем. Чанд баргу шохаки кабуди гиёҳ ёфтем ва сиёҳгушро байни он монда аз замин бардоштем ва бӯида ба дидаҳо молидем. Ва Қурбон хонд.

*Гули сияҳгӯш хушранг аст,*
*Хӯроки кабки дилтанг аст.*
*Ҳамеша бар сараш ҷанг аст,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Аз ин хониш абрӯвони Абдурасул бардошта шуд ва байни қошонаш гиреҳ зад.

– Шояд сиёҳгуш, – гуфтам бо заҳрхандае, – меҳмони хонаи Абдурасул шавад.

– Як бор шарманда шудем, бас, – гуфт Абдурасул, – навбати ягон каси дигар.

Соҳиби гул на ман будам ва на Абдурасулу Қурбон. Ин бахти баланд насиби Файз гардидаст. Бигзор, ӯ қазоват кунад. Хонаи онҳо ҳеҷ сол бе кабк нест. Кабкҳои бедом. Аз байни онҳо танҳо дар хонаи мо хатаре бо сиёҳгӯш набуд. Баъд аммаи аз дарду алам хуниҷигари ман аз дидани сиёҳгӯш хушҳол мегардид. Меҳмонии якшабаи гул ба ӯ дармони тоза мебахшид.

Файз ба зудӣ ҳукме набаровард. Мо секаса сари бори Файзро пур кардем. Рӯи арғамчин шояд аз мӯи сари шонаи модару апаҳояш риштаву тофта чор дарза бияхро мондему ба пушти ӯ шинондем. Ва бо эҳтиёт гулро ба дасташ додем. Ба эҳтироми гул касе аз Файз пеш намегузашт. Аз думболи ӯ то деҳа омадем. Ва дар ҷое, ки ҳар кас роҳи хонаи хеш пеш мегирифт, Файз истод.

– Аз ҳама ҷои дилпур, – гуфт ӯ моро таги бор нигоҳ дошта, – хонаи Ҳотамшон.

Файз гулро ба дасти ман дод. Аз хушнудӣ ба ваҷд омадам. Оҳ, аз бӯву рӯи гул кампири аммаам аз хушҳолӣ ба курта намеғунҷад. Ду ҳафта боз бо дарду алам мегӯяд:

– Рӯи ин баҳорро намебинам.

Ва аз чашмонаш қатраҳои ашки ҳасрат мерезад. Дили модарам ва аз ман ҳам вайрон мешавад.

Чӣ хел таскин додани ӯро намедонистем. Ҳини зарурият сухани таскинбахше ёфтан аз ҳама корҳои олам мушкилтар.

Ин пагоҳӣ аммаам боз ба ҳасрат гуфт:

– Ҳар сол ҷуқу ҷондор, ки аз хонаашон баромаданд, ба димоғам бӯи баҳор мезад. Ду сол боз ман бӯйро намебинам.

Симои аммаам пеши чашм борро таги чӯбтора фаровардам. Сиёҳгӯш дар даст сари болини ӯ шитофтам.

– Амма, – гуфтам, – гул овардам, гули сиёҳгӯш.

Кампир ду дасти ларзонашро аз таги кӯрпа баровард ва бо шодӣ нимхез шуд.

– Гул овардӣ, сиёҳгӯш овардӣ.

Ӯ сиёҳгӯшро бӯиду ба лаб бурда бӯсид ва се бор ба дидагон молид.

– Худоё, ҳазор бор шукр, – пичиррос зад кампир, – боз ба баҳор расидам. Ва ба Ҳотам гуфт:

– Хока ба даст гирӣ, зар гардад, Ҳотамҷони амма, акнун ина гиру дар об мон.

Бисёр нозукай, бе об пажмурда мешава.

Об гирифта гулдонро дар тоқчае рӯ ба рӯи аммаи беморам мондам. Кампир акнун ба ҷои болорҳои ранги қирмизӣ гирифта гулро медид, қошҳои сиёҳи сиёҳгӯш, рагҳои сурху зард ва ҳошияи сафеди гулбаргҳо рангомезии аҷибе доштанд. Амма мехост, ки ин қошҳои сиёҳро гираду абрӯвонашро об диҳад. Охир абру соле як бор аз ҳамин қошҳои сиёҳгӯш об мехӯраду дандонҳо аз чукурӣ. Вале дилаш намешуд. Охир ин ягона гулест дар тамоми деҳа.

Аҳли хонадон гули пастобаро бӯсида ва дар дил шодӣ эҳсос намуданд. Вале аммаи беморам то субҳ ғарқи тамошои гул шуд. Ӯ гулро назорат мекарду дарду ғамҳоро аз сару дил мебаровард, дур меандохту ба баҳори умр, рӯзҳои арӯсӣ, хирманҳои гулро, ки ӯ куртаи сурхак дар тан чун шапараки арғувонранг ҷастухез мезад, пеши назар ҷилва месохт. Хотири хуш табъи ӯро болида медошт.

Пагоҳ дар деҳа маросими гулгардонӣ шуд. Бачаҳо думболи якдигар ба кӯча баромаданд. Барфҳои паси бому қишрҳои теппаҳо болои деҳа таровида ва аз болои баргҳои ба замин часпидаи қоқуву шамантулоқ ва гиёҳҳои аз хок сар бардошта ғелида ба ҷӯйчаҳо мерехтанд. Ҷӯйҳо чарххои бешумори болои пояҳои наҳиф нишонидаи бачаҳоро ба гардиш меоварад.

Бачаҳо сари ходае гулро бо пағаҳои пахта орову торо дода аз ҳавлӣ ба ҳавлии дигар пайғоми гулу суруди гул мебурданд. Онҳо паси дар истода, гули сари ходаи дарозро даруни хона медароварданд. Соҳибхонаҳо ба истиқболи гул бархоста, қошҳои сиёҳи онро ба дида молида, ба гулгардонҳо сафедӣ тақдим мекарданд.

Дастаи гулгардонҳо ба ҳавлии Ҳотамшон расиданду ӯ худро пас кашид. Ба ҷои ӯ Абдурасул пеш даромад ва ба суруди гул ба овозхонӣ оғоз намуду дигарон ҷӯр шуданд. Аз ҳама пеш ба истиқболи гул аммаи Ҳотам расид. Ӯ чунон чолоку ҳушёр гом мебардошт, ки гӯё ранҷурие гирди танаш нагашта.

Навои гулгардонҳо, ки то кунун аз дур меомад, акнун ӯ паси дар мешунид:

*Гули сияҳгуш хушранг аст,*
*Хӯроки кабки дилтанг аст.*
*Ҳамеша бар сараш ҷанг аст,*
*Баҳори нав муборак бод! –*

Мехонд Абдурасул ва дигарон сари овози ӯро мегирифтанд,

*Гул ба даст меравад,*
*Дасти ба даст меравад.*
*Гула нокас надиҳед,*
*Гул ба шикаст меравад.*
*Баҳори нав муборак бод!*

– Хуш омадед! – гуфт кампир. – Ба шумо ҳам муборак! Калон шавен, умру иқболатон диҳад Худо.

Овози кампир намеларзид, балки аз гулӯ хеле бардамона мебаромад. Қурбон ба ҳаракатҳои кампир зеҳн монда ва овози бурройи ӯро шунида, оҳиста ба ман гуфт:

– Бо лаби кашол нолиш мекардӣ, ки аммаат сахт бемор. Аз ин сар он сараш наздик. Мои сода туро шунида гумон мебурдем, кампир то пагоҳ намерасад. Бин, чӣ хел ҳушёру чолок аст, аммаат.

– Худам ҳам, – гуфтам, – ҳайрон. Бегоҳ аз дидани ҷамоли ҳамин гул то саҳар дарду табаш рехт.

Кампир бо дасти худ ба гулгардонҳо сафедӣ дод. Ва онҳо бо шӯру шавқ ва сурудхонон аз ҳавлӣ баромаданд.

Ганҷи таги буттаи пуш торафт бо шӯру қиёми тоза гардиш мекард. Он меҳмони ҳама аҳли хонадони деҳа мегардад. Ва то он гоҳе меҳмони охирин мизбони деҳа нашавад, суруди гулгардонҳо дар ҳавливу кӯчаҳо, дар фазои бекарони деҳ танинандоз аст.

## АЗ ДИЛИ ХОЛӢ СУХАН НАРӮЯД

Ӯ рӯпӯши либосҳояшро напӯшиду нишаста ва лаб ба сухан во кард:

– Дилам холӣ, – гуфт ӯ, – ҳарфе надорад. Ва шапкаи чармиро ба чапу рост нимчарх дод.

– Нав харидам ина, – ба плаши тан ишора кард ӯ. – Бисёр қиммат. Ин миллат одам намешавад. Чунин плаш дар Эрону Афғонистон камтар аз нисфи ин нарх. Дар Иёлоти Муттаҳида ду панҷ доллар ҳам нест. Дар Ҷопон аз додани ин хел плаш ба гадо

шарм медоранд. Ин миллат одам намешавад. Пир шудааст ин миллат.

– Худат, чихел? Пир ё ҷавон.

– Дилам холӣ, – гуфт ӯ. – На пирӣ дораду на ҷавонӣ. Ҳаминаш беҳтар. Бо ин мардуми иллатманд чи мегӯӣ. Дили холӣ беҳтар, табибҳояш ба воситаи девҳо табобат мекунанд. Раҳгумонро ба мадади шайтон ба роҳ медароранд.

Марди ҳалиме нишаста буд ва аз хомӯшӣ ҳарфзаниро авлотар донист ва гуфт.

– Агар девҳои вуҷуди одамиро ба мадади девҳо табобат кунанд. Онҳо ду гурӯҳи мухолиф мешаванд. Бо ҳам бархӯрд мекунанду давлати девӣ тамом мешавад. Раҳгумзадаҳо тавассути шайтон ба роҳи нек дароварда шавад салтанати шайтон харобу нест мешавад. Ва оилаеро муқобили ҳам шӯронӣ, он нест мешавад. Шаҳриёнро зидди ҳамдигар ба исён оварӣ, шаҳр валангор мегардад. Ва давлатро муқобили худаш ба ошӯб оварӣ салтанати ун ба ҳалокат мерасад.

Ва агар дилҳои холиро бо ҳам занӣ чун кулҳои хушкида бесадо чошу пош мехӯранд ва кирмҳои гӯр бебаҳра мемонанд.

Ӯ бо плаши аз тан накашида аз ҷой хест. Шапкаи чармиашро дар сар ба чапу рост ним тоб дод ва гардан боло карду бо он марди ҳалим теғи нигоҳ кашиду аз дари қаҳвахонаи «Зуҳал» баромад.

– Аз замини холӣ шӯра мехезад, гуфт марди ҳалим. Ва дилҳои холӣ маскани девону ҷавлонгаҳи шайтон аст.

## ОШТӢ

Чун бо бародари ба дил даъвогари худ ба сафар барои бо ӯ оштӣ шав, то ҷурме миёни шумо намонаду сафар ба хайр анҷомад. Вагарна роҳ ҷониби додситониву додгустарӣ ва маҳбасу зиндон мепечад.

## ЧӢ БЕҲТАР

Дар олам ҳама ҳаводис сабабе дорад. Аз ҷумла қасам. Ҷурме, ки аз ту назди бародар гузаштааст, савганд мехӯрӣ ба осмон ки моли ту нест, ба замин, ки мероси ту нест, ба падару модар, ки дар ҳукми ту нест, ба умру сари худ, ки ту қудрат як рӯз дарозу кӯтоҳ кардани умру сафеду сиёҳ гардондани як мӯи сар надорӣ. Аз ҳама беҳ пеши бародар на ҷурме бикуну на қасам бихӯр.

## НАМАКИ ҶАҲОН

Ватанпарастон, Шумо намаки ҷаҳонед. Агар намак асари худро гум кунад, бо ҳеҷ чизе онро намакин гардондан мумкин нест. Ва он як чизи бекора мешавад. Он гоҳ аз хона ба берун партофта мешаваду поймоли мардумону чорпоён мегардад. Чунки он маъдане буд аз замин рӯида ва боз ба замин рафт.

Вале ватанпараст зодаи Ватану миллат аст. Ва меҳри Ватану миллат таъсир мебахшад ва ба шукӯҳу шаҳомати ӯ меафзояду ӯро ибрати миллионҳо инсонҳои рӯи замин мегардонад.

## ҲИКМАТ

Офтоб хира мегардад ва моҳ аз партавафшонӣ боз мемонад, нурпошони фалак ба ларза меоянд, ситорагон аз осмон ба поён мерезанд, осмону замин мегузараду меравад ва танҳо сухани пок мемонад. Чунки он пеш аз ҳамаи инҳо вуҷуд дошт.

* * *

Ғафлат аз хона, ризқи дузд муҳайё мекунад. Ғафлат аз Ватан, роҳҳои тороҷгарони онро ҳамвор мекунад. Ғафлати миллат ҳалокати миллат аст. Агар соҳибхона соати омадани дуздро донаду ватандор ба роҳ баромадани тороҷгарон ва миллат бедориву ҳушёриро барҷой мемонаду ватану миллат ҷовид.

## БАДИҲОИ ОЛАМУ ОДАМ

Қотил сазовори бадтарин ҷазо аст. Вале ҳар каси ки ба бародари худ беҳуда ғазаб кунад, на камтар аз қотил гунаҳгор аст. Ва ҳар ки бародари худро «аҳмақ» гӯяд лоиқи нафрати мардум хоҳад шуд.

## ГУФТУГӮ БО ПИРИ ХИРАД

Пурсидам аз ӯ:
– Булбул кай гулистонро дӯст медорад?
Гуфт:
– Онгоҳе, ки ба қафас афтад.

– Инсон чӣ? Кай ӯ Ватанро дӯст медорад?
– Вақте, ки дар ғарибӣ ба сахтӣ афтад.
– Осмони мулки ғарибӣ чӣ ранг аст?
– Мисли ҳама осмонҳо
– Дар мулки ғариб чи чиз одамро ба Ватан мепайванданд?
– Осмони мулки ғарибӣ.
– Чихел?
– Чунки осмони мулки ғарибӣ ҳам мисли осмони Ватан аст.
– Аз тамошои он роҳат меёбад?
– Ҳаргиз. Осмони мулки ғарибӣ мисли намакест бар ҷароҳат. Ва он ғами ғарибиро меафзояду ҳазор дарду алам рӯ ба рӯ мекунад.
– Илоҷи раҳоӣ аз дардҳои ғарибӣ кадом аст?
– Дидори Ватан. Ватан ба ҳама дардҳои ватандор шифо мебахшад.

## СУХАНҲОИ БАРГУЗИДА

Рӯзҳои мо сояест бар замин.

* * *

Най бо чунин овози хуше, ки андарун дорад, дар ботлоқ мерӯяд.

* * *

Худо беайбонро тарк намекунад. Андӯҳро аз ҷисми онҳо мешӯяд. Боз даҳонашонро пур аз ханда мекунаду лабҳояшон саршори нидои шодмонӣ.

* * *

Сухан ҳам тамъе дорад, ширин, тезу тунд, талх ва мазаи онро гӯш медонад. Чунки гӯш сухансанҷ аст, чуноне ки ком таъми таомаро мефаҳмад.

* * *

Ҳикмат дар пирон аст ва ақл дар умри дароз

* * *

Имрӯзҳо тасалидиҳандагони ғамовар сари болинам менишинанд.

* * *

Бар мижгони ӯ зулмот аст.

* * *

Ӯ маро бо суханҳои тунд рахна ба рахна мекушояд.

* * *

– Эй замин, ҷасади маро напӯшон. Ва бигузор дар қаърат барои фиғон ҷо наёбам.

* * *

Чашмони ман сӯи Арши Аъло ва Худои Мутаол ашк мерезад. Бигузор ӯ байни ман ва бадгӯёни ман доварӣ намояд.

* * *

Дарди ин поча панҷ сол маро азоб медиҳад. Ба гӯр мебарад маро ин дард. Ба андомам зеҳн мон. Андомам мисли соя гардидааст. Аз ман сояи ман боқӣ мондааст.

* * *

– На як бору ду бор гӯрро ба ёд овардам. Ҳар бор пеши чашмам меомад. Ва ба ӯ мегуфтам: ту хонаи падари ман ҳастӣ.

Ва кирмҳои гӯрро медидам ва ба онҳо мегуфтам: Шумо хоҳаракони ман ҳастед.

* * *

Азоби дидани чеҳраи ин Шамси духтур ва Фуруди агроном ба дилам, вуҷудам гаронӣ мекард. Дидани онҳо бароям аз азоби гӯр ва чаридани кирмҳо осонтар буд. Ин ҳарду умеди маро хӯрда буданд.

# ҚИССАҲОИ РӮҲОНӢ

## ТАРС ПЕШИ Ӯ МЕЛАРЗИД
### *Биби авлиё духтари Мирзо авлиё*

*Хилофи тариқат бувад к-авлиё,*
*Таманно кунад аз Худо ҷуз Худо.*

Ҳуҷрае буд мисли болохона баланд. Вале болохона не. Меъмори он дар баландии ҳавлӣ ки он тарафтар ба теппаи баланде мепайвасту он тулӯи офтобро панаҳ мекард, пойдеворро боло бардоштаву хок пур кардаву хуҷра сохтааст, дорои пешайвону ташнобгоҳ. Аз поймонакҳои лойии сурфаи баланди таги айвон, аз паси модарам боло баромадам. Даруни ҳуҷра Бибии Анор тани танҳо, рӯи пӯстак менишаст. Ва пеши ӯ табақи чӯбин парӯ истода. Чор девори ҳуҷра мисли меҳроб равоқҳои чӯбкорӣ ва пур аз китобҳои ғафсу калон. Китобҳои хурд ба чашмам кам намуд. Таги равоқҳо чевонҳои китоб буд. Ва ҳама китобҳои муқаддас.

Танҳо болои ҷомадони аз ҳама калонтар пӯстаку кӯрпа ва болиште буд. Инҳо рахти хоби ҳазрати Бибии Анор аст. Ӯ рӯи пӯстак менишинаду рӯи пӯстак мехонад ва рӯи пӯстак табақ бо варақҳои дарози камбар ҳикмат менависад.

Ҳуҷраи меросӣ аст ва пӯстаку китобҳо ва ҷомадонҳову ҷевонҳо ва табақи парӯ хобида ҳам. Гӯё дирӯз буд, ки падари авлиёи ӯ рӯи ин менишаст, китоб мехонду ҳикмат менавишт. Ва ҳине аз шаб ду пос мегузашт, болои пӯстак дароз мекашид.

* * *

Покмардони Хатлон ва Вахиёву Дарвоз, ки ба зиёрати ӯ меомаданд, то маъвизаи ӯро шунаванду ҳикмате бардоранд. Онҳо Авлиёро рӯи пӯстак чор зону меёфтанд. Аз чорзону монда намешуд. Худи йогҳои Ҳиндустонворӣ.

Ҳазрати Бибии Анор ба солаш тулӯи офтобро намебинад. Ӯ аз хурдӣ сафед шудани рӯзро, танҳо дар ёлаи теппаҳои рӯ ба рӯи пешайвони ҳуҷра, ки сӯи абрҳо қомат афрохтаи ағбаи Хуҷачархӣ медид. Гӯё теппаҳои аз пушти ҳуҷра ва оғилу каҳдонхонаи деҳаи Чақон яке ба дигаре такя зада, то рафт баланду баландтар шуда ба осмон мерасад ва тулӯи офтобро аз лаби ғору чариҳои Лулобдара гурезонда дар сари ёлаи Хоҷа Чархӣ нигоҳ медоранд. Нурҳои офтоби бомдод сарбарзада аз ёлаи теппаҳо таровида пойн мефароянд ва Лулобдараро убур карда, гарму ҷушак болои боми ҳуҷра, ду хонаи дигари деворҳояш бо он часпидаву хонаҳои поёнии ҳавлӣ, ки занону духтарон аз дарҳои онҳо даробаро доранд, мерезад. Ҳавлии бе-

рун ҳам, ки иборат аз як ҳуҷраву айвони болобаланд ҳасту меҳмонхонаи мардон, ғарқи шуоҳои офтоби пагоҳӣ мегарданд.

Замин бо саховат озод аст. Теппаҳои шарқии деҳа ба теппаҳои ғарбӣ нурҳои офтоби саҳарро бо ду дасти кушод медиҳанду мунтазири ҳиммати нурҳои офтоби ба ғурубрафтаисдода мешаванд.

Боре ӯ, ба нурҳои офтоби саҳарӣ, ки болои ёлаи теппаҳои Хуҷа чархӣ мерехт, зеҳн монда, бо лабханде, ки аз он гул мешукуфту нур мерехт ба модарам гуфт:

– Ин саховатро бин. Ёлаҳои пушти сари мо шуоҳои офтоби пагоҳиро ба домани ёлаҳои рӯ ба рӯямон мерезад. Ва то шом бе насиб намемонанд. Яке нурҳои тулӯ ва дигаре нурҳои ғуруби офтобро медиҳад. Ва аз саховати ҳамдигар ҳарду рӯи ин замин устуворанд. Маҳруми аз дидани мижгони субҳ ва бенасиби аз нурҳои офтоби ба ғуруб рафта ҷони онҳоро коҳиш намедиҳад. Аз ин муомила дараи тӯлонии Лулобдара, ки аз сар то по ғору ҷариҳост, парвое надорад. Дарёчаи қаъри он ки дар ҳар гардиш сахтар сар ба сангу харсанг зада сӯи дарёи Оқсӯ шитоб дорад, танҳо нисфи рӯз аз нурҳои офтоб бархӯрдор аст.

* * *

Ҳикмати ёлаҳои баланди рӯ ба рӯ, ки яке партави тулӯву дигаре нурҳои офтоби ба ғуруб рафта истодаро ба домани ҳамдигар мерезанд, бедҳои тарафи наҳри поёнии ҳотаамонро ба ёд овард. Аз ду тарафи наҳр бедҳо қад ёзондаанд. Ҳар сол навдаҳои ғавстари онҳоро мебуранд баҳри дастаи каланд ва пӯшондану аз нав обод доштани болохона. Аз ин амал мардум бурд мекунанду бедҳову наҳри об ҳам. Мардум аз навдаҳои бурида эҳтиёҷи худро мабароранд ва бедҳо қуввати аз сабзондани навда фориғ мондаро ба реша медиҳанду ҷавонтар мегарданд. То умри худро тӯлонитар намоянд. анбӯҳи решаҳои бед чун рагҳои хунгарди тани инсон аз ду бари девори наҳр ва таги он мисли намад паҳн мешаванд, то хонаи наҳрро аз фурӯравӣ ва оби онро аз беҳуда паҳну парешон хӯрдан нигоҳ доранд. Коре накунад об ба ҷое равад, ки онро интизор нестанд ва бе қадр шавад. Ё вайрониву харобӣ оварашу онро нафрат кунанд.

Решаҳои бедҳо хонаҳои оби наҳрро обод нигоҳ медоранду ба этибори об меафзоянд. Ва он ҷову мавзеъҳое меравад, ки ободӣ меоварашу дилшодӣ. Аз заҳмати бе меҳнат бедҳо ҳам роҳат меёбанд. Решаҳо об дам мекашанду аз он шарбат ҳосил карда ба тамоми бадан медиҳанд. Ва кундаву тану навдаҳо, шоху шохчаву баргҳоро сабз нигоҳ медоранд ва шакараке, ки одамҳо ҳикмати истифода аз онро надоранд, ба замин мепошанд.

Аз паси пардаи бозиҳои табиат ва паҳлӯи модари рӯ ба рӯи

Ҳазрати Бибии Анор нишастаам ба тоқу пӯстак ва китобҳо зеҳн монда ба ёди замони начандон дур меравам. Ва нидои ӯ ба гӯшам меояд.

* * *

– Дунё ба ҳикмат обод аст, – гуфт бобои ҳазрати Мирзо Авлиё, он гоҳ болои ҳамин пӯстаки бибии ман чорзону нишаста буду пешаш ин табақ меистод. Ва меҳмонони аз Дарвоз омада, ки аслан даҳмардаҳо буданду рамаи худро ба чӯлҳои Олимтой меронданд, чун замини ташнаи об ҳар ҳарфи ӯро дар ҷисми худ фурӯ мебурданд. Ҳама мавҷудоти замин аз паи суди худанд. Бехабар аз он ки аз нумӯи онҳо замине, ки болои он рӯидаанд ва обу ҳавои насибаш гардида ҳам баҳрае мебардоранд.

Табиат ҳикмати худро дорад. Ва он аз сар то сар аз қонуни гуноҳ дур аст. Вақте замин меларзад, пораҳои кӯҳ меафтад, баргаҳои теппаҳо аз хуруҷи обҳои таги заминӣ ярч меканад, обхезиҳои даҳшатнок сар мезанад, одамону ҳайвонот ба таҳлукаи ҷон меафтанд. Гург барраро озор намедиҳад, мор қурбоқаро фурӯ намебарад, ғук аз шикори пашша боз мемонад, шағол ба мурғ кор намегирад. Вале одам чӣ? Аз ҳамаи ин фалокатҳо фоида меҷӯяд. Беофият мондагон аз роҳи деворҳои фурӯ рафта зада медароянд, то дороие ба каф оранд.

– Қонуни гуноҳ заминӣ ҳаст, – мегуфт ҳазрати Мирзо Авлиё ва даҳмардаи дарвозӣ ва чанд марди аз Вахшу Кӯлоб омада сар то по гӯш мешуданд. Ба назар чунин менамуд, ки деворҳои хуҷра, фаршу шифти он, равоқу яхдонҳои чармини китоб ҳам гӯше доранд. Ва соҳибони гӯшҳои солим ҳамеша собиру бо бардоштанд. Гуноҳон аз ҳавасҳо ду чанд мешаванд. Ҳаваси сарват, ҳаваси мансаб, ҳаваси шаҳвонӣ гуноҳро парвариш мекунад. Ва нахуст зодаи он макр ба дунё меояд. Кизбу зино пайдо мешавад. Тамаъву кина ривоҷ меёбад. Ҳасаду рашку фиреб ба қатлу куштор мебаранд. Бозори бадҳуи, туҳмату дилозорӣ, ғуруру бадандешӣ метафсад. Бехдиву беилтифотӣ як чизи муқарарӣ мешавад. Фиребу бераҳмӣ дигар аз шавқату ростӣ ибо намекунанд.

Ва ин ҷо ӯ ба девони Ҳофиз, ки дар пешаш паҳлӯи Қуръони Маҷид меистод, ишорае карда байте гуфт:

*Фиреби ҷаҳон қиссаи равшан аст,*
*Бибин, то зояд шаб обистан аст.*

Ҳавасҳо дар дили одамони сабукмағз меҷанганд. Вале ба вуҷуди ононе, ки худро пайванди қонунҳои заминӣ накардаанд, роҳ намеё-

банд. Дилҳои ҷавлонгоҳи муҳаббат бе олоишанд. Шодмонӣ сулҳу адолат ва осоиштагӣ дар шикаму киса не, балки дар ақлу рӯҳ аст.

Ҳуҷра бӯи китоб дошту ранг ва каломи Худованд. Бӯи нону таом намеомад. Ин ҷо дастурхон ҳам намегустуранд. Ман дар хизмати меҳмонҳои бобом меистодам. Кӯзаи оби хунук ки аз чашмаи он тарафтар аз ҳавлии беруни ҳуҷраи калонӣ оварда будам, дар сояи девор нигаҳ дошта гӯш ба қимор меистодам, то кӣ аз меҳмонон, ки хоҳиши об дорад.

Косаи найи гулдора, холаи Зулайхоҳ, қайсингули бобои ҳазрати Мирзо Авлиё шоҳкоса мегуфт, дар даҳони кӯзаи ҳафтае пеш аз хуми алав баромада пару буд.

Оби кӯзаи нав ҳаловати дигар дорад. Аз он бӯи хуши дар оташ пухтаи гил меояд.

Оби ин кӯза аз чашми офтоб ниҳон аст. Танҳо шамоле, суст ва гоҳе андаке шиддат ёфта бадани кӯзаро ламс мекунад. Ва аз бӯсаҳои бод оби даруни он боз ҳам сарду хушгуворо мегардад. Обро аз чашмаи шафати ҳуҷраи ҳавлии берун меорам. Он офтобро, танҳо ҳини аз кӯза ба шоҳкоса рехтанаш мебинад. Бобои Мирзо Авлиё дар саргаҳ аз чӯбу тахтасангҳо обхонаи зебое сохта ва саргаҳи чашмаро аз офтоб пинҳон кардааст.

Деворҳои баланди тобасангӣ фарши тобасангӣ, ва новардони баланду баробари қади одам. Ҳуҷраи дуюми ҳавлии берун хонаи об аст. Чашма аз олами торикӣ мебарояд ва дар ҳуҷраи боҳашамати сангӣ, аз навардони баланд, ба тобасанг саҷда оварда берун аз обхона роҳи тӯлонии худро давом медиҳад. Оби кӯза ҳама ҳакимии худро, ки дар торикиҳои замин аз дили конҳои маъдан гузашта ба таркиби худ гирифтааст, то новардони обхона аз тороҷгари худшуоҳои офтоб нигоҳ доштааст.

Оби кӯза андешае надорад. Кӯзаро ҷунбонӣ меҷунбад. Хам дорӣ ба шоҳкоса мерезад. Вале сари ман пур аз андешаи савоб аст. Ҳар гоҳ ба ҳавлии дарун дароям, савобҷӯӣ домангирам мешавад. Аз дидани бобои Мирзо Авлиё ин андешаҳо пурғалаёнтар мегардад. Хаёле ҳастии маро мепечонад. Ва фикри фарогире дар сару майнам чарх мезанад. Ҳама вуҷудам рукни як оҳанг мешавад. Ба худам аҳд мебандам ва қавл медиҳам, ки ба олам бароияму ҳама умрамро ғарқи савоб гардонам.

Ва ин лаҳза бо шавқи савоб сари ноҷаи дар нишастам. Нишастагон чашму гӯш ба бобои Мирзо Авлиё доранд ва ман ба онҳо. Шояд кадоме аз онҳо лаб ҷумбонад ва мани ба сабукхези омода ба ӯ об диҳам, обе, ки ҳанӯз шуоҳои офтоб таъму лаззати онро надуздидааст, чуноне, ки нисбати гулу гиёҳои доруи ин корро мекунад.

Вале сӯҳбат метасфиду об ба ёди касе намеомад, суханони бобои ҳазрати Мирзо Авлиё аз боби қонуни гуноҳ ташнагишикан буд. Ва қудрати лазизтарин ғизоҳо дошт, ки мардуми олам сарфи рӯҳ мекунанд.

Ва ман ҳам аз дунёи ҳамнишинон барканор нестам. Бо тамоми ҳастӣ гӯш медиҳам ба ӯ ва ин сатрҳо ҳосили ҳамон гӯшу сабти зеҳн аст.

* * *

Қонуни гуноҳ заминӣ аст. Онро одам аз биҳишт ба замин овард. Ӯ як гуноҳ кард ва бехабар, ки аз он як дуи дигар рӯидааст. Он як нофармонбарӣ ба амри Офаридгор буд ва дуи дигар: чаправӣ ва роҳ додани васваса ба дил аз кирдори олами малоик, ки ақли ягон нафар аз малакут ба он намерасид. Офаридгор аввал дар ҳайрат ва баъд ғазаб кард. Ва ба ӯ ду ҷазо дод: яке аз биҳишти адн ронд ва дигаре ба ӯ мавт дод. Боз шамшери оташбори чархзананда тарафи дарахти ҳаёти ҷовид, ки паҳлӯи нахли мавт буд, гузошт, баҳри эҳтиёт аз макри одам. Ки мабодо аз меваи он бихӯрад ва ҳаёти ҷовид биёбад.

Замин сайёраи ҷазо шуд. Офаридгор сари ғазабу рашк ҳаёти одамро пурмашакат гардонд. Рӯзҳои ӯро монанди рӯзҳои муздур кард.

Наслҳои одам ғарқи нағмаву нағомотҳои саросар пур аз оҳанги гуноҳ. Ҳарчанд одам ба сурати Худо рӯи замин омад, ӯ феъли худоӣ: покӣ, ростиву некӣ, саховату раҳмдилӣ, дилдиҳиву дилбардорӣ нагирифт. Баробари афзоиши тухми он талошҳо баҳри афзунтар ба даст овардани хираду дониш, боз муҳимтар аз ин пайдо кардани ҳикмат суст мешуд.

Шумо, ҳамнишинони азиз боре ҳам дидед, ки гург гургеро даронад, саг сагеро пора-пора кунад, хуки гуроз, ки аз шамшер дандон дораду шерафкан аст, хуки бетеғеро маҳкум ба марг карда бошад.

Ин гуноҳ аз дасти фарзанди одам омад. Ҳамоне, ки бобои одам ба ӯ Қобил ном дода буду қотил шуд. Ӯ ба бародар зарба зад ва аз ин гуноҳи ӯ рӯи замин нахустин гӯр пайдо шуд. Ва ин нахуст гӯри шаҳиди бегуноҳ буд.

Насли одам афзуду гуноҳ бисёр шуд. Нахуст duздону зинокорон, дурӯғгӯёну каҷравон, маккорону разилон ҷамъияти инсониро ба пастиҳо, сӯи чоҳои жарфнои зулмот кашиданд. Амалҳои аз ростиву дурустӣ берун қаҳри ҳазрати парвардигорро овард. Ӯ аз офаридаи худ безор шуд. Гуна-гуна офатҳои осмонӣ бар сари ӯ овард то таълим гирад. Одам таълим гирифт. Қонуни гуноҳ оламро фаро гирифт. Ва инсонҳои ростқору некманиш ғарқи дарёи гуноҳои шарирон буд.

Гӯш ба суханҳои ӯ ва чашм ба меҳмонону кӯза доштам. Берун аз долон офтоби тамузи тобистон хоки кӯчаро бирён мекард. Донаҳои тути сари шохаҳои боғчаи ҳавлӣ, гӯё ба оби гарм зада ва ба бару таги баргҳо часпонда шудаанд. Олучаву гелосҳои болои алафҳои хушкидаи таги дарахт афтода аз гармӣ турушу бадхӯр шуданд.

Вале таъсири ҳавои тасфон ба долон, ба хусус ҳуҷраи бобои Мирзо Авлиё кам мерасид. Бо вуҷуди ин дар чунин ҳаво одамҳои таги сояи сершамол нишаста ҳам майли об доранд. Онҳо дами ҳар соату ним соат сари кӯзаро хам мекунанд. Аммо меҳмонони бобои Мирзо Авлиё, ки ман дар хизмати онҳо истодаам майли об надоранд. Онҳо чашм ба лабҳои ӯ доранд. Гӯё лабҳои ӯ чашмаи ташнагишикан бошад. Оҳанги сухангӯии ӯ мисли садои хуши борон аст. Бороне, ки аз чашмаи офтоб меояд. Ва нишастагон тан мешӯянд, то аз гуноҳ пок шаванд.

Ба назарам чунин менамуд, ки бобои Мирзо Авлиё кӯзаи оби ҳикмат аст. Ва оби кӯзаи ман пеши он як қатра нест. Агар ҳамнишинон аз лабҳои ӯ чашмбардоранду гӯшҳои худро ба садои ӯ банданд, дар як мижа бо ҳам задан, кӯзаи ман мехушкад. Оби кӯзаи ман пеши ин лабҳо ночиз аст. Ва чашмае ҳам, ки аз он ин обро меовардам. Агар оби онро ба гӯлуи ташнагони як мулки хурд ва ё шаҳраке банди гумон аст, як қатраӣ расад. Вале ин кӯзаи ҳикмат қудрат дорад, мардуми оламро аз каломи ҳикмат сероб гардонад, ва кам нашавад, балки афзун гардад. Ӯ оламу одамро пеши ҳозирон меовард, аз таърихи тӯлонии гузашта ҳикоят мекард.

Ҳозиронро аз сайри рӯи заминии одам ба замони Нӯҳ, писари Ломак, абераи одам овард. Айёме, ки тухми одам дар олам паҳн шуд ва мисли реги соҳили дарё бисёр буд. Ва Офаридгор дид, ки ҷазои ба одам расида ибрат нашудааст. Ва ботини набераҳои ӯ ҳамеша пур аз андешаҳои бадаст. Ӯ аз ба вуҷуд овардани одамизод дар рӯи замин пушаймон шуд. Ва гуфт: «Одамизодро, ки офаридам, аз рӯи замин маҳв месозам, аз одамизод то чорпоён, то ҳайвоноти хазанда ва то парандагони осмон маҳв месозам: зеро пушаймонам, ки онҳоро ба вуҷуд овардаам».

Худованд сари ғазаб Нӯҳ, писари Ломак, набераи Одамро, ки марди одил буду пок пеши назар дид ва назди ӯ илтифот ёфт. Ва ин замоне буд, ки Нӯҳ, се писар дошт бо номҳои Сом, Хом, Ёфо.

Офаридгори одамҳову оламҳо ва ҳарчи миёни инҳост, аҷиб аст. Ба феълҳои ӯ ақли одамӣ намерасад. Ва ин ҷо бобои Мирзо Авлиё чун барқ хандае ба лаб овард, ки аз ин ба чеҳраҳои ҳозирон борони нур рехта ва гӯё дар осмони хона рангинкамон пайдо шуд. Ва ӯ риштаи суханро наканд. Ҳайратангез аст корҳои ӯ. Гоҳе пеши ӯ

ҳазор сол як солу як сол ҳазор аст. Баъзан ба қасди ду-се гунаҳгори палид рӯи шаҳреро ба хоку санг чунон мепӯшонад, ки маскани хук, гургу каргас ва шағолҳо мегардад. Ё ба порчаи палоси рег биёбонро мепӯшонад. Ва ба хотири покзоде боғу гулистон мекунад. Бар қасди шарире киштиҳои азимро ба қаъри баҳрҳову укёнусҳо фурӯ менишонад. Ва ба хотири шахси аз ӯ илтифот ёфта ба оламе наҷот мебахшад.

Ва раҳоии Нӯҳӯ фарзандони ӯ маҳфуз доштани насли инсон бар рӯи замин гардид.

Замоне тӯфони об сокин шуд ва хушка падид омад, аз киштӣ чор мард фаромад.

Онҳо боровард шуданд ва замин аз насли одам пур шуд. Чун назари Худованд ба замин афтод ва умқи дилҳои Нӯҳзодагонро дид, гуфт: «Заминро бори дигар аз боиси одамизод лаънат накунам, зеро, ки андешаи дили одам аз наврасии ӯ бад аст ва ҳамаи ҷонварон бори дигар талаф накунам».

Он гоҳ дар замин як тарзи ифодаи забон буд. Ва онҳо якдилона ба бунёди шаҳру қасру кӯшкҳо оғоз намуданд ва бурҷҳо бунёд карданд. Чун Худованд дид, гуфт: «Инак қавм як аст, ва онҳоро забон як аст; ва ин корро шурӯ кардаанд ва акнун ҳар коре карданӣ шудаанд, барояшон дастнорас нахоҳад буд.

Пас фуруд оем ва забони онҳоро дар он ҷо маҳлут кунем, то ки сухани якдигарро нафаҳманд.

Ва Худованд онҳоро ба рӯи замин пароканда кард. Ин ҳам имтиҳоне буд баҳри одам. То ин ки сокинони кошонаи ин дунё ба заҳмат аслу насаб биҷӯяд. Ва одами рӯи олам чун аслу насаби худро пайдо кунад ва сари ақидаи устуворе биояд, ки фарзандони он чор марди баъди тӯфонӣ айёми Нӯҳи набӣ аз киштӣ фаромадаанд, он гоҳ ба тавҳиду ваҳдати умумибашарӣ мерасанд.

Хоҳӣ бегуноҳ бошӣ ба ростӣ дил банд. Ростӣ ободии тану мулк, оилаву шаҳру қишлоқ, рӯи сурху сари баланду умри дароз ва ҳама хушиҳои олам аст.

Ва ин лаҳза бобои Мирзо Авлиё дуое гуфт ва даст ба фотеҳа бардошт ва нишастагонро баракат доду ҷониби ман нигоҳе кард. Мефаҳмам рамузи ҳама нигоҳҳои ӯро. Меҳмонҳо ҳам пай бурданд. Баробари қомат рост кардани ӯ нишастагон бархостанд. Ва бобом сӯи ташноб рафт. Ӯ дасту рӯй мешӯяд ва ба мутолиа менишинад. Дониш меафзояд. Ба ақидаи ӯ дониш равғани зайтуну таълим чароғи рӯшан аст.

Аз паи меҳмонон долон баромадам. Онҳо ба кӯзаи об ва шоҳкосаи зебои сари он назаре андохтанду майли хӯрдан накар-

данд. Аз паи онҳо қадам бардошта ба ҳавлии берун баромадем. Ва аз об нахӯрдани онҳо хавотир будам. Гумон доштам онҳо рост обхона мераванд, то таъби дили худ ташнагӣ шикананд. Хостам сӯи долони ҳуҷраи ҳавлии дарун бидавам. Шоҳкосаро гирам. Вале ёдам омад, ки сари чашма шоҳкосаи дигаре ҳаст. Ва обхона намоён буд. Даҳмардаи ба тахмини ман аз ҳафт газ матои гардӣ ба сар салае печонда, сӯи обхона ишора кард ва аз ман пурсид:

– Обро аз ҳамон ҷо меорен?

– Бале, – гуфтам, – аз ҳамон ҷо.

– Бисёр наздик. Афсӯс андаке пасттар. Вагарна обаш то дари ҳавлӣ меомад.

Ба ин ҳарфи ӯ чандон диққат надода, пурсидам:

– Ягон хизмат кунам? Давида як оби тоза биёрам.

– Не, лозим не, – гуфт ӯ ва ба ҳамроҳони худ нигарист. Онҳо ҳам берағбатӣ ба об зоҳир карданд.

– Дидӣ, – гуфт ӯ, – онҳо ҳам хоҳиш надоранд. Агар майли об медоштанд, ана дар пеши бинӣ. Ду қадам мебардориву мерасӣ.

– Мо, – гуфт марде, ки димоғи баланду лабҳои тунук ва чашмони калони хушҷозибае дошт, – то пеши бобои авлиё мисли кӯзаи холии офтобхӯрда расидем. Аз файзи нафаси ӯ ташнагӣ шикаст. Ҳозир мо мисли кӯзаи пуробем, ки аз он чашма аз замин то осмон фарқ дорад. Як қатраи он баҳр аст. Ва кӯзаҳои офтобхӯрдаи мо аз қатраҳои чашмаи маърифат пур аст.

– Ба оби чашма, – гуфт он даҳмардаи гардисалла, – ҷо намонд.

Меҳмонҳоро сӯи ҳуҷра, ҳидоят кардам. Онҳо дар роҳи ҳуҷра, сояи девори баланд, болои ду пояи баланду ду пояи паст боми қамишпӯшеро диданд, ки таги он деги калони пургӯшт меҷӯшид. Ва пӯсту каллапочаҳои гӯсфандӣ ба назр овардаи худро диданд. Бо ҳайрат ҷониби ман нигаристанд.

– Чӣ, – пурсид он даҳмардае, ки аз ҳафт газ матои гардӣ сала дошт, – ҳазрати бобои авлиё оғил надора?

– Ҳаст, – гуфтам ба ӯ, – лекин ин ҷо не. Оғил дар ҳавлии дарун. Ду модагову як гӯсолаву ғунаҷине ҳам ҳаст. Бобом, ғайри ҳамсар ва худаш ба ширҷӯшӣ каси дигареро рухсат намедиҳад, оғил дарояд. Ин заҳмати ман мегӯяд. Мехоҳам шири мехӯрдама ҳалол карда хӯрам.

– Оғила худаш мерӯба? – пурсид марди димоғ баланд.

– Худашон, – гуфтам андаке мурочиати ӯро ба бобом ислоҳ кардам, – мерӯбанд, танаи говҳоро ҷорӯб мезананд. Пешашон каҳу об мемонанд. Ҳар сапедадам алаф медараванд. Хушкашро дарза мебанданд. Сари пушт меоранд. Захираи хӯроки зимистон мекунанд.

Ҳарду ҳайрон монданд. Ҳамин хел марди бузург, авлиё алаф медаравад, оғил мерӯбад. Тани говҳоро ба ҷорӯб мерӯбад?

Аз тааҷуби онҳо хандаам омад.

– Механдӣ, – гуфт марди димоғ баланд, – ту наметавонӣ ё каси дигаре нест?

– Гуфтам: бобом ҳеҷ каса роҳ намедиҳад, – ва боз натавонистам хандаамро нигоҳ дорам.

– Ин ханда, чи маънӣ дорад, – пурсид ба меҳрубонӣ даҳмардаи аз ҳафт газ матои гардӣ саллабаста.

– Бобом як замин доранд. Худаш мекорад, ҳамроҳи завҷааш медараванд, мекӯбанд. Бод медиҳанд. Шаш-ҳафт халта гандум, наску нахуд, зағир мегиранд.

– Мардуми ин қишлоқи Ҷақон намебинад? – пурсид марди димоғбаланд. – Шарм намедоранд?

– Не, – намебинанд – гуфтам ба ӯ. – бобом ҳар субҳдам, андак-андак ин корҳоро мекунад. Чунон мешавад, ки аз чашми мардум пинҳон монад.

Ва ин ҷо ҳарфи дигари бобом ёдам омад ва беихтиёр нидо баровардам:

– Бигӯям ё нагӯям?

Нидое, ки аз худам ба худам буд ба гӯши марди баланддимоғ расид.

– Бигӯй, бачаҷон, бигӯй. Лабҳои ту гапи нохуш намега.

– Хамир мекунанд, бобом?

– Чӣ? Худаш хамир мешуранд? Орд ҳам мебезан?

– Ордбезиашона надидам. Хамир хелиданашона мебинам.

Ҳамин вақт пушти дарвозаи ҳавлии дарун момаи Зулайхо маро сӯи худ ишорат кард ва дастурхони калони тали нони ҳуҷраро ба дастам дод. Онро ба даҳмарда ва он марди димоғбаланд, ки китф ба китф мегаштанду парвои онҳое, ки аз паймонакҳои зинаи баланди лойи даруни ҳуҷраи салқин даромаданд, надоштанд, нишон дода гуфтам:

– Нонҳои табарук. Аз хамири бобом пухтанд.

– Хайр, – гуфт марди димоғбаланд, – гову оғилу замин, майлаш. Хамиршӯрӣ кори мард не, кори зан аст.

– Бобом, – дар ҷавоби ӯ гуфтам, – соҳиби меҳнати инсона медонанд. Меҳнат мегӯянд, занонаву мардона надорад. Ба хусус ҳине зарурат пеш ояд.

– Кадом зарурат? – пурсид даҳмардаи ҳафт газ матои гарди ба сар печонда.

– Дасту пои холам, завҷаи бобои авлиём вазнин. Бобом ҳисоб

мекунад. Кӯдак дар қади занашон, ки шашмоҳа шуд, ӯро аз ҳама кор озод мекунанд. Ва як кори ӯ ҳамин хамиршӯрӣ аст. Онро бобом ба ӯҳда мегиранд. Ҳосили заҳмати зани шашмоҳа ҳомила ҳалол нест, мегӯянд бобом.

Ҳар ду ба андеша рафтанд. Ва марди димоғбаланд сарҷунбонда гуфт:

– Модоме ин хел марди бузург, ҳамин хел корҳо мекунад, мо агар сибаи кудакҳомона бишӯем кам аст.

Ҳине ки дастурхон дар бағал аз паси ҳарду пой ба зина мондам, даҳмардаи аз ҳафт газ матои сурхи горди сала ба сар аз сари китфи марди димоғбаланд ба ман нигоҳ карду пурсид:

– Чанд гӯсфанд дорад, ҳазрати авлиё?

– Ягон гӯсфанд надора.

– Чаро аз ин ду гӯсфанди омада яке нигоҳ надошт?

– Ин назрай, амак. Нигоҳ доштан як тараф, ба ҳавлии дарун даровардани онро раво намедонанд. Аз гӯсфанду буз, гӯсолаву наврас, агар нигоҳ медоштанд, ҳоли пода бо подабону рама бо рамабон мебуд.

Ина ризқи мардум дар роҳи Худованд, мегӯянд бобом.

– Бобот инсонӣ хуб, – гуфт димоғбаланд. – Чи суханони хуш гуфт бо мисолҳо. Ӯ байни чор девори ҳуҷраи лаби ин Лулобдара нисбати мо, ки аз паси гӯсфанд доим дар гардишем, дунёро ҳазор бор зиёдтар мебинад. Одамонро ҳам. Ӯ кали Ҳакимеро, ки аз қишлоқи Паҳмдара мисол овард, мешиносам ман. Байни мардуми қишлоқҳои Карбостанаку Ёқунҷ, Ғалабод, Косаруду Сади Киргиз буданд мисли кали Ҳаким одамоне, ки ба гуфти ҳазрати авлиё зери бори қонуни гуноҳои заминӣ ноинсофиро мисли об менӯшиданд. Аз бадиву касофатҳои онҳо ин қишлоқҳо таги хоку санг монд. Тарма хонаҳоро ба замин ҳамвор кард ва дарахтҳоро бо решаҳошон печонда бурд, баъд чошу пош дод. Паҳмдара селроҳа шуд.

Суханҳои бобот андешахоҳу андешапарвар аст. Оё ин мардум ба таҳти ҳама суханони ӯ роҷеъ ба қонуни замини буданӣ гуноҳ мерасанд, то майл ба қонунҳои афлоқ кунанд ва димоғҳои қонунӣ гуноҳҳои заминро ба хок моланд.

Кали Қурбоналии Сади Қирғизиро дар зоташ инсони неке ба дунё наомад. Бадкору бадкешанд. Онҳо аз бадкирдориҳои бисёр ба ҳабосат мепечанд. Дар вуҷуди онҳо ҳабосат ҳомила мешавад ва бадӣ мезояду тан мураббӣ мегардад, то макро ба камол расонад.

* * *

Замоне меҳмононро гусел мекардам, таги теппаҳои ёлаҳои ба домони абр сарафрохтаи рӯ ба рӯи деҳаи Чақон қатраҳои лоларанги

офтоби ба ғурубрафтаистодаро дидам, ки бо домани осмонӣ теппаҳои чун ҳисори паси деҳа мерехтанд.

Дар роҳи обхона меҳмонҳо яке даст дода дигаре сар афшонда хайру хуш карданд. Марди димоғ баланд бо як муҳаббате, ки одатан падар аз ягон кори наҷиби фарзанд ба шавқ меояд, хам шуд, сари маро ба оғӯш гирифт ва гуфт:

– Туро, бачаҷон, Худо дӯст медорад. Толеи баланд дорӣ, ки аз дари ин хел бузургони олам дарову баро дорӣ. Умри об бинӣ, бачаҷон.

Аз роҳи онҳо баргашта ҳуҷра даромадам. Ҳини болои ҳам чидани нонҳои парешон ва лаъливу тақсимчаҳо ва меваҳое, ки ҳосили дарахтони як вақтҳо навниҳолҳои бобои авлиё буданд, вақти тайин кардаи модарам ёдам омад, ки гуфта буд:

– Дар хизмати бобои авлиё бачам, аз се рӯз зиёд намон. Дуо гиру биё. Вақти коҳудона аст, бачам. Фикри пагоҳа бинем. Боз зимистон паси дар ва аз ҳар дуи мо ҷавоби ин тобистона мепурса.

Бо дили норозӣ ба партави ғуруби офтоби паси теппаҳои деҳа ва сояи ёлаҳои теппаҳои рӯ ба рӯ аз болои Лулобдара убур карда, девору рӯи бомҳоро мепӯшонд, зеҳн монда ва афсӯс мехӯрдам, ки аллакай як рӯз рафт.

Дастурхонро тоза кардам ва бо шунидани садои ношинос лабҳои дастурхонро гардонда айвон баромадам. Наздикони бобои Мирзо Авлиё ҳар гоҳи рӯзу шаб фурсат ёбанд, ба сӯҳбати ӯ мешитобанд. Ҳуҷраи калони ҳавлии берун ба қабули меҳмонон ҳамеша омода аст. Мардумони зиёди огоҳдиле аз водиҳои Вахшу Кӯлоб, Дарвозу Вахиёву Қаротегин дар дил шавқи дидори ӯро доранд. Ва меоянд ба дидани ӯ ва шунидани ҳарфҳояш. Қисме савораву қисме пиёда. Ифтихори онҳое, ки пои пиёда омаданд, бештар аст. Ва онҳо нисбати саворон аз иштиёқи дидор фахре дар вуҷуд доранд.

Зиёратгарон бисёранд. Аз сад якеро мешиносам. Ва ин ҳам онҳое, ки ҳар сол меоянд, то аз сӯҳбати бобои Мирзо Авлиё баҳра бардоранд.

Дастурхонро ба ҳоли худ монда аз помонакҳои зинаи долон зуд фаромадам. Сайъ кардам лаҷоми аспи савори ду-се қадам пеш бударо гирам. Вале ӯ чолок аз асп фаромад. Нӯги лаҷомро ба коши зин гузаронд ва аз банди нухта гирифта гуфт:

– Ин ҷо ҳама чиз шинос. Ба куҷо бастани аспа медонам.

Ва ӯ ба ман ҷониби ҳамроҳаш ишора кард:

– Беҳтараш ба ӯ ёрӣ деҳ.

Чун ба лаҷоми ҳамроҳи ӯ расидам, пой аз эзангу канду аспро ба ихтиёрам дод ва дур истода аз ман чашм намебардошт. Аз афташ

пеши назари ӯ хурду нотавон намудам. Ва шубҳа дошт, ки аз ӯҳдаи сариштаи аспаш намебароям.

Замоне дид нӯги лаҷомро ба коши зин гузаронда ҷилави аспи ӯро ба якамех баста ва пуштангро бардошта, аилро суст кардам, қаноатманд шуд. Меҳмононро ба ҳуҷра даровардам. Онҳо аз ҳолу аҳволи бобои Мирзо Авлиё ҷуён шуданд. Чун қаноат ҳосил карданд ва уне, ки ба кӯмаки ман аспашро саришта кард, гуфт:

– Ҳамаш хуб аст, ба дидори ӯ мерасем.

Аз тасфи бадани аспҳо маълум буд, ки инҳо меҳмонони роҳи дуранд. Ба майли овардани чой аз ҷой хестам. Ва пеш аз он, ки аз ҳуҷра бароям, пурсидам:

– Ба аспҳо об диҳам?

– Истанд, – гуфт ҳамоне, ки аспашро худаш саришта кард. Аз роҳи дур омадем. Гарманд. Андак хунук шаванд, баъд об диҳем мумкин.

Аз долон овози оне, ки лаҷоми аспро ба ихтиёри ман дод ба гӯшам расид:

– Ин бача, пеши ҳазрати авлиё роҳ дорад?

– Агар роҳ намедошт, – гуфт ҳамроҳаш, ки байни банди бинӣ холи сиёҳ дошт, – моро қабул намекард.

– Бачаи боадаб, бисёр зирак, – гуфт рафиқи холдор, ки манаҳи паҳну даҳони калон ӯро баназар бадвоҳима мекард. Ва сари қираи гӯши чапаш кадом вақте қайчихурдаворӣ.

– Бе одобу говгалу, – гуфт меҳмони холдор, – ба ин ҷо роҳ намеёбад. Агар роҳ ҷӯяд аз беодобии худ дар ҳарос меафтад. Раҳгум мезанад. Ва боз аз кӯчаҳои беодобии худаш мебарояд.

– Агар ин бача, – гуфт гӯш қайчизада, – пеши он ҳазрат роҳ дошт, чаро нагуӣ аз омадани мо хабар диҳад.

– Бача бе гуфти мо ҳам, – ҷавоб дод холдор, – инро медонад. Дигар он ки аҷаб нест, хини аз хона ба дидани ин макон мебароӣ пеши ӯ зоҳир мешавад.

* * *

Чойнакро дар ошхона мондам, ҳучраи бобом даромадам. Пеш аз он ки сухане гӯям, он кас пурсиданд:

– Меҳмон омад?

– Ҳо, бобо.

– Ду нафаранд?

– Ҳо, бобо.

– Аспакӣ ё пиёда?

– Ҳарду аспакӣ, бобо.

– Чихел ранги рӯ қаду қомат доранд?

– Яке байни банди бинӣ хол дорад. Дигаре манапаҳ ва гӯши чапаш худи буридагиворӣ. Холдор, аз ҳамроҳаш қадбаландтар.

– Хайр, дам гиранд, – гуфт бобои Мирзо Авлиё. Аз ҳамон алафҳои аз қади Лулобдара оварда пеши аспҳошон мон.

Аз ошхона чойнаки калони чойи гармро гирифтам. Холаи Зулайхоҳ, ки духтари калонии оилаи завҷаи бобом буд, чанд нони чапотӣ ва боз кулчаву ҳавло ба рӯймол печонда таги кашам монд ва гуфт:

– Ба амаки Зайниддинат гӯй, ки баҳри онҳо шӯрбо барад.

– Хуб, – гуфтам ба ӯ ва аз ошхона баромадам. Беруни ҳавлӣ се нафар зан ва чор мард ва хареро дидам. Ду мард чӯбҳо дар даст ва се бузу як гӯсфанд назр доштанд. Дастҳомро холӣ карда назди онҳо омадам. Аз онҳо марди ришгирде, ки сафедиҳои он зиёдтар ба чашм мерасид пеш баромад ва гуфт:

– Аз роҳи дур омадем, бачаҷон. Худи аз қишлоқи Талбар. Аз саргаҳи дарёи Оқсӯ. Ва ӯ ба хурҷини болои хару молҳои майда ишора карда:

– Ин, амонатҳоро, кӣ аз мо мегира?

– Ҳозир, худам, – гуфтам ба ӯ ва молҳои майдаро ба ҳели пушти ҳуҷра дароварда хурҷин ва хар се занро ҳавлии дарун бурдам. Ва аз омадани меҳмонони нав ба бобом огоҳӣ додам.

– Талбара ту, – гуфт бобом, – надидаӣ, хеле роҳи дур аст. Хушоб аст. Боду ҳавои салқин дорад. Қатор теппаҳову кӯҳҳое, ки аз соҳили дарёи Панҷи поён ибтидо мегиранд. Талбарро аз Тавелдара ҷудо мекунанд ва ба кӯҳҳои Ҳимолой мепайвандад.

Ин ҳарфҳоро ӯ ба ман чунон баён кард, ки гумон бурдам, ӯ рӯ-рӯи ин талу теппаву кӯҳҳо то Ҳимолой парвоз дорад.

Чун ба ҳуҷраи меҳмон боз гаштам, мардуми навомад бо хотири осуда чой мехӯрданд. Он марди ришгирд, ки аз афташ саркардаи ҳамсафарони худ буд, ба ман гуфт:

– Бачаҷон, хуб мешуд аз омадани мо ба ҳазрати авлиё хабар диҳӣ.

– Хабар доранд, – гуфтам ба умеди ҷамъ доштани хотири ӯ.

Ҳавлии берун серодам мешуд. Ва бибиам, яъне завҷаи бобои Мирзо авлиё ки ҷойи «холла» – ва янга ӯро «бибӣ» мегуфтем аз каммеҳмонӣ шикоят надошт. Занҳои навомад духтарчаҳои хонаро сертараддуд гардонд. Онҳо чой мебурданд ба косаҳои дӯғу ҷурғоту таоми гарм ва хушнудӣ доштанд, ки дар оила инсонҳои заруриананд.

Сокинони ҳавлӣ кайҳо боз ба меҳмондориву меҳмонгузаронӣ хӯ гирифтаанд. Гӯё тинати онҳо бо ин расм сиришта шудааст. Аз диди аввал ба назар чунин менамояд, ки меҳмони бори нахуст ба ин

даргоҳ қадам ниҳода инсоне ҳаст, кайҳо боз онҳо чашми интизори ӯ доштанд. Чеҳраашон мисли гули садбарг шукуфон мегардад. Ва бе сухан мисли рӯҳи пок аз дари дилхоҳи меҳмонон медароянд.

Аксари навомадагон чунин назокати меҳмондориро дар бинои умри хеш ҳамин ҷо медиданд.

* * *

Замоне офтоб сояҳои талу теппаҳоро аз хамиҳову дараҳо пароканда кард иштиёқи меҳмонон ба дидори Мирзо Авлиё қавитар гардид. Ва марди холдор сари дуои дастурхони чоштӣ, гӯё бо ман ҳарф мезада бошад, байте гуфт, ки аз худаш не, аз Ҳилолӣ буд:

*Дӣ чоштгоҳ зи чеҳра фикандӣ ниқобро.*
*Шарманда сохтӣ ҳамарӯз офтобро.*

Аз рози дили ӯ пай бурдам. Бобои Мирзо Авлиё ҳамеша ҳамин гоҳ аз хондану навиштан ва суҷуду рӯё фориғ ва ба қабули меҳмонон омода мегардад. Аз меҳмонон касе тавони заҳмати ӯро надорад. Ва заҳмати ӯ ҳамеша пеши назари ман аст. Гоҳо ба худ андеша меронам: агар ҳама одамон аз подабон то мулкбон қудрати мисли бобои Мирзо Авлиё ранҷ мекард ба покӣ ва ростиву дӯрустӣ бадӣ аз ҷаҳон чун соя аз расидани рӯшноӣ ғайб мезад.

Чун оҳанги байти марди холдорро аз мурочиати рафиқи сафариаш донистам, ки номаш ҳам Хол аст, чи гуфтани ӯро пай бурдам, сабук аз дар баромадам то пеши бобом раваму бинам амри ӯро.

Ӯ аз рукуъ сар набардошта ба овардани меҳмонҳо рухсат дод. Баробари назди сурфаи таги долон расидани меҳмонон аз дари ҳуҷра ба истиқболашон баромад ва ба ҳар яке аз онҳо салом дод. Чун навбат ба амаки Хол расид, гуфт:

– Агар деги гӯштбирёни даҳмарда, сари роҳ намешуд, дина мерасиден. Амаки Хол шарм дошт ва марди гӯши чап қайчи хӯрда тааҷуб кард.

– Бузургворо, – гуфт амаки Хол, – худамон он қадар не, аспҳомон кӯфта шуданд. Ночор ду шаб сари куши он даҳмарда мондем.

– Нафса, мулло Хол, – гуфт бобом, – бикуб, тавонӣ ин сага аз вуҷудат берун рон.

Аз меҳмонони Талбарӣ бобом ба ҳамон марди ришгирд, ки чеҳраи нуроние ҳам дошт, зиёдтар ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир кард ва ба ҳамроҳи ӯ нисбатан ҷавонтар буд, гуфт:

– Ба фикри шабат, розӣ. Айб аз ман ҳам не, фурсати пешатон омаданам нашуд. Аз роҳи дур шалпар омаден. Баъд бо ман дам намегирифтен. Нахостам азоб диҳам.

Ҷавон зери борӣ хиҷолат аз пеши ӯ сархам канори дигари долон гузашт. Ва ба амаки Хол иқрор кард:

– Фикри шаби худама ба худам гуфтанд.

Замоне бобои Мирзо Авлиё рӯ ба ҳуҷра ов863рданд, ҳозирон аз паси ӯ шуданд. Ӯ пушти дар истод ва ҳар кадомеро болои кӯрпача гузаронд. Ва худ рӯи пӯстак, ҷои муқарарии хеш нишаст. Дар пеш табақи калони чӯби чормағзӣ, қаламу ранг ва аз чапу рост китоб. Инчунин ҷузъгире пур аз варақҳои ба андозаи саҳифаҳои китоби калонандоза навишта. Ӯ фотеҳае хонд ва гуфт:

– Ҳар касе дар дил майли гуфтанӣ дорад, ҳозирем гӯш ба ӯ диҳем.

Ба гумонам ба гӯши ман аз санги даҳони кӯзаи об садо меояду аз онҳо не.

– Чӣ гӯем, мо, – гуфт мулло Хол. – ҳар чи мо гӯем Шумо медонен. Он чи Шумо мегӯен мо намедонем. Марди ришгирди Талбарӣ, ки ҳамроҳонаш ба ӯ ака гуфта муроҷиат мекарданд ба ҳарфи амаки Хол илова кард:

– Ба ростӣ мегӯям, ҳазратам. Ману ҳамраҳонам ба иштиёқи шунидани суханҳои Шумо омадем.

– Ин гӯшҳо холианд, – гуфт ҳамроҳи амаки Хол, ҳамон марди гӯш қайчизада, ки аз нафси худ ҳануз дар хиҷолат буд. – Агар ду-се ҳарфе дошта бошанд ҳам ҳечу пучай.

Бобои Мирзо Авлиё ба ҷавони ҳамроҳи марди ришгирди Талбарӣ, ки таги долон ба ӯ чанд ҳарф раду бадал карда рӯ овард:

– Он чи, аз дилат ҳозир гузашт, бо лаб бигӯй, – сухани бобом оҳанги нарм дошт ва ҷавон ғайри ихтиёр ба сухан оғоз кард:

– Ба дилам омад, ки он чи мегӯӣ нагӯй.

– Ғурури дил, – гуфт бобои Мирзо Авлиё, – баланд аст. Ҳама хубу гандаро мебардораду бори худро вазнин мекунад. Танҳо забон мушкилии дила сабук мегардонад, ё гаронтар мекунад. Қодир аст ҷои мотам ба дил шодӣ диҳад, ё аз хушҳолӣ туро бадҳол гардонад.

Забон пастиву баландиҳо, рӯшноиву варта дорад. Забони ту дарҳои хушҳолиро ба рӯи дил басту таъбатро хира кард.

Бо вуҷуди хурдиву калонии синну сол нисбати ҳамаи нишастагон дар чеҳраи бобои Мирзо Авлиё як бузургие медидам, ки дигар ҳеҷ гоҳ дар рафтору гуфтор ва тарҳи рӯи касе ба чашмам нахӯрд. Ба аксар одамоне, ки рӯ ба рӯ менишаст, гузаштаи ӯ пеши назараш меомад.

– Аксар вақт, – гуфт ба ҳамроҳи ҷавони марди ришгирди Талбарӣ, – даҳони пӯшида хуб аст. Ҳеҷ гоҳ забон зӯри баёни ҳикмати хомӯширо надорад.

Дар ҳақиқат ҷавон, ки баъди сӯҳбат аз забони ҳамроҳонаш донистам, ки исми шарифаш Ҳаким аст, он рӯз хап менишаст, беҳтар буд. Аз вазифаи котиби ба курсии раиси ҷамоат расиданаш як ваҷаб намерасид. Ва ин андоза ҳам дар ихтиёри ӯ буд. Аз ӯ пурсиданд, ки ба ин мансаб расад, чи дигаргуние баҳри мардум меоварад. Ва ӯ гуфт:

– Дар навбати аввал оғилҳоро аз қишлоқ берун мебарам. Маҳалли чорво бояд аз маҳалли одамҳо ҷудо бошад. Маҳалли чорворо ба ҷӯйю чашмаҳо наздик месозам.

Аз забони Ҳаким шӯре бар зидди ӯ миёни мардум афтод. Ҳамаи онҳое, ки дил ба Ҳаким доштанду аз забони ӯ ҳарфи дилхоҳе умедвор буданд, рӯ аз ӯ гардонданд ва шахси дигареро, ки вазифаи раиси ҷамоат, аз гӯшаи хотираш намегузашт, сари ин мансаб оварданд.

– Дар олам, – гуфт бобои Мирзо Авлиё ба Ҳаким ва аҳли нишастагон, – кам одам ёфт мешавад, ки дар сухан пешипо нахӯрад. Хомиву пухтагии одамон аз сухан ошкор аст. Танҳо одами комил аз забон пеши по намехӯрад. Забон ҳар чанд як пора гӯшти беустухон ҳасту нисбати дасту по сару мангал ва ҳама узвҳои инсон хурд, ба ранги пораи оташест, ки тамоми вуҷудро барбод медиҳад, ё ночиз мегардонад.

Ва ақидае ҳам ҳаст. Ҳокимон оварданд, ки ҳама он чи аз даҳан ба вуҷуди инсон меравад пок аст. Палиду ҳаром он чизест, ки аз вуҷуди инсон ба забон меояд.

Миёни аъзоёни одам, танҳо забон дурӯя аст. Аз чашм дар ҳама ҳолатҳо: шодиву ғам, дардмандиву мотам, танҳо оби шӯр мерезад. Вале дар ин қиёс забон чӣ? Дар як вақт ҳам офарин мегӯяду ҳам лаънат. Ё ҳамзамон изҳори меҳру муҳаббат мекунанду нафрат мехонад. Худованд аз ҳайвонҳои бадҳайбати даранда то тамоми парандагону хазандагони рӯи заминро ба ихтиёри одам дод. Ӯро фармонфармои мавҷудоти олам кард. Ба харҳову шутурҳо нухта мезанаду ба асп лаҷом. Бо забон ҳам ҳайвонҳоро мебандаду ром мекунад.

Ӯ тавассути сукуни хурде киштиҳои азимро дар баҳру уқёнусҳо идора мекунад. Аз миёни мавҷҳои садшикан, кӯҳпораҳои ях, ки сари роҳи худ тӯфонро як пули пучак намегирад, мегузаронад ва сӯи роҳи мақсад меронад.

Ба афсун морро аз хонааш берун меорад. Ба харҳову шутурҳо нухта мезанад Ҳавопаймоҳоро, ки дар хашму ҳашамат аз киштиҳо камӣ надоранд, тезтар аз суръати овоз ба ҳаво мебардорад, ва бо ёрии нимчамбара, ки онро забон ҳам мегӯянд, муқобили гирдбодҳо парвоз медиҳад. Синаи абрҳоро мешикофад. Тирвор роҳи даҳу бист рӯзаро дар як соат тай мезанад ва аз як қитъаи олам ба қитъаи дигар

мебарад. Киштиҳои кайҳҳонноварди ӯ пайваста дар парвозанду аз як сайёра ба сайёраи дигар мераванд.

Ҳар он чиро дарк карду дид, забон ёфт. Заминро шикофту кон ёфт ва маъданро дид. Онро аз дигар ҷинсҳо тоза кард ва фулуз ном ниҳод, чуноне, ки падару модар ба фарзанд ном мемонад, то ба ӯ забон диҳад. Ва забони фулузро ёфту дост сохт. Хелҳои навъи фулузиро зиёд кард. Чунон ки Худованд навъҳои башарро. Ара сохту тешаву табар то дарахтонро чапагардон кунанду аз чӯби онҳо дару тиреза, купрӯку киштӣ созад ва коҳдону оғил.

Ҳаётро пур ҷӯшу хурӯш гардонд, ва маргро ҳам. Дост, белу каланд, омоҷу пулуг сохт ва шамшеру туфанг ҳам. То ба ҳаёт ва аҷал беҳтар хизмат кунад. Ҳаворо диду ҳавопаймо ихтиро кард. Хурдтарин мавҷудоти олам: атому элуктрону протонро кашф кард ва диду бомбаи атомӣ сохт. Баҳри гирифтани алови чашми сокинони қитъаҳои олам, ба итотат овардани сокинони сайёраҳои дури кайҳонӣ, ракетаҳои дурпарвоз сохт.

Одам на ҳар чиро, ки эҳсос менамояд, забон меёбад. Ӯ бухрону зилзиларо дарк мекунад. Вале намебинад. Агар чашми ӯ тавони дидани бурону зилзиларо пайдо кунад, шаҳрҳоро аз як қитъа ба қитъаи дигар меғунҷонад. Аз гирдбодҳо истифода мекунад. Бо зӯри гирдобҳо дарёҳоро ба чӯлистон мебарад.

Ин ҳама дар итоати одам. Ӯ ба моҳу мирих дастгоҳои аксбардориву мухбурӣ мешинонад. Пой ба шонаи хуршед мемонаду забони онро мекобад, то офтобро ҳам идора кунад.

Ва ин ҳама сахл аст баҳри инсон нисбат ба он, ки забони худро идора кунад. То кунун дар олам одаме ба вуҷуд наомадааст, ки забонро мутеву фармонбардор созаду ром кунад.

* * *

Нишастагон хомӯш буданд. Гӯш қайчӣ зада пилкҳои чашмони калонро фурӯ хишта ва мижгонҳо бо ҳам ниҳода буд. Ва нигоҳҳои чашмони Хол ба гули хурди даврии матои кӯрпача чунон буд, ки линзаро ба ёдам овард. Ҳамон линзае ки дар саҳрои хунук нурҳои офтобро ҷамъ оварда ба пахта алов мегирифтем. Ҳама лабҳо баста, гӯшҳо фарох кушода буд. Мисли аспе, ки аз ташнагӣ сӯхта ба лаби чашма расидааст, ё одаме аз беобӣ нимурда лаб ба лаби кӯзаи пуроб ниҳодаасту аз ҳаросат умеди серӣ надорад.

Ва бобои Мирзо Авлиё ту гӯӣ чашмаи обе буд, ки ҳарчанд нӯшӣ серӣ надорӣ. Сабаби марги бисёр куштаҳои олам забон аст. Ва ба варта афтодагон ҳам. Ба марг маҳкум шудагонро, пеши аз қатл сухан медиҳанд. Ва аз ҳазор яке раҳо меёбад. Ва ӯ инсонест, ки аз су-

хан пешипо намехӯраду инсонӣ комил аст. Аз ҳазор боз яке дигаре ҳам наҷот мебинад. Ва ӯ одами хомӯш аст. Ҳикмати аз хомӯшӣ гирифта ӯро наҷот дод.

Забон маъдану ҳикмат ганҷ аст.

Ва ин ҷои сухан бобои Мирзо Авлиё гулханде ба лаб овард ва ба дили ману нишщастагон борони файзи Худованд борид ва вуҷудамонро партаве фаро гирифт.

Худованд гуфт бобом, пеш аз он ки ба амали офариниш шуруъ намояд, ҳикматро ибтидои роҳи Худ кард, то ҷодаҳои Худро ҳамвор намоянд. Ва онро пеши худ нигоҳ дошт. Чун аввали роҳ пайдо шуд, ӯ ба офариниш оғоз кард. Ҳикмат бухори аввали обҳоро дидааст, пеш аз он ки чашмаҳо, дарёҳо, баҳру укёнусҳо ба вуҷуд омаданд. Ба василаи он ӯ маҷроҳоро ба низом овард. Пеш аз ҳама Офаридгор ба бунёди осмонҳо шуруъ намуд, ва ҳикмат он ҷо буд. Ва замоне тӯдаҳои саҳобро рӯи осмон парешон месохту ҳамвор мекард, ҳикмат дар пеши ӯ буд. Давре сайёраҳову шаҳобҳо меофарид, асосҳои заминро мегузошт, ҳикмат аз думболи ӯ мерафт.

Умри Ҳикмат аз даштҳо, талу теппаҳо ва ҳама оламҳо тӯлонитар аст. Ва он ҳафт рукун дорад:

– Ба масхарабоз панд надеҳ ва худро бадном нагардон.

– Хоҳӣ бедоғ бошӣ ва покному хушдил, ҳеҷ гоҳ одами бадро сарзаниш накун.

– Инсони ба донишро маломат кун ва ӯ туро нафрат намекунад, балки эҳтироматро ба ҷо меовараду дӯсттар медорад.

– Ба аблаҳ панд надеҳ аз ҳамнишинӣ бо ӯ дур шав, чун рӯ ба рӯ ой худро канор гир, балки баақлро таълим деҳ ва ӯ боақлтар мешаваду ту назди ӯ иззат меёбӣ.

– Ба мардум роҳҳову суннатҳои адлу адолатро таълим деҳ ва дониши онҳо рӯ ба афзоиш мениҳад.

– Аввали ҳикмат тарс аз Парвардигор аст.

– Ва хирад ба ҷуз худошиносӣ чизи дигаре нест.

* * *

Сӯҳбати он рӯза тӯлонитар буд. Бобом ҳамроҳи онҳо намози пешинро гузошт. Аз афташон маълум мешуд, ки меҳмонони аз роҳҳои дур омадаро то пагоҳ нигоҳ медоранд. Ӯ ҳини сӯҳбатро аз неъмати сухан; ҳикмату андарз то асру шому хуфтан ороиши шоҳона дод.

Ва маонисарои ҷаҳони ҳикмат дар сухан мӯшикофӣ мекард. Ва меҳмонон ғарқи дарёи панд буданду серӣ надоштанд.

Аз ҳавсала доноиву собирии пайғамбаронаи бобом ба ваҷд омадам ва аз ёд баровардам, ки имрӯз ҷумъа аст. Ва ӯ худро аз ҳама ко-

ру ташвишҳои рӯзгор барканор мегирад. Чунки аз рӯзҳои гузаштаи ҳафта баҳри осудагии ин рӯз андак-андак ранҷ афзунтар мекард то музди ҷумъаро фароҳам оварад.

Ва ба ин сабаб аз нигоҳи ман меҳмонони имрӯз аз дирӯза дида хуштолеътар буданд. Чун посе аз хуфтан гузашт, дуздида ба соат нигаристам. Акрабаки он болои дувоздаҳ қарор мегирифт. Ва бобом сӯи ман чашм бардошт. Дар ҳол аз ҷо хестаму кафшҳои меҳмононро пеш мондам. Ва бобом ҷои хайру хуш гуфт:

– Ҷумъаи шариф бо мо хайрубод мегӯяд. Ба хоби роҳат мехонад.

Ва замоне ӯ қомат рост кард, нишастагон, ки дили тарки ин ҷо надоштанд, ба по хестанд.

Аз таги айвон ситораҳои пурҷилои осмон ба чашм мехӯранд. Шаббода аз чор тарафи айвон ба сару гардан, ба бадан ҳаловат медод.

Осмон нилифому замин аз торикӣ сиёҳ менамуд. Рӯшноии ситораҳо ба баландиҳо мерехт ва чашм пуштаҳои гандуму зағирҳои ба дарав расидаро возеҳ медид. Торикӣ ба дараву хамиҳо кӯч баста буд. Сояҳои ҷариву ғорҳои ҳар ду тарафи Лулобдара ба ҳам омехта, қаъри дараро ториктар мегардонд.

Ва аз манзара андешае ба сарам омад: Манбаи рӯшноӣ майли баландӣ дорад. Чароғро мегирёнӣ ва партави он ба шифту деворҳо меафтад ва фарши хона хираравшан аст. Торикӣ майли пастӣ дорад. Дар шаб ҳокими ғору таги дараҳост. Ва дар ғорҳои чуқуру аз пастӣ бетак роҳат меёбад. Мисли худи одами сиёҳдиле, ки дар бӯстонсарой соҳили наҳри қаъри дара аз палидҳои худ иморат карда ба фароғат меравад.

Байни замину осмон ба ҷуз об дигар ҳама ғарибанд. Соя бозичаи рӯшноист. Ҳамин ки он пайдо шуд ин нест мешаваду танҳо он якранг мемонаду осмони кабуди болои фалак. Ва ҳар ду як ҷисмеанд, ба ваҳдат расида ва ҳарду ҳам бетарсанд. На аз замин ҳарос доранду на аз осмони ҳардуро иҳота карда. Ва на аз рушноиву торикӣ. Ва на аз гармиву сардӣ. На аз яхбандиву буғгардӣ. Чун буғ гардад ба зоти худ мепайвандад: Агар ях бандад ҳам дар зоти худ мемонад.

Соя аз кучо ба сари ман омад ва рӯшноиву жарфноиҳои замину оби замину зери фалак. Пойҳоям ба ҳам печид, қариб буд аз поғундаҳои сурфаи баланди таги айвон ғел хурда, сарам ба паси зонуи ҳамон ҷавонмарди Талбарӣ, ки бобом андак-андак аз розҳои ниҳонии ӯ нохун кард, занад. Рӯҳи бобом берун аз ҳуҷра маро даст гирифт. Наафтодам. Ҳамроҳи меҳмонҳо аз сояи бому деворҳои айвон, ки худро паҳлӯи ман мекашид, ҷавонмарди Талбарӣ лаб ба сухан кушод:

– Ана, сарвати дила, – гуфт ӯ сӯи ман ва ба ҳамаи онҳое, ки аз ҳавлии дарун мебаромаданд, – ёфтам. Фикру ёдҳо фақат, банди тилло. Тилои Шугнов, ки онро аз Талбар гӯянд мувофиқтар аст. Ҳама буду боши дунёро бо грамму миллиграмҳои он андоза мегирем. Агар Худо гӯем, ба хотири тилло мегӯем. Дар намоз ҳам саҷда ба Ҳазрати Ҳақтаъоло аз ғарази тилло пок нест.

Саҷдаҳои ғамовар, сарват меҷустем. Қиёмата ба тилло хариданӣ мешудем. Аз ин сӯҳбат ҳаловат бурдам. Зиёда аз лӯндаҳои тилло. Нав сар аз гиребони вуҷуд берун омад. Баҳри фарзандон доройӣ меҷустам. Акнун аз ин ҷо, аз ин деҳаи лаби Лулобдарае, ки Чақон ном дорад, ёфтам он чи мекофтам. Ин сафар, ака, – ӯ ба марди ришгирди Талбарӣ рӯ овард, – ин сӯҳбатро сарвати худаму мерос ба фарзандонамон медонам.

* * *

Шаб чун оби кӯзаи шикаста метаровид. Ситораҳо сӯи ғуруби офтоб мерафтанд. Ба акси маҳалли аввали шаб ситораҳои самти зуҳури офтоб тунук мегашт. Ситораи корвонкуш ба нисфи осмон наздик шуду ахтари рӯз ҳам баромад. Парвози ситораи корвонкуш ба нигоҳам ҳилагарона намуд. Гӯё он ҷилои худро аз ситораи рӯз суздидааст. Дуздвор роҳ меравад. Ситораи рӯз аз хати он берун набаромада бо шитоб боло мебарояд. Агар то субҳ, ба он расиданаш дар гумон аст. Он пайёми субҳи содиқ, аст. Агар сапедадам халал надиҳад, бо суръате, ки ӯ меравад, корвонкушро дарёб мекунад ва ҷамоли худро комил мегардонаду додари офтоб мешавад.

Не, ягон монеа ҳаст. Аз мо дур аст. Мо қудрати дидани онро надорем. Шояд ҳамин хоби сангинии Фаттоҳи таббоҳ, хеши дури холаи Зулайхоҳ, ки паҳлӯи ҳам рӯи боми хонаи ӯ хобем, халал диҳад. Шояд ситораи рӯз дар нимаи сеюми поси шаб дар хоб мемонад. Мисли мардуми дерхез. Сар аз болин бардошта аз тангии вақт метарсад. Баъзан либосҳояшро чапароста пӯшида сӯи поси рӯз медавад. Фаттоҳи таббоҳ, ки аз ин ҳавлӣ умеди хонадомодӣ дорад, саросема аз хоб сар мебардорад. Гӯё равшании рӯз ӯро ғофилгир карда бошад, бо шитоб таҳорат мекунаду саросема намоз мехонад.

Ситораи рӯз ба миён расиду корвонкуш ғайб зад. Харҳои меҳмонон, ки таги перосаи боми хоби мо лангар доштанд, ду бор аз нафаси башасти ҳангас гарду чанги сари боми пастакро ба ҳаво бардоштанд. Барои эҳтиёти пардаҳои нозуки шунавоӣ кафи дастамро сипари ҳарду гуш кардам. Вале гӯшҳои Фаттоҳи таббоҳ, гуё парда надошт. Ба пушт хобида дам ба дам сӯи осмон пуф мекард.

Ба назарам таъкиди холаи Зулайхо дар гӯши хоби сангини ӯ сокит аст.

– Саҳартар хез, Фаттоҳ, балам, – гуфта буд холаи Зулайхо дар пеши ман. – Алови дега мон. Чойта ҷӯш биёр. Меҳмонҳо аз ҷойҳои дуранд. Барвақт раҳакӣ мешаван. Боз нохӯрда нараван.

Фаттоҳ ки аз дерхезии худ ибо дошт ва ҳам медонист аз ӯҳдаи такон додану бедор кардани ӯ намебароям, гуфт:

– Аз гуфти худат, пагоҳ, меравӣ.

– Ҳа, акаи Абдуфаттоҳ, модарам ду рӯза ҷавоб дод. Бояд чоштӣ пеши ӯ бошам.

– Ҳалқаёр, ду қадам роҳ. Нимсоатда мерасӣ. Ту бачаи пагоҳхезӣ. Таббоҳ не ку, ҳамон лойи андова маро шалпар кард. Маро барвақт бедор карда натавонӣ, ҳамин корҳоро худат кун.

Хуб, додари ҷон?

– Бедор карда натавонам, хуб.

Фаттоҳи таббоҳа, аз хоб хезонида натавонистам. Ҳар чи қадар сари ӯро ба чапу рост тела додам, пуфи ӯ кам нашуд. Зӯр задам, акаи Фаттоҳа ба паҳлӯ гардонам. Агар ба ин қувватам расад, сахтар ҷунбондан мумкин. Ба ин ният бо тамоми ҷон тавони худро имтиҳон кардам. Дар бори сеюм то миёнаш ҷунбид. Ва ҷунбиш аз ин поён нарафт. Гӯё ба раҳи хона, ки аз таги ҷогаҳи акаи Фаттоҳ, мегузашт, ногаҳон ӯро занҷирпеч карданд. Аз хезондани ӯ умед канда аз болои бом фаромадам. Дигар ба сари болини ӯ рафтани ман беҳуда буд. Танҳо рӯзи равшан қодир аст, ки хоби ӯро парешон созад. Ва ҳамин, ки аз таги кӯрпа хест, баҳри акаи Фаттоҳ, кори осону мушкил нест. Ба об ҳам мерасаду ба алоб ҳам.

Замоне ӯ ба таббоҳхона омад, ман, аллакай косаҳои холӣ ва чой-наку пиёлаҳоро аз ҳуҷраи ҳавлии берун бароварда ва меҳмононро гуселонда будам. Фаттоҳ ба зарфҳои ношуста нигоҳе партофт ва гуфт:

– Афсӯс, ту меравӣ. Насиб бошад, боз кай меоӣ?

– Ба Худо, намедонам, акаи Фаттоҳ. Боз кайе, ки очам бигӯян чанд рӯза раву биё.

Чоштгоҳ, ба ҳуҷраи бобом омада ва дар ноҷаи дар истодам.

– Меравӣ, Нигаҳбон? – пурсид ӯ.

Вале ман ҷавоб надодам. Забонам нагашт.

– Қаймоқи дурӯза мехӯрӣ, – гуфт ӯ ба гулханди ширине.

Ва ӯ маро чунон дуое доду дуо гуфт, ки дар роҳи аз Чақон то Ҳалқаёр ба дил такрори ҳар ҳарфу калимаи аз он ба зеҳн нишаста мегуфтаму ба таҳти маънии онҳо намерасидам.

Дар хона модарамро сари танӯри тасфон ёфтам. Ӯ дар ҳавои тасфон аз танӯри тасфон нони тасфони бойсунӣ меканду рӯи дастурхон мемонд. Маро диду аз хурсандӣ хест. Бо лабҳои аз танӯру нону

ҳаво тасфон аз пешона ва сари ҳар ду китфам бӯсиду саросема сари по нишаст.

– Нона гирам, бачам, насӯза.

Ва нони охирро, ки фатири ширмол буд аз танӯр гирифт.

– Барои ту пухтам, – гуфт ӯ. – Бо ширу мағзи чормағз.

Бӯи нони гарм фазои долону кати таги себи калонро фаро гирифта буд. Дар димоғ бӯи хуши нон ҳамроҳи модарам аз таги тутҳо гузаштем ва рӯи чойлоби таги себи қосимсаркорӣ, ки аз чор як пояи он ду шохагии кундаи ҳамин дарахт буд, нишастем. Ва модарам, косаи дар дока овезони шохи себро гирифту пешам монду гуфт:

– Ҳақи дурӯзаи қаймоқат.

Хайрухуш, бо бобои Мирзо Авлиё, дуои нотакрори ӯ ва миёни дуо як ҳарфи тагдори ӯ ба ёдам омад. Ашки чашмонамро ба зӯр нигоҳ, доштам.

– Чи гирят омад, бачам?

Аз пурсиши модар, хандаи дардноке ба лабам печид ва гуфтам:

– Бобом гуфт, ки «Қаймоқи дурӯза мехӯрӣ».

– Дар ин сухан ҷои ашк нест, бачам. Бисёр чизҳо пеши бобот аён мешавад, вале аз сад якеро мегӯянд. Боз чи гуфтан.

– Панҷшанбе, – гуфтан, – бо очаат, ба маъракаи бобот меоӣ, се рӯз пас панҷшанбе мешавад, оча.

– Ана ин ҷои ашк. Ту чи фаҳмидӣ?

– Хайр чи маърака ҳам дошта метавонист, бобом. Духтар хонадор. Набераҳо майда. Аз ҳавлӣ бӯи туйю тамошо нест. Боз чи маърака мешуд, оча?

– Фикри нохуш накун, бачам. То панҷшанбе як ҷувол умр лозим. Чизеро аниқ надонӣ, ғам нахӯр, бачам.

Бо ин суханон модарам маро таскин медод. Вале медидам, ки ӯ дилтанг шуда истодааст. Нолаи даҳонашро ба зӯр фурӯ мебарад.

Косаи сафолии пур аз бастаи рӯи широ наздик ба пеши модарам мондам.

– Гир, оча, – гуфтам ба ӯ. – Ба ҳамаи ин зӯри хӯрдани ман намерасад.

Модарам қабул накард. Нахост ҳақи маро хӯрад.

– То зӯрат, расидан бихӯр, бачам, – гуфт ӯ, – зиёдатӣ монад, баъдтар мехӯрӣ.

– Баъдтар, оча мазаш дигар аст. Зӯрхӯр мешавад.

– Намефорам, бачам. Намедонам, чи хосияте ҳаст, ки нон пазам аз бӯи он сер мешавам. Ош шава, бачам, бихӯр.

Модарам аз пайи кор хест. Ман ҳам дастурхонро ҷамъ овардам. Кӯзаву сатилҳо ва ҳамаи зарфҳои обгириро санҷидам. Аз нимсатил

об зиёд наёфтам. Кузаи калонро сари китф бардоштам ва ҳама зарфҳоро аз чашмаи қадобаи қишлоқ пур кардам.

Аз оғил хабар гирифтам. Аз афти кор дасти модарам нарасидааст. Бо бел тоза кардаму бо шохҷорӯб рӯфтам. То пода омадан ҳанӯз вақт буд. Досту банд гирифтам ва хами пушҳо ба алаф рафтам.

– Магарам пагоҳ, – гуфт модарам вақте бори вазнини алафро аз пушт мефаровардам, – осёб равӣ, бачам. Орд кам мондааст.

Аз афташ, мо зодагони солҳои чилум дар нуҳ-даҳсолагӣ мард мешудем. Модарам ба ҷуз осёб амри дигар надоштаанд. Дигар ҳама корҳоро аз пеши худ анҷом медодем.

Аз модар боре нашунидам, ки гӯянд: оғил норӯфта, говҳо нестанд ё алаф надоранд. Об кам мондааст. Хезум тамом шуд. Ё барои зимистон аз фалону беҳмадон захира надорем.

Пагоҳ модар маро аз осёбравӣ нигоҳ дошт.

– Ҷомашӯӣ дорам, – гуфт ӯ. Об камӣ карданаш мумкин. Боз сару тан мешуем. Имшаб бобои Мирзо авлиё бо сару либоси ширворӣ сафеду савори аспи сафед ба хобам даромад. Хайрухуш гуфту асп сӯи партави ширмоҳтоб парвоз кард.

Хобам бе гап нест. Бобот бисёр балову қазоро пешакӣ медона. Як Пушён меравӣ. Апаата гирифта биёр. Як-ду рӯз хонабонӣ кунад. Ту ҳамроҳи ман меравӣ.

* * *

Дар роҳи деҳаи Чақон саворе пеш баромад. Ӯ дар тан либосҳои сафед дошт аспаш ҳам сафед буд.

– Аз афташ, – аз дил гузаронидам, – хоби модарам бо ҳамин аспу аспсавор баромад.

Чун савор наздик омаду ба ӯ салом додем гуфт:

– Пурсидан айб нест. Сафарҳо ба хайр?

– Чақон меравем, амак, – гуфтам ба ӯ, – пеши бобои авлиё меравем.

– Дер карден, – гуфт ӯ ба модарам.

– Субҳдам, бобои Мирзо авлиё аз ин дунё гузашт.

– Бемор буданд? – пурсид модарам.

– Куҷо бемор. Зану фарзандҳоро пеши худ шинонд. Ба ҳар яке панду насиҳат дод. Ба духтари калонӣ ваъда кард, ки боз ӯро мебинад. Ва чуноне, ки сар ба такияи болишт мекард, ҳамон хел чашм пӯшиду бе гапу гуп шуд.

Бо ҳамин пайк бо мо хушбош гуфт.

– Ин савор, аз наздикони ҳазрати авлиё. Бобои мулло Нур номашон. Косиди ҷанозаи ҳазрат. Аз афташ то мо мерасем, ки ӯ ҳам бар мегардад.

* * *

Ҷанозаи бобои Мирзо Авлиёро ба гумбазтеппа баровopen]ҷанд, ки ӯ бо дасти худ девор бардоштаву марқад бунёд карда буд. Танҳо гӯр монда буду ходаи дарози арчагӣ. Гӯра даруни марқад канданд ба сари ходаи қубаи тайёри чинигӣ устувор намуда, болои бом бардоштанд.

Замоне бобои мулло Нур ҳамроҳи шогирди дигаре ӯро ба гӯр монданду сари кафанро кушоданд. Чунон ноаён рӯяш тарафи қибла гашт, ки ҳарду гиребони ҳайрат гирифтанд. Дар чеҳраи орому сокити ӯ ширхандае нақш баста, гӯё ба рӯъё рафта буд. Ва пайкараш на гарму на сард.

Ҳамроҳи бобои мулло Нур, ки дар синну сол аз ӯ калонтар буду ҷасадҳои бисёре ба хок супурда аз ин ҳолат тааҷҷуб кард:

– Дар бинои умрам, – гуфт ӯ, – ин хел бо чунин шарофат фавтидани инсона бори аввал мебинам.

– Ин оқибати зиндагии наҷиб аст, – гуфт бобои мулло Нур.

Долони гӯр хокпӯш шуд. Навбати бел на ба ҳама расид. Атрофи марқад аз бисёрии одам бозори шаҳрҳои бузурги оламро ба ёд меовард. Дар роҳи нисбатан тӯлонии байни ҳуҷраи ҳавлии дарун ва оромгоҳ, ки аз гардишгоҳи обхона тоб хӯрда аз миёни қатортеппаҳои баланд сӯи зуҳури офтоб мебаромад, дастаи тобут на ба ҳамаи талошгарон расид. Тобут рӯи-рӯи дастҳо парвоз карда бар гумбади қатортеппаҳое, ки аз он ҷо чор тараф пареш хӯрда сӯи дараҳои Чинсой, Буртикану Канаб ба Лулобдара ва соҳилҳои Оқсӯ мефаромад, расид.

Ҳозирони ҷаноза аз дари марқади ӯ водии Кӯлобро ба тамоми дашту талу теппаҳо чун оина дар кафи даст медиданд.

* * *

Ҳар дақиқаву соате аз умр меравад, ниҳон аз чашми сар табаддулоте дорад дар ҷисму нерӯҳои ботини мо. Розе дорад дақиқаи зиндагӣ. Мо мешуморем аз як то шаст ба дил мегӯем: як дақиқа гузашт. Вале гузариш аз ҳоле ба ҳоле худро намебинем. Соате қабл бобои Мирзо Авлиё даруни тобут буд, ба мисли гаҳвора ва бистари нарму бошукӯҳ ва рӯи-рӯи дастҳо чун хуршед, ки руҷуъ ба баландии осмон дорад то нурҳои худро ҷалол диҳад, сӯи гумбади баланд мерафт, тамоми роҳ шамолаки мулоими зери гардуни беохир гардиш дошт. Боз талу теппаҳо, дашту қаторкӯҳҳои дуродур ба чашм мерасид. Ва ҳамаи ин нисбати манзили дарпӯшида ва тӯдаи хоки ба шакли гаҳвораи рӯи он бардошта бе поён аст.

Сари марқади ӯ одамон даст ба рӯй мемоланд. Ва андак замоне

пеш аз ин, ҳине ҷанозаро ба ҳавлии берун мебароварданд, занҳо, духтару духтарчаҳо аз паси дарҳои хонаҳои ҳавлии дарун босару қоматҳои ҳам дода аз ҳама охир пушти тобут мерафтанд, тӯдаи мардҳо танҳо ҳалқаи занону духтараконро медиданд. Рӯи ашкшуставу сурхии чашмони онҳоро лаби рӯймол пӯшондааст. Овози онҳо намебарояд. Сӯзиши гиря дар банди дил аст. Ноларо бандӣ кардаанд. Ва эътиқод беовоз аст. Дуди оташ овози оташ аст. Вале оташ чиқадаре сӯзондатар бошад, камдуду бедуд мегардад ва ашкҳои бибии Анор дар ҳалқаи чашм месӯхт, то бари рӯ намеомад. Дар банди дил бухор мешуд ва ин бухор вӯҷуди ӯро поккорӣ мекард. Ғаши дил то рафт равшантар мешуд. Аз хурдӣ дар андешаҳои ӯ ёфабофӣ тору пуд наметанид. Ба поки моил буд вуҷуди ӯ ва аз ҳикмат пур шудан мехост хаёлу андешаҳо ӯро дуриҳои дур мебурду пеши падар меовард. Дӯст медошт пӯстаки таги зонуҳои ӯро ва он пӯстаки ошхӯрдаро, ки субҳдам тан аз рӯи он мебардошт.

Ҳикмат чист? Ақл чист? Макони ҳикмат куҷост? Ақл аз куҷо меояд? Чӣ фарқе миёни онҳост?

Аз ин пурсишҳои ӯ падар шод мешуд дар чеҳрааш нур зиёдтар мавҷ мезад. Ба хандаи меҳррез мегуфт:

– Ҳикмат беқиёс аст. Ба маҳак зарро мезананду месанҷанд. Чунки зар макон дорад. Ҳамин замине, ки одамҳо рӯи он мераванд, роҳҳову шаҳрҳо месозанд, пахта мекоранду ғалла ва мечинанду медараванд, дар қаър сангҳо дорад, макони ёкути сабз ва ҷазъу тилло ва дигар сарватҳо дорад. Одамҳо синаи кӯҳҳо, таги дарёҳоро мешикофанд. Зари нобу ёқути кабуд берун меоваранд. Ба маҳаку ёр мезананду ном мегузоранд: зари сурх, зари машриқӣ, зари ҷаъфарӣ, боз зари муштфишор. Ин хели тилло чунон нарм будааст, ки онро бо мушт фишурда асбоби зебу зиннат месозанд. Ва ба ёқут аз рӯи ранг: сурху сафед, зарду сабзу кабуд.

Ҳикмат дар қаъру рӯи замин ёфт намешавад. Аз бӯрону гирдбод, зилзилаву дарёи хурӯшон пурсӣ, намедонад. Ҳикматро ягон хели тиллову ёқут иваз намекунад.

Ёфтани Ҳикмат аз ҳама гуна ҷавоҳироти олам сангинтар аст. Вале одамон аз зару ёқут, сангҳои қимматбаҳо ифтихор мекунанд. Ва пеши инҳо ҳикмат ба назарашон ночиз аст. Ба қадру қиммати он танҳо онҳое мерасанд, ки ақли комил ёфтанд:

Тарс аз Яздони мутаол ҳикмат ҳасту аз бадӣ дурӣ ҷустан ақл.

* * *

Аз шаби якуми реҳлати падар ӯ худро аз дигарон канор гирифт. Тани танҳо ба ҳуҷраи падар даромад. Дуру дароз болои пӯстак ни-

шаст. Оятҳо хонд. Дақиқаҳои охири умр падар ба зану фарзандон, дӯстону пайвандон, дуои вопасин дод. Танҳо ба духтари калонӣ нигоҳи ниҳоят ба меҳр карда ба ҷои дуо гуфт, ки ҳамин ҳафта мебинем. Чи хел мебинад ӯ азизи худро, ҳамсолу дугонаи ҷонии модари маро.

Ӯ шаби аввалро бо пинаку ғанаб ва навиштану нусха бардоштан ба рӯз овард. Сари ҳафта хаставу лакот шуд. Сар болои китоби муқаддас ва рӯ ба табақи пару мижгон бо ҳам ниҳод. Поси сеюм шаб рӯҳи падар ҳозир шуд. Шодам, ки гуфт ӯ тарс аз Худо ба ту ҳикмат дод. Бадӣ аз ту бебозгашт рӯ ба гурез аст. Ин Қуръони Маҷид, ин китобҳо ки болои сар дорӣ аз ёд медонӣ. Худованд аз ҳикмат дилатро пур кард. Ин сарватро аз мардум дареғ надор ба бемор деҳ, то сиҳат ёбад. Ба хирадмандон деҳ, то бааќлтар шаванд. Аз бахилону роҳгумзадагон, танбалону коҳилон ҳам дареғ надор. Шояд аз Худои мутаол файзе ба онҳо раваду зиндагии худро ҳамвор кунанд.

Аз хоб чашм кушод ва худро танҳо дид. Сар аз сӯи қибла бардошту рӯ ба қибла дошт. Ҳузури падар мисли чароғи равшан пеши назараш меистод. Падар ба ваъда вафо кард. Сару дили ӯ ҳеҷ гоҳ ин хел равшан набуд. Китобҳои хондааш мисли нур, шиканҳои мавҷи об, чун офтоб дар кафи даст аз пеши назараш мегузаштанд. Тамоми сатрҳо, ояту сураҳо ва маъноҳои Қуръони Маҷида бо ҳама зеру забар, сукуту таштид ба лавҳи дилу оинаи зеҳни бибии Анор кӯчидааст. Ва ӯ чеҳраашро намедид, ки чихел нуронӣ шудааст. Ӯ ба оина хӯ нагирифта буд. Дар ин хона пеши дару бари девор овехтани оина расм нест. Ҳамагӣ як оина доранд ва он ҳам рӯймолпеч. Модар онро дар тоқи махсуси хонаи духтарҳо нигоҳ медорад. Ҳини рӯбучин: ҷои оина сандуқ аст. Замоне ҷорӯб орам гирифт. Оина ба ҷои муқаррарии худ меояд. Оина дар ин хонадон эҳтироми хосса дорад. Рӯи оина луч намемонад то гарду ғуборе ба он нашинад.

* * *

Ӯ вузуъ гирифт. Чор рукат намози шукрона хонд. Ба Худои мутаолу падари меҳрубон рози дил гуфт ва ин имтиҳони покии оинаи дил ҳам буд. Дар ин оина рӯи поки падарро дид ва тарс аз Худовандро.

Шукр аст, гуфт ба худ, падар ҳар чанд ҳаёти худро тағйир дод, пероҳани хосаи сафед, ки бо он рангу ҷилои матое нест дар бар карда бошад ҳам бо бибӣ Анор аст. Ва боз модари меҳрубони ӯ.

Бибӣ Анор рӯи сурфаи таги долон ба чор кунҷи ҳавлӣ чашм давонд. Партави рӯз, ки рӯи ҳавлӣ буд, ба атроф доман густурдааст. Аз поғундаҳои сурфа баромад. Модар ӯро диду ҳайрон шуд.

– Чашм нарасад. Бибиҷон, – гуфт модар, – ҳамин хел хушрӯ шудаӣ, ки… аз рӯт нур мебора.

– Чӣ, очаҷон, – гуфт Бибии Анори ҳикмат ёфта, – бадрӯ будам.

– Не бачам, хушрӯ будӣ, чеҳраи тоза доштӣ. Ҳозир хушрӯтар, покизатар шудаӣ. Чашм нарасад, бибии оча.

Ба модар рози поси сеюми шабро ошкор кард.

– Ду поси шаб бедор будам, – гуфт ӯ ба модар. – баъд хобам бурд…

– Чӣ гуфтан, он кас? – пурсид бо сӯзи дил модар ва ба сари остини кушод ашки чашмон пок кард.

– Насиҳат додан.

– Чихел насиҳат? – пурсид модар.

– Насиҳата гӯям, оча ин кам аст. Ба духтарашон оби ҳаёт доданд.

– Дар дуошон чи гуфтан?

– Он чи гуфтан, ба ҷо омад оча.

Ва ӯ модарро ба ҳуҷраи хоб даровард. Ҷой ва чихел истодани ӯ ва чигуна ҳолате гирифтани худро гуфт.

– Вақте чашм кушодам, – илова кардан Бибии Анор – ӯро надидам. Ғоиб шуд.

Ва ӯ ба китобҳои муқаддас ишора намуд:

– Пеши падарам, – гуфт, – ӯ Қуръони Маҷид мехондам. Ин китобҳоро варақ мегардонидаму чашм медавондам. Аз файзи дидори падар дар хоб ҳарф ба ҳарф ба зеҳнам нишаст.

Бибии Анор чароғи хонаи падар шуд.

* * *

Аз рӯшании чароғ чиро мебинӣ? Дару тирезаву шифти хона ва ҳар он чи ба фаршу девор аст. Партави чароғи ақл дигар аст. Он кунҷу қаторҳо, чоҳҳои чуқури ботинро, ки дар онҳо офарину беофаринҳо аз рӯзгор рӯи ҳам омадаанд ва бар ҳам печидаанд, пеши чашми дил равшан медораду ба ҷунбиш меоварад, хизмат мекунад. Партави чароғ баҳри ду чашм аст. Чароғи хирад баҳри дил. Ва равғани он аз хирад метаровад. Ва равшании он тӯлонитар аст. Оинаи дилро ҷило меоварад. Ва равшании он афкори ниҳониҳоро ошкор мекунад. Дар як зум чунон андешаҳо ба ҷилва меоянд, ки болои қоғаз резад, қиссаву романҳои думи дар дум бархезад.

Аз пушти табақ, ки рӯи он қоғази дарозқад ва дасти беҳаракати Бибии Анор болои он нӯги қаламро дар як нуқта нигоҳ доштааст, чашм намеканам, вале ҳушу чашм дигар ҷо. Вақте ҷозибаи хиради ӯ ҷисми маро фаро мегирад, пайкарам пеши ӯ мемонад ва дидаву шунидаҳои қаблӣ пеши назарам меояд. Ӯ бо модарам сӯҳбат дорад. Вале фарқ намекунам аз чи боб ҳарф мезанад. Гоҳ нигоҳ, ифодае ба

гӯшам мерасад аз лабҳои нуррези Бибии Анор: қиблагоҳам мегуфт. Гуё калимаи падар дар доираи меҳри ӯ тангӣ мекард ва қиблагоҳ муҳаббат ба падарро самимитар мегардонд.

Аз нишасти пеши ӯ ба дилам ҳикматҳои ҳазрати Мирзо Авлиё меояд. Ва зӯр мезанам чеҳраи ӯро равшантар бинам. Замоне ӯ дар ҳаёт буд, зери партави чароғи ақли ӯ роҳ мерафтам. Ҳикмати ӯ ба ман ҷасорат мебахшид. Аждаҳори ҳафсару деви сиёҳ, пеши чашмам нотавону камҳол менамуд. Бо рӯшноии чароғи ӯ дар торикҳо роҳ, меравам ва пешипо намехуӯам. Ва ин лаҳза шукри ҳазрати Бибии азизам мегузорам, ки чароғи хиради ӯ ба ман нур мепошад.

Шукри ин табақ ва дасти рӯи он, ки нӯги қаламро дар як нуқта нигоҳ, доштаасту нигоҳи худро аз рӯи модарам бардошт ва нимхандае бар лаб оварда ба ман гуфт:

– Хуб сайр кардӣ.

Дар ин сухани ӯ оҳанги савол набуд. Вале нафас набароварда, сарамро пастар гирифтам. Теғи нигоҳам аз лабҳои табақи пуру истода боло намерафт.

– Одам тани танҳо ба сайёҳат намебарояд. Сайр тоқагиро хуш надорад.

Бо кӣ сайр кардӣ?

Чи гуфтанамро надонистам.

– Ҳамроҳи бобои қиблагоҳат будӣ. Меҳмон гуселонидӣ. Зӯрат ба аз хоб бедор карданӣ Фаттоҳ нарасид. Чапқуи бобота гум накардӣ.

– Не, – гуфтаму даст ба кисса бурдам, – худамро гум мекунам, бибиҷону ин чапқура не.

Ва ҳайрон мондам. Аз рӯи кадом нишонҳо ӯ андешаҳои маро хонд. Баъдтар чун ба модарам изҳори дил кардам, ба ин савол ҷавоб гирифтам.

– Сахт ба сукут рафтӣ, – гуфт модарам, – мисли афсунхӯрда шудӣ. Сар мебароштиву маро намедидӣ. Ҳоло туро ҳазрати Биби Анор фаҳмид ва маънидорона ба ман гуфт, ки дар ҳуҷраи бобош ба фикри қиблагоҳ рафт. Рӯзи ҷанозаи Қиблагоҳ аз ҳама зиёд музтарибҳол ҳамин Нигаҳбон буд.

Ҳолати модарам дигаргунтар буд. Ҳамчун ба дил изтироб дошт, худро сокит нигоҳ медошт. Ду-се соат қабл аз ин ӯ дар роҳи байни Ҳалқаёру Чақон бо шитоб қадам мебардошт.

Бетобии имрӯзаи апаам ба дили ӯ алоб рехт. Беморро ба хонаи холаам, ки пагоҳӣ аз деҳаи Хуҷахалил дидорбинӣ омад, супурд. Рӯз бегоҳ мешуд.

– Пеши ҳазрати Бибӣ меравам, – гуфт модарам, – ба паи рафтаам пас мегардам. Ку бинам, чи мефармоянд.

Маро ҳамроҳи худ гирифт. Замоне аз кӯчаи байни қишлоқ мерафтем, холаи Идимоҳ аз дари ҳавлӣ баромад.

– Сафарҳо ба хайр, – пурсид ӯ аз модарам.

Пеши ҳазрати Бибии Анор, – гуфт модарам.

– Ҳамин Зайниддинакам, ранги сӯхтагӣ, мисли кучуки устухонхӯрда, рӯз аз рӯз беҳол шуда истодааст. Пурс, ку ҳазрати Бибӣ чи мегӯян.

Модарам дид, ки ӯ аз ин зиёд чизе надорад, на ҳа гуфту на не ва дар фикр монд. Холаи Идимоҳ расми пайғомро ба ҷо наовард. Мебоист баробари пайғом ҳамчун нишона сафедие ба дасти модарам медод. Холаи Идимоҳ ин корро накард.

Ҳине аз роҳи кӯтали деҳа болои теппа, ки аз он чо маркади бобои Мирзо Авлиё аз дур намоён буд, баромадем, модарам гуфт:

– Холаи Идимоат пайғом гуфту дилаш ба сафедӣ нашуд.

Акнун чихел мешавад, ки аз дил гузарондам. Яқин модарам аз гуфтани пайғоми ӯ шармаш меояд.

– Мегуфтӣ оча.

– Чи ҷои гуфтан? Дилаш нашуд.

Ва ӯ ба қатъи сӯҳбат гузашт.

– Биё, бачаҷон, гап намезанем. Насиб ҳар чи бошад ҳамон мешавад. Лекин гапзанӣ баракати раҳгардира мепарона. Офтоб ҳам кам монд. Мегӯм зудтар расем.

Ва ҳар гоҳ аз ӯ қафо мемондам, ба пас нигоҳ мекарду сухане намегуфт. Ва дар нигоҳи ӯ таъкид буд: зудтар роҳ гард ё калонтар қадам мон. Ва ман зӯр зада ба пайи ӯ мерасидам.

Вале бо он ҳама шитоб ба поғӯндаҳои сурфаи таги айвони ҳуҷраи ҳавлии дарун по мондему дидори файзбори ҳазрати Бибии Анорро диду ором ёфт. Шояд оини дигаре ҳам сабаб шуд Пурсиш аз ҳазрати Бибии Анор буд ва модарам ин расмро мукаддас медонист. Дигар ин нури рӯи ӯ ба модарам оромиш мебахшид.

– Хайр, Нигаҳбон, – гуфт ӯ, – бо нигоҳе ки шояд хосси ҳӯрони биҳишт бошад, – хуб бобота ба ёд овардӣ.

Ва ӯ рӯ ба модарам овард:

– Аз афташ, нияти ҳамроҳӣ бо ман надорӣ. Духтари калонӣ бемаҷоласт.

– Як ҳафта шуд, – гуфт модарам, – Имрӯз вазнинтар шуд. Дар ҳамин хел ҳавои тасфони чиллаи тобистон хунук мехӯрад. Ин пагоҳӣ дандон ба дандон монда ларзид.

Ҳазрати Бибии Анор бо нимханде гуфт:

– Беморӣ, аллакай гузашт. Вазнинии пову дастҳо, китфу шонаҳо

мондааст. Ду рӯз пеш аз офтоб баромадану баъди офтоб нишастан дар оби хунук оббозӣ дарор, дарду табаш мерезад.

Болои сухан холаи Зулайхо ночаи дар ҳозир шуд ва ҳазрати Бибии Анор ба ӯ рӯ гардонд:

– Аз роҳи дур, аз Қизилмазор як занак омад, кӯдаки сари сина дорад.

Ҳазрати Бибии Анор лабханда кард ва гуфт:

– Зани милиса, ҳамон аст, ки порина омада буд. Фарзандош намемонд.

Ва ӯ ба модарам нигарист. Модарам рамузи нигоҳи ӯро пай бурд. Пеш аз хайру хуш ду-се дакикаи дигар фурсат мехост нигоҳи ӯ. Ва боз ба нигоҳам, ягон чизи дигаре аз модарам пурсиданӣ буд. Чунки ӯ ҳамеша пеш аз пурсиш нимтабассуме бар лаб меоварад. Холаи Зулайхо болои ҳамин нимханд аз дар даромад.

Ва модарам дар ҷавоби нигоҳи ӯ сарҷунбонд. Аз дар зани ҷавоне даромад: сарвқомат: рухсораҳо мисли себи Талбар лоларанг. Ва чашмони шарорабор дошт. Ҳазрати Бибии Анор кӯдакро рӯи даст гирифт. Тифл ба ӯ хуш омад. Ин чорумин фарзанди зан буд. Се фарзанди ба умед ба дунё овардаи ӯ напоистанд. Норасида ба дунё меомаданду беовоз ба хок мерафтанд.

– Ҳамаи фармудаҳотона, – гуфт зани ҷавон, – кардам. Худо хоҳад як сола мешавад. Ғаш надорад. Гиряша намефаҳмӣ. Хуришаш ҳам нағзай.

Ҳазрати Бибии Анор ба ҳарфҳои модари тифл гӯш дод ва бо чеҳраи хандон гуфт:

– Иншооллоҳ умри дароз мебинад. Одами бузург мешавад.

Ва ин ҷои сухан нимханде карду гуфт:

– Ном нადоден.

Зан аз ин пурсиш ҳайрон шуд. Чи гуфтанашро надонист. Ва аз дил гузаронд: ҳамааш пеши ин бузургвор аён. Ӯ аз нияти худ ба дил шодӣ дошт.

– Ният кардам, нома Шумо монен.

– Исми падараш? – пурсид ҳазрати Бибии Анор.

– Ҳамроҳ Бойматов.

Ба назари ӯ ин ном чандон диққатрабо нанамуд ва ба тифл гуфт:

– Номат Камол, – тифл сӯи овоз чашм гардонд. Ва лабҳои чун барги гули садбарг туники ӯ шукуфт. Аз хандаи тифл ба дили ҳазрати Бибии Анор чи гузашт, худаш медонист. Ӯ танҳо ҳамин қадар гуфт, ки тифл ба камоли мардӣ мерасаду фазилат меёбад. Ва ба холаи Зулайхо имо кард, ки меҳмонро ба ҳуҷраи занҳо барад.

Чашмони бача хотирнишин буд. Чашмони ҳушёр ва мисли як лахчаҳак алоби афрӯхта. Рӯйчааш гирду нисбати солаш мӯйҳои зичи ҷингила дошт.

Чун ҳуҷра аз меҳмон холӣ шуд, – ҳазрати Бибӣ Анор ба модарам гуфт:

– Аз ёдат наравад, баъди оббозӣ ӯро болои хадраҳои сербарги бед печон. Ҳам заҳру зуқуми офтобро мегира.

Модарам дар ҷавоб сар ҷунбонд. Вале ҳазрати Бибӣ Анор нимханде ба лаб овард ва пурсид:

– Он зан чӣ гуфт?

Аз ин савол модарам зери бори хиҷолат суханони холаи Идимоҳа гуфт. Ҳазрати Бибӣ Анор лаҳзаҳаке хомӯш монд. Ба андешаи ман беморро пеши чашм овард, ки гуфт:

– Ҷигараш осеб дора. Ба зан бигӯ саҳар як каф қарақат дар ним пиёла таҳшири равғани зағир таф дода, дили наҳор ба бача диҳад.

Ӯ ҷонибдори беҳаракат, хӯрдану болои кӯрпача дароз хобидани бача набуд. Бача хӯраду аз паи кораш шавад, гуфт. Ҳаракат бисёр дардҳоро барҳам медиҳад. Боз фармуд, ки ба бача се саҳар дили наҳор ду тухми хом диҳад.

Ӯ ба мо дуо дод. Зардакофтоб буд. Аз афташ модарам зӯр мезад аз зери бори хиҷолат барояд.

– Айби ин холаи Идимоҳат шуд, – гуфт модарам.

Дунё чапа немешуд, ягон сафедӣ медод. Пеш аз расидани мо ҳамааш ба ӯ аён шудааст. Худат дидӣ бемории апата гуфт гузаштаст. Ина дар хона мебинӣ.

Аҷоиб хислате доштанд ҳазрати Биби Анор. Аксар беморони дуру наздик, ки қуввати рафтан пеши ӯ надоштанд, кафилонаш меомад. Боре нашудааст, ки аз касе хоҳиши ба назди ӯ овардани беморро карда бошад. Балки ҳамеша гӯш ба ворисн бемор медод. Бо тамоми назокат ба зеҳн мегирифт. Баъд чун пайкаршинос ҷисми ранҷурро пеши назар меовард ва ташхиси рентгенӣ мекард. Ва ташхиси ӯ беҳато буд. Парҳезро хуш надошт ва ба хӯрдан ё нахӯрдани ин ё он таом фармоиш намедод. Таоми бад нест мегуфт ӯ. Таомхӯри бадхӯр буданаш мумкин. Ҳамагуна пурхӯриро бадхӯрӣ медонист.

Доруву дармоне, ки мефармуд аз гиёҳу ҳамагуна мавҷудоти табиат буду дастраси кафилони бемор.

Ва дар роҳи фарози хами дароз, аз подомани марқади ҳазрати бобои Мирзо Авлиё сар мебаровард, андешаҳо атрофи зани Қизилмазорӣ, ки аз бачапартоӣ наҷот ёфтааст, тарки фикру зикрам намекард. Аз хушҳоли чеҳраи зан мисли арғувон барқ мезад, гулгул мешукуфт.

Вале соле пеш ба чи ранг буд он чеҳра? Ба чашмам мисли гиёҳи испараг зард менамуд.

Азоби зани бачапарто, мегуфт модарам, аз азоби зани бачамурда афзунтар аст. Тифли ӯ беовоз зоида мешавад. Ӯро ҷаноза намекунанд. Бе дуову фотеҳа мегуронанд. Шарофати бачамурда бештар аст. Ӯ овози тифлашро мешунавад. Ба даҳони навзод сина мемонад. Таровидани шири сафеди худро ба ҷисми аз банди ҷигараш омада мебинад. Дер ҳам напояд кӯдаки ӯро ба шумури инсон медароранд. Ба ӯ шарофати одамӣ медиҳанд. Ҳама расму русуми маросими мамотро ба ҷо меоваранд.

Чихел тифли ӯ хушрӯи буд. Чамонашро намегӯи. Мисли лахчаи алоб.

– Оча, – гуфтам ба модарам, ки ҳануз ҳам азоби хиҷолат мекашид. Ҳазрати Бибиҷонам ба он зан чихел табобат фармуда бошанд.

– Бегуфтугӯ хӯрокҳои нағз, ки қуввати тана зиёд мекунад, – гуфт модарам. – Боз гиёҳу табобатҳои дигар. Ҳазрати Бибиҷонам он чи мефармояд, ки бемалол дастрас аст. Аз пеши чашм дур нест. Вале одамон ба фоидаи бемории худ қадру қиммати онро намедонанд.

Дар куҷо бед намерӯяд ва дар кадом хона қорту қарақорт ва такшири равғани зиғир ёфт намешавад. Ё мурғҳо тухм намекунанд. Шаш тухм чи қимат дорад. Мардум фоидаву зиёни он чиро рӯи дасту пеши чашм ҳаст, намефаҳманд. Ҳазрати Бибии Анор хондаст аз китобҳо, Худованд ба ӯ донишу ҳикмат додаст. Ин ба ҳар кас насиб намешавад.

* * *

Дар ҳавои тамузи тобистон таги сояи серуни бед ҳаловат меёбӣ. Боз ҳис мекунӣ, ки сояи бед нисбати дигар дарахтҳо салқин аст. Ин ҳикмат дорад. Ва онро касе мебинад, ки мисли ҳазрати Бибии Анор аз ҳикмат дилаш саршору мунаввар, вуҷудаш аз руҳулқудус пур аст.

Ҳар рӯз аз таги чанд бед мегузарӣ ва аз куҷо медонӣ, ки баргу навдаҳои наврӯидаву сӯи осмон қад ёзондаи он заҳри офтобро аз ҷисму ҷонат кашида мегирад.

* * *

Мулоҳизаронихои модарам дар роҳ то подомони марқади бобои Мирзо Авлиё хеле олимона намуд. Дар пояи марқад ману модарам сарипо пахлӯи роҳ нишастем ба дуо.

Роҳи серхок аз сояи алафу гиёҳҳо гулрез мешуд. Аз хоктӯдаҳо пойҳои лучи ман намесӯхт. Балки ҳаловат мебурд. Дуртар аз марқади бобои Мирзо Авлиё буттаҳои баланди янтоқу бияҳ ва газараку тихач роҳи пой лучро танг мекард. Хори янтоқе ба нӯги нарчиликам халиду шикаст, хандидам.

– Чи хунат барояд, – гуфт модарам, – механдӣ.

– Оча, – гуфтам, – ин хор душмани ба ақл будаст. Сари нарчиликро нишон гирифт. Агар хато мекарду ба пошнаи по мерасид, гард-гард мешуд.

Тамоми роҳ бори аввал дар лабҳои модарам гулханди ширин дидам. Вале сабаби хандаи ман дигар буд. Ин ҷо ҳодисае ба ёдам зад. Дар гуфтани он дудила шудам. Ин сири духтараке буд, ки се синф аз ман боло мехонд. Хурдоварон сири худ аз калонсолон ниҳон медоранд. Аз ин рӯ ҳама солхӯрдаҳои дунё аз дили пайвандони кӯчаки хеш огоҳ нестанд. Вале гулханди лабҳои модарам маро далер кард. Ва ба хотири аз дили ӯ баровардани он бори хиҷолате, ки аз паёми холаи Идимоҳ мекашид, ба ҳикояти он пардохтам…

Он рӯзе ки модарам ба ман гуфт:

– Бачам, ягон ҷӯрата гир, ду пуштора ҳэзум хонаи Бибисоҷонат барен. Алобии нонбандии холаи Зулайхот кам монда буд.

Ҳам аз Бибиҷонат хабар мегирӣ.

Ба ёди модарам монда будааст, он рӯз.

– Бегоҳи ҷумъа буд, – гуфт модарам. – Ягон чор ҳафта шуд.

Ҳа, ҳамин чор ҳафта пеш, досту банд гирифтам. Қурбони ҳамсинфам маро ҳамроҳӣ кард. Дар роҳи пеши ҷувози деҳа моро Рухсора диду пурсид:

– Ба куҷо?

– Чақон меравем.

– Хоҳ, манам, – гуфт Рухсора ҳамроҳи шумо меравам. Ӯ сӯи хона давид ва халтачае дар даст аз паси мо шуд.

– Ин сафедии даст, халтачаро ҷунбонда гуфт Рухсора. – шаб дилам азоб медиҳад, сих мезанад. Очам гуфт, ки пеши Ҳазрати Бибии Анор бирав, ку чи мегӯяд.

Ба ростӣ чеҳраи Рухсора рӯз аз рӯз мекоҳиду ба бемории худ заррае аҳамият намедод. Дардаш танҳо он гоҳҳе ба ёдаш меомад, ки муаллимҳо мегуфтанд:

– Рухсора, ту беморӣ. Бин, чашмонат зард, ранги рӯят ҳам пешинаворӣ не.

Вале Рухсора ба ин пурсишу гӯишҳо ҳам парво надошт. Аз афташ имрӯз ё дард ӯро ба танг овардааст, ё зориву таваллои модараш, ки бо ду по мелангид.

Ба Рухсора гуфтам:

– Ана, ҳамин роҳи қишлоқи Чақон. Ба марқади бобои Мирзо Авлиё расидӣ, роҳи поён, тарафи дасти ростро бигир, ҳавлии ҳазрати Бибӣ дар сари ҳамин роҳ. Лекин аввал обхона даро.

Рухсора ба осмон нигоҳ карду ба замин. Офтоб ҳанӯз хеле баланд буд.

– Ту пеши ҳазрати Бибӣ медарой? – пурсид Рухсора.

– Албатта ӯро мебинам. Дуову саломи очама мерасонам.

– Қурбон ҳам медароядʼ? – боз пурсид ӯ.

– Не, – гуфтам ба Рухсора, – Қурбон дар ҳавлии берун меистад. Дар ҳуҷраи меҳмонҳо маро нигоҳ мекуна.

– Нигаҳбон, – гуфт Рухсора, – Биё, ҳамроҳи ту дароям, додарҷон.

Майлаш, апа. Агар истӣ. Чунки мо то бияҳи сурх медаравему бор мебандем, ки вақт мерава. Агар равӣ то бор пуштора кардани мо меоӣ.

– Не, – гуфт Рухсора, – танҳо намеравам.

Ӯ сӯи дӯлонаи болои теппачаи канори роҳ рафт. Халтачаро бехи кундаи дӯлона монду мунтазири мо шуд.

Замоне ҳарду пасу пеш аз поғундаҳои сурфаи баланди таги айвони ҳуҷраи ҳазрати Бибии Анор баромадем. Ӯро ҳамроҳи холаи Зулайхо дидем. Холаи Зулайхо амонат, сари ду по меистоду ҳазрати Бибӣ, рӯи пӯстак нишаста ва дасти рост болои рӯи пушти табак ва бо дасти чап саҳифаи китоби калони «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхиро нигоҳ медошт.

– Холаи Зулайхо ишора ба даромадани мо кард. Ҳазрати Бибӣ аз ман ҳолу аҳволи модар ва ду апаву бародарамро пурсид. Ва ба чашму пеши бари рухсора нигоҳи меҳрангезе кард ва гуфт:

– Ҷигарат, дард мекунад. Шабҳо сих мезанад. Оруғ мезанам.

Ҳазрати Бибӣ намепурсид. Ӯ балки аз ранги чеҳра дарди ӯро ба ӯ мегуфт. Чунон ҳарф мезад, ки ҳоҷат ба сарҷунбонӣ ва раду бадал намемонд. Ва Рухсора аз дидани рӯи Ҳазрати Бибӣ мисли беҳушон хомӯш меистод.

– Қуввати захра ҷудо кардани ҷигар, суст шудааст. Як ҳафта оби анор бихӯр, духтарҷон, ҳаррӯз се бор решаи ҷертарёкро биҷӯшон. Аз обаш даҳ саҳар, дили наҳор ва шаб пеш аз хоб як қошуқӣ бихӯр. Пудинаи лаби оба дар табақ бикӯб ба дока бигиру биҷаф, обаша бихӯр. Бо ҳамин тартиб оби барги зуф бигиру бихӯр. Сузункаро ба оби шӯрбо андохта бихӯр.

Пас аз як ҳафта ин гиёҳоро чихеле тавонӣ, ба ҳар таоме дилат мекашад, си-чил рӯз бихӯр.

Ҳазрати Бибӣ ин ҳакимиҳоро фармуд ва ба мо онро бисёр ҳакимон пешгӯӣ накарду ваъдае ҳам надод, ки ба асли аввала мешавӣ, ё аз асли аввала беҳтар мегардӣ.

Вақте ки ду даст пеши бар аз пеши ӯ бархостам аз дар холаи Зулайхо даромад. Рухсора халтачаи дасташро ки дар роҳ бори онро

ҳашт тухм ҳисоб карда буд, сӯи ӯ дароз кард. Халтача ба назарам хурд намуд. Аз афташ чашми Ҳазрати Бибӣ ба он афтод, ки бо нимханди зебое гуфт:

– Тезтар роҳ гард, духтарҷон, ки мабодо тухмҳои таги хаса рӯбоҳ бихӯрад.

Аз ин ҳарф Рухсора карахт шуд.

* * *

– Беақлӣ кардам, – гуфт Рухсора ҳине аз қишлоқ дур шудем, – аз куҷо медонистам, ки амалам пеши ин кас аён мешавад. Таги дӯлона фикр кардам, ки чор тухм барам бас. Рухсора бо ҳамин «бас» чор тухми дигарро таги хасу хошок кардааст. Вақте сари ёла баромадем рӯи роҳи калони хокӣ паи рӯбоҳро дидем. Пай сӯи дӯлона болои теппача не, балки тарафи хами Аспдавон мерафт. Бори шарм ба Рухсора камӣ мекард, гуфтам ба худ, ки боз тухмҳо тӯъмаи рӯбоҳ шаванд. Чун ба дӯлона наздик омадам тухмҳоро барҷой ёфтем.

* * *

Модарам ба ҳоли Рухсора, ки дигар аз дарди сандуқи сина шикоят надошту зардии чеҳра ба сурхӣ гашта мисли барги тару тозаи ҷавғосу буд, тааҷҷӯб мекард.

– Бечора, Рухсора, – гуфт модарам, – Худо нигоҳ дорад аз васвасаи шайтон. Лаънатзада духтарака бероҳ кардай.

Нафсро гунаҳгор накард модарам. Иблисро айбдор донист.

– Хонашон бурд? – пурсид модарам.

– Дутои ба мо дод, нагирифтем.

– Кори хуб карден, бачам. Чунки модараш ҳам тухма бисёр, гуфта ба дасти духтар дод. Дар танҳоӣ хостаи модар баёдаш задай.

* * *

Рухсора гуфтай Ҳазрати Бибиҷони маро ба ҷо овард. Аз пешина беҳтар. ҳушёртару хушруйтар шуд. Ба ду ҷигар духел табобат. Ба Зайниддин корту тагшири равған ва ба Рухсора оби анору пудинаву зуфи лаби ҷӯй. Онгоҳ ман ба хулосае омадам, ки ҷигари духтарак аз бача фарқ мекунад аз ин рӯ ба якхел табобат шифо намеёбанд ва дар роҳи нишеби болои деҳаи Ҳалқаёр ин андешаро ба модарам гуфтам. Модарам хандид ба ин фикри сабуки бачагона.

– Ҷигар, бачам, ҳамаш ҷигарай, як хелай. Иллат фарқ мекунад. Ҷигари Рухсора ҳар хел чирку зардоб дошт. Оби анор, оби пудинаву зуф онро шуст. Покиза кард. Чихеле собуни ишқори шӯрак чирку доғи либоса гирад. Аз Зайниддин ба назарам сӯхтагӣ. Дар ҳамин хел ҳавои гарм соате оромӣ надошт.

Аз пайи мол медава. Дар як рӯз ба пайи асп Ховалингу Даҳана рафта меоя. Боз баробари калонҳо гандум медарава, дарза мебанда, дарза мекашона. Қарақот давои ҷигари сӯхта аст. Дар оби он гӯшти бирён хом мешавад. Бигӯи ки бихӯрам, аз нав бирён мекунӣ.

Ин вақт ба ростӣ дарвозаи холаи Идимоҳа расидем. Ҳини намози аср ба шом буд. Модарам аз намози шом дер монданӣ набуд.

– Холаи Идимоҳа мебинӣ, оча? – пурсидам аз ӯ.

– Баъди шом меоям, бачам.

* * *

Дарвозаро кушодему чашмам ба апам расид. Ӯ рӯи кӯрпача нишаста ва сари зону остини арӯсӣ ниҳода гулдӯзӣ дошт. Сӯзан ба гул мезаду ба дарозии ришта болои гӯш мебардошт. Рӯ ба рӯи ӯ холаам дуғ мекашид. Ӯ баробари ба чапу рост кашидани тасмаи чархи дуғ бор ба пушт мезад ва пеши бари бардамидаи ӯ албонҷ мехӯрд. Ва апаам ба ҳавои ришта ва садои чарх задании ҷурғот дар чағдег байт мегуфт.

Аз дидани ин манзара модарам хушнуд шуд.

– Шукронаи нафасат, Ҳазрати Бибӣ, – гуфт ӯ.

Вале ҳарчанд апаам дилпурӣ дод, ки сабуку бедард аст, модарам аз ӯ даст набардошт. Ба ҷо наовардани гуфтаи Ҳазрати Бибии Анорро, беэҳтиромӣ донист.

Ман зуд хадраҳои навдаи бед овардам ва ӯ ба сари апаам ду сатил оби сард рехта аз ташноб баровард. Ва хадраҳои пурбаргро ба оби тағора шуста болои кӯрпачаи хоби апаам чид.

Саҳар модарам ба ӯ зеҳн монд ва гуфт:

– Дарду табат рехт.

* * *

Беморinfluence Зайниддин ҳам дер накашид. Охири ҳафта дар давидан ва ҷунбуҷӯли рӯзгор аз ҳамсолон касе ба ӯ баробар намеомад.

Замоне ҳарду аз паси даравгарон дарзаҳои гандумро ба нӯги дост бардошта сари даст чаҳла мекардем, Зайниддин пурсид:

– Ту, ҳазрати Бибиро бисёр дидай,?

– Аз роҳгардон шавӣ то имрӯз. Ҳазрати бобои Мирзо Авлиёи бузургвора дида метавонистӣ, лекин он кас нестанд.

– Ҳазрати Бибира чӣ?

– Не, наметавонӣ бинӣ.

– Мардҳое аз роҳҳои дур ба зиёрат мераванд, чӣ?

– Зоир аз дари ҳавлии берун надармада, хабараш ба ҳазрати Бибӣ мерасад.

– Бемору ҳоҷатманде бошад чӣ?

– Ҳоҷатмандон, – фаҳмондам ба Зайниддин, – мисли очаи ту.

Дардмандаш худат. Очат ҳоҷаташро ба модари ман дод. Ӯ он ҳоҷата ба ҳазрати Бибӣ расонд. Дарди ту пеши чашми ӯ аён шуду даво фармуд. Ту мисли пешина шудӣ. Ҳоҷатмандро ҳам гӯш мекунанду ҳоҷаташро пеши ҳазрати Бибӣ мебаранд. Ва нишонаҳои заруратмандро мегӯяд.

Ҳақиқати ҳол зуд пеши назари ӯ аён мешаваду дастур медиҳад. Ва дастури ҳазрати Бибӣ бесаҳву хато аст.

Зайниддин боз чизи дигаре пурсиданӣ буд, вале овози Намози дарзабанд, ки мо аз пасаш мерафтем ба гӯш расида ӯ аз дарзабандӣ даст бардошта, рост меистод ва бо паи пойҳо сояи худро андоз мекард,

Намоз соати дамгирии нисфи рӯзӣ кофта ва бо овози баланд гуфт, ки то соати нисфирӯзӣ як паи пойи дигар монд.

– Нодуруст, – гуфт Зайниддин. – Пойҳои Намоз аз қоматаш хурд аст. Духтарпо ҳаст, Намоз, – Сояро бо пои мард чен мекунанд.

Ва ӯ сар сӯи офтоб рост истод, чунон ки пеши пояшро намедид ва ба ман гуфт нишон гир.

Бо нӯги даст аз паси пошнаи пой то сар сояи ӯ ду кулух чапагардон кардам ва ӯ сархам гирифта пошнаи пой ба сарангуштони пои рост расонд.

– Ду қадаму боз ним чоряк. Соат понздаҳ дақиқа кам як.

Ва ӯ ба ман фармуд:

– Нигаҳбон, дарзаҳота инҷо биёр. Ҳини дамгирӣ шудай. Капа месозем.

Дарзаҳои гандумро пеши ӯ бурдам. Аз дарзаҳо ба сӯи шимолу ҷануб девор бардошт Зайниддин ва роҳи шамолро кушода монд.

Мо аниқ медонем, ки соати чанд ва аз кадом ҷониб шамол меояд. Шамоли айни дамгирии нисфирӯзӣ аз самти шимол ба замин паҳн мешавад. Ва басо фораму дилнавоз аст. Навозишгар аст он. Ҳаловате, ки ба мағзи ин бод додаст, дасти ягон молишгари ҷаҳон надорад. Аз он бӯи меҳрубонии Худованд меояд. Соатаке фароғат мекунӣ ва тамоми кӯфтагии кор мебарояд.

Зайниддин рӯи пояи гандум ва коҳи гиёҳе ки аз абрешим мулоимтар аст, нишаст. Гиребони курта сӯи шамолаки шимолӣ кушод, то он дарояду тамоми баданашро молиш диҳад. Ва об гуфту кӯзаи гардандарозро, ки байни сояи дарзаҳои гандум бо буттаҳои сабзи бияҳ печонда будам, овардам. Шамоле ки ба рӯи баргу танаи сабзи ин гиёҳ бӯса мезад, оби кӯзаро сарду гуворо гардонда буд.

Зайниддин аз гардану куни кӯза бардошта онро ба даҳон рост кард. Дар чунин ҳавои гарм ва офтоби сӯзон қул-қули кӯзаи гардандароз ба гӯши ӯ аз ҳамагуна мусиқӣ фароғатовар буд.

– Ҳамин шаб, – гуфт ӯ кӯзаро бари пояш нигоҳ дошта ва аз афташ боз об хӯрданӣ буд, – Ҳазрати Бибӣ ба хобам даромад. Аз чеҳраи ӯ хона равшанӣ мекард. Дар партави нур рӯи ӯро дуруст, надидам. Ӯ сухане гуфт. Овозаш боз аз байни дастаи нур омад.

Бо дили пурфараҳ бедор шудам. Вале суханаш хурсандибахш барин не.

– Чи гуфтанд? Дар ёдат ҳаст?

– Ҳаст дар ёдам. Аз гуфтанаш метарсам.

– Хайр, тарсӣ нагӯй. Оба хӯр ки ман ҳам ташнаам.

Зайниддин дуюмбора кӯза ба сар кашид ва гуфт:

– Маҳ, бинӯш. Танҳо ба ту мегӯям. Лекин қасам мехурӣ, ки мабодо гӯяму ту бимирӣ. Аз як дусти ҷонӣ халос шавам.

Зайниддин ба қасам розӣ шуд ва гуфт:

– Ин хона ва ҳама хонаҳои дигар холӣ мешаванд. Гӯё ҳама аз Ҳалқаёр меравем.

* * *

Аз хоби Зайниддин назди касе даҳон накушодам. Тобистону тирамоҳ рафту баҳор омад. Дар ин байн ҳар гоҳ ба дидани ҳазрати Бибӣ мерафтам, андешае ба сарам мезад, ки ин сирро ба ӯ гӯям. Охир қаҳрамони хоби Зайниддин ӯ ҳаст. Шояд, ин ҷо савгандам ба ман зиён нарасонад. Аммо, боз ҷасоратам намерасид.

Вале як пагоҳ аз болои калбеди калони болои деҳа овози ба гӯшам бегонаи парандае расид. Ва ин баҳорон замоне берун аз қишлоқ, сари қуши рамаи тағои Аламам, дар домони кӯҳҳои Зағара шабро ба рӯз меовардам, ки ин овоз аз дур мешунидам. Ва аз дур ҳам шунидани он бисёр нохуш буд.

Тағом дар равшании оташи чӯбҳои хушки алобдон, ки сӯхта лахча мешуданд ва шӯълаи он тобноктар мегардид, чеҳраи гирифтаи маро дид ва гуфт:

– Ин овози чуғз. Ина бум ҳам мегӯян. Мо аз рӯи овозаш чокак мегӯем. Исқотӣ аз аввали шаб, ки сар мекуна то субҳдам чок мезана. Булбул хоб дораву ин исқотӣ не.

Лахчаҳо мавҷак мезаданд. Ва ман аз тамошои мавҷи онҳо сар набардошта, гӯё ба оташдон мурочиат мекарда бошам, пурсидам.

– Бо ин чак-чак чи мегуфта бошад?

Аз ханда риши сурхранги тағом ҷунбид:

– Чӣ? – гуфт ӯ, – аз аловдон мепурсӣ. Аловдон медона? Аз ман пурс.

Тағоӣ аз аловдон не, аз худам пурсидам.

– Чӣ, худат медонӣ? Ина момат медонист. Момаи момат медонист.

Тағом боз нимханде заду гуфт:

– Агар пушти момаҳо сур кунем, то Момаҳаво мерасад. Таърихи дуру дароз мешавад. Мисли чоҳи бетаг, ки афтӣ ба қаъраш намерасӣ. Агар расӣ, баромада наметавонӣ. Қиссаро наздиктар меоварем, то он рӯзе, ки Ҳазрати Бибифотима певочигӣ мекард.

Ин певочӣ ки очаи ту мекунад аз ҳамон давра мондай.

Аз шири як гов равғану қурут намегирӣ. Шири се-чор модагов, як ҷо гардад, равғану қурути хона саришта мешавад. Бибифотима ба чор зани ҳамсоя, ки яке ҳамин чуғз буд, машварат орост. Розӣ шуданд онҳо.

Онгоҳ навбата пай мегуфтанд. Яъне пайи ҳам ба навбат саҳару бегоҳ хонаи яке шир мебурданд ва бегоҳ ба қадри шири саҳар, танҳо дуғ мегирифтанд. Боқӣ дар ихтиёри пайдор мемонад. Ва шарти сахт паймона буд. Пайдорон бо як зарф шир мебурданд. Ва чун навбат расад, бо ҳамон пай аз шарикони худ шир мегирифтанд. Ва чӯбчае доштанд, ки онро пех мегуфтанд. Бо пех сатҳи шири зарфро ба ченак мегирифтанд.

Муҳим зарф ва муҳим чӯбчаи ченак буд.

Байни пайдорон ҳамин чуғз ақли макор дошт. Дид, шарикон аз зарф дида ба ченак аҳамият медиҳанд. Ва ба ғафсиву тунукии шир ҳам корашон не. Ӯ зарфи худро ду кард. Яке тангу борик ва дигаре андаке, ба таври ноайён сатҳаш кушод. Ба зарфи сатҳаш камтар шир медоду бо васеъсатҳтар шир мегирифт ва боз ба шир об мерехт.

Аз макри ӯ Биби Фотима огоҳ шуд. Ғазабаш аз ба шир об ҳамроҳ кардани зани ҳамсоя афрӯхт. Ба Худо мурочиат кард:

Чуғз шавӣ, – гуфт ӯ, – ва ҳар гоҳ пеши об равӣ об лаъли хун гардад.

Ана барои чӣ чуғз чок-чок мезанад. Ин овоз аз нӯлу забони он намеояд. Садои дарида, пора-пора шудани ҷигари чуғз аз беобӣ аст.

Ҷазои макр вазнин. Чуғзро насиб аз ин сол ба он сол як бор об ҳаст. Ва он ҳам обе ки аз борон дар барги чуқурӣ ҷамъ мешавад.

Ҷазо дилу нияти чуғзро рост накард. Ҷазирии рӯи ҷаҳонро мехоҳад. Шаҳру деҳаҳоро хароб мехоҳад. Ин баҳри чуғз туйи калон, хушнудии азим аст. Он гоҳ чок-чок заниаш ба гӯшаш табъи шодӣ меоварад. Ҳар маҳаллу хонае ӯ пайдо гардад хароб мешавад. Ҷазир шудани кошонаи ободро аз ҳама пеш ӯ медонад.

* * *

Он шаби сари қуши рамаи тағоям, ки болои сар осмони софу хирмани моҳ буд, ҳикояти чуғз қиссае буд, шунидани, вале ҳоло ки ҷағз-ҷағзи онро аз шохи калбеди болои қишлоқ мешунавам, ба ди-

лам бим меафтад. Бими балои осмонӣ ва заминӣ. Бими сурхакону ва боз ҳазору як андешаи дигар сарамро ба дард меовард. Бисёр мехостам Чақон равам ва лаҳзаҳаке ҳазрати Бибиро бинам. Ҳар гоҳ сардарду ошуфтагӣ маро ба танг овард ин ҳол ба ман рӯй медиҳад. Модарам пай бурда ва гуфт.

– Ба ҳазрати Бибӣ мӯяк бурдани будам. Духтарашон саростини гулдор медӯзанд. Риштаи сафедаш камӣ мекард. Биё, Нигоҳбон, пагоҳ аз мактаб омадӣ ҳамина бар.

Хурсанд шудам. Ҳазрати Бибиҷонама мебинам.

Шод шудам. Пагоҳ дар роҳ ҳуҷраи ҳазрати Бибӣ ва нишасти ӯ болои пӯстак ва табақи чӯби ки ҳамеша як дасти ӯ рӯйи он буд, аз пеши назарам дур намерафт. Чеҳраи нуронӣ ва одоби баланди инсонии ӯ ҷозибае дошт. Пеши ӯ на ҳар кас ҷасорати лаб ба сухан кушодан мекард.

Аз дари ҳавлии дарун гузаштам ва вуҷуди маро сабукие фаро гирифт. Он лаҳзаҳое, ки эҳсосоти ботиниам дар ҳам мезаданду шӯру воҳима меангезанд, ғайб заданд. Тарс ҳам бе макон аст. Одами шарир ҳар чанд бетарс бошад ҳам, чун қадам ба ҳавлии дарун ниҳад, бими бадиҳояш ӯро фаро мегирад ва бо пои қафо пас мегардад. Аммо тарси инсоне, ки дасту дили пок дорад, меларзад ва то ҳуҷраи ҳавлии дарун аз вуҷуд ба кулӣ нобуд мегардад.

Бо зеҳни чун оина тоза ба саломи ҳазрати Бибӣ даромадам. Ӯ ҳолу аҳвол пурсид. Ва бо нимханда гуфт:

– Очат, агар певоз намедоштанд он кас худашон меомаданд.

Байни ҳама занҳои дидаам, танҳо ҳазрати Бибӣ бо хурду калон ҳунари бо Шумо сухангӯи дошт. Ва ин ба ӯ ҷозибаи хосса медод. Ман сар ҷунбонда гуфтам.

– Як ҳафта боз ҳамсояҳо ба хонаи мо шир меоваранд.

Ва ӯ нохост пурсид.

– Аз ягон чӣ тарсидӣ?

– Аз чуғз. Натарсидам. Зиқ шудам. Мегӯянд дар ҳар ҷои ободе пайдо гардад, онҷо ҷазир мешавад. Ҳини дамидани субҳ овози онро аз беди болои қишлоқ шунидам. Ҳалқаёр вайрон мешуда бошад?

– Байни мурғони ҳаво, – гуфт Ҳазрати Бибӣ, – аз ҳамаш доно чуғз. Бӯи вайронии дар ҳеҷ куҷо набуда ба димоғаш мезанад. Бо ҳамон бӯй парвоз мекунад, наздиктар макон мегирад. Меистад, то замоне онҷо хароб гардад.

– Байни замину осмон, – гуфт ҳазрати Бибӣ, – аз ҳама зӯр шамол аст. Баъд селу заминларза. Заминларза банди рагҳои замин ҳасту хати муайяни ҷумбиш дорад. Ва аз як тараф меояд. Сел аз боло ба поён ҳуруҷ мекунад. Ягон бор дидаӣ ки сел аз нишебӣ ба фароз ба-

рояд. Агар сел ин хислатро медошт аз қаъри дараҳо ва баландии теппаҳо мебаромад. Баландиҳоро паст мекард. Ба хамиҳоиву дараҳо мефаромад. Ғелзада ҳамвор мекарду ҳамаҷо дашт мешуд.

Танҳо шамол самт надорад. Самтҳои он дар дасти Қодир аст. Аз ҳар тарафе хоҳад ба сӯи замин равон мекунад.

Ва байни мурғони ҳаво чуғз ба доноӣ аз ҳама афзал аст. Аз ҳар самте бӯи ҷазирӣ гирад ба ҳамон тараф меравад. Вале ӯ ба чапу рост парвоз карда аз боло омад.

Аз Вахиёву Дарвозу Рахш сар кард. Мавзеъи ободе набуд, ки чок-чоки онро нашунида бошад. Аз бунёд хасис аст, чуғз. Аждаҳо аз хазина сер мешавад ва уқоб аз лоша. Наҳанг ҳам серой дорад. Лекин чашмони чун шоҳкосаи чуғз сероиро намедонад. Ҳазорону ҳазор маҳалҳои ободи аз муҳоҷирон валангор иштиҳои чуғзро нашикаст. Аз Ховалинг боло то Бадахшон маҳалли обод намонд. Акнун ба маҳалҳои аз Ховалинг поён омадааст. Чуғз мисли сел аз боло меояд. Бекор намеистад. Чуғз замон мепояд то аз поён боз ба боло равад.

* * *

Бори вазнине аз дӯшам афтод. Аз овози дилхароши чуғз ки ин пагоҳ аз паси хонаи бобои Камоли Дароз аз кӯчаи хокистар ба гӯшам расид, кӯҳе ба гарданам овехт. Аз дидани дидори ҳазрати Бибӣ он бори гарон аз дӯшам афтод. Аз он чи маро тазйиқ медод, раҳо ёфтам. Боз зеҳнам мисли рӯзҳои пеш аз дидану шунидани овози шуми чуғз ҳушёру тоза гардид. Ҳарчанд фурсати дар хона дарсхонӣ надоштам, вале баҳом панҷ буд.

Ҳамин ки муаллим пас аз пурсишу саволу ҷавоб ба баёни дарси нав мегузашт, тамоми гуфтаҳову фаҳмондаҳо, формулаҳои физикиву ҳандаса ва ифодаву қиматҳои онҳо дар зеҳнам нақш мебаст. Фарқ набуд, ки муаллим ҳамин лаҳза дарси навро аз ман мепурсад, ё пагоҳу фардо. Ончи баён карда буд. Нуқта ба нуқта дар зеҳнам буд.

Ва ин баракат аз файзи дидори ҳазрати Бибӣ ба зеҳни ақливу гӯши ман мерасид.

Ба чок-чок занихҳои чуғз ки аз гӯшаҳои торики ҳавлии бобои Камоли Дароз омад, дигар ба дил бим намеовардам.

Шабу субҳгоҳ сари кӯчаи хокистари бобои Камоли Дароз овози чуғз омаду пагоҳӣ баробари тулӯи офтоб мошини калони куздор дари ҳавлии ӯ қарор дод. Дар як зум бору бутуки оиларо бор карданд. Бобои Камоли Дарозу кампирашро ба кабини мошин шинонданд. Писарону духтарон ва ҳама хурду калон болои куз баромаданд. Мошин хоку чанги кӯчаи фарози Ҳалқаёрро то гардишгоҳи

кӯли мазор ба ҳаво бардошта ба бому дарахтони канори он пудра зада аз чашм ғоиб шуд.

Шоми ҳамон рӯз ба қишлоқ се чуғз омад ва аз ҳавливу паси бомҳои Мирзоҳаёту Саидаҳмад ва Зайниддин овози онҳо баланд шуд. Ва саҳар се мошини куздор аз роҳи фарози қӯлӣ мазор кӯҳи хок ба осмон бардошта назди ҳавлиҳои Мирзоҳаёту Саидаҳмад ва Зайниддин истоданд.

Гӯё пешрави ин мошинҳо чуғз буд. Ва ронандагон кай ва назди кадом ҳавлӣ истоданашонро бо чуғз маслиҳат мекарданд.

Муҳоҷирии маҷбурӣ бо фарёди чуғз сурат мегирифт. Бо овози дилхароши чуғз, ки аз шунидани он лаҳзае ҷараёни гардиши хун дар андом қатъ мегардаду сипас хуруҷ мекунад ва сабаби пайдо шудани иллату дардҳои бедаво мегардад.

Ҳалқаёр ва саду дусад деҳаи дуру наздики он бе одам монд. Чуғз хӯҷаини сарватманд шуд. Ва байти ҳини дарси охирин аз Ҳаким Фирдавсӣ гуфтаи муаллими Абдуғаффор ба ёд монд:

*Ҳар он деҳ ки вайрону бебар шавад,*
*Дар он чуғз солору меҳтар шавад.*

Байни ин деҳаҳои баланд, ки миқдори онҳо ба шумори даҳиву садӣ буд, чуғз ба ҳама он доноиву макорӣ ба деҳаи Чақону обхонаи он, ҳавлиҳои беруну дарун ва ҳуҷраи аз падар бамерос гирифтаи ҳазрати Бибӣ роҳ наёфт. Ҳикмати ӯ сади роҳ шуд. Зимомдорони давр ибо карданд. Чуғз аз болу параш тарсид. Фарози теппаи марқади бобои Мирзо Авлиё баланд буд. Набуд роҳи ҳавоие ба деҳаи Чақон. Набуд он чи ки аз назари рӯҳи бобои Мирзо Авлиё аз ин баландӣ шабу рӯз ниҳон монад.

Баландии роҳи фарози Чақон ҷои муқаддас буд. Аз деҳа мебаромадӣ ва ба масофаи тир партоб ба ҷойҳои муқаддас ба нияти шифо об менушидӣ, даруни боғҳои муқаддас сайр мекардӣ, назди марқадҳои баландиву кунҷи дарёҳо ба зону ҳам мезадиву дуои дил мегуфтӣ ва ҳамаи ин зарра-зарра доғи дил мешуст, макру қудрат аз вуҷуд мерӯфт, хонаи тан поктару поктар мегардид. Мисли моҳии аз об берун афтода дар ҷойҳои дур ва банди занҷири пахтаву ташвишҳои рӯзгор ба ёди ҳазрати Бибиҷонам, ташнаву бе ҳол ҳаво меҷӯям. Ташнагии дидор аз ташнагии об сангинтар аст. Ҳавои тасфон беҳолӣ меовард. Боде, ки аз сӯи туғайзорҳо меомад, боди самум буд. Дил беҳузур мешуд. Сар чарх мезад.

Тамоми даштро пои пиёда гардӣ ҳам, муқаддасоте намебинӣ. Даҳҳо чақрим роҳ мепаймоӣ ва боре ҳам сари зону ҳам намезанӣ то

даст ба дуо бардорӣ. Чашмаи шифо аз замони бунёди замин то ба ин ҷониб насиби таҳдашт набудааст.

Муқаддасотро одам ба вуҷуд меоварад, вале дар таҳдашт онро ҳавои тасфони боди самум эҷод кард. Мӯйсафедону пирон мефавтиданд ва аз паи худ кӯдаконро мебурданд. Бисёр занон аз зоидан монданд. Ва ононе, ки мезоиданд, қабристон калон мекарданд.

Боди самуму ҳавои тафта муқаддас нашуд. Бад дид мардум онро. Роҳи гурез ҷуст. Вале ҳама роҳҳо баста буд.

Ин чи мулки ҷои муқаддас надорад. Дар Ҳалқаёр аз чор тараф марқадҳои авлиёҳо буд, ки аз худ ҳикмати зиндагӣ ба мерос мондаанд. Ва онҳо таввасути ҳикмат ба дилҳо рехтаи худ, роҳнамо буданд.

Дар таҳдашт чӣ? Диданд, ки аз набудани муқаддасот мардум дилтангӣ доранд. хостанд пахтаро муқаддас гардонанд. То ба дараҷае муяссар ҳам шуд. Пахта дар таҳдашт ҳама зироатҳоро хӯрд. Дигар майсаи гандум сӯи офтоб сар намекашид. Донаи ҷав ба хок намеафтид, буғузак намешуд. Шолӣ хӯша намебаст. Нахут болои замин соя намегустурд. Ранги зағир аз ёдҳо рафт. Наску мош дар бозор мерӯид на дар замини таҳдашт. Як тои пахта ҳама инҳоро пахш мекард.

Аз кӯдаки ҳафт сола то марди ҳафтодсола донист, ки пахта, на танҳо либосу ороиши тану кафан, балки нону равған, ширу гӯшт, ғизои бадан аст. Дониш, китобу қалам аст. Пахта вале дар либоси тану кафан ва ғизои бадан чӣ донишу ҳикмат аст. Вақте пахта дари донишкадаро мебаст. Ҷои китобу қалам болои ҷевонҳои баланду хушсохти либосовезӣ мешуд. Дасти хонанда ба он намерасид. Танҳо ба чанг муяссар мегардид. То қабат ба қабат болои он маскан кунад. Ранги муқоваро гирад варақҳои онро хӯраду пӯсонад.

Либоси тану кафан чӣ ҳикмат дорад. Дарзи онро ба қад пора мекунаду медузанд. Кафандӯз ҳам ба қад андоза мегираду медӯзад. Ва он яке дар хок ниҳон аз чашми офтоб мепӯсаду дигаре ғизои равшанӣ ҳасту фарсуда мегардад. Фаршӯяку мошиншӯяк гардида нест мешавад. Ҳикмат дар китоб буду болои ҷевони либосҳо, таги чанг хобиду ғизои пахта шуд.

* * *

Бо ҳамин ишора ҳазрати Бибӣ дар дидорбиниҳои хосагӣ сухан мегуфт. Ба андешаи ӯ ҳар он чӣ пеши чашм ҳасту, нест мешавад, ҳикмат надорад. Он чӣ одам ба тан мегираду ба даҳон мебарад ҳикмат надорад. Балки бо макру ҳилла печида, чӣ ақлу донишро тира гардонда нафсу ҳавобаландӣ парвариш медиҳад.

Ҷои яхдонҳои чармии китобро либосҳои чармӣ гирифт.

Ҷевонҳоро ҳазор тагу рӯ кунӣ як китоб ҳам намеёбӣ. Мардум аз қишлоқ ҳашастзанон ба шаҳр мераванд, ҳашастзанон аз дӯконе ба дӯконе мегарданд, матоъ мекобанд. Шаҳриён, агар хӯрду хӯроки даҳсола гирд оварда бошанд ҳам, ҳашастзанон ба қишлоқ мераванд, то захираи ғизо афзун кунанд.

Ин манзараро бо ду чашми сар мебинам ва суханҳои ҳазрати Бибӣ ёд меоянд. Ҳарисони молу пул, либосу шикам бадрӯзтарин инсонҳоянд. Рӯзи нек насиби онҳо нест.

Ва дар ин фаросат чӣ ҳикмат аст: аз бисёриву фаровонии он ғуруру ҳавобаландӣ ва дар ками он ғаму андӯҳ ниҳон аст.

Ҳатто ба дунё омадану аз дунё рафтани одам ба зоҳир як чизи муқаррарист ва ҳикмате надорад.

Ҳикмат рӯи пӯст нест. Макони он дар осмони дур аст ва ба диле мерезад, ки насибе аз он дорад.

Агар гӯям, ҷома барор, бинам, ламс кунам чи рангу мулоимие дорад. Ту ба дасти ман медиҳӣ. Вале ҳикмат дар дил ниҳон. Покиву порсоӣ, донишу ҷаҳонбинӣ ҳикмат аст. Он аз даст ба даст намегардад. Талаб карда ҳам наметавонӣ, ки чун ҷома аз вуҷуд кашанду ба ту нишон диҳанд. Буду набуди он бо чашми дил ошкор намешавад. Ин низоми осмонӣ ҳаст. Ҳукми осмониро нерӯи нафс, макру ҳилла, молу мансабпарастӣ, бераҳмӣ, кинаву кинатӯзӣ, бадиву бадхоҳии рӯи заминӣ барқарор намекунад. Балки ба хашм меоварад.

* * *

Чунки инҳо фарзандони ба ҳаромӣ зоидаи нафсанд. Оне ки ҳаромӣ мезояд, ҳалол ҳам дорад. Аз тазвичи ақлу нафси пок: некӣ, ростиву дурустивори фарзандони фарзона ба дунё меоянду адлу адолат, саховату ҷавонмардиро устувор мегардонанд. Ва шодиву ободӣ дар ҷаҳон меафзояд. Ва ин то гоҳест, ки ақл ба нафс ғолиб аст. Ақл нафсро идора мекунад ва қаноату шукру шукрона обруманд мегардонад. Лекин замоне нафс чун зани фоҳиша ба ишва меояду ба ғамзаҳои хунрез чашми ақлро хира мекунаду зин зада савор мешавад, фарзандони ҳароми худро мезояд. Фарзандони макор, ришвахору шарир. Баъзе аз онҳо умр мебинанд, давлату савлат меронанд, ба пирӣ мерасанд то ҷаҳанам ба тангиву сахтии рӯзгор рӯ ба рӯ намеоянд. Ҳароси онҳо то гӯр танҳо аз китоб ҳасту ҳикмат.

* * *

Ҳикмати ҳазрати Бибӣ дар гӯш аз даруни пахтаи сафед, баъдан ба дасти макорону ришвахорон афтоду рӯзи сиёҳи корандаву парваришдиҳанда ва ҷамъоварандаи онро сиёҳтар карду байни

муҳоҷирони дирӯза ба ҷуз нафрат муқаддасоте намонд. Аз байни пахта баромадам ва зинаҳои донишгоҳро тай зада мизнишин шудам.

Мизи ман пушт ба тирезаи хоначаи кӯҳнаву фарсудаи бинои кӯҳнаву фарсудаи рӯ ба рӯи хонаи матбуот меистод. Наздик ба ҷойҳои замоне шоқул овехтаву кунҷ бардошта печҳои сиёҳи голландӣ аз фарш то шифт қомат афрохтааст. Алоби ангиште ки аз бегоҳ то пагоҳ даруни печ месӯхт, берунашро гарм намекард.

Паси миз менишастам ва Бибии бузургворам ба ёд оварда, мақолае таълифу мактубҳои бисёр таҳлил карда, куни қалам дар пешонӣ ва сари он рӯи қоғази нимсафеди рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (имрӯза «Ҳамроз») тафакур мекардам. Соли дуюми ранҷбарӣ ҳодисае тасадуф шуд, ки то имрӯз пеши назар аст. Сармуҳаррири рӯзнома шоираи ҳамон замон, аллакай машҳур Мавҷуда Ҳакимова ба назди ман бачаҳаке овард. Чеҳраи муаллимаи меҳрубони ман, Мавҷуда Ҳакимова аз шодӣ мисли гули арғувон афрӯхта буд. Ба хандаи фараҳбахше ки аз он борони бахту хушнудӣ мерехт, гуфт:

– Ба пои худаш омад.

Ин ҳарфи ӯ рамзе дошт ва дар ҳол ба маънӣ осон пай бурдам:

Бозёфти бодовар. Чиқадар биҷӯӣ, чӣ қадар хунҷигар шавӣ, ки баъд инхел бачара ёбӣ ё не. Шоираи маъруф, сармуҳаррири чун падар сахтгиру мисли модар меҳрубон, гоҳо ба рӯхсатӣ ба аксар замон дар ҳайати гурӯҳҳои эҷодию роҳбарони сиёсии ҷавонон ба чор ҷониби ҷумҳур ба сафар мебаромад. Ва дар ҳама мактабҳои шаҳру ноҳияҳо пионерону октябрятҳои соҳибистеъдод меҷуст. Чун пайдо мекард аз шодӣ гул-гул мешукуфт. Гӯё ганҷи дар олам беқиёсе ёфта бошад. Аз ин раҳоварди ӯ саҳифаҳои рӯзнома аз шеъру ҳикоя, лавҳаву красвордҳои хонандагони синфҳои поёнии мактаб бо расмашон гул мекард.

Замоне муаллимаи азиз чанд вароқи дафтари чилхатаро рӯи мизи ман монду бачаро ба ихтиёраму аз дар баромад, ба ҷоям нишастам. Бача ба лабҳои фишурда ва чашмони оташбор сокиту ором менишаст. Вароқҳоро аз назар гузарондам. Хат хеле хоно: се варақ шеъри асливу ду шеъри тарҷума аз англисӣ ва ҳама бачагона. Китобҳои ғавси пур аз шеъри бачаҳоро ба ёд овардам ва ғалате наёфтам. Ширинии шеъру тарҷумаи ин бачаи «бо пои худаш омада»-ро дидам ва ба дил гуфтам.

– Шеъри аслии бачаро худи бача нависад. Чихел содаву зебост навиштаи ин бача. Мисраҳои он ба чашмам мисли гавҳари ноб намуд. Шеъре, ки аз ҷӯши дил рӯ мезанад мисли дурдонаест ва зери нурҳои офтоб чун лаъли сабзи ҳабашӣ ҷило медиҳад.

– Нағз навиштай, – гуфтам ба ӯ.

Вале аз ин ҳарфи ман чеҳраи ӯ чуноне орому сокит буд, орому сокит монд.

Ва ҳине аз ӯ пурсидам.

– Сурат дорӣ?

– Дар мактаб, – гуфт ӯ дар ҷавоб.

– Биёр. Шеърҳову тарҷумаҳоятро, – гуфтам ба ӯ, – бо суратат чоп мекунем.

Баробари шунидани ин ҳарфҳо ва калимаи чоп чашмони ӯ ба нигоҳам чун оташи фурӯзон дурахшид. Ва ин дурахши чашмони ӯ он тифлеро ёдам овард, ки ҳазрати Бибии Анор рӯи даст гирифту Камол ном ниҳоду ба умраш баракат дод. Ин лаҳза varaқи дафтари чилхатаро хондам: Камол Бойматов, мактаб-интернати Лучоб, синфи панҷ.

– Ҳозир куҷо меравӣ? – пурсидам аз Камол.

– Интернати Лучоб, – гуфт ӯ.

Афтобуси шаҳрии мусофирбари Лучоб, аз пеши хонаи мо мерафт. Ба дил яқин кардам, ки ин ҳамон Камолест, ки ҳазрати Бибии Анор аз даргоҳи Парвардигор файзи умр хоста буд.

Соати корӣ ҳам ба охир мерасид. Ба якбор ҳамачиро аз бача пурсидан мумкин нест. Аз хонаи матбуот то бозори Баракат хеле роҳ аст.

Ҳине қоғазҳоро болои миз ба тартиб меовардам, бача аз ҷояш хест.

– Ҳозир, ду дақиқа, – гуфтам ба ӯ, – ҳамроҳ меравем. Камол ҳаракате накарда дар ҷояш истод. Аз ҳар бар гап кушода донистам, ки ӯро вазири маориф Муҳаммад Осимӣ аз мактаби деҳкадаи Қизилмазор ба мактаб-интернати навташкилу овозадори бачаҳои бо истеъдоди Лучоб овардааст.

– Бачаҳо, – гуфтам, – ба худашон ном намемонанд. Ҳаминхел нест, Камол? Ӯ бо имои сар тасдиқ кард.

– Ё падар, ё модар, ё ягон дӯсти наздик ба бача ки ҳоло дар гаҳвора аст, ном мемонанд. Ҳаминхел нест, Камол?

– Ҳа, – гуфт Камол мисли мардҳои калонсол.

– Медонӣ, ки ба ту кӣ Камол ном дод?

– Як одами бузург, – гуфт ӯ.

– Аз қишлоқи Чақон?

Камол боз ҳамчунон бепарво:

– Ҳа, – гуфт.

– Номашон ҳазрати Бибии Анор бошад?

– Шумо ҳам медонед, – бо ҳайрат пурсид Камол.

– Модари ману ҳазрати Бибӣ дугона, мисли апаву хоҳар буданд. Мо ба ӯ бисёр наздик будем. Зуд-зуд ба хабаргирӣ мерафтем.

– Номи ман, – гуфт Камол-, аз ҳамон каси бузург.

– Номи ӯ меҳри нисбат ба ҳазрати Бибии Анор дар ботин нуҳуфтаро оташ дод. Камол ба дилам азиз шуд ва нияти ба ин зудӣ аз ӯ ҷудо шудан надоштам ва медонистам, ки рӯзҳои истироҳат бачаҳои интернат хонаи падару модар, ё хешу табору ёру дӯст меравaнд ва аз Камол пурсидам:

– Рӯзҳои истироҳатат, куҷо меравӣ?

– Хонаи муаллим Осимӣ, – гуфт ӯ.

– Хонаи мо, – гуфтам ба Камол, – ана инҷо. Биё нишон диҳам. Ба хонаи мо ҳам биё. Рузҳои истироҳат туро интизор мешавам.

Дар ботини бача гавҳари қиматбаҳои меҳри азим ба ҳазрати Бибии Анор дарк кардам ва ин муҳаббат чун ёру бародар, акаву додар моро ба ҳам пайваст.

Баъдан Камол академики Академияи илмҳои Тоҷикистон шуд ва чун дарахти азиме аз Душанбе то Тошкенту Ашкобод, Бешкеку Остона ва Москва ҷамъияти математики Иёлоти Муттаҳидаи Америка шоху навда давонда ва дар донишу ҳикмати илми математика шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт, то нафаси охирин мо аз ҳамдигар ҷудо нестем. Ҳаргоҳ сари як пиёла чою нон менишастем аз ҳазрати Бибии Анор, ки вуҷуди ӯ аз руҳулқудус, пуру дилашон саршори ҳикмат буд ба ёд меовардем, ва ҳамчунон ҳуҷраи ҳикмат ва манзари он рӯзе ҳазрати Бибии Анор ба руҳулқудус реҳлат кардаанд пеши назар меомад. Ва аз боби ҳуҷраҳову дидаву шунида ба андеша мерафт.

* * *

– Ҳуҷраҳо дар олам бисёранд, – гуфт боре Камол қоши абрӯҳо ба ҳайрат боло бардошта, – ҷои нишаст ҳам. Ҷое курсиву диванҳо, мизҳои олиҷаноби ба ранги сурх, ҷое сафеду сабзу кабуд. Ба ҳафт ҳуҷра дароӣ ҳафт ранг мебинӣ. Ба сад ҳуҷра ворид гардӣ, сад ранг мебинӣ. Ҳуҷраҳои рангоран бо номи зал шӯҳрат доранд. Ва боз таҳхонаи ҳуҷраҳо: баъзе таҳхона аз амбори ҳарбӣ васеътару мизҳои пур аз хӯрданиву пӯшиданӣ. Агар як шиша кам шавад, ҷои онро сад шиша пур кунад ҳам кам аст.

Боз ороиши шифту девору тирезаҳоро намегӯӣ. Ва назари баъзе соҳибҳуҷраҳо диван, мизу курсиҳои Чехиву Белорусиро нагирифтаaст. Чизҳои каму беш табъи дил, хайрият аз бозори Дубай ёфтаaст. Тахтҳои хобу дастгоҳи телефонӣ ва ҷевонҳои либоси ба ӯ маъқул саду дусад ҳазор доллар ҳам бошад ба чашмаш наменамояд.

Дар Душанбе баҳри дилхушӣ ба Универмаги марказӣ медарояд

то олами матоҳо, асбобу анҷомҳои рӯзгор ӯро аз дилтангӣ барорад. Ягон чизи қиматбаҳои ҳуҷразеб аз қабили қадаҳҳои булурӣ ёбад аз шодӣ сараш ба осмон мерасад. Ва замоне бо роҳи таги замин аз назди мағозаи китобҳо бароядy чашмаш ба китоб афтад, дилтанг мешавад. Ҳайфи кайфияти аз Цум гирифта. Инчунин молеро ӯ дар таҳхонаи ҳуҷрааш роҳ намедиҳад.

Вақте ки аз дари ин ҳуҷраи шукӯҳу шаҳоматманд медаройӣ зонуҳоят хам намезанад. Почакҳоро ларзиш фаро намегирад. Чуноне, ки ҳини аз поғундаҳои сурфаи баланди таги айвони ҳуҷраи аз падар мерос гирифтаи ҳазрати Биби Анор воқеъ мешуд.

Девори ҳуҷраҳои имрӯз гаронбаҳо. Хиштҳои болои ҳам чида, не ороиши даруну берун деворҳоро қиматбаҳо кардааст. Аз тамошои арӯси имрӯза он қадар ба ҳайрат намеоӣ чуноне аз ҳуҷра – зал. Бечора ҳуҷра гӯшу забон надорад. Меъмор ҳоло гӯшу забони онро наёфтааст. Агар ёбад, бойҳои имрӯза, ки агар сад сомонӣ ба китоб сарф кунанд, ба назарашон хонасалот мешаванд ба қиммати, ҷон ҳам бошад мехаранд. Гӯшворҳои садҳазор доллара ба гӯшҳои ҳуҷра меовезанд ва тавқу хафабандҳои дусадҳазор доллара ба гардани он мебандад. Ва ҳамаи ин нисбати хариди як китоб пеши чашми ӯ осонтар аст.

Ва ба ин ҳама заҳмат, ороишу пероиш аз дари он сархушон ё ҳушёрони аз кибру ғурури давлату сарват маст, медароянд. Ва боз дастобгирону чою пивакашон даруни он бетарсу бок даробаро мекунанд. Ҳуҷра – зал, ё ҳуҷра – толор бо ин ҳама ҳашамат як зарра он ҷозибаи чор девори лойи гилкаҳ молида ва аз лойоби сафедхок ба шоҳҷорӯб сафед кардаву дарун ҷевону варақҳои пур аз китобҳои фарҳангу ҳикмати ҳазрати бобои Мирзо Авлиёро ки баъдан ба духтари калонӣ ба мерос монд, надорад.

Дар поғундаи охири сурфаи баланди таги айвони ҳуҷра зонуҳоро ларза фаро мегирифт. Дидани шаҳомати бобои Мирзо Авлиё, ки баъдан инро ҳам ба духтари калонӣ пас аз як ҳафтаи мамот ба мерос дод, осон набуд. Ҷалоли хирад, ки ҷилои он аз чеҳраи ҳазрати Бибӣ ва китобҳои равоқу яхдонҳо буд, ба нафсҳо ҷилав мезад. Алафи кинаву бераҳмиро дар вуҷуди одам пажмурдаву бебунёд мегардонд. Решаҳои адоватро, ки чун риштаҳои ҷоғар ба рагҳои асаб печида ба сари дил расида, касро беҳол медорад, аз вуҷуд мекананд. Душмани ботин дар ботин маҳв мегардид. Ба худ меоӣ. Халосӣ аз душманони ботин ҳаловати бузург дорад. Барнодилу солим мегардӣ. Рӯз ба назарат чунон равшан мегардад, ки ҳеҷ гоҳ онро ба ин сареҳӣ надидаӣ ва шабро чунин роҳатафзо эҳсос накардаӣ. Сабук мешинӣ, сабук мехезӣ, сабук роҳ меравӣ. Гуё ҳеҷ гоҳ ба ин ҳоли хуш набудӣ, чуноне, ки баъди дидани дидори ҳазрати Бибии Анор ва шунидани

ҳикмати ӯ муяссар гардид. Тарсу бим ки аз ниятҳои бад, андешаҳои нохуш, кач кардани роҳоят андомро фаро мегирифт, туро тарк кардааст. Чунки аз оби раҳмат ба вуҷуди ту обаке пошида ба ҷорӯби ҳикмат ифлосиҳои туро ҷорӯб задаст. Ба кӯҳу ҷариҳо, вартаҳои бетаг, дарёҳои хурӯшон ва мардуми ба рӯйи ниқоби ҷозиба кашида беибоҳ нигоҳ мекунӣ, дилат таҳ намекашад.

Ҳуҷраҳо бисёр шуданд. Ҳуҷраҳои бекори пуршукӯҳу шаҳомат. Чунонки шаҳватро ба ҷунбишу гардиш меоваранд. Дигар шаҳват дамгириро намедонад. Нафс нухтакан мешавад. Роҳҳои адолатро торик мекунад.

Рӯи дунё гардӣ дигар ҳуҷраи ҳазрати Бибиро намеёбӣ. Аз дар беинсоф медаромад, ба инсоф меомад, зинокор тарки зино мегуфт. Макр роҳи гурез мекофт. Дар дили золим тухми инсоф мерӯид, чун пумбадона неш мезад, месабзид, баргу шоха мебаст, гул мекарду ҳосил медод. Шарир тарки роҳи шарорат мегуфт. Ҳуҷраҳо бисёр шуданд. Ҳуҷраҳои якдараву ду дараву пур аз нақшу нигору бисоти гаронбаҳо. Вале бе равоқу ҷевонҳои китоб ва фазои беҳикмат. Бӯи доллару нафаси ҳариси ҳаросати ришва, макру фиреби маккору фиребанда, ҳавои онро ғализ гардондааст. Қандилҳои булӯриву зарандӯд ва тамоми зебу зиннати гаронбаҳо нафсро парвариш медиҳанд. Тухми беинсофиро мекоранд.

Ороиши деворҳо аз арзиши деворҳои асли ҳазоркарата қимматтар афтодааст. Вале ҳуҷра файзе надорад. Ба курсӣ менишиниву то миён ғута мехӯрӣ ва бар дил тухми макру риё мекорӣ.

Ва ҳуҷра-ресторанҳои бефайзу ҳикмат нишони қашшоқии рӯҳанд. Дилкашоние ҳам надоранд. Як бор медароӣ ва дигар поят сӯи он намекашад.

* * *

Аз байни гарду чанги инқилобӣ имрӯзи нафс рӯзгори ҳазрати Бибии бузургвор ба дил партав меафканад. Ӯ дар талаби ҳикмат кай ғанаб мерафту кай мехест? Ба ин савол ҷавоби сареҳ наёфтам. Афсус, ки шаб гунг аст, вагарна ҳақиқатро баён мекард. Ӯ шабҳоро ба дархости ҳикмат ба рӯз мепайваст ва рӯзро ба сарфи ҳикмат ва бахши мадор ба дилҳои бемадор, шустушӯи занги хотири озурдагон ва аз банди гирифторӣ раҳо додани мардум ба сар меоварад. Ӯ аз рӯзҳои ками умр азоби бисёрро интихоб кард. Ва дилмонда нашуд. Нимханд лабҳои ӯро тарк нагуфт. Аз нури илоҳӣ чеҳраи фурӯзон дошт. Ва борони файз дар фазои ҳуҷраи ӯ буд. Ба рӯзҳои каму азоби бисёр шукр мегузошт.

Ва ҳамин аст тақдири инсонҳои поксириште, ки аз зан зоида мешаванд.

Ҳазрати Бибии бузургвор мисли гул шукуфт, машоми инсонҳои кулфатзадаро муаттар кард, вале пажмурда нашуд. Ва мисли шохаи гул ба он роҳе, ки падар рафт, ба сафари охират баромад. Ба димоғи падар накҳати гул бурд. Накҳате аз ҳама хушбӯиҳои олам хушбӯйтар.

Ва ҳаргоҳ дар пояи марқаде, ки ҳазрати Бибии бузургвор бари падар хуфтааст, даст ба дуо бардорам, бӯи хӯше аз роҳи димоғ тамоми вуҷудамро муаттар мегардонад. Лаҳзае аз худ бехуд мешавам, ба олами хушранге ворид мешавам, ки ҳамтои он на дар замин ҳасту на дар осмон. Чор фарқи сар кушода мешавад. Саодате меёбам нотакрор.

Лаҳзаи саодате ки на тул дораду на арз. Бисёр кӯтоҳ. Мисли барқ равшану зудгузар. Ва мебинӣ ки ҷои худ истодаӣ. Ва мефаҳмӣ роҳе, ки паймуда истодаӣ аз кӯдакӣ ба машақат мепаймоӣ. Туннели зулмате ки хол-хол рушанӣ дорад. Ва бузургтарин оромибахши зиндагӣ марг байни холҳо дар гардиш аст. Мисли боде, ки роҳҳои худро каҷ карда, миёни боди умеду боди заҳмат мевазад.

* * *

Ҳазрати Бибии бузургвор ҳар чанд ба сафари охират рафт, вале рӯҳи ӯ маро тарк накардааст. Дар он шабе, ки ба сабаби беҳисиву карахтии ҳамсарам тани танҳо мехуфтаму сар то по аз дарди ҷангудоз месӯхтам ва сари тарс аз марг надоштам. Чунки аз ҳар он даҳшати надидае, ки аз бими он меларзӣ, чун рӯ ба рӯ ояд, тарс аз вуҷуд меравад.

Ва дар поси сеюми шаб ҷунбуҷӯле дар хона эҳсос кардам. Чароғдони зертахтаи тиреза рӯи радиатори бари девор афтид ва садои баланд дод. Маҷоли кушодани чашм надоштам. Аммо ба чашмони пӯшида суроби ҳазрати Бибии бузргворамро дидам. Ҳавои дасти аз фарқи сар то поёни пойҳоям аз болои сар то фарқи по гузошт ва дар худ фишурдаву кушода шудам аз пештар беҳтар. Ва аз ӯ бӯи модарам омад.

## ХОБҲОИ АҚЛОНӢ БО ПИРИ АҚЛОНӢ

Ӯ ҳамеша меҳмони хоби ман аст. Гоҳ-гоҳ ва соле ду-се бор бо ӯ ҳамроз мешавам. Дар домани кӯҳе, ки тан аз чашмаҳои баҳорӣ мешӯяду аз қаъраш шаршараҳои оби зулол меравад. Гоҳо насими мушкбез бо баландтарин шаршараҳои он бозӣ мекунад. Оби онро ба чапу рост мепошад. Боз боло мебараду ба чор тараф пош медиҳад.

Аз қатраҳои булӯрини он бӯи рошак, камолу ров, ҷамбилаку шибит ва гиёҳи сабзи зира меояд.

Боди сармаст аз шаршараҳои баҳории кӯҳ насиба меситонад. Ва насиба медиҳад. Ин асрори боду шаршараро пирамарди бо фари яздонӣ канори шаршара, болои гилеми хушрангу кӯрпачаҳои ҳамранги барги гулҳои баҳорӣ нишаста медонад. Гоҳо бод дар ҳам мепошад ва борони сахт болои пирамарду гилему кӯрпачаву болиштҳои рӯи тахт, ки як канори он ман шиштаам, мебарояд. Ин бобои ман аст, Ҳазрат Хоҷа Мирсаиди Халили Валӣ. Оби борони шаршара, на ба гилем мечаспаду на ба бобому тани ман. Либосамро даст-даст мекунам. Тамоман хушк аст. Кӯрпачаву гилему лулаболишт ҳам. Дар сару тани бобом осори намӣ нест.

Бобомро ҳеҷ гоҳ ба бедорӣ надидаам. Ӯ аз Ҳаким Фирдавсӣ, Синои гиреҳҳои банди аҷал дар каф, Исмоили бошукӯҳ монандиҳо дорад.

Гоҳи дигар худро бо ӯ дар хонаи баландкарёсу бошукӯҳи хосса мебинам. Ӯ бо ман сухан мегӯяд. Суханҳои ҳокимона ва чун чашм мекушоям ба ҷуз шаҳомати пир дигар чизе дар ёд нест. Зӯр мезанам, то як – ду ҳарфе аз сӯҳбати ӯ ба зеҳн оварам. Афсӯс. беҳуда зӯр мезанам. Мунтазирии хоб бинии оянда мешавам.Ҳақтаоло зеҳнама устувор гардон. Ва ба хоби баҳорӣ меравам. Аз даруни боғ мегузарам. Куҷо меравам. Намедонам, Қумриҳои шохаи дарахти себ аз ман намераманд. Заргӯше аз паси поям бӯй кашиду як гӯшашро бардоштаву дигарашро хобонда дар барам истод. Сап – сафед буд заргуш. Худи барфи нав рӯи замин рехтаворӣ сафед. Кӯҳи шинос. Вале дарёро, ки мисли тасма ба бағали кӯҳ печида, паҳнои он торафт васеъ мешуд, бори аввал медидам. Баъд ҳавзи гулбурии таги чинор, сурфаи калон ва худораҳматии модарам. Боз апам. Ҳеҷ гоҳ дар хобам падарамро ҳамроҳи модарам намебинам. Дар чилрӯзагии ман падарам ақди никоҳашро бо модарам қаът кард. Боре ҳам онҳоро ҳамроҳ, сари дастурхон, ё бари ҳамдигар надидаам. Фақат ба танҳоӣ ба хобам медароянд. Ҳозир ҳам. Модарамро танҳо ҳамроҳи апаи калониам дар хоб мебинам. Ҳарду дар хизмати бобом истодаанд.

Бобом аз давлату сарвати дунё ҳарф зад. Ба зеҳн гир, гуфт. Сарвари давлат кул аст, гуфт бобом. Ин мардум ҷуз. Ин лаҳза сари минбар. Яқин фаҳмидам, ки ин ҷавонмард сарвар аст.

– Ин мардум ҷузъанд, – гуфт бобом. – Ин мардум он гоҳе тавоно мешаванд, ки ба кул пайванданд. Яъне аъзоҳои ӯ шаванд. Ҳар кадоме аз ӯ канд, худро маҳв мегардонад.

Бо табъи болида аз хоб хестам ва хоби дидаамро сари косаи ширчой ба апам ҳикоят кардам.

– Онҳо аз он кул ҷудо шуда, – гуфт апаам, – намемиранд. Чуноне, ки ману ту аз пушти падар ба раҳми модар омадему намурдем. Вале бесоҳибӣ ҳис кардем. Албатта бесоҳибии мо аз он мардуме, ки аз кул ҷудо мешаванд, фарқ дорад. Кул зинда сат. Бояд бо ӯ худро бипайвандӣ. Тақдири мардуми пароканда маълум. Агар зинда бошад ҳам онҳоро мурда гӯй. Чунки ба чоҳи гумроҳии худ меафтанду бенишон мегарданд.

## БОБОИ ҲОҶӢ

Бобои Ҳоҷиам, ки умре бо як зан ҳаёт ба сар бурд. Ва ҳар ду ҳам рӯи фарзанд надиданд. Бобои Ҳоҷӣ ба ин чандон эътибор намедод. Шабу рӯзи ӯ бо Худо буду нафс аз ҳайбаташ меларзид. Чун ҳаёти маҷозиашро сарфи ҳаёти аслӣ мекард, нафс аз вуҷуди ӯ рӯ ба гурез ниҳод. Нафсро кушт ва аз ҳисоби ин қурбонӣ масҷид сохт бо маънои мактаб аз фоидаи замини ғалла, ки аз шудгор то кишту дараву кӯфтану амбор кардан ба зӯру бозӯи худашу ҳамсараш буд. Дигареро кор намефармонд аз тарси он ки мабодо дар додани ҳақи хизматгор ягон дона хато раваду зомини ҳақи ӯ шавад. Китоб ҷамъ меовард як солу ду солу ҳама сол. Ва замоне масҷид-мактаби ӯ амбори ғаллаи колхоз шуд, мо ба сутуни 15-20 метраи боми масҷид печида болохона мебаромадем. Болохона пур аз китобҳо бо ҳарфи арабисохт буд. Чашми ӯ дар роҳи Ҳақ Таъоло чашмҳои нобиноро мекушод. Забонаш ғарқи зикри Холиқи Зулҷалол буд ва забонҳои гунгро гӯё мекард, гӯшҳои ӯ сӯи олами ғайб буду карҳоро шунаво мегардонид. Тани ӯ дар хизмати Яздони Мутаол буду ба танҳои мурда ҷон мебахшид.

Ӯ ҳеҷ гоҳ бо турбаи пуртаом ба муноҷоти Худо нанишаст. Ним серу ним гушна гашт. Ба назараш намуд, ки барои ба ёди Худо нишастан ин кам аст. Бо як бурда нони хушку як кӯза об ба чилахона даромад ва чил рӯз нишаст. Аз зан ва хешу табору ҳамсояҳо бурида.

Ва тобути ӯ рӯ – рӯи дастон то сари манзили охират парвоз кард.

– Ҳар инсоне, – гуфт Маҳмадулло Маҷидов, – тавонад, ки бо ин дастур умрро ба охир расонад, албатта тобуташ парвоз мекунад. Аз ҷумла тобути ману ту ҳам.

Аз сабр ба дили Бобои Ҳоҷиам маърифат мерасид, ки мевааш аз қанду набот ширинтар.

Замин бо бобои ман дурахшон буд, чунон ки осмон аз ситорагон. Илми ӯ лаҷоми нафсҳои ҳамдеҳагон буду чароғи дилҳои дар гирифториву нохушиҳо.

Дар замони Бобом дар Ҳалқаёр хотири шайтонӣ, ки ҳасад ҳасту адоват сустарину бечонтарин хотир буд.

Ва бобом бо челаку ҷомаи одӣ мегашт ва тани худро бо либос зиннат намедод ва димоғи шайтонро ба хок мемолид. Ҷомаи нимдошт ва зиннати маърифати ботин ӯро пеши мардум ҷозибу боҳашамат менамоёнд.

Ҳикмату ҳиммат ӯро бино медошту дар доноӣ аз ҳама мардумони атрофу акноф донотар.

Сухани ӯ ба нотавон тавоноӣ мебахшид.

Боре аз Чаёби Афғонистон ҷавонмарде омад бо бозуву бурзу ҳайбати паҳлавонӣ. Ҷавонмардони ҳафт деҳаи атрофи Ҳалқаёр гирд омаданд. Гӯштин авҷ гирифт. Марди чаёбӣ пушти панҷ нафар ҷавонмардони деҳаҳои ҳамсояро ба замин овард. Чашми Бобои Ҳоҷӣ ба ҷавони Ҳалқаёрӣ Ҳусейн афтод, ӯро назди худ хонд. Ҷавонмарди қадбаланду наҳифе буд Ҳусейн. Бобо ба китфи ӯ даст бурду гуфт:

– Ба майдони гӯштин баро.

Аз ин сухани ӯ Ҳусейн дар худ зӯри Рустами Достон эҳсос кард. Ба китфи паҳлавони чаёбӣ панҷа заду ӯро такон дод. Ва бо як зӯр пушти ӯро бо зарбат ба замин зад.

Ӯ гуё ҳамеша дар як ҳол буд: банди андешаи Ҳақ. Нишоту ногуворӣ, сӯзу гудоз, барору нобарорию он чи дирӯз аҳли хонадону мардум рӯ ба рӯ буду имрӯз рӯ ба рӯ аст, ҳоли ӯро тағйир намедод. Ҳақиқати дарёфтаи ӯ аз ҳама ин ҳолатҳо болотару волотар буд. Ӯ аз ин ҷузъ бурида ва ба кул пайваста буд. Ва офтобу маҳтобу замину ситораҳо нисбати ҳақиқати кашфкардаи ӯ ҷузъ буданд. Ҳақ ба ӯ мартабае дода буд, ки аз сиру асрори ба ақли мардум нарасида сухан гӯяд. Бобои Ҳоҷӣ дар нестӣ ҳастиро медид. Ва мардум дар ҳастӣ нестиро.

Боре ғазаби бобои Камолро ба писараш пай бурд ва ба ӯ гуфт:

– Ҳақ ба ту муҳаббат ба зану фарзандат додаст. Ин амонат аст. Ту онро ба бачаву духтарат бидеҳ. То онҳо ин амонатро ба фарзандон диҳанд. Ҷаҳл қаҳри ҳақ аст. Ва қаҳр ҳеҷ гоҳ мероси ҳақ нест. Нафрати ҳақ аст. Аз ин нафрат ҳазар кун. Қаҳрро бо муҳаббат бикуш. Ин ҳунара ба фарзандҳо ба мерос деҳ.

Бобои Ҳоҷӣ илме дошт, ки қадри худро мешинохт. Ва онро худшиносӣ мегӯянд. Ҳамаи хислатҳои Бобои Ҳоҷӣ ҳамида буд. Ва бузургтаринаш он буд, ки қишлоқи Ҳалқаёр ҳаст, қишлоқи Ҳалқаёр набуд. Аз Оличадараи мобайн омаданд ин мардум. Бобои Ҳоҷӣ онҳоро аз маҳв раҳонид ва ба инҷо овард.

Оличадара ватани сероб, сердолу дарахт буд. Ҷӯи оби чашма аз

пеши ҳамаи ҳавлиҳо мерафт. Як субҳидам Бобои Ҳоҷӣ асои худро ба домани пушти деҳа устувор кард ва ба мардум гуфт: Ҳама гову мол ва чизу чора аз Оличадара бароянд. Хурду калон, пиру ҷовон шитоб карданд. Чун деҳаи Оличадара аз одам холӣ шуд худаш тани танҳо монд. Мардуми аз хонаву дар дур ба тамошои Бобои Ҳоҷӣ истоданд, ӯ асоро гирифт. Ҳамин ки ду – се қадам аз деҳа дур шуд, девори кӯҳи сафедхок фурӯ лағжид ва аз бому дару деворҳои деҳаи Оличадара, ҳамчунин аз боғу роғ нишон намонд. Ҷои қишлоқро талу теппаҳои хурду бузург гирифт. Баландии хок аз шасту ҳафтод метр боло буд.

Деҳаи Оличадара дар як мижа барҳам задан тағйир ёфт. Вале Бобои Ҳоҷӣ дар ҳамон ҳолате буд, ки дирӯзу фардову фардоҳои фардо дошт. Ором, бо тамкин ва ғарқи андеша. Ба дилу дида ғарқи орзуву ниёз ба ҳазрати Ҳақ. Розу ниёз баҳри шафоати аз хонаву дар, оғилу каҳдон маҳрум монда. Захираи хурду хӯр беталаф. Ва ӯ ҳамаро аз ҷои хатар дур гузошту бо роҳи кӯтал дашти Оличадара баромад. Дашти калону барҳаво, вале дур аз чашмаҳо. Ба сӯи ҷануб поён рафт. Ба ҳамвории гирди дараи серчашма ва хушманзар ҳалқа зада зеҳн монд. Хушаш омад. Вале дашти Ҳалқа ва дараи зебоманзар соҳиб дошт. Ва ӯ Бобои Ҳоҷиро намешинохт. Наздаш рафт. Соҳиб ба пирамарди миёнқади гирди тоқӣ аз матои рангпарида, вале тоза, се-чор печ сала, ҷомаи нимдошту чоруқҳои рангпарида чашм давонд. Ҳама сару либоси ӯ арзиши телпаки гирди марзадори қазоқии соҳибро надошт. Соҳиб қамчини нукракӯбиро ба камарбанди чармин халонд ва лаби ҷомаи бекасаб бар зад. Соқҳои мӯзаи пошнабаланди ӯ то ба зону мерасид. Ва соҳиб бо ҳама кару фар намедонист, ки наздаш Ҳоҷии бузургвор истодааст. Ва ин чоруқи беранг аз пешгоҳи ҳарами Каъба то биёбонҳои беохиру кӯчаҳои шаҳру қасабаҳои олам расида ва бе сару по дар роҳи Ҳақ давидаву ба Ҳақ расида истодааст. Чашми ширабастаи соҳиби ин замин ва галаҳову подаҳову рамаҳо аз паси пардаи се – чор печ салаи ранграфта ва ҷомаву чоруқи нимдошт инро надид. Ва Бобои Ҳоҷӣ бе арзу ниёз гуфт:

– Ин марзро ба мардуми Оличадара диҳед. Ин ҷо мо қишлоқ мекунем, номаш Ёри Ҳалқа, яъне Ҳалқаёр мешавад.

– Хобатро ба об гӯй. Инҷо як ваҷаб замин баҳри оличадарагиҳо нест.

Бобои Ҳоҷӣ аз ин хел муомила нороҳат нашуд. Пушт гардонд. Аз Ҳақ баҳри ӯ ҷазо хост ва гуфт:

– Ҳар чи талабгорам ба ҷуз Худат аз ҳеҷ кас талаб надорам.

Гардани соҳиб, пеши чашми подабонҳош тофт. Рӯяш болои кит-

фи чап гашту ноҷунбон шуд. Қоматаш чанг зад. Ба талвоса афтод ва бо ҳарос гуфт.

– Ин чи офат буд, ки аз ин пир ба ман расид. Пойҳо нороҳатӣ доранд. Аз ҳозирон чӯпони соҳибдиле, ки ҷозибаи ин пирро дар дил дошт, банди каинро ба хӯҷаин нишон дод ва гуфт:

– Ин каина ба гардан банд, илоҷе кун, пиёда ба ӯ бирасу узр бихоҳ. Бахшад дуруст мешавӣ. Вагарна бо ҳоли аз ин ҳам зортар мемонӣ.

– Гир аспи маро, – гуфт Соҳиб, – Ӯро савор биёр. Ҳамин ҷо аз ӯ узр мехоҳам.

– Намеояд.

– Ин даҳмарда бисёр маҳмадоноӣ дорад, – гуфт ба галабонаш Соҳиб. – худат рав.

Галабон аспи соҳибро гирифту ба пирамард расид. Ва иззат ба ҷо овард. Бобои Ҳоҷӣ ба ҳарфи ӯ гуш доду напазируфт, галабон ноумед баргашт.

– Аввал, – гуфт ӯ ба Соҳиб, – намефахмидем. Ин пир ҷозиба дорад. Ларза афтод ба тамоми баданам. Тавба.

Соҳиб фармуд ба даҳмарда.

– Банди поруолудаи каин биёр.

Бандро оварданд. Соҳиб онро ба гардан басту сари онро ба даҳмарда дод ва бо шитоб ба Бобои Ҳоҷӣ расид ва гуфт:

– Бубахш маро Ҳазрат. Нафаҳмида гуноҳ кардам. Ин замин аз Шумо. Боз чи қадар замине хоҳед, аз Шумо. Маро аз ин ҳол раҳо диҳед. Ин асп аз Шумо. Чи қадар чорво гӯед, медиҳам.

– Чорво аз худат, ба худат насиб кунад. Асп ҳам, – гуфт Бобои Ҳоҷӣ.

Бобои Ҳоҷӣ маломатро аз дил ронду Соҳиб ба шакли аввала шуд. Марзаи Ҳалқа Ҳалқаёр шуд. Бобои Ҳоҷӣ тарҳи масҷид, чоҳҳои обу боғҳо кашид. Ва деҳаи ободоне дар домани талу теппаҳо арзи вуҷуд кард. Ватани боғу роғ, ҷавонмардиву одамгарӣ, меҳру муҳаббат шуд Ҳалқаёр.

Баъдан тӯли умр шаҳру шаҳракҳо, деҳу деҳкадаҳои беҳисоб аз мӯи сар зиёд дидам. Вале мисли қавми Ҳалқаёриҳо мардуми софдил, бо ҳам ва дигарон аз чашму дили аз бухл пок кам дучор омадам.

Ва ин ҳама аз файзи Бобои Ҳоҷӣ буд. Ӯ аз Оличадара то ҳарами Каъба ними дунёро пои пиёда тай зад ва аз Ҳақтаоло омурзиши гуноҳои ёру ҳамсояҳо, қавму миллат хост. Шафоати дуои ӯ ба ҳафтод рӯза роҳ мерасид.

– Ҳар, ки моро дар сахтӣ аз ҳафтодрӯза роҳ, – гуфт Бобои Ҳоҷӣ

дами мавт, – ёд кунад, шафоат мебинад. Ва ҳафтодрӯза роҳпаймоии беист роҳест ки кураи арзро фаро мегирад. Ӯ бо заҳмату талош баҳри хуҷастагии инсон аз Ҳақтаоло хиради оламгир ёфт. Ҳақиқати оламу одамро кашф кард.

Поёни ҳаёт марг аст. Бобои Ҳоҷӣ байни Оличадараву Ҳалқаёр баландтарину зеботарин теппаро манзили абадиаш интихоб кард ва гуфт:

– Ҳар куҷои ин теппа, ки тобутам вазнин шуд, ба хок супоред.

Рӯзи ҷаноза, тобути Бобои Ҳоҷӣ рӯ рӯи дастҳо парвоз кард. Болои теппа, он ҷое ки дунёро равшантар мебинӣ, тобут вазнин шуд. Тобут ба замин нишаст ва гӯрсозон манзил сохтанд.

Соли аввал, ки айёми баҳорон буд, баробари сабза ниҳолҳои оличабандак аз замин сар бардоштанд. Дар соли дуюм ниҳолҳои оличабандак ба шакли кулоҳи азим теппаро пӯшонд. Чунон ҷангали анбӯҳи оличабандаке ба сӯи осмон қад кашид, ки сари мор роҳ намеёбад.

Аз рӯзи ба манзили охират рафтани Бобои Ҳоҷӣ то ин айём беш аз садучил сол сипарӣ шуд. Вале ҷангали оличабандакҳо пир намешавад. Аз ин боғи бузург ҳазорҳо одамон гулӯ тар мекунанд ва духтарони қадрас ба нияти ёфтани саодати абадӣ аз шарбати донаҳои ҷигарранги он хол ба пешона мезананд. Ва беш аз саду чил сол боз болои гӯри Бобои Ҳоҷӣ мисли рӯзи аввали ба ин манзил расидан хушку бенам аст. Болои гӯри ӯ на барф мепояду на борон хона мекунад. Буданд одамони аз аҳли қол ба деҳаи атрофи Ҳалқаёр навомад, ки ба ин мӯъҷизаи баъди марги Бобои Ҳоҷӣ шубҳа оварданд. Чун замони зимистони яхбандӣ, ки олам бо кӯрпаи барфӣ печида ва аз тори сар гарди сафед меборид, домон бар зада вориди ин боғ шуданд ва сари гӯри Бобои Ҳоҷии бузургвор расиданд. Сари манзили ӯ бе барфу бе ях буд. Бенаму хушк буд он ҷо.

Ва ин ҳама аз покӣ ва то нафаси охир талош ба сӯи покӣ ҳосил шуд.

## ФИКРҲОИ ПАРЕШОНРО САБАБ ЧИСТ?
### *Ба ёди Лоиқ*

Аслан боиси асосӣ дӯстест, ки ба ёдаш дил гум мезанад. Аз қалами сабзу сиёҳ ҳам метарсиву аз коғази сафед ҳам. Чунки зиндагии ӯ бо ҳамин ранг буд. Ва ду рангаш сабзу сафед аз худашу сиёҳ бегона. Асри гумном аст асри… Офаридгор ба ӯ сари сабз дод то ҷовид, дили сафеде бахшид, тоза, то фарде Лоиқ аз замони пуртало-

тум, асри гумном нишоне барои асру ҳазорсолаҳои навин монад! Ва дили сафеде бахшид тоза, шаффоф, пок чун нилуфар, ки гардеро, чангеро, олудагиеро қабул надорад, то ба рӯз аз ҳусни ҷилои офтобу шаб партави моҳ ва чашмакандозии ситораҳо накоҳад.

Ҷавонмарди бекоҳиш буд Лоиқ дар олами шеъру рӯзгори воқеӣ. Ҳар ду ҳам ҳанӯз теғ ба хати риши нодамида нарасонда, даст ба дасту китф ба китф будем. Дастони ҳанӯз ногиро ва китфони бори гарони зиндагӣ наозмуда, ба ҷуз гирҳои сиву ду килоҳаи Лоиқу Доро дар ҳавлии иҷораи студентӣ. Бозувони серрагу пай Ғоиб Сафарзода аз вазни гир меларзиданд, вале ӯ тан намедод. Аммо Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аз чунин вазнбардорӣ безор буд ба гирҳо наздик ҳам намешуд. Ва инро кори гов медонист. Сари дастурхони нону маска ҳам дастдарозӣ намекард. Китфҳо ташнаи бори нангу дастҳо дар талоши кушодагардӣ буд. Ҳарчанд, ки дилтангӣ аз дасттангӣ бадтар аст. Лекин дили кушод аз дасти кушод об мехӯрад.

Камиҳои якхела дар хама синну сол, вале бештар айёми ҷавонӣ одамонро ба ҳам наздиктар мекунад. То он замон Лоиқ аз падар баҳра надошт ва ман ҳам. Симои падарҳои аз паи дигар занҳо рафтаро аранги ба ёд меовардем. Меҳри модар ҳарчанд оламгир аст, вале дар баъзе гӯшаҳои дил аз меҳри падар холигиҳо эҳсос мекардем. Замоне падари Лоиқ аз олам гузашт (ӯ аллакай шоири баркамол буд) ба ёди падар чунон як силсила шеърҳои ҷонгудозе навишт, гумон бурдам дили Лоиқ ба ёди падар об шуд. Ин қадар меҳри болову воло ба падар дар шеъру сухани ягон шоиру носир, филологу философи олам надидаву нашунидаам то ба имрӯз аз адабиёту аз таърих. Баъдан навбати реҳлат ба падари ман расид. Гӯшаҳои холии дил оташ гирифт. Ин алови меҳр дар хуну устухон хуфта буд. Ҳунари шеъри баланд гуфтан, ки надоштам, аз чашм ба рӯи тобуту манзили ӯ ашкҳои сӯзон рехтам бо шеърҳои ҷонгудози падарномаи Лоиқ. Ва ҳарфи модар ба ёдам омад, ки боре нисбати писару духтари ҳамсоя гуфт:

То духтар модар нашаваду писар падар қадри модару падар надонанд.

Ва ин замоне буд, ки бори оила бар дӯш доштему талоши ҳаёт. Ва Лоиқ аз байни навқаламону шоирони аз худ як солу ду сол калон, ки дар курсҳои Донишгоҳи давлатии миллӣ ва донишкадаҳои омӯзгорӣ бисёр буданд, чун тундар ба осмони шеър баромад ва мисли барқ ба дилҳо рӯшанӣ овард.

Шишаи номуси миллат, ки айёми студентӣ дар бағал ниҳон

дошт, ӯро аз варта ба варта мебурд, ҷасорат медод, донову тавоно мегардонд. Дар шеър боло мерафт ва муҳаррики ҳаракатдиҳанда табу тоби миллат буд. Ифтихор аз миллат ӯро донову тавоно мекард ва табу тоби миллат сӯзи ҳамешагии вуҷуди ӯ буд.

Ва ин ҷо ҳодисаҳои зиёде дар хотир мондааст, аз троллейбусу автобус ва кӯчагардиҳои пойтахти ҷумҳур. Рӯзи шаҳри Душанберо медонистем. Забони шаҳр ба ҳисобе ҳаштод фоиз русӣ буд. Ба ин фоиз духтарону писарони тоҷикзода, ки ба забони русӣ буд, дил хаста мешуд. Меҷӯшид, метапид, беқарор мегардиду адабро риоя мекард. Ва ҳине ба ягон духтаре аз ин зот пурсише мекард ва ӯ чунон нишон медод, ки забони тоҷикиро намефаҳмад. Лоиқ хандаи ҳайрат ба лаб меоварду сар меҷунбонд. Ин амал нишонаи нафрати олӣ ифода кардани Лоиқ буд.

Дар шаби аввали пас аз падруд бо донишгоҳ Лоиқ пешниҳод кард ба иҷорашинон: Шоҳмузаффар, Ғоибу Одина Мираку Дорои Дӯст ғайри чашмдошт:

– Мехоҳам, – гуфт ӯ, – шаҳри Душанберо донам. Мехоҳам бинам, ки шаби Душанбе бо кадом забон сухан мегӯяд.

Ҳамагон розӣ шудем, ки аз шом то саҳар аз ҳама кӯчаҳои шаҳр мегузарем то забони шабҳои Душанберо фаҳмем Аз хиёбони Ленин (феълан Рӯдакӣ) оғоз шуд сафари мо. Доку Аэропорт, вокзали роҳи оҳану комбинати бофандагӣ ва маҳаллаҳои Якачинору Камонгаронро (Масложирро) давр задем. Дар ҳама ҷо гуфтугӯ ва пурсишҳо ба забони русӣ ва се ҷо ба забони ӯзбекӣ шунидем.

Субҳидам ба кӯли Комсомол омадем. Духтару писари тоҷике дучор омад. Байни ҳарду чи розе доштанд. Бача баробари дидани мо духтарро партофту гурехт. Ва ҳамзамон Лоиқ фарёд зад:

– Гард бародар! Номардӣ накун! Мо, додар ба шумо коре надорем.

Ин замоне буд аз дидани зан ба ваҷҳ меомадем ва хун ба майна мезад. Вале дар ин лаҳзаи шодӣ, аз шом то субҳидам шаҳрро тай задему ин лаҳза сухани тоҷикӣ шунидем, ҷавонмардӣ боло гирифт. Ҷавонро баргардондем ва Лоиқ ба ӯ насиҳате дод, аз тахти дили мо:

– Бародар, ин духтар ба хотири ту то ба ин ҷо омадааст. Чаро ин хел бенангӣ мекунӣ. Мепартоиву мегурезӣ. Айб, бародар, айб.

Духтари зору ҳайрон ба бозгашти ӯ ва Лоиқу ҷӯраҳояш менигарист.

Фардои он рӯз Лоиқ шӯъбаи адабии Кумитаи радио ва Шоҳмузаффару Ғоиб идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ва ман «Пионери Тоҷикистон» ба кор рафтем. Лоиқ ба ҷое рафт, ки дар

ҳақи ҷонишин раисаш Каримов (аз кӯчаи радиову матбуот нагузашта буд. Чунон, ки ҳоло ҳам ин вомехӯрад) латифаву мазоқҳои бисёр буд. Боре ӯ мақолаи радиоии Лоиқро пеш аз эфир хонд ва ӯро наздаш талаб кард. Каримов бо сиёсат аз Лоиқ пурсид:

– Ту инҷо чӣ навиштаӣ? Маркабаш боз чӣ?

– Хар муаллим, – гуфт Лоиқ.

– Фаҳмидам, – гуфт Каримов.

Лоиқ бо ин «шахсият»-и аз боло омада, кор кардан нахост. Барои кор ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (феълан «Ҷавонон») гузашт... Баъдан сармуҳаррири «Садои Шарқ» шуд. Соли сеюми сармуҳарририи ӯ аз рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (Ҷумҳурият» ба рухсатӣ баромадам ва намедонистам куҷо ба сафар бароям. Ва аз Лоиқ маслихат пурсидам. Ӯ гуфт:

– Биё, харҷи сафар аз ман. Ба Грузия рав, Тбилисиву шаҳрҳои дигарро бин. Грузинҳои ба водиҳо муҳоҷир шуда ба кӯҳистон рӯ оварданд. Бин онҳо ба чӣ дастур кӯҳистонашонро обод мекунанд. Таҷрибаи онҳоро омӯз. Барои Тоҷикистони мо зарур мешавад. Чунки водиҳои мо танг шуданд. Оянда мулкамонро боз ҳамон кӯҳистони пеш ободу ҳоло хароб мехӯронад.

Аз ин сафар баҳраҳои зиёд бардоштам. Аз ҳама муҳиммаш миллати ба ваҳдатрасидаро дидам. Аз роҳбари Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Грузия то ходими меҳмонхона ва савдогари бозору ронанда таърихи кишварашро дақиқ медонисту нисбати ободонии миллату диёраш якхел фикр мекард ва аз грузин буданаш ифтихори ниҳоят баланд дошт. Он чи беш дар Грузия дидам ҳоло ҳам барои тоҷику Тоҷикистонам орзу мекунам.

Бори номуси миллат ба китфи Лоиқ гаронӣ меовард ва тавҳиди он ҳам, вале бори дастони пурфайзу ба сахо дарози ӯ вазнин набуд. Чунки ҳарчи пайдо дошт, сарфи дӯст мекард. На нияти қаср сохтан дошту на давлату сарват гирд овардан. Агар ҳазор меёфт ҳазору як харҷ дошт.

Дӯст медошт тоҷики росткору ростгӯй, некдилу некманишро ва ҳар нахлу гиёҳи кишварашро. Ва тухми муҳаббат мекошт дар дилу дидаи мардум ва хатои Иброҳими Халилуллоҳро ба ислоҳ мерасонд. Чун Иброҳим Халилуллоҳ ҳарами боҳашамат сохт ва бар Яздони Мутаол садо дод, ки хонаатро сохтам, ӯ гуфт: хонаи маро насохтӣ. Хонаи ман дар дилу чашми мардум аст.

Ва Лоиқ дар чашму дилҳои мардуми имрӯзу фардост.

Устод Абӯабдулло Рӯдакӣ офтоби Панҷрӯд буд. Лоиқ Шералӣ моҳи хирманзадаи Мазори Шариф шуд.

## ДЕВОНАГИИ МАРДИ ҲУШЁР

***Ба ёди Миратулло Атоев***

*Ба гудоз омадам аз дард намехохам зар,*
*Ману ҳамёни дилу ашрафии доғи ҷигар.*

Ба чи хотир ин тангаи тиллоӣ ба ӯ дод.

– Не, лозим нест, – гуфт Миратулло. Вале кадом як қувваи ботине дар вуҷуди ӯ ба ҷӯш омад ва чашмонаш дурахшид. Нерӯи мавҳум. Нашинохт Миратулло онро. Эҳсосоти ғалаёномезе дошт он қувваи ногаҳонӣ Миратулло, лозим нест, гуфту лекин дилаш таблак зад.

– Гир, аз ин тангаҳо бисёр дорам. Аз сад як то ба ту диҳам, халтачаи чармӣ холӣ намешавад.

Панҷаҳои Миратулло кушода шуд ва кафи даст тангаи тиллоро фишурд. Ва дар танҳоӣ онро кушод. Танга сикадор буд. Он ба се ҳисса тақсим мешуд ва дар партави чароғи моҳтобии болои дафтари нотаҳои ӯ ҷило дод. Онро рӯи теғаҳои нури офтоб, ки аз тиреза ба кунҷи рости девор ханҷар кашидааст, дошт. Нури офтоб хира шуд. Ва дар дасташ вазн дод. На камтар аз сад гиром вазн дорад ин тангаи тилло.

Ӯ нотаҳоро ба ҳоли худ монд. Куштани чароғи моҳтобӣ ҳам аз ёд рафт.

– Чи хел тиллоро бо худ мегардонӣ. – пурсид аз худ.

– Дар ҷайб вазнин аст. Вақте аз ин камтараш ба замин, даруни хок меафтад, ба қаъри замин медарояд. Ҳазор кобӣ ҳам намеёбӣ. Кисса барои ин вазн чи ҷон дорад. Шикоф мекунад. Вақте ба автобус ё маршрутка менишиниву осоиш меёбӣ, бо ҳузур аз бари ронат мелағжад. Пай ҳам намебарӣ, ки афтидааст. Ин китоб нест ва асари мусиқӣ ё қаламу қоғаз, ки мардум аз замин набардоранд. Ва каси афтодани онро дида гӯяд: муаллим, чизатон афтид. Ва бо ангушт он чизи афтодаро нишон диҳад.

Тилло аз кисса афтад, тамом. Аввалин шахсе онро мебинад, ба дуздӣ мебардорад. Ина дар кафи даст ҳам ниҳода гаштан мумкин нест. Чашми ягон кас бинад, чанг зада мегираду чунон медавад, ки асп ба ӯ расида наметавонад. Агар чолокӣ карда кафшро пӯшиву дар мушт нигаҳ дорӣ, аз он чашме, ки онро дид раҳо намеёбӣ. Зарбаи корди дигаре сарпанҷаи туро аз танат ҷудо мекунад ва ба бағал зада мегурезад. Тилло шухӣ надорад, Миратулло.

Ва ӯ тангаи тиллоро ба рӯймолча печонд. Тугун баст. Даст сӯи

киссаи пешбағали пиҷак бурду қафо кашид. Не ин ҷои тангаи тилло нест. Як вароқи сиёҳнависи нотаро аз дафтар даронд. Чор – панҷ қабат печонд. Ба киссаи пешбағали пиҷак андохт. Нигоҳ кард: бағали чап дам. Худи синаи калони занҳо барин. Гӯё ӯ як сина дорад ва онро бо синабанд таранг бастааст. Намешавад. Хандаовар. Ва худ хандид.

– Не, ин ҷои он нест.

Бастаро аз кисса гирифт ва сари сумкаро кушод.

– Ҳарчанд ҷои ту, – гуфт Миратулло ба тангаи тиллоӣ, – ин ҷо ҳам нест, вале то хона даруни ин мемонӣ. Баъд дар хона ҷоятро меёбам. Вале дар куҷои хона. Инро дар ҳамон хона фикр мекунӣ. Ҷое бояд, ки на зан пай бараду на фарзанд.

Миратулло аз дафтари корӣ баромад. Ягон ҳарфи оҳанги то ин лаҳза навиштааш ёдаш намеомад. Симои шогирдаш ва чи хел аз ҷайб бепарво баровардану ба кафи дасти ӯ мондани тангаи тилло аз пеши чашму фикру хаёлаш дур намерафт. Ва шогирд ба чашми дили ӯ устоди нотакрори Ҳотами Тай намуд.

– Ин Ҳотамиро бине, – гуфт ба худ Миратулло замоне ба курсии мулоими микроавтобуси рақами ҳаждаҳ, ки роҳи он ба хонаи ӯ наздик буд, нишаст, – бе ҳеҷ муқаддима тангаи калони тиллоро ба кафи дастам ниҳод.

Ва ӯ он лаҳза бепарво аз ҷайб баровардани тангаи тиллоро пеши назар овард:

– Аз сад зиёд, – гуфт шогирд, – нигоҳ намедорам. Ин васияти падарам. Кам бошаду беғам бошад.

– Аз сад тангаи тилло, – пурсид Миратулло, – гузаштан гирад, чи мекунӣ.

– Ба шумо медиҳам, – гуфт шогирд ва илова кард: – Дар ин дунё аз шумо азизтар одам надорам. Ҳама устодон бо мушкилӣ дасти шогирдро ба касбу ҳунар рост мекарданд. Шумо, даст он тараф, фикру дили маро ба санъати оҳангсозӣ рост кардед.

Ин сухани ӯ ҷон дошт. Ӯ шогирдони бисёр дид. Вале Камолиддин аз ҳамаи онҳо бартарӣ дорад. Ҳама суханхои ӯ андешапарвар аст. Шогирди ӯ қаъри дили инсонро мефаҳмад.

Лаҳзаҳои ғаму шодиро дарк мекунад. Оҳангҳои ҳузнангези ӯ, ки дар ҳар захмаи он умед ба пайдо кардани ҳаёти ҷовид аст, ба дилҳо нерӯ мебахшад. Аз заковати ӯ Миратулло ба завқ меомад.

– Оҳангсоз, – гуфт дирӯз Миратулло баъди хондану шунидани асари хурди шогирд, – ба ҳузну шодии қаърҳои дил нуҳуфтаи одамҳо сару кор дорад. Дилҳое, ки ҳосили онҳо шодӣ аст. Одамон хуна бо об мешӯянд. Ва маломатро бо дилбардорӣ. Ин осон аст,

нисбат ба заҳмати сангини оҳангсоз. Оҳангсоз ғамро ба оҳанги мутантани шодӣ аз дил берун оварда наметавонад. Ӯ ҳузнро афсун мекунад. Бо афсун андӯҳро аз дилҳо мекашаду нури рӯҳро ворид мекунад. Ҳине нур ба дил роҳ ёфт, сояи ғам пароканда мешавад. Вуҷуд даме аз ғам фориғ мегардад ва дилу тан нерӯ меёбад.

Оҳангсоз ҳузнро бо ҳузн чунон афсунгарона аз ҳастии одам меронад, ки дар ботини одами маҳзун ниҳолҳои умед мерӯяд ва мева меоварад. Ва онро қанди шодӣ мегӯянд. Ва ин қанд ҳосили ҳамон боғи ғам ҳасту боғбонаш оҳангсоз.

Ва оҳангҳое, ки ӯ ва шогирдаш менависанд, сарват аст. Миратулло тариқи кону макону нигоҳ доштани сарватро ба шогирд нишон дод. Аз хизмати оҳангсоз сухан ронд. Дар олам, гуфт ӯ, ду сарват аст, молу пулу тилло ва сарвати рӯҳ. Сарвати рӯҳ оҳанги оҳангсоз, шеъри шоир, насри адиб ва таъриху ҳикмат аст. Ва оҳанг бузургтарин ҳикмат. Вале ҳикмати нозук. Ба назокати он на ҳар кас сарфаҳм меравад.

Ин ҳарфҳои бо ранги ғафси сиёҳ навиштаи ӯ ва шогирдаш сафед аст, зард аст ба ранги тилло. Ва ганҷ ҳаст дар ҳаво. Ва макони ин ганҷ дар осмон аст.

Сарвати пулу тиллое, ки дар замин гирд меоварӣ, дузду роҳзан, маккорону фиребгарон, ҳилласозону ҳиллагарон дорад. Ҳиллагарон ҳилла месозанд ва аз он сарват саҳми худро мебардоранд. Маккорон макр месозанду бенасиб намемонанд. Дузду роҳзан ба он ҷое ту сарват нигоҳ доштаӣ нақб мезанад.

Ва сарвати молу пулу тиллои ту қотил мезояд. Қотил бо корди аз алмос ҳам бурои дудама, туфангу туфангча аз дари ту медарояд. Ӯ ба ту не ба сарват қасд дорад. Пеши қасди ӯ ҷони ту ночиз аст. Баробари як пашша қиммат надорад ҷони гаронарзиши ту. Ӯ аз ҷони ту наметарсад. Ҷони ту баҳри ӯ ҳамин қадар зарур аст, ки дар хонаи пур аз ҷевонҳо, мизу курсиву диванҳо, телевизору видеоҳо ҷои сарватро гӯӣ, ягон танга аз ӯ пинҳон надорӣ.

Дузд намехоҳад ҳамаи асбобу ускунаҳои чилҳуҷра дарунандаруни туро чапаву роста гардонад. Ҷони худро азоб диҳад.

Ва роҳи азоб додани ҷони туро меёбад, то ҷони худаш амну амону осуда бошад. Ба туфанг даст намебарад. Ҳоло ҷони ту ба ӯ лозим аст. Корди ҷонситонро аз миён намебардорад. Чунки чашмаш ба банди дарзмоли ту афтодааст. Дарзмолро метасфонад. Аз дарзмоли тасфида дар кафи пои ту дуд мебарояд. Акнун ту тайёрӣ, ки ҳамаро ба ивази ҳифзи ҷон диҳӣ. Сарвати туро аз макон берун меоварад. То шоҳиду даъвогар дар миён намонад ҷони туро меситонад.

Замоне қавмҳои олам худо доштанд бо номи Мамуно. Маънои

ин ном сарват, дорой аст. Қавмҳо симои ин худоро ба шакли гӯсфанд офариданд ва ба тангаи нуқра, ки тилло назди он қадри ночиз дошт, сика заданд. Ва худои онҳо дуздиву ғорат мешуд. Қатлу қотил мезоид.

Офаридгори мо дар осмон аст. Ва Миратуллову устодону шогирдонаш назди ӯ сарват ғун мекунанд. Кафи пои ин Нигаҳбонро бо дарзмол наметасфонанд. Корд ҳам намебардоранд. Нӯги туфанг рост карда ба нишон намегиранд. Дарзмоли ба қасди ӯ гирифтаи ғоратгар худашро месӯзонад. Аз дузд хокистар боқӣ намемонад. Корди бардоштааш рост ба дили худаш мехалад. Мили туфанги ба ӯ рост карда, тир намепаронад. Дар кафи туфангдор метаркад. Рагу пайванди ӯ метаркад. Устухонҳош дар ҳаво бозӣ мекунад. Ғоратгару роҳзан ба макони ганҷи ғуновардаи Миратулло нақб намезанад. Макру найрангҳои ҳилагар заминианд. Ба осмон намерасанд.

* * *

Камолиддин то ин лаҳза ба завқи болову ҳунари волои устод эътиқод дошт. Суханронии ӯро меписандид. Ба қадри ақидаҳои Миратулло расидан мехост. Вале бо чунин фасоҳат сухангӯиву изҳори ҷаҳондонии ӯро бори аввал медид. Ва дар хоб ҳам ҳикмати устодро ба ёд меовард. Оҳанги ҳарфзании ӯ дар гӯшҳояш ҷарангос мезаду аз хизмати ӯ ва чи подош додан ба устод мулоҳиза меронд. Ба ёди ӯ кӯзачаи танга, ки дар ду ҷой ниҳон медошт, омад. Ӯ як лаҳза кӯзачаро холӣ карду шумурд. Саду як танга тилло омад.

Ва он лаҳзае Миратулло ба хона расиду ҷойҳои пинҳон мондани тангаи тиллоро, ки дар кӯча ба хаёл меоварад, дид, ба чашм нодилпур намуд ва макони беҳтар меҷуст, шогирд кӯзачаи дуюмро аз даруни хона аз таги девори нонпазхона баровард. Сари онро кушоду тангаҳои тиллоро аз садафи кулолӣ рехту шумурд. Ваҳ, як саду се танга. Ва се танга тилло ба руймолча печонд ва ҳамроҳи се дафтари асарҳои ба тозагӣ эҷод кардаи мусиқии худ ба халтаи салафанӣ андохт. Ӯ одати устодро медонист. Миратулло ин халтаро назди пианино ҳамон вақте мекушояд, ки ҳама ба хоб равад.

* * *

Миратулло бо чашмони аз камхобӣ сурх халтаи салафаниро аз дасти ӯ гирифт. Бепарво даруни киф (портфел) монду сари варақи сиёҳнависи оҳанги нав нишаст. Тангаи тилло ба ёдаш зад. Онро бари пианино, таги лаби гилеми як кунҷи хона пинҳон карда буд. Қаламро ба қаламдон монд. Миму фасол ба назараш бемаънӣ намуд.

– Аблаҳ, – гуфт бо фарёди дил ва аз ҷой хест. О, Космонавт ба

пионинои ӯ чақа аст. Ӯ пеш аз он ки нишинаду оҳанге машқ кунад, ҳама ҷои хонаро мерӯбад. Лаби гилемҳоро чапагардон мекунад. Аз як сар бо латта мешӯяд. Ва ӯ худро ба дил сазо дод. Мур бо ин калла, оҳангсозӣ номӣ! Кала, аз фикр қариб ҷонат барояду ҷои ёфтаата бин. Қадат қади мардаку ақлат кӯдак. Зуд рафта ягон ҷои дигар мон. Ба дасти Космонавт наафтад. Космонавт ҳанӯз духтарак аст. Чи ақл дорад. Бинаду гирад. Ба кӯча мебарад. Ба дугонаҳояш нишон медиҳад. Тиллодории Миратулло,мумкин, аз бастакориаш зиёдтар овоза шавад. Гап ба гӯши дуздҳову ғоратгарону порадеҳон расад. Ба умеди ин танга занаш бе куртаи танаву Космонавт бе руймол монад.

Аз гумони дигар ҳам дур нест, ки Космонавт бо дугона гаппаронӣ карда фиреб хӯрад ва ногаҳон аз бағали ӯ ягон дугонааш гирад. Ё афтонаду гум кунад. Шӯх ҳасту бебок Космонавт.

Байни фарзандон аз ҳама наздиктар ба дили Миратулло ҳамин Космонавт буд. Номи аслии Космонавт Космонавт нест. Номи аслии ӯ Фарангис аст. Дар синфи панҷум Фарангис аз муаллима ранҷиду Космонавт шуд. Бо дили гирифта аз мактаб омад. Ҳаёт ба назараш ҳеҷу пучу бемаънӣ намуд. Аз ба дунё омаданаш нафраташ омад. Худашро бад дид. Пеши чашми худ аз душмани ашадӣ ҳам ашадитар намуд. Сазои душмани ашадӣ чист. Нест кардани душман. Тирезаи хонаро кушоду аз ошёнаи сеюм худро ба замин андохт.

Дар беморхона ба ҳуш омад. Аз ҷой сабук хесту сӯи дар рафт. Миратуллову модари Фарангис паси дар меистоданд. Духтури дар палата ғафлатхӯрда ҳайрону нолон аз паси ӯ давид.

Фарангис падару модарро дид ва аз кардаи худ пушаймон қафо гашт. Миратулло хандаи шодӣ зад ва зонуҳои модар аз шиддати ҳайронӣ хам хӯрд. Шавҳар аз афтодан ӯро нигоҳ дошт. Ӯ ба зинда мондани Космонавт шубҳа дошт. Агар зинда ҳам монад, як умр маъюб мегардад.

Баракси тарси модар духтурҳо дар ӯ иллате наёфтанд. Дасту пои Фарангис андаке лат хӯрда буд. Ва ӯ аз бистари беёдӣ ҳанӯз барнахоста дар маҳаллаву беморхона ҳамчун кайҳоннавард шӯҳрат ёфт. Дар хона ва байни хешу таборҳо, гӯё аз гаҳвора ба ӯ ин номро дода бошанд, Космонавт гуфта муомила мекарданд.

* * *

Дар сари Миратулло фикри Космонавту тангаи тилло саросема кӯча баромад. Наздик буд киф аз хотир барояд. Аввалин таксии рост омадаро нигоҳ дошт ва чун нишаст, ба ронанда гуфт:

– Кори саросемагӣ дорам. Агар илоҷ бошад, тезтар ҳай кун.

Илоҷ будаст. Дар як зум ба хона расид. Бо шитоб боло баромад.

Дари ҳуҷраи кории ӯ пӯшида ва аз Космонавт нишон нест. Ва аз занаш донист, ки Космонавт хонаи ҳамсоя бо ҳамсинфаш дарс тайёр дорад. Миратулло зуд хона даромад. Дарро пӯшиду лаби гилемро бардошт. Танга дар ҳафт қабат аз қоғазу рӯймолча печида орому сокит дар ҷояш.

Миратулло онро бардошту ба фикр рафт, ки дар куҷо монад ин тангаи азизгиро. Ҳоҷатхона даромад. Ба тору таги қубури ғафсе, ки аз девор ба ташноб мегузашт, зеҳн монд. Ин сантехникҳои сабил чунон маҳкамкорӣ карданд, ки таги ин қубури бузбала сари чилик ҷой нест. Болғаву искана гирифт. Бо овози тақ – тақи ӯ ҳамсараш бо дастони хамиролуд аз айвон омад. Миратулло ба гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳ карду гуфт:

– Занак, аз ҳамин байни девор хавфи сурох ё пачақ шудани ин қубури калон аст. Бинам, ку. Агар дуруст бошад, истад. Агар хавфи шикофшавӣ бошад, ивазаш мекунем.

Аз ин ҳамсари ӯ ҳарчанд ҳеҷ чиз нафаҳмид, вале пай бурд, ки коре ҳаст карданӣ. Ва сари табақи хамир бозгашт.

Тақ-тақ дер накашид. Миратулло бари қубури санитарӣ чуқричае кофту тангаи салафанпечро он ҷо гузошт. Ва ба гаҷу шикастаҳои семент онро пӯшонд. Хотираш таскин ёфт. Хонаи корӣ гузашт. Кифро кушоду халтаи салафаниро баровард. Ба чашмаш вазнин намуд. Дафтарҳои нотаро баровард. Таги нотаҳо халтачае ба дасташ хӯрд. Гирифт онро. Эҳ, ҳамин дафтарҳоро вазнин кардааст. Халтачаро кушод. Се қоғазпеч. Ва ҳар се тангаҳои тилло. Миратулло моту маҳбут шуд. Як тангаи тиллои ӯ якбора чор тангаи тилло шуд. Акнун ҷои дилпур лозим.

Тангаҳоро як-як вазн кард. Якхел вазн доранд. Аз тангаи аввал андаке сабуктар. Ба сикаи онҳо нигоҳ кард. Ҳар се сикаи дусумӣ дошт.

Ба куҷо пинҳон кунад инҳоро. Дар ҳоҷатхона аз таги ҳамон қубури зафти санитарӣ беҳтар ниҳонгоҳе нест.

Тангаҳоро қоғазу салафанпеч кард. Ногоҳ дар нимроғ шуд. Чойнакро дид. Завҷааш бахри ӯ чойи гарм меоварад.

Миратулло саросема калапӯш аз сар гирифту болои тангаҳои тиллоро пӯшонд ва ба пешвози зан аз ҷой бархосту кафи даст сӯи ӯ кушод: Яъне аз ҳамон ноҷаи дар ин тараф набиё.

– Бар, занакҷон. Чой наёр. Аз ду сар намехӯрам.

Ӯ аз паси дар гашт. Чойнакро рӯи мизи ошхона монд. Ба назараш авзои шавҳар беҷо намуд. Рангаш кандагиворӣ. Ин дафъа дар калонтар кушода шуд. Миратулло кифи калонро гирифт ва болои калапӯш, ки рӯи забонакҳои пионино меистоду тагаш тангаҳои тил-

ло дошт, монд.

Ин занак, ба худ андешид ӯ, ягон бӯй пай бурдагист. Вагарна чаро инқадар зуд – зуд дари ӯро мекушояд. Бо дасти хамиролуд аз сари хамир мехезад. Боз чой баҳона. Як вақти дигар аз занак-занак гӯйиву додзанӣ овозом мегирад. Ва Миратулло ғазаби худро ба шӯхӣ гардонд. Ду даст пеши бар ниҳод ва қариб бо таъзим гуфт:

– Хизмат, занак. Ягон оҳанг навозам, ки рақсӣ. Ё часту хезӣ. Ё суруд. Лекин... агар оҳанги суруд... сурудашро худат мехонӣ.

Аз ин муомила дар дили зан алови шубҳа дар гирифт. Ин мардак бе бало нест. Хобаш хоби пешина не. Ранги рӯяш ҳам. Шабро бо ғанаб ба рӯз овард. Ғанаби осуда не. Пичир – пичир гап зад. Бо дев гап мезанад ё аҷина. Гапаша фаҳмида намешуд. Ҳозир ба ранге афтодааст, ки ҳеҷ гоҳ, ба ин ҳолат набуд. Вале занак аз ӯ чӣ пурсидани худро надонист. Ва дар ҷавоби шӯхии ӯ гуфт.

– Аз навохтани бисёр ранг бурдаву ранг овардаӣ. То нони гарму шакароб каме дароз каш, андак дам гир, охир.

Гӯшҳои Миратулло хуши шунидани ягон хел сухан надошт. Ӯ ба мақсади раҳоӣ аз гуфтугӯи дилнописанд гуфт:

– Ин талабат маъқул. Дарро пӯш, ҳамин ҷо дароз мекашам. Завҷаи ӯ дарро пӯшид ва аз паи пухту пази нон рафт. Миратулло куҷо фурсати фароғат дошт. Тангаҳои тиллоро гирифт ва ҳаловатҷо даромад. Пинҳонгоҳ дар назараш хурд намуд. Болға оварду искана. Ба қадри се танга дуруст кардан зарур. Космонавт аз мактаб наомадааст. Занаш машғули заволагирии хамир. Аз танӯри таги даромадгоҳи бино дуд мебарояд. Ин алови нони завҷаи Миратуллост. Миратулло сабр мекунад, то занаш ташти пур аз заволаро бардораду сари танӯр равад. Тақ-тақи ӯ то сари танӯр, ба гӯши занаш намерасад.

Болғаву исканаро паси чалаки обгир монду бо шитоб сӯи пионино шитофт. Сарпӯши пионинoро бардошт. Халтачаи тангаҳои тилло дар ҷояш. Дасти касе нарасидааст. Дари ҳуҷраро аз пушти он тела дод. Мабодо ягон нигоҳ ба тангаҳо расад. Ва дуюму сеюмбора ҳисоб кард. Се тангаи тилло. Бо он тангаи таги қубури девори байни ҳаловатҷову ташноб чор тангаи тилло.

Бо садои дари роҳрави хона аз ҷой хест. Завҷааш бо ташти пури завола аз дар баромад. Садои кафши ӯ аллакай аз зинаҳои ошёнаи якум меомад. Аз паси оинаи тиреза ба танӯри саҳни даромадгоҳи бино нигарист. Мабодо занаш ташти заволаҳои хамирро монаду боз боло барояд.

Танҳо ҳине ӯ сари танӯр нишасту ба деворҳои тасфони он зеҳн монд ва аз ташт завола гирифта рӯи сурфача онро тунук кард, бо

хотири ҷамъ ба калонтар кардани махфигоҳ шурӯ намуд. Онро даруntару чуқуртар кофт. Охири кор ба хайр нашуд. Миратулло паси пушт нигоҳе эҳсое кард. Чун сар бардошт, Космонавтро дид.

– Духтарҷон, ин чи гап. – рӯ овард падар ба духтар. – Бе садои по, мисли дузд омадӣ. Одам аҳу ӯҳу мегӯяд. Ту хап. Поидӣ, ки ман чи кор дорам. Ҳамин ҷой байни девори ин қубури калонро, гуфтам, санҷам. Ин ҷо ҳамеша нам. Мабодо шикоф бошад, хонаи ҳамсояи ошёнаи ду таги оби ифлос мемонад. Бечора таъмири хона кард. Мегӯям меҳнати чормоҳаи ӯро дар чор соат барбод надиҳем.

– Мегуфтӣ, худам, – гуфт Космонавт, – медидам. Биё, болғаву исканаро ба ман деҳ, ота.

– Ташаккур, ташаккур духтарам. Кор тамом. Ба назарам кубури санитарӣ дуруст. Ин ҷо айбе надорад. Таги ванаро дидан лозим. Космонавт ташноб даромад. Пеши вана ба зону зад. Аз аввал то охир ҷои обчакон наёфт.

– Ин ҷо, отаҷон, – гуфт ӯ, – ҳамаш нағз.

– Нағз бошад, бачам... нағз бошад, – гуфт Миратулло ва аз ҷой хест. – Духтари қобили ота. Очат нон пухта истодааст. Як нони нав, дар пеши худат часпонад, хуб сурхи хушрӯ шава, канда биёр. Ҳамроҳ, мехӯрем.

Хона бешоҳид шуд. Зуд бош Миратулло, ки Космонавт дар як ҷо бисёр намеистад. Корро анҷом деҳ. Зуд! Зуд! Зуд. Дар макони тайёр кардаи ӯ ҳама тангаҳо бари қубури сантехникӣ ҷо ёфт. Ӯ аз ду тарафи девор гаҷ молид. Девори тагу тор ва ду бари қубури сантехникӣ мисли пештара шуд.

Ҳамааш хуб, аз дил гузаронд Миратулло. Дар хона аз ин ҷои дилпур намеёбӣ. Дар берун чӣ. Шояд, атрофи дегдон, ягон гӯшаи нонпазхона ҷои аз ин беҳтаре ёбад. Дидан зарур. Миратулло аз курсии роҳати бари пионино, ки рӯ ба тирезаи айвони кушода буд, ба абрпораҳои сафеду парокандаи осмон нигоҳ кард ва байте хонд:

– Абрҳои сафеди осмон чун хаёли ман парешонанд.

Хаёл, ба худ танбеҳ дод, Миратулло бояд парешон бошад. Сар андак-андак гаранг. Дард мекунад. Бояд дард кунад. Ӯ шоир аз ман беақлтар набуд, ки гуфт: «Безорам аз он сар, ки дар он дарди саре нест».

Аз паси шишаи тиреза сӯи танӯр нигарист. Осмони болои танӯр ҳам абрҳои сафеди парешон дошт. Ва ҷо – ҷо абрҳои тунуки ғозхӯрда, ки аз таги онҳо чархи кабуди осмон рангин менамуд. Завҷаи ӯ сари танӯр хаму рост мешуд. Об мезаду нон меканд. Космонавт ҳам аз дегдон чашм намеканд. Аз афташ, ягон нонро таги чашм гирифтааст.

Ҳамин ки завҷаи ӯ нонпазиро тамом кард, Миратулло поён мефарояд. Аҷаб нест, ниҳонгоҳи беҳтару хубтаре пайдо кунад. Пинҳон аз чашми дӯсту душман чуқурие мекобад. Тангаҳои тиллоро он ҷо мемонаду бо хотири ҷамъ аз паи касбу кор мешавад. Ва ин лаҳза каламушҳои кӯча ба ёдаш омад. Хотираш ошуфта шуд. Таги хок ҳам бе душман нест. Ин каламушҳо аз кучуку пишак ҳам калонанд. Чор тангаи тилло чӣ. Ҳазору як тангаро бо як бардоштан медузданд. Ва чунон пинҳон мекунанд, ки мурӣ ҳам дигар намеёбӣ.

Космонавт як нони гарму сӯзон рӯи остинча сӯи даромадгоҳ давид. Миратулло ба ҳуҷраи пианино даромад. Радиоро монд. Оҳанги шиносе ба гӯшаш хӯрд. Ҳофизи шоистаи Ҷумҳурӣ Нуқра Раҳматова суруди ӯро мехонд. Вақте Космонавт нони гармро пеши ӯ монд, то аввал падар шиканад, ки баранда номи ӯро гирифт. Маъруфу машҳуру хушсалиқа гуфт ӯ Миратулло Атоевро ва ба шунавандаҳо оҳанги ҳафтаи рафта ба тозагӣ навиштаи ӯро дар иҷрои Нуқра Раҳматова ваъда дод.

Ва Нуқра Раҳматова хонд бо овози чун чашмаҳои Бадахшон софу беолоиш. Вале оҳанг бо ҳама он шӯхиҳое, ки ҳофизро ба шавқ меоварад ва чун мавҷҳои пай дар пай ба ҳаво танин меандохт, аз дарҳои дили ӯ намедаромад. Макони тангаҳои тилло, девори байни ҳаловатгоҳу ташноб дарҳои дили ӯро танг меоварад.

– Отаҷон, – гуфт Космонавт ва нонро шикаста порае аз он ба ӯ дароз кард, – гиред.

– Миратулло ба эҳтироми ӯ нонро гирифт. Калонтар аз пушти нохун шикаст, балки пучид ва ба даҳон бурду дигарашро рӯи остинча монд.

– Дилам намекаша, духтарҷон.

* * *

Рӯзи дуюм аст, ки дили ӯ майли нону хӯрок надорад. Ким чи хел, иштиҳо гирифтагӣ. Сараш дард мекунад. Дар толори бастакорон, ки контатаи нави оҳангсози соҳибқирон Фаттоҳ Одинаевро шунида муҳокима мекарданд ба ӯ сухан доданд. Аз ҷой хест. Чи гӯяд. Чи маслиҳат диҳад. Ӯ худаш мӯҳтоҷи маслиҳат буд. Боз чи хел ба Фаттоҳ, барин оҳангсозӣ закӣ, ки дар оҳангсозӣ санъати мӯшикофӣ дорад, маслиҳат медиҳад. Охир ин лаҳза ӯ худаш мӯхтоҷи маслиҳат аст. Кошки нишастаҳои толор маслиҳате медоданд. Мегуфтанд, ки тангаҳои тиллоро дар куҷо пинҳон медоранд. Нисбати контата ба сари Миратулло ҳарфе наомад:

– Ҳозир не, – гуфт ӯ, – фикрҳо дар сарам пухта шавад, ба худи Фаттоҳҷон мегӯям. Акнун дигарҳоро шунавем. Бинем чи фикре, чи

маслиҳате мегӯянд.

Ва ӯ ба ҷояш нишаст. Тавба, овози худаш ба гӯши худаш бегона намуд. Гӯё ин ҳарфҳоро ӯ не, кадом як мадҳуши паси сараш, ё аз паҳлӯяш истода гуфт.

– Ман розӣ, – гуфт Фаттоҳ Одинаев ба Миратулло ишора карда. – баъдтар ҳамаи фикрата мегӯӣ.

«Ман розӣ». Аз чи розӣ бошад ин бузургвор. – пурсид Миратулло аз худ. – Нисбати контатаи нави ӯ чи фикри арзандае гуфт, ки Фаттоҳ Одинаев розӣ шудааст.

* * *

Ҳине ҳама тарки толор карданд, ӯ ҳам аз ҷой бархост. Дилаш хавотир буд. Бар сари тақ – тақи ӯ дар ҳаловатҷо завҷааш омад. Баъд Космонавт ҳам дид. Раваду аз ташноб об таги қубури санитарӣ ба ҳаловатҷо гузарад. Духтару оча ҷои кандаи ӯро месанҷанд. Баъд овоза мешавад. Овоза ба гӯши ҳамаи дуздҳову роҳзанҳо ва ришвахорони онҳо мерасад. Хилвати шаб ғоратгарони мусаллаҳ, дарзмол ба кафи пои ӯ мемонанд. Чи хел аз кафи пояш бӯи ғализ бароядү ҷонаш сӯзаду ӯ тангаҳоро нагӯяд. Ба надораму намедонами ӯ дуздҳо бовар намекунанд. Ғазабашон зиёдтар меҷӯшад. Аз кафи по дуд мебарояд.

Хайр, як по як по будааст. Гапе не. Лекин бо як пой аз дасти ғоратгар халос мееёбӣ. Дарзмоли тасфонро ба сандуқи сина, рост болои дилат мемонад. Он гоҳ, ба ҳифзи ҷон худат деворро мекобӣ ва бо ду дасти адаб тангаҳои тиллоро ба онҳо медиҳӣ. Боз минатдорӣ ҳам мекунӣ. Бари қубури калони санитарии байни девори ҳаловатҷову ташноб то рафт нодилпур, балки хавфнок мешуд. Ӯ аз телефони кӯча ба донишкадаи ҳунарҳои нафис занг зад. Бетобиашро баҳона овард ва аз декани факултаи мусиқӣ хоҳиш кард, ки дарсу санҷишҳои охири ин ҳафтаро ба аввали ҳафтаи оянда монад.

Декан мусиқишинос буд ва ӯ ба истеъдоди Миратулло тан медод. Ва ба қадри пурсиши ӯ мерасид. Мехост ҳама аҳли фарҳанг ва ҳамчунин тамоми шунавандаҳои садову симои мамлакат ба қиммати ӯ расанд.

Аз корҳои таъҷилии имрӯз боз чи монд. Оҳангҳои нави шогирдаш Камолиддин нодида мондааст. Ӯ чанд бор варақҳои нотаро кушоду пеши чашм монд. Ҳозир ҳам онҳо дар хона, болои пианино пеши чашманд. Сурудҳое, ки шогирд ба онҳо оҳанг офаридааст, ӯ аз ёд медонад. Оҳангҳоро хондану навохтан лозим. Баъд ҳамаашро мулоҳиза карда ба Камолиддин роҳи беҳтар нишон додану баҳрае расондан мумкин. Вале чашми ӯ аз ду-се сатр он тарафтар нарафт. Ҳамон чанд ҳарферо ҳам ки хонд, дуруст дар ёд намонд. Занг зада

ба шогирде, ки пеши чашми ӯ Ҳотами Тайро бо як нӯл задаст, чи мегӯяд. Беҳтараш занг намезанад. Камолиддин ҷавони вазнину ботаҳамул аст. Як ҳафта, ним ҳафта сабр мекунад. То он гоҳе, ки устод махфигоҳи аз ҳама ҷиҳат дилпур барои тангаҳои тиллои додаи ӯ ёбад.

Боз чи кори дигар. Дигар ҳеҷ чиз. Сараш чарх зад. Агар аз ташноб об наояд. Космонавту модараш аз кандану шикастани ӯ гумон баранд, ки ӯ ягон чиз пинҳон кард, ҳатман месанҷанд. Баъд овоза мешавад. Чашмони ӯ ногаҳон сиёҳ зад. Сар афшонду худро ба даст гирифт. Боз сарчархак нашавам, – гуфт ба худ ва роҳи хонаро пеш гирифт. Як бор дидан лозим. Мабодо духтару оча наканда бошанд. Агар кушоянду он чор тангаи тиллоро бинанд. Ҳатман ҳама, ё дутоашро мегиранд. Хандааш омад: агар тақсими одилона кунанд чӣ. Ба се нафар як тангаӣ мерасаду як танга зиёдатӣ мемонад. Шояд, онро ҳақи ӯ ҳисобанд. Ҳаққҳои худро гиранду аз ӯро гузоранд. Чи хеле кананд, боз ҳамон ранг пӯшонанд... Не дидан зарур.

Бо ҳамин андешаҳо ӯ ба хона расид.

* * *

Зуд тағйири либос карду ҳаловатҷой даромад. Ниҳонҷой ба назар кандаву кушода намуд. Аз дарун пешкалидро гузаронд. Дар маҳкам шуд. Бо нӯги корди калон гачандудро канд. Пораҳои шикас – таи сангу симентро баровард. Дасташ ба халтача расид. Тангаи аввал таги он меистод. Халтачаро кушод. Се тангаи тиллои ду сума ва тангаи таги он сесума: чор танга. Миратулло нафаси осуда гирифт. Хайрият, Космонавт гумон набурдаст ва модараш ҳам. Ҳама дар ҷояш.

Ӯ тангаҳоро тарафи дигари қубури санитарӣ пинҳон кард ва боз гаҷ молида ба ранги аввала баргардонд.

– Хӯрок биёрам мехӯрӣ, – пурсид завҷааш вақте ӯ дари ҳуҷраи кории худро мекушод.

Ҳамин калимаи «мехӯрӣ» – ро намегуфт беҳтар буд. Ба гӯши Миратулло бад расид он. «Биёрам» бас буд. Шояд ӯ розӣ мешуд. «Мехӯрӣ.»

– Не, намехӯрам, – гуфт Миратулло, – корам бисёр. Сер будааст, гуфт ба дил завҷаи ӯ.

Дар ин шаҳри калони Душанбе ба зан фаҳмидани ҳоли шиками мард осон нест. Ба хусус мисли Миратулло оҳангсози шинохта, ки садҳо шогирду ҳазорон ҳазор қадрдонҳо дорад. Боз сари ҳар қадам ошхона, қаҳвахонаву тарабхона. Ҳама табоҳони хондагӣ. Боз пешхидматони олуфта. Бо сад забон аз мардҳо дилҷӯӣ мекунанд. Қошу

рухсораҳошона намегӯӣ! Аз қошҳо сурма мечакад. Рӯяшонро ин тарафу он тараф тоб медиҳанд. То сурмаи қошу мижгонҳои онҳо ба пешонаву бағали мардҳо начакад. Сурхӣ дар рухсораҳои онҳо барқ мезанад. Мард бо як бӯса аз қабатҳои сурхиву сафедии ба рухсораҳо молидаи онҳо сер мешавад.

* * *

Сафари хизматӣ пеш омад. Имрӯз ё фардо Миратулло ба роҳ мебарояд. Ӯ ба дафтари шогирд чашм давонду тангаҳои тиллои таги девори ҳаловатҷову ташноб ёдаш омад. Ва ҳамчунин Космонавту ҳамсараш. ҳар ду ҳам бепарвоянд то вақти мувофиқе ба даст оранд. Ё мунтазири сафари хизматии ӯ ба мактабҳои мусиқии вилояти Суғданд. Инҳо мардуми басабранд. Сабри зан тоқати марда ба як нӯл мезанад. То фаро расидани рӯзи сафар ин дафтарҳоро ба соҳибаш бар гардондан зарур. Ӯ зӯр зада як оҳангро хонд. Хост дар пианино санҷад. Не, боз як оҳанги дигар хонад, баъд ҳардуяшро менавозад. Канӣ гӯшҳои ӯ ба оҳанг чи баҳо медиҳанд.

Миратулло дафтари дуюмро кушод. Агар ӯ ба сафари хизматӣ равад зану духтараш ҳатман ниҳонгоҳи ӯро мекананд. Духтарча чи фаросати нигоҳ доштани сиру асрор дорад. Агар дар гӯши як дугонааш гӯшвори нави тилло бинад, ақлашро мехӯрад, ба худнамоӣ мегузарад, забони онҳоро бастанӣ мешавад. Аз сумкача ду – се тангаи тиллои дусума мебарорад. Ва ҳамон лаҳза тангаҳои тиллои хонаи ӯ дар гузар овоза мешавад.

Ӯ вароқи якуми дафтари нотаро нохонда гардонд. Ба чашмаш ҳуҷра ногаҳон торик шуд. Овози муазин азони намози шом мегуфт.

Эҳ, чи хел рӯз хира шуд. Як варақ оҳанг нахонда шаб фаро расид. Миратулло чароғро гирён карду Космонавт даромад.

– Ота, хӯрок мехурӣ. – пурсид ӯ.

Ин ҳам, ба худ андешид Миратулло, ранги очаш ҳарф мезанад: «мехурӣ.»

– Не, духтарчонакам. Андак-андак хоб дорам. Хӯрока, насиб бошад, саҳар ҳамроҳ мехӯрем.

* * *

Сар ба болишт монду хобаш бурд. Бехобии сешаба зӯри худро нишон медиҳад. Дар хоб замину осмон яксон аст. Хоҳӣ роҳ гард, хоҳи парвоз кун. Марҳамат, дар наҳрҳои равону ҳавзҳои бетаг тан бишӯй, аз гарди бедорӣ тоза шав. Роҳи туро ба ҳама дару даргоҳ ҳамвор кардааст хоби сангини ту. Вақт ҳам дар ихтиёри ту: як рӯзат ҳазор солу ҳазор солат як рӯз. Ин хел озодиро дӯст медорад Миратулло.

Аз ҳама муҳиммаш тангаҳои тилло дар пешаш. Халтачае, ки тангаҳоро андохтааст, салафанӣ не, балки чармӣ аст. Чарми сурх ва мисли фала мулоим. Даштҳои калону дуродури ғаллазори гандуми сабз ва ғарқи гули лола. Гуё ғаллазор не, балки ҳамаҷо ҳавзи хун. Ва лаби ғор одами бисёр. Як сӯ паҳлавонҳо даъвои гӯштин доранд. Боз гурӯҳҳои саворони аспҳои саманду аблақ. Онҳо аз болои асп ба қаъри ғор нигоҳ доранд. Қаъри ғор каб-кабуд. Ҳавзи об. Миратулло ин ҳавзро медонад. Борҳо оббозӣ кардааст. Ҳавзи бетаг. Чи қадар ӯ замини таги онро ҷуст. Наёфт.

– Буз аз дасти ман ба ҳамин ҳавз афтид, – гуфт човандози шиноси Миратулло. – ин ҳамон лаҳзае афтод, ки асп аз он лаби ғор ба ин ҷо парид.

Миратулло хост бузро аз даруни ҳавз барорад. Халтачаи тангаҳои тилло, ки дар бағал дошт, ёдаш омаду аз нияташ гашт. Ин мардум чи медонанд, ки дар халтачаи ӯ чӣ ҳаст. Миратулло дар кафи даст халтачаро бозӣ даронд. Ба ҳаво партофту гирифт. Боз партофт. Халтача аз дасти ӯ раҳо шуд ва сарнишеб сӯи қаъри ғор рафт. Дигар ӯ аспҳову саворони онҳо, паҳлавонони дар интизори довталаб, доирабадастону ғижакнавозони таги тути калонро намедид. Дар олам халтаи чармии тангаҳои тилло буду ӯву варта. Халтача байни ҳавзу лаби ғор муаллақ монд. Ва Миратулло худро сӯи он ҳаво дод. Дар ҳаво гирифт онро ва ба лаби ҳавз фаромад. Анбӯҳи одамон ӯро иҳота карданд. Ба ӯ офарин гуфтанду қарсақ заданд.

Офаринхониҳои онҳо ба гӯши Ҳоким расид. Як гурӯҳи навкарон бадқаҳр ӯро пеши Ҳоким бурданд. Миратулло донист, ки ин Ҳоким не, балки шаҳаншоҳи олам ҳазрати Сулаймон аст. Ҳазрат ба ӯ бо танафур нигоҳе карду, гурусначашм гуфт. Ӯ ва ба ду марди нуронии босалобат, ки рӯи тахти зарҳал менишастанд, рӯ оварда шарҳи паридану дар ҳаво доштани халтаи чармиро, ки дар он тангаҳои тилло ҳаст шарҳ дод,

– Ин кор, – гуфт ӯ, – танҳо аз дасти ҳариси зар меояд.

Навкарҳои бадхашм паси пушти ӯ меистоданд. Шаҳаншоҳ, ҳазрати Сулаймон амр дод, ки ин зарпарастро ба хазинаи ӯ даронанду ба дараш қулф зананд.

Як хонаи калон пур аз зару зевар, ашрафиҳову сангҳои қимматбаҳо. Тилло ҳисоб надорад. Миратулло халтаи чармиро лабрези ашрафи кард. Аз дуру гавҳар кисаҳои ӯ дам овард. Боз чи дорад. Ҳа, бағал чӣ. Тасмаи миёна маҳкам баст. Аз миён то гардани курта тангаҳои тиллову гавҳарҳои қимматбаҳо андохт. Қаторвазнае ёфт аз тиллои холис, онро аз китф овезон кард. Ва ногоҳ гуруснагӣ эҳсос кард. Нон гуфту дилаш гум зад. Нон гуфту бо тамоми ҷон фа-

рёд кард.

Аҷабо! Чаро бо ин қадар овози баланд дод мезанаду ба гӯши касе намерасад. Ӯ тайёр буд буду шуди худ ва ҳама ганҷи ин хазинаро ба яе порча нон диҳад. Аз шиддати овози ӯ гарди хазина ба ҳаво хест. Ва овози навкаре амри шаҳаншоҳи олам, ҳазрати Сулаймонро хонд, «Шумо, ки Миратулло ибни Атоев мебошед, зарпарастед.

Шаҳаншоҳи олам, ҳазрати Сулаймон, ба ивази обу нон ин хазинаи ганҷҳои дунёро то охири умрат ба ту дод. Яъне то он гоҳе ҷон дар рақам дорӣ бо дари маҳкам ин ҷо мемонӣ. Зиндаи туро навкарҳо посбонӣ мекунанд. Мурдаатро аз лаби ҳамон ғор ба қаъри ҳавз мепартоянд!

Бори вазнини бағалу киссаҳои ӯро ба замин шинонд.

– Гиред ҳамаи ин ганҷҳо ва боз чилу чор тангаи тиллои худамрову як коса обу як пора нон диҳед, – гуфт бо фарёд аз ҷой хест.

Чашм кушод завҷаашро хавотир дид

– Як соат боз, – гуфт занаш, – гап мезанӣ. Чи мегӯӣ, намефаҳмам.

– Нон мегӯям, – гуфт бо ханда Миратулло ва лаби дастурхон нишаст.

– Ин қадар, нони бомаза, – гуфт ӯ ба завҷааш, қанду асалворӣ. Ва таги дил гуфт:

– Девона мекунад, ин тангаҳои тилло маро. Сабил мазаи нонро аз даҳонам гирифт.

Пагоҳ ӯ тангаҳои тиллоро аз бари қубури ғафси сантехникии таги девори ҳаловатҷову ташноб гирифт. Мекушад ин сабил маро, гуфту эҳтиётона ба сумка андохт.

– Ба соҳибат насиб кунӣ, – гуфту сумкаро бардошт.

Дар коргоҳ аввалин одаме, ки ба ӯ рост омад, шогирдаш Камолиддин буд.

– Як хоҳиш дорам, – гуфт ба ӯ Миратулло, – не, намегӯӣ..

– Чаро не гӯям.

– Қабул дорам, гӯй.

– Ба ҷону дил.

– Ҳар кӣ аз қавл гардад, номард гӯй.

– Сахт гирифтӣ устод.

– Хоҳиши зӯр бе сахтгирӣ иҷро намешавад.

– Хайр, қавли мардӣ медиҳам.

– Офарин Камолиддинҷон.

Ва Миратулло халтачаи чор тангаи тиллоро баровард.

– Агар ҳаёти маро, – гуфт ӯ, – хоҳиву устод гӯӣ, инро гир.

– Хайр, нисфашро мегирам, – гуфт шогирд.

– Яктояшро намемонӣ. Ҳамин яктоаш қариб маро девона кард. Аз ту аз замин то осмон миннатдор. Ҷавонмардии олӣ кардӣ. Вале ман ин бора набардоштам.

Ва Миратулло сӯҳбату изҳори ақидаҳои қаблиро ба хотири ӯ оварда халтачаи чор тангаи тиллоро ба ӯ таслим кард. Ва осуда шуд. Бо хотири осуда гуфт:

– Оҳангсоз ганҷи худро дар осмон ҷамъ меовараду сарватманд дар замин. Ганҷи ту дар ҳар маконе бошад, фикри ту он ҷост. Замоне ба тангаҳои тилло дил бастам, рӯҳи ман посбони онҳо шуд. Ҳазору як зӯр задам, беҳуда. Фикру зикрам аз фароғатгоҳу ташноб, қубури санитарии таги девори фароғатгоҳу ташноб дур намерафт.

Ин ҷои сухан ӯ хандаи гулрезе кард:

Ҳамин шаб, наздик буд, аз гуруснагӣ ҷон диҳам.

Ӯ аз киф дафтарҳои оҳангҳои нави шогирдашро баровард. Бо сару дили аз кадом як нуре равшан тугмаҳои пианиноро пахш кард. Нури шинос. Ин ҳамон нурест тангаҳои тилло онро ба танг овард ва тарки нерӯҳои ботинии ӯ кард. Ва пардаи зулмоти сарвати заминӣ ҳастии ӯро фаро гирифт.

Ин лаҳза, ки Миратулло сарвати заминиро рад кард нури осмонӣ сӯи ӯ бозгашт ва тамоми ҳастиашро фаро гирифт. Ва эҳсос кард, ки дар як вақт хизматгори сарвати бегазанди осмонӣ шуд. Аз фано раҳо шуду хаёти ҷовид ёфт.

## ШАБАҲ

Аъмоли ӯ дар ашкҳои модараш ниҳон буд, вале ӯ нав аз беморӣ бархоста ва бардамӣ ёфта ба ҳама ашёи олам ҳарисона чашм медавонд. Аз фардои худ дар ғафлат буд. Баъди ҷарроҳии меъда асрори умри ӯро танҳо модараш медонист. Дил гувоҳи ҳақ аст. Мустафо таги теғ мехобиду аз дили модар рӯзҳои умри ӯ мегузашт.

Ин чӣ гап? – пурсид аз худ модар. Чаро бар сарам ин хел фикрҳои безеб меояд. Боз ҳозир. Лаҳзае теғу қайчӣ ба дастон пӯсти ӯро мебуриданд. Гӯшташро чок мезананд, то ба ҷои иллат расанду пок онро тарошанд.

Ҳамагуна бемориҳо хатарангез аст. Вақте ки марг меояд, бадан майдони тохту този аҷал мегардад. Мустафо пеш аз ин ҳам борҳо бемор шуд. Чор нафар бачаҳои ҳамсоли ӯ аз бемории сурхакон мурданд. Дарди Мустафо аз онҳо вазнинтар буд. аммо ба дили Бибисоро ин хел фикри ваҳмангез меҳмон намешуд. Боварӣ дошт Мустафо ба по мехезад. Ҳозир он боварӣ дар дуди оташи фикрҳои ваҳмангез аз ӯ торафт дур меравад.

Даву ғеҷи духтурон давом дорад. Роҳрав, қариб то пеши дари ҷарроҳӣ аз одам пур шуд. Одамҳои базарба. Бо савлат меистанд, бо савлат роҳ мераванд ва ба чеҳраашон маҳзунӣ меоваранд. Ҳама ин мардуми бовиқор ба хотири фарзанди ӯ Мустафо гирд омадаанд. Саҳни беморхона пур аз мошинҳои хушрангу зебосохту бадвоҳимаи хориҷӣ шудааст. Чархҳои аксарияти ин мошинҳо хунолуданд. Аз дохили онҳо бӯи доллар ва молу пули ғоратшуда меояд. Хӯҷаинони он мошинҳо дар роҳрави ҷарроҳхона истодаву нишаставу дар гардишанд. Онҳо ин мардуми хилъати сафедпӯшеро, ки ду тараф ҷунбуҷӯл доранд, писанд намекунанд ва бо духтурон як хел гап мезананд:

– Кора буд кунен, – мегӯянд онҳо, – ғами пула нахӯрен. Зинда монад Мустафо. Аз сар то поятон доллар мерезам.

Кампири Бибисоро ин суханҳоро мешунавад. Суханон бо овози баланд гуфта мешаванд. Балки ба модари Мустафо кампири Соро шунавонда мегӯянд.

Модар ашкҳо, ки дар онҳо аъмоли фарзанд ниҳон буд ва аз пилк ба байни хати аз ожангҳои сари рухсора нақш баста, ғел мезад, бо лаби рӯймол аз чашмҳои баҳодурони миллат пинҳон медошт. Ва хаёлоти ӯ аз болои дастбандакҳо, ки ба рӯи қафаси синаву ду пои Мустафо кашида ба болоҷӯби гаҳвора мебаст, то ин хонаи ҷарроҳӣ мисли оина тозаву равшану беғалат аз дилу пеши назари ӯ мегузашт.

Қадамҳои нахустини ӯро аз гаҳвора болои гилем медид. Баъд ӯ роҳ сӯи мактаб пеш гирифт. Аксар вақт сумкаву китобҳои Мустафоро ҳамсинфонаш ба хона оварда мегуфтанд, ки ӯ бозор рафт. Пагоҳ Мустафо он сумкаву китобҳоро мебардошту мактаб мерафт.

Кампири Бибисоро қасами кушода шудани ин сумкаро ва варақгардонии китобҳоро дар мактаб намехӯрад. Вале дар хона ягон бор Мустафо ин сумкаро накушод.

Роҳи мактаб поён ёфт. Мустафо шогирди қассоб шуду зуд қассобхона гирифт. Ӯ аз як зина ба зинаи дигар тез баромад, ки модар дар ҳайрат монд. Аз қассобӣ мудири ошхона шуд Мустафо. Якбора калонҳои ноҳия шинохтанд ӯро ва сардори ошхонаҳо хонданд. Ва то ин замон такя бар Худо дошт.

Баъд чӣ шуд, ки шӯру ғавғо хест. Чӣ шӯр буд? Чӣ ғавғо буд? Кампири Бибисоро нафаҳмид. Вақте аз долони қабати чоруми хона, ки рости кӯчаи калон буд, назар андохт, дид рафту омади мошинҳо мисли пештара нест. Куҷо шуданд ин қадар селаи мошинҳо, ки чун моку гардиш доштанд. Бегоҳӣ кӯча ба чашмаш бенур намуд. Се мошине, ки чун моку гардиш доштанд. Се мошине, ки на ба мошин,

балки ба танк монанд буданд, заминро ларзонда гузаштанд. Баъд дар ҳаво ду вертолёт гардиш кард. Яке аз ин вертолётҳо рост аз болои долони кампири Бибисоро гузашт ва садои бадҳайбати тирандозӣ баланд шуд.

– Қират барояд, – гуфт кампири Бибисоро ва худро ба хонаи дарун зад.

Кӯча холӣ аст. Аз афташ, аз дил гузаронд кампири Бибисоро, ҳамон се танки балову ин самолётҳо мошинҳоро аз шаҳр мерониданд. Баъд шӯру шар ҳам тамом мешавад. Фардо аз паси тиреза ба кӯчаи калон нигоҳ кард. Ягон мошини раҳгузар надид. Баръакс, фавҷи одамонро дид, ки аз пиёдароҳа не, балки дар растаи калон рафтуомад доранд. Фавҷ, асосан, ба хиёбони марказии шаҳрак мерафт. Кампир, ки аз аввали шаб то субҳи рӯз овози тирандозӣ шунид ва гумон дошт дар шаҳр ба ҷуз ӯ ва Мустафои либоси алобуло бартанкарда ва нагану автомат бардошта, ягон инсон намонд, аз дидани ин қадар одами бисёр ба дил ҳайрон шуд.

Шару шӯр чи шару шӯре буд, ки Мустафоро ба ташвиш андохт. Зану фарзандони ӯ ба деҳа рафтанд. Дар хона танҳо ӯ монду Мустафо.

* * *

Мустафо серкор буд. Кампир бисёр шабҳоро тани танҳо ба рӯз меовард. Вале шабҳое, ки аз тирпаронии тӯлонӣ дилаш ваҳм меовард, ба хонаи мо мегузашт. Ё духтарчаи маро ҳамроҳ мегирифт.

Кӯчаи калон аз мошин холӣ буд. Танҳо гоҳу ногоҳ, шабу нимшаб Мустафо савори мошин аз кӯчаи калон гардиш хӯрда ба дидани ӯ меомад. Ва ҳар бор ҳам дасти холӣ не. Аз зинаҳо ӯ пеш – пешу ду ҷавон аз паси ӯ бо халтаву халтачаҳо мебаромаданд. Мустафо саросема халтаҳоро ҷо ба ҷо мекард. Баъд аз бағали фуфайкаи алобулои аз банди даст то зону пур аз киса бастаҳои пул ба кампир медоду мегуфт:

– Саришта кун, оча, даркор мешавад.

Бори аввал кампир ҳайрон шуд. Дасташ сӯи бандҳои пул нарафт. Мустафо хеле саросема буд.

– Чӣ нигоҳ дорӣ, оча, – гуфт ӯ, – гир, ягон ҷои дилпур мон. Ман аз штаб дер мемонам.

Баъдан кампири Бибисоро одат кард. Ҳатто халтаҳои пулеро, ки Мустафо меовард, бе ҳеҷ гуна истиҳола мегирифту анҷом мекард. Пули бисёр, чизу чораи бисёр дигар кампирро азият намедод. Мефаҳмид, ки ба Мустафо лозим мешаванд. Вале ӯ ҳарчанд фикр мекард ба таҳти маънии номи ҷои нави кори Мустафо – штаб сарфаҳм намерафт. Аз вақте ки кампир ин номро шунид, аз бинои

онҳо бисёр касон кӯч баста ба ҷойҳои дигар рафтанд.

Атрофи штаби Мустафо шаҳр пур аз гуфтугӯ буд. Штабро худи Мустафо ташкил кард. Вақте ӯ калонҳои ноҳияро ба штаб даъват мекард, дар зонуҳояш ва аҳли хонадонашон ларза меафтид. Ҳайбати шадид дошт Мустафо. Яроқбардорони ӯ амборҳои калонтарин заводҳоро рӯфтанду ба доллар заданд. Се нафар аз шогирдони штаби ӯ корхонаи тиллоро тасарруф карданд. Мустафо бо вазоратҳову вазирҳо сарбасар мешуду ғолиб меомад. Амри ӯ амр шуд.

* * *

Акнун ӯ барои таҳсили духтараш дар факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи миллӣ аз рӯи шартнома маблағ намеҷӯяд. Номи Худо дар забону худогӯён маблағгузор намекобанд. Аз имрӯз ба худ такя мекунаду сӯму доллар.

Мустафо соли дуюми таҳсили писарашро дар Донишгоҳи техникӣ ба ёд меовард, деги ғазабаш меҷӯшид, нафрат мекунад ӯ ба раиси фирмаи шакли кушодаи тоҷирони «Акбар».

– Такя ба Худо, – гуфт ӯ пеши модар. – Пеши Акбари писархондат меравам, шояд пули таҳсили имсолаи набераи Хуршедатро гузаронад.

Акбар як соат ҳисобу китоби даромади фирма кард ва нисфи пулро гузаронд.

– Ин қадар худогӯии ман, – гуфт ӯ ба кампири Бибисоро, – чӣ шуд, оча?

– Такя ба Худо кун, бачам, – таскин дод ӯро модар, – ноумед нашав. Ман ҳам Худо гӯй фарзандам, ҳеҷ гоҳ бой намедиҳӣ.

Ҳангоме ӯ раиси ошхонаҳои шаҳр шуд, раиси савдои шаҳр Алиҷон Холматов ду духтарашро ба донишгоҳҳои хориҷа фиристонд. Ҳоло яке дар Москвау дигаре дар Берлин таҳсил доранд.

* * *

Дасти дарози раиси савдои шаҳр дили Мустафоро пурғаму ғусса кард. Танҳо штаб ҷои он шодӣ дод. Пеш аз он, ки Дилфигор ба Донишгоҳи ҳуқуқи Ню-Йорк, Хуршед ба Донишгоҳи техникии Мюнхен, Диловар ба Донишгоҳи иқтисодӣ ва тиҷорати Париж роҳхат гиранд, Мустафо ба модар гуфт:

– Акнун, оча, ба худам такя мекунам. Ҳарчанд ба Худо такя кардаму Худо гуфтам аз дари хона дур нарафтам. Аз пагоҳ се набераат дар овозадортарин шаҳрҳои мамлакатҳои машҳури дунё мехонанд. Хоҳӣ, оча, туро ҳамроҳи кадом набераат, ки гӯӣ равон мекунам. Хонаву дарҳо тайёр. Дунёра як тамошо мекунӣ.

Дили Бибисоро аз сухани аввали Мустафо, ки гуфт: ба худам такя мекунам, на ба Худо, таҳ зад. Ваъдаи сайри олам додаи ӯ ба гӯши кампир надаромад. Ва инро келини ӯ Ҳабиба пай бурд.

Ва кампир бо дил таҳхӯрда гуфт:

– Худо бигӯй, бачам.

– Мустафо гӯи ҳам, оча, – ислоҳ кардани шуд ӯро саркардаи штаб, ки умеди ба мансаби болотар баромадан дошт, – хато намекунӣ.

Ва ӯ ба модар фурсати даҳон кушодан надода гуфт:

– Худо бароят чӣ мекунад? Ман то омадани се набераат рӯ ба рӯи тирезаат, ҳо, аз ун рӯи роҳ қаср месозам.

Ин нияти Мустафоро Ҳабиба медонист. Мустафо ба ӯ лоиҳаи хонаи навро нишон дода буд ва ба ӯ фаҳмонд, ки ин хел хонаи бисёрқабата дар Япония месозанду дар Франсия масолеҳи ороиши он аз Тоҷикистон нест. Онро аз Ҳиндустону Дубай меоварад. Ҷои қасрро Мустафо рост гуфт. Ӯ аллакай се ҳавлии он тарафи роҳи калони мошингардро харидааст. Аз ҳамаи ин савдо кампири Бибисоро огоҳӣ надошт.

– Боқии умра, – гуфт Мустафо ба модар, – дар қасри набераҳоят мегузаронӣ.

Ин лаҳза ба ёди кампир шаби аввали арӯсиаш дар хона ба ёд омад. Ва боз аз соҳати ин хона ба манзили охират рафтани шавҳараш. Кампир эҳсос кард, ки тарки ин хона барои ӯ мушкил аст. Дигар ин ки бо ин бачаи аз либос то дилу ният тағйирёфта ӯ ба ҳеҷ куҷо рафтанӣ нест.

– Ман, – гуфт модар, – то охири умр ҳамин ҷо мемонам. Ин ҷо набошам арвоҳи падарат хавотиру саргардон мешавад.

– Дар ҳавлии котеж, – гуфт Мустафо, – ду буқаи пеши бозора мекушам. Худоӣ медиҳам. Ана, арвоҳи падарма омаданаша бин.

Кампири Бибисоро хост бипурсад, ки он ду буқаро бо чӣ хел пул мекушад? Ва бо чи хел меҳнат он пулро ёфтааст. Аммо худдорӣ кард. Напурсид аз Мустафо. Чӣ лозим. Намефаҳмад. Боз ба болои ин ба дил ӯро бефаҳм гуфтанаш мумкин.

* * *

Ӯ ягон сӯми Мустафоро дар дасти худ нигоҳ намедорад. Баробари аз деҳа омадани келин ҳамаи он халтаву халтачаҳои пули шабу нимшаб савори ҷипи сиёҳ овардаи Мустафоро ба дасти келин дод. Пулашон ба дасти худашон. Ҳар чи майл доранд, ихтиёрашон. Ӯ ба пулҳои Мустафо даст намерасонад.

Фардо он тарафи роҳи мошингард булдозер омад, ба овози он

кампири Бибисоро ба долон баромад. Ӯ чапагардон шудани деворҳои ҳавлии ба роҳи калон наздиктарро дид. Атрофи ҳавлӣ ҳамвор шуд. Булдозер ба нонпазхона ҳуҷум кард. Деворҳо чун пашша таги пои фил, беҷону беқувват афтиданд. То бегоҳ ҳар се ҳавлӣ чунон ҳамвор шуд, ки гӯё дар ин майдон на манзилгоҳе буду на нонпазхона ва на дуде ба ҳаво мепечид. Ҳама ҷо чун кафи даст тахту ҳамвор шуд.

* * *

Балотарин балои олам пул будааст. Кампир дид девори баланде, ки бинои се-чор қабатаро аз дидаи бинанда пинҳон медорад, атрофи он се ҳавлӣ аз хишти пухта бардошта шуд. Девори бисёркунгура. Саводи математикии кампири Бибисоро ба ҳисоби кунгураҳо нарасид. Чун ба ранги сурх онро оро доданд, девору кунгураҳо ҳашамати қалъа ва ваҳми сиёсати демократӣ пайдо кард. Акнун ягон роҳгузар ҳақ надорад, ки ҳашамати девори баландқарёсу кунгураҳои онро набинаду дар дил ба андоза воҳима набардорад.

* * *

Кампири Бибисоро аз байни пайвандону наздикони Мустафо аз ҳама охир аз дари дарвозаи баланду бузург ва ҳамранги девору кунгураҳои атрофи ҳавлӣ гузашт.

Келинаш ӯро истиқбол гирифт.

– Вақте омадӣ, ки, – гуфт Ҳабиба, – ҳама чиз ҷо ба ҷо шуд.

Дар ҳавлии нав, ки се тирезаи калони гулкорӣ болои сари ҳамдигар буд, келин ба назари кампир танозу дилработар намуд. Рухсораҳои чун барги гули ҷавғосуи ӯ ба рӯи кампир барқ пошид.

– Не, – гуфт ӯ ба кампир, ки сӯи дари рангини рӯ ба рӯ мерафт. Ин дари хонаи меҳмонҳое, ки аз қишлоқ меоянд.

Дар оҳанги сухангӯии Ҳабиба чунон латофату назокати наве зуҳур кардааст, ки гӯшҳои кампир овози ӯро намешинохт. Гӯё овоз аз гӯлуи Ҳабиба не, аз даруни най мебаромад.

Ҳабиба ният дошт ҳамаи хонаҳову залҳоро ба хушдомани худ нишон диҳад. Хонаву залҳои меҳмонони қаторӣ ва олимартаба, хонаву зали Дилфигор, хонаву зали Хуршед, хонаву зали Диловар, хонаву зали Мустафову Ҳабиба, се ошхона баҳри се гурӯҳи меҳмонон.

Кампири Соро қувват накард. Аз дари хонаву зали Хуршед гашт. Сахт монда шуд кампир аз тамошои деворҳои оинабандӣ, асбобу анҷомҳо ва таҷҳизоте, ки то кунун чашми бинандаи ӯ надида буд. Ӯ шалпару лакот ҷои нишаст кофт. Ҳаваси болои кӯрпача дароз кашидану сар ба болин монданаш омад. Вале ягон ҷо на кӯрпача диду

на болишт.

Ин ҳолати ӯ аз чашми келин пинҳон намонд. Ва Ҳабиба курсии пуштбаланду васееро, ки се нафар меғунҷид, нишон дода гуфт:

– Аммаҷон, марҳамат фармуда ба ин курсӣ бифармоед.

Ваҷоҳати кампир дигаргун шуд. Ин чӣ гапзанӣ. Чӣ шуда бошад ба келинаш. Чаро мисли одам гап намезанад. Ӯ сари дастархону таом марҳаматро медонист. Вале курсӣ чӣ марҳамат дошта бошад, акнун мешунид, боз бифармояд. Наход ба одами аз худат калон, боз ӯ хушдоманат бошад, фармон диҳӣ: бифармояд.

Қират барояд ба ин забони ёфтаат.

Кампир ҷасорати ба он курсӣ нишастан накард. Ва тахтҳои хоб ҳам ҷои ӯ нест. Бисёр бодабдабаву бадвоҳима. Хайрият, Ҳабиба аз ҳоли ӯ пай бурд. Хушдоманашро нонпазхона бурд. Кампир рӯи сурфаи хамиршӯриву заволагирӣ палоси наву қолини рангпарида, ду кӯрпачаи бахмалу болишти лӯндаро дид. Ҳавои нонпазхона ба ӯ хуш омад.

– Аҷаб ҷои озода, – гуфт ӯ ва илова кард, – дилфаро. Дар ун хонаҳои ту нафасам дарун зад. Қариб ҷонам барояд.

Кампири Бибисоро лӯлаболиштро гирифт ва рӯи кӯрпача дароз кашид. Ғанабаш бурд. Чашм кушод ва дид, ки ҳаво торик аст.

Мустафо ӯро аз пушти дарвоза гардонд. Ба келин амр дод, ки модарашро ба ҳуҷраи худаш, ки дар паҳлӯи хонаи Дилфигор аст, барад. Ба ҷону ҳоли кампир намонданд. Ночор аз роҳ гашт. Ҳабиба ӯро ба ошёнаи дуюм баровард. Ва дари ҳуҷраро кушод.

– Ин хонаи Шумо аммаҷон, – гуфт ӯ.

Кампир боз ҳамон курсиҳо ва тахти хоби боҳашаматро дид.

– Келинҷон, – гуфт ӯ, – дар ин хел ҷо маро хоб намебарад. Кӯрпача парто, болишт мон, кӯрпа биёр.

Ҳабиба фармудаи хушдоманро кард. Ва ӯ даруни ҷойгоҳ даромад. Як поси шаби ӯ ба фикру хайёл гузашт. Поси дуюми шаб хобаш бурду шавҳараш – худораҳматии Ҷаббор падари Мустафо бо дастҳои равғанолуд ба ӯ ҳуҷум овард.

– Чӣ омадӣ инҷо? – пурсид бо сиёсат харроти кӯҳансол.

– Хонаи бачам, Мустафо, – гуфт кампир бо тарсу ларз.

– Бача нагӯ, – гуфт мӯйсафед бо дастҳои равғани ва кордро гирифт. Корд аз тозагӣ ҷило дод. – Рав аз ин хона, – гуфту бо панҷаи равғанӣ чашмони кампирро пӯшонду нӯги корд ба нофи он расонд. Ва бо ғазаб гуфт.

– Пора-порат мекунам… Ин ҷо хонаи бачаи ту нест.

Кампир чашм кушод ва худро бо пой рост дид. Дар партави рав-

шании чароғҳои таги кунгураи девори ҳавлӣ, ки аз тиреза ба хона мерехт, на корд буду на худораҳматӣ шӯи ӯ. Вале бо тамоми андом меларзид, бо зонуҳои ларзон лаби ҷойгоҳ нишаст.

– Мефаҳмам, шумора муйсафед, – гуфт ӯ, – Лекин худат ҳам бидон, ки дар дунё касе бо заҳмати худ бой нашудааст. Бойӣ ба ҳилла меояд, қасрҳо ҳам. Куҷо дидӣ, ки одами ҳалолкор сарватманд шуд! Мустафо бо ҳама, ҳатто бо занаш аз пул гап мезанад. Бо ман не. Аз ҷое, ки пул намерӯяд, ӯ гапи гуфтанӣ надора.

Мӯйсафед аз ман ҳам содаӣ. Ба сарам ғазаб мекунӣ. Дигар ин ҷо наё, мегӯӣ. Хайр мон рӯз шавад. То саҳар рӯзам деҳ, меравам. Ҳамон хонаи худат меравам. Лекин, охир, фарзанд ҳаст. Хоҳ иҷозат деҳ, ба рӯз ояму ба рӯз равам.

Ва гӯё овозе аз қаъри сиёҳии шаб ба гӯшаш расид, ки гуфт: фаромӯш накун… кампири беақл…

Пагоҳ баҳонае ба келин пеш оварда гуфт:

– Амакат ба хобам даромад. Қасам дод, ки ба ғайри хонаи ӯ қадам ба ҷои дигар намонам. Танҳо чароғи хонаи ӯро нигоҳ дорам.

– Осон, – гуфт келин, – чароға накуш. Мон шаб то рӯзу рӯз то шаб гирён бошад.

– Амакат-гуфт кампири Бибисоро, – нафаҳмидӣ. Чароғи хонаи ӯ то он гоҳе зиндаам, манам.

Ҳабиба то роҳи калон ӯро гуселонид.

Кампири Бибисоро аз роҳе, ки сермошин мешуд, гузашт.

Дари хонаро кушоду хоби дами субҳ ба ёдаш омад:

– Мурда, мегӯянд, – тамоми ҷузъҳои хобро пеши назар оварда аз дил гузаронд ӯ, – нодуруст. Мурда ҳамин хел сиёсат мекунад? Даст ба равған мезанаду корд мекашад? Мӯйсафеди ӯ зиндааст. Усто Ҷаббор кампирашро мебинад. Худи зиндаҳо барин мебинад.

Хоби кампири Бибисоро болои кӯрпачаи нимдошту таксарии пахтагӣ ором буд. Вале боз ҳиссаи сеюми шаб мӯйсафед ба хобаш даромад, бо дастҳои тоза ва коғазе бар даст. Усто Ҷаббор ташвиш дошт. Ба коғаз ишора мекарду гап заданӣ мешуду намегуфт. Аз ҳаяҷон ришаш меҷунбид. Аз чизе дар қаҳр буд. Лекин қаҳраш аз кампири Бибисоро не. Аз дигар чиз. Ӯ аз кампири Бибисоро мадад мехост. Аммо чӣ хел мадад, кампир намефаҳмид. Ногоҳ гаҳвора болои кати баландӣ чапа шуд, ду ғел хӯрду рӯи фарши бетонӣ афтод. Кампири Бибисоро кафгирро даруни деги зирбаки ош партофту дод зад:

– Бигир!

Ӯ аз овози худ бедор шуд. Хобаш чунон равшан буд, ки гӯё ҳамаашро дар бедорӣ дида бошад. Ӯ ба кушодани таъбири хоб фурӯ рафт. Ва ҳарчанд кӯшид, сарриштаи онро наёфт. То чошти рӯз

ғалаёни хоб дилу хаёлоти ӯро тарк накард.

Вақте занги дари даромад баланд шуд, ӯ бо ҳамин хаёлоти вазнин ба истиқболи холаи Бибифотима аз ҷой бархосту пушти дар зани ношинос дид. Ӯ хам шуд ва аз сумкаи болои зону, ки банди он аз китф овезон буд, лифофае баровард ва ба кампири Бибисоро дод:

– Хат аз Америка, аз шаҳри Нью-Йорк.

– Ҳа, – гуфт, – ин аз набераам Дилфигор аст. Даро, як пиёла чой гир.

– Раҳмат, апа. Ин сумка пури ҳамин хел мактубҳо. Зудтар ба соҳибонаш расонам. Саломат бошед, апа.

Зани ношинос рафт. Кампири Бибисоро ҳам аз паси ӯ баромад, то хатро ба келинаш расонад, Ҳабибаро хурсанд кунад.

* * *

Ҳабиба лифофаро кушод. Аввалин чизе, ки дид, сурати Дилфигор буд бо ҷавоне аз барф ҳам сафедтар. Онҳо китф ба китфи якдигар меистоданд ва соиди ҷавон рӯи сони Дилфигор ва панҷаҳо дар кафи ҳам фишурда. Сурат Ҳабибаро шод накард. Дамаш дарун зад.

– Шояд, – худро тасалӣ дод ӯ, – ҳамкурсаш бошад. Ва ӯ мактубро кушоду хонд: «Падару модари азиз ва бибии меҳрубонам. Мо хонадор шудем. Номи шавҳарам Кларик. Муаллими донишгоҳи ҳуқуқ. Ҳамин донишгоҳе, ки ман таҳсил дорам. Ҷавони меҳрубон аст шавҳарам Кларик. Ва дар олам муқобили як чиз. Муқобили ба Тоҷикистон рафтани ман. Агар равӣ, мегӯяд, мумкин наоӣ. Шояд хотири таскини дили ӯ ба Тоҷикистон наравам. Падару модари азиз, аз Хуршед хат гирифтам. Ба наздикӣ донишгоҳро хатм мекунад. Зан ҳам гирифтааст. Аз Мюнхен ба ҳеҷ куҷо намеравам, мегӯяд. Ба падару модарам зарур бошам, омада хабар гиранд. Пулу моли онҳо ба ман зарур не, мегӯяд.

Вале ба ман зарур, падару модари азиз. Рӯзҳои наздик ба таътил мебароем. Кларик Италияву Испанияро ба ман нишон доданӣ. Мехоҳам дар харҷу хароҷоти сафар ба шавҳарам кӯмак кунам. Понздаҳ-шонздаҳ ҳазор доллар фиристонед, бас. Зиёдаш лозим не.

Ҳа, қариб фурсат аз даст дода будам. Диловар аз Фаронса занг зад. Намедонам барои чӣ ки маро гуфт аз номаш ба шумоҳо хабар расонам: Ихтисоси тиҷорат хуш наомадааст. Дар кадом як киштии ҳарбӣ кор мекунад. Барои даҳ сол шартнома бастааст.

Хуш бошед, падару модар ва бибии азиз. Кларик ва Дилфигори Шумо».

* * *

Ҳабиба бо овози мошини пушти дарвозаи хушсохти девори

баландқарёси серкунгура ашкҳои аз чашм ба ду рухсораи барги гули тари ҷавғосу ғелидаро ба доман пок кард. Ӯ садои ҷипи нави Мустафоро, ки ранги ҷигарӣ дошт, шинохт. Ба рағми ӯ худро ба даст гирифт. Ба пешвози ӯ бархост. Ба дарвозабон ишора кард, ки ӯ канор истод. Худаш ҳарду табақи дарвозаи бошукӯҳ ва ҳамранги ҷипи нави шавҳарашро кушод. Мустафо аз паси рулу ронанда аз дари тарафи рости ӯ фаромаданд. Мустафо мад кашида сӯи беодамӣ гуфт:

– Хуб.

Кӣ хуб, чи хуб ба ҷуз худи Мустафо он хубро касе надонист. Ва Ҳабиба ҳам ба дигар тарафи бе одамӣ рӯ оварду:

– Хуб, – гуфт.

– Чӣ хуб? – пурсид Мустафо.

– Ана, ин хуб? – гуфт Ҳабиба ва лифофаро, ки даруни он сурату мактуби Дилфигор буд, ба дасти ӯ дод.

– Нағз, – гуфт Ҳабиба, – ҳавлиро калон кардӣ, ки тӯи Дилфигор, Хуршеду Диловара мегузаронӣ. Ана, гузарон.

* * *

Ва ӯ рӯ тофту бари хушдоманаш рафт. Мустафо мактубро хонд ва беътиноёна ба ронанда, ки соярави ӯ ҳам буд, гуфт:

– Ин мегузарад. Маро ғами қарздорҳо гирифтааст.

Ба ақидаи соярави ӯ Фаттоҳ, ки наздиктарин одами Мустафо буд, ҳамин дарди охир ӯро аз пой афтонд. Аз рӯи ҳисоби ӯ ва Мустафо фоидаи уне, ки даҳ ҳазор қарз гирифта буд, аз пули қарз мегузашт. Ҳар гоҳ Мустафо қарз талаб мекард, фоидаашро ба ӯ медоданд.

Зиқ мешуд Мустафо. Қасди парондани қарздорҳо мекарду боз аз нияташ бар мегашт.

– Аз парондани ӯ, – мегуфт Мустафо ба ронанда ва сояраваш Фаттоҳ, – ба ман чӣ фоида? Бигзор зинда монад. Хонаша, занша, фарзандша фурӯшаду қарзи маро диҳад.

Ғазаби Мустафо тӯлонӣ буд. Ҳатто кабоби дӯстдоштаи дегдонӣ, ки аз он Мустафо ҳеҷ гоҳ серӣ надошт, ғазаби аз қарздорон хестаи ӯро паст намефаровард. Мехӯрду ғазабаш зиёдтар мешуд.

Андешаи Ҳабиба дигар буд. Ӯ дар роҳрави назди хонаи ҷарроҳӣ ба курсии бари хушдоманаш нишаста, иллати аз пой задану ба дами теғ расидани Мустафоро аз парешонии фарзандон, барпо нашудани тӯйҳои ниятӣ дар ҳавлии калону хонаҳои холӣ медонист.

* * *

Ҷарроҳӣ ба охир расид. Мудири шӯъба ба хешону дӯстони бемор

гуфт, ки ҳамааш нағз гузашт. Дасти соҳибҷипон, ки аз рӯи ҳисоби Ҳабиба панҷ нафар буданд, назди зану модари Мустафо ба кисса рафт. Дастҳо аз киссаҳо доллар бароварданд ва сӯи пешҷайби яктаҳи мудири шӯъбаи ҷарроҳӣ Ҳабиб Одинаев рафтанд ва мудир дар ҷавоби саховати онҳо бепарвоёна гуфт:

– Як ҳафта меистад. Агар хоҳед, табобата дар хонаи худаш давом медиҳем.

Ҳама хурсанд шуданд. Ҳабиба ҳам. Танҳо модар ашки худро пинҳон медошту ба дилаш, вуҷудаш бӯи шодӣ наомад.

Замоне Мустафоро аз хонаи ҷарроҳӣ ба палатаи бемориҳои вазнин гузаронданд, ҷамоат пароканда шуд.

Бибисоро аз сукут сар набардошт. Ба Ҳабиба рухсат доданд, ки аз ҳолу аҳволи бемор хабар гирад.

– Аммаҷон, – гуфт ӯ ба хушдоманаш, ки ҳанӯз ҳам қуввати давраи миёнаумрии худро нигоҳ медошт ва дар бисёр корҳои хона аз келинаш пешдастӣ мекард, – чӣ мекунед шумо. Фаттоҳ дар хизмат.

– Мешинам ҳамин ҷо, – гуфт хушдоман. – Баъд ягон фикр мекунам. Ту назди шавҳарат рав.

Ҳамин, ки Ҳабиба аз чашми хушдоман бероҳа шуд, ӯ ба кабинети мудири шӯъбаи ҷарроҳӣ Ҳабиб Одинаев даромад.

– Фарзандам, – гуфт ӯ ба Ҳабиб Одинаев, – ҳеҷ гоҳ дили модара фиреб надеҳ. Росташа бигӯй Мустафо боз чанд вақт зинда мемонад?

Аз ин пурсиш мудири шӯъбаи ҷарроҳӣ, профессор Ҳабиб Одинаев ба ҳоли ноҳинҷор афтод. То ин лаҳза ӯ байни дуроҳаи росту дурӯғ қарор дошт. Ӯ мувозинатро гум кард. Аз роҳи дурӯғ пой бардорад, ё аз роҳи рост.

– Аҷал, – гуфт кампир, – ба синну сол нигоҳ намекунад. Дости Азроҳил як хел медаравад.

– Пастиву баландӣ, хушкиву сабзира намебинад. Роҳи ҳама сӯи марг аст.

– Оча, – гуфт профессор Ҳабиб Одинаевич, – бемории Мустафо вазнин аст. Баназарам саратон барин. Ина ман донаму шумо. Аз дӯстони Мустафо Прокурори генералӣ ҳам медонад, нигоҳ мекунем. Дар хона ҳолаш хуб шавад, ба табобаташ ҳам машғул мешавам.

Кампири Бибисоро аз Худо қувват талабиду хомӯшона аз ҷой бархост.

– Дости аҷал, – гуфт ӯ, – як хел медаравад, фарзандам. Дар амони Худо бош.

Охири ҳафта, рӯзи сешанбе Мустафоро хона оварданд. Кампири Бибисоро кӯрпачаро ба табъи дили худ назди тахти Мустафо гус-

турд. Ба бари рӯе, ки ҷониби бемор буд, лаби рӯймолашро фаровард, то ки Мустафо миёни сукути кампири Бибисоро ашкҳоеро, ки дар он марги ӯ пинҳон аст, набинад.

Мустафо нисбати ҳафтае пеш хеле беҳтар шуд. Чашмонаш равшантар аст. Хаму рост мешавад. Ин нерӯ атои теғи ҷарроҳ аст. Одам ҳам аз ниҳол, аз дарахт монданӣ надорад. Вақте ба бадани нахл теғи қайчӣ мерасад ва шохҳои иллатиро аз ҳаво ба замин меандозад, нахл сабзтар мегардад. Нумӯи тоза меёбад. Ва ин ҳам даргузар аст. Оқубати сабзӣ хушкӣ аст. Ва оқубати хушкӣ нестӣ.

Кампири Бибсоро рӯи кӯрпача, рости сари Мустафо менишаст. Аз равшании пеш аз хомӯшӣ ба дилаш шодӣ намеомад. Суханони профессор Ҳабиб Одинаевич ба мағзаш печида дар фикру хаёлаш чун тундбод гардиш мекард: ду моҳ нигоҳ мекунад, профессор Ҳабиб Одинаевич, ҳоли бемор беҳ гардид, ба табобат мепардозад. Фикри печида. Чаро, ки ҳозир мӯҳлат аст, ӯро табобат накунем.

Интизор мешавад? Ҳаёт ё мамоти Мустафоро? Ба ҳаёти ӯ боварӣ надорад, профессор Ҳабиб Одинаевич.

Метарсад, ки заҳматаш беҳуда меравад ва натиҷааш мамот аст.

Аз чашмони кампири Бибисоро ғӯраҳои ашк рехт. Касе ин ғӯраҳои пурҷилоро надид. Дар ҳар ғурра ашки ӯ аъмоли Мустафо ниҳон буд.

* * *

Нимаи моҳи дуюм ҳушёрии бемор баргашт ва ӯ вазнинтар шуд. Дигар нолиш намекард. Мустафо аз дард шикоят надошт. Танҳо мегуфт, ки шикамаш алов мегирад. Гӯё танӯри тасфонда бошад…

Мустафо дарди худро дард мефаҳмид. Лекин модар онро алови ғам дар дили фарзандаш медонист. Дилфигору бародарони ӯ дил ба мулкҳои бегона бастанд ва худаш зардакофтоби сари кӯҳ. Ба андешаи Бибисоро ҳамаи ин бадбахтиро ҳамон халтаву халтачаҳои пулу бастаҳои доллар, қуттиҳои халатачаҳои реги пурҷилову тилловориҳо ва боз кадом як орди сафед овард. Чи орд буд орди сафед, ки Мустафо онро аз тилло ҳам пинҳонтар медошт.

Фарзандҳо дар он лаби дунё ва сари Мустафо дар бистари марг. Чӣ мебарад ӯ аз ин дунё.

Пул гуфту нишаст. Пул гуфту хест. Пул гуфту давид ва пули бисёр ёфт. Қаср бунёд кард. Ин қаср ҳамин ҷо мемонад, то замоне, ки чанги осмон онро пӯшонад ё сел деворҳои онро чапагардон кунад, ё заминларза чун орд дар элак, ё ғалла дар ғербол онро безаду ҳаво диҳад ва як талчаи хок гардонад.

Чӣ дид аз зиндагӣ Мустафо. Болои дастурхони мизи пурнақшу нигоре, ки шояд аз чӯби сандал бошад, чунки он аз Ҳиндустон ома-

дааст, аз асал то шири мурғ ҳаст. Вале Мустафо шикаме надорад, ки як қошуқ аз онҳо фурӯ барад. Саломатӣ нест. Агар саломатӣ бошад пораи нони қоқ бар бадан шири мурғ мегардад.

* * *

Ҳамаи ин зиён, ба ақидаи модар, аз ҳамон пулҳо, тилловориҳо ва орди сафед аст. Мустафо аз хурдӣ худрайӣ дошту якравӣ ва гардани сахт. Сухани падарро намеписандид. Панди падар ба гӯшаш намедаромад. Боз панди чихел падаре! Устои номдори завод буд усто Ҷаббор. Сабабгори калон кардани сехи рехтагарӣ, гуфт ӯ. Агар инро васеъ кунанд, дар ҳама сехҳо ҷойҳои нави кор мешавад. Аз саду сесад мегузарад. Аз ин ҷои кор як дунё савоб мерӯяд. Инсоне ризқи як оиларо меёбад. Вақте даст ба кор ҳаст, хаёлоти фисқу фуҷур, дуздиву ғорат, макру фиреби ҳамдигар, қонуншиканиву ришвахорӣ аз сару дил дур меравад. Ҷамъият аз фасодӣ рӯ ба покӣ меоварад.

Ин савоби як ҷои кор гуфт усто Ҷаббор бо ҳамсари азизаш Бибисоро, аз савоби сесад ҷои кор сесад дунё мешавад.

Ва дар ин ҷои суханаш усто Ҷаббор машаи ханда зад ва ба завҷааш гуфт:

– Аз ин агар ду дунёи савоб ба ман расад, албатта як дунёи савобашро ба ту медиҳам, то маскани ҳардуямон дар биҳишт бошад. Ва ҳарду дар хиёбонҳои гулпӯшу атрогини биҳишт бари ҳамдигар сайр кунем.

Бибисоро эътимоди комил дорад, ки шӯяш биҳишт рафтааст. Чун ки Устоҷаббор ба нияти гирифтани се-чор дунё савоб баъди басти кории худ панҷ моҳ баҳри бунёди сехи нави рехтагарӣ, ки аз он сесад ҷои нави кор дар завод тавлид мегардид, заҳмат ба сар бурд. Аҳли завод онро сехи усто Ҷаббор ном доданд. Ва баъди маргаш ин номро расмӣ гардонданд.

* * *

Даҳаи дуюми моҳи дуюм рафту омади мардуми базарба кам шуд. Ба ҳафтааш паси дарвозаи бо шукӯҳи девори баландқарёси серкунгура мошини ҷип пайдо намешуд. Мошинҳои мушкини хориҷисохт ҳам кам шуданд. Хешону пайвандон ба дидани бемор бештар мегардид.

Аз афташ аз дил гузаронд модар, донистанд, ки дарди Мустафо бедаво аст. Ва аз ин андеша дили кампир таҳ кашид.

Ин мардум ҳам, гуфт ба худ Бибисоро, аз афташ ранги Мустафоянд. Дар сахтӣ афтанду дастангӣ, ба Худо такя мекунанд. Ва соҳибсарват, ки шуданд, такягоҳи худро тағйир медиҳанд. Такя ба худ мекунанд, то дар майдони корномаҳои ҳаром озод тохту тоз ку-

нанд.

Шавҳари ӯ усто Ҷаббор ба Худо такя дошт. Ӯ ба ҳамаи ниятҳош расид. Зиндадгии хуб дошт. Сад кас аз дари хонаш медаромад, аз дастархонаш нон мехӯрд. Рӯзҳои Бибисоро ба мантупазӣ, ошдамдозӣ, ҳазору як майда чӯйдаи кайбонугӣ ва истиқболу гусели меҳмон мегузашт. Мӯйсафед ҳафт духтар хонадор кард. Тӯи писари ягонаи оила – Мустафо ҳанӯз ҳам дар ёди ҳамсояҳову хешу таборҳо ҳаст. Аз ҳама фарзандон набера дид. Дар маъракаҳои арӯсии се набера аз духтарҳои калонӣ иштирок кард. Фақат тӯйи абераро надид усто Ҷаббор.

Гапи пирамард ба ҳамаи фарзандону домодонаш, ҳатто келинаш Ҳабиба мепухт. Байни онҳо танҳо ҳамин Мустафо сахтсар баромад. Қассобхонаю ошхона пули ҳалол ҳам дораду ҳаром ҳам. Ӯ мехост-Мустафо ҳалолро гираду ба ҳаром даст нарасонад. Ҳаромӣ, мефаҳмонд ӯ ба Мустафо, умра кӯтоҳ, фарзандонро ба падар бемеҳру бераҳм мекунад. Аз ҳаром худатро дар канор гир. Пуле, ки бе заҳмат меёбӣ, донаи меваест, ки мағзаш заҳр аст. Чунки ба расондани он мева дигарҳо заҳмат кашиданд ва ту бо макр онро ба даст овардаӣ.

Панди падар ба Мустафо, ки онгоҳ сардори ошхонаҳои шаҳр буд, хуш наомад. Мӯйсафед заҳмат кашида сухану ҳикмате меҷуст, ки ба писараш таъсир расонад. Мисли тортанак дар худ мапеч, гуфт мӯйсафед ба Мустафо, ба Худо такя кун. Худо покӣ аст, адлу инсоф ҳаст ва дастгири мискинон туро ба роҳи тозагиҳо мебарад. Риштае ба ҳаромӣ намеҷӯӣ. Агар ёбӣ дар ҷояш мемонӣ.

Ман, гуфт падар, дар роҳҳо пулҳои афтодаро бисёр дидам. Аммо хам шуда набардоштам. Гуфтам ҳалол мебуд ба соҳибаш насиб мекард. Ба ӯ, ки баракат наовардааст, ба ман медиҳад?

Ва миёнаи суханони пирамард Мустафо густохона пурсид:

– Падар пули ҳарома ҳалол кардан мумкин?

Савол аз рангаш ҷиддӣ буд, ки усто Ҷаббор ба андеша рафт. Баъди лаҳзае хомӯшӣ ба ғазаб омад.

– Занак, – фарёд зад ӯ, – гир дастархона аз пеши мо. Чойнаку пиёла ҳам намонад.

Чун Бибисоро, хуб, мардакҷон, гӯён амрро дар ҳол ба ҷо овард, ғазаби усто Ҷаббор фаромад ва дар ҷавоби пурсиши фарзанд гуфт:

– Мумкин, агар як тинашро нахӯриву болои он меҳнат кунӣ.

– Чи хел? – пурсид Мустафо.

– Ягон корхона созӣ. Ё корхонаи аз кор мондаро харӣ, ҷони баромадаро боз гардонӣ. Саду дусад нафара соҳиби ҷои кор, маошу зиндагӣ кунӣ, мумкин. Пули ёфтаи ту ба коргарон ҳалол аст. Вале

ба ту не. Дар сурате ҳалол мешавад, ки коргаронат аз ту розӣ бошанд, аз ранҷашон худро хушбахт донанд. Ва боз фоидае, ки ба даст меояд, то се сол ба мискинону ятимон, дармондагони беҳол сарф кунӣ, шояд ногоҳ ҳалол шаваду Худо баракат диҳад.

Ҳарфҳои падар ба гӯши Мустафо надаромад. Қаср сохт. Ба инсонҳои шарифи беҷои кор, бечораву мискин аз ин қаср, ин девори баландқарёси атрофаш, кунгураҳои сари он чи савоб мерӯяд. Мустафо арвоҳи падара шод накард. Вагарна шаби якуми меҳмонӣ усто Ҷаббор ба сари Бибисоро корд намебардошт, дастҳои ба равғани сиёҳ олудаашро ба димоғи ӯ намеовард.

Аз ваҳми хоби он шаба, аз пагоҳ то бегоҳ сари болини Мустафо меистад. Баъд хона меравад. Ҳамроҳи духтари хурдӣ ва ду наберааш хобро дар хонаи он тарафи роҳи мошингард мегузаронад. Духтарҳову набераҳо ҳеҷ гоҳ кампирро танҳо намемонанд.

* * *

Кампири Бибисоро субҳро дар сари болини Мустафо рӯз кард ба ситора шуморӣ. Пагоҳии нимаи сеюми моҳи дуюм Мустафо сабук аз болин сар бардошт. Ва модарро дид, ки болои ду пои таҳ дода нишастааст. Ӯ чун лаби рӯймолро фаровард ва ашкҳоеро, ки дар он марги фарзанд ниҳон буд, пӯшонд.

Бархилофи чашмдошти кампир Мустафо ин ҳаракати ӯро надид ва гуфт:

– Оча, сабук шудам. Аз афташ, ҳар дарду балое буд, рафт.

Аз ин сухани ӯ Ҳабиба шод шуд. Ба лабҳояш табассуми хушнудӣ омад.

– Хайрият, – гуфт ӯ, – ба пой хестӣ.

Мустафо ба пой барвақт хеста буд. Ӯ баъди даҳ рӯзи аз беморхона ба хона омадан ба пой меистод. Аз зинаҳо мефаромад ва дар зинаҳо гардиш мекард. Танҳо хафагӣ аз ӯ дур намешуд. Бедимоғ буд. Ва бо димоғи хира Фаттоҳро, ки рӯзҳои ӯ дар хизмати Мустфао сипарӣ мешуд, назди худ мехонд. Дафтарчаи қарздоронро мебаровард. Ва нисбати ҳамаи онҳо нафрат дошт.

– Кайҳо ба по будам, – гуфт Мустафо ба Ҳабиба. – Дард несту вазнин будам. Ҳозир ҳам дард несту хеле сабукам.

Ҳабиба аз ин ахбор шукуфт. Рухсораҳояш барқ зад.

– Гапи ман баромад, – гуфт ӯ. – Таҳкидат кардам, ки рӯҳафтода нашав.

– Ҳамаш мегузарад. Ана, дидӣ, ҳама гузашт? Чӣ хӯрок мехӯрӣ?

– Ягон хӯроки мулоим.

Мустафо хӯрокҳои мулоимро хуш надошт. Бори аввал ҳаст, ки аз

забони ӯ хӯроки мулоим баромаду Ҳабиба шунид ва пурсид:

– Кадомаш?

– Кадомаш? Оё хӯрокҳои мулоим бисёранд. Аз ҳамаи онҳо ӯ нашоистаро медонист.

– Агар нашоистаи очам бошад, мехӯрам, – гуфт Мустафо.

Ӯ нашоиста хӯрду дегдонкабоб фармуд.

– Вазнинӣ мекунад, бачам, – гуфт Бибисоро.

– Медонам, оча, вале ёд кардам.

– Бо дасти худам хомшӯрбот мепазам.

– Паз, оча, дегдонкабоб ҳам кунанд.

Мустафо аз дегдонкабоб зиёдтар хӯрд ва Фаттоҳро назди худ хонд.

– Мо аз ягон кас, – гуфт ӯ ба Фаттоҳ, – қарздор ҳастем?

– Не, – гуфт Фаттоҳ, – ягон, дирам.

Ва ӯ бо амри Мустафо дафтарчаи қарздоронро баровард.

– Аз як сар хон, – гуфт Мустафо, – хоначаи қарзу фоидаро ҳам хон.

Фаттоҳ хонд. Фоида, аллакай аз ҳаҷми умумии доллари ба қарз додаи Мустафо мегузашт ва ба ду саду наваду ҳашт ҳазор дака мехӯрд. Ин пули кам нест, аз дил гузаронд Мустафо ва бо хотири ранҷида пурсид.

– Аз қарздорҳо, имрӯз ягон кас омад?

– Имрӯз не, – гуфт Фаттоҳ, – дина Ҳоким омад. Аз сӣ ҳазори фоида се ҳазор доду рафт.

Хун ба сари Мустафо зад.

– Се ҳазор? О, ин пуле ҳаст, ки ба гадо медиҳанд. Ин занғар чи фикр мекунад. Мо гадоем. Ин қарздиҳӣ не, пастзании ун одамест, ки ҳоҷати Ҳакимро баровард.

Лаҳзае Мустафо ба сукут рафт, вале аз ғазаб лунҷҳои фарбеҳи овезони ӯ меларзид.

– Ҳокимро фарёд кун, – амр дод ӯ ба қавоқи гирифта.

Фаттоҳ аз хона баромад. Ҳабиба дастархонро ҷамъу гир карда ба дасти хизматгордухтар, ки паси дар меистод, дод.

* * *

Кампири Бибисоро ғазаби Мустафоро диду чашм кушод. Як даст болои ду зону монду пинак рафт. Дар ин ҳолат андешаҳои ӯ ба осмонҳо мебарояд, фалакро равшантар мебинад. Ва истиғоса ба Қудус мебарад. Чун андешаҳои ӯ бар замин баргардад, рӯз мешуморад.

Инак аз гуфтаи профессор Ҳабиб Одинаевич ду моҳу даҳ рӯз гузашт. Агар ҳарфи гуфтааш дуруст бошад, чаро намеояд. Кампир то

пагоҳ интизор мешавад. Агар наояд, худаш пеши ӯ меравад.

Таъсири ношоистаи пагоҳ, Мустафо ба дили кампири Бибисоро нури шодӣ мерехт. Дилу сараш оҳиста-оҳиста равшан мешуд. Ба димоғаш бӯи умеди зинда мондану умри дароз дидани Мустафо мезад.

Вале ғазаби Мустафо то рафт меҷӯшид. Ҳоким ба назараш нафратомез менамуд. Аз даҳ бист қарздор яке мурад, ҳеҷ ҷои афсӯс нест. Чашми дигарҳо метарсад. Ҳеҷ набошад, захм гирад ҳам ба дили қарздорҳои дигар бим меафтад. Ва камтар ба таҳлука меафтанду ҳушёр мешаванд.

Мустафо сукути кампирро мефаҳмид. Хоб пиндошт сукути ӯро ва дари ҷевони хушсохти хориҷиро, ки хеле диққатрабо буд, кушод. Корд гирифту таги болишт монд. Ба сари зарба бар Тани Ҳоким ба андеша рафт. Аз зарба ба дили ӯ фоида нест, гуфт ба худ, раваду мурад аз қарз халос мешавад. Беҳтар аз ҳама дили ӯро нишон мегираду гуё хато меравад ва зарба ба рони Ҳоким мерасад.

Бибисоро чашм кушоду Мустафоро дид. Ӯ болои тахти хоб ба пушт ва дароз кашида буд.

Ба назари кампир чунин намуд, ки бадани Мустафо ин тахти дарозу кушодро пур кардааст. Ҳақиқат бачааш мардаки бузбала аст. Димоғи баланду қади дароз дорад. Сару мангала бин! Хайрият, ки ба пояш мераваду ба хӯи худ паҳлӯ мегардад. Агар аз пой афтода мебуд, чи мешуд? Ҳабиба ҳазор зӯр занад ҳам ӯро аз ҷой намеҷунбонад. Шояд Фаттоҳ, ӯро ба паҳлӯ гардонд.

Танýманд аст Мустафо ва инсони зоҳирбин. Ба ботин чи хаёл дорад, Мустафо, кампири Бибисороро намебинад. Аҷаб не, замоне рӯҳ аз тани одам ҷудо ва аз зиндон раҳо меёбад, ба ботини инсон пай барад. Шояд арвоҳи усто Ҷаббор ҳоло даруни Мустафоро мебинад. Мебинад, ки гуноҳояш ӯро иҳота кардааст. Маҳсиятҳои аз ҳаром макр зоҳиран дар меъдаи ӯ пӯсида кирм баровард. Кирмҳои бадмонанде аз чашми ҳарис ҳаристар. Мисли гови ҳариси чилҳазорхонадор, ки дар чарогоҳ аз хӯрдан серӣ надорад. Меъдаи Мустафоро мечаранду мепӯсонанд. То он гоҳе дар бадан гармӣ ҳаст, дар рагу рагчаҳои хун гардиш мекунад ва аз худ осори пӯсиш боқӣ мемонад. Кирмҳои саратон, ки онро сиёҳбод ҳам мегуянд, ҳарисанд. Аз одам ҳам ҳаристар.

Мустафо ҷисми бузург дорад. Қади баланду пеши синаи фарох, шонаҳои паҳну камарҳои барҷаста ба ӯ ҳашамати хосса додааст. Дар ин ҷуссаи калон саратон даву тоз мекунаду заҳмат мекашад.

* * *

Фаттоҳ аз иҷрои амр ба ӯ огоҳӣ дод. Алангаи оташи ғазаби Мус-

тафо баландтар шуд.

– Ин ҷо биёянд, – фармуд ӯ ба Фаттоҳ. Ҳоким аз дар рост пеши тахти хоби Мустафо омад. Даст дароз кард, то ба салом дасти Мустафоро гирад.

Вале дасти Мустафо бардошта нашуд.

– Шинон ина Фаттоҳ. – гуфт ӯ.

Фаттоҳ аз бозӯи ӯ гирифту ба курсӣ шинонд. Мустафо ҳамонон ба пушт дароз кашида буд. Кампири Бибисоро ҳарду даст сари зону менишаст. Ҳабиба чойнаки чои навро ба дасти Фаттоҳ доду худ ба курсии бари хушдоманаш рӯ ба рӯи Ҳоким нишаст. Ҳоким ба абрӯҳои пайвандӣ ва чашмони калону чеҳраи сабзина ба назари Ҳабиба ҷавонмарди бисёр зебо намуд.

– Хушрӯй мардай, – гуфт Ҳабиба ба дилу аз ӯ чашм набардошт. Мустафо ҳамоно ба пушт дароз кашида буду ба паҳлӯ намегашт. Аҷаб нест, ки ғазаби бузурги дар вуҷуди ӯ бударо паҳлӯи чапу рост набардораду фишор хӯрад.

– Пурс, Фаттоҳ, – гуфт ӯ, – ин чӣ масхарабозӣ. Агар инсон мебуд, ин Ҳоким, ҳеҷ не, ақалан нисфи фоидаро меовард. Ҳама кору зиндагӣ дорад.

Ҳоким узр пеш овард.

– Аз дусад тонна саларка, ака, – гуфт ӯ, – зиён дидам. Бензин ҳам мазза накард.

– Фаттоҳ.

– Лабай, ака.

– Пурс, кай аз зиён мебарояд?

– Имсол не, ака.

– Ин қарз ба ман, – гуфт Мустафо, – лозим не. Чонат лозим. Ва Мустафо даст таги болишт бурду чун паланг аз ҷой ҷаст. Ӯ дилро ба нишон гирифту кордро ба рони Ҳоким зад. Ва хунсардона кордро аз даст раҳо кард. Ҳоким оромона корди овезонро аз пой гирифт ва хуни онро ба лаби домонаш пок карду пеши чойнаки чой монд. Ӯ ҳарфе ба лаб наоварда аз ҷой хест. Аз пойафзоли ӯ хун ба ноҷаи дар чакид. Ӯ дар ҳар қадам паи сурх монда, ба сари баланду лабҳои фишурда ва ғуруру ғайрат аз дарвоза баромад.

Ҳабиба ҳар чанд дасту по хӯрд, вале оромӣ ва ғайрату ғурури Ҳокимро дар муқобили ҷаҳли Мустфо писандид.

* * *

Ҳабиба шабро ба ҳайёлҳои ҷонгудоз ба рӯз овард. Ӯ сӯзиши корди Мустафоро дар сони худ ҳис мекард. Даст-даст карда ҷои хали-

даи нӯги кордро медид. Дилаш ба Ҳоким месӯхт ва аз қадамбардории бовиқорона бо кафши пур аз хун ифтихоре дар вуҷудаш ҷӯш мезад. Ифтихори гарму ширин.

* * *

Кампири Бибисоро ҳарчанд ба чашми сиёҳу рӯи варам ва дасту пои зарбхӯрда борҳо аз дар даромадани Мустафоро ёд дошта бошад ҳам, чашмдори ин дараҷа бераҳмии ӯ набуд.

* * *

Пагоҳ дарди Мустафо хуруҷ кард. Ӯ то рафт бемадор мешуд. Шояд таъсири ҳаяҷони дина бошад, ба хаёл мерафт Фаттоҳ. Нуре, ки дина ба кунҷҳои торики дили Бибисоро партав меафканд, ғайб зад. Кампир ғурраҳои арақро аз пешонии Мустафо пок мекарду ба тақдири ӯ месӯхт. Арақи сард буд, сари ангуштони кампир инро мефаҳмид. Аз чакраҳои яххои овезони сари перосаи болои дари хонаи падари Бибисоро, ки ногаҳон ба пешонаи ӯ мезад, сардтар. Худоё, дар вуҷуди одам ин хел сардӣ аз куҷо?

Ғаму ғуссаи кампир ба дили Ҳабиба роҳ наёфт. Ӯ пай ҷусту як лаганд дегдонкабоб тайёр кард. Асал гирифту мумиё ба халтаи зебои салафанӣ андохт. Ба сумкаи ҷевони бари болои сари Мустафо даст нарасонд. Ва бе гапу хабар халтаву лагани дегдонкабобу пастобаи асалу маскаву мумиёро бардошту ба дарвозабон гуфт:

– Ба сари мулло меравам, чашми Мустафо беҷо. Мулло омада ягон дуо хонад.

– Бисёр кори хуб мекунӣ, – гуфт дарвозабон.

Ҳабиба аз ин дурӯғи ба забон омада хушҳол шуд. Ва мошинеро нигоҳ дошту гуфт:

– Хизмат мекунӣ. То беморхонаи ҷарроҳӣ мебарию меорӣ. Аз ҳақи хизмат хурсанд мешавӣ.

Ронанада қаду басти зебо, чашмони калон, мижгонҳои дарозу қошони қаламкаши Ҳабибаро диду ба куҷо шитоб доштани худро аз ёд баровард.

– Марҳамат, – гуфт ӯ, – ба хизмат тайёрам.

Ҳоким ба истиқболи ӯ ба ҳар ду пой рост шуд. Ҳабиба ба чеҳраи ошуфтаю лабҳои моили ханда пурсид.

– Чи ҳол дорӣ?

– Ҳоли хуб, – гуфт Ҳоким хандида ва илова кард, – ҳарчи аз дӯст ояд, накӯст.

Ҳабиба ба чи дараҷа неку бад будани хуни аз бадани ӯ резондаи шавҳарро медонист. Ва аз дидани пои гаҷбастаи Ҳоким ба дилаш

сӯзише расид. Вале нафаҳмид ин чи сӯзише. Бо ин сӯзиш ҳавое дар вуҷуди Ҳабиба ҷӯш зад. Аз ҳавои ҳаваси ногаҳонӣ шарм дошт. Чашм аз чеҳраи Ҳоким бардошту ба замин афканд. Ин чи берӯӣ, – андешид ба худ. Шавҳар дар сақароти ҷону ту дар пеши Ҳоким. Ҳокиме, ки як замон дар талоши ёфтани дили ту ҷон меканд. Ва ҳамин, ки сармояе меёфт, харҷи ту мекард. Аз Дубай ба ту сандуқчаи тиллоӣ овард ва чунон бо дили поке ба нишони ёдгорӣ тӯҳфа кард, ки не гуфта натавонистӣ. Онро аз чашми ҳама пинҳон доштӣ. Баъзан даруни сандуқча пур аз ангуштарину ҳалқаҳои тиллову бриллиант шуд. Ва ту ба нияти арӯсии духтарат онҳоро нигоҳ доштӣ. Акнун чи шуд арӯсии духтарат. Дигар ту намебинӣ ӯро, дидори келин ҳам насибат намекунад. Аз Мустафо ҳам навозиш надидӣ. Навозиши ӯ пулу сарват шуд. Дами марг ҷои калимаи шаҳодат, фоидаи қарзҳои худро ҳисоб дорад.

Ҳабиба сар бардошту хайру хуш гуфт. Ҳоким табассуми ширин кард. Нигоҳи Ҳабиба аз чеҳраи хандони Ҳоким ба пои гаҷбанди ӯ афтиду ях баст. Замоне ҳам ки аз дари мошин даромад пои гаҷбанд пеши рӯяш буд. Ва зарбаи корди ба ин по расидаро медид. Ва хуни ба почаи шим дамида, нақши туфлии пури хун зинаҳо, рӯи ҳавливу паси дарвоза. Ҷои он корд гуфт ба худ Ҳабиба, рони Ҳоким не, балки дили ман буд. Ӯ бо садои маҳину ширин гуфт:

– Зуд сиҳат шав. Қарзат худи ман.

Ҳабиба халтаи салафаниро болои ҷевончаи назди ӯ монду гуфт. Ҳоким онро худаш бинад. Чунки ӯ шитоб дорад. Ва сабаби шитобашро нагуфт. Забонаш ба номи Мустафо нагашт.

– Хайр, боз меоям, – гуфт Ҳабиба ба ӯ ва аз дари палатаи ҳафтуми беморхонаи ҷарроҳӣ баромад.

* * *

Ҳабиба дар пушти дарвозаи бошукӯҳи деворҳои баландқарёси кунгурабандии ба тозагӣ бунёд кардаи Мустафо дарвозабони ҷавонро бо чеҳраи гирифта дид ва гуфт:

– Мулло ба ҷое рафта будааст. Аҳволи хӯҷаин чи хел?

– Вазнин. Об чаконда истодаанд.

– Маро ягон кас пурсид?

– Не, – гуфт дарвозабон, – касе напурсидааст.

Ҳабиба ба хона даромад то рӯймоли сафеду куртаи кабуд пӯшад. Дилаш нашуд аз паси дар гашт. Нахост пеш аз пода чанг хезад. Замоне ба сари болини бемор расид манаи ӯро баста дид. Мустафо гӯё хоб рафтааст.

## ГАРАВГОНИ ШӮХИҲОИ ХЕШ
### *Нобиғаи асрҳо*

*Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,*
*Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.*
*Зинҳор ки сармояи ин мулки ҷаҳон,*
*Умрест бад-он гузаронӣ, гузарад.*

*Гуфтӣ: накунӣ хизмати султон, – накунам, не,*
*Як лаҳза фароғат ба ду олам нафурӯшам.*
*Хоқонӣ*

Гоҳҳо дар олам чизҳои аҷибе рӯй медиҳанд. Шӯхие, ки инсони басо бо истеъдод ҳинни лаҳзаҳои фароғат мекард ва ба онҳо ягон зарра қимату аҳамияти хоссае намедод, нохост асрҳо боз пойдор монданд. Ва ин дар ҳолатҳое буд, ки инсони соҳибистеъдоди оламгир чунон кашфиётҳои ҷиддие мекард, ки барои инкишофу пешбурди илми ҷаҳонӣ бозёфтҳои нодире буд. Ва ин буд заҳмату шӯҳрати аввалиндараҷаи ӯ. Вале чӣ шуду чӣ монд, ки баҳри шӯҳрати ӯ шӯхиҳо, ҳазлу мутоибаҳо ва дилхушиву сокулии байни мардуми олам заҳмати асосии ӯро пӯшонд. Ва кашфиётҳои беназири илмии ӯ пеши дилхушиҳо дуюмдараҷа шуд. Олими маъруфи олам, ки дар кашфи илм аз асри худ гузашт, асиру гаравгони бозиву шӯхиҳо ва қофиябандиҳои зарифонаву ҳозирҷавобонае шуд, ки лаҳзаҳои дамгириву фароғат гуфта мешуданд.

*Ёрон, чу бо иттифоқ меъод кунед,*
*Худро ба ҷамоли якдигар шод кунед.*
*Соқӣ чу майи муғона бар каф гирад,*
*Бечора маро ҳам ба дуо ёд кунед.*

Ҳамин хел як асиру гаравгони шӯхиҳо, ҳазлу дилхушиҳои лаҳзаҳои фароғат Ғиёсиддин Абуал Фатҳ Умар ибни Иброҳим Хайёми Нишопурӣ шуд, ки имрӯз ҳама оламиён ба номи кӯтоҳ Умари Хайём ҳамчун сарояндаи мумтози май ва хушиҳои зиндагӣ мешиносанд. Номи ӯро на комёбиҳову дастовардҳои бузурги илмӣ, балки вақтгузаронии хушдилона ҷовид гардондааст.

Ба ростӣ ҳам Хайёмро аз гуноҳҳои ин ҷаҳон комилан пок гуфтан мумкин аст. Озодфикрӣ, шӯхиву мутоиба, сайлдӯстӣ чуноне, ки солноманависон ёд мекунанд, бо математики маъруф, физик, астроному файласуфи беҳамто мувофиқат мекунад. Ҳамзамон он танҳо

як чизро ба ёд намеоранд ва ин ҳам шеъргӯии ӯст. Қасидаҳои мадҳи ҳукуматдорон, ягона шакли қонунии назми он замона буд, ки ӯ наменавишт. Лекин эҷоди дарҳолонаву бадеъонаи дубайтӣ ё рубоӣ дар замони зиндагии Умар Хайём назм ҳисоб намеёфт. Ба ҷои ин ӯ замони дар ҳаёт будан дар паноҳи фаъолияту комёбиҳои илмӣ шӯҳрат дошт. Дастовардҳои илмӣ имконият доданд, ки ба ӯ арбоби илми аср, донишвари расмӣ ва шоҳи фалсафа ному унвон ниҳанд.

Умар Хайёми бузургвор ба физикаву таърих, сиёсату мусиқӣ машғул мешуд. Ӯ рисолаҳои бешумори тадқиқи амиқи фалсафӣ навишт. Номи ӯро аз рӯи ҳама ҳуқуқҳо ба қатори пешгузаштагони геометрияи евклидӣ мемонанд. Тақвими астрономии 960 сол пеш аз рӯзҳои мо ихтиро кардаи Умари Хайём аниқу дақиқтар аст аз он тақвиме, ки ҳозир истифода мебарем.

Аврупо Умар Хайёмро ҳамчун олим ва шоир ду бор кашф кард. Ӯ ҳамчун олими илми математика баъди нашри китоби олими немис Франс Вёнк соли 1851 дар Париж бо номи «Алгебраи Умар Алхайём» шӯҳрат ёфт.

Дуруст аст, ки номи Умар Хайёмро пештар аз чопи китоби «Алгебраи Умар Алхайём» ҳам ба забон меоварданд. Соли 1742 Ж.Мерман дар сарсухани ба китоби дарсии ҳисоби диференсиалии ба рисолаи алгебравии Умар Хайём истинод (такя) карда буд. Аммо он гоҳ шӯҳратхоҳии инҷиқона маҷбур кард, ки аз паҳлӯи ҳакими зиндадили Шарқ гузарад.

Ин инҷиқӣ танҳо дар асри XIX пас аз чопи тарҷумаи 75 рубоӣ гулчин бо қалами адабиётшиноси англис Эдвард Финжерал ба ёд оварда шуд. Соли 1928 И.Тхоршевский маҷмӯаи шеърҳои Умари Хайёмро дар Париж ба забони русӣ аз чоп баровард. Баъди ин ҳам чунин ба ҳисоб мегирифтанд, ки Умар Хайёми математику Умар Хайёми шоир одамони гуногунанд.

Ҳамин хел воқеъ шуд. Чунки Умар Хайём шеърро ба забони тоҷикиву Форей менавишту рисолаҳои илмӣ ба лафзи арабӣ. Дар кору вазифаҳои хизматӣ аз забони туркӣ истифода мебурд.

*Ҳарчанд ки рангу рӯи зебост маро,*
*Чун лола руху чу сарв болост маро.*
*Маълум нашуд, ки дар тарабхонаи хок,*
*Наққоши азал баҳри чӣ орост маро.*

Ӯ 18 майи соли 1018 дар Нишопур дар оилаи косиби давлатманди осудаҳол Иброҳим, ки барои шерозаву рӯймол матоъ мебофт, ба дунё омад. Умар касби падарро насаби худ интихоб кард. Хайём ба

забони арабӣ «хайма» маънои «шероза» ё «рӯймол»-ро дорад.

Шаҳри Нишопур дар вилояти қадимаи Эрон воқеъ гардидааст ва он маркази калони савдо, фарҳангу маданият ва илми ҷаҳони мусулмонон буд. Ва бо донишкадаҳои маълумоти миёнаву олӣ, яъне мадрасаҳои бисёр дар олами Шарқ шӯҳрат дошт. Умар ибни Иброҳим дар яке аз ин мадрасаҳо мехонд. Таълим дар муассисаҳои ашрофон, ки олимону арбобони давлатӣ тайёр мекарданд, арзон набуд. Лекин оилаи Иброҳим маълум, ки ба дараҷаи кофӣ сарвате доштанд, то писареро, ки дер боз интизори ба дунё омаданаш буданд (модари ӯ Фотима то омадани Умар ду фарзанди мурда ба дунё оварда буд), маълумоти аъло диҳанд.

Умар дар синни 20 солагӣ ба Самарқанду Бухоро рафт. Ва ин сафари ӯ ба охирҳои асри XI ва аввалҳои асри XII рост меомад. Дар ин асрҳо Самарқанду Бухоро шаҳри олимон маҳсуб мешуд ва бо донишмандону китобхонаҳои калони бой дар Шарқи исломӣ шӯҳрати баланд дошт. Ҳукумати ин шаҳрҳо мардуми бомаърифатро парасторӣ мекарданд. Дар ин ҷойҳо ӯ илмҳои дақиқу табиӣ: математикаи он замон инкишоф ёфта, геометрия, физика, астрономияву астрологияро омӯхт. Дар асрҳои миёна ин илмҳо як қисмати фалсафа дониста мешуданд. Умар Хайём ба ҷуз илмҳои зикрашон дар боло рафта комёбиҳои илмҳои таъриху ҳуқуқ, инчунин тибу назарияи мусиқӣ, забону адабиёти арабро, ки ҳар як соҳибмаълумот ӯҳдадор буд донад, аз бар кард.

Аз ҳамаи ин илмҳо ба Умари ҷавон астрономия ва математика писандидатар омад. Ва ӯ бештар ба омӯзиши астрономияву математика шавқ дошт. Ҳаёти ӯ боз як бори дигар ҳамчун далели равшан собит кард, ки комёбиву пешрафти одам дар олам бевосита вобаста ба он корест, ки ӯ машғул аст, ва ба чӣ дараҷа онро дӯст медорад.

Умар Хайём ба ҳамагуна илмҳо рағбати беандоза зоҳир мекард. Лекин айёми ҷавонӣ зиёдтар ошиқи илми алгебра буд. Ӯ аллакай дар синни 25 солагӣ нахустин кашфиёти худро дар ин илм кард, нахуст кашфиётҳои илмиашро дар се рисола гирд овард. Ва аз ин се муҳимтарину пурарзиштаринаш «Рисолаи дар бораи мушкилоти алгебра ва ал-муқобилҳо» буд. Ин рисола ба Умар Хайёми ҷавон на танҳо ӯро ҳамчун олими маъруф шӯҳратёр кард, балки ҳокими Бухоро Ҳоқон Шамс ал-Мулкро (1068-1079) парастори ӯ гардонд. Чунки асари ӯ «Рисола дар бораи мушкилоти алгебра ва ал-муқобила» ба ҳукумати ӯ шӯҳрати бузург бахшид.

Солномаҳои асри XI башорат медиҳанд, ки Ҳоқон Шамс ал-Мулк бо олими ҷавони математика ифтихор кард ва «ӯро бари худ дар тахт мешинонд».

Хайём соли 1074 ба Эрон бозгашт. Ӯро ба пойтахти султони тавонои Салҷуқиён Маликшоҳ (1072-1092), шаҳри Исфаҳон ба хизмати дарбор даъват намуданд. Аз Ғарб баҳри Миёназамин ва аз Шарқ то Хитой мулкҳои зиёде зери нигини султонии Маликшоҳ буд. Таърихшиносон идораи султон Маликшоҳро ҳамчун давраи равнақи давлатдорӣ меноманд, ки дар он хизмати вазири ӯ Низом ал-Мулк бузург аст. Низом ал-Мулк бо маърифаттарин инсони замони худ буд. Ӯ ҳамчун арбоби намоёни давлатӣ аз илм пуштибонӣ мекард. Низом ал-Мулк ҳамаи намояндагони илми ҷаҳони исломро зери қаноти худ гирд овард. Бо ибтикор, саъю кӯшиши ӯ дар Исфаҳон, Бағдод, Басра, Нишопур, Балху Марв ва Ҳирот академияҳои илм бунёд ёфтанд, ки аз рӯи адолат ба худ номи вазир Низомияро гирифтанд.

Мувофиқи маълумотҳои солноманависони асримиёнагӣ Низомулмулк ва Хайём дар Нишопур дар як мактаб мехонданд ва аз бачагӣ бо ҳам дӯст буданд. Аз ин рӯ ва ба ҳар ҳол даъвати Хайём тасодуфӣ набуд. Дар Нишопур Умар Хайём ба бузургтарин расадхонаи астрономии асрҳои миёна дар тамоми ҷаҳон роҳбарӣ мекард. Чуноне ки дар қиссаҳо оварда мешаванд, вазир ба дӯсти бачагии худ ба маблағи калон даҳ ҳазор динори тиллоӣ маоши солона тайин кард, то ӯ бе ягон зарра танқисие ба илм машғул шавад.

Умар Хайём замони зиндагӣ дар Исфаҳон ҳаракати ҷисмҳои осмониро зери мушоҳидаи астрономӣ дошт. Ӯ ҷадвалҳои асторономӣ тартиб медод. Ва аз ҷадвалҳо тамоми мамлакатҳои асримиёнагии Шарқ истифода мебурданд. Ӯ ба коркарди тақвими нав шурӯ намуд. Ва тақвиме эҷод кард, ки дар аниқиву дақиқӣ беҳамто ва нисбат ба тақвими григорӣ, ки баъдан қабул шуд, ҳафт сония аниқтару дақиқтар аст. Умар Хайём баробари мушоҳидаи астрономии ҷисмҳои осмонӣ ва ихтирои тақвим асарҳои зиёди илмӣ менавишт. Асари фалсафии ӯ «Рисола дар бораи мавҷудият ва воҷибият» то кунун аҳамияти илмии худро комилан нигоҳ доштааст. Ӯ ба ҷуз офаридани муҳимтарин асарҳои илмӣ китобҳои Авитсена (Абуалӣ ибни Сино)-ро аз арабӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ тарҷума мекард. Ва ин ҳам як ҷасорати бузурги Умар Хайём буд. Чунки дар он замон забони арабӣ сиёсат буд. Ҳама олимони забонҳо ба забони арабӣ менавиштанд. Ҳама тарҷумаҳо ҳам ба забони арабӣ сурат мегирифт. Ва ба забони тоҷикӣ-форсӣ ё форсӣ-тоҷикӣ гардондани асарҳои илмӣ шуҷоат мехост. Чунки забони илмӣ тамоман забони арабӣ маҳсуб мешуд. Умар Хайём тарҷума мекард ва таҳқиқоту ҷустуҷӯи ғалатии математикии худро давом медод.

*Як рӯз зи банди ғам озод наем,*

*Як дам задан аз вуҷуди худ шод наем.*
*Шогирдии рӯзгор кардем бисёр,*
*Дар кори ҷаҳон ҳанӯз устод наем.*

Шеърҳои инсони назарбози Шарқ ба воқеияти амали ӯ ягон хел муносибате надорад. Эҷодҳои математикии Умар Хайём, ки то рӯзҳои мо расидаанд ва дар офаридану пешбурду инкишофи алгебра нақши бузург мебозанд, бар хилофи он аст. Ӯ ин ва ё он мушкилоти математикиро тадқиқ мекард ва ба ӯ муяссар мегардид, ки хулосаҳои муҳимми назариявӣ барорад. Ва ин хулосаҳои пурарзиши илмӣ ӯро ҳамчун олими беҳамто, ки чандин садсола аз ғояҳои алгебриву геометрии олимону муҳаққиқони аврупоӣ пеш гузашта буд, нишон медод. Ва ин бузургии Умар Хайёмро дар бозёфтҳои илмии алгебравиву геометрӣ математикҳои араб на як бору ду бор нишон дода буданд.

Ба истилоҳи алгебра «Китоби ал-ҷабр вал муқобила» ном ниҳод. Соли 830 астроном ва математик Ал-Хоразмӣ «китоби ал-ҷабр вал муқобила» (Китоб дар бораи пуршавӣ ва муқобилгузорӣ)-ро навишт. Вале Умар Хайём дар кашфу муайян намудани фанну услуби алгебра аввалин аст. Бозёфти алгебра дар олами илм танҳо ба ӯ тааллуқ дорад: «Алгебра санъати илмӣ аст, фанне, ки шумораҳои мутлақ тартиб медиҳад ва андозаи бузургиҳоро меомӯзад, чизҳои (ашёҳои) номаълумро, ки муайян нестанд, вале дар муносибат ба ягон чизи (ашёи) маълуме, ки равшан кардан мумкин аст. Мукамалгардонии ин санъат ба донистани усулҳои математикӣ марбут аст. Танҳо бо ёрии ин усулҳо амали чӣ ададӣ ва чӣ геометриро зикр кардан мумкин аст…» ба ибораи дигар дар рисолаи Хайём «Дар бораи исботи масъалаи алгебра ва ал-муқобила» (1074) алгебра ҳамчун илм оиди муодила ё баробарӣ ва маҳз роҷеъ ба чунон баробариҳоеро, ки айни замон алгебра номида мешаванд, фаро мегирад.

«Ҷои афсӯс аст, ки китобҳои Хайём барои математикҳои асрҳои XV-XVI Аврупо номаълум монданд. Ҳар чӣ қадаре, ки масъалаҳои ҳалли ададии муодилаҳои мукааб пештар гузошта шуда буданд, ба ҳамон дараҷа кори эҷодгарони алгебраи нави олӣ осонтар мешуд, – навиштааст ходими илмии институти таърихи табиатшиносӣ ва техникаи Академияи илмҳои Русия, профессор А.П.Юшкевич. Вале воқеият бо дигар ранг сурат гирифт. Ба олимони аврупоӣ зарур омад барои расидан ба он роҳе, ки хеле пеш аз онҳо шоир ва математики бузурги Шарқ Умар Хайём ибтидо гузошта буд, заҳмату мушкилиҳои зиёдеро паси сар кунанд.»

Сабаб маълум: натиҷаи таҳқиқотҳои Хайём роҷеъ ба алгебра,

ҳамчунин дигар математикҳои араб дар Аврупо танҳо дар асри XVII маълум шуд. Ба ҷуз ин боз сабаби дигаре низ ҳаст, ки ба тақозои он математикҳои аврупоиро зарур омад, аз нав алафи кайҳо даравидаи нобиғаҳои шарқро аз нав даравand.

Яке аз ҳамзамонҳои Алӣ Байҳақии Хуросонӣ аз Умар Хайём ба ёд меоварад, ки Умар Хайём олими тавоное буд, ки хотираи беназир ва басо фавқулода дошт ва ба дараҷаи ғайриодӣ дар доираи васеъ фазилати илмӣ дошт, вале «дар навиштани китоб ва таълим хасис» ва аз худ нисбат ба оне, ки метавонист, осори хеле каме боқӣ гузошт. Ва он чӣ навишт наҳамааш боқӣ монд. Аз рӯи маълумоти ӯ, ки дар асарҳояш боқӣ мондааст, маълум аст, ки ба қалами ӯ рисолаи аҷибу ғароиби таҳқиқи математикии назарияи мусиқиро фаро мегирад, навишта шудааст. То ҳанӯз ҳам дастхати асари барвақтии «Мушкилоти арифметикӣ»-ро наёфтаанд. Афсӯс. Дар ин асар Умар Хайём аз олам гузашт. Ӯ нахустин касест, ки дар таърихи математика усули аз реша баровардани дараҷаи п-ро ҳосил кард, ки асоси онро формулаи бардоштан ба ду дараҷагии а+в ва дараҷаи п ташкил мекунад, ки билохир бо номи Нютон ҳосил мешавад. Ва ин ба худи Умар Хайём аз баёни рисолаи «мушкилоти арифметикӣ» ва асарҳои баъдина маълум буд.

Тадқиқотҳои математикии Умар Хайём ба чанд самт мансуб аст: ҳалли геометрии муодилаҳои алгебравӣ, назарияи хатҳои баробар, назарияи таносуб ва омӯзиш оиди ададҳо. Ва дар ҳамаи ин самтҳо натиҷа ва ҳалли масъалаҳое меёбӣ, ки танҳо истифодаи калимаи «аввалин» ҷоиз аст.

Коркарди назарияи умумии ҳалли баробариҳои то дараҷаи сеюм то асри XIX вазифаҳои муҳимми математикҳои араб буд. Ба ҷустуҷӯи ҳалли ададии мутаносубии мукааб ба ҷуз Умар Хайём алгебрашиносон тадқиқот мебурданд, ки байни онҳо ба мисли Ал-Махамӣ, Ибн ал-Ҳасан, Ал-Берунӣ олимони забардаст буданд. Лекин маҳз Умари Хайём бори аввал дар таърихи математика намудҳои асосии баробариро ё худ муодиларо ба гурӯҳҳо ҷудо кард, аввалин шуда масъала дар бораи алоқаи геометрӣ бо алгебраро ба миён гузошт ва назарияи ҳалли геометрии муодилаҳои алгебриро асоснок намуд ва ҳамин тавр илми математикиро то ба ғояи бузургиҳои тағйирёбанда бардошт.

Дар рисолаи Умар Хайём «Дар бораи масъалаи исботи алгебрӣ ва ал-муқобила» дар он ҷое, ки ӯ роҷеъ ба хелҳои гуногуни муодилаҳои 3-юм дараҷагиро нависад, пешбинии нобиғона маҳфуз аст:

Исботи ин намудҳо дар ҳолате сурат мегирад, ки мавзӯъи масъала адади мутлақ ва берун аз имкониятҳои мо ва на барои ягон касе, ки ин санъатро медонад, бошад. Мумкин аст ягон кас аз ҷумлаи онҳое,

ки пас аз сари мо меоянд, донад, ки ин ҳолат вақте ки на танҳо се дараҷаи аввал дорад, балки маҳз, ашё ва муррабаъ (квадрат) мавҷуд аст.» Ҳамин навъи ҳалли муодилаҳои мукаабро 400 сол баъди марги Умар Хайём дар оғози асри XVI итолиёиҳо пайдо карданд.

Умар Хайём ҳангоми ҷустуҷӯи муодилаҳои озоди мукааб ба наомади кор рӯ ба рӯ шуд ва сабру тоқат пеш овард. Ва ӯ изҳор намуд, ки баробариҳои дараҷаи сеюм, умуман агар гуем бо ёрии паргор ва ҷадвал ҳал карда мешаванд, таҳкид мекунад ӯ, балки онҳоро фақат «бо ёрии буриши конусшакл» ҳал намудан имконпазир аст. Пас аз 563 сол Рен Декарт ба ин ғояи Умар Хайём илова намуд: аз тавсифи тамоили каҷӣ ба воситаи адад геометрияи таҳлилӣ ба вуҷуд омад, ки дар он ҳалли алгебрии муодилаҳо бо назарияи адад ва геометрияи айёни якҷоя рехтаанд.

Охирҳои соли 1077 Умар Хайём яке аз асарҳои математикии худро, ки он дар занҷири тадқиқотҳо ҳалқаи муҳимтарин аст, бо номи «Рисола дар бораи шарҳи ҳолати мушкили Евклид» ба поён расонд. Асар бо эҷоди геометраи ғайриевклидӣ, яъне «Рисола дар бораи шарҳи ҳолати мушкилоти Евклид» анҷом меёбад.

Асари Евклид «Ибтидо» дар инкишофи математика нақши бузург бозид. «Ибтидо» охирҳои соли 800 ба забони арабӣ тарҷума шуд. Хеле ба зудӣ нисбати он шарҳу танқидҳои бисёр навиштанд. То замони Умар Хайём ва математикҳои араб наздики 30 адад навишта дар ин мавзӯъ мавҷуд буд. Таҳлили бо ҷидду ҷаҳд ва басо дақиқи рисолаҳои олимони араб ва дар навбати аввал асарҳои худи Евклид ба Умар Хайём даст дод, ки як қатор ғояҳои қатъиян ҷиддиро пешгӯӣ намояд. Ӯ дар асари илмии худ «Рисола дар бораи шарҳи ҳолатҳои мушкили Евклид» нисбати ҳақиқати пастулати (қоидае, ки ҳамчун ҳақиқат қабул мешавад. Масалан ду хати баробар) панҷум шубҳае надорад, аммо онро нисбати дигар ҳолатҳои андаке норавшантар меҳисобад. Ва Хайём ба он тавзеҳи одию возеҳи худро дода сайъ менамояд, ки онро исбот кунад. Нобиғаи илми матемактикаи Шарқ Умар Хайём назарияи баробарии шахсии худро меоварад ва ӯ ҳафт теоремаро исбот мекунад.

Дар қисми дуюму сеюми рисола Умар Хайём миқдору хосияти таносуброро, ки барои математикҳои шарқӣ хос аст, тадқиқ мекунад ва аҳамияти муҳимтаре ба наздикшавии ҳисобҳо медиҳад. Ва дар ин роҳ ҳам ба ӯ муяссар мегардад, ки нобоварӣ кунад. Заҳмати ӯ ва ҳамчунин коркарди математикҳои минбаъдаи араб бе ягон заррае шубҳа ба хулосаҳои Умар Хайём шиносанд. Хулосаҳои илмии ӯ ҳалқаи зарринест дар занҷири тадқиқотҳо, ки ба назарияи ҷиддии воқеияти ҳисоб ё худ рақам мебарад ва он ба таҳлили математикӣ асос ёфтааст.

Дар таълими Евклид нисбати ғайриқиёси тозаи геометрӣ баён

меёбад. Математикҳои қадими давраи классикӣ, чуноне маълум аст, танҳо давраи ратсионалиро истифода мебурданд ва бузургиҳои ратсионалиро онҳо «alogos» меноманд ва маънояш «сухани ғайрибаён» аст. Ифодаи шабеҳи он – «surdus», яъне «нар» ва то асри XIII ададҳои ирратсионалиро ифода мекард. Ҳарчанд, ки математикҳои аврупоӣ, бахусус олимони ҷудогона, аз ҷумла математики итолиёӣ Рафаэл Бомбеллӣ ва математики галандӣ Симон Стевин мафҳуми ададҳои ирратсионалиро бо мафҳуми ратсионалӣ баробарҳуқуқ медонистанд. Стевин менависад, ки ягон ёваву сафсата, нодурустӣ, мафҳум ё ададҳои кар нест, баръакс «байни ададҳо чунон камолоту мукаммалӣ ва ризоияту ҳамфикрие ҳаст, ки мо бояд шабу рӯз фикр кунем болои ин марҳилаи қонуниву мунтазамӣ».

Ин ғояро маълум шуд, ки кайҳо пеш аз Бомбелливу Стевин Умар Хайём, фаҳмида буд ва чунон мешумурд, ки ҳамагуна бузургиро бо адад ифода кардан мумкин. Ӯ дар асарҳои худ ададҳои ирратсионалиро ҳамчун мавзӯи алгебрӣ бо ададҳои ратсионалӣ баробарҳуқуқу ҳамоҳанг медонист. Зиёда аз ин ӯ асари Евклид «Ибтидо»-ро шарҳ дода назарияи нисбии математикҳои қадими Юнон ва астроном Евдоксро таҳқиқ мекунад.

Умари Хайём дар оғози асри XII назарияи мафҳуми ададро то воқеият васеъ кард. Ҳол он, ки дар Аврупо мафҳуми ягонаи воқеияти адад (манфиву мусбат ва сифр) фақат дар асри XII тавассути Декарту Нютон ошкор шуд.

*Ҳаргиз дили ман зи илм маҳрум нашуд,*
*Кам монд зи асрор ки маълум нашуд.*
*Ҳафтоду ду сол фикр кардам шабу рӯз,*
*Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.*

Ӯ умри пурфайзи худро барои таърихи математика дар Исфаҳон гузаронд. Вале соли 1092 аввал сарпарасти ӯ Низомулмулкро ба шаҳодат расонданд ва дар як вазъияти печида ва мавҳум Султон Маликшоҳ аз олам чашм пӯшид. Марги нобаҳангоми пуштибонони Умар Хайёмро манбаҳои таърихии асримиёнагӣ ба ҳирқа ва ё силки ассасин нисбат медиҳанд. Асосгузори ин ҳирқа Ҳасан Сабоҳӣ буд. Аҷоиб ин аст, ки Умар Хайёму Ҳасан Сабоҳӣ айёми ҷавонӣ ҳамроҳ дар мадрасаи Нишопур ҳамсабақ буданд. Зиёда аз ин, боре ҳар ду савганд хӯрданд, ки умре ки доранд, бо ҳам дӯст мемонанд.

Вале баъди марги Султон Маликшоҳ аҳволи Умар Хайём дар дарбор нохуб шуд. Муддате дар расадхона корро давом дод, лекин дастгирӣ намедид ва маоши пештара ҳам набуд. Илм мурд. Расадхона аз олимон холӣ мешуд ва дере нагузашта барҳам хӯрд. Акнун дар Исфаҳон мондани олимон зарурияте надошт. Умар Хайём ба

худ қарор дод, ки ба Нишопур, шаҳри айёми тифлӣ бозгардад.

Ӯ дар хонаи хомӯши деҳааки берун аз шаҳр яккаву танҳо, дам дарун гирифта ва (ин ҷо ӯ то охири умр ҳаёт ба сар бурд) ками дар кам бо ягон нафаре аз олимони мадрасае, ки ӯ дарс мегуфт, вомехӯрд. Ва таҳқиқотро дар соҳаи илмҳои дақиқ давом медод. Ӯ дар ин солҳои танҳоӣ рисола «Дар бораи санъати муайян намудани миқдори тиллову нуқра дар хулаи онҳо»-ро навишт. Асар на танҳо аҳамияти илмӣ, балки амалӣ ҳам дорад.

Умар Хайём ба хотири Бухоро ва ҳаҷи Маккаи мунаввара ду бор Нишопурро тарк кард. Солноманависони асримиёнагӣ ба оҳанге, ки на холӣ аз хушгӯӣ навиштаанд: «Шайх Умар Хайём баҳри ҳифзи чашму гӯшу сар ҳаҷро қабул кард». Ба ҳар ҳол тавофи ҷойҳои муқаддас, ки мақсад аз он беҳтар намудани муносибат бо рӯҳониёни ислом буд, ба Умар Хайём муваффақияти назаррасе наовард. Шӯри шӯҳрати озодфикриву риндии ӯ хашми бадрашкони исломиро овард ва ӯ камтар хонумоне аз даст надод.

Мафтуни зебоиҳои хонумҳо зан нагирифта буд ва фарзанд ҳам надошт. Охири ҳаёт маҳрум аз аҳволи хуби моддӣ, ғамгину танҳоӣ ӯро дилтангу ғазаболуд ва тундмизоҷу тоқатнофарсо гардонда буд. Шаҳодат ёфт ӯ, чуноне ки ҳамзамонони ӯ ҳисоб мекунанд, тахмин соли 1123. Чуноне Абул Ҳасан Байҳақӣ менависад, рӯзи шаҳодати ӯ «Китоби шифо»-и дӯстдоштаи самимии онҳо ҳисоб меёбад. Ӯро дар боғи шафтолуву мурудзори назди шаҳри Нишопур, сари роҳе, ки ба Марв мебарад, ба хок супурданд. Гӯри ӯ то имрӯз маҳфуз мондааст.

---

## АЗ МУҲАРРИР

Агар қаҳрамонони ин китоби начандон бузургҳаҷмро дар як ҷой ҷамъ намоӣ, майдони калон ҳам тангӣ мекунад. Онҳо намояндагони соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа: деҳқон, коргар, зиёӣ ва олимону муҳаққиқонанд. Дар тасвири воқеияти зиндагӣ, кору кирдор, доругир ва тапишҳои онҳо, ки зимни он симо, феълу хислати одамони ба тасвир гирифта кушода мешавад, ман ҷаҳонбинӣ, хирадмандӣ, назари ҳақиқии нависанда ба ҳаёти воқеиро дарк мекунам. Диди ӯ ба мардуме, ки асри ХХ-ро паси сар кардаву дар асри навин ҳаёт ба сар мебаранд, жарфу дақиқ аст. Кас аз мутолиаи асар хуб эҳсос мекунад, ки муаллиф аз ҳикмати дирӯзу имрӯзи рӯзгор, суннатҳои ватандориву ватанпарварӣ ва ваҳдати миллӣ огоҳии комил дошта, хонандаро ба олами некиву накӯкорӣ ва покиву покизагӣ ҳидоят месозад.

«Ҳикмати умр» китоби шавқовар, пандомӯз ва ибратбахш аст. Кас аз мутолиаи он роҳат мекунад.

## МУНДАРИҶА

### ПУБЛИТСИСТИКА

Сукунати таърих ........ 6
Тангдастӣ аз ӯ дар ҳарос аст ва тангфикрӣ ҳам ........ 69
Ёде аз пири хирад ........ 94
Замона бо соҳибномусон мард аст ........ 117
Умри об бинӣ ........ 138
Кӯҳи ғам суда мегардад ........ 144
Оҳане дар мағзи сар ........ 156
Биҳишти гумшуда ........ 161
Ҳикмати умр ........ 177
Асрҳо якранг нестанд ........ 186
Ҳусни замин ........ 194
Барқе дар осмони инқилоб ........ 220
Ватан ва фарзандон ........ 228
Марди барӯманд ........ 232

### ҲИКОЯҲО

Шодӣ аз бозёфт ........ 276
Бобои суфӣ ........ 277
Бозӣ аз дилгирӣ ........ 299
Офтоби сангрезӣ ........ 301
Мусаввараи Фаромаз ........ 310
Пулдор шавем ........ 315
Кадомаш бошам? ........ 328
Ту ҳамон хел намемондӣ ........ 329
Бӯҳрони иқтисодӣ ........ 332
Мубориза ........ 336
Суруди дашт ........ 341
Ҳикмати одамӣ ........ 346
Ришвахӯр танҳо нест ........ 346
Ҷазои инсоф ........ 347
Тафовути сӯз аз сӯз ........ 349
Раиси бистарӣ ........ 351
Мактуби аҷоиб ........ 355
Як шаби моҳтобӣ ........ 356
Инсони хуб ........ 362
Пашшаҳои паршикаста ........ 362
Дафтари ҳаёт ........ 364
Ай, хато кардӣ ........ 366

Калаи шикаста ........ 368
Аспро озор надеҳ ........ 370
Шармгин ........ 376
Тӯҳмат ........ 380
Шапкачарми ғуломи девҳо ........ 386
Нияти бади ӯ ба ӯ баргашт ........ 389
Кафани худоӣ ........ 389
Мумсикро дил дигару забон дигар ........ 390
Шарирон вожгунанд ........ 390
Холӣ намемонад ........ 390
Ҳарду мемурем ........ 391
Луч омаду луч рафт ........ 391
Ишқ дар нигоҳ ........ 392
Ташвиши салом ........ 393
Дигар наомад ........ 395
Сардор меояд ........ 396
Валинеъмату… ........ 400
Ҳамнишини алов ........ 402
Хиёнати ба охир расида ........ 403
Такаббури дил ........ 404
Дар ин дунё мемонад ........ 405
Ганҷи баҳорӣ ........ 406
Аз дили холӣ сухан нарӯяд ........ 410
Оштӣ ва ғайра ........ 411

## ҚИССАҲОИ РӮҲОНӢ

Тарс пеши ӯ меларзид ........ 416
Хобҳои ақлонӣ бо пири ақлонӣ ........ 465
Бобои Ҳоҷӣ ........ 467
Фикрҳои парешонро сабаб чист? ........ 471
Девонагии марди ҳушёр ........ 475
Шабаҳ ........ 489
Гаравгони шӯхиҳои хеш ........ 509

**Раҷаб Мардон**

**ҲИКМАТИ УМР**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 03.01.2012 супорида шуд.
Чопаш 30.05.2012 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 32,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Ризо-принт» чоп шудааст.